ИМОМ ЗАЙНУДДИН
АҲМАД ЗУБАЙДӢ

# МУХТАСАРИ САҲЕҲИ БУХОРӢ

ЭР-граф

ИМОМ ЗАЙНУДДИН
АҲМАД ЗУБАЙДӢ

# МУХТАСАРИ САҲЕҲИ БУХОРӢ

*Матни комили*
*"Саҳеҳи Бухорӣ"*
*ба таври фишурда*

*Нашри дуюм*

Душанбе
«ЭР-граф»
2011

ББК 10.15
З-80

**Бо ташхиси Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами №536/2-01 аз 03.05.2011 ба чоп пешниҳод шудааст.**

З-80 **Имом Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ.**
Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. - 668 саҳ.

| | |
|---|---|
| *Номи китоб:* | **МУХТАСАРИ САҲЕҲИ БУХОРӢ** |
| *Таълифи:* | **Имом Зайнуддин Аҳмад ЗУБАЙДӢ** |
| *Тарҷумаи форсӣ:* | **Доктор Абдурраҳим ФИРӮЗИ ҲИРАВӢ** |
| *Баргардон ва таҳияи матни тоҷикӣ:* | **Абдулҳалим ОРИФӢ** |
| *Таҳрири матни тоҷикӣ:* | **Саидаҳмад ҚАЛАНДАР, Зубайдуллоҳи РОЗИҚ** |
| *Тарҳи компютерӣ:* | **Фаридуллоҳ ИСМАТУЛЛОҲ** |

Б $\frac{0401000000-057}{М501\ (12)-2005}$ - 2005

ISBN 978-99947-41-86-1

ББК 10.15 (8-4)
© Абдулҳалим Орифӣ, 2011

*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

# МУҚАДДИМА
## ба нашри дувум

*Саросар ҷумла олам пурҳадис аст,*
*Ҳадисе чун ҳадиси Мустафо ку?*

Худованди мутаъол дар Қуръони карим мефармояд: «**Ба сӯйи ту** (эй Муҳаммад) **китоб** (Қуръонро)-**ро фуруд овардем, то он чиро ки фуруд омада, барои мардум баён намоӣ. Шояд ки онҳо биандешанд»** *(Сураи «Наҳл», ояи 44).*

Ҳамчунин, Ҳақ таъоло дар чандин ояҳои қуръонӣ ба Расули акрам (с) амр менамояд, то барои мардум ояҳои фурудовардаи Қуръонро бихонаду шарҳу тавзеҳ диҳад.

Албатта, ҳамаи тавзеҳоти қавлию амалӣ ва таъйидоти Паёмбари Худо (с)-ро суннат ё ҳадис меноманд.

Бинобар ин, суннат ё ҳадиси Паёмбар (с) на танҳо дувумин манбаи дини ислом аст, балки истифода аз манбаи аввал, яъне Қуръони карим низ ба ҳадис ва суннати набавӣ сахт бастагӣ дорад. Зеро Қуръони карим ба мусалмонон дастур дода, ки намоз бихонанд, закот бидиҳанд, ҳаҷро ба ҷо оваранд, дар қазоватҳо одилона рафтор намоянд, дар бораи вақтҳои намозҳо, миқдор ва чӣ тавр хондани онҳо, дар мавриди муаяйн кардани молҳои закот, миқдори он, андозаи нисоби закот, дар бораи чӣ тавр ба роҳ мондани қазовати одилона, чигунагию андозаи муҷозотҳо ва бисёр масоили марбут ба аҳволи фардӣ, равобити иҷтимоӣ ва байналмилалӣ дар ояҳои Қуръон шарҳу баёни васеъ нест, балки Паёмбар (с) ба ҳукми ояи 44-уми сураи «Наҳл» маъмур гардидааст, ки бо қавл, феъл ва таъйидоти худ (ҳадис ва суннат) ин матолиб ва мавзӯъҳои ба онҳо монандро баён намояд. Аз гуфтаҳои боло ин нуктаҳоро метавон хулосагирӣ намуд:

1. Бар асоси нусус ва шавоҳиди Қуръон Паёмбари Худо (с) шореҳ ва муаллими Қуръон ҳастанд.
2. Ҳамчунон ки он Ҳазрат (с) матни Қуръонро ба мардум мерасониданд, онро шарҳу тавзеҳ низ медоданд.
3. Ҳифзу бақои шарҳу тавзеҳоти Паёмбар (с) роҷеъ ба Қуръон монанди ҳифзу бақои худи Қуръон лозим ва зарур аст.

Боиси хушҳолист, ки баъди соҳибистиқол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми он ба арзишҳои миллӣ ва исломӣ рӯй оварда истодаанд ва саъю талош доранд ҳамон холигоҳи динӣ ва эътиқодие, ки бар асари сиёсати динзудоии замони Шӯравӣ ба вуҷуд омада буд, пур намоянд.

Албатта, дар радифи дигар васоили исломшиносӣ нақши рисолаву китобҳои исломӣ, ба хусус тарҷимаву тафсири тоҷикии Каломуллоҳ (Қуръон) ва ҳадисҳои ноби Расули акрам (с) дар маърифати динӣ ва шинохти воқеӣ аз арзишҳои қуръонӣ бисёр муҳим ва назаррас мебошад.

Бешакку шубҳа, дар миёни китобҳое, ки дар илми ҳадис тадвин гардидаанд, «Саҳеҳ»-и Бухорӣ мақоми аввалро ба худ касб намудааст, зеро тамоми уламои ислом бар сиҳҳат ва қабули он иттифоқи назар доранд.

Балки Имом Заҳабӣ дар муқаддимаи китоби гаронбаҳояш, «Таърихи ислом» мегӯяд: «Саҳеҳ»-и Бухорӣ баъди Қуръони маҷид бузургтарину бартарин китобҳои исломӣ маҳсуб мегардад».

Шаш сол муқаддам «Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ» аз тарафи банда ба ҳуруфи сириллик баргардон ва ба нашр расид. Баъди чопи он мушоҳида намудем, ки мардуми мусулмони дар замони Шӯравӣ аз манобеу сарчашмаҳои исломшиносӣ маҳруму бехабармонда, аз китоби мазкур пазироии гарм намуданд, бо ҳар қимате онро дастрас мекарданд ва аксари эшон баъди каломуллоҳ (Қуръон) онро китоби рӯйимизӣ қарор доданд.

Мақсади мо ҳам чунин буд, ки мусулмонони Тоҷикистон ва берун аз он ба ганҷинаи поку гуҳарбори аҳодиси Расули акрам (с), ки манбаи илму ҳикмат ва сарчашмаи иззату саодат аст, дастрасӣ пайдо намоянду дар ҳаёти амалии худ аз он истифода кунанд.

Дар андак муддат теъдоди чопшудаи «Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ», тамом шуд. Дӯстону мухлисон ва алоқамандони ин китоби арзишманд аз банда илтимос мекарданд, ки онро боз нашр намоям, вале ба иллати камбуди молӣ хостаи онҳоро бароварда наметавонистам. Шукри Худо, бо дастгирии баъзе бародарони ҳимматбаланду фарҳангдӯст китоби мазкур дарояндаи наздик дубора нашр ва дастраси хонандагони арҷманд мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки нашри дубораи китоби мазкур бо дастгирӣ ва саҳми арзандаи собиқ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Сайдулло Хайруллоев сурат гирифт, ки ин амр баёнгари фарҳангдустиву эҳтироми эшон ба арзишҳои миллӣ ва нобиғаҳои нотакрори миллати тоҷик ба монанди Имом ал-Бухорӣ, ал-Хоразмӣ, ва Имоми Аъзам (раҳ) мебошад.

Дар охир барои тамоми бародарони арҷманде, ки дар нашри ин китоб саҳмгузорӣ намуданд, самимона сипосгузорӣ менамоям ва барояшон сарафрозию комгории ду ҷаҳонро аз Худо хоҳонам. Ин амали солеҳро Худованд аз онон ба унвони ёдгории фарҳангии баёдмонданӣ дар миёни наслҳо ва некии фанонопазир дар хазонаи аъмоли бандагонаш қабул фармояд.

Омин ё раббал-оламин.

**Абдулҳалим ОРИФӢ**
13.10.2011

بسم الله الرحمن الرحيم

**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**

***Ба номи Худованди ҷонофарин,***
***Ҳакими сухан бар забон офарин.***

## ПЕШГУФТОР

Ба иттифоқи тамоми уммати Ислом саҳеҳтарину мўътамадтарин китоб баъди Қуръони карим "Саҳеҳ"-и имоми муҳаддисин Абўабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоъил ибни Иброҳим ибни Муғира ибни Бардизбеҳи Бухорӣ мебошад.

Ў аз хурдсолӣ ба омўхтану азёдкунии аҳодиси Расули акрам (с) пардохта буд ва ҳофизаи қавие, ки Худованд ба вай бахшида буд, ўро дар ҳифзу азбаркунии даҳҳо ҳазор ҳадис кўмаку ёрӣ мекард. Рафиқону ҳамасронаш ба ин фазилату бузургиаш эътироф намуда мегўянд, ки "ў дар ҳифзи дуруст ва устувори аҳодис шўҳраи офоқ гардида буд, ҳатто мардуми ҳадиснавис аз пушти ў давида, хоҳиш мекарданд, ки каме биншинад ва барояшон ҳадис бигўяд."

Дар замони Бухорӣ китобҳои ҳадис, ки дорои аҳодиси саҳеҳ ва заъиф буданд, таълиф мегардид ва устодаш бисёр вақтҳо орзу мекард, ки кош шахсе барои ҷамъоварии аҳодиси саҳеҳ ҳиммат мегумошт ва онҳоро аз ҳадисҳои заъиф ҷудо намуда, тадвину таълиф мекард.

Вай орзуи устод ва хоҳиши дўстонашро иҷобат намуда, ба ин амали бузург пардохт ва дар муддати шонздаҳ сол ва аз миёни шашсад ҳазор (600,000) ҳадис китоби "Саҳеҳ"-и худро интихоб ва таълиф намуд. Китоби "Саҳеҳи Бухорӣ" бо ҳадисҳои мукаррараш дорои 7397 ҳадиси саҳеҳ мебошад.

Чун имом Бухорӣ ҳар ҳадисро бо санадаш ва гоҳо ривояти ҳадисҳоро мукаррар ҳам овардаанд, мутолиаи он ва пайдо намудани асли баъзе аҳодис бар хонандагон мушкил гардид, бинобар ин доништманди тавонои илми ҳадис имом Аҳмад ибни Аҳмад ибни

Абдуллатифи Зубайдӣ китоби "Саҳеҳ"-и имом Бухориро ихтисор намуда, дар ҳаҷми як ҷилд ба хонандагон тақдим намуд.

Ӯ бо ҳазфи санади ҳадис, наовардани ҳадисҳои такрорӣ ва низ худдорӣ аз ҳадисҳое, ки марбут ба ахбори саҳобагон ва дигарон мебошанд, «Саҳеҳи Бухорӣ»-ро мухтасар намуд, то хонандагон бидуни заҳмат ба матни асосии ҳадисҳо дастрасӣ пайдо намоянд ва инчунин ҳамон ҳадисҳоеро мутолиа намоянд, ки ба ахбору кирдори Расули акрам (с) бастагӣ дорад.

Китоби мазкур то имрӯз ба даҳҳо забони зиндаи дунё тарҷума ва нашр гардидааст. Хушбахтона, донишманди афғон доктор Абдурраҳим Фирӯз онро ба забони форсӣ тарҷума намуда, ҳадисҳои мушкилфаҳмро шарҳу тавзеҳ додааст. Надонистани алифбои ниёгон (форсӣ) хонандагони тоҷикро аз истифодаи тарҷумаи форсӣ маҳрум сохта буд. Бо назардошти омили мазкур ва пешниҳоду хоҳиши устодон ва дӯстонам ба баргардон кардани тарҷумаи форсии китоби мазкур ба ҳуруфи сириллик иқдом намудам ва то ҳаддалимкон баъзе ибороту ҷумлаҳои мураккабро соддаву фаҳмо кардам.

Ҳамчунин оятҳои дар дохили аҳодис омадаро, ки бидуни номи сура ва рақам буданд, бо овардани номи сура ва рақамашон мушаххас намудам. Дар асnои баргардон аз асли арабии "Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ", ки интишороти "Дору-н-нафоис"-и Бейрути Лубнон соли 1985 онро чоп кардааст, низ истифода кардам.

Умедворам хонандагони азиз бо мутолиаи ин китоб аз ҳадисҳое, ки аркону асосҳои Ислом ва низ ҳалолу ҳаром, аҳкоми иҷтимоии Ислом ва дигар суннату рафтори Расули акрам (с)-ро бозгӯ мекунанд, ошноӣ пайдо намуда, дар партави он зиндагӣ ва амал намоянд.

Дар охир аз ҳамаи устодон, бародарону дӯстоне, ки дар ин амал бо машварат, пешниҳодот ва ҳамкориҳо саҳми худро дареғ надоштанд, изҳори ташаккур ва миннатдорӣ менамоям. Худованд ҳамаи моро ба шинохти Қуръони карим ва Суннати ҳазрати Муҳаммад (с) тавфиқу ҳидоят ато фармояд ва дар ҳаёту зиндагӣ некбахту растагор бигардонад.

*Абдулҳалим Орифӣ*

21. 08. 2005

## ТАВАҶҶӮҲИ ҶИДДӢ

Истинботи аҳком аз аҳодиси набавӣ, усул ва қавоид ва шартҳои хоси худро дорад ва чунин кор аз ашхосе, ки ба марҳалаи пухтагии илмӣ нарасидаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ имконпазир нест, ба ин асос набояд ҳама кас он чиро, ки аз зоҳири баъзе аҳодис ба зеҳнаш хутур мекунад, ҳукми шаръӣ қарор дода ва ҳамон гуна ба он амал намояд.

Ба таври мисол, агар дар ҳадисе, ки мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷ, дар ҷавоби ҳама касоне, ки мепурсиданд: Ман надониста чунин ва чунон кардам, мефармуданд: ***"бикун ва боке надорад"*** бархурд менамояд, набояд ин тавр бифаҳмад, ки анҷом додани ҳар амале, ки дар ҳаҷ дониста ва ё ҳатто надониста сурат мепазирад, раво буда ва боке надорад, балки бояд барои фаҳм ва дарки маънои ҳақиқии чунин аҳодис ба кутуби фуқаҳо ва шарҳҳои аҳодиси набавӣ муроҷиа намояд.

## МУҚАДДИМАИ МУТАРҶИМ

Алҳамду лиллоҳи лази лам яттахиз валадан ва лам яку-л-лаҳу шарикун фи-л-мулки ва лам яку-л-лаҳу валиюн минна-з-зулли ва каббирҳу такбиро, ва-с-салоту ва-с-салому-л-акмалон ъало сайиди-л-мурсалин ва имоми-л-муттақин, набийино ва ҳабибино Муҳаммадини-л-лазӣ арсалаҳу-л-Лоҳу шоҳидан ва мубашширан ва назиро ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи-л-лазина конӯ маъаҳу ашиддоа ъала-л-куффори руҳамоа байнаҳум тароҳум руккаъан суҷаддай ябтағуна фазла-м-миналлоҳи ва ризвона симоҳум фӣ вуҷӯҳиҳим мин асари-с-суҷуд ва ъала-л-лазина ҷоумим баъдиҳим яқӯлӯна: Раббанағфирлано ва ли ихвонина-л-лазина сабақӯно би-л-имон ва ло таҷъал фӣ қулубино ғилла-л-ли-л-лазина оману раббано иннака раъуфу-р-раҳим.

Аммо баъд, ба иттифоқи уламо китоби "Саҳеҳу-л-Бухорӣ" саҳеҳтарин ва олимақомтарин китоб баъд аз китоби Худо, яъне Қуръони Маҷид аст ва аз ин ҷост, ки ин китоб на танҳо дар олами исломӣ ва назди мусалмонон, балки дар назди ҳамаи ҷаҳониён шӯҳраи офоқ гардидааст ва ин амр эҳтиёҷе ба далел ва исбот надорад ва боз аз ҳамин сабаб аст, ки ин китоби мутабаррик аввалин марҷаъ баъд аз Қуръони карим барои истинбот ва фаҳми аҳком дар назди фуқаҳо ва муҳаддисин ва уламои илми шариъат ба таври хусус ва мавриди эҳтиром ва тақдир дар назди умуми уммати исломӣ ба таври умум қарор гирифтааст.

Вале чун мардумони зиёде аз мусалмонони форсизабон аз фаҳм ва дарки маънии ин китоб аз ҷиҳати ин, ки ба забони арабӣ ошноии чандон надоранд, маҳрум мебошанд, бар худ лозим донистам, ки китобро тарҷума намуда ва дар дастраси хонандагони форсизабон

қарор диҳам, то бошад, ки аз ин тариқ чизе аз масъулиятамро дар пешгоҳи Худои худ, дини худ ва мардуми худ адо намуда ва мардумеро бо аҳодиси саҳеҳи набавӣ ошно созам. Агар дар ин кори бузург муваффақият насибам гардад, ки ҳамин чиз қасду орзуи ман аст, ин аз фазл ва марҳамати Худованди мутаъол аст ва агар тақсире дар кор бошад, аз тарафи худам буда ва аз Худованди мутаъол талаби омурзиш ва мағфират менамоям.

## ВАЛЕ ЧАРО ИН МУХТАСАР?

Тавре, ки аҳли фанни ҳадис медонанд, имом Бухорӣ (р) дар қабули ҳадис ва шурути сиҳати он услуби хоси худро дорад ва ҳамин шурути мутаშаддидонаи ин имоми бузургвор дар қабули ҳадис аст, ки китоби ӯро дар болотарин дараҷоти саҳеҳ ва дар олитарин мақоми китоби ҳадис қарор додааст ва шарҳ ва тавзеҳи комили ин шурут дар ин ҷо на лозим ва на муносиб ба ин муқаддимаи мухтасар аст ва беҳтарин марҷаъ дар ин мавзӯъ муқаддимаи ("Фатҳу-л-борӣ", шарҳи "Саҳеҳи Бухорӣ", таълифи имом Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ ва муқаддимаи китоби ("Иршоду-с-орӣ", шарҳи "Саҳеҳи Бухорӣ", таълифи имом Қасталонӣ ва ғайра шарҳҳои ин китоби азим аст ва он чӣ муносиб ба мавзӯъи мост, ин аст, ки имом Бухорӣ (р) дар китоби худ "Саҳеҳу-л-Бухорӣ" ғолибан як ҳадисро ба таври муқаррар дар чандин ҷой зикр менамояд ва ин амал асбоб ва фавоиди мутаъаддиде дорад, ки аз ин ҷумла аст:

1. Ин ки ин такрор ҳадисро аз ғаробат хориҷ менамояд, зеро ҳадисе, ки фақат аз як саҳобӣ равоят шуда бошад, дар истилоҳи аҳли ҳадис ба номи ғариб ёд мегардад ва ин як навъ мулоҳиза дар ҳадис аст, вале баъд аз ин, ки ҳадис аз саҳобии дигаре ва ё аз чандин саҳобӣ ривоят гардид, аз ҳадди ғаробат хориҷ гардида ва сабаби иртиқоъ ва иртифоъи мартабаи ҳадис мегардад.

2. Ин ки баъзе аз ривояткунандагон ҳадисро комил ва иддаи дигаре онро ба таври мухтасар ривоят мекунанд ва имом Бухорӣ (р) бо муроoти амонати илмӣ ҳамаи ривоётро ҳамон тавре, ки ҳаст, ривоят намуда ва сабаби рафъи шубҳа мегардад.

3. Ин ки дар баъзе аз аҳодис ибороти ровиҳо дар як ва ё чанд калима бо ҳам мухталиф мебошанд ва ҳар калима дорои фоидаи мушаххасе буда ва зикри он дар ҳар ривоят ва дар ҳар боб фоидаи дигаре дорад.

4. Ин ки як ҳадиси муайян аз як ривоят ба таври муттасил ва аз ривояти дигар ба таври ирсол ривоят шудааст ва ривояти ирсолро аз он ҷиҳат меоварад, то нишон диҳад, ки ин ирсол сабаби радди ривояти муттасил намегардад.

5. Аз як ҳадис дар абвоби мухталиф аҳкоми мухталиферо истинбот намуда ва ҳадисро дар ҳамон боби муносибаш дубора зикр менамояд ва чандин сабаби дигар. Ба таври мисол ҳамин ҳадис ***"Иннама-л-аъмолу бинниёти ва иннамо ликуллимриин монаво"***, ки аввалин ҳадис дар китоби "Саҳеҳу-л-Бухорӣ" мебошад, дар ҳафт боби мухталиф аз «Саҳеҳу-л-Бухорӣ» зикр ва ривоят гардидааст ва ҳар ривоят фавоиди хоси худро дорад ва ин бобҳо иборатанд аз:

**1. Китоби бадъу-л-ваҳй;**
**2. Китобу-л-имон;**
**3. Китобу-л-итқ;**
**4. Китоби манокибу-л-ансор;**
**5. Китоби никоҳ;**
**6. Китобу-л-аймон ва-н-нузур;**
**7. Китобу-л-ҳиял.**

Ва бидуни шак ҳар як аз ин ривоёти мухталиф дар абвоби мухталиф дорои фоида ва муносибати муайян аст, вале бо ин ҳам барои хонандаи оддӣ, ки аз як тараф на аз санъати ҳадис чизе дониста ва на қудрати илмии истинботи аҳкомро дорад ва на ҳам шояд вакти кофӣ дар хондан ва мутолиаи ҳамаи ин ривоёти мухталифро дошта бошад. Вале дар айни ҳол алоқаманди иттилоъ аз аҳодиси набавӣ (с) мебошад, дар дастрас будани асли аҳодис бидуни такрор беҳтар ва муносибтар хоҳад буд ва аз ин ҷо буд, ки китоби "Саҳеҳу-л-Бухорӣ"-ро олими барӯманд имом Зубайдӣ, ки тарҷумаи ҳолаш анқариб хоҳад омад, ба услуби илмии мутафаррид (беназир) ихтисор намуда ва онро ба номи *"Ат таҷриду-л-сареҳ ли аҳодиси ҷомеъи-с-саҳеҳ"* номгузорӣ намуд ва кайфият ва тариқаи ин ихтисор ба қалами худи имом Зубайдӣ баъдан хоҳад омад.

Ва ҳамин авомил ва авомили дигаре, ки зикри онҳо дар муқаддимаи худи имом Зубайдӣ хоҳад омад, маро бар он дошт, то ин китобро тарҷума намуда ва дар дастраси форсизабонони алоқаманд ба шариати исломӣ ба таври умум ва дӯстдорони аҳодиси саҳеҳи Паёмбари Худо (с) ба таври хусус қарор диҳам ва ин тарҷумаро ба номи: *"Раҳмату-л-борӣ" тарҷумаи «Саҳеҳу-л-Бухорӣ»* номгузорӣ кардам ва аз Худованди Карим масъалат дорам, то ин амали ночизамро холис барои худ гардонида ва онро сабаби шафоати набии худ, ҳазрати Муҳаммад (с) аз ин бандаи нотавон дар рӯзи қиёмат, рӯзе, ки "**Ло янфаъу-л-молу ва ло бануна, илло ман аталлоҳа биқалбин салим**" бигардонад.

## МУШАХХАСОТИ ТАРҶУМА

Дар тарҷума чи мавзӯъи илмӣ бошад ва чи ғайриилмӣ, агар аз тарҷумаи ҳарфӣ истифода шавад, бидуни шак он тарҷума на танҳо он, ки ракик, ғайримураттаб ва ғайримавзун хоҳад омад, балки сабаби

ташвиҳи (халалдоршавии) иборате, ки мехоҳад тарҷума шавад, низ хоҳад гардид.

Аз ин сабаб аст, ки имрӯз дар ҳамаи ҷаҳон ва дар ҳамаи забонҳо тарҷумаи ҳарфиро гузошта ва аз тарҷумаи маъноӣ истифода мегардад. Ба тавре, ки маънои ибораги аслиро дар назар гирифта ва онро ба ибороти адабии забоне, ки мехоҳанд он матнро бо он тарҷума намоянд, мерезанд ва ба ин тариқ ҳам ҷонибн амонати илмиро дар назар гирифта ва ҳам иборатеро, ки бо он тарҷума намудаанд, аз сактагӣ ва беиртиботӣ мераҳонанд.

Ман ҳам дар тарҷумаи ин китоб ҳамон услуби тарҷумаи маъноиро пайравӣ намудаам, зеро ба илова аз он чӣ ки дар хубиҳои тарҷумаи маъноӣ гузашт, инро ҳам бояд дар назар дошта бошем, ки ин тарҷума тарҷумаи сухан ва ё навиштаи фалон олим ва ё фалон нависандаи оддӣ нест, балки тарҷумаи каломи Расули Рабби-л-оламин аст, ки аз як тараф баъд аз каломи Худо дар олитарин услуби балоғӣ ва баёнӣ қарор дорад.

Ва аз тарафи дигар, каломи шахсиятест, ки ҷавомеъу-л-калом аст ва аз ин ҷост, ки ба иборат ва алфози бисёр кам маъонии зиёдеро дар бар намуда ва адо мекунад. Ва дар чунин ҳолат агар айни лафз бидуни дарназардошти маънӣ тарҷума гардад, ба илова аз ракокати иборат бидуни шак сабаби нақси маънӣ низ хоҳад гардид. Ва илова бар он, ҷиҳати истифодаи бештар ва адои беҳтари маъонӣ масоили дигареро низ мадди назар қарор додаам, ки иборатанд аз:

1. Барои тамйиз ва тавзеҳи иборот ин қавсҳоро (  ) ба кор бурдаам:

2. Чун аҳёнан дар баъзе аз аҳодис ба сабаби шакки яке аз ривояткунандаҳо ду ибораги мутародиф ва ё мутақориб зикр мегардад, ки зикри яке аз онҳо барои ифодаи маънои комили ҳадис кофӣ аст, мутарҷим ҳамон ривояти роҷеҳтарро тарҷума намуда ва ба кор мебарад, то агар хонандаи мӯҳтарам хоста бошад, дар матни арабии он ба он ривояти дигар низ мурочиа намояд. Чунончӣ аҳёнан соҳиби мухтасар ба муносибатҳои мухталиф иборотеро, ки дар ахири баъзе аз аҳодис аз худ зикр менамояд ва барои он, ки ин иборот ба асли ҳадиси набавӣ иштибоҳ нагардад, ин иборот низ тарҷума нагардида, балки дар тарҷума ҷиҳати ишора намудан истифода мегардад.

3. Соҳиби мухтасар гоҳо ном ва ё лақаби Расули акрам (с)-ро бидуни салот ва салом зикр менамояд. Мутарҷим ин амалро истидрок намуда ва ҳама ҷо муттасил бо зикри ном ва ё лақаби он ҳазрат (с) салот ва саломро зикр менамояд.

4. Ва ҳамчунин басо мешавад, ки баъд аз зикри номи саҳоба "разияллоҳу анҳу" зикр намегардад, вале мутарҷим макрун ба номи саҳоба ба истиснои он, ки номи вай дар матни лафзи набавӣ буда ва ё сиёқи иборат тақозои зикри дуои мазкурро надошта бошад, баъди зикри номи саҳоба "разияллоҳу анҳу"-ро низ зикр менамояд.

5. Чун дар забони арабӣ барои ҳамагон чи манзур эҳтироми шахсӣ бошад ва чи набошад, ба ҷуз дар ҳолот ва ибороти хосе сиғаи муфрад ба кор меравад, вале дар забони форсӣ дар чунин мавриде фарқ гузошта мешавад, яъне агар манзур назари шахсияти бузурге бошад, аз вай ба сиғаи ҷамъ ёд мегардад, масалан: ивази он, ки бигӯянд: "фалон шахсият чунин гуфт:", ҷиҳати эҳтиром мегӯянд: "фалон шахсият чунин фармуданд." Рӯи ин асос дар ҳар мавриде, ки мавзӯъ марбут ба шахсият ва мақоми Паёмбари Худо (с) бошад, аз сиғаи ҷамъ истифода мегардад, масалан гуфта мешавад, ки: "фармуданд:, пурсиданд, омаданд, рафтанд, ва амсоли инҳо.

6. Дар тарҷума агарчанде, ки калимаи арабӣ ба ҳоли худ боқӣ бимонад, вале он калима ба асоси қавоид ва урфи забони форсӣ навишта мешавад, на қавоиди арабӣ, масалан вақте, ки иборан "ъан Абиҳӯрайра разияллоҳу анҳу" ва ё иборан "ъан Абӯзар разияллоҳу анҳу"-ро тарҷума мекунам, намегӯям, ки: "аз Аби Ҳурайра ривоят аст" ва ё "аз Абӯзар ривоят аст", балки мегӯям: "аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст". (ва аз Абӯзар разияллоҳу анҳу ривоят аст".

7. Вақте, ки исме муарраф ба алифлом буда ва дар урфи забони форсӣ бидуни алифлом нутқ ва навишта шавад, ҳамон услуби забони форсӣ муроот мегардад, масалан ивази ал-Ҳасан ва ал-Аббос ва амсоли инҳо гуфта мешавад, ки Ҳасан, Аббос.

## ИМОМ БУХОРӢ РАҲИМАҲУЛЛОҲ

Вай имоми муҳаддисин, қудваи ҳуффоз ва-л-муҳаққиқин, мустанаду-л- мутақаддимин ва-л-мутааххирин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғира ибни Бардазбеҳи Бухорӣ аст. Номбурда баъд аз намози ҷумъаи рӯзи сездаҳуми моҳи шаввол соли 194-и ҳиҷрии қамарӣ дар шаҳри Бухоро, ки яке аз шаҳрҳои машҳури Ӯзбекистони феълӣ аст, ба дунё омадааст. Ҳазрати имом Бухорӣ (р) аз моли ҳалол нашъунамо ёфта, бузург шудааст. Падараш Исмоил, ки яке аз муҳаддисини машҳури асри худ мебошад, ҳангоми вафоти худ гуфт: *"Ба хотир надорам, ки дар тамоми моли ман як дирҳаме аз ҳаром махлут шуда бошад."*

Вай аз хурдсолӣ ба шунидан ва таълими ҳадис рӯй оварда ва дар соли 205-и ҳиҷрии қамарӣ ба синни ёздаҳсолагӣ шурӯъ ба фарогирии ҳадис аз уламои шаҳри худ намуд. Баъд аз он дар соли 210-и ҳиҷрӣ бо модар ва бародараш ба ҳаҷ рафта ва ҷиҳати таҳсили илми ҳадис муддати замоне дар Маккаи мукаррама боқӣ монд, баъд аз он барои ҳамин ғараз ба аксари шаҳрҳои машҳури он вақт аз қабили Хуросон, Шом ва Миср ва шаҳрҳои Ироқ мусофират намуда ва чандин бор ба Бағдод рафтуомад намуд. Ва билохира ба Бухоро баргашта ва дар ҳамон ҷо ба синни шастудусолагӣ дар соли 256-и ҳиҷрии қамарӣ вафот

намуда ва ба раҳмати ҳақ пайваст, раҳимаҳуллоҳу раҳматан восиъатан бифазлиҳи ва карамиҳи, омин.

Ғолиб ибни Ҷабраил мегӯяд: "Баъд аз он, ки имом Бухорӣ вафот намуд, ӯро кафан карда ва бар вай намоз хонда ва дар қабраш ниҳодем, аз қабраш бӯйи хуше, монанди мушк баланд гардид ва ин бӯйи хуш чандин рӯз идома ёфт ва мардум рафта, аз хоки қабраш бармедоштанд, билохира маҷбур гардидем, ки дар атрофи қабраш панҷарае қарор диҳем."

Абдулвоҳид ибни Одами Тавовисӣ мегӯяд: "Паёмбари Худо (с)-ро бо иддае аз асҳобашон ба хоб дидам, ки дар ҷое истодаанд, пурсидам: "Ё Расулаллоҳ! Сабаби истодани шумо дар ин ҷо чист?" Фармуданд: "Интизории Муҳаммад ибни Исмоилро мекашам." Ва ҳамон буд, ки баъд аз чанд рӯз хабари марги имом Бухорӣ (р) барои мо расид ва чун ҳисоб намудам, дидам, ки вай дар ҳамон соате вафот намудааст, ки ман Паёмбари Худо (с)-ро ба хоб дида будам.

## ШАХСИЯТИ ИМОМ БУХОРӢ ДАР НАЗДИ УЛАМО

Ҳама касоне, ки дар илми шариат ба таври умум ва дар илми ҳадис ба таври хусус машғулият доранд, худро марҳуни хадамоти шоёни ин шахсияти бузурги олами ҳадис дониста ва аз мақоми арҷмандаш дар ин илм тавсиф ва тамҷид намудаанд ва имом ибни Ҳаҷар (р) дар муқаддимаи «Фатҳу-л-борӣ», ки дар шарҳи «Саҳеҳу-л-Бухорӣ» навишта шудааст, таъриф ва тавсифи беш аз сад олими исломиро дар мавриди имом Бухорӣ (р) зикр менамояд, ки албатта ин мухтасар гунҷоиши зикри ҳамаи онҳо ва ҳатто қисмате аз онҳоро надорад ва мо барои намуна ва мисол фақат қавли чанд нафар аз он уламоро зикр менамоем.

Муҳаммад ибни Ҳотами Варроқ мегӯяд: "Имом Бухориро дар хоб дидам, ки дар пушти сари Паёмбари Худо (с) равон аст, чун Паёмбари Худо (с) қадами худро бармедоранд, имом Бухорӣ (р) қадами худро ба ҷойи қадами он ҳазрат (с) мегузорад."

Фарабрӣ мегӯяд: "Паёмбари Худо (с)-ро ба хоб дидам, аз ман пурсиданд:

- Азми куҷоро дорӣ?

Гуфтам:

- Мехоҳам назди Муҳаммад ибни Исмоил биравам.

Фармуданд:

- Саломи маро ба ӯ бирасон."

Раҷо ибни Раҷо, ки яке аз ҳуффози ҳадис аст, мегӯяд: "Имом Бухорӣ ояте аз оёти Худованди мутаъол дар рӯи замин аст."

Имом Яҳё ибни Ҷаъфари Бекандӣ мегӯяд: "Агар қудрат медоштам, аз умри худ ба умри имом Бухорӣ меафзудам, чун марги ман, марги як инсон ва марги имом Бухорӣ сабаби аз байн рафтани илм аст."

Имом ибни Хузайма мегӯяд: "Дар зери осмон шахси донотаре дар илми ҳадис аз имом Бухорӣ вуҷуд надорад."

Абдуллоҳ ибни Ҳаммоди Элӣ мегӯяд: "Эй кош, ман мӯйе дар ҷасади имом Бухорӣ мебудам."

Ва билохира Абӯаҳмад Ҳоким мегӯяд: "Агар тавсифи ҳамаи оммаро дар мавриди имом Бухорӣ зикр намоям, коғаз ба итмом расида ва нафас аз ҳаракат мемонад, зеро ӯ дарёест, ки поён ва соҳил надорад."

## КИТОБИ "САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ"

Дар мавриди китоби имом Бухорӣ ҳарчи тавсифе гуфта шавад, боз ҳам кам аст ва ҳамин кофист, ки ин китоб ба иттифоқи ҳамаи уламои муслимин дуюмин китоб баъд аз китоби Аллоҳ, яъне Қуръони маҷид аст.

Имом Бухорӣ (р) ин китобро дар муддати 16 сол ва аз байни шашсад ҳазор ҳадис интихоб ва таълиф намудааст. Худи имом Бухорӣ (р) мегӯяд: "Китоби ҷомеъи худро («Саҳеҳу-л-Бухорӣ»-ро) дар Масҷиду-л-Ҳаром таълиф намуда ва ҳар ҳадисеро, ки мехостам дар он сабт намоям, ду ракаъат намоз адо намуда ва аз Худованди мутаъол истихора намуда ва баъд аз яқин кардан ба саҳеҳ будани ҳадис, онро сабт менамудам."

Ин китоб бо аҳодиси мукаррар дорои 7397 ҳадис ва бидуни такрор дорои 2602 ҳадис ва бо муаллақот ва мутобаъот дорои 9082 ҳадис аст.

## САБАБҲОИ ТАЪЛИФИ "САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ"

1. Аз муҳимтарин сабабҳои таълифи ин китоб ин аст, ки имом Бухорӣ (р) дид, ки китобҳои дар асри вай дар ҳадиси Паёмбари Худо (с) ҷамъ ва таълифгардида мухталате аз аҳодиси саҳеҳ ва ҳасан ва ҳатто заъиф аст, аз ин ҷиҳат, тасмим гирифт, то китоберо, ки фақат муштамил бар аҳодиси саҳеҳ бошад, таълиф намояд ва ҳамон тавр ҳам кард.

2. Рӯзе аз устоди худ имом Исҳоқ ибни Иброҳим Ҳанзалӣ, маъруф ба ибни Роҳавия шунид, ки шогирдонашро мухотаб қарор дода мегӯяд:

\- Чӣ хуб мешуд, агар дар китоби мухтасаре аҳодиси Паёмбари Худо (с) ҷамъ мегардид.

Ин сухан дар қалби имом Бухорӣ (р) таъсир намуд ва тасмим гирифт, то аҳодиси саҳеҳи мансуб ва Паёмбари Худо (с)-ро ҷамъ ва таълиф намояд.

3. Худи имом Бухорӣ (р) мегӯяд: "Шабе Паёмбари Худо (с)-ро ба хоб дидам ва гӯё дар дастам бодзанае аст, ки бо он аз Паёмбари Худо (с) аз азияти ҳашарот муҳофизат менамоям." Ва ин хобро чунин таъбир карданд, ки аҳодиси саҳеҳ ва ҳақиқии Паёмбари Худо (с)-ро аз аҳодиси дурӯғ ва мавзӯъ муҳофизат менамояд ва ин сабаби дигаре аз асбоби таълифи ин китоб буд.

## МУАЛЛИФИ "МУХТАСАРИ "САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ"

Вай Аҳмад ибни Аҳмад ибни Абдуллатиф Шарҷии Зубайдӣ аст. Шарҷа минтақае дар атрофи Маккаи мукаррама буд ва Зубайдӣ (р) дар шаби ҷумъаи дувоздаҳуми моҳи муборaки рамазони соли 711-и ҳиҷрии қамарӣ дар он ҷо ба дунё омада ва сипас ба Забид,[1] ки аз тавобеъи Яман аст, рафта ва дар он ҷо ба шӯҳрати илмӣ расидааст. Вай аз уламои машҳури аҳноф буда, аз машоихи зиёде касби илм намудааст, ки аз он ҷумла метавон аз Нафиси Алавӣ, ибни Ҷазарӣ, Абулфатҳи Мароғӣ, Сулаймони Алавӣ ва Ибну-л-Ҳаёт ва ғайра ном бурд. Шогирдони зиёдеро дар улуми мухталиф тадрис ва тарбия намуда ва ба ҷомеаи исломӣ тақдим намудааст.

Вай дар илми ҳадис, фиқҳ ва луғат шӯҳраи вақти худ буда ва таълифоти судмандеро аз худ ба ёдгор гузоштааст, ки арзишмандтарини онҳо ҳамин "Мухтасари Саҳеҳу-л-Бухорӣ" аст, ки номи аслии он, тавре ки қаблан ёдовар шудем, «Ат-таҷриду-с-сареҳ ли аҳодиси-л-ҷомеъу-с-саҳеҳ» мебошад ва аз таълифоти дигараш метавон аз «Табақоту-л-хавос фи сияри авлиёи-л-Яман» ва китоби «Ал-фавоид» ва китоби «Нузҳату-л-аҳбоб» ном бурд ва билохира вай дар рӯзи шанбе, даҳуми рабеъуссонии соли 893-и ҳиҷрии қамарӣ дар ҳамон минтақаи Забиди Яман вафот намудааст, раҳимаҳуллоҳу раҳматан восиъатан биманниҳи ва карамиҳи.

## МУҚАДДИМАИ МУХТАСАРИ "САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ"

Муаллифи "Мухтасари Саҳеҳу-л-Бухорӣ", яъне имом Зубайдӣ (р) мегӯяд:

*Алҳамду лиллоҳи-л-бориъу-л-мусаввиру-л-Халлоқ, ал-Ваҳҳобу-л-Фаттоҳу ал-Раззоқ, ал-Мубтади би-н-ниъами қабла-л-истиҳқоқ ва салотуҳу ва саломуҳу ъало расулиҳи-л-лази баъасаҳу лиютимма макорима-л-ахлоқи ва фазлаҳу ъало коффати-л-махлуқина ъала-л-итлоқ, ҳатто фоқа ҷамиъа-л-бароё фи-л-офоқ ва ъало олиҳи-л-кироми-л-мавсуфина бикасрати-л-инфоқ ва ъало асҳобиҳи аҳли-т-тоъати ва-л-вифоқ, салотан доиматан мустамирратан би-л-ъашийи ва-л-ишроқ.*

Аммо баъд, бидон, ки китоби «Ҷомеъу-с-саҳеҳ», яъне: "Саҳеҳу-л-Бухорӣ" таълифи имоми бузургвор, ягонаи аср ва замони хеш Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим Бухорӣ (р) аз арзишмандтарин ва муфидтарин китобҳоест, ки дар Ислом таълиф гардидааст, вале бо ин ҳама аҳодиси мукаррар он дар абвоби мухталиф пароканда буда ва касе, ки бихоҳад ҳадисе аз он аҳодисро дар боби муайяне мутолиа намояд, мувоҷеҳ бо мушкилоти зиёде гардида ва бисёр вақтҳо ба мақсуди худ ҳам нарасад, агарчанде мақсади худи имом Бухорӣ (р) аз ин кор баёни ривоёти мутаъаддид дар як ҳадис мебошад.

Вале мақсуди мо дастрасӣ ба асли ҳадис аст, зеро мо яқини комил дорем, ки ҳамаи аҳодиси ин китоб саҳеҳ буда (ва халале дар ривоёт ва санади онҳо нест).

Имом Нававӣ (р) дар муқаддимаи китоби худ, ки дар шарҳи «Саҳеҳ»-и Муслим навиштааст, мегӯяд: "Ва ҳар чи, ки кори имом Бухорӣ (р) аст, ҳамаи анвоъи мухталифро дар абвоби мутафовит аз якдигар зикр менамояд ва бисёр вақтҳо ҳадисро дар бобе зикр мекунад, ки инсон фикр мекунад, ин ҳадис марбут ба он набошад ва аз ин ҷиҳат пайдо кардани ҳамаи ривоёти ҳадис ва итминон ба ҳамаи ривоёте, ки зикр кардааст, барои толиби он мушкил мешавад."

Ва мегӯяд: "Ва ман мардумоне аз ҳуффози мутааххиринро дидам, ки дар чунин мавориди дучори иштибоҳ шуда ва вуҷуди баъзе аз аҳодисеро, ки Бухорӣ (р) ривоят кардааст, инкор менамуданд, ҳол он ки ин аҳодис дар "Саҳеҳу-л- Бухорӣ" мавҷуд аст, мунтаҳӣ на дар ҷое, ки инсон фикр мекунад, бояд он ҳадис дар он ҷо бошад." Чун чунин чизе вуҷуд дошт, хостам, то аҳодиси "Саҳеҳу-л-Бухорӣ"-ро бидуни такрор ҷамъоварӣ намоям.

## ТАРИҚАИ ИХТИСОР

Барои он, ки заҳмати зиёде дар расидан ба асли ҳадис набошад, санади ҳадисро ҳифз намудам

Аҳодиси такрорирo дар мавзӯъи аввалиаш зикр намуда ва дар мавозиъи дигар, агар бо зиёдат дорои фоидае омада буд, он зиёдатро ҳам зикр хоҳам кард, варна ба ҳамон ривояти аввалӣ иктифо менамоям. Гоҳе мешавад, ки ҳадис барои аввалин бор ба шакли мухтасар ривоят гардида, вале дар ривояти дигаре ба таври муфассал зикр мегардад, ки дар ин сурат ривояти аввалро гузошта ва ривояти дуввумро ихтиёр менамоям. Аҳодисеро зикр менамоям, ки дорои санад буда ва муттасил бошанд, бинобар ин аз зикри аҳодисе, ки санадаш мақтуъ буда ва ё муъаллақ бошад, худдорӣ хоҳам намуд. Ҳамчунин аз зикри аҳодисе, ки марбут ба ахбори саҳоба ва ё ғайри саҳоба буда ва иртиботе ба ҳадис надошта ва ё дар он зикр аз Паёмбари Худо (с) намебошад, иҷтиноб хоҳам намуд.

Масалан, хабари рафтани Абӯбакр ва Умар (р) ба сақифаи бани Соъида ва ҷараёнотеро, ки дар ин қазия гузашт ва ё қиссаи кушта шудани Умар (р) ва васият кардан ба фарзандаш дар мавриди ин, ки аз Оиша (р) дар дафн кардани вай дар паҳлӯи ду ёри дигараш иҷоза бихоҳад ва ё он чиро, ки дар мавриди шӯро гуфта буд ва ё қазияи байъати Усмон (р) ва ё васият кардани Зубайр (р) барои фарзандаш дар адои қарзи вай ва амсоли ин қазоёро зикр нахоҳам намуд.

Дар ҳадис ҷиҳати он, ки ровии ҳадис дониста шавад, номи саҳобае, ки он ҳадисро ривоят намудааст, зикр менамоям. Ғолибан ҳамон

лафзеро зикр мекунам, ки дар асли ривоят омадааст.

Масалан, имом Бухорӣ (р) гоҳе мегӯяд аз Оиша (р) ва гоҳе мегӯяд аз ибни Аббос (р) ва бори дигар мегӯяд: аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ва ҳамчунин дар мавриди ибни Умар (р), яъне гоҳе мегӯяд аз ибни Умар ва гоҳе мегӯяд аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар ҷое мегӯяд аз Анас (р) ва дар ҷои дигар мегӯяд аз Анас ибни Молик (р), гоҳе мегӯяд аз фалон саҳоби аз Паёмбари Худо (с) ва гоҳе мегӯяд фалонӣ гуфт, ки Паёмбари Худо (с) чунин фармуданд: Дар ҳамаи ин маворид аз вай пайравӣ намуда ва иборати худашро зикр хоҳам намуд ва агар дар ин китоб чизе хилофи муқаррардоштааш ба назар ояд, шояд сабабаш ихтилофи нусхаҳо бошад.

Ва ба фазли Худованди мутаъол аз китоби мазкур, яъне, «Саҳеҳу-л-Бухорӣ» асониди муттасили бисёреро аз чандин машоих то мусаннифи он доро мебошам, ки аз он ҷумла ривояти ман аз ин китоб дар соли 723-и ҳиҷрии қамарӣ дар шаҳри Таъиз аз устодам аллома Нафисуддин Абӯрабеъ Сулаймон ибни Иброҳим Алавӣ (р) аст, ки баъзе аз ин китобро дар наздаш хонда ва аксари онро аз вай шунидам ва боқимондаро бароям иҷоза додааст.

Ва ӯ гуфт, ки ин китобро падарам ва устодам имоми бузургвор, ифтихори муҳаддисин Мӯсо ибни Мӯсо ибни Алии Димашқӣ машҳур ба Ғазулӣ ба тариқе, ки ман ҳамаи онро бар вай қироат намудам, бароям ривоят кардаанд. Ва ин ду, яъне падари Нафисуддин Алавӣ ва устоди вай гуфтаанд, ки ин китобро устодашон Аҳмад ибни Абӯтолиби Ҳаҷҷор, ки шахси муъаммар ва дорои санад аст, ривоят кардааст, ба тавре ки ин китобро барои аввалӣ иҷоза дода ва дуввумӣ бар вай қироат намудааст.

Ва аз ин ҷумла: ривояти ман аз ин китоб аз шайхи бузургвор имом валиюллоҳ Абулфатҳ Муҳаммад ибни имом Зайниддин Абӯбакр ибни Ҳусайни Мадании Усмонӣ аст, ки аксари ин китобро аз вай шунидаам ва ҳамаи онро бароям иҷоза додааст. Ва аз устод ва имоми бузургвор, хотимаи ҳуффоз, Шамсуддин Абулхайр, Муҳаммади ибни Муҳаммад Ҷазарии Димашқӣ.

Ва аз алломаи Ҳофиз қозӣ Тақиюддин Муҳаммад ибни Аҳмади Фосӣ, Сайид Ҳусайнии Маккӣ қозии Моликия дар Маккаи мукаррама, ки ҳамаашон ба таври таъйин ва мушаххас бароям иҷоза додаанд ва ҳар сеашон гуфтанд, ки ин китобро барои мо имоми муҳаддисин Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Сиддики Димашқӣ маъруф ба ибни Рассом ривоят карда ва ӯ гуфтааст, ки ин китобро барои мо Абулаббоси Ҳаҷҷор ривоят намудааст.

Ва ҳамчунин ин китобро ба санади олӣ Имом Зайниддин Абӯбакр ибни Ҳусайн Мадании Мароғӣ, фарзанди устоди мо Абулфатҳ ва қозиюлқуззот Маҷдуддин Муҳаммад ибни Яъқуби Шерозӣ ба шакли иҷозаи умумӣ ривоят намудааст.

Ва ин ду, яъне Зайнуддини Мароғӣ ва Маҷдуддини Шерозӣ гуфтанд, ки ин китобро барои мо Абулаббоси Ҳаҷҷор ривоят намуда ва гуфтааст, ки: ин китобро барои мо шайхи бузургвор Ҳусайн ибни Муборақи Зубайдӣ ривоят намуда ва гуфтааст, ки ин китобро барои мо шайхи бузургвор Абулвақт Абдулаввал ибни Исо ибни Шуъайб Ҳиравии сӯфӣ ривоят намуд. Ва гуфтааст, ки: шайхи фақеҳ Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Музаффари Довудӣ барои мо ривоят кардааст ва ӯ гуфтааст, ки ин китобро барои мо Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳамавияи Сарахсӣ ривоят намуда ва гуфтааст, ки ин китобро барои мо шайхи бузургвор Муҳаммад Юсуфи Фарабрӣ ривоят намуда ва гуфтааст, ки онро барои мо имоми кабир Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳими Бухорӣ (р) ривоят намудааст.

Ва ҳар як аз ин афроди мазкур то имом Бухорӣ (р) асониди бисёре ва ба тариқи мутанаввиъе вуҷуд дорад. Ва бароям биҳамдуллоҳ асониди дигаре ғайр аз ин асонид ва аз машоихи бисёри дигаре, ки шумориши онҳо ба дарозо мекашад, низ вуҷуд дорад. Вале ман ба ҷиҳати кӯтоҳии вақт фақат ҳамин тариқро, ки машҳуртар буда ва санади олитаре доранд, зикр намудам. Ва ин китоби муборакро ба «Ат-таҷриду-с-сареҳ ли аҳодиси ҷомеъу-л-саҳеҳ» мусаммо намудам. Ва аз Худованди мутаъол масъалат менамоям, ки ба ҷоҳ ва манзалати ҳазрати Паёмбари Худо (с) ва олу ва асҳоби ӯ онро сабаби манфиат ва холисан ли ваҷҳиҳи-л-Карим бигардонад ва инак иншоаллоҳ таъоло ба асли китоб шурӯъ менамоем.

# -1-
# КИТОБИ ИБТИДОИ НУЗУЛИ ВАҲЙ БАР ПАЁМБАРИ ХУДО (С)

## БОБИ 1. Чигунагии ибтидои нузули ваҳй бар Пайғамбари Худо (с)

**1.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд:

***Ҳамоно савоби аъмол вобаста ба ният аст ва бо ҳар кас мутобиқи нияташ муомила мешавад, пас касе, ки ҳиҷрати ӯ ҷиҳати мақосиди дунявӣ буда ва ё ғараз издивоҷ бо зане бошад, пас насибаш аз ҳиҷрат ҳамон чизест, ки ба хотири расидан ба он ҳиҷрат намудааст.***

**2.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки: Ҳорис ибни Ҳишом (р) аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Ё Расулаллоҳ, ваҳй бар шумо чӣ гуна нозил мешавад? Паёмбари Худо (с) фармуданд:

***Гоҳе монанди нағмаи ҷарас, ки ин шадидтарини он аст, то ҷойе, ки саропоям дарҳам мешиканад ва ман он чиро, ки мегӯяд, ба хубӣ дарк мекунам. Гоҳе малак ба сурати шахсе бар ман зоҳир мегардад ва бо ман сухан гуфта ва ман он чиро, ки мегӯяд, дарк мекунам.***

Оиша (р) мегӯяд: ман Паёмбари Худо (с)-ро дар рӯзи ниҳоят сарде дидам, ки ваҳй бар эшон нозил мегардид ва аз асари ин ваҳй ончунон таҳти фишор қарор гирифта буданд, ки арақ аз пешониашон сарозер гардида буд.

**3.** Аз уммулмӯъминин Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Аввалин боре, ки бар Паёмбари Худо (с) ваҳй нозил гардид, рӯъёҳои неке буд, ки дар хоб медиданд ва он чиро, ки дар хоб медиданд, монанди рӯшании субҳи содиқ ба ҳақиқат мепайваст ва ҳамон буд, ки хилватгузиниро ихтиёр намуданд ва аввалин хилватнишиниашон дар ғори Ҳиро буд ва дар он ҷо бидуни он, ки ба хонаводаашон баргарданд, чандин шаби пай дар пайро ба тафаккур ва таъаббуд (ибодат) мепардохтанд ва барои ин амал тӯшаи лозимро бо худ мегирифтанд ва чун тӯшае, ки бо худ доштанд, ба итмом мерасид, бори дигар назди Хадиҷа омада ва монанди мартабаи гузашта тӯшаи лозимиро бо худ мебурданд, то он ки дар ҳамин ғори Ҳиро бар эшон ваҳй нозил гардид ва бад-ин сурат буд ки малаке наздашон омада ва гуфт:

- **Бихон.**

Гуфтанд:

- ***Ман хонанда нестам.***

Паёмбари Худо (с) мегӯянд:

- ***Он малак маро гирифта ва то ҷойе, ки таҳаммул доштам, фишор дод. Сипас маро раҳо карда ва гуфт:*** **Бихон.** ***Гуфтам: Ман хонанда нестам. Боз бори саввум маро гирифта, фишор дод ва гуфт:*** **Бихон, ба номи Парвардигорат, ки Офаридгор аст, инсонро аз хуни баста халқ намудааст, бихон ва Парвардигори ту бузургвортар аст**.

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) бо он чи ки аз малак шунида буданд, дар ҳоле ки қалбашон метапид, назди Хадиҷа бинти Хувайлид (р) омада ва гуфтанд:

- ***Маро бипӯшонед, маро бипӯшонед.***

Ва эшонро пӯшониданд, то он ки тарсашон аз байн рафт. Моҷароро барои Хадиҷа (р) баён намуда ва гуфтанд:

- ***Воқеан, бар ҷони худ тарсидам.***

Хадиҷа (р) барояшон гуфт: На, ҳаргиз матарс, ба Худованд қасам аст,ки туро ҳеҷ гоҳ хор ва забун нахоҳад сохт, ту касе ҳастӣ, ки силаи раҳмро баҷо оварда, ба бечорагон ёрӣ расонида ва бо дармондагон ҳамнавоӣ мекунӣ, аз меҳмон ба гармӣ пазироӣ карда ва аз ҳақ пуштибонӣ менамоӣ.

Хадиҷа (р) он касро бо худ назди писари амаки худ Варқа ибни Навфал ибни Асад ибни Абдулъузо бурд. Ин шахс аз ҷоҳилият ба насроният гироида буд ва ба навиштани ибронӣ шиносоӣ дошта ва чизҳоеро аз Инҷил менавишт ва ба синни пирӣ расида ва кӯр шуда буд.

Хадиҷа (р) барояш гуфт:

- Эй фарзанди амакам! Аз бародарзодаат бишнав, ки чӣ мегӯяд?

Варқа ба Паёмбари Худо (с) гуфт:

- Эй бародарзодаам! Бигӯ, чӣ дидӣ?

Паёмбари Худо (с) он чиро, ки дида буданд, барояш ҳикоят намуданд.

Варқа гуфт:

- Ин ҳамон малакест, ки Худованд бар Мӯсо (ъ) фиристодааст, эй кош ҷавон мебудам ва эй кош дар он рӯзе, ки қавмат туро берун мекунад, зинда мебудам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд:

- Оё эшон маро берун хоҳанд кард?

Гуфт:

- Бале! Ҳеҷ кас бо чунин чизе, ки ту омадаӣ, наёмадааст, магар он, ки мавриди душманӣ қарор гирифтааст ва агар он рӯзро дарёфтам, бо ту ҳамкории шоёне хоҳам намуд.

Вале дере напойид, ки Варқа вафот ёфта ва ваҳй ба таъхир афтод.

4. Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р), ки аз ҳадиси таъхири ваҳй ҳикоят мекунад, ба нақл аз Паёмбари Худо (с) чунин мегӯяд:

***"Дар ҳоле, ки ба роҳ мерафтам, ногаҳон садое аз тарафи осмон шунидам. Чун сари худро баланд кардам, дидам ҳамон малаке, ки дар***

***гори Ҳиро омада буд, байни Осмону Замин рӯи тахте нишастааст. Аз вай тарсидам, ба хона бозгашта ва гуфтам: Маро бипӯшонед, маро бипӯшонед. Ва Худованд ин оятро нозил кард:***

**"Эй шахси ҷома бар худ печида! Бархез, пас битарсон ва Парвардигори худро ба бузургӣ ёд кун ва ҷомаҳои худро пок соз ва палидиро дур кун."** *(Мудассир: 1-5)*

Ва ҳамон буд, ки ваҳй дубора шурӯъ шуда ва паёпай нозил гардид.

**5.** Аз Ибни Аббос (р) дар тафсири ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: "**Эй Муҳаммад, забони худро барои он, ки Қуръонро зудтар фаро бигирӣ, ҳаракат мадеҳ**", чунин ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз нузули ваҳй ба такопӯ ва машаққат меафтод ва лабҳои худро ҳаракат медод. Ибни Аббос (р) мегӯяд: ман ҳам лабҳои худро монанди Паёмбари Худо (с) ҳаракат медодам ва Худованд ин оятро нозил кард: "**Эй Муҳаммад, забони худро барои он, ки Қуръонро зудтар ба даст оварӣ, ҳаракат мадеҳ, ба таҳқиқ, ки ҷамъ кардан ва омӯхтани он барои ту бар ӯҳдаи мо аст.**" *(Қиёмат: 15-18)*

Ибни Аббос (р) дар тафсири ин оят мегӯяд: Ҷамъ кардани Қуръон дар синаи ту ва ин, ки онро бихонӣ, бар ӯҳдаи мо аст, пас вақте, ки онро бар ту хондем, ту ҳам онро дар пайравии мо бихон, яъне онро бишнав ва гӯш фаро деҳ, пас бар мост баёни он, яъне, сипас бар ӯҳдаи мост, ки ту онро бихонӣ. Ва ҳамон буд, ки чун Ҷабраил (ъ) мерафт, Паёмбари Худо (с) Қуръонро тавре, ки Ҷабраил бар эшон хонда буд, такрор менамуданд.

**6.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) саховатмандтарини мардумон буданд ва аз он ҳам саховатмандтар ҳангоме буданд, ки дар моҳи Рамазон Ҷабраил (ъ) наздашон меомад. Ҷабраил (ъ) дар моҳи Рамазон ҳар шаб назди Паёмбари Худо (с) омада ва Қуръонро бо эшон такрор мекард ва дар ин ҳангом буд, ки Паёмбари Худо (с) дар корҳои хайр аз вазиши бод ҳам саховатмандтар буданд.

**7.** Ва боз аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Абусуфён ибни Ҳарб бароям ҳикоят намуда гуфт:

- Ҳангоме, ки бо гурӯҳе аз тоҷирон дар Шом будам, Ҳирақл маро назди худ хост.

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Ва ин замоне буд, ки Паёмбари Худо (с) бо Абусуфён ва куффори Қурайш даргирӣ дошт. Ҳирақл дар ҳоле, ки бо гурӯҳе аз бузургони Рум дар Илиё буд, Абусуфён ва ҳамроҳонашро назди худ хост ва тарҷумонеро ҳозир намуда гуфт:

- Кадом яке аз шумо бо ин шахсе, ки иддаъои нубувват дорад, аз нигоҳи насаб қаробати наздиктаре доред?

Абусуфён мегӯяд: Ман бароям гуфтам, ки ман аз ҳама ба вай наздиктарам.

Ҳирақл гуфт:

- Ӯро ба ман наздик кунед.

Ва ҳамон буд, ки онҳоро наздик оварда ва ҳамроҳонашро пушти сараш нишонданд.

Ҳиракл ба тарҷумонаш гуфт:

- Ба эшон бигӯ, ки ман аз ин шахс суолоте мекунам, агар дар ҷавобам дурӯғ гуфт, дурӯғашро ошкор созед.

Абусуфён мегӯяд: Қасам ба Худо, агар шарм намекардам, ки маро дурӯггӯй хоҳанд кард, ҳатман дар бораи Паёмбари Худо (с) дурӯғ мегуфтам.

Аввалин суоле, ки Ҳиракл аз ман кард, ин буд:

- Насабаш дар байни шумоён чӣ гуна аст?

Гуфтам:

- Насабаш олӣ аст.

Гуфт:

- Оё каси дигаре аз шумоён пеш аз ӯ чунин даъвое кардааст?

Гуфтам:

- На.

Гуфт:

- Аз падарон ва аҷдодаш касе подшоҳӣ доштааст?

Гуфтам:

- На.

Гуфт:

- Касоне, ки аз вай итоат кардаанд, аз бузургон ва ашрофанд ва ё аз бечорагон?

- Гуфтам:

- Аз бечорагон.

Гуфт:

- Пайравонаш рӯз ба рӯз кам мешаванд ё зиёд?

Гуфтам:

- Зиёд.

Гуфт:

-Оё касе аз пайравонаш баъд аз ин, ки динашро пазируфтааст, дилсард гардида ва аз он бармегардад?

Гуфтам:

- На.

Гуфт:

- Пеш аз иддаъои нубувват ӯро муттаҳам ба дурӯғ мекардед?

Гуфтам:

- На.

Гуфт:

- Оё хиёнат мекунад?

Гуфтам:

- На, вале муддати замонест, ки аз вай дурем ва намедонем, ки дар ин муддат чӣ кирдоре дорад.

Абусуфён мегӯяд: Ғайр аз ҳамин сухан ба чизи дигаре ӯро муттаҳам карда наметавонистам.

Гуфт:

- Оё бо вай дар ҷанг даргир шудаед?

Гуфтам:

- Бале.

Гуфт:

- Натиҷаи ҷанг байни ӯ ва шумоён чӣ гуна будааст?

Гуфтам:

- Натиҷаи ҷанг мутановиб (навбат ба навбат) аст, гоҳе ӯ бар мо ва гоҳе мо бар ӯ ғолиб мешавем.

Гуфт:

- Шуморо ба чӣ чиз амр мекунад?

Гуфтам:

- Мегӯяд, Худои ягонаро парастиш кунед ва ҳеҷ чизро бо ӯ шарик насозед ва он чиро, ки падарҳоятон ибодат мекарданд, тарк намоед ва моро ба намоз ва ростӣ ва иффат ва силаи раҳм (пайванди хешутаборӣ) амр менамояд.

Ба тарҷумонаш гуфт:

- Барояш бигӯ, ман аз ту аз насабаш пурсидам ва ту **гуфтӣ,** ки олинасаб аст. Ва ҳамин гуна пайғамбарон аз олинасабтарини қавми худ баргузида мешаванд. Пурсидам, ки касе пеш аз вай чунин иддаъое кардааст? Гуфтӣ, на. Ва агар касе пеш аз вай чунин даъвое карда буд, мегуфтам ин шахсе аст, ки аз дигарон пайравӣ кардааст. Гуфтам, оё касе аз падаронаш подшоҳӣ кардааст? Гуфтӣ, на. Ва агар касе аз падаронаш подшоҳӣ мекард, мегуфтам шахсест, ки омада ва талаби тоҷу тахти падарашро дорад. Пурсидам, пеш аз ин, ки чунин иддаъое бикунад, ӯро ба дурӯғ гуфтан муттаҳам мекардед? Гуфтӣ, на. Ва албатта мумкин нест, ки аз дурӯғ гуфтан бо бандагон парҳез намуда ва бар Худо дурӯғ бигӯяд. Ва пурсидам, ки бузургон ва ашроф аз вай пайравӣ мекунанд ва ё бечорагон ва бенавоён? Гуфтӣ, бенавоён. Ва пайравони пайғамбарон ҳамин бенавоёнанд. Пурсидам, рӯз ба рӯз кам мешаванд ё зиёд? Гуфтӣ, зиёд. Ва масъалаи имон ба ҳамин тариқ аст, то он ки фарогир шуда ва ба ҳама ҷо бирасад. Пурсидам, оё касе баъд аз ин ки ба динаш дохил гардид, дилсард гардида ва аз он бармегардад? Гуфтӣ, на. Ва қонуни имон чунин аст, вақте дурахшиши он ба дил тобид, дигар имкони баргашт надорад. Ва пурсидам, оё хиёнат ва фиребкорӣ мекунад? Гуфтӣ, на. Ва аз сифоти пайғамбарон дурӣ аз хиёнат ва фиребкорӣ аст. Ва пурсидам, шуморо ба чӣ чиз амр мекунад? Гуфтӣ, ба ибодати Худованди ягона амр ва аз ширки бо ӯ ва парастиши бутон наҳй мефармояд ва ба намоз хондан ва ростӣ ва иффат амр менамояд. Ва агар он чӣ гуфтӣ, рост бошад, ба зудӣ то ҳамин ҷойи пои маро ҳам хоҳад гирифт, ман хуб медонистам, ки чунин пайғамбаре зуҳур мекунад, вале фикр намекардам,

ки аз байни шумоён бошад ва агар медонистам, ки имкони расидан ба ҳузураш бароям муяссар мегардад, ба ҳар қимате, ки буд, худро ба мулоқоташ мерасонидам ва агар ба мулоқоташ мерасидам, худро ба қадамҳояш меандохтам.

Сипас номаеро, ки Паёмбари Худо (с) тавассути Диҳя барои сардори Бусро фиристода буд, хост ва ӯ номаро ба вай дод ва дар нома чунин омада буд:

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Аз тарафи Муҳаммад, банда ва Паёмбари Худо барои Ҳиракл, сардори Рум! Салом бар пӯяндагони роҳи ҳидоят, аммо баъд, ман туро ба сӯи Ислом даъват менамоям, мусалмон шав, дар амон хоҳӣ буд.

Худованд музди туро дучанд хоҳад дод ва агар ибо варзидӣ, гуноҳи ҳамаи пайравони ту бар гардани ту хоҳад буд:

**"Эй аҳли китоб, биёед ба сӯи амре, ки байни мо ва шумо мусаллам аст ва он ин, ки ҷуз Худои ягона дигареро ибодат накарда ва чизеро ба ӯ шарик наёварем ва ҳеҷ кадоме аз мо дигареро ба ғайр аз Худованд Парвардигори худ қарор надиҳад ва агар ибо варзиданд, пас бигӯед шоҳид бошед, ки мо мусалмонем."** *(Оли Имрон, 64)*

Абусуфён мегӯяд:

- Вақте, ки ӯ чунин гуфт ва аз хондани нома фориғ шуд, хаёҳӯе аз маҷлис бархоста ва моро аз он ҷо берун карданд ва ман ба ҳамроҳони худ гуфтам:

- Тавре, ки маълум мешавад, кори ибни Абикабша (мақсадаш аз ибни Абикабша Паёмбари Худо (с) буд), то ҷое боло гирифтааст, ки подшоҳи Рум ҳам аз вай меҳаросад ва аз ҳамин рӯз ба баъд дигар яқин доштам, ки Паёмбари Худо (с) муваффақ хоҳад шуд, то ин, ки Худованди мутаъол маро ба Ислом мушарраф сохт.

Ибни Нотур, ки амири Илиё ва аз ҳамнишинони Ҳиракл ва раҳбари масеҳиёни он ҷо буд, мегӯяд: Ҳангоме, ки Ҳиракл ба Илиё омад, маҳзун ва ғамгин гардид, баъзе аз давлатмардонаш ба вай гуфтанд: Хеле ғамгин ба назар мерасӣ.

Ибни Нотур мегӯяд, ки Ҳиракл коҳин буда ва бар ситораҳо назар мекард ва чун аз вай ин суолро карданд, дар ҷавобашон гуфт: Шаби гузашта, ки ба ситораҳо назар кардам, дидам, ки подшоҳи мардуме, ки худро хатна мекунанд, бар дигарон ғолиб шудааст.

Ва пурсид:

- Дар ин аср ва замон кадом мардум хатна мекунанд?

Гуфт:

- Ғайр аз яҳуд мардуми дигаре хатна намекунанд ва аз инҳо дар ҳарос мабош ва ба ҳамаи шаҳрҳои давлати худ бинавис, то яҳудиҳоеро, ки дар байнашон вуҷуд доранд, ба қатл бирасонанд.

Ва ҳанӯз дар ин мавзӯъ машғули раъй ва машварат буданд, ки фиристодаи подшоҳи Ғассон, ки роҷеъ ба Паёмбари Худо (с)

маълумоти кофӣ ба даст дошт, назди Ҳирақл расид ва пас аз ин, ки Ҳирақл аз ахборе, ки ин шахс бо худ дошт, мутталеъ шуд, гуфт:

- Ин шахсро бурда ва бубинед, ки хатна кардааст ё хайр?

Чун диданд, гуфтанд:

- Бале! Хатна кардааст.

Ҳирақл аз вай пурсид:

- Оё мардуми араб ҳам хатна мекунанд?

Гуфт:

- Бале, хатна мекунанд.

Ҳирақл гуфт:

- Ҳамин шахсеро, ки ман ба хоб дидам Муҳаммад (с)-подшоҳи ин мардум аст, ки зуҳур кардааст.

Сипас Ҳирақл ба яке аз дӯстонаш дар Румия, ки монанди худаш шахси донишманде буд, (дар ҳамин мавзӯъ) нома навишт ва худаш ба сӯи Ҳимс равон гардид ва ҳанӯз аз Ҳимс хориҷ нашуда буд, ки дӯсташ ҷавоби номаи Ҳирақлро фиристод ва дар номаи худ бо Ҳирақл дар мавзӯъи зуҳури Паёмбари Худо (с) тавофуқи раъй нишон дода, гуфта буд, ки ин шахс пайғамбар аст.

Баъд аз он Ҳирақл бузургони мардуми Румро дар қасри худ дар шаҳри Ҳимс ҷамъ карда ва дарвозаҳои қасрро баст, баъд аз он бархоста ва онҳоро мухотаб қарор дода, гуфт:

- Эй мардуми Рум! Оё растагорӣ ва фалоҳро намехоҳед? Ва оё намехоҳед, ки мулкатон барои худатон боқӣ бимонад? Пас биёед ва бо ин Пайғамбар байъат намоед!

Ба муҷарради шунидани ин сухан ба монанди харҳои ваҳшӣ аз ҷой парида, ба сӯи дарҳо ҳуҷум бурданд ва медиданд, ки дарҳо қаблан баста шудааст ва чун Ҳирақл ин танаффурашонро дид ва аз имон оварданашон маъюс гардид, гуфт:

- Инҳоро бори дигар назди ман биёваред.

Ва чун омаданд, гуфт:

- Ман ин суханонро барои он гуфтам, то миқдори вобастагиатонро ба динатон озмоиш намоям ва воқеан он чиро, ки орзу доштам, эҳсос намудам. (Ва чун ин суханро аз Ҳирақл шуниданд) ӯро саҷда намуда ва аз вай изҳори ризоият намуданд. Ва ин охирин қиссаи Ҳирақл бо пайравонаш буд.

# -2-
# КИТОБИ ИМОН

## БОБИ 1. Қавли Паёмбари Худо (с), ки Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст

**8.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд:

***Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст: гувоҳӣ додан бар ин, ки Худои дигаре ғайр аз Худои ягона вуҷуд надошта ва Муҳаммад (с) Паёмбари Худо аст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва ҳаҷҷ (-и Байтуллоҳи-л-ҳаром) ва рӯза гирифтани моҳи рамазон.***

## БОБИ 2. Умури имон

**9.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Имон шасту чанд шӯъба (шоха ва қисм) аст ва ҳаё шӯъбае аз имон аст."

## БОБИ 3. Мусалмон касест, ки мусалмонон аз забон ва дасташ дар амон бошанд

**10.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мусалмон касест, ки мусалмонон аз забон ва дасташ дар амон бошанд ва муҳоҷир касе аст, ки он чиро, ки манҳиёти Худованди мутаъол мебошад, тарк намояд."

## БОБИ 4. Кадом Ислом беҳтар аст?

**11.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: пурсиданд: Эй Паёмбари Худо, кадом ислом беҳтар аст? Фармуданд: "Касе, ки мусалмонон аз забон ва дасташ дар амон бошанд."

## БОБИ 5. Таъом додан аз Ислом аст

**12.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Кадом ислом беҳтар аст? Фармуданд: "Таъом додан ва салом кардан бар ҳар касе, ки ӯро мешиносӣ ва ё намешиносӣ."

## БОБИ 6. Аз аломати имон он аст, ки он чиро ба худ мехоҳӣ, ба бародари худ ҳам бихоҳӣ

**13.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Касе аз шумоён имон надорад, то замоне, ки ба бародари худ бихоҳад он чиро, ки барои худ мехоҳад."

## БОБИ 7. Дӯст доштани Паёмбари худо (с) аз имон аст

**14.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯ аст, касе аз шумоён то он вақт имон нахоҳад дошт, ки ман дар наздаш аз падар ва фарзандаш маҳбубтар бошам."

**15.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯ аст, касе аз шумоён то он вақт имон нахоҳад дошт, ки ман дар наздаш аз падар ва фарзандаш ва ҳамаи мардумон маҳбубтар бошам."

## БОБИ 8. Лаззати имон

**16.** Ва аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Се чиз аст, ки агар дар касе мавҷуд шуд, лаззати имонро дарк менамояд: ин, ки Худо ва расулаш аз дигарон дар наздаш маҳбубтар буда ва ин, ки дӯстиаш нисбат ба шахсе фақат барои Худо бошад ва ин, ки дар наздаш бозгаштан ба куфр монанди даромадан дар оташ бошад."

## БОБИ 9. Дӯст доштани ансор аз имон аст

**17.** Ва аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Аломати имон дӯст доштани ансор аст ва аломати нифоқ буғз ва душманӣ бо ансор аст."

**18.** Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки иддае аз асҳоб дар атрофашон нишаста буданд, фармуданд: "Ба ман чунин байъат кунед, ки ба Худо ҳеҷ чизро шарик наоваред, исроф накунед, зино накунед, фарзандони худро накушед, фарзандони дигаронро ба дурӯғ ба худ нисбат надиҳед, аз авомир мувофиқи шаръ сарпечӣ накунед.

Касе, ки ба ин чизҳо побандӣ кунад, муздаш бар Худост ва касе, ки муртакиби гуноҳе аз ин гуноҳон шуда ва дар дунё уқубате бубинад, ҳамон уқубат барояш каффора аст ва касе, ки муртакиби гуноҳе аз ин гуноҳон шуда ва Худованд онро бар вай пӯшонда ва ошкор насохта бошад, амраш муваккал ба Худост, агар бихоҳад, ӯро авф карда ва агар бихоҳад, азобаш хоҳад кард."

Ва мо ҳам ба ҳамин чизҳо бо Паёмбари Худо (с) байъат намудем.

## БОБИ 10. Гурехтан аз фитна аз дин аст

**19.** Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дур нест, ки беҳтарин моли мусалмон гӯсфандоне бошад, ки онҳоро дар кӯҳу дашт чаронда ва барои ҳифзи дини худ аз фитна гурехта бошад."

## БОБИ 11. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки: "Ман аз ҳамаи шумо ба Худованд донотарам"

**20.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки мардумро амр мекарданд, ба чизе амр мекарданд, ки тоқати анҷом додани онро дошта бошанд. Мардум мегуфтанд: Ё Расулаллоҳ, мо монанди шумо нестем, Худованд гуноҳони гузашта ва ояндаи шуморо омурзидааст. Ва эшон (аз шунидани ин сухан) ончунон дар ғазаб мешуданд, ки осори ғазаб ба чеҳраи муборак намудор гардида ва мефармуданд: "Ман аз ҳамаи шумо парҳезгортар ва ба Худо донотарам."

## БОБИ 12. Бартарӣ байни аҳли имон дар аъмол аст

**21.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "(Баъд аз ин, ки) аҳли ҷаннат ба ҷаннат ва аҳли дӯзах ба дӯзах дохил шуданд, Худованди мутаъол мегӯяд: Касеро, ки заррае аз имон дар дилаш буда бошад, (аз дӯзах) берун кунед ва дар ҳоле ки чунин ашхосе сиёҳ гаштаанд, аз дӯзах хориҷ сохта мешаванд, баъд аз он ба наҳри ҳаё, ё наҳри ҳаёт (шак аз Молик, яке аз ровиҳои ҳадис аст) андохта шуда ва монанди донае, ки дар канори ҷӯе мерӯяд, мерӯянд, магар надидаед, ки гиёҳи канори ҷӯй дар ҳангоми рӯйидан зардранг ва мутамоил аст?"

**22.** Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар ҳолати хоб будам, дидам, ки мардумон дар ҳоле, ки пероҳан ба тан доранд, наздам меоянд, баъзе пероҳанҳояшон то сина ва иддае ҳам кӯтоҳтар аз сина аст ва Умар ибни Хаттоб наздам омад ва дидам, пероҳане пӯшидааст, ки онро бо худ мекашад." Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Инро чӣ таъбир мекунед? Фармуданд: "Диндорӣ."

## БОБИ 13. Ҳаё аз имон аст

**23.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бо шахсе аз Ансор бархурд намуданд, ки бародари худро ба сабаби шарм ва ҳаёе, ки дошт, панд медод (маломат мекард). Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шарм ва ҳаё доштан аз имон аст."

## БОБИ 14. Агар тавба карданд, намоз хонданд ва закот доданд, ба онҳо ғараздор мабош

**24.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Маъмур гаштаам, ки бо мардум то он вақт муқотила намоям, ки бигӯянд: Худои дигаре ҷуз Худои ягона нест ва Муҳаммад Паёмбари Худо аст ва намоз бихонанд ва закот бидиҳанд ва чун чунин карданд, ҷон ва моли худро аз ҷониби ман ба ҷуз дар ҳаққе, ки Ислом таъйин кардааст, дар амон доштаанд ва ҳисобашон бо Худост."

## БОБИ 15. Касе, ки мегӯяд: Имон иборат аз амал аст

**25.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки касе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Кадом амал беҳтар аст? Фармуданд: "Имон ба Худо ва Расули Ӯ." Дигар шахсе пурсид: Баъд аз он кадом амал? Фармуданд: "Ҷиҳод дар роҳи Худо." Боз касе пурсид, ки: Баъд аз он кадом амал? Фармуданд: Ҳаҷҷи накӯ.

## БОБИ 16. Замоне, ки ислом ба ҳақиқат набошад

**26.** Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба гурӯҳе аз мардум дар ҳоле, ки ман (Саъд) нишаста будам, чизҳое доданд, вале ба шахсе, ки ӯро аз ҳама беҳтар гумон мекардам, чизе надоданд, Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Чаро ба фалонӣ чизе надодед? Ба Худованд қасам, ки ӯро шахси мӯъмине мепиндорам. Фармуданд: Бигӯ, ки шахси мусалмоне аст. Андак замоне сокит шудам, боз маърифатам ба ин шахс маро бар он дошт, ки гуфтаамро дубора такрор карда ва бигӯям, эй Расули Худо (с), чаро ба фалонӣ чизе надодед?

Ба Худованд қасам, ки ӯро шахси мӯъмине мепиндорам. Фармуданд: Бигӯ, ки шахси мусалмоне аст. Боз андаке сукут кардам ва маърифатам дар бораи ин шахс маро бар он дошт, то гуфтаамро такрор намоям.

Паёмбари Худо (с) ҳам ҳамон гуфтаи худро такрор намуда ва фармуданд: "Эй Саъд, ман ба шахсе чизе медиҳам дар ҳоле, ки шахси дигаре аз вай назди ман дӯст доштанитар аст ва сабабаш ин аст, ки метарсам мабодо Худованд ба сабаби ин чиз ӯро ба дӯзах сарнагун созад."

## БОБИ 17. Ношукрӣ аз шавҳар ва ин, ки ношукриҳо мутафовит аст

**27.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дӯзах ба ман нишон дода шуд, дидам, ки аксари аҳли он занонеанд, ки куфрон (яъне ношукрӣ) кардаанд. Касе пурсид: Оё ба Худо куфрон карданд?

Фармуданд: ("На) ношукрии шавҳарро кардаанд, ношукрии эҳсонро кардаанд, агар тамоми умр ба яке аз инҳо эҳсон кунӣ ва чун аз ту андак тақсире бубинад, мегӯяд: Ман ҳеҷ гоҳ аз ту хубӣ надидаам."

## БОБИ 18. Гуноҳон аз ахлоқи ҷоҳилият аст ва муртакиби гуноҳ кофир намешавад, магар ба ширк

**28.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсеро дашном дода ва ба модараш нисбати бад додам (таъна задам), Паёмбари Худо (с) фармуданд: Эй Абӯзар, ба модараш нисбати бад медиҳӣ? Ҳанӯз ахлоқи ҷоҳилият дар ту мавҷуд аст.

Муздурони шумо бародарони шумо ҳастанд. Худованд эшонро зердастон қарор додааст. Касе, ки бародараш наздаш муздур аст, аз таъоме, ки мехӯрад, ба ӯ таъом бидиҳад ва аз либосе, ки мепӯшад, ба ӯ либос бипӯшонад ва ба коре болотар аз қудраташ ӯро амр накунад ва агар амр мекунад бо ӯ ҳамкорӣ намояд.

## БОБИ 19. Агар ду гурӯҳ аз мусалмонон бо ҳам ҷангиданд, байнашон сулҳ кунед

**29.** Аз Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Вақте, ки ду нафар мусалмон бо аслиҳаи худ ба ҷони ҳам меафтанд, он, ки бикушад ва он, ки кушта шавад, ҳардуяшон дар дӯзаханд."

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), он, ки мекушад, дуруст, вале гуноҳи он, ки кушта мешавад, чист? Фармуданд: "Ӯ ҳам қасд дошт, то он дигареро бикушад."

## БОБИ 20. Зулм маротиб ва дараҷаҳо дорад

**30.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Чун ин қавли Худованд ки: **"касоне, ки имон оварда ва имони худро ба зулм омехта накардаанд"** *(Анъом: 82)* нозил гардид, ёрони Паёмбари Худо (с) гуфтанд: Кадом яке аз мост, ки зулме накарда бошад? Ва ҳамон буд, ки ин ояи карима нозил гардид: **"Ба таҳқиқ, ки ширк зулми бузурге аст".** *(Луқмон: 13)*

## БОБИ 21. Аломати нифоқ

**31.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Аломати шахси мунофиқ се чиз аст, чун сухан бизанад, дурӯғ мегӯяд ва чун ваъда бидиҳад, ваъдахилофӣ мекунад ва чун ба ӯ амонате дода шавад, хиёнат мекунад."

**32.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Чор чиз аст, ки агар дар шахсе мавҷуд шавад, он шахс мунофиқи холис аст ва агар яке аз онҳо дар вай мавҷуд шавад, ба хислате аз хислатҳои нифоқ муттасиф гардидааст, магар он, ки он хислатро тарк намояд: Чун амонате ба дасташ дода шавад, дар он хиёнат мекунад ва вақте, ки сухан бигӯяд, дурӯғ мегӯяд ва вақте, ки аҳд ва паймон бибандад, аҳдшиканӣ мекунад ва дар вақти ҷанг ва ҷидол фаҳш ва дашном медиҳад."

## БОБИ 22. Қиёми шаби қадр аз имон аст

**33.** Аз Абӯҳурайра (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар шаби қадр хос барои Худо қиём намояд (яъне дар шаби қадр намоз бихонад), гуноҳони гузаштааш бахшида мешаванд."

## БОБИ 23. Ҷиҳод аз имон аст

**34.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованди мутаъол ба касе, ки дар роҳи Ӯ (ба ҷиҳод) берун шуда бошад, ваъдаи омурзиш дода ва мегӯяд:

Касе, ки хос барои ман ва барои тасдиқи пайғамбарони ман ба ҷиҳод берун шуда бошад, ӯро бо ғанимате, ки ба даст овардааст, саломат баргардонда ва ё ҷаннатро насибаш хоҳам сохт ва агар сабаби машаққат бар уммати ман намегардид, аз иштирок варзидан дар ҳеҷ гурӯҳи ҷиҳодӣ мухолифат намекардам ва дӯст дорам, ки дар роҳи Худо кушта шуда ва дубора зинда шавам ва боз кушта шуда ва дубора зинда шавам ва боз кушта шавам."

## БОБИ 24. Татаввуъи қиёми Рамазон

**35.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки шабҳои Рамазонро фақат ба асоси имон ва талаби савоб аз Худованд қиём намояд, гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад."

## БОБИ 25. Рӯза гирифтани моҳи Рамазон барои Худо аз имон аст

**36.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки моҳи Рамазонро ба асоси имон ва талаби савоб аз Худованди мутаъол рӯза бигирад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад."

## БОБИ 26. Асоси дин осонӣ аст

**37.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: (Масоил ва аҳкоми) дин осон аст ва ҳаргиз касе дар дин ташаддуд накардааст, магар он, ки мағлуб гардидааст, пас миёнаравӣ кунед ва он чиро, ки метавонед, анҷом диҳед ва ба савоби Худовандӣ башорат диҳед, дар ибодати субҳгоҳӣ ва ибодати ҳангоми зӯҳр ва ибодати охири шаб бикӯшед."

## БОБИ 27. Намоз аз имон аст

**38.** Аз Бароъ ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аввалин бор, ки ба Мадина омаданд, ба хонаи яке аз аҷдод ва ё хешовандони модарам сукунат гузиданд ва муддати шонздаҳ ва ё ҳабдаҳ моҳ ба тарафи Байту-л-муқаддас намоз мехонданд ва орзу доштанд, ки қибла ба тарафи Байтуллоҳи-л-ҳаром бошад ва аввалин намозеро, ки ба тарафи Каъба адо намуданд, намози аср буд ва гурӯҳе аз мардум ин намозро бо эшон адо намуданд, шахсе аз миёни касоне, ки бо эшон намоз хонда буданд, баромад.

Ба масҷиде расид, ки мардум дар он намоз мехонданд ва дар ҳолати рукӯъ кардан буданд, ба эшон гуфт: Ба Худованд савганд аст, ки ман бо Паёмбари Худо (с) ба тарафи Макка намоз хондам. Онҳо ҳамон тавре, ки дар ҳоли намоз хондан буданд, рӯйи худро ба тарафи Каъба гардонданд.

Яҳуд ва аҳли китоб аз ин, ки Паёмбари Худо (с) ба тарафи Байту-л-муқаддас намоз мехонданд, хушҳол буданд, вале ҳангоме, ки қибла ба тарафи Каъба тағйир ёфт, бадашон омад.

## БОБИ 28. Исломи ҳақиқии шахс

**39.** Абӯсаъиди Худрӣ (р) мегӯяд: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Вақте, ки шахсе мусалмон гардид ва исломаш ҳақиқӣ бошад, Худованд тамоми гуноҳонеро, ки (пеш аз мусулмон шудан) муртакиб шудааст, мебахшад ва баъд аз ин давраи ҳисоб ва муҷозот аст, аз ҳар кори неке даҳ баробар то ҳафтсад баробар барояш савоб дода мешавад ва ҷазои кори бад ба андозаи ҳамон кори бад аст магар он, ки Худованди мутаъол он гуноҳро барои вай бибахшад.

## БОБИ 29. Беҳтарин ибодат он аст, ки давомдор бошад

**40.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки зане наздам нишаста буд, Паёмбари Худо (с) ба хонаам омада ва пурсиданд: Ин зан кист? Гуфтам: Ин фалон зан аст, ки бисёр намоз мехонад. Фармуданд: Сокит бош, бар шумо ибодат он қадар лозим аст, ки тавони анҷом додани онро дошта бошед ва Худованд малул ва хаста намешавад, то

он, ки шумо малул ва хаста нашавед." Ва (Оиша (р) мегӯяд: Беҳтарин ибодат дар назди Паёмбари Худо (с) ибодате буд, ки ибодаткунанда бар он мудовамат мекард.

## БОБИ 30. Зиёдат ва нуқсони имон

**41.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Касе, ки "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфта ва дар қалбаш ба андозаи донаи ҷав хайр бошад, аз дӯзах берун мешавад ва касе ки "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфта ва дар қалбаш ба андозаи донаи гандуме хайр бошад, аз дӯзах берун мешавад ва касе, ки "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфта ва дар қалбаш ба андозаи заррае хайр бошад, аз дӯзах берун мешавад."

**42.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки шахсе аз Яҳуд барояш гуфт: Эй амиралмӯъминин, ояте дар китобатон ҳаст ва онро мехонед, ки агар бар мо қавми Яҳуд нозил мегардид, рӯзи нузули онро ид мегирифтем. Умар (р) пурсид, ки кадом оят аст?

Гуфт: Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: **"Имрӯз дини шуморо барои шумо комил сохтам ва неъмати худро бар шумо тамом намуда ва Исломро барои шумо дин қарор додам."** *(Моида: 3)*

Умар (р) гуфт: Мо рӯз ва маконеро, ки ин оят бар Паёмбари Худо (с) нозил гардид, медонем. Ин оят дар рӯзи ҷумъа дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) дар Арафа истода буданд, бар эшон нозил гардид.

## БОБИ 31. Закот додан аз ислом аст

**43.** Аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз аҳли Наҷд бо сари бараҳна назди Паёмбари Худо (с) омад, замзамаи садояшро мешунидем, вале намефаҳмидем, ки чӣ мегӯяд, то ин, ки он шахс наздиктар омад ва пурсид, ки Ислом чист?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: Адо кардани панҷ вақт намоз дар ҳар шабу рӯз. Он шахс гуфт: Дигар намозе ҳам бар ман лозим аст? Фармуданд: "На, магар он, ки нафл бихонӣ."

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ва рӯза гирифтани моҳи Рамазон". Он шахс гуфт: Ғайр аз рӯзаи моҳи Рамазон рӯзаи дигаре ҳам бар ман лозим аст? Фармуданд: "На, магар он, ки рӯзаи нафл бигирӣ". Ва Паёмбари Худо (с) аз закот барояш ёдовар шуданд, он шахс пурсид: Ғайр аз ин закоти дигаре ҳам бар ман лозим аст? Фармуданд: "На, магар он, ки садақаи нофила бидиҳӣ". Он шахс бархост ва ба роҳи худ идома дода, мегуфт: Ба Худованд савганд! Аз ин чизҳо на чизе бештар анҷом медиҳам ва на камтар. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар рост бигӯяд, растагор аст."

## БОБИ 32. Ҳамроҳӣ кардан бо ҷаноза аз имон аст

**44.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Касе, ки бо ҷанозаи мусалмоне аз рӯи имон ва талаби савоб аз Худованд ҳамроҳӣ намояд ва то ҳангоме ки бар вай намоз хондашуда ва дафн мегардад бо он ҷаноза бошад, Худованди мутаъол ба ӯ ду қирот музд медиҳад ва ҳар қирот ба андозаи кӯҳи Уҳуд аст ва агар танҳо бар ҷаноза намоз бихонад ва пеш аз дафн баргардад, ба ӯ ба андозаи як қирот музд дода мешавад."

## БОБИ 33. Тарси мусалмон аз ин, ки амалаш ҳабата (ботил) гардида ва ӯ мутаваҷҷеҳ набошад

**45.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Дашном додани мусалмон фисқ ва ҷанг кардан бо вай куфр аст.

**46.** Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) омаданд, то аз (шаби Қадр) барои мардум хабар бидиҳанд, дар ин вақт ду нафар аз мусалмонон бо ҳам ба ҷанг ва муҷодала пардохтанд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ман омада будам, то барои шумо аз шаби Қадр хабар бидиҳам, вале фалонӣ ва фалонӣ бо ҳам ба муҷодала пардохтанд ва таъйинаш аз байн рафт ва шояд ин кор ба хайратон бошад ва худатон онро дар шаби бисту ҳафт ва бисту нӯҳ ва бисту панҷ ҷустуҷӯ кунед."

## БОБИ 34. Суоли Ҷабраил аз Паёмбари Худо (с) аз имон, Ислом ва эҳсон

**47.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) дар байни мардум нишаста буданд, шахсе омад ва аз эшон пурсид: Имон чист?

Фармуданд: "Имон иборат аз имон овардан ба Худо ва малоика ва дидори Худованд дар охират ва имон овардан ба пайғамбарон ва имон овардан ба рӯзи ҷазо аст." Он шахс пурсид: Ислом чист? Фармуданд: "Ислом он аст, ки Худоро ибодат карда ва ба Ӯ шарик наёварӣ, намозро хонда ва закотеро, ки бар ту воҷиб аст, адо намуда ва моҳи Рамазонро рӯза бигирӣ."

Он шахс пурсид: Эҳсон чист? Фармуданд: "(Эҳсон он аст), ки Худовандро тавре ибодат кунӣ, ки гӯё ӯро мебинӣ ва агар ту ӯро намебинӣ, яқинан Ӯ туро мебинад." Он шахс пурсид: Қиёмат чӣ вақт аст? Фармуданд: "Масъул (пурсидашуда) дар ин масъала аз суолкунанда олимтар нест, вале аломати онро бароят мегӯям: ин, вақте ки канīз бибии (хотуни) худро таваллуд намояд ва ин, ки сорбонони шутурчарон даст ба тавсиъаи имрон бизананд ва (донистани вақти

қиёмат ба таври дақиқ) яке аз панҷ чизе аст, ки ба ҷуз Худованди мутаъол ҳеҷ касе онҳоро намедонад".

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ин ояи каримаро тиловат намуданд: "**Ба таҳқиқ, ки Худованди мутаъол доно ба вақти қиёмат аст**". то охири оят. Баъд аз ин гуфтугӯ он шахс баргашт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ӯро биёваред". Ва онҳо дигар асари ӯро надиданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ин Ҷабраил буд, ки омад, то дини мардумро барояшон биёмӯзонад."

## БОБИ 35. Фазилати эҳтиёт дар мавриди дин

**48.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ҳалол возеҳ ва ошкор ва ҳаром возеҳ ва ошкор аст ва байни ҳалол ва ҳаром умури шубҳаноке аст, ки бисёре аз мардум онҳоро намедонанд. Касе, ки аз шубҳаҳо бипарҳезад, эҳтиёти дин ва шарафи худро кардааст ва касе, ки дар шубаҳот даромезад, монанди чӯпонест, ки гӯсфандонашро дар канори минтақаи мамнӯъа мечаронад ва дур нест, ки дар минтақаи мамнӯъа дохил шавад.

Ва бидонед, ки барои ҳар подшоҳ минтақаи мамнӯъаест ва огоҳ бошед, ки минтақаи мамнӯъаи Худованд чизҳоест, ки онҳоро ҳаром қарор додааст ва огоҳ бошед, ки дар ҷисми инсон порчаи гӯште аст, ки агар хуб ва солеҳ шуд, ҳамаи ҷисм хуб ва солеҳ мегардад ва агар фосид шуд, ҳамаи ҷисм фосид мешавад ва бидонед, ки ин порчаи гӯшт ҳамоно қалб аст."

## БОБИ 36. Адои хумс (ғанимат) аз имон аст

**49.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки вафди Абдулқайс ба ҳузури Паёмбари Худо (с) омад, фармуданд: "Чӣ мардуме ҳастед?" ва ё "Чӣ гурӯҳе ҳастед?" Гуфтанд: (қавми) Рабиъа. Фармуданд: "Хуш омадед, хасоратманд ва пушаймон набошед."

Онҳо гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, мо ҷуз дар моҳи ҳаром ба ҳузури шумо омада наметавонем ва байни мо ва шумо куффори қабилаи Музар қарор доранд, моро ба чизи қотиъе амр фармоед, то касонеро, ки бо мо наёмадаанд, аз авомири шумо хабар диҳем ва амал кардан ба он сабаби дохил шудани мо ба биҳишт гардад. Ва инҳо аз Паёмбари Худо (с) ҳукми нӯшиданиҳоро ҳам пурсиданд.

Паёмбари Худо (с) онҳоро ба чаҳор чиз амр ва аз чаҳор чиз наҳй (манъ) фармуданд. Амр карданд, ки ба Худои ягона имон биёваранд ва аз эшон пурсиданд: Оё медонед, ки маънои имон овардан ба Худои ягона чист? Гуфтанд: Худо ва Расули Ӯ донотар аст.

Фармуданд: (Маънояш) гувоҳӣ додан аст бар ин, ки Худое ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад ва шарике барояш нест ва ин, ки

Муҳаммад Паёмбари Худо аст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва рӯза гирифтани моҳи Рамазон ва ин, ки аз моли ғанимат хумсро адо кунед.

Онҳоро аз чаҳор чиз наҳй фармуданд: аз шаробе, ки дар хум, дар каду, дар танаи дарахти хурмо ва шаробе, ки дар зарфи чилододашуда ва ё зарфи қирандуд таҳияшуда бошад (инҳо зарфҳое буданд, ки дар он замон дар онҳо шароб тайёр мекарданд) ва фармуданд: “Ин чизҳоро ҳифз кунед ва ба касоне, ки бо шумо наёмадаанд, хабар диҳед.”

## БОБИ 37. Эътибори аъмол вобаста ба ният аст

**50.** Аз Умар (р) ҳадиси ин, ки аъмол вобаста ба ният аст, дар аввали китоб гузашт ва дар ин ҷо зиёда бар он ибораги зайл ҳам омадааст, ки “ва барои ҳар касе мутобиқи нияташ дода мешавад, касе ки ҳиҷраташ ба сӯи Худо ва Расули Ӯ бошад, ҳиҷраташ ба сӯи Худо ва Расули Ӯ аст.” Баъд аз он бақияи ҳадисро зикр намуд.

**51.** Аз Абӯмасъуд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Касе, ки бар аҳл ва авлоди худ нафақа медиҳад, агар нияти савоб аз Худовандро дошта бошад, ин нафақааш садақа ҳисоб мешавад.”

## БОБИ 38. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки дин насиҳат аст

**52.** Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) чунин байъат кардам, ки намозро бихонам, закотро адо намоям ва барои ҳар мусалмоне насиҳат кунам.

**53.** Ва аз Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва гуфтам: Мехоҳам, бо шумо дар асоси Ислом байъат намоям. Бар ман шарт карданд, ки ба ҳар мусалмоне насиҳат кунам ва ман бо қабули шарти мазкур бо эшон байъат намудам.

# -3-
# КИТОБИ ИЛМ

## БОБИ 1. Фазилати илм

**54.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) дар маҷлисе бо мардум нишаста буда ва сӯҳбат мекарданд, шахси бодиянишине омада гуфт: Қиёмат чӣ вақт аст? Паёмбари Худо (с) (дар ҷавобаш чизе нагуфтанд) ва ба сухани худ идома доданд. Баъзеҳо бо худ гуфтанд: Паёмбари Худо (с) сухани ин шахсро шуниданд, вале аз суоли вай бадашон омадааст. Иддаи дигаре гуфтанд: На хайр, суолро нашуниданд. То ин, ки сухани худро тамом карда ва фармуданд: Шахсе, ки аз қиёмат пурсид, куҷост? Он шахс гуфт: Ё Расулаллоҳ, манам. Фармуданд: Вақте, ки амонат зойеъ гардад мунтазири қиёмат бош, (он шахс) гуфт: Амонат чӣ гуна зойеъ мешавад? Фармуданд: "Вақте, ки кор ба ғайри аҳлаш супурда шавад, дар он вақт мунтазири қиёмат бош."

## БОБИ 2. Касе, ки ҷиҳати омӯзиши илм овози худро баланд намуд

**55.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар яке аз сафарҳое, ки сафар карда будем, аз мо ақиб монданд ва вақте ба мо расиданд, ки намоз таъхир шуда буд ва мо (аз саросемагӣ тавре поҳои худро мешустем, ки гӯё) ба пойҳои худ масҳ мекунем. Паёмбари Худо ба овози баланд фармуданд: "Азоби дӯзах бар касоне аст, ки ақиби пойҳои онҳо хушк монда бошад." Ва ин суханро ду ва ё се бор такрор намуданд.

## БОБИ 3. Имтиҳон намудани устод шогирдонашро

**56.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз ҷумлаи дарахтҳо дарахте аст, ки баргҳояш намерезад ва ин чиз сифати мусалмон аст, бароям бигӯед, ки ин кадом дарахт аст? Мардумон дарахтҳои дашту саҳроро ба зеҳни худ меоварданд. Абдуллоҳ мегӯяд: Ман фикр мекардам, ки шояд ин дарахт дарахти хурмо бошад, вале шарм кардам, ки чизе бигӯям. Мардум гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Шумо ба мо бигӯед, ки ин кадом дарахт аст? Фармуданд: "Ин дарахти хурмо аст."

## БОБИ 4. Хондани ҳадис бар муҳаддис

**57.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки мо бо Паёмбари Худо (с) дар масҷид нишаста будем, шахсе бар уштуре савор ва дохили масҷид гардид. Шутури худро дар масҷид хобонда, баст, баъд аз он пурсид: Муҳаммад кадом як аз шумоён аст? Ва Паёмбари Худо (с) дар байни саҳоба такя карда буданд. Гуфтем: Ҳамин шахси хушчеҳра, ки такя кардаанд. Он шахс гуфт: Эй фарзанди Абдулмутталлиб!

Паёмбари Худо (с) фармуданд: Бале, барои ҷавоб доданат ҳозирам. Он шахс гуфт: Аз ту суолҳое мекунам ва дар ин саволҳо ташаддуд хоҳам кард ва бо вуҷуди ин аз он ба дилат чизе магир. Фармуданд: Ҳарчи мехоҳӣ, бипурс." Он шахс гуфт: Туро ба Худои ту ва ба Худои ононе, ки пеш аз ту будаанд, савганд медиҳам, ки туро Худованд ба сӯи ҳамаи мардум фиристодааст?

Фармуданд: Ба Худованд савганд аст, ки бале. Гуфт: Туро ба Худованд савганд медиҳам, ки Худо ба ту амр кардааст, ки дар як шабу рӯз панҷ вақт намоз бихонӣ? Фармуданд: Ба Худованд савганд аст, ки бале. Гуфт: Туро ба Худованд савганд медиҳам, ки Худо туро амр кардааст, ки ҳамин моҳи Рамазонро дар сол рӯза бигирем?

Фармуданд: Ба Худованд савганд аст, ки бале. Гуфт: Туро ба Худованд савганд медиҳам, ки туро Худованд амр кардааст, ки ҳамин закотро аз сарватмандони мо гирифта, ба фуқарои мо тақсим намоӣ? Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ба Худованд савганд аст, ки бале. Он шахс гуфт: Ба он чӣ, ки ба он фиристода шудаӣ, имон овардам ва ман намояндаи қавми худ ҳастам ва номам (Зимом ибни Саълаба) аст ва аз қавми (бани Саъд ибни Бакр) мебошам.

**58.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) номаи худро ба воситаи шахсе ба сардори Баҳрайн фиристоданд. Сардори Баҳрайн он номаро барои (Кисро) дод. Чун (Кисро) онро хонд, пора-пора кард. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) бар онҳо нафрин карданд, ки Худованд онҳоро пора-пора кунад.

**59.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) нома навишта, ё мехостанд бинависанд, касе ба эшон гуфт: Ин мардум номаи бидуни мӯҳрро намехонанд. Ҳамон буд, ки мӯҳре аз нуқра таҳия намуданд, ки бар рӯи он (Муҳаммад Расулуллоҳ) нақш шуда буд ва гӯё, ки ҳамин ҳоло ба сафедии он мӯҳр дар дасти Паёмбари Худо (с) нигоҳ мекунам.

**60.** Аз Абӯвоқиди Лайсӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) бо мардум дар масҷид нишаста буданд, се нафар дохил шуданд, ду нафари онҳо назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва саввумӣ рафт. Он ду нафар ба ҳузури Паёмбари Худо (с) истоданд. яке аз он ду нафар ҷойи холӣ дар байни мардум барои худ пайдо карда ва нишаст ва дуввумӣ пушти сари онҳо нишаст, саввумӣ баргашта рафт. Чун Паёмбари Худо (с) фориғ шуданд, фармуданд: Оё намехоҳед шуморо аз аҳволи ин се нафар бохабар созам? Аввалӣ ба Худо паноҳ

овард, Худованд ҳам ӯро паноҳ дод, дуввумӣ ҳаё кард, Худованд ҳам ба ҳолаш раҳм кард, саввумӣ, ки рӯй гардонид, Худованд ҳам бар вай ғазаб кард.

## БОБИ 5. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с): Бисёр аст касе, ки хабар ба ӯ мерасад, аз касе, ки хабарро аз ман шунидааст, фаҳмидатар бошад

**61.** Аз Абӯбакр (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бар уштури худ савор шуданд ва шахсе маҳори уштурро гирифт, баъд аз он фармуданд: Имрӯз кадом рӯз аст?" Ҳамагӣ хомӯш шудем ва гумон кардем, ки шояд ин рӯзро ба номи дигаре ёд кунанд. Фармуданд: Оё рӯзи иди Қурбон нест? Гуфтем: Бале, ҳаст. Фармуданд: ин кадом моҳ аст?

Ҳамагӣ хомӯш шудем ва гумон кардем, ки шояд ин моҳро ба номи дигаре ёд хоҳанд кард. Фармуданд: Оё моҳи Зулҳиҷҷа нест? Гуфтем: Бале, ҳаст. Фармуданд: Яқинан хунҳои шумо, амволи шумо, номуси шумо монанди ҳурмати имрӯзи шумо, монанди ҳурмати ин моҳи шумо, монанди ҳурмати ин шаҳри шумо бар шумо ҳаром аст ва касе, ки ин ҷо ҳозир аст, ин хабарро ба касе, ки ҳозир нест, бирасонад, чун шахси ҳозир шояд ин суханро барои касе бирасонад, ки ӯ ин суханро аз касе, ки шунидааст, беҳтар бифаҳмад.

## БОБИ 6. Паёмбари Худо (с) вақтҳои муносиберо барои таълим ва мавъиза ихтиёр мекарданд

**62.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзҳои муносиб барои мо мавъиза мекарданд, то мабодо хаста ва дилсард шавем.

**63.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Осонгирӣ кунед ва сахтгирӣ накунед ва мардумро дилгарм созед ва гурезон насозед.

## БОБИ 7. Касеро, ки Худованд барояш иродаи хайр дошта бошад, ба вай дар умури дин дониш медиҳад

**64.** Аз Муъовия (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Касе, ки Худованд барояш иродаи хайр дошта бошад, барои вай дар умури дин дониш медиҳад, ман тақсим мекунам ва Худованд медиҳад ва ин уммат то зуҳури нишонаҳои қиёмат бар амри Худованд пойбанд хоҳад буд ва мухолифати дигарон зараре ба эшон намерасонад.

## БОБИ 8. Заковат дар илм

**65.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳузури Паёмбари Худо (с) будем, ки барояшон хӯшаи хурмои наврасе оварданд. Фармуданд: Аз ҷумлаи дарахтҳо дарахте аст, ки хосияти мусалмонро дорад. Мехостам бигӯям, ки ин дарахт дарахти хурмо аст, вале чун ман хурдтарини фарди он маҷлис будам, сукут намудам.

## БОБИ 9. Ҷавози рашк бурдан дар илм ва ҳикмат

**66.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Рашк бурдан ба ҷуз дар ду чиз раво нест:

Яке дар шахсе, ки Худованд барояш мол ва дорой дода ва ӯро қодир сохтааст, ки он молро дар роҳи хайр сарф намояд. Дуввумӣ касест, ки Худованд барояш ҳикмат ва дониш арзонӣ доштааст ва ӯ бо ин ҳикмат ва дониш дар байни мардум қазоват мекунад ва онро ба дигарон ҳам меомӯзад.

## БОБИ 10. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) ки: Худоё, Қуръонро барояш биёмӯз

**67.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро дар оғӯш гирифта ва дуо карданд: Худоё, Қуръонро барояш биёмӯз.

## БОБИ 11. Шунидани ҳадис барои тифл чӣ вақт саҳеҳ аст?

**68.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замоне, ки қариб ба булуғ будам, бар хари модае савор шудам ва тарафи Мино омадам ва Паёмбари Худо (с) бидуни он, ки деворе пеши рӯяшон қарор дошта бошад, намоз мехонданд.

Ман аз пеши рӯйи баъзе аз сафҳо гузашта ва харро гузоштам, ки бичарад ва худам дар саф истодам ва (Паёмбари Худо (с) аз ин амал бар ман эътироз накарданд.

**69.** Аз Маҳмуд ибни Рабеъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба ёд дорам, ки Паёмбари Худо (с) дар замоне, ки ман панҷсола будам, оберо аз сатиле ба даҳони худ гирифта, ба рӯям пошиданд.

## БОБИ 12. Фазилати касе, ки илм омӯхта ва ба дигарон меомӯзад

**70.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳидоят ва илме, ки Худованд маро ба он мабъус сохтааст, монанди борони фаровоне аст, ки бар замин меборад.

Баъзе аз ин заминҳо пок (ва зироатбоб) буда, обро ҷазб карда ва аз он сабза ва гиёҳ мерӯяд ва навъи дигаре аз замин обро дар худ нигаҳ дошта ва мардум аз он барои нӯшидан, обёрӣ ва зироат истифода мекунанд ва навъи саввум замине аст ҳамвор ва сахт, на обро захира мекунад ва на ҳосиле медиҳад.

Ҳамчунин аст мавқифи мардум, зеро дар мардум касонеанд, ки дини Худоро омӯхта ва аз он чӣ, ки Худованд маро ба он мабъус сохтааст, манфиат мебаранд, ба тавре, ки худаш омӯхта ва ба дигарон ҳам таълим медиҳад ва касонеанд, ки ба ин чизҳо илтифоте намекунанд ва ҳидояти Худовандиро, ки ман ба он мабъус шудаам, асло қабул накардаанд."

## БОБИ 13. Аз байн рафтани илм ва ба миён омадани ҷаҳл

**71.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз аломати қиёмат ин аст, ки илм аз байн меравад ва ҷаҳл ҷойгузини он мегардад, шаробхӯрӣ ривоҷ ёфта ва зино мунташир мешавад."

**72.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман барои шумо ҳадисе аз Паёмбари Худо (с) мегӯям, ки баъд аз ман касе онро нахоҳад гуфт. Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Аз аломати қиёмат ин аст, ки илм гум мешавад ва ҷаҳл ва нодонӣ ҷойгузини он мегардад. Зино мунташир гардида, занҳо зиёд ва мардҳо он қадар кам мешаванд, ки сарпарастии панҷоҳ занро фақат як мард ба ӯҳда мегирад."

## БОБИ 14. Фазилати илм

**73.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Дар ҳоле, ки хоб будам, қадаҳи шире бароям дода шуд, аз он шир он қадар нӯшидам, ки фикр кардам серобӣ аз сари нохунҳоям сарозер гардид ва он чиро, ки зиёд омад, барои Умар ибни Хаттоб додам." Пурсиданд, ки: Ин хоброчӣ таъбир мекунед? Фармуданд: "Илму дониш."

## БОБИ 15. Фатво додан дар ҳангоми савор будан бар чорпо ва ғайри он

**74.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷҷати-л-вадоъ ба (Мино) дар ҷое таваққуф намуданд, то ба суолҳои мардум посух бигӯянд. Шахсе омад ва гуфт: Мутаваҷҷеҳ нашудам, пеш аз ин, ки забҳ кунам, сари худро тарошидам. Фармуданд: "Забҳ кун ва боке надорад."

Шахси дигаре омад ва гуфт: Нафаҳмида, пеш аз ҷамра (сангча) задан забҳ намудам. Фармуданд: "Ҷамраро бизан ва боке надорад." Ва Паёмбари Худо (с) аз ҳеҷ чизе, ки тақдим ва таъхир шуда бошад, пурсида нашуданд, магар он, ки фармуданд: "Бикун ва боке надорад."

## БОБИ 16. Касе, ки аз фатво хостан ба ишораи сар ва даст ҷавоб додааст

**75.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Илм аз байн меравад ва ҷаҳл ва фитнаангезӣ ҷойгузини он мешавад ва ҳараҷу мараҷ зиёд мегардад. Касе пурсид: Ё Расулаллоҳ, ҳараҷу мараҷ чист? Паёмбари Худо (с) дар ҷавоби он шахс дасти мубораки худро тавре ҳаракат доданд, ки далолат ба қатл ва куштор мекард.

**76.** Аз Асмоъа бинти Абӯбакри Сиддиқ (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Оиша (р) рафтам ва ӯ намоз мехонд. Гуфтам: Мардумро чӣ шудааст? Ба сӯи осмон ишора кард, офтобгирифтагиро бароям нишон дод ва дидам, ки мардум намоз мехонанд.

Оиша гуфт: Субҳоналлоҳ. (Асмоъа мегӯяд) пурсидам: Ин аломати нузули азоб аст, ё аломати наздикшавии қиёмат? Оиша (р) бо сари худ ишора кард, ки бале чунин аст. Пас бархостам дар ҳоле, ки наздик буд беҳуш шавам, бар сари худ об рехтам ва Паёмбари Худо (с) ҳамд ва санои Худовандро гуфта ва фармуданд: Ҳар он чизе, ки то ҳоло бароям нишон дода нашуда буд, ин аст, ки дар ҳамин ҷо дидам, ҳатто биҳишт ва дӯзахро ҳам дидам ва бар ман ваҳй шуд, ки шумоён дар қабрҳои худ озмоиш мешавед.

Монанди озмоише, ки бо Масеҳи Даҷҷол мешавед, аз шумо пурсида мешавад, ки ин шахс (яъне Паёмбари Худо (с) кист? Шахси мӯъмин ва ё муттаяқин мегӯяд: Ӯ Муҳаммад Паёмбари Худо (с) аст, барои мо далоили рӯшан ва асбоби ҳидоятро оварда буд ва моён ҳам ба нидояш лабайка гуфта аз вай пайравӣ намудем: ӯ Муҳаммад аст, ӯ Муҳаммад аст, ӯ Муҳаммад аст.

Пас ба ӯ гуфта мешавад, ки ором бихоб, мо медонистем, ки ту ба ин чиз яқин дорӣ. Вале мунофиқ ва ё мушаккик мегӯяд, дар ҷавоби он савол: Ман чизе намедонам, аз мардум шунидам, ки чизе мегуфтанд, ман ҳам мисли онҳо гуфтам.

## БОБИ 17. Сафар кардан ҷиҳати ҳалли мушкил

**77.** Аз Уқба ибни Ҳорис (р) ривоят аст, ки бо яке аз духтарҳои Абӯиҳоб ибни Азиз издивоҷ намуд, зане омада ва гуфт: Ман (Уқба) ва он духтареро, ки бо вай издивоҷ кардааст, шир додаам.

Уқба барои он зан гуфт: Фикр намекунам, ки ту маро шир дода бошӣ ва ё маро аз ин шир додан хабар дода бошӣ. Ва ҳамон буд, ки савор гардида ва ба Мадинаи мунаввара назди Паёмбари Худо (с) рафт. Масъаларо аз эшон пурсид. Фармуданд: Чӣ гуна (бо ӯ издивоҷ мекунӣ) дар ҳоле, ки чунин чизе ҳам гуфта шудааст ва Уқба аз он зан ҷудо шуд ва он зан бо шахси дигаре издивоҷ намуд.

## БОБИ 18. Навбат дар таҳсили илм

**78.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман ва яке аз ҳамсоягонам аз мардуми ансор, ки аз қавми (бани Умайя ибни Зайд) буда ва дар минтақаи (ҳаволии Мадинаи мунаввара) зиндагӣ мекард, дар мушарраф шудан ба ҳузури Паёмбари Худо (с) бо ҳам навбат доштем. Як рӯз ӯ мерафт ва як рӯз ман. Рӯзе, ки ман мерафтам, агар ваҳй нозил мегардид ва ё масоили дигаре воқеъ мешуд, барояш хабар медодам ва рӯзе, ки ӯ мерафт, ӯ ҳам ҳамин корро мекард. Як рӯз, ки навбати ҳамсояи ансориам буд, омад ва дари хонаамро бо шиддат зад ва гуфт: Оё фалонӣ ҳаст? Ман саросема берун шудам. Гуфт: Имрӯз кори муҳиме рух додаст. (Умар (р) мегӯяд:) Назди уммулмӯъминин Ҳафса (р) рафтам, дидам, ки гиря мекунад. Гуфтам: Магар Паёмбари Худо (с) шумоёнро талоқ додааст? Гуфт: Хабар надорам. Баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) рафтам ва ҳамон тавр, ки истода будам, пурсидам: Оё ҳамсарони худро талоқ додаед: Фармуданд: На, гуфтам (Аллоҳу Акбар).

## БОБИ 19. Ғазаб кардан дар вақти таълим ба сабаби пешомади ногувор

**79.** Аз Абӯмасъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Азбаски фалонӣ намозро дароз мекунад, наздик аст ба намоз ҳозир нашавам. Паёмбари Худо (с) ончунон барошуфта шуданд, ки дар ҳеҷ мавъизае эшонро дар чунин ҳолате надида будам. Фармуданд: "Эй мардум, шумо (бо ин кори худ) мардумро гурезон месозед, касе, ки барои мардум намоз мехонад (имом мешавад), намозро сабук бихонад, чун дар байни мардум касоне вуҷуд доранд, ки бемор ва нотавон буда ва ё кори заруре доранд."

**80.** Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) аз ҳукми чизи ёфтшуда пурсид. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Аз нахбанд ва зарфи он ба худ маърифати комил ҳосил кун ва як сол аз он суроғ бидеҳ, сипас аз он истифода кун ва агар соҳибаш пайдо шуд, онро барояш баргардон." Он шахс пурсид: Бо шутури гумшуда чӣ бояд кард? Паёмбари Худо (с) ончунон барошуфта гардиданд, ки рухсорашон гулгун шуд ва фармуданд: "Туро ба шутур чӣ кор? Ӯ обхӯр ва кафши худро бо худ дорад, обро менӯшад ва алаф мечарад, ӯро бигзор, то соҳибаш омада ва ӯро дарёбад." Он шахс гуфт: Гӯсфанди гумшуда чӣ тавр? Фармуданд: "Гӯсфанд ё барои ту аст (дар сурате, ки соҳибаш пайдо нашавад), ё барои бародари ту (ки соҳиби гӯсфанд бошад) ва ё барои гург" (агар ба дасти касе наафтад).

**81.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) аз чизҳое пурсиданд, ки бадашон меомад, чун аз ин чизҳо зиёд пурсиданд, хашмгин гардида ва фармуданд: "Ҳар чӣ мехоҳед, аз ман бипурсед". Шахсе пурсид, ки: Падарам кист? Фармуданд: "Падари ту Ҳузофа аст."

Дигаре бархост ва пурсид: Ё Расулаллоҳ, падари ман кист?" Фармуданд: Падари ту (Солим) озодшудаи (Шайба) аст." Чун Умар осори (хашм ва ғазабро) дар чеҳраи Пайғамбари Худо(с) мушоҳида намуд, гуфт: Ё Расулаллоҳ! Мо (аз ин, ки сабаби озурдагии шумо шудем), ба Худованди азза ва ҷалла тавба менамоем.

## БОБИ 20. Касе, ки ҳадисро барои он, ки хуб бифаҳманд, се бор такрор намуд

**82.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) вақте сухан мегуфтанд, барои он, ки хуб фаҳмида шавад, он суханро се бор такрор мекарданд ва вақте, ки назди мардуме меомаданд ва бар онҳо салом медоданд, се бор салом медоданд.

## БОБИ 21. Касе каниз ва хонаводаи худро таълим медиҳад

**83.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Се гурӯҳанд, ки барои онҳо ду савоб аст: шахсе аз аҳли китоб, ки ба паёмбари худ ва ба Муҳаммад (с) имон овардааст. Ғуломе, ки ҳаққи Худо ва ҳаққи мавлои худро адо кардааст. Касе, ки бо канизаш ҳамбистар мешавад, баъд аз он ба таври шоиста таълим ва тарбияаш мекунад ва сипас озодаш сохта, бо ӯ издивоҷ менамояд, барои ҳар кадоми аз инҳо ду савоб аст."

## БОБИ 22. Мавъиза намудани имом барои занҳо

**84.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки Билол ҳамроҳашон буд, (аз сафҳои мардон) берун шуда, назди занҳо омаданд ва чун фикр мекарданд, ки шояд занҳо мавъизаашонро нашунида бошанд, онҳоро ваъз ва насиҳат карданд ва ба додани садақа амр фармуданд: Ҳамон буд, ки занҳо гӯшвор ва ангуштариҳои худро садақа доданд ва Билол онҳоро дар домани худ ҷамъ мекард.

## БОБИ 23. Ҳирс дар омӯхтани ҳадис

**85.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, дар қиёмат аз ҳамаи мардумон кадом кас ба шафоати шумо лоиқтар аст? Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Эй Абӯҳурайра, аз ҳирсе, ки дар ту нисбат ба фаро гирифтани ҳадис дидам, фикр мекардам, ки шахси дигаре пеш аз ту аз ин мавзӯъ аз ман намепурсад. лоиқтарин кас ба шафоати ман дар рӯзи қиёмат шахсест, ки аз самими қалб бигӯяд: **«Ло илоҳа иллаллоҳ»**.

## БОБИ 24. Илм чӣ гуна аз байн меравад

**86.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Худованд илмро аз байни мардум ба якборагӣ аз байн намебарад, балки илмро ба сабаби аз байн рафтани уламо аз байн мебарад, то ҷое, ки олиме боқӣ намемонад ва мардум раисон ва амирони худро аз ашхоси нодоне интихоб менамоянд ва ин ашхоси нодон чун аз масъалае пурсида шаванд, бидуни илм барои мардум фатво дода, сабаби гумроҳии худ ва дигарон мешаванд."

## БОБИ 25. Оё барои таълими занҳо рӯзи муайяне ихтисос дода мешавад?

**87.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки занҳо барои Паёмбари Худо (с) гуфтанд: Мардҳо дар мушарраф шудан ба ҳузури шумо барои мо ҷое нагузоштаанд, (хуб аст) барои мо рӯзи муайянеро ихтисос диҳед. Паёмбари Худо (с) рӯзеро ҷиҳати мулоқот бо онҳо таъйин намуданд (ва дар он рӯз) онҳоро мавъиза намуда ва ба чизҳое амр фармуданд. Аз он ҷумла фармуданд: "Ҳеҷ зане нест, ки се фарзандаш пеш аз вай мурда бошад, магар он, ки барояш пардае дар муқобили оташ хоҳад буд." Зане гуфт: Агар ду фарзандаш пеш аз вай мурда бошад, чӣ тавр? Фармуданд: "Ҳатто агар ду фарзандаш мурда бошад." Ва дар ривояте аз Абӯҳурайра (р) омадааст ки: (он фарзандон) болиғ нашуда бошанд.

## БОБИ 26. Касе, ки чизеро шунида ва барои он, ки бифаҳмад, дубора мепурсад

**88.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ҳар касе, ки (дар қиёмат) муҳосаба шавад, азоб мешавад. Оиша мегӯяд: пурсидам: Оё Худованд нагуфтааст, ки ба зудӣ муҳосибаи осоне хоҳад шуд? Фармуданд: Ин марҳалаи пеш шудан ба ҳисоб аст, вале касе, ки ба таври дақиқ муҳосиба шавад, ҳалок мегардад.

## БОБИ 27. Шахси ҳозир бояд (хабарро ба шахси ғоиб бирасонад)

**89.** Аз Абӯшурайҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) фардои рӯзи фатҳ суханеро шунидам, ки гӯшҳоям онро шунид, қалбам ҳифз намуд ва чашмҳоям дид, эшон баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол фармуданд: "Худованд Маккаро дорои ҳурмат сохт, вале мардум ҳурмати онро нигаҳ надоштаанд ва касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, раво нест, ки дар Макка хунеро бирезонад ва ё дарахтеро қатъ намояд.

Агар касе аз рухсате, ки (дар рӯзи фатҳи Макка) барои Паёмбари Худо (с) дода шуда буд, далел (барои ҷавози қитол дар Макка) меҷуст, барояш бигӯед, ки Худованд ин рухсатро барои Пайғамбари худ дода буд, на барои шумо ва ҳамон рухсат ҳам барои як соате аз рӯз буд ва баъд аз он ҳурмати он рӯз ба ҳурмати дирӯзи худ баргашт ва касе, ки ҳозир аст ин суханро ба касе, ки ғоиб аст бирасонад."

## БОБИ 28. Гуноҳи касе, ки аз забони Паёмбари Худо (с) дурӯғ мегӯяд

**90.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Аз забони ман дурӯғ нагӯед ва касе, ки аз забони ман дурӯғ бигӯяд, ҷои худро дар оташ омода намояд."

**91.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки аз забонам чизе бигӯяд, ки ман нагуфта бошам, пас ҷои худро дар оташ омода намояд."

**92.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Номи маро барои худ ном интихоб намуда, вале ба кунияам (ки Абулқосим бошад), касеро ёд накунед ва касе, ки маро ба хоб бубинад, дар ҳақиқат худамро ба хоб дидааст, зеро шайтон худро ба сурати ман дароварда наметавонад ва касе, ки аз забони ман дурӯғ бигӯяд, ҷойи худро дар оташ омода намояд."

## БОБИ 29. Навиштани илм

**93.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд филро аз дохил шудан ба Макка монеъ шуд ва пайғамбари худ Расулуллоҳ (с) ва мусалмононро бар аҳли Макка ғолиб сохт, бидонед ва огоҳ бошед, ки Макка на пеш аз ман барои касе ҳалол шуда буд ва на баъд аз ман барои касе ҳалол хоҳад шуд.

Макка барои ман як соате аз рӯз ҳалол гардид ва огоҳ бошед, ки акнун дар ҳамин соат дорои ҳурмат аст, на гиёҳаш чида мешавад ва на дарахташ қатъ мегардад, моли гумшудаашро ҷуз касе, ки ба соҳибаш суроғ медиҳад, набояд бардорад, касе, ки кушта мешавад (соҳибони хун) байни яке аз ду чиз мухайяранд: ё дият бигиранд ва ё қотилро қассос намоянд."

Шахсе аз аҳли Яман омад ва гуфт: (ин чизҳоро бароям бинавис). Фармуданд: "Барои Абӯфалон бинависед". Шахсе аз Қурайш гуфт: Ё Расулаллоҳ, (изхир)-ро, (ки навъи гиёҳе аст), аз гиёҳони Макка истисно фармоед, чун аз он дар хонаҳо ва қабрҳои худ истифода менамоем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "магар изхир, магар изхир."

**94.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки бемории Паёмбари Худо (с) шиддат ёфт, фармуданд: "Бароям китобе биёред, то бароятон чизе бинависам, ки баъд аз ман гумроҳ нашавед."

Умар гуфт: Дард бар Паёмбари Худо (с) ғалаба намудааст ва китоби Худо назди мо мавҷуд буда ва барои мо кофӣ аст. Ҳамон буд, ки (сари ин мавзӯъ) ихтилоф рух дод ва ғавғо ва ҷанҷол зиёд шуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз назди ман бархезед, дар хузури ман ғавғо ва ҷанҷол муносиб нест."

## БОБИ 30. Таълим додан ва мавъиза намудан дар шаб

**95.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе Паёмбари Худо (с) аз хоб бархоста ва фармуданд: Субҳоналлоҳ, имшаб чӣ азобҳои зиёде ва раҳматҳои бешуморе нозил гардидааст. Инҳоеро, ки дар ҳуҷраҳо хобанд (яъне уммаҳотулмӯъмининро), бедор кунед, басо касоне, ки дар дунё пӯшида ҳастанд, вале дар охират бараҳна хоҳанд буд.

## БОБИ 31. Бедорхобӣ барои таҳсили илм

**96.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар охирин айёми ҳаёти худ намози хуфтанро барои мо адо намуда ва баъд аз салом додан фармуданд: "Медонед, ки имшаб чӣ шабе аст? Сад сол баъд аз имшаб аз касоне, ки акнун дар рӯи замин ҳастанд, ҳеҷ касе зинда намемонад."

**97.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе дар хонаи холаам (уммулмӯъминин Маймуна бинти Ҳорис (р) хобидам ва Паёмбари Худо (с) дар ин шаб дар хонаи ӯ буданд, баъд аз намози хуфтан, ки ба хона омаданд, чаҳор ракаат намоз адо намуда ва хоб шуданд.

Баъд аз он бархоста ва фармуданд: "Оё тифлак (яъне Ибни Аббос) хобидааст? Ё калимае мисли онро гуфтанд, сипас барои намоз истоданд, ман ҳам бархоста ва ба тарафи чапи эшон истодам.

Маро гирифта ва ба тарафи рости худ қарор доданд ва панҷ ракаат намози (таҳаҷҷуд) адо намуданд ва баъд аз он ду ракаат суннати намози субҳро хонда хобиданд, то ҷое ки садои нафири он ҳазрат (с)-ро шунидам, баъд аз он барои адои намоз берун шуданд.

## БОБИ 32. Ҳифзи илм

**98.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум мегӯянд Абӯҳурайра аҳодиси бисёреро ривоят мекунад ва агар (хавфи) ду оят аз Қуръони маҷид намебуд, аслан ҳадисеро ривоят намекардам ва сипас ин оятро тиловат намуд: **«Ба таҳқиқ касоне, ки мепӯшанд он чиро, ки мо аз суханони рӯшан ва асбоби ҳидоят нозил кардем, мавриди лаънати Худо ва лаънаткунандагон воқеъ мешаванд...».**

Бародарони муҳоҷирам машғули хариду фурӯш дар бозор ва бародарони ансори мо машғули мол ва зиндагии худ буданд, вале

Абӯҳурайра ҷиҳати сер намудани шиками худ ба таври доимӣ ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) мебуд ва дар натиҷа дар маҷолисе ҳозир мешуд, ки онҳо ҳозир намешуданд ва чизҳоеро ҳифз мекард, ки онҳо ҳифз намекарданд.

**99.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ман аҳодиси бисёреро аз шумо мешунавам ва боз фаромӯш мекунам. Фармуданд: "Чодаратро ҳамвор кун". Чодарамро ҳамвор кардам, чанд паймона бо ду дасти худ дар чодарам рехта ва фармуданд: "Чодаратро ҷамъ кун". Чодарамро ҷамъ кардам. Баъд аз ин воқеа ҳеҷ чизеро фаромӯш накардам (Ва ин як мӯъҷизаи возеҳ ва ошкоре аз Паёмбари Худо (с) мебошад).

**100.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз (аҳодиси) Паёмбари Худо (с) ду зарфрро ҳифз кардам, яке аз он дуро нашр кардам ва агар дигареро нашр кунам, гулӯям бурида хоҳад шуд.

## БОБИ 33. Гӯш фаро додан ба уламо

**101.** Аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар (ҳаҷҷату-л-вадоъ) ба ман гуфтанд: "Мардумро бигӯ, хомӯш бошанд ва гӯш фаро диҳанд". Сипас фармуданд: "Баъд аз ман кофир нашавед, ба таврe, ки яке гардани дигареро бизанад."

## БОБИ 34. Агар аз олиме пурсида шавад, ки аз ҳама олимтар кист, бигӯяд, ки Худо

**102.** Аз Убай ибни Каъб аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар ҳоле, ки Мӯсо (ъ) барои бани Исроил хутба мехонд, мавриди суол қарор гирифта (ва касе аз вай пурсид:) Аз ҳама донотар кист? Гуфт: Ман аз ҳама донотарам. Чун нисбати илмро ба Худованд надод, Худованд бар вай итоб намуда, ваҳй фиристод, ки бандае аз бандагони ман дар (Маҷмаъу-л-баҳрайн) буда, аз ту донотар аст, (мурод аз ин шахс Хизр (ъ) аст).

Мӯсо (ъ) гуфт: Худоё, чӣ гуна метавонам назди ӯ бирасам? Ба ӯ гуфта шуд, ки моҳиро дар занбил андохта ва бо худ ҳамл кун. Дар ҳар ҷое, ки моҳӣ гум шуд, он шахс дар он ҷост. Мӯсо (ъ) бо ходими худ (Юшаъ ибни Нун) моҳиеро дар занбиле бо худ гирифта ва ба роҳ афтоданд, то ин, ки назди сахрае (харсанг) расиданд. Дар он ҷо сари худро гузошта, хобиданд. Моҳӣ аз занбил баромад ва хазида ба сӯи дарё рафт ва ин кор барои Мӯсо ва ходимаш тааҷҷубовар буд. Баъд аз он бархоста ва бақияи он рӯз ва шабро роҳ рафтанд. Чун субҳ шуд, Мӯсо ба ходими худ гуфт: Ноштои моро биёвар, чун аз ин сафар хаста ва монда шудаем. Ва Мӯсо (ъ) то вақте, ки аз он ҷойи муайян нагузашта буд, хаста ва монда нашуда буд. Ходимаш барояш гуфт: Ҷоеро, ки назди сахра хобидем, ба ёд дорӣ? Моҳиро дар ҳамон ҷо

фаромӯш кардам. Мӯсо (ъ) гуфт: Ин ҳамон ҷоест, ки мо дар талаби он ҳастем. Чун назди сахра баргаштанд, шахсеро диданд, ки худро ба ҷомааш печондааст. Мӯсо (ъ) салом кард.

Хизр гуфт: Салом гуфтан дар сарзамини шумо чӣ гунна аст? Гуфт: Ман Мӯсо ҳастам? (Хизр гуфт:) Мӯсои бани Исроил? Гуфт: Бале. Ва гуфт: Оё (иҷоза медиҳӣ), ки бо ту ҳамроҳӣ кунам ва аз он чӣ, ки Худованд барои ту омӯхтааст, бароям биёмӯзӣ?

Гуфт: Ту бо ман сабр карда наметавонӣ, ман дорои илме аз илми Худо ҳастам, ки он илмро ба ман омӯхта ва ту онро намедонӣ ва ту дорои илме ҳастӣ, ки Худованд онро ба ту омӯхта ва ман он илмро намедонам.

Мӯсо гуфт: Иншоаллоҳ, маро шахси собире хоҳӣ ёфт ва аз ҳеҷ амр ва фармони ту сарпечӣ нахоҳам кард. Ҳардуяшон (Мӯсо ва Хизр) дар соҳили дарё ба роҳ афтоданд. Худашон аз худ киштӣ надоштанд, вале киштӣ даррасид ва бо ӯ ҳарф заданд, то онҳоро бо худ бардорад.

Соҳибони киштӣ Хизрро шинохта ва онҳоро бидуни кироя бо худ савор карданд. Гунҷишке омад ва дар канори киштӣ нишаст ва як ё ду бор нӯли худро дар баҳр ғӯта дод. Хизр гуфт: Эй Мӯсо, илми ман ва илми ту *нисбат ба илми Худо монанди ҳамин як ё ду нӯли обе аст*, ки ин гунҷишк аз баҳр бардошта ва чизеро кам накардааст.

Сипас Хизр рафта ва тахтае аз тахтаҳои киштиро дароварда ва шикаст Мӯсо барояш гуфт: Ин мардум моро бидуни кироя бо худ савор карданд, ту киштии онҳоро хароб ва ҳамаро ғарқ месозӣ? (Хизр) гуфт: Магар нагуфта будам, ки ту таҳаммули ҳамроҳӣ бо манро надорӣ? Мӯсо (ъ) гуфт: Маро аз чизе, ки фаромӯш кардаам, муохаза макун ва боъиси заҳмат дар корам машав. Ва ин аввалин фаромӯшии Мӯсо буд.

Боз ба роҳ афтоданд ва тифлеро диданд, ки бо атфоли дигар дар ҳоли бозӣ кардан аст. Хизр сари он тифлро бо даст аз танаш канда, ҷудо намуд. Мӯсо гуфт: Оё шахси бегуноҳеро бидуни ин, ки касеро кушта бошад, ба қатл мерасонӣ? (Хизр) гуфт: Магар ба ту нагуфта будам, ки ту таҳаммули ҳамроҳӣ бо манро надорӣ?

Боз ба роҳ афтоданд, то ин, ки ба деҳае расиданд, аз мардуми он деҳа талаби нон намуданд, вале онҳо аз меҳмон кардани эшон ибо варзиданд ва дар назди деҳа девореро мушоҳида намуданд, ки дар ҳоли фурӯ рехтан аст. Хизр (чизе) ба дасти худ гуфт ва он деворро рост кард.

Мӯсо гуфт: Агар мехостӣ, дар муқобили ин кори худ музде мегирифтӣ. (Хизр) гуфт: Ин нуқтаи ҷудоӣ байни ману ту аст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд Мӯсоро ҳидоят кунад, дӯст доштем, ки сабр мекард, то қиссаи онҳо барои мо равшан мешуд."

## БОБИ 35. Касе, ки дар ҳолати истода аз олиме, ки нишаста буд, чизе пурсидааст

**103.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Ё Расулаллоҳ, ҷиҳоди фи сабилиллоҳ чӣ гуна аст? Чун яке аз мо ба асоси интиқом ва дигаре барои асабияти қавму қабила ҷанг мекунад. Пайғамбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки барои эълои калиматуллоҳ биҷангад, ҷанги ӯ ҷиҳоди фи сабилиллоҳ аст."

## БОБИ 36. Худованди мутаъол мефармояд: "Аз илм ҷуз миқдори андаке дода нашудаед"

**104.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки бо Паёмбари Худо (с) дар минтақаи харобае аз Мадинаи мунаввара мерафтам ва Паёмбари Худо (с) бо чӯби хурмое, ки дар дасташон буд, асо мезаданд, ба гурӯҳе аз мардуми Яҳуд расидем. Яке аз онҳо ба дигаре гуфт: Дар бораи рӯҳ аз вай пурсиш намоем. Иддае гуфтанд: Пурсиш накунед, шояд дар ҷавоб чизе бигӯяд, ки бароятон нохушоянд бошад. Иддае гуфтанд, ки: Ҳатман суол мекунем. Ва ҳамон буд, ки яке аз онҳо бархоста гуфт: Ё Абулқосим, рӯҳ чист? Паёмбари Худо (с) хомӯш шуданд. Бо худ гуфтам: Шояд бароишон ваҳй нозил мегардад.

Ман бархостам ва вақте, ки нишонаҳои ваҳй аз эшон бартараф шуд, ин оятро тиловат намуданд: «**Аз ту дар бораи рӯҳ мепурсанд, бигӯ, ки рӯҳ аз амри Парвардигори ман аст ва шумо аз илм ҷуз миқдори андаке дода нашудаед**». *(Исро: 87)*

## БОБИ 37. Касе, ки ашхоси муайянеро ба таҳсили илм ихтисос додааст, на ҳамагонро

**105.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с), дар ҳоле, ки (Маъоз) пушти сарашон бар маркабе савор буд, фармуданд: Ё Муъоз! Гуфт: Бале, ё Расулаллоҳ! Бифармоед ба хизмат ҳозирам! Фармуданд: Ё Муъоз! Гуфт: Бале, ё Расулаллоҳ, бифармоед ба хизмат ҳозирам. То ин, ки се бор такрор намуданд ва фармуданд: "Ҳеҷ касе нест, ки аз сидқи дил бигӯяд «**Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва анна Муҳаммадан Расулуллоҳ**», магар он, ки Худованд ӯро бар оташи дӯзах ҳаром мегардонад". Муъоз гуфт: Ё Расулаллоҳ, оё аз ин чиз ба мардум хабар диҳам, то хушҳол шаванд? Фармуданд: "Дар ин сурат бар ин эътимод карда ва амал намекунанд." Вале Муъоз (р) аз ин мавзӯъ дар вақти марги худ аз хавфи ин, ки мабодо (аз пӯшидани ин ҳадис) гунаҳкор шавад, барои мардум хабар дод.

## БОБИ 38. Ҳаё дар илм

**106.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: (Умми Сулайм) ӯ назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, Худованд аз баёни ҳақ ҳаё намекунад, оё агар зан эҳтилом шавад, бар вай ғусл воҷиб мешавад? Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ба шарте, ки оби (манӣ)-ро бубинад." Умми Салама (р) рӯйи худро пӯшонда ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, зан ҳам эҳтилом мешавад? Фармуданд: "Бале, дастат ба хок (як навъ хушкаломӣ аст), вагарна чӣ сабаб аст, ки фарзандаш ҳамрангаш мешавад?"

## БОБИ 39. Касе, ки худаш ҳаё карда ва дигареро амр мекунад, ки бипурсед

**107.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман шахсе будам, ки мазӣ (обе, ки аз манӣ тунуктар аст) аз ман бисёр хориҷ мегардид. Миқдодро амр кардам, то ҳукми онро аз Паёмбари Худо (с) бипурсад ва чун пурсид, фармуданд: "Дар (хориҷ шудани) мазӣ вузӯ воҷиб мешавад."

## БОБИ 40. Таълим ва фатво дар масҷид

**108.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе дар масҷид бархоста гуфт: Ё Расулаллоҳ, моро амр мефармоед ки аз куҷо эҳром бубандем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Мардуми Мадина аз Зулҳулайфа, мардуми Шом аз Ҷуҳфа ва мардуми Наҷд аз Қарни Манозил." Ибни Умар (р) мегӯяд: Ва мардум гумон мекунанд Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки "мардуми Яман аз Яламлам эҳром бибанданд." Ва Ибни Умар (р) мегуфт: Вале ман ин чизро аз Паёмбари Худо (с) нафаҳмидам.

## БОБИ 41. Касе, ки суолкунандаро ба бештар аз он чӣ, ки суол кардааст, ҷавоб додааст

**109.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Муҳрим чӣ либосе бояд бипӯшад? Фармуданд: "Пероҳан напӯшад, дастор набандад, изор напӯшад, ъабо напӯшад ва либосе, ки муаттар ба хушбӯӣ ва заъфарон бошад, напӯшад, агар кафшро наёфт, мӯза бипӯшад, вале бояд онро тавре қатъ намояд, ки аз зери каъбайн (буҷулак) поёнтар бошад."

# - 4 -
# КИТОБИ ВУЗӮ

## БОБИ 1. Ҳеҷ намозе бидуни вузӯ қабул намешавад

**110.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Намози касе, ки бевузӯ шавад, то аз сари нав вузӯ насозад, қабул намешавад." Шахсе аз (мардуми Ҳазрамавт) гуфт: Ё Абӯҳурайра, бевузӯӣ чӣ гуна аст? Абӯҳурайра (р) ҷавоб дод: Хориҷ шудани бод аз мақъад чи бо савт бошад, чи бидуни савт.

## БОБИ 2. Фазилати вузӯ

**111.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Уммати ман рӯзи қиёмат дар ҳоле, ки аз асари вузӯ нур аз сарупояшон медурахшад, нидо мешаванд ва касе, ки мехоҳад ин нуроният ва дурахшиши худро зиёд кунад, бикунад."

## БОБИ 3. Аз машкук шудан вузӯ лозим намегардад, магар он, ки яқин кунад

**112.** Аз Абдуллоҳ ибни Язиди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам: Агар касе дар вақти намоз хондан ба шак меафтад, ки аз вай чизе хориҷ шудааст, ё на, чӣ бояд бикунад? Фармуданд: "То вақте, ки овозеро нашунида бошад ва ё эҳсоси бӯйро накардааст, аз намози худ хориҷ нагардад."

## БОБИ 4. Тахфиф дар вузӯ

**113.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) хоб шуданд, то ҷое, ки нафирашон баланд гардид, баъд аз он бидуни он, ки вузӯ бисозанд, намоз хонданд. Ва ё чунин гуфт, ки ба паҳлӯ хобиданд, то ин, ки нафирашон баланд гардид, баъд аз он бархоста ва намоз хонданд.

## БОБИ 5. Комил намудани вузӯ

**114.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми бозгаштан аз (Арафа) омаданд, то ба водӣ расиданд, дар он водӣ бавл намуда, вале вузӯи комиле насохтанд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, вақти

намоз аст. Фармуданд: "Намоз пеши рӯйи ту аст." Ва савор шуданд ва ба (Муздалифа) омаданд, дар Муздалифа вузӯи комиле сохтанд.

Барои намози шом иқомат гуфта шуд, намози шомро хонданд, баъд аз он ҳар кас шутурашро дар манзилаш хобонд, баъд аз он иқомати намози хуфтан гуфта шуд, он намозро ҳам адо карданд ва байни ин ду намоз кадом намози дигареро нахонданд.

## БОБИ 6. Шустани рӯй ба ҳар ду даст

**115.** Ривоят аст, ки Ибни Аббос (р) чунин вузӯ намуд: рӯи худро шуст, кафи оберо гирифта ва ба он мазмаза ва истиншоқ намуд, кафи оби дигаре гирифт ва бо ҳарду даст рӯйи худро шуст. Боз кафи оби дигаре гирифт ва ба он дасти рости худро ва ба кафи оби дигаре дасти чапи худро шуст, баъд аз он сарашро маҳс намуд, баъд аз он бо кафи оби дигаре пойи рости худро ва ба каф оби дигаре пойи чапи худро шуст ва гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки чунин вузӯ намуданд.

## БОБИ 7. Дар вақти дохил шудан ба байтулхалоъ (ҳоҷатхона) чӣ бояд гуфт:?

**116.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми дохил шудан ба байтулхалоъ чунин мегуфтанд: *Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мина-л-хубси ва-л-хабоис.* Яъне: Худоё, аз ҳар навъ палидӣ ба ту паноҳ меҷӯям."

## БОБИ 8. Ниҳодани об дар байтулхалоъ

**117.** Аз ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба байту-л-халоъ дохил гардиданд ва оберо, ки ман барояшон дар он ҷо таҳия карда будам, дида пурсиданд: "Ин обро кӣ ин ҷо гузоштааст?" Гуфтанд: Ибни Аббос. Гуфтанд "Худоё, донишро дар умури дин насибаш фармо."

## БОБИ 9. Дар вақти бавл ва ғоит набояд рӯйи худро ба тарафи қибла намуд

**118.** Аз Абӯаюби Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки ба қазои ҳоҷат меравад, рӯй ва ё пушташро ба тарафи қибла накунад, балки дар ин вақт рӯйи худро ба тарафи шарқ ва ё ғарб намояд."

## БОБИ 10. Касе, ки дар болои ду хишт қазои ҳоҷат намуд

**119.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуме

мегӯянд: Вақте, ки ба қазои ҳоҷат нишастӣ, рӯйи худро ба тарафи қибла ва Байту-л-муқаддас макун. Ман рӯзе рӯйи боми хонаам боло шудам ва Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бар рӯи ду хишт, дар ҳоле, ки рӯяшон ба тарафи Байту-л-муқаддас буд, қазои ҳоҷат мекарданд.

## БОБИ 11. Берун шудани занҳо ҷиҳати қазои ҳоҷат

**120.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки занҳои Паёмбари Худо (с) шабҳо барои қазои ҳоҷат ба тарафи Маносеъ, ки майдонҳои фарохе буд, берун мешуданд ва Умар барои Паёмбари Худо (с) мегуфт: Занҳои худро аз берун шудан манъ фармоед, вале Паёмбари Худо (с) манъ намекарданд.

Шабе дар вақти намози хуфтан (Савда бинти Замъа) яке аз занҳои Паёмбари Худо (с), ки зани баландқомате буд (ҷиҳати қазои ҳоҷат) берун шуда буд, Умар (р) ӯро дида гуфт: Эй Савда, туро шинохтам. Ва мақсади Умар аз ин сухан ин буд, ки ҳукми ҳиҷоб нозил гардад ва ҳамон буд, ки Худованд ҳукми ҳиҷобро нозил фармуд.

## БОБИ 12. Истинҷо кардан ба об

**121.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки ба қазои ҳоҷат берун мешуданд, ман ва як бачаи дигаре зарфи оберо ҳозир мекардем.

## БОБИ 13. Бардоштани найза ва об дар вақти истинҷо

**122.** Ва дар ривояти дигаре аз Анас (р) омадааст, ки зарфе аз об ва найзаи кӯчакеро ҳозир мекардем ва Паёмбари Худо (с) ба об истинҷо мекарданд.

## БОБИ 14. Ба дасти рост набояд истинҷо кард

**123.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳангоми нӯшидан набояд дар зарфи об нафас кашид ва дар вақти дохил шудан ба байту-л-халоъ набояд олати худро бо дасти рост мисос намуд ва бо дасти рост истинҷо кард».

## БОБИ 15. Истинҷо кардан ба санг

**124.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба қазои ҳоҷат берун шуда буданд, таъқиб намудам ва эшон мултафит набуданд, то ин, ки ба эшон наздик шудам ва фармуданд: "Бароям сангҳоеро пайдо кун, ки ба онҳо истинҷо кунам ва устухон ва ё фузалоти ҳайвонотро наёварӣ". Сангҳоеро дар домани худ оварда ва дар канорашон гузошта ва худам дур шудам ва баъд аз қазои ҳоҷат худро ба он сангҳо пок намуданд.

## БОБИ 16. Ба фузалоти ҳайвонот набояд истинҷо кард

**125.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба қазои ҳоҷат баромаданд ва ба ман амр карданд, ки се адад санг барояшон ҳозир созам. Ду дона санг ёфтам ва санги саввумиро пайдо карда натавонистам, (дар иваз) фузлаи ҳайвонеро гирифта овардам. (Паёмбари Худо (с) он ду сангро гирифта ва фузлаи ҳайвонро дур андохта ва фармуданд: "Ин наҷас аст."

## БОБИ 17. Як бор шустани аъзо дар вузӯ

**126.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вузӯ сохта ва аъзои вузӯро як бор-як бор шустанд.

## БОБИ 18. Ду бор шустани аъзо дар вузӯ

**127.** Аз Абдуллоҳ ибни Зайди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вузӯ сохтанд ва аъзои вузӯро ду бор-ду бор шустанд.

## БОБИ 19. Се бор шустани аъзо дар вузӯ

**128.** Ривоят аст, ки Усмон ибни Аффон (р) зарфи оберо хост ва дастҳои худро се бор шуст, баъд аз он дасти рости худро дар зарф дохил карда мазмаза ва истиншоқ намуд, баъд аз он рӯи худро се бор ва дастҳои худро то оринҷҳо се бор шуст.

Баъд аз он сарашро масҳ кард ва пойҳояшро то буҷулак се бор шуст ва гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки монанди ҳамин вузӯи ман вузӯ бисозад ва ду ракаат намоз, ки дар он бо худ сухан нагӯяд, адо намояд, гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад."

**129.** Дар ривояти дигаре аз Усмон ибни Аффон (р) омадааст, ки гуфт: Оё мехоҳед ҳадисеро аз Паёмбари Худо (с) барои шумо бигӯям? Ва агар тарси яке аз оёти Қуръон намебуд, он ҳадисро баён намекардам.

Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе нест, ки вузӯ бисозад ва он вузӯро ба таври шоиста анҷом дода ва намози (фарз)-ро адо намояд, магар он, ки гуноҳони байни ин намоз ва намозе, ки баъд аз ин меояд, барояш бахшида мешавад. (Урва) мегӯяд: Он оят ин қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: **«Касоне, ки оёти равшан ва ҳидояткунандаро, ки мо дар китоб барои мардум фиристодаем, мепӯшонанд, мавриди лаънати Худо ва лаънати ҳар лаънаткунандае воқеъ мешаванд».** *(Бақара: 159)*

## БОБИ 20. Истиншоқ дар вузӯ

**130.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки вузӯ месозад, обро дар биниаш намуда ва онро хуб пок намояд ва касе, ки ба санг истинҷо мекунад, ба адади тоқ (як, се, панҷ) истинҷо бикунад."

## БОБИ 21. Истинҷо кардан ба санг, ба адади тоқ

**131.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки аз шумо вузӯ месозад, обро дар биниаш карда ва онро хуб бишӯяд ва касе, ки ба санг истинҷо мекунад, ба адади тоқ истинҷо кунад ва касе, ки аз хоб бедор мешавад, дасти худро пеш аз он, ки дар зарфи оби вузӯ дохил мекунад, бишӯяд, зеро намедонад, ки шаб дасташро дар куҷо гузошта буд?"

## БОБИ 22. Бар болои кафш набояд масҳ кард

**132.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе ба вай гуфт: Туро дидам, ки ба ғайр аз ду рукни ямонӣ (яъне рукни ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвад) дигар аркони (Каъбаи мушаррафа)-ро истилом намекунӣ ва мебинам, ки кафшҳои чармӣ мепӯшӣ ва либосҳои худро ба заъфарон ранг медиҳӣ ва вақте, ки дар Макка ҳастӣ, мардум дар аввали моҳи Зулҳиҷҷа эҳром мебананд, вале ту рӯзи ҳаштумми Зулҳиҷҷа эҳром мебандӣ. Ибни Умар (р) дар ҷавоб гуфт: Дар мавзӯи истиломи аркони Каъбаи мушаррафа Паёмбари Худо (с)-ро надидам, ки ҷуз ҳамин ду рукн рукни дигареро истилом намоянд ва роҷеъ ба кафшҳои чармӣ, худам Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки кафшҳое мепӯшиданд, ки дар он мӯе набуд ва бо онҳо вузӯ месохтанд ва (аз ин ҷиҳат аст) дӯст дорам, ки чунин кафшҳоеро бипӯшам. Ва роҷеъ ба ранг кардани либосҳо, ман худам Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки либосҳои худро (бо заъфарон) ранг мекарданд, (аз ин ҷиҳат) дӯст дорам либосҳои худро бо заъфарон ранг бикунам. Дар мавзӯъи эҳром бастан, ман Паёмбари Худо (с)-ро надидам, ки пеш аз он, ки роҳилаашон ба тарафи ҳаҷ ҳаракат мекард, эҳром баста бошанд.

## БОБИ 23. Дар вузӯ ва ғусл бояд аз тарафи рост шурӯъ намуд

**133.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дӯст доштанд, ки дар ҳамаи чиз аз тарафи рост шурӯъ намоянд, дар пӯшидани кафш, дар шона задани сар, дар вузӯ сохтан ва дар ҳамаи умури зиндагияшон.

## БОБИ 24. Ҳангоми фаро расидани вақти намоз бояд оберо барои вузӯ ҷустуҷӯ намуд

**134.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро ҳангоми наздик шудани намози аср дидам. Мардум дар ин вақт ба ҷустуҷӯи оби вузӯ баромаданд, вале обро пайдо карда натавонистанд, то билохира оберо пайдо карда оварданд. Паёмбари Худо (с) дасти худро дар он об ниҳода ва ба мардум амр фармуданд, то аз он об вузӯ бисозанд. Анас (р) мегӯяд: Худам мушоҳида намудам, аз сари ангуштони Паёмбари Худо (с) об фаввора мезад ва ҳамаи мардум то охирин нафар аз он об вузӯ сохтанд.

## БОБИ 25. Ҳукми обе, ки мӯйи инсон ба он шуста шавад

**135.** Ва аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки чун Паёмбари Худо (с) сари худро тарошиданд, (Абӯталҳа) аввалин касе буд, ки аз мӯйи Паёмбари Худо (с) барои худ гирифт.

## БОБИ 26. Ҳукми пасхӯрдаи саг

**136.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар саг аз зарфи кадом яке аз шумоён нӯшид, бояд он (зарф)-ро ҳафт бор бишӯед."

**137.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) сагҳо дар масҷид бавл намуда ва рафту омад мекарданд, рӯйи ҳеҷ чизе аз инҳо об намерехтанд.

## БОБИ 27. Касе, ки вузӯро ба ҷуз аз хориҷ шудани чизе аз сабилайн лозим намедонад

**138.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шахсе, ки дар масҷид барои интизори намоз менишинад, дар ҳолати намоз хондан ҳисобида мешавад, магар он, ки бевузӯ гардад."

**139.** Аз Зайд ибни Холид (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Усмон ибни Аффон (р) пурсидам, ки назари ту дар бораи шахсе, ки ҷимоъ кунад ва инзол нашавад, чист? Усмон (р) гуфт: Монанди ин, ки барои намоз вузӯ месозад, вузӯ бисозад ва олаташро бишӯяд.

Усмон (р) гуфт: Ин чизро аз Паёмбари Худо (с) шунидаам. Зайд мегӯяд: Аз ин масъала аз Алӣ, Зубайр, Талҳа ва Убай ибни Каъб (р) низ пурсидам, онҳо маро ба ҳамин чиз амр карданд *(Ҳукми ин ҳадис мансух аст)*.

**140.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) касеро ба талаби шахсе аз ансор фиристоданд, чун он шахс ҳозир шуд, об аз мӯйҳояш мечакид. Паёмбари Худо (с) бароящ гуфтанд: "Шояд

сабаби аҷала (аз муҷомиат бо ҳамсарат) шудем?” Гуфт: Бале. Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Агар чунин аҷала рух дод ва ё инзол нашудӣ, бар ту фақат вузӯ лозим аст” *(Ҳукми ин ҳадис монанди ҳадиси гузашта мансух аст).*

## БОБИ 28. Шахсе, ки дигареро вузӯ медиҳад

**141.** Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре бо Паёмбари Худо (с) будам. Эшон ба қазои ҳоҷат рафтанд (ва ҳангоми вузӯ сохтан) Муғира об мерехт ва эшон вузӯ месохтанд, рӯй ва дастҳои худро шустанд ва бар сар ва мӯзаҳои худ масҳ карданд.

## БОБИ 29. Хондани Қуръон баъд аз бевузӯӣ ва ғайри он

**142.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки шабе назди уммулмӯъминин Маймуна, ки холааш буд, хобид. (Ибни Аббос мегӯяд) Ман дар паҳнои болишт ва Паёмбари Худо (с) бо ҳамсарашон дар дарозии болишт хобиданд. Ними шаб чизе беш ва ё кам буд, ки Паёмбари Худо (с) аз хоб бедор шуданд ва дастҳои худро ба рӯи худ мекашиданд, то хоб аз чашмашон биравад.

Сипас даҳ ояти охири сураи «Оли Имрон»-ро тиловат намуданд ва баъд аз он аз машки кӯҳнае, ки дар он ҷо овезон буд, вузӯи комил намуданд, баъд аз он ба намоз бархостанд. (Ибни Аббос (р) мегӯяд): Ман ҳам чунин намудам ва дар паҳлӯи Паёмбари Худо (с) барои намоз истодам, он ҳазрат (с) дасти худро ба сарам кашида ва гӯши рости маро гирифта ва тобиданд.

Баъд аз он даҳ ракаат намоз, ду ракаатӣ ва баъд аз он витрро хонда ва ба паҳлӯ хобиданд, то ин, ки муаззин наздашон омад, боз бархоста ду ракаат намози дигар хонданд ва баъд аз он берун шуданд ва намози субҳро адо намуданд (қисматҳое аз ин ҳадис қаблан гузашт, вале дар ҳар қисми он чизҳое аст, ки дар қисмати дигари он нест).

## БОБИ 30. Масҳ кардани тамоми сар

**143.** Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) ривоят аст, ки шахсе ба ӯ гуфт: Оё метавонӣ ба ман нишон диҳӣ, ки Паёмбари Худо (с) чӣ гуна вузӯ месохтанд? Гуфт: Бале. Обе хост ва дастҳои худро ду бор шуст, баъд аз он се бор мазмаза ва истиншоқ намуд. Сипас рӯйи худро се мартаба ва дастҳои худро то оринҷ ду мартаба шуст, баъд аз он сари худро ба ду даст, тавре, ки онҳоро ба ақиби сар ва пеши рӯйи худ овард, масҳ намуд, яъне дастҳоро аз пеши рӯйи сар ба ақиби сар бурд ва боз ба сӯйи пеши рӯйи сар то ҷое, ки аз он ҷо шурӯъ карда буд, пас овард, баъд аз он пойҳои худро шуст.

## БОБИ 31. Ҳукми обе, ки аз вузӯ зиёд меояд

**144.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар сафар ҳангоми гармии нимрӯз назди мо омаданд ва барояшон обе барои вузӯ таҳия гардид, Паёмбари Худо (с) аз он об вузӯ сохтанд.

Мардум аз обе, ки аз вузӯяшон зиёд омада буд, гирифта ва ба баданҳои худ мемолиданд. Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки пеши рӯйи худ найзаеро насб карда буданд, намози пешинро ду ракаат ва намози асрро ду ракаат адо намуданд.

**145.** Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: Маро холаам назди Паёмбари Худо (с) бурд ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, хоҳарзодаам бемор аст: Он ҳазрат (с) дасташонро бар сарам кашиданд ва дар ҳаки ман дуо карданд, баъд аз он вузӯ сохтанд ва ман аз оби вузӯяшон нӯшидам, баъд аз он акиби сарашон рафта ва ба хотами нубувват, ки байни ду шонаашон ба шакли тухми кабке буд, назар андохтам.

## БОБИ 32. Вузӯ сохтани мард бо ҳамроҳии зан

**146.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) мардҳо ва занҳо бо ҳам вузӯ месохтанд.

## БОБИ 33. Паёмбари Худо (с) оби вузӯи худро бар болои шахсе, ки беҳуш шуда буд, рехтанд

**147.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба аёдатам омаданд ва ман онҷунон бемор шудам, ки беҳуш гардида будам. (Он ҳазрат (с) вузӯ сохта ва аз оби вузӯи худ болоям рехтанд ва ман ба ҳуш омадам. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, мероси ман аз кист, чун ман падар ва ё фарзанд меросбаре надорам? Ва ояи мерос нозил гардид.

## БОБИ 34. Ғусл ва вузӯ аз ташт

**148.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақти намоз дохил шуд, касоне, ки хонаашон наздик буд, (барои вузӯ сохтан) ба хонаҳои худ рафтанд ва дигарон ҳамон ҷо монданд.

Барои Паёмбари Худо (с) зарфи кӯчаки сангиеро, ки дар он об буд, оварданд ва ин зарф он қадар кӯчак буд, ки дасти Паёмбари Худо (с) дар он дохил шуда натавонист.

Бо вуҷуди ин ҳамагӣ аз он вузӯ сохтанд. Гуфтам: Касоне, ки аз он об вузӯ сохтед, чанд нафар будед? Гуфт: Беш аз ҳаштод нафар (ва ин мӯъҷизаи дигаре аз мӯъҷизоти он ҳазрат (с) мебошад).

**149.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) қадаҳеро, ки дар он обе буд, талаб намуданд ва дасту рӯйи худро дар он шуста ва оби даҳани худро дар он андохтанд.

**150.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки Паёмбари Худо (с) бемор гардида ва дард бар эшон ғалаба ёфт, аз ҳамсарони хеш иҷоза хостанд, то айёми бемории худро дар хонаи ман бошанд ва онҳо ҳам барояшон иҷоза доданд.

Паёмбари Худо (с) дар васати ду нафар байни Аббос ва шахси дигаре, дар ҳоле, ки пойҳояшон ба замин кашида мешуд, барои намоз хориҷ гардиданд. Ва Оиша (р) қисса мекунад, ки Паёмбари Худо (с) баъд аз ин, ки ба хонаам омаданд ва дардашон шадид гардид, фармуданд: "Аз ҳафт машке, ки даҳанбандҳояшон боз нашуда бошад, бар болои ман об бирезед, шояд битавонам барои мардум васият намоям."

Ва дар таште, ки аз Ҳафса, ҳамсари Паёмбари Худо (с) буд, ӯро шинонданд ва ба рехтани об аз он машкҳо бар болояшон шурӯъ намудем, то ин, ки ба тарафи мо ишора намуда фармуданд: "Кори матлубро анҷом додед." Сипас назди мардум рафтанд.

**151.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) зарфи оберо талаб намуданд ва барояшон қадаҳи даҳонҳамворе, ки дар он андаке об буд, оварданд, эшон ангуштони худро дар он ниҳоданд. Анас (р) мегӯяд: Касонеро, ки аз он қадаҳ вузӯ сохтанд, тахмин намудам, байни ҳафтод то ҳаштод нафар буданд.

## БОБИ 35. Вузӯ сохтан аз як ратл об

**152.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба як соъ об (ва гоҳе) то панҷ мад (об) ғусл мекарданд ва аз миқдори як мад об вузӯ месохтанд (Як соъ баробари чор мад ва ҳар мад баробари 910 грамм аст).

## БОБИ 36. Масҳ кардан бар мӯза

**153.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бар болои мӯзаҳои худ масҳ намуданд. Абдуллоҳ ибни Умар аз Умар (р) аз ин мавзӯъ пурсид, Умар (р) гуфт: Бале, чунин будааст. Агар Саъд чизе бароят аз Паёмбари Худо (с) ривоят кард, аз дигаре дар бораи он ҳадис мапурс.

**154.** Ривоят аст, ки Амр ибни Умаяи Замрӣ (р) Паёмбари Худо (с)-ро дидааст, ки бар мӯзаҳои худ масҳ мекарданд.

**155.** Ва аз Умар ибни Умаяи Замрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бар аммома ва мӯзаҳои худ масҳ мекарданд.

## БОБИ 37. Пӯшидани мӯза бояд дар ҳоли таҳорат бошад

**156.** Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре бо Паёмбари Худо (с) будам. Хостам мӯзаҳояшонро аз пояшон барорам,

фармуданд: "Мӯзаҳоямро набарор, ман пойҳоямро дар ҳоли таҳорат дар мӯзаҳо дохил намуда будам."

## БОБИ 38. Касе, ки аз хӯрдани гӯшти гӯсфанд ва талқон вузӯ насохтааст

**157.** Аз Амр ибни Умайя (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидааст, ки аз шонаи гӯсфанде гӯштеро мебуриданд (ва мехӯрданд). Ба намоз даъват шуданд, кордро андохта ва бидуни он, ки вузӯ бисозанд, намозро адо намуданд.

## БОБИ 39. Касе, ки аз хӯрдани талқон даҳани худро шуста ва вузӯ насохтааст

**158.** Аз Сувайд ибни Нӯъмон (р) ривоят аст, ки ӯ бо Паёмбари Худо (с) дар соли Хайбар аз Мадина хориҷ гардида, то ба Саҳбо, ки минтақае дар сарҳади Хайбар аст, расиданд. Намози асрро Хонда, аз мардум хостанд, то тӯшаеро, ки бо худ доранд, ҳозир намоянд. Ба ҷуз талқон чизи дигаре наёварданд (талқон гандуме аст, ки нимкӯбида).

Амр намуданд, то он талқонро ба об тар намоянд. Паёмбари Худо (с) ва моён аз он хӯрдем, баъд аз он барои адои намози шом бархостем, мо ва эшон мазмаза намудем, баъд аз он барои адои намози шом бархостем, Паёмбари Худо (с) мазмаза намуданд ва мо низ мазмаза намудем, баъд аз он Паёмбари Худо (с) намозро хонда ва вузӯ насохтанд.

**159.** Аз Маймуна (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар наздаш шонаи (гӯсфанде)-ро тановул намуданд, баъд аз он намоз хонда ва вузӯ насохтанд.

## БОБИ 40. Оё аз нӯшидани шир бояд мазмаза кард?

**160.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) миқдори ширеро нӯшиданд, баъд аз он мазмаза намуда ва фармуданд: "Шир чарбӣ дорад."

## БОБИ 41. Вузӯ ба сабаби хоб шудан

**161.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар ҳолати намоз хобаш омад, (намозро гузошта), истироҳат намуда ва бихобад, зеро касе, ки дар ҳолати хоболудагӣ намоз мехонад, чизе надониста ва шояд ба ивази истиғфор худро дашном бидиҳад."

**162.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки дар вақти намоз хондан хобаш омад, (намозро гузошта) бихобад, то он, ки бидонад, ки чӣ мехонад."

## БОБИ 42. Вузӯ сохтан бидуни бевузӯ будан

**163.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои ҳар намозе (аз ҷиҳати истеҳбоб), яъне бо вуҷуди он, ки вузӯ доштанд, вузӯ месохтанд, дар ҳоле, ки барои моён то вақте, ки бевузӯ намешудем, намоз хондан раво буд.

## БОБИ 43. Парҳез накардан аз бавл аз гуноҳони кабира аст

**164.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба бӯстоне аз бӯстонҳои Мадинаи мунаввара ё Маккаи мукаррама гузаштанд, овози ду шахсеро, ки дар қабрҳои худ таъзиб мешуданд, шуниданд ва фармуданд: "Ин ду шахс азоб дода мешаванд ва сабаби таъзибашон кори бузурге нест." Баъд аз он фармуданд: "Яке аз инҳо аз бавл парҳез накарда ва дигаре суханчинӣ мекардааст".

Баъд аз он шохаи хурмои тозаро талабида ва онро ду қисм намуданд ва ҳар қисмати онро ба сари яке аз он ду қабр гузоштанд. Касе гуфт: Ё Расулаллоҳ, чаро чунин кардед? Фармуданд: "То вақте, ки ин ду шоха хушк нашудааст, аз азобашон сабук карда мешавад."

## БОБИ 44. Он чӣ, ки дар шустани бавл омадааст

**165.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки ба қазои ҳоҷат берун мешуданд, барояшон обе ҳозир мекардам ва ба он истинҷо мекарданд.

## БОБИ 45. Иҷоза додани Паёмбари Худо (с) ва мардум ба бавл намудани шахси бодиянишин дар масҷид

**166.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси бодиянишине бархост ва дар масҷид бавл намуд, мардум ӯро сарзаниш намуданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чизе нагӯед, сатили обе ва ё миқдори обе оварда ва болои бавлҳояш бирезед, вазифаи шумо осонгирӣ аст, на сахтгирӣ."

## БОБИ 46. Бавли атфол

**167.** Аз Умми Қайс бинти Миҳсан (р) ривоят аст, ки вай тифли хурдсолашро, ки ҳанӯз нонхӯра нашуда буд, назди Паёмбари Худо (с) овард. Эшон ӯро дар оғӯши худ нишонданд, тифл болои либосҳои Паёмбари Худо (с) бавл намуд, он ҳазрат (с) оберо талаб намуданд, он обро рӯи либосҳои худ пошида ва онро нашустанд.

## БОБИ 47. Бавл намудан дар ҳолати истода ва нишаста

**168.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар мазбалаи (ахлотҷой) мардуме дохил гардида ва истода бавл намуданд, баъд аз он обе талаб намуданд, обро ҳозир сохтам ва эшон ба он об вузӯ сохтанд.

## БОБИ 48. Бавл намудан дар назди рафиқи худ ва паноҳ гирифтан ба девор

**169.** Дар ривояти дигаре аз Ҳузайфа (р) дар идомаи ҳадиси гузашта гуфт: Баъд аз он аз эшон дур шудам ва эшон ба ман ишора намуданд ва ман омада, ақиби сарашон қарор гирифтам, то он, ки фориғ шуданд (вазифаи Ҳузайфа (р) посбонии он ҳазрат (с) буд).

## БОБИ 49. Шустани хун

**170.** Аз Асмоъа (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане назди паёмбари Худо омада гуфт: Агар касе аз моён болои либосаш ҳайз шавад, чӣ бояд бикунад? Фармуданд: "Онро бихарошад, баъд аз он онро дар об ба ҳам молад ва обро бар он бипошад (яъне онро об кашад) ва дар он намоз бихонад.

**171.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Фотима бинти Абӯҳубайш назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, ман зане ҳастам, одати моҳонаам қатъ намегардад, оё намозро тарк намоям? Паёмбари Худо (с) фармуданд: На, ин таровиши рагҳо аст ва одати моҳона нест, дар ҳангоми ибтило ба одати моҳонагӣ намозро тарк кун ва баъд аз он хунро аз худ шуста ва намозро адо кун. Ва фармуданд: "Баъд аз он барои ҳар намозе вузӯ бисоз, то он, ки дубора вақти одати моҳонагиат фаро расад."

## БОБИ 50. Шустани (манӣ) ва харошидани он

**172.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Асари ҷанобатро аз либосҳои Паёмбари Худо (с) мешустам ва эшон барои намоз хондан аз хона берун мешуданд ва асари об ҳанӯз дар либосашон ошкор буд.

## БОБИ 51. Ҳукми бавли шутур, гӯсфанд ва чорпоёни дигар

**173.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуме аз қабилаи Ъукал ё Ъурайна ба Мадинаи мунаввара омаданд. Обу ҳавои Мадина барояшон созгор наомад. Паёмбари Худо (с) эшонро амр фармуданд, то ба чарогоҳи шутурҳо рафта, аз бавл ва шири онҳо бинӯшанд. Онҳо

он ҷо рафтанд ва чун сиҳат ёфтанд, чӯпонони Паёмбари Худо (с)-ро кушта ва ҳайвонотеро, ки он ҷо буд, дуздида бо худ бурданд.

Ин хабар дар ибтидои ҳамон рӯз ба Мадина расид, Паёмбари Худо (с) ашхосеро ба таъқибашон фиристоданд. Ҳангоме, ки офтоб баланд шуда буд, онҳоро оварданд ва бо амри Паёмбари Худо (с) дасту пояшонро қатъ намуданд, сипас ба чашмҳояшон мили оташин кашида ва онҳоро ба офтоб андохтанд, ҳар қадар талаби об мекарданд, ба онҳо об намедоданд.

**174.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) пеш аз он, ки масҷид бино шавад, дар хобгоҳи гӯсфандон намоз мехонданд.

## БОБИ 52. Афтодани наҷосат дар равған ва ё об

**175.** Аз Маймуна (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе аз Паёмбари Худо (с) аз ҳукми муше, ки дар равғани [яхкарда] меафтод, пурсид. Гуфт: "Муш ва равғани атрофи мушро гирифта, дур бияндозед ва равғани худро бихӯред."

**176.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар захм ва ҷароҳатеро, ки шахси мусалмон дар роҳи Худо бармедорад, (дар қиёмат) ба ҳамон шакли худ дар ҳолати хунрезӣ боқӣ мемонад, рангаш ранги хун ва бӯяш бӯйи мушк аст."

## БОБИ 53. Бавл кардан дар оби истода

**177.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар оби истода, ки мехоҳед дар он ғусл намоед, бавл накунед."

## БОБИ 54. Агар ба болои шахси намозгузор наҷосате андохта шавад, намозаш фосид намегардад

**178.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар канори Каъба намоз мехонданд. Абӯҷаҳл ва ёронаш он ҷо нишаста буданд, бо худ гуфтанд: Касе ҳаст, ки рафта ва дунболаи (баччадони) уштури фалониро оварда ва ҳангоме, ки Муҳаммад ба саҷда рафт, бар болои камараш бигузорад?

Бадтарин ва шариртарини онҳо Уқба ибни Абӯмуъайт рафт ва он чизро оварда ва ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба саҷда рафтанд, онро байни шонаҳои он ҳазрат (с) гузошт. Ибни Масъуд (р) гӯяд: Ман ин моҷароро медидам ва коре карда наметавонистам ва агар пуштибоне медоштам, аз ин кор ҷилавгирӣ менамудам. Ва гуфт: Ёрони Абӯҷаҳл қаҳқаҳа механдиданд ва ҳар кадом барои истеҳзо ин амалро ба дигаре нисбат медод. Ва Паёмбари Худо (с) ҳамон тавр дар ҳолати саҷда буданд ва сари худро боло намекарданд, то ин, ки Фотима (р) омада ва

онро аз болои шонаҳои Паёмбари Худо (с) дур кард. Паёмбари Худо (с) сари худро аз саҷда баланд намуда ва гуфтанд "Худоё, ба ҳисоби куффори Қурайш бирас." Ва ин гуфтаи худро се бор такрор намуданд, (Абӯҷаҳл ва ёронаш) аз ин нафрин тарсида, ба худ омаданд, зеро медонистанд, ки дуо дар (шаҳри Макка) иҷобат мегардад.

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) онҳоро бо номҳояшон дуо намуданд: "Худоё, ҳалоки Абӯҷаҳл, ҳалоки Утба ибни Рабиа ва Шайба ибни Рабиа ва Валид ибни Утба ва Умайя ибни Халаф ва Уқба ибни Абӯмуъайт бар ту аст." Ҳафтуминро ҳам ном бурданд, вале ровӣ онро фаромӯш кардааст. Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд: Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳамин ашхосеро, ки Паёмбари Худо (с) ном бурданд, дидам, ки дар гудоли (чоҳи) Бадр сарнагун шуданд.

## БОБИ 55. Ҳукми оби даҳан ва оби бинӣ бар рӯи либос

**179.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) оби даҳани худро ба либоси худ пок мекарданд.

## БОБИ 56. Зане, ки хунро аз рӯи падараш шуст

**180.** Ривоят аст, ки мардум аз Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) пурсиданд: ҷароҳати Паёмбари Худо (с) чӣ гуна дармон гардид? Ӯ гуфт: Касе, ки аз ин воқеа аз ман беҳтар хабар дошта бошад, боқӣ намондааст. Алӣ дар сипари худ об овард ва Фотима хунро аз рӯйи он ҳазрат (с) мешуст ва бӯрёеро сӯзонида, ҷароҳати Паёмбари Худо (с)-ро аз он пур карданд.

## БОБИ 57. Мисвок

**181.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва дидам, ки ба мисвоке, ки дар даст доранд, мисвок мезананд ва дар ҳоле, ки мисвок ба даҳонашон буд, ба шакле, ки бихоҳанд, истифроғ намоянд, (уъ-уъ) мекарданд.

**182.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) шаб (барои намоз хондан) бармехостанд, даҳони худро мисвок мезаданд.

## БОБИ 58. Додани мисвок ба шахси бузургтар

**183.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар хоб дидам, ки ба мисвоке даҳони худро мисвок мезанам, ду нафар наздам омада, яке аз дигаре бузургтар буд, мисвокро ба он, ки хурдтар буд, додам, бароям гуфта шуд (гӯянда Ҷабраил (ъ) буд), ки барои он, ки бузургтар аст, бидеҳ, ман ҳам онро барои шахси бузургтар додам.

## БОБИ 59. Фазилати хоб шудан бо вузӯ

**184.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳангоме, ки ба бистари хобат меравӣ, монанд вузӯи намоз вузӯ бисоз, баъд аз он ба тарафи ростат хобида ва бигӯ: *«(Аллоҳумма асламту ваҷҳи илайка ва фаввазту амрӣ илайка ва алҷаъту заҳрӣ илайка рағбатан ва раҳбатан илайка, ло малҷаъа ва ло манҷаъа минка, илло илайка. Аллоҳумма оманту бикитобика-л-лазӣ анзалта ва набийика-л-лази арсалта)»*. Агар дар ин шаб бимирӣ, монанди он аст, ки дар аввалин шаби вилодати худ мурда бошӣ ва ин дуоро охирин каломи худ бигардон." Бароъ ибни Ъозиб (р) мегӯяд: Ман ин дуоро назди Паёмбари Худо (с) такрор намудам ва чун ба ин ҷумла расидам ки: *Аллоҳумма оманту бикитобика-л-лазӣ анзалта*, гуфтам: *ва расулака-л-лазӣ арсалта*. Фармуданд: "На! Бояд бигӯӣ, ки: *ва набийика-л-лазӣ арсалта."*

# -5-
# КИТОБИ ҒУСЛ

## БОБИ 1. Вузӯ пеш аз ғусл

**185.** Аз Оиша (р), ҳамсари Паёмбари Худо ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) чун аз ҷанобат ғусл мекарданд, аввал дастҳои худро мешустанд, баъд аз он монанде, ки барои намоз вузӯ месозанд, вузӯ месохтанд, баъд аз он ангуштони худро дар об ғӯта дода ва бехи мӯйҳои худро хилол мекарданд, баъд аз он бо даст се бор ба сари худ об мерехтанд ва сипас ҳамаи бадани худро мешустанд.

**186.** Аз Маймуна (р), ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) монанди вузӯи намоз вузӯ сохтанд, вале пойҳои худро нашустанд ва аврати худро шуста, пок намуданд, баъд аз он бар бадани худ об рехта ва шустанд ва дар ахир пойҳои худро ҳам шустанд. Ғусл намуданашон аз ҷанобат ба ин сурат буд.

## БОБИ 2. Ғусл намудани зан бо ҳамроҳии мард

**187.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман ва Паёмбари Худо (с) аз зарфе, ки ба номи фарақ ёд мешуд, бо ҳам ғусл мекардем.

## БОБИ 3. Ғусл намудан бо соъ ва амсоли он

**188.** Ривоят аст, ки шахсе аз Оиша (р) аз кайфияти ғусли Паёмбари Худо (с) пурсид (пурсанда бародари разоъии Оиша (р) буд. Оиша (р) зарфи соъмонандеро (паймона) хост ва дар ҳоле, ки байни ӯ ва байни шахси суолкунанда ҳиҷобе буд, ғусл намуд ва аз он соъ бар сари худ об мерехт.

**189.** Ривоят аст, ки шахсе аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) аз кайфияти ғусл пурсид. Дар ҷавоб гуфт: Як соъ (як соъ баробари 3.640 литр аст) бароят кифоят мекунад. Шахси дигаре гуфт: Барои ман кифоят намекунад. Ҷобир гуфт: барои касе, ки мӯйҳояш аз мӯйҳоят бештар ва худаш аз ту беҳтар буд, кифоят мекард (мақсадаш Паёмбари Худо (с) буд). Баъд аз он Ҷобир дар ҳоле, ки як ҷома ба тан дошт, барои онҳо имоматӣ кард.

## БОБИ 4. Касе, ки се бор ба сараш об рехт

**190.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вале ман ба сари худ се бор об мерезам" ва ба ҳарду дасти худ ишора ба рехтани об намуданд.

## БОБИ 5. Касе, ки пеш аз ғусл намудан зарфи об ва хушбӯиро омода мекард

**191.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) аз ҷанобат ғусл мекарданд, зарфи (ҳилоб) монандеро (зарфи говдӯшӣ) хоста ва онро ба дасти худ мегирифтанд, аввал ба тарафи рост ва баъд аз он ба тарафи чап ва сипас бар сари худ об мерехтанд.

## БОБИ 6. Такрори ҳамбистарӣ

**192.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро атр мезадам ва эшон бо ҳамсарони худ ҳамбистар мешуданд ва субҳ дар ҳоле, ки эҳром доштанд, аз эшон бӯи атр ба машом мерасид.

**193.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар қисмате аз рӯз ва ё қисмате аз шаб бо ҳамаи ҳамсарони худ ҳамбистар мешуданд ва дорои (ёздаҳ) ва дар ривояте (нӯҳ) ҳамсар буданд. Касе аз Анас (р) пурсид: Оё ин қадар қудрат доштанд? Гуфт: Мо бо якдигари худ ин тавр сӯҳбат мекардем, ки Паёмбари Худо (с) тавонони сӣ мардро доранд.

## БОБИ 7. Касе, ки баъди истеъмоли хушбӯй ғусл намуд

**194.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Гӯё ҳамин ҳоло ба дурахшиши атре, ки бар сари Паёмбари Худо (с) истеъмол шуда буд, нигоҳ мекунам ва ин дар ҳоле буд, ки эшон муҳрим буданд.

## БОБИ 8. Хилол кардани мӯйи сар ҳангоми ғусл кардан

**195.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки аз ҷанобат ғусл мекарданд, дастҳои худро шуста, монанди вузӯи намоз вузӯ месохтанд, баъд аз он ғусл менамуданд ва ба дасти худ мӯйҳои худро хилол менамуданд ва чун яқинашон ҳосил мешуд, ки об ба зери мӯйҳо хуб расидааст, се бор ба сари худ об мерехтанд ва баъд аз он боқимондаи ҷисми худро мешустанд.

## БОБИ 9. Агар дар масҷид ба ёдаш омад, ки ҷунуб аст, бояд ҳамон тавр хориҷ гардида ва таяммум накунад

**196.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Намоз барпо гардид ва сафҳо баробар шуд, Паёмбари Худо (с) омаданд ва чун дар ҷойнамози

худ қарор гирифтанд, ба ёдашон омад, ки ҷунуб ҳастанд, ба мо гуфтанд, ки "Шумо дар ҷойи худ қарор биистед," худи эшон баргашта, ғусл намуданд ва дар ҳоле, ки аз мӯйҳояшон об мечакид, омада такбир гуфтанд ва ҳамроҳашон намоз хондем.

## БОБИ 10. Касе, ки дар ҳолати танҳоӣ бараҳна ғусл намуд

**197.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Қавми бани Исроил бараҳна ғусл намуда, якдигарро медиданд, вале Мӯсо (ъ) танҳо ғусл мекард, бани Исроил гуфтанд, ки Мӯсо бо мо ғусл намекунад, сабабаш ин аст, ки мояҳои ӯ варам кардаанд (чура аст). Бори дигар Мӯсо барои ғусл намудан рафт ва либосҳояшро рӯи санге гузошт.

Санг аз наздаш гурехт, (ин яке аз мӯъҷизаҳои марбут ба паёмбар Мӯсо (ъ) аст). Мӯсо (ъ) аз ақибаш давида ва мегуфт: (Эй санг, либосам, эй санг, либосам), то ҷое расид, ки бани Исроил ба ҳамон ҳолат ӯро дида гуфтанд: Ба Худованд савганд аст, ки Мӯсо дард ва маразе надорад ва Мӯсо (ъ) либосҳояшро гирифт ва сангро зад." Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Ба Худованд қасам, ки асари шаш ё ҳафт зарба ҳанӯз бар он санг мавҷуд аст.

**198.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Рӯзе Аюб (ъ) бараҳна ғусл мекард, ки малахе аз тилло наздаш афтод ва Аюб (ъ) онро бардошта, дар ҷомааш меандохт, дар ин вақт Худованд барояш нидо кард ва гуфт: "Эй Аюб, оё ман туро аз ин чизҳо ғанӣ насохтаам?» Гуфт: Чаро на, ба иззатат қасам аст, ки ғанӣ сохтаӣ, вале маро аз алтоф ва баракоти ту бениёзӣ нест."

## БОБИ 11. Ҳангоми ғусл намудан бояд худро аз мардум ҳиҷоб намуд

**199.** Аз Умми Ҳониъ бинти Абӯтолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Соли фатҳи Макка назди Паёмбари Худо (с) рафтам. Дидам, ки ғусл мекунанд ва Фотима (р) эшонро ҳиҷоб мекард. Паёмбари Худо (с) пурсиданд: "Ин кист?" Гуфтам: Ман Умми Ҳониъ ҳастам.

## БОБИ 12. Ҳукми араки шахси ҷунуб ва ин, ки мӯъмин наҷис намешавад

**200.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ӯро дар яке аз роҳҳои Мадина дар ҳоле, ки ҷунуб буд, мулоқот намуданд. Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Худро аз назари Паёмбари Худо (с) пинҳон кардам, сипас рафта ғусл намуда омадам. Фармуданд: "Эй Абӯҳурайра, куҷо будӣ?" Гуфтам: Ҷунуб будам ва аз ин, ки дар ҳолати ҷанобат бо шумо биншинам, худдорӣ намудам. Фармуданд: "Субҳоналлоҳ, мӯъмин ҳаргиз наҷис намешавад."

## БОБИ 13. Шаб хобидан дар ҳолати ҷанобат баъд аз вузӯ сохтан

**201.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам, оё равост, ки дар ҳоли ҷанобат бихобем? Фармуданд: "Бале, агар касе аз шумо вузӯ сохта метавонад, дар ҳоли ҷанобат бихобад."

## БОБИ 14. Илтиқои хатонайн

**202.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Вақте, ки (шахс) байни поҳои зан нишаст ва бо ӯ даромехт, ғусл воҷиб мегардад."

# - 6 -
# КИТОБИ ҲАЙЗ

## БОБИ 1. Аҳкоми мутааллиқ ба занҳо дар ҳолати нифос ва одати моҳонагӣ

**203.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба сафар баромада будем ва нияте ҷуз ҳаҷ надоштем. Чун ба Сариф (минтақаест дар даҳ милии Макка) расидем, дучори одати моҳонагӣ гардидам. Паёмбари Худо (с) наздам омаданд ва ман гиря мекардам, фармуданд: "Туро чӣ шудааст, магар ба одати моҳона дучор шудаӣ?"

Гуфтам: Бале: Фармуданд: "Ин чизест, ки Худованд ҳамаи духтарони бани Одамро ба он мубтало сохтааст, ҳар кореро, ки ҳуҷҷоҷ мекунанд, ту ҳам анҷом бидеҳ, магар тавоф кардан ба хонаро." Оиша (р) гуфт: Ва Паёмбари Худо (с) аз тарафи ҳамсарони худ як говеро қурбонӣ намуданд.

## БОБИ 2. Шустан ва мураттаб намудани зани ҳоиз сари шавҳарашро

**204.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки дучори одати моҳонагӣ будам, сари Паёмбари Худо (с)-ро шона зада, мураттаб мекардам.

**205.** Ва дар ривояти дигаре дар идомаи ҳадиси гузашта омадааст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки дар масҷид буданд, сари худро ба Оиша (р) наздик намуданд ва дар ҳоле, ки Оиша (р) дохили хонааш буда ва ба одати моҳонагӣ гирифтор буд, сари Паёмбари Худо (с)-ро шона зада, мураттаб мекард.

## БОБИ 3. Хондани Қуръон дар паҳлӯи ҳамсари ҳоизи худ

**206.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки ба одати моҳонагӣ гирифтор будам, Паёмбари Худо (с) сари худро ба ман такя дода ва Қуръон мехонданд.

## БОБИ 4. Касе, ки ҳайзро нифос номид

**207.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки либоси абрешимине ба тан доштам, хобида будам, дучори одати моҳонагӣ гардидам, оҳиста дур шудам ва либосҳои одати

моҳонагии худро гирифтам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Магар ба одати моҳонагӣ дучор шудаӣ?" Гуфтам: Бале. Маро хостанд ва боз дар паҳлӯяшон зери қатифа (чодар) истироҳат намудам.

## БОБИ 5. Ҳамоғӯшӣ бо ҳоиз

**208.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман бо Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки ҳардуи мо ҷунуб будем, аз як зарф ғусл мекардем ва маро дар вақти одати моҳонагӣ амр мекарданд, ки изорамро бипӯшам, сипас бо ман ҳамбистар мешуданд ва дар ҳоле, ки муътакиф буданд, сари худро ба сӯям наздик мекарданд ва ман дар ҳоле, ки ба одати моҳонагӣ гирифтор будам, сари эшонро мешустам.

**209.** Ва дар ҳадиси дигаре аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки касе аз мо дучори одати моҳонагӣ мешуд ва Паёмбари Худо (с) мехостанд бо ӯ ҳамоғӯш шаванд, амр мекарданд, то изорашро дар ҷои хуруҷи ҳайз маҳкам намояд, сипас бо ӯ ҳамоғӯш мешуданд.

Ва Оиша (р) мегӯяд: Кадом як аз шумо метавонед ба монанди Паёмбари Худо (с) зимоми шаҳвати худро бигиред?

## БОБИ 6. Ҳоиз набояд рӯза бигирад

**210.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи иди Қурбон ё иди Фитр Паёмбари Худо (с) ба идгоҳ омаданд, назди занҳо рафта ва фармуданд: "Эй занҳо! Садақа бидиҳед, зеро ман дидам, ки бештарини аҳли дӯзах аз шумоён ҳастанд."

Гуфтанд: Чаро, ё Расулаллоҳ? Фармуданд: "Бисёр лаънат ва дашном медиҳед, некиҳои шавҳарро инкор менамоед ва ҳеҷ ноқисақл ва ноқис динеро, ки монанди шумо ақли шахси доно ва фаҳмидаро бирабояд, надидам."

Гуфтанд: Сababи нуқсони ақл ва дини мо чист? Фармуданд: "Оё шаҳодати зан баробари нисфи шаҳодати мард нест?" Гуфтанд: Бале, ҳаст. Фармуданд: "Ин аз нуқсони ақли вай. Ва оё дар ҳангоми одати моҳонагӣ намоз ва рӯзаро тарк намекунад?" Гуфтанд: Бале, тарк мекунад. Фармуданд: "Ин ҳам сababи нуқсони дини вай."

## БОБИ 7. Эътикоф нишастани зан дар ҳолати ҳайз

**211.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Яке аз ҳамсарони Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки дучори одати моҳонагӣ буда ва ҳанӯз хун медид, бо Паёмбари Худо (с) ба эътикоф нишаст ва шиддати хунрезиаш ба ҳадде буд, ки таштро (тағораро) зери пойи худ мегузошт.

## БОБИ 8. Истеъмоли хушбӯӣ барои зан баъд аз ғусли ҳайз

**212.** Аз Умми Атийя (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо занҳо аз ин, ки барои мурда беш аз се рӯз ба мотам бинишинем, наҳӣ мешудем, магар барои шавҳар, ки чаҳор моҳу даҳ рӯз ба мотам менишастем, на сурма ба чашм мекардем ва на хушбӯӣ истеъмол мекардем ва ба ҷуз аз либоси хашин либоси ранга ҳам намепӯшидем ва вақте, ки аз одати моҳона пок гардида ва ғусл мекардем, барои мо рухсат буд. ки аз хушбӯии Зифор (минтақаест дар Яман) истеъмол намоем ва ҳамчунин аз иштирок дар ҷаноза ҳам мамнӯъ будем.

## БОБИ 9. Молидани зан сар ва ҷасади худро баъд аз пок шудан аз ҳайз

**213.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане аз Паёмбари Худо (с) аз кайфияти ғусл ва покӣ аз одати моҳонаи худ пурсид. Фармуданд: "Порчаи атрогинеро гирифта ва худро ба он пок кун." Он зан гуфт: Бо ин порча чӣ гуна худро пок намоям? Фармуданд: "Ба он порча худро пок кун". Гуфт: Чӣ гуна? Фармуданд: "Субҳоналлоҳ, пок кун." Оиша (р) мегӯяд: Он занро ба тарафи худ кашида гуфтам: Ба он порча осори хунро пок кун.

## БОБИ 10. Шона задани сар ҳангоми ғусл намудан аз ҷанобат

**214.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷҷату-л-вадоъ эҳром бастам ва аз касоне будам, ки ҳадяро нафиристода ва нияти ҳаҷҷи таматтуъ карда будам. Ва Оиша (р) мегуфт, ки аз одати моҳонагии худ то шаби Арафот пок нашуда буд, лизо аз Паёмбари Худо (с) пурсид, ё Расулаллоҳ имшаб Арафот аст ва ман ҷиҳати таматтуъ нияти умра кардаам (чӣ бояд бикунам?).

Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд: "Гесӯҳоятро боз кун, саратро шона кун ва аз умра кардан худдорӣ намо." Оиша (р) мегӯяд: Мутобиқи ҳидояти Паёмбари Худо (с) амал намудам ва чун ҳаҷро анҷом додам, шабе, ки аз Мино ба тарафи Макка меомадем, дар минтақаи Муҳассаб ба бародарам Абдурраҳмон амр карданд, то маро аз Танъим ба ивази умрае, ки нияти онро карда будам, умра диҳад.

## БОБИ 11. Ҳангоми ғусл намудан аз ҳайз зан бояд мӯйҳояшро бикшояд

**215.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки мехоҳад умра намояд, метавонад барои адои умра ният намояд ва агар ман ҳадяро нафиристода будам, барои анҷоми умра эҳром мебастам."

Баъзе аз асҳоб нияти умра ва иддае ҳам нияти ҳаҷ карданд ва ҳадисро зикр карда ва дар мавзӯъи дучор шуданаш ба одати моҳонагӣ гуфт: Паёмбари Худо (с) бародарам Абдурраҳмонро ҳамроҳам ба Танъим фиристоданд, аз он ҷо барои умра эҳром бастам ва дар ҳеҷ кадом аз ин пешомадҳо бар ман ҳадяи рӯза ва садақа лозим нагардид.

## БОБИ 12. Қазои намоз бар ҳоиз лозим нест

**216.** Ривоят аст, ки зане аз Оиша (р) пурсид: Оё зан баъд аз пок шудан аз одати моҳонагӣ бояд намози худро қазо бидорад? Оиша (р) ба вай гуфт: Магар ту аз хавориҷ ҳастӣ? Мо дар замони Паёмбари Худо (с) ба одати моҳонагӣ гирифтор мешудем ва моро ба қазо доштани намоз амр намефармуданд. Ва ё гуфт: Мо намозро қазо намедоштем.

## БОБИ 13. Хоб шудан бо ҳоиз дар бистараш

**217.** Аз Умми Салама (р) дар ҳадисе, ки роҷеъ ба одати моҳонагиаш ривоят мекунад ва ин, ки ӯ дар ин ҳолат бо Паёмбари Худо (с) дар як қатифа хобидааст, мегӯяд, Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки рӯза доштанд, ӯро бӯсиданд.

## БОБИ 14. Ҳозир шудани занҳои ҳоиз ба намози ид

**218.** Аз Умми Атийя (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Занҳои навҷавон, духтарҳои бокира ё занҳои болиғи бокира ва занҳои ҳоиз берун шаванд ва ба корҳои нек ва дуои мусалмонон иштирок намоянд, вале занҳои ҳоиз аз омадан ба идгоҳ худдорӣ намоянд." Аз (Умми Атийя) пурсиданд: Занҳои ҳоиз? Гуфт: Магар занҳои ҳоиз ба Арафот ва фалон ва фалон ҷоҳо ҳозир намешаванд?

## БОБИ 15. Дидани зан зардоб ва тирагиро дар ғайри рӯзҳои ҳайз

**219.** Ва аз Умми Атийя (р) ривоят аст, ки гуфт: Моён зардоб ва тирагиро аз одати моҳонагӣ ҳисоб намекардем.

## БОБИ 16. Зане, ки баъд аз бозгашт аз тавофи ифоза ҳайз мешавад

**220.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ё Расулаллоҳ, (Сафия бинти Ҳуяй) ба одати моҳонагӣ гирифтор шудааст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шояд ӯ

монеъи рафтани мо шавад, оё ӯ бо шумо тавоф накардааст?" Гуфтанд: Тавоф кардааст. Фармуданд: «Пас барояш бигӯ, ки аз Макка хориҷ шавад».

## БОБИ 17. Намози (ҷаноза) бар зане, ки дар ҳолати нифос вафот ёфтааст

**221.** Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки зане аз асари вилодат мурд, Паёмбари Худо (с) дар васати ҷанозааш истоданд ва бар вай намоз хонданд.

## БОБИ 18.

**222.** Аз Маймуна (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки: вай дар одати моҳонагӣ буд ва намоз намехонд, вале дар канори ҷойе, ки Паёмбари Худо (с) намоз мехонданд, хобида буд ва эшон рӯйи ҷойнамози худ намоз мехонданд ва ҳангоми саҷда кардан гӯшаҳое аз либоси Паёмбари Худо (с) ба бадани Сафия (р) мерасид.

# -7-
# КИТОБИ ТАЯММУМ

## БОБИ 1. Пас агар обе наёфтед...

**223.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳои Паёмбари Худо (с) бо эшон ҳамсафар будем. Чун ба минтақаи Байдо ё минтақаи Зоту-л-Ҷайш расидем, гулӯбандам афтод ва гум шуд.

Паёмбари Худо (с) бо дигар ҳамроҳонашон барои ҷустуҷӯи гулӯбанд таваққуф намуданд ва дар ин маҳал об ҳам пайдо намешуд. Касоне назди Абӯбакр (р) омада гуфтанд: Хабар надорӣ, ки Оиша чӣ кардааст, сабаби таваққуфи Паёмбари Худо (с) ва дигарон гардидааст ва ин дар ҳолест, ки бо худ обе надоранд ва ин ҷо обе ҳам пайдо намешавад.

Абӯбакр (р) дар ҳоле, ки сари Паёмбари Худо (с) рӯи зонуям буд ва ба хоб рафта буданд, омад ва гуфт: Сабаби таваққуфи Паёмбари Худо (с) ва дигар мардум шудаӣ, дар ҳоле, ки ин ҷо на обе ҳаст ва на ҳам онҳо бо худ обе доранд. Оиша (р) мегӯяд: Абӯбакр маро маврици итоб қарор дод ва он чӣ, ки дилаш мехост, гуфт. Ва ба дасти худ ба паҳлӯям мезад ва аз ин, ки сари Паёмбари Худо (с) ба зонуям ниҳода буд, ҳаракате карда наметавонистам.

Чун Паёмбари Худо (с) субҳ аз хоб бедор шуданд, обе вуҷуд надошт ва Худованд ояи таяммумро нозил фармуд ва мардум таяммум карданд. Усайд ибни Ҳузайр (р) гуфт: Эй хонадони Абӯбакр, ин аввалин баракати шумо нест. Оиша мегӯяд: Чун шутуреро, ки ман бар ӯ савор будам, аз ҷояш ҳаракат додем, гулӯбандро аз зери пояш ёфтем.

**224.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бароям панҷ чиз дода шудааст, ки барои ҳеҷ касе пеш аз ман дода нашудааст-ин, ки аз масофати якмоҳа роҳ ба дили душманонам хавф ва руъб меафтад, ин, ки замин бароям масҷид ва васила таҳорат қарор дода шудааст, пас ҳар касе аз уммати ман, ки намозро дарёфт (ва оберо наёбад, таяммум кунад) ва намозро адо намояд ва ин, ки амволи ғанимат бароям ҳалол гардида ва барои ҳеҷ каси дигаре пеш аз ман ҳалол нагардида буд ва ин, ки бароям иҷозаи шафоат дода шудааст ва ин, ки пайғамбарони пеш аз ман хос барои қавми худ мабъус мешуданд ва ман барои ҳамаи мардумон мабъус гардидаам.

## БОБИ 2. Таяммум дар ҳоли муқим будан дар сурати набудани об ва хавфи фавти намоз

**225.** Аз Абӯҷуҳайм ибни Ҳориси Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз тарафи маҳаллаи Биъри Ҷамал меомаданд, ки шахсе эшонро дида, салом гуфт.

Паёмбари Худо (с) саломашро (алайк) надоданд, то ин, ки наздики девор омаданд ва аз он девор бар рӯй ва дастҳои худ масҳ намуданд (яъне, таяммум карданд) ва баъд аз он ҷавоби саломи он шахсро доданд.

## БОБИ 3. Оё ҷавоз дорад, ки шахси таяммумкунанда дар дастҳои худ пуф намояд

**226.** Аз Аммор ибни Ёсир (р) ривоят аст, ки ба Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: Оё ба ёдат ҳаст, ки ман ва ту дар сафаре бо ҳам будем ва ту намоз нахондӣ ва ман дар (хок) ғалт зада ва намози худро хондам.

Чун ин воқеаро барои Паёмбари Худо (с) гуфтем, фармуданд: "Агар чунин мекардӣ, бароят кофӣ буд." Ва Паёмбари Худо (с) ҳар ду кафи дасти худро бар замин заданд ва дар онҳо пуф карданд ва сипас рӯй ва дастҳои худро бо онҳо масҳ намуданд.

## БОБИ 4. Хоки пок барои мусалмон вузӯ буда ва ҷойи обро мегирад

**227.** Аз Имрон ибни Ҳусайни Хузоъӣ ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) будам. Ҳамаи шаб роҳ паймудем ва чун охири шаб шуд, дар ҷое ором гирифтем ва албатта барои мусофир ҳеҷ чизе ширинтар аз истироҳати охири шаб нест ва то офтоб бар мо натобид, аз хоб бедор нашудем ва аввалин касе, ки аз хоб бедор шуд, фалон кас буд.

Баъд аз вай фалон каси дигар ва баъд аз вай фалонӣ ва чаҳорумашон Умар ибни Хаттоб (р) буд. Паёмбари Худо (с), ки хоб мешуданд, то худашон бедор намешуданд, мо эшонро аз хоб бедор намекардем, чун намедонистем, ки дар ҳолати хоб ба эшон чӣ рух медиҳад ва чун Умар (р) аз хоб бедор шуд ва ҳолати мардумро дид ва дар айни ҳол шахси боҳайбате буд, бо садои баланд такбир гуфт ва ба такбир гуфтани худ то ҷое идома дод, ки Паёмбари Худо (с) аз садои такбири ӯ аз хоб бедор шуданд.

Дар ин вақт мардум назди Паёмбари Худо (с) омада, аз мусибати фавт шудани намоз барояшон шикоят намуданд, эшон фармуданд: "Мушкиле нест! Ҳаракат кунед!" Аз он ҷо ҳаракат кардем ва ҳанӯз роҳи зиёдеро напаймуда будем, ки Паёмбари Худо (с) таваққуф намуданд, об хостанд ва вузӯ сохтанд, баъд аз он намозро барои мардум адо намуданд ва чун аз намоз фориғ шуданд, шахсеро диданд, ки дар гӯшае нишаста ва бо мардум намоз нахондааст, аз вай пурсиданд: "Чӣ чиз монеъи намоз хонданат бо мардум шудааст?"

Гуфт: Ҷунуб шудаам ва обе нест. Фармуданд: "Аз хок истифода мекардӣ ва хок барои таҳорат кофӣ аст". Сипас Паёмбари Худо (с) ҳаракат карда ва ба роҳ афтоданд, мардуме омада ва аз ташнагӣ шикоят намуданд. Паёмбари Худо (с) таваққуф намуданд, Алӣ (р) ва яке аз асҳобро назди худ хоста фармуданд: "Биравед ва об пайдо кунед". Он ду нафар рафта ва занеро диданд, ки байни ду машки об болои шутураш нишастааст. Аз он зан пурсиданд, ки об дар куҷост?

Он зан гуфт: Ман дирӯз ҳамин вақт бар сари об будам ва мардуми мо ба талаби об баромадаанд. Барояш гуфтанд: Пас биё, биравем. Гуфт: Куҷо биравам? Гуфтанд: Назди Паёмбари Худо (с). Гуфт: Назди он, ки аз дини обояш баргаштааст? Гуфтанд: Бале! Ин ҳамон кас аст. Биё, ки биравем.

Ва ӯро назди Паёмбари Худо (с) оварда ва моҷароро ҳикоят намуданд.

Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ӯро аз шутураш пиёда кунед. Ва Паёмбари Худо (с) зарферо талаб карданд ва аз он ду машк миқдори оберо дар он зарф рехтанд ва даҳани машкҳоро баста ва қисмати поёни онҳоро боз намуданд ва мардумро садо заданд, то аз он об худ нӯшида ва ҳайвоноти худро низ об диҳанд. Ҳар кас мехост худаш ва ҳар кас мехост ҳайвонашро об дод ва охирин шахс ҳамон шахси ҷунуб буд, ки ба вай зарфе аз об доданд ва фармуданд: "Ин обро бигир ва ба сари худ бирез".

Он зан ҳамон тавр истода буд ва нигоҳ мекард, ки ба обҳояш чӣ мекунанд ва ба Худованд қасам, ки он об комилан халос шуд ва боз дидем, ки он машкҳо нисбат ба аввал пуртар шудааст ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барои ин зан чизе ҷамъоварӣ намоед". Барояш хурмо, орд ва талқон ҷамъ намуда, дар ҷомае ниҳоданд ва он занро бар шутураш савор намуда, он ҷомаро пеши рӯяш гузоштанд.

Ва Паёмбари Худо (с) барои он зан гуфтанд "Бидон, ки мо аз оби ту чизе кам накардаем ва Худованди мутаъол буд, ки моро сероб сохт".

Он зан дертар аз мавъиди муайян ба хонаводааш расид, вобастагонаш аз вай пурсиданд, ки сабаби таъхири ту чӣ буд? Гуфт: Қисаам тааҷҷубовар аст, маро ду нафар гирифта ва назди ҳамон касе, ки ӯро (собиъӣ) мегӯянд бурданд (собиъӣ касест, ки дини аслиашро тарк намуда ва ба дини дигаре гароида бошад) ва ӯ чунин ва чунон кард ва ба Худованд қасам аст, ки ӯ ё соҳиртарини мардумони байни осмону замин аст ва ё пайғамбари барҳаққи Худо аст.

Мусалмонон баъд аз ин воқеа бар мушрикине, ки дар атрофи диёри он зан буданд, ҳамла намуданд, вале ба мардум ва хонаҳое, ки он зан мутааллиқ ба онҳо буд, коре надоштанд. Он зан рӯзе ба қавмаш гуфт: Фикр мекунам, ки ин мардум (мусалмонон) қасдан шуморо мавриди таарруз қарор намедиҳанд, оё намехоҳед мусалмон шавед? Ва онҳо пешниҳодашро пазируфта, мусалмон шуданд.

# -8-
# КИТОБИ НАМОЗ

## БОБИ 1. Кайфияти фарз гардидани намоз дар шаби Исро

**228.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯзар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекард, ки фармуданд: "Ҳангоме, ки ба Макка будам, сақфи хонаам шикофта шуда ва Ҷабраил (ъ) дохил гардид, синаамро кушуда ва ба оби Замзам шуст. Баъд аз он таштеро, ки пур аз ҳикмат ва имон буд, оварда ва дар синаам холӣ кард ва синаамро баст.

Баъд аз он дастамро гирифт ва ба сӯи осмон уруҷ намуд. Чун ба осмони аввал омадам, Ҷабраил ба дарбони осмон гуфт: Боз кун. Дарбон гуфт: Кист? Ҷабраил гуфт: Ман Ҷабраил ҳастам. Гуфт: Касе ҳамроҳат ҳаст. Гуфт: Бале! Муҳаммад (с) ҳамроҳам мебошад. Гуфт: Оё ӯ мабъус шудааст? Гуфт: Бале. Ва дарбон дарро кушуд.

Чун ба Осмони Дунё боло шудем, дидем, шахсе нишаста ва мардумоне дар тарафи росташ ва мардумоне дар тарафи чапаш қарор доранд, чун ба тарафи росташ нигоҳ мекунад, механдад ва чун ба тарафи чапаш нигоҳ мекунад, мегиряд. (Ӯ моро мухотаб қарор дода) гуфт: Эй Пайғамбари некӯкор ва фарзанди некӯкор, хуш омадед.

Аз Ҷабраил пурсидам: Ин шахс кист? Гуфт: Ин (Одам) (ъ) аст ва ин чизҳое, ки дар тарафи рост ва чапаш қарор доранд, арвоҳи авлодаш мебошанд. Онҳое, ки дар тарафи росташ ҳастанд, аҳли ҷаннат ва онҳое, ки дар тарафи чапаш мебошанд, аҳли дӯзах ҳастанд, чун ба тарафи росташ мебинад, механдад ва чун ба тарафи чапаш нигоҳ мекунад, мегиряд.

Баъд аз он маро ба сӯи осмони дуввум бурда ва ба дарбон гуфт: Боз кун. Дарбон ҳамон чизеро, ки дарбони осмони аввал гуфта буд, такрор намуд ва дарро кушод. Анас (р) мегӯяд, ки Абӯзар (р) бароям гуфтааст, ки Паёмбари Худо (с) дар осмонҳо Одам, Идрис, Мӯсо, Исо ва Иброҳим салавотуллоҳи алайҳимро дидааст. Вале Абӯзар (р) маконҳои онҳоро мушаххас карда натавонист, фақат ҳамин қадар ба хотир дошт, ки Паёмбари Худо (с) Одам (ъ)-ро дар осмони дунё ва Иброҳим (ъ)-ро дар осмони шашум дидаанд.

Анас (р) мегӯяд: Чун Ҷабраил бо Паёмбари Худо (с) назди Идрис (ъ) расиданд, гуфт: Пайғамбари некӯкор ва бародари некӯкорам, хуш омадед. Паёмбари Худо (с) мегӯянд, ки аз Ҷабраил (ъ) пурсидам: "Ин шахс кист?" Гуфт: Ин Идрис аст.

Баъд аз он назди Мӯсо (ъ) расидем ва ӯ ҳам гуфт: Пайғамбари некӯкор ва бародари накӯкорам, хуш омадед. Пурсидам: "Ин кист?" Гуфт: Ин Мӯсо (ъ) аст. Баъд аз он назди Исо (ъ) расидем ва ӯ ҳам гуфт: Пайғамбари некӯкор ва бародари некӯкорам, хуш омадед: Пурсидам: "Ин кист?" Гуфт: Ин Исо (ъ) аст.

Баъд аз он назди Иброҳим (ъ) расидем ва ӯ гуфт: Пайғамбари некӯкор ва фарзанди некӯкорам, хуш омадед. Пурсидам: "Ин кист?" Гуфт: Иброҳим (ъ) аст. Анас (р) мегӯяд: Ибни Аббос (р) ва Абӯҳаббаи Ансорӣ (р) мегуфтанд, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки "баъд аз он то ҷое бурда шудам, ки овози аҷломи (қаламҳои) (малоика)-ро мешунидам."

Анас ибни Молик (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд бар уммати ман панҷоҳ намоз фарз гардонид, бо ҳамин ҳукм баргаштам, то он, ки назди Мӯсо (ъ) расидам. Пурсид: Худованд бар уммати ту чӣ фарз намуд? Гуфтам: Панҷоҳ вақт намоз. Гуфт: Ба назди Парвардигорат баргард, чун уммати ту тоқати инро надоранд.

Баргаштам ва Худованди мутаъол қисмате аз онро соқит намуд, боз баргаштам ва назди Мӯсо омада, гуфтам: Худованди мутаъол қисмате аз онро соқит намуд. Гуфт: Назди Парвардигорат баргард, чун уммати ту тоқати онро надоранд. Баргаштам ва боз Худованди мутаъол қисмате аз онро соқит намуд, боз назди Мӯсо омадам ва боз бароям гуфт: Назди Парвардигорат баргард, зеро уммати ту тоқати онро надоранд. Боз баргаштам ва Парвардигорам бароям гуфт: Ин панҷ аст (дар адад) ва панҷоҳ аст (дар савоб) ва ин гуфтаам тағйирпазир нест. Боз назди Мӯсо омадам ва ӯ ба ман гуфт: Назди Парвардигорат баргард. Гуфтам: Аз Парвардигорам ҳаё мекунам.

Баъд аз он Ҷабраил (ъ) ҳамроҳам рафт, то маро ба Сидрату-л-мунтаҳо расонид ва ин мақом чунон рангҳои гуногуне дошт, ки онҳоро васф карда наметавонам, баъд аз он маро ба ҷаннат burданд ва дар он ҷо риштаҳое буд аз марворид ва хоки он аз мушк буд."

**229.** Аз Оиша, умму-л-мӯъминин (р) ривоят аст, ки гуфт: Худованд ҳангоме, ки намозро фарз гардонид, дар ҳазар ва сафар (ду ракаат) фарз гардонид, намози сафар ба ҳамон ҳоли худ боқӣ монд ва бар намози ҳазар афзуда шуд.

## БОБИ 2. Намоз бояд бо либос хонда шавад

**230.** Аз Умар ибни Абӯсалама (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) боре танҳо дар як ҷома намоз хонданд ва ду тарафи ҷомаро ба тарафи муқобил давр дода буданд.

## БОБИ 3. Намоз хондан дар ҷомае, ки ба ҷасад печида шудааст

**231.** Аз Умми Ҳониъ бинти Абӯтолиб (р) дар зимни ҳадиси намози Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка ривоят аст. Ва ҳадиси намоз

хондани Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка қаблан гузашт.

**232.** Ва дар ин ривоят омадааст, ки Умми Ҳониъ гуфт: Баъд аз он ҳашт ракаат намоз, дар ҳоле, ки худашонро ба ҷома печонда буданд, хонданд, чун аз намоз фориғ шуданд, гуфтам: Ё Расулаллоҳ, бачаи модарам, яъне бародарам Алӣ ибни Абӯтолиб (р) мехоҳад шахсеро, ки ман паноҳ додаам ва он (фалон ибни Ҳубайра) аст, ба қатл бирасонад. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Эй умми Ҳониъ! Мо паноҳ додем касеро, ки ту паноҳ додай," Умми Ҳониъ мегӯяд: Ин (воқеа) ҳангоми чошт буд.

**233.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) аз ҳукми намоз хондан дар як ҷома пурсиш намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Оё ҳар кадоми шумо ду ҷома доред?"

## БОБИ 4. Агар касе дар як ҷома намоз мехонад, онро ба шонаҳояш биандозад

**234.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Набояд касе аз шумо дар як ҷома, ки бар шонаҳояш аз он чизе набошад, намоз бихонад."

**235.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар як ҷома намоз мехонад, ду тарафи онро ба ду ҷониби мухолиф бияндозад».

## БОБИ 5. Вақте, ки ҷома танг бошад

**236.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре аз сафарҳои Паёмбари Худо (с) бо эшон ҳамроҳ будам. Шабе ҷиҳати иҷрои коре наздашон омадам, дидам, ки намоз мехонанд ва ман танҳо як ҷома доштам ва худро ба он печонда ва дар паҳлӯяшон ба намоз истодам. Чун аз намоз фориғ шуданд, пурсиданд: "Эй Ҷобир, сабаби берун шудани ту дар ин вақти шаб чӣ буд?"

Эшонро аз ҳоҷати худ бохабар сохтам, чун суханам тамом шуд, фармуданд: "Ин чӣ навъ ҷома печиданиест, ки мебинам?" Гуфтам: Ҳамин як ҷома буд. Фармуданд: "Агар ҷома калон ва фарох буд, онро ба худ печон ва агар танг ва хурд буд (ба камарат бибанд)».

**237.** Аз Саҳл (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум бо Паёмбари Худо (с) намоз мехонданд ва монанди атфол лунгиҳои худро ба гарданашон мебастанд ва барои занҳо чунин гуфта мешуд, ки "то вақте, ки мардҳо комилан наменишинанд, сарҳои худро боло накунед."

## БОБИ 6. Намоз хондан дар қабои шомӣ

**238.** Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо бо Паёмбари Худо (с) ҳамроҳ будам. Фармуданд: "Эй Муғира! Ин зарфро бо худ бигир." Он зарфро бо худ гирифтам ва Паёмбари

Худо (с) чиҳати қазои ҳоҷат хориҷ гардида ва то ҷое рафтанд, ки аз ман пинҳон шуданд, дар ин вақт қабои шомиро пӯшида буданд, мехостанд дасти худро аз остини он берун кунанд, тангӣ кард, аз ин ҷиҳат дасти худро аз қисмати поёни он берун намуданд, ман ба (дастҳо)-яшон об рехтам ва эшон барои намоз хондан вузӯ сохтанд ва бар мӯзаҳои худ масҳ намуда ва сипас намоз хонданд.

## БОБИ 7. Худро бараҳна намудан дар намоз макрӯҳ аст

**239.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки мегуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки лунгӣ пӯшида буданд, бо Қурайш сангҳоро ҷиҳати бинои Каъба ҳамл мекарданд. Амакашон Аббос (р) ба эшон гуфт: Бародарзодаам! Агар лунгиро аз камари худ боз карда ва рӯи шонаҳоят, зери сангҳо қарор медодӣ, беҳтар буд. Ҷобир (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) лунгиро боз карда, рӯи шонаҳои худ гузоштанд ва ҳамон буд, ки аз шиддати ҳаё ва шарм беҳуш афтоданд ва баъд аз ин рӯз ҳаргиз Паёмбари Худо (с) бараҳна дида нашуданд.

## БОБИ 8. Он чӣ, ки аз аврат бояд пӯшида шавад

**240.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз печидани ҷома ба бадан ва аз нишастан ба тавре, ки аврат зоҳир гардад, наҳй фармуданд.

**241.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ду ақди хариду фурӯш дар як ақд ва аз лимос ва нибоз ва аз пӯшидани ҷома, ба тавре, ки аврат намоён шавад ва аз нишастане, ки аврат зоҳир гардад, наҳй фармуданд. (Лимос иборат аз он буд, ки шахс ба муҷарради даст задан ба чизи мавриди назар бояд ҳатман онро мехарид ва нибоз иборат аз он буд, ки фурӯшанда молро ва харидор пулро ба тарафи ҷониби муқобил меандохт ва байъ лозим гардида ва барои ҳеҷ кадом ихтиёри радди он набуд).

**242.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯбакр (р) маро ҳамроҳи ду шахси дигар дар он ҳаҷҷе, ки амири ҳаҷ буд, маъмурият дод, то дар рӯзи иди Қурбон дар Мино эълон намоем, ки баъд аз имсол мушрике набояд ҳаҷ кунад ва набояд касе ба хонаи Каъба бараҳна тавоф намояд. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) Алӣ (р)-ро фиристода ва ба ӯ амр карданд, то бароати аз мушрикинро эълон намояд. Алӣ (р) ҳамроҳи мо дар Мино эълон мекард, ки баъд аз имсол набояд мушрике ба ҳаҷ биёяд ва набояд касе ба хонаи Каъба бараҳна тавоф намояд.

## БОБИ 9. Он чӣ, ки дар мавриди аврат будани рон омадааст

**234.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба ғазваи Хайбар рафтанд ва намози субҳро бо эшон дар наздикии Хайбар ба торикӣ адо

намудем. Паёмбари Худо (с) савор гардиданд ва Абӯталҳа низ савор шуд ва ман пушти сари Абӯталҳа савор шудам.

Паёмбари Худо (с) (маркабашонро) ба тарафи кӯчаҳои Хайбар пеш ронданд ва зонуҳоям ба рони Паёмбари Худо (с) мерасид, баъд аз он эшон чодарро аз рӯи рони худ дур карданд, то ҷое, ки сафедии рони Паёмбари Худо (с)-ро дидам. Чун ба деҳаи Хайбар дохил гардиданд, фармуданд: "Аллоҳу акбар, Хайбар хароб шуд. Вақте, ки мо ба диёри мардуме биёем, пас вой ба рӯзи бимдодашудагон" (яъне касоне, ки даъвати Худоро напазируфтаанд). Ин суханро се бор такрор намуданд. Анас (р) мегӯяд: (Дар ин вақт) мардуми Хайбар ҷиҳати анҷом додани корҳояшон берун шуда буданд ва бо худ гуфтанд: Муҳаммад бо лашкараш расид! Анас (р) мегӯяд: Хайбарро ба зӯр ё ба сулҳ фатҳ кардем, чун асиронро ҷамъ карданд, Деҳя омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз ин асирон як канизеро ба ман бидиҳед. Фармуданд: "Бирав, барои худ канизеро интихоб кун."

Деҳя (р) Сафия бинти Ҳуяйро интихоб намуд. Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, Сафия бинти Ҳуяй сардори қавми Қурайза ва Назирро ба Деҳя бахшиш намудед, ӯ ҷуз бар шумо барои шахси дигаре муносиб нест. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Деҳяро бо он зан талаб кунед." Чун Паёмбари Худо (с) ба тарафи он каниз нигаристанд, фармуданд: "Канизи дигаре аз байни асирон интихоб кун."

Анас (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) [Сафия (р)]-ро озод карданд ва бо ӯ издивоҷ намуданд ва ҳамон озодиашро барояш маҳр қарор доданд. Ва ҳанӯз дар роҳ будем, ки (Умми Сулайм) (Сафия)-ро таҷҳиз ва омода намуд ва шаб назди Паёмбари Худо (с) фиристод ва Паёмбари Худо (с) субҳи он рӯз домод гардиданд ва фармуданд: "Касе, ки чизе дорад, ҳозир намояд." Ва матоъи чармиро паҳн намуданд, касе хурмо овард ва касе равған овард. Ва фикр мекунам, ки Анас (р) гуфт: Ва касе талқон, сипас ин чизҳоро бо ҳам омехтанд ва ин тӯйи арӯсии Паёмбари Худо (с) буд.

## БОБИ 10. Зан дар чанд ҷома бояд намоз бихонад

**244.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с), ки намози фаҷрро мехонданд, занҳое аз мусалмонон низ дар ҳоле, ки худро ба ҷомаҳояшон печида буданд, ба намоз ҳозир мешуданд, баъд аз намоз ба хонаҳояшон бармегаштанд ва касе онҳоро намешинохт.

## БОБИ 11. Намоз хондан дар ҷомае, ки дорои нақш аст

**245.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҷомае, ки дорои нақшҳо буд, намоз хонданд. Ҳангоми намоз хондан чашми эшон ба он нақшҳо афтод. Баъд аз намоз хондан фармуданд: Ин

ҷомаамро бурда ва ба Абӯҷаҳм бидиҳед ва ҷомаи хашини Абӯчаҳмро барои ман биёваред, зеро ин ҷома сабаби аз байн рафтани ҳузури қалбиам дар намоз шуд.

## БОБИ 12. Оё агар касе дар ҷомаи салибдор ва ё аксдор намоз бихонад, намозаш фосид мешавад?

**246.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Оиша (р) пардаи бонақшунигоре дошт, ки ба он як тарафи хонаашро парда мекард Паёмбари Худо (с) (ба ӯ) гуфтанд: “Ин пардаатро дур кун, чун аксҳои он дар намоз ба хотирам меоянд.”

## БОБИ 13. Касе, ки дар қабои абрешимин намоз хонда ва сипас онро аз бадани худ дур кардааст

**247.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) қабои абрешиминеро бахшиш доданд. Паёмбари Худо (с) он қаборо пӯшиданд ва ба он намоз хонданд, чун аз намоз фориғ шуданд, онро монанди касе, ки аз чизе бадаш биёяд, аз бадани худ дур карда ва фармуданд: “Ин барои аҳли тақво муносиб нест.”

## БОБИ 14. Намоз хондан дар ҷомаи сурх

**248.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дар хаймаи кӯчаки сурхранге, ки аз пӯст сохта шуда буд, дидам ва Билол (р) оби вузӯи он ҳазратро бо худ гирифта буд ва мардумро мушоҳида намудам, ки ҷиҳати ба даст овардани оби вузӯи Паёмбари Худо (с) бар якдигар сабқат меҷустанд, касе, ки аз он об чизе ба даст меовард, ба сар ва танааш мемолид ва касе, ки ба даст намеовард, аз рутубати дасти рафиқи худ истифода мекард. Баъд аз он Билолро дидам, ки асои найзамонандеро ба замин кӯбид ва Паёмбари Худо (с) бо либосҳои сурхранге, дар ҳоле, ки остинҳои худро боло зада буданд, омаданд ва он асоро пеши рӯи худ қарор дода ва бо мардум ду ракаат намоз адо намуданд, дар ин вақт медидам, ки мардум ва ҳайвонот аз пушти он асо убур мекарданд.

## БОБИ 15. Намоз хондан бар болои баландӣ ва минбар ва лавҳаи чӯбин

**249.** Ривоят аст, ки касе аз Саҳл ибни Саъд (р) пурсид: Минбари Паёмбари Худо (с) аз чӣ сохта шуда буд? Гуфт: Касе, ки (ин чизро) аз ман беҳтар бидонад, дар қайди ҳаёт нест. Минбар аз дарахти гази Ғаба сохта шуда аст, онро фалонӣ, ки озодшудаи фалон зан аст, барои Паёмбари Худо (с) сохтааст ва ҳангоме, ки минбар сохта шуд ва ба

чояш ниҳода шуд, Паёмбари Худо (с) болояш рӯ ба қибла истода ва такбир гуфтанд, мардум ҳам пушти сарашон истоданд, қироатро хонданд ва рукӯъ карданд ва мардум ҳам рукӯъ карданд, баъд аз он сарашонро баланд намуданд ва ақиб-ақиб рафта ва ба рӯи замин сачда намуданд.

Баъд аз он дубора болои минбар рафта, қироатро хонда ва рукӯъ намуданд ва чун сари худро аз рукӯъ баланд карданд, боз ақиб-ақиб омаданд, то ин, ки бар рӯи замин сачда карданд ва ба ин тариқ намозро адо намуданд.

## БОБИ 16. Намоз хондан дар болои бӯрё

**250.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки модаркалонаш [Мулайка (р)] Паёмбари Худо (с)-ро ба таъоме, ки омода карда буд, даъват намуд. Паёмбари Худо (с) аз он таъом хӯрда ва фармуданд: "Бархезед, то барои шумо намоз бихонам." Анас (р) мегӯяд: Бӯрёеро, ки аз истеъмоли зиёд сиёҳ шуда буд, обе пошонда овардам. Паёмбари Худо (с) истода ва ман ва ятиме (ки он чо буд) пушти сарашон саф бастем ва он пиразан пушти сари мо истод ва Паёмбари Худо (с) барои мо ду ракаат намоз хонда ва рафтанд.

## БОБИ 17. Намоз хондан бар болои фарш

**251.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Бисёр вақтҳо пеши рӯи Паёмбари Худо (с) тавре мехобидам, ки пойҳоям ба тарафи қиблаи эшон қарор мегирифт. Ҳангоми сачда кардан ба дасташон маро танбеҳ мекарданд ва ман пойҳои худро пас мекашидам ва ҳангоме, ки меистоданд, дубора пойҳоямро дароз мекардам, Оиша (р) мегӯяд. Ва дар он вақт дар хонаҳо чароғе набуд.

**252.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) намоз мехонданд, ман дар пеши рӯяшон, дар рӯи бистар ба шакли чанозае қарор мегирифтам.

## БОБИ 18. Сачда кардан бар чома аз шиддати гармӣ

**253.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) намоз хондам ва ҳар кадоми мо аз шиддати гармӣ чомаашро ба чои сачдагоҳаш мегузошт.

## БОБИ 19 Намоз хондан бо кафш

**254.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) пурсид: Оё Паёмбари Худо (с) бо кафш намоз мехонданд? Гуфт: Бале.

## БОБИ 20. Намоз хондан бо мӯза

**255.** Ривоят аст, ки Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) бавл кард ва баъд аз он вузӯ намуд ва бар мӯзаҳояш масҳ карда, намоз хонд ва чун аз вай пурсиданд, гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки чунин карданд. Ва ин ҳадис мавриди таваҷҷӯҳи саҳоба (р) қарор гирифт, зеро Ҷарир (р) аз охирин касоне буд, ки мусалмон шуда буд.

## БОБИ 21. Дур нигоҳ доштани бозуҳо дар ҳолати саҷда кардан

**256.** Аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми намоз хондан (ҳангоми саҷда кардан) ончунон дастҳояшонро аз якдигар дур нигаҳ медоштанд, ки сафедии зери бағалашон маълум мешуд.

## БОБИ 22. Фазилати рӯй овардан ба қибла

**257.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки монанди мо намоз бихонад ва ба қиблаи мо рӯй биёварад ва забҳи дасти моро бихӯрад, мусалмоне аст, ки дар аҳд ва амони Худо ва Расули Ӯ аст, пас аҳд ва амони Худоро дар бораи вай поймол накунед».

## БОБИ 23. Ин қавли Худованди мутаъол, ки (ва мақоми Иброҳимро намозгоҳ қарор диҳед)

**258.** Ривоят аст, ки шахсе аз Ибни Умар (р) пурсид: Агар касе ҷиҳати адои умра хонаро тавоф намояд, оё ҷавоз дорад, ки пеш аз саъй намудан байни Сафо ва Марва бо ҳамсараш ҳамбистар гардад?

Дар ҷавоб гуфт: Паёмбари Худо (с) баъд аз ин, ки ҳафт шавт (давр) ба хона тавоф намуданд, ду ракаат намоз дар мақоми Иброҳим (р) адо карданд ва баъд аз он байни Сафо ва Марва саъй намуданд ва беҳтарин кор барои шумоён пайравӣ намудан аз Паёмбари Худо (с) аст (яъне то вақте, ки байни Сафо ва Марва саъй накардаед, набояд бо ҳамсари худ ҳамбистар шавед).

**259.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба хонаи Каъба дохил шуданд, дар ҳамаи атрофаш дуъо намуданд, вале дар дохили хона намоз нахонданд ва чун аз хона хориҷ шуданд, ду ракаат намоз ба тарафи Каъба хонда ва фармуданд: "Қибла ин аст."

## БОБИ 24. Дар ҳар ҷое бояд рӯй ба қибла бувад

**260.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шонздаҳ ё ҳабдаҳ моҳ ба тарафи (Байтулмуқаддас) намоз хонданд (байни ин

ҳадис ва ҳадисе, ки қаблан дар ин маврид гузашт, аз нигоҳи лафз ихтилоф аст).

**261.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) бар болои маркаб намоз мехонданд, ба ҳар тарафе, ки маркаб мерафт, ба ҳамон тараф намоз мехонданд, вале ҳангоме, ки иродаи намози фарзро доштанд, аз маркаб пиёда шуда ва ба тарафи қибла намоз мехонданд.

**262.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намозро адо намуданд, гарчи ман худам мутаваҷҷеҳ нашудам, ки Паёмбари Худо (с) бар намоз чизеро афзуда ва ё чизеро аз он кам карда бошанд, вале баъд аз ин, ки салом доданд, касе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Дар бораи намоз кадом чизи наве нозил гардидааст? Фармуданд: "Чӣ шудааст?" Гуфтанд: Чунин ва чунон намоз хондед. Ҳамон буд, ки ба ду зону нишастанд ва рӯй ба қибла оварда ва саҷдаи саҳв ба ҷо оварданд ва баъд аз он салом доданд.

Ва чун рӯйи худро ба тарафи мо карданд, фармуданд: "Агар дар бораи намоз кадом чизе ҳодис шавад, ба шумо хабар хоҳам дод, вале ман ҳам монанди шумо як башар ҳастам, мисле, ки шумо фаромӯш мекунед, ман ҳам фаромӯш мекунам ва вақте, ки фаромӯш кардам, ба ёдам биёред.

Агар кадом яке аз шумоён дар намозаш ба шак афтод, кӯшиш кунад, ки савобро дарёбад ва намози худро тамом намуда, салом диҳад ва баъд аз он барои саҳв ду бор саҷда намояд. "

## БОБИ 25. Он чӣ, ки дар бораи қибла омадааст

**263.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар се воқеа назарам бо ваҳйи Парвардигорам мувофиқ афтод, гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Агар мақоми Иброҳим (ъ)-ро ҷое барои намоз хондан қарор диҳем ва ин ояи карима нозил гардид: **«Ва аз мақоми Иброҳим ҷое барои намоз хондан қарор диҳед»** *(Бақара:125)* ва ҳамчунин ояи ҳиҷоб. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, агар ҳамсарони худро амр ба ҳиҷоб намоед (беҳтар аст).

Зеро ашхоси нек ва бад ба онҳо сухан мезананд ва ояи ҳиҷоб нозил гардид. Ва ҳамсарони Паёмбари Худо (с) ҷиҳати муҷодала ва муноқаша назди Паёмбари Худо (с) омада буданд, барояшон гуфтам: **«Агар шумоёнро талоқ диҳад, ивази шумо Худованд барояш занони беҳтаре хоҳад дод»** ва ҳамин оят нозил гардид. *(Таҳрим: 5)*

## БОБИ 26. Харошидани оби бинӣ аз масҷид бо даст

**264.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) оби биниро ба тарафи қиблаи (масҷид) мушоҳида намуданд ва сахт бадашон омад, то ҷое, ки аломати нохушнудӣ дар чеҳраашон ошкор гардид ва баъд аз он истода, онро ба дасти худ харошида ва фармуданд: "Вақте касе аз

шумо ба намоз меистад, дар вокеъ ӯ бо Парвардигораш муноҷот мекунад ва Парвардигораш байни ӯ ва байни қибла қарор мегирад.

Пас набояд касе аз шумо оби биниашро ба тарафи қибла биандозад, балки ба тарафи чап ва ё зери пояш (пинҳон намояд). «Сипас оби даҳони худро дар гӯшаи ридои худ андохтанд ва онро ба ҳам молида ва фармуданд: "Ва ё ки чунин кунад."

## БОБИ 27. Касе набояд оби биниашро дар вақти намоз хондан ба тарафи росташ биандозад

**265.** Аз Абӯҳурайра ва Абӯсаъид (р) дар ҳадисе, ки дар мавриди оби биниӣ омадааст, ин лафз ҳам ривоят шудааст ки: "... ва на ҳам оби бинии худро ба тарафи рости худ бияндозад."

## БОБИ 28. Кафораи андохтани оби биниӣ дар масҷид

**266.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Андохтани оби биниӣ дар масҷид иштибоҳ аст ва кафораи он пӯшидани (яъне аз байн бурдани) он аст.

## БОБИ 29. Панд додани имом барои мардумон дар итмоми намоз ва баёни қибла

**267.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шумо фикр мекунед, ки ман фақат пеши рӯи худро мебинам? Вале ба Худованд қасам аст, ки хушӯъ ва рукӯъи шумо бар ман пӯшида нест, ман шуморо аз пушти сари худ ба таври мушаххас мебинам».

## БОБИ 30. Оё равост, ки масҷиди фалонӣ гуфта шавад?

**268.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар байни аспҳое, ки барои мусобиқа омода шуда буданд, аз Ҳафё (ҷоест дар ҷануби шаҳри Мадинаи мунаввара) то Санийятулвадоъ (ҷоест дар шимоли шаҳри Мадина) мусобиқа доданд ва байни аспҳое, ки барои давидан омода набуданд, аз Санийяту-л-вадоъ то масҷиди бани Зурайқ мусобиқа доданд ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз касоне буд, ки дар ин мусобиқа иштирок варзид.

## БОБИ 31. Тақсим кардани мол ва овезон кардани хӯшаи хурмо дар масҷид

**269.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) молеро аз Баҳрайн оварданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Он молро дар масҷид бирезед." Ва ин бештарин моле буд, ки барои

Паёмбари Худо (с) оварда шуда буд. Паёмбари Худо (с) барои намоз хондан аз хонаи худ берун шуданд ва ба он молҳо илтифоте накарданд ва чун намоз хонда шуд, омаданд ва назди он молҳо нишастанд ва ҳеҷ касе набуд, ки онро дида бошанд ва аз он мол барояш надода бошанд, то ин, ки Аббос омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, барои ман ҳам бидиҳед, зеро ман барои халосии худ ва Ақил пул додаам. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: "Худат бигир." Ва ӯ бо ҳарду даст дар ҷомааш рехт, чун хост онҳоро бардорад, натавонист, гуфт: Ё Расулаллоҳ, касеро бигӯед, ки инҳоро бо ман бардорад. Фармуданд: "На, намегӯям." Гуфт: Пас худи шумо онро бо ман бардоред. Фармуданд: "На, барнамедорам". Ҳамон буд, ки Аббос (р) миқдоре аз онро бар замин рехт ва бақияро бо худ бардошта, бар шонааш андохт ва рафт ва то вақте ки аз назар пинҳон шуд, Паёмбари Худо (с) аз қафои ӯ менигаристанд ва аҷаб ҳирсе дошт ва Паёмбари Худо (с) то вақте, ки як дирҳам аз он мол боқӣ монда буд (ва тавзеъ нашуда буд), аз ҷойи худ барнахостанд.

## БОБИ 32. Дар хона бояд ҷойеро барои намоз хондан таъйин намуд

**270.** Аз Маҳмуд ибни Рабеъи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Итбон ибни Молик, ки яке аз саҳобаҳои ансорӣ аст ва дар ғазваи Бадр иштирок намуда буд, назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Чашмҳоям камбин шуда ва ман барои қавми худ имоматӣ мекунам ва чун ҳангоми борон дар шалаи (шаршараи) рӯде, ки байни ман ва байни эшон аст, сел равон мешавад, наметавонам ба масҷидашон рафта ва барояшон имоматӣ кунам. Ё Расулаллоҳ, хоҳишам ин аст, ки омада ва дар (ҷое аз) хонаам намоз бихонед, то ман он ҷоро барои намоз хондани худ ихтисос диҳам.

Ровии ҳадис мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Иншоаллоҳ, ба зудӣ ин корро хоҳам кард." (Итбон гуфт, ки фардои он рӯз пеш аз чошт Паёмбари Худо (с) бо Абӯбакр (р) ба хонаам омаданд ва иҷозаи дохил шудан хостанд, барояшон иҷоза додам, ба хона дохил гардида ва пеш аз он, ки биншинанд, фармуданд: "Дар кадом ҷое аз хонаат мехоҳӣ, ки намоз бихонам?"

Гуфт, ки ба гӯшае аз хонаам ишора кардам, Паёмбари Худо (с) дар он ҷо истоданд ва барои намоз хондан такбир гуфтанд, мо ҳам бархоста ва пушти сарашон саф бастем, ду ракаат намоз хонда ва салом доданд ва чун барояшон таъоме омода карда будем, аз рафтанашон монеъ шудем.

Чандин нафар дар хона ҷамъ шуданд, яке аз онҳо гуфт: (Молик ибни Духайшин ё ибни Духшун) куҷост? Дигаре гуфт: Ӯ мунофиқ аст, ки Худо ва Расулашро дӯст намедорад. Паёмбари Худо (с) фармуданд:

«Чунин сухане магӯ!» Магар ӯро надидӣ, ки Ло иллоҳа иллаллоҳ гуфтааст ва бо ин гуфтааш ҷуз ризои Худованд ғарази дигаре надошт?" Он шахс гуфт: Худо ва Расулаш беҳтар медонад, мо ҳамкорӣ ва раҳнамоиҳояшро барои мунофиқин мебинем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки хос барои Худо «Ло илоҳа иллаллоҳ» гуфта бошад, Худованд ӯро бар дӯзах ҳаром мегардонад."

## БОБИ 33. Оё равост, ки ҷойи қабрҳои мушрикин масҷид сохта шавад?

**271.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Умми Ҳабиба ва Умми Салама (р) аз калисои Ҳабаша, ки дар он аксҳое вуҷуд доштааст, ёд карда ва ин мавзӯъро ба Паёмбари Худо (с) гуфтанд. Эшон фармуданд: "Инҳо (насоро) мардуме буданд, ки чун шахси неке аз онҳо вафот меефт, бар болои қабраш масҷиде бино мекарданд ва сурати он шахси некро дар он расм мекарданд, инҳо дар рӯзи қиёмат аз бадтарин мардумон дар назди Худованди мутаъол ҳастанд."

**272.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Мадина омаданд, дар қисмати болои Мадина аз қабилае, ки ба номи (бани Амр ибни Авф) ёд мешуд, маскан интихоб намуданд ва Паёмбари Худо (с) чаҳордаҳ шаб он ҷо монданд, баъд аз он мардуми бани Наҷорро талаб намуданд, онҳо дар ҳоле, ки шамшерҳояшон ба гарданашон овезон буд, омаданд, гӯё ҳамин ҳоло Паёмбари Худо (с)-ро, ки бар шутурашон савор буданд ва Абӯбакр (р) пушти сарашон савор аст ва аъёни бани Наҷор ба атрофашон қарор доранд, мушоҳида мекунам.

Ва ба ҳамин ҳолат рафтанд, то он, ки ба наздики хонаи Абӯаюб (р) пиёда шуданд ва чун дӯст доштанд, дар ҳар ҷое, ки вақти намоз дохил мешавад, дар ҳамон ҷо намозро адо намоянд (аз ин сабаб гоҳе) дар хобгоҳи гӯсфандон намоз мехонданд ва ба сохтани масҷид амр фармуда буданд. Лизо гурӯҳе аз мардуми бани Наҷорро хостанд ва ба онҳо гуфтанд: "Эй мардуми бани Наҷор! Ин чордевориатонро барои мо бифрӯшед". Онҳо гуфтанд: Ба Худованд қасам аст, ки нахоҳем фурӯхт, мо қимати онро ҷуз аз Худованд аз каси дигаре намехоҳем. Анас (р) мегӯяд: Дар байни ин чаҳордеворӣ чизҳое буд, ки ман барои шумо мегӯям: қабрҳои мушрикин, харобаҳо ва дарахтҳои хурмо. Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то қабрҳои мушрикинро аз байн бурда, харобаҳоро ҳамвор кунанд ва дарахтҳои хурморо қатъ намоянд.

Дарахтони хурморо қатъ намуда ва ба қиблаи масҷид қарор доданд ва ду тарафи масҷидро аз санг бино намуданд ва саҳоба, дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) бо онҳо буданд, сангҳоро нақл медоданд ва раҷазхонӣ мекарданд ва Паёмбари Худо (с) чунин мегуфтанд: "Хубӣ ҷуз хубии охират нест, пас Худоё, муҳоҷирин ва ансорро биёмурз."

## БОБИ 34. Намоз хондан дар хобгоҳи шутурон

**273.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) бар болои шутури худ намоз хонда ва мегуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки чунин мекарданд.

## БОБИ 35. Касе, ки ҳангоми намоз хондан дар пеши рӯяш танӯр ё оташ қарор дошта, вале қасди ӯ ибодати Худо бошад

**274.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар ҳоле, ки намоз мехондам, оташи (дӯзах) бароям нишон дода шуд».

## БОБИ 36. Кароҳияти намоз хондан дар қабристон

**275.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чизе аз намозҳоро дар хонаи худ бихонед ва хонаи худро қабристон қарор надиҳед."

## БОБИ 37

**276.** Аз Оиша (р) ва Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Ҳангоми назъ Паёмбари Худо (с) чодареро ба рӯи худ андохтанд ва чун гармашон мешуд, онро аз болои рӯи худ дур мекарданд ва дар ҳамин ҳолат фармуданд: "Лаънати Худо бар яҳуд ва насоро, ки қабрҳои анбиёи худро масҷид қарор доданд."

## БОБИ 38. Хоб шудани зан дар масҷид

**277.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Қабилае аз араб канизаки сиёҳе доштанд ва онро озод карданд ва ин канизаки озодшуда бо онҳо зиндагӣ мекард. Он канизак мегӯяд: (Рӯзе) духтари хурдсоле аз ҳамин қабила аз хона баромада ва бар гарданаш ҳамоили чармӣ буд, ки рӯи он зевароте дӯхта шуда буд, тифлак он ҳамоилро гузошт ва ё аз наздаш афтод, кулоғе омад ва ба гумони он, ки гӯште аст, онро гирифта рафт.

Вобастагони он духтар омада ҳар қадар ҷустуҷӯ карданд, он зеварро наёфтанд, билохира маро (ба дуздидани он) муттаҳам намуданд, шурӯъ карда, маро кофтуков намуданд, то ҷойе, ки фарҷи маро низ ҷустуҷӯ карданд. Он канизак мегӯяд: Ба Худованд қасам, ки ман ҳамон тавр истода будам, ки кулоғ омада ва он зеварро дар байни онҳо андохт. Канизак мегӯяд: (Барояшон) гуфтам, ин ҳамон зеварест, ки маро дар ҳоле, ки бегуноҳ будам, ба дуздидани он муттаҳам карда будед ва инак онро кулоғ овард. Оиша (р) мегӯяд: Он канизак баъд аз ин воқеа назди Паёмбари Худо (с) омад ва имон овард.

Ва Оиша (р) мегӯяд: Ин канизак дар масҷид хайма ва ё кӯхе (як навъ хайма) дошт ва гоҳе наздам омада, қисса мекард ва ҳеҷ вақт набуд, ки

наздам омада ва ин байтро нахонад: "Рӯзи гум шудани зевар аз аҷоиби Парвардигори мост, вале ӯ маро аз диёри куфр наҷот бахшид." Оиша (р) мегӯяд: Ба он канизак гуфтам: Чӣ сабаб аст, ки ҳар вақт бо ман менишинӣ, ҳамин байтро мехонӣ? Ӯ саргузашти худро бароям қисса мекард.

## БОБИ 39. Хоб шудани мардҳо дар масҷид

**278.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба хонаи Фотима (р) омаданд ва чун Алӣ (р)-ро надиданд, пурсиданд: "Писари амакат куҷост?" Фотима (р) гуфт: Байни ману ӯ чизе гуфтушунид воқеъ шуд, ӯ бар ман ғазаб карда, аз хона берун шуд ва чошт наздам нахобид. Паёмбари Худо (с) ба шахсе гуфтанд: "Бирав, бубин Алӣ дар куҷост?" Он шахс омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, ӯ дар масҷид хоб аст. Паёмбари Худо (с) омада (ва диданд), ки ӯ ба паҳлӯ хобида ва чодараш аз болояш афтода ва либосҳояш хоколуд шудааст. Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки хокҳоро аз либосҳояш пок мекарданд, мегуфтанд: "Эй хоколуд, бархез, эй хоколуд, бархез!"

(Баъд аз ин воқеа Алӣ (р) дӯст дошт, ки ӯро Абӯтуроб бигуянд).

## БОБИ 40. Касе, ки ба масҷид дохил мешавад, ду ракаат намоз бихонад

**279.** Аз Абӯқатодаи Суламӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе аз шумо ба масҷид дохил шавад, пеш аз он, ки менишинад, бояд ду ракаат намоз бихонад" (Ин ду ракаат намоз ба номи таҳийяи масҷид ёд мешавад).

## БОБИ 41. Сохтани масҷид

**280.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Масҷиди (набавӣ) дар замони Паёмбари Худо (с) аз хишт сохта шуда буд ва сақфи он аз шохаҳои дарахти хурмо пӯшида шуда буд ва сутунҳои он аз танаҳои дарахти хурмо буд.

Абӯбакр (р) чизе ба он наафзуд, вале Умар (р) дар он чизе афзуда ва ба ҳамон шакли замони Паёмбари Худо (с) аз хишт ва лифи дарахт истифода намуд ва пояҳои онро дубора аз танаи дарахт сохт.

Баъд аз он Усмон (р) дар он тағйироте ворид карда, онро ба шакли зиёде тавсиъа дод, девори онро аз сангҳои наққошишуда ва гаҷ ва пояҳои онро низ аз сангҳои наққошишуда ва сақфи онро аз чӯби дарахти соҷ, яъне шамшод мусаттаҳ намуд.

## БОБИ 42. Ҳамкорӣ кардан дар сохтани масҷид

**281.** Ривоят аст, ки Абӯсаъиди Худрӣ (р) рӯзе қисса мекард, то ин, ки ба мавзӯъи сохтани масҷиди (набавӣ) пардохт ва гуфт: Моён як-як хишт бармедоштем ва Аммор (р) ду-ду хишт. Паёмбари Худо (с) ӯро диданд, хокро аз вай дур карда ва фармуданд: "Афсӯс бар Аммор, ӯро гурӯҳи бағоватгаре (таҷовузгаре) хоҳанд кушт, Аммор онҳоро ба сӯи ҷаннат ва онҳо Амморро ба сӯи дӯзах даъват менамоянд." Абӯсаъид (р) мегӯяд: Аммор (р) мегуфт: Аз фитна ва даргирӣ ба Худо паноҳ мебарам.

## БОБИ 43. Касе, ки масҷиде бино кард

**282.** Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят аст, ки чун мардум нисбат ба сохтани масҷиди Паёмбари Худо (с) бар вай эътироз карданд, дар ҷавоби онҳо гуфт: Шумо зиёдаравӣ мекунед ва ман аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки масҷидеро хос барои ризои Худо бино намояд, Худованд монанди онро дар биҳишт барояш хоҳад сохт».

## БОБИ 44. Берун кардани сари найзаҳо ҳангоми дохил шудан ба масҷид

**283.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе ба масҷид дохил шуд ва тирҳое бо худ дошт. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: "Пайконаҳои онҳоро бардор!"

## БОБИ 45. Убур кардан аз дохили масҷид

**284**. Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки бо худ тирҳоеро ҳамл мекунад, аз масоҷиди мо ва ё аз бозорҳои мо мегузарад, бояд сари найзаҳоро бардошта ва ба даст бигирад, то мусалмонеро захмӣ насозад».

## БОБИ 46. Ҳукми сурудани шеър дар масҷид

**285.** Ривоят аст, ки Ҳасан ибни Собити ансорӣ (р) аз Абӯҳурайра (р) фатво хоста ва гуфт: Туро ба Худованд қасам медиҳам, ки оё аз Паёмбари Худо (с) шунидаӣ, ки фармуданд: "Эй Ҳассон, дар ивази Паёмбари Худо (с) ҷавоби (куфорро, ки он ҳазрат (с)-ро ҳаҷв мекарданд, бо шеъри худ) бидеҳ ва Худоё, ӯро ба воситаи Ҷабраил (ъ) муайяд бигардон." Абӯҳурайра (р) гуфт: Бале, шунидам.

## БОБИ 47. Дохил шудан бо найза дар масҷид

**286.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ба дари ҳуҷраам истода буданд ва мардуми Ҳабаша дар дохили масҷид бозӣ мекарданд ва дар ҳоле, ки ман бозии онҳоро тамошо мекардам, Паёмбари Худо (с) маро бо ридои худ ҳиҷоб мекарданд. Ва

дар ривояти дигаре омадааст, ки мардуми Ҳабаша найзабозӣ мекарданд.

## БОБИ 48. Талаби қарз ва таъқиби қарздор дар масҷид

**287.** Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят аст, ки аз Ибни Абӯҳадрад, ки қарздори ӯ буд, дар дохили масҷид мутолибаи қарзи худро намуд ва гуфтугӯяшон ба ҷое расид, ки Паёмбари Худо (с) дар хонаи худ овози онҳоро шуниданд. Аз хона баромада ва гӯшаи пардаи ҳуҷраашонро боло намуда ва фармуданд: "Эй Каъб!" гуфт: Бале, ё Расулаллоҳ! Фармуданд: "Аз ин қарзи худ бигзар", яъне қисмате аз қарзи худро ба ӯ бибахш. Гуфт: Ё Расулаллоҳ, бахшидам. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба он шахс гуфтанд "Бирав ва боқимондаи қарзашро бидеҳ."

## БОБИ 49. Ҷорӯб кардан ва чидани тикапораҳо ва хору хошок аз масҷид

**288.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки мард ё зани сиёҳпӯсте масҷидро ҷорӯб мекард, он шахс вафот намуд. Паёмбари Худо (с) дар мавриди ӯ пурсиданд, мардум гуфтанд, вафот намудааст, фармуданд: "Чаро маро хабар накардед? Қабри он мард ва ё он занро ба ман нишон диҳед." Паёмбари Худо (с) ба сари қабраш омада ва бар вай намоз хонданд.

## БОБИ 50. Ҳаром гардидани тиҷорати шароб дар масҷид

**289.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун оёти мутааллиқ ба судхорӣ дар сураи «Бақара» нозил гардид, Паёмбари Худо (с) ба масҷид омаданд ва он оятҳоро барои мардум тиловат намуданд ва баъд аз он тиҷорати шаробро ҳаром сохтанд.

## БОБИ 51. Бастани асир ва ё қарздор дар масҷид

**290.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дишаб ногаҳон деве бар ман зоҳир гардид, ё чизи дигаре ба ҳамин маънӣ гуфтанд ва мехост намози маро қатъ кунад, вале Худованд маро бар ӯ пирӯз сохт. Мехостам ӯро ба пояе аз пояҳои масҷид бибандам, то он, ки субҳ биёед ва ҳамаи шумо онро бубинед. Вале ин гуфтаи бародарам Сулаймон (ъ)-ро ба хотир овардам, ки гуфта буд: **«Парвардигоро, маро биёмурз ва ба ман мулк (ва қудрате) бидеҳ, ки барои ҳеҷ каси дигаре баъд аз ман набошад».** *(Сод: 35)*

## БОБИ 52. Насб кардани хайма барои маризон дар масҷид

**291.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Шоҳраги дасти (Саъд) (р) дар ҷанги Хандақ маҷрӯҳ гардид. Паёмбари Худо (с) дар масҷид хаймае (барои ӯ) барпо намуданд, то аз наздик муроқиби аҳволи ӯ бошанд ва хайма ҳам аз мардуми (бани Ғифор) дар масҷид барпо буд ва хуне, ки (аз дасти Саъд) ба роҳ афтода буд, сабаби хавф ва ташвиши мардуми (бани Ғифор) шуда ва аз касоне, ки дар хаймаи Саъд (р) буданд, пурсиданд ин хуне, ки аз хаймаи шумо ба тарафи хаймаи мо меояд, аз чист? Ва дар ин вақт буд, ки хуни захми (Саъд) бештар ба роҳ афтода, дар он хайма фавт намуд.

## БОБИ 53. Дохил кардани шутурон дар масҷид барои зарурат

**292.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) рафта ва гуфтам: Ман беморам (ва наметавонам пиёда тавоф кунам). Фармуданд: “Ҳамон тавр савора аз пушти сари мардум тавоф кун.” Ман (савора) тавоф кардам ва Паёмбари Худо (с) дар канори хонаи (Каъба) дар намози худ сураи **«Ваттур ва китобин мастур»**-ро мехонданд. *(Тур: 1-2)*

## БОБИ 54

**293.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ду нафар аз саҳобаи Паёмбари Худо (с) дар шаби торике аз назди он ҳазрат (с) хориҷ гардиданд ва ба монанди ин, ки бо эшон ду чароғ бошад, пеши рӯяшонро равшан мекард ва ҳангоме, ки аз якдигар ҷудо шуданд, ба ҳамроҳии ҳар кадоме аз онҳо яке аз он ду нур ҳамроҳ гардид, то ин, ки ба хонаводаи худ расиданд.

## БОБИ 55. Рахна ва роҳрав дар масҷид

**294.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) зимни хутбаи худ фармуданд: “Худованд бандае аз бандагони худро байни дунё ва байни он чӣ, ки назди ӯст, мухайяр сохт, (он банда) он чиро, ки назди Худованд буд, ихтиёр намуд.”

Абӯбакр (р) (аз шунидани ин сухан) ба гиря афтод. Бо худ гуфтам: Сабаби гиряи ин шайх чист? Сухани Паёмбари Худо (с) ин аст, ки: Худованд бандаеро байни дунё ва охират мухайяр сохтааст ва он банда он чиро, ки назди Худованд буд, ихтиёр намудааст (ва аз ин чиз набояд гиря кард). Вале баъд аз он ки Абӯбакр (р) барои мо тавзеҳ дод, донистем, ки мақсуд аз он банда Паёмбари Худо (с) будаанд.

Ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Эй Абӯбакр (р), гиря макун ва фидокортарини мардумон бароям дар ҷон ва моли худ Абӯбакр аст ва агар аз уммати худ бароям дӯсти хосе интихоб мекардам, ҳамоно Абӯбакрро интихоб менамудам, вале бародарӣ ва дӯстии исломӣ аз ҳар

(робитае) беҳтар аст. Дарвозаи ҳеҷ хонаро дар масҷид боз магзоред, магар дарвозаи (хонаи) Абӯбакрро."

**295.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар бемориe, ки аз он вафот намуданд, дар ҳоле ки сарашон ба дастмоле баста буданд, аз хона баромада, бар болои минбар нишастанд, баъд аз ҳамд ва санои Худованд фармуданд:

"Ҳеҷ кас фидокортар ба ҷон ва моли худ барои ман аз Абӯбакр ибни Абӯқуҳофа нест ва агар касеро аз мардум бароям дӯсти хос интихоб мекардам, ҳамоно Абӯбакр буд, вале дӯстӣ (ва ё робитаи) исломӣ аз ҳар дӯстӣ беҳтар аст, ҳар даричаеро, ки дар масҷид боз аст, ба ҷуз аз даричаи (хонаи) Абӯбакр), бубандед.

## БОБИ 56. Сохтани дарвоза ва қуфл дар Каъба ва масоҷиди дигар

**296.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба Макка омаданд ва (Усмон ибни Талҳа)-ро (ки масъули калиди Каъба буд) талаб намуданд. Усмон омад ва дарвозаи Каъбаро гушуд. Паёмбари Худо (с) бо Билол, Усома ибни Зайд ва Усмон ибни Талҳа (р) дохили хонаи Каъба шуданд ва дарвоза баста шуд.

Ба андозаи як соат он ҷо монданд ва сипас берун шуданд. Ибни Умар (р) мегӯяд: ман мубодират намуда ва аз Билол (р) пурсидам: Паёмбари Худо (с) дар дохили хона чӣ карданд? Гуфт: Намоз хонданд. Гуфтам: Дар кадом ҷойи хона? Гуфт: Байни ду сутун. Ибни Умар мегӯяд: Аз ёдам рафт, ки бипурсам чанд ракаат намоз хонданд.

## БОБИ 57. Ҳалқаҳои дарс ва нишастан дар масҷид

**297.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки болои минбар буданд, пурсид: Намози шабро чӣ хел бояд Хонд? Фармуданд: "Ду ракаат-ду ракаат ва агар касе аз тулӯъи субҳ метарсид, як ракаат бихонад ва он як ракаат намозҳои дигар-ро, ки дар шаб хондааст, витр месозад."

Ва Ибни Умар ҳамеша мегуфт, ки бояд охирин намози шумо дар шаб витр бошад, чун Паёмбари Худо (с) ба ин чиз амр мефармуданд.

## БОБИ 58. Ба пушт хобидан дар масҷид

**298.** Аз Абдуллоҳ ибни Зайди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки ӯ Паёмбари Худо (с)-ро дидааст, ки дар масҷид ба пушт хобида буданд ва як пояшонро рӯи пойи дигар гузошта.

## БОБИ 59. Намоз хондан дар масҷиди бозор

**299.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Намози ҷамоат аз намози дар хона ва намози дар бозор

бисту панҷ дараҷа фазилат дорад. Агар касе аз шумо вузӯ сохта ва вузӯяш комил бошад ва ба масҷид биёяд ва ғарази дигаре ҷуз намоз хондан надошта бошад, «Дар ҳар қадаме, ки бармедорад, Худованд як дараҷа мартабаашро баланд мекунад ва яке аз гуноҳони (сағира)-ашро мебахшад, то ин, ки ба масҷид бирасад ва чун ба масҷид дохил гардид, дар ҳолати намоз хондан маҳсуб мегардад ва то ҳангоме, ки дар ҷои намози худ қарор дорад, малоика барои ӯ дуо карда ва мегӯянд: Илоҳо, гуноҳонашро биёмурз, Илоҳо, бар ӯ раҳмат кун! Ва ин кор то вақте, ки бевузӯ нашавад, идома меёбад."

## БОБИ 60. Дохил кардани ангуштон дар якдигар дар дохили масҷид ва ғайри масҷид

**300.** Аз Абӯмӯсоҳ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мусалмон бо мусалмони дигар монанди сохтмоне аст, ки як қисмати он қисмати дигари онро маҳкам нигаҳ медорад." Ва дар ин вақт (барои тамсил) ангуштони худро дохили якдигар карданд.

**301.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои мо яке аз ду намози пешин ва асрро ду ракаат хонда, салом доданд, баъд аз он бархоста ва худро ба чӯби бузурге, ки дар гӯшаи масҷид афтода буд, ба тавре, ки гӯё дар ҳоли ғазаб ҳастанд, такя доданд ва дасти рости худро бар болои дасти чап гузоштанд ва ангуштони худро байни якдигар дохил намуда ва рухсори рости худро ба пушти дасти чапи худ ниҳоданд ва мардуме, ки шитоб доштанд, аз масҷид баромада ва гуфтанд ки: Намоз кӯтоҳ шудааст. Ва дар байни мардум Абӯбакр ва Умар (р) низ вуҷуд доштанд, вале аз тарс (дар ин мавзӯъ) бо Паёмбари Худо (с) сухане назаданд.

Ва аз касоне, ки он ҷо буданд, касе буд, ки соҳиби дастҳои дарозе буд ва ба номи (Зулядайн) ёд мешуд, гуфт: Ё Расулаллоҳ, фаромӯш кардед, ё намоз кӯтоҳ шудааст? Фармуданд: "На фаромӯш кардам ва на намоз кӯтоҳ шудааст." Ва аз мардум пурсиданд: "Оё қазия ҳамчунон аст, ки Зулядайн мегӯяд?" Гуфтанд: Бале!

Ва ҳамон буд, ки пеш шуданд ва он чиро, ки тарк карда буданд, комил карданд, баъд аз салом додан такбир гуфта ва монанди саҷдаи оддӣ ва ё дарозтар аз он саҷда намуданд, баъд аз он сарашонро баланд намуда ва такбир гуфтанд ва боз такбир гуфта ва мисли аввал ва ё дарозтар аз он саҷда намуданд, баъд аз он сарашонро боло намуда ва такбир гуфта, салом доданд.

## БОБИ 61. Масоҷиде, ки дар роҳи Мадина қарор дорад ва ҷойҳое, ки Паёмбари Худо (с) дар онҳо намоз хондаанд

**302.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки ӯ дар ҷойҳои муайяне аз роҳ намоз хонда мегуфт, ки Паёмбари Худо (с)-ро дидааст,

ки дар ҳамин ҷоҳо намоз мехонданд.

**303.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳангоми (нияти) умра ва ҳаҷ дар минтақаи (Зулҳулайфа) дар зери дарахти хордоре, дар ҳамон ҷое, ки масҷиди Зулҳулайфа қарор дорад, таваққуф мекарданд ва вақте, ки аз кадом ғазва бармегаштанд ва аз ҳамон роҳ меомаданд, ё аз ҳаҷ ва ё умра бармегаштанд, дар домани дашт истироҳат мекарданд ва агар роҳашон аз пушти дашт буд, дар масири водие, ки ба ҷониби шарқ қарор дошт, таваққуф менамуданд ва дар ҳамон ҷо то субҳ истироҳат мекарданд, на дар наздикии масҷиде, ки аз санг сохта шуда ва на ҳам бар болои баландие, ки масҷид рӯи он бино ёфта буд.

Дар он ҷо водии амиқе буд, ки Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар он ҷо намоз мехонд. Ва дар дохили он (водии амиқ) теппаҳои регӣ буд, ки Паёмбари Худо (с) рӯйи онҳо намоз хонда буданд. Ва сел он теппаҳоро ба дохили водӣ оварда буд, он ҷоеро, ки Абдуллоҳ (р) дар он намоз мехонд, мадфун сохта буд. (Осоре, ки Абдуллоҳ ибни Умар дар ин ҳадис ва аҳодиси ҳаштгонаи баъдӣ аз онҳо ном мебарад, мурури замон ва ҳаводиси даҳр аз байн бурдааст.

**304.** Ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) дар ҷое, ки масҷиди кӯчак қарор дорад, намоз хонданд ва мавқеияти ин масҷиди кӯчак дар поёни он масҷиде аст, ки дар канори (Равҳо) (номи минтақае) қарор дорад ва Абдуллоҳ (р) он ҷоеро, ки Паёмбари Худо (с) дар он намоз хонда буданд, ба хубӣ медонист ва ин тавр нишонӣ медод, ки он ҷо ҳангоме, ки дар масҷид намоз мехонӣ, ба тарафи рости ту воқеъ мешавад.

Он масҷид дар канори роҳ ба тарафи рости шахсе, ки ба тарафи Макка меравад, қарор мегирад, байни он масҷид ва масҷиди калон ба андозаи як сангандоз, ё чизе каму беш фосила аст.

**305.** Ва Абдуллоҳ (р) дар водие, ки ба охирин қисмати (Равҳо) қарор дорад, намоз мехонд ва ин водӣ охирин қисмати он ҷо ба канори роҳ ва дар поёни масҷиде аст, ки байни он ва байни охирин қисмати он минтақа қарор дорад ва дар он ҷо масҷиде бино ёфтааст ва Абдуллоҳ (р) дар он масҷид намоз намехонд, балки он масҷидро ба тарафи чап ва пушти сари худ қарор дода ва пеши рӯйи водӣ намоз мехонд.

Ва ҳар вақт, ки вай аз минтақаи (Равҳо) берун мешуд, намози пешинро, то ба ҳамон ҷо намерасид, намехонд ва намози пешинро фақат дар ҳамон ҷо адо мекард ва ҳангоме, ки аз Макка меомад, агар соате пеш аз субҳ ва ё саҳаргоҳ дар он ҷо мерасид, ҳамон ҷо таваққуф мекард, то ин, ки намози субҳро дар ҳамон ҷо адо намояд.

**306.** Ва Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) дар зери дарахти бузурге, ки дар поёни деҳаи (Рувайса) қарор дошт, намоз мехонданд ва ин дарахт дар тарафи рост ва пеши рӯи роҳ дар макони васеъ ва ҳамворе дар домани теппае, ки дар ду милии деҳаи (Рувайса) буд,

мавқеъият дошт, қисмати болои он дарахт шикаста шуда буд ва ба тарафи дохили он тамоюл намуда, сарозер шуда буд. Бо вуҷуди он ҳам он дарахт ба як соқ истода ва дар пойи дарахт он баромадагиҳои реги фаровоне буд.

**307.** Ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) дар сарошеби деҳаи (Арч) дар ноҳияе, ки шахс ба тарафи пушта боло мешавад, намоз хонданд, дар наздикии он масҷид ду ва ё се қабр аст, болои он қабрҳо сангҳои калоне қарор дошта ва ба тарафи рости роҳ, дар қисмате, ки роҳҳои фаръӣ ва борик аз он роҳи аслӣ ҷудо мешаванд, ин қабрҳо воқеъ гардидаанд.

Абдуллоҳ (р) аз деҳаи (Арч) дар шидати гармии рӯз баъд аз истивои офтоб берун мешуд ва дар берун шудани худ ҳамон роҳҳои борик ва фаръиро интихоб мекард ва намози пешинро дар ҳамон масҷид адо менамуд.

**308.** Ва Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дар зери дарахтони бузурге, ки ба тарафи чапи роҳ дар сарошеби деҳаи (Ҳаршо) мебошад, истироҳат намуданд ва ин сарошеб дар канори деҳаи (Ҳаршо) қарор дорад, байни ин минтақа ва роҳи аслӣ ҳудуди як тирандоз фосила аст ва Абдуллоҳ (р) назди дарахте, ки наздиктарин дарахтон ба роҳ буда ва дарозтарини онҳо буд, намоз мехонд.

**309.** Ва Абдуллоҳ (р) мегуфт, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯдхонае, ки дар охирин қисмати дашти (Марризаҳрон), дар қисмате, ки ба тарафи Мадина воқеъ аст, намоз мехонданд ва ҳангоме, ки аз минтақаи (Сафровот) пойин мешуданд, дар поёни ин рӯдхона ба тарафи чапи роҳе, ки ба тарафи Макка меравад, истироҳат мекарданд, байни ҷое, ки Паёмбари Худо (с) истироҳат мекарданд ва байни роҳи аслӣ фосилаи як сангандози даст бештар набуд.

**310.** Ва Абдуллоҳ (р) мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки ба минтақаи (Зитуво) (ҷое аст наздики Маккаи мукаррама) мерасиданд, дар он ҷо манзил карда, шаб мехобиданд, чун субҳ мешуд, ҳангоми омадан ба Макка намози субҳро адо мекарданд ва ҷое, ки Паёмбари Худо (с) дар он ҷо намоз хонданд, иборат аз теппаи реги бисёр сахте аст ва масҷиде, ки дар инҷо бино ёфтааст, дар он мавзеъе, ки Паёмбари Худо (с) намоз хондаанд, нест, балки дар поёни он мавзеъ рӯи теппаи регии сахти дигаре аст.

**311.** Ва Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) дар даҳанаи кӯҳе, ки байни он кӯҳ ва кӯҳи дароз қарор дорад, рӯй ба қибла истоданд, масҷидеро, ки дар он ҷо бино ёфтааст, ба тарафи чапи масҷид, ба тарафи теппаи сангӣ қарор доданд ва ҷоеро, ки Паёмбари Худо (с) намоз хонданд, поёнтар аз он масҷид, болои теппаи сиёҳе аст (ва агар мехоҳӣ он ҷо намоз бихонӣ), аз он теппа ҳудуди даҳ заръ бигзар, рӯи худро ба тарафи даҳанаи кӯҳе бикун, ки байни ту ва байни Каъба қарор мегирад ва намоз бихон.

# КИТОБИ АБВОБИ (СУТРА) БАРОИ НАМОЗГУЗОР

## БОБИ 1. Сутраи имом сутраи касоне аст, ки ба ӯ иқтидо кардаанд

(Сутра иборат аз чизе аст, ки намозгузор ҳангоми намоз хондан пеши рӯи худ ба фосилаи қади худ мегузорад, то касе аз макони саҷдагоҳаш убур накунад.)

**312.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки рӯзи ид ба тарафи идгоҳ мерафтанд, ба мо амр мекарданд, то сарнайзаро оварда ва пеши рӯяшон ба замин насб намоем ва эшон ба тарафи он сарнайза намоз мехонданд ва мардум пушти сарашон буданд ва ин корро дар сафар ҳам анҷом медоданд ва аз ҳамин ҷо буд, ки умаро ҳам ба ин кор иқдом намуданд.

**313.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барояшон дар (Батҳо) имоматӣ карданд ва пеши рӯяшон сарнайза қарор дошта (ва дар ин ҷо) намози пешинро ду ракаат ва намози асрро ду ракаат адо намуданд ва дар ин вақт занҳо ва улоғҳо аз пеши рӯяшон мегузаштанд.

## БОБИ 2. Фосила байни намозгузор ва сутрааш чӣ андоза бояд бошад?

**314.** Аз Саҳл (р) ривоят аст, ки гуфт: Фосила байни ҷое, ки Паёмбари Худо (с) намоз мехонданд ва байни девор ба андозаи роҳрави як гӯсфанд буд.

## БОБИ 3. Намоз хондан ба тарафи сарнайза

**315.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки барои қазои ҳоҷат берун мешуданд, ман ва ҷавони дигаре бо эшон рафта ва бо худ асо ё чӯбдасте ва ё сарнайзаро ҳамроҳи зарфи обе бармедоштем ва чун аз қазои ҳоҷат фориғ мешуданд, он зарфро ба дасташон медодем.

## БОБИ 4. Намоз хондан ба тарафи сутун

**316.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки ӯ дар наздикии сутуне, ки дар назди Қуръони карим буд, намоз мехонд. Касе гуфт: Эй Абӯмуслим, чаро доимо мекӯшӣ, ки дар назди ин сутун намоз бихонӣ? Гуфт: Чун Паёмбари Худо (с)-ро дидам, аксари авқот дар ҳамин ҷо намоз мехонданд.

## БОБИ 5. Намоз хондан дар байни сутунҳо дар ғайри намози ҷамоат

**317.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар ҳадиси дохил шудани Паёмбари Худо (с) ба хонаи Каъба ривоят аст, ки гуфт: Чун Билол аз хона берун шуд, аз вай пурсидам, ки Паёмбари Худо (с) дар дохили хона чӣ карданд?

Гуфт: (Тавре истоданд, ки) як сутунро ба тарафи чапи худ ва як сутунро ба тарафи рости худ ва се сутунро ба ақиби сари худ қарор доданд ва хонаи Каъба дар ин вақт дорои шаш сутун буд ва дар ривояте омадааст, ки ду сутунро ба тарафи рости худ қарор доданд.

## БОБИ 6. Намоз хондан ба тарафи шутур ва амсоли он

**318.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шутури худро пеши рӯйи худ хобонда ва ба сӯи он намоз мехонданд. (Яке аз ривояткунандаҳои ҳадис мегӯяд) пурсидам: Агар шутур бармехост, чӣ мекарданд?

Гуфт: Бори онро пеши рӯйи худ қарор дода ва ба сӯи он намоз мехонданд ва Ибни Умар (р) ҳам ин корро мекард.

## БОБИ 7. Намоз хондан ба сӯи тахти хоб

**319.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Магар шумоён мо (занҳо)-ро бо саг ва хар баробар қарор додаед? Ман худам дидам, ки болои тахти хоб ғалтида будам ва Паёмбари Худо (с) омада ва тахти хобро пеши рӯйи худ қарор дода ва намоз мехонданд ва чун муносиб надидам, ки дар пеши рӯяшон қарор гирам, аз тарафи дупояи он тахт пойин мехазидам, то ин, ки аз зери лиҳофам берун мешудам.

## БОБИ 8. Намозгузор бояд монеъи убури дигарон аз пеши рӯяш шавад

**320.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки ӯ рӯзи ҷумъа ба ҷониби чизе, ки монеъи убури мардумон аз пеши рӯяш гардад, намоз мехонд. Ҷавоне аз мардуми (бани Абӯмуъайт) мехост аз пеши рӯяш убур намояд, Абӯсаъид (р) бо даст ба синаи он ҷавон зада ва ӯро ба ақиб ронд, он ҷавон ба атрофаш нигоҳ карда ва чун роҳи дигареро ҷуз убур кардан аз пеши рӯйи Абӯсаъид (р) надид, боз мехост, то аз он ҷо убур намояд.

Абӯсаъид (р) ӯро аз мартабаи аввал ба шидати бештаре ба ақиб ронд, он ҷавон Абӯсаъидро дашном дод ва назди (Марвон) (амири Мадина) омад ва аз он чӣ, ки аз Абӯсаъид (р) дида буд, ба ӯ шикоят намуд ва Абӯсаъид ҳам пушти сари он ҷавон назди (Марвон) омад. Марвон гуфт: Ё Абӯсаъид, байни ту ва бародарзодаат чӣ воқеъ шудааст?

Абӯсаъид (р) гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Агар ба сӯи чизе, ки шуморо аз (убур ва мурури) мардум ҷилавгирӣ мекард, намоз мехондед ва дар ин ҳолат касе мехост, ки аз пеши рӯятон убур кунад, ӯро нагузоред ва агар аз убур кардан худдорӣ накард, бо ӯ муқотала кунед, зеро ки (амали) ӯ (амали) шайтон аст."

## БОБИ 9. Гуноҳи убур кардан аз пеши рӯйи намозгузор

**321.** Аз Абӯҷуҳайм (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки аз пеши рӯйи намозгузор мегузарад, агар бидонад, ки бар вай чӣ қадар гуноҳ мешавад, чиҳил (сол) истоданро бар убур намудан аз пеши рӯи намозгузор тарҷеҳ медиҳад."

## БОБИ 10. Намоз хондан ба тарафи шахси хобида

**322.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле намоз мехонданд, ки ман пеши рӯяшон хобида будам ва ҳангоме, ки мехостанд витр бихонанд, маро бедор намуда ва ман бо эшон витр мехондам.

## БОБИ 11. Касе, ки ҳангоми намоз хондан духтари хурдсолеро бо худ ҳамл кард

**323.** Аз Абӯқатодаи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) намоз мехонданд ва (Умома) духтари Зайнабро, ки духтари Паёмбари Худо (с) буд, бо худ ҳамл мекарданд. Ва падари (Умома) Абулъос ибни Рабеъ ибни Абдушамс буд. Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) саҷда мекарданд, он тифлро ба замин гузошта ва чун бармехостанд, дубора ӯро бо худ бармедоштанд.

## БОБИ 12. Зане, ки касофатро аз намозгузор бармедорад

**324.** Ҳадиси Ибни Масъуд (р) дар мавриди нафрини Паёмбари Худо (с) бар Қурайш ҳангоме, ки касофатҳоро бар рӯйи шонаҳои он ҳазрат (с) ниҳода буданд, каблан гузашт ва дар ин ҷо аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки мегӯяд: "...ба Худованд қасам аст, ки Қурайшро дидам, ки рӯзи Бадр сарнагун гардида ва кашон-кашон ба гудоле аз гудолҳои Бадр андохта шуданд ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касоне, ки ба ин гудол андохта шудаанд, дар охират низ ба лаънати Худо гирифтор ҳастанд."

# -9- КИТОБИ ВАҚТҲОИ НАМОЗ

## БОБИ 1. Вақтҳои намоз ва фазилати онҳо

**325.** Аз Абӯсаъиди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки ӯ рӯзе дар Ироқ назди Муғира ибни Шуъба рафт, дид, ки ӯ намозро таъхир кард, гуфт: Эй Муғира, ин чӣ кор аст? Магар хабар надорӣ, ки Ҷабраил барои таъйини вақтҳои намоз омад ва намоз хонд ва Паёмбари Худо (с) мисли ӯ намоз хонданд, боз Ҷабраил намоз хонд ва Паёмбари Худо (с) мисли ӯ намоз хонданд, боз Ҷабраил намоз хонд ва Паёмбари Худо (с) мисли ӯ намоз хонданд, боз Ҷабраил (ъ) намоз хонд ва Паёмбари Худо (с) мисли ӯ намоз хонданд ва Ҷабраил (ъ) гуфт: Ба ин гуна (намоз хондан аз тарафи Худованд) маъмур шудаам.

## БОБИ 2. Намоз сабаби омурзиши гуноҳон аст

**326.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Умар (р) нишаста будам, ки гуфт: Кадом яки аз шумо гуфтаи Паёмбари Худо (с)-ро дар мавриди фитна ба хотир доред? Гуфтам: Ҳамон тавре, ки фармудаанд, ман ба хотир дорам. Гуфт: Ту бар аҳодиси Паёмбари Худо (с) мусаллат ҳастӣ? Гуфтам: Намоз ва рӯза ва закот ва амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар, кафораи гуноҳон ва кафораи иштибоҳоте аст, ки шахс нисбат ба хонаводааш, нисбат ба молаш, нисбат ба фарзандаш ва нисбат ба ҳамсояаш муртакиб мегардад.

Умар (р) гуфт: Ин фитнаро намегуфтам, мақсудам фитнае аст, ки монанди дарё мавҷ мезанад. Ҳузайфа (р) гуфт: Ё амирал-мӯъминин! Бар ту аз онҳо зараре нест, чун дарвозаи байни ту ва байни он фитнаҳо бастааст. Умар (р) пурсид: Он дарвоза шикаста мешавад ва ё боз карда мешавад? Ҳузайфа (р) гуфт: Шикаста хоҳад шуд.

Умар (р) гуфт: Пас дар ин сурат дигар ҳаргиз баста нахоҳад шуд. Касе аз Ҳузайфа (р) пурсид: Оё Умар (р) медонист, ки мурод аз он дарвоза чист? Гуфт: Бале! Чунон медонист, мисле, медонист, ки имшаб пеш аз фардо аст. Ман ба ӯ сухане гуфтам, ки дар ӯ пӯшидагӣ ва муғолита набуд. Шахси дигаре аз Ҳузайфа (р) пурсид: Мурод аз он дарвоза (ки монеъи фитна буд) чист? Гуфт: Худи Умар (р) аст.

**327.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки шахсе рӯйи занеро бӯсид ва назди Паёмбари Худо (с) омад ва қазияро баён дошт. Худованд ин

ояро нозил фармуд, ки: **«Намозро ҳарду тарафи рӯз (субҳ ва шом) барпо доред, зеро корҳои нек лағзишҳоро аз байн мебаранд»,** *(Ҳуд: 114).* Он шахс гуфт: Ё Расулаллоҳ, ин чиз хос барои ман аст? Фармуданд: "Барои ҳамаи уммати ман аст."

**328.** Ва дар ривояти дигаре аз Ибни Масъуд (р) дар ҳадиси гузашта ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барои ҳар кас аз уммати ман, ки ба ин оят амал намояд."

## БОБИ 3. Фазилати адои намоз дар вақти он

**329.** Ва аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам, ки кадом кор дар назди Худованд (аз ҳама корҳо) маҳбубтар аст? Фармуданд: "Адои намоз дар вақти он." Гуфтам: Баъд аз он кадом кор? Фармуданд: "Некӣ кардан ба падару модар." Гуфтам: Баъд аз он кадом кор? Фармуданд: «Ҷиҳод дар роҳи Худо [Ибни Масъуд (р)] мегӯяд: Ин чизҳоро Паёмбари Худо (с) ба ман гуфтанд ва агар бештар аз ин мепурсидам, бештар мегуфтанд.

## БОБИ 4. Намозҳои панҷгона кафора аст

**330.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Ба ман бигӯед, агар ҷӯйи оби равоне ба дарвозаи хонаи кадом як аз шумо бошад ва он шахс рӯзе панҷ бор дар он ғусл намояд, оё чизе аз ифлосӣ ба танаш боқӣ мемонад?" Гуфтанд: (Ин панҷ бор ғусл) чизе аз он ифлосиро ба танаш боқӣ намегузорад. Фармуданд: **«Ин монанди намозҳои панҷгона аст, ки Худованд ба сабаби онҳо лағжишҳоро аз байн мебарад».**

## БОБИ 5. Намозгузор бо парвардигораш муноҷот мекунад

**331.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар саҷда ором бигиред, дастҳои худро монанди саг фарш накунед ва агар туф кардед, пеши рӯй ва ба тарафи рости худ туф накунед, зеро намозгузор бо Парвардигораш муноҷот мекунад."

## БОБИ 6. Намози пешин дар вақти шиддати гармӣ андаке ба таъхир меафтад

**332.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳангоме, ки ҳаво гарм мешавад, намозро дар вақти сардии ҳаво бихонед, чун гармии ҳаво аз вазиши дӯзах аст. Оташ ба назди Парвардигораш шикоят кард ва гуфт: Парвардигоро! Аъзоям якдигарро хӯрданд. Худованд барояш иҷозаи ду бор танаффусро дод, танаффусе дар тобистон ва танаффусе дар зимистон (ва ин ҳамон)

шиддати гармии тобистон ва шиддати яхбандии зимистон аст."

**333.** Ва аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре бо Паёмбари Худо (с) будам. Муаззин мехост барои намози пешин азон бидиҳад, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Сабр кун, то ҳаво сардтар шавад", боз муаззин мехост азон бидиҳад, боз ба вай гуфтанд: "Сабр кун, то ҳаво сардтар шавад" ва ҳамин тавр идома ёфт, то он, ки сояи теппаҳоро дидем.

## БОБИ 7. Вақти намози пешин ҳангоми завол аст

**334.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки Офтоб майл намуд, аз хона хориҷ гардида ва намози пешинро адо намуданд, баъд аз он болои минбар баромаданд ва дар бораи қиёмат сухан зада ва гуфтанд: «Дар қиёмат корҳои бузурге воқеъ хоҳад шуд». Ва фармуданд: "Агар касе мехоҳад роҷеъ ба чизе пурсиш намояд, бипурсад, аз ҳар чизе, ки мехоҳед, пурсиш кунед, то вақте, ки ҳамин ҷо қарор дорам, ба суолҳои шумо посух хоҳам дод."

Мардум бисёр гиря намуданд ва эшон мукаррараран мегуфтанд: "Бипурсед." Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ (р) бархост ва пурсид: Падари ман кист? Фармуданд: "Падари ту Ҳузофа аст." Боз ҳам фармуданд: "Бипурсед." Умар (р) ба дузону нишаста гуфт: Худоро ба рубубият, Исломро ба ҳайси дин ва Муҳаммадро ба ҳайси пайғамбар қабул дорем. Паёмбари Худо (с) сукут намуда, сипас фармуданд: «Ҳамин ҳоло биҳишт нишон дода шуд ва ҳеҷ хубиро (монанди хубии биҳишт) ва ҳеҷ бадиро (монанди бадии дӯзах) надидам.

**335.** Аз Абӯбарза (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози субҳро дар (вақте) адо мекарданд, ки ҳар кас нафари паҳлӯи худро шинохта метавонист ва дар намози субҳ байни шаст то сад оятро мехонданд ва намози пешинро ҳангоме мехонданд, ки офтоб завол мекард.

Асрро вақте мехонданд, ки агар касе аз мо ба охирин қисмати Мадина рафта ва бозмегашт, офтоб ҳанӯз ба дурахшиши худ боқӣ буд. Ва ровӣ он чиро, ки (Абӯбарза) дар мавриди вақти шом гуфта буд, фаромӯш кардааст ва дар таъхири намози хуфтан ҳатто то сеяки шаб ва ё то қисмате аз шаб ҳам боке надоштанд.

## БОБИ 8. Таъхир кардани намози пешин то вақти намози аср

**336.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар Мадина ҳафт ракаатро бо ҳам ва ҳашт ракаатро бо ҳам хонданд. Ҳашт ракаатеро, ки бо ҳам хонданд, намози пешин ва аср ва ҳафт ракаатеро, ки бо ҳам хонданд, намози шом ва хуфтан буд.

## БОБИ 9. Вақти намози аср

**337.** Дар ҳадиси Абубарза дар мавриди вақти намозҳо, ки ҳамин ҳоло гузашт, ин иборат низ омадааст, ки Паёмбари Худо (с) аз хоб шудани пеш аз намози хуфтан ва аз суҳбат кардан баъд аз он бадашон меомад.

**338.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо намози асрро дар вақте адо мекардем, ки агар касе аз мо берун мешуд ва ба қабилаи (бани Амр ибни Авф) мерафт, медид ки онҳо ҳанӯз намози асрро мехонанд.

**339.** Ва аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози асрро адо мекарданд ва офтоб баланд ва дурахшон буд. Шахсе, ки (Аволӣ) мерафт ва чун ба он ҷо мерасид, медид, ки офтоб ҳанӯз баланд аст, баъзе аз қисматҳои (Аволӣ) аз Мадина ҳудуди чаҳор мил ва ё чизе мисли он фосила дорад.

## БОБИ 10. Касе, ки намози асраш фавт мегардад

**340.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки намози асраш фавт мешавад, монанди касе аст, ки хонавода ва амволаш аз байн рафта ва танҳо мондааст."

## БОБИ 11. Ҳукми касе, ки намози асрро тарк мекунад

**341.** Ривоят аст, ки Бурайда (р) дар рӯзи абролуде гуфт: Намози асрро (ба зудӣ) дар аввали вақти он бихонед, зеро Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки намози асрро тарк намояд, амалан ҳабата гардида, аз байн меравад."

## БОБИ 12. Фазилати намози аср

**342.** Аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки шабе гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) будем, эшон ба тарафи моҳтоб нигоҳ карда ва фармуданд: "Шумо Парвардигоратонро мисле, ки ҳамин моҳтобро мебинед, хоҳед дид ва дар дидани Худованди мутаъол ба мушкилии издиҳом дучор нахоҳед шуд ва агар имкон буд, ки барои адои намози бомдод ва намози аср таҳти фишори гирифторӣ қарор нагиред, ин ду намозро адо намоед." Сипас ин ояи каримаро тиловат намуданд: **«Пеш аз тулӯъ ва пеш аз ғуруби офтоб ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ бигӯй».** *(Қоф: 49)*

**343.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Малоика дар рӯз ва малоика дар шаб ба таври навбатӣ бо шумо ҳастанд (ва ин малоика) дар намози субҳ ва намози аср бо ҳам ҷамъ мешаванд. Баъд аз он малоикае, ки шаб бо шумо буданд, боло мераванд ва (Ҳақтаъоло) дар ҳоле, ки худаш ба ҳоли бандагони худ аз

ҳама воқифтар аст, аз эшон мепурсад: Бандагони маро дар чӣ ҳоле тарк намудед? Онҳо мегӯянд: Онҳоро дар ҳоле тарк намудем, ки намоз мехонданд ва дар ҳоле наздашон рафтем, ки намоз мехонданд."

## БОБИ 13. Ҳукми касе, ки як ракаат аз намози асрро пеш аз ғуруб дарёбад

**344.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе як саҷдаро аз намози аср пеш аз он, ки офтоб ғуруб намояд, дарёфт, намози худро тамом намояд ва агар як саҷда аз намози субҳро пеш аз тулӯъи офтоб дарёфт, намози худро тамом намояд." (Мурод аз як саҷда дар ин ҳадис ба иттифоқи уламо як ракаат аст).

**345.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ӯ аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Муддати бақои шумо нисбат ба умматҳои гузашта монанди нисбат байни намози аср то ғуруби офтоб аст. Таврот барои аҳли Таврот дода шуд ва онҳо то нисфи рӯз ба он амал намуданд, сипас (аз амал кардан ба он) оҷиз гаштанд, аз ин ҷиҳат барои ҳар кадомашон як-як қирот музд дода шуд. Ва Инҷил барои аҳли Инҷил дода шавад ва онҳо то намози аср ба он амал намуданд, баъд аз он (аз амал кардан ба он) оҷиз гаштанд, аз ин ҷиҳат барояшон як-як қирот музд дода шуд. Ва барои мо Қуръон дода шуд ва мо ба он то ғуруби офтоб амал намудем, пас барои мо ду-ду қирот музд дода шуд. Яҳуд ва насоро гуфтанд: Парвардигоро! Барои мусалмонон ду-ду қирот ва барои мо як-як қирот музд додӣ, ҳол он, ки мо аз онҳо вақти бештаре кор карда будем. Худованд ҷалла-ҷалолуҳу мефармояд: Магар дар мавриди музд додан ба шумо зулм кардам? Мегӯянд: На. Худованди мутаъол мефармояд. Пас ин муздеро, ки барои мусалмонон додаам, фазл ва меҳрубонии ман аст ва фазл ва марҳамати худро бо ҳар касе, ки хоста бошам, мебахшам.

## БОБИ 14. Вақти намози шом

**346.** Аз Рофеъ ибни Худайҷ (р) ривоят аст, ки гуфт: Намози шомро бо Паёмбари Худо (с) адо менамудем ва касе, ки аз намоз бармегашт, ҷои тирҳои худро (ба рӯи девор) медид.

**347.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози пешинро дар вақти завол ва намози асрро вақте, ки ҳанӯз офтоб дурахшон буд ва намози шомро ҳангоме, ки офтоб ғуруб мекард, адо менамуданд.

Вале намози хуфтанро гоҳе ба таъхир ва гоҳе ба аҷала мехонданд, агар медиданд, ки мардум ҷамъ шудаанд, таъҷил мекарданд ва агар медиданд, ки дертар омадаанд, онро ба таъхир меандохтанд ва намози субҳро ба торикӣ адо мекарданд.

## БОБИ 15. Касе, ки намехост шомро намози хуфтан гуфта шавад

**348.** Аз Абдуллоҳ ибни Музаннӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар мавриди адои намози шом худ тахти таъсири мардуми бодиянишин қарор нагиред." Ва Абдуллоҳи Музаннӣ (р) гуфт: Мардуми бодиянишин (намози шомро) хуфтан меномиданд.

## БОБИ 16. Фазилати намози хуфтан

**349.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе пеш аз ин, ки ислом интишор пайдо карда бошад, Паёмбари Худо (с) намози хуфтанро ба торикӣ адо намуданд ва аз хона то он вақт берун нашуданд, ки Умар (р) гуфт: Занҳо ва атфол хоб шудаанд. Ва ҳангоми берун шудан ба мардуме, ки дар масҷид буданд, гуфтанд: "Дар тамоми рӯи замин ғайр аз шумо ҳеҷ каси дигаре ин қадар ба интизори намози хуфтан намемонд."

**350.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман ва ҳамроҳонам (р), ки бо ман дар киштӣ омада буданд, ба (Бақеъи-Бутҳон) манзил гузидем ва Паёмбари Худо (с) дар Мадина буданд.

Ҳар шаб иддае саҳоба ба навбат назди Паёмбари Худо (с) мерафтанд. Шабе навбати рафтан ба ман ва ҳамроҳонам расид. Дар ин шаб Паёмбари Худо (с) машғули баъзе корҳо буданд, аз ин сабаб намози хуфтанро то вақте, ки осмон пурситора шуд, ба таъхир андохтанд.

Баъд аз он омада, намозро бо мардум адо намуданд, чун аз адои намоз фориғ шуданд, ба ашхоси ҳозири он ҷо фармуданд: "Ором бошед ва барои шумо башорат медиҳам, ки аз ҷумлаи неъматҳои Худованд бар шумо ин аст, ки дар ин соат ҳеҷ мардуми дигаре ғайр аз шумо намоз намехонанд." Ва ё чунин фармуданд, ки "Дар ин соат ҳеҷ касе ғайр аз шумо намоз нахондааст."

Ровӣ намедонад, ки Паёмбари Худо (с) кадом як аз ин ду иборатро гуфтанд. Абӯмӯсо мегӯяд, ки: Мо баргаштем ва аз он чӣ, ки аз Паёмбари Худо (с) шунида будем, хушҳол будем.

## БОБИ 17. Хоб шудан пеш аз намози хуфтан барои касе, ки хобаш бигирад

**351.** Дар ҳадисе, ки Паёмбари Худо (с) намози хуфтанро дар торикие адо намуданд ва Умар (р) барояшон гуфта буд, ки «Занҳо ва тифлҳо хобидаанд», ин иборат низ омадааст, ки "(намози хуфтан)-ро байни ғуруби шафақи офтоб ва байни ҳиссаи (се як) аввали шаб мехонданд».

Дар ривояте аз Ибни Аббос омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) баромаданд ва гӯё, ки ман ҳамин ҳоло ба тарафашон нигоҳ мекунам, об аз

сарашон мечакид ва дар ҳоле, ки дасти худро рӯйи сарашон гузошта буданд, фармуданд: "Агар бар уммати ман машаққат намебуд, ба онҳо амр мекардам, ки намози хуфтанро дар чунин вақте бихонанд."

**352.** Ва Ибни Аббос (р) аз чӣ гуна гузоштани Паёмбари Худо (с) дасти худро болои сари худ ҳикоят намуда (ва мегӯяд): Ангуштони худро то андозае кушода ва сипас сари ангуштони худро бар фарқи сари худ гузоштанд.

Баъд аз он ангуштони худро ба ҳам наздик намуда ва ҳамон тавр онҳоро рӯйи сари худ ҳаракат медоданд, то ин, ки ангушташон ба канори гӯшашон аз ноҳияе, ки ба тарафи рӯй ва риш наздик аст, тамос намуд. Ва (Ибни Аббос) гуфт: Паёмбари Худо (с) ин корро на аз ин оромтар ва на ҳам шитобонтар анҷом медоданд.

## БОБИ 18. Вақти намози хуфтан то нимаи шаб аст

**353.** Ва Анас (р) (дар ҳадисе, ки Паёмбари Худо (с) намози хуфтанро таъхир намуданд, мегӯяд: Гӯё, ки ҳамин ҳоло ҳамон шаб аст ва ман ба дурахшиши ангуштари Паёмбари Худо (с) нигоҳ мекунам.

## БОБИ 19. Фазилати намози субҳ

**354.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе ду намозеро, ки дар сардии рӯз воқеъ аст (яъне намози субҳ ва намози асрро), бихонад, ба биҳишт дохил мешавад."

## БОБИ 20. Вақти намози субҳ

**355.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Зайд ибни Собит (р) ба ӯ гуфт, ки онҳо (саҳоба) бо Паёмбари Худо (с) хӯроки саҳарӣ хӯдем (дар Рамазон), баъд аз он намози фаҷрро хонданд. Пурсидам: Байни саҳарихӯрӣ ва намоз хондан чӣ қадар вақт буд? Гуфт: Ба андозае, ки панҷоҳ ё шаст оятро тиловат намоед.

**356.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо хонаводаам хӯроки саҳарӣ мехӯрдам ва ба шитоб меомадам, то намозро бо Паёмбари Худо (с) дарёбам.

## БОБИ 21. Ҳукми намоз хондан баъд аз намози субҳ то тулӯъи офтоб

**357.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми мақбулсухан ва аз ҳамаашон мақбултар Умар (р) назди ман шаҳодат доданд, ки Паёмбари Худо (с) аз намоз хондан баъд аз адои намози субҳ то баромадани офтоб ва (аз намоз хондан) баъд аз намози аср то ғуруби офтоб наҳй намудаанд.

**358.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)

фармуданд: "Қасд накунед, ки намоз хонданатон ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб воқеъ гардад."

**359.** Ибни Умар (р) гуфт, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки гӯшаи офтоб баромад, то ҳангоме, ки комилан баланд мешавад, намозро ба таъхир биандозед ва вақте, ки гӯшаи офтоб ғуруб кард, то ҳангоме, ки комилан ғуруб мекунад, намозро ба таъхир биандозед."

**360.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз ду байъ ва аз ду либос наҳй фармуданд. Ва ин ҳадис қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки аз ду намоз низ наҳй фармудаанд: аз намоз хондан баъд аз намози фаҷр то тулӯъи офтоб ва аз намоз хондан баъд аз аср то ғуруби офтоб.

## БОБИ 22. Набояд пеш аз ғуруби офтоб қасди намоз хонданро намуд

**361.** Аз Муовия (р) ривоят аст, ки гуфт: Шумоён тавре намоз мехонед, ки моён, ки бо Паёмбари Худо (с) ҳамсӯҳбат будем, надидем, ки чунин намоз хонда бошанд, балки аз ин навъ намоз хондан наҳй фармудаанд, яъне аз хондани ду ракаат намоз баъд аз аср.

## БОБИ 23. Намозҳои қазоиеро, ки метавон баъд аз аср адо намуд

**362.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Қасам ба зоте, ки рӯҳи он ҳазрат (с)-ро қабз намуд, Паёмбари Худо (с) то ҳангоми реҳлати худ хондани ду ракаат намоз баъд аз асрро тарк накарданд ва то вақте, ки намоз хондан барояшон мушкил нагардид, ба ликои Аллоҳ напайвастанд ва бисёр вақтҳо намозҳои худро ба даври нишаста адо менамуданд. Ва муроди Оиша (р) аз ин намозҳо ду ракаат намози баъд аз аср аст ва Паёмбари Худо (с) ин ду ракаат намозро дар масҷид адо намекарданд, то мабодо сабаби заҳмати умматашон гардад дар ҳоле, ки ҳамеша дӯст доштанд, то сабаби тахфиф бар уммати худ бошанд.

**363.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ду намоз буд, ки Паёмбари Худо (с) ҳеҷ гоҳ онҳоро чи дар ҳолати пинҳон ва чи дар ҳолати ошкоро тарк намекарданд: ду ракаат пеш аз намози субҳ ва ду ракаат баъд аз намози аср.

## БОБИ 24. Азон додан баъд аз хориҷ шудани вакт

**364.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе бо Паёмбари Худо (с) дар сафар будем, баъзе аз мардум гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, чӣ мешавад, ки шабро ҳамин ҷо бихобем. Фармуданд: "Метарсам, ки вақти намоз ба хоб бимонед."

Билол (р) гуфт: Шумо бихобед, ман шуморо бедор мекунам. (Ҳамон буд), ки хобиданд ва Билол (р) пушти худро ба шутураш такя дод ва

чун хоб бар вай ғалаба кард, хобид. Паёмбари Худо (с) ҳангоме бедор шуданд, ки офтоб баромада буд, фармуданд: "Эй Билол, чизе, ки гуфта будӣ, куҷо шуд?"

Гуфт: Ҳеҷ вакт чунин хобе ба сарам наёмада буд. Фармуданд: "Худованд то замоне, ки хост, арвоҳи шуморо қабз намуд ва боз замоне, ки хост, дубора барои шумо баргардонид. Эй Билол! Бархез ва барои намоз хондан азон бидеҳ."

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) вузӯ намуданд ва ҳангоме, офтоб баланд гардида, хуб сафед шуда буд, намозро адо намуданд.

## БОБИ 25. Касе, ки барои мардум баъд аз хориҷ шудани вақт ба ҷамоат намоз хондааст

**365.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки: Умар ибни Хаттоб (р) рӯзи ҷанги Хандақ баъд аз ин, ки офтоб ғуруб намуда буд, омад ва шурӯъ ба дашном додани куфори Қурайш намуд ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, наздик буд, ки намози асрро то ғуруби офтоб хонда натавонам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба Худо қасам, ман то ҳоло намози асрро нахондаам." Ва моён бо Паёмбари Худо (с) бархоста ва ба тарафи (Бутҳон) рафтем. Дар он ҷо вузӯ сохтанд ва моён ҳам вузӯ сохтем ва баъд аз ин, ки офтоб ғуруб намуда буд, аввал намози аср ва баъд аз он намози шомро адо намудем.

## БОБИ 26. Касе, ки намозеро фаромӯш кард, ҳар вақт, ки ба ёдаш омад, бояд онро адо намояд

**366.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки намозеро фаромӯш мекунад, ҳар вақт, ки ба ёдаш омад, он намозро адо намояд, кафорааш ҷуз ин чизи дигаре нест, Худованд мефармояд **«Ба ёди ман намозро барпой дор.»** *(Тоҳо:14)*

## БОБИ 27

**367.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "То вақте, ки интизори намозро дошта бошед, дар ҳолати намоз хондан маҳсуб мешавед."

## БОБИ 28

**368.** Ҳадиси ибни Умар (р) дар мавриди ин, ки баъд аз сад сол аз ин мардумон ҳеҷ касе зинда нахоҳад монд, қаблан гузашт ва дар ривояти дигаре аз Ибни Умар (р) омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз касоне, ки имрӯз дар рӯи замин вуҷуд доранд, ҳеҷ касе боқӣ намемонад." Ва қасдашон ин буд, ки дар ин муддати сад сол

тамоми аҳли ин қарн аз байн рафта ва мемиранд.

**369.** Аз Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) ривоят аст, ки аҳли (суфа) мардуми фақире буданд ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки нони ду нафарро дошта бошад, шахси саввумиро (аз асҳоби суфа) бо худ бурда ва хӯрок бидиҳад ва касе, ки нони чаҳор нафарро дошта бошад, шахси панҷум ё шашумро."

Ва ҳамон буд, ки Абӯбакр (р) се нафар ва Паёмбари Худо (с) даҳ нафарро бо худ бурданд.

Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) мегӯяд (хонаводаи мо аз ин афрод ташкил мешуд): ман, падарам, модарам, ҳамсарам ва ходиме, ки байни мо ва байни хонаи Абӯбакр (р) муштарак буд.

Дар он шаб Абӯбакр (р) хӯроки шабро назди Паёмбари Худо (с) тановул намуд ва баъд аз тановули таъом то ҳангоме, ки намози хуфтан хонда шуд, дар ҳамон ҷо монд, баъд аз адои намоз дубора ба хонаи Паёмбари Худо (с) рафт ва то вақте, ки Паёмбари Худо (с) таъоми шабро сарф намуданд, дар ҳамон ҷо боқӣ монд ва чун посе аз шаб гузашт, ба хонаи худаш баргашт. Ҳамсараш аз вай пурсид: Сабаб чӣ буд, ки назди меҳмонҳоят наомадӣ? Абӯбакр (р) гуфт: Магар то ҳоло барои меҳмонҳо таъом надодаед?

Ҳамсараш гуфт: Мо таъомро барояшон тақдим намудем, вале худашон то омадани ту аз хӯрдани таъом ибо варзиданд. Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) мегӯяд: Ман (аз тарс) рафта ва дар ҷое пинҳон гардидам ва Абӯбакр (р) маро садо зада гуфт: Эй беҳиммат, биниат бурида шавад! Ва баъд аз мухосама ва дашном гуфт: Шумо бихӯред, барои шумо гуворо набошад ва ба Худованд қасам аст, ки ман ҳаргиз аз ин таъом нахоҳам хӯрд.

Абдурраҳмон (р) мегӯяд: Мо ба таъом хӯрдан шурӯъ намудем ва ба Худованд қасам, ҳар луқмаеро, ки бармедоштем, ба ҷояш таъоми бештаре намоён мешуд, ҳамон буд, ки ҳамагон сер гардиданд ва таъом аз андозаи аввал бештар шуда буд. Чун Абӯбакр (р) назар кард ва дид, ки таъом ҳамон тавр ба ҳолати худ боқӣ монда ва ҳатто бештар ҳам шудааст, ба ҳамсари худ гуфт: Эй хоҳари бани Фирос! Чӣ кардаӣ?

Ҳамсараш гуфт: Ба сари фарзандам савганд, ки коре накардаам ва таъом се чанд зиёд шудааст. Ва ҳамон буд, ки Абӯбакр (р) аз он таъом хӯрда, гуфт: Қасам хӯрданам аз таъсири шайтон буд. Ва луқмаи дигаре аз он таъом бардошта ва бақияро назди Паёмбари Худо (с) бурд ва таъом то субҳ ҳамон ҷо монд.

Абдурраҳмон мегӯяд: Байни мо (мусулмонон) ва байни қавме муоҳада буд ва мӯҳлати он муоҳада ба сар расида буд.

(Онҳо омаданд) ва мо онҳоро ба дувоздаҳ гурӯҳ, ки дувоздаҳ нафар (аз худашон онҳоро сарпарастӣ мекард), тақсим намудем ва ин, ки бо ҳар яке аз он дувоздаҳ нафар чанд нафар буд. Худо беҳтар медонад, тамоми онҳо аз он таъом хӯрданд.

# -10-
# КИТОБИ АЗОН

## БОБИ 1. Ибтидои машруъияти азон

**370.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки мегуфт: Мусалмонон ҳангоме, ки ба Мадина омаданд, дар ҷое ҷамъ мешуданд ва мунтазири намоз боқӣ мемонданд ва азоне барои намоз дода намешуд. Рӯзе дар ин маврид табодули назар намуданд, баъзе гуфтанд, ки аз ноқусе монанди ноқуси насоро истифода мекунем ва иддае гуфтанд, ки монанди яҳуд буқе аз шох таҳия мекунем. Умар (р) гуфт: Оё намешавад шахсеро муваззаф намоем, то мардумро ба намоз даъват намояд? Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Эй Билол! Бархез ва мардумро ба намоз даъват кун."

## БОБИ 2. Алфози азон ду бор-ду бор гуфта мешавад

**371.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба Билол амр шуд, ки азонро ду бор ду бор ва иқоматро як-як бор бигӯяд, магар лафзи иқомат (яъне қад қомати-с-салот)-ро.

## БОБИ 3. Фазилати азон додан

**372.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки барои азон нидо мешавад, шайтон барои он, ки садои азонро нашнавад, дар ҳоле, ки бод аз вай хориҷ мегардад, мегурезад ва чун азон тамом шуд, дубора бармегардад ва боз дар вақти иқомат гуфтан мегурезад ва чун иқомат тамом шуд, дубора бармегардад, дар дили (шахси намозгузор) мухотира андохта ва чизҳоеро, ки аз ёдаш рафта буд, дубора ба ёдаш оварда мегӯяд: Ин чизро ба ёд биёвар, он чизро ба ёд биёвар. Ба ин кор то ҷое идома медиҳад, ки шахси намозгузор намедонад чанд ракаат намоз хондааст.

## БОБИ 4. Муаззин бояд овозашро баланд намояд

**373.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ҳар инс ва ҷин ва махлуқи дигаре (аз санг ва чӯб ва дарахт ва ғайра), ки садои муаззинро бишнавад, дар рӯзи қиёмат барояш шаҳодат медиҳад."

## БОБИ 5. Азон монеъи хунрезӣ мегардад

374 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки бо Паёмбари Худо (с) барои ҷиҳод кардан бо мардуме мерафтем, ба ҷанг шурӯъ намекардем, балки то субҳ интизор мекашидем, ҳангоми субҳ агар садои азонро мешуниданд, аз ҷанг даст кашида ва бармегаштанд, варна бар онҳо ҳамла мекарданд.

## БОБИ 6. Дар вақти шунидани азон чӣ бояд гуфт

**375.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки азонро шунидед, ҳамон чизеро, ки муаззин мегӯяд, шумо ҳам бигӯед."

**376.** Аз Муовия (р) низ монанди ҳадиси собиқ ривоят шудааст: То ин, ки муаззин *"ва ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ"* бигӯяд ва чун *"ҳайя алас салот"* гуфт, шумо бигӯед, ки: *"Ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ."* Ва Муовия (р) гуфт: Ин чизро аз Пайғамбари шумо шунидаам.

## БОБИ 7. Дуо кардан дар вақти азон

**377.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки азонро шунида ва бигӯяд (Аллоҳумма рабба ҳозиҳӣ даъвати-т-томати ва-с-салоти-л-қоимати оти Муҳаммадани-л-василата вал фазилата ваб ъасҳу мақоман маҳмудани-л-лазӣ ваъадтаҳу) шафоъатам дар рӯзи қиёмат барояш воҷиб мегардад."

## БОБИ 8. Қуръакашӣ ҷиҳати азон додан

**378.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар мардум бидонанд, ки дар азон додан ва намоз хондан дар сафи аввал чӣ фазилате аст, агар чораи дигаре ҷуз қуръакашӣ наёбанд, бар сари он қуръакашӣ хоҳанд кард ва агар медонистанд, ки дар намози пешин чӣ қадар савоб аст, дар омадани он аз якдигар сабқат меҷустанд ва агар медонистанд, ки дар намози хуфтан ва намози субҳ чӣ қадар хайру баракат аст, агар ба таври хазида ҳам мебуд, ҳатман ба он ҳозир мешуданд."

## БОБИ 9. Агар шахси нобино касеро дошта бошад, ки ӯро аз вақти азон бохабар созад, азон доданаш ҷавоз дорад

**379.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Билол дар шаб азон медиҳад, пас то вақти азон додани (Ибни Умми Мактум) (дар вақти саҳар) бихӯред ва биёшомед." Ва Ибни Умар (р) мегӯяд: Ибни Умми Мактум (р) шахси нобиное буд, ки агар чандин бор барояш намегуфтанд, ки субҳ шудааст, азон намедод.

## БОБИ 10. Азон додан баъд аз дохил шудани вақти намози субҳ

**380.** Аз Ҳафса (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар муаззин азони субҳро намедод ва субҳ рӯшан мешуд, Паёмбари Худо (с) пеш аз барпо шудани ҷамоат ду ракаат намоз ба таври сабук ва кӯтоҳ адо мекарданд.

## БОБИ 11. Азон додан пеш аз дохил шудани вақти намози субҳ

**381.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Азони Билол монеъи саҳарӣ кардани шумо нашавад, зеро ӯ ба шаб азон медиҳад, то шахсеро, ки истодааст ва таҳаҷҷуд мехонад, барои истироҳат кардан ва ё саҳарӣ кардан ба хонааш баргардонад ва касеро, ки хоб аст, бедор намояд ва агар рӯшанӣ аз тарафи боло ба поин бувад, касе фикр накунад, ки субҳ тулӯъ кардааст."

Ва бо ангуштони худ (барои нишон додани субҳи козиб) ба тарафи боло ва пойин ишора намуда ва фармуданд: "Магар он, ки равшанӣ чунин бошад». Ва дар ҳоле, ки ангушти сабобаи худро болои ангушти дигари худ қарор дода буданд, ба тарафи чап ва рости худ ишора намуданд (ин амал барои нишон додани субҳи содиқ буд).

## БОБИ 12. Касе, ки бихоҳад, метавонад байни азон ва иқомат намоз бихонад

**382.** Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффали Музанӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Байни азон ва иқомат намоз хондан лозим аст." Ин каломро се бор такрор намуда (ва гуфтанд): "касе, ки бихоҳад." Ва дар ривояти дигар омадааст, ки фармуданд: "Байни азон ва иқомат бояд намоз хонд, байни ду азон бояд намоз хонд." Ва дар мартабаи саввум фармуданд: "касе, ки бихоҳад."

## БОБИ 13. Касе, ки гуфт: Дар ҳолати сафар бояд танҳо як муаззин азон бидиҳад

**383.** Аз Молик ибни Ҳувайрис (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо мардуме аз ақвоми худ назди Паёмбари Худо (с) омадам ва муддати бист рӯз наздашон мондем, аз ин ҷо, ки эшон меҳрубон ва бошафқат буданд ва иштиёқи моро нисбат ба аҳлу авлоди мо эҳсос намуданд, фармуданд: "Баргардед ва дар байни хонаводаи худ бошед, ба онҳо таълим бидиҳед ва намозро адо намоед, чун вақти намоз дохил шуд, яке аз шумоён азон дода ва бузургтарини шумо барои шумо имоматӣ кунад."

**384.** Ва аз Молик ибни Ҳувайрис (р) дар ривояти дигар омадааст, ки ду нафар қасди сафарро доштанд, назди Паёмбари Худо (с) омаданд, Паёмбари Худо (с) барояшон фармуданд: "Ҳангоме, ки ба (сафар) берун шудед, азон дода ва иқомат бигӯед, баъд аз он бузургтари шумо ба дигаре имоматӣ кунад."

## БОБИ 14. Агар мусофирин ҷамоате буданд, бояд азон дода ва иқомат бигӯянд

**385.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар шабҳои сард ва шабҳои боронӣ дар ҳангоми сафар муаззинеро амр мекарданд, ки азон бидиҳад ва дар пайи он мефармуданд: "Намозро дар канори бор ва ва матоъи худ бихонед."

## БОБИ 15. Ин гуфтаи шахс, ки намози мо фавт шудааст

**386.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки бо Паёмбари Худо (с) намоз мехондем, эшон садои (пой) ва ҳаракати мардумеро, ки роҳ мерафтанд, шуниданд, баъд аз намоз хондан пурсиданд: "Шуморо чӣ шуда буд?" Гуфтанд: Ҷиҳати расидан ба намоз шитоб мекардем. Фармуданд: "Чунин накунед, вақте ки ба тарафи намоз меоед, ором ва бовиқор биёед, он чиро ки аз намоз дарёфтед, бихонед ва он чиро, ки фавт шуда буд, тамом кунед."

## БОБИ 16. Мардум агар имомро диданд, дар вақти иқомат гуфтан чӣ вақт бархезанд?

**387.** Ва аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки иқомат гуфта мешавад, то маро набинед, барнахезед." (Зеро он ҳазрат (с) ба сабаби анҷом додани кори заруре баъд аз иқомат гуфтан таъхир мекарданд).

## БОБИ 17. Агар барои имом баъд аз иқомат гуфтан коре пеш ояд

**388.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки (дар яке аз намозҳо) дар ҳоле иқомат гуфта шуд, ки Паёмбари Худо (с) бо шахсе дар гӯшаи масҷид машғули сӯҳбат буданд ва вақте барои намоз хондан омаданд, ки мардумро хоб бурда буд.

## БОБИ 18. Воҷиб будани намози ҷамоат

**389.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, тасмим гирифта будам, то амр намоям, ки ҳезумеро омода созанд, баъд аз он амр

намоям, ки барои намоз азон дода шавад, сипас шахсеро амр намоям, ки барои мардум имом шавад ва худам ба таъқиби мардуме, ки (ба намоз ҳозир намешаванд) рафта, онҳоро бо хонаҳояшон бисӯзонам ва қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯ аст, агар инҳо бифаҳманд (ки дар ҳозир шудан ба намоз қитъаи гӯшти фарбеҳ ва ё лоғаре насибашон хоҳад шуд, ҳатман ба намози хуфтан ҳозир мешаванд."

## БОБИ 19. Фазилати намози ҷамоат

**390.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Намози ҷамоат бар намозе, ки танҳо хонда мешавад, бисту ҳафт дараҷа фазилат дорад."

## БОБИ 20. Фазилати адои намози субҳ бо ҷамоат

**391.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Намози шумо бо ҷамоат нисбат ба намозе, ки танҳо мехонед, бисту панҷ бор фазилат дорад ва малоикаи шаб ва малоикаи рӯз дар намози субҳ бо ҳам ҷамъ мешаванд." Сипас Абӯҳурайра (р) гуфт: Ва агар мехоҳед, ин ояро бихонед: **Инна Қуръона-л-фаҷри кона машҳудо.** ***(Яқинан дар Қуръоне, ки ба вақти фаҷр хонда мешавад, фариштагон ҳозир мешаванд.)*** *(Исро, ояи 78).*

**392.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бештарини савоб дар намоз барои касоне аст, ки роҳашон дуртар ва дуртар аст ва савоби касе, ки интизор мекашад, то бо имом намоз бихонад, аз савоби касе, ки намозро хонда мехобад, бештар аст."

## БОБИ 21. Фазилати ҳозир шудан ба намози пешин дар шиддати гармӣ

**939.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шахсе дар роҳ мерафт, дид, ки буттаи хоре афтодааст, онро бардошт ва аз роҳ дур кард, ин амалро Худованд аз вай қабул карда, ӯро омурзид." Баъд аз он Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Шуҳадо панҷ гурӯҳанд: касе, ки захмӣ гардидааст, касе, ки аз маразӣ шикам (монанди исҳол ва амсоли он) мурдааст, касе, ки ғарқ шудааст, касе, ки зери девор ва ё хона мондааст ва касе, ки дар роҳи Худо ба шаҳодат расидааст."

## БОБИ 22. Рафтан ба масҷид ба талаби ризои Худованд

**394.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки мардуми (бани Салима) мехостанд хонаҳои худро тарк намуда ва наздики Паёмбари Худо (с) барои худ хона бигиранд. Чун Паёмбари Худо (с) намехостанд, ки атрофи

Мадина аз мардум холӣ гардад, ба онҳо гуфтанд: “Оё намехоҳед, ки ба ин рафтуомади худ ризои Худовандро касб намоед?»

## БОБИ 23. Фазилати адои намози хуфтан бо ҷамоат

**395.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ҳеҷ намозе бар мунофиқин аз намози субҳ ва намози хуфтан душвортар нест ва агар медонистанд, ки дар ин ду намоз чӣ қадар савоб аст, агар ба таври хазида ҳам мебуд, ба ин ду намоз ҳозир мешуданд.”

## БОБИ 24. Савоби касе, ки дар масҷид нишаста ва интизори намозро дорад ва фазилати масоҷид

**396.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Ҳафт гурӯҳанд, ки Худованди мутаъол онҳоро дар сояи худ, дар рӯзе, ки сояи дигаре ҷуз сояи Ӯ вуҷуд надорад, ҷой медиҳад: имоми одил, ҷавоне, ки дар ибодати Парвардигораш бузург шуда бошад, шахсе, ки дилаш гаравидаи масоҷид аст, ду шахсе, ки дӯстиашон хос барои Худо бошад, ба ҳамин сабаб бо ҳам ҷамъ мешаванд ва ба ҳамин сабаб аз якдигар ҷудо мешаванд ва шахсе, ки зани бошахсият ва зебое аз вай хоҳиши кори бадро намуда ва ӯ дар ҷавоб мегӯяд: «Ман аз Худо метарсам». Ва шахсе, ки садақаро тавре медиҳад, дасти чапаш аз дасти росташ хабар намешавад ва шахсе, ки дар танҳоӣ Худоро ба ёд оварда ва ашк аз чашмонаш мерезад».

## БОБИ 25. Фазилати рафтуомад ба масҷид

**397.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Касе, ки ба масҷид меравад ва бармегардад, Худованд барояш дар ҳар рафтуомад манзиле дар биҳишт омода мекунад.”

## БОБИ 26. Вақте, ки намоз барпо гардид, намози дигаре ғайр аз намози фарзро набояд хонд

**398.** Аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна (р), ки аз мардуми (Азд) буд, ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шахсеро диданд, ки баъд аз барпо шудани намоз ду ракаат намоз мехонд, баъд аз ин, ки Паёмбари Худо (с) аз намоз фориғ шуданд, мардум дар атрофашон ҷамъ шуданд, Паёмбари Худо (с) ба он шахс фармуданд: “Магар намози субҳ чаҳор ракаат аст? Магар намози субҳ чаҳор ракаат аст?”

## БОБИ 27. Шахси бемор то чӣ вақт бояд ба ҷамоат ҳозир шавад

**399.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба беморие, ки аз он вафот ёфтанд, гирифтор шуданд, вақти намоз дохил гардид ва азон дода шуд, фармуданд: "Абӯбакрро амр кунед, ки барои мардум намоз бихонад". Касе гуфт, ки (гӯянда Оиша (р) буд) Абӯбакр (р) шахси дилнозук аст, агар ба ҷои шумо истода шавад, (аз шиддати гиря) наметавонад барои мардум намоз бихонад.

Боз Паёмбари Худо (с) ҳамон гуфтаи худро такрор намуданд, онҳо ҳам ҳамон чизро дубора гуфтанд. Барои бори саввум ҳамин сухан такрор гардид ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шумоён ҳам монанди занҳои ҳамнишини Юсуф (ъ) ҳастед. Абӯбакрро амр кунед, ки барои мардум намоз бихонад."

Абӯбакр (р) бархост ва барои мардум намоз хонд ва Паёмбари Худо (с) дар худ сабукӣ эҳсос намуда ва ба кӯмаки ду нафар, дар ҳоле, ки ба тарафи чап ва рост мутамоил мешуданд, (аз хона) берун шуда (ва ба тарафи намоз рафтанд).

Оиша (р) мегӯяд: Гӯё ҳамин ҳоло ба тарафи пойҳои Паёмбари Худо (с), ки аз шиддати дард ба замин кашида мешуд, нигоҳ мекунам.

Абӯбакр (р) мехост аз ҷойи худ ақиб биёяд, вале Паёмбари Худо (с) ба вай ишора намуданд, ки дар ҷойи худ бош, баъд аз он Паёмбари Худо (с)-ро оварданд, то ин ки дар паҳлӯи Абӯбакр (р) шинонданд, Паёмбари Худо (с) намозро адо намуданд.

Абӯбакр (р) ба Паёмбари Худо (с) ва мардум ба Абӯбакр (р) иқтидо намуданд. Дар ривояти дигаре омадааст, ки Паёмбари Худо (с) ба тарафи чапи Абӯбакр (р) нишастанд ва Абӯбакр (р) намозро истода адо намуд.

**400.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) вазнин шуда ва бемориашон шиддат ёфт, аз ҳамсарони худ иҷоза хостанд, то бемории худро дар хонаи ман бигзаронанд, онҳо барои Паёмбари Худо (с) иҷоза доданд.

## БОБИ 28. Оё бояд имом ба касоне, ки ҳозир шудаанд, намозро адо намояд ва оё бояд дар рӯзи ҷумъа агар борон ҳам меборад, хутба хонда шавад?

**401.** Аз Абдуллоҳ ибни Ҳорис (р) ривоят аст, ки Ибни Аббос (р) дар яке аз рӯзҳое, ки бисёр гил ва лой буд, хутбаро хонд ва ҳангоме, ки муаззин азон дода ва ба (Ҳайя ъалас салот) расид, ба муаззин амр кард, ки ба мардум бигӯй, то намозҳои худро дар хонаҳои худ адо намоянд.

Мардум яке ба тарафи дигаре нигоҳ карда ва гӯё, ки аз ин сухан бадашон омад, Ибни Аббос (р) барои онҳо гуфт: Гӯё, ки аз ин сухан бадатон омад, ин корро касе кардааст, ки аз ман беҳтар аст, яъне Паёмбари Худо (с), ин як амри машруъе аст ва ман нахостам шуморо ба машаққат биандозам.

**402.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз Ансор [ба Паёмбари Худо (с)] гуфт: Ман бо шумо (дар ҷамоат) намоз хонда наметавонам. Ин шахс хеле чоқ ва фарбеҳ буд, рӯзе барои Паёмбари Худо (с) таъомеро таҳия намуда ва эшонро ба хонаи худ даъват намуд, бӯрёро андохт ва як тарафи онро обпошӣ кард. [Паёмбари Худо (с)] болои он бӯрё ду ракаат намоз адо намуданд.

Шахсе аз (оли Ҷоруд) аз Анас (р) пурсид: Оё Паёмбари Худо (с) ҳангоми чошт намози (зуҳо) мехонданд? [Ибни Аббос (р)] гуфт: Ғайр аз ҳамин рӯз надидам, ки намози чоштро хонда бошанд.

## БОБИ 29. Агар таъом ҳозир гардид ва иқомат гуфта шуд (чӣ бояд кард?)

**403.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки таъоми шоми шумо ҳозир шуд, пеш аз ин, ки намози шомро бихонед, таъоми худро тановул намоед ва таъоми шоми худро ба аҷала нахӯред."

## БОБИ 30. Касе, ки машғули кори хона буд ва дар вақти иқомат ба намоз рафтааст

**404.** Касе аз Оиша (р) пурсид: Паёмбари Худо (с) дар хонаи худ чӣ мекарданд? Гуфт: Дар хизмати аҳли байти худ буданд ва чун иқомат гуфта мешуд, ба тарафи намоз мерафтанд.

## БОБИ 31. Касе, ки барои мардум намоз хонда ва ирода доштааст, ки барояшон намоз ва суннати Паёмбари Худоро биомӯзад

**405.** Аз Молик ибни Ҳувайрис (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои шумо намоз мехонам, гарчӣ қасди намоз хонданро надорам (вале мехоҳам), то намоз хонданеро, ки аз Паёмбари Худо (с) дидаам (барои шумо нишон бидиҳам).

## БОБИ 32. Аҳли илм ва фазл аз дигарон ба имомат додан мустаҳиқтаранд

**406.** Аз Оиша (р) дар ҳадисе, ки Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то Абӯбакр (р) ба мардум намоз бихонад, ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Абӯбакр (р) чун дар ҷойи шумо биистад, наметавонад аз шиддати гиря садояшро ба мардум бишнавонад, (беҳтар аст) Умар (р)-ро амр намоед, то барои мардум намоз бихонад.

Оиша (р) мегӯяд: Ба Ҳафса (р) гуфтам: Ту барои Паёмбари Худо (с) бигӯ, ки Абӯбакр (р) агар дар ҷойи шумо биистад, аз шиддати гиря наметавонад садояшро ба мардум бишнавонад. Ҳафса (р) ин суханро ба Паёмбари Худо (с) гуфт, эшон фармуданд: "Бас кунед! Шумоён

ҳамчун занон қазияи Юсуф (ъ) ҳастед, Абӯбакрро амр кунед, ки барои мардум намоз бихонад" (баъд аз ин воқеа).

Ҳафса ба Оиша гуфт: Ман аз ту хайре надидам.

**407.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакр (р) дар маразе, ки Паёмбари Худо (с) аз он вафот намуданд, барои мардум имоматӣ мекард, то ин, ки рӯзи душанбе дар ҳоле, ки мардум ба намоз истода буданд, Паёмбари Худо (с) пардаи ҳуҷраро ба як тараф карданд ва дар ҳоле, ки истода буданд, ба тарафи мо нигоҳ мекарданд, рӯяшон монанди варақе аз Қуръон буд. Дар ин вақт табассум намуда ва хандиданд, моён аз шиддати хуш дидани Паёмбари Худо (с) мехостем аз намоз хориҷ шавем. Абӯбакр (р) бо ин фикр, ки шояд Паёмбари Худо (с) ҷиҳати намоз хондан берун шудаанд, аз ҷояшон ақиб омада, то ба сари сафи (муқтадиён) расид, Паёмбари Худо (с) ба тарафи мо ишора намуданд, ки "намози худро тамом кунед." Пардаро дубора кашида ва дар ҳамон рӯз вафот намуданд.

## БОБИ 33. Касе, ки мехост имоматӣ кунад, вале имоми аслӣ омад

**408.** Аз Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҷиҳати сулҳ ва оштӣ додани мардум ба қабилаи (бани Амр ибни Авф) рафтанд. Вақти намоз дохил гардид, муаззин азон дода, назди Абӯбакр (р) омад ва гуфт: Оё барои мардум имоматӣ мекунӣ, ки иқомат бигӯям? Гуфт: Бале! Абӯбакр барои мардум имом шуд. Дар ин вақт Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки мардум ба намоз буданд, омада, ба сари саф истоданд, мардум каф заданд ва Абӯбакр (р) дар намоз ба ин тарафу он тараф наменигарист, вале чун зиёд каф заданд, нигарист ва Паёмбари Худо (с)-ро дид ва Паёмбари Худо (с) барояш ишора намуданд, ки "дар ҷойи худ бош."

Абӯбакр (р) аз ин, ки Паёмбари Худо (с) ӯро бо ин чиз амр намуданд, дастҳояшро баланд карда ва ҳамд ва санои Худовандро ба ҷой овард, бо вуҷуди ин ҳам аз ҷойи худ пас омад, то ба сари саффи (муқтадиён) расид ва Паёмбари Худо (с) пеш шуда, намозро хонданд, чун аз намоз фориғ шуданд, фармуданд: "Эй Абӯбакр, чӣ чиз монеъ шуд, ки бо вуҷуди амри ман дар ҷойи худ наистодӣ?" Абӯбакр (р) гуфт: Ҳеҷ гоҳ ба (Ибни Абӯқаҳофа) (яъне Абӯбакр) муносиб нест, ки дар ҳузури Паёмбари Худо (с) имоматӣ кунад. Паёмбари Худо (с) (хитоб ба мардум) фармуданд: "Чаро ин қадар зиёд каф задед, касе, ки дар намоз бо мушкилие дучор мешавад, субҳоналлоҳ бигӯяд, зеро вақте, ки субҳоналлоҳ бигӯяд, ба тарафи ӯ менигаранд ва каф задан хос барои занҳо аст."

## БОБИ 34. Имом барои ин аст, ки ба вай иқтидо шавад

**409.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) вазнин шуданд, пурсиданд: "Оё мардум намозро хондаанд?" Гуфтем:

На! Ё Расулаллоҳ, онҳо интизории шуморо мекашанд. Фармуданд: "Барои ман обе дар тašт омода кунед». (Оиша (р) мегӯяд) чунин кардем, аз он об ғусл намуда ва чун мехостанд ҳаракат намоянд, беҳуш шуданд, баъд аз он ба ҳуш омада ва пурсиданд: "Оё мардум намозро хондаанд?"

Гуфтем: На, ё Расулаллоҳ, онҳо интизории шуморо мекашанд. Фармуданд: "Бароям обе дар тašт омода кунед". Оиша (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дар он зарф нишаста ва ғусл намуданд ва чун хостанд бархезанд, беҳуш гардиданд, баъд аз он ба ҳуш омада ва пурсиданд: "Оё мардум намозро хондаанд?"

Гуфтем: На, ё Расулаллоҳ, онҳо интизории шуморо мекашанд. Гуфтанд: «Обе дар тašт бароям омода намоед." Ва нишастанд ва аз он об иғтисол намуданд ва чун мехостанд бархезанд, беҳуш гардиданд.

Баъд аз он ба ҳуш омаданд ва пурсиданд: "Оё мардум намозро хондаанд?" Гуфтем: На, ё Расулаллоҳ, онҳо интизории шуморо мекашанд. Дар ин вақт мардум дар масҷид ҷамъ шуда ва интизории Паёмбари Худо (с)-ро мекашиданд, ки омада ва намози хуфтанро барои онҳо бихонанд ва Паёмбари Худо (с) шахсеро назди Абӯбакр (р) фиристоданд, ки намозро барои мардум бихонад.

Он шахс назди Абӯбакр (р) омада гуфт: Паёмбари Худо (с) амр карданд, ки омада барои мардум намоз бихонӣ. Ва чун Абӯбакр (р) шахси дилнозуке буд, ба Умар (р) гуфт: Ту барои мардум намоз бихон. Умар (р) гуфт: Ту ба ин кор аз ман сазовортарӣ. Ва ҳамон буд, ки Абӯбакр (р) чанд рӯзе барои мардум имоматӣ кард (ва бақияи ин ҳадис қаблан гузашт).

**410.** Ва аз Оиша (р) дар мавзӯъи ҳадиси намоз хондани Паёмбари Худо (с) дар ҳоли бемориашон чунин омадааст, ки фармуданд: "Агар (имом) нишаста намоз мехонад, шумо ҳам нишаста намоз бихонед" *(Ин ҳадис мансух аст).*

## БОБИ 35. Муқтадӣ чӣ вақт бояд саҷда намояд?

**411.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) мегуфтанд "самиъаллоҳу ли ман ҳамида", то вақте, ки он ҳазрат (с) ба саҷда намерафтанд, касе аз мо пушти худро хам намекард (ва чун ба саҷда мерафтанд) мо ҳам баъд аз эшон ба саҷда мерафтем.

## БОБИ 36. Гуноҳи касе, ки сари худро пеш аз имом боло мекунад

**412.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки сари худро пеш аз имом боло мекунад, оё аз ин наметарсад, ки Худованд сарашро монанди сари хар ва ё сураташро ба сурати хар даровард?»

## БОБИ 37. Имоматӣ кардани ғулом ва тифли ноболиғ

**413.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Бишнавед ва итоат кунед ва гарчи шахси ҳабашие, ки сараш ба монанди мавизе бошад, бар шумо амир муқаррар гардад."

## БОБИ 38. Агар имом намозро комил адо накард, вале муқтадиён ба таври комил адо намуданд

**414.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "(Имомҳо) барои шумо имоматӣ мекунанд, агар намозро комил адо намуданд, савоби он намоз барои шумо ва барои онҳост ва агар хато намуданд, савоби он намоз барои шумо ва гуноҳи он бар худи онҳост."

## БОБИ 39. Агар ду нафар буданд, муқтадӣ бояд ба паҳлӯи имом биистад

**415.** Ҳадиси Ибни Аббос (р), ки вай шаб дар хонаи холааш хобида буд, қаблан гузашт ва дар ин ривоят чунин омадааст, ки: "Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба хоб рафтанд, то ин, ки садои нафирашон баланд шуд, сипас муаззин наздашон омад ва эшон аз хона баромаданд ва бидуни он, ки вузӯ бисозанд, намоз хонданд».

## БОБИ 40. Агар имом намозро тӯлонӣ намуд ва шахсе, ки зарурат дошт, аз намоз баромад

**416.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Муъоз ибни Ҷабал (р) бо Паёмбари Худо (с) намоз мехонд, баъд аз он баргашта, барои қавми худ имоматӣ мекард, (шабе) дар намози хуфтан сураи Бақараро тиловат намуд.

Шахсе аз намоз баромад ва Муъоз (р) гӯё ӯро бад гуфт. (Чун) ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид, фармуданд: "Фитнагар аст, фитнагар аст, фитнагар аст." Ё фармуданд: "Фитнаандоз аст, фитнаандоз аст, фитнаандоз аст" (яъне, мардумро аз дин мутанаффир месозад). Ва ӯро амр карданд, ки ду сураи миёна аз сураҳои муфассалро бихонад. Ва сураҳои муфассал аз сураи "*Ва-с-самои зоти-л-буруҷ*", то сураи "*Лам якуни-л-лазина кафару*" мебошад).

## БОБИ 41. Имом қироатро кӯтоҳ, вале рукӯъ ва суҷудро ба таври комил адо намояд

**417.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ, ба Худованд қасам аст, ки ман аз ин, ки фалонӣ намозро тӯлонӣ

месозад, намози субҳро ба таъхир меандозам. Ибни Масъуд (р) мегӯяд: Ман дар ҳеҷ мавъизае Паёмбари Худо (с)-ро монанди он рӯз ғазабнок надида будам, фармуданд: "Баъзе аз шумоён мардумро аз дин мегурезонад ҳар касе, ки аз шумо барои мардум имом шавад, аз дароз хондан сарфи назар намояд, зеро дар байни намозгузорон касонеанд, ки заъиф ва ё калонсол буда ва ё кори заруре доранд."

**418.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) дар ҳадиси Муъоз (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) барояш фармуданд: "Чаро дар намоз **Саббиҳисма раббика, Ва-ш-шамси вазуҳоҳо, Ва-л-лайли изо яғшо**-ро нахондӣ?"

## БОБИ 42. Кӯтоҳ хондан ва комил кардани намоз

**419.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намозро кӯтоҳ, вале ба таври комил адо мекарданд.

## БОБИ 43. Касе, ки намозро дар вақти шунидани гиряи кӯдак кӯтоҳ сохт

**420.** Аз Абӯқатода (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ман дар вақти намоз тасмим мегирам, ки намозро тӯлонӣ бихонам, вале гиряи тифлеро мешунавам ва аз тарси ин, ки мабодо модараш парешон гардад, он намозро кӯтоҳ месозам."

## БОБИ 44. Баробар кардани сафҳо дар вақти иқомат гуфтан

**421.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ё сафҳои худро баробар кунед, ё ин, ки Худованд байни шумоён ихтилоф хоҳад андохт."

## БОБИ 45. Рӯй овардани имом ба муқтадиён дар вақти баробар кардани сафҳо

**422.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Сафҳои худро рост кунед ва наздики якдигар биистед, зеро ман шумоёнро аз пушти сари худ мебинам."

## БОБИ 46. Вақте ки байни имом ва байни мардум девор ва ё пардае қарор дошта бошад

**423.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шаб дар ҳуҷраи худ намоз мехонданд ва девори ҳуҷра кӯтоҳ буд. Мардум Паёмбари Худо (с)-ро (дар ҳоли намоз хондан) диданд ва гурӯҳе аз мардум ба эшон иқтидо намуда ва намоз хонданд. Чун субҳ шуд, ин ҳодисаро ба дигарон гуфтанд.

Шаби дуввум Паёмбари Худо (с) ба намоз истода ва мардуме омада ва ба эшон иқтидо намуданд.

Ин кор ду ё се шаб идома ёфт ва ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с) дар хона нишаста, барои намоз хондан берун нашуданд. Чун субҳ шуд, мардум сабабро ҷӯё шуданд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Тарсидам, ки мабодо намози шаб бар шумо фарз гардад."

## БОБИ 47. Намози шаб (намози таҳаҷҷуд)

**424.** Ва дар ҳамин ҳадис аз ривояти Зайд ибни Собит (р) илова бар ривояти [Оиша (р)] омадааст, ки [Паёмбари Худо (с)] фармуданд: "Он чиро, ки шумо кардед, донистам, пас эй мардум, шумо дар хонаҳои худ намоз бихонед, зеро беҳтарин намоз ба истиснои намози фарз намозест, ки шахс дар хонаи худ мехонад."

# КИТОБИ АБВОБИ СИФАТИ НАМОЗ

## БОБИ 1. Боло кардани дастҳо дар такбири аввал дар вақти шурӯъи намоз

**425.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми оғози намоз ва ҳангоми такбир гуфтан барои рукӯъ дастҳои худро то баробари шонаҳои худ боло мекарданд.

Чун сари худро аз рукӯъ боло мекарданд, низ дастҳои худро боло карда ва мегуфтанд: "*Самиъаллоҳу лиман ҳамида, раббано лакал ҳамд*", вале дар вақти саҷда кардан дастҳои худро боло намекарданд.

## БОБИ 2. Ниҳодани дасти рост бар болои дасти чап

**426.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба мардум амр мешуд, ки ҳангоми намоз хондан дасти рости худро бар болои банди дасти чапи худ бигзоранд.

## БОБИ 3. Баъд аз такбири таҳрима чӣ бояд хонд?

**427.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр ва Умар (р) намозро ба (Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин) шурӯъ мекарданд.

**428.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) байни такбири (таҳрима) ва байни қироат як каме сукут мекарданд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, падар ва модари ман фидои шумо, дар сукут байни қироат ва такбир чӣ мехонед?

Фармуданд: "Мегӯям: *Аллоҳумма боъид байни ва байна хатоёя камо боъадта байна-л-машриқи ва-л-магриб, Аллоҳумма наққини мина-л-хатоё камо юнаққа-с-савбу-л-абязу мина-д-данас, Аллоҳумагси-л-хатоёя би-л-моъи ва-с-салҷи ва-л-барад».*

**429.** Ҳадиси Асмоъа бинти Абӯбакр (р) роҷеъ ба кусуф, ки қаблан гузашт.

**430.** Дар ин ривоят омадааст, ки [Асмоъа бинти Абӯбакр (р)] гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Биҳишт ба ман наздик шуд, то ҷое, ки агар ҷуръат мекардам, мевае аз меваҳои онро барои шумо меовардам ва дӯзах то ҷое бароям наздик шуд, ки гуфтам: Парвардигоро! Оё ман бо дӯзахиён хоҳам буд?

Дар ин лаҳза занеро (дидам, ки) гурбае рӯйи ӯро мехарошид. Пурсидам: Ин зан чӣ кардааст? Гуфтанд: Ин гурбаро он қадар ҳабс намуда, то мурдааст, на худаш ӯро таъом додааст ва на раҳояш сохта, то худаш аз ҳашароти рӯйи замин чизе бихӯрад."

## БОБИ 5. Нигоҳ кардан ба тарафи имом дар намоз

**431.** Шахсе аз Хаббоб (р) пурсид: Оё Паёмбари Худо (с) дар намози пешин ва аср қироат мекарданд? Гуфт: Бале. Пурсид: Қироат кардани эшонро чӣ гуна медонистед? Гуфт: Аз такон хӯрдани риши муборакашон.

## БОБИ 6. Нигоҳ кардан ба сӯи осмон дар вақти намоз

**432.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чаро баъзе аз мардум дар вақти намоз хондан ба тарафи осмон нигоҳ мекунанд?" Лаҳҷаашон дар ин маврид то ҷое шадид шуд, ки фармуданд: "Ё аз ин кор худдорӣ намоянд ва ё он, ки биноии онҳо рабуда хоҳад шуд."

## БОБИ 7. Илтифот намудан дар вақти намоз

**433.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар бораи илтифот намудан (яъне ин тарафу он тараф нигоҳ кардан) дар вақти намоз хондан пурсидам. Фармуданд: "Ин чизе аст, ки шайтон аз намози банда барои худ мерабояд."

## БОБИ 8. Вуҷуби қироат кардан бар имом ва муқтадиён дар ҳамаи намозҳо

**434.** Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят аст, ки гуфт: Аҳли Куфа аз дасти (Саъд) (р) дар назди Умар (р) шикоят намуданд. Умар (р) ӯро азл намуда ва Аммор (р)-ро ба ҷояш муқаррар намуд ва дар чандин маврид аз вай шикоят намуданд, то ҷое, ки гуфтанд: Саъд (р) намоз хонданро хуб намедонад.

Умар (р) ӯро талаб намуда гуфт: Ё Абӯисҳоқ, инҳо мегӯянд, ки ту намоз хонданро хуб намедонӣ. Гуфт: Ба Худованд қасам, ки ман бароящон намози Паёмбари Худо (с)-ро мехонам ва чизеро аз он кам намекунам, намози хуфтанро, ки мехонам, ду ракаати аввалро дароз ва ду ракаати охирро сабук мехонам. Умар (р) ба вай гуфт: Гумони ман ҳам нисбати ту ҳамин чиз буд.

Умар (р) шахс ва ё ашхосеро бо вай ба Куфа фиристод, то роҷеъ ба ӯ аз аҳли Куфа пурсиш намояд. Он шахс дар бораи ӯ аз аҳли Куфа пурсон намуд ва ҳеҷ масҷидеро дар мавриди пурсиш ва истифсор аз мардум нисбат ба вай фурӯгузор нанамуд, ҳамагӣ аз вай таъриф ва тавсиф намуданд, то ин, ки ба масҷиди бани Абс рафт. Дар он масҷид шахсе ба номи Усома ибни Қатода, ки кунияаш Абӯсаъда буд, бархост ва гуфт: Ҳоло, ки дар бораи ӯ мепурсӣ, бояд бигӯям, ки Саъд бо муҷоҳидин ба ҷиҳод намерафт, амволро баробар тақсим наменамуд ва

дар қазоё адолат намекард.

Саъд (р) гуфт: Ба Худованд савганд, ки дар муқобили ин се тӯҳмате, ки бар ман задааст, ба се чиз дар борааш дуо хоҳам кард ва мегӯям: Илоҳо, агар ин бандаат дурӯғ гуфта ва барои риё ва худнамоӣ чунин гуфта бошад, умрашро дароз, фақрашро зиёд ва дар фитнааш дучор бигардон. Ва ҳамон буд, ки дар оянда чун касе аз ҳолаш мепурсид, мегуфт: Пирамардеам, ки дар фитна дучор шуда ва дуои Саъд бечораам кардааст.

Ровӣ аз Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки ман он шахсро баъд аз муддате дидам, ки аз пирӣ абрӯвонаш рӯи чашмаш афтода буд, бо вуҷуди он ҳам сари роҳи духтарони ҷавонро мегирифт ва ба тарафи онҳо чашмак зада, ба онҳо шӯхӣ мекард.

**435.** Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки **Алҳамду лиллоҳ**-ро нахонад, намозаш намоз нест."

**436.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба масҷид дохил гардида ва шахси дигаре ҳам ба масҷид омад ва намоз хонд, баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) омада ва салом кард, ҷавоби саломашро гуфта ва фармуданд: "Бирав ва бори дигар намоз бихон, чун ту намоз нахондӣ." Он шахс рафт ва монанди бори гузашта намозро хонд, бозпас омад ва ба Паёмбари Худо (с) салом дод.

Эшон фармуданд: "Бирав ва аз нав намоз бихон, чун ту намоз нахондӣ." Он шахс баргашт ва монанди ду бори гузашта намозро хонд, боз баргашта, бар Паёмбари Худо (с) салом дод, фармуданд: "Бирав ва дубора намоз бихон, чун ту намоз нахондӣ." Ва чун ин сухан се бор такрор шуд, он шахс гуфт: Қасам ба зоте, ки шуморо ба ҳақ фиристодааст, намозеро аз ин беҳтар ёд надорам, шумо барои ман ёд бидиҳед. Фармуданд: "Вақте, ки барои намоз хондан бархостӣ, такбир гуфта ва он чиро аз Қуръон бароят муяссар бошад, бихон. Баъд аз он рукӯъ намуда, дар рукӯъ ором бигир, баъд аз он сари худро аз рукӯъ боло кун ва рост биист, баъд аз он саҷда кун ва дар саҷда ором бигир, сипас саратро аз саҷда бардошта, ором бинишин ва ҳамин корро дар тамоми намозат муроот кун."

## БОБИ 9. Қироат кардан дар намози пешин

**437.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ду ракаати аввали намози пешин **Алҳамду лиллоҳ** ва ду сураи дигареро мехонданд, ракаати аввалро дароз намуда ва ракаати дуввумро кӯтоҳ мехонданд.

Гоҳе ояеро (ки тиловат мекарданд) тавре тиловат мекарданд, ки бишнавем ва дар намози аср ҳам **Алҳамду лиллоҳ** ва ду сураро хонда, ракаати аввалро дароз ва ракаати дуввумро кӯтоҳ мехонданд ва

ҳамчунин ракаати аввали намози субҳро дароз намуда, ракаати дуввумро кӯтоҳ мекарданд.

## БОБИ 10. Қироат кардан дар намози шом

**438.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Аббос (р) рӯзе сураи **Валмурсалоти урфан**-ро тиловат менамуд. Умми Фазл (р) онро шунид ва гуфт: Эй фарзандам, ба Худованд қасам аст, ки тиловати ин сураро [аз Паёмбари Худо (с)] ба ёдам овардӣ ва ин охирин сурае буд, ки тиловати онро дар намози шом аз Паёмбари Худо (с) шунидам.

**439.** Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки дар намози шом яке аз ду сураи дарозро мехонданд (мурод аз ду сураи дароз сураи **Моида ва Аъроф** ва ё сураи **Анъом ва Аъроф** аст).

## БОБИ 11. Баланд хондан дар намози шом

**440.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки дар намози шом сураи **Ват-тур**-ро мехонданд.

## БОБИ 12. Қироат намудани сураи саҷдадор дар намози хуфтан

**441.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Намози хуфтанро пушти сари Абулқосим (с) хондам ва эшон сураи **Иза-с-самоун шаққат**-ро хонда ва саҷдаи тиловатро баҷо оварданд ва ман ҳам то рӯзе, ки зинда бошам, аз хондани ин сура саҷдаи тиловатро ба ҷо хоҳам овард.

## БОБИ 13. Қироат намудан дар намози хуфтан

**442.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар яке аз сафарҳо дар намози хуфтан сураи **Ва-т-тини ва зайтун**-ро хонданд ва дар ривояти дигаре ин ҳам омадааст, ки ҳеҷ касро хушовозтар ё хушқироаттар аз Паёмбари Худо (с) надида будам.

## БОБИ 14. Қироат кардан дар намози субҳ

**443.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳар намозе бояд қироат кард ва он чиро, ки Паёмбари Худо (с) ба мо шунавондаанд, ба шумо мешунавонем ва он чиро, ки аз мо пинҳон намудаанд, аз шумо пинҳон хоҳем дошт, агар зиёдтар аз **Алҳамдулиллоҳ** чизи дигареро нахонӣ, бароят раво аст, вале агар чизеро бештар аз **Алҳамдулиллоҳ** бихонӣ, бароят беҳтар аст.

## БОБИ 15. Баланд хондани қироат намудан дар намози субҳ

**444.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бо чанд нафар аз саҳоба ба сӯи бозори (Укоз) рафтанд ва ин дар вақте буд, ки шаётин аз хабари осмонӣ (итлоъе) ҳосил карда наметавонистанд ва дурахшиш ва барқи ситорагон монеъи наздик шудани онҳо ба осмон шуда буд. Чун шаётин назди қавми худ баргаштанд, қавмашон аз онҳо пурсиданд: Шуморо чӣ шудааст?

Гуфтанд: Байни мо ва байни хабари осмон монеъ воқеъ гардида ва барқ ва дурахшиши ситорагон бар мо гумошта шудааст.

Онҳо гуфтанд: Бидуни сабаб байни шумо ва байни хабари осмон монеъ воқеъ нагардидааст, балки кадом ҳодисаи наве пайдо шудааст. Биравед, шарқ ва ғарби заминро бигардед, то бубинед сабаби мамониати шумо аз хабари осмон чист?

Онҳо баргаштанд ва ба тарафи Таҳома ба сӯи Паёмбари Худо (с) омаданд. Эшон дар ин вақт дар роҳи бозори Уккоз дар нахлистоне бо саҳоба (р) дар ҳоли адои намози бомдод буданд. Чун шаётин садои Қуръонро шуниданд, ба он гӯш дода ва гуфтанд: Ба Худованд қасам, ин ҳамон чизе аст, ки байни шумо ва байни хабари осмон монеъ гардидааст. Ва ҳамон буд, ки баъд аз омадан ба сӯи қавми худ гуфтанд: **«Мо аҷаб Қуръоне шунидем, (ин Қуръон) ба корҳои нек раҳнамоӣ менамояд ва мо ҳам ба он имон овардем».**

Ва Худованди мутаъол сураи **Ҷин**-ро, ки ибтидояш ин оят аст: **Бигӯ, бар ман ваҳӣ шудааст**, бар Паёмбари Худо (с) нозил гардонид ва дар воқеъ ҳамон қавли "ҷинниёт" ро нозил намуд.

**445.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар (намозе, ки амр шуда буд, қироатро бо овози баланд) бихонад, мехонданд ва дар (намозе, ки амр шуда буд, ки қироатро ба овози баланд) нахонад, хомӯш буданд (яъне, қироатро бо овози баланд намехонданд) ва Парвардигори ту фаромӯшкор нест, (пайравӣ намудан аз Паёмбари Худо (с) барои шумо беҳтарин коре аст).

## БОБИ 16. Кайфияти қироат кардан дар намоз

**446.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки шахсе наздаш омад ва гуфт: Шаби гузашта яке аз сураҳои муфассалро дар як ракаат хондам. Гуфт: Ин гуна Қуръон хондан шеър хондан аст. Ман сураҳои ба якдигар монандро, ки Паёмбари Худо (с) бо ҳам мехонданд, ба хубӣ медонам ва аз ин ҷумла бист сураро зикр намуда (ва гуфт: аз инҳо) ду сураро бо ҳам дар як ракаат мехонданд.

## БОБИ 17. Дар ду ракаати ахир танҳо «Алҳамду лиллоҳ» хонда мешавад

**447.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар намози пешин дар ду ракаати аввал **Алҳамду лиллоҳ** ва ду сура ва дар ду ракаати ахир танҳо **Алҳамду лиллоҳ**-ро мехонданд ва баъзе оётро барои мо мешунавониданд ва ракаати аввалро аз ракаати дуввум дарозтар менамуданд ва дар намози аср ва субҳ низ чунин мекарданд.

## БОБИ 18. Баланд гуфтани имом (омин)-ро

**448.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки имом омин мегӯяд, шумо ҳам омин бигӯед, зеро касе, ки омин гуфтанаш ба омин гуфтани малоика мувофиқат намояд, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад."

## БОБИ 19. Фазилати омин гуфтан

**449.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд: "Вақте, ки касе аз шумоён омин бигӯяд ва малоика дар осмон омин бигӯянд ва омини яке бо дигаре мувофиқат намояд, гуноҳони гузаштаи касе, ки омин гуфтааст, бахшида мешавад."

## БОБИ 20. Агар касе пеш аз расидан ба саф рукӯъ намуд

**450.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки вай вақте ба намоз расид, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоли рукӯъ кардан буданд, ӯ пеш аз он, ки ба сари саф бирасад, ба рукӯъ рафт. Ин воқеаро ба Паёмбари Худо (с) гуфт. Фармуданд: "Худованд ҳирси туро зиёдтар намояд, вале дигар бор чунин коре макун."

## БОБИ 21. Тамом кардани такбир дар рукӯъ

**451.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки ӯ бо Алӣ (р) дар Басра намоз хонд ва гуфт: Ин шахс моро ба ёди намозе андохт, ки бо Паёмбари Худо (с) мехондем. Ва гуфт, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳар боре, ки сарашонро боло ва поён мекарданд, такбир мегуфтанд.

## БОБИ 22. Такбир гуфтан ҳангоми баланд шудан аз сачда

**452.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) чун ба намоз шурӯъ мекарданд, ҳангоми истодан ба намоз такбир мегуфтанд ва чун ба рукӯъ мерафтанд, боз такбир мегуфтанд ва ҳангоми боло кардани сарашон аз рукӯъ *самиъаллоҳу ли ман ҳамида* ва дар ҳоле, ки ҳанӯз истода буданд, *раббано лакалҳамд* мегуфтанд.

## БОБИ 23. Ниҳодани кафи даст бар зону дар вақти рукӯъ кардан

**453.** Аз Мусъаб ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар паҳлӯи падарам намоз хондам ва (ҳангоми рукӯъ кардан) ду кафи дастамро бо ҳам пайваст карда, байни ҳарду ронам гузоштам. Падарам маро аз ин кор манъ кард ва гуфт: Мо низ чунин мекардем, вале аз он наҳй шудем ва ба мо амр гардид, то дастҳои худро ба зонуҳои худ бигирем.

## БОБИ 24. Дар рукӯъ бояд пушти худро ҳамвор намуда ва ором гирифт

**454.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Андозаи рукӯъ ва саҷдаи Паёмбари Худо (с) ва андозаи нишастанашон байни ду саҷда ва андозаи истодан баъд аз рукӯъ намудан тақрибан бо ҳам баробар буд, вале қиём ва қуъудашон чунин набуд.

## БОБИ 25. Дуо кардан дар рукӯъ

**455.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рукӯъ ва саҷдаи худ чунин мегуфтанд: *"Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдикаллоҳуммағфирлӣ."*

**456.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) он чизеро дар ҳолати рукӯъ ва саҷда мегуфтанд, ки дар Қуръони карим маъмур ба гуфтани он шуда буданд.

## БОБИ 26. Фазилати аллоҳумма раббано лакалҳамд

**457.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки имом *самиъаллоҳу ли ман ҳамида* гуфт, шумо бигӯед *Аллоҳумма раббано лакалҳамд*, зеро қавли ҳар кас, ки бо қавли малоика мувофиқ шавад, гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад."

**458.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Намози Паёмбари Худо (с)-ро (барои шумо) наздик месозам (яъне тавзеҳ медиҳам). Паёмбари Худо (с) дар ракаати охири намози пешин ва намози хуфтан ва намози субҳ баъд аз ин, ки *самиъаллоҳу ли ман ҳамида* мегуфтанд, дуои қунутро мехонданд (ва дар дуои худ) барои мусалмонон дуо намуда ва бар куффор лаънат мефиристоданд.

**459.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: (Дар аввали амр) дуои қунут дар шом ва намози субҳ хонда мешуд.

**460.** Аз Рифоа ибни Рофеъи Зуракӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе пушти сари Паёмбари Худо (с) намоз мехондем. Чун сари худро аз рукӯъ боло намуданд, гуфтанд: *"Самиъаллоҳу ли ман ҳамида.* Шахсе аз пушти сарашон гуфт: ***Раббано ва лакалҳамд, ҳамдан тайибан муборакан***

*фиҳи*. Чун аз намоз фориғ шуданд, пурсиданд: "Гӯянда кӣ буд?"

Он шахс гуфт: Ман будам. Фармуданд: "Сию чанд малакро дидам, ки дар навиштани савоби он чӣ, ки гуфтӣ, бар якдигар сабқат мечустанд ва ҳар яке мекӯшид, ки аз дигаре пештар бинависад."

## БОБИ 28. Ором гирифтан баъд аз баланд кардани сар аз рукӯъ

**461.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки ӯ тарзи намоз хондани Паёмбари Худо (с)-ро васф мекард ва чун ҳангоми намоз сари худро аз рукӯъ баланд мекард, ҳамон тавр меистод, то ҷое, ки инсон бо худ мегуфт: Шояд (ба саҷда рафтанро) фаромӯш кардааст.

## БОБИ 29. Ба муҷарради такбир гуфтан бояд саҷда намуд

**462.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми баланд кардани сари худ аз рукӯъ мегуфтанд: *Самиъаллоҳу ли ман ҳамида, рабано ва лакалҳамд* (ва дар ин вақт) мардумеро ном бурда, барояшон дуо мекарданд ва мегуфтанд "Илоҳо Валид ибни Валид, Салама ибни Ҳишом, Ъайёш ибни Абӯрабеъа ва мусалмонони мустазъафро наҷот бидеҳ.

Худоё, азоби худро бар қавми Музар шадид бисоз ва эшонро ба қаҳтӣ, монанди қаҳтии замони Юсуф (ъ) дучор бигардон." Ва дар ин вақт аҳли машриқ аз қавми Музар бо Паёмбари Худо (с) мухолиф буданд.

## БОБИ 30. Фазилати саҷда

**463.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки мардум гуфтанд: Эй Пайғамбари Худо, оё Парвардигори худро дар рӯзи қиёмат хоҳем дид? Фармуданд: "Оё дар дидани моҳи шаби чордаҳ, ки абре ҳам набошад, дучори шак ва иштибоҳ мешавед?" Гуфтанд: На, ё Расулаллоҳ!

Фармуданд: "Оё аз офтоб дар рӯзе, ки абр набошад, дучори шак ва иштибоҳ мешавед?" Гуфтанд: На. Фармуданд: Шумо ҳам (Парвардигори худро) ба ҳамин гуна хоҳед дид, мардумон дар рӯзи қиёмат ҳашр ва ҷамъ мешаванд. Худованди мутаъол ба онҳо мегӯяд, ҳар касе пайрави маъбуди худ бошад.

Дар ин ҷост, ки иддае пайрави офтоб, гурӯҳе пайрави моҳтоб ва иддае ҳам пайрави тоғутҳо мешаванд ва уммати Ислом, дар ҳоле, ки гурӯҳе аз мунофиқин бо онҳо ҳастанд, боқӣ мемонанд. Худованди мутаъол наздашон омада ва мегӯяд: Ман Парвардигори шумо ҳастам. Мардум мегӯянд: То Парвардигори мо наёяд ва Ӯро набинем, ҳамин ҷо ҷои мо аст ва ҳангоме, ки Парвардигори мо биёяд, ӯро хоҳем шинохт. Худованди мутаъол мутаҷаллӣ гардида мегӯяд: Ман

Парвардигори шумо ҳастам. Мардум мегӯянд: Ту Парвардигори мо ҳастӣ. Ва Худованд онҳоро ба тарафи худ даъват мекунад.

Дар ин вақт пуле бар рӯи дӯзах ниҳода мешавад ва ман аввалин касе ҳастам, ки бо уммати худ аз он пул мегузарам ва дар имрӯз ғайр аз пайғамбарон каси дигаре сухан намезанад ва сухани пайғамбарон ҳам дар ин рӯз ин аст, ки: *Илоҳо, ту худ ҳифз кун, Илоҳо, ту худ ҳифз кун.* Ва дар дӯзах чангакҳоест, монанди хори мағелон ва оё хори мағелонро дидаед? Гуфтанд: Бале.

Фармуданд: "Ин чангакҳо ҳам монанди хори мағелон аст, вале бузургии онҳоро ҷуз Худованд каси дигаре намедонад, ин чангакҳо мардумонро мувофиқи аъмолашон мерабоянд, мардуме ба сабаби аъмоли худ ҳалок мешаванд ва мардуме сарнагун мегарданд, вале баъд аз муддате наҷот меёбанд.

Ва чун Худованди мутаъол бихоҳад, касонеро аз дӯзахиён мавриди раҳмати худ қарор диҳад, ба малоика амр намуда мефармояд: **Онҳое, ки Худоро ибодат мекардаанд, аз дӯзах берун кунед.** Малоика онҳоро аз асари саҷдаи пешониашон шинохта ва аз дӯзах берун мекунанд.

Ва Худованди мутаъол бар дӯзах хӯрдани осори саҷдаро ҳаром гардонидааст ва инҳо аз дӯзах берун мешаванд ва оташ ҳамаи вуҷуди бани Одам ба истисноп саҷдагоҳи ӯро хӯрда ва аз байн мебарад ва онҳое, ки мавриди раҳмати Худованд қарор гирифта ва аз дӯзах берун мешаванд, оташи дӯзах гӯшт ва пӯсташонро сӯзонидааст.

Дар ин вақт оби ҳаётро бар онҳо мерезанд ва онҳо бори дигар монанди донае, ки дар маҷрои сел мерӯяд, тоза шуда ва мерӯянд. Баъд аз он, ки Худованд аз қазоват дар байни бандагон фориғ мегарданд, охирин касе, ки аз дӯзахиён ба биҳишт дохил мегардад, шахсе аст, ки байни дӯзах ва биҳишт боқӣ мондааст ва ба тарафи дӯзах равона аст.

Дар ин вақт дуо мекунад, ки: Худоё, маро аз оташи дӯзах наҷот бидеҳ, бӯйи дӯзах маро сахт азият намуда ва шӯълааш маро сӯзондааст. Худованди мутаъол барояш мегӯяд: Оё агар дуоят қабул гардад, чизи дигарро ҳам талаб хоҳӣ кард?

Мегӯяд: Ба иззат ва ҷалолат савганд, ки чизи дигареро талаб нахоҳам кард. Ва ба илова аз ин қасам аҳду паймонҳои дигареро низ дар ин замина бо Худованд мебандад, Худованд ӯро аз оташи дӯзах наҷот медиҳад. Он шахс чун ба тарафи биҳишт меравад ва шодобӣ ва хуррамии онро мебинад, лаҳзае хомӯш мемонад ва баъд аз он мегӯяд: Худовандо, маро ба дарвозаи биҳишт бирасон!

Худованди мутаъол мефармояд: Магар аҳду паймон накарда будӣ, ки чизи дигареро ҷуз наҷот ёфтан аз дӯзах талаб нанамоӣ? Мегӯяд: Худоё, маро бадбахттарини махлуқоти худ магардон! Худованди мутаъол мефармояд: Оё агар ин хостаат бароварда шавад, чизи дигареро ҳам талаб хоҳӣ намуд?

Он шахс мегӯяд: Ба иззат ва ҷалолат савганд, ки чизи дигареро талаб нахоҳам кард. Ва ба илова аз ин қасам аҳду паймонҳои дигареро низ дар ин замина бо Худованди мутаъол мебандад ва Худованди мутаъол ӯро ба дарвозаи биҳишт мерасонад. Ҳангоме, ки ба дарвозаи биҳишт расид ва гул ва раёҳин ва сабзӣ ва хуррамии биҳиштро мушоҳида намуд, лаҳзае сукут менамояд ва сипас мегӯяд: Илоҳо, маро дохили биҳишт бигардон.

Худованди мутаъол мефармояд: Эй фарзанди Одам, вой бар ту! Дигар чӣ узр дорӣ, магар аҳду паймон накарда будӣ, ки ғайр аз он чӣ, ки бароят додаам, чизи дигареро аз ман нахоҳӣ? Мегӯяд: Илоҳо, маро бадбахттарини бандагони худ магардон! Худованд аз ин суханаш механдад (било кайф) ва барояш иҷозаи дохил шудан ба биҳиштро дода мегӯяд: Ҳарчи мехоҳӣ, бихоҳ! Он шахс ҳама чизҳоеро, ки орзу доштааст, аз Худованд мехоҳад ва баъд аз ин, ки ҳамаи орзуҳояш бароварда мешавад ва Худованди мутаъол барояш мегӯяд: Фалон чиз ва фалон чизро ҳам бихоҳ! Худованди бузург орзуҳояшро ба ёдаш меорад, вай он орзуҳоро низ мехоҳад ва чун ҳамаи он хоҳишот тамом шуд, Худованди мутаъол мефармояд: Ҳамаи инҳо ва монанди онҳоро ба ту бахшидам.

Абӯсаъиди Худрӣ (р) ба Абӯҳурайра (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки "Худованди мутаъол барояш мегӯяд: Он чиро, ки хостӣ ва даҳ баробари онро ба ту бахшидам." Абӯҳурайра (р) гуфт: Ман аз Паёмбари Худо (с) чизи дигаре ҷуз ин гуфтаашон, ки (Худованд) мефармояд, ҳамаи инҳо ва монанди онҳоро барои ту бахшидам," ба хотир надорам. Абӯсаъид (р) гуфт: (Вале) ман аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: (Худованди мутаъол мефармояд): Ҳамаи инҳо ва даҳчанди онро ба ту бахшидам."

## БОБИ 31. Саҷда кардан бар ҳафт устухон

**464.** Аз Ибни Аббос (р) дар яке аз ривоёт омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Амр шудаам, ки бар ҳафт устухон саҷда намоям, бар пешонӣ ва бо дасти худ ба бинии худ ишора намуданд ва ду даст ва ду зону ва сари ангуштони по, вале набояд либосҳо ва ё мӯйи сари худро ҷамъ намуда ва ба ҳам бипечем."

## БОБИ 32. Ором гирифтани байни ду саҷда

**465.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман аз ин, ки ба шумоён намозеро монанди намози Паёмбари Худо (с) бихонам, дареғ намекунам (ва бақияи ҳадис қаблан гузашт).

## БОБИ 33. Намозгузор бозуҳояшро набояд дар саҷда фарш намояд

**466.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар саҷда ором бигиред ва мӯътадил бошед ва бозуҳои худро монанди бозуи саг (бар замин) фарш накунед."

## БОБИ 34. Касе, ки дар ракаати аввал нишаст ва баъд аз он бархостааст

**467.** Аз Молик ибни Ҳувайрис (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с)-ро дидааст, ки дар ракаати аввали намоз то вақте, ки ба таври комил наменишастанд, барнамехостанд.

## БОБИ 35. Ҳангоми боло шудан аз саҷда бояд такбир гуфт

**468.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки вай ҳангоми намоз хондан дар анҷом додани ин аъмол бо садои баланд такбир мегуфт: дар вақти саҷда кардан, дар вақти боло кардани сараш аз саҷда, дар вақти бархостан аз сари дуракаатӣ. Ва мегуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидаам, ки чунин кардаанд.

## БОБИ 36. Суннати нишастан барои ташаҳҳуд

**469.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки вай дар намоз ҳангоми нишастан чорзону мезад, вале чун писарашро дид, ки чунин мекунад, ӯро аз ин кор наҳй намуд ва гуфт: Суннати намоз ин аст, ки (ҳангоми нишастан) пойи ростро истода карда ва пойи чапро бипечӣ (ва бар рӯи он биншинӣ). Писараш гуфт: Пас ту чаро чунин намекунӣ ва чорзону мезанӣ? Ибни Умар (р) гуфт: Пойҳоям таҳаммули нишастани маро надоранд.

**470.** Аз Абӯҳумайди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман аз ҳамаи шумоён тарзи намоз хондани Паёмбари Худо (с)-ро беҳтар ба хотир дорам.

Ман Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ҳангоми такбир гуфтан дастҳои худро то шонаҳои худ боло мекарданд, дар рукӯъ дастҳои худро ба зонуҳо мегирифтанд ва пушти худро ҳамвор мекарданд.

Чун сари худро аз рукӯъ баланд мекарданд, тавре рост меистоданд, ки мӯҳраҳои камар ҷо ба ҷо мешуд ва ҳангоми саҷда кардан дастҳои худро на ба рӯи замин фарш карда ва на ҳам ба паҳлӯи худ мечаспонданд.

Дар ин вақт сари ангуштони пойи худро ба тарафи қибла мекарданд ва чун дар ду ракаат менишастанд, бар болои пойи чапи худ нишаста ва пойи рости худро истода мекарданд, вале ҳангоми

нишастан дар ракаати ахир пойи чапи худро пеш намуда ва пойи дигарро истода мекарданд ва бар рӯйи сурини худ менишастанд.

## БОБИ 37. Касе, ки ташаҳҳуди аввалро воҷиб намедонад

**471.** Аз Абдуллоҳ ибни Буҳайна (р), ки саҳобаи Паёмбари Худо (с) ва аз қабилаи (Аздишнуа) ҳампаймони авлоди Абдуманоф буд, ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) намози пешинро бо эшон хонда ва дар сари дуракаатӣ нанишастанд ва бархостаанд.

Чун намозро тамом намуданд, мардум мунтазири салом доданашон буданд ва дар ҳоле, ки нишаста буданд, такбир гуфта ва қабл аз салом додан дубора саҷда намуданд ва сипас салом доданд.

## БОБИ 38. Ташаҳҳуд дар ҷалсаи ахир

**472.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: (Дар аввали амр) вақте, ки пушти сари Паёмбари Худо (с) намоз мехондем, чунин мегуфтем: Салом бар Худо, салом бар Ҷабраил ва Микоил, салом бар фалон ва фалон. Паёмбари Худо (с) ба ин чиз аҳамият дода фармуданд: "салом, худи Худованди мутаъол аст.

Вақте ки касе аз шумо дар намозаш (ба ташаҳҳуд нишаст) бигӯяд: *Ат-таҳийёту лиллоҳи вас-салавоту ва-т-тайибот, а-с-салому ъалайка айюҳан набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу, а-с-салому ъалайно ва ъало ибодиллоҳи-с-солиҳина* ва ин дуои шумо ҳамаи бандагони солиҳи Худованди мутаъолро дар замин ва осмон шомил мешавад (ва баъд аз он бигӯед) *Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.*"

## БОБИ 39. Дуо кардан пеш аз салом додан

**473.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар намоз чунин дуо мекарданд: *Аллоҳумма ини аъузу бика мин азобил қабри ва аъузу бика мин фитнати-л-масеҳи-д-Даҷҷоли ва аъузу бика мин фитнатил маҳё ва фитнатил мамот, Аллоҳумма иннӣ аъузу бика минал маъсами вал мағрами.* Касе барои (Паёмбари Худо (с) гуфт: Чӣ сабаб аст, ки аз қарздорӣ ҳамеша ба Худованд мутаъол паноҳ меҷӯед? Фармуданд: "Чун шахси қарздор дар вақти сухан задан дурӯғ мегӯяд ва ваъдаашро хилоф мекунад."

**474.** Аз Абӯбакри Сидиқ (р) ривоят аст, ки рӯзе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ба ман дуое ёд бидиҳед, ки дар намози худ онро бихонам. Фармуданд: "Бигӯ *«Аллоҳумма иннӣ заламту нафси зулман касиро, ва ло ягфиру-з-зунуба илло анта, фағфирлӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ иннака антал ғафуру-р-раҳим.*"

## БОБИ 40. Дуое, ки хонданаш баъд аз ташаҳҳуд ихтиёрӣ аст

**475.** Аз Ибни Масъуд (р) дар ҳадиси ташаҳҳуд, ки пештар гузашт, дар ривояте чунин омадааст, ки: *Ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.* (Ва фармуданд:) "Баъд аз гуфтани ин калима шахс ихтиёр дорад, ҳар дуоеро, ки мехоҳад, бихонад."

## БОБИ 41. Салом додан дар вақти берун шудан аз намоз

**476.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) салом медоданд, занҳо бармехостанд (ва ба тарафи хонаҳои худ мерафтанд), вале худи Паёмбари Худо (с) пеш аз бархостан андаке меистоданд.

## БОБИ 42. (Муқтадӣ) вақте салом медиҳад, ки имом салом бидиҳад

**477.** Аз Итбон (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) намоз хондем ва ҳангоме салом додем, ки эшон салом доданд.

## БОБИ 43. Зикр кардан баъд аз намоз хондан

**478.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Зикр кардан бо садои баланд баъд аз намози фарз аз одоти замони Паёмбари Худо (с) буд ва ман агар дар хориҷи масҷид мебудам, аз шунидани овози зикри мардум медонистам, ки намоз хонда шудааст.

**479.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Фуқаро назди Паёмбари Худо (с) омада гуфтанд: Мардуми сарватманд ҳамаи дараҷоти аъло ва неъматҳои комили ҷаннатро насиб шудаанд, ба монанди мо намоз хонда ва рӯза мегиранд, вале сарвати онҳо сабаби фазилат бар моён шудааст, зеро бо моле, ки доранд, ҳаҷ ва умра мекунанд, дар ҷиҳод иштирок намуда ва закот ва хайрот медиҳанд.

Фармуданд: "Оё намехоҳед барои шумо сухане ёд бидиҳам, ки агар бо он амал кунед, савоби гузаштагонро дарёфта ва азояндагон касе ба шумо нарасад ва шумо беҳтарин мардумони асру замони худ бошед, магар касе, ки ба мисли он чӣ ки шумо амал мекунед, амал кунад.

Баъд аз ҳар намозе сиву се мартаба *Субҳоналлоҳ* ва *Алҳамдулиллоҳ* ва *Аллоҳу акбар* бигӯед."

Ровӣ мегӯяд: Мо дар байни худ ихтилоф намудем, баъзе аз мо гуфт, ки бояд сиву се мартаба *Субҳоналлоҳ,* сиву се мартаба *Алҳамдулиллоҳ* ва сивусе мартаба *Аллоҳу акбар* бигӯем. Ман назди Паёмбари Худо (с) рафта (ва мавзӯъро ба арз расондам). Фармуданд: "Бигӯ *Субҳоналлоҳ* ва *Алҳамду лиллоҳ* ва *Аллоҳу акбар* ва маҷмӯъи инҳоро сиву се мартаба бигӯ."

**480.** Аз Муғира ибни Шӯъба (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) баъд аз ҳар намози фарз чунин мегуфтанд: *"Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул ҳукму ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир, Аллоҳумма ло монеъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу зал ҷадди минкалҷад."*

## БОБИ 44. Имом баъд аз салом додан бояд рӯи худро ба тарафи мардумон бигардонад

**481.** Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки намозеро адо мекарданд, (баъд аз адои намоз) ба тарафи мо рӯй меоварданд.

**482.** Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳнӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози субҳро дар Ҳудайбия баъди бороне, ки дар шаб борида буд, барои мо имоматӣ карданд ва баъд аз фориғ шудан аз намоз рӯйи худро ба тарафи мо намуда ва фармуданд: "Оё медонед, ки Худованди азза ва ҷала чӣ фармуд?" (Мардумон) гуфтанд: Худо ва расулаш донотар аст. Фармуданд: Худованд мефармояд:

**«Баъзе аз бандагонам ба ман имон оварда ва баъзеҳо кофир шуданд, касоне ки гуфтанд аз фазл ва раҳмати Худованд борон борид, инҳо ба ман имон оварданд ва ба ситорагон кофир шудаанд ва касоне, ки гуфтанд аз таъсири фалон ва фалон ситора борон борид, инҳо касонеанд, ки ба ман кофир гардиданд ва ба ситорагон имон овардаанд».**

## БОБИ 45. Касе, ки дар вақти имоматӣ кардани мардум чизе ба ёдаш омадааст

**483.** Аз Уқба (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Мадина пушти сари Паёмбари Худо (с) намоз хондем. Паёмбари Худо (с) баъд аз салом додан шитобон бархостанд ва дар ҳоле, ки аз рӯи шонаҳои мардумон мегузаштанд, ба хонаи яке аз ҳамсарони худ дохил шуданд. Мардумон аз ин шитобашон ба тааҷҷуб афтоданд, чун пас омада ва мутаваҷҷеҳ шуданд, ки мардум аз шитобашон ба тааҷҷуб афтодаанд, фармуданд: "Аз тиллоҳое, ки наздам буд, ба ёдам омад, нахостам, ки ёди тилло ёди Худоро аз ман бибарад, аз ин ҷиҳат (ба суръат рафта) ва амр ба тавзеъи онҳо додам."

## БОБИ 46. Баргаштан аз тарафи рост ва ё чап

**484.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Набояд касе чизе аз намози худро барои шайтон бидиҳад. Яъне, ба ин ақида бошад, ки бояд ҳатман аз тарафи дасти рост (аз масҷид хориҷ) шавад. Ман худам Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бисёр вақтҳо аз тарафи дасти чапи худ (аз масҷид) хориҷ мешуданд.

## БОБИ 47. Он чӣ, ки дар мавриди сири хом, пиёз ва гандана омадааст

**485.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки аз ин гиёҳ, яъне сир хӯрда бошад, дар масоҷиди мо, назди мо наёяд".

Ровӣ мегӯяд: Барои Ҷобир (р) гуфтам, ки мақсадашон (аз ин гиёҳ) чӣ буд? Гуфт: Фикр намекунам, ки ҷуз (сири) хом ва дар ривояте ҷуз бӯи бади сир чизи дигаре буда бошад.

**486.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки сир ё пиёз хӯрдааст, аз мо канорагирӣ намояд" ва ё фармуданд, ки "аз масҷиди мо канора гирифта ва дар хонаи худ бинишинад." Барои Паёмбари Худо (с) дегеро, ки дар он сабзиҷоте пухта шуда буд, оварданд, чун бӯяшро эҳсос намуданд, пурсиданд: «Дар дег чист?» Ва чун аз мӯҳтавиёти он бароящон хабар доданд, ба шахсе, ки наздикашон буд, гуфтанд: "Онро наздик кунед." Чун мӯҳтавиёти дегро диданд, аз хӯрдани онҳо хушашон наёмад ва ба он шахс гуфтанд. "Ту бихӯр, зеро ман бо касе муноҷот мекунам, ки ту намекунӣ."

**487.** Ва дар ривоят омадааст, ки дар минтақаи Бадр барои Паёмбари Худо (с) табақеро, ки дар он сабзаҷоте буд, тақдим намуданд.

## БОБИ 48. Вузӯи атфол

**488.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз канори қабри дурафтода ва танҳое гузаштанд, барои мардум имоматӣ карданд ва онҳо пушти сарашон бар болои он қабр саф бастанд.

**489.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ғусли рӯзи ҷумъа бар ҳар шахси болиғе воҷиб аст."

**490.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки дар ҷавоби шахсе, ки аз вай пурсид, оё бо Паёмбари Худо (с) ба кадом ҷое берун баромадӣ? Гуфт: Бале, вале агар манзилате, ки наздашон доштам, намебуд, имкони рафтанам бо эшон муяссар намешуд, яъне аз сабаби хурдсолӣ. Паёмбари Худо (с) дар баландие, ки назди хонаи Ибни Салт аст, омада ва хутба хонданд. Баъд аз он занҳо омаданд, барои занҳо ҳам ваъзу насиҳат карда, онҳоро ба додани садақа амр фармуданд.

Зан буд, ки дасташро ба гӯшвораш бурда ва дар домани Билол меандохт. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи Билол (р) ба хона омаданд.

## БОБИ 49. Берун шудани занҳо ҳангоми шаб ва торикӣ ба сӯи масҷид

**491.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар занҳои шумо дар шаб иҷозаи рафтан ба масҷидро хостанд, бароящон иҷоза бидиҳед."

# -11- КИТОБИ НАМОЗИ ҶУМЪА

## БОБИ 1. Фарзияти намози ҷумъа

**492.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Мо (мусулмонон) дар охир омада, вале дар рӯзи қиёмат аз ҳама пештарем, бо вуҷуди ин, ки барои онҳо пеш аз мо китобе фиристода шуда буд ва таъзими ин рӯз (яъне, рӯзи ҷумъа) бар онҳо фарз гардида буд.

Вале онҳо дар (таъзими он рӯз) ихтилоф намуданд ва Худованди мутаъол моро дар (ихтиёр ва таъзими) ин рӯз муваффақ намуд, мардумони дигар (дар таъзими) ин рӯз аз мо пайравӣ хоҳанд кард, яҳуд фардои рӯзи ҷумъа (рӯзи шанбе)-ро ва насоро пасфардои онро (рӯзи якшанберо)».

## БОБИ 2. Истеъмоли хушбӯӣ барои рӯзи ҷумъа

**493.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ғусли рӯзи ҷумъа ва мисвок задан ва истеъмоли хушбӯӣ, агар мавҷуд бошад, бар ҳар мусалмони болиғ воҷиб аст."

## БОБИ 3. Фазилати рӯзи ҷумъа

**494.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки рӯзи ҷумъа монанди ғусли ҷанобат ғусл намуда ва сипас ба тарафи масҷид биравад, монанди касест, ки шутуре хайрот кардааст ва касе, ки дар соати дуввум биравад, монанди касест, ки гове хайрот карда бошад ва касе, ки дар соати саввум биравад, монанди касест, ки қӯчқори шохдореро хайрот намудааст ва касе, ки дар соати чорум биравад, монанди касест, ки мурғеро хайрот кардааст ва касе, ки дар соати панҷум биравад, монанди касест, ки тухми мурғеро хайрот кардааст.

Ҳангоме, ки имом (барои хутба хондан) берун мешавад, малоика (авроқи навиштани савоби аъмолро баста намуда) ва машғули шунидани хутба мегарданд."

## БОБИ 4. Истеъмоли равғани хушбӯй дар рӯзи ҷумъа

**495.** Аз Салмони Форсӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки рӯзи ҷумъа ғусл намуда ва то ҷое, ки барояш муяссар аст, худашро пок ва назиф намояд ва аз равғани хушбӯе, ки дар ихтиёр дорад, ба танаш равған бизанад ва ё аз хушбӯие, ки дар хона дорад, ба танаш истеъмол намояд, баъд аз он аз хона барояд ва бидуни он, ки (дар дохили масҷид) аз рӯйи шонаҳои касе бигузарад, он чӣ, ки барояш муқаддар аст, намоз бихонад ва сипас ҳангоми хутба ба суханони имом гӯш бидиҳад, гуноҳони байни ин ҷумъа ва ҷумъаи оядаааш бахшида мешавад».

**496.** Ривоят аст, ки касе аз Ибни Аббос (р) пурсид: (Оё саҳеҳ аст, ки) мегӯянд, Паёмбари Худо (с) фармудаанд: "Рӯзи ҷумъа агарчӣ ҷунуб ҳам набошед, ғусл намоед ва сари худро шуста ва хушбӯӣ истеъмол намоед?" Дар ҷавоб гуфт: Ғусл, бале! Вале хушбӯиро намедонам.

## БОБИ 5. Беҳтарин либоси худро бипӯшед

**497.** Ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) дид, ки дар дарвозаи масҷид ҷомаи абрешиминеро мефурӯшанд, гуфт: Ё Расулаллоҳ (чӣ мешавад), агар ин ҷомаро харида ва рӯзи ҷумъа ва рӯзҳое, ки мардум ба мулоқоти шумо меоянд, бипӯшед? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин ҷомаро касоне мепӯшанд, ки барояшон насиб ва баҳрае аз охират нест."

Баъд аз муддате ҷомаҳои абрешиминеро барои Паёмбари Худо (с) оварданд ва эшон яке аз он ҷомаҳоро ба Умар ибни Хаттоб (р) доданд. Умар (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ, шумо дар мавриди ҷомаи Аторид (Аторид исми соҳиби он ҷомаи абрешимине буд, ки дар рӯзи чумъа дар дарвозаи масҷид мефурӯхт), чунин ва чунон гуфтед. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ман инро ба ту надодам, ки бипӯшӣ, балки барои он додам, ки ба дигаре бипӯшонӣ." Ва Умар ибни Хаттоб (р) он ҷомаро барои бародараш, ки мушрик буд ва дар Макка мезист, фиристод.

## БОБИ 6. Мисвок задан дар рӯзи ҷумъа

**498.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар бар умматам ё бар мардум душвор намешуд, эшонро амр мекардам, то дар вақти ҳар намозе (дандонҳояшонро) мисвок бизананд».

**499.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар мавриди мисвок барои шумо бисёр тавсия намудам."

## БОБИ 7. Сураҳое, ки дар намози субҳи рӯзи ҷумъа хонда мешаванд

**500.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар намози субҳи рӯзи ҷумъа сураи **Алиф, лом-мим, танзил,** Саҷда ва сураи **Ҳал ато ъалал инсон**-ро қироъат мекарданд.

## БОБИ 8. Намози ҷумъа дар деҳот ва шаҳрҳо

**501.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: (Эй мардум, ҳамаи шумо нигаҳбон ҳастед ва ҳамаи шумо аз раъияти худ масъул ҳастед, имом (яъне халифа) нигаҳбон буда, аз раъияти худ масъул аст, шахс дар дохили хонааш нигаҳбон буда, аз афроди зердасти худ масъул аст, зан дар хонаи шавҳараш нигаҳбон буда ва аз он чӣ, ки наздаш мебошад, масъул аст, ходим нигаҳбон аст ва аз он чӣ, ки таҳти тасарруфаш мебошад, масъул аст."

Ровӣ мегӯяд: Фикр мекунам, инро ҳам гуфтанд, ки "шахс дар моли падари худ нигаҳбон буда ва аз он он чӣ, ки зери дасташ мебошад, масъул аст ва ҳамаи шумо нигаҳбон ҳастед ва аз он чӣ, ки зердасти шумоён аст, масъул ҳастед."

## БОБИ 9. Оё бар касе, ки намози ҷумъа воҷиб нест, ғусли рӯзи ҷумъа воҷиб аст?

**502.** Ҳадиси Абӯҳурайра (р), ки (Паёмбари Худо (с) фармуда буданд: "Мо охир омадем ва аз ҳама пештар мебошем..." қаблан гузашт ва дар ин ривоят ин ҳам омадааст, ки фармуданд: "Бар ҳар мусалмоне лозим аст, ки дар ҳар ҳафт рӯзе як рӯз ғусл намуда, сар ва тани худро бишӯяд».

## БОБИ 10. Намоз аз куҷо собит шуда ва бар кадом шахс воҷиб аст

**503.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум аз манозили худ ва аз Аволӣ ба таври навбатӣ ба намози ҷумъа меомаданд, дар гарду хок меомаданд, ки ғубор ва арақ ба танашон нишаста ва аз эшон бӯи арақ меомад. Шахсе аз ин афрод дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) дар хонаам буданд, наздашон омад. Паёмбари Худо (с) ба вай гуфтанд "Чӣ мешавад, агар барои имрӯз (яъне рӯзи ҷумъа) худро шуста, пок намоед?"

**504.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардумон ба корҳои рӯзмарраи худ машғул буданд ва ба ҳамон либосҳои кории худ ба намози ҷумъа мерафтанд. Барояшон гуфта шуд, ки "чӣ мешавад, агар ғусл кунед."

**505.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) намози ҷумъаро ҳангоми заволи офтоб мехонданд.

## БОБИ 11. Агар гармӣ дар рӯзи ҷумъа зиёд шуд

**506.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Замоне, ки ҳаво ба шиддат сард мешуд, намози ҷумъаро дар аввали вақт адо мекарданд ва ҳангоме, ки ҳаво ба шиддат гарм мешуд, намози ҷумъаро вақте мехонданд, ки ҳаво каме сард мешуд.

## БОБИ 12. Рафтан ба сӯи намози ҷумъа

**507.** Ривоят аст, ки Абӯабс (р) дар ҳоле, ки ба сӯи намози ҷумъа равон буд, гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки қадамҳояш дар роҳи Худо ғуборолуд шавад, Худованд оташи дӯзахро бар вай ҳаром мегардонад."

## БОБИ 13. Набояд касе бародари мусалмонашро аз ҷояш дур карда ва худаш ба ҷои ӯ биншинад

**508.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ин ки шахс бародарашро аз ҷояш дур карда ва худаш ба ҷои вай биншинад, наҳй намудаанд.

Пурсиданд: Дар рӯзи ҷумъа?

Гуфт: Дар рӯзи ҷумъа ва ғайри ҷумъа.

## БОБИ 14. Азон дар рӯзи ҷумъа

**509.** Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр ва Умар (р) азони аввал ҳангоме буд, ки имом бар рӯи минбар менишаст. Чун хилофат ба Усмон (р) расид ва мардум зиёд шуданд, азони саввумиро зиёд намуд ва дар ҷое, ки ба номи Завро ёд мешуд, азон медоданд.

## БОБИ 15. Азон додани як муаззин дар рӯзи ҷумъа

**510.** Ва аз Соиб ибни Язид (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) ҷуз як муаззин муаззини дигаре набуд ва азон дар рӯзи ҷумъа ҳангоме буд, ки имом рӯйи минбар менишаст.

## БОБИ 16. Воҷиб аст, ки имом бар рӯи минбар ҷавоби муаззинро бигӯяд

**511.** Ривоят аст, ки Муовия ибни Абӯсуфён (р) дар рӯзи ҷумъа болои минбар нишаст. Чун муаззин гуфт: **Аллоҳу акбар,** Аллоҳу **акбар,**

Муовия (р) ҳам гуфт: Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар. Чун муаззин гуфт: **Ашҳаду ал ло илоҳа иллаллоҳ**. Муовия (р) гуфт: Ашҳаду ал ло илоҳа иллаллоҳ. Чун муаззин азонро тамом кард, Муовия (р) гуфт: Эй мардум, ман аз Паёмбари Худо (с), дар ҳоле, ки дар ҳамин ҷо нишаста буданд, шунидаам, ки ҳангоми азон додан он чиро мегуфтанд, ки шумо аз ман шунидед.

## БОБИ 17. Хутба додан бар болои минбар

**512.** Ҳадиси Саҳл ибни Саъд (р) дар мавзӯъи минбар ва кайфияти намоз хондани он ҳазрат (с) ва ба ақиб омаданашон ҳангоми саҷда кардан қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки чун Паёмбари Худо (с) аз намоз фориғ шуданд, рӯй ба мардум намуда ва фармуданд: "Эй мардум, аз ин ҷиҳат чунин кардам, то ба ман ба иқтидо кунед ва кайфияти намоз хондани маро ёд бигиред."

**513.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) (ҳангоми хутба хондан) рӯйи танаи дарахте, ки дар он ҷо буд, меистоданд ва чун барояшон минбаре сохтанд, аз он танаи дарахт овозҳое монанди овози шутурҳои ҳомиладорро мешунидем, то ҷое, ки Паёмбари Худо (с) аз минбар фаромада ва дасти худро бар он танаи дарахт ниҳоданд.

## БОБИ 18. Хутба додан дар ҳолати истода

**514.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) монанде, ки шумо имрӯз хутба мехонед, хутба мехонданд, дар ҳолати истода хутба хонда ва баъд аз он менишастанд, боз дубора бархоста ва хутба мехонданд.

## БОБИ 19. Гуфтани «аммо баъд» дар хутба баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол

**515.** Аз Амр ибни Тағлиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Мол ва ё асиронеро назди Паёмбари Худо (с) оварданд. Эшон он чизҳоро тақсим намуданд, вале барои мардуме аз онҳо дода ва ба мардуме надоданд. Чун ба Паёмбари Худо (с) хабар расид, ки мардумоне, ки ба онҳо чизе дода нашудааст, мутаассир гардида, хашмгин шуданд, бархостанд ва баъд аз ҳамд ва санои Парвардигор гуфтанд: "Аммо баъд, ба Худованд қасам ман барои мардуме чизе медиҳам ва ба мардуми дигаре чизе намедиҳам, вале онҳоеро, ки чизе намедиҳам, дар наздам маҳбубтар аз касонеанд, ки барояшон чизе додаам. Ба касоне, ки чизе медиҳам, назар ба ҳирсе аст, ки дар онҳо мушоҳида менамоям.

Ва касонеро, ки чизе намедиҳам, аз ҷиҳати қаноат ва сабре аст, ки Худованди мутаъол дар дили онҳо ниҳодааст, аз он ҷумла Амр ибни

Тағлиб аст." (Амр ибни Тағлиб) мегӯяд: Ба Худованд қасам, ин сухани Паёмбари Худо (с)-ро ба ҳамаи неъматҳои ҷаҳон баробар намекунам.

**516.** Аз Абӯҳумайди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шабе баъд аз намоз бархоста ва баъд аз ҳамд ва саное, ки сазовори Худованди мутаъол аст, гуфтанд: "Аммо баъд..."

**517.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) болои минбар баромаданд ва ин охирин боре буд, ки рӯйи минбар нишастанд ва дар ҳоле, ки ҷомаро ба шонаҳои худ печонда ва дастмоли бузургеро ба сари худ баста буданд, баъд аз ҳамд ва санои Парвардигор гуфтанд: "Эй мардум, назди ман биёед."

Мардум назди эшон ҷамъ шуданд. Баъди он фармуданд: "Аммо баъд (бидонед), ки мардуми Ансори ин деҳа (Мадина) кам мегарданд ва дигарон зиёд мешаванд. Агар касе аз уммати Муҳаммад (с) ба мансабе расид, ки метавонист ба мардум нафъ ва зарар бирасонад, бояд накӯкори (мардуми Ансор)-ро навозиш намояд ва хатокорашонро мавриди бахшоиш қарор диҳад."

## БОБИ 20. Имом дар ҳоли хутба хондан шахсеро мебинад, ки ба масҷид дохил мегардад ва ӯро амр менамояд, то ду ракаат намоз бихонад

**518.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) машғули хутба хондан буданд, шахсе дохили масҷид гардид. Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд: "Эй фалон, оё намоз хондӣ?" Гуфт: На. Фармуданд: "Бархез ва ду ракаат намоз бихон!"

## БОБИ 21. Талаби борон дар хутбаи рӯзи ҷумъа

**519.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) мардум ба хушксолӣ дучор гардиданд Дар яке аз рӯзҳои ҷумъа ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) машғули хутба додан буданд, шахси бодиянишине бархост ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Амволи мо ҳалок ва аҳлу авлоди мо ба қаҳтӣ дучор шудаанд, барои мо дар назди Худованд дуо кун. (Паёмбари Худо (с) даст ба дуо баланд намуданд ва дар ҳоле, ки асареро аз абр дар осмон намедидем, қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳанӯз дасти худро поён накарда буданд, ки абрҳое монанди кӯҳ баланд гардид ва ҳанӯз аз минбар поён нашуда буданд, ки дидам, борон аз риши муборакашон сарозер шудааст.

Ҳамон рӯз ва фардои он ва пасфардои он ва рӯзҳои дигар то рӯзи ҷумъаи оянда борон борид. (Дар рӯзи ҷумъаи оянда) ҳамон шахси бодиянишин ё шахси дигаре бархост ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, хонаҳо хароб ва амвол ғарқ гардид, барои мо дар назди Худованд дуо кун. (Паёмбари Худо (с) дуо намуданд, ки "Илоҳо, боронро дар атрофи

хонаҳои мо бибор, на бар хонаҳои мо!"

(Баъд аз ин дуо) абре набуд, ки Паёмбари Худо (с) ба дасти худ ба тарафи он ишора намоянд ва он абр пароканда нашавад ва шаҳри Мадинаи мунаввара монанди ҳавзи обе шуда буд, дашту саҳро дар муддати як моҳ монанди ҳавзи обе гардида буд ва ҳар касе, ки аз хориҷи шаҳри Мадина меомад, ҷуз аз мавзӯъи борон сухани дигаре намегуфт.

## БОБИ 22. Гӯш додан ба хутбаи имом дар рӯзи ҷумъа

**520.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар дар рӯзи ҷумъа ҳангоме, ки хатиб хутба мехонад, ба ҳамнишини худ гуфтӣ, ки (хомӯш бош) фазилати намози ҷумъаатро аз байн бурдӣ" (Бинобар ин, сухан гуфтан дар вақти хутба хондани имом барои ҳар мақсаде, ки бошад, ҳаром аст).

## БОБИ 23. Соати иҷобати дуо дар рӯзи ҷумъа

**521.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷумъа хутба хонда фармуданд: "Дар рӯзи ҷумъа соате аст, ки агар бандаи мусалмон дар он соат намоз бихонад ва чизеро аз Худованд бихоҳад, дуояш рад намешавад."

## БОБИ 24. Агар мардум дар рӯзи ҷумъа аз назди имом рафтанд

**522.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки бо Паёмбари Худо (с) намоз мехондем, қофилае, ки озуқаворӣ дошт, расид. Мардум ба тарафи қофила рафтанд, то чое, ки бо Паёмбари Худо (с) ба ҷуз аз дувоздаҳ нафар каси дигаре боқӣ намонд ва ин оя нозил гардид: **«Агар корвони тиҷоратӣ ва ё бозиро бубинанд, ба сӯи онҳо сарозер мешаванд ва туро истода тарк мекунанд».** *(Ҷумъа: 11)*

## БОБИ 25. Намоз хондан баъд аз намози ҷумъа ва пеш аз он

**523.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) пеш аз намози пешин ду ракаат ва баъд аз он ду ракаат ва баъд аз намози шом дар хонаи худ ду ракаат ва баъд аз намози хуфтан ду ракаат намоз мехонданд ва баъд аз намози ҷумъа то вақте, ки барнамегаштанд, намозе намехонданд, вале баъд аз баргаштан ба хона ду ракаат намоз адо мекарданд.

# -12- КИТОБИ АҲКОМИ НАМОЗИ ХАВФ

## БОБИ 1

**524.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар яке аз ғазоҳои атрофи Начд иштирок намуда Будам. Бо душман рӯ ба рӯ шуда ва дар муқобили онҳо сафороӣ намудем.

Паёмбари Худо (с) бархостанд ва барои мо намоз хонданд, гурӯҳе бо эшон ба намоз истоданд ва гурӯҳе дар муқобили душман қарор гирифтанд, Паёмбари Худо (с) бо касоне, ки бо эшон намоз мехонданд, рукӯъ намуданд ва дубора сачда карданд.

Онҳое, ки намоз хонда буданд, баргаштанд ва ба чои гурӯҳе, ки намоз нахонда буданд, истоданд, (гурӯҳи аввал) омаданд ва Паёмбари Худо (с) бо онҳо як ракаат намозро бо ду сачда адо намуда, салом доданд, баъд аз он ҳар кадом аз он ду гурӯҳ бархостанд ва ба танҳоӣ як ракаатро бо як рукӯъ ва ду сачда адо намуданд.

## БОБИ 2. Адои намози хавф дар ҳолати савора ва пиёда

**525.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ва агар (тавре ва даргирӣ бо душман) бештар аз ин буд (метавонанд) истода ва ё савора намоз бихонанд."

## БОБИ 3. Дар ҳолати ҳуҷум ва дифоъ метавон намозро савора ва ё бо ишора адо намуд

**526.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) баъд аз мурочиат аз ғазваи Аҳзоб ба мо фармуданд: "Ҳеч кас набояд намози асрро чуз дар (бани Қурайза) дар чои дигаре адо намояд."

Дар роҳ бар иддае вақти намози аср дохил гардид, баъзе аз онҳо гуфтанд: То вақте, ки ба (бани Қурайза) нарасидем, набояд намозро адо намоем. Гурӯҳи дигаре гуфтанд: На, намозро мехонем, зеро қасди Паёмбари Худо (с) таъхири намози мо набудааст. Ин воқеаро ба Паёмбари Худо (с) ҳикоят намуданд ва эшон ҳеч кадомро сарзаниш накарданд.

# -13- КИТОБИ АҲКОМИ НАМОЗИ ИДАЙН

## БОБИ 1. (Бозӣ кардан) ба найза ва сипар дар рӯзи ид

**527.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) наздам омаданд ва дар ин вақт ду духтарак наздам нишаста ва аз воқеаҳои ҷанги Буъос ҳамосахонӣ мекарданд. (Паёмбари Худо (с) рӯи болин ғалтиданд ва рӯи худро ба ҷониби дигаре намуданд.

Баъд аз он Абӯбакр (р) дохил гардид, маро сарзаниш намуда гуфт: Дар ҳузури Паёмбари Худо (с) овози шайтонро баланд мекунӣ? Паёмбари Худо (с) ӯро мухотаб қарор дода ва фармуданд: "Ба онҳо (яъне ба он ду духтар) чизе магӯ". Вале ҳангоме, ки (Паёмбари Худо (с) ба чизи дигаре машғул шуданд, ба он ду духтар ишора намудам (ки берун шавед) ва онҳо берун шуда рафтанд.

## БОБИ 2. Хӯрдани чизе дар рӯзи иди фитр пеш аз рафтан ба сӯи намоз

**528.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи иди Фитр то чанд хурмое намехӯрданд, берун намешуданд. Ва дар ривояти дигаре аз вай нақл аст, ки гуфт: Ва (адади) хурмоҳое, ки мехӯрданд, тоқ буд.

## БОБИ 3. Хӯрдан дар рӯзи иди Қурбон

**529.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки хутба мехонданд, шунидам, ки фармуданд: "Аввалин кореро, ки имрӯз (яъне рӯзи иди Қурбон) анҷом медиҳем, ин аст, ки намозро адо намуда, баъд аз он бармегардем ва қурбонӣ мекунем. Касе, ки чунин кунад, ба суннати мо амал кардааст."

**530.** Ва аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи иди Қурбон баъд аз намоз барои мо хутба хонда ва фармуданд: "Касе, ки намози моро хонда бошад ва монанди мо қурбонӣ намуда бошад, қурбониаш дар вақти муносибаш воқеъ шудааст ва касе, ки пеш аз намоз қурбонӣ кардааст, забҳи пеш аз намоз аз қурбонӣ ҳисоб намешавад."

Абӯбурда ибни Ниёр тағои (Бароъ) (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ, ман гӯсфандамро пеш аз намоз қурбонӣ кардам ва фикр мекардам, ки чун

имрӯз рӯзи хӯрдану нӯшидан аст, беҳтар аст, ки гӯсфандам аввалин гӯсфанде бошад, ки дар хонаам забҳ мегардад, аз ин ҷиҳат онро забҳ намудам ва пеш аз он, ки ба намоз биёям, хӯроки субҳона хӯрдам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Гӯсфанди ту гӯсфанди гӯшт аст? Гуфт: Ё Расулаллоҳ, барраи хурдсоле дорем, ки дар наздам аз ду буз боарзиштар аст, оё барои қурбониам раво аст? Фармуданд: "Бале, вале барои шахси дигаре баъд аз ту раво нест."

## БОБИ 4. Рафтан ба идгоҳе, ки минбар надошт

**531.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) рӯзи иди Фитр, рӯзи иди Қурбон ба идгоҳ мерафтанд ва аввалин коре, ки мекарданд, адои намоз буд, баъд аз он бармегаштанд ва дар ҳоле, ки мардум дар сафҳо нишаста буданд, рӯ ба рӯяшон истода ва барои онҳо ваъзу насиҳат ва амр мекарданд ва агар мехостанд, гурӯҳеро ба кадом тарафе ба ҷиҳод бифиристанд, онҳоро ҷудо мекарданд ва агар мехостанд онҳоро ба чизе амр намоянд, амр мекарданд ва баъд аз он бармегаштанд.

Абӯсаъид (р) мегӯяд: Мардум ба ҳамин тариқ намози идро адо мекарданд, то ин, ки дар иди Қурбон ва ё иди Фитр бо Марвон, ки дар он вақт амири Мадина буд, ба тарафи идгоҳ рафтам ва дидам, ки Касир ибни Салт минбаре сохтааст. Чун Марвон мехост, ки болои минбар барояд, аз либосаш гирифтам ва ӯро ба тарафи худ кашидам, ӯ маро ба ақиб ронд ва болои минбар баромад ва пеш аз намоз хутба хонд.

Барояш гуфтам: Ба Худованд савганд, ки (суннати Паёмбари Худо (с)-ро тағйир додед, (зеро Паёмбари Худо (с) хутбаро баъд аз намоз мехонданд). Гуфт: Эй Абӯсаъид, он чиро, ки ту медонистӣ, акнун аз байн рафтааст. Гуфтам: Ба Худованд қасам, он чиро, ки медонам, беҳтар аст аз он чӣ, ки намедонам. Гуфт: Мардум баъд аз намоз барои шунидани хутбаи мо наменишинанд, аз ин ҷиҳат пеш аз намоз хутба хондам.

## БОБИ 5. Пиёда ва савора ба тарафи идгоҳ рафтан ва намоз хондан пеш аз хутба

**532.** Аз Ибни Аббос ва Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Дар ҳеҷ кадоме аз намози иди Қурбон ва иди Фитр азон дода намешуд.

## БОБИ 6. Хутба хондан баъд аз намози ид

**533.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Намози идро бо Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр ва Умар ва Усмон (р) хондам, ҳамаи эшон пеш аз хутба намоз мехонданд.

## БОБИ 7. Фазилати кори нек дар айёми ташриқ

**534.** Ва аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Савоби аъмоли нек дар ҳеҷ вақте бештар аз анҷом додани он дар ҳамин даҳ рӯз нест." Гуфтанд: Ҳатто ҷиҳод ҳам беҳтар нест? Фармуданд: "Ҳатто ҷиҳод ҳам беҳтар нест, магар ҷиҳоди касе, ки бо ҷон ва молаш ба қасди аз байн бурдани душман баромада бошад ва молаш аз байн рафта ва худаш шаҳид шуда бошад».

## БОБИ 8. Такбир гуфтан дар рӯзҳои Мино ва ҳангоми рафтан ба сӯи Арафот

**535.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) пурсид: Шумо (ҳангоми эҳром бастан барои ҳаҷ) талбияро дар замони Расули акрам (с) чӣ гуна мегуфтед? Гуфт: Баъзе талбия мегуфтанд ва касе ба вай эътироз намекард ва иддаи дигаре такбир мегуфтанд ва касе ба ӯ эътироз намекард.

## БОБИ 9. Куштани шутур ва гӯсфанд дар идгоҳ

**536.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шутур ва ё гӯсфандро дар идгоҳ забҳ мекарданд.

## БОБИ 10. Тағйир додани роҳи рафтуомад дар намози ид

**537.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ид роҳи баргаштан аз идгоҳро тағйир медоданд (яъне, аз роҳи дигаре ғайр аз роҳе, ки рафта буданд, бармегаштанд).

**538.** Ҳадиси Оиша (р) дар мавзӯъи ҳабашиҳо ва бозӣ кардани онҳо дар дохили масҷид қаблан гузашт ва дар ривояти дигар омадааст, ки... Умар (р) онҳоро сарзаниш намуда ва Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд "Бани Арфидаро ба ҳоли худашон бигзор." (Мурод аз бани Арфида мардуми Ҳабаша аст).

# -14- КИТОБИ НАМОЗИ ВИТР

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар бораи витр омадааст

**539.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) дар мавриди намози шаб пурсид. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Намози шаб ду ракаат-ду ракаат аст, агар касе аз шумо хавфи тулӯъ намудани субҳро дошт, танҳо як ракаат адо намояд ва намозҳоеро, ки хондааст, бо ин як ракаат витр бисозад."

**540.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки намози Паёмбари Худо (с) дар шаб ёздаҳ ракаат буд. Ба саҷда, ки мерафтанд, то андозае, ки шумо панҷоҳ оят тиловат кунед, сари худро боло намекарданд ва пеш аз намози субҳ ду ракаат намоз адо менамуданд ва баъд аз он то ҳангоме, ки муаззин барои намоз меомад, ба паҳлӯи рости худ истироҳат мекарданд.

## БОБИ 2. Вақтҳои намози витр

**541.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози витрро дар ҳар вақти шаб мехонданд, вале дар охири амр (пеш аз вафоти худ) намози витрро дар вақти саҳар адо мекарданд.

## БОБИ 3. Намози витр бояд охирин намоз бошад

**542.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Охирин намози худро дар шаб витр бигардонед."

## БОБИ 4. Витр хондан бар болои чорпо

**543.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) гоҳе витрро бар болои шутур мехонданд.

## БОБИ 5. Қунут хондан пеш аз рукӯъ ва баъд аз он

**544.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) пурсид: Оё Паёмбари Худо (с) дар намози субҳ қунут хондаанд? Гуфт: Бале! Каси дигаре пурсид: Оё пеш аз рукӯъ қунут хондаанд? Гуфт: Баъд аз рукӯъ андак вақте қунут хонданд.

**545.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) дар мавриди қунут пурсиш намуд. Дар ҷавоб гуфт: Қунут (дар он замон) хонда мешуд. Пурсид: Пеш аз рукӯъ ё баъд аз рукӯъ? Гуфт: Пеш аз рукӯъ. Пурсид: Фалонӣ аз забони ту мегӯяд, ки гуфта будӣ, баъд аз рукӯъ. Гуфт: Ӯ дурӯғ гуфтааст. Паёмбари Худо (с) баъд аз рукӯъ танҳо як моҳ қунут хондаанд, фикр мекунам, ин дар замоне буд, ки Паёмбари Худо (с) ҳудуди ҳафтод нафар аз касонеро, ки ба номи (қориҳо) ёд мешуданд, дар байни гурӯҳе аз мушрикин, ки бо Паёмбари Худо (с) аҳду паймон баста буданд, фиристоданд (мушрикин хиёнат карда он (қориҳо)-ро куштанд). Паёмбари Худо (с) як моҳ қунут хонда ва бар онҳо нафрин мекарданд. Ва дар ривояти дигаре аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) як моҳ қунут мехонданд ва бар қабилаи Реъл ва Заквон нафрин мекарданд.

**546.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дуои қунут дар намози шом ва намози субҳ буд.

# -15- КИТОБИ НАМОЗИ ИСТИСҚО

## БОБИ 1. Талаби борон

**547.** Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба талаби борон баромаданд ва ридои худро сарчаппа намуданд. Ва дар ривояти дигаре гуфтааст, ки (ридои худро сарчаппа намуда) ва ду ракаат намоз адо намуданд.

## БОБИ 2. Ин дуои Паёмбари Худо (с) ки "онҳоро ба қаҳтии замони Юсуф дучор бигардон"

**548.** Ҳадиси Абӯҳурайра (р) дар мавриди дуои Паёмбари Худо (с) барои мустазъафин ва нафринашон бар қабилаи Музар қаблан гузашт ва дар охири ин ривоят омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қабилаи Ғифорро Худованд мағфират намояд ва қабилаи Асламро солим нигаҳ дорад."

**549.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) рӯйгардонии Қурайшро аз Ислом диданд, бар онҳо нафрин карда ва гуфтанд: "Худоё, онҳоро ба қаҳтии ҳафтсола монанди қаҳтии ҳафтсолаи замони Юсуф (ъ) дучор бигардон."

Ва Қурайш ба чунон қаҳтӣ дучор шуданд, ки ҳамаи чизашон аз байн рафт, то чое, ки пӯсти ҳайвоноти худмурда ва мурдорҳоро мехӯрданд ва аз шиддати гуруснагӣ агар касе ба тарафи осмон назар мекард, ҳаво ба назараш монанди дуд менамуд.

Абӯсуфён назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Эй Муҳаммад, ту худат мардумро ба тоати Худо ва силаи раҳм даъват мекунӣ (ва тавре, ки мебинӣ), қавми худат ба ҳалокат расиданд, барояшон назди Худованд дуо кун, Худованди мутаъол фармуд: **«Дар интизори рӯзе бош, ки осмон дуди ошкореро падид оварад».** То ин қавли Худованди мутаъол: **«Шумо дубора ба куфр бархоҳед гашт, рӯзе, ки шуморо сахт дарҳам хоҳем кӯбид».** *(Духон: 10-15)* Ровӣ мегӯяд: Ҳамаи он чиро, ки Худованд ба мушрикин аз (дарҳам кӯбидан) ва (дуд) ва ғайра ваъда дода буд, ба вуқӯъ пайваст.

**550.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Бисёр вақтҳо Паёмбари Худо (с) талаби борон менамуданд ва ман ба тарафи рӯяшон медидам ва ҳанӯз аз минбар пойин нашуда буданд, ки новадонҳо ба

рехтан шурӯъ мекард ва ин қавли шоир, ки гӯяндаи он Абӯтолиб аст, дар зеҳнам хутур мекард:

Дурахшанда рӯе аст, ки ба баракати рӯи ӯ аз абр талаби борон карда мешавад, ёрирасоне барои ятимон ва паноҳгоҳе барои бевазанон аст.

**551.** Ривоят аст, ки ҳангоми қаҳтӣ Умар ибни Хаттоб (р) ба василаи Аббос ибни Абдулмуталиб аз Худованд талаби борон намуда мегуфт: "Худоё, мо ба набии ту васила меҷустем ва талаби борон мекардем ва акнун ба амаки Пайғамбари ту васила меҷӯем ва талаби борон менамоем. Худоё, ба мо борон бифирист. Ва ҳамон буд, ки барои онҳо борон меборид.

## БОБИ 3. Истисқо дар масҷиди ҷомеъ

**552.** Ҳадиси Анас (р) дар мавриди шахсе, ки ба масҷид дохил гардид ва Паёмбари Худо (с) хутба мехонданд ва аз эшон хост, то талаби борон намоянд, ба ривоятҳои мухталиф ривоят шудааст ва дар яке аз ривоятҳо омадааст, ки: ... шаш рӯз офтобро надидем, баъд аз шаш рӯз дар ҷумъаи оянда шахсе аз ҳамон дарвоза дохили масҷид гардид ва дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) хутба медоданд, муқобили рӯяшон истода гуфт: Ё Расулаллоҳ! Молҳо ҳалок шуд ва роҳҳо банд гардид, аз Худо бихоҳ, ки борон биистад.

Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дастҳояшонро боло карда гуфтанд: "Худоё, боронро ба атрофи хонаҳои мо биборон, на бар болои хонаҳои мо. Худоё, боронро бар теппаҳо ва пуштаҳо, дар домани саҳро ва дар ҷангалзорҳо биборон."

Ровӣ мегӯяд: Ҳамон буд, ки борон таваққуф намуд ва ҳангоме, ки (аз масҷид) берун шудем, дар офтоб роҳ мерафтем.

## БОБИ 4. Истисқо дар хутбаи ҷумъа бидуни рӯй овардан ба тарафи қибла

**553.** Ва аз Анас (р) (дар мавзӯи истисқо) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дастҳояшонро баланд карда ва гуфтанд "Худоё, ба фарёди мо бирас, Худоё, ба фарёди мо бирас, Худоё, ба фарёди мо бирас."

## БОБИ 5. Паёмбари худо (с) чӣ гуна пушти худро ба тарафи мардум карданд

**554.** Ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зайд (р) дар мавриди истисқо қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) пушти худро ба тарафи мардум карда ва рӯй ба қибла истоданд ва дар ҳоле, ки дуо мекарданд, ридои худро чаппа намуда ва ду ракаат намоз бо қироати баланд барои мо адо намуданд.

## БОБИ 6. Боло кардани имом дастҳои худро дар истисқо

**555.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳеҷ дуое ба ҷуз истисқо дастҳои худро боло намекарданд ва дар истисқо то ҳадде дастҳои худро баланд мекарданд, ки сафедии зери бағалашон маълум мешуд.

## БОБИ 7. Ҳангоми боридани борон чӣ бояд гуфт?

**556.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми дидани борон мегуфтанд: Худоё, онро борони боманфиате бигардон."

## БОБИ 8. Ҳангоми вазиши бод

**557.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Алоими вазиши бодҳои тунд ва шадид аз тағйири рӯи Паёмбари Худо (с) дониста мешуд.

## БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки «ба василаи бод нусрат дода шудам»

**558.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ман ба василаи боди Сабо нусрат дода шудам ва қавми Од ба василаи боди Дабур ҳалок гардиданд."

## БОБИ 10. Он чӣ, ки ҳангоми зилзила ва дигар аломати қудрати Худовандӣ гуфта мешавад

**559.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Худоё! Ба Шом ва Ямани мо баракат бидеҳ." Мардум гуфтанд: Ва дар Наҷди мо. Фармуданд: "Худоё, ба Шоми мо ва ба Ямани мо баракат бидеҳ." Ровӣ мегӯяд: Мардум гуфтанд: Дар Наҷди мо. Фармуданд: "Он ҷо сарзамини залзилаҳо ва фитнаҳо аст ва аз он ҷо аст, ки шарорати шайтон (ва ё пайравони шайтон) зуҳур мекунад."

## БОБИ 11. Ҷуз Худованди мутаъол ҳеҷ кас вақти омадани боронро намедонад

560 - Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Калидҳои ғайб панҷ чиз аст, ки ҷуз Худованди мутаъол дигаре онҳоро намедонад. Касе намедонад, ки фардо чӣ хоҳад шуд ва касе намедонад, ки дар раҳми модар чист ва касе намедонад, ки фардо чӣ хоҳад кард ва касе намедонад, ки дар кадом сарзамин хоҳад мурд ва касе намедонад, ки борон чӣ вақт хоҳад омад."

# -16- КИТОБИ (АҲКОМИ) КУСУФ (ГИРИФТИ ХУРШЕД)

## БОБИ 1. Намоз хондан дар вақти хуршедгирифтагӣ

**561.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) будем, ки офтоб гирифта шуд. Паёмбари Худо (с) бархостанд ва дар ҳоле, ки ридои худро бо худ мекашиданд, ба масҷид дохил шуданд, мо ҳам ба масҷид омадем, бо мо ду ракаат намоз хонданд (ва намозро он қадар тӯлонӣ намуданд), ки офтобгирӣ бартараф гардид.

Баъд аз он фармуданд: «Гирифтагии офтоб ва моҳтоб ба сабаби марги кадом касе нест, чун гирифтагии офтоб ва моҳтобро мушоҳида намудед, то ҳангоме, ки ба ҳоли оддӣ бармегарданд, намоз бихонед ва дуо кунед."

Ва дар ривояти дигаре омадааст, ки фармуданд: "...вале Худованди мутаъол ба сабаби гирифтагии офтоб ва моҳтоб бандагони худро метарсонад." Ҳадиси гирифтагии офтоб чандин бор такрор гардидааст ва дар яке аз ривоёт аз Муғира ибни Шуъба (р) омадааст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) дар рӯзе, ки Иброҳим (фарзанди Расули Худо (с) фавт намуд, офтоб гирифт. Мардум гуфтанд: Сабаби офтобгирифтагӣ мавти Иброҳим (фарзанди Паёмбари Худо (с) аст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Офтоб ва маҳтобгирифтагӣ ба сабаби марг ва ҳаёти касе нест, чун (ин пешомад)-ро дидед, намоз бихонед ва дуо кунед».

## БОБИ 2. Садақа додан ҳангоми офтобгирифтагӣ

**562.** Дар ривояте аз Оиша (р) омадааст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) офтоб гирифт он ҳазрат (с) ба мардум намоз хонда, қиёмро дароз намуданд, баъд аз он рукӯъ карда ва рукӯъро дароз намуданд.

Баъд аз он бархостанд ва қиёмро камтар аз қиёми аввал дароз намуданд, баъд аз он рукӯъ карданд ва рукӯъро камтар аз рукӯъи аввал дароз намуданд, баъд аз он саҷда намуданд ва саҷдаро дароз карданд ва дар ракаати дуввум айни ҳамин корро анҷом доданд.

Баъд аз он баргаштанд ва офтоб равшан гардида буд, барои мардум хутба хонданд ва баъд аз ҳамду санои Худованди мутаъол гуфтанд: "Офтоб ва маҳтоб ду ояте аз оёти Худованди мутаъол аст, гирифтагии онҳо ба сабаби марг ва ҳастии кадом касе нест, вақте ки ин пешомадро

дидед, ба ҳузури Худованди мутаъол дуъо кунед ва такбир гуфта, намоз бихонед ва садақа бидиҳед."

Баъд аз он фармуданд: "Эй уммати Муҳаммад! Ба Худованд қасам, ки ғайрати ҳеҷ кас аз ғайрати Худованди мутаъол бештар нест, ки бубинад ғулом ва ё канизаш зино мекунад. Эй уммати Муҳаммад! Ба Худованд қасам, агар он чиро, ки ман (аз қаҳри Худо) медонам, шумо медонистед, яқинан кам механдидед ва бисёр мегиристед."

## БОБИ 3. Нидо додан ба мардум ҷиҳати иқомаи намози ҷамоат ба сабаби гирифтагии офтоб

**563.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун дар замони Паёмбари Худо (с) офтоб гирифт, ба мардум хабар доданд, ки намози ҷамоат барпо мешавад.

## БОБИ 4. Паноҳ ҷустан аз азоби қабр дар намози кусуф

**564.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки яҳудизане наздаш омад ва аз чизе мепурсид, (дар зимн) гуфт: Худованд туро аз азоби қабр дар паноҳи худ нигаҳ дорад.

Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Оё мардум дар қабрҳои худ азоб карда мешаванд? Паёмбари Худо (с) фармуданд: Аз азоби қабр ба Худо паноҳ меҷӯям."

Оиша (р) ҳадиси гирифтагии офтобро зикр карда ва дар ахири он гуфт, ки Паёмбари Худо (с) ба мардум амр намуданд, то аз азоби қабр ба Худованд паноҳ биҷӯянд.

## БОБИ 5. Хондани намози кусуф ба ҷамоат

**565.** Ибни Аббос (р) ҳадиси кусуфро батафсил зикр намуда ва гуфт: Мардум гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, дидем, ки чизеро аз ҷое, ки истода будед, гирифта, баъд аз он ба пушти сар ақиб рафтед. Фармуданд: "Ман биҳиштро дидам ва хостам хӯшае (аз меваҳои онро) бигирам. Ва агар метавонистам онро бигирам, то рӯзе, ки дунё боқӣ буд, аз он мехӯрдед ва (сабаби ақиб рафтанам ин буд, ки) дӯзах ба ман нишон дода шуд ва ҳеҷ манзараеро то имрӯз ваҳшатноктар аз он надида будам ва дидам, ки бештарини дӯзахиёнро занон ташкил медиҳанд».

Пурсиданд: Сабаби ин амр чист?

Фармуданд: "Ба сабаби ношукрияшон".

Пурсиданд: Сабаби ношукрияшон дар муқобили Худованд?

Фармуданд: "Неъматҳо ва хубиҳои шавҳаронро ношукрӣ ва инкор менамоянд, агар тамоми умрро ба онҳо некӣ намоӣ ва аҳёнан аз ту кӯтоҳие бубинанд, мегӯянд: Аз ту ҳеҷ хайре надидам".

## БОБИ 6. Касе, ки озод кардани ғуломонро дар вақти гирифтани офтоб дӯст медошт

**566.** Аз Асмоъа бинти Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми гирифтагии офтоб ба озод сохтани ғуломон амр мефармуданд.

## БОБИ 7. Зикр кардан дар вақти кусуф

**567.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Офтоб гирифта шуд, Паёмбари Худо (с) тавре ҳаросон бархостанд, ки гӯё мехоҳад қиёмат барпо шавад, ба масҷид омаданд ва намозро ба дарозтарин қиём ва рукӯъ ва саҷдае, ки дар тамоми умри худ дида будам, хонда ва фармуданд:

"Инҳо аломатҳое аст, ки Худованди мутаъол фиристодааст ва марбут ба марг ва зиндагии касе нест, вале Худованди мутаъол ба сабаби инҳо бандагони худро метарсонад ва ҳангоме, ки аломате аз ин аломатҳоро дидед, ба зикр ва дуо ва талаби омурзиш аз Худованди мутаъол мутавассил шавед."

## БОБИ 8. Баланд хондани қироат дар намози кусуф

**568.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар намози кусуф қироатро баланд хонданд, баъд аз қироат такбир гуфта, рукӯъ намуданд, чун сари худро аз рукӯъ боло намуданд, гуфтанд: *Самиъаллоҳу ли ман ҳамида раббанно ва лакалҳамд.* Баъд аз он дубора ба қироат кардан шурӯъ намуданд (ва ба ин тартиб) дар ду ракаат чаҳор рукӯъ ва чаҳор саҷда намуданд.

# -17-
# КИТОБИ САҶДАҲОИ ҚУРЪОН

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди саҷдаҳои Қуръон ва суннат будани онҳо омадааст

**569.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) сураи «Ан-наҷм»-ро дар Макка тиловат намуда ва саҷда карданд ва ҳамагӣ ба ҷуз аз як пирамарде бо Паёмбари Худо (с) саҷда намуданд.

Он пирамард мушти рег ва ё хокеро гирифт ва бар он хок саҷда намуда гуфт: Нисбат ба ман ҳамин кифоят мекунад. (Ибни Масъуд (р) мегӯяд, баъд аз ин воқеа ӯро дидам, ки дар ҳоли куфр кушта шуд.

## БОБИ 2. Саҷдаи сураи «Сод»

**570.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Саҷда кардан дар сураи «Сод» ҳатмӣ нест ва бо вуҷуди он Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки аз тиловат кардани он саҷда намуданд.

## БОБИ 3. Саҷда кардани муслимин бо мушрикин ва ин, ки мушрик наҷас аст ва бар вай вузӯ нест

**571.** Ҳадиси Ибни Аббос (р) дар мавриди саҷда намудани Паёмбари Худо (с) дар сураи «Наҷм» аз ривояти Ибни Масъуд (р) қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки мусалмонон ва мушрикин ва ҷин ва инс бо Паёмбари Худо (с) саҷда намуданд.

## БОБИ 4. Касе, ки ояти саҷдаро хонда ва саҷдаи тиловат накардааст

**572.** Ривоят аст, ки Зайд ибни Собит (р) назди Паёмбари Худо (с) сураи «Ан-наҷм»-ро хонд, Паёмбари Худо (с) саҷдаи тиловат накарданд.

## БОБИ 5. Саҷдаи «Иза-с-самоун шаққат»

**573.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки сураи Иза-с-самоун-шаққат-ро хонд, саҷда намуд ва чун аз вай аз сабаби ин саҷда пурсида шуд, гуфт: Агар Паёмбари Худо (с) -ро намедидам, ки ( аз қироати он) саҷда кардаанд, саҷда намекардам.

## БОБИ 6. Касе, ки аз издиҳоми зиёд ҷойеро барои саҷда кардан наёфтааст

**574.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) сураеро, ки дар он саҷда аст, барои мо тиловат мекарданд, он ҳазрат (с) саҷда мекарданд ва мо ҳам бо эшон саҷда менамудем, то ҳадде, ки касе аз мо ҷоеро барои гузоштани пешониаш намеёфт.

# -18-
# КИТОБИ КӮТОҲ ХОНДАНИ НАМОЗ

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди кӯтоҳ хондани намоз ва муддати иқомат омадааст

**575.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) нуздаҳ рӯз дар Макка иқомат намуданд ва (дар ин муддат) намозро кӯтоҳ мехонданд.

**576.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) аз Мадина ба сӯи Макка сафар намудем, то вақте, ки пас ба Мадина омадем, намозро ду ракаат-ду ракаат мехонданд.

Ровӣ мегӯяд: Пурсидам: Оё муддате дар Макка иқомат намудед?

Гуфт: Бале, даҳ рӯз дар Макка иқомат намудем.

## БОБИ 2. Намоз хондан дар Мино

**577.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр ва Умар (р) ва ибтидои хилофати Усмон (р) намозро дар Мино дуракаатӣ хондам, баъд аз он Усмон (р) намозро комил (яъне, чаҳорракаатӣ) адо намуд.

**578.** Аз Ҳориса ибни Ваҳб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Мино, дар ҳоле, ки амнияг комилан таъмин буд, намозро дуракаатӣ адо намуданд.

**579.** Ривоят аст, ки чун ба Ибни Масъуд (р) гуфтанд, ки Усмон (р) дар Мино намозро чаҳорракаатӣ хондааст, гуфт: Инно лилоҳ ва инно илайҳи роҷеъун. Сипас гуфт: Ман бо Паёмбари Худо (с) дар Мино намозро дуракаатӣ хондам ва бо Абӯбакр (р) дар Мино намозро дуракаатӣ хондам ва бо Умар (р) дар Мино намозро дуракаатӣ хондам ва ман аз чаҳор ракаат ду ракаатеро, ки қабул шавад, беҳтар медонам.

## БОБИ 3. Дар чӣ масофате намоз кӯтоҳ хонда мешавад

**580.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, раво нест, ба чое, ки як шабонарӯз роҳ аст, бидуни маҳрам сафар намояд."

## БОБИ 4. Намози шом дар сафар ҳам бояд се ракаат хонда шавад

**581.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки агар дар сафар шитоб медоштанд, намози шомро таъхир мекарданд ва онро се ракаат мехонданд. Баъд аз салом додан андаке даранг намуда ва намози хуфтан иқома мегардид, намози хуфтанро ду ракаат хонда, салом медоданд. Баъд аз намози хуфтан, то вақте, ки ними шаб бармехостанд, намози нафл намехонданд.

**582.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) намози нафлро дар ҳолати савора ва ба тарафи дигаре ғайр аз тарафи қибла адо менамуданд.

## БОБИ 5. Хондани намози нафл бар болои хар

**583.** Ривоят аст, ки Анас (р) бар болои улоғе дар ҳоле, ки рӯяш ба тарафи чапи қибла буд, намоз мехонд. Аз вай пурсиданд: Чаро ба тарафи дигаре ғайри тарафи қибла намоз мехонӣ? Гуфт: Агар Паёмбари Худо (с)-ро намедидам, ки чунин кардаанд, ман ҳаргиз чунин намекардам.

## БОБИ 6. Касе, ки дар сафар баъд аз намози фарз нафл нахондааст

**584.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ҳамсафар будам ва надидам, ки дар сафар намози нафл хонда бошанд ва Худованди мутаъол мефармояд: **«Ва барои шумо Паёмбари Худо (с) беҳтарин улгу аст».** *(Аҳзоб: 21)*

## БОБИ 7. Касе, ки дар сафар пеш аз намози фарз ва баъд аз он нафл хондааст

**585.** Аз Омир ибни Рабеъа (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с)-ро дар сафар дидааст, ки ҳангоми шаб бар болои шутури худ нафл мехонданд ва рӯяшон ба тарафе буд, ки шутур ба ҳамон тараф равон буд.

## БОБИ 8. Ҷамъ кардан байни намози шом ва хуфтан дар сафар

**586.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар роҳи сафар байни намози пешин ва аср ва байни намози шом ва хуфтан ҷамъ мекарданд.

## БОБИ 9. Агар шахсе наметавонист нишаста намоз бихонад, бояд ғалтида ва ба паҳлӯ намоз бихонад

**587.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: Нисбат ба марази бавосире, ки доштам, аз Паёмбари Худо (с) нисбат ба адои намоз пурсиш намудам. Фармуданд: "Истода бихон, агар натавонистӣ, нишаста бихон ва агар натавонистӣ, ба паҳлӯ бихон."

## БОБИ 10. Агар касе нишаста намоз хонад ва баъд аз он сиҳат ёфт, бояд намозро тамом намояд

**588.** Аз модари мӯъминон Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ вақт Паёмбари Худо (с)-ро надидаам, ки намози шабро (намози таҳаҷҷудро) то вақти синнашон зиёд нашуда буд, нишаста хонда бошанд ва чун синнашон зиёд шуд, (намози таҳаҷҷудро) нишаста мехонданд, вале пеш аз рукӯъ кардан бармехостанд ва ҳудуди сӣ-чил оятро мехонданд ва баъд аз он рукӯъ мекарданд.

**589.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки сипас дар ракаати дуввум низ монанди ракаати аввал амал менамуданд, баъд аз тамом кардани намоз, агар бедор мебудам, бо ман сӯҳбат мекарданд ва агар хоб мебудам, ба паҳлӯ хобида истироҳат мекарданд.

# -19-
# КИТОБИ НАМОЗИ ТАҲАҶҶУД

## БОБИ 1. Таҳаҷҷуд дар шаб

**590.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) дар шаб барои таҳаҷҷуд хондан бармехостанд, чунин дуо мекарданд: *"Аллоҳумма лакал ҳамд анта қайюму-с-самовоти вал арзи ва ман фиҳинна ва лакал ҳамду лака мулку-с-самовоти вал арзи ва ман фиҳинна, валакал ҳамду анта нуру-с-самовоти вал арзи ва ман фиҳинна. Ва лакал ҳамду анта малику-с-самовоти вал арзи ва лакал ҳамд антал ҳаққу ва ваъдукал ҳақ ва лиқоъука ҳақ ва қавлука ҳақ вал ҷаннату ҳақ ва-н-нору ҳақ ва-н-набиюна ҳақ ва Муҳаммадун (с) ҳақ ва-с-соату ҳақ. Аллоҳумма лака асламту ва бика оманту ва ъалайка таваккалту ва илайка анабту ва бика хосамту ва илайка ҳокамту, фагфирли мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту, антал муқаддиму ва антал муаххиру, ло илоҳа илло анта."*

## БОБИ 2. Фазилати қиёми шаб

**591.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) агар касе хобе медид, меомад он хобро ба Паёмбари Худо (с) қисса мекард. Хеле орзу доштам, ки хобе бубинам ва барои Паёмбари Худо (с) қисса намоям. Дар замони Паёмбари Худо (с) ман шахси ҷавоне будам ва дар масҷид мехобидам, дар хоб дидам, ки гӯё ду фаришта маро гирифта, ба сӯи дӯзах бурданд ва (дидам), ки дӯзах ба монанди чоҳи амиқе бино шудааст ва дорои ду шох аст ва дар он мардумоне ҳастанд, ки онҳоро мешиносам ва ман пайи ҳам мегуфтам: Аз дӯзах ба Худованд паноҳ меҷӯям. Абдуллоҳ ибни Умар (р) мегӯяд: Дар ин вақт малаки дигаре омад ва бароям гуфт: Матарс. (Ин хобро) ба (Ҳафса) (р) қисса намудам ва Ҳафса онро барои Паёмбари Худо (с) қисса намуд. Эшон фармуданд: "Абдуллоҳ шахси некест, агар шаб намоз бихонад," (яъне намози таҳаҷҷуд бихонад). Баъд аз ин воқеа Абдуллоҳ (р) фақат вақти андакеро дар шаб мехобид.

## БОБИ 3. Тарки қиёми шаб барои бемор

**592.** Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бемор гардида ва як ё ду шаб барои қиёми шаб барнахостанд.

## БОБИ 4. Ташвиқи Паёмбари Худо (с) ба хондани намози шаб ва навофил бидуни он ки воҷиб бошад

**593.** Аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе Паёмбари Худо (с) омаданд ва ман ва Фотима, духтари пайғамбари Худо (ъ)-ро бедор карда ва фармуданд: "Шумо ду нафар намоз намехонед?" (Мурод аз ин намоз намози таҳаҷҷуд аст).

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, ҷони мо дар дасти Худо аст, агар бихоҳад, ки моро бедор созад, бедор месозад. Чун ин суханро гуфтам, баргашта ва ба ман чизе нагуфтанд ва ҳангоми баргаштан дар ҳоле, ки (дасти худро) ба рони худ мезаданд, шунидам, ки мегуфтанд: **«Инсон бисёр муҷодалагар аст».** *(Каҳф: 54)*

**594.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) баъзе аз ибодотро аз тарси он, ки мабодо мардум ҳам ба онҳо амал намоянд ва бар онҳо воҷиб гардад, тарк мекарданд, гарчи дар асл дӯст доштанд, ки он ибодотро анҷом диҳанд. (Ва аз ҳамин ҷиҳат) Паёмбари Худо (с) намози чоштро намехонданд.

## БОБИ 5. Паёмбари Худо (с) дар шаб он қадар намоз мехонданд, ки пойҳояшон варам мекард

**595.** Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шаб он қадар намоз мехонданд, ки пойҳояшон варам мекард, чун барояшон гуфта мешуд, (ки сабаби ин ҳама ибодат чист?), мефармуданд: "Оё бандаи шукргузоре набошам?"

## БОБИ 6. Касе, ки дар вақти саҳар хобид

**596.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд: "Маҳбубтарини намозҳо дар назди Худованди мутаъол намози Довуд (ъ) аст. Беҳтарини рӯзаҳо дар назди Худованди мутаъол рӯзаи Довуд (ъ) аст, ними шабро хобида ва ҳиссаи савуми онро намоз мехонд ва боз шашум ҳиссаи онро мехобид ва як рӯзро рӯза мегирифт ва як рӯзро мехӯрд."

**597.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Беҳтарин ибодат дар назди Паёмбари Худо (с) ибодате буд, ки ба таври доимӣ ва ҳамешагӣ бошад. Аз вай пурсиданд: Паёмбари Худо (с) (дар шаб) чӣ вақт бармехостанд? Гуфт: Вақте, ки овози хурӯсро мешуниданд.

**598.** Ва дар ривояти дигаре аз Оиша (р) нақл аст, ки (дар ҷавоб) гуфт: Ҳангоме, ки овози хурӯсро мешуниданд, бархоста намоз мехонданд.

**599.** Ва дар ривояти дигаре аз Оиша (р) нақл аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро ҳангоми саҳар дар назди худ ҷуз дар ҳолати хоб намедидам.

## БОБИ 7. Тӯли қиём дар намози шаб

**600.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе бо Паёмбари Худо (с) намоз хондам, он қадар истоданд, ки тасмим ба кори баде гирифтам. Пурсиданд: Он кори бад чӣ буд? Гуфт: Тасмим гирифтам, ки худам бинишинам ва Паёмбари Худо (с)-ро танҳо бигзорам.

## БОБИ 8. Намози Паёмбари Худо (с) дар шаб чӣ гуна буд ва чӣ қадар намоз мехонданд?

**601.** Аз Ибни Аббос ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) (дар шаб) сездаҳ ракаат намоз мехонданд.

**602.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар шаб сездаҳ ракаат намоз мехонданд, ки аз он ҷумла намози витр ва ду ракаат суннати намози субҳ буд.

## БОБИ 9. Қиём ва хоби Паёмбари Худо (с) дар шаб ва он чӣ, ки аз қиёми шаб насх шудааст

**603.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар баъзе моҳҳо ончунон рӯза гирифтанро тарк мекарданд, ки мегуфтем аз ин моҳ чизеро рӯза нахоҳанд гирифт ва дар баъзе моҳҳо он қадар рӯза мегирифтанд, ки мегуфтем аз ин моҳ чизеро бидуни рӯза нахоҳанд гузошт. Агар мехостӣ, ки эшонро дар шаб бидуни ҳолати намоз набинӣ, бидуни ҳолати намоз намедидӣ ва агар (мехостӣ, ки эшонро ҷуз дар ҳолати хоб) набинӣ, ҷуз дар ҳолати хоб намедидӣ.

## БОБИ 10. Тасаллут ёфтани шайтон бар касе, ки дар шаб намоз намехонад

**604.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки хоб мешавад, шайтон бар ақиби сараш се гиреҳ мезанад, дар ҳар гиреҳ мегӯяд: Шабат дароз бод ва бихоб. Агар бедор шуда ва Худоро зикр намояд, як гиреҳаш боз мешавад ва агар вузӯ бисозад, гиреҳи дигараш кушода мешавад ва агар намоз бихонад, охирин гиреҳ кушуда мегардад ва субҳ бо ҷисми сабук ва хотири хуш аз хоб бармехезад, варна ҷисмаш касал ва хотираш афсурда ва парешон хоҳад буд».

## БОБИ 11. Касе, ки бихобид ва намоз нахонад, шайтон дар гӯшаш бавл мекунад

**605.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз шахсе назди Паёмбари Худо (с) ёд шуд, касе гуфт: То вақте, ки субҳ мешавад, хоб аст ва ба намоз барнамехезад. Фармуданд: "Шайтон дар гӯшаш бавл кардааст."

## БОБИ 12. Вақти дуо ва намоз хондан охири шаб аст

**606.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар сулси охири шаб Парвардигори мо ба осмони аввал нузул мекунад ва мегӯяд: Кист, ки дуо кунад ва ман дуояшро иҷобат намоям, кист, ки аз ман бихоҳад ва ман он чиро, ки хостааст, бароят ато намоям ва кист, ки аз ман талаби омурзиш намояд ва ман ӯро биёмурзам."

## БОБИ 13. Касе, ки аввали шабро хобида ва охири шаб бедор гаштааст

**607.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки чун аз вай аз кайфияти намози шаб Паёмбари Худо (с) пурсиданд, гуфт: Аввали шабро мехобиданд ва дар охири шаб бедор мешуданд ва намоз мехонданд, (баъд аз намоз хондан) дубора ба бистари худ мерафтанд ва чун муаззин азон медод, аз ҷояшон барҷаста, агар зарурат ба ғусл доштанд, ғусл мекарданд, варна вузӯ сохта ва берун мешуданд.

## БОБИ 14. Шабхезии Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон ва ғайри Рамазон

**608.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки чун аз кайфияти намози Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон пурсида шуд, гуфт: Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон ва ғайри моҳи Рамазон аз ёздаҳ ракаат намоз бештар намехонданд. (Аввал) чаҳор ракаат намоз мехонданд, ки аз хубӣ ва дарозии он мапурс, имконпазир нест, баъд аз он чаҳор ракаати дигар мехонданд, ки дарозӣ ва хубии онро васф карда наметавон ва баъд аз он се ракаати дигар мехонданд. Оиша (р) мегӯяд, ки пурсидам: Ё Расулаллоҳ, оё пеш аз ин, ки намози витрро адо намоед, хоб ҳам мешавед? Фармуданд: "Эй Оиша, чашмонам мехобад, вале қалбам намехобад."

## БОБИ 15. Он чӣ, ки аз ташаддуд дар ибодат макрӯҳ аст

**609.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба масҷид дохил гардида, диданд, ки ресмоне байни ду поя аз пояҳои масҷид баста аст. Пурсиданд: "Ин ресмон барои чист? Гуфтанд: Ин ресмон аз они (Умму-л-мӯъминин) Зайнаб (р) аст, вақте, ки (аз намоз хондан) хаста мешавад, онро медорад. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "На, онро боз кунед, ҳар касе то вақте, ки бонишот аст, намоз бихонад ва чун хаста гардид, биншинад."

## БОБИ 16. Касе, ки қиёми шаб дошта бошад, тарк кардан барояш макрӯҳ аст

**610.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ман гуфтанд: "Эй Абдуллоҳ, ту монанди фалонӣ мабош, ки шабхезӣ дошт ва баъд аз муддате онро тарк намуд."

## БОБИ 17. Фазилати касе, ки шаб аз хоб бедор мешавад ва намоз мехонад

**611.** Аз Убода ибни Сомит (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки дар шаб аз хоб бархоста ва бигӯяд: *Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир, Алҳамду лиллоҳи ва субҳоналлоҳи ва ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.* Ва баъд аз он аз Худованд талаби омурзиш намояд ва ё чизе бихоҳад, талабаш иҷобат мегардад ва агар вузӯ сохта, намоз бихонад, намозаш қабул мешавад.

**612.** Ривоят аст, ки Абӯҳурайра (р) зимни қиссаҳояш аз Паёмбари Худо (с) ин гуфтаашонро зикр намуд, ки фармуданд: "Шумо бародаре доред, ки аслан сухани нописандро бар забони худ намеоварад" ва мақсудашон Абдуллоҳ ибни Равоҳа (р) буд, ки гуфта буд:

Паёмбари Худо (с) дар миёни мост ва каломи Худоро (он гоҳ) тиловат менамояд, равшании фаҷр дурахшон гардад, роҳи ростро баъд аз ин, ки гумроҳ будем, ба мо намоён сохт ва дилҳои мо яқин дорад, ки ҳар чизеро, ки хабар диҳад, ҳамон тавр воқеъ мешавад, шаб, ки хоб мешавад, паҳлӯяш дар бистар ором намегирад, дар ҳоле, ки мушрикин дар хоби гарон фурӯ рафтаанд.

**613.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) хоб дидам, ки гӯё дар дастам порчаи абрешимин аст ва ҳеҷ ҷое дар биҳишт нест, ки он ҷоро ирода намоям ва он порча ба он тараф парвоз нанамояд ва дидам, ки ду нафар наздам омаданд... (ва бақияи ҳадисро тавре, ки қаблан гузашт, зикр намуд).

## БОБИ 18. Намози нафл ду ракаат-ду ракаат аст

**614.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) истихора кардан дар ҳамаи корҳоро ба мо ёд медоданд, ҳамчунон ки сурае аз Қуръонро ба мо ёд медоданд (ва дар ин маврид) фармуданд: "Касе, ки мехоҳад кореро анҷом диҳад, ду ракаат намоз ғайр аз намози фарз адо намуда, баъд аз он бигӯяд: *Аллоҳумма иннӣ астахирука биъилмика, ва астақдирука биқудратика ва асъалука мин фазликал азим, фаиннака тақдиру ва ло ақдиру ва таъламу ва ло аъламу ва анта ъалломул гуюб, Аллоҳумма ин кунта таъламу анна ҳозал амра хайрун лӣ фи динӣ ва маъошӣ ва оқибати амри ав ъоҷили амри ва оҷилиҳи фақдурҳу лӣ ва яссирҳу*

*лӣ, сумма борик ли фиҳи ва ин кунта таъламу анна ҳозал амра шаррун лӣ, фи динӣ ва маъошӣ ва ъоқибати амри, ав фӣ ъоҷили амрӣ ва оҷилиҳи фасрифҳу ъаннӣ васрифнӣ ъанҳу ваҳдур лия хайра ҳайсу кона, сумма-рзинӣ биҳӣ.* Ва фармуданд: Баъд аз он ҳоҷати худро зикр намояд."

## БОБИ 19. Пойбандӣ ба ду ракаат (суннати) намози фаҷр ва касе, ки ин ду ракаатро нафл номидааст

**615.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ҳеҷ намози нафле пойбандтар аз ду ракаат (суннати) субҳ набуданд.

## БОБИ 20. Он чӣ, ки дар ду ракаат намози субҳ хонда мешавад

**616.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ду ракат намози субҳро он қадар сабук мехонданд, ки бо худ мегуфтам: Оё *Алҳамду лиллоҳ*-ро хондаанд ё на?

## БОБИ 21. Намози чошт дар ғайри сафар

**617.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Дӯстам (яъне Паёмбари Худо (с) маро ба се чиз васият намудаанд, ки то ҳангоми марг онҳоро тарк нахоҳам кард: рӯза гирифтани се рӯз аз ҳар моҳ, намози чошт ва хоб шудан баъд аз намози витр.

## БОБИ 22. (Ҳукми хондани) ду ракаат намози пеш аз фарзи намози пешин

**618.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) адои чаҳор ракаат намоз пеш аз фарзи намози пешин ва ду ракаат намоз пеш аз фарзи намози субҳро тарк намекарданд.

## БОБИ 23. (Ҳукми) намоз хондан пеш аз намози шом

**619.** Аз Абдуллоҳи Музаннӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Пеш аз намози шом намоз бихонед." Ва дар мартабаи саввум фармуданд: "Барои касе, ки хоста бошад." (Ва ин суханро) барои он гуфтанд, ки мардум хондани ин ду ракаат намозро суннат қарор надиҳанд.

# -20- КИТОБИ НАМОЗ ХОНДАН ДАР МАСҶИДИ МАККА ВА МАСҶИДИ МАДИНА

## БОБИ 1. Фазилати намоз хондан дар масҷиди Макка ва масҷиди Мадина

**620.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Барои ҳеҷ масҷиде ҷуз се масҷид қофилаи сафар баста намешавад: Масҷиду-л-ҳаром, Масҷиди Расул (с) ва Масҷиду-л-ақсо."

**621.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Як намоз дар ҳамин масҷиди ман беҳтар аз ҳазор намоз дар ҳар масҷиди дигаре ба ҷуз аз намоз хондан дар Масҷиду-л-ҳаром аст».

## БОБИ 2. Масҷиди Қубо

**622.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) ҷуз дар ду рӯз дар рӯзи дигаре дар вақти чошт намоз намехонд. Яке рӯзе, ки ба Макка меомад ва одати вай он буд, ки ҳамеша дар вақти чошт ба Макка мерасид (ва ба муҷарради расидан) тавоф менамуд.

Пушти мақоми (Иброҳим (ъ) ду ракаат намоз адо мекард ва рӯзи дигар рӯзе буд, ки ба масҷиди Қубо меомад ва ӯ ҳар рӯзи шанбе ба масҷиди Қубо меомад ва ночиз медонист, ки пеш аз хондани ду ракаат намоз аз масҷид хориҷ шавад.

Ровӣ мегӯяд: Ва Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) савора ва пиёда ба масҷиди Қубо меомаданд.

Ибни Умар (р) барои ровӣ мегӯяд: Ман кореро мекунам, ки дидам, дигар ҳамнишинонам мекунанд ва ман ҳеҷ касро аз намоз хондан дар ҳеҷ соате аз шаб ва рӯз манъ намекунам, (вале мегӯям) қасд накунед, ки дар вақти тулӯъ ва ғуруби офтоб (намоз бихонед).

## БОБИ 3. Фазилати мобайни қабр ва минбари Паёмбари Худо (с)

**623.** Аз Абӯҳурайра (р), аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Замине, ки миёни хона ва минбари ман қарор дорад, боғчае аз боғҳои ҷаннат аст ва ҳамин минбари ман дар канори Кавсар аст."

# -21- КИТОБИ АНҶОМ ДОДАНИ КОРЕ ДАР ДОХИЛИ НАМОЗ

## БОБИ 1. Набояд дар дохили намоз сухан зад

**624.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Бар Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки машғули намоз хондан буданд, салом медодем ва эшон саломи моро (алайк) медоданд.

Чун аз назди (Наҷҷошӣ) баргаштем ва бар эшон салом додем, саломи моро (алайк) надоданд ва фармуданд: "Дар намоз машғулияти дигаре аст."

**625.** Ва дар ривояте аз Зайд ибни Арқам (р) омадааст, ки гуфт: Мо дар намоз бо якдигар сухан мезадем, то ин, ки ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид, ки (ба адои намозҳо ва намози миёнагӣ пойбанд бошед). Ва ҳамон буд, ки амр ба сукут кардан шудем.

## БОБИ 2. Дур кардани регҳо дар вақти намоз хондан

**626.** Аз Муъайқиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои шахсе, ки хокҳои ҷойи саҷдаашро баробар мекард, фармуданд: "Агар чунин кореро мекунӣ, фақат як бор бикун."

## БОБИ 3. Агар доба дар вақти намоз хондан гурехт

**627.** Аз Абӯбарзаи Асламӣ (р) ривоят аст, ки дар яке аз ғазоҳо дар ҳоле ки лаҷоми добааш ба дасташ буд, намоз мехонд, добааш саркашӣ мекард ва ӯ ҳам ба дунболаш роҳ мерафт.

Чун (аз ин амал ба ӯ эътироз намуданд) гуфт: Ман бо Паёмбари Худо (с) дар шаш ё ҳафт ва ҳатто ҳашт ғазва иштирок намудам ва осонгириҳои Паёмбари Худо (с)-ро мушоҳида намудам ва ман баргаштан бо добаамро беҳтар аз ин медонам, ки ӯро ба сари худаш бигзорам, то чарогоҳи маълуфаи худ биравад, сабаби парешонии ман шавад.

**628.** Ривоят аст, ки Оиша (р) дар ҳадиси Кусуф гуфт: Баъд аз ин, ки Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Оташро дидам, ки болои ҳам анбошта мешавад", идома дода фармуданд: "Ва Амр ибни Луҳайро дар он оташ дидам ва ӯ касе буд, ки шутуронашро барои бутҳо назр мекард."

## БОБИ 4. Дар намоз набояд саломи касеро алайк дод

**629.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Маро Паёмбари Худо (с) ба анҷоми коре фиристоданд. Рафтам ва он корро анҷом дода баргаштам ва чун бар Паёмбари Худо (с) салом додам, ҷавоби саломи маро надоданд, бар дилам он қадар сахт гузашт, ки Худованд беҳтар медонад, вале бо худ гуфтам: Шояд ба сабаби он, ки дар анҷом додани он кор таъхир намудаам, Паёмбари Худо (с) аз ман озурда шудаанд.

Боз дубора бар эшон салом кардам ва ҷавоби саломи маро надоданд, ин бор аз бори аввал дар дилам сахттар гузашт. Бори саввум бар эшон салом додам, ин бор ҷавоби саломи маро дода ва фармуданд: "Ҷуз аз ин, ки дар намоз будам, чизи дигаре монеъи ҷавоб додан ба саломи ту набуд." Ва эшон дар ин вақт бар болои шутури худ савор ва рӯяшон ба тарафи дигаре ғайр аз тарафи қибла буд.

## БОБИ 5. (Ҳукми) даст ба камар ниҳодан дар вақти намоз хондан

**630.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар вақти намоз хондан аз ниҳодани даст бар камар наҳӣ кардаанд.

# -22-
# КИТОБИ САҶДАИ САҲВ

## БОБИ 1. Агар касе панҷ ракаат бихонад

**631.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) намози пешинро панҷ ракаат адо намуданд. Касе аз эшон пурсид. Оё бар намоз зиёд шудааст? Фармуданд: “Чаро, чӣ шудааст?”

Он шахс гуфт: Намозро панҷ ракаат хондед. Ва (Паёмбари Худо (с) баъд аз ин, ки салом дода буданд, ду саҷда барои саҳв анҷом доданд.

## БОБИ 2. Касе, ки дар вақти намоз хондан бо вай суҳбат шуда ва ӯ ба дасти худ ишора намуда ва гӯш кардааст

**632.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки аз хондани ду ракаат намоз баъд аз аср наҳй фармуданд. Ва чун дидам, ки худашон он ду ракаатро мехонанд, духтаракеро аз байни занҳое, ки аз мардуми Ансор наздам нишаста буданд, фиристода, барояш гуфтам: Назди Паёмбари Худо (с) рафта ва бигӯ: Ё Расулаллоҳ, маро Умми Салама фиристодааст ва мегӯяд шумо аз хондани ду ракаат намоз баъд аз намози аср наҳй фармуда будед, ва тавре, ки мебинем, худи шумо он ду ракаат намозро мехонед ва агар ба дасти худ ишора намуданд, аз наздашон дур шав.

Он духтарак рафт ва он чиро ба вай гуфта будам, анҷом дод ва чун Паёмбари Худо (с) ба дасти худ ишора намуданд, аз наздашон дур шуд ва баъд аз ин, ки аз намоз фориғ шуданд, фармуданд: “Эй духтари Абӯумайя, аз ду ракаат баъд аз аср пурсон намудӣ ва чун мардуме аз қабилаи Абдулқайс омада ва маро аз хондани ду ракаат намоз баъд аз фарзи пешин ба худ машғул намуда буданд, он ду ракаат намозро ҳоло мехонам.”

# -23- КИТОБИ АҲКОМИ ҶАНОЗА

## БОБИ 1. Касе, ки охирин каломаш ло илоҳа иллаллоҳ бошад

**633.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Фиристодае аз ҷониби Парвардигорам омад ва ба ман хабар дод (ва ё фармуданд: башорат дод), ки касе, ки аз уммати ман бимирад, ба шарти он, ки ба Худо ширк наёварда бошад, ба биҳишт дохил мегардад."

Ровӣ мегӯяд, гуфтам: Агарчи муртакиби зино гардида ва дуздӣ карда бошад? Фармуданд: "Агарчи муртакиби зино гардида ва дуздӣ карда бошад."

**634.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки бимирад ва ба Худо ширк оварда бошад, ба дӯзах дохил мегардад." Ровӣ мегӯяд: Ва ман мегӯям, касе, ки бимирад ва ба Худо ширк наёварда, ба биҳишт дохил мегардад.

## БОБИ 2. Лузуми ҳамроҳӣ намудан бо ҷаноза

**635.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) моро ба ҳафт чиз амр ва аз ҳафт чиз наҳй фармуданд. Он чиро, ки ба он амр намуданд, ҳамроҳӣ бо ҷаноза, иёдати бемор, қабули даъват, ёрӣ додан ба мазлум, вафо кардан ба қасам, ҷавоби салом ва ҷавоби атса аст ва он чиро, ки аз он наҳй кардаанд, истеъмоли зуруфи нуқрагӣ, пӯшидани ангуштарии тилло, пӯшидани абрешим, дибоҷ, катон ва истабрақ (навъи дигаре аз абрешим) аст.

## БОБИ 3. Дидани мурда баъд аз такфин

**636.** Аз Умми Ъалои (р) (вай зане аз Ансор ва аз касоне буд, ки бо Паёмбари Худо (с) байъат намуда буданд), ривоят аст, ки Ансор дар мавриди сукунат додани муҳоҷирин қуръакашӣ намуданд ва Усмон ибни Мазъун ба қуръаи мо баромад, ӯро ба манзили худ бурдем, (баъд аз муддате) бемор гардид ва аз ҳамон беморӣ вафот ёфт. Баъд аз ин, ки фавт гардид, ғуслаш карданд ва дар либосҳояш кафан намуданд. Паёмбари Худо (с) ташриф оварданд.

Гуфтам: Эй Абӯсоиб (яъне, Усмон ибни Мазъун), раҳмати Худо бар ту бод, ман шаҳодат медиҳам, ки мавриди карам ва раҳмати Худовандӣ қарор гирифтаӣ.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз куҷо фаҳмидӣ, ки мавриди карами Худовандӣ қарор гирифтааст?»

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, падар ва модарам фидои шумо (агар ӯ мавриди икроми Худовандӣ қарор нагирифта бошад), пас киро Худованд мавриди икроми хеш қарор хоҳад дод?

Фармуданд: "Ӯ акнун мурдааст, ба Худованд савганд, ки ман барояш умеди хубе ва неке дорам, вале ба Худованд савганд, ман, ки Расули Худо ҳастам, намедонам, ки бо ман чӣ хоҳад шуд."

Он зан мегӯяд: Ба Худованд савганд, ки аз ин рӯз ба баъд ба ҳеч кас ҳукми наҷотро нахоҳам кард.

**637.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки падарам кушта шуда буд, ҷомаро аз рӯяш бардошта будам ва гиря мекардам ва мардум маро аз ин кор монеъ мешуданд, вале Паёмбари Худо (с) маро манъ намекарданд. Аммаам Фотима (р) ҳам гиря мекард, Паёмбари Худо (с) ба вай гуфтанд: "Чи гиря кунӣ ва чи гиря накунӣ, малоика бо болҳои худ бар болояш то вақте, ки ӯро бардоред, соя мекунад."

## БОБИ 4. Касе, ки барои аҳли майит шахсан таъзия гуфтааст

**638.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с)-ро аз вафоти Наҷошӣ дар ҳамон рӯзе, ки вафот намуда буд, хабар доданд ва ба тарафи идгоҳ рафтанд ва ба саҳоба саф бастанд ва бар вай намози ҷаноза хонданд.

**639.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Байрақи (ҷиҳод)-ро Зайд (р) бардошт ва мавриди исобат қарор гирифт. Баъд аз вай Ҷаъфар (р) бардошт ва мавриди исобат қарор гирифт ва баъд аз вай Абдуллоҳ ибни Равоҳа (р) бардошт ва мавриди исобат қарор гирифт. Ва дар ҳоле, ки ашк аз чашмони муборак ҷорӣ буд, (фармуданд:) Баъд аз он байрақро Холид ибни Валид (р) бидуни ин, ки амир бошад, бардошт ва фатҳ насиби вай шуд."

## БОБИ 5. Касе, ки фарзандаш фавт гардида ва сабрашро ба Худо карда аст

**640.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳеч мусалмоне нест, ки се фарзандаш қабл аз булуғ вафот ёфта бошанд, магар ин, ки Худованди мутаъол ба фазл ва раҳмати худ ба сабаби он фарзандон ӯро ба ҷаннат дохил хоҳад намуд."

## БОБИ 6. Мустаҳаб аст, ки мурда ба адади тоқ шуста шавад

**641.** Аз Умми Атияи Ансорӣ ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки духтари Паёмбари Худо (с) фавт гардид, назди мо омада ва

фармуданд: "Ӯро се ва ё панҷ бор ва ё бештар аз ин агар зарурат эҳсос кардед, ба об ва сидр ғусл диҳед ва дар мартабаи охир кофур ва ё чизе аз кофур истеъмол кунед ва вақте, ки фориғ шудед, ба ман хабар диҳед." (Он ҳазрат (с) ҷомаи худро дода ва гуфтанд: "Инро барояш зерпӯш қарор диҳед."

## БОБИ 7. Дар ғусл бояд аз тарафи рости майит шурӯъ шавад

**642.** Дар ривояти дигаре аз Умми Атия (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "(Дар ғусл додани майит) аз тарафи рост ва аз аъзои вузӯ шурӯъ кунед." Ва Умми Атия (р) мегӯяд: Сарашро шона карда ва мӯҳояшро се қисмат намудем.

## БОБИ 8. Кафан дар ҷомаҳои сафед

**643.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба се ҷомаи сафеди ямонӣ пунбае, ки ба номи (саҳулия) ёд мешуд, кафан шуданд ва пероҳан ва дастор аз ҷумлаи он се ҷома набуд.

## БОБИ 9. Кафан кардан дар ду ҷома

**644.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе бо Паёмбари Худо (с) дар Арафот вуқуф намуда буд. Ин шахс аз шутураш афтода мурд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ӯро ба об ва сидр шуста ва дар ду ҷома кафан кунед, хушбӯӣ ба танаш накунед ва сарашро напӯшонед, зеро ӯ дар рӯзи қиёмат талбиягӯён бармехезад."

## БОБИ 10. Кафан барои мурда

**645.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Баъд аз мурдани Абдуллоҳ ибни Убай (ки раҳбари мунофиқин буд), фарзандаш назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, пероҳани худро ба ман бидиҳед, то падарамро ба он кафан намоям ва бар вай намоз бихонед ва барояш аз Худованд талаби омурзиш намоед. Он ҳазрат (с) пероҳани худро ба вай доданд ва фармуданд: "Баъд аз такфин бароям хабар деҳ, то бар вай намоз бихонам."

Ва ӯ ба он ҳазрат хабар дод ва чун мехостанд, ки бар вай намоз бихонанд, Умар (р) Паёмбари Худо (с)-ро ба тарафи худ кашида ва гуфт: Магар Худованди мутаъол шуморо аз намоз хондан бар мунофиқин манъ накардааст?

Фармуданд: "Бароям ихтиёр дода ва гуфтааст: **«Агар мехоҳӣ, барояшон талаби мағфират кун ва агар мехоҳӣ, талаби мағфират макун, агар ҳафтод бор барояшон талаби мағфират намоӣ, ҳаргиз Худованд онҳоро нахоҳад омурзид».** *(Тавба: 80)* Ва ҳамон буд, ки бар вай намоз хонданд ва ин қавли Худованд нозил гардид: **«Бар ҳеҷ яке аз**

**мунофикин, ки мурдаанд, ҳеҷ гоҳ намоз махон».** *(Тавба: 84)*

**646.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Баъд аз он, ки Абдуллоҳ ибни Убай дафн гардид, Паёмбари Худо (с) наздаш омаданд ва ӯро аз қабр берун карданд, аз оби даҳони худ бар вай андохтанд ва пероҳани худро бар вай пӯшонданд.

## БОБИ 11. Агар кафани комиле ёфт намешуд, бояд аввал сари майитро пӯшонид

**647.** Аз Хаббоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ҳиҷрат намудам ва ҷуз ризои Худованд мақсади дигаре надоштам ва музди маро Худованди мутаъол дод.

Баъзе аз моён пеш аз ин, ки аз амволи дунявӣ истифода намояд, вафот намуд, аз он ҷумла Мусъаб ибни Умайр (р) буд ва баъзе аз мо меваащ пухта шуд ва ӯро чид. Мусъаб (р) рӯзи ҷанги Уҳуд шаҳид гардид ва ба ҷуз як ҷома чизи дигаре барои кафан карданаш наёфтем.

Агар сарашро мепӯшонидем, пойҳояш берун мегардид ва агар пойҳояшро мепӯшонидем, сараш аз кафан хориҷ мешуд. Билохира Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то сарашро пӯшонда ва бар рӯи пойҳояш изхир (як навъи гиёҳе аст) бияндозем.

## БОБИ 12. Касе, ки дар замони Паёмбари Худо (с) кафанашро омода карда буд ва барояш бад нагуфтанд

**648.** Аз Саҳл (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане ҷомаи бофташудаеро, ки дорои ҳошия буд ва ба номи Бурда ёд мешуд, назди Паёмбари Худо (с) овард. Саҳл мегӯяд: Оё медонед Бурда чист?

Гуфтанд: Ҷомаест, ки тамоми баданро мепӯшонад?

Гуфт: Бале.

Он зан ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ин ҷомаро овардам, то ба шумо бипӯшонам. Паёмбари Худо (с) ба чунин ҷомае эҳтиёҷ доштанд ва онро аз он зан қабул намуданд.

Рӯзе Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки он ҷомаро барои худ изоре сохта буданд, аз хона берун шуданд. Шахсе гуфт: Бисёр зебо аст, инро барои ман бидиҳед. Мардум гуфтанд: Кори хубе накардӣ, Паёмбари Худо (с) ба он ҷома эҳтиёҷ доштанд ва онро пӯшидаанд ва боз ту мехоҳӣ, ки онро ба ту бидиҳанд ва инро ҳам медонӣ, ки Паёмбари Худо (с) талаби касеро рад намекунанд.

Он шахс гуфт: Ба Худованд қасам, ки ман онро наталбидам, ки бипӯшам, балки хостам, то онро барои худ кафан бисозам. Саҳл (р) мегӯяд: Ва ҳамон ҷомаро он шахс барои худ кафан сохт.

## БОБИ 13. Ҳамроҳӣ намудани занҳо бо ҷаноза

**649.** Аз Умми Атия (р) ривоят аст, ки гуфт: Моро аз ҳамроҳӣ намудан бо ҷаноза наҳй намуданд, вале ин наҳй ҷиддӣ набуд.

## БОБИ 14. Ба мотам нишастан барои ғайри шавҳар

**650.** Аз Умми Ҳабиба (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, раво нест, ки бештар аз се рӯз барои мурда ба мотам биншинад, магар ба сабаби шавҳар, ки муддати мотамаш чаҳор моҳу даҳ рӯз аст."

## БОБИ 15. Зиёрати қубур

**651.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) занеро диданд, ки бар сари қабре нишаста гиря мекунад, фармуданд: "Аз Худо битарс ва сабр кун."

Он зан Паёмбари Худо (с)-ро нашнохт ва гуфт: Аз наздам дур шав, ту ба мусибатам гирифтор нашудай.

Касе барои он зан гуфт: Ин шахс Паёмбари Худо (с) буд.

Он зан ба дарвозаи хонаи Паёмбари Худо (с) омад ва дид, ки ҳорис ва дарвозабоне надорад, наздаш омада гуфт: Шуморо нашнохтам. Фармуданд: "Сабр дар осеби аввал аст."

## БОБИ 16. Ин қавли Паёмбари Худо (с) ки "Мурда ба гиря кардани баъзе аз аҳли хонаводааш таъзиб мегардад," агар ин гиря кардан ба амри худи шахси мурда бошад

**652.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Духтари Паёмбари Худо (с) касеро назди Паёмбари Худо (с) фиристод, ки тифле аз мо дар ҳолати қабзи рӯҳ аст ва назди мо биё. [Паёмбари Худо (с)] барояш салом фиристода ва гуфтанд: Доду гирифт ҳама аз ҷониби Худованд аст ва ҳар чизе дар назди Худованд аҷали муайяне дорад, сабр кун ва музди худро аз Худо бихоҳ.

Духтари Паёмбари Худо (с) дубора назди вай фиристода ва ӯро қасам дод, ки ҳатман наздаш биёяд. Усома (р) бархоста ва ба ҳамроҳии Саъд ибни Убода ва Муъоз ибни Ҷабал ва Убай ибни Каъб ва Зайд ибни Собит (р) ва ашхоси дигаре наздаш омаданд, дар ин вақт он тифлро, ки дар ҳолати назъ буд ва синааш монанди реге, ки дар машки хушке биафтад, садо мекард. Назди Паёмбари Худо (с) оварданд, ашк аз чашмони Паёмбари Худо (с) ҷорӣ гардид. Саъд (р) пурсид: Чаро гиря мекунед? Фармуданд: "Ин раҳматест, ки Худованд дар дили бандагони худ қарор додааст ва Худованд аз бандагони худ касеро раҳмат мекунад, ки бораҳму шафқат бошад."

**653.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷанозаи яке аз духтарони Паёмбари Худо (с) ҳозир гардидем ва Паёмбари Худо (с) бар сари қабраш нишаста ва ашк аз чашмонашон ҷорӣ буд.

Анас (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Оё дар байни шумоён касе ҳаст, ки шаби гузашта бо ҳамсараш муқорибат накарда бошад?" Абӯталҳа (р) гуфт: Бале, ман. Он ҳазрат (с) фармуданд: Дар қабр поён шав. Анас (р) мегӯяд: Ӯ ҳам дар қабр поён шуд.

**654.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Мурда ба сабаби ин, ки баъзе аз афроди хонаводааш бар вай гиря мекунанд, таъзиб мешавад."

Ин хабар баъд аз вафоти Умар (р) ба Оиша (р) расида ва гуфт: Худованд Умарро раҳмат кунад, ба Худованд қасам, ки Паёмбари Худо (с) нагуфтаанд, ки мусалмон ба сабаби гиряи баъзе аз аҳл ва авлодаш таъзиб мегардад. Балки Паёмбари Худо (с) фармуданд: ки "Худованд азоби кофирро ба сабаби гиряи аҳли хонаводааш бар вай зиёд мекунад" ва шаҳодати Қуръон дар ин маврид барои шумо кофӣ аст: **Ҳеҷ кас гуноҳи шахси дигареро мутаҳаммил намешавад.**(Сураи Исро, ояти 15 )

**655.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз назди (қабри) зани яҳудӣ мегузаштанд ва диданд, ки аҳл ва авлодаш бар вай гиря мекунанд, фармуданд: "Инҳо бар ӯ гиря мекунанд ва ӯ дар қабраш азоб мешавад."

## БОБИ 17. Нола кардан бар майит макрӯҳ аст

**656.** Аз Муғира (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки фармуданд: "Дурӯғ гуфтан бар ман монанди дурӯғ гуфтан бар шахси дигаре нест. Касе, ки бар ман дурӯғ бигӯяд, бояд маъво ва масканашро дар дӯзах омода намояд." Ва аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки бар ӯ нола шавад, ба сабаби он навҳа таъзиб мегардад."

## БОБИ 18. Касе, ки бар рӯяш бизанад, аз мо нест

**657.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки (ба сабаби мусибате, ки бар вай расидааст) бар рӯяш бизанад ва гиребонаш пора кунад ва дуоҳои аҳли ҷоҳилиятро бикунад, аз мо нест."

## БОБИ 19. Марсияи Паёмбари Худо (с) барои Саъд ибни Хавла

**658.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар беморие, ки соли ҳаҷҷатулвадоъ гирифтор шуда будам, Паёмбари Худо (с) ба диданам омаданд, бароишон гуфтам: Маризиам ба сарҳаде расидааст, ки

мебинед ва ман моли фаровоне дорам ва ба ҷуз аз як духтар меросбари дигаре надорам, оё раво аст, ки ду сулси моли худро садақа бидиҳам?

Фармуданд: "На." Гуфтам: Агар нимашро бидиҳам, чӣ? Гуфтанд: «На». Ва фармуданд: "Сеяки молатро садақа бидеҳ ва ҳамин сеяк ҳам миқдори бисёре аст, агар меросбаронатро баъд аз худ ағниё бигзорӣ, беҳтар аст аз ин, ки дар фақр ва фоқа бимонанд ва аз мардум гадоӣ кунанд ва ҳар нафақаеро, ки бидиҳӣ, дар сурате, ки қасдат ризои Худованди мутаъол бошад, музди онро хоҳӣ ёфт, ҳатто ҳамин луқмае, ки дар даҳони ҳамсарат мегузорӣ."

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Баъд аз асҳоби худ зинда хоҳам монд? Фармуданд: "Ту агар зинда бимонӣ, ҳар амали некеро, ки анҷом медиҳӣ, бароят сабаби баландии мақом ва манзалат хоҳад буд, илова бар он шояд ту зинда бимонӣ, то мардуме (яъне мусалмонон) аз ту манфиат бибаранд ва мардуми дигаре (яъне мушрикон ва дигар куффор) аз ту зарар бинанд». Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ин тавр дуо карданд:

Илоҳо, саҳобаамро бар ҳиҷраташон устувор нигаҳ дор ва онҳоро дубора сӯи инҳироф раҳнамун масоз, вале Саъд ибни Хавла бечора аст."

Ровӣ мегӯяд: Аз ин ҷиҳат Паёмбари Худо (с) ба ҳоли Саъд ибни Хавла афсӯс хӯрданд, ки вай дар Макка (дар байни мушрикин) вафот ёфта буд.

## БОБИ 20. Дар вақти мусибат набояд сари худро тарошид

**659.** Ривоят аст, ки Абӯмӯсо (р) ба беморни сахте дучор шуд ва беҳуш гардид, сарашро ба зонуи зане аз хонаводааш гузошта буд, он зан ба гиря афтод. Абӯмӯсо (р) натавонист, ки ӯро монеъ шавад ва чизе бигӯяд, вале чун ба ҳуш омад, гуфт: Аз касе, ки Паёмбари Худо (с) безорӣ ҷустанд, ман ҳам безорам. Паёмбари Худо (с) аз зани фарёдкаш, аз зане, ки ҳангоми мусибат сарашро метарошад ва аз зане, ки дар вақти мусибат гиребонашро медарад, безорӣ ҷустаанд.

## БОБИ 21. Касе, ки дар мусибат нишаста ва ғам аз чеҳрааш намоён гардидааст

**660.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун хабари шаҳодати Ибни Ҳориса ва Ҷаъфар ва Ибни Равоҳа ба Паёмбари Худо (с) расид, дар гӯшае нишастанд ва осори ғаму андӯҳ аз чеҳраашон намоён буд. Ман аз гӯшаи дарвоза нигоҳ мекардам, ки шахсе наздашон омад ва гуфт: Занҳои хонаводаи Ҷаъфар навҳа мекунанд. Ба ӯ амр карданд, ки бирав. Ва онҳоро манъ кун. Он шахс рафт ва бозгашт ва гуфт, ки онҳо суханашро гӯш намекунанд. Фармуданд: Онҳоро монеъ шав. Бори саввум омад ва гуфт: Онҳо бар мо ғалаба кардаанд, хомӯш намегарданд. Оиша (р) гумон мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бар даҳонашон хок бипош."

## БОБИ 22. Шахсе, ки ғамашро дар вақти мусибат изҳор накард

**661.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Яке аз фарзандони Абӯталҳа (р) фавтид ва Абӯталҳа ҳузур надошт. Чун занаш дид, ки фарзандаш мурдааст, чизе омода кард ва ӯро дар гӯшае аз хона гузошт. Чун Абӯталҳа (р) ба хона омад, пурсид: Ҳоли бача чӣ тавр аст? Гуфт: Ором гирифтааст ва умедворам, ки роҳат шуда бошад. Абӯталҳа (р) хобид ва субҳ чун бедор шуда ва ғусл намуда ва мехост аз хона берун шавад, занаш ба ӯ фаҳмонд, ки фарзандашон мурдааст. (Абӯталҳа (р) баъд аз ин, ки намози субҳро бо Паёмбари Худо (с) адо намуд, моҷароро ба он ҳазрат гуфт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Умед аст, ки Худованд дар шаби гузаштаи шумо баракат бидиҳад." Шахсе аз Ансор мегӯяд: Барои он зану шавҳар нӯҳ фарзандро дидам, ки ҳамаи онҳо қориёни Қуръон буданд.

## БОБИ 23. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки "мо ба сабаби даргузашти ту андӯҳгин ҳастем"

**662.** Ва аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) назди Абӯсайфи оҳангар, ки ҳамсараш дояи Иброҳим (ъ), фарзанди Паёмбари Худо (с) буд, рафтем. Паёмбари Худо (с) Иброҳим (ъ)-ро гирифта, мебӯсиданд ва мебӯиданд. Бори дигар, ки наздашон омадем, дидем, ки Иброҳим (ъ) дар ҳоли ҷон кандан аст ва ашк аз чашмони Паёмбари Худо (с) ҷорӣ аст. Абдурраҳмон ибни Авф гуфт: Ё Расулаллоҳ, шумо ҳам гиря мекунед? Фармуданд: "Эй Ибни Авф, ин раҳмат аст!" Сипас, изофа намуда фармуданд: "Чашм ашк мерезад, дил маҳзун аст ва бо он ҳам ба ҷуз он чӣ, ки ризои Парвардигори мост, чизе намегӯям ва эй Иброҳим, мо ҳамагӣ дар фироқи ту андӯҳгин ҳастем».

## БОБИ 24. Гиря кардан дар назди мариз

**663.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Саъд ибни Убода бемор гардид ва Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи Абдурраҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Абиваққос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ба иёдаташ рафтанд. Чун дохил шуданд, диданд, ки аҳл ва ақорибаш дар атрофаш нишастаанд, пурсиданд: "Оё фавт кардааст?"

Гуфтанд: На, ё Расулаллоҳ. Паёмбари Худо (с) гиристанд ва чун дигарон гиряи Паёмбари Худо (с)-ро диданд, онҳо низ ба гиря афтоданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Оё нашунидед, ки Худованд ба ашки чашм ва андӯҳи қалб азоб намекунад». Дар ҳоле, ки ба тарафи забони худ ишора мекарданд, фармуданд: «Балки ба сабаби ин аст, ки азоб мекунад ва ё раҳмат мекунад ва мурда ба сабаби ин, ки аҳл ва авлодаш бар вай гиря мекунанд, таъзиб мегардад."

## БОБИ 25. Он чӣ, ки дар мавриди наҳӣ аз навҳа ва гиря омадааст

**664.** Аз Умми Атия (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳангоми байъат аз мо чунин таъаҳҳуд гирифтанд, ки навҳа накунем ва ба ҷуз аз панҷ зан каси дигаре аз мо ба ин аҳд вафо накард, ки иборат буданд аз Умми Сулайм, Умми Ъало, духтари Абӯсабра, ҳамсари Муъоз ва ду зани дигар. Ва ё ин ки гуфт: Духтари Абӯсабра, ҳамсари Муъоз ва як зани дигар.

## БОБИ 26. Бархостан барои ҷаноза

**665.** Аз Омир ибни Рабеъа (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Агар касе аз шумо ҷанозаро дид ва ҳамроҳи ҷаноза равон нагардид, таваққуф намояд, то ин, ки аз ҷаноза дунбол шавад, ё ҷаноза аз вай дунбол гардад (масалан ба роҳи дигаре биравад) ва ё пеш аз ин, ки ҷаноза аз вай дунбол гардад, (бар замин ё дар лаҳад) гузошта шавад."

## БОБИ 27. Касе, ки барои ҷаноза бархостааст, чӣ вақт биншинад?

**666.** Ривоят аст, ки Абӯҳурайра (р) бо Марвон дар ҷанозае иштирок намуда буд ва дар ҳоле, ки дасти Марвон ба дасташ буд, пеш аз он, ки ҷаноза бар замин гузошта шавад, он ду нафар нишастанд. Абӯсаъид (р) омад ва дасти Марвонро гирифт ва гуфт: Бархез ва ба Худованд қасам, ҳамин шахс, яъне, Абӯҳурайра (р) хуб медонад, ки Паёмбари Худо (с) моро (аз нишастан пеш аз гузоштани ҷаноза бар замин) наҳӣ намудаанд. Абӯҳурайра (р) гуфт: Рост мегӯяд.

## БОБИ 28. Касе, ки барои ҷанозаи яҳудӣ ба по хостааст

**667.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҷанозае аз пеши рӯи мо гузашт, Паёмбари Худо (с) барояш ба по хостанд ва мо ҳам ба по хестем ва гуфтем: Ё Расулаллоҳ, ин ҷанозаи яҳудӣ аст. Фармуданд: "Вақте, ки ҷанозаро дидед, бархезед."

## БОБИ 29. Бардоштани ҷаноза масъулияти мардон аст, на занон

**668.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки ҷаноза дар тобут гузошта шавад ва мардон онро бар шонаҳои худ бардоранд, агар шахси некӯкоре бошад, мегӯяд маро зудтар бирасонед ва агар шахси накӯкор набошад, мегӯяд эй вой, ин ҷанозаро куҷо мебаред, овози ӯро ҳар чизе ба ғайр аз инсон мешунавад ва агар инсон бишнавад, беҳуш мешавад."

## БОБИ 30. Шитоб кардан дар бурдани ҷаноза

**669.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар бурдани ҷаноза шитоб кунед, агар некӯкор бошад, насибаш хайр ва некӯӣ аст ва ӯро зудтар ба он хайр мерасонед ва агар чунин набошад, шарреро аз дӯши худ бар замин гузоштаед."

## БОБИ 31. Фазилати ҳамроҳӣ кардан бо ҷаноза

**670.** Ривоят аст, ки чун ба Ибни Умар (р) гуфтанд, ки Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Касе, ки бо ҷаноза ҳамроҳӣ кунад, барояш як қирот (яъне ба андозаи кӯҳи Уҳуд) савоб аст, гуфт: Абӯҳурайра (р) барои мо хеле ҳадис ривоят мекунад ва Оиша (р) гуфтаи Абӯҳурайра (р)-ро тасдиқ намуд ва гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки ин чизро мегуфтанд ва Ибни Умар (р) чун инро шунид, гуфт: Дар ба даст овардани қиротҳои бисёре кӯтоҳӣ кардаем.

## БОБИ 32. Кароҳати масҷид сохтан бар болои қабр

**671.** Аз Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки дар бемории мавти худ фармуданд: "Худованд яҳуд ва насороро лаънат кунад, ки қабрҳои пайғамбарони худро масҷид сохтанд."

Оиша (р) мегӯяд: Агар ҳамин сабаб намебуд, қабри он ҳазрат (с)-ро ба ҷои барозанда қарор медоданд ва бо ин ҳам ман метарсам, ки рӯзе қабрашон масҷид сохта шавад.

## БОБИ 33. Намоз хондан бар зане, ки дар ҳоли нифос мурдааст

**672.** Аз Самура ибни Ҷундаб (р) ривоят аст, ки гуфт: Пушти сари Паёмбари Худо (с) бар зане, ки дар ҳоли нифос мурда буд, намоз хондам ва (Паёмбари Худо (с) ҳангоми намоз хондан дар васати ҷаноза истоданд.

## БОБИ 34. Хондани сураи «Алҳамду лиллоҳ» бар ҷаноза

**673.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) дар яке аз ҷанозаҳо сураи *Алҳамду лиллоҳ*-ро хонд ва гуфт: (Аз ин ҷиҳат онро хондам), то мардум бидонанд, ки ин амал суннат аст.

## БОБИ 35. Мурда садои кафш ва поро мешунавад

**674.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Шахс вақте, ки дар қабр гузошта мешавад ва ҳамроҳонаш баргашта мераванд, дар ҳоле, ки ҳанӯз садои кафшҳои пояшонро мешунавад, ду фаришта наздаш омада ва ӯро мешинонанд.

Аз вай мепурсанд: Ту роҷеъ ба ин шахс, ки ҳазрати Муҳаммад (с) бошад, чӣ мегӯӣ? Ӯ мегӯяд: Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ банда ва Расули Худо аст. Ба ӯ гуфта мешавад, ки «Ҷойи худро дар дӯзах нигоҳ кун, ки Худованд дар ивази он ба ту ҷоеро дар ҷаннат ато фармудааст ва ҳамон аст, ки ҷаннат ва дӯзах ҳардуро мебинад."

Ва Паёмбари Худо (с) мефармоянд: "Агар он шахс кофир ва ё мунофиқ бошад, (дар ҷавоби суоли он ду малак) мегӯяд: Намедонам, ман чизеро мегуфтам, ки мардумон мегуфтанд. Ба вай гуфта мешавад, ки: На худат фаҳмидӣ ва на аз дигарон пайравӣ кардӣ! Баъд аз он бо болғаи оҳанӣ дар байни ду гӯшаш мекӯбанд ва чунон фарёде мекашад, ки ҳамаи атрофиёнаш ба ҷуз инс ва ҷин садои ӯро мешунаванд."

## БОБИ 36. Касе, ки дафн шудан дар сарзамини муқаддасро дӯст медорад

**675.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: "Малакулмавт назди Мӯсо (ъ) фиристода шуд, чун наздаш омад, (Мӯсо (ъ) бо силӣ (шапалоқ) ба рӯяш зад. Малакулмавт назди Парвардигор баргашта ва арз намуд, ки маро назди бандае фиристодӣ, ки маргро намехоҳад. Худованди мутаъол чашмонашро, ки ба асари силии Мӯсо (ъ) кӯр шуда буд, ба ӯ баргардонид ва фармуд: Боз назди ӯ бирав ва барояш бигӯ, то дасти худро бар пушти гове бигзорад ва барояш ба ҳар мӯйе, ки зери дасташ воқеъ шудааст, як сол умр дода мешавад.

Чун ба Мӯсо (ъ) ин хабар расид, гуфт: Парвардигоро, баъд аз он чӣ мешавад? Фармуд: Баъд аз он марг аст.

Гуфт: Пас ҳамин ҳоло бошад. Ва аз Худованд дархост намуд, ки ӯро ба сарзамини муқаддас то масофаи як сангандоз наздик созад".

Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Агар дар он сарзамин мебудам, қабри (Мӯсо (ъ)-ро, ки дар канори роҳ дар наздикии теппаи сурхранге аст, ба шумо нишон медодам."

## БОБИ 37. Намоз бар шаҳид

**676.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шуҳадои Уҳудро ду нафар-ду нафар бо ҳам дар як ҷома кафан карда ва мепурсиданд: "Кадом яке аз инҳо Қуръонро бештар ёд доштанд?"

Ва чун якеашонро нишон медоданд, ӯро пештар ба лаҳад дохил мекарданд ва мефармуданд: "Ман барои инҳо дар рӯзи қиёмат шаҳодат хоҳам дод." Ва амр карданд, ки онҳоро бо хунҳояшон дафн намоянд ва онҳоро ғусл надиҳанд ва бар онҳо намоз нахонанд.

## БОБИ 38. Агар кӯдак мусалмон гардад ва бимирад, оё бар ӯ бояд намоз хонда шавад? Ва оё кӯдак ба ислом даъват мешавад?

**677.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) рӯзе рафтанд ва бар шуҳадои Уҳуд монанде, ки бар мурда намоз хонда мешавад, намоз хонданд. Баъд аз он баргаштанд ва болои минбар баромада ва фармуданд: "Ман аз шумо сабқат намуда ва пештар хоҳам рафт ва барои шумо шаҳодат хоҳам дод ва ба Худованд савганд аст, ки ҳамин алъон ба тарафи ҳавзи худ, яъне ҳавзи Кавсар нигоҳ мекунам ва калиди ганҷҳои рӯи замин бароям дода шудааст. Ва ба Худованд савганд аз он, ки баъд аз ман дубора ба ширк баргардед, наметарсам, вале аз он метарсам, ки дар ба даст овардани дунё бо якдигар ҳасодат ва рақобат намоед."

**678.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Умар (р) бо Паёмбари Худо (с) ва гурӯҳе аз саҳоба назди Ибни Сайёд, ки тифли ҷодугаре аз қавми яҳуд буд ва иддаъои нубувват мекард, рафтанд ва диданд, ки ӯ бо тифлони дигар дар наздикии пуштаи бани Мағола бозӣ мекунад.

Ибни Сайёд дар ин вақт наздик ба булуғ буд ва ӯ аз омадани эшон то вақте, ки Паёмбари Худо (с) бо дасти худ ба шонааш назаданд, хабар нашуда буд. Паёмбари Худо (с) ба вай гуфтанд: "Оё бар ин, ки ман Пайғамбари Худоям, шаҳодат медиҳӣ?" Ибни Сайёд ба тарафи Паёмбари Худо (с) назар карда, гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки ту Паёмбари амин ҳастӣ. Ва афзуд: Оё ту бар ин, ки ман Паёмбари Худоям, эътироф менамоӣ?

Паёмбари Худо (с) суханашро рад карда ва фармуданд: "Ман ба Худо ва ҳамаи пайғамбаронаш имон дорам" (яъне агар ту рост мегуфтӣ ва паёмбари Худо мебудӣ, ба ту имон медоштам, вале чун дурӯғ мегӯӣ, ба паёмбариат имон надорам). Ва аз вай пурсиданд: "Ту чӣ мебинӣ?" Ибни Сайёд гуфт: Он, ки бароям меояд, гоҳе рост ва гоҳе дурӯғ мегӯяд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки: «Ту дар иштибоҳ ҳастӣ». Сипас ба вай гуфтанд: "Ман чизеро пинҳон кардаам ва ту (ба ман бигӯ, ки он чист?)" (Ва гӯянд, ки Паёмбари Худо (с) чизеро аз сураи Ад-Духон гузаронида буданд).

Ибни Сайёд гуфт: Чизеро, ки пинҳон кардед, духх аст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Паст шав, аз ҳадди худ таҷовуз макун".

Умар (р) гуфт: Ё Паёмбари Худо (с), бигзор то гарданашро бизанам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар ӯ ҳамон кас бошад (яъне Даҷҷол бошад), ту нисбат ба ӯ коре карда наметавонӣ ва агар (дурӯғ гуфта бошад) ва чунин набошад, аз куштанаш фоидае нест."

Ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) мегӯяд: Пас аз ин воқеа Паёмбари Худо (с) бо Убай ибни Каъб (р) ба нахлистоне, ки (Ибни Сайёд) дар он буд, рафтанд ва мехостанд ба таври пинҳонӣ аз Ибни Сайёд пеш аз ин, ки эшонро бубинад, чизе бишнаванд. Паёмбари Худо (с) Ибни Сайёдро диданд, ки дар зери кӯрпае хоб аст ва дар зери кӯрпа замзамаҳое дорад.

Модари Ибни Сайёд Паёмбари Худо (с)-ро дид, ки ба танаи дарахтон худро пинҳон менамоянд, Ибни Сайёдро садо зада ва гуфт: Ё Соф (номи аслии Ибни Сайёд Соф буд), Муҳаммад (с) омадааст! Ибни Сайёд аз ҷояш барҷаст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар (модараш) ӯро мегузошт, кори Ибни Сайёд ошкоро мешуд."

**679.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҷавоне аз қавми яҳуд хизмати Паёмбари Худо (с)-ро мекард, он ҷавон бемор шуд, Паёмбари Худо (с) ба аёдаташ рафтанд, болои сараш нишаста ва фармуданд: "Мусалмон шав." Он ҷавон ба тарафи падараш, ки он ҷо нишаста буд, нигоҳ кард.

Падараш гуфт: Гуфтаи Абулқосим (с)-ро қабул кун. Он ҷавон мусалмон гардид. Паёмбари Худо (с) берун шуда ва фармуданд: "Сано ва ситоиш барои Худое, ки ӯро аз оташи дӯзах наҷот дод."

**680.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ тифле нест, ки ба дунё биёяд ва ба имони фитрии худ набошад, баъд аз он модар ва падар аст, ки он тифлро яҳудӣ ва ё насронӣ ва ё маҷусӣ бор меоваранд, ин монанди он аст, ки ҳайвон дар аввал ба таври комил ба дунё меояд, магар дидаед, ки масалан ҳайвони гӯшбурида ба дунё омада бошад?

Ва Абӯҳурайра (р) ин ояи муборакаро тиловат намуд: **«Пайравӣ кун аз дине, ки Худованд мардумонро фитратан (мувофиқ) бар он дин халқ кардааст, дар (қонуни) хилқати Худо (тағйир) ва табдиле набуда ва ин ҳамон дини маҳкам ва устувор аст)».** *(Рум: 30)*

## БОБИ 39. Вақте, ки мушрик дар ҳоли марг ло илоҳа иллаллоҳ бигӯяд

**681.** Аз Мусайяб ибни Ҳазн (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар вақти вафоти Абӯтолиб Паёмбари Худо (с) наздаш рафта ва диданд, ки Абӯҷаҳл ибни Ҳишом ва Абдуллоҳ ибни Абӯумайя ибни Муғира наздаш нишастаанд.

Паёмбари Худо (с) ба Абӯтолиб гуфтанд: "Эй амаки ман, ло илоҳа иллаллоҳ, бигӯ, то ба сабаби ин калима барои ту дар назди Худованд шаҳодат бидиҳам."

Абӯҷаҳл ва Абдуллоҳ ибни Абӯумайя ба вай гуфтанд: Эй Абӯтолиб, оё аз дини Абдулмуталлиб бармегардӣ? Ва он қадар Паёмбари Худо (с) калимаи шаҳодатро ба ӯ пешниҳод карданд ва онҳо ҳамон сухани худро такрор намуданд, ки Абӯтолиб дар охири сухани худ ба онҳо гуфт: Ӯ бар дини Абдулмуталлиб аст ва аз гуфтани ло илоҳа иллаллоҳ ибо варзид.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ба Худованд қасам, бароят то вақте, ки манъ нашавам, талаби омурзиш хоҳам намуд. Ва ҳамон буд, ки Худованд ин ояро нозил фармуд: **«Барои Пайғамбар ва мусалмонон муносиб нест, ки барои мушрикин баъд аз ин, ки барои онҳо собит шуд, ки мушрикин аҳли дӯзах ҳастанд, талаби мағфират намоянд, агарчи он мушрикин аз хешовандон ва вобастагонашон бошанд».** *(Тавба: 113)*

## БОБИ 40. Касе, ки бар сари қабр мавъиза намуд ва дигарон ба атрофаш нишастаанд

**682.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Бақеъу-л-Ғарқад дар ҷанозае иштирок намуда будем, ки Паёмбари Худо (с) омада ва нишастанд. Мо ҳам ба атрофашон нишастем. Бо худ асое доштанд ва сари худро поён намуда, фикр мекарданд, сари асоро оҳиста-оҳиста ба замин заданд ва фармуданд: "Ҳеҷ кас ва ҳеҷ нафаскаше нест магар ин, ки ҷояш дар биҳишт ва ё дӯзах муайян гардида ва дар мавридаш навишта шудааст, ки он шахс бадбахт аст ва ё хушбахт."

Шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ (чун мавзӯъ чунин аст), оё набояд бар он навишта иттико намуда ва кор ва амалро бигзорем, касе, ки аз мо аз аҳли саъодат бошад, худ ба худ ба тарафи амали аҳли саъодат сук дода мешавад ва касе, ки аз аҳли шақовату бадбахтӣ бошад, худ ба худ ба тарафи амали аҳли шақоват хоҳад рафт, фармуданд: **"Аҳли саъодат ба тарафи амали аҳли саъодат равона мешаванд ва аҳли шақоват ба тарафи аҳли шақоват равона мегарданд."**

Ва сипас ин ояи муборакаро тиловат намуданд: **«Пас, касе, ки (садақа) бидиҳад ва парҳезгорӣ намояд ва калимаи шаҳодатро тасдиқ кунад, ӯро дар масири осонӣ қарор медиҳем ва касе, ки бухл варзида, истиғно намояд ва калимаи шаҳодатро такзиб кунад, ӯро ба сӯи душворӣ роҳнамун мешавем».** *(Лайл: 5)*

## БОБИ 41. Он чӣ, ки дар бораи қотил омадааст

**683.** Аз Собит ибни Заҳҳок (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки қасдан ва ба дурӯғ ба дини дигаре ғайр аз дини Ислом қасам мехӯрад, ӯ ҳамон чизе аст, ки гуфтааст ва касе, ки худро ба оҳане мекушад, ба ҳамон оҳан дар оташи дӯзах азоб мегардад."

**684.** Аз Ҷундуб (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Шахсе захмӣ гардид, (таҳаммули дардро накарда) ва худро кушт. Худованди мутаъол фармуд: Ин бандаам пеш аз он, ки ман ӯро бикушам, худро кушт ва ман биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонидам."

**685.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки худро буғӣ намояд, дар оташ буғӣ мегардад ва касе, ки худро ба найза зада бикушад, ба ҳамон тариқ дар оташи дӯзах азоб карда мешавад."

## БОБИ 42. Ба хубӣ ёд намудан аз мурда

**686.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки (саҳоба (р) ҷанозаеро дида ва аз вай ба хубӣ ёд карданд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Воҷиб гардид." Баъд аз он онҳо ҷанозаи дигареро диданд ва аз вай ба бадӣ ёд карданд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Воҷиб гардид."

Умар (р) пурсид: Чӣ воҷиб гардид? Фармуданд: "Он, ки аз вай ба хубӣ ёд кардед, ҷаннат бароят воҷиб гардид ва он, ки аз вай ба бадӣ ёд кардед, дӯзах бароят воҷиб гардид, шумо шоҳидони Худованд дар рӯи замин ҳастед."

**687.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар мусалмоне, ки чаҳор нафар ба хубиаш шаҳодат диҳанд, Худованд ӯро ба биҳишт дохил месозад." Гуфтем: Агар се нафар шаҳодат диҳанд?

Фармуданд: "Ва (агарчанде) се нафар шаҳодат бидиҳанд." Гуфтем: Агар ду нафар шаҳодат диҳанд? Фармуданд: (Агарчӣ) ду нафар шаҳодат бидиҳанд." Вале аз шаҳодат додани як нафар аз эшон напурсидем.

## БОБИ 43. Он чӣ, ки дар мавриди азоби қабр омадааст

**688.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳангоме, ки мусалмон дар қабраш шинонда шавад, (ду малак) наздаш меоянд ва дар ин вақт мегӯяд: *Ло илоҳа иллаллоҳ ва анна Муҳаммадан расулуллоҳ*. Ва ин ҳамон қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: **«Худованд касонеро, ки имон овардаанд, бар қавли собит устувор нигаҳ медорад».** *(Иброҳим: 27)*

**689.** Аз ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар он ҷое, ки аҳли Қалиб буд (аҳли Қалиб ҳамон мушрикинеанд, ки дар ҷанги Бадр кушта шуда ва ба чуқурие андохта шудаанд), омада ва фармуданд: "Оё он чиро, ки Худованди мутаъол барои шумо ваъда дода буд, ба таври ҳақиқӣ ба шумо расид?" Касе аз эшон пурсид: Бо мурдагон сӯҳбат мекунед? Фармуданд: "Шумо аз инҳо беҳтар намешунавед, аммо ҷавоб намедиҳанд."

**690.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Инҳо (яъне мурдагони мушрикин) он чиро, ки бароишон мегуфтам, акнун дарк мекунанд," ки ҳақ аст ва Худованди мутаъол мефармояд: «Ту (эй Муҳаммад) ба мурдагон чизеро шунавонда наметавонӣ».

**691.** Аз Асмоъа, духтари Абӯбакри Сиддиқ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) хутба хонданд ва дар хутбаи худ аз фитнае, ки инсон дар қабр ба он мувоҷеҳ мегардад, ёд намуданд, чун аз чунин чизҳо ёд карданд, мусалмонон ба овози баланд фарёд заданд.

## БОБИ 44. Паноҳ ҷустан ба Худо аз азоби қабр

**692.** Аз Абӯаюб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки офтоб ғуруб карда буд, (аз хона) баромаданд ва овозеро шуниданд, фармуданд: "Ин яҳудиест, ки дар қабраш азоб мешавад."

**693.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба таври доимӣ дуо мекарданд, ки *"Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мин азобил қабри ва мин азоби-н-нор ва мин фитнатил маҳё вал мамот ва мин фитнатил масеҳи-д-Даҷҷол."*

## БОБИ 45. Барои мурда дар субҳу шом маъво ва масканаш нишон дода мешавад

**694.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки фавт намуд, ҷойгоҳи абадиаш субҳу шом барояш нишон дода мешавад, агар аз аҳли ҷаннат бошад, ҷойи аҳли ҷаннат ва агар аз аҳли дӯзах бошад, ҷойи аҳли дӯзах ва барояш гуфта мешавад, ки: Ин ҳамон ҷое аст, ки Худованд баъд аз зинда шудан дар рӯзи қиёмат барои ту омода кардааст."

## БОБИ 46. Он чӣ дар мавриди авлоди мусалмонон омадааст

**695.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Иброҳим (ъ) фарзанди Паёмбари Худо (с) вафот ёфт, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барояш дар ҷаннат ширдиҳандае аст."

## БОБИ 47. Он чӣ, ки дар мавриди авлоди мушрикин омадааст

**696.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар бораи (сарнавишти) авлоди мушрикин пурсидам, фармуданд: Ҳангоме, ки Худованд онҳоро халқ кард, ба он чӣ, ки онҳо (дар сурати зинда мондан) мекарданд, донотар буд."

## БОБ

**697.** Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) баъд аз ин, ки намози субҳро адо мекарданд, рӯйи худро ба тарафи мо намуда ва мепурсиданд: "Кадом касе аз шумо дишаб кадом хобе дидааст?" Ровӣ мегӯяд: Агар касе хобе дида буд, хобро таъриф мекард ва Паёмбари Худо (с) мефармуданд: "Мо шоааллоҳ."

Рӯзе аз моён пурсиданд: "Касе аз шумо хобе дидааст? Гуфтем: На. Фармуданд: "Вале ман дишаб дар хоб дидам, ки ду нафар наздам омаданд ва дастамро гирифта ва ба сарзамини муқаддасе бурданд.

Дар он ҷо шахсеро дидам, ки нишаста ва шахси дигаре наздаш истодааст ва дар дасташ найзаи оҳанине аст, он найзаро ба як тарафи рухсори он шахси нишаста мехалонад, то ҷое, ки аз пушти сараш берун мешавад, боз ба тарафи дигари рухсораш чунин мекунад, тарафи аввали рухсораш ба ҳолати аввалӣ бармегардад ва он шахс боз ҳамон корро такрор менамояд. Гуфтам: Ин чӣ кор аст? Гуфтанд: Биё, ки биравем!

Бо онҳо омадам, то ба шахсе расидем, ки ба пушт хобида буд ва шахси дигаре болои сараш истода, бо табар ва ё тахтасанге ба сараш мекӯбад, вақте ба санг мезад санг ғел мехӯрад, он шахси истода аз ақиби санг меравад ва вақте бармегардад, ки сари ин шахс ба ҳолати аввалиаш баргаштааст, дар ин вақт дубора он сангро ба сараш мекӯбад. Пурсидам: Ин кист? Гуфтанд: Биё, ки биравем!

Бо онҳо рафтам, то ба чуқурии танӯрмонанде расидем, ки сари он чуқурӣ танг ва поёнаш калон ва фарох буд, дар он чуқурӣ оташеро афрӯхта буданд, чун оташ забона мекашид, (ашхосеро, ки дар он гудол буданд) бо худ мебардошт, то ҷое, ки наздик буд, аз он танӯр хориҷ гарданд ва боз чун оташ паст мешуд, дубора ба дохили танӯр фурӯ мерафтанд ва касони дар танӯрбуда, мардон ва занони бараҳна буданд. Пурсидам: Инҳо киёнанд? Гуфтанд: Биё, ки биравем!

Бо онҳо рафтам, то ба ҷӯе расидем, ки дар он хун ҷорӣ буд, дидем ки шахсе дар дохили он ҷӯй истодааст. Язид ва Ваҳаб ибни Ҷарир аз Ҷарир ибни Ҳозим ривоят мекунанд, ки гуфт: Ва бар канори он ҷӯйи хун шахси дигаре истода буд ва дар наздаш сангҳое аст. Чун шахси дохили ҷӯй мехоҳад аз ҷӯй берун шавад, шахси канори ҷӯй ба яке аз он сангҳо ба даҳанаш мекӯбад ва он шахси дохили ҷӯй дубора ба ҷое, ки буд, бармегардад. Гуфтам: Ин чӣ корҳоест? Гуфтанд: Биё, ки биравем!

Бо онҳо рафтам, то ба чаманзори сабзе расидем, дар он чаманзор дарахти бузурге буд ва дар пояи он дарахт пирамарде бо иддае аз кӯдакон нишаста буданд ва дар он ҷо шахси дигареро дидем, ки дар наздикии дарахт нишаста ва дар пеши рӯяш оташе аст ва он оташро бармеафрӯзад. Ду нафар ҳамроҳи ман маро болои дарахт бурданд ва бар болои дарахт маро ба хонае дохил намуданд, ки хонае зеботар аз онро надида будам, дар он хона мардони пир, ҷавонон, атфол ва занҳо (нишаста) буданд.

Сипас маро аз он хона берун карданд ва ба қисмати болотари дарахт, хонаи дигаре бурданд, ки аз хонаи аввала беҳтар ва зеботар буд. Дар ин хона низ мардони пир ва ҷавонон буданд. Ба он ду нафар гуфтам: Тамоми шаб маро ин тараф он тараф давр додед, акнун маро аз (асрори) чизҳое, ки дидам, бохабар созед. Гуфтанд: Хуб. Он шахсе, ки гӯшаи даҳанашро пора мекарданд, шахси дурӯғгӯест, ки дурӯғ мегуфтааст ва ин дурӯғҳояшро ҷамъ намуда, то он, ки сар то сари офоқро гирифтааст ва то рӯзи қиёмат ҳамон азоби вай идома хоҳад дошт ва он касе, ки сарашро ба санг мекӯбиданд, шахсест, ки Худованд Қуръонро ба вай омӯхта, вале ӯ дар шаб ғофил аз Қуръон хобида ва рӯз ба он амал накардааст ва ба ҳамон уқубате, ки дидӣ, то рӯзи қиёмат гирифтор аст ва касонеро, ки дар дохили танӯр дидӣ, мардумони зинокоранд ва он касеро, ки дар дохили ҷӯй дидӣ, ашхоси судхӯранд ва пирамарде, ки дар зери дарахт нишаста буд, Иброҳим (ъ) ва атфоли назди ӯ авлоди мардумон ҳастанд ва он, ки дар наздаш оташ

буд, дарбони дӯзах аст, хонаи аввале, ки дохил шудӣ, хонаи умумии мусалмонон ва ин хонаи дуввум хонаи шуҳадо аст ва ман Ҷабраил ва ин кас Микоил аст.

Ба ман гуфт: Саратро боло кун! Сарамро боло карда, дидам, ки дар болои сарам монанди абре аст. Гуфтанд: Ин манзили ту аст. Гуфтам: Иҷоза бидиҳед, ки дохили хонаи худ шавам. Гуфтанд: Ҳанӯз аз умри ту чизе боқӣ мондааст ва онро комил накардаӣ ва чун бақияи умри худро комил намоӣ, ба хонаат хоҳӣ омад."

## БОБИ 48. Марги ногаҳонӣ

**698.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки шахсе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Модарам ба таври ногаҳонӣ мурд ва фикр мекунам, агар маҷоли сухан задан меёфт, чизе садақа медод, агар ман ба ҷои ӯ садақа бидиҳам, барояш манфиат хоҳад дошт? Фармуданд: "Бале."

## БОБИ 49. Он чӣ, ки дар бораи қабри Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакри Сиддиқ ва Умар (р) омадааст

**699.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар айёми бемории худ мепурсиданд, ки "Имрӯз ман дар кучоям (яъне дар хонаи кадом як аз азвоҷи мутаҳҳарот мебошам) ва фардо куҷо хоҳам буд?" Ва ғаразашон он буд, ки дар хонаи Оиша (р) бештар бимонанд ва чун рӯзи навбати ман расид, Худованд рӯҳашонро, дар ҳоле ки ба синаам такя дода буданд, қабз намуд ва дар хонаам дафн гардиданд.

**700.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар вақти вафоти худ аз ин шаш нафар розӣ буданд. Ва ин шаш нафарро ном бурд: Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Абдурраҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Абиваққос.

## БОБИ 50. Он чӣ, ки нисбат ба мурдагон мамнӯъ аст

**701.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Мурдагонро дашном надиҳед, зеро эшон ба сарнавишти аъмоли худ расидаанд."

# -24-
# КИТОБИ ЗАКОТ

## БОБИ 1. Воҷиб будани закот

**702.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) Муъоз (р)-ро ба Яман фиристоданд ва ба ӯ гуфтанд, ки "Онҳоро ба шаҳодати **Ло илоҳа иллаллоҳ** ва ин, ки ман Паёмбари Худо (с) ҳастам, даъват кун. Агар онҳо аз ин чиз итоат намуданд, ба эшон бифаҳмон, ки Худованд бар онҳо дар ҳар шабонарӯзе панҷ вақт намоз фарз гардондааст.

Агар аз ин чиз ҳам пайравӣ карданд, ба эшон бифаҳмон, ки Худованд бар амволашон закоте фарз гардонида, ки аз сарватмандонашон гирифта ва ба фуқароашон дода мешавад."

**703.** Аз Абӯаюб (р) ривоят аст, ки шахсе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Маро ба амале раҳнамоӣ кунед, ки сабаби дохил шудан ба биҳишт гардад. Касе аз саҳоба гуфт: Ин чӣ мегӯяд? Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳоҷате дорад (ӯро бигзоред ва дар ҷавобаш фармуданд:) Худоро ибодат кун ва ҳеҷ чизеро ба вай шарик маёвар, намозро бихон, закотро адо кун ва силаи раҳмро ба ҷо биёр».

**704.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки шахси бодиянишине назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ба ман амалеро нишон бидиҳед, ки онро анҷом дода, ба ҷаннат дохил гардам. Фармуданд: "Худоро ибодат карда ва ба ӯ ҳеҷ чизеро шарик маёвар, намози фарзро бихон, закоти фарзро адо кун ва моҳи Рамазонро рӯза бигир." Он шахс гуфт: Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯ аст, бештар аз ин коре нахоҳам кард. Чун он шахс рафт, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе мехоҳад ба тарафи шахсе аз аҳли ҷаннат назар намояд, ба тарафи ин шахс назар намояд."

**705.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) вафот ёфтанд ва Абӯбакр (р) ба ҷояшон ба хилофат нишаст ва мардуме аз араб кофир гардиданд, Умар (р) ба Абӯбакр (р) гуфт: Ба чӣ далел бо мардум ба қатл ва қитол мепардозӣ, дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) мефармоянд: "То вақте ба ҷангидан бо мардум амр шудаам, ки бигӯянд: **Ло илоҳа иллаллоҳ** ва касе, ки ин калимаро бигӯяд, мол ва ҷонашро ҷуз ба ҳақи он, аз ман маҳфуз намуда ва ҳисоби ӯ бо Худо аст».

Абӯбакр (р) гуфт: Ба Худованд савганд, бо касе, ки байни намоз ва закот фарқ бигзорад, ҷанг ва қитол хоҳам кард, зеро закот ҳақи мол

аст, ба Худованд савганд, агар бузғолаеро, ки ба Паёмбари Худо (с) медоданд ва ба ман надиҳанд, барои гирифтани он бо онҳо ҷанг хоҳам кард.

Умар (р) гуфт: Ба Худованд савганд, ҳақ ҳамон чизе аст, ки Худованди мутаъол қалби Абӯбакрро ба он роҳнамоӣ намудааст ва яқинам ҳосил шуд, ки назари Абӯбакр (р) ҳақ ва савоб аст.

## БОБИ 2. Гуноҳи касе, ки закоти молашро намедиҳад

**706.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар соҳиби шутур ҳаққеро, ки Худованд бар ӯ дар мавриди шутур фарз гардонидааст, адо накунад, шутураш дар рӯзи қиёмат ба қавитарин ҳолате, ки дар дунё будааст, назди соҳибаш меояд ва ӯро зери пои худ лагадмол мекунад ва агар соҳиби гӯсфанд ҳаққеро, ки Худованд бар ӯ дар мавриди гӯсфанд фарз гардонидааст, адо накунад, он гӯсфанд ба қавитарин ҳолате, ки дар дунё будааст, назди соҳибаш меояд ва ӯро ба пойҳои худ лагадмол намуда ва ба шоххои худ ба баданаш мекӯбад."

Ва фармуданд: (Аз ҷумлаи ҳаққи шутур ва гӯсфанд он аст, ки агар шахси фақир ва мӯҳтоҷеро дар ҷое, ки он ҳайвонро об медиҳад, дид, он ҳайвонро дӯшида ва шири онро ба он шахси мӯҳтоҷ бидиҳад.) Ва фармуданд: "Нашавад, ки кадом касе аз шумо дар рӯзи қиёмат, дар ҳоле, ки гӯсфандаш бар гарданаш савор аст ва баъ-баъ мекунад, наздам биёяд ва ё Муҳаммад бигӯяд ва ман бигӯям: Барои ту ҳеҷ коре карда наметавонам ва дар дори дунё (амри Худоро ба ту) расонда будам. Ва нашавад, ки кадом касе аз шумо дар рӯзи қиёмат дар ҳоле, ки шутураш бар гарданаш савор буда ва ғар-ғар мекашад, наздам омада ё Муҳаммад бигӯяд ва ман бигӯям: Барои ту ҳеҷ кореро анҷом дода наметавонам (ва дар дори дунё амри Худоро) ба ту расонда будам».

**707.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар Худованди мутаъол ба касе моле дода бошад ва он шахс закоти моли худро адо накунад, молаш дар рӯзи қиёмат ба шакли аждаҳои пире, ки аз даҳонаш каф мерезад, дармеояд ва ба атрофаш мепечад.

Сипас он аждаҳо ҳарду рухсораашро гирифта ва мегӯяд: Ман ҳамон моли ту ва ҳамон ганҷи туам. Ва Паёмбари Худо (с) ин ояи муборакаро тиловат намуданд: **«Касоне, ки (дар додани закот) бахилӣ меварзанд, фикр накунанд, ки бухл варзидан дар он чӣ, ки Худованд аз фазли худ ба онҳо додааст, барояшон хайр аст, балки шар аст ва ба зудӣ дар рӯзи қиёмат он чӣ, ки дар доданаш бухл меварзиданд, ҳамчун тавқе ба гарданашон ҳалқа хоҳад зад ва ҳамаи он чи, ки дар осмонҳо ва замин аст, танҳо барои Худованд хоҳад монд ва Худованд ба он чӣ, ки мекунед, огоҳ аст».** *(Оли Имрон: 180)*

## БОБИ 3. Моле, ки закоташ дода шавад, ганҷ шумурда намешавад

**708.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар камтар аз панҷ (авқия) (панҷ авқия ба вазни ҳозира баробари 700 грамм аст) закоте нест ва дар камтар аз панҷ шутур закоте нест ва дар камтар аз панҷ васқ (яъне ҳудуди як ҳазору шашсад ратл дар назди аҳли Ҳиҷоз ва ҳудуди ду ҳазору чорсад ратл дар назди аҳли Ироқ) закоте нест."

## БОБИ 4. Закот аз моли ҳалол аст

**709.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки ба миқдори як хурмое аз моли ҳалол садақа бидиҳад ва албатта Худованд ҷуз чизи пок ва ҳалолро қабул намекунад, Худованди мутаъол он садақаеро, ки ба андозаи хурмое аст, ба дасти рости худ (било кайф) қабул менамояд. Сипас онро барои соҳибаш ба мисли касе, ки кураи аспашро парвариш медиҳад, мепарваронад, то он, ки (ҳамон садақа) ба андозаи кӯҳ бузург мешавад."

## БОБИ 5. Закот бидиҳед пеш аз он, ки фуқаро закотро барои шумо пас бидиҳанд

**710.** Аз Ҳориса ибни Ваҳб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Закоти (моли худро ҳамакнун) адо намоед, зеро рӯзе бар шумо хоҳад омад, ки шахсе бо закоти молаш ин тарафу он тараф биравад ва касеро наёбад, ки закоташро қабул намояд ва (касе, ки мехоҳад закоташро ба ӯ бидиҳад) ба шахси закотдиҳанда мегӯяд: Агар дирӯз закотатро меовардӣ, қабул мекардам, вале имрӯз ба он эҳтиёҷе надорам" (Ин ҳолат дар охири замон рух медиҳад, ки ҳадиси оянда бар он далолат мекунад).

**711.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "То вақте, ки сервати шумо зиёд нагардад, қиёмат барпо намешавад ва молу доройи то ҷое зиёд мегардад, ки соҳиби мол барои пайдо кардани шахсе, ки закоти молашро қабул намояд, ба ҳар тараф мегардад ва чун закоти молашро ба касе тақдим намояд, он шахс мегӯяд: "Маро ба моли ту ҳоҷате нест."

**712.** Аз Адий ибни Ҳотим (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) нишаста будам, ки ду нафар омаданд, яке аз фақр ва бечорагӣ ва дигаре аз раҳзанӣ ва ноамнӣ шикоят намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар мавриди роҳзанӣ ва ноамнӣ бояд бигӯям. Муддати зиёде нахоҳад гузашт, ки қофила (корвон) аз Макка бидуни нигаҳбон равон гардад. Ва аммо дар мавриди фақр: То он вақт қиёмат барпо

нахоҳад шуд, ки шахсе аз шумо бо закоти молаш ба ин тарафу он тараф равон гардад ва касеро наёбад, ки закоти молашро қабул намояд.

Ва ҳар кас (дар рӯзи қиёмат) дар муқобили Худованди мутаъол дар ҳоле, ки байни ӯ ва байни Худованди мутаъол ҳиҷоб ва тарҷумоне нест, меистад. Ва Худованд ба вай мегӯяд: Магар барои ту моле надода будам? Он шахс мегӯяд: Дода будӣ. Боз аз вай мепурсад: Оё пайғамбареро бароят нафиристода будам? Он шахс мегӯяд: Фиристода будӣ.

Дар ин вақт ин шахс ба тарафи рости худ нигоҳ мекунад ва ҷуз оташ чизеро намебинад ва ба тарафи чапи худ назар мекунад ва ҷуз оташ чизе намебинад.

Пас, эй мардум, ҳар кӣ аз ин оташ ва агарчӣ ба садақа додани нисфи хурмое бошад, худро нигаҳ дорад ва агар ҳаминро ҳам наёфт, ақаллан забони хуше дошта бошад».

## БОБИ 6. Худро аз оташи дӯзах агарчи ба садақа додани нисфи хурмо ва ё чизи андаки дигаре бошад, нигаҳ доред

**713.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Яқинан, замоне хоҳад омад, ки шахс бо закоти худ, ки тилло бошад, ин тарафу он тараф хоҳад гашт, вале касеро нахоҳад ёфт, ки закоташро қабул намояд ва занҳо он қадар зиёд ва мардҳо кам хоҳанд шуд, ки чил зан дунболи як мардро хоҳад гирифт."

**714.** Аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Замоне, ки моро Паёмбари Худо (с) амр ба садақа додан менамуданд, замоне буд, ки ба бозор мерафтем ва дар муқобили як мушт таъом, як мушт хурмо ҳаммолӣ мекардем, вале имрӯз молӣ баъзе аз он ашхос ба сад ҳазор мерасад.

**715.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане бо ду духтараш омад ва чизе суол намуд, вале мо ҷуз як донаи хурмо чизи дигаре надоштем ва ман ҳамон як донаи хурморо ба вай додам ва ӯ онро байни ду духтараш тақсим намуд ва худаш нахӯрд. Баъд аз он бархост ва рафт. Паёмбари Худо (с) омаданд, мавзӯъро қисса намудам. Эшон фармуданд: "Касе, ки ба чунин духтароне мубтало шавад, он духтарон барояш пардае дар муқобили оташи дӯзах мешаванд."

## БОБИ 7. Кадом навъи садақа беҳтар аст?

**716.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Кадом навъи садақа савобаш бештар аст? Фармуданд: «Садақае, ки дар ҳолати сиҳат ва тавонмандии худ садақа намуда бошӣ. Ба тавре, ки ҳанӯз аз фақр тарсида ва дар орзуи сарватманд шудан бошӣ ва садақа доданро то он вақт ба таъхир наандозӣ, ки нафас ба ҳулқум бирасад ва дар ин вақт бигӯӣ, ки ба фалонӣ ин қадар ва ба фалонӣ ин қадар бидиҳед ва ин ҳамон вақте аст, ки он мол хоҳӣ-нахоҳӣ аз фалонӣ ва фалонӣ хоҳад буд."

## БОБИ 8.

**717.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки баъзе аз ҳамсарони Паёмбари Худо (с) ба он ҳазрат гуфтанд: Кадом як аз мо зудтар аз дигарон ба шумо хоҳем пайваст? Фармуданд: "Он кас, ки дасташ дарозтар бошад."

Онҳо чӯберо гирифта ва дастҳои худро андозагирӣ намуданд ва диданд, ки дасти Савда (р) аз дастҳои дигарон баландтар аст, вале баъд аз ин фаҳмиданд, ки мақсуд аз дарозии даст сабқат дар садақа додан аст ва Савда (р) аз ҳама пештар ба Паёмбари Худо (с) пайваст ва ӯ касе буд, ки садақа доданро дӯст медошт.

## БОБИ 9. Касе, ки надониста закотро ба шахси сарватманде медиҳад

**718.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шахсе бо худ гуфт, ки ҳатман чизеро садақа хоҳам дод. Садақаашро бардошт ва (надониста) ба дасти дузде дод, фардо, ки шуд, мардум мегуфтанд: Садақаатро ба дузде додӣ.

Он шахс гуфт: Алҳамдулиллоҳ, садақаи дигаре хоҳам дод. Садақаашро гирифт ва (надониста) ба дасти зани зинокоре дод. Фардо, ки шуд, мардум мегуфтанд: Садақаатро дишаб ба дасти зани зинокоре додӣ. Он шахс гуфт: Худоё, сано ва ситоиш хос барои туст!

Боз садақаам ба дасти зиногаре афтод? Боз садақаи дигаре хоҳам дод. Садақаашро берун кард ва онро ба дасти шахси сарватманде дод, фардо, ки шуд, мардум мегуфтанд: Садақаатро ба дасти шахси сарватманде додӣ. Гуфт: Худоё, сано ва ситоиш хос барои туст! (Садақаам бояд ба дасти) дузд, зиногор ва ё сарватманде бияфтад?

Дар хоб дид, ки касе ба ӯ гуфт: Садақа доданат бар шахси дузд шояд сабаби худдории ӯ аз дуздӣ гардад ва садақаат бар зани зинокор шояд сабаби худдории вай аз зино гардад ва садақа доданат бар шахси сарватманд шояд сабаби панд гирифтанаш гардида ва аз ин ба баъд аз он моле, ки Худованд барояш додааст, садақа бидиҳад."

## БОБИ 10. Касе, ки садақаашро надониста ба фарзандаш додааст

**719.** Аз Маън ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман ва падарам ва падаркалонам ба Паёмбари Худо (с) байъат намудем ва Паёмбари Худо (с) (ва ё падарам) бароям хостгорӣ намуданд ва маро хонадор карданд ва дар назди Паёмбари Худо (с) бар алайҳи падарам иқомаи даъво намудам, зеро падарам Язид чанд динореро барои садақа додан бурда, дар масҷид назди шахсе гузошта буд. Ман он динорҳоро гирифта назди падарам бурдам, ӯ гуфт: Ба Худованд қасам, ки мақсадам (аз садақа додани ин динорҳо) ту набудӣ. Ман рафтам ва

назди Паёмбари Худо (с) бо ӯ иқомаи даъво намудам, Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Эй Язид! Ту ба нияти худ расидӣ ва ё Маън! Ту ҳам он чиро, ки гирифтӣ, аз ту аст.”

## БОБИ 11. Касе, ки ходимашро ба садақа додан амр карда ва худаш онро ба даст нагирифтааст

**720.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки зан аз таъоми хонаи худ дар сурате, ки ба таври номашрӯъ набошад, садақа бидиҳад, барои вай ба сабаби нафақа додан ва барои шавҳараш ҷиҳати ба даст овардани он таъом савоб аст ва барои касе, ки аз ин таъом нигаҳдорӣ намудааст, низ савоб аст ва ҳеҷ кадом аз инҳо савоби дигареро кам намекунад».

## БОБИ 12. Садақа он аст, ки баъд аз бениёзӣ бошад

**721.** Аз Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дасти боло аз дасти зерин беҳтар аст ва садақаро аввал ба касе бидеҳ, ки нафақааш бар ту воҷиб аст ва беҳтарин садақа он аст, ки аз рӯи бениёзӣ бошад ва касе, ки (аз гирифтани садақа) худдорӣ намояд, Худованд асбоби бениёзиашро фароҳам хоҳад сохт ва касе, ки (аз гирифтани садақа) истиғно ва изҳори бениёзӣ намояд, Худованд ӯро бениёз месозад».

**722.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар болои минбар дар ҳоле, ки роҷеъ ба садақа ва худдорӣ кардан аз гирифтани садақа ва суол намудани мардум сухан мезаданд, фармуданд: "Дасти боло аз дасти зерин беҳтар аст, дасти боло дастест, ки нафақа мекунад ва дасти зерин дастест, ки аз мардум суол мекунад."

## БОБИ 13. Ташвиқ кардан дар додани садақа ва шафоат кардан ҷиҳати садақа додан ба шахси фақир

**723.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки талбандае назди Паёмбари Худо (с) меомад, ё аз эшон чизе талабида мешуд, мефармуданд: "Шафоат кунед (ки барои фақир чизе дода шавад, аз ин шафоат) барои шумо савоб аст ва Худованд бар забони Паёмбари худ он чиро, ки бихоҳад, ҷорӣ месозад."

**724.** Аз Асмоъа бинти Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ман фармуданд: Сарбандро маҳкам макун (яъне аз додани садақа худдорӣ макун). Зеро Худованд бар ту маҳкам хоҳад гирифт." Ва дар ривояти дигаре фармуданд: "Шумора ва ҳисоб макун, варна Худованд бар ту ҳисоб хоҳад кард (яъне баракати онро аз байн хоҳад бурд).

## БОБИ 14. Садақа додан ба андозаи тавон ва қудрат

**725.** Ва дар ривояте аз Асмоъа бинти Абӯбакри Сиддиқ (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: (Молро хеле) ҳифозат ва нигаҳдорӣ макун, зеро Худованд (молро) аз ту нигаҳ медорад ва он чӣ метавонӣ, хайрот бидеҳ."

## БОБИ 15. Касе, ки дар ҳоли ширк садақа дода ва баъд аз он мусалмон мешавад

**726.** Аз Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, оё аз корҳои хайре, ки дар ҷоҳилият аз қабили садақа, озод сохтани ғуломон ва силаи раҳм анҷом медодам, бароям савобе хоҳад буд? Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бо корҳои неки гузаштаат мусалмон шудӣ. (Яъне он корҳои нек аз ту қабул шудааст.)

## БОБИ 16. Барои ходиме, ки ба иҷозаи мавлояш садақа дода ва хиёнат нанамояд, савоб аст

**727.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Нигаҳбони мусалмон ва амине, ки авомири мавлояшро комилан иҷро менамояд ва аз рӯи хушӣ он чиро, ки мавлояш додааст, ба ҳамон шахси муайян мерасонад, ӯ ҳам (дар савоб) монанди касест, ки садақа додааст."

## БОБИ 17. Ин гуфтаи Худованди мутаъол ки: Касе, ки садақа дода ва аз Худованд метарсад ва ин сухан гуфта, ки: Худоё ба касе, ки хайрот медиҳад ивазашро бидеҳ

**728.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар рӯзе, ки бар болои мардум субҳ мешавад, ду малак нозил мегардад, яке аз онҳо мегӯяд: Худоё, ба он касе, ки молашро нафақа кардааст, ивазашро бидеҳ. Ва дигаре мегӯяд: Худоё, он касе, ки дар додани нафақа бахилӣ намудааст, молашро талаф намо."

## БОБИ 18. Сифати шахси бахил ва шахси садақадиҳанда

**729.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Сифати шахси бахил ва сифати шахси садақадиҳанда монанди ду нафарест, ки либоси оҳанинеро аз сина то гулӯ пӯшида бошанд.

Шахси нафақакунанда дар ҳар нафақае, ки медиҳад, он ҷомаи оҳанин кушуда шуда ва фарох мегардад, то он ҷо, ки ангуштонашро мепӯшанд ва асари гуноҳони вайро маҳв месозад.

Вале шахси бахил чун намехоҳад, ки чизе нафақа кунад, аз ин рӯ ҳар ҳалқаи аз он либоси оҳанин дар ҷояш маҳкам мегардад ва ӯ мехоҳад, ки он ҷомаро фарох гардонад, вале фарох намегардад».

## БОБИ 19. Бар ҳар мусалмон садақа додан лозим аст ва касе, ки чизе надорад, бояд кори неке анҷом диҳад

**730.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Бар ҳар мусалмоне садақа додан лозим аст.” Гуфтанд: Эй Паёмбари Худо (с), касе, ки чизе надорад, чӣ кор кунад?

Фармуданд: “Кори некеро анҷом бидиҳад ва барои худ ва дигарон манфиат бирасонад.” Гуфтанд: Агар натавонист? Фармуданд: «Ба ҳоҷатманде, ки аз вай кӯмак мехоҳад, ҳамкорӣ намояд.” Гуфтанд: агар натавонист?

Фармуданд: “Кори некеро (ки метавонад) анҷом бидиҳад ва аз кори бад худдорӣ намояд ва ҳамин чиз барояш садақа маҳсуб мегардад.”

## БОБИ 20. То чӣ андоза бояд инсон закот ва хайрот бидиҳад

**731.** Аз Умми Атия (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе барои Нусайба, ки зане аз Ансор буд, гӯсфанде фиристод. Нусайба чизе аз он гӯсфандро барои Оиша (р) фиристод. Оиша (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) пурсиданд: Дар хона чизе ҳаст? Гуфтам: На, магар ҳамон чизеро, ки Нусайба аз он гӯсфанд фиристодааст. Фармуданд: “Биёр, ки дар вақти муносибе расидааст.”

## БОБИ 21. Гирифтани мол дар закот

**732.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯбакри Сиддиқ (р) фармони закотеро, ки аз тарафи Худо ва Расулаш буд, ба ман навишт (ва дар он фармон чунин омада буд): “Касе, ки (аз закоти шутуронаш) бар вай бинти махозе (шутури яксола) фарз гардид ва дар наздаш мавҷуд набошад ва бинти лабуне (шутури дусола) дошта бошад, аз вай қабул мегардад ва садақагиранда бояд барояш бист дирҳам ё ду гӯсфанд пас бидиҳад, вале агар наздаш бинти махозе набуд ва ибни лабуне дошта бошад, аз вай пазируфта мешавад ва барояш чизи дигаре нест.”

## БОБИ 22. Мутафарриқ набояд бо ҳам ҷамъ гардад ва он чӣ, ки бо ҳам ҷамъ аст, набояд мутафарриқ гардад

**733.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакр (р) барояш он чиро, ки Паёмбари Худо (с) фарз гардонида буданд, навишта буд (ва аз он ҷумла ин ки): “Амволи мутафарриқ набояд бо ҳам ҷамъ гардад ва он чӣ, ки ҷамъ аст, аз тарси вуҷуби закот набояд мутафарриқ гардад.”

## БОБИ 23. Агар амволи закоти ду нафар бо ҳам омехта буд, (закотро) байни якдигар ба таври баробар тақсим намоянд

**734.** Ва дар ривояти дигаре аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакр (р) он чиро, ки Паёмбари Худо (с) (дар мавриди закот) фарз гардонида буданд, барояш навишт (ва аз он ҷумла ин ки): "Ва он чӣ, ки аз амволи закоти ду нафар бо ҳам омехта бошад, бояд (он чиро, ки аз закот бар онҳо воҷиб шудааст) байни худ ба таври баробар тақсим намоянд."

## БОБИ 24. Закоти шутур

**735.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки шахси бодиянишине аз Паёмбари Худо (с) дар мавриди ҳукми ҳиҷрат пурсид. Фармуданд: "Вой бар ту! Кори ҳиҷрат мушкил аст ва оё шутуреро, ки закоти онро адо карда бошӣ, дар ихтиёр дорӣ?" Гуфт: Бале! Фармуданд: "Бирав ва дар он тарафи дарёҳо амалеро анҷом бидеҳ, Худованд аз амалат чизеро зоеъ нахоҳад сохт."

## БОБИ 25. Касе, ки аз закоти молаш бар вай (бинти махоз) фарз гардад ва дар наздаш набошад

**736.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакри Сиддиқ (р) фароизи закотеро, ки Худованд бар Пайғамбараш фарз гардонида буд, барояш навишт: "Касе, ки аз шутуронаш бар вай ҷазаъа (шутури чорсола) фарз гардидааст ва ҷазаъа надорад, агар ҳиққа (шутури сесола) дошта бошад, аз вай қабул мегардад.

Ва бояд ду гӯсфандро низ замима созад, варна бояд бист дирҳам бидиҳад ва касе, ки бар вай ҳиққа лозим гардидааст ва ҳиққа надошта бошад ва ҷазаъа (шутури панҷсола) дорад, ҷазаъа аз вай қабул мегардад ва маъмури амволи закот бояд барояш бист дирҳам ё ду гӯсфанд пас бидиҳад.

Касе, ки бар вай ҳиққа фарз гардида, вале ҷуз бинти лабуне чизи дигаре надорад, бинти лабуне аз вай қабул мегардад ва бояд ба он ду гӯсфанд ё бист дирҳамро изофа намояд ва касе, ки бар вай бинти лабун фарз гардида ва ӯ ҳиққа дорад, ҳиққа аз вай қабул мегардад ва маъмури закот бояд барояш бист дирҳам ё ду гӯсфанд пас бидиҳад ва касе, ки бар вай бинти лабуне фарз гардидааст ва ӯ бинти махозе дорад, бинти махозе аз вай пазируфта мешавад, вале бояд бист дирҳам ва ё ду гӯсфандро ба он изофа намояд."

## БОБИ 26. Закоти гӯсфанд

**737.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакр (р) ҳангоме, ки ӯро ба тарафи Баҳрайн фиристод, ин дастурро барояш навишт:

*Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.*

*Ин дастури закотест, ки Паёмбари Худо (с) бар мусалмонон фарз гардонида ва Худованди мутаъол Расули худро ба он амр фармудааст. Ҳар мусалмоне, ки ба миқдори муайяни он аз вай талаб карда шавад, бояд онро бипардозад ва агар аз вай бештар аз андозаи муайяни он талаб карда шавад, набояд бипардозад.*

*Дар ҳар бисту чор шутуре ва дар камтар аз он дар ҳар панҷ шутуре як гӯсфанд лозим аст ва чун ба 25 расид, то 35 шутур як бинти махозе мода лозим мегардад, чун ба 36 расид, то 45 шутур як бинти лабуне мода лозим мегардад ва чун ба 46 расид, то 60 шутур як ҳиққа, ки омодаи бордорӣ аст, лозим мегардад, чун ба 61 расид, то 75 шутур як ҷазаъа лозим аст, чун ба 76 расид, то 90 шутур ду бинти лабун лозим мегардад.*

*Чун ба 91 расид, то ба 120 шутур ду ҳиққа, ки омодаи бордорӣ аст, лозим мегардад ва чун аз 120 шутур зиёдтар шуд, дар ҳар 40 шутуре як бинти лабуне ва дар ҳар 50 шутуре як ҳиққа лозим мегардад, агар касе бештар аз чор шутур надошт, дар он закоте нест, магар он, ки соҳибаш ба ихтиёри худ чизе садақа бидиҳад ва чун ба 5 шутур расид, дар он як гӯсфанд лозим мегардад.*

*Ва дар закоти гӯсфанд дар сурате, ки дар саҳро бичарад, дар ҳар 40 гӯсфанд то 120 гӯсфанд як гӯсфанд лозим мегардад, чун аз 120 гӯсфанд зиёд гардид, то 200 гӯсфанд 2 гӯсфанд лозим мегардад, чун аз 200 гӯсфанд зиёд гардид, то 300 гӯсфанд се гӯсфанд лозим мегардад, чун аз 300 гӯсфанд зиёд гардид, дар ҳар як 100 гӯсфанд як гӯсфанд лозим мегардад, агар теъдоди гӯсфандоне, ки дар саҳро мечаранд, аз 40 гӯсфанд ҳатто як гӯсфанд кам бошад, бар соҳиби онҳо закоте нест, магар он, ки худаш ба ризоияти худ чизе садақа бидиҳад.*

*Ва дар нуқра рубъи ушр аст (яъне дар ҳар 40 дирҳам як дирҳам) ва агар шахсе фақат 190 (дирҳам) дошт, дар он закоте нест, магар он, ки соҳиби мол ба ихтиёри худ чизе садақа бидиҳад.*

## БОБИ 27. Закот бояд беайб бошад

**738.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки Абӯбакр (р) дастуреро, ки Худованд бар Расулаш амр карда буд, барояш навишт: "Закоти мол набояд пир, маъюб ва ё он, ки қуч бошад, магар он, ки маъмури закот маслиҳатро дар қабул кардани он бубинад."

## БОБИ 28. Дар закот набояд амволи сара ва баргузида интихоб гардад

**739.** Аз Ибни Аббос (р) дар ҳадисе, ки Паёмбари Худо (с) Муъозро ба Яман фиристоданд ва зикри он қаблан гузашт, чунин ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ту ба назди аҳли китоб

меравӣ...” ва баъд аз зикри бақияи ҳадис фармуданд: “ва (дар закот) моли сара ва баргузидаи мардумонро интихоб макун.”

## БОБИ 29. Додани закот ба хешовандон

**740.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Абӯталҳа (р) аз ҳамаи мардуми Ансор дарахти хурмо бештар дошт ва маҳбубтарин моли ӯ дар наздаш Байруҳо буд ва он нахлистонест дар рӯ ба рӯи Масҷиди Набавӣ қарор дошт ва Паёмбари Худо (с) дар он нахлистон рафта ва аз оби гуворои он менӯшиданд.

Анас (р) мегӯяд: Чун ин ояи муборака нозил гардид, ки: **“То вакте, ки аз моли дӯстдоштаи худ нафақа накунед, савобе нахоҳад бурд,”** Абӯталҳа (р) назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт:

Ё Расулаллоҳ! Худованди мутаъол мефармояд: **То вакте, ки аз моли дӯстдоштаи худ нафақа накунед, савобе нахоҳед бурд** ва чун аз ҳамаи амволам Байруҳоро бештар дӯст медорам, онро дар роҳи Худо садақа медиҳам ва умедворам, ки Худованди мутаъол музд ва савоби онро дар назди худ бароям захира намояд ва шумо, ё Расулаллоҳ, чи тавре, ки муносиб медонед, дар он тасарруф намоед.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Баҳ-баҳ! Ин аҷаб тиҷорати фоидаманде аст, он чиро, ки гуфтӣ, шунидам ва назари ман он аст, ки онҳоро барои хешовандони худ садақа намоӣ.”

**741.** Ҳадиси Абӯсаъиди Худрӣ (р) дар мавзӯъи берун шудани Паёмбари Худо (с) ба сӯи идгоҳ қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки вай гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) ба тарафи манзили худ рафтанд, Зайнаб ҳамсари Ибни Масъуд (р) омад ва иҷозаи дохил шудан хост. Касе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Эй Расули Худо! Зайнаб аст (иҷоза мехоҳад): Фармуданд: Кадом Зайнаб? Гуфтанд: Ҳамсари ибни Масъуд (р). Фармуданд: Бале! Ба вай иҷозат бидиҳед. Ба вай иҷозат доданд. (Чун назди Паёмбари Худо (с) омад) гуфт: Эй Паёмбари Худо! Имрӯз шумо ба садақа додан амр фармудед ва ман зеваре доштам ва мехостам онро садақа бидиҳам, вале Ибни Масъуд мегуяд, ки: ӯ фарзандаш аз ҳар каси дигаре, ки барояш садақа бидиҳам, мустаҳиқтаранд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ибни Масъуд рост мегӯяд, шавҳари ту ва фарзанди ту аз ҳар каси дигаре, ки барояш садақа бидиҳӣ, мустаҳиқтар ҳастанд.”

## БОБИ 30. Бар аспи шахси мусалмон закоте нест

**742.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бар шахси мусалмон дар асп ва дар ғуломи вай закоте нест.”

## БОБИ 31. Додани закот ба ятимон

**743.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) рӯзе болои минбар нишастанд ва дар ҳоле, ки моён дар атрофи минбар нишаста будем, фармуданд: "Чизе, ки баъд аз худ дар мавриди шумо хавф дорам, ин аст, ки васоил ва зебоиҳои зиндагӣ барои шумо омода гардад." Шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё мешавад, ки хайр сабаби шар гардад? Паёмбари Худо (с) сукут намуда ва чизе нагуфтанд, мардум ба он шахс гуфтанд: Ин чӣ коре аст, ки мекунӣ? Ту бо Паёмбари Худо (с) ҳарф мезанӣ ва эшон бо ту сухан намегӯянд. Дар ин вақт мутаваҷеҳ шудем, ки ваҳй бар эшон нозил мегардад. Паёмбари Худо (с) araқи зиёдеро, ки бар чеҳраашон нишаста буд, пок карда ва фармуданд: "Шахси суолкунанда куҷо шуд?" Ва тавре маълум мешуд, ки он шахсро ситоиш мекунанд ва фармуданд: "Хайр сабаби шар намешавад, вале аз чизҳое, ки дар баҳор мерӯяд, гиёҳоне аст, ки инсонро мекушад ва ё ӯро бемор месозад, магар ҳайвоне, ки ба хӯрдани сабза одат дорад ва ин ҳайвон ҳам гоҳо он қадар мехӯрад, ки хуб сер мешавад. Сипас рӯяшро ба тарафи қурси офтоб намуда, саргин ва бавл мекунад ва ба ҳар сабзае даҳон меандозад. Ва моли дунё ҳам дилфиреб ва ширин аст ва хушо ба ҳоли мусалмоне, ки аз он мол ба мискинҳо ва ятимон ва дурафтодагони аз ватан медиҳад ва касе, ки молро ба ғайри ҳаққи он мегирад, монанди касе аст, ки ҳар қадар мехӯрад, сер намешавад ва он мол дар рӯзи қиёмат бар зиёни ӯ шаҳодат хоҳад дод."

## БОБИ 32. Додани закот ба шавҳар ва ба ятимоне, ки дар оғӯши шахс мебошанд

**744.** Ҳадиси Зайнаб ҳамсари Абдуллоҳ (р) қаблан гузашт ва дар ин ривоят мегӯяд: Назди Паёмбари Худо (с) рафта ва дидам, ки зане аз Ансор ба дарвозаи хонаашон истодааст ва ҳамон мушкилеро дорад, ки ман дорам.

Билол аз назди мо гузашт ва мо ба вай гуфтем, ки аз Паёмбари Худо (с) бипурс, ки оё раво аст, ки закоти моламро ба шавҳар ва ятимоне, ки дар оғӯшам мебошанд, бидиҳам?

Ӯ рафт ва пурсид ва дар ҷавоб фармуданд: "Бале, раво аст ва барояш ду савоб аст, яке савоби қаробат ва хешовандӣ ва дигаре савоби садақа."

**745.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Оё агар закотамро барои авлоди Абӯсалама (Абӯсалама шавҳари умми Салама буд), бидиҳам, ба ман савоб хоҳад дошт? Дар ҳоле, ки фарзандони ӯ фарзандони худам мебошанд. Фармуданд: "Закотатро ба онҳо бидеҳ, бароят савобе, ки ба онҳо нафақа менамоӣ, хоҳад буд."

## БОБИ 33. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: Закот барои "озод кардани ғуломон, қарздорон ва дар роҳи Худо аст"

**746.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба додани закот амр фармуданд. Ба он ҳазрат хабар расид, ки Ибни Ҷамил ва Холид ибни Валид ва Аббос ибни Абдулмутталиб закот намедиҳанд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ибни Ҷамил дигар интиқоме намегирад, ба ҷуз ин, ки фақир ва бечора буд ва Худованд ӯро ғанӣ ва сарватманд гардонидааст ва ҳар чи (Холид ибни Валид) аст, шумоён ба ӯ зулм мекунед, ӯ васоили ҷангӣ ва дигар дороии худро дар роҳи Худо вақф намудааст ва (Аббос ибни Абдулмутталиб) амаки Паёмбари Худо (с) аст, ӯ илова бар закоте, ки бар вай лозим аст, ҳамон андозаи дигар ҳам садақа медиҳад."

## БОБИ 34. Худдорӣ аз суол кардани мардум

**747.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки мардуме аз Ансор аз Паёмбари Худо (с) дархости кӯмак намуданд. Эшон талаби онҳоро иҷобат намуда, ба онҳо аз амволи закот доданд, дубора дархости кӯмак намуданд, боз ҳам ба онҳо доданд, бори саввум дархости кӯмак намуданд, боз ба онҳо доданд, то он ки ҳамаи амвол тамом шуд.

Баъд аз он фармуданд: "Моле, ки дар наздам мавҷуд бошад, аз шумо дареғ нахоҳам дошт ва касе, ки аз суол кардан худдорӣ намояд, Худованд асбоби худдориашро фароҳам месозад ва касе, ки истиғно намояд, Худованд ӯро бениёз хоҳад сохт ва касе, ки сабр кунад, Худованд барояш сабр медиҳад ва барои ҳеҷ кас хайру неъмате болотар аз сабр арзонӣ нашудааст."

**748.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯ аст, агар касе ресмонашро гирифта ва ба пушташ ҳезум бикашад, беҳтар аз он аст, ки аз шахсе талаби кӯмак намояд ва он шахс шояд барояш чизе бидиҳад ё надиҳад."

**749.** Дар яке аз ривоёт аз Зубайр (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар шахсе пуштаи ҳезумеро бар пушти худ оварда ва бифрӯшад ва Худованд обрӯяшро ҳифз намояд, беҳтар аз он аст, ки аз мардум суол намояд ва онҳо барояш чизе бидиҳанд, ё надиҳанд."

**750.** Аз Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) талаби кӯмак намудам, ба ман кӯмак намуданд, боз талаби кӯмак намудам, боз ҳам кӯмак намуданд, бори саввум талаб намудам, ба ман кӯмак намуданд ва фармуданд:

«Эй Ҳаким, моли дунё дилфиреб ва ширин аст, агар касе онро бо нафси ором ва бидуни ҳирс ба даст оварад, Худованд дар он мол барояш баракат медиҳад. Ва касе, ки аз рӯи ҳирс ва рафту омад ба даст меорад, Худованд ҳаргиз дар он мол барояш баракат нахоҳад дод ва ӯ

мисли касе аст, ки ҳар чӣ мехӯрад, сер намешавад ва дасти боло аз дасти зерин беҳтар аст.”

Ҳаким мегӯяд, гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Қасам ба Зоте, ки шуморо ба ҳақ ва ростӣ фиристодааст, баъд аз шумо аз ҳеч каси дигаре то вакте, ки бимирам, чизе нахоҳам гирифт.

Ва ҳамон буд, ки Абӯбакр (р) (дар замони хилофати худ) Ҳакимро даъват мекард, ки барояш аз амволи ғанимат бидиҳад, ӯ аз гирифтани он амвол худдорӣ мекард, боз Умар (р) мехост барояш чизе бидиҳад, аз гирифтани чизе аз вай низ худдорӣ меварзид. Умар (р) гуфт: Эй мусалмонон, ман шуморо шоҳид мегирам, ки ман ба Ҳаким ҳаққи ӯро аз моли (ғанимат) медиҳам ва ӯ ибо меварзад. Ҳаким ба аҳди худ вафо намуд ва баъд аз Паёмбари Худо (с) аз ҳеч касе то вақте, ки зинда буд, чизе нагирифт.

## БОБИ 35. Касе, ки Худованд ба ӯ бидуни суол кардан ва ҳирс намудан чизе бидиҳад

**751.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) гоҳе бароям чизе бахшиш медоданд ва ман мегуфтам: Инро ба касе бидиҳед, ки аз ман мӯҳтоҷтар аст.

Ва эшон мефармуданд: “Инро қабул кун, агар бидуни суол кардан ва таваққуъ ба ту чизе тақдим шуд, қабул кун, варна дар ба даст овардани он худро ба заҳмат маяндоз.”

## БОБИ 36. Касе, ки аз мардум ҷиҳати пасандоз намудан чизе суол мекунад

**752.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Гадо то он ҷо ба гадоиаш идома медиҳад, ки чун рӯзи қиёмат дар майдони ҳашр ҳозир гардад, дар чеҳрааш зарраи гӯшт вуҷуд надорад.” Ва фармуданд: “Офтоб дар рӯзи қиёмат он қадар наздик мешавад, ки арақ то нимаи гӯшҳо мерасад ва дар ин ҳолат аст, ки мардум аз Одам (ъ) ва сипас аз Мӯсо (ъ) ва ахир аз Паёмбари Худо (Муҳаммад (с) талаби кӯмак ва фарёдрасӣ менамоянд.”

## БОБИ 37. Инсон чӣ вақт сарватманд шумурда мешавад?

**753.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Мискин касе нест, ки ба дарвозаи ину он бигардад ва як луқма ва ё ду луқма ва ё як дона хурмо ва ё ду дона хурмо ӯро кифоят кунад, балки мискин касест, ки кафофи зиндагиашро надорад ва касе аз фақр ва дармондагиаш воқиф нест, то барояш садақа бидиҳад ва на худаш назди мардум рафта гадоӣ мекунад.”

## БОБИ 38. Машруъияти тахмин кардани хурмо

**754.** Аз Абӯҳумайди Соидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Табук иштирок намудем, чун ба минтақаи Водиу-л-қуро расидем, занеро дар яке аз нахлистонҳо дидем. Паёмбари Худо (с) ба асҳоб амр намуданд: Миқдори хурмои нахлистонҳояшро тахмин кунед. Ва Паёмбари Худо (с) миқдори хурмои он нахлистонро ба даҳ васқ (даҳ васқ ҳудуди шашсад соъ аст) тахмин намуда ва ба он зан гуфтанд: "Миқдори хурмоеро, ки аз он ҳосил мешавад, ба хотир дошта бош."

Ва чун ба Табук расидем, фармуданд: "Имшаб боди шадиде хоҳад вазид, касе набояд аз ҷояш ҳаракат намояд ва касе, ки шутуре дорад, ӯро маҳкам бибандад." Мо ҳам шутуронро маҳкам бастем ва боди шадиде вазидан гирифт. Шахсе дар он вақт баромада буд ва бод ӯро ба кӯҳи Тай андохт (ва дар ин ғазва буд), ки подшоҳи Айла ба Паёмбари Худо (с) астари сафеде ва ҷомаи хатдореро бахшиш намуд ва Паёмбари Худо (с) барояш дар минтақаи худаш, ки дар канори баҳр зиндагӣ мекард, амонномае навиштанд.

Ва чун дар бозгашт ба Водиу-л-қуро расидем, ба он зан гуфтанд: "Нахлистонат чӣ қадар хурмо дод?" Гуфт: Ҳамон даҳ васқе, ки Паёмбари Худо (с) тахмин зада буданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ман бошитоб ба тарафи Мадина равон ҳастам ва агар касе аз шумоён мехоҳад бошитоб биравад, бо ман биёяд."

Ва чун ба наздикии Мадина расиданд, фармуданд: "Ин Тоба аст" (яъне шаҳри хуш ва гуворое ҳаст). Ва чун чашми Паёмбари Худо (с) ба кӯҳи Уҳуд афтод, фармуданд: "Ин кӯҳест, ки ӯ моро дӯст дорад ва мо ӯро дӯст дорем ва оё шуморо хабар диҳам, ки беҳтарин мардумони Ансор кадом мардумон ҳастанд?"

Гуфтанд: Бале!

Фармуданд: "Мардуми бани Наҷор, баъд аз он мардуми Абдулашҳал, баъд аз он мардуми бани Соъида ва ё мардуми бани Ҳорис ибни Хазраҷ ва дар ҳамаи мардуми Ансор хайр ва баракат ва хубӣ аст."

## БОБИ 39. Дар ҳосиле, ки аз оби осмон ва ё аз оби ҷорӣ обёрӣ мешавад, ушр лозим мегардад

**755.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар он чӣ, ки аз оби осмон ва чашмаҳо обёрӣ мешавад ва ё он, ки худ об бошад, ушр лозим аст ва дар он чӣ, ки ба воситаи ҳайвон (монанди кашидан аз чоҳ ва амсоли он) обёрӣ мешавад, ними ушр лозим аст."

## БОБИ 40. Закоти хурмо дар вақти чидан он аст ва оё барои тифл иҷоза аст, ки аз хурмои закот бихӯрад

**756.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоми чидани хурмо барои Паёмбари Худо (с) хурмо меоварданд, миқдори хурмое як шахс ва миқдори хурмое шахси дигар то он, ки дар назди Паёмбари Худо (с) хирмане аз хурмо ҷамъ мешуд, Ҳасан ва Ҳусайн (р) бо он хурмоҳо бозӣ мекарданд. Якеашон хурмоеро гирифт ва ба даҳанаш гузошт, чашми Паёмбари Худо (с) ба вай афтод, хурморо аз даҳанаш берун карда ва фармуданд: "Оё хабар надорӣ, ки аҳл ва авлоди Муҳаммад (с) аз моли закот намехӯранд?"

## БОБИ 41. Оё равост, ки шахс закотеро, ки додааст, дубора бихарад? Вале агар шахси дигаре закотро харид, боке нест

**757.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Асперо ба шахсе додам, то дар роҳи Худо ҷиҳод намояд, вале ӯ аспро зоеъ намуд ва таври лозим хидматашро накард ва мехостам он аспро аз наздаш бихарам, зеро фикр мекардам, ки шояд онро арзон бифрӯшад. Роҷеъ ба ин мавзӯъ аз Паёмбари Худо (с) пурсидам, фармуданд: "Онро набояд харид ва он чиро, ки садақа додӣ ва агарчи ба ту ба як дирҳам бидиҳад, дубора ӯро магир, зеро касе, ки садақаашро дубора мегирад, мисли касе аст, ки ба қайяш дубора руҷӯъ мекунад."

## БОБИ 42. Закот додан ба ғуломони озодшудаи ҳамсарони Паёмбари Худо (с)

**758.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мурдаи бузеро, ки касе ба канизаки озодшудаи Маймуна дода буд, дида фармуданд: "Чаро аз пӯсташ истифода накардед?" Гуфтанд: Ин худмурда аст. Фармуданд: "Аз худмурда фақат хӯрданаш ҳаром аст."

## БОБИ 43. Вақте, ки закот аз ҳолаташ тағйир ёбад

**759.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки барои Паёмбари Худо (с) аз гӯште, ки барои Барира (р) садақа дода шуда буд, оварданд.

Эшон фармуданд: "Ин гӯшт барои Барира закот ва барои мо бахшиш аст."

## БОБИ 44. Закот аз сарватмандон гирифта шуда ва барои фуқаро дар ҳар ҷое, ки бошанд, дода мешавад

**760.** Ҳадиси Муъоз ва фиристода шуданаш ба Яман қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки (Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ва аз дуои мазлум ҳазар кун! Чун байни мазлум ва Худо монеъе нест."

## БОБИ 45. Ташаккури имому дуои он ба ҳақи касе, ки закоти молашро медиҳад

**761.** Аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун шахсе закоташро назди Паёмбари Худо (с) меовард, дар ҳақаш дуо карда мегуфтанд: “Худоё! Бар аҳл ва авлоди фалон дуруд бифрист (яъне онҳоро мағфират намуда ва ё барояшон баракат бидеҳ)”. Падари ман закоти моли худро назди он ҳазрат (с) овард, барои ӯ дуо намуда фармуданд: «Худоё, ба аҳлу авлоди Абӯавфо баракат бидеҳ».

## БОБИ 46. Закоти чизе, ки аз дарё гирифта мешавад

**762.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Шахсе аз бани Исроил аз шахси дигаре аз бани Исроил хост, то барояш ҳазор динор қарз бидиҳад, он шахс барояш (ҳазор динор) қарз дод (шахси қарздор) ба канори дарё рафт (то худро ба хонаи қарздиҳанда расонад ва қарзашро адо намояд).

Вале чизе, ки бар он савор шавад ва аз дарё бигзарад, ба даст наёвард, аз ҳамин ҷиҳат чӯберо гирифт ва дохили онро шикофт ва пулро дар он чӯб ниҳод, сари ин чӯбро баст ва ба дарё андохт.

Ин шахсе, ки пулро ба қарз дода буд, ба канори дарё омад, то барои хонаводааш ҳезуме таҳия намояд, он чӯберо, ки дар он динорҳо гузошта шуда буд, ба унвони ҳезум гирифт». (Бақияи ҳадисро зикр намуда гуфт:). «Чун он чӯбро ба хона бурд ва шикаст, моли худро дар дохили он ёфт.”

## БОБИ 47. Аз ёфтани ганҷ хумс лозим аст

**763.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Он ҷиро, ки ҳайвон (гурехта аз соҳибаш) талаф мекунад, зоеъ аст. Он чи, ки дар чоҳ меафтад ва осеб мебинад, барбодрафта аст ва агар касе маъданеро кофта ва дигаре дар он меафтад, зоеъ аст ва он чи, ки аз ёфтани ганҷ ба даст меояд, дар он хумс лозим мегардад».

## БОБИ 48. Ин қавли Худованд, ки: «Ва аз ҷумлаи аҳли закот касонеанд, ки закотро ҷамъоварӣ менамоянд) ва имом бояд касонеро, ки закотро ҷамъ мекунанд, муҳосиба намояд»

**764.** Аз Абӯҳумайди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шахсеро аз қабилаи Асд, ки ба номи ибни Лутайба ёд мешуд, барои ҷамъоварии закоти амволи мардуми бани Сулайм фиристоданд ва ҳангоме ки он шахс бозгашт, ӯро муҳосиба намуданд.

## БОБИ 49. Имом шутурони садақаро ба дасти худаш нишонадор месозад

**765.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Абӯталҳаро назди Паёмбари Худо (с) бурдам, то таҳникаш намоянд (таҳник иборат аз он аст, ки ҷиҳати табарруки шахси солеҳе хурмо ва ё амсоли онро ба коми тифл мемолад).

Дар ин вақт дидам, ки Паёмбари Худо (с) сихи оҳаниеро дар даст гирифта ва шутурони садақаро ба он сих нишонадор мекунанд.

# -25- КИТОБИ САДАҚАИ ФИТР

## БОБИ 1. Фарзияти садақаи фитр

**766.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) садақаи фитрро як соъ аз хурмо ва ё як соъ аз ҷав бар ҳар фарди мусалмоне, хоҳ ғулом бошад ва хоҳ озод, хоҳ мард бошад, хоҳ зан, хоҳ хурд бошад ва хоҳ калон, фарз намуданд ва амр фармуданд, ки ин садақаи фитр бояд пеш аз рафтан ба намози ид дода шавад.

## БОБИ 2. Садақаи фитр пеш аз намози ид

**767.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ид як соъ таъом (садақа) медодем ва таъоми мо дар он вақт ҷав, кишмиш, қурут ва хурмо буд.

## БОБИ 3. Садақаи фитр бар ҳар касс, чи озод ва чи ғулом бошад, лозим аст

**768.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) садақаи фитрро як соъ ҷав ва ё як соъ хурмо бар ҳар хурду калон ва бар ҳар озод ва мамлуке фарз намуданд.

# -26-
# КИТОБИ ҲАҶ

## БОБИ 1. Вуҷуби ҳаҷ ва фазилати он

**769.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Фазл ибни Аббос пушти сари Паёмбари Худо (с) савор буд. Зани зебое аз мардуми Хасъам омад. Фазл ба тарафи он зан ва он зан ба тарафи Фазл нигоҳ мекард, Паёмбари Худо (с) рӯи Фазлро ба тарафи дигар гардониданд.

Он зан гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ҳаҷҷе, ки аз тарафи Худо фарз аст, ба падарам, ки пири поафтода аст ва худро бар маркаб гирифта наметавонад, фарз гардидааст, оё ман ба ҷои ӯ ҳаҷ карда метавонам? Фармуданд: "Бале." Ва ин воқеа дар ҳаҷҷату-л-видоъ воқеъ гардид.

## БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «Ба мардум эълон кун, то ба ҳаҷ биёянд...» *(Ҳаҷ: 27)*

**770.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дар Зулҳулайфа дидам, ки бар шутури хеш савор шуданд ва то ҳангоме ки шутур комилан ба роҳ афтод, талбия мегуфтанд.

## БОБИ 3. Ҳаҷ кардан бар шутури боркаш

**771.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки: Паёмбари Худо (с) бар шутуре ҳаҷ карданд, ки зод ва роҳилаашон низ бар болои ҳамон шутур бор карда шуда буд.

## БОБИ 4. Фазилати ҳаҷҷи мабрур

**772.** Аз Оиша, уммулмӯъминин (р) ривоят аст, ки гуфт: Ё Расулаллоҳ! Фикр мекунам, ки ҷиҳод беҳтарин аъмол бошад, оё мо (занҳо) ҷиҳод накунем? Фармуданд: "На, хайр! Беҳтарин ҷиҳод барои шумо ҳаҷҷи мабрур аст."

**773.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе барои Худо ҳаҷ кунад ва дар ҳаҷҷи худ муртакиби ҷимоъ ва фаҳш ва кори баде нагардад, тавре аз ҳаҷ (аз гуноҳ пок шуда) бармегардад, ки ба монанди рӯзе аз модараш таваллуд шудааст."

## БОБИ 5. Миқоти аҳли Яман

**774.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои аҳли Мадина Зулҳулайфа ва барои аҳли Шом Ҷӯҳфа ва барои аҳли Наҷд Қарни Манозил ва барои аҳли Яман Яламламро миқот таъйин намуда (ва фармуданд:) Ин миқотҳо барои ин мардум ва барои касонест, ки аз ғайри ин мардум аз ин миқотҳо гузашта ва иродаи ҳаҷ ё умраро дошта бошанд ва касе, ки баъд аз ин миқотҳо (дар тарафи Макка) сукунат дорад, миқоташ аз ҳамон ҷоест, ки иродаи ҳаҷ намудааст, ҳатто миқоти аҳли Макка шаҳри Макка аст.

## БОБИ 6

**775.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳамвории Зулҳулайфа шутурашонро хобонда ва намоз хонданд ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) низ ҳамин корро мекард.

## БОБИ 7. Рафтани Паёмбари Худо (с) аз роҳи Шаҷара

**776.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) вақти аз Мадина рафтан аз роҳи Шаҷара мерафтанд ва ҳангоми дохил шудан ба Мадина аз роҳи Муъаррас дохил мегардиданд. Ва Паёмбари Худо (с) вақте ки аз Мадина ба қасди рафтан ба Макка хориҷ мешуданд, дар масҷиди Шаҷара ва вақти, бозгаштан ба сӯи Мадина дар масҷиди Зулҳулайфа дар домани водӣ намоз мехонданд ва шаб то субҳ ҳамон ҷо мехобиданд.

## БОБИ 8. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) ки “Ақиқ дашти мубораке аст”

**777.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар водии Ақиқ шунидам, ки фармуданд: “Шаби гузашта Ҷабраил аз ҷониби Парвардигорам омад ва гуфт: Дар ин дашти муборак намоз бихон ва ният кун, ки аъмоли умраро бо аъмоли ҳаҷ бо ҳам анҷом диҳӣ.”

**778.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дар Зулҳулайфа истироҳат карда буданд, дар хоб диданд, ки касе ба он ҳазрат гуфт: Ту дар дашти мубораке қарор дорӣ.

## БОБИ 9. Се бор шустани хушбӯӣ аз ҷома

**779.** Ривоят аст, ки Яъло ибни Умайя (р) ба Умар (р) гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро ҳангоми нузули ваҳй ба ман нишон бидеҳ. Яъло ибни Умайя (р) мегӯяд: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) бо иддае аз асҳоби худ дар Ҷеърона буданд, шахсе омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Агар шахсе эҳром бибандад ва ҷомаҳояш муаттар бошад, ҳукмаш чист?

Паёмбари Худо (с) соате сукут намуданд ва дар ин ҳангом ваҳӣ барояшон нозил гардид. Умар (р) дар ин вақт ба ман ишора намуд, ман омадам (ва дидам), ки Паёмбари Худо (с) дар зери ҷомае, ки болояшон соя намудааст нишастаанд, сарамро дохил намуда ва дидам, ки рухсораашон сурх гардида ва нола мекунанд.

Сипас ин ҳолат аз эшон дур шуд ва фармуданд: "Он шахсе, ки аз умра суол намуд, куҷост?" Он шахсро оварданд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Хушбӯиеро, ки (истеъмол кардаӣ), се бор бишӯй, қабоятро аз танат берун кун ва умраатро тавре анҷом бидеҳ, ки ҳаҷатро анҷом медиҳӣ."

## БОБИ 10. Истеъмоли хушбӯӣ ҳангоми эҳром бастан ва баёни либосе, ки ба он эҳром баста мешавад

**780.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро ҳангоми эҳром бастан ва дар вақти берун шудан аз эҳром ва пеш аз ин, ки ба хонаи Каъба тавоф намоянд, хушбӯӣ мезадам.

## БОБИ 11. Касе, ки дар ҳоли мулаббад будани сараш эҳром бастааст

**781.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с), дар ҳоле, ки сарашон мулаббад буд (яъне ба сарашон чизе монанди ҳино ё хитмро баста буданд), нияти эҳром намуданд.

## БОБИ 12. Эҳром бастан аз масҷиди Зулҳулайфа

**782.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҷуз аз масҷиди Зулҳулайфа аз ҷойи дигаре эҳром намебастаанд.

## БОБИ 13. Савор шудани ду нафар бар як маркаб дар ҳаҷ

**783.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки аз Арафот то Муздалифа Усома (р) ва аз Муздалифа то Мино Фазл ибни Аббос (р) пушти сари Паёмбари Худо (с) савор буданд. Ҳардуяшон гуфтанд, ки Паёмбари Худо (с) то ҳангоми задани Ҷамраи Ақаба талбия мегуфтанд.

## БОБИ 14. Он чи, ки пӯшидани он аз қабили сиёб ва изор ва ридо барои муҳрим равост

**784.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) баъд аз шона задани сар ва истеъмоли равған ва пӯшидани изор ва ридо аз Мадина хориҷ гардиданд ва Паёмбари Худо (с) аз

пӯшидани ҳеҷ навъ изор ва ридое ба ҷуз аз изор ва ридое, ки ба заъфарон муаттар гардида ва бар ҷилд асар мекунад, наҳй нафармуданд.

Шабе дар Зулҳулайфа буданд, чун субҳ шуд, шутурашонро савор гардиданд ва ҳангоме, ки шутур комилан ба роҳ афтод ва ба ҳамвории Байдо расиданд, бо саҳоба (р) талбия гуфта ва шутури ҳадяи ҳаҷҷи худро нишонӣ намуданд ва ин вақте буд, ки панҷ рӯз аз моҳи Зулқаъда боқӣ монда буд.

Чун ба Макка расиданд, чаҳор рӯз аз Зулҳиҷҷа гузашта буд, хонаи Каъбаро тавоф карда ва байни Сафо ва Марва саъй намуданд ва чун шутури ҳадяашонро қаблан фиристода буданд, худро ҳалол насохтанд, зеро шутурро аломатдор сохта буданд.

Баъд аз он ба қисмати баланди Макка, дар ҳоле, ки иродаи ҳаҷро доштанд, наздики Ҳуҷун манзил намуданд ва дигар то ҳангоме, ки аз Арафот баргаштанд, ба тарафи хонаи Каъба нарафтанд.

Баъд аз баргаштан аз Арафа ба саҳоба (р) амр намуданд, то хонаи Каъбаро тавоф карда ва байни Сафо ва Марва саъй намоянд. Сипас мӯи сарашонро кӯтоҳ намуда ва худро ҳалол созанд ва ин барои касест, ки қаблан шутури (ҳадяи ) ҳаҷро нишонадор насохта ва нафиристодааст.

Ва касе, ки ҳамсараш бо ӯ аст, наздик шудан бо ҳамсар, истеъмоли хушбӯйӣ ва пӯшидани либос барояш равост.

## БОБИ 15. Талбия гуфтан

**785.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки талбияи Паёмбари Худо (с) чунин буд: "Лаббайка, Аллоҳумма лаббайка, лаббайка ло шарика лака лаббайка, инналҳамда ва-н-неъмата лака валмулк, ло шарика лака."

## БОБИ 16. Ҳамд ва тасбеҳ ва такбир пеш аз талбия гуфтан ва савор шудан бар шутур

**786.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки мо бо Паёмбари Худо (с) будем, намози пешинро дар Мадинаи мунаввара чаҳор ракаат ва намози асрро дар Зулҳулайфа ду ракаат адо намуданд. Баъд аз он дар он ҷо хоб шуданд, то субҳ шуд.

Баъд аз он шутури худро савор шуданд ва чун ба Байдо расиданд ва шутур комилан ба роҳ афтод, баъд аз ҳамди Худованди мутаъол ва тасбеҳ ва такбир барои ҳаҷ ва умра ният карданд ва дигарон низ барои адои ҳаҷ ва умра ният намуданд.

Ҳангоме, ки ба Макка расидем, (баъд аз адои маросими умра) ба мардум амр намуданд, то худро ҳалол созанд, то ин ки рӯзи тарвия омад, дар ин рӯз барои адои ҳаҷ эҳром бастанд. Анас (р) мегӯяд:

Паёмбари Худо (с) чандин шутурро ба дасти худ дар ҳолати истода забҳ намуданд ва Паёмбари Худо (с) дар Мадина ду қучқори сиёҳу сафедро барои қурбонӣ забҳ менамуданд.

## БОБИ 17. Талбия гуфтан рӯй ба қибла

**787.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки ӯ доимо аз Зулҳулайфа нияти ҳаҷ мекард ва чун ба Ҳарам мерасид, аз талбия гуфтан бас мекард ва чун ба минтақаи Зу туво мерасид, шабро дар он ҷо мехобид, чун намози субҳро (дар он ҷо) адо менамуд, ғусл мекард, чун назараш ин буд, ки Паёмбари Худо (с) чунин мекарданд.

## БОБИ 18. Талбия гуфтан ҳангоми сарозер шудан ба сӯи водӣ

**788.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "... ҳар чӣ, ки Мӯсо (ъ) аст, гӯё ҳамин ҳоло ба тарафаш нигоҳ мекунам, ки дар ҳамин водӣ сарозер гашта ва талбия мегӯяд."

## БОБИ 19. Касе, ки дар замони Паёмбари Худо (с) монанди нияти эшон ба ҳаҷ ният намудааст

**789.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро ба сӯи қавме ба Яман фиристода буданд, чун боз омадам, эшон дар Батҳои Макка буданд, аз ман пурсиданд: Нияти чӣ навъ ҳаҷҷеро намудаӣ?

Гуфтам: Нияти ҳамон ҳаҷҷеро намудаам, ки Паёмбари Худо (с) намудаанд. Фармуданд: Ҳадяи шукрона бо худ овардӣ? Гуфтам: На. Маро амр намуданд, то ба хонаи Каъба тавоф карда ва байни Сафо ва Марва саъй намоям. Баъд аз он амр намуданд, ки худро ҳалол созам, худро ҳалол сохтам.

Сипас назди зане аз хешовандонам омада ва он зан сарамро шона намуд ва ё шуст. Чун замони (хилофати) ҳазрати Умар (р) расид, гуфт: Агар ба китоби Худо амал намоем, китоби Худо моро ба тамом намудани умра ва ҳаҷ амр менамояд. Худованди мутаъол мефармояд: **«Ҳаҷ ва умраро хос барои Худо ба тамом бирасонед».** *(Бақара: 196)*

Ва агар ба суннати Паёмбари Худо (с) амал намоем, Паёмбари Худо (с) то вақте, ки ҳадяро забҳ нанамуданд, худро ҳалол насохтанд.

## БОБИ 20. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд «Ҳаҷ дар моҳҳои муайянест...» (Бақара: *197)*

**790.** Ҳадиси Оиша (р) дар мавзӯъи ҳаҷ қаблан гузашт ва дар ин ривоят мегӯяд: "Бо Паёмбари Худо (с) дар моҳҳои ҳаҷ, шабҳои ҳаҷ ва авқоти ҳаҷ аз Мадина берун шудем ва ба Сариф манзил гузидем. Оиша

(р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) назди асҳобашон рафта ва фармуданд: «Касе, ки бо худ ҳадя надошта бошад, агар хоста бошад, метавонад ҳаҷҷи худро ба умра табдил намояд, вале касе, ки бо худ ҳадя дорад, чунин кореро карда наметавонад.”

Оиша (р) мегӯяд: Касоне, ки ҳаҷҷи худро ба умра табдил намуданд ва касоне, ки табдил накарданд, ҳамагӣ аз саҳобаи Паёмбари Худо (с) буданд. Ва мегӯяд: Вале худи Паёмбари Худо (с) ва иддае аз саҳоба, ки ададашон зиёд буд, чун бо худ ҳадя оварда буданд, натавонистанд амали умраро анҷом диҳанд. Ва Оиша (р) бақияи ҳадисро зикр намуд.

## БОБИ 21. Ҳаҷҷи таматтӯъ, ҳаҷҷи қирон ва ҳаҷҷи ифрод ва фасхи ҳаҷ барои касе, ки ҳадя ҳамроҳаш нест

**791.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) аз Мадина хориҷ гардидем ва медонистем, ки ин сафар ҷуз барои адои ҳаҷ барои қасди дигаре нест. Ҳангоме, ки ба Макка расидем, ба хонаи Каъба тавоф намудем.

Ва Паёмбари Худо (с) касонеро, ки ҳадя нафиристода буданд, амр намуданд, то (баъд аз адои умра) худро ҳалол созанд ва онҳо худро ҳалол сохтанд ва ҳамсарони Паёмбари Худо (с) чун ҳадя нафиристода буданд, низ худро ҳалол сохтанд.

Сафия (р) (чун ба одати моҳона гирифтор шуда буд) гуфт: Фикр мекунам, ки ман сабаби таъхири ҳамроҳонам шавам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Эй зани шуми сартарошида! Магар рӯзи ид тавоф накардӣ? Гуфт: Тавоф кардам. Фармуданд: Пас боке нест, ба сафарат идома бидеҳ.”

**792.** Аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Дар ҳаҷҷатулвадоъ бо Паёмбари Худо (с) азми адои ҳаҷро менамудем. Баъзе аз моён танҳо нияти умра ва баъзе нияти ҳаҷ ва умра ва мардуми дигаре нияти танҳо ҳаҷро намуданд. Вале Паёмбари Худо (с) нияти ҳаҷро намуда буданд. Касоне, ки нияти ҳаҷ ва ё нияти ҳаҷ ва умраро намуда буданд, то рӯзи иди Қурбон худро ҳалол насохтанд.

**793.** Ривоят аст, ки Усмон (р) аз ҳаҷҷи таматтӯъ ва аз ҷамъ кардан байни умра ва ҳаҷ наҳӣ намуд, чун Алӣ (р) ин чизро дид, ҳаҷ ва умраро бо ҳам ният намуда ва гуфт: Суннати Паёмбари Худо (с)-ро ба гуфтаи ҳеҷ касе тарк нахоҳам кард.

**794.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: (Аҳли ҷоҳилият) фикр мекарданд, ки умра намудан дар моҳҳои ҳаҷ аз бадтарин корҳои зишт дар рӯи замин аст, аз ин ҷиҳат моҳи Муҳаррамро Сафар меномиданд ва мегуфтанд: Ҳангоме, ки пушти шутурон илтиём ёфта ва асари пойи шутурон аз роҳҳо маҳв гардид ва моҳи сафар хориҷ шуд, умра барои касе, ки нияти умра карданро дошта бошад, раво мегардад. Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) субҳи рӯзи чаҳоруми Зулҳиҷҷа ба нияти адои ҳаҷ

ба Макка расиданд ва Паёмбари Худо (с) ба онҳо амр намуданд, то ҳаҷҷи худро ба умра табдил намоянд (ва худро ҳалол созанд), ин кор бар асҳоб (р) душвор тамом шуд, гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Ин чӣ навъ ҳалол сохтанӣ аст? Фармуданд: "Ҳалол сохтани комил."

**795.** Аз Ҳафса (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Чӣ сабаб аст, ки мардум баъд аз адои умра худро ҳалол месозанд ва шумо худро ҳалол насохтед? Фармуданд: Ман сари худро мулаббад сохтам (талбид-иборат аз истеъмол намудани чизе ба мӯи сар, ғараз часпидани он ба якдигар аст, монанди ҳино ва амсоли он) ва ҳадяи худро нишонадор намудаам, то ҳангоме, ки шутурамро забҳ накунам, худро ҳалол нахоҳам сохт."

**796.** Ривоят аст, ки шахсе аз Ибни Аббос (р) роҷеъ ба ҳаҷҷи таматтӯъ пурсон намуд ва гуфт: Мардум маро аз анҷом додани он наҳӣ менамоянд. (Ибни Аббос (р) ӯро ба анҷом додани ҳаҷҷи таматтӯъ амр намуд.

Он шахс (баъд аз адои ҳаҷҷи таматтӯъ) гуфт: Дар хоб дидам, ки гӯё шахсе ба ман мегӯяд: Ҳаҷҷи ту ҳаҷҷи нек ва мақбуле аст ва умраат умраи нек ва мақбуле аст. Аз хобе, ки дида буд, ба Ибни Аббос (р) хабар дод, ӯ гуфт: Сабаб он аст, ки (ҳаҷҷи таматтӯъ) суннати Паёмбари Худо (с) аст.

**797.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳамон соле, ки шутурони ҳадяро бо худ бурда буданд, ҳаҷ намудам. Паёмбари Худо (с) ба мардум гуфтанд: Баъд аз тавоф ба хона ва саъй байни Сафо ва Марва худро ҳалол бисозед ва мӯйи сари худро кӯтоҳ намоед.

Баъд аз он ҳамин тавр дар ҳолати ҳалол то рӯзи (тарвия) боқӣ бимонед ва дар ин рӯз талбия гуфта, нияти ҳаҷ намоед ва ба ин тариқ ҳаҷҷи муфидеро, ки ният карда будед, ба ҳаҷҷи таматтӯъ мубаддал созед."

Саҳоба (р) гуфтанд: Чӣ гуна ҳаҷро ба умра мубаддал созем, дар ҳоле, ки ба нияти ҳаҷ эҳром баста будем? Фармуданд: "Он чиро ба шумо амр мекунам, анҷом диҳед, агар ман ҳам (ҳадяро) қаблан нафиристода будам, ҳамин кореро, ки ба шумо мегӯям, анҷом медодам, вале акнун то ҳангоме, ки ҳадя дар ҷои муайянаш нарасад, ба ҳеҷ шакле худро ҳалол сохта наметавонам." (Саҳоба чун инро шуниданд) мувофиқи амри Паёмбари Худо (с) амал намуданд.

## БОБИ 22. Ҳаҷҷи таматтӯъ

**798.** Аз Имрон (р) ривоят аст, ки гуфт: Моён дар замони Паёмбари Худо (с) ҳаҷҷи таматтӯъро анҷом додем ва Қуръон ҳам мувофиқи он нозил гардид. Баъд аз он шахсе ба раъйи худ чизе, ки ба назараш омад, гуфт.

### БОБИ 23. Аз кучо бояд ба Макка дохил гардид

**799.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба Макка аз роҳи Кадо аз қисмати болои он ба Батҳо аст, дохил гардиданд ва ҳангоми хориҷ шудан аз Макка аз қисмати поёни он хориҷ шуданд.

### БОБИ 24. Фазилати Макка ва бинои он

**800.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) суол намудам, ки оё ин девори кӯтоҳ ҷузъе аз хона аст? Фармуданд: "Бале." Гуфтам: Пас чаро онро ба хона дохил накарданд? Фармуданд: "Имконоти қавми ту камӣ намуд."

Гуфтам: Чаро дарвозаи хона баланд сохта шудааст? Фармуданд: "Қавми ту аз ин ҷиҳат чунин карданд, то ҳар киро хоста бошанд, барояш иҷозаи дохил шудан бидиҳанд ва ҳар киро нахоста бошанд, аз дохил шудан манъ намоянд. Агар қавми ту тозаошно ба ҷоҳилият намебуданд ва хавфи озурдагии хотири онҳо намебуд, деворро ба хона дохил намуда ва дарвозаи хонаро ҳам кафи замин месохтам."

**801.** Ва дар ривояти дигаре аз Оиши (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд: "Эй Оиша, агар қавми ту тоза ба ҷоҳилиятро тарк накарда буданд, амр мекардам, ки хонаро хароб намуда, ва он чиро, ки аз хона берун монда буд, дубора ба хона пайваст менамудам ва дарвозаашро ҳам кафи замин месохтам ва барояш ду дарвоза, яке шарқӣ ва дигаре ғарбӣ қарор медодам ва ба ин тариқ хонаро мутобиқи асоси Иброҳим (ъ) месохтам."

### БОБИ 25. Мерос бурдани хонаҳои Макка ва хариду фурӯши онҳо ва ин, ки мардумон дар Масҷиди ҳаром бо ҳам баробаранд

**802.** Ривоят аст, ки Усома ибни Зайд (р) аз Пайғамбари Худо пурсид: Ё Расулаллоҳ! Оё дар Макка дар хонаи худ манзилгузин мешавед? Фармуданд: " Магар Ақил барои мо хона ва манзиле гузоштааст?" Ақил ва Толиб чун дар вақти марги Абӯтолиб ҳанӯз мусалмон нашуда буданд, аз Абӯтолиб мерос бурданд, вале Ҷаъфар ва Алӣ (р) чун мусалмон шуда буданд, аз вай мерос набурданд.

### БОБИ 26. Қудуми Паёмбари Худо (с) ба Макка

**803.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) ҳангоми (омадан аз Мино ба сӯи) Макка фармуданд: " Манзили фардо-иншооллоҳ дар домани пуштаи бани Канона, ҷойе, ки Қурайш бар алайҳи бани Ҳошим паймон баста буданд, хоҳам буд."

Ва ин минтақа иборат аз регзоре буд, ки ҳампаймонии Қурайш ва Канона бар алайҳи бани Ҳошим ва бани Абдулмутталиб дар ин ҷо

сурат гирифта буд, қасам ёд карда буданд, то вақте, ки онҳо Паёмбари Худо (с)-ро барояшон таслим надиҳанд на ба онҳо хешовандӣ мекунанд ва на ҳам ба онҳо хариду фурӯш хоҳанд кард.

## БОБИ 27. Инҳидоми Каъба

**804.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: " Хонаи Каъбаро шахсе аз Ҳабаша, ки соқи пойҳояш борик аст, мунҳадим месозад."

## БОБИ 28. Ин қавли Худованд, ки «Худованд Каъбаи Байтулҳаромро аломати қиёми дин қарор додааст...» *(Моида: 97)*

**805.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Пеш аз он, ки Рамазон фарз гардад, рӯзи Ошуроро рӯза мегирифтанд ва дар ҳамин рӯз буд, ки хонаи Каъбаро рӯпӯш мекарданд ва чун Худованди мутаъол Рамазонро фарз гардонид, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар кӣ мехоҳад рӯзи Ошуроро рӯза бигирад ва ҳар кӣ мехоҳад, рӯза нагирад."

**806.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Баъд аз хуруҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ боз ҳам мардум барои ҳаҷ ва умра хонаи Каъба меоянд».

## БОБИ 29. Инҳидоми Каъба

**807.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳамин ҳоло (ҳамон касе, ки хонаро вайрон хоҳад сохт, мебинам), шахсе аст, ки сиёҳчеҳра, соқҳои пояш аз якдигар кушода, сангҳои хонаро яке пас аз дигаре бармеканад."

## БОБИ 30. Он чӣ, ки дар мавриди Ҳаҷаруласвад омадааст

**808.** Ривоят аст, ки Умар (р) Ҳаҷаруласвадро бӯсид ва гуфт: Ман медонам, ки ту санге ҳастӣ, ки на зарар расонида метавонӣ ва на фоида, агар намедидам, ки Паёмбари Худо (с) туро бӯсидаанд, ҳаргиз туро намебӯсидам.

## БОБИ 31. Касе, ки ба Каъба дохил нагардид

**809.** Аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар умра ба хона тавоф намуданд, баъд аз он пушти мақоми Иброҳим (ъ), дар ҳоле, ки касоне эшонро аз издиҳоми мардум ҳифозат мекарданд, ду ракаат намоз адо намуданд. Касе аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо пурсид: Оё Паёмбари Худо (с) ба хонаи Каъба дохил гардиданд. Гуфт: "На".

## БОБИ 32. Касе, ки дар атрофи хонаи Каъба такбир гуфтааст

**810.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Макка омаданд, нисбати вуҷуди бутҳо аз дохил шудан ба хонаи Каъба худдорӣ намуданд ва ҳамон буд, ки ба амри Паёмбари Худо (с) бутҳоро аз хона хориҷ сохтанд.

Аз он ҷумла муҷассамаи Иброҳим ва Исмоил (ъ) буд, ки азломро дар дасти онҳо ниҳода буданд (азлом-иборат аз авроқе буд, ки дар баъзе аз онҳо навишта шуда буд «Бикун» ва дар баъзе навишта шуда буд «Макун» ва касе, ки мехост ба коре иқдом варзад, яке аз он варақҳоро бардошта ва мувофиқи он амал мекард).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд мушрикини Қурайшро лаънат кунад ва ба Худованд қасам, ки онҳо хуб медонистанд, ки Иброҳим ва Исмоил (ъ) ҳаргиз таъйини сарнавишти худро ба азлом намекарданд."

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба хона дохил гардида ва дар атрофи хона такбир гуфтанд, вале дар дохили хона намоз нахонданд.

## БОБИ 33. Ибтидои машруъияти рамал чӣ гуна буд?

**811.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ва асҳоб (р) ба Макка омаданд, мушрикин бо якдигар гуфтанд: Касоне, ки назди шумо меоянд, табби шаҳри Мадина онҳоро хаста ва нотавон сохтааст.

Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то дар се шавти аввали тавофи рамал намоянд. Яъне паҳлавонмаобона тавоф намоянд, вале дар байни ду рукни ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвад бояд ба таври оддӣ тавоф намоянд ва ин, ки дар ҳамаи ҳафт шавт онҳоро ба рамал амр накарданд, сабабаш шафқат ва меҳрубонӣ бар онҳо буд.

## БОБИ 34. Истиломи Ҳаҷаруласвад дар вақти қудуми Макка ва шурӯъ кардан ба тавоф ва (рамал) намудан дар се шавти аввал

**812.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ҳангоми қудум ба Макка ва шурӯъ намудан ба тавоф Ҳаҷаруласвадро истилом карданд ва дар се шавти аввал рамал намуданд.

## БОБИ 35. Рамал намудан дар ҳаҷ ва умра

**813.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Акнун чӣ лозим аст, ки рамал намоем? Рамал фақат ҷиҳати изҳори қувват барои мушрикин буд ва акнун Худованди мутаъол онҳоро аз байн бурдааст. Сипас худаш гуфт: Рамал чизе аст, ки Паёмбари Худо (с) анҷом додаанд, аз ин ҷиҳат намехоҳем онро тарк намоем.

**814.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз вақте, ки дидам Паёмбари Худо (с) рукни ямонӣ ва рукни Ҳаҷар-ул-асвадро истилом менамоянд, истиломи онҳоро дар вақти издиҳом ва ғайри издиҳом тарк накардаам.

## БОБИ 36. Истиломи рукни ҳаҷаруласвад ба асо

**815.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) тавофи видоъро бар болои шутур анҷом доданд ва Ҳаҷаруласвадро бо асое истилом менамуданд.

## БОБИ 37. Бӯсидани Ҳаҷаруласвад

**816.** Ривоят аст, ки шахсе аз Ибни Умар (р) дар мавриди истиломи Ҳаҷаруласвад суол намуд, дар ҷавоб гуфт: Ман Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки Ҳаҷаруласвадро истилом намуда ва бӯсиданд.

Он шахс гуфт: Ҳатто агар издиҳом бошад ва истиломи Ҳаҷаруласвад сабаби лагадмолиам шавад? Ибни Умар (р) гуфт: «Агар чунин шудам ва агар чунон шудам»-ро дар Яман биандоз (суолкунанда аз Яман буд). Ман ба ту мегӯям, ки Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки Ҳаҷаруласвадро истилом намуда ва бӯсиданд.”

## БОБИ 38. Касе, ки ҳангоми қудум ба Макка пеш аз рафтан ба хонааш ба хонаи Каъба тавоф намудааст

**817.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми қудум ба Макка аввалин кореро, ки карданд, ин буд, ки вузӯ сохтанд ва тавоф намуданд, вале баъд аз тавоф кардан умраро анҷом надоданд. Баъд аз он Абӯбакр ва Умар (р) ба ҳамин тариқ ҳаҷ намуданд.

**818.** Ҳадиси Ибни Умар (р) дар мавриди қудуми Паёмбари Худо (с) ба Макка анқариб гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки (Паёмбари Худо (с) баъд аз анҷом додани тавоф ду ракаат намоз мехонданд ва баъд аз он байни Сафо ва Марва сайъ менамуданд.

## БОБИ 39. Сухан задан дар ҳангоми тавоф

**819.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми тавоф диданд, ки шахсе дасти шахси дигареро бо нахе ё ресмоне ба дасти худ баста ва ӯро бо худ тавоф медиҳад. Паёмбари Худо (с) он нахро канда фармуданд: “Дасташро бигир ва ӯро бо худ тавоф биде҄ҳ.”

## БОБИ 40. Набояд касе хонаи Каъбаро урён тавоф кунад ва набояд мушрике ҳаҷ намояд

**820.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷҷе, ки пеш аз ҳаҷат-ул-видоъ буд, Абӯбакри Сиддиқ (р)-ро амири ҳаҷ таъйин намуданд ва Абӯбакр (р) Абӯҳурайра (р)-ро бо гурӯҳи дигаре мувазаф сохт, то дар рӯзи ид эълон намоянд, ки баъд аз имсол набояд ҳеҷ мушрике ҳаҷ кунад ва ё шахси урёне хонаро тавоф намояд.

## БОБИ 41. Касе, ки пеш аз рафтан ба Арафот хонаи Каъбаро тавоф нанамуда ва баъд аз тавофи аввал бозгаштааст

**821.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми қудум ба Макка хонаро тавоф карданд ва байни Сафо ва Марва саъй намуданд. Баъд аз тавоф кардан то ҳангоми баргаштан аз Арафот дигар ба Каъба наздик нашуданд.

## БОБИ 42. Об додан ба ҳоҷиҳо

**822.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аббос ибни Абдулмуталлиб аз Паёмбари Худо (с) иҷоза хост, то нисбат ба об додан барои ҳоҷиҳо айёми Миноро дар Макка бигзаронад ва Паёмбари Худо (с) ба ӯ иҷоза доданд.

**823.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҷое, ки барои ҳоҷиҳо об медиҳанд, омада ва талаби об намуданд. Аббос (р) ба фарзандаш Фазл гуфт: Назди модарат бирав ва барои Паёмбари Худо (с) аз он ҷо об биёвар! Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Аз ҳамин ҷо бароям об бидеҳ."

Аббос (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Мардум дастҳои худро дар об дохил мекунанд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз ҳамин ҷо бароям об бидеҳ."

Аббос аз ҳамин ҷо барояшон об дод, обро нӯшида, сипас тарафи (чоҳи) Замзам омада ва диданд, ки (соқиён) барои мардум об дода ва кор мекунанд. Барои онҳо фармуданд: "Ба ҳамин кори худ идома диҳед, зеро кори нек ва писандидае аст."

Баъд аз он гуфтанд "Агар хавфи ин набошад, ки мардум аз дидани ман издиҳом намуда ва мушкилоте барои шумо эҷод мекунанд, меомадам ва ресмони обкаширо бар ҳамин ҷо, (яъне бар гардани худ) мениҳодам».

**824.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) аз Замзам об додам ва дар ҳоле, ки истода буданд, он обро нӯшиданд. Ва дар ривояти дигаре мегӯяд. Ва эшон дар ин рӯз бар уштур савор буданд.

## БОБИ 43. Вуҷуби саъй байни Сафо ва Марва

**825.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки хоҳарзодааш Урва ибни Зубайр (р) аз вай аз маънои ин қавли Худованди мутаъол пурсид, ки мефармояд: **«Сафо ва Марва аз шаъоири Худо аст. Касе, ки ба хона ҳаҷ ва ё умра мекунад, боке нест, ки байни ин ду** ***(яъне Сафо ва Марва)*** **тавоф намояд».** *(Бақара: 158)* Ва гуфт: Ба Худованд қасам, ки бинобар ин оят касе, ки байни Сафо ва Марва саъй нанамояд, бар вай гуноҳе нест.

Оиша (р) гуфт: Хоҳарзодаи азизам! Сухани бисёр баде гуфтӣ, агар маънои оят тавре, ки ту таъвил намудӣ мебуд, чунин мегуфт, ки «боке нест, ки тавоф нанамоянд», вале ин оя дар бораи Ансор нозил гардид, ки пеш аз мусалмон шудан дар вақти иродаи ҳаҷ ба номи Манот, ки яке аз маъбудонашон буда ва рӯи теппаи баланде қарор дошт, нияти ҳаҷ мекарданд ва аз саъй намудан байни Сафо ва Марва эҳсоси гуноҳ менамуданд.

Ҳангоме, ки мусалмон шуданд, аз Паёмбари Худо (с) аз ҳукми саъй байни Сафо ва Марва пурсида гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, мо аз саъй намудан байни Сафо ва Марва эҳсоси гуноҳ мекардем. Ва ҳамон буд, ки ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид, ки: **Сафо ва Марва аз шаъоири Худо аст...**), то охири оят.

Оиша (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) саъй байни Сафо ва Марваро суннат қарор доданд ва барои ҳеҷ касе раво нест, ки онро тарк намояд.

## БОБИ 44. Он чӣ, ки дар мавриди саъй байни Сафо ва Марва омадааст

**826.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки тавофи аввалро анҷом медоданд, дар се шавти аввали он рамал мекарданд ва чаҳор шавти дигарро ба таври оддӣ тавоф менамуданд ва дар ҳангоми саъй байни Сафо ва Марва аз дохили Масил (яъне ҷои ҷараёни сел) саъй менамуданд.

## БОБИ 45. Зани ҳоиз тамоми маносики ҳаҷ ба истисноি тавоф ба хонаро анҷом медиҳад

**827.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ва асҳоб (р) нияти ҳаҷ намуданд ва бо ҳеҷ кадом ба ҷуз Паёмбари Худо (с) ва Талҳа ҳадя набуд. Алӣ (р) дар ҳоле, ки бо вай ҳадя буд, аз Яман омад ва гуфт: Ман ҳаҷҷеро ният намудам, ки Паёмбари Худо (с) ният намуданд.

Паёмбари Худо (с) саҳобаро амр намуданд, то ҳаҷҷи худро ба умра табдил намоянд. Баъд аз тавоф (ва саъй) мӯйи сари худро кӯтоҳ намуда ва худро ҳалол созанд. Магар касе, ки ҳамроҳаш ҳадя аст. Саҳоба (р) гуфтанд: Мо ба тарафи Мино меравем ва аз олатҳои мо манӣ мечакад.

Ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид ва фармуданд: "Агар чизеро, ки дар охир фаҳмидам, аз аввал мефаҳмидам, ҳадяро намефиристодам ва агар ҳадяро намефиристодам, ҳатман худро ҳалол месохтам."

## БОБИ 46. Ҳоҷӣ дар рӯзи тарвия намози пешинро дар куҷо бихонад?

**828.** Ривоят аст, ки шахсе ба Анас ибни Молик (р) гуфт: Чизеро, ки аз Паёмбари Худо (с) омӯхтӣ, бароям биёмӯз! Паёмбари Худо (с) дар рӯзи тарвия намози пешин ва асрро дар куҷо хонданд?

Гуфт: Дар Мино. Он шахс пурсид: Рӯзи бозгаштан аз Мино намози асрро дар куҷо хонданд?

Гуфт: Дар Абтаҳ. Сипас Анас (р) барояш гуфт: Он чӣ, ки амирони ту анҷом медиҳанд, ту ҳам анҷом бидеҳ.

## БОБИ 47. Рӯза гирифтан рӯзи Арафа

**829.** Аз Умми Фазл (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардумон аз рӯза доштани Паёмбари Худо (с) рӯзи Арафа ба шак афтоданд. Шарбатеро барои Паёмбари Худо (с) фиристодам, эшон он шарбатро нӯшиданд.

## БОБИ 48. Рафтан дар вақти гармии рӯз ба тарафи Арафа

**830.** Аз Солим (р) ривоят аст, ки гуфт: Абдулмалик ба Ҳаҷҷоҷ навишт, ки дар умури ҳаҷ набояд аз Ибни Умар (р) мухолифат намоӣ. Рӯзи Арафа Ибни Умар (р) дар ҳоле, ки ман ҳамроҳаш будам, назди хаймаи Ҳаҷҷоҷ омад ва ӯро садо кард.

Ҳаҷҷоҷ дар ҳоле, ки изори калони музаъфариро пӯшида буд, аз хайма баромад ва гуфт: Ё Абӯабдурраҳмон, чӣ хабар аст? (Абӯабдурраҳмон кунияи Абдуллоҳ Ибни Умар (р) аст).

Гуфт: Агар мутобиат аз суннатро мехоҳӣ, бояд берун шавӣ!

Пурсид: Ҳамин ҳозир?

Гуфт: Бале!

Гуфт: Пас ба ман мӯҳлат бидеҳ, то обе ба сарам рехта ва биёям.

Ибни Умар (р) то омадани Ҳаҷҷоҷ аз маркабаш фуруд омад ва ҳамон ҷо нишаст. Чун Ҳаҷҷоҷ берун шуд, байни ман ва падарам ба роҳ афтод.

Ман ба Ҳаҷҷоҷ гуфтам: Агар мутобиат аз суннатро мехоҳӣ, хутбаро кӯтоҳ бикун ва дар вуқуф шитоб кун!

Ҳаҷҷоҷ чун ин суханро шунид, ба тарафи Абдуллоҳ нигоҳ кард. Чун Абдуллоҳ дид, ки ба тарафаш нигоҳ мекунад, гуфт: Солим рост мегӯяд.

## БОБИ 49. Шитоб намудан ба сӯи мавқиф

## БОБИ 50. Истодан дар Арафа

**831.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи Арафа шутурамро гум кардам ва рафта онро ҷустуҷӯ мекардам. Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ба Арафа вуқуф намуданд, бо худ гуфтам: ба Худованд савганд, ки ин шахс аз парҳезгорони Қурайш аст. Ӯ дар ин ҷо чӣ мекунад? (Ин вуқуфи Паёмбари Худо (с) дар Арафа пеш аз беъсат буд).

## БОБИ 51. Чӣ гуна рафтан аз Арафот ба сӯи Муздалифа

**832.** Ривоят аст, ки касе аз Усома ибни Зайд (р) пурсид, ки дар ҳаҷҷатул видоъ Паёмбари Худо (с) ба сӯи Муздалифа чӣ гуна омаданд? Дар ҷавоб гуфт: Рафторашон ба таври миёна буд, вале агар роҳро бе нафар меёфтанд, андаке тезтар мерафтанд.

## БОБИ 52. Ҳангоми рафтан ба Арафот Паёмбари Худо (с) мардумро ба оромӣ даъват намуданд

**833.** Ривоят аст, ки Ибни Аббос (р) дар рӯзи Арафот бо Паёмбари Худо (с) ба тарафи Муздалифа меомад. Дар ин вақт Паёмбари Худо (с) аз пушти сар ҳаёҳуи мардум ва задани шутуронро шуниданд. Бо тозиёнаи худ ба тарафи мардум ишора намуда ва фармуданд: "Эй мардум! Ором ва бовиқор бошед! Савоб ва хайр дар шитоб ва тез рафтан нест!"

## БОБИ 53. Касе, ки заъифони оилаашро дар шаби Муздалифа пеш аз худ фиристод ва худаш вуқуф ва дуо намуд ва баъд аз ғиёби маҳтоб ҳаракат кард

**834.** Аз Абдуллоҳ ғуломи Асмоъа бинти Абӯбакр (р) ривоят аст, ки Асмоъа (р) шаби Арафа ба Муздалифа омад, баъд аз он бархост ва соате намоз хонд. Баъд аз он аз ғуломаш Абдуллоҳ ибни Кайсон пурсид: Фарзандам! Оё маҳтоб ғуруб кардааст? Гуфт: На!

Боз соате намоз хонда ва пурсид: Оё маҳтоб ғуруб кардааст? Гуфт: На. Боз соате намоз хонд ва пурсид: Оё маҳтоб ғуруб кардааст? Гуфт: Бале! Гуфт: Ҳаракат кунед.

Ҳаракат карда рафтем, то ин, ки Асмоъа (р) ҷамраи Ақабаро зад. Баъд аз он баргашт ва намози субҳро дар манзили худ адо намуд. Абдуллоҳ (р) мегӯяд, барояш гуфтам: Эй фалонӣ, фикр мекунам, ки мо ба торикӣ ба Мино расидем. Гуфт: Фарзанди азизам! Паёмбари Худо (с) барои занон ин иҷозаро додаанд.

**835.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба Муздалифа расидем, Савда (р), ки зани чоқе буд, аз Паёмбари Худо (с) иҷоза хост, то пеш аз издиҳоми мардум ҳаракат намояд. Паёмбари Худо (с) барояш иҷоза доданд ва ӯ пеш аз издиҳоми мардум ҳаракат намуд ва ба Мино рафт, вале мо то субҳ ҳамон ҷо мондем ва субҳ ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) ҳаракат намудем. Агар ман ҳам монанди Савда (р) аз Паёмбари Худо (с) иҷоза мегирифтам, бароям аз ҳар хушии дигаре хуштар буд.

## БОБИ 54. Касе, ки намози субҳро дар Муздалифа адо намуд

**836.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ (р) ба Муздалифа омад ва ду намозеро, ки дар он ҷо хонда мешавад, ҳар намозеро ба як азон ва як иқома адо намуд ва таъоми шабро дар байни он ду намоз тановул кард. Баъд аз он ҳангоме, ки фаҷр тулӯъ кард, намози бомдодро адо намуданд. Касе мегуфт, ки фаҷр тулӯъ кардааст ва касе мегуфт, ки тулӯъ накардааст.

Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин ду намоз, яъне намози шом ва намози хуфтан дар ин макон аз вақташон тағйир мекунад ва мардум набояд то вақте, ки торик намешавад, ҷамоат намоянд ва вақти намози субҳ ҳамин вақт аст.”

Абдуллоҳ (р) баъд аз он вуқуф намуд, то он, ки ҳаво рӯшан шуд. Баъд аз он гуфт: Агар амиралмӯъминин ҳоло ҳаракат намояд, мувофиқи суннат амал намудааст. Ровӣ мегӯяд: Намедонам, гуфти ӯ зудтар буд, ё ҳаракат кардани Усмон (р). Ва Абдуллоҳ ибни Масъуд то задани ҷамраи Ақаба дар рӯзи ид ба таври мустамир талбия мегуфт.

## БОБИ 55. Аз Муздалифа чӣ вақт бояд ҳаракат намуд?

**837.** Ривоят аст, ки Умар (р) намози субҳро дар Муздалифа адо намуд. Баъд аз он вуқуф намуд ва гуфт: Мушрикин, то вақте, ки офтоб тулӯъ намекард, ҳаракат намекарданд ва мегуфтанд: Эй офтоб, бар Сабир битоб!

(Сабир кӯҳи машҳурест дар Муздалифа. Яъне мушрикин мунтазири он буданд, ки офтоб бар кӯҳи Сабир битобад ва баъд аз он онҳо ба тарафи Мино ҳаракат намоянд). Вале Паёмбари Худо (с) ба онҳо мухолифат намуданд (яъне пеш аз тулӯъи офтоб бар тарафи Мино ҳаракат намуданд) ва ба ҳамин асос Умар (р) пеш аз тулӯъи офтоб ҳаракат намуд.

## БОБИ 56. Савор шудан бар шутур

**838.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шахсеро диданд, ки шутуреро бо худ мебарад. Фармуданд: “Бар ӯ савор шав.” Гуфт: Ин шутур ҳадя аст. Фармуданд: “Савор шав!” Гуфт:

Ин шутур ҳадя аст. Фармуданд: "Вой бар ту! Савор шав!" Ин суханро ду ва ё се бор такрор намуданд.

## БОБИ 57. Касе, ки шутури ҳадяро бо худ бурдааст

**839.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: дар ҳаҷҷату-л-видоъ Паёмбари Худо (с) умра ва ҳаҷро бо ҳам адо намуданд ва ҳадяро аз Зулҳулайфа бо худ бурданд ва аввал нияти умра ва сипас нияти ҳаҷ намуданд ва мардум бо Паёмбари Худо (с) умраи таматтӯъ намуданд ва сипас ҳаҷ карданд. Баъзе аз мардум ҳадяро бо худ бурданд ва иддаи дигаре ҳадя надоштанд. Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Макка омаданд, ба мардум гуфтанд: "Касе аз шумо ҳадя оварда набояд, то вақте, ки ҳаҷро комилан адо намекунад, худро ҳалол созад ва касе, ки ҳадяро наовардааст, ба хонаи Каъба тавоф кунад ва байни Сафо ва Марва саъй намояд. Баъд аз он мӯйи худро кӯтоҳ намуда, худро ҳалол созад. Баъд аз он барои адои ҳаҷ ният намояд ва касе, ки ҳадя бароят муяссар нест, се рӯз дар ҳаҷ ва ҳафт рӯз баъд аз бозгашт рӯза бигирад."

## БОБИ 58. Касе, ки шутури ҳадяро дар Зулҳулайфа қалода карда ва баъд аз он эҳром бастааст

**840.** Аз Мисвар ибни Махрама ва Марвон (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Дар воқеаи Ҳудайбия Паёмбари Худо (с) бо чандсад нафар аз саҳобаҳояшон аз Мадина хориҷ гардиданд. Чун ба Зулҳулайфа расиданд, Паёмбари Худо (с) шутури ҳадяро қалода намуда ва барои адои умра ният намуданд.

## БОБИ 59. Касе, ки ба дасти худаш қалодаро ба гирди шутурон баста аст

**841.** Ривоят аст, ки ба Оиша (р) хабар расид, ки Абдуллоҳ ибни Аббос (р) мегӯяд: Касе, ки ҳадяро фиристода бошад, то вақте, ки ҳадяаш забҳ нагардидааст, ҳар чизе ки бар ҳуҷҷоҷ ҳаром аст, бар вай ҳаром мебошад. Оиша (р) гуфт: Ин тавр, ки ӯ мегӯяд нест, ман ба дасти худ қалодаҳои шутурони ҳадяи Паёмбари Худо (с)-ро тобидам ва Паёмбари Худо (с) ба дасти худ онҳоро ба гардани шутурон бастанд ва он шутуронро ба дасти падарам фиристоданд ва ҳеҷ чизеро, ки Худованд барои Паёмбари Худо (с) ҳалол сохта буд, то ҳангоми забҳи шутурон бар эшон ҳаром нагардид.

## БОБИ 60. Қалода кардани гӯсфандон

**842.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) гӯсфандеро ҳадя фиристоданд. Ва дар ривояте аз вай омадааст, ки Паёмбари Худо

(с) гӯсфандеро қалода намуданд ва худашон дар хонаводаи худ ҳалол боқӣ монданд (яъне баъд аз фиристодани ҳадя ҳеҷ чиз бароящон ҳаром нагардида буд).

## БОБИ 61. Қалодаи пашмин

**843.** Дар ривояти дигаре аз Оиша (р) омадааст, ки гуфт: Қалодаи шутуронро аз пашме, ки бо худ доштам, бофтам.

## БОБИ 62. Ҷули шутур ва хайрот додани он

**844.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро амр намуданд, то ҷул ва пӯсти шутуронеро, ки забҳ карда буданд, хайрот намоям.

## БОБИ 63. Забҳ кардани гов аз тарафи ҳамсарони худ бидуни иҷозаашон

**845.** Ҳадиси Оиша (р), ки ривоят карда буд, бо Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки панҷ рӯз аз Зулқаъда боқӣ монда буд, аз Мадина берун шудем, қаблан гузашт.

Ва дар ин ривоят ин ҳам омадааст, ки дар рӯзи иди Қурбон барои мо гӯшти гове оварданд.

Пурсидам: Ин аз куҷо аст?

(Касе, ки он гӯштро оварда буд) гуфт: Аз гӯшти гове аст, ки Паёмбари Худо (с) ба ивази ҳамсарони худ забҳ намудаанд.

## БОБИ 64. Забҳ кардан дар Мино, дар ҷое, ки Паёмбари Худо (с) забҳ намудаанд

**846.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар ҳамон ҷое забҳ мекард, ки Паёмбари Худо (с) забҳ карда буданд.

## БОБИ 65. Забҳ кардани шутур дар ҳолати бастани дасташ

**847.** Ва ривоят аст, ки Ибни Умар (р) шахсеро дид, ки шутурашро хобонда, забҳ мекунад.

Ба ӯ гуфт: Ӯро истода ва дар ҳоле, ки дасташ баста бошад, забҳ кун. Суннати Паёмбари Худо (с) чунин аст.

## БОБИ 66. Барои пӯсткунанда набояд аз ҳадя чизе дод

**848.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро амр карданд, то бар забҳи шутурон сарпарастӣ намоям ва аз куштан ва пӯст кардани онҳо ба қассобҳо чизе надиҳам.

## БОБИ 67. Миқдоре, ки аз шутур ҳадя хӯрда мешавад ва миқдоре, ки садақа дода мешавад

**849.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо аз шутури ҳадяи худ бештар аз се рӯз, ки дар Мино будем, намехӯрдем. Вале Паёмбари Худо (с) ба мо иҷоза дода ва фармуданд: "Бихӯред ва захира кунед!" Ва мо хӯрдем ва ҳам захира кардем.

## БОБИ 68. Тарошидан ва кӯтоҳ кардани мӯйи сар дар вақти хориҷ шудан аз эҳром

**850.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷ сари худро тарошиданд.

**851.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дуо карда гуфтанд: "Худоё, касонеро, ки сарашонро тарошидаанд, раҳмат кун!" Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Барои касоне, ки мӯйи сари худро кӯтоҳ кардаанд, ҳам дуо кунед.

Гуфтанд: "Худоё, бар касоне, ки сарашонро тарошидаанд, раҳмат кун." Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, барои касоне, ки мӯйи сари худро кӯтоҳ кардаанд, ҳам дуо кунед. Гуфтанд: "... ва ба касоне, ки мӯйи сари худро кӯтоҳ кардаанд, раҳмат кун."

**852.** Аз Абӯҳурайра (р) низ монанди ҳадиси гузашта ривоят гардида, магар ӯ ба ҷои "раҳмат кун," "биёмурз"-ро ривоят намудааст ва баъд аз ин, ки се бор дар ҳаққи касоне, ки сари худро тарошидаанд, дуо намуданд, (бори чаҳорум) дар ҳаққи касоне, ки мӯйи худро кӯтоҳ намуда буданд, дуо карданд.

**853.** Аз Муъовия (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман аз мӯйи сари Паёмбари Худо (с) бо пайкон чизе кӯтоҳ намудам.

## БОБИ 69. Задани ҷамраҳо

**854.** Ривоят аст, ки шахсе аз Ибни Умар (р) пурсид: Чӣ вақт бояд ҷамра бизанем? (Мурод аз ин ҷамраҳо ҷамраҳои айёми ташриқ аст, ки дар рӯзи дуввум, саввум ва чаҳоруми ид мебошад). Гуфт: Вақте, ки имоми ту ҷамра зад. Он шахс суолашро дубора такрор намуд.

Ибни Умар (р) гуфт: Интизор мекашидем, ки офтоб завол намояд ва чун офтоб завол мекард, ҷамра мезадем.

## БОБИ 70. Ҷамра задан аз поёни водӣ

**855.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) аз тарафи поёни водӣ ҷамра мезад. Касе ба ӯ гуфт: Мардум аз тарафи пушти водӣ ҷамра мезананд. Гуфт: Қасам ба Худое, ки ҷуз ӯ Худое нест, ки ин мақоми касест, ки сураи «Бақара» бар вай нозил гардидааст.

## БОБИ 71. Ҷамра задан бо ҳафт сангча

**856.** Ривоят аст, ки Ибни Масъуд (р) ҳангоми задани ҷамраи Ақаба Каъбаро ба тарафи чап ва Миноро ба тарафи рости худ қарор дод. Бо ҳафт сангча ҷамра зада ва гуфт: касе, ки бар вай сураи «Бақара» нозил гардидааст, ҳамин гуна ҷамра зад.

## БОБИ 72. Дар вақти ҷамра задан баъд аз рамйи ду ҷамра бояд ба ҳамворӣ рафта, рӯйи худро ба тарафи қибла намуд

**857.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) ҷамраи кӯчакро бо ҳафт сангча рамй менамуд ва бо задани ҳар сангча такбир мегуфт. Баъд аз он пеш мерафт, то ба ҳамворӣ мерасид, дар ин ҷо рӯй ба қибла муддати тӯлонӣ дастҳояшро боло карда ва дуо мекард.

Баъд аз он ҷамраи миёнаро рамй менамуд. Баъд аз ҷамра задан тарафи шимолро мегирифт, то ба ҳамворӣ мерасид. Дар ин ҷо рӯй ба қибла муддати тӯлонӣ дастҳояшро боло карда ва дуо мекард. Баъд аз он ҷамраи Ақабаро аз қисмати поёни водӣ рамй менамуд ва дар ин ҷо таваққуф намекард, балки баргашта мегуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ҳамин тавр рамй намуданд.

## БОБИ 73. Тавофи видоъ

**858.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум амр шуданд, ки охирин корашон дар ҳаҷ тавоф ба хонаи Каъба бошад, вале ин тавоф аз занони ҳоиз соқит гардид.

**859.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) намози пешин ва аср ва шом ва хуфтанро адо намуданд, баъд аз он андак вақте дар Муҳассаб истироҳат карданд, баъд аз он ба тарафи хонаи Каъба рафта ва тавоф намуданд (мурод аз ин тавоф тавофи видоъ аст).

## БОБИ 74. Вақте, ки зан баъд аз омадан аз Арафот ба одати моҳона гирифтор мешавад

**860.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои зани ҳоиз баъд аз ин ки аз Арафот омад, рухсат дода шудааст, ки (бидуни анҷом додани тавофи видоъ аз Макка) биравад.

Яке аз ровиён мегӯяд: Аз Ибни Умар (р) шунидам, ки мегуфт: Чунин зане набояд биравад. Вале баъд аз он аз вай шунидам, ки мегуфт: Паёмбари Худо (с) барои онҳо рухсати рафтан додаанд (яъне барои зани ҳоиз иҷоза доданд, ки пеш аз анҷом додани тавофи видоъ аз Макка хориҷ шавад).

## БОБИ 75. Ҳукми манзил кардан дар Муҳассаб

**861.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Таҳсиб чизе нест (яъне нузул кардан дар минтақаи Муҳассаб аз маносики ҳаҷ нест), балки манзилест, ки Паёмбари Худо (с) дар он манзил намуданд.

## БОБИ 76. Манзил намудан ба Зитуво пеш аз дохил шудан ба Макка ва манзил намудан дар дашти Зулҳулайфа дар вақти баргаштан аз Макка

**862.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) ҳангоме аз Мадина, ки ба тарафи Макка меомад, шабро ба Зитуво манзил мекард, чун субҳ мешуд, дохили Маккаи мукаррама мегардид ва чун аз Мино меомад, ба Зитуво меомад ва шабро то субҳ дар ин ҷо манзил мекард ва мегуфт: Паёмбари Худо (с) чунин мекарданд.

# -27-
# КИТОБИ УМРА

## БОБИ 1. Вуҷуби умра ва фазилати он

**863.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз як умра то умраи дигар сабаби каффораи гуноҳони байни ин ду умра аст ва барои ҳаҷҷи мабрур савобе ба ҷуз аз ҷаннат нест».

## БОБИ 2. Касе, ки пеш аз ҳаҷ умра намуд

**864.** Ривоят аст, ки касе аз Ибни Умар (р) аз ҳукми умра намудан пеш аз ҳаҷ пурсид. Гуфт: Боке надорад. Ва илова намуд, ки Паёмбари Худо (с) пеш аз анҷом додани маросими ҳаҷ умра намуданд.

## БОБИ 3

**865.** Ривоят аст, ки касе аз Ибни Умар (р) пурсид: Паёмбари Худо (с) чанд бор умра анҷом доданд?

Гуфт: Чаҳор умра, ки яке аз инҳо дар моҳи Раҷаб буд. Шахси соил мегӯяд: ба Оиша (р) гуфтам: Эй модарам, оё намешунавед, ки Абӯабдурраҳмон чӣ мегӯяд?

Гуфт: Чӣ мегӯяд?

Гуфтам: Мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) чаҳор умра анҷом доданд, ки яке аз онҳо дар моҳи раҷаб буд.

Гуфт: Худованд бар Абӯабдурраҳмон раҳмат кунад. Паёмбари Худо (с) ҳеҷ умраеро анҷом нadодаанд, магар он, ки Абдуллоҳ ибни Умар (р) бо эшон будааст, вале Паёмбари Худо (с) дар моҳи Раҷаб умрае анҷом надодаанд.

**866.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) пурсид: Паёмбари Худо (с) чанд умра анҷом доданд?

Гуфт: Чаҳор умра, умраи Ҳудайбия дар моҳи Зулқаъда, ки мушрикин монеъи рафтанашон ба (Маккаи мукаррама) гардиданд, умраи дигар дар соли оянда дар ҳамон моҳи Зулқаъда, ки бо мушрикин мусолаҳа намуданд ва умраи Ҷиърона, ки фикр мекунам, дар ҳамин умра ғаноими Ҳунайнро тақсим намуданд.

Гуфтам: Чанд ҳаҷ намуданд?

Гуфт: Як ҳаҷ.

**867.** Ва дар ривояти дигаре аз вай омадааст, ки гуфт: Як умраи Паёмбари Худо (с) ҳамон умра буд, ки (мушрикин) монеъи рафтани эшон шуданд ва умраи Ҳудайбия дар соли баъдӣ ва умрае дар Зулқаъда ва умраи дигар бо ҳаҷҷи худ анҷом додаанд.

**868.** Аз Бароъ ибни Озиб ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) пеш аз он, ки ҳаҷ намоянд, ду бор дар моҳи Зулқаъда умра намуданд.

## БОБИ 4. Умраи танъим

**869.** Аз Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ӯ амр намуданд, ки Оиша (р)-ро пушти сари худ савор кунад ва ӯро аз танъим умра бидиҳад. Ва аз Суроқа ибни Молик ибни Ҷуъшум (р) ривоят аст, ки бо Паёмбари Худо (с) дар назди Ҷамраи Ақаба дар ҳоле, ки рамӣ менамуданд, мулоқот намуд ва аз эшон пурсид: Оё ин амр (фасхи ҳаҷҷи умра) хос барои шумо аст?

Фармуданд: «На! Балки барои абадӣ аст!»

## БОБИ 5. Умра намудан баъд аз ҳаҷ бидуни тақдими ҳадя

**870.** Ҳадиси Оиша (р) дар мавриди ҳаҷ чандин бор такрор гардид ва қаблан ба таври комил зикр гардид.

## БОБИ 6. Савоби умра ба андозаи машаққат аст

**871.** Ва аз Оиша (р) ривоят омадааст, ки Паёмбари Худо (с) дар мавриди умра барояш гуфтанд, ки: «... вале савоби умра ба андозаи харҷ ва масраф ва ё ба андозаи машаққатест, ки мутаҳаммили он мегардӣ» (яъне ҳар қадар масорифи умра ва ё машаққату мушкилоти шахси умракунанда бештар бошад, ба ҳамон андоза савобаш бештар аст).

## БОБИ 7. Умракунанда чӣ вақт худро ҳалол месозад?

**872.** Ривояте аст, ки Асмоъа бинти Абӯбакри Сиддиқ (р) ҳангоми гузаштан аз минтақаи Ҳаҷун бар Паёмбари Худо (с) дуруд фиристода мегуфт: «Бо эшон дар ҳамин ҷо манзил намудем.

Ва дар ин вақт сабукбор будем ва маркабҳои каме доштем, зод ва тӯшаи андак буд, ман ва хоҳарам Оиша ва Зубайр ва фалон ва фалон умра намудем.

Баъд аз тавоф ба хонаи Каъба ва саъй байни Сафо ва Марва худро ҳалол сохтем ва охири он рӯз нияти ҳаҷ намудем.

## БОБИ 8. Дар ҳангоми бозгаштан аз ҳаҷ ё умра ва ё ҷиҳод чӣ бояд гуфт

**873.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар вақти бозгаштан аз ҷиҳод ё ҳаҷ ва ё умра ба ҳар баландӣ, ки мерасиданд, се бор такбир мегуфтанд ва ин дуоро мехонданд: *«Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир, ойибуна, тоибуна, обидуна, соҷидуна лираббано ҳомидуна, садақаллоҳу ваъдаҳу ва насара абдаҳу ва ҳазамал аҳзоба ваҳдаҳу».*

## БОБИ 9. Истиқбол аз касоне, ки ба ҳаҷ меоянд ва савор кардани ду ва се нафарро ба маркаб

**874.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ташриф оварданд, баччаҳои бани Абдулмуталлиб ба истиқболашон рафтанд, Паёмбари Худо (с) якеро пеши рӯй ва дигареро пушти сари худ савор намуданд.

## БОБИ 10. Омадан аз сафар баъд аз намози пешин

**875.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми бозгашт аз сафар шаб ба хонаи худ дохил намешуданд, балки пеш аз завол ва ё баъд аз завол меомаданд.

**876.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ин, ки шахс дар вақти бозгаштан аз сафар шаб ба хонааш дохил гардад, наҳй фармудаанд.

## БОБИ 11. Касе, ки ҳангоми расидан ба Мадинаи мунаввара шутурашро тез рондааст

**877.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) чун аз сафар баргашта, кӯчаҳои Мадинаро медиданд, аз шавқи Мадинаи мунаввара шутур ва ё маркаберо, ки савор буданд, ба ҷавлон андохта, тез меронданд.

## БОБИ 12. Сафар як навъи азоб аст

**878.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Сафар як навъи азоб аст, монеъи хӯрдан ва нӯшидан ва хоби инсон мешавад. Касе, ки корашро анҷом дод, бикӯшад, то зудтар ба хонаводааш баргардад».

# -28- КИТОБИ ЭҲСОР ВА ҶАЗОИ ШИКОР КАРДАН

## БОБИ 1. Агар умракунанда ба монеъ дучор шуд

**879.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз адои умра дучори монеъ гардиданд. Сари худро тарошиданд, бо ҳамсарони худ ҳамбистар гаштанд ва ҳадяро забҳ намуданд ва умраро дар соли оянда анҷом доданд.

## БОБИ 2. Ба монеъ бархӯрд намудан дар ҳаҷ

**880.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки мегуфт: Оё суннат ва пайравӣ аз Паёмбари Худо (с) бароятон кофӣ нест? Агар касе аз шумоён барояш монеъе аз адои ҳаҷ пайдо шуд, ба хонаи Каъба тавоф карда, байни Сафо ва Марва саъй намояд.

Баъд аз анҷом додани ин кор ҳама чиз барояш ҳалол мегардад. Баъд аз он дар соли оянда омада ва ҳаҷро адо намояд, ҳадяро забҳ кунад ва агар қудрат ба ҳадя надошт, рӯза бигирад.

## БОБИ 3. Дар вақти эҳсор бояд ҳадя пеш аз тарошидани сар забҳ гардад

**881.** Аз Мисвар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия, ки куффори Қурайш монеъи рафтанашон ба Макка шуданд, пеш аз тарошидани сари хеш ҳадяро забҳ намуданд ва асҳоби худро низ ба ин кор амр фармуданд.

## БОБИ 4. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд «Ё додани садақа...» ва садақа иборат аз таъом додани шаш мискин аст

**882.** Аз Каъб ибни Учра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия бар болои сарам истоданд ва шабушкҳо аз сарам мерехт.

Фармуданд: «Оё хазандагони сарат боиси азият шуданд?»

Гуфтам: Бале.

Фармуданд: «Саратро битарош». Каъб (р) мегӯяд ва ин ояи карима дар бораи ман нозил гардид: **«Агар касе аз шумо мариз буд, ё ба ӯ**

**азияте аз сараш буд, пас бояд ивази он рӯза бигирад ва ё садақа бидиҳад ва ё забҳ намояд».** *(Бақара: 196)*

(Баъд аз нузули ин ояи карима) Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Се рӯз рӯза бигир, ё барои шаш нафар садақа бидеҳ, ё он чиро метавонӣ, забҳ кун».

## БОБИ 5. Мурод аз таъом додан дар фидя нисфи соъ аст

**883.** Ва аз Каъб ибни Учра (р) ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Ояи мазкур хос дар бораи ман нозил гардида ва шумоёнро ба таври умум шомил мегардад.

# -29-
# КИТОБИ ҶАЗОИ ШИКОР КАРДАН ВА АМСОЛИ ОН

## БОБИ 1. Муҳрим метавонад аз шикори шахси ҳалол истифода намояд

**884.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Соли Ҳудайбия бо Паёмбари Худо (с) будем. Дигар асҳоби Паёмбари Худо (с) эҳром бастанд, вале ман эҳром набастам ва барои мо аз вуҷуди душман дар минтақаи Ғайқа хабар расид, ба тарафи душман ҳаракат намудем.

Ҳамроҳонам гӯрхареро дида ва ба тарафи якдигар механдиданд. Чун назари ман ба гӯрхар афтод, аспамро ба тарафаш давондам ва бо найзаам ӯро аз пой даровардам, аз ҳамроҳонам кӯмак хостам, вале онҳо ба ман ҳамкорӣ накарданд ва аз гӯшти он гӯрхар хӯрдем.

Баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) рафтем ва метарсидем, ки аз ҳама ҷудо биафтем. Аз ин ҷиҳат аспамро гоҳе давонда ва гоҳе оҳиста мерафтам. Шахсе аз бани Ғифорро дар нимаи шаб дидам ва аз вай пурсидам: Паёмбари Худо (с) куҷо ҳастанд?

Гуфт: Дар минтақаи Таъҳин ҳастанд ва тасмим доранд, ки пеш аз чошт худро ба қарияи Сукё бирасонанд. Худро ба Паёмбари Худо (с) расондам.

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Асҳоби шумо барои шумо салом ва раҳмат фиристоданд ва аз он тарс доштанд, ки мабодо душман онҳоро аз шумо ғалат бияндозад, аз ин ҷиҳат то омаданашон интизор бикашед. Эшон (қабул карда) ва ба интизорашон монданд.

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, гӯрхареро шикор кардем ва аз гӯшти он чизе назди мо боқӣ мондааст.

Паёмбари Худо (с) ба асҳоби хеш дар ҳоле, ки эҳром доштанд, фармуданд: «Бихӯред».

## БОБИ 2. Муҳрим набояд бо шахси ҳалол дар куштани шикор ҳамкорӣ намояд

**885.** Ва аз Абӯқатода (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар дашти Қоҳа, ки дар се милии Мадинаи мунаввара воқеъ аст, будем. Баъзе аз моён эҳром дошта ва баъзе дигар бидуни эҳром будем (ва бақия ҳадиси гузаштаро зикр намуд).

## БОБИ 3. Муҳрим набояд дар шикор кардан бо шахси ҳалол ҳамкорӣ намояд

**886.** Ва аз Абӯқатода (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки чун назди Паёмбари Худо (с) омаданд, фармуданд: «Оё касе аз шумоён ӯро дар шикор кардан ташвиқ намуд? Ва ё ба тарафи шикор ишора кард?» Гуфтанд: На! Фармуданд: «Пас чизеро, ки аз гӯшташ боқӣ мондааст, бихӯред».

## БОБИ 4. Агар барои муҳрим гӯрхареро бахшиданд, набояд қабул кунад

**887.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Саъб ибни Ҷасома (р) гӯрхареро дар минтақаи Абвоъ ва ё минтақаи Ваддон ба Паёмбари Худо (с) бахшиш намуд. Эшон (қабул накарда) ва гӯрхарро бароят пас доданд ва чун диданд, ки он шахс мутаассир гардид, фармуданд: «Сабаби пас додани гӯрхар он буд, ки дар ҳолати эҳром ҳастем».

## БОБИ 5. Он чиро, ки муҳрим дар ҳарам кушта метавонад

**888.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Панҷ навъ аз даввоб зараррасон ҳастанд ва куштани онҳо дар Ҳарам раво аст: калоғи лошахӯр, боша, ақраб, муш ва саги газанда».

**889.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки бо Паёмбари Худо (с) дар ғори Мино будем, сураи **Валмурсалот** бар эшон нозил гардид, он сураро тиловат намуданд ва ман ин сураро дар ҳоле аз Паёмбари Худо (с) омӯхтам, ки даҳонашон ҳанӯз аз тиловати он сура муаттар буд.

Дар ин вақт море ба тарафи мо давид, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро бикушед». Ба тарафаш давидем, вале он мор рафт ва худро пинҳон сохт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯ аз шарри шумо дар амон монд, мисле ки шумо аз шарри ӯ халос шудед».

**890.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки: Паёмбари Худо (с) калтакалосеро «фувайсиқ» (яъне фосиқак ё зараррасони кӯчак) номиданд, вале нашунидам, ки моро ба куштани он амр намуда бошанд.

## БОБИ 6. Ҷанг ва қитол дар Макка раво нест

**891.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфти Паёмбари Худо (с) рӯзе, ки Маккаро фатҳ намуданд, фармуданд: «Дигар ҳиҷрате аз Макка нест, вале ҷиҳод ва нияти ҷиҳод ба ҳоли худ боқӣ аст, агар аз шумо хостанд, ки ба ҷиҳод берун шавед, берун шавед».

## БОБИ 7. Ҳукми ҳиҷомат кардан барои муҳрим

**892.** Аз Ибни Буҳайна (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки муҳрим буданд, дар минтақаи Лаҳйи Ҷамал васати сари худро ҳиҷомат намуданд.

## БОБИ 8. Ҳукми никоҳ кардани муҳрим

**893.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки муҳрим буданд, Маймуна (р)-ро ба никоҳ гирифтанд.

## БОБИ 9. Шустушӯй барои муҳрим

**894.** Ривоят аст, ки касе аз Абӯаюби Ансорӣ (р) пурсид: Паёмбари Худо (с) дар ҳоли эҳром сари худро чӣ гуна шустанд?

Абӯаюб дасти худро дар ҷомае, ки (рӯйи сараш буд) гузошт ва онро ҳаракат дод, то он, ки сараш (аз зери он ҷома) зоҳир шуд.

Баъд аз он ба шахсе, ки бар сараш об мерехт, гуфт: Бирез! Ӯ ҳам обро ба сараш рехт, баъд аз он сарашро ба ду дасташ молид ва дастҳояшро ба пеш ва ақиби сар бурда, гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки чунин карданд.

## БОБИ 10. Дохил шудан ба Ҳарам ва Макка бидуни эҳром

**895.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) соли фатҳи Макка дар ҳоле, ки кулоҳи оҳанине ба сарашон буд, ба Макка дохил гардиданд.

Чун кулоҳро аз сари худ бардоштанд, шахсе омад ва гуфт: (Ибни Хаттал) худро ба пӯшиши Каъба часпондааст. Фармуданд: «Ӯро бикушед». *(Ибни Хаттал шахсест, ки мусалмон шуда ва баъд аз он шахсеро аз мусалмонон кушта ва муртад шуда буд).*

## БОБИ 11. Ҳаҷ кардан ва назр додан аз мурда ва марде, ки аз тарафи зане ҳаҷ мекунад

**896.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки зане аз қабилаи Ҷуҳайна назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Модарам назр карда буд, ки ҳаҷ намояд, вале пеш аз ин, ки ҳаҷ намояд, вафот намуд. Оё метавонам ба ҷои вай ҳаҷ намоям?

Фармуданд: «Бале, ба ҷои ӯ ҳаҷ кун. Оё агар модарат қарздор мебуд, қарзашро адо намекардӣ? Қарзи Худоро ҳам адо кун, адои қарзи Худо лозимтар аст».

## БОБИ 12. Ҳаҷҷи атфол

**897.** Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки ҳафтсола будам, маро бо Паёмбари Худо (с) ба ҳаҷ бурданд.

## БОБИ 13. Ҳаҷҷи занҳо

**898.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) аз ҳаҷ баргаштанд, барои Умми Синони Ансорӣ (р) гуфтанд: «Чӣ чиз мониъ шуд, ки ҳаҷ накардӣ?»

Гуфт: Падари фалонӣ (яъне шавҳараш) ду шутур дошт, бар як шутур худаш ҳаҷ карда ва шутури дигар замини моро об медод.

Фармуданд: «Умрае, ки дар Рамазон анҷом диҳӣ, монанди ҳаҷҷест, ки бо ман анҷом дода бошӣ».

**899.** Аз Абӯсаъид (р), ки дар дувоздаҳ ғазва бо Паёмбари Худо (с) иштирок намудааст, ривоят аст, ки гуфт: Чаҳор чизро аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки аз он чизҳо хушам омада ва мавриди таваҷҷӯҳам қарор гирифтааст.

«Ин ки зан дар сафаре, ки дурӯза роҳ бошад, набояд бидуни шавҳар ва ё маҳрам сафар намояд ва набояд касе дар рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон рӯза бигирад ва набояд касе баъд аз намози аср то ғуруби офтоб ва баъд аз намози субҳ то тулӯъи офтоб намоз бихонад ва набояд касе ҷиҳати рафтан ба масҷиде ба ҷуз аз ин се масҷид омодагии сафарро бигирад: Масҷиди Ҳаром, Масҷиди ман (яъне масҷиди Паёмбари Худо (с) дар Мадинаи мунаввара) ва Масҷиду-л-ақсо».

## БОБИ 14. Касе, ки назр намояд, то пиёда ба Каъба биравад

**900.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) пирамардеро диданд, ки худро ба ду нафар аз фарзандонаш такя дода ва роҳ меравад. Пурсиданд: «Инро чӣ шудааст?»

Гуфтанд: Назр кардааст, ки пиёда (ба ҳаҷ) биравад.

Фармуданд: «Худованд аз ин, ки ин шахс худро азоб диҳад, бениёз аст». Ва амр намуданд, ки савора биравад.

**901.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт: Хоҳарам назр кард, ки пиёда ба Байтуллоҳилҳаром биравад ва аз ман хост, то дар ин бора аз Паёмбари Худо (с) фатво бихоҳам, ман фатво хостам ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Биравад, вале савора биравад».

# -30- КИТОБИ ФАЗОИЛИ МАДИНАИ МУНАВВАРА

## БОБИ 1. Ҳарами Мадина

**902.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мадина аз фалон минтақа то фалон минтақа ҳарам аст, дарахташ набояд қатъ гардад ва коре, ки бар хилофи Қуръон ва суннат аст монанди зулм ва таҷовуз ва ҳар бидъати дигаре набояд дар он сурат пазирад ва касе, ки дар он килеро хилофи Қуръон ва суннат анҷом медиҳад, лаънати Худо ва малоика ва ҳамаи мардумон бар ӯ бошад».

**903.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Байни ду сангзори Мадинаи мунаввара аз тарафи ман ҳарам қарор дода шудааст».

Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) ба қабилаи бани Ҳориса рафтанд ва гуфтанд: «Эй бани Ҳориса! Фикр мекунам, шумо дар хориҷ аз ҳарам қарор доред». Баъд аз он ин тараф ва он тараф нигоҳ карда ва гуфтанд: «На, шумо дар дохили ҳарам ҳастед».

**904.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар назди мо ҷуз китоби Худо ва он чӣ, ки дар ин саҳифа мебошад, чизи дигаре вуҷуд надорад, аз ин ҷумла ин, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мадина аз Оъир то фалон минтақа яъне то ҷабали Савр ҳарам аст.

Касе, ки дар он зулм ва ё таҷовузе намуда ва ё золим ва мутаҷовузеро маъво ва маскан диҳад, Худо ва малоика ва ҳамаи мардумон ӯро лаънат мекунанд ва ибодати фарзӣ ва нафлиаш қабул намегардад».

Ва фармуданд: «Амон додани ҳамаи мусалмонон якест. Касе, ки аҳди мусалмониро бишканад, Худо ва малоика ва ҳамаи мардумон ӯро лаънат мекунанд ва ибодати фарзӣ ва нафлиаш қабул намегардад.

Ва касе, ки нисбати валои дигареро бидуни иҷозаи мавлои ӯ ба худ медиҳад, Худо ва малоика ва ҳамаи мардумон ӯро лаънат мекунанд ва ибодати фарзӣ ва нафлиаш қабул намегардад».

## БОБИ 2. Фазилати Мадинаи мунаввара ва ин, ки Мадина мардумони бадро аз худ меронад

**905.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Маъмур ба ҳиҷрат ба қарияе шудаам, ки аҳли он бар аҳли

дигар қарияҳо ғолиб мешаванд ва мунофиқин онро Ясриб мегӯянд. Ва исми муносиб барояш Мадина аст. (Мадинаи Мунаввара мардумони (номуносиб)-ро тавре аз худ меронад, ки кура сиёҳии оҳанро аз байн мебарад».

## БОБИ 3. Мадина ҷойи гувороест

**906.** Аз Абӯҳумайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) аз Табук омадем ва чун ба наздикии Мадинаи мунаввара расидем, фармуданд: «Ин ҷо тоба (яъне ҷойи хушгуворе) аст».

## БОБИ 4. Касе, ки аз Мадина рӯй мегардонад

**907.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки фармуданд: «Мардумон Мадинаро дар беҳтарин ҳолаташ тарк хоҳанд гуфт ва касе дар он ҷуз ҳайвонот ва парандагони гурусна сукунат нахоҳанд гузид.

Ва охирин касе, ки аз Мадина хориҷ мегардад (ва ё охирин касе, ки ба Мадина меояд, лафзи ҳадис чанд эҳтимол дорад), ду нафар чӯпон аз қабилаи Музайна ҳастанд, ки гӯсфандони худро ба тарафи Мадина оварда ва мебинанд, ки дар он ҷо вуҳуш ҷой гирифтааст ва (дар вақти хориҷ шудан) чун ба Саният-ул-видоъ мерасанд, ба рӯи худ афтода ва мемиранд».

**908.** Аз Суфён ибни Абӯзуҳайр (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Яман фатҳ мегардад, мардумоне пайдо мешаванд, ки аҳл ва авлод ва дигар атбоъи худро ба шутурон бор карда ва ба он ҷо мераванд.

Дар сурате, ки агар фикр кунанд, Мадина барояшон беҳтар аст ва Шом фатҳ мегардад ва мардумоне пайдо мешаванд, ки аҳл ва авлод ва дигар атбоъи худро ба шутурҳо бор карда ва ба он ҷо мераванд, дар сурате, ки агар фикр кунанд, Мадина барояшон беҳтар аст ва Ироқ фатҳ мегардад ва мардумоне пайдо мешаванд, ки аҳл ва авлод ва дигар атбоъи худро ба шутурон бор карда ва ба он ҷо мераванд, дар сурате, ки агар бидонанд, Мадина барояшон беҳтар аст».

## БОБИ 5. Имон дар Мадина ҷамъ мегардад

**909.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Имон ба Мадина баргашта ва ҷамъ мегардад (мурод аз имон аҳли имон аст), ба мисле, ки мор ба сӯрох ва ошёнааш баргашта ва ҷамъ мегардад».

## БОБИ 6. Гуноҳи касе, ки аҳли Мадинаро фиреб медиҳад

**910.** Аз Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки аҳли Мадинаро фиреб медиҳад, монанди намаке, ки дар об завб (ҳал) мегардад, завб (ҳал) хоҳад шуд.

## БОБИ 7. Қасрҳои Мадинаи мунаввара

**911.** Аз Усома (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба қасре аз қасрҳои Мадина назар андохта ва фармуданд: «Оё чизеро, ки ман мебинам, шумо мебинед? Ман ҳуҷуми фитнаро дар атрофи хонаҳоятон монанди резиши борон мушоҳида мекунам».

## БОБИ 8. Даҷҷол ба Мадинаи мунаввара дохил шуда наметавонад

**912.** Аз Абӯбакра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Тарс ва ваҳшат аз Масеҳи Даҷҷол ба Мадина дохил намегардад. Дар замони Масеҳи Даҷҷол Мадина дорои ҳафт дарвоза хоҳад буд ва бар ҳар дарвозае ду малак истода (ва аз он нигаҳбонӣ мекунанд).

**913.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Малоика дар гӯшаву канори Мадина вуҷуд дорад ва (аз ин сабаб) тоъун ва Даҷҷол дар он дохил намешаванд».

**914.**- Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳеҷ шаҳре нест, магар он, ки қадами Даҷҷол ба он мерасад, магар Макка ва Мадина, ҳеҷ роҳе аз роҳҳои (ин ду шаҳр) нест, ки (бихоҳад Даҷҷол аз он дохил гардад), магар он, ки бар сари он роҳ малоика саф баста, аз он роҳ муҳофизат мекунанд.

Баъд аз он се зилзила ва ҷунбиш дар Мадина ва сокинони он ба вуқӯъ мепайвандад (ва дар ин вақт) ҳар кофир ва мунофиқе, ки дар Мадина вуҷуд дошта бошад, берун гардида ва ба тарафи Даҷҷол меравад».

**915.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар мавриди Даҷҷол суханони бисёре гуфтанд ва аз ҷумлаи он суханон ин буд, ки гуфтанд: «Даҷҷол зуҳур мекунад ва дохил шуданаш ба роҳҳои Мадина бар вай ҳаром аст.

Вале вай дар баъзе шӯразорҳои Мадина манзил менамояд ва дар ин вақт шахсе, ки аз беҳтарин мардумон аст, наздаш рафта ва барояш мегӯяд: Ман яқин дорам, ки ту он Даҷҷоле ҳастӣ, ки роҷеъ ба ту Паёмбари Худо (с) ба мо хабар доданд.

Даҷҷол (ба мардумон) мегӯяд: Агар ман ин шахсро бикушам ва дубора зинда гардонам, боз ҳам дар ман шак мекунед? Мегӯянд: На! Ӯ он шахсро кушта ва дубора онро зинда мекунад. Он шахс вақте, ки

Даҷҷол ӯро зинда кард, мегӯяд: Ба Худованд қасам, ки ман ҳеҷ гоҳе мисли имрӯз дар Даҷҷол будани ту мутаяққин бодарк) набудаам. Даҷҷол мегӯяд: Ӯро бикушед! Вале ба куштани вай қудрат пайдо намекунад».

## БОБИ 9. Мадина палидиҳоро аз байн мебарад

**916.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси бодиянишине назди Паёмбари Худо (с) омад ва бо эшон байъат намуда ва Ислом овард. Фардои он рӯз дар ҳоле, ки таб дошт, омада ва гуфт: Байъати маро лағв кунед.

Паёмбари Худо (с) қабул накарданд. Ин талабро се бор такрор намуд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мадина монанди кураест, палидиҳоро аз худ меронад ва неконро сайқал медиҳад».

## БОБИ 10

**917.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки чунин дуо карданд: «Худоё, дучанди он чиро, ки дар Макка баракат додай, дар Мадина баракат бидеҳ».

## БОБИ 11

**918.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Мадина омаданд, Абӯбакр ва Билол (р) бемор шуданд. Абӯбакр (р) ҳангоме ки таб мекард, мегуфт:

*«Ҳар касе субҳ аз паҳлӯи аҳлаш аз хоб бармехезад,*
*Дар ҳоле, ки марг аз банди кафшаш бо ӯ наздиктар аст».*

Ва Билол (р) ҳангоме, ки дардаш тахфиф меёфт, ба гиря меафтод ва мегуфт:

*«Оё ин орзуям бароварда хоҳад шуд, ки шабе дар водие*
*Хобида ва дар атрофам гиёҳи изхир ва гиёҳи ҷалил бошад.*
*Ва оё рӯзе хоҳад омад, ки дар канори оби(Маҷинна бошам.*
*Ва кӯҳи Шома ва кӯҳи Тафил бароям намоён шавад».*

Ва мегуфт: Худоё, ба сабаби ин, ки Шайба ибни Рабеъа ва Утба ибни Рабеъа ва Умайя ибни Халаф моро аз сарзамини мо ба сарзамини вабо кӯч додаанд, эшонро лаънат кун. Ва Паёмбари Худо (с) дуо мекарданд, ки Худоё, муҳаббати Мадинаро бештар аз муҳаббате, ки бо Макка доштем, ба дили мо бияндоз. Худоё, дар паймона ва вазни мо баракат бидеҳ! Ва таби Мадинаро ба Ҷӯҳфа мунтақил бисоз».

Оиша (р) мегӯяд: Мо вақте ба Мадина омадем, ки ин ҷо пурваботарин сарзамини Худо буд ва дар водиаш оби гандида равон буд.

# -31- КИТОБИ (АҲКОМИ) РӮЗА

## БОБИ 1. Фазилати рӯза

**919.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Рӯза нигаҳбон ва сипаре (аз оташи дӯзах) аст. Касе, ки рӯза дорад, ҷимоъ накунад ва муртакиби аъмоли аҳли ҷоҳилият нагардад, агар касе бо ӯ ҷанг кард ва ё ӯро дашном дод, барояш бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам». Паёмбари Худо (с) ин суханро ду бор такрор намуда ва фармуданд: «Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, бӯйи даҳани рӯзадор дар назди Худованди мутаъол аз бӯйи мушк хушбӯйтар аст. Худованд мегӯяд: **«Рӯзадор об ва таъом ва шаҳвати худро ба сабаби ризои ман тарк намудааст, рӯза хос барои ман аст ва ман музди ӯро медиҳам ва кори нек даҳчанд савоб дорад».**

## БОБИ 2. Дарвозаи Райён дар ҷаннат хос барои рӯзадорон аст

**920.** Аз Саҳл (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Дар биҳишт дарвозае аст ба номи Райён, рӯзадорон дар рӯзи қиёмат аз он дарвоза дохил мегарданд ва ба ҷуз аз онҳо ҳеҷ каси дигаре аз он дарвоза дохил намегардад. Мунодие нидо мекунад, ки рӯзадорон куҷоянд? Онҳо бархоста (ва дохили ҷаннат мегарданд) ва ҷун дохили ҷаннат гардиданд, он дарвоза баста мешавад ва ҳеҷ каси дигаре аз он дарвоза дохил намегардад».

**921.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ду кори некро дар роҳи Худо анҷом дода бошад, аз дарвозаҳои биҳишт барояш нидо мешавад, ки эй бандаи Худо, ин натиҷаи яке аз он ду кори неки ту аст.

Агар аҳли намоз бошад, аз дарвозаи аҳли намоз ва агар аз аҳли ҷиҳод бошад, аз дарвозаи аҳли ҷиҳод ва агар аз аҳли рӯза бошад, аз дарвозаи Райён ва агар аз аҳли садақа ва хайрот бошад, аз дарвозаи аҳли садақа ва хайрот даъват мегардад».

Абӯбакр (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ, падару модарам фидои шумо, чӣ зарурат аст, ки касе аз ҳамаи он дарвозаҳо даъват шавад? Ва оё касе ҳаст, ки аз ҳамаи он дарвозаҳо даъват шавад?

Фармуданд: «Бале ва умедворам, ки ту аз ҷумлаи ҳамон касон бошӣ».

**922.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте ки Рамазон биояд, дарвозаҳои биҳишт боз мегардад».

**923.** Ва дар ривояти дигаре аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте, моҳи Рамазон дохил гардад, дарвозаҳои осмон боз ва дарвозаҳои дӯзах баста мешавад ва шаётин ба занҷир кашида мешаванд».

## БОБИ 3. Бояд Рамазон гуфт ё моҳи Рамазон ва касе, ки ҳардуро ҷоиз медонад

**924.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Вақте ки моҳро дидед, рӯза бигиред ва вақте, ки моҳро дидед, ид бикунед ва агар моҳ бар шумо пӯшида шуд, сӣ рӯз ҳисоб бигиред», яъне моҳи Рамазонро.

## БОБИ 4. Касе, ки дурӯғ гуфтан ва амал кардан ба дурӯғро дар Рамазон тарк накунад

**925.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки дурӯғ гуфтан ва амал кардан ба дурӯғро тарк нагӯяд, барои Худованди мутаъол ҳоҷате нест, ки чунин шахсе хурду нӯши худро тарк намояд».

## БОБИ 5. Агар рӯзадор дашном дода шавад, оё бояд бигӯяд, ки ман рӯзадорам

**926.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ҳадиси гузашта ин ҳам омадааст, ки Паёмбари Худо (с) ба ҳикоят аз Худованди мутаъол фармуданд: «Ҳар амали бани Одам барои худаш мебошад, магар рӯза, ки хос барои ман аст ва ман музди онро медиҳам».

Ва дар охири ҳадис мефармоянд: «Барои шахси рӯзадор ду хушӣ аст, ки ба онҳо хушвақт мешавад. Яке хушҳолӣ вақти ифтор ва дигаре хушҳолии мулоқот бо Парвардигораш, ки ба сабаби рӯза гирифтан ба вай савоб ва музд дода мешавад».

## БОБИ 6. Рӯза гирифтан барои касе, ки аз воқеъ шудан дар ҳаром метарсад

**927.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) будем, ки фармуданд: «Касе, ки никоҳ карда метавонад, бояд издивоҷ намояд, зеро никоҳ беҳтарин сабаби чашмпӯшӣ аз ҳаром ва ҳифозат аз воқеъ шудан дар ҳаром аст ва агар наметавонад, бояд рӯза бигирад, зеро рӯза барояш виқоя ва ҳимоя (аз воқеъ гардидан дар ҳаром) аст».

## БОБИ 7. Қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: «Ҳангоме, ки моҳро дидед, рӯза бигиред ва ҳангоме, ки моҳро дидед, ид кунед»

**928.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Моҳ бисту нӯҳ шаб аст, то вақте, ки моҳро намебинед, рӯза нагиред ва агар моҳ бар шумо пӯшида шуд, сӣ рӯзро комил намоед».

**929.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) тасмим гирифтанд, ки муддати як моҳ бо ҳамсарони худ ҳамбистар нашаванд, чун бисту нӯҳ рӯз гузашт, назди ҳамсарони худ омаданд. Касе гуфт: Шумо савганд ёд карда будед, ки як моҳ назди ҳамсарони худ наоед? Фармуданд: «Мешавад, ки моҳ бисту нӯҳ рӯз бошад».

## БОБИ 8. Ду моҳи ид кам намешавад

**930.** Аз Абӯбакра (р) ба нақл аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ду моҳ аст, ки савобашон кам намешавад, хоҳ бисту нӯҳ рӯз бошанд, хоҳ си рӯз, моҳи иди Рамазон ва моҳи Зулҳиҷҷа».

## БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с) ки: «Моён наменависем ва на ҳисоб мекунем»

**931.** Аз Ибни Умар (р) ба нақл аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мо (мардуми Араб ё қавми Қурайш) уммати нохонда ҳастем, на менависем ва на ҳисоб менамоем, моҳ инчунин ва инчунин аст». Яъне, гоҳе бисту нӯҳ рӯз ва гоҳе сӣ рӯз аст.

## БОБИ 10. Набояд як ва ё ду рӯз пеш аз Рамазон рӯза гирифт

**932.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳеҷ касе аз шумоён набояд як ва ё ду рӯз пеш аз Рамазон рӯза бигирад.

Магар касе, ки авқоти муайянеро рӯза мегирифт ва он рӯз мувофиқ ба рӯзи рӯза гирифтанаш бошад, барои чунин шахсе рӯза гирифтани ин рӯз раво аст».

## БОБИ 11. Ин қавли Худованд ҷалла зикруҳу, ки: «Шаби рӯза ҳамбистар гаштан бо ҳамсаронатон барои шумо ҳалол гардонида шудааст, онҳо либос барои шумо ва шумо либос барои онҳо ҳастед»

**933.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: (рӯза дар аввал чунин буд, ки) агар касе аз асҳоби Паёмбари Худо (с) рӯза медошт ва пеш аз ифтор хоб мешуд, мебоист ҳамон шаб ва фардои онро то шом рӯза бигирад.

Қайс ибни Сирмаи Ансорӣ (р) рӯза дошт, чун вақти ифтор расид, назди ҳамсараш омад ва гуфт: Дар хона таъоме вуҷуд дорад?

Гуфт: На! Вале рафта ва барои ту таъоме ҷустуҷӯ мекунам. Ва чун Қайс (р) дар рӯз кор мекард, хоб бар ӯ ғалаба кард ва ӯро хоб бурд ва ҳангоме, ки ҳамсараш баргашт ва ӯро ба ин ҳолат дид, гуфт: Вой бар ту!

Фардо чун рӯз ба нима расид, Қайс (р) беҳуш гардид, ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид ва ин ояи карима нозил гардид: «**Барои шумо ҳамбистар шудан бо ҳамсарони шумо дар шаби рӯза ҳалол гардонида шудааст**». *(Бақара: 187)*

Асҳоб (р) аз нузули ин ояи карима бисёр хушҳол гардиданд ва боз ин оят нозил гардид: «**Ва бихӯред ва биошомед, то ин, ки рӯшании субҳ аз торикии шаб барои шумо намоён гардад**». *(Бақара: 187)*

## БОБИ 12. Ин қавли Худованди мутаъол: «Ва бихӯред ва биошомед, то он, ки рӯшании субҳ аз торикии шаб барои шумо намоён гардад»

**934.** Аз Адий ибни Ҳотам (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун ин ояи карима: «**...То он, ки нахи сафед аз нахи сиёҳ барои шумо намоён гардад**», *(Бақара: 187),* нозил гардид, ресмони сиёҳ ва ресмони сафедеро оварда ва зери болишти худ гузоштам.

Шаб ба тарафи онҳо нигоҳ мекардам ва байни он ду ресмон фарқ карда наметавонистам. Фардояш назди Паёмбари Худо (с) рафтам ва ин мавзӯъро арз намудам

Фармуданд: «Мақсад аз ресмони сиёҳ ва сафед торикии шаб ва рӯшании субҳ аст».

## БОБИ 13. Байни саҳарӣ то намози субҳ чӣ қадар вақт аст?

**935.** Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) саҳарӣ кардам, баъд аз он Паёмбари Худо (с) бархоста ва намоз хонданд. Касе аз вай пурсид, ки байни азон ва саҳарӣ чӣ қадар вақт буд? Гуфт: Ба андозаи тиловати панҷоҳ оят.

## БОБИ 14. Саҳарӣ кардан баракат дорад, вале воҷиб нест

**936.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Саҳарӣ кунед, зеро ки дар саҳарӣ кардан баракат аст».

## БОБИ 15. Агар касе дар рӯз нияти рӯза кард

**937.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи Ошуро касеро фиристоданд, то ба мардум нидо кунад:

«Касе, ки то ҳоло чизе хӯрдааст, (бақияи рӯзро) рӯза бигирад ва касе, ки то ҳоло чизе нахӯрдааст, набояд бихӯрад».

## БОБИ 16. Рӯзадоре, ки дар ҳолати ҷанобат аст ва субҳ бар вай тулӯъ мекунад

**938.** Аз Оиша ва Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Гоҳе мешуд, ки субҳ тулӯъ мекард ва Паёмбари Худо (с) аз ҳамбистарӣ бо ҳамсаронашон ҷунуб буданд, сипас ғусл мекарданд ва рӯза мегирифтанд.

## БОБИ 17. Ҳамоғӯшӣ барои рӯзадор

**939.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳамсаронашонро дар ҳоле, ки рӯза доштанд, бӯсида ва ба оғӯш мегирифтанд. Вале бар нафси худ аз ҳамаи шумо маҳкамтар буданд.

## БОБИ 18. Агар рӯзадор дар ҳолати фаромушӣ чизеро бихӯрад ва ё биёшомад

**940.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар касе фаромӯш карда чизе хӯрд ва ё биёшомид, рӯзаашро идома диҳад, зеро ин хӯрду нӯш аз тарафи Худованд аст».

## БОБИ 19. Агар касе дар моҳи Рамазон ҷимоъ кард ва худаш чизе надошт ва барояш садақа дода шуд, бояд он садақаро каффора бидиҳад

**941.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки назди Паёмбари Худо (с) нишаста будем, шахсе наздашон омад ва гуфт: Ё расули Аллоҳ, ҳалок гардидам.

Пурсиданд: «Чӣ кор кардӣ?»

Гуфт: Дар ҳоле, ки рӯза доштам, бо ҳамсарам ҷимоъ кардам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё метавонӣ ғуломеро озод намоӣ?» Гуфт: На.

Гуфтанд: «Оё метавонӣ ду моҳ пайёпай рӯза бигирӣ?»

Гуфт: «На».

Гуфтанд: «Оё чизе дорӣ, ки шаст мискинро ба он таъом бидиҳӣ?»

Гуфт: На. Ва назди Паёмбари Худо (с) нишаст.

Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Дар ҳамин ҳоле, ки нишаста будем, касе барои Паёмбари Худо (с) занбили калоне аз хурмо овард.

Фармуданд: «Шахси суолкунанда чӣ шуд?»

Он шахс гуфт: Манам (ҳамин ҷоям).

Фармуданд: «Ин хурморо бигир ва хайрот бидеҳ».

Гуфт: Оё ба шахси фақиртаре аз худ? Ба Худованд қасам аст, ки байни ду тарафи Мадина хонаводае аз хонаводаам фақиртар нест.

Паёмбари Худо (с) ончунон хандиданд, ки дандонҳояшон намоён гардид ва фармуданд: «Онро ба хонаводаат бидеҳ».

## БОБИ 20. Ҳукми ҳиҷомат ва қай барои шахси рӯзадор

**942.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с), дар ҳоле, ки эҳром доштанд, ҳиҷомат намуданд ва дар ҳоле, ки рӯза доштанд, ҳиҷомат намуданд.

## БОБИ 21. Рӯза гирифтан ва рӯза хӯрдан барои шахси мусофир

**943.** Аз Ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо бо Паёмбари Худо (с) будем.

Шахсеро гуфтанд: «Пиёда шав ва бароям махлут таҳия кун». Он шахс гуфт: Ё Расулаллоҳ, офтоб ҳанӯз мавҷуд аст.

Фармуданд: «Пиёда шав ва бароям махлут тайёр кун.

Он шахс гуфт: Офтоб ҳанӯз мавҷуд аст. Фармуданд: «Фуруд биё ва бароям махлут таҳия кун».

Он шахс рафт ва махлутро тайёр карда овард. Паёмбари Худо (с) махлутро гирифта ва нӯшиданд. Баъд аз он ба дасти худ ба ин тарафи машриқ ишора намуда гуфтанд: «Вақте, ки шаб аз ин тараф намоён гардид, вақти ифтори рӯзадор аст».

**944.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки Ҳамза ибни Амри Асламӣ, ки шахси касиру-с-савме буд, аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Оё дар сафар бояд рӯза бигирам?

Паёмбари Худо (с) фармуданд:. «Агар хостӣ, рӯза бигир ва агар нахостӣ, рӯза магир».

## БОБИ 22. Агар касе чанд рӯзе аз Рамазонро рӯза гирифта ва баъд аз он мусофир шуд

**945.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон ба тарафи Макка сафар намуданд ва рӯза гирифтанд, чун ба минтақаи Кадид расиданд, рӯзаро хӯрданд ва мардум ҳам хӯрданд.

## БОБИ 23

**946.** Аз Абӯдардо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо дар рӯзи бисёр гарме, ки инсон аз шиддати гармӣ дасташро болои сараш мегузошт, бо Паёмбари Худо (с) ҳамсафар шудем.

Ҳеҷ кадоме аз моён ба ҷуз аз Паёмбари Худо (с) ва Ибни Равоҳа рӯза надоштем.

## БОБИ 24. Ин гуфтаи Пайғамбари Худо, ки: «Рӯза гирифтан дар сафар кори писандидае нест»

**947.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо Паёмбари Худо (с) диданд, ки мардум издиҳом намуда ва болои шахсе соя кардаанд.

Пурсиданд: «Инро чӣ шудааст?»

Гуфтанд: Рӯзадор аст.

Фармуданд: «Рӯза гирифтан дар сафар кори писандидае нест».

## БОБИ 26. Касе, ки фавт гардид ва қарздори рӯза бошад

**949.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки фавт мегардад ва қарздори рӯза аст, бозмондагонаш ба ҷои вай рӯза бигиранд».

**950.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, модарам фавт гардидааст ва як моҳ рӯза қарздор аст, оё раво аст, ки аз тарафи ӯ қазо бидорам.

Фармуданд: «Бале! Қарзи Худованд ба қазо овардан сазовортар аст».

## БОБИ 27. Ифтор барои шахси рӯзадор чӣ вакт раво мегардад?

**951.** Ҳадиси Ибни Абӯавфо ва фармудаи Паёмбари Худо (с), ки барояш гуфтанд: «Бароям махлут тайёр кун» қаблан гузашт ва дар ин ривоят мефармояд: «Вақте, ки дидед, шаб аз ин тараф намоён гардид, вақти ифтори рӯзадор дар дохил гардидааст». Ва ба ангушти худ ба тарафи машриқ ишора намуданд.

## БОБИ 28. Шитоб кардан дар ифтор

**952.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Кори мардум то он вақте некӯ аст, ки дар ифтор кардан шитоб намоянд».

## БОБИ 29. Агар шахсе дар Рамазон ифтор кард ва баъд аз он офтоб маълум гардид

**953.** Аз Асмоъа бинти Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи абролуде дар замони Паёмбари Худо (с) ифтор намудем ва баъд аз он офтоб намоён гардид.

## БОБИ 30. Рӯза гирифтани атфол

**954.** Аз Рубайъ бинти Муаввиз (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) субҳи рӯзи Ошуро касеро ба қарияҳои мардуми ансор фиристоданд, ки бигӯяд «касе, ки субҳ ифтор кардааст, боқимондаи рӯзашро рӯза бигирад ва касе, ки ба нияти рӯза бархостааст, рӯзаи худро идома диҳад».

Рубайъ мегӯяд: Баъд аз ин воқеа рӯзи Ошуроро рӯза мегирифтем ва атфоли худро ҳам ба рӯза гирифтани он вомедоштем ва барои атфол аз пашм бозичае омода карда будем, то агар кадом яке аз онҳо барои хӯрок гиря мекард, ба он бозича то ҳангоми ифтор ӯро машғул созем.

## БОБИ 31. Идома додани рӯза то ба вақти саҳар

**955.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: «Рӯзаи имрӯзро ба рӯзаи фардо васл накунед ва агар касе мехоҳад рӯзаро васл намояд, фақат то вақти саҳар ба рӯза гирифтан идома бидиҳад».

## БОБИ 32. Сарзаниш кардани касе, ки дар бисёрии аз авқот рӯзаи висол доштааст

**956.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз савми висол наҳй фармудаанд. Шахсе аз мусалмонон гуфт: Ё Расулаллоҳ! Моро наҳй мекунед ва худи шумо савми висол мегиред.

Фармуданд: «Кадом як аз шумоён монанди ман ҳастед? Шаб, ки мешавад, Парвардигорам маро мехӯронад ва менӯшонад».

Чун худдорӣ аз рӯзаи висолро қабул накарданд, ҷиҳати сарзаниш карданашон ду рӯзи пайи ҳамро муттасил бо ҳам бо онҳо рӯза гирифтанд. Баъд аз он моҳи нав диданд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар моҳи нав намешуд, боз ҳам рӯзаи висолро бо шумо идома медодам».

Ва дар ривояти дигаре аз Абӯҳурайра (р) нақл аст, ки фармуданд: «Аз ибодат амалеро анҷом диҳед, ки таҳаммули адои онро дошта бошед».

## БОБИ 33. Касе, ки бародарашро савганд дод, то рӯзаи нафлашро бихӯрад

**957.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) байни Салмон ва Абӯдардо ақди бародарӣ бастанд. Салмон ба дидани Абӯдардо рафт, Умми Дардо (яъне ҳамсари Абӯдардо)-ро дид, ки сару пояш ба ҳам рехтааст.

Ба ӯ гуфт: Туро чӣ шудааст, ки худро ороиш намедиҳӣ?

Гуфт: Бародарат Абӯдардо ба дунё алоқае надорад.

Салмон омада ва барои Абӯдардо таъомеро омода кард.

Салмон ба ӯ гуфт: Бихӯр, Абӯдардо.

Гуфт: Ман рӯзадорам.

Гуфт: То ту нахӯрӣ, ман нахоҳам хӯрд.

Абӯдардо ночор шуд ва хӯрд.

Чун шаб шуд, Абӯдардо ба намоз хондан бархост.

Салмон ба ӯ гуфт: Бихоб!

Хобид, вале боз дубора бархост.

Боз ба ӯ гуфт: Бихоб!

Чун шаб охир шуд, Салмон ба ӯ гуфт: Ҳоло бархез.

Ҳар ду бархостанд ва бо ҳам намоз хонданд.

Салмон ба Абӯдардо гуфт: Парвардигорат бар ту ҳақ дорад, ҷони ту бар ту ҳақ дорад ва ҳамсари ту бар ту ҳақ дорад, ҳақи ҳар соҳиби ҳақеро ҷудогона барояш адо кун.

Абӯдардо назди Паёмбари Худо (с) омад ва ҷараёнро нақл намуд. Фармуданд: «Салмон рост гуфтааст».

## БОБИ 34. Рӯза гирифтани моҳи Шаъбон

**958.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) он қадар пайи ҳам рӯза мегирифтанд, ки мегуфтем: Дигар бидуни рӯза нахоҳанд буд. Ва он қадар бидуни рӯза мебуданд, ки мегуфтем: Дигар рӯза нахоҳанд гирифт. Паёмбари Худо (с)-ро надидам, ки ба ҷуз аз Рамазон моҳи дигареро ба таври комил рӯза гирифта бошанд, чунончӣ надидам, ки рӯза гирифтанашон дар ҳар моҳе бештар аз моҳи Шаъбон бошад.

**959.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре ба ин зиёдат омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз ибодат амалеро анҷом диҳед, ки таҳаммули адои онро дошта бошед, зеро то вақте, ки шумо малул нашавед, Худованди мутаъол фазл ва раҳмати Худро аз шумо қатъ намекунад».

Ва Паёмбари Худо (с) аз намози нафл намозеро дӯст доштанд, ки инсон бар адои он мудовамат намояд ва агарчанде, ки он намоз андак бошад ва худи Паёмбари Худо (с) агар намозеро мехонданд, ба хондани он мудовамат мекарданд.

## БОБИ 35. Рӯза гирифтан ва ифтори Паёмбари Худо (с)

**960.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) аз кайфияти рӯзаи Паёмбари Худо (с) пурсид. Гуфт: Агар намехостам, ки Паёмбари Худо (с)-ро ҷуз дар ҳолати рӯза доштан бубинам, ҷуз дар ҳолати рӯза доштан намедидам ва агар намехостам, ки эшонро дар ҳолати намоз хондан бубинам, эшонро ҷуз дар ҳолати намоз хондан намедидам ва агар намехостам, ки эшонро дар ҳоли намоз хондан бубинам, дар ҳоли

намоз хондан намедидам ва ҳеҷ абрешимеро ба нармии дасти Паёмбари Худо (с) ламс накардам ва ҳеҷ мушк ва анбареро ба хушбӯии Паёмбари Худо (с) набӯйидам.

**961.** Ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) қаблан гузашт.

## БОБИ 36. Ҳаққи ҷисм дар рӯза

**962.** Ва дар ривояти дигаре аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Абдуллоҳ (ибни Умар (р) ба пирӣ расид (ва аз ибодат кардан оҷиз гашт), мегуфт: Эй кош, рухсати Паёмбари Худо (с)-ро қабул мекардам.

## БОБИ 37. Ҳаққи хонавода дар рӯза

**963.** Ва дар ривояти дигаре аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) омада аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар сифати Довуд (ъ) ва рӯза гирифтанаш фармуданд: «...Ва чун бо душман рӯ ба рӯ мешуд, фирор намекард». Абдуллоҳ ибни Амр гуфт: Ё Расулаллоҳ! Кист, ки бароям чунин замонате бикунад?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ҳамеша рӯза бигирад, гӯё рӯза нагирифтааст». Ва ин суханро ду бор такрор намуданд.

## БОБИ 38. Касе, ки ба дидани мардумоне рафта, вале наздашон ифтор накардааст

**964.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) назди Умми Сулайм рафтанд ва ӯ барояшон хурмо ва равған овард.

Фармуданд: Равғани худро бурда дар машк бирез ва хурмоятро дар зарфаш бигзор, зеро ман рӯзадорам».

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) бархостанд ва дар гӯшае аз хона намози нафлро адо намуданд ва барои Умми Сулайм ва хонаводааш дуо карданд.

Умми Сулайм гуфт: Ё Расулаллоҳ! Азизе дорам (дар ҳаққи ӯ ҳам дуо кунед).

Фармуданд: «Азизат кист?»

Гуфт: Ходими шумо Анас.

Анас (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) ҳамаи хайрҳои ухравӣ ва дунявиро барoям хостанд ва дуо карданд, ки: «Худоё, барояш мол ва фарзанди бобаракат бидеҳ». Ва ман феълан пулдортарини мардуми ансор ҳастам ва духтарам (Умайна) барoям гуфт, ки аз пушти ман то пеш аз омадани Ҳаҷҷоҷ ба Басра яксаду бисту чанд кас дафн шуданд.

## БОБИ 39. Рӯза гирифтани рӯзҳои охири моҳ

**965.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз шахсе пурсиданд: «Эй Абӯфалон, аз рӯзҳои охири ин моҳ чанд рӯзеро рӯза гирифтӣ»?

Он шахс гуфт: На, ё Расулаллоҳ!

Фармуданд: Чун ид шуд, ду рӯз рӯза бигир».

Дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфтанд: «Аз охири шаъбон (чизе рӯза гирифтӣ)».

## БОБИ 40. Рӯза гирифтан рӯзи ҷумъа

**966.** Касе аз Ҷобир (р) пурсид, ки оё Паёмбари Худо (с) аз рӯза гирифтани рӯзи ҷумъа наҳй намудаанд?

Гуфт: Бале.

**967.** Аз Ҷувайрия бинти Ҳорис (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷумъа наздаш омаданд ва ӯ дар ин рӯз рӯзадор буд, аз вай пурсиданд: «Оё дирӯзро рӯза гирифта будӣ?»

Гуфт: На.

Фармуданд: «Ирода дорӣ, ки фардоро рӯза бигирӣ?»

Гуфт: На.

Фармуданд: «Пас рӯзаатро бихӯр».

## БОБИ 41. Оё Паёмбари Худо (с) рӯзҳои муайянеро рӯза мегирифтанд?

**968.** Касе аз Оиша (р) пурсид, ки оё Паёмбари Худо (с) рӯзҳои муайянеро рӯза мегирифтанд? Гуфт: На, (балки) амали эшон давомдор буд ва кадом яке аз шумо тоқату таҳаммули Паёмбари Худо (с)-ро доред?

## БОБИ 42. Рӯза гирифтани айёми ташриқ

**969.** Аз Оиша ва Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Паёмбари Худо (с) рӯза гирифтани айёми ташриқро ҷуз ба касе, ки ба додани ҳадя қудрат надорад, рухсат надоданд.

## БОБИ 43. Рӯза гирифтани рӯзи Ошуро

**970.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми Қурайш дар замони ҷоҳилият рӯзи Ошуро рӯза мегирифтанд ва Паёмбари Худо (с) ҳам ин рӯзро рӯза мегирифтанд. Чун ба Мадина омаданд, боз ҳам ин рӯзро рӯза мегирифтанд ва дигаронро ҳам ба рӯза гирифтани он амр мефармуданд. Чун рӯзаи моҳи Рамазон фарз гардид, рӯза гирифтани

рӯзи Ошуроро тарк намуданд, (аз он баъд) касе, ки мехост, рӯзи Ошуро рӯза мегирифт ва касе, ки намехост, рӯза намегирифт.

**971.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо ба Мадина омада ва диданд, ки яҳуд рӯзи Ошуро рӯза мегиранд.

Пурсиданд: «Ин рӯза гирифтан барои чист?»

Гуфтанд: Ин рӯзи некест, рӯзест, ки Худованд Бани Исроилро аз душманашон (Фиръавн) наҷот додааст, аз ин ҷиҳат Мӯсо (ъ) ин рӯзро рӯза мегирифт.

Фармуданд: «Ман ба Мӯсо нисбат ба шумо мустаҳиқтарам».

Ҳамон буд, ки ин рӯзро рӯза гирифтанд ва ба рӯза гирифтани он амр фармуданд.

# -32-
# КИТОБИ НАМОЗИ ТАРОВИҲ

## БОБИ 1. Фазилати қиёми (шабҳои) моҳи Рамазон

**972.** Аз уммулмӯъминин Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар яке аз шабҳо бархостанд ва дар масҷид намоз хонданд, мардуме омада ва монандашон ба намоз хондан шурӯъ намуданд. (Ин ҳадис бо ихтилофи лафз қаблан дар китоби намоз гузашт) ва дар охири ин ривоят омадааст, ки Паёмбари Худо (с) вафот ёфтанд ва мавзӯъ ба ҳамин минвол буд.

## БОБИ 2. Ҷустуҷӯ ва талаби лайлатулқадр дар ҳафт шаби ахири моҳи Рамазон

**973.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки мардуме аз асҳоби Паёмбари Худо (с) ба хоб диданд, ки лайлатулқадр дар ҳафт шаби ахири Рамазон аст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Фикр мекунам, ки хобҳои шумо (дар ин, ки лайлатулқадр) дар ҳафт шаби ахир аст, бо ҳам муттафиқ аст, биноан агар касе талаби лайлатулқадрро дорад, дар ҳафт шаби охир талаб намояд»

**974.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Даҳ рӯзи миёнаи Рамазонро бо Пайғамбари Худо (с) ба эътикоф нишастем. Субҳи рӯзи бистум Паёмбари Худо (с) бархостанд ва барои мо хутба хонда фармуданд: «Ман шаби қадрро ба хоб дидам ва боз онро аз ман фаромӯш сохтанд. Пас онро дар шабҳои тоқи даҳаи ахир ҷустуҷӯ намоед ва дар хоб дидам, ки байни обу гил саҷда мекунам, аз ин ҷиҳат касе, ки бо (ман) Паёмбари Худо (с) ба эътикоф нишаста буд, ба эътикофгоҳаш бозгардад».

Мо ба эътикофгоҳҳои худ бозгаштем ва дар ҳоле, ки дар осмон порчаи абреро намедидем, абри ғализе омад ва боридан гирифт ва он қадар борид, ки об аз сақфи масҷид, ки аз шохаҳои дарахти хурмо буд, ҷорӣ шуд, намоз иқома гардид ва Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки дар об ва гил саҷда мекунанд, то ҷое, ки асари гилро дар пешониашон дидам.

## БОБИ 3. Ҷустуҷӯи лайлатулқадр дар даҳаи ахир дар ҳоли ибодат

**975.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Лайлатулқадрро дар даҳаи ахири Рамазон ҷустуҷӯ кунед, дар нӯҳ рӯзе, ки боқӣ мемонад, дар ҳафт рӯзе, ки боқӣ мемонад, дар панҷ рӯзе, ки боқӣ мемонад».

**976.** Ва аз Ибни Аббос дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шаби қадр дар даҳаи ахир аст, дар нӯҳ (шабе), ки мегузарад, ё дар ҳафт (шабе), ки боқӣ мемонад. (Дар нӯҳ шабе, ки мегузарад, яъне шаби бисту нӯҳум, ё дар ҳафт шабе, ки боқӣ мемонад, яъне шаби бисту саввум).

## БОБИ 4. Ибодат кардан дар даҳаи ахири Рамазон

**977.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун даҳаи ахири Рамазон мешуд, Паёмбари Худо (с) изорбанди худро маҳкам мебастанд ва шабҳо намоз мехонданд ва ҳамсарони худро низ бедор мекарданд.

# -33-
# КИТОБИ ЭЪТИКОФ

## БОБИ 1. Иътикоф дар даҳаи ахир ва эътикоф дар тамоми масоҷид

**978.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) даҳаи ахири Рамазонро то ҳангоми вафот ба эътикоф менишастанд ва баъд аз вафоти Паёмбари Худо (с) ҳамсаронашон ба эътикоф менишастанд.

## БОБИ 2. Мӯътакиф набояд бидуни зарурат ба хона биравад

**979.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) сарашонро, дар ҳоле, ки дар масҷид буданд, ба тарафи ман меоварданд ва ман сарашонро шона мезадам ва дар ҳангоми эътикоф бидуни зарурат ба хона намеомаданд.

## БОБИ 3. Эътикоф дар шаб

**980.** Ривоят аст, ки Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Ман дар ҷоҳилият назр карда будам, ки як шаб дар Масҷиди Ҳаром ба эътикоф биншинам (ҳоло чӣ бояд бикунам?)

Фармуданд: «Ба назри худ вафо кун».

## БОБИ 4. Насб намудани қубба дар масҷид

**981.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) тасмим гирифтанд, ки дар масҷид ба эътикоф биншинанд ва чун дар ҷойи эътикофи худ омаданд, диданд, ки дар он ҷо қуббаҳое насб гардидааст: қуббаи Оиша, қуббаи Ҳафса, қуббаи Зайнаб.

Фармуданд: «Оё фикр мекунед, ки инҳо кори хубе кардаанд?»

Ҳамон буд, ки аз эътикоф нишастан сарфи назар намуданд, то он, ки даҳ рӯз аз Шавволро ба эътикоф нишастанд.

## БОБИ 5. Оё ҷоиз аст, ки мӯътакиф ҷиҳати ҳоҷати худ то дарвозаи масҷид биравад

**982.** Ривоят аст, ки Сафия (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) дар даҳаи ахири Рамазон дар масҷид ба эътикоф нишаста буданд, ба диданашон омад, соате наздашон нишаста, сӯҳбат намуд. Сипас бархоста ба тарафи хонааш баргашт.

Паёмбари Худо (с) низ бархостанд ва ӯро то дарвозаи масҷид, ки наздики дарвозаи хонаи Умми Салама (р) буд, гусел намуданд.

Дар ин асно ду нафар аз мардуми ансор, ки аз он ҷо мегузаштанд ва ба Паёмбари Худо (с) салом доданд, Паёмбари Худо (с) ба онҳо гуфтанд: «Аз роҳе, ки омадед баргардед, ин зан Сафия бинти Ҳуяй мебошад». Сухани Паёмбари Худо (с) бар онҳо сахт расид ва гуфтанд: Субҳоналлоҳ, ё Расулаллоҳ!

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шайтон дар ҳамаи вуҷуди инсон монанди хун мегардад ва тарсидам, ки мабодо дар дили шумо васваса бияндозад».

## БОБИ 6. Эътикоф дар даҳ рӯзи миёнаи Рамазон

**983.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳар Рамазоне даҳ рӯз ба эътикоф менишастанд, вале дар соле, ки дар он вафот ёфтанд, бист рӯз ба эътикоф нишастанд.

# -34-
# КИТОБИ БУЮЪ
# (хариду фурӯш)

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди ин гуфтаи Худованд омадааст, ки «пас ҳангоме, ки намоз адо гардид, дар рӯи замин мунташир шавед...»

**984.** Аз Абдурраҳмон ибни Авф (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме ба Мадина омадем, Паёмбари Худо (с) байни ман ва байни Саъд ибни Рабеъ (р) ақди бародарӣ бастанд. Саъд ибни Рабеъ (р) гуфт: Ман сарватмандтарин мардуми ансор ҳастам моламро ду тақсим карда, ними онро ба ту медиҳам. Ва нигоҳ кун ҳар як аз ду занамро, ки меписандӣ, ман ӯро талоқ медиҳам ва баъд аз ин, ки иддааш гузашт, ӯро ба никоҳ бигир.

Абдурраҳмон ибни Авф (р) гуфт: Маро бо ин чизҳо зарурате нест, оё бозоре, ки дар он тиҷорате бошад, вуҷуд дорад?

Саъд (р) гуфт: Бале, бозори Қайнуқоъ.

Аз фардояш Абдурраҳмон ибни Авф ба он бозор рафт. Қурут ва равғане аз он ҷо овард ва ҳамин тавр рафтуомадашро идома дод, то он, ки рӯзе омада ва асари атр ва заъфарон дар вай намоён буд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Издивоҷ кардӣ?»

Гуфт: Бале.

Гуфтанд: «Бо кадом зан?»

Гуфт: Бо зане аз ансор.

Фармуданд: «Чӣ қадар барояш маҳр додӣ?»

Гуфт: Ба андозаи як хастаи тилло (ё як хастаи тилло).

Паёмбари Худо (с) ба вай гуфтанд: «Ҷашни арӯсиро баргузор кун ва агарчи он ба як бузе бошад».

## БОБИ 2. Ҳалол ошкор аст ва ҳаром ошкор аст, байни ҳалол ва ҳаром чизҳои шубҳанок вуҷуд дорад

**985.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) фармуданд: Ҳалол возеҳ ва ошкор ва ҳаром возеҳ ва ошкор аст ва байни ҳалол ва ҳаром чизҳои шубҳаноке вуҷуд дорад ва касе чизҳои шубҳанокро аз тарси гуноҳ тарк намояд, чизҳоеро, ки гуноҳаш возеҳ аст, ба таври авло тарк хоҳад намуд ва касе дар иртикоби умури шубҳанок ҷуръат намояд, бисёр вақтҳо дар чизҳое, ки гуноҳаш яқинӣ

аст, низ иқдом менамояд. Гуноҳон марзҳои мамнӯъаи Худованди мутаъол аст. Касе, ки (ҳайвоноташро) дар наздикии манотиқи мамнӯъа мечаронад, дур нест, ки дар манотиқи мамнӯъа низ дохил гардад.

## БОБИ 3. Тавзеҳи чизҳои иштибоҳӣ

**986.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Утба ибни Абӯваққос ба бародараш Саъд ибни Абӯваққос васият карда буд, ки бачаи канизи Замъа аз ман аст, *(Замъа канизе дошт, ки Утба бо вай дар замони ҷоҳилият зино карда буд ва аз вай писаре мутаваллид шуда буд ва ба асоси урф ва одоти ҷоҳилият зонӣ метавонист иқомаи даъвӣ намуда, баччаи зинокорро бигирад ва Утба пеш аз марг барои бародараш васият карда буд, ки)* ӯро аз вай бигирӣ.

(Оиша (р) гуфт: Дар соли фатҳи Макка Саъд ибни Абӯваққос (р) он тифлро гирифт ва гуфт: Фарзанди бародари ман аст, ба ман дар мавриди ӯ васият кардааст.

Абд ибни Замъа омад ва гуфт: Ин тифли бародарам ва баччаи канизи падари ман аст ва дар бистари ӯ ба дунё омадааст. То он, ки назди Паёмбари Худо (с) иқомаи даъво намуданд.

Саъд гуфт: Ё Расулаллоҳ! Фарзанди бародарам мебошад ва дар мавриди ӯ ба ман васият кардааст. Ва Абд ибни Замъа гуфт: Ин тифл бародари ман ва баччаи канизи падари ман аст ва дар бистари ӯ ба дунё омадааст.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Абд ибни Замъа! Бачча аз ту аст». Сипас Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бачча аз соҳиби бистар аст (яъне аз соҳиби модари бачча аст) ва барои зинокор ба ҷуз санг насиби дигаре нест».

Баъд аз он ба Савда, духтари Замъа, ки ҳамсари Паёмбари Худо (с) буд, гуфтанд: «Аз он мавлуд бояд ҳиҷобе кунӣ». Зеро диданд, ки он мавлуд шабеҳ ва ҳамранги (Утба) аст ва то он мавлуд зинда буд, Савдаро надид.

## БОБИ 4. Касе, ки васвасаро аз умури шубҳанок намедонад

**987.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуме гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Касоне барои мо гӯшт меоваранд ва мо намедонем, ки (ҳангоми забҳ) номи Худоро ёд кардаанд ё на?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шумо номи Худоро ёд кунед ва бихӯред».

## БОБИ 5. Касе, ки аҳамият надиҳад, ки аз чӣ роҳе мол касб мекунад

**988.** Аз Абӯҳурайра (р) бо нақл аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Замоне бар мардум хоҳад омад, ки шахс аҳамият надиҳад, ки молашро аз куҷо ба даст овардааст, аз ҳалол ва ё аз ҳаром».

## БОБИ 6. Тиҷорат дар мансуҷот

**989.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) тиҷорат мекардем, аз Паёмбари Худо (с) роҷеъ ба мубодилаи пул ба пул пурсиш намудем.

Фармуданд: «Агар даст ба даст бошад, боке надорад, вале агар нася бошад, раво нест».

## БОБИ 7. Берун шудан барои тиҷорат

**990.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Умар ибни Хаттоб (р) иҷоза хостам, ки наздаш дароям, чун машғул буд, бароям иҷоза надод ва ман баргаштам.

Чун Умар (р) аз кораш фориғ шуд, гуфт: Магар садои Абдуллоҳ ибни Қайсро нашунидам, барояш иҷоза диҳед. Гуфтанд: Ӯ баргашта рафтааст.

Маро хост. Гуфтам: Мо ба ҳамин чиз амр шуда будем (яъне Паёмбари Худо (с) амр карда буданд, ки агар иҷоза хостед ва ба шумо иҷоза надоданд, баргардед). Гуфт: Ба ин сухани худ бояд шоҳид биёварӣ.

Аз ин ҷо баромадам ва ба маҷлиси ансор рафтам ва аз онҳо дар ин мавзӯъ пурсиш намудам. Гуфтанд: Барои ту дар ин мавзӯъ ҷуз хурдтарини мо Абӯсаъиди Худрӣ шахси дигаре шаҳодат намедиҳад. Абӯсаъиди Худриро гирифта ва бо худ бурдам. (Ӯ шаҳодат дод) ва Умар (р) гуфт: Магар ин равиши Паёмбари Худо (с) бар ман пӯшида мондааст? Хариду фурӯш дар бозор маро машғул намуда буд. Мақсадаш рафтан ба тиҷорат буд.

## БОБИ 8. Касе, ки афзунӣ дар ризқу рӯзиро дӯст медошт

**991.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки дӯст дорад ризқу рӯзиаш фарох ва умраш дароз гардад, силаи раҳмро ба ҷо биёварад».

## БОБИ 9. Ба нася харидани Паёмбари Худо (с)

**992.** Ривоят аст, ки Анас (р) ҳолати фақри Паёмбари Худо (с)-ро баён намуда гуфт: Нони ҷавин ва нонхӯрише, ки бӯяш тағйир ёфта буд, барои Паёмбари Худо (с) овардам ва Паёмбари Худо (с) сипарашонро назди шахси яҳудӣ дар муқобили миқдори ҷав, ки барои хонаводаи худ

гирифта буданд, гарав гузошта буданд. Ва (ровӣ мегӯяд) аз эшон шунидам, ки мефармуданд: «Ҳеҷ шабе назди Оли Муҳаммад (с) як соъ гандум ё як соъ аз донагиҳои дигар пайдо намешуд, бо он, ки нӯҳ ҳамсар доштанд».

## БОБИ 10. Касб ва кори шахс аз меҳнати худаш

**993.** Аз Миқдом (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳаргиз касе таъомеро беҳтар аз меҳнати дасти худаш нахӯрдааст ва Пайғамбари Худо Довуд (ъ) аз меҳнати дасти худаш мехӯрд».

## БОБИ 11. Осонгирӣ ва гузашт дар хариду фурӯш

**994.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд он шахсеро раҳмат кунад, ки дар хариду фурӯш ва талаби ҳаққаш богузашт ва осонгир бошад».

## БОБИ 12. Касе, ки барои шахси доро мӯҳлат дод

**995.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Малоика бо рӯҳи шахсе аз мардумони пеш аз шумо буд, мулоқот намуданд, аз вай пурсиданд: Оё кори неке ҳам анҷом додай?

Гуфт: Муздуронамро амр мекардам, то ба қарздорони фақир мӯҳлат бидиҳанд ва аз тавонмандон гузашт намоянд. Ва Худованди мутаъол ҳам аз (гуноҳони) вай гузашт намуд».

## БОБИ 13. Вақте ки харидор ва фурӯшанда айби молро напӯшонанд ва ҳақиқатро бигӯянд

**996.** Аз Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Харидор ва фурӯшанда дар муомилаи худ то вақте, ки аз ҳам мутафарриқ нашудаанд, мухайяр мебошанд, агар барои якдигар рост гуфта бошанд ва воқеияти моли худро баён карда бошанд, муомилаашон бобаракат мегардад ва агар айби онро пинҳон намуда ва дурӯғ гуфта бошанд, баракати муомилаи онҳо аз байн меравад».

## БОБИ 14. Хариду фурӯши хурмои махлут

**997.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои мо хурмоеро медоданд, ки хуб ва бади он бо ҳам махлут буд ва мо ду соъи аз онро ба як соъ мефурӯхтем.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «На ду соъро ба як соъ бифурӯшед ва на ду дирҳамро ба як дирҳам».

## БОБИ 15. Судхӯр

**998.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Падарамро дидам, ки ғуломи ҳиҷоматгареро харид ва амр намуд, то олати ҳиҷоматашро бишкананд.

Сабабро пурсидам, гуфт: Паёмбари Худо (с) аз пули фурӯши саг, аз пули фурӯши хун, аз хол кандан, аз суд додан ва суд хӯрдан наҳй фармуда ва мусаввирро лаънат намуданд.

## БОБИ 16. Худованд баракати судро аз байн мебарад ва ба садақа ва хайрот баракат медиҳад

**999.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Савганд хӯрдан дар хариду фурӯш сабаби фурӯхтани мол мешавад, вале боиси аз байн рафтани баракати он мегардад».

## БОБИ 17. Қиссаи санъатгар ва оҳангар

**1000.** Аз Хаббоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони ҷоҳилият санъатгар будам ва аз (Ос ибни Воил) маблағе талабгор будам, наздаш рафта, пуламро талаб намудам.

Гуфт: То ба дини Муҳаммад (с) кофир нагардӣ, пулатро нахоҳам дод.

Гуфтам: То вақте, ки ту намирӣ ва дубора (рӯзи қиёмат) зинда нашавӣ, ба дини Муҳаммад (с) кофир нахоҳам шуд.

Гуфт: Пас то вақте, ки намурдаам ва дубора зинда нашудам, маро бигзор, дар он вақт дорои мол ва авлод мешавам ва қарзи туро медиҳам. Ва ин ояи карима нозил гардид: **«Оё он касеро, ки ба оёти мо кофир гардида ва гуфтааст, ки бароям мол ва фарзанде дода хоҳад шуд, дидӣ? Оё ӯ аз ғайб хабар дорад ва ё он, ки аз Худованд аҳду паймон гирифтааст?»** *(Марям: 77-78)*

## БОБИ 18. Қиссаи хайёт

**1001.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси хайёте нонеро таҳия намуд ва Паёмбари Худо (с)-ро даъват намуд.

Анас ибни Молик (р) мегӯяд: Ман ҳам бо Паёмбари Худо (с) ба он даъват иштирок намудам. (Он хайёт) барои Паёмбари Худо (с) нон ва шӯрбое, ки аз дубо (дубо як навъи кадуест, ки қисмати поёниаш калон ва қисмати болоияш борик аст) ва гӯшти қоқ таҳия шуда буд, овард. Дидам, ки Пайғамбари Худо (с) кадуҳоро чида ва мехӯранд. Ва аз он вақт то ба имрӯз кадуро дӯст медорам.

## БОБИ 19. Харидани чорпоён ва харҳо

**1002.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз ҷангҳо бо Паёмбари Худо (с) будам, шутурам ақиб афтода ва аз пой монд.

Пайғамбари Худо (с) наздам омаданд ва гуфтанд: «Ҷобир ҳастӣ?» Гуфтам: Бале.

Гуфтанд: «Чӣ кор мекунӣ?»

Гуфтам: Шутурам аз пой мондааст ва аз дигарон ақиб афтодаам. Паёмбари Худо (с) поён шуда ва шутурамро ба асое, ки ба даст

доштанд заданд ва фармуданд: «Савор шав».

Савор шудам ва дидам, ки шутурам то ҷое даванд шудааст, ки бояд ӯро аз сабқат намудани шутури Паёмбари Худо (с) ҷилавгирӣ намоям.

Пурсиданд: «Издивоҷ кардаӣ?»

Гуфтам: Бале.

Гуфтанд: «Бо духтаре ё бевае?»

Гуфтам: Бо бевае.

Гуфтанд: «Чаро бо духтаре издивоҷ накардӣ, ки ту бо ӯ ва ӯ бо ту шӯхӣ мекард?»

Гуфтам: Хоҳарҳое доштам, хостам бо зане издивоҷ намоям, ки аз онҳо сарпарастӣ намояд, сарашонро шона зада ва ба корҳояшон расидагӣ намояд.

Фармуданд: «Ту (ба Мадина) бар хоҳӣ гашт, ҳушёр ва мутаваҷҷеҳ бош».

Баъд аз он гуфтанд: «Шутуратро намефурӯшӣ?»

Гуфтам: Мефурӯшам. Ӯро аз ман ба як авқия (ки баробари чил дирҳам аст) хариданд, эшон пеш аз ман ба Мадина расиданд ва ман фардояш расидам, ба тарафи масҷид омадам ва дидам, ки Паёмбари Худо (с) ба дарвозаи масҷид истодаанд.

Гуфтанд: «Ҳоло расидӣ?»

Гуфтам: Бале.

Фармуданд: «Шутуратро бигзор, ба масҷид дохил шав ва ду ракаат намоз бихон».

Ба масҷид дохил шудам ва ду ракаат намоз хондам.

Ба Билол гуфтанд, то бароям чиҳил дирҳам нуқра вазн карда бидиҳад. Билол дирҳамҳоро вазн кард ва дар вақти вазн кардан каме сангинтар вазн кард.

Паёмбари Худо (с) ба Билол гуфтанд: «Ҷобир (р)-ро садо кун».

Бо худ гуфтам: Мехоҳанд шутурамро пас бидиҳанд. Ва ҳеҷ чизе аз он шутур дар наздам мутанаффиртар набуд.

(Наздашон омадам) фармуданд: «Шутурат аз ту ва қиматаш ҳам аз ту».

## БОБИ 20. Харидани шутурони бемор

**1003.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб (р) шутурҳои беморeро аз шахсе харида буд ва он шахс шарике дошта ва шарикаш назди Ибни Умар (р) омад ва гуфт: Шарикам шутурҳои беморeро бароят фурӯхтааст ва туро аз ин айб огоҳ накардааст.

Ибни Умар ба ӯ гуфт: Шутурҳоро пас бибар. Ва чун хост шутурҳоро пас бибарад, Ибни Умар (р) гуфт: Пас бурдан лозим нест ва ба ҳукми Паёмбари Худо (с) розиям, ки фармудаанд, «сирояте нест».

## БОБИ 21. Қиссаи ҳиҷоматгар

**1004.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯтайиба (р) Паёмбари Худо (с)-ро ҳиҷомат намуд, фармуданд, то барояш як соъ хурмо бидиҳанд ва илова бар он амр намуданд, то хироҷашро низ тахфиф намоянд.

**1005.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) худро ҳиҷомат намуданд ва музди ҳиҷоматгарро доданд ва агар музди ҳиҷомат ҳаром мебуд, барояш намедоданд.

## БОБИ 22. Тиҷорат дар чизе, ки касбаш макрӯҳ аст

**1006.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Болиштеро, ки дорои ашкол ва суратҳое буд, харидам. Чун чашми Паёмбари Худо (с) ба он болишт афтод, аз дохил шудан ба хона худдорӣ намуданд. Аломати норизоятиро дар чеҳраашон мушоҳида намуда, гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ба Худо ва Расулаш тавба менамоям, вале ман чӣ гуноҳе кардам?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин болишт чист?»

Гуфтам: Инро барои шумо харидаам, то ҳангоми нишастан худро ба он такя диҳед.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касоне, ки ин суратҳоро кашидаанд, дар рӯзи қиёмат азоб мешаванд ва барояшон гуфта мешавад: он чиро, ки халқ кардаед, зинда кунед».

Ва фармуданд: «Дар хонае, ки дар он сурат вуҷуд дорад, малоика дохил намешавад».

## БОБИ 23. Касе, ки чизе харида ва пеш аз мутафарриқ шудан онро бахшиш намудааст

**1007.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо бо Паёмбари Худо (с) будем, ман шутури саркашеро, ки аз Умар (р) буд, савор будам. Он шутур саркашӣ мекард ва аз ҳамаи ҳамроҳон пеш мешуд.

Умар (р) омад ва бар шутур ҳайбат зад ва ӯро пас биёвард. Боз

дубора аз ҳамагон пеш мерафт, боз Умар (р) ӯро ҳайбат зада ва ақиб меовард.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро бароям бифурӯш».

Умар (р) гуфт: Ба таври бахшиш аз шумо бошад.

Фармуданд: «Ӯро бароям бифурӯш».

Онро барои Паёмбари Худо (с) фурӯхт.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Ибни Умар! Ин шутур аз ту ва ҳар чӣ мехоҳӣ, бо он бикун».

## БОБИ 24. Он чӣ, ки аз фиребкорӣ дар муомила макрӯҳ аст

**1008.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе ба Паёмбари Худо (с) гуфт, ки дар хариду фурӯш фанд мехӯрад.

Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд: «Чун муомила кардӣ, бигӯ, ки фиребкорӣ набояд бошад».

## БОБИ 25. Он чӣ, ки дар мавриди бозорҳо омадааст

**1009.** Аз Ойша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Лашкаре ба ҷанги Каъба хоҳад омад ва чун ба минтақаи Байдо (Байдо деҳаест байни Макка ва Мадина) бирасанд, ҳамагӣ аз аввал то охир дар замин фурӯ меравандд».

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), чӣ гуна ҳамагон аз аввал то ба охир ба замин фурӯ меравандд, дар ҳоле, ки дар он минтақа бозорҳояшон аст ва мардуми бегуноҳе вуҷуд доранд?

Фармуданд: «Аз аввал то охирашон ба замин фурӯ меравад ва баъд аз он (дар охират) ҳар кас мутобиқи нияташ дубора зинда мегардад».

**1010.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар бозор буданд.

Шахсе барояшон гуфт: Ё Абулқосим!

Паёмбари Худо (с) ба тарафаш нигаристанд.

Он шахс гуфт: Ман ин шахси дигарро садо кардам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худро ба исми ман ном кунед, вале ба кунияти ман ба худ кунният интихоб накунед».

**1011.** Аз Абӯҳурайраи Давсӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) аз хона берун шуданд. На эшон бо ман ва на ман бо эшон сухан мезадам, то ин, ки ба бозори бани Қайнуқоъ омаданд ва дар канори хонаи Фотима (р) нишаста ва гуфтанд: «Оё тифлакат ҳамин ҷост, оё тифлакат ҳамин ҷост?» (мақсадашон Ҳасан ё Ҳусайн (р) буд).

Фотима (р) дар фиристодани он тифл қадре таъхир намуд.

Фикр кардам, шояд зеваре ба танаш овехта ва ё сару танашро мешӯяд. Баъд аз лаҳзае он тифл давида омад ва Паёмбари Худо (с) ӯро ба оғӯш гирифтанд ва бӯсиданд ва фармуданд: «Худоё, ӯро (яъне Ҳасанро) дӯст бидор ва касе, ки ӯро дӯст дорад, ҳам дӯст бидор».

**1012.** Аз Ибни Умар ривоят аст, ки мардум дар замони Паёмбари Худо (с) таъомро аз касоне, ки маҳсулоти худро бор карда ва ба тарафи бозор меоварданд, дар байни роҳ харидорӣ мекарданд.

Паёмбари Худо (с) касеро фиристоданд, ки онҳоро аз фурӯхтани он таъом дар миёни роҳ манъ намояд ва фармуданд, ки таъом бояд дар фурӯшгоҳи муайянаш оварда шавад.

Ва Ибни Умар (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани таъоме, ки шахс онро харидааст, вале ҳанӯз ӯро қабз накардааст, манъ кардаанд.

## БОБИ 26. Кароҳияти ҷору ҷанҷол дар бозор

**1013.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) аз сифати Паёмбари Худо (с) дар Таврот пурсида шуд.

Гуфт: Бале, ба Худованд қасам, ки эшон дар Таврот ба баъзе аз сифоте, ки дар Қуръон барояшон омадааст, васф шудаанд. **«Эй паёмбар, мо туро шоҳид ва башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристодем». Ва нигаҳбоне барои мӯъминин, ту бандаи ман ва расули ман ҳастӣ, туро мутаваккил ном ниҳодам, туршрӯй ва сахтруй мабош».** *(Аҳзоб: 45).* Ва аз сифати дигараш ин аст, ки дар бозор ҷору ҷанҷол намекунад, ҷазои бадиро ба бадӣ намедиҳад, балки афв намуда ва гузашт мекунад. Ва то он вақт Худованд ӯро намемиронад, ки миллати мунҳарифро ба воситаи ӯ ба роҳи мустақим ҳидоят намояд ва бигӯянд: **Ло илоҳа иллаллоҳ** ва ба сабаби ӯ чашмҳои нобиноро бино ва гӯшҳои ношунаворо шунаво ва дилҳои бастаро кушода гардонад.

## БОБИ 27. Вазни бор бар зиммаи фурӯшанда аст

**1014.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром (р) вафот ёфта ва бар вай қарзе буд. Аз Паёмбари Худо (с) хоҳиш кардам, то аз қарздоронаш бихоҳанд, ки қарзи худро ба ӯ бибахшанд. Паёмбари Худо (с) ин хоҳишро аз онҳо намуданд, вале онҳо қабул накарданд (талабгорони Абдуллоҳ ибни Амр аз мардуми яҳуд буданд). Паёмбари Худо (с) ба ман гуфтанд: «Бирав ва хурмои худро ду қисмат кун, Аҷваро як тараф ва Азқи Зайдро як тараф ва касеро назди ман бифирист». (Аҷва ва Азқи Зайд ду навъи хурмо аз анвоъи бисёр хуби хурмоҳои Мадинаи Мунаввара аст).

Тибқи фармудаашон амал кардам ва ба эшон хабар додам, Паёмбари Худо (с) омаданд ва бар рӯи хурмоҳо (ё дар миёнаи хурмоҳо) нишастанд ва гуфтанд: «Барои ин мардум (яъне талабгорони Абдуллоҳ ибни Амр (р) паймона кун».

Миқдори талаби онҳоро бароятон паймона кардам ва хурмоям ҳамчунон ба ҳоли худ боқӣ буд ва гӯё чизе аз он кам нашуда буд.

## БОБИ 28. Он чӣ, ки паймона карданаш мустаҳаб аст

**1015.** Аз Миқдом ибни Маъдикарб (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Таъоми худро паймона кунед, Худованд барои шумо баракат медиҳад».

## БОБИ 29. Баракати соъ ва мудди Паёмбари Худо (с)

**1016.** Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфтанд: «Худоё! Иброҳим (ъ) Маккаро ҳарам қарор дода ва барои он дуо кардааст ва ман Мадинаро ҳарам қарор медиҳам, ҳамчуноне ки Иброҳим (ъ) Маккаро ҳарам қарор додааст ва ба соъ ва мудди он дуо мекунам, (мудд иборат аз чаҳор ҳиссаи як соъ аст) мисле, ки Иброҳим (ъ) барои Макка дуо кардааст».

## БОБИ 30. Он чӣ, ки дар мавриди фурӯхтан ва эҳтикори таъом омадааст

**1017.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Касоне, ки таъомро ба таври тахмин мехариданд, дидам, ки дар замони Паёмбари Худо (с) зада мешаванд, то онро пеш аз қабз намудан ва овардани он ба ҷои муайянаш нафурӯшанд.

**1018.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани таъом пеш аз ба даст овардани он наҳй фармуданд.

Аз Ибни Аббос (р) пурсида шуд: Ин чӣ гуна аст?

Гуфт: Ба ин шакл аст, ки дирҳами муқобили дирҳам бошад ва таъомеро, ки харидааст, дар оянда қабза намояд.

**1019.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Тилло ба тилло суд аст, магар он, ки даст ба даст бошад ва гандум ба гандум суд аст, магар он, ки даст ба даст бошад ва хурмо ба хурмо суд аст, магар он, ки даст ба даст бошад ва ҷав ба ҷав суд аст, магар он, ки даст ба даст бошад».

## БОБИ 31. Набояд дар хариди бародари худ иқдом ба харидан намуд, магар он, ки шахси аввал аз харидан мунсариф гардад ё ба ӯ иҷоза бидиҳад

**1020.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани шаҳрнишин ба бодиянишин наҳй фармуданд ва (гуфтанд). «Нархгузории дурӯғин накунед. Ва касе он чиро, ки таҳти хариди шахси дигаре аст, набояд бихарад ва на ҳам бар хостгории шахси дигаре хостгорӣ намояд ва ҳеҷ зане набояд талоқи хоҳари худро талаб намояд, то ба ин тариқ косаашро сарнагун созад».

## БОБИ 32. Фурӯхтан ба тариқи музояда

1021. Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки шахсе ғуломи худро мудаббар сохт (яъне гуфт, ки баъд аз маргам озод ҳастӣ), сипас мӯҳтоҷ гардид.

Паёмбари Худо (с) он ғуломро гирифтанд ва фармуданд: «Ин ғуломро кӣ аз ман мехарад?»

Нуъайм ибни Абдуллоҳ ӯро ба маблағе казоӣ харид ва Пайғамбари Худо (с) он ғуломро барояш таслим намуданд.

## БОБИ 33. Муомилаи фиребкорона ва фурӯхтани ҳайвон дар шиками модараш

1022. Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани ҳайвон дар шиками модараш наҳй фармуданд. Ва ин байъе буд, ки аҳли ҷоҳилият ба он муомила мекарданд (ба ин тариқ, ки) натоҷи шутуреро, ки ҳанӯз дар шиками модараш буд, мефурӯхтанд.

## БОБИ 34. Фурӯшанда набояд шири шутур, гов ва гӯсфандро дар пистони онҳо захира намояд

1023. Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар касе гӯсфандеро харид, ки шир дар пистонаш захира шуда буд, баъд аз дӯшидан агар бо он ризоят дошт, онро нигаҳ дорад ва агар мавриди ризояташ набуд (гӯсфандро пас медод), дар муқобили шире, ки истифода кардааст, бояд як соъ хурмо низ ба соҳиби гӯсфанд бидиҳад».

## БОБИ 35. Фурӯхтани ғуломи зинокор

1024. Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар канизе зино кард ва зинояш собит гардид, (мавлои ӯ) ҳадро бар вай ҷорӣ созад ва тавбихаш (сарзаниш) накунад ва боз агар зино кард, ҳадро бар вай ҷорӣ созад ва тавбихаш накунад, агар бори саввум зино кард агарчи ба ивази ресмони мӯйӣ бошад ҳам, ӯро бифурӯшад».

## БОБИ 36. Оё шарҳнишин барои бодиянишин (молашро) бидуни музд бифурӯшад ва ӯро кӯмак кунад ва насиҳат намояд?

1025. Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касоне, ки ҳоҷатҳои мардумро ба шаҳр меоваранд, аз байни роҳ аз онҳо чизе нахаред ва шахси шаҳрнишин набояд (моли) бодиянишинро ба ӯ бифурӯшад».

Аз Ибни Аббос (р) пурсида шуд: Маънои ин гуфтаашон чист, ки мефармоянд: «шаҳрнишин ба бодиянишин нафурӯшад?»

Гуфт: Яъне бароящ даллолӣ накунад.

## БОБИ 37. Наҳй аз рафтан ба пеши касоне, ки таъомро ба дохили шаҳр меоваранд

**1026.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар байъи шахси дигаре мудохила накунед ва амвол ва матоъҳоеро, (ки барои фурӯш ба бозор меоянд) то вақте, ки ба бозор намерасад, аз байни роҳ нахаред».

## БОБИ 38. Фурӯхтани мавиз ба мавиз ва таъом ба таъом

**1027.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз байъи музобана наҳй фармудаанд ва музобана иборат аз фурӯхтани хурмои тоза ва обдор бо хурмои хушк ва фурӯхтани мавиз ба паймонаи он аз ангур аст.

## БОБИ 39. Фурӯхтани ҷав ба ҷав

**1028.** Аз Молик ибни Авс (р) ривоят аст, ки гуфт: Мехостам сад динорро сарф намоям. Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) маро хост ва бо ҳам муфоҳама намудем ва қарор шуд, ки бароям ивази динори тилло дирҳами нуқра бидиҳад. Динорҳоро аз ман гирифт ва дар дасти худ таҳу боло мекард ва гуфт: Интизор бикаш, то хазинадорам аз Ғоба биояд (Ғоба номи ҷоест, дар канори Мадинаи мунаввара).

Умар (р) ин суханро шунид ва (ба ман) гуфт: Ба Худованд қасам, то вақте, ки ҳаққи худро нагирифтаӣ, набояд аз наздаш биравӣ.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Тилло ба тилло суд аст, магар он, ки даст ба даст бошад». Ва бақияи ҳадисеро, ки қаблан гузашт, зикр намуд».

## БОБИ 40. Фурӯхтани тилло ба тилло

**1029.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Тиллоро ба тилло ҷуз ба таври баробар ба баробар нафурӯшед ва нукраро ба нуқра ҷуз ба таври баробар нафрӯшед ва тиллоро ба нуқра ва нуқраро ба тилло ба ҳар тавре, ки мехоҳед, бифрӯшед».

## БОБИ 41. Фурӯхтани нуқра ба нуқра

**1030.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Тиллоро ба тилло ҷуз ба таври баробар нафрӯшед ва

якеро аз дигаре зиёдтар надиҳед ва нуқраро ба нуқра ҷуз ба таври баробар нафрӯшед ва якеро аз дигаре зиёдтар надиҳед ва тилло ва нуқраи насяро ба тилло ва нуқраи нақд нафрӯшед».

## БОБИ 42. Фурӯхтани динор ба динор ба таври насия

**1031.** Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Динор ба динор ва дирҳам ба дирҳам (яъне бояд мисл ба мисл ва баробари якдигар бошад). Касе барояш гуфт, ки Ибни Аббос (р) чунин намегӯяд.

Абӯсаъид ба Ибни Аббос (р) гуфт: Чизе, ки мегӯӣ, аз Паёмбари Худо (с) шунидаӣ, ё дар китоби Худо дидаӣ?

Гуфт: Ҳеҷ кадом (яъне чизеро, ки мегӯям, на дар китоби Худо дидаам ва на аз Паёмбари Худо (с) шунидаам) ва шумо ба Пайғамбари Худо (с) аз ман донотаред, вале Усома (р) ба ман гуфт, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Суд ҷуз дар насия нест».

## БОБИ 43. Фурӯхтани нуқра ба тилло ба таври насия

**1032.** Ривоят аст, ки аз Бароъ ибни Озиб ва Зайд ибни Арқам аз (ҳукми) мубодилаи пул ба пул пурсид.

Ҳар яке аз ин ду нафар мегуфт, ки дигаре аз ман беҳтар медонад ва ҳардуяшон мегуфтанд, ки Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани тилло ба нуқра ба таври насия манъ фармуданд.

## БОБИ 44. Байъи музобана

**1033.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Меваро то вақте, ки қобили хӯрдан намешавад, нафрӯшед ва хурмои тозаро, ки ҳанӯз бар дарахт аст, ба муқобили хурмои хушк нафрӯшед».

Ва Абдуллоҳ ибни Умар (р) гуфт: Зайд ибни Собит (р) ба ман хабар дод, ки Паёмбари Худо (с) баъд аз ин байъи арийяро ба хурмои тоза ва хушк иҷоза доданд ва дар ғайри он ба чизи дигаре иҷоза надоданд.

**1034.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани мева то вақте нарасидааст, наҳй фармудаанд ва набояд мева ҷуз ба динор ва дирҳам ба чизи дигаре фурӯхта шавад, магар ароё (ки фурӯхтани он тавре, ки қаблан гузашт, ба мева раво аст).

## БОБИ 45. Фурӯхтани мева бар сари дарахт ба тилло ва нуқра

**1035.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ароё фақат ба андозаи панҷоҳ васақ (панҷоҳ васақ баробари сесад соъ аст) ва ё миқдори камтар аз онро иҷоза доданд.

## БОБИ 46. Фурӯхтани мева пеш аз пухта шудани он

**1036.** Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум дар замони Паёмбари Худо (с) меваашонро (пеш аз расидан ва пухтан) мефурӯхтанд ва чун вақти чидани мева мерасид ва қарздорон меомаданд, харидоре мегуфт: Ин хурмо фосид шудааст. Дигаре мегуфт: Онро офат задааст. Саввумӣ мегуфт: айбе аст. Ва чун дар ин маврид шикоятҳо назди Паёмбари Худо (с) зиёд шуд, аз рӯи иршод ва машварат фармуданд: «Агар хусуматро тарк намекунед, пас то вақте, ки мева қобили истифода намегардад, онро нафрӯшед».

**1037.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз фурӯхтани мева то ҳангоми расиданаш наҳй фармуданд.

Касе пурсид: Расиданаш чӣ вақт аст?

Гуфт: Вақте, ки зард ва ё сурх гардад ва қобили хӯрдан шавад.

## БОБИ 47. Агар меваро пеш аз расиданаш фурӯхта ва пас онро офат зад

**1038.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) аз фурӯхтани мева пеш аз расиданаш наҳй фармуданд.

Касе пурсид: Расидани он чӣ вақт аст? Гуфт: Вақте, ки сурх гардид.

Ва Паёмбари Худо фармуданд: «Агар меваро офат зад, моли бародари худро муқобили чӣ мегирад?»

## БОБИ 48. Агар касе мехост хурмояшро ба хурмои беҳтаре бифурӯшад

**1039.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ ва Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шахсеро барои ҷамъ кардани хурмои Хайбар фиристоданд, он шахс хурмои хуб ва марғуберо овард, Паёмбари Худо (с) пурсиданд: «Тамоми хурмоҳои Хайбар ба ҳамин шакл аст»?

Гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ба Худованд қасам, ки чунин нест, мо як соъ аз ин хурморо ба ду соъ мехарем ва ду соъро ба се соъ.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Чунин макун! Хурмои нописандро ба дирҳам бифрӯш, баъд аз он бо он дирҳам хурмои хуб ва марғубро бихар».

## БОБИ 49. Фурӯхтани меваи норас

**1040.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ин чизҳое наҳй фармудаанд: фурӯхтани ҳосил дар хӯшаи он, фурӯхтани меваи норас, хариду фурӯш ба муҷарради ламс кардан (яъне ба муҷарраде, ки молро ламс кард, бояд ҳатман онро бихарад). Харид ва фурӯш аз тариқи партоб кардан ва андохтан ба ин шакл, ки ба

муҷарради андохтани мол ба тарафи шахси муқобил, байъ лозим гардида ва барои ҳеҷ кадом ихтиёри дигаре нест. Ва фурӯхтани мева ба сари дарахт ба муқобили меваи чидашуда ва хушк.

## БОБИ 50. Урфу одати мардум дар хариду фурӯш ва дигар муомилоташон

**1041.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳинд, модари Муъовия ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Абӯсуфён шахси бахиле аст, оё ба ман гуноҳ хоҳад шуд, агар аз молаш ба таври пинҳонӣ истифода намоям?

Фармуданд: «Ба андозаи кифояти худ ва баччаҳои худ ба таври маъруф истифода кун».

## БОБИ 51. Фурӯхтани як шарик аз тарафи шарики дигар

**1042.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шуфъаро дар моле, ки тақсим намегардад, машруъ намуданд, вале вақте, ки ҳудуд таъйин гардид ва роҳи ҳар мулке ҷудо шуд, дигар шуфъае нест.

*(Шуфъа - муқаддам доштани ҳамсоя дар хариди хона ё замине, ки дар ҷавори ӯст. Масалан: Агар шахсе хонаашро фурӯхтанӣ шавад, аввал ба ҳамсояаш пешниҳод мекунад.)*

## БОБИ 52. Харидани ғуломро аз аҳли ҳарб ва бахшиш намудан ва озод кардани он

**1043.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Иброҳим (ъ) бо Сора муҳоҷират намуд ва чун ба сарзамини подшоҳе аз подшоҳон ва ё тоғуте аз тавоғит расиданд, касе барои он тоғут хабар дод, ки Иброҳим бо зане, ки зеботарини занҳост, ба ин минтақа омадааст. Иброҳим (ъ) ро талаб намуд ва ба ӯ гуфт: Ин зане, ки бо ту аст, ба ту чӣ мешавад?

Гуфт: Хоҳари ман аст.

Сипас (Иброҳим (ъ) назди Сора омад ва ба вай гуфт: Маро дуруғгӯй накунӣ, чун барояш гуфтам, ки ту хоҳари ман ҳастӣ ва ба Худованд қасам, ки дар тамоми рӯйи замин мӯъмине ғайр аз ману ту вуҷуд надорад. Ва Сoраро ба назди он подшоҳи золим фиристод.

Он подшоҳ бархост ва ба тарафи Сора омад. Сора бархост ва вузӯ намуд ва ба намоз хондан шурӯъ намуда, дуо кард: Илоҳо! Агар ба ту ва ба расули ту имон овардам ва ҷуз ба шавҳарам бо каси дигаре наздикӣ накардаам, ин кофирро бар ман мусаллат масоз! Ва ҳамон буд, нафаси он кофир чунон танг шуд ва дучори хафақон шуд, ки пойҳояшро ба замин мекӯбид.

Абӯҳурайра (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Сора дуо кард, ки: Худоё! Агар ин золим бимирад, мегӯянд: ин зан ӯро куштааст ва

ҳамон буд, ки таклифаш бартараф шуд, боз бархоста ва ба тарафи Сора омад.

Сора боз вузӯ сохт ва ба намоз хондан шурӯъ намуд ва дуо кард, ки: Худоё, агар ба ту ва расули ту имон овардаам ва ҷуз ба шавҳарам бо каси дигаре наздикӣ накардаам, кофирро бар ман мусаллат масоз! Боз нафаси он кофир чунон танг шуд ва дучори хафақон гардид, ки пойҳояшро бар замин мекӯбид».

Абӯҳурайра (р) мегӯяд: «Сора дуо намуд ва гуфт: Илоҳо! Агар ин кофир бимирад, мегӯянд: ин зан ӯро куштааст, боз он кофир бори дуввум ё бори саввум наҷот ёфт ва гуфт: Ба Худо савганд аст, ки шумо барои ман шайтонеро овардаед, ӯро назди Иброҳим бибаред ва Ҳоҷарро низ барои ин зан бахшиш бидиҳед.

Сора назди Иброҳим (ъ) баргашт ва гуфт: Дидӣ, ки Худованди мутаъол он кофирро залил сохт ва ин канизакро (аз ҷиҳати хизмат) ба мо дод?

## БОБИ 53. Куштани хук

**1044.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯ аст, наздик аст, ки дар байни шумо ибни Марям (яъне Исо (ъ) ба ҳайси як ҳокими боадолате нузул намояд, салибро мешиканад (мурод аз шикастани салиб ботил эълон кардани ақидаи мунҳарифи насроният ва ҳукм кардан ба шариати исломӣ аст) ва хукро мекушад (яъне несту нобуд мекунад) ва ҷизяро аз байн мебарад ва молу доройӣ он қадар зиёд мешавад, ки касе онро қабул намекунад».

## БОБИ 54. Фурӯхтани суратҳое, ки дорои рӯҳ набошанд ва суратҳое, ки фурӯхтани он макрӯҳ аст

**1045.** Ривоят аст, ки шахсе назди Абдуллоҳ ибни Аббос (р) омада ва гуфт: Эй Абӯаббос, ман шахсе ҳастам, ки маъишатам аз санъати дастам мебошад ва касби ман сурат кашидан аст.

Ибни Аббос (р) гуфт: Ман ба ту чизе ба ҷуз аз он чӣ, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, намегӯям. Аз эшон шунидам, ки мегуфтанд: «Касе сурате мекашад, Худованд то ҳангоме ӯро азоб мекунад, ки ба ин тасвир рӯҳ дамида, ӯро зинда гардонад ва ҳеҷ гоҳ ӯ наметавонад ба он сурат рӯҳ бидамад».

Нафас дар синаи он шахс танг гардид ва рангаш ба зардӣ гароид.

Ибни Аббос (р) ба ӯ гуфт: Вой бар ту, агар насиҳати маро қабул намекунӣ ва ба кори сураткашӣ идома медиҳӣ, пас сурати ин дарахт ва чизҳои беҷонро бикаш.

## БОБИ 55. Гуноҳи касе, ки шахси озодеро мефурӯшад

**1046.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованди мутаъол мефармояд, се гурӯҳанд, ки дар қиёмат ман хасмашон хоҳам буд, касе, ки ба ман савганд мехӯрад ва сипас аҳдро мешиканад, касе, ки шахси озодеро мефурӯшад ва пулашро мехӯрад ва касе, ки шахсеро муздур мегирад ва аз кораш истифода мекунад ва муздашро намедиҳад».

## БОБИ 56. Фурӯхтани худмурда ва фурӯхтани бутҳо

**1047.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки соли фатҳи Макка дар Макка мегуфтанд: «Худованди мутаъол ва Расули ӯ хариду фурӯши шароб, худмурда, хук ва бутҳоро ҳаром гардонидаанд».

Касе гуфт: Ё Расулаллоҳ, дар мавриди чарбуи хук, ки мардум аз он дар сохтани киштиҳо ва равған додани пӯстҳо ва рӯшан кардани чароғҳо истифода мекунанд, чӣ мегӯед? Фармуданд: «На, ҳаром аст». Ва дар ақиби ин сухан фармуданд: «Худованд яҳудро лаънат кунад, вақте, ки Худованди мутаъол чарбуи (ҳайвонот)-ро бар онҳо ҳаром намуд, равғанашро гирифта, сипас онро фурӯхтанд ва пулашро хӯрданд».

## БОБИ 57. Пуле, ки аз фурӯши саг ба даст меояд

**1048.** Аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз пули фурӯши саг ва маҳри зинокор (яъне пуле, ки зани зинокор дар муқобили зино дарёфт медорад) ва пуле, ки фолбин муқобили каҳонат мегирад, наҳй фармуданд.

# -35-
# КИТОБИ САЛАМ
# (пардохти пешакӣ)

## БОБИ 1. Салам дар паймонаи маълум

**1049.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба Мадина омаданд ва мардум муқобили мева барои як сол ва ду сол пули пешакӣ медоданд. (Дар ин замина) фармуданд: «Касе, ки муқобили хурмо пули пешакӣ медиҳад, дар муқобили паймонаи маълум ва вазни маълум бидиҳад».

Ва дар ривояти дигаре аз Ибни Аббос (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ва дар муддати маълум».

## БОБИ 2. Салам дар чизе, ки аслаш дар назди шахс мавҷуд нест

**1050.** Аз Ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Моён дар замони Паёмбари Худо (с) ва замони Абӯбакр ва Умар (р) дар гандум, ҷав ва кишмиш ва хурмо пули пешакӣ медодем.

**1051.** Ва аз Ибни Абӯавфо ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Ба зироаткорони аҳли Шом дар муқобили гандум, ҷав ва равған ба паймонаи маълум ва вазни маълум пули пешакӣ медодем. Касе гуфт: Ин муомиларо бо касоне мекардед, ки асли мол назди онҳо мавҷуд буд? Гуфт: Аз инҳо дар ин маврид намепурсидем.

# -36-
# КИТОБИ ШУФЪА

## БОБИ 1. Тақдими шуфъа барои ҳақдори он

**1052.** Ривоят аст, ки Абурофеъ ғуломи озодшудаи Паёмбари Худо (с) назди Саъд ибни Абӯваққос (р) омада ва гуфт: Ҳамин ду хонаеро, ки дар ҳавлии ту дорам, аз ман бихар.

Саъд гуфт: Ба Худованд савганд, ки ба беш аз чаҳор ҳазор дирҳаме, ки ба қист бошад, нахоҳам харид.

Абӯрофеъ гуфт: Аз ман ба панҷсад динор мехариданд. Агар ин гуфтаи Паёмбари Худо (с)-ро ки фармуданд: «ҳамсоя бо сабаби мулке, ки дорад, мустаҳиқтар аст», намешунидам, ҳаргиз ба ту ба чаҳор ҳазор дирҳам намефурӯхтам, дар ҳоле, ки аз ман ба панҷ ҳазор дирҳам мехаранд. Ва ҳамон буд, ки хонаро ба вай фурӯхт.

## БОБИ 2. Кадом ҳамсоя наздиктар шумурда мешавад

**1053.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ман ду ҳамсоя дорам. Агар чизе тӯҳфа ва ё бахшиш медиҳам, ба кадомашон бидиҳам? Фармуданд: «Ба он, ки дарвозаи хонааш ба ту наздиктар аст».

# -37-
# КИТОБИ ИҶОРА

## БОБИ 1. Дар иҷора

**1054.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо ду нафар аз Ашъарийин назди Паёмбари Худо (с) омадам. Он ду нафар аз Паёмбари Худо (с) хостанд, то онҳоро муваззафи амволи закот созанд.

Он ҳазрат (с) ба Абӯмӯсо гуфтанд: «Инҳо чӣ мегӯянд?»

Гуфтам: Аз ин, ки инҳо ба талаби вазифа омадаанд, ман хабар надоштам.

Фармуданд: «Мо касеро, ки орзуи вазифаро дошта бошад, ҳаргиз ба он вазифа намегуморем».

## БОБИ 2. Чупонӣ кардан дар муқобили чанд қирот

**1055.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованд ҳеҷ пайғамбареро нафиристодааст магар ин, ки он паёмбар чӯпонӣ кардааст».

Саҳоба (р) гуфтанд: Ҳатто шумо?

Гуфтанд: «Бале, ман барои аҳли Макка дар муқобили чанд қирот чӯпонӣ мекардам». (Қирот ҷузъе аз як дирҳам ва ё як динор аст).

## БОБИ 3. Муздурӣ аз аср то шаб

**1056.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мисоли мусалмонон (дар қиёс бо) яҳуд ва насоро монанди шахсе аст, ки мардумеро ба муздурӣ мегирад, то барояш як рӯз аз субҳ то шом муқобили музди муайян кор кунанд. Вале барояш гуфтанд: Моро ба музде, ки барои мо таъйин кардаӣ, зарурате нест ва кореро, ки то ҳоло анҷом додаем, ботил бошад. Он шахс мегӯяд, чунин накунед, бақияи кори худро анҷом диҳед ва музди худро ба таври комил дарёфт кунед. Вале онҳо ибо варзида, корро тарк кунанд.

Он шахс ду нафари дигарро маздур гирифта ва барои онҳо мегӯяд: Шумо ҳамин боқимондаи рӯзро кор кунед, ман муздеро, ки барои онҳо таъйин карда будам, ба таври комил барои шумо медиҳам. Он ду нафар то вақти намози аср кор карда ва ба вай мегӯянд: Он чӣ, ки то ҳоло бароят анҷом додаем, ботил бошад ва музде ҳам аз ту намехоҳем. Он шахс бароишон мегӯяд: Боқимондаи кори худро тамом кунед ва аз рӯз чизи бисёре боқӣ намондааст. Вале онҳо ибо меварзанд ва корро тарк мекунанд.

Он шахс мардуми дигареро муздур мекунад, то боқимондаи рӯзро барояш кор кунанд. Онҳо боқимондаи рӯзро то ғуруби офтоб кор мекунанд ва музди ҳарду гурӯҳи гузаштаро дарёфт мекунанд. Ва ин мисоли мусалмонон ва мисоли он чизе аст, ки аз нур ва ҳидояти Худовандиро қабул кардаанд, мебошад».

## БОБИ 4. Муздуре, ки музди худро нагирифтааст ва мустаъҷир дар он кор карда ва онро зиёд сохтааст

**1057.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мегуфтанд: «Аз мардумоне, ки пеш аз шумо буданд, се гурӯҳ рафтанд ва шабро дар ғоре хобиданд, тахтасанги калоне аз кӯҳ ҷудо гардид ва дари ғорро гирифт. Бо худ гуфтанд, роҳи наҷоти дигаре, ғайр аз ин, ки корҳои неки худро шафеъ оварда ва дуо кунед, бароятон мавҷуд нест.

Яке аз онҳо гуфт: Худоё, падар ва модари пире доштам ва дар нафақа аҳл ва авлоди худро бар онҳо тарҷеҳ намедодам, рӯзе ба талаби чизе аз наздашон дур гардидам ва вақте омадам, ки онҳо хоб рафта буданд, нӯшидании шабро таҳия кардам, вале нахостам, ки пеш аз онҳо ба зан ва фарзандам аз он чизе бидиҳам ва ҳамон гуна қадаҳ ба даст ба интизори бедор шудани онҳо то тулӯъи фаҷр интизор кашидам. Субҳ бедор шуданд ва нӯшидании шаби худро дар ин вақт нӯшиданд. Худоё, агар ин корро хос барои ризои ту анҷом додам, моро аз мусибати ин тахтасанг наҷот бидеҳ. Он тахтасанг андаке пас рафт, вале аз ғор берун шуда наметавонистанд».

Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Шахси дуввумӣ гуфт: Худоё, духтарамаке доштам, ки аз ҳама кас дар наздам маҳбубтар буд, аз вай хостам, то бо ман ҳамбистар шавад, вале ӯ имтиноъ меварзид ва иҷоза намедод, то он ки дар яке аз солҳо ба мушкилии қаҳтӣ дучор гардид, наздам омад, ман барояш саду бист динор додам, то бо ман ҳамбистар гардад, ӯ мувофиқат намуд ва чун мехостам ин амали зиштро бо вай анҷом диҳам, гуфт: Барҳам задани мӯҳреро, ки аз роҳи ғайримашрӯъ мебошад, бароят намебахшам.

Ин сухан бар ман таъсир кард ва дар ҳоле, ки ӯ маҳбубтарини мардумон дар наздам буд, аз он кори зишт мунсариф гардидам ва тиллоҳоеро, ки дода будам, барояш бахшидам. Худоё, агар ин корро хос барои ризои ту анҷом додам, моро аз ин мусибат наҷот бидеҳ. Он тахтасанг миқдори дигаре пас рафт, вале боз ҳам аз ғор берун шуда наметавонистанд».

Паёмбари Худо (с) гуфтанд, ки «нафари саввумӣ гуфт: Худоё, ашхосеро муздур намудам ва муздашонро додам, магар яке аз онҳо, ки музди худро нагирифт ва рафт, он муздашро ба кор андохтам, то ин, ки бисёр гардид, баъд аз муддате он шахс омада ва гуфт: Эй бандаи Худо, муздамро бидеҳ!

Ба ӯ гуфтам: Он чиро, ки аз ин шутурҳо ва говҳо ва гӯсфандҳо ва ғуломон мебинӣ, аз музди ту аст, гуфт: Эй бандаи Худо! Маро масхара макун! Гуфтам: Туро масхара намекунам. Он шахс ҳамаи он амволро гирифта ва чизе ба ҷой нагузошт. Худоё, агар ин корро хос барои ризои ту анҷом додам, моро аз ин мусибат наҷот бидеҳ! Тахтасанг аз дари ғор дур гардид ва онҳо берун шуда рафтанд».

## БОБИ 5. Он чӣ, ки дар муқобили дуохонӣ бояд дод

**1058.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Иддае аз асҳоби Паёмбари Худо (с) ба сафар рафтанд (ва дар масири роҳи худ) ба деҳае аз деҳоти Араб расиданд аз мардуми он деҳа хостанд, то онҳоро меҳмонӣ намоянд, вале онҳо аз меҳмон кардани онҳо ибо варзиданд.

Раиси он деҳаро ҳашараи заҳрдоре газид ва ҳар муолиҷа, ки карданд, манфиат набахшид. Касе аз инҳо гуфт: Назди ин тозаворидон меравем, шояд барои муолиҷаи он чизе дошта бошанд.

Наздашон омада ва гуфтанд: Раиси моро ҳашарае газидааст ва ҳар муолиҷае, ки кардем, фоида набахшид, оё шумо барои муолиҷаи ӯ кадом чизе доред?

Яке аз инҳо гуфт: Бале, дорам ва дуо мехонам, вале мо аз шумо хоста будем, ки моро меҳмонӣ намоед ва шумо ибо варзидед ва ҳоло то ба мо чизе надиҳед, дуохонӣ нахоҳем кард. Билохира дар муқобили чанд адад гӯсфанд мувофиқа намуд, то ӯро дуохонӣ намояд.

Ҳамон буд, ки рафт ва **«Алҳамдулиллоҳи рабил оламин»** хонд ва ба вай дамид. Он шахс монанди он, ки аз ресмон бозшуда бошад, бархост ва ба роҳ афтод ва аслан эҳсоси дард намекард.

Ровӣ мегӯяд: Гӯсфандҳоеро, ки барояшон ваъда карда буданд, доданд. Баъзе аз ҳамроҳонаш гуфтанд: Бояд ин гӯсфандҳоро байни худ тақсим намоем. Он шахсе, ки дуо хонда буд, гуфт: Чунин накунед, балки интизорӣ бикашед, то назди Паёмбари Худо (с) рафта ва қазияро барояшон қисса намоем ва бубинем, ки чӣ мегӯянд?

Чун назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва моҷарорo ба он ҳазрат қисса намуданд, фармуданд: «Аз куҷо фаҳмидӣ, ки (муолиҷааш) дар дуохонии **Алҳамдулиллоҳ** аст?

Баъд аз он фармуданд: «Кори хубе кардед, гӯсфандро байни худ тақсим кунед ва барои ман ҳам ҳиссае ҷудо кунед». Ва Паёмбари Худо (с) хандиданд».

(Паёмбари Худо ин суханро ба хотири хурсанд кардани онҳо аз рӯи ҳазлу зарофат гуфтанд, на аз рӯи воқеият. Қасди он ҳазрат ин буд, ки ин гӯсфандон барои онҳо ҳалол аст.)

## БОБИ 6. Музде, ки аз бордор сохтани ҳайвон ба даст меояд

**1059.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз музде, ки аз бордор сохтани ҳайвон ба даст меояд, наҳй фармудаанд.

# -38-
# КИТОБИ АҲКОМИ ҲАВОЛАҲО

## БОБИ 1. Агар касеро ба шахси сарватманде ҳавола доданд, набояд рад намояд

**1060.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Муъаттал сохтани шахси сарватманд зулм аст ва агар ба шахси пулдоре ҳавола дода шудед, ҳаволаро қабул намоед».

## БОБИ 2. Ҳавола додани қарзи шахси мурда ҷоиз аст

**1061.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) нишаста будем, ки ҷанозаро оварданд, аз Паёмбари Худо (с) хостанд, то бар он намоз бихонанд.

Паёмбари Худо (с) пурсиданд: «Оё ин шахс қарздор аст?»

Гуфтанд: На.

Пурсиданд: «Аз вай чизе тарака мондааст?»

Гуфтанд: На.

Паёмбари Худо (с) бархостанд ва бар ӯ намоз хонданд.

Баъд аз он ҷанозаи дигареро оварданд ва гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Бар ӯ намоз бихонед.

Гуфтанд: «Оё ин шахс қарздор аст?»

Гуфтанд: Бале.

Пурсиданд: «Аз вай чизе тарака мондааст?»

Гуфтанд: Се динор аз ӯ мондааст.

Бархостанд ва бар ӯ намоз хонданд.

Ҷанозаи саввумро оварданд ва гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, бар ӯ намоз бихонед.

Пурсиданд: «Аз худ чизе тарака ба ҷо гузоштааст?»

Гуфтанд: На.

Пурсиданд: «Бар ӯ қарзе ҳаст?»

Гуфтанд: Бале, се динор қарздор аст.

Фармуданд: «Шумо бар ӯ намоз бихонед».

Абӯқатода гуфт: Ё Расулаллоҳ! Шумо бар ӯ намоз бихонед ва қарзаш бар ман бошад. Ва ҳамон буд, ки бархостанд ва бар ӯ намоз хонданд.

## БОБИ 3. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Насиби касонеро, ки бо онҳо ақди таворус бастаед, адо намоед»

**1062.** Ривоят аст, ки касе аз Анас ибни Молик (р) пурсид: Оё ин хабар ба ту расидааст, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Таҳолуфе (ҳампаймонӣ) дар ислом нест?»

Гуфт: Худи Пайғамбар (с) дар хонаам байни Қурайш ва Ансор ақди таҳолуф бастанд.

## БОБИ 4. Агар касе қарзи шахси мурдаро кафил гардид, набояд аз кафолати худ баргардад

**1063.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳангоме, ки моли Баҳрайн бирасад, ба ту ин қадар ва он қадар мол хоҳам дод». Вале то ҳангоми вафоти Паёмбари Худо (с) моли Баҳрайн нарасид. Чун моли Баҳрайн расид, Абӯбакр (р) мунодӣ фиристод, ки агар касе аз Паёмбари Худо (с) ваъда ва ё талабе дошта бошад, назди мо биёяд.

Ман наздаш рафта гуфтам: Паёмбари Худо (с) ба ман чунин ва чунон гуфтанд. Мушти пулеро ба тарафи ман андохт ва гуфт: Онҳоро шумора кун! Шумора кардам, панҷсадто буд.

Гуфт: Ду чанди инҳоро ҳам барои худ бардор.

# -39- КИТОБИ АҲКОМИ ВАКОЛАТ

## БОБИ 1. Дар ваколати шарик

**1064.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба вай гӯсфандонеро доданд, то барои дӯстони худ тақсим намояд. (Он гӯсфандонро тақсим намуда) ва як бузғолае боқӣ монд, мавзӯъро ба Паёмбари Худо (с) гуфт.

Фармуданд: «Ту худат онро қурбонӣ кун».

## БОБИ 2. Агар чӯпон ва ё вакил дид, ки гӯсфанде мурда ва ё чизе талаф мегардад, бояд гӯсфандро забҳ ва он чизро ислоҳ намояд

**1065.** Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Гӯсфандони мо дар кӯҳи Салъ мечариданд. Духтараке дид, ки яке аз гӯсфандони мо дар ҳолати мурдан аст, сангеро шикаста ва гӯсфандро ба он забҳ кард.

Каъб (р) гуфт: То вақте, ки аз мавзӯъи ин гӯсфанд аз Паёмбари Худо (с) напурсидам, (ё ин ки гуфт:) то вақте, ки касеро нафиристанд, ки аз Паёмбари Худо (с) бипурсад, набояд онро бихӯред. Ӯ аз ин мавзӯъ аз Паёмбари Худо (с) пурсид, ё касеро фиристод (ки мавзӯъро аз он ҳазрат (с) бипурсад. Паёмбари Худо (с) ӯро ба хӯрдани он гӯсфанд амр фармуданд.

## БОБИ 3. Вакил гирифтан дар адои қарз

**1066.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки шахсе назди Паёмбари Худо (с) омад ва дар талаби қарзи худ дар муқобили он ҳазрат (с) дуруштзабонӣ намуд (гӯянд, ин аз мунофиқин ё аз мардуми бодиянишин буд). Саҳоба (р) хостанд, то нисбат ба он шахс аксуламал нишон диҳанд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба ӯ чизе нагӯед, чун забони соҳиби ҳақ дароз аст». Сипас фармуданд: «Ҳамсини шутураш барояш шутуре бидиҳед». Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Шутуре монанди шутури ӯ нест, ин шутурҳо бар шутури ӯ бартарӣ доранд.

Фармуданд: «Шутури беҳтаре бидиҳед, зеро беҳтарини шумо касест, ки қарзи худро ба таври шоистатаре адо мекунад».

## БОБИ 4. Агар касе барои вакил ва ё шафеъ чизеро бибахшад, равост

**1067.** Аз Мисвар ибни Махрама (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун намояндаҳои қабилаи Ҳавозин мусалмон шуда омаданд, Паёмбари Худо (с) бархостанд (ва аз онҳо истиқбол намуданд), онҳо аз Паёмбари Худо (с) хостанд, то амвол ва асиронашонро бароящон баргардонад.

Паёмбари Худо (с) дар ҷавоби онҳо фармуданд: «Пешниҳоди хубе дорам (ва он ин аст, ки:) шумо яке аз ду чизро ихтиёр кунед: ё амвол ва ё асиронро ва ман мунтазири омадани шумо будам. Ва Паёмбари Худо (с) баъд аз бозгаштан аз Тоиф бештар аз даҳ рӯз интизори омадани онҳоро доштанд.

Чун онҳо донистанд, ки Паёмбари Худо (с) фақат яке аз он ду чизро бароящон хоҳанд дод, гуфтанд: Мо асиронро ихтиёр мекунем. Паёмбари Худо (с) баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол мусалмононро мухотаб қарор дода ва фармуданд: «Аммо баъд ин, ки бародарони шумо аз гузаштаи худ тавба намуда ва омаданд ва назари ман ин аст, ки асирони онҳоро бароящон бозгардонем. Касе, ки ин пешниҳодро пазируфта ва ризоят дошта бошад, ба он мубодират варзад ва касе, ки мехоҳад насибашро аз аввалин мол (файъ), ки мерасад, адо намоем, ҳамчунон кунад».

Мардум гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Мо барои хотири Паёмбари Худо (с) асиронро пас медиҳем.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мо намедонем, ки дар ин маврид кадом як аз шумо иҷоза додаед ва кадом як иҷоза надодаед, то вақте, ки намояндагони шумо назди мо меоянд, шумо аз ин ҷо биравед».

Онҳо рафтанд ва намояндагон бо онҳо машварат намуданд. Сипас намояндагони онҳо назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтанд: Ҳамагӣ ба ризоияти худ иҷозат додаанд.

## БОБИ 5. Агар вакил чизеро, ки бахшид, дар сурате, ки муваккил иҷоза бидиҳад, равост

**1068.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро вакил гирифтанд, ки закоти Рамазонро муҳофизат намоям. Касе омада ва аз он таъомҳо мушт-мушт бармедошт. Ӯро гирифтам ва гуфтам: Туро назди Пайғамбари Худо (с) хоҳам бурд.

Гуфт: Ман мӯҳтоҷам ва аҳлу аёл дорам ва бо ин мол зарурати шадид дорам. Ӯро раҳо намудам.

Чун субҳ шуд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Абӯҳурайра! Асири шаби гузаштаат чӣ кард? «

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Аз ҳоҷатмандӣ ва аҳл ва аёлаш шикоят намуд, бар вай раҳм намудам ва ӯро раҳо сохтам.

Фармуданд: «Ӯ дурӯғ гуфтааст ва дубора хоҳад омад».

Ва чун Паёмбари Худо (с) фармуданд: ки «ӯ дубора хоҳад омад», ман яқин кардам, ки ӯ дубора хоҳад омад. Аз ин ҷиҳат аз вай мурокибат менамудам ва хангоме, ки омад ва таъомро бармедошт, ӯро гирифтам ва гуфтам: Туро назди Паёмбари Худо (с) хоҳам бурд.

Гуфт: Мӯҳтоҷам ва аҳл ва аёл дорам ва дубора нахоҳам омад.

Боз ба ӯ раҳм карда ва ӯро раҳо сохтам. Чун субҳ шуд, Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Ё Абӯҳурайра! Асират шаби гузашта чӣ кард?»

Гуфтам: Ё Расули Аллоҳ! Аз ҳоҷатмандӣ ва аҳл ва аёлаш шикоят намуд ва ӯро раҳо сохтам.

Фармуданд: «Ӯ дурӯғ гуфтааст ва дубора хоҳад омад».

Бори саввум мурокиби вай гаштам ва чун дидам, ки таъомро бармедорад, ӯро гирифтам ва гуфтам: Туро назди Паёмбари Худо (с) хоҳам бурд, се бор шуд, ки мегӯӣ, дигар нахоҳам омад, вале боз меоӣ.

Гуфт: Маро раҳо кун ва ман ба ту суханонеро ёд медиҳам, ки Худованд ба сабаби онҳо ба ту нафъ хоҳад расонд.

Гуфтам: Он суханон кадом аст?

Гуфт: Ҳангоме, ки ба бистарат рафтӣ, ояталкурсӣ **«Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал ҳайюл қайюм»**-ро то охираш бихон, то субҳ аз тарафи Худованд бар ту ҳофиз ва нигаҳбоне мебошад ва шайтон ба ту наздик намешавад. Ва ман ӯро раҳо намудам.

Чун субҳ шуд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: Шаби гузашта асират чӣ кард?

Гуфтам: Ӯ гуфт: Суханеро ба ту ёд медиҳам, ки Худованд барои ту манфиат мерасонад. Ман ҳам ӯро раҳо сохтам.

Фармуданд: «Он суханон чӣ буд».

Гуфтам: Ӯ бароям гуфт: Ҳангоме, ки ба бистарат рафтӣ, ояталкурсӣ **«Аллоҳу ло илоҳа илло ҳуввал ҳайюл қаюм»**-ро то охираш бихон, то субҳ аз тарафи Худованд бар ту ҳофиз ва нигаҳбон бошад ва шайтон ба ту наздик намешавад. Ва саҳоба (р) ба кори хайр бисёр ҳарис буданд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бо он, ки ӯ дурӯғгӯ аст, лекин ба ту рост гуфтааст. Вале, эй Абӯҳурайра! Оё медонӣ, ки дар ин се шаб бо кӣ сарукор доштӣ?» Гуфтам: На.

Фармуданд: «Бо шайтон».

## БОБИ 6. Агар вакил чизеро ба байъи фосид фурӯхт, байъаш мардуд аст

**1069.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Билол (р) барои Паёмбари Худо (с) хурмои барниро овард. (Барнӣ яке аз анвоъи хуби хурмо аст).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин хурмо аз куҷост?»

Билол гуфт: Хурмои хароб ва номатлубе доштам, аз он хурмо ду соъро ба як соъ (аз ин хурмои хуб) фурӯхтам, то барои Паёмбари Худо (с) биёварам.

Чун Паёмбари Худо (с) ин суханонро шуниданд, фармуданд: «Эй вой, эй вой, ин айни суд аст, ин айни суд аст, чунин макун, агар мехостӣ (аз хурмои хуб) харидорӣ намоӣ, хурмои худро ҷудогона бифурӯш ва ба пули он аз ин хурмо харидорӣ кун».

## БОБИ 7. Вакил гирифтан дар иқомаи ҳудуд

**1070.** Аз Уқба ибни Ҳорис (р) ривоят аст, ки гуфт: Нуъаймон (ё ибни Нуъаймон)-ро ба тӯҳмати шаробхӯрӣ оварданд.

Паёмбари Худо (с) ба касоне, ки дар он хона буданд, амр карданд, ки ӯро бизанед.

Уқба (р) мегӯяд: Ман ҳам аз касоне будам, ки ӯро задам, ӯро ба кафш ва чӯб мезадем.

# -40- КИТОБИ ОН ЧӢ, КИ ДАР МАВРИДИ КИШТ ВА ЗИРОАТ ОМАДААСТ

## БОБИ 1. Фазилати кишт ва ниҳолшинонӣ

**1071.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳар мусалмоне, ки ниҳолеро шинонад ва ё чизеро кишт намояд ва аз он ниҳол ва ё кишт парранда, инсон ва ё ҳайвон чизеро бихӯрад, он чизе барояш садақа маҳсуб мешавад».

## БОБИ 2. Уқубати машғул шудан ба васоили зироатӣ ва таҷовуз аз ҳадде, ки ба он амр гардидааст.

**1072.** Ривоят аст, ки чун чашми Абӯумомаи Боҳилӣ (р) ба сипору оҳани сипор ва дигар васоили зироатӣ афтод, гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Ин олат ба хонаи ҳеҷ кас дохил нашудааст, магар он, ки Худованд бадбахтиро ба он хона дохил намудааст».

## БОБИ 3. Доштани саг барои нигаҳбонӣ аз кишт ва зироат

**1073.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Агар касе саге дошта бошад, аз амалаш дар ҳар рӯзе як қирот кам мешавад, магар саге, ки барои ҳифозати кишт ва ё ҳифозати ҳайвонот бошад».

**1074.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «... магар саге, ки барои ҳифозати гӯсфандон ва ё ҳифозати кишт, ва ё ҷиҳати шикор бошад».

**1075.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «магар саге, ки барои шикор ва ё ҳифозати ҳайвонот бошад».

## БОБИ 4. Истифода аз гов барои зироаткорӣ.

**1076.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Дар ҳоле, ки шахсе болои гове савор буд, он гов ба тарафаш назар кард ва гуфт: Ман барои савор шудан халқ нашудаам, ман барои зироат халқ шудаам. (Баъзе аз касоне, ки ин суханро

шуниданд, гуфтанд: Субҳоналлоҳ, гов сухан мегӯяд?

Паёмбари Худо (с) ин таъаҷҷубро аз онҳо диданд), фармуданд, ки ман ва Абӯбакр ва Умар ин чизро тасдиқ намудем.

Ва гург гӯсфандеро гирифт ва чӯпон ӯро таъқиб намуд.

Гург гуфт: Дар рӯзи даррандагон рӯзӣ аст ва рӯзе, ки аслан чӯпоне вуҷуд надорад, аз ин гӯсфанд ба ҷуз аз ман кӣ дифоъ хоҳад кард. Ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ман ва Абӯбакр ва Умар ин чизро тасдиқ намудем». Ва Абӯҳурайра (р) гуфт: Рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) ин суханро гуфтанд, Абӯбакр ва Умар (р) дар он маҷлис ҳузур надоштанд.

## БОБИ 5. Агар гуфт, ки заҳмати дарахтони хурморо шумо мутаҳаммил шавед

**1077.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми ансор барои Пайғамбари Худо гуфтанд: Дарахтони хурморо байни мо ва байни бародарони мо (яъне муҳоҷирин) тақсим кунед.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «На,» (чунин намекунам).

Ансор гуфтанд: Заҳматро шумо мутаҳаммил шавед (яъне обёрӣ ва дигар заҳматро шумо бардоред), шуморо дар мева шарик медиҳем.

(Муҳоҷирин) гуфтанд: Ин суханро шунида ва қабул дорем.

**1078.** Аз Рофеъ ибни Хадиҷ (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо аз ҳамаи мардуми Мадина ба кори зироат бештар машғулият доштем. Заминро дар муқобили ноҳияе, ки онро барои соҳиби замин таъйин мекардем, ба киштманде медодем. Гоҳе мешуд, ки он қисмати аз заминро офат мезад ва дигар қисматҳо солим мемонд ва гоҳе мешуд, ки дигар қисматҳоро офат мезад ва он қисмат солим мемонд, вале аз ин навъ зироаткорӣ наҳй гардидем ва албатта дар ин ҳангом (кироя додани замин) ба тилло ва нуқрае одат набуд.

## БОБИ 6. Зироаткорӣ ба қисмате аз ҳосил

**1079.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) Хайбарро ба қисмате аз ҳосили мева ва кишти он ба музориъат доданд. (Аз ҳосили он) барои ҳамсарони худ сад васқ медоданд, ҳаштод васқ хурмо ва шаст васқ ҷав (ҳар васқ ҳудуди шаст соъ аст.)

**1080.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) аз зироаткорӣ наҳй нафармуданд, вале гуфтанд, ки: «Агар касе заминро (ба таври ройгон) дар ихтиёри бародари худ қарор диҳад, барои худ кишт намояд, беҳтар аз он аст, ки дар муқобили он аз вай чизи муайяне бигирад».

## БОБИ 7. Авқофи Паёмбари Худо (с) ва замини хироҷ ва зироат ва муомилаи аҳли хироҷ

**1081.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар ғами мусалмононе, ки баъд аз ин меоянд, намебуд, ҳар қарияро, ки фатҳ мекардам, онро ба мисле, ки Пайғамбари Худо (с) Хайбарро тақсим намуданд, дар байни муҷоҳиддин тақсим мекардам.

## БОБИ 8. Касе, ки замини бекорхобидаро корам созад

**1082.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки замини бе соҳиберо обод намояд, аз дигарон ба он замин мустаҳиқтар аст».

**1083.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Умар (р) яҳуд ва насороро аз сарзамини Ҳиҷоз берун намуд ва Пайғамбари Худо (с) ҳам ҳангоме, ки Хайбарро фатҳ намуданд, мехостанд яҳудро аз ин ҷо хориҷ созанд ва ҳангоме ки сарзамини Хайбар фатҳ гардид, мутааллиқ ба Худо ва Расули ӯ (с) ва мусалмонон гардид ва чун Пайғамбари Худо (с) азми берун кардани яҳудро намуданд, яҳуд ба Паёмбари Худо (с) пешниҳод карданд, ки онҳо дар ин ҷо киштукор намоянд ва ними ҳосили он аз онҳо бошад.

Паёмбари Худо (с) ба онҳо гуфтанд: «Ба ҳамин чиз, то ҳангоме, ки мо бихоҳем, бо шумо мувофиқат мекунам». Ва то ҳангоме, ки Умар (р) онҳоро ба тарафи Таймоъ ва Арийҳо хориҷ сохт, дар ҳамон ҷо сукунат доштанд.

## БОБИ 9. Ҳамкории саҳобаи Паёмбари Худо (с) бо якдигар дар зироат ва мева

**1084.** Аз Рофеъ ибни Хадиҷ (р) ривоят аст, ки гуфт: Амакам Зуҳайр ибни Рофеъ гуфт, ки Паёмбари Худо (с) аз коре, ки барои суҳулате буд, наҳй фармуданд.

Гуфтам: Он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд, ҳақ аст.

Гуфт: Маро Паёмбари Худо (с) талабида ва пурсиданд: «Шумо бо заминҳои худ чӣ кор мекунед?»

Гуфтам: Онҳоро ба чаҳоряк ва ба чанд (васке) аз хурмо ва ҷав ба иҷора медиҳем.

Гуфтанд: «Чунин накунед, ё худи шумо бикоред, ё ба музориъат бидиҳед ва ё ҳамон тавр нигоҳ доред». Рофеъ (р) мегӯяд: дар ҷавобашон гуфтам: Ба сар ва чашм кабул дорам.

**1085.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) заминҳои зироатии худро дар замони Паёмбари Худо (с) ва хилофати Абӯбакр ва Умар (р) ва ибтидои хилофати Муъовия (р) ба иҷора медод. Баъд аз он аз тарафи Рофеъ ибни Хадиҷ (р) барояш хабар расид, ки Пайғамбари Худо (с) аз

иҷора додани замини зироатӣ наҳй фармудаанд. Ибни Умар (р) назди Рофеъ ибни Хадиҷ (р) рафта ва аз вай дар замина пурсон намуд, ӯ гуфт: Паёмбари Худо (с) аз иҷора намудани замини зироатӣ наҳй фармудаанд.

Ибни Умар ба ӯ гуфт: Худат хабар дорӣ, ки мо заминҳои зироатии худро дар замони Паёмбари Худо (с) ба чаҳоряк ва чизе аз коҳ иҷора медодем.

**1086.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман дар замони Паёмбари Худо (с) медонистам, ки замин ба иҷора дода мешавад.

(Ровӣ мегӯяд): баъд аз он Абдуллоҳ (ибни Умар (р) тарсид, ки мабодо Паёмбари Худо (с) ҳукме содир карда бошанд, ки ӯ аз он иттилоъе надошта бошад, аз ин ҷиҳат аз иҷора додани замин худдорӣ намуд.

## БОБИ 10

**1087.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Пайғамбари Худо (с), дар ҳоле, ки шахсе аз аҳли бодия наздашон нишаста буд, фармуданд: «Шахсе аз аҳли биҳишт иҷоза хост, то дар дохили биҳишт кишт ва зироат намояд. Худованд ба ӯ гуфт: Оё ҳар чизе, ки мехоҳӣ, наздат нест? Гуфт: Чаро не? Ҳама чиз ҳаст, вале ман киштро хуш дорам. Ва ҳамон шахс базр намуда, тухм пошид ва лаҳзае нагузашт, ки (зироаташ) сабз гардид, расид ва дарав шуд ва ба андозаи кӯҳҳо боло омад.

Худованд барояш гуфт: Эй фарзанди Одам, ҳамаро бигир, зеро ҳеҷ чиз туро сер намекунад».

Он шахси бодиянишин гуфт: Ба Худо қасам, он шахс қурайшӣ аст ва ё ансорӣ, зеро онҳо аҳли кишт ва зироатанд, вале мо аҳли кишт ва зироат нестем.

Паёмбари Худо (с) хандиданд.

# -41- КИТОБИ ЗИРОАТ ВА ОБЁРӢ

## БОБИ 1. Обёрӣ

**1088.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт, барои Паёмбари Худо (с) қадаҳи оберо оварданд, онро нӯшиданд. Дар ин вақт дар тарафи росташон ҷавоне нишаста буд, ки хурдтарини афроди маҷлис буд ва ба тарафи чапашон бузургсолон қарор доштанд.

Фармуданд:»Эй ҷавон, иҷозат бидеҳ, ки ин қадаҳи обро ба бузургсолон бидиҳам».

Он ҷавон гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ҳаргиз намехоҳам, ҳеҷ каси дигареро дар обе, ки аз нӯшидани шумо боқӣ мондааст, бар худ тарҷеҳ диҳам. Ва Паёмбари Худо (с) боқимондаи он обро ба он ҷавон доданд.

**1089.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз гӯсфанде, ки дар хона парвариш медодем, миқдори ширеро барои Паёмбари Худо (с) дӯшидем ва он ширро бо миқдори обе, ки аз чоҳи хонаи худ кашида будем, махлут намудем. Ширро ба Паёмбари Худо (с) додам, эшон аз он шир нӯшиданд.

Чун қадаҳро аз даҳони худ бардоштанд, дар тарафи чапашон Абӯбакр (р) ва дар тарафи росташон шахси бодиянишине нишаста буд ва Умар (р) аз хавфи ин, ки мабодо Пайғамбари Худо (с) шири боқимондаро ба он шахси бодиянишин бидиҳанд, сабқат намуда ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, Абӯбакр (р) наздатон нишаста, ширро ба ӯ бидиҳед. Вале Паёмбари Худо (с) ширро ба он шахси бодиянишин дода ва фармуданд: «Бояд аз тарафи рост шурӯъ намуд».

## БОБИ 2. Соҳиби об то вақте, ки сероб шавад, ба он об мустаҳиқтар аст

**1090.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Обе, ки аз андозаи зарурат зиёдтар бошад, набояд сабаби мамониат аз чаронидани алафзор шавад».

**1091.** Ва аз (Абӯҳурайра (р)) дар ривояти дигаре омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оби зиёди худро аз дигарон дареғ накунед, то ки сабаби мамониат аз чаронидани зиёди алафзорон шавед».

## БОБИ 3. Даъво бар сари чоҳ ва қазоват дар он

**1092.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) аз Паёмбари Худо (с) риво аст, ки фармуданд: «Касе, ки ба дурӯғ савганд мехӯрад ва ба сабаби савганди дурӯғ моли мусулмонеро молик мешавад, дар ҳоле, Худованди мутаъолро мулоқот менамояд, бар вай ғазабнок аст.

Ва Худованд ин ояи муборакро нозил гардонид: «**Касоне, ки аҳду паймони Худованд ва қасамҳои худ маблағи андакеро ба да меоваранд,** *(барои чунин ашхосе)* **дар қиёмат насибе нест ва Худованд онҳо сухан намегӯяд ва ба тарафашон назар намекунад ва ҳамчунин ҳ онҳоро** *(аз гуноҳ)* **пок намекунад ва барои онҳо азоби дардноке ас** *(Оли Имрон: 77)*

Ашъас омад ва гуфт: Абӯабдурраҳмон ба шумо чӣ гуфт? Ин оя д бораи ман нозил гардидааст, дар замини писари амакам чоҳе дошт (ӯ даъво кард, ки чоҳ аз ӯст).

Пайғамбари Худо (с) бароям гуфтанд: «Шоҳидонатро биёвар».

Гуфтам: Шоҳид надорам.

Фармуданд: « Ӯ бояд савганд бихӯрад».

Гуфтам: Ӯ савганд мехӯрад.

Паёмбари Худо (с) ҳадиси мазкурро гуфтанд ва Худованди мутаъ ин ояи каримаро ҷиҳати тасдиқи Расули худ нозил фармуд.

## БОБИ 4. Гуноҳи касе, ки обро аз раҳгузар манъ мекунад

**1093.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо фармуданд: «Се гурӯҳанд, ки дар рӯзи қиёмат Худованд ба тара онҳо назар намекунад ва онҳоро (аз гуноҳ) пок нахоҳад кард барояшон азоби дарднокест. Касе, ки дар канори роҳ обро аз андоз ҳоҷати худ зиёдтар дошта ва онро аз раҳгузарон дареғ медорад. Ка ки байъаташ бо имом барои ғаразҳои дунявӣ бошад, ба тавре, ки аг чизеро барояш бидиҳад, аз вай хуш мешавад ва агар надиҳад, озурда хашмгин мегардад. Ва касе, ки моляшро баъд аз аср ба маърази фур гузошта ва ба дурӯғ бигӯяд: Ба Худованд савганд, ки онро аз ман чунин ва чунон маблағе мехариданд ва тарафи муқобил ҳам суханаш бовар намоянд».

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ин ояи муборакро тиловат намуда **Касоне, ки ба аҳду паймони Худованд ва қасамҳои худ мабл андакеро ба даст меоваранд, барои чунин ашхосе дар қиёмат насибе н ва Худованд бо онҳо сухан намегӯяд ва ба тарафашон нигоҳ намекун ва ҳам чунин онҳоро** *(аз гуноҳ)* **пок нахоҳад кард ва барои онҳо аз дардноке аст.**

## БОБИ 5. Фазилати об додан

**1094.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шахсе дар роҳ мерафт, ташнагӣ бар ӯ ғалаба намуд, дар чоҳе дохил гардид ва об хӯрд. Чун аз чоҳ берун шуд, дид, ки саге бар сари чоҳ аз ташнагӣ хокҳоро ба даҳонаш мегирад. Ба худ гуфт: Ин ҳайвон ҳам монанде, ки ман ташна будам, ташна аст.

Кафши худро пур аз об карда, ба даҳани худ гирифт ва аз чоҳ боло шуд ва сагро ба ин тариқ об дод. Худованд ин амалашро қабул намуд ва гуноҳонашро омурзид».

Пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Аз некӣ кардан ба чорпоён ҳам барои мо савоб дода мешавад?

Фармуданд: «Некӯӣ кардан ба ҳар зиндаҷоне савоб дорад».

## БОБИ 6. Касе, ки соҳиби ҳавз ва соҳиби машки обро мустаҳиқтар медонад

**1095.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, баъзе аз ашхосро чунон аз ҳавзи худ (яъне Ҳавзи Кавсар) хоҳам ронд, ба мисле, ки шутури бегона аз ҳавзи (дигарон) ронда мешавад».

**1096.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Се гурӯҳанд, ки Худованди мутаъол дар рӯзи қиёмат бо онҳо сухан намегӯяд ва ба тарафашон назар нахоҳад андохт: Касе, ки бар молаш ба дурӯғ қасам бихӯрад, ки онро ба чунин ва чунон маблағе харидаанд, касе, ки баъд аз аср ба дурӯғ қасам хӯрда ва ба сабаби ин қасам моли мусалмонеро бихӯрад ва касе, ки зиёдии оби худро аз дигарон дареғ намояд ва Худованди мутаъол барои чунин шахс мегӯяд, ки: Ман имрӯз фазл ва меҳрубонии худро аз ту ончунон дареғ медорам, ки ту оберо, ки аз ҳоҷатат зиёд буд ва худат онро насохта будӣ, аз дигарон дареғ менамудӣ».

## БОБИ 7. Ихтисос намудани чизе ҷуз барои Худо ва Расулаш нест

**1097.** Аз Саъд ибни Ҷассома (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Махсус кардани чизе, ки ҷуз барои Худо ва Расулаш намебошад. (Яъне ҳеҷ кас ҳақ надорад минтақаеро, ки соҳиб надорад, барои истифодаи шахсӣ ва ё чарондани чорпоёнаш ихтисос диҳад, балки ин гуна манотиқ ҳаққи умумии мардум буда ва барои истифодаи ҳамагон аст).

## БОБИ 8. Нӯшидани об аз ҷӯйҳо барои мардум ва чорпоён

**1098.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Асп барои шахсе сабаби музд ва барои шахсе сабаби ҳифзи обрӯ ва барои шахсе сабаби гуноҳ аст. Асп барои касе сабаби музд аст, ки аспро ба мақсади ҷиҳод дар роҳи Худо дар сабзазор ва ё боғча нигаҳдорӣ менамояд ва то ҳар андозае, ки ресмони чарои он асп дар он сабзазор ва ё боғча бирасад, барои соҳибаш савоб аст ва агар ресмони он асп канда шавад ва асп ин тарафу он тараф бидавад ва ба ин пушта ва он пушта барояд, дар ҳар қадамаш ва дар ҳар саргин андохтанаш барои соҳибаш савоб аст ва агар ба ҷӯйи обе расида ва аз он ҷӯй бидуни он, ки соҳибаш ӯро об бидиҳад, об бинӯшад, аз ин об нӯшидан барои соҳибаш савоб аст. Пас чунин аспе барои соҳибаш сабаби савоб аст.

Ва дигарӣ касест, ки аспро барои ин, ки аз дигарон бениёз бошад, нигаҳдорӣ менамояд ва ҳаққи Худоро дар вай фаромӯш намекунад. Асп барои чунин шахсе ҳимоя ва парда аст. Вале касе, ки аспро ба қасди ифтихор ва риё ва душманӣ бо мусалмонон нигаҳдорӣ менамояд, чунин аспе барои соҳибаш сабаби гуноҳ хоҳад буд.

Касе аз Паёмбари Худо (с) роҷеъ ба (вуҷуби закоти) хар пурсид. Фармуданд: «Бар ман дар ин маврид ба хусус чизи дигаре ҷуз ин ояи ҷомеъ нозил нагардидааст: **Касе, ки ба андозаи заррае кори некеро анҷом диҳад, ҷазои онро хоҳад дид ва касе, ки ба андозаи заррае кори бадеро анҷом диҳад, ҷазои онро хоҳад дид.**

## БОБИ 9. Ҳезум ва гиёҳ

**1099.** Аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз ғаниматҳои ҷанги Бадр, ки бо Паёмбари Худо (с) иштирок намуда будам, шутури пире бароям расид ва Паёмбари Худо (с) шутури пири дигаре бароям доданд.

Рӯзе ин ду шутурро дар наздикии хонаи яке аз ансор хобондам ва мақсадам он буд, то бар онҳо изхирро бор карда ва бифурӯшам (Изхир як навъи гиёҳе аст, ки арабҳо дар баъзе корҳо аз он истифода мекарданд) ва шахси заргаре аз мардуми бани Қайнуқоъ низ бо ман буд ва мехостам аз фурӯши ин чизҳо кори арӯсиамро бо Фотима (р) тартиб диҳам.

Дар ин вақт (Дар ҳамон хонае, ки шутуронро дар пеши рӯи он хобонда будам) Ҳамза ибни Абдулмутталиб бо канизаке ба шаробхӯрӣ машғул буд. Он канизак барояш ҳангоми ғазалхонӣ гуфта буд, ки эй Ҳамза, ба сӯи шутурони чоқ биштоб.

Ва Ҳамза бо шамшераш ба онҳо ҳамла намуда, кӯҳонҳои онҳоро бурид ва паҳлуяшонро дарид ва ҷигарҳояшонро даровард. Алӣ (р) мегӯяд: Аз мушоҳидаи ин ҳолат сахт мутаҳаййир гардида ва назди

Паёмбари Худо (с) омадам ва дар ҳоле, ки Зайд ибни Ҳориса наздашон нишаста буд, аз воқеа барояшон хабар додам.

Паёмбари Худо (с) бо Зайд берун шуданд ва ман ҳам ҳамроҳашон рафтам. Паёмбари Худо (с) назди Ҳамза рафта ва бар ӯ қаҳр намуданд. Ҳамза чашмашро боло намуда ва гуфт: Оё шумо навкарони падари ман нестед?

Паёмбари Худо (с) ақиб-ақиб рафтанд, то аз наздаш хориҷ гардиданд ва ин воқеа пеш аз ҳаром шудани шароб буд.

## БОБИ 10. Қатоеъ (яъне ихтисос додани замине барои баъзе ашхос)

**1100.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мехостанд заминҳоеро аз Баҳрайн барои ансор ихтисос диҳанд. Мардуми ансор гуфтанд: То вақте, ки барои бародарони муҳоҷири мо ҳамин гуна заминҳоеро ихтисос надиҳед (қабул намекунем).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Баъд аз ман касонеро хоҳед дид, ки худро бар шумо тарҷеҳ диҳанд ва дар ин вақт сабр кунед, то маро мулоқот намоед».

## БОБИ 11. Касе, ки роҳрав ва ҷӯйи обаш аз нахлистони шахси дигаре мегузарад

**1101.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Агар касе дарахти хурмоеро баъд аз ин, ки пайванд шудааст, харид, меваи он дарахт аз фурӯшанда аст, магар он, ки харидор (ҳангоми харид) онро барои худ шарт намояд ва агар касе ғуломеро, ки дорои моле ҳаст, харид, моли он ғулом аз фурӯшанда аст, магар он, ки харидор онро барои худ шарт намояд».

# -42- КИТОБИ ҚАРЗ ГИРИФТАН, АДОИ ҚАРЗ ВА МУФЛИС ШУДАН

## БОБИ 1. Гирифтани моли мардум ҷиҳати адо намудан ва ё ба қасди талаф кардан

**1102.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки моли мардумро бигирад ва қасдаш адои он бошад, Худованди мутаъол асбоби адои онро муҳайё месозад ва касе, ки моли мардумро бигирад ва қасдаш талаф кардан ва аз байн бурдани он бошад, Худованди мутаъол асбоби талаф шудани он молро муҳайё месозад».

## БОБИ 2. Адои қарз

**1103.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) будам, ки чашмашон ба кӯҳи Уҳуд афтод.

Фармуданд: «Агар ин кӯҳ бароям ба тилло мубаддал гардад, намехоҳам, ки беш аз се рӯз диноре аз онро дар назди худ нигаҳ дорам, магар динореро, ки барои адои қарз бошад».

Баъд аз он фармуданд: «Касоне, ки моли онҳо бисёр аст, савоби онҳо кам аст, магар касе, ки молро чунин ва чунон бахшиш кунад ва албатта чунин касон каманд».

Ва ба ман гуфтанд: «Ба ҷои худ истода бош».

Худашон каме пештар рафтанд ва ман овозеро шунидам, мехостам, каме пештар биравам, ёдам омад, ки фармуданд: «Ба ҷои худ истода бош».

Чун пас омаданд, гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Овозеро, ки шунидам, чӣ буд? Фармуданд: «Овозеро шунидӣ?» Гуфтам: Бале.

Фармуданд: «Ҷабраил (ъ) наздам омад ва гуфт: Касе, ки аз уммати ту фавт намуда ва ба Худо ширк наёварда бошад, ба биҳишт дохил хоҳад гардид».

Гуфтам: Ва агарчанде, ки чунин ва чунон карда бошад? (Яъне гуноҳони кабира намуда бошад).

Фармуданд: «Бале».

## БОБИ 3. Адои шоистаи қарз

**1104.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоми чошт дар ҳоле, ки Пайғамбари Худо (с) дар масҷид буданд, наздашон омадам.

Гуфтанд: «Ду ракаат намоз бихон». Ва аз ман бар зиммаашон қарзе буд, қарзи маро доданд ва чизе ҳам бар он афзуданд.

## БОБИ 4. Намози ҷаноза бар шахси қарздор

**1105.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман барои ҳар мусалмоне дар умури дунё ва охират аз худаш нисбат ба ӯ дӯстар ҳастам, агар меҳоҳед, ин оятро тиловат намоед: «**Пайғамбар ба мусалмонон аз худи онҳо дӯстар аст. Ҳар мусалмоне, ки фавт мегардад ва молеро ба ирс мегузорад, он мол мутааллиқ ба ворисонаш мебошад ва касе, ки (мемирад ва аз вай) қарз ва ё аҳлу аёли мӯҳтоҷе боқӣ монда бошад, назди ман биёяд, ман мутаҳаммили он чизҳо хоҳам шуд».** *(Аҳзоб:6)*

## БОБИ 5. Он чӣ, ки дар мавриди зоеъ кардани мол омадааст

**1106.** Аз Муғийра ибни Шӯъба (р) ривоят аст, ки гуфт: «Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд бар шумоён ин чизҳоро ҳаром кардааст: ранҷонидани модарон, зинда ба гӯр кардани духтарон, худдорӣ аз адои чизе, ки адои он лозим аст ва талабидани чизе, ки гирифтани он ҳаром аст. Ва ин чизҳоро барои шумо макрӯҳ қарор додааст: Гуфтугӯи бидуни лузум, суол кардани бисёр ва зоеъ сохтани мол».

# -43-
# КИТОБИ ХУСУМОТ

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди ашхос ва хусумат байни мусалмон ва яҳуд омадааст

**1107.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки (гуфт:) Аз шахсе шунидам, ки оятро ба хилофи он чӣ, ки аз Пайғамбари Худо (с) шунида будам, тиловат менамуд.

Он шахсро гирифтам ва назди Паёмбари Худо (с) овардам. (Тиловати ҳардуи моро шунида) ва фармуданд: «Ҳардуи шумо хуб тиловат мекунед, вале бо якдигар ихтилоф накунед, зеро мардуме, ки пеш аз шумо буданд, ҳамин тавр ихтилоф намуданд ва сабаби ҳалокашон гардид».

**1108.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ду нафар бо якдигар даъво намуданд ва якдигарро дашном доданд, шахсе аз мусалмонон ва шахсе аз яҳуд.

Мусалмон гуфт: Қасам ба зоте, ки Муҳаммад (с)-ро бар ҳамаи ҷаҳониён бартарӣ додааст. Ва яҳуд гуфт: Қасам ба Зоте, ки Мӯсо (ъ)-ро бар ҳамаи ҷаҳониён тарҷеҳ додааст.

Мусалмон чун инро шунид, дасташро боло бурд ва бар рӯи шахси яҳудӣ зад.

Яҳудӣ назди Паёмбари Худо (с) рафт ва он чиро, ки байни ӯ ва байни он мусалмон рух дода буд, баён намуд. Паёмбари Худо (с) мусалмонро хостанд ва аз қазия пурсиш намуданд.

Ӯ қазияро барояшон гуфт. Фармуданд: «Маро ба Мӯсо (ъ) тарҷеҳ надиҳед, чун дар рӯзи қиёмат ҳамаи мардум афтода ва беҳуш мегарданд ва ман бо онҳо беҳуш мешавам ва аввалин шахсе, ки ба ҳуш меояд, ман ҳастам. Дар ин вақт мебинам, ки Мӯсо (ъ) гӯшае аз Аршро маҳкам гирифтааст, вале намедонам, ки ӯ ҳам беҳуш гардида буд ва пеш аз ман ба ҳуш омадааст ва ё аз касоне аст, ки Худованд онҳоро аз беҳуш шудан истисно намудааст».

**1109.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки шахсе аз яҳуд сари духтаракеро байни ду санг кӯфт. Аз вай пурсиданд: Кӣ чунин кардааст? Фалонӣ? Ва ё фалонӣ? Чанд нафарро барояш ном бурданд, то ин, ки номи он яҳудиро низ гуфтанд.Он духтар ба сараш ишора намуд, ки бале, ҳамин

шахс аст, он яҳудиро гирифтанд ва ӯ иқрор намуд. Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то сарашро байни ду санг бикӯбанд.

## БОБИ 2. Суханони хусум бар алайҳи якдигар

**1110.** Ҳадиси Ашъас (р) дар мавриди мухосамааш бо шахсе аз аҳли Ҳазрамавт қаблан гузашт ва дар ин ривоят мегӯяд, ки ин мухосама байни ӯ ва байни шахсе аз яҳуд буд.

# -44-
# КИТОБИ ЁФТАҲО

## БОБИ 1. Агар соҳиби моли гумшуда нишони моламро гуфт, мол ба вай дода мешавад

**1111.** Аз Убайи ибни Каъб (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамёнеро ёфтам, ки дар он сад динор буд, онро назди Паёмбари Худо (с) овардам.

Фармуданд: «Як сол онро эълон кун».

Як сол онро эълон кардам ва касеро, ки онро бишносад, наёфтам.

Дубора назди он ҳазрат (с) омадам.

Фармуданд: «Як соли дигар онро эълон кун».

Як соли дигар онро эълон кардам, вале касеро наёфтам, ки онро бишносад.

Бори саввум назди эшон омадам.

Фармуданд: «Зарфи он, миқдори он ва сарбанди онро ҳифз кун (яъне ба хотир биспор), агар соҳибаш омад, (моламро бароям бидеҳ) ва агар наёмад, аз он истифода кун».

## БОБИ 2. Агар хурмоеро дар роҳ ёфт

**1112.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Гоҳе ба хонаам назди аҳлу авлодам меравам ва мебинам, ки хурмое рӯи бистарам афтодааст, онро бармедорам, ки бихӯрам ва чун метарсам, ки мабодо аз хурмои садақа бошад, онро дур меандозам.

# -45-
# КИТОБИ ДОДХОҲӢ АЗ ЗУЛМИ МАРДУМ БАР ЯКДИГАР

## БОБИ 1. Ҷазои зулму ситам

1113. Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Вақте, ки мусалмонон аз дӯзах наҷот меёбанд, дар канори пуле байни дӯзах ва биҳишт нигаҳ дошта мешаванд, баъд аз тасфияи ҳисоб барояшон иҷозаи духул ба биҳишт дода мешавад ва савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад (с) дар дасти ӯ аст, ҳар касе маскан ва ҷояшро дар биҳишт аз хонае, ки дар дунё дар он зиндагӣ мекардааст, беҳтар мешиносад».

## БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Бидонед, ки лаънати Худо бар золимин аст»

1114. Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Худованди мутаъол ба шахси мӯъмин наздик мегардад ба ӯ раҳмат карда ва айбҳояшро мепӯшонад ва ба вай мегӯяд: Оё аз ин гуноҳ ёдат ҳаст ва хабар дорӣ? Он шахси мӯъмин мегӯяд: Парвардигоро, бале (ёдам ҳаст ва хабар дорам). Ҳамин тавр аз ҳама гуноҳҳояш барои вай ёдоварӣ мешавад ва ӯ ба ҳамаи гуноҳонаш иқрор менамояд ва фикр мекунад, ки ҳалок хоҳад шуда ва аз байн хоҳад рафт. (Дар ин вақт) Худованди мутаъол ба ӯ мегӯяд: Гуноҳҳоятро дар дунё пӯшондам ва имрӯз ҳам онҳоро бароят меомурзам. Ва китоби ҳасаноташ ба дасташ дода мешавад. Вале дар бораи кофир ва мунофиқ ҳамаи касоне, ки он ҷо ҳузур доранд, мегӯянд: **«Инҳо касонеанд, ки дар бораи Парвардигори худ дурӯғ гуфта буданд ва бидонед, ки лаънати Худованд бар золимин аст».** *(Ҳуд: 18)*

## БОБИ 3. Мусалмон бар мусалмон зулм намекунад ва ӯро ба ҳалокат мувоҷеҳ намесозад.

1115. Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мусалмон бародари мусалмон аст, ба ӯ зулм намекунад ва ӯро ба ҳалокат мувоҷеҳ намесозад. Касе, ки ҳоҷати бародари мусалмонашро бароварда созад, Худованди мутаъол ҳоҷати ӯро рафъ хоҳад кард. Касе, ки мушкили мусалмонеро бартараф созад, Худованд мушкиле аз мушкилоти рӯзи қиёматашро бартараф месозад ва касе, ки

айби мусалмонеро бипӯшонад, Худованд гуноҳашро дар рӯзи қиёмат мепӯшонад».

## БОБИ 4. Бародаратро, чи золим бошад ва чи мазлум, кӯмак кун

**1116.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Бародари (мусалмонат)-ро, чи золим аст ва чи мазлум, кӯмак намо».

Пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Кӯмак расондан ба мазлум бале, вале ба золим чӣ гуна кӯмак намоям?

Фармуданд: «Ӯро аз зулм кардан монеъ шав».

## БОБИ 5. Зулм сабаби торикиҳо дар рӯзи қиёмат хоҳад шуд

**1117.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Зулм сабаби торикиҳо дар рӯзи қиёмат мешавад».

## БОБИ 6. Агар касе ба дигаре зулм намуд ва он шахс вайро бахшид, оё бояд золим он зулмро баён намояд?

**1118.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки бар зиммаи вай аз бародари мусалмонаш зулме, аз шарафу обрӯ ва ё чизи дигаре бошад, имрӯз, пеш аз он, ки рӯзе биёяд, ки на дар он дирҳаме бошад ва на диноре аз вай бахшиш бихоҳад, варна агар амали неке дошта бошад, ба андозаи ҳаққи он шахс ба вай дода мешавад ва агар амали неке надошта бошад, аз гуноҳони он шахси (мазлум) гирифта мешавад ва бар зиммаи (шахси золим) гузошта мешавад».

## БОБИ 7. Касе, ки бар дигаре дар мавриди заминаш зулм карда бошад

**1119.** Аз Саъид ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки бар дигаре дар мавриди заминаш зулм карда бошад (масалан заминашро ба ноҳақ соҳибӣ карда бошад), ба ҳамон андоза то ҳафт табақаи замин дар гарданаш тавқ мегардад».

**1120.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки миқдоре аз замини шахси дигареро ба ғайри ҳақ бигирад, дар рӯзи қиёмат то ҳафт табақаи замин хасф мегардад ва ба замин фурӯ меравад».

## БОБИ 8. Агар касе ба дигаре чизеро иҷоза диҳад, равост

1121. Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) мардумеро дид, ки хурмо мехӯранд. Ба онҳо гуфт, ки Паёмбари Худо (с) аз хӯрдани чанд хурмо бо ҳам наҳӣ фармудаанд, магар он, ки шахсе аз бародараш иҷоза бихоҳад.

## БОБИ 9. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Ва ӯ сар сахттарини душманон аст»

1122. Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бадтарини мардумон дар назди Худованди мутаъол даъвогари ҷанҷолгар аст».

## БОБИ 10. Гуноҳи касе, ки ба дурӯғ даъво карда, медонад, ки даъвояш дурӯғ аст

1123. Аз Умми Салама (р) ҳамсари Пайғамабари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: «Паёмбари Худо (с) шуниданд, ки дар дарвозаи ҳуҷраашон ҷанҷоле бапо шудааст, аз ҳуҷра берун шуда ва ба онҳо гуфтанд:

«Ман башар ҳастам ва мардум назди ман даъво мекунанд, чӣ басо касоне, ки аз дигарон балеғтар буда, ба гумони ман мерасад, ки ӯ рост мегӯяд, ба ҳамон асос ба нафъи ӯ ҳукм содир мекунам, агар (ба ин тариқ) ҳаққи мусалмонеро ба касе додам, дар воқеъ ин як порчаи оташ аст, ки барояш медиҳам, агар мехоҳад, бигирад ва агар мехоҳад, нагирад».

## БОБИ 11. Интиқом гирифтани мазлум аз моли золим

1124. Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт, гуфтем: Ё Расулаллоҳ, шумо моро ин тарафу он тараф мефиристед, гоҳе ба назди мардуме меравем, ки моро меҳмонӣ намекунанд, дар ин бора чӣ мегӯед?

Гуфтанд: «Агар назди мардуме рафтед ва барои шумо чизе, ки муносиб ба меҳмон аст, доданд, қабул кунед ва агар надоданд, ҳаққи меҳмониро аз онҳо бигиред». (Ин кор хос барои муваззафҳои садақа ва закот буд).

## БОБИ 12. Ҳамсоя набояд ҳамсояашро аз кӯбидани мехе ба девораш манъ намояд

1125. Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳамсоя набояд ҳамсояашро аз кӯбидани чӯбе ба девораш манъ намояд».

Баъд аз он Абӯҳурайра (р) гуфт: Намедонам, чаро шумо аз ин ҳукм эъроз мекунед, ба Худованд қасам, ки чӯбро дар байни шонаҳои шумо хоҳам кӯбид.

## БОБИ 13. Нишастан дар пеши рӯйи хонаҳо ва дар канори роҳҳо

**1126.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳаргиз дар канори роҳҳо манишинед».

Мардум гуфтанд: Чора надорем дар ин ҷо нишаста ва бо ҳам сухан мегӯем.

Фармуданд: «Агар ҷуз нишастан дар канори роҳҳо чорае барои шумо нест, бояд ҳаққи роҳро адо намоед».

Пурсиданд: Ҳаққи роҳ чист?

Фармуданд: Пӯшидани чашм (аз номаҳрам), худдорӣ аз азият кардани мардум, ҷавоб додани салом, амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар.

## БОБИ 14. Ихтилоф дар таҷдиди роҳҳои умумӣ

**1127.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар дар таҷдиди роҳи умумӣ ихтилоф намуданд, Паёмбари Худо (с) ҳукм карданд, ки бояд ин роҳ ҳафт заръ бошад *(як заръ,ки дар тоҷикӣ маъмулан онро зироъ гӯянд, баробари 64 см аст)*.

## БОБИ 15. Наҳй аз ғоратгарӣ ва мусла намудан

**1128.** Аз Абдуллоҳ ибни Язиди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз ғорат кардан ва мусла намудан наҳй фармудаанд.

## БОБИ 16. Касе, ки барои дифоъ аз моли худ кушта мешавад

**1129.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки дар дифоъ аз моли худ кушта мешавад, шаҳид аст».

## БОБИ 17. Касе, ки коса ва ё чизеро аз шахси дигаре шикаст

**1130.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) назди яке аз ҳамсаронашон буданд, ҳамсари дигарашон таъомеро дар косае барояшон фиристод. Оне, ки дар хонааш буданд, косаро ба дасти худ зада шикаст.

Паёмбари Худо (с) порчаҳои косаро бо ҳам ҷамъ карданд, таъомро дубора дар коса ниҳоданд ва фармуданд: «Бихӯред» ва шахсе, ки косаро оварда буд, назди худ шиноданд ва баъд аз ин, ки таъомро хӯрданд, косаи шикастаро гирифтанд ва дар ивази он косаи дурустеро фиристоданд.

# -46-
# КИТОБИ ШАРОКАТ

## БОБИ 1. Широкат дар таъом ва хӯрок ва коло

**1131.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: (Дар яке аз ҷангҳо) хӯрокаҳо тамом шуд ва мардум гурусна монданд, назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва иҷоза хостанд, то шутурони худро забҳ намоянд. Паёмбари Худо (с) барояшон иҷоза доданд.

(Дар ин вақт) Умар (р) бо онҳо мулоқот намуд, онҳо аз мавзӯъ барояшон хабар доданд.

Умар (р) барояшон гуфт: Баъд аз куштани шутурон чӣ гуна зиндагӣ мекунед? Ва назди Паёмбари Худо (с) рафт ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, баъд аз куштани шутурон чӣ гуна зиндагӣ хоҳанд кард? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба мардум бигӯ, ки боқимондаи таъоми худро биёваранд».

Суфраро густурда ва таъомҳоро оварданд ва дар он суфра ҷамъ намуданд. Паёмбари Худо (с) бархостанд ва дуо намуданд, сипас дар паҳлӯи он таъом нишаста ва фармуданд: «Дег ва косаҳои худро биёваред». Мардум зарфҳояшонро оварданд ва пур намуданд. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуданд: ***«Ашҳаду алло, илоҳа иллаллоҳ ва аннӣ расулуллоҳ».***

**1132.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ашъарийин чунин одат доранд, ки вақте дар ҷиҳод тӯшаи онҳо халос шавад ва ё дар дохили шаҳр таъоми хонаводаашон кам шавад, он чиро, ки доранд, дар як суфра ҷамъ мекунанд, сипас бо як зарф онро байни худ баробар тақсим менамоянд, эшон аз ман ва ман аз эшонам».

## БОБИ 2. Тақсим кардани гӯсфанд

**1133.** Аз Рофеъ ибни Хадиҷ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Зулҳулайфа бо Паёмбари Худо (с) будем. Мардум ба гуруснагии шадиде афтоданд, шутурон ва гӯсфандонеро ба ғанимат гирифтанд ва онҳо бо шитобзадагӣ шутурон ва гӯсфандонро забҳ намуда ва дегҳоро барпо намуданд. Чун Паёмбари Худо (с) хабар ёфтанд, фармуданд, ки чаппа намоянд.

Баъд аз он ғаноимро тақсим намуданд. Ҳар даҳ гӯсфандро муъодили як шутур қарор доданд. Аз ҷумлаи шутурҳо яке гурехт, чун аспҳои зиёде надоштанд, натавонистанд онро пайдо карда ва ба даст оваранд.

Баъд аз он шахсе он шутурро ба тир зада андохт ва Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Баъзе аз ин чорпоён монанди ҳайвоноти ваҳшӣ рам бардошта, ваҳшат мекунанд. Агар ҳайвоне рам бардошт ва онро гирифта натавонистед, чунин кунед (яъне ӯро ба воситаи тир ва ё кадом олати дигар аз пой дароваред)».

Сипас ба Паёмбари Худо (с) гуфтам, ки мо фардо шояд бо душман мувоҷеҳ шавем ва корде дар дастрас надорем, оё равост, ки бо барги най ҳайвонотро забҳ намоем?

Фармуданд: «Ҳар чизе, ки хунро ҷорӣ созад ва ба номи Худо забҳ гардад, хӯрданаш равост, вале бо дандон ва ё нохун набояд забҳ намуд ва иллаташ ин аст, ки дандон аз устухон аст ва нохун корди мардуми Ҳабаша аст».

## БОБИ 3. Ашё дар байни шарикон бояд ба киммати одилона қиматгузорӣ шавад

**1134.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар яке аз шурако ҳиссаи худро аз ғуломи муштарак озод кард, бояд бақияро аз ҳисоби моли худ озод намояд.

Агар моле надошт, он ғулом ба қимати одилона қимат гардад ва худи ғулом боқимондаи қимати худро, ба тавре, ки бар вай фишор ворид нагардад, барои шарики дигар бипардозад».

## БОБИ 4. Оё дар тақсим намудан қуръакашӣ ҷавоз дорад?

**1135.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Масали касе, ки ҳудуди Худоро ҷорӣ мекунад ва касе, ки ҳудуди Худоро поймол менамояд, монанди касонест, ки дар савор шудани киштӣ байни худ қуръакашӣ менамоянд, насиби баъзе аз онҳо табақаи болои киштӣ ва насиби иддае табақаи зерини киштӣ мешавад.

Касоне, ки дар табақаи зерин қарор доранд, ҳангоми об гирифтан маҷбуранд аз назди касоне, ки дар табақаи боло қарор доранд, убур намоянд. Инҳо бо худ мегӯянд: Агар дар ҳамин табақаи худ (яъне табақаи зерини) киштиро сӯрох намоянд ва сабаби азияти табақаи болоӣ нагардем, беҳтар хоҳад буд.

(Дар ин вақт) агар мардуми табақаи болоӣ инҳоро мамониат накунанд ва ба ҳолашон бигзоранд, ҳамагӣ ғарқ мешаванд ва агар ҷилави онҳоро бигиранд, сабаби наҷоти худ ва онҳо мегарданд».

## БОБИ 5. Широкат дар таъом ва ғайра

**1136.** Аз Абдуллоҳ ибни Ҳишом (р), ки замони Паёмбари Худо (с)-ро дарк намуда буд, ривоят аст, ки модараш (Зайнаб бинти Ҳумайд) ӯро назди Паёмбари Худо (с) бурд ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Бо ӯ байъат намоед.

Фармуданд: «Ӯ хурд аст». Ва он ҳазрат (с) дасти худро ба сараш кашида ва дар ҳақи ӯ дуо намуданд. Вай гоҳе ба бозор мерафт ва таъомеро мехарид. Ибни Умар ва Ибни Зубайр (р) омада ва аз вай хоҳиш карда мегуфтанд: моро бо худ шарик бидеҳ. Зеро Паёмбари Худо (с) дар ҳаққи ту дуои баракат намудаанд.

Ӯ ҳам онҳоро шарик медод ва гоҳе мешуд, ки як бор шутурро ба таври комил фоида мекард ва ба хонаи худ мефиристод.

# -47- КИТОБИ ГАРАВ ДАР ҒАЙРИ САФАР

## БОБИ 1. Метавон аз савор шудан ва ё шири ҳайвони гаравӣ истифода намуд

**1137.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳайвони қобили савор шудан агар ба гарав дода мешавад, (шахси гаравдиҳанда) метавонад дар муқобили нафақае, ки барояш медиҳад, онро савор шавад ва ҳайвони ширдеҳе, ки ба гарав дода мешавад, гаравдиҳанда метавонад, ки дар муқобили нафақае, ки барояш медиҳад, аз шири он истифода намояд».

## БОБИ 2. Агар роҳин ва муртаҳин бо ҳам ихтилоф карданд

**1138.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) чунин ҳукм намуданд, ки «Қасам хӯрдан бар шахси муддаъоалайҳ (шахсе, ки болояш даъво шудааст) аст».

# -48-
# КИТОБИ ОЗОД КАРДАНИ ҒУЛОМОН ВА ФАЗИЛАТИ ОН

**1139.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳар мусалмоне, ки ғуломи мусалмонеро озод намояд, Худованди мутаъол дар муқобили ҳар узве, ки аз он ғулом озод шудааст, як узви шахси озодкундаро аз оташи дӯзах наҷот медиҳад».

## БОБИ 1. Озод кардани кадом навъ аз ғуломон беҳтар аст

**1140.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) суол намудам, ки кадом кор аз ҳама беҳтар аст?

Фармуданд: «Имон ба Худо ва ҷиҳод дар роҳи Худо».

Гуфтам: Озод кардани кадом навъи ғулом беҳтар аст?

Фармуданд: «Пурқиматтарини он ва маҳбубтарини он дар назди мавлояш».

Гуфтам: Агар тавони инро надоштам.

Фармуданд: «Бо санъатгаре ҳамкорӣ кун ва ё бо касе, ки санъатро намедонад, ту чизе бисоз». Ва дар ривояти дигаре омадааст: «Аз бечорае дастгирӣ кун ва ё ба инсони соддалавҳе кӯмак ва ҳамкорӣ кун».

Гуфтам: Агар инро ҳам натавонистам?

Фармуданд: «Аз зарар расондан ба мардум худдорӣ кун, зеро ин як навъи садақаест, ки барои шахси худ медиҳӣ».

## БОБИ 2. Озод сохтани ғулом ё канизаке, ки байни иддае муштарак аст

**1141.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ҳиссаи худро аз ғуломе, ки дар он шарик аст, озод менамояд ва ба андозаи қимати ғулом моле дошт, ғулом ба қимати одилона қиматгузорӣ мегардад ва бояд ҳиссаи дигар шарикҳои дигарро бипардозад ва ғулом аз тарафи ӯ озод мегардад ва агар моле надошт, ҳамон андозае аз ғулом озод мешавад, ки он шахс озод кардааст».

## БОБИ 3. Хато ва нисён дар озод кардан ва талоқ додан ва амсоли инҳо

1142 - Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованди мутаъол ба хотири ман васвасаҳои қалбии уммати маро то вақте, ки ба он васваса амал накунад ва ё ҳарф назанад, афв намудааст».

## БОБИ 4. Агар касе, ки ба ғуломи худ гуфт, ки ӯ барои Худо аст ва нияти озод карданро дошт ва шоҳид гирифтан дар озод кардани ғулом

**1143.** Ривоят аст, ки Абӯҳурайра (р) ҳангоме, ки назди Паёмбари Худо (с) омад ва иродаи мусалмон шуданро дошт, ғуломаш низ бо вай ҳамроҳ буд. Ин ду нафар дар роҳ якдигарро гум намуданд ва ғуломаш ҳангоме пайдо шуд, ки Абӯҳурайра (р) назди Паёмбари Худо (с) нишаста буд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ё Абӯҳурайра, инак ғуломат расид».

Абӯҳурайра гуфт: Ман шуморо шоҳид мегирам, ки ӯро озод сохтам.

(Абӯҳурайра) мегӯяд: Вақти омадан ба тарафи Мадина ин шеърро месурудем:

*Чӣ қадар шаби дарозу пурмашаққате буд,*
*Бо он ҳам аз диёри куфр наҷот дод.*

## БОБИ 5. Озод кардани мушрик

**1144.** Ривоят аст, ки Ҳаким ибни Ҳизом (р) дар ҷоҳилият сад ғуломро озод намуда буд ва бори сад шутурро садақа дода буд ва чун мусалмон шуд, боз сад шутур борро садақа кард ва сад ғуломро озод намуд.

Ҳаким (р) мегӯяд: Аз Паёмбари Худо (с) суол намудам... (Бақияи ҳадис қаблан дар боби закот гузашт).

## БОБИ 6. Касе, ки ғуломи араберо молик гардид

**1145.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) бар қабилаи бани Мусталақ дар ҳоле ҳамла намуданд, ки бехабар буданд ва чорпоёнашон дар ҳоли нӯшидани об буданд.

Мардони ҷангиашонро куштанд ва авлодашонро ба асорат гирифтанд ва Ҷувайрия (р) ҳам аз ҷумлаи ҳамин асирон буд.

**1146.** Аз Абӯҳурайра (с) ривоят аст, ки гуфт: Бани Тамимро аз вақте, ки се чизро дар бораашон аз Паёмбари Худо (с) шунидам, дӯст медорам. Шунидам, ки мегуфтанд: «Инҳо шадидтарин уммати ман бар

Даҷҷол ҳастанд». Ва чун закоти амволи онҳо расид, фармуданд: «Инҳо закотҳои қавми мо аст». Ва Оиша (р) канизе дошт, ки аз ин мардум буд, Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро озод кун, зеро ӯ аз авлоди Исмоил (ъ) аст».

**1147.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе (ба ғуломи худ) нагӯяд, ки: Ба мавлоят нон бидеҳ, ба мавлоят оби вузӯ биёвар, ба мавлоят об бидеҳ, балки (ғулом ба оқояш) бигӯяд: Оқоям, сайидам, мавлоям ва мавло барои ғулом ва канизаш нагӯяд: ғуломи ман ва канизи ман, балки бигӯяд: азизи ман, ҷавонмарди ман».

## БОБИ 8. Касе, ки ғуломаш таъоми ӯро наздаш меовард

**1148.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки ходимаш таъомашро овард, агар ӯро бо худ нон намедиҳад, ақаллан бояд як-ду луқмае барояш бидиҳад, зеро ӯ таъомро омода кардааст».

## БОБИ 9. Агар ғуломро занад, аз задан ба рӯяш худдорӣ намояд

**1149.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар касе ҷанг кунад, аз задан бар рӯй худдорӣ намояд».

## БОБИ 10. Шартҳое, ки дар бораи мукотаб ҷоиз аст

**1150.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Барира наздаш омад ва дар бораи китобаташ (яъне халосиаш аз назди оқоёнаш дар муқобили пуле, ки ба онҳо иттифоқ карда буд) аз вай талаби кӯмак намуд.

Оиша (р) ба ӯ гуфт: Назди оқоёнат бирав ва бубин, агар мувофиқат доранд, ки валои ту барои ман бошад, ман пули китобататро мепардозам.

Барира (р) ин суханро ба оқоёнаш гуфт ва онҳо қабул накарданд ва гуфтанд: Агар Оиша (р) мехоҳад, ки ин пулро ба ту ба таври садақа бидиҳад ва валои ту барои мо бошад, қабул дорем.

Оиша (р) ин суханро ба Паёмбари Худо (с) гуфт. Эшон фармуданд: «Ӯро харидорӣ кун, сипас озод кун, зеро вало аз касест, ки ӯро озод кардааст».

Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Баъд аз он Паёмбари Худо (с) бархоста ва гуфтанд: «Чаро баъзе аз мардумон шартҳое мегузоранд, ки дар китоби Худо нест, агар касе шарте мегузорад, ки дар китоби Худо набошад ва агарчӣ сад шарт ҳам бошад, ботил аст, шарти Худо сазовортар ва маҳкамтар аст.

# -49- КИТОБИ БАХШИШ ВА ФАЗИЛАТИ ОН ВА ТАШВИҚ БА БАХШИШДОДАН

## БОБИ 1. Фазилати бахшиш

**1151.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривояте аст, ки фармуданд: «Эй занони мусалмон! Бахшиш додан ба зани ҳамсояи худро андак машморед, агарчанде соқи хушки гӯсфанде бошад».

**1152.** Ривоят аст, ки Оиша (р) ба Урва (р) гуфт: Хоҳарзодаи азизам, аз як моҳ то моҳи дигар ва ҳатто ду моҳро дар се моҳ интизор мекашидем ва оташе дар ҳеҷ як аз хонаҳои Паёмбари Худо (с) рӯшан намегардид.

Урва (р) гуфт: Холаҷон, Паёмбари Худо (с) барои хӯроки шумо чӣ чиз таҳия мекарданд? (Оиша гуфт:) Хурмо ва об, вале ҳамсояҳои ансории Паёмбари Худо (с) шутуроне доштанд, ки шири онҳоро хайрот медоданд, аз он шир гоҳе барои Паёмбари Худо (с) меоварданд ва эшон он ширро барои мо медоданд.

**1153.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар ба таъоме, ки аз гӯшти даст ва ё аз соқи пой таҳия шуда бошад, даъват шавам, даъватро мепазирам ва агар даст ва соқи пой бароям бахшиш дода шавад, он бахшишро қабул мекунам».

## БОБИ 2. Қабул кардани ҳадяи шикор

**1154.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар минтақаи Марризаҳрон харгӯше дар пеши рӯйи мо падидор шуд. Мардум кӯшиданд, онро бигиранд. Натавонистанд ва хаста шуданд, вале ман онро гирифтам ва назди Абӯталҳа овардам.

Ӯ онро забҳ кард ва ронҳои онро барои Паёмбари Худо (с) фиристод. Эшон онро қабул намуданд. Ва дар ривояти дигаре омадааст, ки эшон онро қабул намуда ва хӯрданд.

## БОБИ 3. Бахшишро бояд қабул намуд

**1155.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Умми Ҳуфайд холаи Ибни Аббос (р) барои Паёмбари Худо (с) қурут ва равған ва сусморҳоеро ҳадя намуд, Паёмбари Худо (с) аз қурут ва равған хӯрданд, вале аз сусморҳо бадашон омад ва нахӯрданд.

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Сусмор дар дастурхони Паёмбари Худо (с) хӯрда шуд, агар ҳаром мебуд, дар дастурхони Паёмбари Худо (с) хӯрда намешуд.

**1156.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе барои Паёмбари Худо (с) таъомеро меоварл, мепурсиданд: Бахшиш аст ё закот? Агар мегуфтанд, ки закот аст, худашон намехӯрданд ва ба саҳобаҳои худ мегуфтанд: «Шумо бихӯред» ва агар гуфта мешуд, ки бахшиш аст, зуд шурӯъ мекарданд ва ҳамроҳи саҳоба (р) мехӯрданд.

**1157.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) гӯштеро оварда ва гуфтанд: Ин гӯшт барои Барира закот дода шудааст.

Фармуданд: «Барои Барира закот ва барои мо бахшиш аст».

## БОБИ 4. Касе, ки ба ӯ рафиқаш бахшиш дод ва ӯ онро барои баъзе ҳамсаронаш додааст

**1158.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамсарони Паёмбари Худо (с) ду ҳизб буданд. Дар як ҳизб Оиша, Ҳафса, Сафия ва Савда (р) ва дар ҳизби дигар Умми Салама ва дигар ҳамсарони Паёмбари Худо (с) буданд ва мусалмонон дӯстии Паёмбари Худо (с)-ро нисбат ба Оиша (р) дарк карда буданд.

Агар касе мехост барои Паёмбари Худо (с) бахшише бидиҳад, онро то рӯзе, ки эшон дар хонаи Оиша (р) мебуданд, ба таъхир меандохт ва дар ин рӯз он ҳадяро барои Паёмбари Худо (с) мефиристод.

Ҳизби Умми Салама дар ин мавзӯъ табсира карданд ва аз вай хостанд, то назди Паёмбари Худо (с) биравад ва аз эшон бихоҳад, ки ба мардум бигӯянд, касе набояд ҳадяашро ба таъхир бияндозад, балки бояд онро барои Паёмбари Худо (с) ба хонаи ҳар як аз ҳамсарони эшон, ки ҳастанд, бифиристад.

Умми Салама (р) мавзӯъро ба Паёмбари Худо (с) гуфт, эшон сукут карданд ва чизе нагуфтанд.

Он ҳамсарони дигар аз Умми Салама (р) натиҷаро пурсиданд.

Гуфт: (Ман мавзӯъро гуфтам, вале) эшон чизе нагуфтанд.

Онҳо ба вай гуфтанд: Мавзӯъро дубора матраҳ кун.

Умми Салама вақте, ки Паёмбари Худо (с) наздаш омаданд, мавзӯъро дубора матраҳ намуд, боз барояш чизе нагуфтанд.

Боз онҳо натиҷаро аз Умми Салама пурсиданд.

Умми Салама гуфт: Бароям чизе нагуфтанд.

Онҳо гуфтанд: Мавзӯъро (бори саввум) матраҳ кун, то чизе бигӯянд.

Эшон фармуданд: Маро дар мавриди Оиша (р) азият макун, зеро ман дар бистари ҳеҷ кадом аз ҳамсаронам набудам, ки бар ман ваҳй нозил шуда бошад, магар дар бистари Оиша».

Умми Салама (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз ин, ки шуморо азият кунам, ба Худованд тавба менамоям.

Он ҳамсарон аз Фотима (р) духтари Паёмбари Худо (с) хостанд, то касеро назди Паёмбари Худо (с) бифиристад ва бигӯяд, ки ҳамсарони дигари шумо шуморо ба Худо савганд медиҳанд, ки бо онҳо монанди духтари Абӯбакр адолат намоед.

Фотима (р) омад ва мавзӯъро бо Паёмбари Худо (с) дар миён гузошт.

Эшон фармуданд: «Духтари азизам! Оё чизеро, ки ман ман дӯст дошта бошам, ту дӯст надорӣ?»

Гуфт: Чаро на, дӯст дорам.

Фотима (р) рафт ва онҳоро аз ҷараён бохабар сохт.

Онҳо аз Фотима (р) хостанд, то бори дуввум назди Паёмбари Худо (с) биравад, вале ӯ аз рафтан худдорӣ намуд.

Онҳо Зайнаб бинти Ҷаҳшро фиристоданд.

Зайнаб (р) омад ва бо дуруштзабонӣ гуфт, ки ҳамсарони шумо шуморо ба Худо савганд медиҳанд, ки дар бораи онҳо монанди духтари Ибни Абӯқаҳофа (яъне Оиша (р) адолатро муроот намоед. Ва суханро ба ҷое расонид, ки ба Оиша (р), ки дар ҳамон ҷо нишаста буд, дашном дод.

Паёмбари Худо (с) ба тарафи Оиша (р) нигоҳ мекарданд, ки оё чизе хоҳад гуфт.

Ровӣ мегӯяд: Оиша (р) шурӯъ ба сухан гуфтан кард ва он қадар гуфт, ки Зайнаб (р)-ро хомӯш сохт ва Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки ба тарафи Оиша (р) ишора мекарданд, гуфтанд: «Ба ростӣ, ин духтари Абӯбакр аст».

## БОБИ 5. Ҳадяе, ки набояд гардонда шавад

**1159.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) атрро рад намесохтанд.

## БОБИ 6. Бахшиш дар муқобили бахшиш

**1160.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бахшишро қабул менамуданд ва дар муқобили он бахшиш медоданд.

## БОБИ 7. Шоҳид гирифтан дар бахшиш

**1161.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Падарам бароям чизе бахшиш дод.

Модарам Амра бинти Равоҳа гуфт: То Паёмбари Худо (с)-ро бар он шоҳид нагирӣ, розӣ нахоҳам шуд.

Падарам назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Барои баччаам, ки

аз Амра бинти Равоҳа аст, чизе бахшиш додам ва модараш мехоҳад, ки шуморо шоҳид бигирам.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Барои дигар фарзандони худ низ чунин бахшишеро додай?»

Гуфт: На.

Фармуданд: «Аз Худо битарсед ва байни фарзандони худ адолат кунед». Нӯъмон мегӯяд: Падарам омад ва бахшишро пас гирифт.

## БОБИ 8. Бахшиши шавҳар барои зан ва бахшиши зан барои шавҳар

**1162.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки чизеро бахшиш медиҳад ва дубора онро пас мегирад, монанди сагест, ки қай мекунад ва қайи худро дубора мехӯрад».

## БОБИ 9. Зане барои ғайри шавҳараш бахшиш намуда ва бидуни иҷозаи шавҳар ғуломашро озод менамояд

**1163.** Ривоят аст, ки Маймуна бинти Ҳорис (р) бидуни он, ки аз Паёмбари Худо (с) иҷоза бихоҳад, канизеро озод намуд.

Дар рӯзи навбати худ ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё хабар ёфтед, ки канизамро озод кардам?

Фармуданд: «Чунин коре кардӣ?»

Гуфт: Бале.

Фармуданд: «Агар ӯро барои тағоҳоят бахшиш медодӣ, савоби бештаре меёфтӣ».

**1164.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) дар вақти сафар байни занҳои худ қуръакашӣ мекарданд, ҳар кадом, ки қуръааш берун мешуд, ӯро бо худ ба сафар мебурданд ва аз одаташон ин буд, ки барои ҳар як аз ҳамсарони худ як шаб навбат медоданд. Магар Савда бинти Замъа (р), ки ҷиҳати хушӣ ва ризоияти Паёмбари Худо (с) навбати худро барои Оиша (р) бахшида буд.

## БОБИ 10. Ғулом ва матоъи бахшиш чӣ гуна қабз мегардад?

**1165.** Аз Мисвар ибни Махрама (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) қабоҳоеро байни мардум тақсим намуданд, вале барои Махрама аз онҳо чизе надоданд

Махрама бароям гуфт: Фарзандам, биё, то назди Паёмбари Худо (с) биравем.

Ҳамроҳаш рафтам.

Гуфт: Бирав ва Паёмбари Худо (с)-ро бигӯ, то наздам биёяд. Рафтам ва Паёмбари Худо (с)-ро садо кардам. Эшон назди Махрама омаданд, яке аз он қабоҳоро пӯшида буданд ва барои Махрама гуфтанд: «Инро барои ту нигаҳ дошта будам».

Махрама ба он қабо назар андохта гуфт: Махрама ризоият дорад.

## БОБИ 11. Бахшиши додани чизе, ки пӯшидани он макрӯҳ аст

**1166.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) назди духтарашон Фотима (р) рафтанд, вале ба хона дохил нашуданд.

Чун Алӣ (р) омад, Фотима ин воқеаро барояш гуфт.

Алӣ (р) назди Паёмбари Худо (с) рафт ва сабабро ҷӯё шуд.

Пайғамбари Худо (с) фармуданд:. «Сабаб он буд, ки ба дарвозаи хонааш пардаи пурнақшу нигореро дидам».

Алӣ (р) мегӯяд: Баъд аз он фармуданд: «Ман куҷо ва ин таҷаммулоти дунявӣ куҷо?»

Алӣ (р) омад ва мавзӯъро (ба Фотима (р) гуфт.

(Фотима (р) гуфт: Дар ин маврид ҳар чӣ, ки мехоҳанд, амр фармоянд.

Он ҳазрат (с) фармуданд: «Он пардаро ба хонаи фалонӣ, ки ҳоҷатманд аст, бифирист».

**1167.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бароям ҳуллае доданд, ки дорои хатҳои абрешимӣ буд, ман онро пӯшидам, вале чун аз пӯшидани он ҳулла нишонаи ғазаб ва норизоиятиро бар чеҳраи Паёмбари Худо (с) мушоҳида намудам, онро пора кардам ва байни занони худ тақсим намудам. (Мурод аз ин занҳо занҳои қавми Алӣ (р) мебошанд).

## БОБИ 12. Қабул намудани бахшиш аз мушрикин

Аз Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз сафарҳо саду се нафар аз моён бо Паёмбари Худо (с) ҳамроҳ будем.

Эшон фармуданд: «Оё ҳамроҳи кадом яке аз шумоён таъоме ҳаст?»

Бо ҳамроҳии яке аз онҳо ҳудуди як соъ орд буд, онро хамир карданд, сипас шахси мушрике, ки дорои сари бараҳна ва қомати бисёр баланд буд, гӯсфандҳоеро овард.

Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Барои фурӯш овардӣ, ё барои бахшиш?»

Гуфт: Бахшиш нест, балки барои фурӯш аст.

Гӯсфандеро аз вай харид ва забҳ намуданд ва Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то сиёҳиҳои дохили шиками гӯсфанд (мисли дил, ҷигар, гурда ва ғайра)-ро бирён намоянд ва ба Худованд савганд, аз ҳамин яксаду се нафар касе набуд, ки Паёмбари Худо (с) як чизеро аз он

барояш надода бошанд. Шахсе, ки ҳамон ҷо ҳозир буд, барои худаш доданд ва касе, ки ғоиб буд, барояш нигоҳ доштанд, онҳоро (яъне гӯштҳои гӯсфандро) дар ду ташт карданд ва ҳамаи мо хӯрда ва сер шудем ва дар он ду ташт чизе зиёд омад, зиёдиҳоро бар болои шутур гузоштем.

## БОБИ 13. Бахшиш додан барои мушрик

**1169.** Аз Асмоъа духтари Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) модарам, дар ҳоле, ки мушрик буд, наздам омад.

Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам, ки модарам омадааст ва (аз ман) хоҳиши ҳамкориро дорад, оё раво аст барояш чизе бидиҳам?

Фармуданд: «Бале, барои модарат ҳамкорӣ кун ва чизе барояш бидеҳ».

## БОБИ 14

**1170.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Умар (р) назди Марвон барои (фарзандони Суҳайб) шаҳодат дод, ки Паёмбари Худо (с) барои Суҳайб ду хона ва як ҳуҷра бахшиш доданд.

Марвон шаҳодати ӯро қабул кард ва мувофиқи он ҳукм содир намуд.

## БОБИ 15. Он чӣ, ки дар мавриди бахшиши умрӣ омадааст

**1171.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Пайғамбари Худо (с) дар мавриде, ки касе чизеро ба дигаре барои муддати умраш бахшиш менамояд, чунин ҳукм намуданд, ки ин бахшиш аз касест, ки барояш бахшиш шудааст.

## БОБИ 16. Ориат гирифтан барои арӯс дар вақти арӯсӣ

**1172.** Оиша (р) мегӯяд: Айман вақте наздам омад, ки либоси пунбае ба барам буд ва ин либос панҷ дирҳам қимат дошт.

Гуфтам: Чашматро боз кун ва ба канизи ман нигоҳ кун, аз пӯшидани ин либос дар дохили хона кибр мекунад, дар ҳоле, ки ман дар замони Паёмбари Худо (с) аз ҳамин қумош либосе доштам ва ҳеҷ арӯсе набуд, ки дар шаби арӯсиаш онро аз ман ба ориат нагирад.

## БОБИ 17. Фазилати бахшиш

**1173.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун муҳоҷирин аз Макка ба Мадина омаданд, чизе дар даст надоштанд, вале мардуми ансор дорои хона ва замин буданд ва муҳоҷиринро дар меваи

дарахтони худ шарик карданд, ба шарти он, ки онҳо масъулияти кор ва заҳмати зироатро бар ӯҳда бигиранд.

Модари Анас, ки ба номи Умми Сулайм ёд мешуд, модари Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа ҳам мешуд. Ин зан меваҳои дарахти хурмояшро барои Паёмбари Худо (с) бахшиш дод, вале Паёмбари Худо (с) он хурмоҳоро барои Умми Айман, ки модари Усома ибни Зайд мебошад, бахшиданд.

Анас (р) мегӯяд: Чун Паёмбари Худо (с) аз ҷанги Хайбар фориғ гардида ба Мадина бозгаштанд, муҳоҷирин бахшишҳоеро, ки мардуми ансор барояшон дода буданд, ба онҳо пас доданд.

Паёмбари Худо (с) ҳам хурмоҳоеро, ки аз модари Анас гирифта буданд, барояш пас доданд ва ба ивази онҳо барои Умми Айман аз нахлистони худ хурмо доданд.

**1174.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Сифоти нек ва писандида чиҳил сифат аст ва болотарини онҳо он аст, ки касе барои шахсе бузеро бубахшад ва ҳар касе, ки ба нияти савоб ба тасдиқ ба рӯзи мавъуд ба яке аз ин чиҳил сифат амал намояд, Худованд ҷаннатро насибаш хоҳад сохт».

# -50- КИТОБИ ШАҲОДАТ

## БОБИ 1. Дар корҳои золимона набояд шаҳодат дод

**1175.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Беҳтарин мардумон касонеанд, ки дар аср ва замони ман зиндагӣ мекунанд (мурод аз ин гурӯҳ саҳоба ҳастанд), баъд аз он мардумоне, ки баъд аз онҳо меоянд (мурод аз инҳо тобеъин мебошанд), баъд аз он мардумоне, ки пас аз онҳо меоянд (мурод аз инҳо табаъа тобеъин ҳастанд), баъд аз онҳо мардумоне хоҳанд омад, ки пеш аз қасам хӯрдан шаҳодат медиҳанд ва пеш аз шаҳодат додан қасам мехӯранд».

## БОБИ 2. Он чӣ, ки дар бораи шаҳодати ноҳақ омадааст

**1176.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё аз бузургтарин гуноҳони кабира шуморо бохабар созам?» Ва ин суханро се бор такрор намуданд .

Саҳоба гуфтанд: Бале, ё Расулаллоҳ!

Фармуданд: «Ширк овардан ба Худо, уқуқи волидайн».

Дар ин ҷо аз ҳоле, ки такя карда буданд, ба зону нишастанд ва гуфтанд: «Ва бидонед, ки шаҳодати ноҳақ».

Ровӣ мегӯяд: Ва ин сухани охирро он қадар такрор карданд, ки гуфтем, эй кош, хомӯш шаванд.

## БОБИ 3. Шаҳодат додани шахси нобино ва бақияи тасарруфоти он

**1177.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) овози касеро шуниданд, ки дар масҷид Қуръон мехонд, фармуданд: «Худо бар вай раҳмат кунад, чандин оятеро, ки аз фалон сура фаромӯш карда будам, ба ёдам овард».

**1178.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар хонаам намози таҳаҷҷуд мехонданд, савти обидеро, ки дар масҷид намоз мехонд, шуниданд, гуфтанд: «Эй Оиша! Ин овози касест, ки ибодат мекунад?»

Гуфтам: Бале.

Фармуданд:»Худоё, бар шахси обид раҳмат кун».

## БОБИ 4. Тазкияи занҳо барои якдигар

*(Ин ҳадис ба номи ҳадиси ифк низ ёд мешавад ва ифк ба маънои дурӯғ гуфтан ва тӯҳмат задан аст ва ин ҳадисро аз он ҷиҳат ба номи ифк ёд мекунанд, ки баёнгари дурӯғ ва тӯҳмат бастани баъзе ашхос ба саркардагии Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салули мунофиқ нисбат ба Оиша (р) аст)*

**1179.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) вақте, ки ба сафар мерафтанд, байни ҳамсарони худ қуръакашӣ намуда, ҳар касе, ки қуръааш мебаромад, ӯро бо худ мебурданд. Дар яке аз ҷангҳо байни мо қуръакашӣ намуданд ва қуръаи ман берун шуд. Маро бо худ бурданд ва ин дар вақте буд, ки ҳиҷоб нозил гардида буд.

Маро дар каҷова ҳамл менамуданд ва боз аз он пиёда мекарданд ва ба сафари худ идома, додем то он, ки Паёмбари Худо (с) аз кори он ғазва фориғ шуданд ва ба сӯи Мадина баргаштанд. Чун ба наздикии Мадина расидем, дар яке аз шабҳо овози раҳил ва ҳаракати қофила баланд шуд, чун овози раҳилро шунидам, бархостам ва аз минтақаи лашкар дур шудам, чун аз қазои ҳоҷат халос шудам, дубора ба тарафи қофила омадам.

Ҳангоме, ки ба қофила расидам, даст задам. Дидам, гулӯбандам, ки аз донаҳои ямонӣ сохта шуда буд, афтодааст. Гулӯбанди худро ҷустам, ҷустуҷӯи он маро маътал сохт.

Онҳое, ки маро ба каҷова ҳамл мекарданд, омаданд. Каҷоваро бар шутуре, ки ман бар он савор мешудам, бор карданд ва онҳо фикр мекарданд, ки ман дар каҷова ҳастам ва занҳо дар ин вақт сабуквазн буданд ва гӯшти онҳо зиёд нашуда буд.

Зеро фақат ба андозаи зарурат таъом мехӯрданд, аз ин ҷиҳат касоне, ки каҷоваро бармедоштанд, набудани маро эҳсос накарданд ва онро бор карданд ва илова бар он дар ин вақт синни ман кам буд, онҳо шутурро ба роҳ андохта ва рафтанд.

Гулӯбандамро баъд аз ин, ки қофила ҳаракат карда буд, ёфтам ва ҳангоме ки баргаштам, касеро дар он ҷо наёфтам ва дар ҷои худ ҷо ба ҷо нишастам, зеро гумон мекардам, ки онҳо чун маро наёбанд, пас омада ва маро хоҳанд гирифт. Дар ҳамин вақте, ки он ҷо нишаста будам, маро хоб гирифта ва хоб шудам.

Сафвон ибни Муъаттали Суламии Заквонӣ, ки ақибгарди лашкар буд, сиёҳии инсонеро дид ва назди ман омад. Ӯ пеш аз нузули ҳиҷоб маро медид, аз истирҷоъаш бедор шуданд (мурод аз истирҷоъ гуфтан **«инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷеъун»** аст).

Ва ин ҳангоме буд, ки шутурашро хобонид, дасти шутурро ҳамвор кард ва (аз рӯи дасти шутур) бар он шутур савор шудам, маҳори шутурро гирифт ва ба роҳ афтод.

Омадем, то ба дигар лашкариёне, ки аз шиддати гармӣ манзил

гузида буданд, расидем ва бадбахтии фитнаангезон аз ҳамин ҷо шурӯъ шуд ва аввалин касе, ки ин тӯҳматро мунташир сохт, Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул буд.

Ба Мадина расидем ва ҳудуди як моҳ мариз шудам ва мардум гуфти тӯҳматгаронро мунташир мекарданд. Дар бемorie, ки доштам, ин чиз маро ба шак андохт, ки аз Паёмбари Худо (с) лутф ва меҳрубониҳоеро, ки дар айёми маризиҳои гузаштаам медидам, эҳсос намекардам ва ҳангоме, ки ба хона меомаданд, салом карда ва мегуфтанд: «Духтари шумо чӣ тавр аст?»

Аз қазия то ҳангоме, ки сиҳат ёфтам, чизе хабар надоштам.

Рӯзе бо модари Мистаҳ ба тарафи баландиҳое, ки барои қазои ҳоҷат мерафтем, равон будем ва дар ин ҷо ҷуз аз як шаб то шаби дигар намерафтем ва ин кор пеш аз сохта шудани байтулхалоҳо ба наздикии хонаҳои ман буд. Дар ин мавзӯъ монанди мардуми бодиянишин будем.

Ман бо модари Мистаҳ, духтари Абӯруҳм мерафтам, ки чодараш ба ӯ печида ва афтод, дар ин вақт гуфт: Мистаҳ ҳалок шавад.

Ба ӯ гуфтам: Сухани бисёр баде гуфтӣ. Оё касеро, ки дар ҷанги Бадр иштирок намудааст, дашном медиҳӣ?

Гуфт: Эй бечора, магар хабар надорӣ, ки мардум чӣ гуфтанд? Ва қиссаи аҳли ифк ва тӯҳмати тӯҳматгаронро бароям гуфт. Ин ҷо буд, ки маризиам аз аввал бештар ва шадидтар шуд.

Чун ба хона баргаштам, Паёмбари Худо (с) омада ва салом карданд ва гуфтанд: «Маризи шумо чӣ тавр аст?»

Гуфтам: Бароям иҷоза бидиҳед ба хонаи падар ва модарам биравам. Ва мақсадам ин буд, ки аз ин хабар аз тарафи онҳо мутаяқин шавам.

Паёмбари Худо (с) бароям иҷоза доданд, ба назди падар ва модарам омадам.

Ба модарам гуфтам: Мардум чӣ мегӯянд?

Гуфт: Духтарам, ғам махӯр, ба Худованд савганд, ҳеҷ зани зебое нест, ки назди шавҳараш маҳбуб бошад ва боғчунҳое дошта бошад, магар ин, ки аз ин чизҳо барояш гуфта мешавад.

Гуфтам: Субҳоналлоҳ, магар мардум чунин суханоне дар бораам мегӯянд?

Ҳамон шабро то фардо он ҷо мондам, на ашк аз чашмам хушк шуд ва на хоб ба чашмам омад.

Фардои он рӯз чун муддате буд, ки ваҳй нозил нашуда буд, Паёмбари Худо (с) Алӣ ибни Абӯтолиб ва Усома ибни Зайд (р)-ро талабиданд ва дар мавзӯъи ин, ки аз ҳамсарашон (Оиша (р) ҷудо шаванд, бо онҳо машварат намуданд.

Усома бо асоси дустӣ ва муҳаббате, ки Паёмбари Худо (с) бо уммати худ ё азвоҷи мутаҳҳарот доштанд, гуфт: Ё Расулаллоҳ, Оиша (р) ҳамсари шумо аст ва ба Худованд қасам, ки ҷуз некӣ чизи дигаре

дар бораи ӯ суроғ надорам.

Вале Алӣ ибни Абӯтолиб (р) гуфт: Ё Расули Аллоҳ! Худо бар шумо арсаро танг насохтааст ва ба ғайр аз вай (яъне Оиша (р), занҳои дигаре бисёр аст ва мавзӯъро аз каниз (яъне канизи Оиша (р), ки Барира ном дошт, пурсед ва воқеъиятро барои шумо хоҳад гуфт.

Алӣ ин суханро аз рӯи даъват ва душманӣ бо Оиша (р) нагуфт, балки чун дид, ки Паёмбари Худо (с) сахт андӯҳгин ва музтариб ҳастанд, хост то роҳе барои он ҳазрат (с) пешниҳод намояд, ки аз ин ғаму андӯҳ то андозае халос шаванд.

Паёмбари Худо (с) Барираро хоста ва аз вай пурсиданд, ки «Оё ту аз Оиша (р) чизе ки туро ба шак бияндозад, мушоҳида кардаӣ?»

Барира гуфт: Савганд ба зоте, ки шуморо ба ҳақ фиристодааст, аз вай чунин чизе мушоҳида накардаам ва дар вай ҳеҷ айберо ба ҷуз ин, ки духтари хурдсоле аст ва баъди таҳияи хамир хобаш мебурд ва гӯсфанд омада ва он хамирҳоро мехӯрд, надидаам. Паёмбари Худо (с) ҳамон рӯз бархостанд ва ба талаби уқубат ва интиқом аз Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул баромада ва фармуданд: «Кадом касе аст, ки интиқоми маро аз шахсе, ки ба ҳамсарам тӯҳмат задааст, бигирад ва ба Худованд савганд, ки ман аз ҳамсарам ҷуз некӣ ва хубӣ чизе надидаам ва ӯро ба шахсе муттаҳам сохтаанд, ки дар вай ҷуз аз некӣ ва хубӣ чизи дигаре суроғ надорам ва ҳеҷ гоҳ дар хонаам ҷуз бо худам дохил намегардид».

Саъд ибни Муъоз (р) бархост ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ба Худованд савганд, ки ман интиқоми шуморо аз вай хоҳам гирифт, агар аз қабилаи (Авс) бошад, гарданашро хоҳам зад ва агар аз бародарони хазраҷии мо бошад, ҳар тавр ки амр фармоед, бо вай муомила хоҳем намуд.

Саъд ибни Убода (р), ки раиси қавми Хазраҷ буд, бо вуҷуди он, ки шахси солеҳ ва некӯкоре буд, таассуби қавмӣ дар вай асар карда ва гуфт: Ҳаргиз касеро накуштаӣ ва кушта наметавонӣ.

Усайд ибни Хузайр бархоста ва гуфт: Ба Худованд савганд, ки ӯро хоҳем кушт. Ту мунофиқ ҳастӣ ва аз мунофиқин дифоъ мекунӣ. Ва дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) бар болои минбар буданд, ду қабилаи Авс ва Хазраҷ бо ҳам ба гуфтушунуд пардохтанд, то ҷое, ки мехостанд ба ҷанг бархезанд. Паёмбари Худо (с) аз минбар поён шуда ва онҳоро ором сохтанд ва худашон ҳам сокит шуданд. Он рӯз гиристам ва ашк аз чашми ман хушк нагардид ва хоб ба чашмам наёмад, фардояш падар ва модарам наздам омаданд ва ду шабонарӯз шуда буд, ки ба таври мустамир гиря мекардам, то ҷое, ки мегуфтам, шояд ҷигарам фурӯ бирезад.

Дар ҳоле, ки онҳо наздам нишаста буданд, зане аз ансор омада ва иҷозаи дохил шудан хост, ман барояш иҷоза додам. Ӯ ҳам нишаст ва бо ман ба гиря кардан шурӯъ намуд. Дар ҳоле, ки мо бо ҳам нишаста будем, ногаҳон Паёмбари Худо (с) дохил гардиданд ва нишастанд ва аз рӯзе, ки дар бораам чунин суханоне гуфта шуда буд, Пайғамбари Худо

(с) дар канорам нанишаста буданд ва як моҳ шуда буд, ки дар бораи ман бар эшон ваҳй нозил нагардида буд.

Оиша (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) баъд аз ҳамд ва санои Парвардигор гуфтанд: «Эй Оиша! Бароям дар мавриди ту хабарҳое чунин ва чуноне расидааст, агар дар замина бегуноҳ бошӣ, ба зудӣ Худованди мутаъол исботи бегуноҳии туро хоҳад кард ва агар муртакиби гуноҳе шуда бошӣ, аз Худованд талаби омурзиш намуда ва тавба кун, зеро вақте, ки банда ба гуноҳаш эътироф намуда ва тавба намояд, Худованд тавбаашро қабул мекунад».

Чун суханони Паёмбари Худо (с) тамом шуд, ашк дар чашмам хушк гардид, то ҷойе, ки эҳсоси як қатра ашкро ҳам намекардам, рӯйи худро ба тарафи падарам карда ва гуфтам: Ҷавоби Паёмбари Худо (с)-ро бидеҳ.

Ӯ гуфт: Ба Худо савганд, ки намедонам, ба Паёмбари Худо (с) чӣ бигӯям?

Ба модарам гуфтам: Ту ҷавоби Паёмбари Худо (с)-ро бигӯ.

Ӯ ҳам гуфт: Ба Худованд савганд, намедонам, ки дар ҷавоби Паёмбари Худо (с) чӣ бигӯям?

Оиша (р) мегӯяд: Ман духтари хурдсоле будам ва чизи зиёде аз Қуръон нахонда будам, бо он ҳам гуфтам: Ба Худованд қасам, ки шумо он чиро, ки мардум мегӯянд, шунидаед ва дилнишини шумо шуда ва бовар кардаед. Агар бигӯям, ки ман бегуноҳам ва Худованд медонад, ки бегуноҳам, бовар намекунед ва агар эътироф ба гуноҳе бикунам ва дар ҳоле, ки Худо медонад, ки ба бегуноҳиям бовар хоҳед кард. Ва ба Худованд қасам аст, ки дар мавқифи мушкил ҷуз қавли падари Юсуф (ъ) чизи дигареро гуфта наметавонам. Пас сабр аз ҳама беҳтар аст ва аз он чӣ, ки мегӯед, аз Худованд мадад ва кӯмак мехоҳам.

Баъд аз он бархостам ва ба бистари худ рафтам ва ба ин умед будам, ки Худованди мутаъол бароати маро собит созад, вале ба Худованд савганд, ҳеҷ вақт гумон намекардам, ки дар бораи ман ваҳйе нозил хоҳад кард, ки барои ҳамеша тиловат гардад ва ман дар назди худ камтар аз он будам, ки дар бораи ман Қуръон сухан бигӯяд.

Ва чизеро, ки орзу доштам, фақат он буд, ки Паёмбари Худо (с) чизеро дар хоб бубинанд, ки сабаби бароати ман шавад, вале ба Худованд савганд, ки ҳанӯз аз ҷойи худ ҳаракат накарда будам ва касе аз аҳли хона берун нашуда буд, ки бар Паёмбари Худо (с) ваҳй нозил гардид ва алоими (нишонаи) маъҳудаи ваҳй бар чеҳраашон намоён гардид.

Чун ҳолати ваҳй аз Паёмбари Худо (с) бартараф гардид, ханда намуда ва гуфтаанд: «Эй Оиша! Худоро шукр кун, ки бароати туро нозил сохт».

Модарам гуфт: Бархез ва назди Паёмбари Худо (с) бирав!

Гуфтам: На, хайр! Ба Худованд савганд, ки нахоҳам рафт ва ҷуз аз Худованди мутаъол ситоиши дигареро нахоҳам намуд. Ва Худованд ин ояи каримаро нозил фармуд: **«Касоне, ки ин тӯҳматро бастанд, гурӯҳе аз**

**шумо буданд...»** Чун Худованди мутаъол бароатамро нозил кард ва Абӯбакри Сиддиқ (р) нисбат ба қаробате, ки ба Мистаҳ ибни Асоса дошт, ба ӯ кӯмак мекард, гуфт: Ба Худованд қасам, ки аз ин баъд барои Мистаҳ, ки дар бораи Оиша чунин ва чунон гуфтааст, кӯмак нахоҳам кард.

Вале Худованд ин ояи каримаро нозил фармуд: «**Ва набояд соҳибони мол ва макнат савганд бихӯранд, ки ба ақрабои худ чизе надиҳанд...**» то ин қавли Худованд, ки: «**Оё дӯст надоред, ки Худованд шуморо биёмурзад ва Худованд омурзанда ва меҳрубон аст**». Ва Паёмбари Худо (с) дар бораи ман аз Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) истифсор намуда, пурсида буданд: «Эй Зайнаб! Чӣ медонӣ? Чӣ дидаӣ?»

Ва ӯ гуфта буд: Ё Расулаллоҳ, чашму гӯшамро аз он чӣ, ки надида ва нашнидаам, дур медорам, ба Худованд савганд аст, ки нисбат ба Оиша ҷуз хайр ва некӣ чизе надида ва нашнидаам.

Ва Оиша (р) мегӯяд: Фақат ҳамин Зайнаб буд, ки худро аз ман беҳтар ва болотар медонист, вале аз тақвое, ки дошт, Худованди мутаъол ӯро аз тӯҳмат задан ҳифз намуд.

## БОБИ 5. Тазкияи як нафар аз нафари дигар кофӣ аст

**1180.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз дигаре дар назди Паёмбари Худо (с) таъриф ва тавсиф намуд, фармуданд: «Эй вой бар ту, гардани рафиқатро қатъ намудӣ». Ва ин суханро чандин бор такрор намуданд, сипас фармуданд: «Агар касе маҷбур мегардад, ки бародари мусалмони худро мадҳ ва сифат намояд, бигӯяд ки: Гумон мекунам, ки фалонӣ (чунину чунон бошад) ва Худованд ӯро кофӣ аст ва ман касеро дар назди Худованд тазкия наменамоям, фақат ӯро чунину чунон мешиносам ва ин ҳам ба шартест, ки дар вай чунин сифатеро суроғ дошта бошад».

## БОБИ 6. Болиғ шудани атфол ва шаҳодат додани онҳо

**1181.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Уҳуд чордаҳсола будам. Паёмбари Худо (с) ба қаду қоматам назар карданд ва ба ман иҷозаи иштирок дар ҷангро надоданд, вале дар ҷанги Хандақ, ки понздаҳсола шуда будам, ба қаду қоматам нигоҳ карданд ва ба ман иҷозаи иштирок дар ҷангро доданд.

## БОБИ 7. Вақте, ки мардуме дар қасам хӯрдан аз якдигар сабқат меҷӯянд

**1182.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз мардуме хостанд, ки савганд бихӯранд, ҳама изҳори омодагӣ намуданд.

Паёмбари Худо (с) амр намуданд, то байнашон қуръакашӣ шавад, ки кадом якеашон бояд савганд бихӯрад.

## БОБИ 8. Чигунагии савганд хӯрдан

**1183.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки мехоҳад савганд бихӯрад, ё ба Худо савганд бихӯрад ва ё сокит бошад».

## БОБИ 9. Касе, ки байни мардум сулҳ барқарор месозад, дурӯғгӯй шумурда намешавад

**1184.** Аз Умми Кулсум бинти Уқба (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: «Касе, ки байни мардумон мусолиҳа мекунад, (агар барои мусолиҳа дурӯғ бигӯяд), дурӯғгӯй шумурда намешавад, зеро вай ё сухани маслиҳатомезеро барои шахси муқобил мерасонад ва ё ин, ки аз худ сухани маслиҳатомезеро барояш мегӯяд».

## БОБИ 10. Гуфтаи имом барои ҳамнишинони худ, ки бо ҳам биравем, то сулҳ барқарор созем

**1185.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми Қубо байни худ ҷанг карданд, то ҷойе, ки якдигари худро ба санг мезаданд. Паёмбари Худо (с) аз ин воқеа бохабар шуданд ва фармуданд: «Биёед, биравем, байнашон сулҳ барқарор созем».

## БОБИ 11. Чӣ гуна навишта мешавад, ки ин санади мусолиҳаи фалон ибни фалон ва фалон ибни фалон аст, агарчӣ қабила ва ё насаби худро зикр нанамояд

**1186.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар моҳи Зулқаъда тасмим гирифтанд, ки умра намоянд, вале аҳли Макка барояшон иҷозаи дохил шудан ба Маккаро надоданд, то ин, ки бо аҳли Макка мусолиҳа намуданд, ки фақат се рӯз дар Макка бимонанд.

Чун дар санади сулҳ навиштанд, ки: «Ин санади сулҳест аз тарафи Муҳаммад Расулуллоҳ (с)» ҷониби муқобил гуфтанд: Мо ба ин чиз эътироф надорем, агар медонистем, ки ту Расули Худо ҳастӣ, туро аз дохил шудан ба Макка манъ намекардем ва ту Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ҳастӣ.

Фармуданд: «Ман Пайғамбари Худо ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ҳастам». Сипас ба Алӣ (р) фармуданд: «Иборати Расулуллоҳро маҳв кун (яъне хат бизан)». Гуфт: Ба Худованд савганд, ки ҳеҷ гоҳ маҳв нахоҳам кард. Паёмбари Худо (с) варақро гирифтанд ва навиштанд, ки «Ин санади сулҳи Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст, ки дар асоси он:

- Силоҳеро ҷуз дар ҳолати ғилоф будан ба Макка дохил нанамояд.
- Агар касе аз аҳли Макка мехост ҳамроҳаш берун шавад, ӯро ба

худ набарад.

- Ва агар касе аз ҳамроҳонаш майли будан дар Маккаро дошт, ӯро аз ин кор манъ накунад».

Чун ба Макка дохил гардиданд ва муддати муайян гузашт, аҳли Макка назди Алӣ (р) омада ва гуфтанд: Ба рафиқат бигӯ, ки аз назди мо биравад, зеро муддати муайян гузаштааст.

Паёмбари Худо (с) аз Макка хориҷ гардиданд. Духтари Ҳамза (р) ба дунболи эшон ба роҳ афтод ва гуфт: Амӯям, амӯям. Алӣ (р) дасти ӯро гирифт ва ба Фотима (р) гуфт, ки ӯро бардор.

Вале дар бораи сарпарастии вай Алӣ ва Зайд ва Ҷаъфар (р) бо ҳам ихтилоф намуданд.

Алӣ (р) гуфт, ки ман ба сарпарастии ӯ мустаҳиқтарам, ӯ духтари амаки ман аст. Ва Ҷаъфар (р) гуфт, ки ман мустаҳиқтарам, ӯ илова бар ин, ки духтари амакам аст, холааш ҳамсарам мебошад. Ва Зайд (р) гуфт, ки ӯ духтари бародари ман аст.

Вале Паёмбари Худо (с) ӯро ба холааш супурда ва фармуданд: «Хола ба манзалаи модар аст». Ва ба Алӣ (р) гуфтанд, ки: «Ту аз ман ва ман аз туам». Ва ба Ҷаъфар (р) гуфтанд: «Ту аз нигоҳи ҷисмӣ ва ахлоқӣ шабеҳ ва ҳамранги ман ҳастӣ». Ва барои Зайд (р) гуфтанд, ки: «Ту бародар ва дӯсти мо ҳастӣ»

## БОБИ 12. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ҳасан ибни Алӣ (р) гуфтанд: «Ин фарзанди сардор аст»

**1187.** Аз Абибакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бар болои минбар нишаста буданд. Ҳасан ибни Алӣ (р) дар паҳлӯяшон қарор дошт. Дар ин вақт гоҳе ба тарафи мардум ва гоҳе ба тарафи Ҳасан (р) рӯй оварда ва мефармуданд: «Ин фарзанди ман сардор аст ва шояд Худованди мутаъол ба сабаби вай байни ду гурӯҳи бузурге аз мусалмонон сулҳ барқарор созад».

## БОБИ 13. Оё имом мардумро ба сулҳ даъват мекунад?

**1188.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) овози касонеро, ки ба садои баланд назди дарвозаи хона бо ҳам ҷанҷол мекарданд, шуниданд. Яке аз онҳо аз дигаре мехост, то аз қарзи худ чизеро барояш бахшида ва ё ӯро мӯҳлат бидиҳад, вале ҷониби муқобил мегуфт: Ба Худованд савганд, ки чунин нахоҳам кард (яъне на аз қарзам чизе кам мекунам ва на мӯҳлат медиҳам).

Паёмбари Худо (с) назди онҳо рафта ва гуфтанд: «Он кӣ ба чунин шиддат ба Худо савганд мехӯрад ва намехоҳад, ки кори некеро анҷом бидиҳад, куҷост?»

Он шахс гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман ҳастам ва инак ҳар кадомеро, ки мехоҳад, аз вай бошад.

# -51- КИТОБИ ШУРУТ

## БОБИ 1. Шурут дар маҳр ва дар ақди никоҳ

**1189.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки: «Мустаҳиқтарин шартҳо дар вафо кардани ба он шартҳоест, ки ба асоси он занро барои худ ҳалол месозед».

## БОБИ 2. Шуруте, ки дар ҳудуд ҷавоз надорад

**1190.** Аз Абӯҳурайра ва Зайд ибни Холид (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Шахсе аз мардуми бодиянишин назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, шуморо ба Худо савганд медиҳам, ки дар байни моён ба асоси ҳукми китоби Худо қазоват кунед. Муддаъии дигар аз ӯ фаҳмидатар буд, гуфт: Бале, миёни мо ба асоси ҳукми китоби Худо қазоват намоед, вале барои ман иҷоза бидиҳед, то қазияро ба арз бирасонам.

Он ҳазрат (с) фармуданд: Бигӯ! Гуфт: Фарзандам назди ин шахс муздур буда ва бо занаш зино кард, ман шунида будам, ки ҷазои фарзандам сангсор шудан аст ва ман аз ҷазои фарзанди худ дар муқобили сад гӯсфанд ва як каниз бо ин шахс мусолиҳа намудам. Вале чун аз аҳли илм пурсидам, гуфтанд ки ҷазои фарзанди ту сад зарба шаллоқ ва муддати як сол гурезондан ва ҷазои зани ин шахс раҷм аст.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, дар миёни шумо ба асоси китоби Худо қазоват хоҳам кард. Гӯсфандон ва каниз ба ту бозгардонда мешавад ва бар фарзанди ту сад зарби шаллоқ ва як сол фирор додан аст. Ва ба Унайс, ки яке аз асҳоб буд гуфтанд): «Эй Унайс, ту назди зани ин шахс рафта бубин, агар эътироф кард, ӯро сангсор кун». Ровӣ мегӯяд, ки Унайс (р) назди зани он шахс рафт ва чун он зан эътироф намуд, Паёмбари Худо (с) амр карданд, ки сангсор шавад ва сангсор шуд.

## БОБИ 3. Шартгузорӣ дар кишоварзӣ

**1191.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун аҳли Хайбар дасту пойи Абдуллоҳ ибни Умар (р)-ро шикастанд, Умар барои мардум хутба хонду гуфт: Паёмбари Худо (с) бо яҳуди Хайбар дар амволашон

мусолиҳа намуда ва фармуда буданд, ки: «Мо фақат чизеро ба шумо иҷоза медиҳем, ки Худованд барои шумо иҷозат додааст». Ва Абдуллоҳ ибни Умар барои хабаргирии амволи худ ба он ҷо рафта буд, шабҳангом бар вай тааддӣ намуда ва дасту пояшро шикастанд ва дар он ҷо мо душмане ғайр аз яҳуд надорем, ҳамонҳо ҳастанд, ки душмани мо ва мавриди иттиҳоми мо ҳастанд ва назари ман ин аст, ки онҳоро аз он ҷо кӯч диҳем.

Чун Умар (р) дар ин амр тасмим гирифт, раиси яҳуд (ибни Ҳуқайқ) омад ва гуфт: Ё амиралмӯъминин! Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) барои мо иҷозаи буду бош дода ва молу мулки моро ба шурути муайяне дар ихтиёри мо гузоштааст, ту ба чӣ асос мехоҳӣ моро аз он ҷо берун намоӣ? Умар (р) гуфт: Оё фикр мекунӣ, ки ман ин қавли Паёмбари Худо (с)-ро фаромӯш кардаам, ки барои ту гуфта буданд?

«Рӯзе, ки туро аз Хайбар хориҷ созанд ва ту бар шутури тезгомат савор ва аз як шаб то шаби дигар давида ва ором надошта бошӣ, чӣ гуна ҳоле хоҳӣ дошт? Он яҳуд гуфт: Ин як мазоҳ ва шӯхие аз Абулқосим будааст. Умар (р) гуфт: «Эй душмани Худо! Дурӯғ мегӯӣ. Ва ҳамон буд, ки Умар (р) онҳоро кӯч дода ва қимати меваҳояшонро барояшон мол ва шутур ва полон ва ресмон ва дигар чизҳо пардохт.

## БОБИ 4. Шутур дар ҷиҳод ва мусолиҳа бо аҳли ҳарб ва навиштани шурут

**1192.** Аз Мисвар ибни Махрама ва Марвон (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Паёмбари Худо (с) замоне (Ҳудайбия) аз Мадина хориҷ гардида ва баъд аз паймудани масофае аз роҳ фармуданд: «Холид ибни Валид дар муқаддимаи лашкари Қурайш ба минтақаи Ғамим гирифтааст.

Пас бояд ба тарафи Зотулямин биравем ва ба Худованд савганд, ки Холид то вақте, ки ғубори лашкари мусалмононро надид аз омаданашон иттилоъ наёфт ва чун аз омадани лашкари мусалмонон хабар шуд, шитобон рафт ва Қурайшро аз омадани онҳо хабар дод».

Ва Паёмбари Худо (с) рафтанд, то ба баландие, ки аз он ҷо ба тарафи Қурайш сарозер мешуд, расиданд ва дар он ҷо шутури Паёмбари Худо (с) хобид, мардум хостанд ӯро бархезонанд, вале ӯ барнахост, мардум гуфтанд: «Қасво (Қасво номи шутури Паёмбари Худо (с) аст) аз пой даромадааст. Қасво аз пой даромадааст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қасво аз пой намондааст ва ин аз табиати ӯ нест, вале он зоте, ки филро аз рафтан ба Макка монеъ шуд, монеъи рафтани ӯ ҳам шудааст».

Сипас фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳар коре, ки анҷом додани он сабаби таъзими ҳурумоти Худовандӣ гардад ва (Қурайш) аз ман бихоҳанд, ман он пешниҳодро қабул хоҳам кард».

Баъд аз он ба Қасво ҳайбат заданд ва Қасво аз ҷо ҷаст, баъд аз он аз мардум гӯша гирифтанд, то ин, ки ба поёнтарин қисмати Ҳудайбия ба сари ҳуфрае, ки дар он об андаке буд, расиданд ва лаҳзае тӯл накашид, ки мардум ҳамаи он обро гирифта бурданд, мардум аз ташнагӣ назди Паёмбари Худо (с) шикоят намуданд, эшон тиреро аз ҷаъбаи худ бардошта ва амр намуданд, то тирро дар он ҳуфра дохил намоянд, ба Худованд савганд, об он қадар фавора зад, ки ҳамагӣ сероб шуданд.

Дар ин вақт буд, ки Будайл ибни Варқоъи Хузоъӣ ҳамроҳи иддаи дигаре аз қавми худ, ки аз қабилаи Хузоъа буданд, расиданд ва инҳо аз миёни мардуми Таҳома ҳофизи асрор ва насиҳат барои Паёмбари Худо (с) буданд.

Ӯ гуфт, ки ман аз назди Каъб ибни Луъай ва Омир ибни Луъай (мақсуд аз зикри ин ду нафар ду қавм аст, зеро насаби аксари Қурайш бо ин ду нафар мерасад)» омадам ва онҳо бар чашмаҳои равони Ҳудайбия маскан гузида ва шутурони широварро бо худ овардаанд ва мақсадашон ин аст, ки бо шумо ҷанг карда ва монеъи рафтани шумо ба Байтуллоҳилҳаром гарданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мо ҷиҳати ҷанг кардан бо касе наомадаем, балки мақсади мо умра кардан аст ва Қурайшро ҳам ҷанг хаставу мутазарир сохтааст.

Агар хоста бошанд, барои муддате бо онҳо мусолиҳа мекунем, онҳо маро бо мардум вогузоранд, агар бар онҳо пирӯз шудем, онҳо ҳам кореро бикунанд, ки дигарон кардаанд. Ва агар пирӯз нашудем, аз машокили ҷанг худро роҳат намудаанд ва агар аз ин пешниҳод ибо меварзанд, савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, то охирин қатраи хунам бар сари амри рисолат бо онҳо хоҳам ҷангид. Ва Худованд он чиро хост, хоҳад кард».

Будайл гуфт: Пешниҳоди шуморо ба Қурайш хоҳам гуфт. Ровӣ мегӯяд: Ҳамон буд, ки ҳаракат кард ва назди Қурайш рафта ва ба онҳо гуфт: Ман аз назди он шахс (Муҳаммад) омадаам ва ӯ пешниҳод дорад, агар хоста бошед, пешниҳоди вайро ба шумо арза менамоям.

Ҷоҳилон ва аҳмақонашон гуфтанд, ки «Моро ҳоҷате ба шунидани пешниҳоди ӯ нест. Вале аҳли фаҳм ва дониши онҳо гуфтанд, ки: «Бигӯед, аз вай чӣ шунидед?» Гуфтанд: Аз вай шунидем, ки чунину чунон мегуфт. Ва тамоми он чиро, ки Паёмбари Худо (с) гуфта буданд, барои онҳо гуфт.

Урва ибни Масъуд бархост ва гуфт: Эй қавм! Оё шумо (нисбат ба ман) ба монанди падар нестед? Гуфтанд: Ҳастем. Гуфт: «Оё ман (нисбат ба шумо) ба монанди фарзанди шумо нестам? Гуфтанд: «Ҳастӣ. Гуфт: Оё назди шумо ба чизе муттаҳам ҳастам? Гуфтанд: На. Гуфт: Оё хабар надоред, ки аҳли Укозро ба кӯмаки шумо талабидам ва чун онҳо аз ҳамкорӣ бо шумо имтиноъ намуданд, ҳамаи аҳл ва авлод ва касоне, ки аз ман итоат намуданд, ба кӯмаки шумо овардам? Гуфтанд: Бале, хабар дорем. Гуфт: Ин шахс барои шумо пешниҳоди

хуб намудааст ва иҷоза диҳед, ки ман рафта бо ӯ муфоҳама намоям. Гуфтанд: «Бирав!»

Урва омад ва бо Паёмбари Худо (с) шурӯъ ба сухан задан намуд. Паёмбари Худо (с) монанди сухане, ки барои Будайл гуфта буданд, ба ӯ ҳам гуфтанд. Урва гуфт: «Фаразан ҳамаи қавми худро аз байн бурдӣ? Оё шунидаӣ, ки касе аз мардуми араб пеш аз ту қавми худро аз байн бурда бошад?

Ва агар шакли дигари он бошад, (яъне Қурайш бар ту ғалаба кунанд), ба Худованд савганд, ки ман (дар атрофиёни шумо) ашхосеро мебинам, ки аз қавмҳои мухталиф ҷамъ шуданд ва мардумонеро мебинам, ки бо эҳтимоли зиёд фирор намоянд ва туро танҳо бигузоранд!

Абӯбакр (р) гуфт: Бирав, фарзи Лотро бичӯш! (Ин суханро Абӯбакр аз ҷиҳати асоси ғайрати исломӣ гуфт, зеро Урва мусулмононро ба фирор намудану тарки Расули Худо муттаҳам карда буд, варна аз табиъати Абӯбакр ба забон овардани чунин алфоз набуд). Магар мумкин аст, ки мо фирор карда, Паёмбари Худо (с)-ро танҳо бигузорем?

Урва гуфт: Ин, ки сухан мезанад, кист? Гуфтанд: Абӯбакр аст. Гуфт: «Ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, агар сабаби некие, ки қаблан ба ман карда будӣ ва ман муқобилашро ба ту надодаам, намебуд, ҷавоби туро мегуфтам. Ва боз шурӯъ ба сухан задан бо Паёмбари Худо (с) намуд.

Ва ҳар боре, ки сухан мезад, риши муборакро мегирифт ва Муғийра ибни Шӯъба (р) бо шамшер ва зиреҳ болои сари Паёмбари Худо (с) истода буд ва ҳар боре, ки Урва риши муборакро мегирифт, Муғийра бо қабзаи шамшер ба дасти Урва зада мегуфт: «Дасти худро аз риши Паёмбари Худо (с) дур соз! Урва сарашро боло кард ва пурсид: «Ин кист?» Гуфтанд: Муғийра ибни Шуъба».

Урва гуфт: Эй фиребкор! Оё ман мутаҳаммили хасоратҳои фиребкориат нашудаам? Ва сабаби ин сухан он буд, ки Муғийра дар замони ҷоҳилият бо мардуме сафар намуда, дар роҳ онҳоро кушта, амволашонро ба ғорат бурда буд ва баъд аз ин кор омад ва мусалмон шуд. Паёмбари Худо (с) гуфта буданд: «Исломашро қабул дорем, вале ба молаш коре надорем». (Яъне молеро, ки овардааст, қабул надорем, зеро он ба тариқи хиёнат ба дасташ расидааст).

Урва зери чашм саҳобаи Паёмбари Худо (с)-ро муроқибат мекард, худаш мегӯяд: Ба Худованд савганд, ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) оби даҳони худро меандохтанд, дар дасти ҳар касе, ки воқеъ мегардид, онро ба сару рӯи худ мемолид ва ҳангоме, ки ба анҷом додани чизе амр мекарданд, дар иҷрои амрашон бар якдигар сабқат меҷустанд ва чун вузӯ месохтанд, наздик буд, ки бар сари оби вузӯяшон бо ҳам ба ҷанг ва муқотила бархезанд ва чун сухан мезаданд, ҳамагӣ сукут мекарданд ва аз таъзими зиёде, ки бо эшон доштанд, ба назари комил ба тарафи эшон намедиданд.

Урва назди аҳвомаш баргашт ва гуфт: «Эй қавм! Ба Худованд қасам, ки назди мулуки Қайсар, Кисро, Наҷҷошӣ рафтаам ва ба Худованд савганд, ки ҳаргиз атрофиёни ҳеҷ подшоҳеро надидаам, ки ӯро ба монанди он, ки саҳобаи Муҳаммад (с) Муҳаммадро эҳтиром мекунанд, эҳтиром карда бошанд.

Ба Худованд савганд, чун Паёмбари Худо (с) оби даҳонашро меандохт, ба кафи дасти ҳар кадоме аз онҳо, ки воқеъ мешуд, онро ба сару рӯи худ мемолид ва чун ба чизе амр мекард, дар иҷрои амри вай бар якдигар сабқат меҷустанд ва чун вузӯ месохт, бар сари оби вузӯи ӯ наздик буд, ки бо якдигар ба ҷанг ва муқотила бархезанд ва чун сухан мезад, ҳамагӣ сукут карда ва аз таъзими зиёде, ки бар вай доштанд, ба назари комил ба тарафи ӯ намедиданд ва ӯ беҳтарин пешниҳоде ба шумо намудааст ва назарам он аст, ки пешниҳодашро бипазиред.

Шахсе аз бани Канона гуфт: Иҷоза бидиҳед, ки ман наздаш биравам. Гуфтанд: «Бирав». Чун аз дур ба Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) намоён гардид, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин шахс фалонӣ аст ва аз қавмест, ки барои шутур аҳамияти хосе қоиланд, шутуронро ба истиқболаш бубаред».

Шутуронро бурда ва аз вай талбиягӯён истиқбол намуданд, он шахс чун ин манзараро дид гуфт: «Субҳоналлоҳ! Чунин ашхос набояд аз рафтан ба хонаи Худо манъ шаванд!» Ва чун назди ёрони худ баргашт, гуфт: Шутуронеро дидам, ки аломагузорӣ шуда буд ва қаллода ба гардан доштанд, назари ман ин аст, ки инҳо набояд аз рафтан ба хонаи Худо манъ гарданд.

Шахси дигаре, ки ба номи (Микраз ибни Ҳафс), ёд мешуд гуфт: «Иҷоза диҳед, ки ман наздаш биравам». Гуфтанд: Бирав! Чун аз дур намоён шуд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин Микраз буда ва шахси фоҷире аст». Ӯ омад ва бо Паёмбари Худо (с) шурӯъ ба сухан задан намуд.

Ӯ ҳанӯз бо Паёмбари Худо (с) машғули сухан задан буд, ки Суҳайл ибни Амр омад. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Кори шумо осон шуд». Суҳайл гуфт: «Вароқе бидиҳед, то бо шумо муоҳада бинависам. Паёмбари Худо (с) котиберо талаб намуда гуфтанд: «Бинавис: Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим Суҳайл гуфт: «Ба Худованд савганд, намедонам, чист?

Ҳамон тавре, ки собиқ менавиштӣ, бинавис, ки: (бисмикаллоҳумма), (яъне: «Худоё, ба номи ту!») Мусалмонон гуфтанд: «Ба ҷуз «Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим» чизи дигаре наҳоҳем навишт, вале Паёмбари Худо (с) барои котиб фармуданд: «Бинавис: Бисмикаллоҳумма».

Баъд аз он гуфтанд: «Ин муоҳадаи Муҳаммад Расулуллоҳ аст». Суҳайл гуфт: Ба Худованд савганд, агар бидонем, ки ту Расули Худо ҳастӣ, туро на аз рафтан ба хонаи Худо манъ менамудем ва на ҳам бо

ту ҷанг мекардем, балки бояд навишт, ки: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба Худованд савганд, ман Паёмбари Худо (с) ҳастам, агарчанде ки шумо маро таксиб мекунед, бинавис: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ».

Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Барои ин, ки моро иҷоза диҳед, то ба хона тавоф намоем». Суҳайл гуфт: «Ба Худованд савганд, қавми Араб набояд бигӯянд, ки мо (ин муоҳадаро) рӯи фишор қабул намудаем, балки бояд тавофи шумо ба Хона дар соли оянда сурат пазирад». Ва ҳамин тавр навиштанд.

Баъд аз он Суҳайл гуфт: «Ва ин, ки агар касе аз моён ба ту омад, агарчӣ вай дар дини ту бошад, бояд ӯро барои мо бозгардонӣ». Мусалмонон гуфтанд: «Субҳоналлоҳ, шахсе, ки мусалмон бошад ва ба тарафи мо биёяд, чӣ гуна ӯро ба мушрикин пас диҳем?»

Ҳанӯз дар ҳамин гуфтугӯ буданд, ки Абӯҷандал ибни Суҳайл ибни Амр дар ҳоле, ки дар ғулу занҷираш даступой мезад ва аз минтақаи поёни Макка омада буд, худро ба домани мусалмонон андохт. Суҳайл гуфт: «Эй Муҳаммад! Аввалин шарти мусолиҳа он аст, ки ӯро барои мо бозгардонӣ!» Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мо ҳанӯз санади мусолиҳаро комил накардаем».

Суҳайл гуфт: «Агар ӯро барнагардонӣ, абадан бар ҳеҷ чизе бо ту мусолиҳа нахоҳам кард». Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Ӯро ба ман бубахш». Суҳайл гуфт: «Ӯро ба ту нахоҳам бахшид». Фармуданд: «На, чунин кун». Гуфт: «Намекунам». Микраз гуфт: «Ӯро ба ту бахшидам». Абӯҷандал гуфт: «Эй мусалмонон! Ман мусалмон шудаам ва назди шумо омадаам ва шумо маро дубора ба мушрикин пас медиҳед? Оё намебинед, ман дар чӣ ҳолам?» Ва ӯ дар роҳи Худо хеле азобу шиканҷа шуда буд.

Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд: Назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтам: «Оё шумо Паёмбари Худо (с) нестед?» Фармуданд: «Чаро на, ҳастам». Гуфтам: «Оё мо бар ҳақ ва душманон бар ботил нестанд?» Гуфтанд: «Чаро на, чунин аст». Гуфтам: «Бо вуҷуди ин чизҳо, чаро пастиро дар дини худ қабул намоем?»

Фармуданд: «Ман Паёмбари Худо (с) ҳастам, дар муқобили Худо исён намекунам ва ӯ маро нусрат хоҳад дод». Гуфтам: «Оё шумо ба мо нагуфта будед, ки ба зудӣ ба хонаи Каъба тавоф хоҳем кард? Фармуданд: «Бале, вале магар гуфтам, ки имсол ба он ҷо хоҳем рафт?» Гуфтам: «На». Фармуданд: «Ҳатман ба хонаи Каъба рафта ва тавоф хоҳӣ намуд».

Умар (р) мегӯяд: назди Абӯбакр (р) омада гуфтам: «Оё ӯ Пайғамбари барҳақи Худо нест? Гуфт: «Чаро на, ҳаст». Гуфтам: «Оё мо барҳақ ва душмани мо бар ботил нест?» Гуфт: «Чаро на». Гуфтам: «Пас чаро зиллатро дар дини худ қабул намоем?» Гуфт: «Эй мард! Ӯ Паёмбари Худо (с) аст! Дар муқобили Худояш исён намекунад ва Худо

ӯро нусрат хоҳад дод, пас рикобашро маҳкам бигир! Ба Худованд савганд, ки ӯ барҳақ аст!»

Гуфтам: «Магар ба мо намегуфт, ки: «Ба зудӣ ба хона рафта ва тавоф хоҳем кард?» Гуфт: «Бале, вале оё ба ту гуфт, ки «Имсол ба хона тавоф хоҳӣ кард?» Гуфтам: «На». Гуфт: «Ту ҳатман ба хона рафта ва ба он тавоф хоҳӣ кард». Умар (р) мегӯяд: «Ба сабаби ин мавқеъам бисёр корҳо кардам (яъне: хайротҳо додам, намозҳо хондам ва ғуломҳо озод кардам ва...)».

Ровӣ мегӯяд: Чун Паёмбари Худо (с) аз қазияи муоҳадаи сулҳ фориғ шуданд, фармуданд: «Бархезед, шутуронро бикушед ва сарҳои худро битарошед!» Ровӣ мегӯяд: Ба Худованд савганд, ки аз мардум як нафаре ҳам барнахост, то ин, ки Паёмбари Худо (с) ин суханро се бор такрор намуданд.

Чун ҳеҷ кас барнахост, назди Умми Салама омаданд ва мавқеъи саҳобаро барояш гуфтанд. Умми Салама (р) гуфт: «Ё Расулаллоҳ! Агар мехоҳед, ки онҳо чунин кунанд, худи шумо рафта ва бидуни он, ки бо касе сухан зада бошед, шутури худро забҳ намоед ва сартарошро талаб кунед ва сари худро битарошед».

Паёмбари Худо (с) рафтанд ва бидуни он, ки бо касе сухан бигӯянд, шутури худро забҳ карданд ва ҳаллоқро талаб намуда ва сари худро тарошиданд. Чун саҳоба (р) ин амали Паёмбари Худо (с)-ро диданд, шутурони худро куштанд ва сари якдигари худро тарошиданд. Ва наздик буд, ки якдигарро аз ғами зиёд (ё аз издиҳоми зиёд) ба қатл бирасонанд.

Баъд аз он гурӯҳе аз занони мусалмон назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва Худованд ин ояи каримаро нозил фармуд: **«Эй касоне, ки имон овардаед! Агар занҳои мусалмон дар ҳоле, ки ҳиҷрат кардаанд, назди шумо омаданд, онҳоро имтиҳон ва озмоиш намоед».**

То ин қавли Худованд, ки: **«(...Занҳои кофарро дар ҳиболаи никоҳи худ нагиред).** *(Мумтаҳина: 10)* (Баъди нозилшавии ин оят) Умар (р) дар ҳамин рӯз ду зан аз занҳои худро, ки дар ҳоли ширк бо онҳо издивоҷ намуда буд, талоқ дод. Яке аз он ду занро Муовия ибни Абӯсуфён ва дигариро Сафвон ибни Умайя ба никоҳ гирифт.

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба тарафи Мадина омаданд, шахсе аз Қурайш бо номи Абӯбасир, ки мусалмон шуда буд, назди Паёмбари Худо (с) омад. Қурайш ду нафарро ба талаби ӯ фиристода ва гуфтанд: «Ба ваъдае, ки байни мову шумост, вафо кунед!» Паёмбари Худо (с) Абӯбасирро ба онҳо пас доданд, намояндагони Қурайш, ӯро бо худ гирифта рафтанд.

Чун ба Зулҳулайфа расиданд, дар он ҷо манзил гузиданд ва хурмоеро, ки бо худ доштанд мехӯрданд. Абӯбасир ба яке аз онҳо гуфт: «Ба Худо савганд, фикр мекунам, ки шамшери ту шамшери бисёр хубе аст». Он шахс шамшерро аз ғилоф кашида ва гуфт: «Бале! Шамшери

бисёр хубе аст, чандин бор ӯро таҷриба кардаам». Абӯбасир гуфт: «Бидеҳ, ки ӯро бубинам». Он шахс шамшерро ба ӯ дод. Абӯбасир шамшерро гирифт ва он қадар ӯро ба шамшер зад, ки ҷонаш сард гардид (яъне мурд).

Нафари дуввумӣ фирор намуд ва худро ба Мадина расонд ва давон-давон дохили масҷид гардид. Чун назари Паёмбари Худо (с) бар ӯ афтод, фармуданд: «Ин шахс ба воқеаи ваҳшатноке бархӯрд намудааст».

Чун назди Паёмбари Худо (с) расид, гуфт: «Ба Худо савганд, ки рафиқам кушта шуд ва ман ҳам кушта хоҳам шуд». Абубасир дар ин вақт омад ва гуфт: «Ё Расулаллоҳ! Шумо ба аҳди худ вафо карда ва маро ба онҳо пас додед, вале Худованд маро аз дасти онҳо наҷот дод».

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вой бар модари ин! Аҷаб ҷангафрӯзе аст, агар ҳамроҳ ва ҳамкор дошта бошад». Чун Абӯбасир ин суханро шунид, фаҳмид, ки ӯро боз ба мушрикин таслим хоҳанд кард аз ин ҷиҳат, аз он ҷо баромад ва ба канори дарё рафт.

Ровӣ мегӯяд: Абӯҷандал ибни Суҳайл ҳам (ки қаблан мусалмон шуда буд) аз назди мушрикин фирор намуд ва ба Абӯбасир пайваст, баъд аз ин воқеъа ҳар касе, ки аз Қурайш мусалмон мешуд, назди Абӯбасир меомад ва бо ӯ мепайваст, то ин, ки гурӯҳеро ташкил доданд. Ба Худованд савганд, ҳеҷ гоҳ намешуд, ки бишунаванд, қофилае аз Қурайш берун шуда ва тарафи Шом меравад, магар он ки ҷилави қофиларо мегирифтанд, афроди онро кушта ва моли онро мебурданд.

Ҳамон буд, ки Қурайш касонеро назди Паёмбари Худо (с) фиристоданд ва ӯро ба Худо ва силаи раҳм савганд доданд, ки: «Агар касе аз Қурайш назди мусалмонон меояд, дар амон бошад. Ва Паёмбари Худо (с) касонеро назди (Абӯбасир ва ҳамроҳонаш) фиристоданд ва Худованд ин оятро нозил фармуд: **«Ва он Худое аст, ки дар даруни Макка шуморо бар онҳо пирӯз кард ва дасти шуморо аз онҳо ва дасти онҳоро аз шумо кӯтоҳ кард боздошт».** *(Фатҳ: 24-26)*

То ин қавли Худованд, ки (...Онҳоро ғурур, ғурури ҷоҳилият гирифт». Ва ғурурашон он буд, ки ба рисолати Паёмбари Худо (с) ва ба ҳаққонияти «Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим» иқрор накарданд ва монеъи рафтани мусалмонон ба хонаи Каъба гардиданд.

## БОБИ 5. Шарт ва истисное, ки дар иқрор ҷавоз дорад

**1193.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфтааст: Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Барои Худованди мутаъол наваду нӯҳ ном аст, як кам сад, касе ки онҳоро бишуморад ва ҳифз намояд, ба ҷаннат дохил мешавад».

# -52-
# КИТОБИ ВАСИЯТҲО

## БОБИ 1. Васиятҳо

**1194.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Барои шахси мусалмоне, ки чизе дошта ва мехоҳад васият намояд, муносиб нест, ки ду шаб бихобад ва васиятномааш дар зери сараш набошад».

**1195.** Аз Амр ибни Ҳорис (р), додарарӯси Паёмбари Худо (с), бародари Ҷувайрия бинти Ҳорис (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳангоми вафоти худ аз хеш на дирҳаме гузоштанд ва на диноре ва на ғуломе ва на канизе ва на чизи дигаре. Ва чизе, ки аз эшон монда буд, шутури сафед ва силоҳ ва замине буд, ки онро садақа қарор дода буданд.

**1196.** Ривоят аст, ки чун касе аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) пурсид, ки: Оё Паёмбари Худо (с) васият намуда буданд? Гуфт: На. Гуфт: Пас васияте, ки барои мардум навишта буданд, чӣ буд? Гуфт: «Амал кардан ба китоби Худо».

## БОБИ 2. Садақа додан дар вақти марг

**1197.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Ё Расулаллоҳ! Кадом садақа беҳтар аст? Фармуданд: «Садақае беҳтар аст, ки онро дар ҳоли сиҳатмандии худ садақа намуда бошӣ ва ҳанӯз дар ба даст овардани мол ҳарис ва дар орзуи сарватманд шудан бошӣ ва аз фақр ва бечорагӣ битарсӣ. Ва дар додани садақа имрӯз ва фардо накунӣ, ки чун нафас ба сина расид, бигӯӣ: Ба фалонӣ ин қадар ва ба фалон он қадар бидиҳед, зеро ин вақте аст, ки мол барои фалонӣ тааллуқ гирифтааст».

## БОБИ 3. Оё зан ва фарзанд дар ақориб дохил мешаванд

**1198.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Худованди мутаъол ин ояи каримаро нозил фармуд, ки **«Ақориби наздики худро бим бидеҳ!»** *(Шуъаро: 214)* Паёмбари Худо (с) бархоста ва фармуданд: «Эй мардуми Қурайш! Худро наҷот бидиҳед! (Яъне мусалмон шавед, то аз азоби дӯзах наҷот ёбед). Ман барои шумо дар муқобили азоби Худо коре карда наметавонам!

Эй бани Абдуманоф! Ман барои шумо дар муқобили ҳукми Худо коре карда наметавонам! Эй Аббос ибни Абдулмутталиб! Ман барои ту дар муқобили ҳукми Худо коре карда наметавонам! Эй Сафия, аммаи Расулуллоҳ! Ман барои ту дар муқобили азоби Худо коре карда наметавонам! Эй Фотима, духтари Муҳаммад! Аз моли ман, ҳар чӣ ки мехоҳӣ, аз ман биталаб ва ман барои ту дар муқобили азоби Худо коре карда наметавонам».

## БОБИ 4. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ятимонро то вақти расидан ба синни булуғ биозмоед. Агар дар онҳо рашодате ёфтед, амволи онҳоро дар ихтиёрашон бигзоред. *(Нисо:2)*

**1199.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст: «Падараш дар замони Паёмбари Худо (с) нахлистонеро, ки ба номи Самғ ёд мешуд, садақа дод ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман моли нафисеро ба даст овардаам ва мехоҳам онро садақа бидиҳам. (Мурод аз садақа додан дар ин ҷо васият кардан ба он мол аст). Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Асләшро садақа бидеҳ, ба тавре, ки на фурӯхта шавад ва на бахшиш гардад ва на мерос бурда шавад ва фақат меваащ нафақа гардад».

Умар (р) онро садақа дод, ба тавре, ки садақааш дар роҳи Худо, дар роҳи озод кардани ғуломон, барои масокин, меҳмонон, раҳгузарон ва завилқурбо харҷ гардад. Ва касе, ки сарпарастии онро ба ӯҳда дорад, низ метавонад ба таври маъқул аз он бихӯрад ва ё ба рафиқи худ ба андозае, ки барояш пасандоз нашавад, садақа бидиҳад.

## БОБИ 5. Қавли Худованди мутаъол: «Касоне, ки моли ятимонро ба ғайри ҳақ мехӯранд, дар воқеъ оташеро дар шикамҳои худ дохил карда ва ба зудӣ бо оташи сӯзон бирён хоҳанд гардид» *(Нисо: 10)*

**1200.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аз ҳафт чизе, ки ҳалоккунанда аст, битарсед!» Пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Онҳо чист? Фармуданд: «Ширк ба Худо, сеҳр ва ҷодугарӣ, куштани шахсе, ки Худованд куштанашро ҳаром намудааст, магар ба ҳаққи он, судхӯрӣ, хӯрдани моли ятим, гурехтан аз сафи ҷиҳод ва муттаҳам сохтани занони покдомани мусалмоне, ки аз корҳои бад хабаре надоранд».

## БОБИ 6. Нафақаи сарпарасти вақф

**1201.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ворисони ман динор ва дирҳамеро тақсим нахоҳанд кард, он чӣ, ки аз ман баъд аз нафақаи ҳамсарон ва музди омилам боқӣ мемонад, садақа аст».

## БОБИ 7. Касе, ки замин ё чоҳеро вақф намуда ва гуфтааст, ки насибаш ба андозаи мусалмонони дигар аст

**1202.** Ривоят аст, ки чун Усмон (р) муҳосира гардид, назди касоне, ки ӯро муҳосира намуда буданд, омада ва гуфт: Шуморо ба Худо савганд медиҳам ва албатта ҷуз саҳобаи Паёмбари Худо (с) дигаронро савганд намедиҳам. Оё хабар надоред, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Касе, ки чоҳи Румаро канда бошад, насибаш ҷаннат аст . Ва ман будам, ки он чоҳро кандам ва оё хабар надоред, ки фармуданд: «Касе, ки лашкари айёми сахтӣ ва машаққатро муҷаҳҳаз сохта ва омода намояд, насибаш ҷаннат аст?» Ва ман будам, ки он лашкарро муҷаҳҳаз сохтам. Ровӣ мегӯяд: Онҳо сухани Усмон (р)-ро тасдиқ намуданд.

## БОБИ 8. Қавли Худованди мутаъол ки мефармояд: «Эй мӯъминон, он гоҳ, ки марг ба яке аз шумо фаро расад...»

**1203.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: «Шахсе аз мардуми бани Саҳм ба ҳамроҳи Тамими Дорӣ ва Адий ибни Баддоъ ба сафар рафтанд. Шахси бани Саҳм (р) дар сарзамине, ки мусалмони дигаре вуҷуд надошт, вафот намуд. Он ду нафар ҳангоми омадан (ба Мадина) таракаашро бо худ оварданд. (Ворисонашро) диданд, ки ҷоми нуқрае, ки тиллокорӣ шуда буд, дар байни амволаш вуҷуд надорад. Паёмбари Худо (с) он ду нафарро савганд доданд, вале баъд аз муддате он ҷоми тиллокоришуда аз Макка пайдо шуд ва соҳибони ҷом гуфтанд, ки: мо онро аз Тамим ва Адий харидаем. Ду нафар аз ақвоми шахси Саҳмӣ бархоста ва савганд хӯрданд, ки шаҳодати мо аз шаҳодати онҳо барҳақтар аст ва ҷом аз қавми мутавафои онҳост. Ва ин ояи карима дар бораи онҳо нозил гардид: **«Эй мӯъминон, он гоҳ, ки марги яке аз шумо фаро расад, ҳангоми васият кардан аз миёни худ ду шоҳиди одил гувоҳ бигиред».** *(Моида: 106)*

# -53- КИТОБИ ҶИҲОД

## БОБИ 1. Фазилати ҷиҳод ва пайравӣ аз равиши Паёмбари Худо (с)

**1204.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфт: Амалеро ба ман нишон диҳед, ки баробари ҷиҳод савоб дошта бошад. Фармуданд: «Чунин амалеро намебинам». Ва фармуданд: «Оё метавонӣ аз лаҳзае, ки муҷоҳид ба ҷиҳод берун мешавад, ба масҷид дохил шавӣ ва ба намоз ва рӯза машғул гардӣ ва ҳеҷ гоҳ аз намоз хориҷ нашавӣ ва ифтор нанамоӣ?» Он шахс гуфт: Чунин тоқату қудратро кӣ дорад?

## БОБИ 2. Беҳтарин мардум шахси мӯъмине аст, ки ба ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод намояд

**1205.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсиданд: Кадом амал беҳтар аст? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мусалмоне, ки ба ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод намояд». Гуфтанд: Баъд аз он кадом амал? Фармуданд: «Мусалмони ботақвое, ки дар гӯшаи афтода ва мардумро аз шарри худ дар амон медорад».

**1206.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Муҷоҳиди фисабилиллоҳ, вале Худо медонад, ки муҷоҳиди фисабилиллоҳ кист,монанди касе аст, ки дар рӯз рӯза дошта бошад ва шаб то субҳ намоз бихонад ва Худованди мутаъол барои муҷоҳиди фисабилиллоҳ ваъда додааст, ки агар вафот намояд, ӯро ба ҷаннат дохил созад ва ё ӯро солим бо ҳамроҳии музд ва ё ғанимат ба хонааш баргардонад».

## БОБИ 3. Дараҷоти муҷоҳидини фисабилиллоҳ

**1207.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ба Худо ва Расулаш имон биоварад, намозро хонда ва Рамазонро рӯза бигирад, бар Худованд лозим аст, (яъне аз фазлу карами Худованд аст) ки ӯро ба ҷаннат дохил намояд, чи дар роҳи Худо ҷиҳод намуда бошад ва чи дар ҳамон ҷое, ки ба дунё омадааст, нишаста бошад». Ашхосе гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Оё ба мардум аз ин хабар башорат диҳем?

Фармуданд: «Дар биҳишт сад дараҷа аст, ки Худованди мутаъол онҳоро барои муҷоҳидини фисабилиллоҳ омода намудааст, ки мобайни ҳар дараҷа то дараҷаи дигари он монанди тафовут ё фосилаи байни замин ва осмон аст ва агар аз Худованд дархост кунед, Фирдавсро дархост намоед, зеро Фирдавс васати ҷаннат ва баландтарин ҷои ҷаннат аст ва болои он Арши Худост ва фикр мекунам, ки ровӣ гуфт ва наҳрҳои биҳишт аз он ҷо (фирдавс) сарчашма мегирад».

## БОБИ 4. Фазилати ҷиҳоди дар роҳи Худо дар субҳу шом баромадан ва андак ҷое яке аз шумоён аз биҳишт аст

**1208.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҷиҳод кардан дар як қисмате аз рӯз чи аз субҳ то зӯҳр бошад ва чи аз зӯҳр то шом, бар тамоми дунё ва мофиҳо фазилат дорад».

**1209.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Андак ҷое аз биҳишт аз тамоми он чӣ, ки офтоб бар он тулӯъ ва ғуруб менамояд, беҳтар аст». Ва фармуданд: «Ва ҷиҳод кардан дар як қисмате аз рӯз чи аз субҳ то зӯҳр бошад ва чи аз зухр то шом, аз тамоми он чӣ, ки офтоб бар он тулӯъ ва ғуруб менамояд, беҳтар аст».

## БОБИ 5. Сифати ҳурҳои биҳишт

**1210.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар зане аз занҳои биҳишт ба дунё биёяд, мобайни машриқ ва мағрибро равшан мекунад ва бӯи хуши вай дунёро мегирад ва чодари сараш аз дунё ва мавҷудоти он беҳтар аст».

## БОБИ 6. Савоби касе, ки дар роҳи Худо мусибат мебинад ва ё маҷрӯҳ мешавад

**1211.** Ва аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳафтод нафар аз (бани Сулайм)-ро (ки қориёни Қуръон буданд) барои даъвати бани Омир фиристоданд, чун наздики минтақаи бани Омир расиданд, тағоям гуфт: «Ман аз шумо пештар (назди ин мардум) меравам, агар ба ман амон дода ва иҷоза доданд, ки сухани Паёмбари Худо (с)-ро бо онҳо бигӯям, ки хуб, варна шумо наздик ҳастед (ва ба кӯмаки ман хоҳед расид)».

Ӯ пештар рафт ва онҳо ба ӯ амон доданд ва дар ҳоле, ки суханони Паёмбари Худо (с)-ро ба онҳо мегуфт, ба яке аз афроди худ ишора намуданд, ӯ бо найзааш ба вай ҳамла кард ва найзаро ба паҳлӯяш ба тавре халонд, ки аз паҳлӯи дигараш берун шуд. (Тағоям) гуфт: Аллоҳу акбар ва ба Худованд савганд, ба мақсади худ расидам (яъне шаҳид

шудам). Баъд аз он ба дигар ҳамроҳонаш ҳамла намуда, ҳамаи онҳоро ба истиснои як нафар ланге, ки ба кӯҳ баромада буд, куштанд.

Ҷабраил (ъ) ба Паёмбари Худо (с) хабар дод, ки он мардум ба шаҳодат расиданд ва Худованд аз онҳо розӣ гардида, онҳоро розӣ сохтааст. Ва мо дар Қуръон мехонем ки: «Ба қавми мо бигӯед, ки мо ба ликои Аллоҳ пайвастем ва ӯ аз мо розӣ гардида ва моро розӣ сохтааст». Ва баъд аз он ин чиз мансух гардид. Ва Паёмбари Худо (с) чиҳил рӯз дар намози субҳ бар қабилаи Риъл ва Заквон ва бани Лиҳён ва бани Усайя, ки дар муқобили Худо ва Расулаш исён карда буданд, нафрин намуданд.

**1212.** Аз Ҷундаб ибни Суфён (р) ривоят аст, ки ангушти Паёмбари Худо (с) дар яке аз ғазавот маҷрӯҳ гардид (ва ангушти худро мухотаб қарор дода) фармуданд: «Оё ту аз як ангуште, ки дар роҳи Худо маҷрӯҳ гардидааст, чизе бештар мебошӣ?»

## БОБИ 7. Фазилати касе, ки дар роҳи Худо захмӣ мешавад

**1213.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, касе нест, ки дар роҳи Худо захмӣ гардад ва Худованд медонад, ки кадом касе дар роҳи Ӯ захмӣ мешавад, магар он, ки дар рӯзи қиёмат ҳозир мегардад, ранги хуни он захм ранги хун ва бӯяш бӯи мушк аст».

## БОБИ 8. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «Аз мӯъминон мардумонеанд, ки бо аҳде, ки бо Худо бастаанд, вафо намудаанд...,»

**1214.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи ҷанги Бадр амакам (Анас ибни Назр (р) дар ҷанг ҳозир нагардид, баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз аввалин ҷанге, ки бо мушрикин кардаед, ман ғоиб будам, агар Худованд тавфиқ дод, ки дар ҷанги дигаре бо мушрикин иштирок намоям, Худованд нишон хоҳад дод, ки чӣ хоҳам кард!

Чун дар ҷанги Уҳуд мусалмонон ақибнишинӣ намуданд, гуфт: Худоё! Аз он чӣ, ки инҳо, яъне ҳамроҳонам кардаанд, аз ту маъзарат мехоҳам ва аз он чӣ онҳо, яъне мушрикин кардаанд, ба Ту бароат меҷӯям. Баъд аз он рӯй ба тарафи майдони маърака намуд, Саъд ибни Муъозро дар сари роҳаш дид, ба вай гуфт: Эй Ибни Муъоз! Ба Худои падарам савганд, ки ба тарафи ҷаннат меравам ва бӯи онро аз пушти кӯҳи Уҳуд эҳсос менамоям.

Саъд ибни Муъоз (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Он чиро, ки ин шахс дар ин рӯз анҷом дод, наметавонам тавсиф намоям. Анас (бародарзодааш) мегӯяд: Ӯро мушрикин куштанд ва мусла намуданд ва мо дар бадани вай ҳаштоду чанд захми шамшер, найза ва тирро шумора намудем. Ва

ҳеҷ кас ӯро натавонист бишносад, магар хоҳараш, ки ӯро аз ангуштонаш шинохт ва мо гумон мекардем ва ё назари мо ин буд, ки ин ояи карима дар бораи ӯ нозил гардидааст: «Аз мусалмонон мардонеанд, ки бар аҳди худ бо Худованд вафо намудаанд..».

Ва Анас (р) мегӯяд: Хоҳараш, ки Рубайиъ ном дошт, дандони занеро шикаст, Паёмбари Худо (с) амр ба қасос намуданд. Анас (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ба зоте, ки туро ба ҳақ фиристодааст, дандонаш (дар муқобили дандони он зан) шикаста намешавад. Ва ҳамон буд, ки ҷониби муқобил ба дият гирифтан ризоият дода ва қасос накарданд. Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Баъзе аз бандагони Худо касонеанд, ки агар ба Худованд савганд бихӯранд, Худованд савганди онҳоро рост месозад».

**1215.** Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки гуфт: Қуръонро дар саҳифаҳое менавиштам, як оя аз сураи «Аҳзоб»-ро, ки аз Паёмбари Худо (с) шунида будам, аз наздам мафқуд гардид ва онро ҷуз дар назди Хузаймаи Ансорӣ, ки Набии карим (с) шаҳодат додани ӯро баробари шаҳодат додани ду нафар қарор дода буданд, назди шахси дигаре наёфтам. Ва он оя ин қавли Худованди мутаъол буд: «Аз мусалмонон мардонеанд, ки бар аҳди худ бо Худованд вафо намуданд...» *(Аҳзоб: 25)*

## БОБИ 9. Анҷом додани кори нек пеш аз иқдом намудан ба ҷиҳод

**1216.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе, ки зиреҳи оҳанин пӯшида буд, назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Оё мешавад, ки аввал ҷанг намоям ва баъд аз он мусалмон шавам? Фармуданд: «Аввал мусалмон шав, баъд аз он ҷанг кун!» Ҳамон буд, ки он шахс мусалмон гардид, баъд аз мусалмон шудан ба ҷиҳод иштирок намуда, шаҳид шуд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Кори андаке кард ва музди бисёр зиёде бурд».

## БОБИ 10. Касе, ки ба асари тири ғайбӣ ба қатл мерасад

**1217.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Умми Рубайиъ бинти Бароъа (р), ки модари Ҳориса ибни Сурока (р) бошад, назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз аҳвол ва макони Ҳориса (р), ки дар ҷанги Бадр ба асари тири ғайбӣ шаҳид шуда буд, чизе намегӯед? Зеро агар дар ҷаннат бошад, (дар фироқаш) сабр намоям, варна барояш бисёр гиря кунам. Фармуданд: «Эй модари Ҳориса (р). Дар ҷаннат ҷаннатҳои дигарест ва фарзанди ту ба Фирдавси аъло расидааст».

## БОБИ 11. Касе, ки барои эълои калиматуллоҳ ҷиҳод менамояд

**1218.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омад ва пурсид: Яке барои он меҷангад, ки ғанимат ба даст оварад, дигаре барои он меҷангад, то номаш баланд гардад ва саввумӣ

барои он, ки мақому манзалате ба даст оварад, кадом яке аз ин ҷангҳо фисабилиллоҳ гуфта мешавад?» Фармуданд: «Касе ки мақсадаш аз ҷанг кардан эълои калиматуллоҳ бошад, ҷиҳоди ӯ ҷиҳоди фисабилиллоҳ аст».

## БОБИ 12. Шустушӯи баъд аз ҷанг ва қитол

**1219.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки чун Паёмбари Худо (с) аз ҷанги Хандақ баргаштанд, силоҳи худро гузоштанд ва ғусл намуданд. Ҷабраил (ъ) дар ҳоле, ки ғубор бар сараш нишаста буд, омад ва гуфт: Силоҳро бар замин гузоштай? Вале ба Худованд савганд аст, ки ман (силоҳ)-ро бар замин нагузоштаам. Паёмбари Худо (с) пурсиданд «Ба кадом тараф (ба ҷиҳод биравам)?» Гуфт: Ҳамин ҷо. Ва ба сӯи бани Қурайза ишора намуд. Оиша (р) мегӯяд: Ва Паёмбари Худо (с) ба тарафи бани Қурайза ҳаракат намуданд.

## БОБИ 13. Кофире, ки мусалмонеро мекушад ва баъд аз он мусалмон мешавад ва ба роҳи рост ҳидоят гардида ва кушта мешавад

**1220.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Худованди мутаъол аз ду касе, ки яке дигареро мекушад ва ҳар ду дохили ҷаннат мегарданд, механдад (било кайф), яке дар роҳи Худо ҷиҳод карда, кушта мешавад. Ва дигаре қотили ӯ аст, ки кофир мебошад ва баъд аз он тавба намуда ва Худованд тавбаашро қабул намуда ва сипас шаҳид мегардад».

**1221.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: «Баъд аз он, ки мусалмонон Хайбарро фатҳ намуданд, назди Паёмбари Худо (с) омада гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ҳиссаи маро ҳам бидиҳед. Баъзе аз мардуми бани Ос гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Барояш чизе надиҳед! Абӯҳурайра (р) гуфт: Ин (шахсе, ки чунин мегӯяд) қотили Ибни Қавқал аст. Ибни Саъд ибни Ос гуфт: Аҷиб аст, ки гурбаи ваҳшӣ аз тарафи кӯҳ омада ва бар ман аз ин, ки шахси мусалмонеро куштаам ва он шахс (мақтул) ба сабаби кушта шудан аз дасти ман мавриди икроми Худовандӣ қарор гирифтааст, айб мегирад ва Худованд маро дар дасти ӯ мавриди (яъне ман дар дасти ӯ дар ҳолати куфр кушта нашудам) иҳонат қарор надод».

## БОБИ 14. Касе, ки ҷиҳодро аз рӯзаи нафлӣ беҳтар медонад

**1222.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯталҳа дар замони Паёмбари Худо (с) барои он, ки ҷиҳод карда битавонад, рӯзаи нафл намегирифт, вале чун Паёмбари Худо (с) вафот намуданд, надидам, ки ба ҷуз аз рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон бидуни рӯза бошад.

## БОБИ 15. Шаҳодат ба ғайр аз кушта шудан ҳафт қисм аст

**1223.** Ва аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мурдан аз мараз (вабо) барои мусалмонон шаҳодат аст».

## БОБИ 16. Қавли Худованди мутаъол: «Касоне, ки аз мусалмононба ҷиҳод намераванд, ба истисnoи ашхоси маъзур, бо касоне, ки бо ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод менамоянд, баробар нестанд...»

**1224.** Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ин ояи каримаро, ки «Касоне, ки аз мусалмонон ба ҷиҳод намераванд, бо касоне, ки бо ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод менамоянд, баробар нестанд») *(Нисо: 951)* бар ман имло мекарданд ва ман менавиштам, дар ин вақт ибни Умми Мактум» ки шахси кӯре буд, омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Агар ҷиҳод карда метавонистам, ҷиҳод мекардам. Дар ҳоле, ки рони Паёмбари Худо (с) болои ронам буд, эҳсоси сангинӣ намудам, то ҷое, ки тарсидам, шояд рони ман кӯфта шавад ва бишканад (Ин вазнинӣ аз ҷиҳати ваҳй буд, ки ҳамин вақт нозил мегардид). Баъд аз он ба ҳолати оддӣ баргаштанд ва Худованд ин ояи муборакро нозил фармуд, ки «...ба истисnoи ашхоси маъзур...»

## БОБИ 17. Ҳавасманд кардан ба ҷиҳод

**1225.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба тарафи Хандақ рафта диданд, ки муҳоҷирин ва ансор дар субҳи рӯзи бисёр сарде ба кандани хандақ машғуланд ва онҳо ғулом ва муздуре надоштанд, ки ба ивази онҳо кор кунанд. Паёмбари Худо (с) чун ин машаққат ва гуруснагияшонро диданд, фармуданд: «Худоё! Роҳате ҷуз роҳати охират нест. Пас мардуми муҳоҷир ва ансорро биёмурз». Ва онҳо дар ҷавобашон гуфтанд, ки «Мо касоне ҳастем, ки бо Муҳаммад (с), байъат намудаем, ки то зиндаем ҷиҳод мекунем».

## БОБИ 18. Кандани хандақ

**1226.** Ва аз Анас (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки: «Онҳо (ҳангоми ҳафри хандақ) чунин мегуфтанд: «Мо касоне ҳастем, ки бо Муҳаммад (с), то зинда бошем, бар ислом байъат намудаем». Ва Паёмбари Худо (с) дар ҷавобашон мегуфтанд ки: «Худоё! Хубие ҷуз хубии охират нест, пас барои ансор ва муҳоҷирин баракат бидеҳ!»

**1227.** Аз Бароъа (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Аҳзоб Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки хок мекашонданд ва дар ҳоле, ки асари хок сафедии рӯи шикамашонро пӯшонда буд, мегуфтанд: «Худоё! Агар ту набудӣ, мо ҳидоят намешудем. На садақае дода ва на

намоз мехондем. Пас ба дилҳои мо оромӣ бубахш. Ва дар вақти ҷанг моро собитқадам бисоз. Ҳамоно душманон бар мо таҷовуз намудаанд, вале аз фитнаангезии онҳо ибо меварзем».

## БОБИ 19. Касе, ки ба сабаби узре ба ҷиҳод нарафтааст

**1228.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар яке аз ғазавот фармуданд: «Пушти сари мо дар Мадина мардуме ҳастанд, ки ҳеҷ дашт ва дараеро напаймудаем, магар он, ки онон бо мо будаанд (яъне дар савоби мо шарик ҳастанд), зеро аз омадан бо мо маъзур буданд».

## БОБИ 20. Фазилати рӯза гирифтан дар ҷиҳод

**1229.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Касе, ки як рӯз дар ҷиҳод рӯза бигирад, Худованд ӯро ба масофаи ҳафтодсола роҳ аз дӯзах дур месозад».

## БОБИ 21. Муҷаҳҳаз намудани муҷоҳид ва ё сарпарастӣ намудан ба таври шоиста аз бозмондагонаш

**1230.** Аз Зайд ибни Ҳомид (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки муҷоҳидеро муҷаҳҳаз намояд, монанди он аст, ки шахсан ҷиҳод карда бошад ва касе, ки аз бозмондагонаш ба таври шоиста сарпарастӣ намояд, монанди он аст, ки шахсан ҷиҳод карда бошад».

**1231.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Мадина ба хонаи ҳеҷ кас ба ҷуз хонаи Умми Сулайм (р) ва ҷуз ба хонаи ҳамсарони худ дохил намешуданд. Чун аз эшон сабабро ҷӯё шуданд, фармуданд: «Ман барои ӯ аз ин ҷиҳат шафқат мекунам, ки бародараш дар ҳоле, ки бо ман буд, ба шаҳодат расид».

## БОБИ 22. Омодагӣ ба марг дар вақти рафтан ба ҷиҳод

**1232.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки «ӯ дар рӯзи ҷанги Ямома назди Собит ибни Қайс омада ва дид, ки ронҳояшро бараҳна карда ва хушбӯиро, ки ба ҷисми мурда истеъмол мекунанд, ба пойҳояш мемолад. (Анас (р) ба вай) гуфт: Амаки бузургворам! Чӣ чизе монеъи омодагии шумо дар сафи муҷоҳидин мешавад? Гуфт: Бародарзодаам! Акнун меоям. Ва ҳанӯз ҳам аз он хушбӯиҳо ба ҷисмаш истеъмол мекард, баъд аз он бори дигар Анас омад ва нишаст ва дар суханони худ аз ҳазимати мусалмонон ёд кард. Собит гуфт: Аз пешам дур шавед, то ба ҷиҳод биравам. Мо дар замони Паёмбари Худо (с) аз душман фирор намекардем, ҳамнишинони шумо барои шумо одати бадеро омӯхтаанд (ки аз сафи ҷиҳод мегурезед).

## БОБИ 23. Фазилати иттилоъ овардан аз душман

**1233.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Аҳзоб фармуданд: «Касе ҳаст, ки хабари мушрикинро бароям биоварад?» Зубайр (р) гуфт: Ман меоварам. Боз фармуданд: «Касе ҳаст, ки хабари мушрикинро бароям биоварад?» Зубайр (р) гуфт: Ман меоварам. Фармуданд: «Барои ҳар пайғамбаре ҳамнишинони хосе аст, ҳамнишини хоси ман Зубайр аст».

## БОБИ 24. Бояд зери байраќи некӯкорӣ ва бадкорӣ ҷиҳод намуд

**1234.** Аз Урваи Бориқӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Хайру баракат то рӯзи қиёмат дар пешонии аспҳо аст (ва ин хайр иборат аз савоби дар охират ва ба даст овардани ғанимат дар дунёст).

**1235.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Баракат дар пешонии аспҳост».

## БОБИ 25. Касе, ки бинобар ин амри Худованд, ки фармудааст: «Ва аз омода кардани аспҳо...» асперо омода кардааст

**1236.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки асперо барои ҷиҳоди фисабилиллоҳ бо асоси имони ба Худо ва тасдиқ ба ваъдааш омода намояд ва об ва алафи он асп ва бавлу саргинаш дар рӯзи қиёмат дар паллаи ҳасаноташ ҳисоб хоҳад шуд».

## БОБИ 26. Номгузории асп ва улоғ

**1237.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: «Барои Паёмбари Худо (с) дар боғи мо аспе буд бо номи Луҳайф ва баъзе онро Лухайф мегуфтанд.

**1238.** Аз Муъоз (р) ривоят аст, ки гуфт: Бар болои улоғе, ки номаш Уфайр буд, пушти сари Паёмбари Худо (с) савор будам, фармуданд: «Эй Муъоз! Оё медонӣ, ки ҳаққи Худо бар бандагонаш чист?» (ва боқӣ ҳадисро тавре, ки қаблан гузашт, баён намуд).

**1239.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Мадина ваҳшат ва ҷазаъ ва фазаъ шунида шуд. Паёмбари Худо (с) аспи моро, ки бо номи Мандуб ёд мешуд, ба орият гирифта (ва рафтанд, ки аз қазия хабар бигиранд). Баргашта ва гуфтанд: «Ҳеҷ мушкиле набуд, вале ин асп ҳамчун дарё мехурӯшид».

## БОБИ 27. Он чӣ, ки дар шум будани асп омадааст

**1240.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: «Аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки фармуданд: «Шум будан (яъне фоли

бад гирифтан) дар се чиз аст: дар асп, дар зан ва дар хона». (Яъне пеш аз Ислом аҳли ҷоҳилият ба ин чизҳо фоли бад мегирифтанд).

## БОБИ 28. Ҳиссаи асп аз моли ғанимат

**1241.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барои асп ду саҳм ва барои соҳиби асп як саҳм таъин намудаанд.

**1242.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки шахсе аз вай пурсид: Оё дар рӯзи Ҳунайн Паёмбари Худо (с)-ро танҳо гузошта ва фирор намудед? Гуфт: Вале худи Паёмбари Худо (с) фирор накарданд. Мардуми Ҳавозин тирандозони моҳире буданд, аввал, ки бар онҳо ҳамла кардем, гурехтанд ва ҳангоме, ки мусалмонон машғули ҷамъоварии ғаноим шуданд, онҳо бо тирандозӣ бар мо ҳамла намуданд. Бо вуҷуди он ҳам Паёмбари Худо (с) фирор накарданд, худам эшонро дидам, ки бар болои шутури сафеде саворанд ва Абӯсуфён лаҷоми шутурро ба даст дошта ва эшон мегуфтанд: «Ман пайғамбарам, ин сухани дурӯғ нест, ман фарзанди Абдулмутталлибам».

**1243.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шутуре доштанд, ки номаш Азбоъа буд ва ҳеҷ шутуре аз вай сабқат намегирифт. Шахси бодиянишине бо шутури ҷавоне омад ва шутури Паёмбари Худо (с)-ро гузашт, ин амр бар мусалмонон гарон омад. Паёмбари Худо (с) ин мавзӯъро дарк намуда ва фармуданд: «Қонуни илоҳист, ҳар чизе, ки дар дунё баланд шавад, Худованд онро паст менамояд».

## БОБИ 30. Бардоштани занҳо машкҳои обро барои мардум дар вақти ҷиҳод

**1244.** Ривоят аст, ки Умар (р) изорҳоеро дар байни занҳои Мадина тақсим намуд, як изор, ки аз ҳама беҳтар буд, наздаш боқӣ монд. Ба ӯ гуфтанд: Инро ба духтари Паёмбари Худо (с), ки дар назди ту аст, бидеҳ. Мақсадашон Умми Кулсум духтари Алӣ (р) буд. Умар (р) гуфт: Умми Сулайт мустаҳиқтар аст. Ва Умми Сулайт он занони Ансор буд, ки бо Расули Худо (с) байъат карда буд. Ва Умар (р) гуфт: Умми Сулайт касе аст, ки дар ҷанги Бадр машки обро бардошта буд ва барои мо об медод.

## БОБИ 31. Муолиҷа кардани занҳо захмиҳоро дар ҷанг

**1245.** Аз Рубайиъ бинти Муъаввиз (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҷиҳод иштирок мекардем, муҷоҳидинро об дода, барояшон хидмат менамудем ва илова бар он захмиҳо ва куштаҳоро ба Мадина мерасонидем.

## БОБИ 32. Фазилати нигаҳбонӣ дар ҷиҳоди роҳи Худо

**1246.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе Паёмбари Худо (с) баъд аз омадан ба Мадина ба бедорхобӣ афтода ва фармуданд: «Кош шахси муносибе аз саҳобаам пайдо мешуд, ки имшаб аз ман ҳиросат мекард». Дар ин вақт буд, ки овози силоҳеро шунидем. Паёмбари Худо (с) фармуданд «Ин кист?» Гуфт: Ман Саъд ибни Абӯваққос, омадам, то аз шумо ҳиросат намоям». Ва ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с) хобиданд.

**1247.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Бадбахт аст бандаи динор ва дирҳам ва бандаи рахт ва либос. Агар ин чизҳо бароящ дода шавад, хуш ва розӣ аст ва агар дода нашавад, норозӣ ва хашмгин аст, (чунин шахс) бадбахт ва бечора шавад, агар ба пояш хоре бихалад, ба нештар аз пояш намебарояд. Ва хушбахт касе аст, ки лаҷоми аспашро гирифта ва ба ҷиҳоди фисабилиллоҳ берун мешавад, мӯйҳояш парешон ва поҳояш хоколуд аст, агар барояш вазифаи нигаҳбонӣ дода шавад, нигаҳбонӣ мекунад ва агар вазифаи дунболаравии лашкар дода шавад, дунболаравии лашкарро менамояд, агар иҷозаи дохил шуданро бихоҳад, барояш иҷоза намедиҳанд ва агар шафоъати касеро бикунад, шафоъаташро намепазиранд».

## БОБИ 33. Хидмат кардан дар вақти ҷиҳод

**1248.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷанги Хайбар иштирок намуда будам ва хидмати Паёмбари Худо (с)-ро мекардам. Чун аз Хайбар баргаштем ва чашми Паёмбари Худо (с) ба кӯҳи Уҳуд афтод, фармуданд: «Ин кӯҳе аст, ки ӯ моро дӯст дорад ва мо ӯро дӯст медорем.

**1249.** Аз Анас (р) ривоят аст гуфт, ки (дар яке аз сафарҳо) ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) будем ва бештарини соя насиби шахсе буд, ки бо чодараш бар болои худ соя менамуд ва касоне, ки рӯза гирифтанд, ҳеҷ коре карда натавонистанд, вале касоне рӯзаро хӯрданд, обу алафи шутуронро омода карда ва заҳмат кашиданд ва дар хидмати дигарон буданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Имрӯз музди комил насиби касоне шуд, ки рӯзаро хӯрданд».

## БОБИ 34. Фазилати як рӯз дар сафи ҷиҳод будан

**1250.** Аз Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Як рӯз дар сафи ҷиҳод будан аз дунё ва аз ҳамаи он чӣ, ки дар дунё мебошад, беҳтар аст ва як қисмате аз рӯз, масалан аз субҳ то зӯҳр ва ё аз зӯҳр то шом ба ҷиҳод рафтан аз ҳамаи дунё ва аз ҳамаи он чӣ, ки дар дунё мебошад, беҳтар аст».

## БОБИ 35. Кӯмак хостан дар ҷиҳод аз заъифон ва ашхоси солеҳ

**1251.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Магар ҷуз ин аст, ки ба сабаби заъифони худ нусрат дода мешавед ва рӯзӣ дода мешавед».

**1252.** Аз Абӯсаъид (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Замоне бар мардум хоҳад омад, ки гурӯҳе ба ҷиҳод меравранд ва аз якдигар бипурсанд, ки оё кадом касе аз шумо ҳаст, ки бо Паёмбари Худо (с) сӯҳбат намуда бошад? Дар ҷавоб гуфта мешавад: Бале. Ва фатҳ насиби он гурӯҳ мешавад. Ва боз замоне меояд, ки мепурсанд: Оё касе аз шумо ҳаст, ки бо саҳобаи Паёмбари Худо (с) бошад? Мегӯянд: Бале. Ва боз ҳам фатҳ насиби он гурӯҳ мешавад. Ва боз замоне меояд, ки мепурсанд: Оё касе ҳаст аз шумо, ки ҳамсӯҳбатҳои саҳобаи Паёмбари Худо (с)-ро дида бошад? Мегӯянд: Бале. Ва фатҳ насиби онҳо мешавад».

## БОБИ 36. Ташвиқ ба тирандозӣ

**1253.** Аз Абӯусайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷанги Бадр ҳангоме, ки мо дар муқобили Қурайш ва Қурайш муқобили мо сафороӣ карда буданд, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте, ки ба шумо наздик шуданд, тирандозӣ намоед.»

## БОБИ 37. Касе, ки ба зери сипари шахси дигаре худро панаҳ намудааст

**1254.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Худованди мутаъол амволи бани Назирро бидуни ҷанг ва қитол насиби Расули худ сохта ва ин амвол хос барои Паёмбари Худо (с) буд. Ва Паёмбари Худо (с) нафақаи солонаи аҳл ва аёли худро аз он амвол бармедоштанд ва бақияро барои таҳияи силоҳ ва дигар васоили ҷанг барои ҷиҳоди фисабилиллоҳ ихтисос медоданд.

**1255.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Нашунидем, ки Паёмбари Худо (с) ҷуз барои Саъд барои шахси дигаре гуфта бошанд, ки «фидоят шавам» ва худам аз эшон шунидаам, ки барои Саъд мегуфтанд: «Тирандозӣ кун! Падару модарам фидои ту бод!»

## БОБИ 38. Он чӣ, ки дар бораи зинати шамшер омадааст

**1256.** Аз Абӯумома (р) ривоят аст, ки гуфт: Ин футуҳотро касоне кардаанд, ки зевари шамшеронашон тилло ва нуқра набуд ва зинате, ки буд, аз пӯст, сурб ва оҳан буд.

## БОБИ 39. Зиреҳ ва либоси ҷангии Паёмбари Худо (с)

**1257.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар (рӯзи ҷанги Бадр) дар ҳоле, ки дар хайма нишаста буданд, дуо карданд: «Илоҳо, аҳд ва ваъдаи туро аз ту мехоҳам. Худоё! Агар хоста бошӣ, баъд аз имрӯз ибодат карда нашавӣ». Абӯбакр (р) дасти Паёмбари Худо (с)-ро гирифта ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Кифоят аст, ба даргоҳи Парвардигоратон хеле зорӣ намудед. Ва Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки либоси ҷангиро пӯшида буданд, аз хайма берун шуда ва гуфтанд: **«Ин гурӯҳҳо шикаст хӯрда ва пушт хоҳанд дод ва ваъдаи эшон дар рӯзи қиёмат аст ва рӯзи қиёмат сахттар ва талхтар аст».** *(Қамар: -45-46).*

## БОБИ 40. Пӯшидани либоси абрешимӣ дар вақти ҷиҳод

**1258.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои Абдурраҳмон ибни Авф ва Зубайр (р) ба сабаби хорише, ки дар бадани худ доштанд, пӯшидани либоси абрешиминро иҷоза доданд.

**1259.** Ва аз Анас (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки он ду нафар аз ҳашароте, ки ба ҷисмашон пайдо шуда буд, назди Паёмбари Худо (с) шикоят карданд ва эшон барои онҳо иҷозаи пӯшидани либоси абрешиминро доданд.

## БОБИ 41. Он чӣ, ки дар мавриди қитоли аҳли Рум гуфта шудааст

**1260.** Аз Умми Ҳаром (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: «Аввалин лашкаре, ки аз уммати ман аз роҳи дарё ба ҷанг мераванд, муставҷиби ҷаннат ҳастанд». Умми Ҳаром гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман дар ин лашкар хоҳам буд? Фармуданд: «Бале, ту дар ин лашкар хоҳӣ буд». Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аввалин лашкаре, ки аз уммати ман дар шаҳри Қустантиния биҷангад, Худованд онҳоро биомурзад». Умми Ҳаром гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман дар байни онҳо хоҳам буд? Фармуданд: «На».

## БОБИ 42. Ҷанг кардан бо яҳуд

**1261.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бо яҳуд ба ҷанг хоҳед пардохт, то ҷое, ки шахси яҳудӣ дар пушти санг пинҳон мешавад ва санг нидо мекунад, ки: Эй бандаи Худо! Шахси яҳудӣ дар паноҳам мебошад, биё ва ӯро ба қатл бирасон». Ва дар ривояти дигар омадааст, ки фармуданд: «Қиёмат то он вақт барпо намешавад, ки бо яҳуд биҷангед». Ва бақияи ҳадисро зикр намуд.

## БОБИ 43. Ҷанг кардан бо турк

**1262.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «То он вақте қиёмат нахоҳад шуд, ки бо турк ба ҷанг бипардозед ва (турк мардуме ҳастанд) дорои чашмони кӯчак, рӯйҳои сурх, биниҳои ҳамворе, ки гӯё рӯяшон сипарест, ки чармпӯшӣ шудааст ва қиёмат нахоҳад шуд, то он, ки бо мардуме, ки кафшҳояшон мӯйӣ аст, ба ҷанг бипардозед».

## БОБИ 44. Дуо барои ҳазимат ва шикасти мушрикин

**1263.** Аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷанги Аҳзоб Паёмбари Худо (с) бар мушрикин нафрин ва дуо карданд: «Худоё! Ту ҳастӣ, ки китобро нозил кардай ва ба суръат ба ҳисоби бандагони худ мерасӣ! Худоё, ин аҳзобро шикаст дода ва мутазалзил бисоз!»

**1264.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки мардуме аз яҳуд назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтанд: Ас-сому алайка! Яъне: Марг бар ту бод! Ва яҳуд ин чизро ба ивази ассалому алайкум гуфтанд). Оиша (р) мегӯяд: Ман онҳоро лаънат кардам, Паёмбари Худо (с) фармуданд: Чаро онҳоро лаънат мекунӣ? Гуфтам: Магар нашунидед, ки чӣ гуфтанд? Фармуданд: Магар нашунидӣ, ки ман чӣ гуфтам? (Дар ҷавобашон) гуфтам: Ваалайкум!» Яъне: Марг бар худи шумо бод).

## БОБИ 45. Дуо кардан барои ҳидояти мушрикин бо умеди улфат гирифтанашон

**1265.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Туфайл ибни Амри Давсӣ ва ёронаш назди Паёмбари Худо (с) омада гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Мардуми Давс саркашӣ ва туғён намудаанд ва аз мусалмон шудан ибо варзидаанд, барои онҳо нафрин кунед! Мардум бо худ гуфтанд: Инак Паёмбари Худо (с) бар мардуми Давс нафрин мекунанд ва ҳамагӣ ба ҳалокат хоҳанд расид. Вале дар иваз барои онҳо дуо карда ва гуфтанд: «Худоё, мардуми Давсро ҳидоят кун ва ин ҷо биёвар».

## БОБИ 46. Даъват кардани Паёмбари Худо (с) ба сӯи Ислом ва ин, ки набояд касе ҷуз Худованди мутаъол дигареро мавриди парастиш қарор бидиҳад

**1266.** Ривоят аст, ки Саҳл ибни Саъд (р) аз Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Хайбар шунидааст, ки фармуданд: «Байрақро (имрӯз) ба дасти касе хоҳам дод, ки Худованд ба дасти ӯ фатҳро насиб мекунад». Мардум бархоста ва ҳар кадом орзу доштанд, ки байрақро ба дасти ӯ

бидиҳанд, вале Паёмбари Худо (с) пурсиданд: «Алӣ дар куҷост?» Гуфтанд: Чашмонаш дард мекунад. Амр карданд, ки биёяд, ӯро оварданд.

Паёмбари Худо (с) оби даҳонашонро ба чашмони вай молиданд, чашмони вай дар ҳамон лаҳза ончунон хуб шуд, ки гӯё аслан дарди чашме набудааст. Алӣ (р) гуфт: Оё бояд бо яҳуд то вақте, ки мисли мо мусалмон мешаванд, ба ҷанг идома диҳем? Фармуданд: «Ором бош ва шитоб макун! Аввал наздашон бирав ва онҳоро ба сӯи Ислом даъват кун ва онҳоро аз он чӣ, ки бар онҳо воҷиб аст, бохабар бисоз! Ба Худованд қасам, агар ба воситаи ту як нафар ба роҳи рост ҳидоят шавад, бароят аз шутурони сурхе, ки дар роҳи Худо садақа намоӣ, беҳтар аст».

## БОБИ 47. Касе, ки рафтан ба ҷангро аз дигарон пинҳон намуд ва касе, ки берун шудан ба сафарро дар рӯзи панҷшанбе дӯст медошт

**1267.** Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Бисёр кам мешуд, ки Паёмбари Худо (с) дар ғайри рӯзи панҷшанбе азми сафар намоянд.

## БОБИ 48. Видоъ кардан

**1268.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Моро Паёмбари Худо (с) дар зимни лашкаре ба ҷое фиристода ва ду нафар аз Қурайшро ном бурда ва гуфтанд: «Агар фалонӣ ва фалониро дидед, ба оташ бисӯзонед». Ҳангоми берун шудан омадем, ки бо эшон видоъ намоем, фармуданд: «Ман барои шумо гуфта будам, ки фалонӣ ва фалониро ба оташ бисӯзонед, вале чун ғайр аз Худованд каси дигар ба оташ азоб намекунад, агар онҳоро дидед, ба қатл бирасонед».

## БОБИ 49. Тоат ва фармонбардорӣ аз имом

**1269.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Самъ ва тоъат (аз имом) то вақте, ки шахс ба маъсият амр нашавад, лозим аст ва агар ба маъсият амр шуд, самъ ва тоат нест».

## БОБИ 50. Ҷанг кардан ба пайравӣ аз имом ва паноҳ гирифтан ба он

**1270.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Мо (уммати мусалмон) охир омадем ва аз ҳама пеш ҳастем». Ва фармуданд: «Касе, ки аз ман итоат кунад, аз Худованд итоат кардааст ва касе, ки аз ман нофармонӣ кунад,

нофармонии Худоро кардааст ва касе ки итоати амирро бинмояд, итоати маро кардааст ва касе, ки нофармонии амирро менамояд, нофармонии маро кардааст. Имом монанди сипар аст, дар пушти сараш ҷанг сурат мегирад ва ба вай паноҳ ҷуста мешавад. Агар тақво ва адолат намояд, Худованд барояш савоб медиҳад ва агар чизе ба хилофи он бигӯяд, гуноҳи он бар зиммаи худаш мебошад».

## БОБИ 51. Байъат кардан бар ин, ки аз ҷанг нагурезанд

**1271.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар соли оянда, ки баргаштем, ҳатто ду нафар аз мо дар таъйини дарахте, ки дар зери он бо Паёмбари Худо (с) байъат карда будем, иттифоқ накардем. Ва (иттифоқ накардани мо) раҳмате аз тарафи Худованди мутаъол буд. Касе аз вай пурсид: Байъати (шумо бо Паёмбари Худо (с) бар чӣ чиз буд? (Бар ин буд, ки то сарҳади) марг истодагӣ намоед? Гуфт: На! Балки барои ин буд, ки сабр ва муқовимат намоем.

**1272.** Ривоят аст, ки дар замони воқеаи Ҳарра шахсе назди Абдуллоҳ ибни Зайд (р) омада ва гуфт: Ибни Ҳанзала аз мардум байъат мегирад, ки то сарҳади марг истодагӣ ва муқовимат намоянд. Абдуллоҳ ибни Зайд (р) гуфт: Ман бар чунин чизе баъд аз Паёмбари Худо (с) бо ҳеҷ каси дигаре байъат нахоҳам кард.

**1273.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) байъат намудам, сипас зери сояи дарахте нишастам, чун мардумон кам шуд, фармуданд: «Эй Ибни Акваъ! Оё ту байъат намекунӣ?» Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ман байъат кардам. Фармуданд: «Дубора байъат кун». Ман ҳам дубора байъат кардам. Касе аз вай пурсид: Эй Абӯмуслим, шумо дар он айём бар чӣ чиз байъат мекардед? Гуфт: Бар ин, ки то дами марг истодагӣ намоем.

**1274.** Аз Муҷошиъ (р) ривоят аст, ки гуфт: «Ман бо бародарам назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтам: Бо мо бар ин, ки ҳиҷрат намоем, байъат кунед. Фармуданд: «Ҳиҷрат барои мардумаш гузашт». Гуфтам: Пас бар чӣ чиз бо мо байъат мекунед? Фармуданд: «Бар Ислом ва бар ҷиҳод».

## БОБИ 52. Имом бояд мардумонро ба чизе амр намояд, ки тоқати иҷрои онро дошта бошанд

**1275.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Имрӯз шахсе наздам омад ва чизе аз ман пурсид, ки надонистам ҷавоби ӯро чӣ бигӯям. Аз ман пурсид: Агар ҷавони мусаллаҳе бо амирони мо ба ҷиҳод берун шуда, сипас моро ба чизҳое, ки тоқати онро надорем, амр кунад, чӣ бояд кард? Ибни Масъуд (р) гуфт: Ба Худо савганд, намедонам, дар ҷавоби ту чӣ бигӯям? Он чӣ, ки медонам, ин аст, ки мо бо Паёмбари Худо (с) будем ва то як чизро анҷом намедодем, эшон моро ба анҷом

додани чизи дигар амр намекарданд. Ва шумо ҳам то вақте, ки аз Худо битарсед, ба хайр ва офият хоҳед буд ва агар дар мавриди чизе ба шак афтодед, аз шахси олим бипурсед (ва он олим) шуморо ба роҳи наҷот роҳнамун хоҳад шуд. Вале зуд аст замоне биёяд, ки чунин шахсро пайдо карда натавонед ва ба Худованди ягона савганд, он чӣ, ки аз дунё боқӣ мондааст, фикр мекунам, беҳтар аз ҳавзе бошад, ки обҳои покаш нӯшида шуда ва гил ва лояш боқӣ мондааст.

## БОБИ 53. Паёмбари Худо (с) агар дар аввали рӯз ба ҷанг берун намешуданд, ҷангро то заволи офтоб ба таъхир меандохтанд

**1276.** Аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки (гуфт): Паёмбари Худо (с) дар яке аз рӯзҳое, ки ба ҷиҳод берун шуда буданд, то вақти заволи офтоб интизорӣ кашиданд, баъд аз он бархоста ва фармуданд: «Эй мардум! Орзуи мувоҷеҳ шудан бо душманро надошта бошед? Ва аз Худованд офият ва саломатиро бихоҳед, вале агар бо душман мувоҷеҳ шудед, сабр ва муқовимат намоед ва бидонед, ки биҳишт дар зери сояи шамшер аст». Баъд аз он дуо карда ва гуфтанд: «Эй Худои нозилкунандаи китоб ва шикастдиҳандаи аҳзоб» (ва бақияи ҳадис қаблан гузашт).

## БОБИ 54. Муздур

**1277.** Аз Яъло ибни Умайя (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсеро муздур намудам, ӯ бо шахси дигаре ҷанг кард, то ҷое, ки дастҳои якдигарро газиданд. Шахсеро, ки муздур карда будам, дасти худро ба қувват аз даҳони он шахси дигар берун кашид ва бар асари он яке аз дандонҳояшро кашид. Он шахс назди Паёмбари Худо (с) рафт (ва шикоят намуд). Расули акрам (с) дандонашро ҳадар диниста ва фармуданд: «Магар таваққӯъ доштӣ, ки дасти худро дар даҳанат мегузоштӣ, то мисли шутури нар мегазидӣ?»

## БОБИ 55. Он чӣ, ки дар мавриди байрақи Паёмбари Худо (с) омадааст

**1278.** Ривоят аст, ки Аббос (р) ба Зубайр (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) амр намудаанд, ки байрақро дар ин ҷо насб намоӣ.

## БОБИ 56. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки «Аз тарси масофати якмоҳа роҳ, ки ба дили душманон меафтад, нусрат дода шудем»

**1279.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мабъус шудам ба рисолат бо калимаҳои ҷомеъ (ки дорои маънии бисёре мебошад) ва ба сабаби тарсе, ки ба дили душманонам

меафтад, нусрат дода мешавам ва дар ҳангоме, ки хоб будам, калиди ганҷҳои рӯи замин дар дастам ниҳода шуд». Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) реҳлат намуданд ва шумо он ганҷҳоро истихроҷ менамоед.

## БОБИ 57. Бардоштани зод ва тӯша дар ҷиҳод ва ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Ва тӯша бардоред, ки беҳтарин тӯша тақво аст». *(Бақара: 197)*

**1280.** Аз Асмоъа (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) иродаи ҳиҷрат намуданд, суфраашонро дар хонаи Абӯбакр (р) таҳия намудам, вале чизе, ки суфра ва машки оби Паёмбари Худо (с)-ро бо он бубандам, пайдо карда натавонистам. Барои Абӯбакр (р) гуфтам: Ба Худованд савганд, ба ҷуз аз нитоқам (нитоқ иборат аз ҷома ва ё лӯнгиест, ки танҳо вақти кор кардан онро бар болои либоси худ мепӯшанд ва ба забони имрӯзӣ метавон онро пешбанд ҳам гуфт) чизе, ки бо он (суфра ва машки обро) бубандам, пайдо карда натавонистам. Гуфт: (Нитоқи) худро ду ҳисса кун! Ба яке машки об ва бо дигаре суфраро бубанд. Ва аз ҳамин ҷиҳат ӯро Зотунитоқайн меномиданд.

## БОБИ 58. Бо ҳам савор шудан бар болои улоғ

**1281.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бар болои улоғе, ки полоне дошт ва рӯи полон чодаре андохта шуда буд, савор шуданд ва Усома (р)-ро пушти сари худ савор намуданд.

**1282.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка, аз тарафи баландии Макка дар ҳоле, ки бар болои шутури худ буданд ва Усома (р) пушти сарашон савор буд, омаданд ва дар ин вақт Билол ва Усмон ибни Талҳа аз ҳоҷибони Каъба ҳамроҳашон буданд. Омаданд, то ин ки шутурро дар дохили масҷид хобонанд, баъд аз он ба Усмон ибни Талҳа амр карданд, ки калиди Хонаро биоварад ва хонаро бигушояд. Ва Паёмбари Худо (с) дохили Хона гардиданд... (ва бақияи ҳадис қаблан гузашт).

## БОБИ 59. Бо Қуръон набояд ба сарзамини душман сафар намуд

**1283.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз ин, ки шахсе бо Қуръон ба сарзамини душман сафар намояд, наҳй фармуданд.

## БОБИ 60. Такбир гуфтан бо садои баланд макрӯҳ аст

**1284.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) будам, чун ба баландӣ мерасидем, бо садои баланд такбир ва

таҳлил (яъне Аллоҳу акбар, ва ло илоҳа иллаллоҳ) мегуфтанд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй мардум. Бар худ раҳм кунед! Шумо шахси ношунаво ва ё ғоиберо мавриди хитоб қарор намедиҳед, касеро мавриди хитоб қарор медиҳед, ки дар ҳама ҷо бо шумо аст ва шунавоест, ки дар наздики шумост».

## БОБИ 61. Тасбеҳ гуфтан ҳангоми рафтан ба тарафи дашт

**1285.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоми боло шудан ба баландӣ такбир (яъне Аллоҳу акбар) мегуфтем ва ҳангоми сарозер шудан тасбеҳ (яъне субҳоналлоҳ).

## БОБИ 62. Барои мусофир савоби амалеро, ки дар иқомат анҷом медод, навишта мешавад

**1286.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте, ки шахсе мариз мегардад ва ё мусофир мешавад, барояш савоби амалеро, ки дар ҳоли сиҳатмандӣ ва муким будан анҷом медод, навишта мешавад».

## БОБИ 63. Танҳо сафар кардан

**1287.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар чизеро, ки ман дар танҳо рафтан медонам, мардуми дигар медонистанд, ҳеҷ саворае ба шаб танҳо сафар намекард».

## БОБИ 64. Ҷиҳод кардан ба иҷозаи падар ва модар

**1288.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омада ва аз эшон иҷоза хост, то дар ҷиҳод иштирок намояд. Пурсиданд: «Падару модарат зиндаанд?» Гуфт: Бале. Фармуданд: «Дар онҳо ҷиҳод кун (яъне дар хидмати онҳо бош)».

## БОБИ 65. Овезон кардани ҷарас ва амсоли он ба гардани шутур

**1289.** Ривоят аст, ки Абӯбашири Ансорӣ (р) дар яке аз сафарҳо бо Паёмбари Худо (с) буд ва чун вақти хоб ва истироҳати мардум расид. Паёмбари Худо (с) шахсеро фиристода, фармуданд: «Набояд ба гардани ҳеҷ шутуре қаллодаеро боқӣ бигузорад, балки бояд ҳамаро қатъ намояд».

## БОБИ 66. Баргаштан аз ҷиҳод ба сабаби узр

**1290.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Набояд ҳеҷ марде бо зане хилват намояд ва ё зане бидуни

маҳрам мусофират намояд». Шахсе бархост ва гуфт: Дар фалон ғазва сабти ном кардаам, вале занам азми ҳаҷ кардааст. Фармуданд: «Бирав, бо зани худ ҳаҷ кун!»

## БОБИ 67. Асирони дар банд

**1291.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованд аз мардуме тааҷҷуб мекунад (било кайф), ки бо ғуллу занҷири худ дохили биҳишт мегарданд».

## БОБИ 68. Маҷрӯҳ сохтани кӯдакони куффор ҳангоми шабохун задан бар онҳо

**1292.**- Аз Саъб ибни Ҷассома (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар минтақаи Абвоъ ё Ваддон назди мо омаданд, касе аз эшон пурсид: Ҳангоми шабехун задан бар мушрикин, зан ва фарзанди онҳоро мавриди исобат қарор мегиранд? Фармуданд: «Зан ва фарзанди онҳо дар ҳукми худи онҳоянд». Ва аз эшон шунидам, ки фармуданд: «Ва марзбандии чизе ҷуз барои Худо ва Расули Ӯ намебошад».

## БОБИ 69. Куштани атфол дар ҷанг

**1293.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки дар яке аз ғазавот занеро кушта диданд, Паёмбари Худо (с) куштани занҳо ва атфолро бад гуфтанд.

## БОБИ 70. Ба монанди азоби Худо набояд азоб кард

**1294.** Ривоят аст, ки чун ба Ибни Аббос (р) хабар расид, ки Алӣ (р) мардумеро ба оташ сӯзондааст, гуфт: «Агар ман мебудам, онҳоро намесӯзондам, зеро Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба азоби Худо азоб накунед,» балки онҳоро мутобиқи қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: «Касе, ки динашро табдил кард, бикушед» мекуштам.

## БОБИ 71.

**1295.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Мӯрчае ангушти пайғамбаре аз пайғамбаронро газид, он паёмбар амр кард, то лонаи мӯрчагон сӯзонда шавад, Худованд ба ӯ ваҳй фиристод, ки: Ба сабаби ин, ки мӯрчае туро газид, як умматеро, ки тасбеҳи Худовандро мегуфтанд, сӯзондӣ?

## БОБИ 72. Сӯзондани хона ва нахлистонҳо

**1296.** Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ман гуфтанд: «Маро аз (бутхонаи) Зилхаласа беғам намесозӣ?» Ва (он бутхона) иборат аз хонае дар қабилаи Хасъам буд, ки бо номи каъбаи ямонӣ ёд мегардид. (Ҷарир) гуфт: Бо яксаду панҷоҳ савор аз мардуми Аҳмаса, ки саворони моҳире буданд, ба он тараф ҳаракат намудам ва ман худро (аз беморӣ ва заъфе, ки доштам) бар болои асп гирифта наметавонистам. (Паёмбари Худо (с) бо дасти худ чунон ба синаам заданд, ки осори дасташонро бар синаам мушоҳида намудам ва гуфтанд: «Худоё! Ӯро собитқадам бисоз ва ӯро ҳидоят кун ва сабаби ҳидояти дигарон бигардон!»

Ҷарир (р) рафт ва он хонаро (бо буте, ки дар он буд) вайрон сохт ва ба оташ кашид ва шахсеро фиристод, ки хабарро ба Паёмбари Худо (с) бирасонад. Фиристодаи Ҷарир (р) назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Қасам ба Зоте, ки шуморо ба ҳақ фиристодааст, то ҳангоме, ки (он бутхонаро) монанди шутур дарунхолӣ надидам, назди шумо наомадам. Ва Паёмбари Худо (с) барои афрод ва аспҳои қабилаи Аҳмаса панҷ бор дуои хайру баракат намуданд.

## БОБИ 73. Ҷанг фиребкорист

**1297.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Кисро ҳалок гардид ва баъд аз вай Кисро нахоҳад буд ва Қайсар ҳалок мегардад, баъд аз вай Қайсаре нахоҳад омад ва ганҷҳояшон дар ҷиҳоди фисабилиллоҳ тақсим мешавад».

**1298.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҷангро ҳила ва фиребкорӣ номидаанд.

## БОБИ 74. Кароҳати ихтилоф ва кашмакашӣ дар ҷанг ва оқибати касе, ки аз имоми худ нофармонӣ мекунад

**1299.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҷанги Уҳуд фармондеҳии гурӯҳи пиёдаро, ки панҷоҳ нафар буданд, ба Абдуллоҳ ибни Ҷубайр дода ва гуфтанд: «Агар дидед, ки моро мурғҳо мерабоянд, то вақте, ки шуморо нахоҳем, аз ҳамин ҷойи худ ҳаракат накунед ва агар дидед, ки мо душманро шикаст дода ва поймол намудем, боз ҳам то вақте, ки шуморо нахостем, аз ҳамин ҷойи худ ҳаракат накунед». Ва ҳамон буд, ки мусалмонон мушрикинро шикаст доданд.

Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Ба Худованд савганд, худам дидам, ки занҳои (мушрикин) дар ҳоле, ки либосҳои худро баланд намуда буданд, шитобон гурехта ва пой ва соқҳои пояшон маълум мешуд. Ҳамроҳони Абдуллоҳ ибни Ҷубайр (р) гуфтанд: Худро ба амволи ғанимат бирасонед, дӯстони мо фирӯз гардиданд, дигар мунтазири чӣ ҳастед?

Абдуллоҳ ибни Ҷубайр (р) ба эшон гуфт: Магар гуфтаи Паёмбари Худо (с)-ро фаромӯш кардаед? Гуфтанд: Ба Худо савганд, ки мо ҳам назди мардумон рафта ва ҳиссаи худро аз ғанимат хоҳем гирифт. Чун дар майдони маърака омаданд, рӯйҳояшон баргашт ва ҳамон буд, ки ҳазимат ёфта ва шикаст хӯрданд. (Яъне, баъд аз ин ки рӯйҳои онҳо ба тарафи майдон буд ва ба пеш мерафтанд, аз ҷиҳати ин ки нофармонии Паёмбари Худо (с)-ро карда буданд, рӯйҳояшон ба тарафи ҷои аввалаашон, ки қарор доштанд, баргашт.)

Ва ин дар ҳоле буд, ки Паёмбари Худо (с) охирин нафарони онҳоро, ки дар ҳоли ақибнишинӣ буданд, садо мезаданд. Бо Паёмбари Худо (с) ба ҷуз аз дувоздаҳ нафар каси дигаре боқӣ намонда буд ва мушрикин ҳафтод нафар аз моёнро куштанд ва Паёмбари Худо (с) ва асҳобашон дар ҷанги Бадр аз мушрикин яксаду чиҳил нафарро мавриди исобат қарор дода буданд, ки аз он ҷумла ҳафтод нафар кушта ва ҳафтод нафар асир гирифта буд.

Абӯсуфён пурсид: Оё Муҳаммад (с) дар байни шумо мавҷуд аст? Ва саволашро се бор такрор кард. Паёмбари Худо (с) атрофиёни худро аз ин, ки ҷавоби Абӯсуфёнро бидиҳанд, манъ фармуданд. Ва боз се бор пурсид: Оё Ибни Абӯқуҳофа (яъне Абӯбакр) дар байни шумо мавҷуд аст? Боз се бор пурсид: «Оё Ибни Хаттоб дар байни шумо мавҷуд аст?

Баъд аз он назди лашкариёни худ рафта ва гуфт: Инҳо дигар кушта шудаанд. Дар ин вақт Умар (р) худро нигоҳ дошта натавонист ва гуфт: Эй душмани Худо! Ба Худованд савганд, ки дурӯғ мегӯӣ, инҳоеро, ки ном бурдӣ, ҳамагӣ зиндаанд ва касоне, ки рӯзгоратро сиёҳ хоҳанд кард, сари ҷойи худ истодаанд.

Абӯсуфён гуфт: Имрӯз ба рӯзи ҷанги Бадр ва ҷанг даст ба даст мегардад ва шумо дар байни куштагони худ касонеро хоҳед дид, ки мусла шудаанд, ман ба ин чиз на амр кардаам ва на ҳам аз ин чиз бадам меояд. Баъд аз он раҷазхониро шурӯъ намуда ва гуфт: Сарбаланд бод Ҳубал! Сарбаланд бод Ҳубал!

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё касе нест, ки ҷавоби ӯро бигӯяд?» Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, чӣ бигӯем? Фармуданд: «Бигӯед: Худованд болотар ва боазаматтар аст!»

Абӯсуфён гуфт: Мо Узо дорем ва барои шумо Узо нест! Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Оё касе нест ҷавоби ӯро бигӯяд?» Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, чӣ бигӯем? Фармуданд: «Бигӯед: Худованд мавлои мост ва барои шумо мавлое нест!»

## БОБИ 75. Касе, ки душманро дида ва бо овози баланд фарёд задааст, ки...

**1300.** Аз Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Мадина ба тарафи Ғоба мерафтам, чун ба баландии Ғоба расидам, ғуломи Абдурраҳмон ибни

Авфро дида ва гуфтам: Эй вой бар ту, ин чо чӣ мегардӣ? Гуфт: Шутурони ширдиҳи Паёмбари Худо (с)-ро дуздидаанд. Гуфтам: Кӣ дуздидааст? Гуфт: Мардуми Ғатфон ва Фазора. Ба садои бисёр баланде, ки ҳамаи Мадинаро бохабар сохтам, нидо карда ва гуфтам: Душман субҳгоҳӣ расид, душман субҳгоҳӣ расид. Баъд аз он ба суръат рафта ва худро бо онҳо расондам, дидам, ки шутуронро гирифта мебаранд. Ба тарафашон тирандозӣ намуда ва гуфтам: Ман фарзанди Акваъ ҳастам. Ва имрӯз ашхоси паст кушта хоҳанд шуд. Ва шутуронро пеш аз он, ки шири онҳоро ошомида бошанд, аз онҳо гирифта, ба тарафи Мадина овардам. Дар роҳ Паёмбари Худо (с)-ро дида ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ, касоне, ки шутуронро гирифта буданд, ташнаанд ва шутуронро пеш аз он, ки шири онҳоро биошоманд, аз онҳо пас гирифтам, ба таъқибашон нафар бифиристед. Фармуданд: «Эй Ибни Акваъ! Моли худро пас гирифтӣ, беҳтар аст бо онҳо эҳсон намоӣ ва онҳое, ки шутуронро бурда буданд, акнун дар байни қавми худ меҳмонӣ мехӯранд».

## БОБИ 76. Озод сохтани асир

**1301.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Асирро озод созед, гуруснаро нон бидиҳед ва маризро хабар гиред».

**1302.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба Алӣ (р) гуфтам: Оё дар назди шумо чизи дигаре аз ваҳй ба ҷуз аз чизе, ки дар Қуръон аст, вуҷуд дорад? Гуфт: Ба Худое, ки донаро шикоф намуда ва ҷаҳониёнро халқ кардааст, чизи дигаре вуҷуд надорад, магар илмеро, ки Худованд дар фаҳми Қуръон насиби шахсе месозад ва ба ҷуз чизе, ки дар ин саҳифа аст. Гуфтам: Дар ин саҳифа чист? Гуфт: (Ҳукми) дият ва озод сохтани асир ва ин, ки набояд мусалмон ба сабаби кофаре кушта шавад.

## БОБИ 77. Фидя додани мушрикин

**1303.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки мардуме аз Ансор аз Паёмбари Худо (с) иҷоза хостанд ва гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, иҷоза бидиҳед, то фидяи хоҳарзодаи худ Аббосро бароящ бубахшем. Фармуданд: «Як дирҳамро бароящ набахшед».

## БОБИ 78. Агар шахси ҳарбӣ бидуни амон хостан ба дори Ислом дохил шуд

**1304.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дар сафар буданд, ҷосусе аз мушрикин наздашон омад, ҳамроҳи саҳоба нишаста ва ба онҳо сӯҳбат намуд ва ногаҳон

гурехт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро пайдо кунед ва бикушед». Салама ибни Акваъ (р) ӯро кушт ва Паёмбари Худо (с) он чиро он мушрик бо худ дошт, ба вай бахшиданд.

## БОБИ 79. Ҷоиза додан ба сафир ва намоянда

## БОБИ 80. Оё метавон барои аҳли зимма шафоат намуд

**1305.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи панҷшанбе аст ва шумо намедонед, ки рӯзи панҷшанбе чист? Баъд аз он он қадар гирист, ки ашкаш регҳоро тар намуд ва гуфт: Дарди Паёмбари Худо (с) дар рӯзи панҷшанбе шиддат ёфта ва фармуданд: «Вараке бидиҳед, то барои шумо чизе бинависам, ки баъд аз ман гумроҳ нашавед». (Касоне, ки он ҷо буданд) дар мавзӯъ ҷору ҷанҷол намуданд, дар сурате, ки ҷору ҷанҷол намудан дар ҳузури Паёмбар раво нест (ва дар ҷавоб онҳое, ки мегуфтанд навиштан лозим нест), гуфтанд: Паёмбари Худо (с) дар ҳолати тарки дунё аст.

Паёмбари Худо (с) (барои касоне, ки исрор бар навиштани чизе доштанд) фармуданд: «Маро ба ҳолам бигузоред, он чиро, ки ман дар он (аз зикри Худо ва омодагӣ ба лиқои Аллоҳ ҳастам) аз он чӣ, ки шумо мехоҳед, беҳтар аст». Ва дар вақти марги худ ба се чиз васият намуданд: «Мушрикинро аз ҷазираи Араб хориҷ созед ва сафир ё намояндае, ки меояд, ба мисле, ки ман барояш бахшиш медодам, барояш бахшиш бидиҳед». Ва саввумиро фаромӯш намудам (ва саввумӣ тавре, ки дар ривояти дигаре омадааст, ин буд, ки гуфтанд: «Қабри маро мавриди парастиш қарор надиҳед).

## БОБИ 81. Тифл чӣ гуна ба Ислом даъват мешавад

**1306.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) омаданд ва баъд аз ҳамду санои Худованди мутаъол аз Даҷҷол ёд карда ва фармуданд: «Ман шуморо аз вай барҳазар медорам ва ҳеҷ паёмбаре набудааст, ки қавми худро аз он хушдор надода бошад. Нӯҳ (ъ) ҳам қавми худро аз вай хушдор додааст, вале ман дар борааш барои шумо чизе мегӯям, ки паёмбари дигаре барои қавмаш нагуфтааст: Бидонед, ки Даҷҷол аз як чашм кӯр аст, вале Худованд як чашмаш кӯр нест». (Яъне Даҷҷол дар ин, ки даъвои Худоӣ мекунад, дурӯғ мегӯяд, зеро ӯ аз як чашм кӯр аст ва Худованд чунин нест).

## БОБИ 82. Ҳисобгирии имом аз мардумон

**1307.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Номи касонеро, ки мусалмон шудаанд, бароям бинависед». Ва мо барояшон номи якҳазору панҷсад нафарро

навиштем ва гуфтем: Теъдоди мо (мусалмонон) ба як ҳазору панҷсад нафар расидааст ва ҳанӯз бояд хавф дошта бошем? Ва худам дидам (ки бо вуҷуди касрати мусалмонон) ба чунон мусибате гирифтор шудем, ки шахс намозашро танҳо адо мекард ва бо он ҳам метарсид.

## БОБИ 83. Касе, ки бар душман ғолиб гардида ва дар минтақааш се рӯз боқӣ мондааст

**1308.** Абӯталҳа (р) мегӯяд: Чун Паёмбари Худо (с) минтақаеро фатҳ мекарданд, дар майдони маърака се шаб боқӣ мемонданд.

## БОБИ 84. Агар мушрикин моли мусалмонеро ба ғанимат гирифтанд ва сипас мусалмон моли худро ёфт

**1309.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки аспаш гурехт ва яке аз душманон онро гирифт. Мусалмонон дар замони Паёмбари Худо (с) бар он шахс ғолиб шуданд ва аспи Ибни Умарро барояш пас доданд. Ва ғуломи вай гурехт ва назди Румиён рафт ва ҳангоме, ки мусалмонон баъд аз Паёмбари Худо (с) бар Румиён ғалаба ёфтанд, Холид ибни Валид ғуломи Ибни Умарро барояш бозгардонд.

## БОБИ 85. Касе, ки ба форсӣ ва аҷамӣ сухан задааст ва ин қавли Худованд, ки «ва ихтилофи забонҳои шумо ва рангҳои шумо...» Ва ин қавли Худованд, ки «ва мо ҳеҷ расулеро ҷуз ба забони қавми ӯ нафиристодаем».

**1310.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Бузғолаеро забҳ кардаам ва як соъ ҷавро орд намудаам, шумо бо чанд нафаре ташриф биоваред. Паёмбари Худо (с) бо овози баланд фармуданд: «Эй аҳли Хандақ! (Яъне: эй касоне, ки ба ҳафри Хандақ машғул ҳастед) Ҷобир таоме омода кардааст, ҳамаи шумо биёед».

**1311.** Аз Умми Холид бинти Холид ибни Саъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи падарам дар ҳоле, ки пироҳани зардеро пӯшида будам, назди Паёмбари Худо (с) омадам, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Санаҳ, санаҳ». Ва маънии он ба забони ҳабашӣ «Хуб аст, хуб аст».

Умми Холид (р) мегӯяд: Баъд аз он рафтам ва бо мӯҳри нубувват бозӣ мекардам. Падарам маро аз ин кор манъ кард ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Онро кӯҳна кунӣ ва фарсуда кунӣ, онро кӯҳна кунӣ ва фарсуда кунӣ, онро кӯҳна кунӣ ва фарсуда кунӣ. (Ва дар забони оммаи мардум аз он чунин таъбир мекунанд, ки пир шавӣ ва калон шавӣ, пир шавӣ ва калон шавӣ.)

## БОБИ 86. Хиёнат дар амволи ғанимат ва ин қавли Худованд, ки «ва касе, ки дар амволи ғанимат хиёнат намояд»

**1312.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бархостанд ва дар мавриди хиёнат дар амволи ғанимат суханронӣ намуданд ва хиёнат дар амволи ғаниматро як амри бисёр муҳим шуморида ва фармуданд: «Чунин нашавад, ки дар рӯзи қиёмат кадом яке аз шумоёнро бубинам, ки бар гарданаш гӯсфанде савор аст ва баъ-баъ мекунад ва аспе рӯи гарданаш савор аст ва шиҳа мекашад ва дар ин ҳолат бароям бигӯяд, ки ё Расулаллоҳ, ба фарёдам бирас ва ман барояш бигӯям, ки дар муқобили ҳукми Худо бароят коре карда наметавонам ва қаблан бароят таблиғ карда будам. Ё бар гарданаш шутуре савор аст, ки ғар-ғар мекунад ва бароям бигӯяд, ки ё Расулаллоҳ, ба фарёдам бирас ва ман барояш бигӯям, ки дар муқобили ҳукми Худо бароят коре карда наметавонам ва қаблан бароят таблиғ карда будам. Ва ё ба гарданаш тилло ва нуқра овезон аст ва бигӯяд, ки ё Расулаллоҳ, ба фарёдам бирас ва ман барояш бигӯям, ки дар муқобили ҳукми Худо бароят коре карда наметавонам ва қаблан бароят таблиғ карда будам. Ва ё бар гарданаш порча ва либосҳое бошад, ки дар муқобили бод таҳу боло шавад ва бароям бигӯяд, ки ё Расулаллоҳ, ба фарёдам бирас ва ман барояш бигӯям, ки дар муқобили ҳукми Худо барои ту коре карда наметавонам ва қаблан бароят таблиғ карда будам».

## БОБИ 87. Хиёнати андак дар моли ғанимат

**1313.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе ба номи Киркира, ки нигоҳбони амволи Паёмбари Худо (с) буд, вафот намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки «Ӯ дар оташ аст». Ва чун мардум рафтанд ва сабабро ҷӯё шуданд, диданд, ки абоеро аз амволи ғанимат дуздидааст.

## БОБИ 88. Истиқбол намудан аз муҷоҳидин

**1314.** Ривоят аст, ки Ибни Зубайр (р) барои Ибни Ҷаъфар (р) гуфт: Ёдат ҳаст, ки ман ва ту ва Ибни Аббос (р) Паёмбари Худо (с)-ро истиқбол намудем? Гуфт: Бале, (вале) эшон ман ва Ибни Аббос (р)-ро бо худ савор намуданд ва туро гузоштанд.

**1315.** Аз Соир ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо иддае аз бачаҳо барои истиқболи Паёмбари Худо (с) ба Санӣятулвадоъ рафтем.

**1316.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) аз Усфон бозгаштанд, бо эшон будам, Паёмбари Худо (с) бар шутури худ савор буданд ва Сафия бинти Ҳуяй (р)-ро ҳам

пушти сари худ савор карда буданд. Шутурашон лағжид ва афтод ва ҳардуи онҳо афтиданд.

Абӯталҳа худро андохта ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Худованд маро фидои шумо гардонад! Фармуданд: «Бо зан ҳамкорӣ кун!» (Абӯталҳа) ҷомаро ба рӯи худ андохт ва назди Сафия (р) омад ва он ҷомаро ба болои ӯ андохт ва шутуронашонро омода намуд ва савор шуданд. Ва бо Паёмбари Худо (с) ҳамроҳӣ намудем ва чун ба наздики Мадина расидем, гуфтанд: «Ойибуна, тоибуна ъобидуна лираббино ҳомидуна». (Яъне баргаштем дар ҳоле, ки тавбакунандагон ва ибодаткунандагон ва барои Парвардигори худ ҳамдгӯён ҳастем). Ва ин суханро то вақте, ки ба шаҳри Мадина дохил шудем, ба такрор мегуфтем.

## БОБИ 89. Намоз хондан дар вақти бозгаштан аз сафар

**1317.** Аз Каъб (р) ривоят аст, ки чун Паёмбари Худо (с) дар вақти чошт аз сафар мегаштанд ва пеш аз он, ки бинишинанд, ду ракаат намоз адо мекарданд.

## БОБИ 90. Фарзи хумс

**1318.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд «Мо (паёмбарон) мерос бурда намешавем, моле, ки аз худ ба ҷой мегузорем, садақа аст». Ва аз он чӣ, ки Худованд барои эшон аз тариқи ғанимат арзонӣ дошта буд, нафақаи яксолаи аҳл ва аёли худро бармедошт ва боқимондаро бо моли Худо (яъне амволи умумӣ) якҷо мекарданд. Умар (р) рӯяшро ба тарафи касоне, ки он ҷо ҳозир буданд, гардонда гуфт: Шуморо ба Худое, ки осмон ва замин ба қудрати Ӯ истодааст, савганд медиҳам, ки ҳамин чизро медонед? Гуфтанд: Бале. Ва дар он маҷлис Алӣ, Аббос, Усмон, Абдурраҳмон ибни Авф, Зубайр ва Саъд ибни Абӯваққос иштирок доштанд. Ва баъд аз он ҳадиси Алӣ ва Ибни Аббос ва қиссаи муҷодалаи онҳоро зикр намуд. Албатта зикри ин чизҳо аз шарти мо нест (зеро тавре, ки дар муқаддима ёдовар шудем, соҳиби Мухтасар, ки Зубайдӣ (р) аст, танҳо ақвол ва афъоли Паёмбари Худо (с)-ро зикр менамояд, на ақвол ва афъоли саҳоба (р)-ро).

## БОБИ 91. Ончӣ, ки дар мавриди осори боқимонда аз Паёмбари Худо (с) ва табаррук ҷустан ба онҳо омадааст

**1319.** Ривоят аст, ки Анас (р) як ҷуфт кафши мӯйрафтаро (мегӯянд: сабаби рафтани мӯи он кафшҳо кӯҳнагии онҳо буд), ки дорои панҷагӣ буд, назди саҳоба овард ва гуфт: Инҳо кафшҳои Паёмбари Худо (с) аст.

**1320.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки либоси ғализ ва пинадореро овард ва гуфт: «Рӯҳи Паёмбари Худо (с) дар ҳамин либос қабз гардид.

**1321.** Ва дар ривояти дигаре аз Оиша (р) омадааст, ки изори ғализеро, ки дар Яман сохта мешуд ва либосеро, ки мулаббада ёд мешуд, овард.

**1322.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки қадаҳи Паёмбари Худо (с) шикаст, қисмати шикастагии онро ба симе аз нуқра бастанд.

## БОБИ 92. Қавли Худованди мутаъол: «Ба дурустӣ, ки барои Худо ва Расули Ӯ панҷум ҳиссаи амволи ғанимат аст»

**1323.** Аз Ҷобир бани Абдуллоҳи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои шахсе аз мо Худованд фарзанде дод, ӯро Қосим ном гузошт. Ансор барояш гуфтанд: Туро ба номи Абулқосим ёд нахоҳем кард ва туро ба он хушҳол нахоҳем сохт (яъне бароят Абулқосим намегӯем, то ба сабаби ин гуфтани мо хушҳол гардӣ). Он шахс назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Худо бароям фарзанде додааст ва ман ӯро Қосим ном гузоштаам, Ансор мегӯянд: Туро ба номи Абулқосим ёд намекунем ва туро ба он хушҳол нахоҳем сохт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ансор хуб гуфтаанд, ба номи ман номгузорӣ кунед, вале ба кунияи ман барои худ куния ихтиёр накунед, чун ман Қосим ҳастам».

**1324.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман худам на барои касе чизе медиҳам ва на чизеро аз касе манъ мекунам, вазифаам тақсим кардан аст ва ҳар чизеро тавре, ки маъмур шудаам, анҷом медиҳам» (яъне он чиро, ки анҷом медиҳам, ба амр ва илҳоми Худованди мутаъол аст).

**1325.** Аз Хавлаи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Мардуме ҳастанд, ки дар моли Худованд бидуни ҳақ тасарруф менамоянд, дар рӯзи қиёмат ҷазои онҳо дӯзах аст».

## БОБИ 93. қавли Паёмбари Худо (с), ки фармудаанд: «Ғаноим барои шумо ҳалол гардонида шудааст»

**1326.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Паёмбаре аз паёмбарон иродаи ҷиҳод намуд (ин паёмбар Юшаъ ибни Нун буд) ва ба қавми худ гуфт: Агар касе занеро ба никоҳ гирифта бошад ва бихоҳад бо вай арусӣ намояд, вале ҳанӯз бо вай ҳамбистарӣ накарда бошад ва ё хонаҳоеро бино намуда бошад, вале сақфи онҳоро напӯшонда бошад ва ё гӯсфандон ва ё шутурони обистанеро харида бошад ва интизори валодати онҳоро дошта бошад, бо ман ҳамроҳӣ накунад (зеро дили чунин ашхос вобаста ба ин умури дунявӣ аст ва наметавонанд ба таври шоиста ба ҷиҳод иқдом намоянд).

Он паёмбар бар ҷиҳод рафт ва ҳангоми намози аср ва ё наздики намози аср ба ҳамон қарияи мавриди назар расид, хуршедро (мухотаб қарор дод) ва гуфт: Ту маъмурият дорӣ ва ман ҳам маъмурият дорам

(маъмурияти офтоб ғуруб кардан аст ва маъмурияти он паёмбар ба итмом расонидани ҷиҳодаш пеш аз ғуруби офтоби ҳамон рӯз буд). Ва Худоё, Офтобро бароям манъ кун! Ҳамон буд, ки (офтоб) барояш, то ҳангоме, ки он қарияро фатҳ кард, манъ карда шуд, амволи ғаниматро ҷамъ намуд, оташе омад, ки он ғаноимро бисӯзонад, вале сӯзонда натавонист.

Он паёмбар барои қавми худ гуфт: Кадом касе аз шумоён дар амволи ғанимат хиёнат кардааст, бояд аз ҳар қабилае як нафар биёяд ва бо ман байъат намояд. (Чунон карданд) ва дасти яке аз онҳо бо дасти он паёмбар часпид. Паёмбар барояш гуфт: Хиёнат дар моли ғанимат дар қабилаи шумо сурат гирифтааст, бояд ҳамаи афроди қабила биёянд ва бо ман байъат намоянд. Ва дасти ду ва ё се нафар аз онҳо ба дасти он Паёмбар часпид. Ба онҳо гуфт: Хиёнат дар байни шумо ду-се нафар аст. Ва онҳо каллае монанди каллаи говеро, ки аз тилло буд, оварданд ва рӯи амволи ғанимат гузоштанд ва ҳамон буд, ки оташ омад ва амволи ғаниматро сӯзонид». Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ва чун Худованди мутаъол заъф ва бечорагии моро дид, ғаноимро барои мо ҳалол сохт»).

## БОБИ 94.

**1327.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) гурӯҳеро, ки ман ҳам зимни онҳо будам, ба тарафи Наҷд фиристоданд. (Наҷд минтақае баъд аз Ҳиҷоз дар наздики Ироқ аст). Ин гурӯҳ дар он минтақа шутурони бисёреро ба ғанимат гирифтанд, барои ҳар кадоме аз онҳо дувоздаҳ ва ё ёздаҳ шутур расид ва барои ҳар кадоме як шутур ҳам ба таври бахшиш доданд.

**1328.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ғаноимро дар Ҷиъронa тақсим мекарданд, шахсе барояшон гуфт: Адолат намоед. Фармуданд: «Агар адолат накунам, бадбахт хоҳам буд». (Ва тавре, ки уламои луғат мегӯянд, шарти мутаҳаққиқулвуқӯъ нест, бинобар ин маънии ҳадис чунин мешавад, ки агар адолат накунам, бадбахт мешавам ва чун адолат мекунам, бинобар ин бадбахтӣ дар миён нест).

**1329.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Умар (р) аз асирони Ҳунайн ду канизе расид, онҳоро дар яке аз хонаҳои Макка нигоҳдорӣ мекард. Чун Паёмбари Худо (с) амр намуданд, ки асирони Ҳунайн озод шаванд, (ақвоми асирон) дар кӯчаҳо ба дунболи асирони худ мегаштанд. Умар (р) (барои фарзандаш) гуфт: Эй Абдуллоҳ, бубин, чӣ хабар аст? (ки мардум он тарафу ин тараф мегарданд). Гуфт: Паёмбари Худо (с) амр ба озодии асирони Ҳунайнро додаанд. Гуфт: Бирав ва он ду канизро озод кун.

## БОБИ 95. Касе, ки васоили ҷангиро дар хумс дохил насохтааст

**1330.** Аз Абдурраҳмон ибни Авф (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи ҷанги Бадр ҳангоме, ки дар сафи ҷиҳод истода будам, ба тарафи рост ва чапи худ назар кардам, ду ҷавони ҳамсинни Ансориро дидам ва орзу кардам, ки эй кош ман бо некӯтар (ё бо қавитари) онҳо ҳамроҳ мебудам.

Яке аз он ду ҷавон дасташро ба паҳлӯям зада ва гуфт: Амакҷон! Абӯҷаҳлро мешиносед? Гуфтам: Бале, вале бародарзодаи азизам, бо ӯ чӣ кор дорӣ? Гуфт: Шунидаам, ки ӯ Паёмбари Худо (с)-ро дашном медиҳад, савганд ба Худое, ки ҷонам дар дасти ӯст, агар ӯро бубинам, то ӯро накушам ва ё кушта нашавам, ӯро нахоҳам гузошт. Аз ин сухан тааҷҷуб намудам. Навҷавони дигарӣ ҳам дасташро ба паҳлӯям зад ва ҳамин суханро такрор намуд. Дере нагузашт, ки дидам, Абӯҷаҳл дар байни мардум ин тарафу он тараф мегардад, гуфтам: «Оҳой! Касеро, ки аз ман суроғаш мекардед, ҳамон шахс аст! Бо шамшерони худ ба тарафи ӯ давиданд ва ӯро куштанд, баъд аз он рафтанд ва Паёмбари Худо (с)-ро аз ин воқеа бохабар сохтанд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Кадом як аз ду нафари шумо ӯро куштед?» Ҳар кадомашон гуфтанд, ки ман ӯро куштам. Фармуданд: «Оё шамшерҳои худро пок намудаед? Гуфтанд: На. (Паёмбари Худо (с) ба шамшерҳои онҳо назар андохта ва фармуданд: «Ҳардуи шумо ӯро куштаед, вале васоили ҷангаш аз Муъоз ибни Амр ибни Ҷамуҳ бошад». Ва он ду нафаре, ки Абӯҷаҳлро кушта буданд, яке Муъоз ибни Афро ва дигаре Муъоз ибни Амр ибни Ҷамуҳ буд.

## БОБИ 96. Он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) аз хумс барои муаллафатулқулуб ва дигарон медоданд

**1331.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман қисмате (аз хумс)-ро барои Қурайш медиҳам, то онҳоро ба Ислом ҷалб намоям, зеро иртиботи онҳо ба замони ҷоҳилият наздик аст».

**1332.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Худованди мутаъол амволи мардуми Ҳавозинро барои Паёмбари Худо (с) ба таври фай ато фармуд (фай иборат аз моле аст, ки бидуни ҷанг ба дасти мусалмонон меафтад), Паёмбари Худо (с) барои ҳар кадом аз Қурайш сад-сад шутур медоданд. Мардуме аз Ансор гуфтанд: Худованд барои Расули Аллоҳ (с) биомурзад, амволи файро ба Қурайш медиҳад дар ҳоле, ки хуни онҳо ҳанӯз аз шамшерони мо мечакад, вале барои мо чизе намедиҳад.

Анас (р) мегӯяд: Ин хабарро ба Паёмбари Худо (с) расониданд. Паёмбари Худо (с) ба талаби онҳо фиристоданд ва онҳоро дар қубае

ҷамъ намуданд ва ба дигарон иҷоза надоданд, ки назди онҳо дохил шаванд. Сипас Паёмбари Худо (с) назди онҳо омада ва фармуданд: «Ин чӣ сухане буд, ки аз шумо шунидам?» Мардуми бофаҳмашон гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Мардуми фаҳмидаи мо чизе нагуфтанд... (ва бақияи ҳадис қаблан гузашт).

**1333.** Аз Ҷубайр (р) ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки вай бо Паёмбари Худо (с) ва дигар мардум аз ғазваи Ҳунайн меомаданд, мардуми бодиянишин бар Паёмбари Худо (с) ҳуҷум оварданд ва аз эшон хостанд, то аз (амволи ғанимат) барои онҳо ҳам бидиҳанд ва ин ҳуҷум ба ҳадде шадид буд, ки (Паёмбари Худо (с)-ро ба тарафи дарахти хордоре пеш бурданд, ридояшон ба он дарахт банд шуд. Паёмбари Худо (с) истоданд ва гуфтанд: «Ридоямро бидиҳед, агар ба шумораи ин хорҳо шутур мебуд, байни шумо тақсим мекардам ва дар ман бухл ва дурӯғ ва буздилӣ эҳсос намекардед».

**1334.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки ридои наҷрони замхатиро пӯшида буданд мерафтем, шахси бодиянишине омад ва он ридоро бо чунон шиддате кашид, ки осори он ба гардани Паёмбари Худо (с) боқӣ монд. Баъд аз он гуфт: Амр кун, аз амволи байтулмоле, ки назди туст, бароям бидиҳанд. Паёмбари Худо (с) ба тарафаш нигоҳ карда хандиданд ва амр карданд, то барояш чизе бидиҳанд (ин ҳама ҳилм аз асари нубувват буд, варна аз башари оддӣ ҳар касе, ки бошад, чунин таҳаммуле имконпазир нест).

**1335.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи Ҳунайн Паёмбари Худо (с) дар тақсим кардани амвол иддаеро бар дигарон тарҷеҳ доданд, аз он ҷумла барои ҳар кадоме аз Ақраъ ибни Ҳобис ва Уяйна сад-сад шутур доданд ва барои мардуми аз ашрофи Қурайш амволе доданд ва ба ин тариқа инҳоро бар дигарон тарҷеҳ доданд.

Шахсе гуфт: Ин тақсимест, ки адолат дар он муроот нагардидааст ва ризояти Худованд дар он дар назар гирифта нашудааст. Гуфтам: Ба Худо савганд, ки аз ин суханон Паёмбари Худо (с) бохабар хоҳам сохт. Омадам ва аз мавзӯъ барои Паёмбари Худо (с) хабар додам. Фармуданд: «Агар Худо ва Расулаш адолат накунанд, пас кӣ адолат хоҳад кард? Худованд Мӯсо (алайҳиссалом)-ро раҳмат кунад, ки (аз тарафи умматони худ) аз ин ҳам бештар азияту озор медид, вале сабр мекард».

## БОБИ 97. Ба ғанимат гирифтани таом дар сарзамини душман

**1336.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷиҳод асал ва ангурро ба даст меовардем ва онҳоро мехӯрдем ва назди валии амр намебурдем.

## БОБИ 98. Ҷизя ва сулҳ бо аҳли зимма ва аҳли ҳарб

**1337.** Ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) як сол пеш аз маргаш барои аҳли Басра навишт: Касоне, ки аз маҷусӣ бо маҳорими худ никоҳ кардаанд, никоҳи онҳоро фасх намоед. Ва Умар (р) аз маҷус то вақте, ки Абдурраҳмон ибни Авф (р) шаҳодат дод, ки Паёмбари Худо (с) аз маҷус (Ҳаҷар) ҷизя гирифтаанд, ҷизя намегирифт.

**1338.** Аз Амр ибни Авфи Ансорӣ (р), ҳампаймони бани Омир ибни Луай, ки дар ҷанги Бадр иштирок намуда буд, ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) Абӯубайда ибни Ҷарроҳ (р)-ро ба Баҳрайн фиристоданд, то ҷизяи он ҷоро биоварад (аксари мардуми Баҳрайн дар замони Паёмбари Худо (с) маҷус буданд) ва Паёмбари Худо (с) бо аҳли Баҳрайн мусолиҳа намуда ва Ало ибни Ҳазрамӣ (р)-ро бар онҳо амир муқаррар намуда буданд! Абӯубайда (р) молҳоеро аз Баҳрайн овард.

Ансор аз омадани Абӯубайда (р) бохабар шуданд ва омаданд ва намози субҳро бо Паёмбари Худо (с) адо намуданд, баъд аз адои намози субҳ Паёмбари Худо (с) рӯи худро ба тарафи мардум намуданд, мардуми Ансор (р) назди эшон омаданд. Паёмбари Худо (с) чун онҳоро диданд, табассум карда ва фармуданд: «Фикр мекунам, шунидаед, ки Абӯубайда чизе мол овардааст?» Гуфтанд: Бале, Ё Расулаллоҳ! Фармуданд: «Мутмаин бошед ва ба интизори чизе бошед, ки шуморо хуш хоҳад сохт ва ба Худованд савганд, ки ман аз фақр ва бечорагии шумо наметарсам, вале аз ин метарсам, ки моли дунё монанди гузаштагон назди шумо фаровон гардад ва тавре, ки онҳо барои ба даст овардани он мол бар якдигар сабқат меҷустанд, шумо ҳам ҷиҳати ба даст овардани он бар якдигар сабқат биҷӯед ва ин мол тавре, ки онҳоро ҳалок сохт, шуморо ҳам ҳалок бисозад».

**1339.** Ривоят аст, ки Умар (р) мардумро ҷиҳати ҷанг бо мушрикин ба ҳар тараф эъзом намуд. Ҳурмузон мусалмон шуда буд, Умар (р) ба ӯ гуфт: Ман дар ҷиҳод бо ин мардум аз ту машварат мехоҳам. Ҳурмузон гуфт: Бисёр хуб, мавқеъи мусалмонон дар ҷанг бо мардуми он сарзамин монанди (ҷангоб) мурғест, ки як сар, ду бол ва ду по дорад, агар яке аз ду болашро бишканад, бо ду по ва як бол ва сар метавонад ҳаракат намояд ва ҳатто агар боли дигараш ҳам бишканад, боз ҳам бо сар ва ду пойи худ ҳаракат карда метавонад, вале агар сараш кӯбида шавад, ду пой ва ду бол ва сар ҳама аз байн мераванд. Сар: иборат аз Кисро, як бол Қайсар ва боли дигар Форс аст, пас мусалмононро амр кун, ки ба тарафи Кисро бираванд. Умар (р) моро талаб кард ва Нӯъмон ибни Муқарринро бар мо амир муқаррар намуд.

Чун ба сарзамини душман расидем (ин сарзамин Наҳованд буд ва Наҳованд шаҳрест, ки онро Нӯҳ (ъ) бино ниҳодааст ва номи аслиаш Нуҳованд аст, вале бо забони омиёна ба Наҳованд табдил шудааст), бо яке аз сардорони Кисро, ки фармондеҳии чиҳил ҳазор размандаро дар даст дошт, мувоҷеҳ гардидем. Тарҷумоне (аз тарафи он фармондеҳ)

омад ва гуфт: Яке аз шумо бо ман сухан бигӯяд. Муғира (р) бархост ва гуфт: Ҳар чӣ мехоҳӣ, бипурс. Пурсид: Шумо чикораед? Гуфт: Мо мардуме ҳастем аз қавми Араб ҳамеша дар бадбахтӣ ва факр ва фоқа зиндагӣ мекардем, аз гуруснагӣ пӯсти ҳайвонот ва ҳастаи хурморо мечӯшидем, либоси мо мӯй ва пашм буд ва ҳар санг ва дарахтеро ибодат мекардем. Дар чунин ҳолате будем, ки Худованди осмонҳо ва замин ҷалла ҷалолуҳу аз худи мо паёмбареро, ки падар ва модарашро мешиносем, барои мо фиристод. Пайёмбари мо, фиристодаи Худои мо (с) амр намудааст, ки бо шумо то он вақте ба ҷанг идома бидиҳем, ки Худои ягонаро парастиш намоед ва ё он, ки ҷизя бидиҳед. Ва Паёмбари мо (с) аз тарафи Худои мо ба мо хабар додааст, ки касе аз мо кушта шавад, дар ҷаннат дохил мегардад, ки монандашро касе надидааст ва касоне, ки зинда бимонад, бар шумоён тасаллут хоҳанд ёфт. (Чун Муғира ибни Шӯъба аз муколама бо фармондеҳи Форс халос шуд, назараш ин буд, ки дар ҳамон лаҳза ҷангро бо онҳо шурӯъ кунад, вале назари Нӯъмон ибни Муқарин он буд, ки ҷанг то заволи офтоб ба таъхир биафтад, (аз ин сабаб) Нӯъмон (р) (ба Муғира) гуфт: Шояд борҳо Худованди мутаъол туро муваффақ сохта бошад, ки дар чунин мавоқеъ бо Паёмбари Худо (с) дар ҷиҳод иштирок намуда бошӣ (ва дида бошӣ, ки эшон ҷиҳодро то вақти зуҳр ба таъхир меандохтанд ва аз ин интизор) Худованд туро пушаймон ва хисороманд наменамуд (ва агар ту хабар надорӣ), вале ман дар ҷиҳод бо Паёмбари Худо (с) иштирок намуда будам ва дидам, ки агар дар аввали рӯз ба ҷиҳод иқдом намекарданд, интизор мекашиданд, то бод вазидан гирифта ва вақти намозҳо (баъд аз завол) дохил гардад.

## БОБИ 99. Оё сулҳ намудани имом бо раиси қария сулҳ намудан бо ҳамаи афроди қария аст?

**1340.** Аз Абӯҳумайд Соъидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замоне, ки бо Паёмбари Худо (с) ба ғазваи Табук рафта будем, подшоҳи Айла қотири сафедеро барои Паёмбари Худо (с) бахшиш дод ва Паёмбари Худо (с) барояш ҷомаи хатдореро кисват доданд ва барои онҳо амоннома навиштанд.

## БОБИ 100. Гуноҳи касе, ки (кофири аҳддорро) бидуни гуноҳ ба қатл мерасонад

**1341.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки шахси муоҳадро ба қатл бирасонад, бӯи ҷаннат ба димоғаш намерасад, агарчи бӯи ҷаннат аз масофати чиҳилсола роҳ эҳсос мегардад».

## БОБИ 101. Агар аз мушрикин ба мусалмонон хиёнат карданд, оё аз онҳо афв хоҳад шуд?

**1342.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Хайбар фатҳ гардид, барои Паёмбари Худо (с) гӯсфанди заҳрогине бахшиш дода шуд (касе, ки ин гӯсфандро бахшиш дод, зане аз яҳуд бо номи Зайнаб бинти Ҳорис буд). Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касонеро, ки аз яҳуд дар ин ҷо мебошанд, назди ман ҷамъ кунед».

Онҳоро оварданд, фармуданд: «Ман аз шумо чизе мепурсам, оё ба ман рост хоҳед гуфт?» Гуфтанд: Бале. Паёмбари Худо (с) аз эшон пурсиданд: «Падари шумо кист?» Гуфтанд: Фалон. Фармуданд: «Дурӯғ мегӯед, балки падари шумо фалон шахси дигаре аст». Гуфтанд: Рост мегӯӣ.

Фармуданд: «Агар аз шумо ҳоло чизе бипурсам, оё бароям рост хоҳед гуфт? Гуфтанд: Ё Абулқосим, бале, зеро агар дурӯғ бигӯем, дурӯғи моро мисле, ки дар мавриди падари мо донистӣ, хоҳӣ донист. Пурсиданд: «Мустаҳиқи дӯзах кист?» Гуфтанд: «Муддати каме моён ва баъд аз мо шумоён». Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Гум шавед! Ба Худованд савганд, ки ҳаргиз моён баъд аз шумо ба дӯзах нахоҳем рафт».

Баъд аз он фармуданд: «Ҳоло агар аз шумо чизе бипурсам, бароям рост хоҳед гуфт?» Гуфтанд: Бале, ё Абулқосим! Пурсиданд: «Оё дар ин гӯсфанд заҳреро омехта будед?» Гуфтанд: Бале! Фармуданд: «Сабаб чӣ буд?» Гуфтанд: Назари мо ин буд, ки агар даъвои нубуввати шумо дурӯғ бошад, аз дасти шумо халос хоҳем шуд ва агар воқеан Паёмбар бошед, ба шумо зараре нахоҳад кард.

## БОБИ 102. Тарки ҷанг ва мусолиҳа бо мушрикин дар муқобили мол ва ғайра ва гуноҳи касе, ки ба аҳди худ вафо намекунад

**1343.** Аз Саҳл ибни Абӯҳасмо (р) ривоят аст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Саҳл ва Муҳайиса ибни Масъуд ибни Зайд (р) аз сулҳ бо яҳуд ба тарафи Хайбар рафтанд ва аз якдигар ҷудо шуданд. Муҳайиса дар ҳоле Абдуллоҳ ибни Саҳлро ёфт, ки дар хунаш оғушта гардида ва кушта шуда буд.

Ӯро дафн кард ва ба Мадина омад. Абдурраҳмон ибни Саҳл (ки бародари мақтул буд), бо Муҳайиса ва Ҳувайиса писарони Масъуд (ки амакзодаҳои мақтул буданд), назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва Абдурраҳмон, ки аз дигарон хурдтар буд, шуруъ ба сухан задан кард.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: (Сухан гуфтанро) ба бузургон бигзор, (сухан заданро) ба бузургон бигзор. Абдурраҳмон сукут намуд ва он ду нафари дигар шурӯъ ба сухан задан намуданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё савганд мехӯред, то мустаҳиқи хуни қотили худ шавед. Ва ё гуфтанд: Мустаҳиқи хуни рафиқи худ шавед, (шак аз ровист). Онҳо гуфтанд: Дар ҳоле, ки дар ҷараёни қатл ҳозир набудаем ва ба чашми худ надидем, чӣ гуна савганд бихӯрем?

Фармуданд: «Пас яҳуд ба савганд хӯрдани панҷоҳ нафар аз даъвии шумо бароат ҳосил мекунанд. Гуфтанд: Савганд хӯрдани куфорро чӣ гуна қабул намоем? Ва ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с) дияти ӯро аз амволе, ки наздашон буд, пардохтанд.

## БОБИ 103. Агар шахсе сеҳр кард, оё метавон ӯро афв намуд?

**1344.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки касе Паёмбари Худо (с)-ро сеҳр намуд (касе, ки Паёмбари Худо (с)-ро сеҳр намуд, Лабид ибни Аъсами яҳудӣ буд). То ҳадде, ки ба хаёли эшон мерасид, ки фалон корро анҷом додаанд, дар ҳоле, ки он корро анҷом надода буданд.

## БОБИ 104. Тарс аз фиребкорӣ

**1345.** Аз Авф ибни Молик ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Табук дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) дар қуббае аз чарм нишаста буданд, наздашон омадам, фармуданд: «Шаш аломатро пеш аз қиёмат ба хотир биспор: вафоти ман, фатҳи Байтулмуқаддас, баъд аз он маргу мире монанди марг ва мири гӯсфандон, баъд аз он фаровонии мол то ҳадде, ки агар ба касе сад динор бидиҳӣ, ҳанӯз ғазабнок аст, баъд аз он фитнае, ки ба хонаи ҳамаи арабҳо дохил мешавад, баъд аз он муторака, ки байни шумо ва байни мардуми Рум воқеъ мегардад ва онҳо ба шумо хиёнат мекунанд ва бо чиҳил байрақ, ки таҳти ҳар байрақе дувоздаҳ ҳазор нафар мебошад, бар шумо ҳамла мекунанд».

## БОБИ 105. Гуноҳи касе, ки баъд аз аҳду паймон хиёнат мекунад

**1346.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар рӯзгоре биёяд, ки ҳатто як дирҳаме ва динор ҳам чизя гирифта натавонед, чӣ хохед кард? Касе гуфт: Эй Абӯҳурайра! Фикр мекунӣ, ки чунин рӯзе хоҳад омад? Гуфт: Бале, савганд ба Худое, ки ҷони Абӯҳурайра дар дасти ӯст (чунин рӯзе хоҳад омад) ва ин қавли содиқи масдуқ аст (содиқ касе аст, ки феълан рост мегӯяд, масдуқ касе аст, ки ҳамеша рост гуфтааст ва ҳеҷ гоҳ дурӯғе аз вай шунида нашудааст).

Гуфтанд: Сабаби ин кор чист? Гуфт: Зиммаи Худованд ва Расулаш поймол мегардад ва Худованди мутаъол дилҳои аҳли зиммаро сахт месозад ва онҳо аз додани чизе, ки дар даст доранд, худдорӣ меварзанд.

## БОБИ 106. Фиребкорӣ аз некӯкор ва бадкор гуноҳ аст

**1347.** Аз Абдуллоҳ ва Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Барои ҳар аҳдшикане дар рӯзи қиёмат байрақе ҳаст». Яке аз ровиҳо гуфт, ки он байрақ насб мегардад ва дигаре гуфт, ки он байрақ дида мешавад (ва аҳдшикан) ба воситаи он байрақ шинохта мешавад.

# -54- КИТОБИ ИБТИДОИ ХИЛҚАТ

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар бораи ин қавли Худованд омадааст, ки: «Он зотест, ки халқро ба вуҷуд овард ва боз онро дубора зинда мекунад» *(Рум: 27)*

**1348.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: Иддае аз мардуми бани Тамим назди Паёмбари Худо (с) омаданд. Фармуданд: Эй бани Тамим! Шуморо башорат медиҳам (сабаби башорат саодате буд, ки аз ташриф овардани онҳо ба ҳузури Паёмбари Худо (с) насиби онҳо шуда буд ва натиҷаи ин башорат рафтан ба биҳишт дар охират буд). Онҳо гуфтанд: Барои мо (пеш аз ин ҳам) башорат додед (касе, ки ин суханро гуфт Ақраъ ибни Ҳобис буд ва вай шахсе буд, ки одат ва равиши бодиянишинӣ ҳанӯз дар сараш буд), акнун барои мо чизе бидиҳед. (Аз шунидани ин сухан) ранги Паёмбари Худо (с) тағйир ёфт. Баъд аз он аҳли Яман омаданд ва барои онҳо гуфтанд «Эй аҳли Яман! Барои шумо башорат медиҳам ва шумо башоратро қабул намоед, чун бани Тамим қабул накарданд». Гуфтанд: Қабул дорем. Паёмбари Худо (с) роҷеъ ба ибтидои хилқат ва Арш шурӯъ ба сухан намуданд. Дар ин вақт буд, ки шахсе омад ва гуфт: Эй Имрон, шутурат худро канда ва рафтааст (Имрон, ровии ҳадис мегӯяд: Ва ман ҷиҳати пайдо кардани шутури худ бархостам ва эй кош барнамехостам (то бақияи ҳадисро мешунидам).

**1349.** Ва аз Имрон ибни Ҳусайн (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Худованд ҷалла ҷалолуҳу буд ва ҳеҷ чизи дигаре ғайр аз Зоти Ӯ вуҷуд надошт ва Арши Худованд дар болои об қарор дошт ва дар Лавҳи маҳфуз ҳамаи чизро навишт ва замин ва осмонро халқ намуд. Дар ин вақт буд, ки шахсе ӯро садо зад ва гуфт: Эй Ибни Ҳусайн, шутурат рафт. (Имрон ибни Ҳусайн мегӯяд): Дар ин вақт буд, ки рафтам ва дидам, ки шутурам беҳадафе медавид, ба Худованд савганд аст, дӯст доштам, ки шутурамро тарк намоям (ва биёям ва сухани Паёмбари Худо (с)-ро бишунавам).

**1350.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованди мутаъол фармудааст, ки бани одам маро дашном медиҳад ва барояш муносиб нест, ки маро дашном диҳад ва маро такзиб менамояд ва ин ҳам барояш муносиб нест. Дашномаш ин аст, ки барои ман нисбати фарзанд доштан медиҳад (монанди ин

гуфтаи насоро, ки Исои Масеҳ фарзанди Худост ва ин гуфтаи яҳуд, ки Узайр фарзанди Худост). Ва такзибаш ин аст, ки мегӯяд маро тавре, ки бори аввал халқ кард, (баъд аз марг) зинда карда наметавонад (ва ин назари моддигароён аст, ки аз зинда шудан баъд аз марг мункир ҳастанд).

**1351.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ҳангоме, ки Худованди мутаъол махлуқотро офарид, дар китобе, ки наздаш бар болои Арш мебошад, навишт ки: Раҳмати ман бар ғазаби ман ғолиб аст».

## БОБИ 2. Он чӣ, ки дар мавриди ҳафт замин омадааст

**1352.** Аз Абӯбакра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Замон (мурод аз замон сол аст), ба монанди рӯзе, ки Худованди мутаъол осмонҳо ва заминро халқ намуд, баргаштааст (дар замони ҷоҳилият ҳисоби сол ба ҳам хӯрда буд, то ҷое, ки Зулҳиҷҷаро раҷаб мегуфтанд), сол 12 моҳ аст, ки аз он ҷумла чаҳор моҳ ҳаром аст, (яъне ҷанг кардан дар онҳо ҳаром аст), се моҳ пай дар пай Зулқаъда ва Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам ва як моҳи Раҷаби музар, ки байни Ҷимодулохир ва Шаъбон воқеъ аст».

## БОБИ 3. Гардиши офтоб ва моҳтоб рӯи ҳисоб аст

**1353.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки офтоб ғуруб намуд, аз ман пурсиданд «Оё медонӣ, ки офтоб ба куҷо меравад?» Гуфтам: Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Фармуданд: Офтоб меравад, то он, ки дар зери Арш саҷда менамояд (ва баъд аз саҷда кардан) иҷоза мехоҳад (ки дубора аз тарафи машриқ тулӯъ намояд), барояш иҷозат дода мешавад ва зуд аст вақте биёяд, ки офтоб иҷозаи саҷда кардан бихоҳад, вале барояш иҷоза дода нашавад ва иҷозаи тулӯъ кардан (аз машриқро бихоҳад) ва барояш иҷоза дода нашавад ва барояш гуфта шавад, аз ҳамон ҷое, ки омадай бозгард ва ҳамон аст, ки аз тарафи мағриб тулӯъ мекунад ва ин ҳамон қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: **«Офтоб ба тарафи қароргоҳаш медавад».** *(Ёсин: 38) (Ва мурод аз саҷда кардани офтоб дар зери Арш, итоат ва инқиёди ӯ аз авомири Худовандист».*

**1354.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Офтоб ва моҳтоб дар рӯзи қиёмат ба ҳам печида мешаванд» (ва нуре барои онҳо боқӣ намемонад).

## БОБИ 4. Он чӣ, ки дар мавриди ин қавли Худованд омадааст, ки: «Ва он Зотест, ки бодҳоро башоратдиҳандаи раҳмати худ мефиристад». *(Аъроф: 57)*

**1355.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) абреро, ки дорои борон буд, мушоҳида мекарданд, ин тарафу он тараф мерафтанд ва ба хона меомаданд ва берун мешуданд ва рангашон тағйир меёфт ва чун борон меборид, ба ҳолати оддӣ бармегаштанд. Чун Оиша (р) сабабро ҷӯё шуд, фармуданд: «Чӣ медонам! Шояд ин монанди ҳамон абре бошад, ки чун қавми Од онро мушоҳида намуданд, гуфтанд. **«Ин абрест, ки ҷиҳати боридани борон барои мо омадааст...»** *(Аҳқоф: 24)* Ва қиссааш чунин аст, ки боди шадиде бар қавми Од вазидан гирифт ва онҳо бо худ мегуфтанд, ки бод сабаби эҷоди абр ва борон хоҳад шуд, вале сабаби ҳалокат ва аз байн рафтани онҳо гардид.

## БОБИ 5. Сифати малоика салавотуллоҳи ъалайҳим

**1356.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с), ки содиқ ва масдуқ мебошанд, барои мо гуфтанд: Таквини хилқати ҳар кадоми шумо (аз нутфа) дар шиками модараш дар чиҳил рӯз ҷамъ мешавад ва боз чиҳил рӯз ба шакли хунбастае мебошад ва боз чиҳил рӯзи дигар ба шакли порча гӯште мебошад ва баъд аз он Худованд фариштаеро мефиристад, ки чаҳор чизро бинависад: амали он шахсро, ризқи он шахсро, муддати зиндагии он шахсро ва шақоват ва саодати он шахсро ва баъд аз он рӯҳ дар вай дамида мешавад. Аз ин ҷост, ки шахсе амалеро анҷом медиҳад, ки байни ӯ ва байни биҳишт ба ҷуз аз фосилаи андаке боқӣ намемонад, вале тақдираш бар вай сабқат мекунад ва муртакиби амали аҳли дӯзах мегардад (ва шахси дигаре) муртакиби амале мегардад, ки байни ӯ ва байни дӯзах ҷуз масофаи каме боқӣ намемонад, вале тақдираш бар вай сабқат мекунад ва амали аҳли биҳиштро анҷом медиҳад.

**1357.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар Худованд бандаеро дӯст дошта бошад, ба Ҷабраил мегӯяд, ки ман фалон шахсро дӯст дорам, пас ту ҳам ӯро дӯст дошта бош, Ҷабраил ӯро барои худ дӯст мегирад ва барои аҳли осмон нидо мекунад, ки Худованд фалон шахсро дӯст дорад ва шумо низ ӯро дӯст дошта бошед. Ва аҳли осмон ӯро дӯст мегиранд, баъд аз он дар рӯи замин мавриди қабул қарор мегирад».

**1358.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Малоика дар абр поён мешаванд ва он чиро, ки дар осмон тасмим гирифта шудааст, бозгӯ мекунанд, шаётин ба ин чизҳо гӯш дода, онро мешунаванд, сипас он хабарҳоро барои коҳинон мерасонанд ва коҳинон аз пеши худ садҳо

дурӯғро ба онҳо мебанданд,» (коҳин касест, ки иддиои ғайбгӯӣ ва хабар додан аз умури ояндаро дорад).

**1359.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар рӯзи ҷумъа малоикаҳо бар дарвозаҳои масҷид меистанд ва номҳои мардумонро ба тартибе (ки ба масҷид дохил мегарданд), аввал ба аввал менависанд ва ҳангоме, ки имом бар болои минбар нишаст, аврокро ҷамъ мекунанд ва меоянд ва хутбаро мешунаванд».

**1360.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои Ҳассон (р) гуфтаанд, ки «мушрикинро ҳаҷв кун ва Ҷабраил бо ту аст».

**1361.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бароящ гуфтанд: «Эй Оиша! Ин Ҷабраил аст, омадааст ва бар ту салом мегӯяд». Оиша (р) гуфт: Ва алайҳиссалому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Ва барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Шумо чизеро мебинед, ки ман намебинам.

**1362.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои Ҷабраил (алайҳиссалом) гуфтанд: «Оё намешавад ки назди мо бештар биёӣ?» Ва ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид, ки «Ва мо намеоем магар ба амри Парвардигори ту, гузашта ва ояндаи мо дар ихтиёри Ӯст».

**1363.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҷабраил (Қуръонро) бароям ба як қироат хонд ва ман аз вай ба таври мустамир талаби зиёдат намудам, то он, ки ба ҳафт қироат расид» (мурод аз ҳафт қироат ҳафт луғат аст, монанди луғати Қурайш, луғати Ҳузайл, луғати Ҳавозин, луғати Яман ва ғайра).

**1364.** Аз Яъло (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки дар болои минбар ояи «Ва нодав ё молику»-ро «Ва нодав ё моли» тиловат намуданд. (Молик номи хозини дӯзах аст).

**1365.** Ривоят аст, ки Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) аз эшон пурсид: Оё рӯзи сахтаре аз рӯзи ҷанги Уҳуд) бар сари шумо омадааст? Фармуданд: «Аз қавми ту ҳар чӣ, ки бар сарам омад, омад ва шадидтарин чизе, ки бар сарам омад, рӯзи Ақаба буд, (Ақаба номи минтақае дар Маккаи мукаррама аст ва Ҷамраи Ақаба дар Мино ҳам ба он нисбат дода мешавад), ки чун худро барои Ибни Абдуёлайл ибни Абдукилол муаррифӣ намудам, тавре ки мехостам, ҷавоби маро надод.

Дар ҳоли ғаму андӯҳ бидуни ирода ба тарафе равон шудам, вақте ки ба худ омадам, ки дидам дар Қарни саъолиб расидаам (ва Қарни Саъолиб ба номи Қарни манозил низ ёд мешавад, миқоти аҳли Наҷд аст) сарамро боло кардам, дидам, ки абре омада ва маро соя мекунад, чун назар кардам, дидам ки Ҷабраил бар болои он абр аст.

Маро садо зад ва гуфт: Худованд гуфтори ту ва радди қавли туро шунид ва фариштаеро, ки муваззафи кӯҳҳо аст, бароят фиристодааст, то тавре, ки дар бораи ин мардум мехоҳӣ, бароят амр намоӣ.

Фариштаи кӯҳҳо маро садо зад ва баъд аз он, ки бароям салом дод, гуфт: Эй Муҳаммад, ин чиз дар ихтиёри ту аст, агар бихоҳӣ, кӯҳи Абӯқубайс ва кӯҳи Қиқаонро бар болои онҳо фуруд меоварам. Абӯқубайс ва Қиқаон) ду кӯҳи калон ва машҳур дар Маккаи мукаррама аст). Паёмбари Худо (с) фармуданд: На, чунин макун, умедворам, ки Худованд аз насли инҳо касеро ба вуҷуд биёварад, ки танҳо Худоро ибодат кунад ва касеро ба Ӯ шарик наёварад.

**1366.** Аз Абдуллоҳ ибни Масуд (р) дар ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «**...Пас дар ҳоле, ки ба андозаи ду гӯшаи камон ва ё камтар аз он боқӣ монда буд. Дар ин ҳангом чизҳоеро барои бандаи худ ваҳй фармуд**». *(Наҷм: 10)* Ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) Ҷабраилро диданд, ки шашсад бол дорад.

**1367.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) дар ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «**Ва аз оёти бузурги Парвардигори худ дид**». *(Наҷм: 18)* Ривоят аст, ки (Паёмбари Худо (с) бисоти сабзеро диданд, ки аз уфуқ то уфуқи осмонро пӯшонидааст. (Лафзи ҳадис рафрафа аст ва рафрафа ба маънии фарш ва бисот аст, ки мешавад, фарш гӯянд, мурод аз он болҳои Ҷабраил (ъ) буд, ки сар то сари уфуқро гирифта буд).

**1368.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе, ки фикр мекунад, Паёмбари Худо (с) Парвардигорашонро дидаанд, дар амри бисёр бузурге ташаббус намудааст (ва ё бар Худованд тӯҳмати бузурге задааст), вале Ҷабраил (ъ)-ро ба сурати аслиаш дидаанд ва хилқати он таврест, ки уфуқро пӯшонда буд.

**1369.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте, ки шавҳар ҳамсарашро ба бистари худ металабад, агар ҳамсараш (бесабабе аз омадан ба бистари шавҳараш) ибо варзад ва шавҳараш аз вай озурдахотир бихобад, то вақти субҳ малоика он занро лаънат мекунад».

**1370.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Шаби меъроҷ Мӯсо (ъ)-ро дидам, ки ӯ шахсе буд гандумгун, дорои қади баланд ва мӯйҳои муҷаъъад, тавре, ки гӯё аз мардуми Шануа аст, (Шануа қабилаест аз қабоили Қаҳтон) ва Исо (ъ)-ро дидам, ки шахси миёнақаде аст ва рангаш бештар ба сӯи сурхӣ ва сафедӣ тамоюл дорад ва Молик нигаҳбони дӯзах ва Даҷҷолро дидам ва ин зимн ва алоиме буд, ки Худованд барои Паёмбари худ намоён сохт». (Худованди мутаъол мефармояд: «**Пас аз дидани Даҷҷол дар шак мабош**». *(Саҷда: 23)*

## БОБИ 6. Сифати биҳишт ва ин, ки феълан биҳишт мавҷуд аст

**1371.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳангоме, ки инсон мемирад, ҷойгоҳаш субҳу шом бароям нишон дода мешавад, агар аз аҳли биҳишт бошад, аз

биҳишт ва агар аз аҳли дӯзах бошад, аз дӯзах».

**1372.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аз биҳишт иттилоъ ёфтам ва дидам, ки бештари аҳли он аз фуқаро ҳастанд ва аз дӯзах иттилоъ ёфтам ва дидам, ки бештари аҳли он аз занҳо ҳастанд.

**1372.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: назди Паёмбари Худо (с) нишаста будам, фармуданд: «Ҳангоме, ки хоб будам, дар хоб дидам, ки дар биҳишт ҳастам ва дар он ҷо занеро дидам, ки дар канори қасре нишаста ва вузӯ месозад. Гуфтам: Ин қаср аз кист? Гуфт: Аз Умар ибни Хаттоб аст. Аз ғайраташ ёдам омад ва ба ақиб баргаштам». Умар (р) ба гиря афтод ва гуфт: «Ё Расулаллоҳ, магар дар мавриди шумо ҳам ғайрату рашк мекунам?»

**1374.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аввалин гурӯҳе, ки ба ҷаннат дохил мешавад, рӯи онҳо монанди моҳи шаби чаҳордаҳ медурахшад, инҳо дар биҳишт на оби даҳони худро меандозанд ва на оби бинии худро ва на ҳам қазои ҳоҷат мекунанд.

Зарфҳои онҳо аз тилло ва шонаҳои онҳо аз тилло ва нукра ва дар маҷмарҳои онҳо уд мебошад ва араќи онҳо (дар хушбӯӣ) монанди мушк аст, барои ҳар кадоме аз онҳо ду ҳамсар аст, ки аз зебоӣ ва назокат мағзи соқи пойи онҳо аз болои гӯшт дида мешавад, бо ҳам ихтилоф ва кинатӯзӣ надоранд ва дилҳояшон дили як шахс аст ва субҳу шом тасбеҳи Худованди мутаъолро мегӯянд».

**1375.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ва касоне, ки аз ақиби онҳо ба ҷаннат дохил мешаванд, монанди ситораи бисёр равшанеанд, дилҳои онҳо дили як шахсе аст, кинатӯзӣ ва ихтилофе дар байни онҳо нест, барои ҳар кадоме аз он ду ҳамсар аст, ки аз зебоӣ ва назокат мағзи соқи пойи онҳо аз болои гӯшт дида мешавад, субҳу шом тасбеҳи Худованди мутаъолро мегӯянд, мариз намегарданд ва оби бинии худро намеандозанд».

**1376.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аз уммати ман ҳафтод ҳазор ё ҳафтсад ҳазор нафар (ба биҳишт) дохил мешаванд ва то вақте, ки охирин фарди онҳо дохил нагардад, аввалин фарди онҳо дохил намегардад, (зеро ҳамагӣ дар як вақт ба ҷаннат дохил мешаванд ва касе мунтазири дохил шудани каси дигаре намегардад, рӯи онҳо монанди моҳи шаби чаҳордаҳ аст».

**1377.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) қабоеро, ки қумошаш аз сундус буд, бахшиш доданд, (сундус навъе аз абрешим аст) ва Паёмбари Худо (с) аз пӯшидани либоси ҳарир наҳӣ мекарданд, ин қабо мавриди писанди мардум воқеъ гардид. фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад (с) дар дасти ӯст, дастмолҳои Саъд ибни Маъоз дар ҷаннат аз ин қабо беҳтар аст».

**1378.** Ва аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармудаанд: «Дар ҷаннат дарахте аст, ки шахси савора сад сол дар сояи он роҳ меравад ва ҳанӯз ба охири он намерасад».

**1379.** Ва аз Абӯҳурайра (р) низ чунин ривоят гардида ва гуфтааст: «Агар мехоҳед, ин ояи каримаро тиловат кунед «**... ва сояи дароз ва густурда»**. *(Воқиа: 30)*

**1380.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аҳли ҷаннат касонеро, ки дар фавқашон дар ғурфаҳо мебошанд, тавре мебинанд, ки шумо ситораи дурахшонеро, ки дар осмон аз тарафи машриқ ба тарафи мағриб дар ҳоли ҳаракат аст, мебинед ва ин ба сабаби бартари иддае бар иддаи дигар аст».

Мардум гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Оё ин манзалат хос барои анбиё аст ва барои дигарон намерасад? Фармуданд: «На, чунин нест (яъне хос барои анбиё нест ва ё он ки барои анбиё (ъ) ғурфаҳои беҳтар аз ин ғурфаҳо аст), савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ин чизҳо барои ашхосе аст, ки ба Худо имон овардаанд ва Паёмбаронро тасдиқ кардаанд».

## БОБИ 7. Сифати дӯзах ва ин, ки дӯзах феълан мавҷуд аст

**1381.** Аз Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Таб аз гармии дӯзах аст, (гармии табро) бо об сард созед».

**1382.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оташи шумо як ҷузъе аз ҳафтод ҷузъи оташи дӯзах аст». Гуфтанд: «Ҳамин оташи дунё ҳам барои таъзиб кофист». Фармуданд: «Оташи дӯзах (дар ҳарорат ва сӯзандагии худ) бар оташи дунё шасту нӯҳ мартаба бартарӣ дорад, ҳар мартабаи он дар гармии худ монанди оташи дунё аст».

**1383.** Аз Усома (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Дар рӯзи қиёмат шахсеро оварда ва ба дӯзах меандозанд, он чи ки дар шикам дорад (мисли рӯда, қалб, ҷигар ва ғайра, аз мақъад хориҷ мегардад ва дар оташ мерезад ва худаш монанди харе, ки ба гирди мехи худ мегардад, ба даври худ мегардад, аҳли дӯзах наздаш омада ва аз вай мепурсанд: Магар ту набудӣ, ки моро ба кори нек амр мекардӣ ва аз кори бад монеъ мешудӣ? (Яъне амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар мекардӣ). Мегӯяд: Шуморо ба кори нек амр мекардам, вале худам онро анҷом намедодам ва шуморо аз кори бад манъ мекардам, вале худам онро муртакиб мегардидам».

## БОБИ 8. Сифати иблис ва лашкариёнаш

**1384.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро сеҳр карданд, то ҷое, ки ба хаёлашон меомад, ки фалон корро анҷом додаанд, дар ҳоле, ки он корро анҷом надода буданд, то он, ки дар яке

аз рӯзҳо ба таври мукаррар дуо намуданд ва баъд аз он (аз ман) пурсиданд: «Оё мутаваҷҷеҳ шудӣ, ки Худованд шифои маро бароям нишон дод, ду нафар (яъне Ҷабраил ва Микоил) наздам омаданд, яке бар болои сар ва дигаре дар поёни поям нишаст, яке (ки Микоил бошад) аз дигаре (ки Ҷабраил бошад) пурсид: Дарди ин шахс аз чист? Дуввумӣ гуфт: Сеҳр шудааст. Пурсид: Кӣ ӯро сеҳр кардааст? Гуфт: Лабид ибни Аъсам. Пурсид: Дар чӣ чиз ӯро сеҳр кардааст? Гуфт: Дар шона ва дар мӯе, ки дар дохили шона мемонад ва дар ғилофи шукуфаи хурмои нар. Пурсид: Он ҷоду феълан дар куҷо аст? Гуфт: Дар чоҳи Зарвон. Паёмбари Худо (с) ба тарафи он чоҳ рафтанд ва баргаштанд ва ба Оиша (р) гуфтанд: «Дарахтҳои хурмое, ки аз он чоҳ об мехӯрд, монанди сари шайтон аст (яъне бисёр бадшакл аст). (Оиша (р) мегӯяд:) пурсидам: Оё он чизҳоро берун кардед? Фармуданд: «На! Зеро Худованд маро шифо дод ва тарсидам, ки берун кардани он чизҳо сабаби зарар барои мардум шавад, сипас он чоҳ вайрон шуд».

**1385.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шайтон назди шумо меояд ва мегӯяд: Ин чизро кӣ халқ кардааст? Ва боз он чизро кӣ халқ кардааст? (Ва ин саволҳоро) то ҷое мерасонад, ки мепурсад: Парвардигори туро кӣ халқ кардааст? (Васвасаи шахс) чун ба ин марҳила расид, ба Худо паноҳ биҷӯяд ва иктифо намояд». (Ва дар ривояти дигаре омадааст, ки бигӯяд: Аъузубиллоҳ. Ва ё бигӯяд: Оманту биллоҳ. Ва ё бигӯяд: Аллоҳу аҳад, Аллоҳу самад.)

**1386.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидем, ки ба тарафи машриқ ишора намуда ва фармуданд: «Бидонед, ки фитна дар инҷост, фитна дар ин ҷост, аз ҳамин ҷост, ки фитнаи шайтон буруз менамояд».

**1387.** Аз Ҷобир (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Вақте, ки шаб торик шуд, ё вақте, ки торикии шаб омад (шак аз ровист ва ҳар ду иборат бо ихтилофи лафз дорои як маънӣ аст), атфоли худро аз рафтан ба ин тарафу он тараф монеъ шавед, зеро шаётин дар ин вақт пароканда мешаванд ва чун як соате аз хуфтан гузашт, онҳоро ба хона биёваред (лафзи ҳадис дар як ривоят (фаҳаллуҳум) мебошад, ки маънояш ҷамъ кардан ва овардан ба хона аст ва дар ривояти дигарӣ лафзи (фахаллуҳум) омадааст ва маънояш ин мешавад, ки барои онҳо иҷозаи берун шудан бидиҳед. Албатта ривояти аввал дар ин мақом муносибтар аст) ва бисмиллоҳ бигӯй ва дарвозаи хонаи худро бибанд ва бисмиллоҳ бигӯй ва чароғи хонаи худро хомӯш кун ва бисмиллоҳ бигӯй ва зарфи оби худро баста кун ва бисмиллоҳ бигӯй ва рӯи зарфи худро бипӯш, агарчи пӯшондани зарф ба чизи андаке бошад».

**1388.** Аз Сулаймон ибни Сурад (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) нишаста будам, ки ду нафар якдигарро дашном медоданд, яке аз онҳо рангаш сурх гардида буд ва рагҳои гарданаш

бархоста буд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман чизеро ёд дорам, ки агар ин шахс бихонад, ин ҳолатеро, ки дар худ эҳсос мекунад, аз вай дур мешавад, агар бигӯяд: «Аъузу биллоҳи мина-шайтони-р-раҷим». Ҳамаи он чиро, ки дар худ эҳсос мекунад, аз байн меравад. Чун барояш гуфтанд, ки Паёмбари Худо (с) мегӯянд, ки аз шайтон ба Худо паноҳ биҷӯй, гуфт: Магар ман девона шудаам? (Ин шахс ин суханро аз ин ҷиҳат гуфт, ки фикр мекард, ки паноҳ бурдан аз шайтон хос барои ҷунун аст ва намедонист, ки паноҳ бурдан аз шайтон ғазабро низ хомӯш месозад).

**1389.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Хамёза кашидан аз шайтон аст, агар касеро хамёза омад, то метавонад, онро дафъ намояд, зеро вақте, ки даҳонашро боз мекунад ва (ҳо) мегӯяд шайтон механдад (қобили тазаккур аст, ки паёмбарон хамёза намекашиданд).

**1390.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дидани хоби нек аз тарафи Худованд ва дидани хоби парешон аз тарафи шайтон аст, агар касе хоби парешоне дид, ба тарафи чапаш туф кунад ва аз шайтон ба Худо паноҳ биҷӯяд (яъне: «Аъузу биллоҳи минаш-шайтони-р-раҷим» бигӯяд), зеро дар ин сурат зараре бар вай расонда наметавонад».

**1391.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Вақте касе аз хоб бармехезад, вузӯ бисозад ва се бор истиншоқ намояд (истиншоқ иборат аз он аст, ки обро дар бинӣ дохил намуда ва ба шиддат хориҷ созад, то ифлосии дохили бинӣ пок гардад), зеро шайтон дар биниаш мехобад».

## БОБИ 9. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «...ва дар рӯи замин ҳар хазандаеро пароканда сохтааст» *(Луқмон: 10)*

**1392.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки бар болои минбар мегуфтанд: «Морҳоро бикушед, морҳои хатдор (ва он море аст, ки дар пушти худ ду хати сафед дорад) ва морҳои думкӯтоҳро, зеро ин ду навъ мор нури чашмро мебаранд ва сабаби афтодани ҷанин мегарданд».

Абдуллоҳ (ибни Умар) мегӯяд: Ҳангоме, ки мореро таъқиб мекардам, то бикушам, Абӯлубоба маро садо зад ва гуфт: Ӯро макуш. Гуфтам: Паёмбари Худо (с) ба куштани морҳо амр фармуданд. Гуфт: Вале баъд аз он аз куштани морҳои хонагӣ манъ намуданд ва инҳо ҳамон ҷинҳое ҳастанд, ки дар хонаҳо зиндагӣ мекунанд ва ба номи Авомир ёд мешаванд (ва ин навъи морҳоро аз ин ҷиҳат Авомир мегӯянд, ки умри зиёд мебинанд).

## БОБИ 10. Беҳтарин моли мусалмон гӯсфандоне аст, ки онҳоро бар сари кӯҳҳо мечаронад

**1393.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Асоси куфр ба тарафи машриқ аст ва фахр ва такаббур дар соҳибони асп ва шутур ва баландии овоз дар соҳибони говҳои зироатӣ ва оромӣ дар соҳибони гӯсфанд».

**1394.** Аз Укба ибни Амр Абӯмасъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба дасти худ ба тарафи Яман ишора намуда ва фармуданд: «Имон аз аҳли Яман ва қасовату сангдилӣ ва сахтдилӣ аз соҳибони гов ва аз соҳибони шутур аст ва аз минтақаи Рабиъа ва Музара аст, ки ҳамкорони шайтон буруз мекунанд».

**1395.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вақте, ки бонги хурӯсҳоро шунидед, аз Худованди мутаъол фазл ва меҳрубониашро талаб намоед, зеро ӯ фариштаеро дидааст ва агар овози харро шунидед, аз шайтон ба Худо паноҳ бубаред, зеро ӯ шайтонеро дидааст».

**1396.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Гурӯҳе аз Бани Исроил мафқуд гардидаанд ва дониста нашуд, ки чӣ шудаанд? Ва ман фикр мекунам, ки онҳо ҷуз ҳамин мушҳо чизи дигаре нестанд ва аз ҳамин сабаб аст, ки муш шири шутурро намехӯрад ва шири гӯсфандро мехӯрад». Ин суханро барои Каъб (р) гуфтам, ӯ гуфт: Ту худат шунидӣ, ки Паёмбари Худо (с) чунин мегуфтанд? Гуфтам: Бале! Чандин бор ин саволро аз ман кард, то билохира ба ҷавобаш гуфтам: Магар ман Таврот мехонам?

## БОБИ 11. Агар магас дар нӯшидании шумо афтод, ӯро ғӯта диҳед, зеро дар як болаш мараз ва дар боли дигараш шифо аст

**1397.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар магас дар нӯшидании шумо афтод, ӯро ғӯта диҳед, сипас онро берун оваред, зеро дар як болаш мараз ва дар боли дигараш шифо аст».

**1398.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Барои зани фоҳишае омурзида шуд (ва сабаби омурзиданаш он буд, ки) он зан саги ташнаеро бар сари чоҳе дид, ки аз ташнагӣ наздик ба ҳалокат аст, кафши худро баровард ва ба чодараш баст ва (аз он чоҳ) барои он саг об дод, ба ин сабаб мавриди омурзиш қарор гирифт».

# - 55 -
# КИТОБИ АХБОРИ АНБИЁ (Ъ)

## БОБИ 1. Хилқати одам ва зуррияи он

**1399.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳангоме, ки Худованди мутаъол Одамро халқ кард, тӯлаш шаст зироъ буд, баъд аз он барояш гуфт: Бирав ва барои ин гурӯҳ аз малоика салом бидеҳ! Ва бишунав, ки ҷавоби саломи туро чӣ мегӯянд? Ва чизе, ки мегӯянд, таҳияи ту ва зуррияи ту хоҳад буд. Одам (ъ) рафт ва бар малоика салом дод ва гуфт: Ассалому алайкум. Онҳо гуфтанд: Ассалому алайка ва раҳматуллоҳ. Ва онҳо «ва раҳматуллоҳ»-ро зиёд карданд». Ва (Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳар касе ба биҳишт дохил мешавад, ба шакли аввали Одам (ъ) дохил мешавад ва халоиқ то ҳоло хурд шуда рафтаанд».

**1400.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: ба Абдуллоҳ ибни Салом (р) аз омадани Паёмбари Худо (с) ба Мадинаи мунаввара хабар расид, наздашон омад ва гуфт: Ман се чизеро, ки ба ҷуз аз Паёмбар каси дигаре намедонад, аз шумо мепурсам: Аввалин аломати қиёмат чист? Ва аввалин таъомро, ки аҳли биҳишт мехӯранд, кадом аст? Ва чӣ чиз сабаби шабоҳати тифл бо падараш ва чӣ чиз сабаби шабоҳати тифл ба тағоиҳояш мешавад? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳамин алъон Ҷабраил (ъ) аз ин чизҳо бароям хабар дод».

Анас (р) мегӯяд, ки Абдуллоҳ ибни Салом (р) гуфт, ки аз байни малоика душмани қавми яҳуд ҳамин малак аст (ва яҳуд аз ин ҷиҳат Ҷабраил (ъ)-ро душмани худ медонистанд, ки аҳкоми Худоро нозил мекард ва сабаби мукаллафияти онҳо дар анҷом додани он аҳком мегардид).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аввалин аломати қиёмат оташе аст, ки мардумро аз тарафи машриқ ба тарафи мағриб меронад ва аввалин таомеро, ки аҳли биҳишт мехӯранд, ҷигаргӯшаи моҳӣ аст ва сабаби шабоҳати тифл он аст, ки дар вақти ҷимоъ кардани шахсе бо занаш агар оби мард сабқат намояд, тифл ҳамранги падар ва агар оби зан сабқат намояд, тифл шабеҳи модар мешавад».

Абдулло гуфт: «Гувоҳӣ медиҳам, ки ту Паёмбари Худо (с) ҳастӣ. Баъд аз он гуфт: Ё Расулаллоҳ! Яҳуд мардуми бӯҳтонгаре ҳастанд, агар аз мусулмон шуданам, пеш аз ин, ки аз онҳо (дар бораи ман савол намоед) хабар шаванд, бар ман дар назди худатон тӯҳмат хоҳанд зад.

Ҳамон буд, ки яҳуд омаданд ва Абдуллоҳ дар (гӯшае) дохил гардида ва пинҳон шуд. Паёмбари Худо (с) аз мардуми яҳуд пурсиданд: «Абдуллоҳ ибни Салом дар байни шумо чӣ гуна шахсиятест?»

Гуфтанд: «Донотарини моён ва фарзанди донотарини моён аст, беҳтарини моён ва фарзанди беҳтарини моён аст. Боз Паёмбари Худо (с) пурсиданд: «Агар Абдуллоҳ ибни Салом мусалмон шавад, чӣ мегӯед?» Гуфтанд: Худованд ӯро аз ин чиз ҳифз намояд! Ва дар ин вақт Абдуллоҳ аз хонае, ки дар он пинҳон шуда буд, наздашон омада ва гуфт: Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ. Гуфтанд: Ӯ бадтарини моён ва фарзанди бадтарини моён аст. Ва ӯро дашном доданд.

**1401.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар Бани Исроил намебуд, гӯшт фосид намешуд ва агар Ҳавво (ҳамсари Одам (ъ) намебуд, ҳеҷ зане ба шавҳараш хиёнат намекард».

**1402.** Аз Анас (р) ба нақл аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованди мутаъол барои яке аз дӯзахиён, ки азобаш аз ҳама хафифтар аст (гӯянд, ин шахс Абӯтолиб аст, зеро азоби вай аз ҳамаи дӯзахиён камтар аст), мегӯяд: Агар тамоми он чӣ, ки дар рӯи замин аст, аз ту мебуд, ҷиҳати халосии худ медодӣ?

Мегӯяд: Бале (медодам). Худованди мутаъол мегӯяд: Ман аз ту ҳангоме, ки ҳанӯз дар пушти Одам будӣ, чизи бисёр камтаре мутолиба намудам ва он ин буд, ки ба ман ширк наоварӣ, вале ту ҷуз ширк овардан дигар чизеро қабул накардӣ». (Мурод аз ширк мутлақ кофар шудан ба Худост, хоҳ аз тариқи ширк бошад ва хоҳ аз тариқи инкори асли улуҳият ва ё ба ҳар тариқи дигаре).

**1403.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳеҷ касе нест, ки ба ғайри ҳақ кушта шавад, магар он, ки бар фарзанди аввали Одам (ъ) аз он қатл гуноҳе аст, зеро ӯ аввалин касе буд, ки куштани ба ғайри ҳақро ривоҷ дод».

## БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: «Дар мавриди Зулқарнайн аз ту суол мекунанд, бигӯ ки...» *(Каҳф: 83-84)*

**1404.** Аз Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) саросема наздаш омада ва гуфтанд: «Ло илоҳа иллаллоҳ, эй вой бар қавми араб аз бадбахтие, ки наздик аст домангири онҳо шавад. Имрӯз аз садде, ки муқобили Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ қарор дорад, ин андоза кушода шудааст». Ва барои таъин намудани он андозае, ки кушода шудааст, ангушти шаҳодатро ҳалқа карданд ва ба сарангуште, ки дар паҳлӯи ангушти шаҳодат қарор дорад, расонданд. Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) мегӯяд: пурсидам: Ё Расулаллоҳ! Оё дар ҳоле, ки мардуми солеҳ ва некӯкоре дар байни мо вуҷуд доранд, ҳалок хоҳем шуд? Фармуданд: «Бале! Дар сурате, ки фисқу фуҷур зиёд шавад».

**1405.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованди мутаъол (Одам (ъ)-ро мухотаб қарор дода ва мегӯяд: Эй Одам! Одам мегӯяд: «Лаббайка ва саъдайка, валхайру фи ядайка» (ва истеъмоли ин калимот барои ниҳояти омодагӣ ва ҳузур дар хидмат аст). Худованди мутаъол мегӯяд: Дӯзахиёнро (аз байни мардум) берун кун. Мегӯяд: Дӯзахиён чӣ миқдор ҳастанд? Мефармояд: Аз ҳар ҳазор нафаре нӯҳсаду наваду нӯҳ нафар ва дар ин ҷост, ки тифл пир мегардад ва ҳар зани ҳомила сиқти ҷанин мекунад ва инсон гумон мекунад, ки ҳамаи мардумон маст ҳастанд ва ҳол он, ки онҳо маст нестанд, балки сабаби он шиддати азоби Худост».

Пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Аз байни моён он як нафар кист? Фармуданд: «Барои шумо башорат бод, ки аз Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ҳазор нафар ва аз шумо ҳамон як нафар аст». Баъд аз он фармуданд: «Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ман умедворам, ки шумоён чаҳорум ҳиссаи аҳли ҷаннат бошед». Гуфтем: Аллоҳу акбар. Эшон фармуданд: «Умедворам, ки саввуми ҳиссаи аҳли ҷаннат бошед». Гуфтем: Аллоҳу акбар. Эшон фармуданд: «Умедворам, ки шумо нисфи аҳли ҷаннат бошед».

Гуфтем Аллоҳу Акбар. Фармуданд: «Шумо нисбат ба дигар мардумон бештар аз як мӯйи сиёҳ дар пӯсти як гови сафед нестед ва ё бештар аз як мӯйи сафед дар пӯсти як гови сиёҳ нестед» (ва ин камии адад нисбат ба дигарон дар майдони маҳшар аст, варна дар биҳишт ними касоне, ки дар он ҷо мебошанд, бинобар он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳамин ҳадис фармуданд, аз уммати Муҳаммад (с) мебошанд).

## БОБИ 3

**1406.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Шумо дар ҳолате ҳашр мегардед, ки пой ва ҷисми шумо бараҳна мебошад ва бидуни хатна ҳастед». Баъд аз он ин ояи каримаро тиловат намуданд: **«Ба ҳамон шакле, ки мардумонро бори аввал халқ намудаем, ба ҳамон шакл онҳоро (баъд аз марг) зинда хоҳем кард ва ин ваъдаи мост ва мо ин корро хоҳем кард».** *(Анбиё: 104)*

Ва аввалин касе, ки дар рӯзи қиёмат пӯшонда мешавад, Иброҳим (ъ) аст ва мардумоне аз саҳобаи ман ба тарафи чап кашонда мешаванд (яъне ба тарафи дӯзах бурда мешаванд). Мегӯям: Инҳо саҳобаҳои ман ҳастанд. Гуфта мешавад: Аз рӯзе, ки аз онҳо муфорақат намудӣ, ба ақиб раҷъат намуданд (яъне ба куфр баргаштанд). Ва ман чизеро мегӯям, ки бандаи солеҳ Исо ибни Марям (ъ) гуфт: **«То вақте, ки дар байни онҳо будам, нигаҳбонашон будам ва чун маро аз байни онҳо гирифтӣ, ту худат бар онҳо нигаҳбон будӣ. Агар онҳоро азоб мекунӣ, бандагонат ҳастанд ва агар онҳоро меомурзӣ, пас худат бар ҳамаи чиз**

ғолиб ва боҳикмат ҳастӣ». *(Моида: 112)* (Гӯянд инҳоеро, ки ба тарафи дӯзах мебаранд, касоне аз аъроби бодиянишин буданд, ба Паёмбари Худо (с) имон оварда буданд ва баъд аз вафоти Паёмбари Худо (с) дубора муртад шуда, аз дин баргаштанд).

**1407.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Иброҳим (ъ) падари худ (Озар)-ро дар рӯзи қиёмат дар ҳоле, ки рӯяш қирандуд ва ғуборолуд аст, мулоқот мекунад, Иброҳим (ъ) барояш мегӯяд: Магар ба ту нагуфта будам, ки аз ман мухолифат макун?

Падараш мегӯяд: Имрӯз аз фармонат сарпечӣ намекунам. Иброҳим (ъ) мегӯяд: Илоҳо! Ту бароям ваъда карда будӣ, ки дар рӯзи растохез маро хору залил намегардонӣ ва кадом зиллат ва хорӣ бадтар аз ин аст, ки падарам аз раҳмати ту дур бошад. Худованд барояш мегӯяд: Ман ҷаннатро бар кофарон ҳаром гардонидаам.

Баъд аз он гуфта мешавад, ки эй Иброҳим! Дар зери пойи ту чист? Чун назар мекунад, кафтари гилолуд ва ифлосеро мушоҳида мекунад (ва ин кафтор Озар аст, ки ба ин шакл масх шудааст) ва ҳамон аст, ки аз даст ва пойи он кафтор мегиранд ва ӯро дар дӯзах меандозанд».

**1408.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: мардуме гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Беҳтарини мардумон киёнанд? Фармуданд: «Ботақвотарини онҳо». Гуфтанд: Аз ин чиз напурсидем. Фармуданд: «Пас Юсуф Набиюллоҳ, Ибни Набиюллоҳ, Ибни Набиюллоҳ, Ибни Халилуллоҳ аст». Гуфтанд: Аз ин чиз напурсидем. Фармуданд: «Пас аз асли араб мепурсед? Беҳтарини онҳо дар ислом, беҳтарини онҳо дар ҷоҳилият ҳастанд, агар масоили динро биомӯзанд».

**1409.** Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шаби гузашта ду нафар наздам омаданд ва бо ҳам назди шахси баландқомате, ки наздик буд, аз дарозқоматӣ сарашро дида натавонам, рафтем ва ӯ Иброҳим (ъ) буд».

**1410.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар меҳоҳед шамоили» Иброҳим (ъ)-ро бидонед, ба тарафи ман нигоҳ кунед ва ҳар чӣ, ки Мӯсо (ъ) аст, мӯйҳояш муҷаъъад ва рангаш гандумгун аст ва болои шутури сурхе, ки ба ресмоне маҳор шудааст, савор аст, гӯё ҳамин ҳоло ба тарафаш назар мекунам, ки (савор бар шутур) ба тарафи дашт равон аст».

**1411.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Иброҳим (р) дар синни ҳаштодсолагӣ бо теша худро хатна намуд. (Иброҳим (ъ) баъд аз хатна кардан, тибқи ривоёти мухталиф, байни 80 то 110 соли дигар умр дид).

**1412.** Такрори ҳадиси гузашта аст, бо ихтилофе дар таъбир аз (теша) дар арабӣ, ки дар ривояти аввалӣ ба (қаддум) ва дар ривояти дуввумӣ ба (қадум) таъбир шудааст.

**1413.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Иброҳим (ъ) ба ҷуз се бор дурӯғ нагуфтаанд, ду дурӯғе аз

он аз се дурӯғ хос ба ҷиҳати Худо буд: (аввалин дурӯғаш ин буд, ки) гуфт: (ман мариз ҳастам), (ва ин суханро вақте гуфт, ки қавми Иброҳим (ъ) аз вай хостанд, ки бо онҳо ба бутхона биравад, вале чун ӯ мехост, ки танҳо ба бутхона биравад ва бутҳоро бишиканад, гуфт, ки ман мариз ҳастам).

(Ва дуввумин дурӯғаш ин буд), ки гуфт: (Балки ин корро бути калон кардааст. (Ва ин суханро вақте гуфт, ки тамоми бутҳои бутхонаро шикаст ва бути калонро ба ҳолаш гузошт ва табареро, ки бо он бутҳоро шикаста буд, бар гардани ҳамон бут овехт ва чун бутпарастон Иброҳим (ъ)-ро ба шикастани бутҳо муттаҳам карданд, гуфт: Бутҳоро бути калон шикастааст).

(Ва саввумин дурӯғаш он буд, ки) «рӯзе дар ҳоле, ки бо Соро сафар мекард, ба яке аз тавоғит расид, барои он тоғут хабар доданд, ки ин ҷо шахсе аст, ки зеботарин зани ҷаҳон ҳамроҳи ӯ аст, шахсеро ба ақибаш фиристод ва аз вай пурсид: Ин зан кист? Гуфт: Хоҳари ман аст. Ва назди Соро омад ва гуфт»... (Ва бақияи ҳадис ба шумораи 1043 қаблан гузашт ва албатта ғарази Иброҳим (ъ) аз ин дурӯғҳо хидмат ба дин ва иҷрои авомири илоҳӣ буд, аз ин ҷиҳат бар вай муохаза нест).

**1414.** Ҳадиси (Умми Шарик (р) дар бораи ин, ки Паёмбари Худо (с) ба куштани чалпоса амр намуданд, қаблан гузашт ва дар ин ривоят ин ҳам омадааст, ки «ва ҳамин чалпоса буд, ки бар оташи Иброҳим (ъ) пуф мекард».

**1415.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Аввалин боре, ки занҳо пешбанд истеъмол карданд (пешбанд ҷомаи лунгимонанде аст, ки занҳо ҳангоми кор кардан рӯи дигар ҷомаҳои худ мепӯшанд), ба пайравӣ аз модари Исмоил (ъ) буд, зеро ӯ лунгӣ пӯшида буд, то ради пойи худро аз (Соро) пинҳон дорад.

Баъд аз он Иброҳим (ъ) ҳамсар ва фарзандаш Исмоил (ъ)-ро дар ҳоле, ки ҳанӯз ӯро шир медод, овард ва наздики хонаи Каъба зери дарахти бузурге дар канори Зам-зам, дар қисмати болои масҷид гузошт ва ин дар вақте буд, ки ҳеҷ кас дар Макка набуд ва обе дар он сарзамин вуҷуд надошт. Онҳоро он ҷо гузошт ва кисае аз хурмо ва машкулаи оберо назди онҳо гузошт ва худаш баргашт, модари Исмоил (ъ) (яъне Ҳоҷар) ба дунболаш давид ва гуфт: Куҷо меравӣ ва моро дар ин даште, ки на инсоне аст ва на чизе, танҳо мегузорӣ? Ва ин суханро чандин бор такрор намуд, вале Иброҳим (ъ) ба ӯ илтифоте намекард, билохира модари Исмоил (ъ) барояш гуфт: Магар Худованди мутаъол туро ба ин кор амр фармудааст? Гуфт: Бале. Модари Исмоил (ъ) гуфт: Пас моро зоеъ нахоҳад сохт. (Инро гуфт) ва баргашт.

Иброҳим (ъ) ба роҳаш идома дод, то ба болои пуштае расид, ки дигар онҳоро намедид, дар ин вақт рӯяшро ба тарафи қибла кард ва дар ҳоле, ки дастҳояшро боло карда буд, чунин дуо намуд: **«Парвардигоро! Аҳлу авлодамро дар дашти бе кишту коре дар назди**

**хонаи ту, ки боҳурмат аст, ҷой додам. Парвардигоро! То ин, ки намозро бар по доранд, пас дили иддае аз мардумонро ба сӯи онҳо гаравида бисоз ва онҳоро аз анвоъи меваҳо ризқу рӯзӣ бидеҳ, шояд эшон шукргузорӣ намоянд».** *(Иброҳим: 37)*

Модари Исмоил (ъ) фарзандашро шир дод ва аз он обе, ки (Иброҳим (ъ) наздаш гузошта буд, менӯшид, то он, ки билохира он об халос шуд. Худаш ва фарзандаш ҳар ду ташна шуданд, то ҷое, ки он тифл аз ташнагӣ ба худ мепечид. Чун Ҳоҷар тоқати диданашро ба он ҳолат надошт, аз наздаш дур гардид, наздиктарин кӯҳеро, ки дид, кӯҳи Сафо буд. Бар болои он кӯҳ боло шуд ва ба тарафи дашт назар андохт, ки шояд кадом касеро бубинад, вале касеро надид, баъд аз он аз Сафо поён шуд, то ба дашт расид. Сипас гӯшаи пироҳанашро гирифт ва монанди инсоне, ки ба шиддат медавад, давид, то он, ки ҳамвории даштро паймуд ва ба кӯҳи Марва расид, бар болои Марва баромаданд ва ба тарафи дашт нигоҳ кард, ки шояд кадом касеро бубинад, вале касеро надид ва ин амалро ҳафт бор анҷом дод. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ва ин ҳамон саъйе аст, ки байни Сафо ва Марва анҷом мегирад».

Чун барои (бори охир) бар болои Марва боло шуд, овозеро шунид, ба худаш гуфт, ки сокит бош! Боз гӯш дод ва ҳамон овозро шунид ва гуфт: Овозатро шунавондӣ, агар кӯмаке карда метавонӣ, барои мо кӯмак кун! Дар ин вақт буд, ки малакеро дар наздики Замзам мушоҳида намуд, ки бо пойи худ ё бо боли худ чизеро ҷустуҷӯ мекунад ва ҳамон буд, ки об намоён гардид. Модари Исмоил (ъ) обро дар ҳавз (ки бо дасти худ аз хок ва рег месохт) ҷамъ мекард ва ба дасти худ мекӯфт, ки обро ҳамин гуна нигоҳ дор ва чун аз об бо дасти худ бармедошт ва дар машк мерехт, медид, ки об фаварон мекунад.

Ибни Аббос (р) мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд модари Исмоил (ъ)-ро раҳмат кунад, агар Замзамро ба ҳолаш мегузошт (ва ё фармуданд: агар ба даст барнадоштӣ), Замзам чашмаи оби равоне мешуд».

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Модари Исмоил (ъ) аз он об ошомид ва фарзандашро шир дод ва малак барояш гуфт: Аз ҳалокат ва зоеъ шудан матарс, зеро ин ҷо хонаи Худост, ин тифл бо падараш ин хонаро обод хоҳанд кард. Ва Худованд аҳл ва авлоди ӯро зоеъ нахоҳад кард ва хона аз замин ба монанди баландие, ки онро сел зада ва об аз ҷапу росташ чизеро бурда бошад, баланд буд.

Ва Ҳоҷар ба ҳамин зиндагии худ, ки аз он об менӯшид ва фарзандашро шир медод, идома медод, то вақте, ки мардуме ва ё хонаводае аз қабилаи Ҷурҳум аз роҳи Кадо омаданд ва дар қисмати поёни Макка маскан гузиданд. Мардуми қабилаи Ҷурҳум дар он ҷо паррандаеро мушоҳида карданд, ки сахт дар ҷустуҷӯи об аст, бо худ гуфтанд: Ин парранда ба гирди об мегардад ва агарчӣ мо ин дашт ва

сарзаминро хуб мешиносем, вале оберо дар он суроғ надорем. Бо ин ҳам як ё ду нафарро фиристоданд, то барои онҳо (аз вуҷуди об) хабар биёваранд. Онҳо ба сурати ғайри чашмдошт дар он ҷо обро диданд ва баргаштанд ва аз вуҷуди об хабар доданд, ҳамагӣ ба канори об омаданд.

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Модари Исмоил (ъ) дар канори об нишаста буд, барояш гуфтанд: Оё барои мо иҷоза медиҳӣ, ки дар наздикат маскан гузинем? Гуфт: Бале, вале барои шумо аз ин об ҳақе нест. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Он мардум модари Исмоилро (ъ) диданд, ки унс ва улфатро дӯст медорад. Ва ҳамон буд, ки дар он ҷо истиқомат гузиданд ва ашхосеро ба талаби хонаводаҳои худ фиристоданд. Хонаводаҳои онҳо низ омаданд ва дар он ҷо маскан гузиданд, то он, ки дар он ҷо чанд оилае ба вуҷуд омад. Он тифл, ки Исмоил (ъ) аст) бузург гардид ва арабиро аз онҳо омӯхт ва ҳангоме он тифл калон шуд, зеботарин ва хубтарини онҳо буд. Чун ба синни булуғ расид, мардуми Ҷурҳум яке аз духтарони худро барои ӯ ба никоҳ доданд (исми ин духтар Амора бинти Саъд ибни Усома буд).

Баъд аз ин, ки Исмоил (ъ) издивоҷ намуд, модараш вафот ёфт ва Иброҳим (ъ) барои хабаргирӣ аз онҳо ба он ҷо омад. Исмоил (ъ)-ро надид ва аз ҳамсараш суроғи ӯро пурсид, ҳамсараш гуфт, ки вай ба талаби ризқу рӯзӣ баромадааст. Иброҳим (ъ) аз чигунагии маъишати онҳо пурсид, гуфт: Дар ҳоли факр ва бечорагӣ зиндагонӣ мекунем. Ва аз ин ҳолат дар назди Иброҳим (ъ) шикоят намуд. Иброҳим (ъ) ба он зан гуфт: Чун шавҳарат омад, бар вай салом бигӯ ва барояш бигӯ, ки остонаи дарвозаашро тағйир диҳад.

Чун Исмоил (ъ) омад, гӯё чизеро эҳсос намуд ва пурсид: Кадом кас омада буд? Ҳамсараш гуфт: Бале, пирмарде бо чунин мушаххасоте омад ва аз мо роҷеъ ба ту пурсид, барояш хабар додам, баъд аз он аз кайфияти зиндагии мо пурсид, барояш гуфтам, ки дар факр ва шиддат зиндагӣ мекунем. Гуфт: оё туро ба кадом чизе васият намуд? Гуфт: Бале, бароям гуфт, ки бароят салом бигӯям ва гуфт, ки остонаи дарвозаатро тағйир бидеҳ. Гуфт: Ӯ падарам мебошад ва маро амр кардааст, ки туро талоқ бидиҳам, пас ту ба хонаи падару модарат бирав. Ва ӯро талоқ дод ва зани дигареро аз он мардум ба никоҳ гирифт (Исми ин зан Сома бинти Муҳалҳал буд).

Иброҳим (ъ) муддате аз онҳо дур монд ва дубора боз омад ва фарзандашро надид ва аҳволи ӯро аз ҳамсараш ҷӯё шуд, ҳамсараш гуфт: Барои мо ба талаби ризқу рӯзӣ баромадааст. Пурсид: Ҳоли шумо чӣ гуна ва тарзи маишати шумо чӣ шакл аст? Гуфт: Ба хайр ва хубӣ аст. Ва ҳамд ва санои Худоро ба ҷо овард. Пурсид: Таъоми шумо чист? Гуфт: Гӯшт. Пурсид: Нӯшидани шумо чист? Гуфт: Об. (Иброҳим (ъ) дар ҳаққи онҳо дуо кард ва гуфт: Худоё! Ба гӯшт ва оби онҳо баракат бидеҳ. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар ин вакт дона (мисли

гандум ва ҷав ва амсоли инҳо) вуҷуд надошт, агар медошт, дар он чиз ҳам барои онҳо дуои баракат мекард». Ибни Аббос (р) гуфт: Касе, ки дар ғайри Макка танҳо гӯшт ва обро бихӯрад, барои вай носозгор меафтад.

Иброҳим (ъ) гуфт: Ҳангоме, ки шавҳарат омад, барои ӯ салом бирасон ва бигӯ, ки остонаи дарвозаашро маҳкам кунад. Чун Исмоил (ъ) омад, пурсид: Кадом касе омада буд? Ҳамсараш гуфт: Бале, шайхи хушманзаре омад ва аз ман дар бораи ту суол кард, барояш хабар додам, баъд аз он пурсид: Маишати шумо чӣ гуна аст? Гуфтам: Ба хайр ва хубӣ аст. Пурсид: Туро ба кадом чизе васият кард? Гуфт: Бале, ӯ бароят салом гуфт ва ба ту амр кард, ки остонаи дарвозаатро маҳкам нигоҳ дорӣ. Гуфт: Он шахс падарам мебошад ва мақсад аз остонаи дарвоза ту ҳастӣ, маро амр кардааст, то туро нигаҳ дорам.

Боз Иброҳим (ъ) муддати замоне аз онҳо дур монд ва дубора боз омад, дид, ки Исмоил (ъ) зери дарахти бузурге наздики Замзам нишастааст ва тиреро метарошад. Исмоил (ъ) чун падарашро дид, бархост ва он чиро, ки дар чунин ҳолате падар бо фарзандаш ва фарзанд дар муқобили падар мекунад, анҷом доданд, сипас гуфт: Эй Исмоил! Худованд маро ба чизе амр кардааст. Гуфт: Ба ҳар чӣ амр кардааст, анҷом бидеҳ. Гуфт: Ту ҳам бо ман ҳамкорӣ мекунӣ? Гуфт: Ҳамкорӣ мекунам. Гуфт: Худованд бароям амр кардааст, ки дар ин ҷо хонае барпо намоям. Ва ишора ба атрофи теппае, ки он ҷо буд, намуд.

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Дар ин вақт пояҳои хонаро баланд карданд, Исмоил (ъ) санг меовард ва Иброҳим (ъ) бино мекард ва чун сохтмон баланд гардид, Исмоил (ъ) ҳамин сангеро, ки ба номи мақоми Иброҳим машҳур аст овард ва Иброҳим (ъ) рӯи он истод ва ӯ бино мекард ва Исмоил (ъ) сангро ба дасташ медод ва ҳар дуи онҳо мегуфтанд: **«Эй Парвардигори мо! Аз мо қабул бигардон, ба дурустие, ки ту худат шунаво ва доно ҳастӣ».** *(Бақара: 127)*

**1416.**- Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Аввалин масҷиде, ки дар рӯи замин сохта шуд, кадом масҷид буд? Фармуданд: «Масҷидулҳаром». Гуфт: пурсидам: Баъд аз он кадом (масҷид) буд? Фармуданд: «Масҷидулақсо». Гуфтам: Байни бинои ин ду масҷид чӣ муддат замоне фосила буд? Фармуданд: «Чиҳил сол. баъд аз ин ба ҳар ҷое, ки вақти намоз дохил гардид, намозро адо кун, чун фазилат дар ҳамон ҷост».

**1417.** Аз Абӯҳумайд (р) ривоят аст, ки саҳоба (р) гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Бар шумо чӣ гуна дуруд бифиристем? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бигӯед: Аллоҳума салли ъало Муҳамадин ва азвоҷиҳи ва зурриятиҳи камо саллайта ъала оли Иброҳима ва борик ало Муҳаммадин ва азвоҷиҳи ва зурриятиҳи, камо боракта ъало оли Иброҳима инака ҳамидун маҷид».

**1418.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)

барои Ҳасан ва Ҳусайн (р) ба Худованд (ба калимоте, ки баъд аз ин меояд), паноҳ меҷустанд ва мегуфтанд, ки «Падаратон барои Исмоил ва Исҳоқ (ба ҳамин калимот) ба Худованд паноҳ меҷустанд ва мегуфтанд: «Аъузу бикалимотиллоҳит томмоти, мин кулли шайтонин ва ҳоматин ва мин кулли ъайнин ломмати» (яъне: паноҳ меҷӯям ба калимоти томмаи Худованд аз ҳар шайтоне, чи инсӣ бошад ва чи ҷиннӣ ва аз ҳар ҳашароти газандае ва аз ҳар чашми занандае).

## БОБИ 4. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Ва аз меҳмони Иброҳим барои онҳо хабар бидеҳ» *(Ҳиҷр: 51)*

**1419.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мо аз Иброҳим (ъ) ба гуфтани ин сухан мустаҳиқтарем, ки гуфт: **«Парвардигоро! Бароям нишон бидеҳ, ки мурдагонро чӣ гуна зинда мегардонӣ? Гуфт: Магар (ба ин чиз) имон надорӣ? Гуфт: Чаро на (балки имон дорам), вале мехоҳам, ки дилам ором бигирад».** *(Бақара: 260)*

Ва Худованд бар Лут (ъ) раҳмат кунад, ки ба қавм ва хешони худ паноҳ мебурд. Ва агар тамоми муддатеро, ки Юсуф (ъ) дар зиндон гузаронид, ман ҳам дар зиндон мегузаронидам, хоҳиши берун шудан аз зиндонро қабул мекардам».

## БОБИ 5. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: «аз Исмоил дар китоб ёд кун, зеро ӯ дар аҳди худ содиқ буд» *(Марям: 54)*

**1420.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Гузари Паёмбари Худо (с) бар мардуме аз бани Аслам афтод, ки мусобиқаи тирандозӣ мекунанд. Паёмбари Худо (с) ба онҳо гуфтанд: «Эй авлоди Исмоил, тирандозӣ кунед! Зеро падаратон тирандоз буд ва ман ба ҳамроҳи бани фалон ҳастам».

Абӯзар (р) мегӯяд: Яке аз он ду гурӯҳе (ки тирандозӣ мекарданд) аз тирандозӣ даст кашиданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Чаро тирандозӣ намекунед?» Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Дар сурате, ки шумо бо он гурӯҳи дигар ҳастед, чӣ гуна метавонем бо онҳо мусобиқа кунем? Фармуданд: «Тирандозӣ кунед ва ман ба ҳамроҳи ҳамаи шумо ҳастам».

## БОБИ 6. Ин қавли Худованд, ки: «барои қавми Самуд бародари эшон Солеҳро фиристодем» *(Аъроф: 73)*

**1421.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки чун Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Табук дар минтақаи Ҳиҷр фуруд омаданд (Ҳиҷр сарзамини қавми Самуд буд, ки азоби Худованд дар он минтақа бар онҳо нозил шуда буд), ба саҳоба амр карданд, ки аз чоҳи он минтақа об нанӯшанд ва бо худ об бар надоранд. Саҳоба гуфтанд: Ҳоло аз оби он чоҳ хамир

кардаем ва бо худ об гирифтаем. Амр карданд, ки хамирро дур биандозанд ва обро берун бирезанд.

## БОБИ 7. Ин қавли Худованд, ки «оё ҳангоме, ки марги Яъқуб фаро расид ва ба авлоди худ гуфт, ки...» *(Бақара: 133)*

**1422.** Ва аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки (дар бораи Юсуф (ъ) фармуданд: (ки вай) «Карим, фарзанди Карим, фарзанди Карим, фарзанди Карим». Юсуф фарзанди Яъқуб, фарзанди Исҳоқ, фарзанди Иброҳим (ъ) аст».

## БОБИ 8. Қиссаи Хизр бо Мӯсо (ъ)

**1423.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аз он ҷиҳат Хизр (ъ)-ро Хизр мегӯянд, ки вай чун рӯи замини хушк менишаст, атрофаш сарсабз мегардид» (ва Хизр дар луғати арабӣ ба маънии сарсабзӣ аст).

## БОБИ 9

**1424.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҷое кубос мечидем (кубос меваи дарахти арок аст ва дар саҳро мерӯяд ва дар баъзе аз манотиқи ҷазираи араб пайдо мешавад ва арок ҳамон чӯби мисвок аст), Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Навъи сиёҳи онро бичинед, чун хушмаззатар аст». Аз эшон пурсиданд: Магар чӯпон будед? Фармуданд: «Магар паёмбаре ҳаст, ки чӯпон набошад?»

## БОБИ 10. Ин қавли Худованд, ки: «Барои касоне, ки имон овардаанд, Худованд зани Фиръавнро мисол задааст...» *(Таҳрим: 10-12)*

**1425.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз мардҳо иддаи бисёре ба дараҷаи камол расидаанд, вале аз занҳо ба ҷуз аз Осия ҳамсари Фиръавн ва Марям духтари Имрон касе ба дараҷаи камол нарасидааст ва бартарии Оиша бар дигар занҳо мисли бартарии шӯрбо бар дигар таъомҳост».

## БОБИ 11. Ин қавли Худованд, ки: «Ба таҳқиқ, ки Юнус аз ҷумлаи мурсалин буд» *(Соффот: 139)*

**1426.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Барои касе муносиб нест, ки бигӯяд ман (яъне Муҳаммад (с) аз Юнус ибни Мато беҳтарам. Ӯро ба падараш нисбат доданд».

## БОБИ 12. Ин қавли Худованд, ки: «Ва барои Довуд Забурро додем» *(Нисо: 163)*

**1427.** Ва аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Хондани Қуръон (яъне Забур) барои Довуд (ъ) то ҳадде сабук ва равон буд, ки амр мекард, то маркабашро зин кунанд ва пеш аз он, ки маркабаш зин мешуд, Қуръонро хатм мекард ва Довуд (ъ) ба ҷуз аз меҳнати дасти худ аз манбаи дигаре нон намехӯрд».

## БОБИ 13. Ин қавли Худованд, ки: «Сулаймонро барои Довуд бахшидем...» *(Сод: 30)*

**1428.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: «Масали ман бо мардумон монанди шахсе аст, ки оташро барафрӯхтааст ва парвонаҳо ва ҳашароти дигар омада ва дар он оташ меафтанд».

Ва фармуданд: «Ду зане ҳамроҳи бачаҳои худ буданд, ки гурге омад ва бачаи яке аз онҳоро бурд. Яке барои дигарӣ гуфт, ки бачаи туро бурдааст, дигарӣ гуфт: на, бачаи туро бурдааст. Мунтаҳо барои муҳокима назди Довуд (ъ) рафтанд. Довуд (ъ) ҳукм кард, ки бачаро барои зани калонтар бидиҳанд. Он ду зан назди Сулаймон (ъ) рафтанд ва аз қазия барояш хабар доданд, ӯ гуфт: Корде бидиҳед, то ин тифлро ду ним кунам ва барои ҳар кадоме аз ин ду зан нисфи аз он тифлро бидиҳам. Зани хурдтар гуфт: Худо туро хайр бидиҳад, чунин макун, он тифл бачаи ӯст. (Чун Сулаймон инро шунид) ҳукм кард, ки тифлро барои он зани хурдтар бидиҳанд».

## БОБИ 14. Ин қавли Худованд, ки: «Замонеро ба ёд биёвар, ки малоика гуфтанд: Эй Марям! Худованд туро баргузидааст...» *(Оли Имрон: 42-44)*

**1429.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки мефармуданд: «Беҳтарин зани дунё (дар аср ва замони худаш) Марям бинти Имрон буд ва беҳтарин зани дунё (дар аср ва замони худаш) Хадиҷа (р) мебошад». (Ё маънояш ин аст, ки беҳтарини занони бани Исроил Марям бинти Имрон ва беҳтарини занони Араб Хадиҷа бинти Хувайлид аст).

**1430.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Беҳтарин занҳое, ки бар шутур савор шудаанд (яъне беҳтарин занҳои араб), занҳои Қурайш ҳастанд, зеро бар тифли худ меҳрубон ва бар моли шавҳари худ амонатдор ҳастанд».

## БОБИ 15. Ин қавли Худованд аст, ки: «Эй аҳли китоб! Дар дини худ ғулув накунед...» *(Нисо: 171)*

**1431.** Аз Убода (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки шаҳодат диҳад бар ин, ки Худои дигаре ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад ва шарике барои ӯ нест ва Муҳаммад (с) банда ва расули ӯст ва Исо (ъ) бандаи Худо ва расули ӯст ва калимаи ӯст, ки барои Марям илқо намудааст ва рӯҳе аз ҷониби Худо аст ва ҷаннат ҳақ ва дӯзах ҳақ аст, бо ҳар амале, ки дошта бошад, Худованд ӯро ба ҷаннат мебарад».

## БОБИ 16. Ин қавли Худованд, ки: «Марямро ҳангоме, ки аз аҳли худ гӯшагирӣ намуд, дар китоб зикр кун...» *(Марям: 16)*

**1432.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Дар гаҳвора ба ҷуз аз се кас дигар касе сухан нагуфтааст: (аввал) Исо (ъ) ва (дуввум) шахсе аз бани Исроил, ки ба номи Ҷурайҷ ёд мешуд, ин шахс дар ҳоли намоз хондан буд, ки модараш омад ва ӯро садо зад, бо худ гуфт: Оё ҷавоби модарамро бидиҳам ва ё намозамро бихонам? (Чун ҷавоби модарашро надод) модараш гуфт: Худоё! Ӯро намирон, то занҳои зинокорро барояш нишон бидиҳӣ.

Ҷурайҷ дар ибодатгоҳаш буд, ки зане омад ва бо ӯ сухан зад, вале ӯ аз сухан задан бо он зан худдорӣ намуд, он зан назди чӯпоне омад ва худро дар ихтиёраш гузошт ва аз он чӯпон тифле ба дунё оварinternal ва иддао кард, ки ин тифл аз Ҷурайҷ аст. Мардум омаданд ва ибодатгоҳи Ҷурайҷро хароб карданд ва ӯро аз он ҷо берун намуданд ва дашном доданд. Ҷурайҷ баъд аз вузӯ сохтан ва адои намоз назди он бачча омад ва аз вай пурсид: Падари ту кист? Гуфт: Фалон чӯпон аст. Мардум гуфтанд: Ибодатгоҳатро аз тилло дубора обод менамоем. Гуфт: Ба ҷуз аз хишт ва гил, аз чизи дигаре намехоҳам.

(Ва саввумӣ) зане буд, аз Бани Исроил, тифлашро шир медод, ки саворе бо нишонаҳо ва медалҳо аз наздаш гузашт. Он зан гуфт: Худоё! Ин тифламро мисли ӯ бигардон! Он тифл синаи модарашро гузошт ва рӯи худро ба тарафи он савора намуда ва гуфт: Худоё! Маро мисли ӯ магардон! Инро гуфт ва дубора синаи модарашро гирифт ва ба макидан шурӯъ намуд». Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Гӯё ҳамин ҳоло ба тарафи Паёмбари Худо (с) нигоҳ мекунам, ки ангушти худро мемаканд.

Сипас он зан бо тифлаш назди канизе расиданд, модараш гуфт: Худоё! Тифли маро мисли ин каниз магардон. Он тифл синаи модарашро гузошт ва гуфт: Худоё! Маро мисли ин каниз бигардон. Модараш аз он тифл пурсид: Сабаби ин гуфторат чӣ буд? Гуфт: Он савор тоғуте аз тоғутиҳо буд ва ин каниз, мардум барояш мегӯянд:

зино кардӣ, дуздӣ кардӣ, дар ҳоле, ки ӯ муртакиби чунин аъмол нашудааст».

**1433.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Исо ва Мӯсо ва Иброҳим (ъ)-ро дидам. Исо (ъ) шахсест гулгунранг ва дорои мӯйҳои мучаъад ва синаи фарох ва Мӯсо (ъ) шахсе аст гандумгун, ҷасим (ҷасим дар ин ҷо ба маънии баландқомат аст) ва мӯйҳояш рехтааст, гӯё шахсе аз мардуми Зута аст (Зута ҷинсе аз мардуми Судон аст)».

**1434.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Шаби гузашта шахси гандумгунеро ба хоб дидам, ки аз хушчеҳратарин ашхоси гандумгун буд. Кокулаш ба шонаҳояш мерасид, мӯйҳояш шоназада буд ва аз сараш об мечакид ва дар ҳоле, ки дастҳояшро ба сар шонаҳои ду нафари дигар ниҳода буд, ба хонаи (Каъба) тавоф мекард. Гуфтам: Ин шахс кист? Гуфтанд: Ин Масеҳ ибни Марям аст.

Ва дар пушти сараш шахси дигареро дидам, ки мӯйҳои пурпечутобе дошт, чашми росташ кӯр ва хеле шабеҳ ба Ибни Қатан буд (Ибни Қатан касе буд аз қабилаи Хузоа, ки дар ҷоҳилият мурда буд), дастҳояшро бар шонаҳои шахси дигаре гузошта буд ва ба хонаи Каъба тавоф мекард. Гуфтам: ин кист? Гуфтанд: «Ин Масеҳи Даҷҷол аст».

**1435.** Ва аз Ибни Умар (р) ривояти дигар омадааст, ки гуфт: Ба Худованд савганд, ки Паёмбари Худо (с) нагуфтаанд, ки Исо (ъ) сурхчеҳра аст, балки гуфтаанд, ки «Дар ҳоле, ки ман хоб будам (дар хоб дидам), ки ба Каъба тавоф мекунам, шахсе гандумгунеро дидам, ки мӯйҳояш рехта ва ба ду нафар такя дода буд ва аз сараш об мечакид. Ва ё гуфтанд: Аз сараш об мерехт. Гуфтам: Ин шахс кист? Гуфтанд: (Исо) ибни Марям аст.

Баъд аз он чашмам ба шахси дигаре афтод, ки рангаш сурх, ҷуссааш бузург, мӯйҳояш мучҷаъад ва чашми росташ кӯр ва ба монанди донаи ангур баромадааст. Пурсидам: Ин кист? Гуфтанд: «Ин Даҷҷол аст ва ин шахс аз ҳар касе ба Ибни Қатан шабоҳати бештаре дошт».

**1436.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Ман аз ҳар каси дигаре ба Исо (ъ) наздиктарам Анбиё (ъ) монанди бародарҳое ҳастанд, ки падарашон яке ва дорои модарони мухталиф ҳастанд, (яъне асли динашон тавҳид ва фурӯъи шариати онҳо мухталиф аст, пас мурод аз падар асли дин ва мурод аз модарҳои мухталиф фурӯъи шариати онҳо аст, Худованди мутаъол мефармояд: «Ликуллин ҷаъално минкум ширъатан ва минҳоҷан» байни ман ва ӯ паёмбари дигаре нест».

**1437.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман дар дунё ва охират ба Исо ибни Марям (ъ) наздиктарам. Анбиё (ъ) монанди бародароне ҳастанд, ки падарашон яке ва модарҳояшон мухталиф ҳастанд, яъне динашон як аст ва дорои

шариатҳои мухталиф мебошанд». (Яъне дар масъалаи имон ба Худованд ва Расул ва китоб ва рӯзи охират дорои як ақида ҳастанд, вале дар фурӯъи шариъат монанди кайфияти намоз ва рӯза ва никоҳ ва талоқ ва амсоли онҳо бо якдигар мухталиф ҳастанд).

**1438.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Исо ибни Марям (ъ) шахсеро дид, ки дуздӣ мекунад, ба ӯ гуфт: Дуздӣ мекунӣ? Гуфт: Савганд ба Худое, ки ҷуз ӯ Худое нест, дуздӣ намекунам. Исо (ъ) гуфт: Ба Худо имон дорам ва мегӯям: Чашмам дурӯғ гуфтааст».

**1439.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки фармуданд: «Дар бораи ман монанде, ки насоро дар бораи Марям (ъ) ғулув (азҳадгузарӣ) карданд, ғулув накунед, (яъне монанди ин, ки насоро дар мадҳи Исо (ъ) ғулув карда ва барояш даъвои улуҳият намуданд, дар мадҳи ман ғулув накунед) ман фақат бандаи Худо ҳастам, бигӯед, ки Муҳаммад (с) бандаи Худо ва Расули Худост».

## БОБИ 17. Нузули Исо ибни Марям (ъ)

**1440.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар замоне, ки Исо (ъ) дар байни шумо биёяд ва имоми шумо (дар намоз) аз худи шумо бошад, ҳоли шумо чӣ гуна хоҳад буд?»

## БОБИ 18. Он чӣ, ки дар мавриди Бани Исроил омадааст

**1441.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Ҳангоме, ки Даҷҷол хурӯҷ мекунад, бо вай об ва оташе аст, он чиро, ки мардум оташ мебинанд, дар воқеъ оби сарде аст ва он чиро, ки мардум оби сарде фикр мекунанд, дар воқеъ оташи сӯзоне аст. Касе, ки аз шумо замони Даҷҷолро дарк кард, оташро ихтиёр намояд, зеро он оташ дар воқеъ оби гуворое аст».

**1442.** Ва аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Шахсе замони маргаш фаро расид ва чун аз зиндагӣ ноумед шуд, барои бозмондагонаш васият намуд, ки баъд аз мурдан маро дар байни ҳезуми бисёре қарор диҳед ва оташ бизанед. Баъд аз он, ки гӯштам сӯхт, устухонамро бигиред ва орд кунед ва дар рӯзе, ки боди шадиде мевазад, орди устухонамро дар дарё биандозед. Бозмондагонаш чунин карданд ва Худованди мутаъол аҷзои ӯро ҷамъ кард ва барояш чунин гуфт: Чаро чунин васияте карда будӣ? Гуфт: Аз тарси (азоби) ту! Ва Худованди мутаъол (ба сабаби ин тарсаш) ӯро бахшид». (Ҳузайфа (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуданд: «Ин шахс кафандузд буд, кафани мурдаҳоро медуздид)».

**1443.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Сарпарастии бани Исроил ба дасти анбиё (ъ) буд, ҳар

паёмбаре, ки ҳалок мегардид, Худованд паёмбари дигареро мефиристод, вале баъд аз ман паёмбари дигаре нест ва халифаҳои бисёре хоҳанд буд. Мардум пурсиданд: Дар ин сурат моро ба чӣ чиз амр мефармоед? Фармуданд: «Ба байъати халифаи аввал вафо кунед ва ҳаққи хулафоро барои онҳо адо намоед ва Худованди мутаъол аз он чи ки онҳоро бар он муваккал сохтааст (дар рӯзи қиёмат) муҳосиба хоҳад кард».

**1444.** Аз Абӯсаъид (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Шумоён ҳатман равиши гузаштагонро вачаб ба вачаб ва газ ба газ пайравӣ хоҳед кард, ҳатто агар ба сурохи сусморе дохил шуда бошанд, шумо ҳам дохил мешавед». Пурсиданд: Мақсади шумо (аз гузаштагон) яҳуд ва насоро ҳастанд? Фармуданд: «Пас чӣ касоне ҳастанд?» (Яъне мақсади ман ҷуз яҳуд ва насоро каси дигаре нест.

**1445.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агарчи як оят ҳам бошад, аз ман барои мардум бирасонед ва аз бани Исроил ҳар чӣ, ки мехоҳед, ривоят кунед ва ҳараҷе нест ва касе, ки аз рӯи қасд аз тарафи ман дурӯғ бигӯяд, ҷояшро дар оташи дӯзах омода намояд».

**1446.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Яҳуд ва насоро мӯйҳои (сар ва риши) худро ранг намедиҳанд ва шумо аз онҳо мухолифат намоед».

**1447.** Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар мардумони пеш аз шумо шахсе захмӣ шуд, таҳаммули дардро накард ва кордеро гирифт ва дасти худро ба он қатъ кард, хун мунқатеъ нашуд ва он шахс мурд. Худованди мутаъол фармуд: «Ин бандаам бар ман сабқат кард ва худаш худро кушт, ман биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонидам». (Ин ҳадис далолат бар ин дорад, ки қатли нафс, чи аз худ бошад ва чи аз дигаре, аз гуноҳони кабира аст).

**1448.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: «Се нафар аз бани Исроил-яке пес, дигаре кал ва саввумӣ кӯре буд, Худованди мутаъол хост, то онҳоро озмоиш намояд ва ҳамон буд, ки фариштаеро назди онҳо фиристод.

Он фаришта назди шахси пес омад ва гуфт: Беҳтарин орзуят чист? Гуфт: Мехоҳам, ки ранги ҷилди ман ба ҳоли оддиаш баргардад, зеро мардум аз ман мутанаффир шудаанд. Фаришта дасте бар вай кашид, он шахс сиҳат ёфт ва ранги ҷилдаш ба ҳоли оддии худ баргашт. Боз аз вай пурсид: Кадом мол дар назди ту маҳбубтар аст? Гуфт: Шутур. Барояш шутури ҳомилае дод, ки ба зоиданаш чанд рӯзи бештаре намонда буд ва он фаришта гуфт: Худованд дар молат баракат бидиҳад.

Баъд аз он назди кал омад ва гуфт: Беҳтарин орзуят чист? Гуфт: Орзуям ин аст, ки сарам мӯй барорад ва ин иллат аз ман дур гардад,

зеро мардум аз ман мутанаффир шудаанд. Бар ӯ дасте кашид, иллаташ дур гардид ва мӯйи зебо барояш дода шуд. Баъд аз он барояш гуфт: Кадом молро бештар дӯст дорӣ? Гуфт: Говро. Барояш гови ҳомилае дод ва гуфт: (Худованд) бароят баракат бидиҳад.

Баъд аз он назди кӯр омад ва гуфт: Беҳтарин орзуят чист? Гуфт: Ин, ки Худованд биноиямро бароям бозгардонад, то мардумро дида битавонам. Худованд биноияшро барояш бозгардонид, баъд аз он вай пурсид: Кадом молро бештар дӯст медорӣ? Гуфт: :гӯсфандро. Барояш гӯсфанди зиҳе дод. Соҳибони шутур ва гов ва гӯсфанд ба тавлид ва ҳосилдиҳӣ пардохтанд, аввалӣ дорои галлаҳои шутур, дуввумӣ дорои галлаҳои гов ва саввумӣ дорои раммаҳои гӯсфанд шуд.

Фариштa ба сурате, ки бори аввал назди шахси пес омада буд, наздаш рафт ва гуфт: Шахси мискине ва мусофире ҳастам, васоили зиндагӣ аз дастам рафтааст, умеде ҷуз ба Худо ва баъд аз он ба ту надорам, ба номи Худое, ки бароят ранг ва ҷилди некӯ ато карда ва ин ҳама молро бахшидааст, бароям як шутуре бидеҳ, то битавонам ба ватанам баргардам. Гуфт: Масорифам зиёд аст. Фаришта барояш гуфт: Гӯё ман туро мешиносам, магар ту ҳамон песе нестӣ, ки мардум аз ту мутанаффир буданд ва дар ҳолати фақру бечорагӣ афтода будӣ ва Худованд ҳамаи ин молҳоро бароят додааст? Гуфт: На, ман ин амволро аз падаронам мерос бурдаам. Фаришта гуфт: Агар дурӯғ бигӯӣ, Худованд туро ба ҳолати аввалиат баргардонад. Баъд аз он ба сурати аввалиаш назди кал омад ва монанди чизе, ки барои пес гуфта буд, барои ӯ ҳам гуфт. Ва ӯ ҳам ҷавоби ӯро монанди шахси пес дод. Гуфт: Агар дурӯғ бигӯӣ, Худованд туро ба ҳолати аввалиат баргардонад.

Баъд аз он ба сурати аввалиаш назди кӯр омад ва гуфт: Шахси мискин ва мусофир ҳастам, васоили зиндагӣ аз дастам рафтааст ва умеде ҷуз ба Худо ва баъд аз он ба ту надорам. Ба номи Худое, ки биноиятро бароят бозгардонидааст, бароям як гӯсфанд бидеҳ, то битавонам сафарамро ба он идома бидиҳам. Он шахс гуфт: Ман кӯр будам, Худованд маро бино кард ва фақир будам ва маро тавонгар сохт, пас ҳар чӣ, ки мехоҳӣ, бароят бигир, ба Худованд савганд аст, ҳар андозае, ки аз молам ихтиёр кунӣ, аз ту дареғ нахоҳам дошт. Фаришта барояш гуфт: Молатро назди худат нигоҳ дор, ин як озмоиш ва ибтилое буд, Худованд аз ту розӣ ва аз он ду нафари дигар норозӣ аст».

**1449.** Аз Абӯсаъид (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Шахсе аз бани Исроил наваду нӯҳ нафарро кушт ва сипас рафт ва дар бораи он (яъне тавба кардан аз ин гуноҳ) пурсиш мекард. Назди роҳибе расид ва аз вай пурсид: Оё барои ман имкони тавба ҳаст? Гуфт: На. Он роҳибро ҳам кушт. Боз ба суол карданаш идома дод. Шахсе барояш гуфт: Ба фалон қария бирав (зеро дар он қария

мардумоне ҳастанд, ки Худоро ибодат мекунанд), ту ҳам бо онҳо Худоро ибодат кун. Он шахс ба тарафи он қария ба роҳ афтод (вале пеш аз расидан ба қария) дар роҳ мурд ва дар ҳолати марг худро ба сина ба тарафи он қаря кашонид.

Малоикаи раҳмат ва малоикаи азоб омаданд ва дар бораащ низоъ намуданд (малоикаи раҳмат мехостанд ӯро ба ҷаннат бубаранд ва малоикаи азоб мехостанд ӯро ба дӯзах биандозанд) ва Худованд барои қария, ки ба тарафи он равон буд, амр кард, ки наздик шавад ва барои қарияе, ки аз он хориҷ шуда буд, амр кард, ки дур шавад ва баъд аз он барои малоика гуфт, ки масофати байни ин ду қарияро андозагирӣ кунанд, (баъд аз андозагирӣ) диданд, ки ба қарияе, ки ба тарафи он равон буда, як ваҷаб наздиктар аст ва ҳамон буд, ки барои он шахс омурзида шуд».

**1450.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе аз дигаре заминашро харид ва дар он хумеро, ки пур аз тилло буд ёфт. Барои касе, ки заминро аз вай харида буд гуфт: Тиллоятро бигир, ман аз ту заминро харида будам, на тиллоро. Ва касе, ки замин аз вай буд, гуфт: Ман заминро бо ҳар чӣ, ки дар он ҳаст, барои ту фурӯхтаам. Билохира шахсеро ҳакам (довар) қарор доданд, шахси ҳакам аз он ду нафар пурсид: Оё фарзанд доред? Яке гуфт: Ман писаре дорам. Ва дигаре гуфт: Ман духтаре дорам. Гуфт: Духтарро барои писар ба никоҳ бидиҳед ва аз он тиллоҳо чизеро барои онҳо бидиҳед ва бақияро садақа кунед».

**1451.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки касе аз вай пурсид: Дар мавриди вабо аз Паёмбари Худо (с) чӣ шунидаӣ? Усома (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вабо касофате аст, ки бар тоифае аз бани Исроил ва ё бар мардуме, ки пеш аз шумо буданд, фиристода шудааст. Агар шунидед, ки дар сарзамине вабо пайдо шудааст, ба он ҷо наравед ва агар ба ҷое будед, ки дар он ҷо вабо пайдо шуда буд, барои гурехтан аз он ҷо хориҷ нашавед».

**1452.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Дар мавриди вабо аз Паёмбари Худо (с) пурсиш намудам, бароям гуфтанд, ки вабо азобе аст, ки Худованди мутаъол бар ҳар касе, ки хоста бошад, мефиристад. Ва Худованди мутаъол ваборо барои мусалмонон раҳмате қарор додааст, касе ки вабо дар минтақааш воқеъ мегардад ва ӯ дар он ҷо сабр кунад ва савоби худро аз Худо биҷӯяд ва яқин дошта бошад, ки чизе ба ҷуз он чӣ, ки Худованд муқаддар кардааст, бароящ намерасад (ҳар вақте, ки бимирад) савоби шаҳиде бароящ дода мешавад. (Хоҳ ба сабаби вабо бимирад ва хоҳ ба сабаби дигаре, хоҳ дар вақти вабо бимирад ва хоҳ баъд аз вабо.

**1453.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Гӯё ҳамин ҳоло ба тарафи Паёмбари Худо (с) нигоҳ мекунам, ки эшон аз паёмбаре аз паёмбарон қисса мекарданд, фармуданд: Қавми вай ӯро заданд ва

хунолуд намуданд ва дар ҳоле, ки хунро аз рӯи худ пок мекард, дуо намуд ва гуфт: Худоё! Барои қавми ман биомурз! Зеро инҳо намедонанд. (Баъзе аз уламо гуфтанд, ки ин паёмбар Нӯх (ъ) буд).

**1454.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шахсе дар ҳоле, ки изоргшро аз рӯи кибр ба замин мекашид, дар замин фурӯ рафт ва ӯ то рӯзи қиёмат дар замин фурӯ меравад».

## БОБИ 19. Манокиб ва фазоил

**1455.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мардум монанди маъдан ҳастанд, касоне ки дар ҷоҳилият хуб буданд, дар ҳолати мусулмон шудан ҳам хуб ҳастанд, ба шарти он, ки фиқҳ ва дониш дошта бошанд ва муносибтарин шахс барои хилофат касе аст, ки аз хилофат дурӣ биҷӯяд ва аз он рӯйгардон бошад ва бадтарин мардумон афроди дуранг ва дурӯй ҳастанд, ки назди мардуме ба як рӯй ва назди мардуми дигаре ба рӯи дигар меравинд».

**1456.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Мардум дар кори иморат ва вилоят тобеъ ва пайрави Қурайш ҳастанд, мусалмонони онҳо тобеъи мусалмонони Қурайш ва кофирони онҳо тобеъи кофирони Қурайш мебошанд. Мардум монанди маъдан ҳастанд, беҳтарини онҳо дар чоҳилият беҳтарини онҳо дар Ислом ҳастанд, агар фиқҳ ва дониш дошта бошанд. Беҳтарин (ва муносибтарин) мардумон дар кори аморат ва хилофат касе аст, ки то замоне, ки кори хилофат бар гарданаш меафтад, аз он мутанаффир ва рӯйгардон бошад».

## БОБИ 20. Бартариҳои Қурайш

**1457.** Ба Муовия (р) хабар расид, ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) мегӯяд: Ба зудӣ шахсе аз мардуми Қаҳтон подшоҳ хоҳад шуд. Муовия аз ин сухан ба хашм омад, бархост ва баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол гуфт: Аммо баъд, бароям хабар мерасад, ки касоне аз шумо чизҳое мегӯянд, ки на дар китоби Худо аст ва на аз Паёмбари Худо (с) ривоят шудааст, инҳо ҷоҳилони шумо ҳастанд. Аз орзуҳое, ки сабаби гумроҳӣ мешавад, бипарҳезед, зеро ман аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки фармуданд: «Хилофат мутааллиқ ба Қурайш аст ва ҳар касе, ки бо онҳо дар ин амр мухолифат намояд, Худованд ӯро сарнагун (яъне хор ва расво) месозад ва ин то вақте аст, ки Қурайш пойбанди дин бошанд».

**1458.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мардуми Қурайш, Ансор, Ҷуҳайна, Музайна, Аслам, Ашҷаъ ва Ғифор (номҳои қабилаҳои Араб аст) ҳампаймонон ва дӯстони ман ҳастанд ва ба ҷуз аз Худо ва Расули Ӯ дӯсти дигаре барои онҳо нест».

**1459.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ин амр (яъне масъалаи хилофат) то вақте, ки ду нафар аз Қурайш бимонанд, дар байни он ду нафар хоҳад буд».

**1640.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Усмон (р) назди Паёмбари Худо (с) рафтем, ӯ гуфт: Ё Расулаллоҳ! Барои бани Мутталиб (чизе) додед ва барои мо надодед, ҳол он ки мо ва бани Мутталиб нисбат ба шумо дар як манзилат қарор дорем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Танҳо бани Ҳошим ва бани Мутталиб як чиз ҳастанд».

## БОБИ 21.

**1461.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: «Касе, ки донista худро ба ғайри падараш нисбат диҳад, кофар мешавад ва касе худро ба қавме нисбат диҳад, ки аз онҳо набошад, ҷояшро дар оташи дӯзах омода намояд».

**1462.** Аз Восила ибни Асқаъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз бузургтарини тӯҳматҳо он аст, ки инсон худро ба ғайри падараш нисбат диҳад ва ё он, ки бигӯяд: дар хоб чунин ва чунон дидам, дар ҳоле, ки чунин хобе надида бошад ва ё он, ки аз Паёмбари Худо (с) чизеро ривоят кунад, ки (Паёмбари Худо (с) он чизро нагуфта бошад».

## БОБИ 22. Қиссаи Аслам, Ғифор, Музайна, Ҷуҳайна ва Ашҷаъа

**1463.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бар болои минбар фармуданд: «Мардуми Ғифорро Худованд мағфират намояд ва мардуми Асламро Худованд саломат дошта бошад ва мардуми Усайя (касонеанд), ки исёни Худо ва Расулро кардаанд».

**1464.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ақраъ ибни Ҳобис барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Аз қабилаи Аслам ва Ғифор ва Музайна ва Ҷуҳайна касоне аз шумо пайравӣ карданд, ки роҳзан буданд ва амволи ҳоҷиёнро ба яғмо мебурданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё агар қабилаи Аслам ва Ғифор ва Музайна ва Ҷуҳайна аз қабилаи бани Тамим ва бани Омир ва Асад ва Ғатфон беҳтар бошанд, ба назари ту сабаби бадбахтӣ ва зиёни онҳо (яъне бани Тамим ва бани Омир...) нест?» Гуфт: Бале, ҳаст. Фармуданд: «Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ки онҳо (яъне қабилаи Аслам ва Ғифор...) аз инҳо (яъне аз бани Тамим ва...) беҳтар ҳастанд».

**1465.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қабилаи Аслам ва Ғифор ва чизе аз Музайна ва Ҷуҳайна. Ва ё фармуданд: чизе аз Ҷуҳайна ё Музайна-дар назди Худованди мутаъол. Ва ё фармуданд: дар рӯзи қиёмат аз қабилаи Асад ва Тамим ва Ҳавозин ва Ғатфон беҳтар ҳастанд».

## БОБИ 23. Зикри Қаҳтон

**1466.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Қиёмат то он вақт барпо намешавад, ки шахсе аз қабилаи Қаҳтон биёяд ва ба мардум ҳукумат намояд».

## БОБИ 24. Наҳй намудан аз мафкураи ҷоҳилият

**1467.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ғазвае иштирок намудем, иддае аз муҳоҷирин бо эшон ҷамъ шуданд ва кам-кам теъдоди онҳо зиёд гардид ва дар байни муҳоҷирин шахси шӯх ва бозигаре буд. Ин шахс ангушти худро ба мақъади шахсе аз Ансор зад. Ансорӣ сахт ғазабнок ва барошуфта гардид, то он, ки ҳар кадом тарафдорони худро ба кӯмак талабиданд, Ансорӣ Ансорро ва муҳоҷир муҳоҷиринро. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Чаро мафкура ва равиши аҳли ҷоҳилиятро пеш гирифтаед?» Баъд аз он пурсиданд: «Байни инҳо чӣ воқеа шудааст?» Аз даст задани муҳоҷир ба мақъади шахси Ансор барояшон гуфтанд, фармуданд: «Ин корро тарк кунед, ки кори хабисе аст».

Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салули (мунофиқ) гуфт: Оё (шумо мардуми муҳоҷир) бар зидди мо ҳамдастӣ менамоед? Вакте, ки ба Мадина баргардем, гурӯҳи азиз ва мӯҳтарам (мақсадаш мардуми Ансор буд), гурӯҳи залил ва хорро (ки ба гумонаш мардуми муҳоҷир мебошад), аз Мадина берун хоҳанд кард. Умар (р) ба тарафи Абдуллоҳ ибни Убай ишора намуда гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё ин хабисро ба қатл бирасонам? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Намехоҳам, мардум бигӯянд, ки ӯ саҳобаҳои худро ба қатл мерасонад».

## БОБИ 25. Қиссаи Хузоъа

**1468.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Амр ибни Луҳай, ибни Қамъа, ибни Хиндиф, Абу Хузоъа аст».

**1469.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Амр ибни Омир ибни Луҳайи Хузоъиро дидам, ки рӯдаҳояшро дар байни оташ ба дунболи худ мекашад ва ӯ аввалин касе буд, ки тариқаи Савоиброиро ихтиёр намуд» (Савоиб иборат аз ҳайвоноте буд, ки бино ба одати аҳли ҷоҳилият агар касе аз омадани мусофире ва ё ҷиҳати шифо ёфтани маризе назр мекард, мегуфт: Фалон шутурам озод бошад. Баъд аз он на он шутурро савор мешуданд, на медӯшиданд ва на аз чаридан ва рафтанаш дар ҳар ҷойе, ки бошад, мамониат мекарданд).

## БОБИ 26. Қиссаи исломи Абӯзар (р)

**1470.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯзар (р) гуфт, ки ман шахсе аз қабилаи Ғифор будам, барои мо хабар расид, ки шахсе дар Макка зуҳур кардааст ва иддаои паёмбарӣ дорад. Ба бародарам гуфтам: Назди ин шахс бирав, бо ӯ ҳарф бизан ва хабарашро бароям биёвар. Бародарам рафт ва баъд аз мулоқот бо вай баргашт, аз вай пурсидам: Назари ту дар борааш чист? Гуфт: Ба Худованд савганд, ӯро шахсе дидам, ки ба кори хайр амр мекунад ва аз кори бад монеъ мешавад. Бар вай гуфтам: Ҷавоби комиле бароям наовардӣ. Худам озуқа ва асоямро гирифтам ва ба тарафи Макка ба роҳ афтодам. Худам Паёмбари Худо (с)-ро намешинохтам ва дар айни ҳол намехостам аз касе дар мавриди эшон суол намоям, балки мехостам аз оби Замзам биошомам ва дар масҷид бошам.

Абӯзар (р) мегӯяд: Алӣ (р) наздам омад ва гуфт: Гӯё шахси ғарибе ҳастӣ? Гуфтам: Бале. Гуфт: Ба манзили мо бифармо. Бо вай ба манзилаш рафтам, на ӯ аз ман чизе пурсид ва на ман барояш чизе гуфтам. Чун субҳ шуд, ба тарафи масҷид омадам, то дар мавриди Паёмбари Худо (с) ҷустуҷӯ ва пурсиш намоям, вале касе набуд, ки дар борааш бароям чизе бигӯяд.

Боз Алӣ (р) наздам омад ва гуфт: Ҳанӯз натавонистӣ манзили дӯстатро пайдо кунӣ? Гуфтам: На. Гуфт: Бо ман биё. Аз ман пурсид: Чикораӣ? Ва чӣ чиз сабаби омаданат ба ин сарзамин шудааст? Гуфтам: Агар розамро пинҳон дорӣ, бароят мегӯям. Гуфт: Пинҳон медорам. Гуфтам: Ба мо хабар расид, ки дар ин ҷо шахсе зуҳур карда ва иддао дорад, ки ӯ паёмбар аст. Бародарамро фиристодам, то бо ӯ сухан бигӯяд ва бароям аз вай маълумоте биоварад, вале ӯ бароям хабари комиле наовард, аз ин ҷиҳат хостам, то худам бо ӯ мулоқот намоям. Гуфт: Кори бисёр хубе кардӣ, акнун ман назди ӯ меравам, ту ҳам бо ман биё, ба ҳар ҷое, ки дохил шудам, ту ҳам дохил шав ва агар касеро дидам, ки аз вай нисбат ба ту эҳсоси хатар мекардам, ман ба баҳонаи ислоҳ кардани кафшам ба канори девор меистам ва ту ба роҳи худ идома бидеҳ.

Ва ҳамон буд, ки бо ҳам рафтем, Алӣ (р) назди Паёмбари Худо (с) дохил гардид, ман ҳам дохил шудам. Ба Паёмбари Худо (с) гуфтам: Исломро бар ман арза кунед. Исломро бар ман арза карданд ва ҳамон ҷо мусалмон шудам. Ба ман гуфтанд: «Эй Абӯзар! Ин мавзӯъро пинҳон дор ва вопас ба минтақаи худ бирав ва чун аз зуҳури мо шунидӣ, дубора назди мо биё». Гуфтам: Савганд ба Зоте, ки шуморо ба ҳақ фиристодааст, исломи худро дар пеши рӯи онҳо (яъне куффори Қурайш) эълон хоҳам кард ва ҳамон буд, ки ба масҷид омадам ва дар ҳоле, ки Қурайш он ҷо ҷамъ шуда буданд, гуфтам: «Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу,» (мушрикин инро шунида) ва гуфтанд: Ба сарвақти сари ин

навмусулмон бирасед. Бархостанд ва маро то сарҳади марг лату кӯб карданд, вале Аббос саривақт расид ва худро ба рӯям андохт, баъд аз он рӯи худро ба онҳо кард ва гуфт: Эй вой бар шумо! Мехоҳед шахсеро аз қабилаи Ғифор ба қатл бирасонед, дар ҳоле, ки рафту омади қофилаҳои тиҷоратии шумо аз минтақаи Ғифор аст, онҳо аз заданам даст кашиданд.

Чун субҳ шуд, боз назди онҳо омадам ва ҳамон суханро, ки дирӯз гуфта будам, дубора такрор намудам, боз гуфтанд: Зуд ба чораи ин навмусулмон бирасед. Ва монанди дирӯз маро лату кӯб карданд. Боз Аббос омад ва худро ба рӯям андохт ва ҳамон сухани дирӯзаашро такрор намуд, (Ибни Аббос (р) мегӯяд: Қиссаи мусалмон шудани Абӯзар (р) чунин буд.

## БОБИ 27. Касе, ки дар Ислом ва ҷоҳилият ба падаронаш нисбат дода шудааст

**1471.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун ин оят, ки «ақориби наздикатро бим бидеҳ» нозил гардид, Паёмбари Худо (с) қабилаҳоро яке пас аз дигаре талаб намуда, мегуфтанд: «Эй бани Феҳр! Эй бани Адий!» Ва дигар қабоили Қурайшро.

## БОБИ 28. Касе, ки хост насабаш дашном дода нашавад

**1472.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳассон (р) аз Паёмбари Худо (с) дар ҳаҷв намудани мушрикин иҷоза хост. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бо насаби ман чӣ мекунӣ?» (яъне: вақте, ки мушрикинро ҳаҷв кунӣ, чун дар насаб бо онҳо муштарак ҳастам, дар ин ҳаҷв ман низ шомил мегардам.) Ҳассон (р) гуфт: Шуморо аз байни онҳо ба монанде, ки мӯй аз хамир берун кашида мешавад, берун мекашам.

## БОБИ 29. Он чӣ, ки дар бораи номҳои Паёмбари Худо (с) омадааст

**1473.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бароям панҷ ном аст: Муҳаммад, Аҳмад, Моҳӣ (яъне: маҳвкунанда), ки Худованд куфрро ба сабаби ман маҳв мекунад ва Ҳошир, ки ҳамаи мардум бар қадамҳоям ҳашр мешаванд ва ман Оқиб ҳастам, ки ба ақиби ҳамаи паёмбарон омадаам ва баъд аз ман паёмбаре мабъус намешавад».

**1474.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё аз ин тааҷҷуб намекунед, ки Худованди мутаъол чӣ гуна дашном ва лаънати Қурайшро аз ман мунсариф месозад? Онҳо Музаммамро дашном дода ва лаънат мекунанд, ҳол он, ки номи ман Муҳаммад аст, (Куффори Қурайш лаъанаҳумуллоҳ Паёмбари Худо (с)-

ро Музаммам меномиданд ва Музаммам маъноящ акси маънои Муҳаммад аст).

## БОБИ 30. Хотамун-набиийин (с)

**1475.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мавқеъи ман аз паёмбарони гузашта монанди шахсе аст, ки хонаеро бино мекунад ва ҳамаи гӯша ва канори онро комил менамояд ва зебо месозад, вале дар он таъмир ҷои як хишт холӣ мемонад. Мардуме ба тамошои он хона меоянд ва онро меписанданд, вале мегӯянд: чӣ хуб буд, агар ҷойи ин хишт холӣ намебуд (ва ман омадам ва ҷои он хиштро комил кардам)».

**1476.** Ва дар ривояте дар ҳадиси мазкур ин чиз ҳам омадааст, ки «...магар ҷойи холии як хишт дар як гӯша». Ва дар ривояти дигаре омадааст, ки «... ва ман ҳамон хиштам ва ман хотами анбиё ҳастам».

## БОБИ 31. Вафоти Паёмбари Худо (с)

**1477.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар шастусесолагӣ вафот намуданд.

## БОБИ 32

**1478.** Аз Соиб ибни Язид (р), ки навадучаҳорсола ва шахси қавӣ ва ростандоме буд, ривоят аст, ки гуфт: Ман яқин дорам, ки саломатӣ, шунавоӣ ва биноиям ҷуз дуои Паёмбари Худо (с) сабаби дигаре надорад. Холаам маро назди эшон бурд ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Хоҳарзодаам мариз аст, барои ӯ дуо кунед. Ва эшон барои ман дуо карданд.

## БОБИ 33. Сифати Паёмбари Худо (с)

**1479.** Аз Уқба ибни Ҳорис (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯбакр (р) намози асрро хонд ва берун шуд (ва ин баъд аз чанд рӯзе аз вафоти Паёмбари Худо (с) буд ва дар ин вақт Алӣ (р) низ ҳамроҳаш буд). Ҳасан (р)-ро дид, ки бо дигар атфол бозӣ мекунад (Ҳасан (р) дар ин вақт ҳафтсола буд), ӯро бар шонаи худ савор намуда ва гуфт: Ба сари падарам савганд, ки ӯ ҳамранги Паёмбари Худо (с) аст, на ҳамранги Алӣ. Ва Алӣ (р) механдид.

**1480.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман Паёмбари Худо (с)-ро дидам, Ҳасан ибни Алӣ (р) шабеҳашон буд. Касе барояш гуфт: Мушаххасоти Паёмбари Худо (с)-ро ба мо бигӯ. Гуфт: Паёмбари Худо (с) сафедранг буданд ва дар мӯйҳои сиёҳашон мӯйҳои сафед пайдо шуда буд ва он ҳазрат (с) амр карданд, то ба мо сездаҳ шутур

бидиҳанд, вале пеш аз он, ки мо он шутуронро бигирем, вафот намуданд.

**1481.** Аз Абдуллоҳ ибни Буср (р), ки аз саҳобаҳои Паёмбари Худо (с) буд, пурсиданд: Оё Паёмбари Худо (с)-ро дар ҳоли пирӣ дидӣ? Гуфт: Аз мӯйҳои зери лаби эшон чанд мӯйе сафед шуда буд (теъдоди мӯйҳои сафед, ҳафдаҳ мӯй буд).

**1482.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) миёнақад буданд, на баланд буданд ва на кӯтоҳ, рангашон гулгун буд, на сафеди беранг ва на гандумгун, мӯйҳояшон на муҷаъъад буд ва на рехта. Ҳангоме, ки ваҳй барояшон нозил гардид, чиҳилсола буданд. Даҳ сол дар Макка ваҳй барояшон нозил мешуд ва даҳ сол дар Мадина. Ва ҳангоми вафот бист мӯйи сафед ба сару рӯяшон дида намешуд (аз зоҳири ин ҳадис чунин дониста мешавад, ки умри он ҳазрат (с) шаст сол буд, дар сурате, ки умрашон ба таври собит шасту се сол аст ва сабабаш ин аст, ки Анас (р) муддати нузули ваҳй дар Маккаро баён мекунад, на муддати бақои Паёмбари Худо (с) дар Маккаро ва тавре, ки маъруф аст, дар шаш моҳи аввали беъсат барои Паёмбари Худо (с) рӯъёҳои солеҳа зоҳир мегардид ва дар муддати дуввуним соли дигар ваҳй ба таври комил қатъ гардида буд, ки маҷмӯъи муддати қатъи ваҳй се сол мешавад ва ба ин тариқ умри Паёмбари Худо (с) ҳамон (шасту се сол) мешавад).

**1483.** Ва дар ривояти дигаре аз Анас ибни Молик (р) омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) на бисёр қоматбаланд буданд ва на кӯтоҳқомат, на сафеди беранг ва на гандумгун, на дорои мӯйи муҷаъъад ва на мӯйи рехта. Дар чиҳилсолагӣ ба паёмбарӣ мабъус гардидаанд... (ва бақияи ҳадисро, ки қаблан гузашт, ривоят кард).

**1484.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ҳама зеботар ва хушхӯтар буданд, на бисёр баландқомат буданд ва на кӯтоҳқомат.

**1485.** Аз Анас (р) суол шуд, ки оё Паёмбари Худо (с) мӯйҳои худро ранг мекарданд? Гуфт: На, фақат чанд мӯе дар ду гӯшаи сарашон сафед шуда буд.

**1486.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) миёнақад буданд, байни шонаҳояшон фарох буд ва мӯйҳояшон то ду нармии гӯш мерасид. Изор ва ридоеро пӯшида буданд, ки хатҳои сурх дошт ва ҳеҷ касро зеботар аз эшон надида будам.

**1487.** Ва дар ривояти дигаре аз Бароъ (р) омадааст, ки аз вай пурсида шуд: Оё тобиши рӯи Паёмбари Худо (с) монанди тобиши шамшер буд? Гуфт: На, балки (дар зебоӣ равшанӣ ва гирдӣ) монанди моҳтоб буд.

**1488.** Ривоят аст, ки Абӯҷуҳайфа (р) Паёмбари Худо (с)-ро дар Батҳо дидааст, ки пеши рӯяшон сутра гузошта шуда буд... Ин ҳадис қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки гуфт: Мардум дастҳои

Паёмбари Худо (с)-ро мегирифтанд ва бар рӯи худ мекашиданд ва ман низ дасти Паёмбари Худо (с)-ро гирифтам ва бар рӯи худ гузоштам, дастҳои эшон яхтар аз барф ва хушбӯтар аз мушк буд. (Қобили тазаккур аст, ки сардии даст далолат бар саломатии ҷисм дорад ва дигар ин, ки хушбӯйии Паёмбари Худо (с) табиъӣ буд, яъне бидуни он, ки хушбӯӣ истеъмол карда бошанд, бӯи хуше доштанд).

**1489.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар беҳтарин наслҳои бани Одам (ъ) аз як насл ба насли дигар мунтақил гардидаам (яъне аз салби Исмоил ба Канона ва аз Канона ба Қурайш ва аз Қурайш ба бани Ҳошим), то ин, ки дар ин қарн ба дунё омадам».

**1490.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) мӯйҳои худро бар рӯи (пешонии) худ раҳо мекарданд, вале мушрикин мӯйҳои худро аз фарқи сар ду ҳисса мекарданд ва аҳли китоб мӯйҳои худро раҳо мекарданд. Паёмбари Худо (с) дар мавориде, ки амр ба чизи муайяне намешуданд, мувофиқат бо аҳли китобро дӯст медоштанд (зеро аҳли китоб нисбат ба мушрикин ба ҳақ наздиктар буданд ва аз ин ҷиҳат аст, ки никоҳ кардани занони онҳо равост ва забҳи дасташон низ ҳалол аст) ва баъд аз (он ки мушрикин аз байн рафтанд), эшон мӯйҳои сари худро ду ҳисса карданд.

**1491.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фоҳиш ва мутафаҳҳиш набуданд ва ҳамеша мефармуданд: «Беҳтарини шумо хушахлоқтарини шумо аст».

**1492.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) байни ҳеҷ ду коре мухайяр нашудаанд, магар он, ки агар гуноҳе дар он намебуд, осонтарини онро ихтиёр мекарданд ва агар гуноҳе дар он кори (осонтар) мебуд, нисбат ба ҳамагон аз он бештар дурӣ меҷустанд ва Паёмбари Худо (с) дар мавриди худ ҳаргиз аз касе интиқом нагирифтаанд, вале агар ба ҳурумот ва аҳкоми Худо беэҳтиромӣ мешуд, ҳудуди Худоро ҷорӣ месохтанд.

**1493.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ абрешим ва дебоҷеро ба мулоимии дасти Паёмбари Худо (с) ламс накардаам ва ҳеҷ атр ва хушбӯиро аз бӯи Паёмбари Худо (с) хушбӯтар наёфтаам.

**1494.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз духтари бикр дар саропардааш боҳаётар буданд.

**1495.** Ва дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт: ... ва агар аз чизе бадашон меомад, аз чеҳраашон намоён мегардид (яъне аз ниҳояти ҳаёву шарм бадии он чизро ба забон намеоварданд, вале аз ранги чеҳраашон намоён мегардид, ки аз фалон чиз бадашон омадааст).

**1496.** Аз Абӯҳурайра ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳеҷ таомеро ҳеҷ гоҳ бад нагуфтаанд, агар хушашон меомад, мехӯрданд ва агар хушашон намеомад, аз хӯрдани он худдорӣ мекарданд (ва ин амр аз камоли адаб ва ахлоқашон буд).

**1497.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) тавре санҷида сухан мегуфтанд, ки агар касе мехост суханонашонро шумор кунад, шумор карда метавонист (ва аз ҳамин сабаб буд, ки саҳоба (р) тавонистанд суханони гуҳарбори эшонро ба хотир супурда ва ба оянддагон бирасонанд).

**1498.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мисли шумо инчунин паёпай сухан намегуфтанд.

## БОБИ 34. Чашми Паёмбари Худо (с) мехобид, вале дилашон намехобид

**1499.** Анас (р) аз (вақоеъи) шаби меъроҷи Паёмбари Худо (с) ривоят мекунад, ки пеш аз он, ки бар Паёмбари Худо (с) ваҳй нозил гардид, дар ҳоле, ки дар Масҷидулҳаром бо ду нафари дигар, яъне Ҷаъфар ва Ҳамза (р) хоб буданд, се нафар назди эшон омаданд (гӯянд: ин се нафар Ҷабраил, Микоил ва Исрофил буданд). Аввалӣ пурсид: Он шахсе, ки мо мехоҳем, кадом аст? Гуфт: Он кӣ дар васат аст, аз ҳама беҳтар аст. (Паёмбари Худо (с) дар байни Ҳамза ва Ҷаъфар хоб буданд). Охирин нафари онҳо гуфт: Бояд ҳамон шахси беҳтарро бубарем. Ин охирин чизе буд, ки дар он шаб гуфтанд.

Шаби дигар Паёмбари Худо (с) дар байни хобу бедорӣ диданд, ки боз (он се нафар) омаданд ва чашмони Паёмбари Худо (с) хоб, вале дилашон бедор буд. Паёмбарон чунин ҳастанд, чашми онҳо мехобад ва дилашон намехобад. Ва ҳамон буд, ки Ҷабраил (ъ) омад ва Паёмбари Худо (с)-ро бо худ гирифт ва ба осмон уруҷ намуд.

## БОБИ 35. Аломати нубувват дар Ислом

**1500.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дар минтақаи Завро буданд (Завро ҷое буд дар бозори Мадина), зарфи оберо назди эшон оварданд, дасти худро дар он зарф гузоштанд, об аз байни ангуштонашон фаввора зад ва мардум вузӯ сохтанд. Аз Анас (р) пурсиданд: Шумо (касоне, ки аз он зарф вузӯ сохтед) чанд нафар будед? Гуфт: Сесад нафар ё ҳудуди сесад нафар.

**1501.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо чизҳои хориқулодаро сабаби хайр ва баракат мепиндоштем (масалан ин, ки иддаи бисёре аз таоми андаке сер шаванд ва ё қадаҳи обе сабаби сероб шудани мардуми бисёр гардад ва амсоли инҳо), вале шумо чунин чизҳоро аломати азоб фикр мекунед. Дар сафаре бо Паёмбари Худо (с) будем, об кам шуд, фармуданд: «Каме об биоваред». Зарферо, ки дар он миқдори ками об буд, оварданд. Паёмбари Худо (с) дасти худро дар он зарф ниҳоданд ва фармуданд: «Ба сӯи оби муборак бишитобед ва баракат аз Худост». Ва ман дидам, ки об аз байни ангуштонашон берун мечаҳид ва ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ғизо мехӯрданд, мо садои тасбеҳи

таомеро, ки хӯрда мешуд, мешунидем (инҳо ҳама мӯъҷизоти қотеъе барои исботи нубуввати ҳазрати хатми мартабат (с) буд).

**1502.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «То он вақт қиёмат намешавад, ки шумо бо мардуме, ки кафшҳои онҳо аз мӯй бофта шудааст, ҷиҳод намоед...». Ва ин ҳадис қаблан гузашт (ба ҳадиси 1262 мурочаъат шавад) ва дар охири ин ривоят омадааст, ки «... ва рӯзе хоҳад омад, ки дидани ман барои шахс дӯстдоштанитар аз мол ва авлодаш бошад».

**1503.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «То он замон қиёмат намешавад, ки бо мардуми минтақаи Хуз ва Кирмон аз диёри мардуми аҷам ҷанг намоед, рӯи он мардум сурх ва биниҳои онҳо ҳамвор аст, чашмҳояшон хурд ва рӯяшон ба монанди сипари чакишхӯрда аст ва кафшҳояшон аз мӯй мебошад».

**1504.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ҳамин қарияи аз Қурайш мардумро ҳалок хоҳад сохт. Мардум гуфтанд: Моро ба чӣ чиз амр мефармоед? Фармуданд: «Ай кош мардум аз онҳо гӯшагирӣ намоянд».

**1505.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигар омадааст, ки (гуфт): Аз содиқ ва масдуқ шунидам, ки мефармуданд: «Ҳалоки уммати ман ба дасти гурӯҳе аз Қурайш аст». Ва агар бихоҳед, онҳоро ном мебарам: Бани фалон ва бани фалон ҳастанд.

**1506.** Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум аз Паёмбари Худо (с) аз хайр пурсон мекарданд, вале ман аз тарси он, ки домангирам нашавад, аз шар ва бадӣ пурсиш мекардам. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, мо замоне дар бадбахтӣ ва ҷоҳилият будем ва Худованд ин хайрро (яъне дини Исломро) насиби мо сохт, оё баъд аз ин хайр боз шар ва бадбахтӣ хоҳад буд? Фармуданд: «Бале!»

Гуфтам: Баъд аз он шар ва бадбахтӣ боз хайре хоҳад буд? Фармуданд: «Бале». (Қозӣ Аёз мегӯяд: Ин хайре, ки баъд аз шар аст, хилофати Умар ибни Абдулазиз (р) аст). Вале дар ӯ фасоде ҳам ҳаст». Пурсидам: Фасодаш чист? Фармуданд: «Касонеанд, ки мардумро ба роҳи дигаре ғайр аз роҳи ман ҳидоят мекунанд, дар корҳои онҳо умури хуб ва бадро мебинӣ».

Гуфтам: Оё баъд аз ин хайр боз шарре хоҳад буд? Фармуданд: Бале, касонеанд, ки мардумро ба тарафи дӯзах даъват мекунанд, касе, ки даъвати онҳоро бипазирад, ӯро дар ҷаҳаннам меандозанд» (гӯянд мурод аз ин гурӯҳ хавориҷ ва қаромита мебошад).

Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Нишони онҳоро барои мо бигӯед, фармуданд: «Мардумеанд аз қавми худи мо ва ба забони худи мо сухан мегӯянд». Гуфтам: Агар замони онҳоро дарёфтам, маро ба чӣ чиз амр мефармоед? Фармуданд: «Бо ҷамоати мусалмонон ва имоми онҳо бош!» Гуфтам: Агар ҷамоат ва имоме надоштанд? Фармуданд: «Аз ҳамаи он аҳзоб ва гурӯҳҳо гӯшагирӣ кун, агарчанде ки решаи дарахтро

бихӯрӣ ва то ҳангоми марг ба ҳамин тариқ зиндагонӣ кунӣ».

**1507.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки аз Паёмбари Худо (с) ба шумо сухан мегӯям, афтодан аз осмонро аз дурӯғ бастан ба Паёмбари Худо (с) бештар дӯст медорам ва вақте, ки аз тарафи худ сухан мегӯям, ҷанг фиребкорист. Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Дар охири замон мардуме хоҳанд омад, ки синнашон кам ва ақлашон норасо аст, гуфтаҳои онҳо аз Қуръон аст, вале аз Ислом бо ҷунон суръате хориҷ мешаванд, ба монанде, ки тир аз ҳадаф хориҷ мегардад. Имони онҳо аз гулӯяшон таҷовуз намекунад, дар ҳар ҷое, ки онҳоро дидед, ба қатл бирасонед, зеро куштани онҳо дар рӯзи қиёмат сабаби музд барои қотили онҳо аст».

**1508.** Аз Хаббоб ибни Арат (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки дар канори Каъба ба чодари худ такя карда буданд, шикоят намуда гуфтам: Оё барои мо талаби нусрат намекунед? Оё аз Худо намехоҳед, то бо мо кӯмак намояд? Фармуданд: «Дар замони пеш аз шумо барои шахс гудол мекарданд, ӯро дар он ҳуфра (гудол) рост мемонданд ва бо арра ду нимаш менамуданд ва ин чиз ӯро аз динаш боз намедошт ва бо шонаи оҳанин гӯшташро то вақте, ки ба устухон мерасид, шона мекарданд ва ин чиз ҳам ӯро аз динаш боз намедошт. Савганд ба Худованд аст, ки Худованди мутаъол динашро комил месозад, ба тавре, ки шахсе аз Санъо савора ба Ҳазрамавт биравад, ба ҷуз аз Худо аз каси дигар натарсад ва ё ҷуз аз гурге, ки ба гӯсфандонаш ҳамла кунад, аз чизи дигаре натарсад, вале шумо аҷалаву шитоб мекунед».

**1509.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) (чанд рӯзе) Собит ибни Қайсро надиданд. Шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман хабарашро барои шумо хоҳам овард. Ин шахс омад ва дид, ки дар хонааш сар ба зону нишастааст, пурсид: Туро чӣ шудааст? Гуфт: Бадбахтӣ аст (ва сабаби ин бадбахтӣ ин аст, ки) овози худро аз овози Паёмбари Худо (с) баландтар мекардам ва ин чиз аъмоламро ҳабата карда, аз байн бурдааст ва дар натиҷа аз аҳли дӯзах хоҳам буд. Он шахс назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт, ки Собит ибни Қайс (р) чунин ва чунон мегӯяд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Наздаш бирав ва бигӯ, ки ту аз аҳли дӯзах нестӣ, балки аз аҳли биҳишт ҳастӣ». Ва ӯ ин хабари хушро барои (Собит ибни Қайс (р) расонид.

**1510.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе (дар намоз) сураи Каҳфро мехонд. (Ин шахс Усайд ибни Ҳузайр буд), дар хонааш аспе буд ва шурӯъ ба ноороми кард, намозро салом дод ва дид, ки абре ӯро фаро гирифтааст, ин мавзӯъро барои Паёмбари Худо (с) гуфт, фармуданд: «Эй фалон! Ба Қуръон хонданат идома медодӣ, зеро он абр оромиш ва рӯҳонияте аст, ки ба сабаби хондани Қуръон нозил гардида буд ва ё таназзул карда буд». (Табаронӣ аз Алӣ (р) ривоят мекунад, ки барои он абр сурате буд монанди сурати инсон).

**1511.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба дидани шахси бодиянишине рафтанд ва одати Паёмбари Худо (с) ин буд, ки ҳангоми аёдат аз мариз мегуфтанд: «Чизе нест, иншоаллоҳ, ки сабаби аз байн рафтани гуноҳони ту мешавад». Ва барои он шахс ҳам гуфтанд, ки «чизе нест ва иншоаллоҳ сабаби омурзиши гуноҳони ту мешавад». Он шахс гуфт: Фармудед, ки сабаби омурзиши гуноҳони ту мешавад? На, балки ин гармии сӯзоне аст, ки ба ҷони пири марди кӯҳансоле даргирифта ва ӯро ба қабр раҳнамой хоҳад кард. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Пас ҳоло, ки чунин мегӯӣ, бале».

**1512.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси насронӣ мусалмон шуд ва сураи «Бақара» ва «Оли Имрон»-ро хонд ва барои Паёмбари Худо (с) чизҳоеро менавишт. Дубора аз ислом баргашт ва ба насроният гароид ва мегуфт: Муҳаммад ба ҷуз чизҳоеро, ки ман бароящ навишта мекардам, чизи дигареро намедонад. Худованди мутаъол он шахсро ҳалок сохт, мардум дафнаш карданд, чун субҳ шуд, диданд, ки хок ӯро берун андохтааст, қавмҳояш гуфтанд: Ин кори Муҳаммад (с) ва ёрони ӯст, зеро ӯ аз назди онҳо гурехта буд ва онҳоянд, ки ӯро аз қабраш кашида берун андохтаанд. Барояш чуқурии амиқтаре канданд ва ӯро дафн карданд. Чун субҳ шуд, диданд, ки хок ӯро берун андохтааст, гуфтанд: Ин кори Муҳаммад ва ёрони ӯст, ки қавми моро аз қабр кашида ва берун андохтаанд, зеро ӯ аз назди онҳо гурехта буд. Ин бор то ҷое, ки метавонистанд, барояш чуқурии амиқе канданд ва ӯро дар он дафн намуданд, чун субҳ шуд, боз диданд, ки аз хок берун андохта шудааст, фаҳмиданд, ки кори касе нест (ва кори Худованди мутаъол аст) ӯро бурданд ва дар ҷое андохтанд.

**1513.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оё бистари махмал доред?» (Паёмбари Худо (с) ин саволро ҳангоме аз Ҷобир (р) намуданд, ки вай издивоҷ карда буд). Гуфтам: Мо куҷо ва бистари махмал куҷо? Фармуданд: «Бидонед, ки ба зудӣ соҳиби бистари махмал хоҳед шуд». Ман ба ҳамсарам мегӯям, ки бистари махмалатро дур кун, ӯ мегӯяд: Магар Паёмбари Худо (с) нафармуданд, ки «Ба зудӣ соҳиби бистари махмал хоҳед шуд».

**1514.** Ривоят аст, ки Саъд ибни Муъоз (р) ба Умайя ибни Халаф гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Ман туро хоҳам кушт. Гуфт: Маро? Гуфтам: Бале. Гуфт: Ба Худованд савганд, вақте, ки Муҳаммад чизе бигӯяд, дурӯғ намегӯяд. Ва ҳамон буд, ки дар ҷанги Бадр кушта шуд ва ин ҳадис дорои қиссае аст, ки мазмунаш ҳамин чиз аст».

**1515.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки Ҷабраил (ъ) дар ҳоле, ки Умми Салама (р) назди Паёмбари Худо (с) буд, ба ҳузури эшон омад, чизе бо эшон сухан гуфт ва рафт. Паёмбари Худо (с) ба Умми Салама (ъ) гуфтанд: «Ин шахс кӣ буд?» Гуфт: Диҳя буд. Умми Салама (р) мегӯяд: То рӯзе, ки хутбаи Паёмбари Худо (с)-ро дар мавриди хабари Ҷабраил (ъ) нашунида будам, фикр намекардам, ки ӯ ҷуз Диҳя

шахси дигаре бошад (Ҷабраил (ъ) баъзе вақтҳо ба сурати Диҳяи Қалбӣ (р) нозил мегардид).

**1516.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар хоб дидам, ки мардум дар ҷое ҷамъ шудаанд, Абӯбакр (р) бархост, як ё ду сатил об кашид ва дар об кашиданаш гоҳе заиф намуд, (ишорат ба будани футуҳоти замони Абӯбакр (р) аст) ва Худованд барояш биомурзад. Баъд аз он сатилро Умар гирифт ва сатил ба дасти Умар мубаддал ба машке шуд ва ман ҳеҷ сардори қавмеро надидаам, кори шоистаеро, ки Умар мекард, карда бошад (он қадар об кашид), ки ҳавзи сари чоҳро пур кард ва мардум сероб баргаштанд».

## БОБИ 36. Ин қавли Худованд, ки: «Паёмбари Худо (с)-ро монанди фарзандони худ мешиносанд...» *(Бақара: 146)*

**1517.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки яҳуд назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтанд: Марду зане аз мо бо ҳам зино кардаанд. Паёмбари Худо (с) аз эшон пурсиданд: «Дар Таврот дар бораи зино чӣ омадааст?» Гуфтанд: Ин, ки онҳоро расво бисозем ва тозиёна бизанем. Абдуллоҳ ибни Салом гуфт: Дурӯғ мегӯед, ҳукми зино дар Таврот сангсор кардан аст. Тавротро оварданд ва боз карданд, яке аз яҳудон дасти худро бар болои ояи раҷм гузошт ва мо қабл ва мо баъди онро хонд. Абдуллоҳ ибни Салом (р) (Абдуллоҳ ибни Салом аз яҳуди бани Қайнуқоъ ва номаш Ҳусайн буд ва баъд аз ин, ки мусалмон шуд, ӯро Абдуллоҳ номиданд ва Паёмбари Худо (с) ӯро башорат ба ҷаннат доданд) гуфт: Дастатро бардор. Чун дасти худро бардошт, ояи раҷм дар зери дасташ буд. Яҳудон гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Абдуллоҳ ибни Салом рост мегӯяд, дар Таврот ояти раҷм омадааст. Ва Паёмбари Худо (с) амр намуданд ва он ду зинокорро сангсор карданд.

## БОБИ 37. Дархости мушрикин, ки Паёмбари Худо (с) барои онҳо мӯъҷиза нишон бидиҳад ва эшон барои онҳо шаққи қамарро нишон доданд

**1518.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд(р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) моҳтоб дупора гардид ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Нигоҳ кунед ва бар ин мӯъҷиза) шаҳодат бидиҳед».

**1519.** Аз Урваи Бориқӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба дасташ диноре доданд, то барояшон гӯсфанде бихаранд. Урва (р) рафт ва ба як динор ду гӯсфанд харид, якеро ба як динор фурӯхт ва дигареро бо як динор назди Паёмбари Худо (с) овард ва эшон дуо карданд, ки дар хариду фурӯши худ баракат бубинад. Ва баъд аз он агар хокро мехарид, фоида мекард.

# - 56 -
# КИТОБИ ФАЗОИЛИ САҲОБА (Р)

**Саҳоба мусалмоне аст, ки бо Паёмбари худо (с) ҳамсӯҳбат шуда бошад ва ё эшонро дида бошад**

## БОБИ 1

**1520.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане назди Паёмбари Худо (с) омад, ба вай амр карданд, ки боз ҳам наздашон биёяд. Он зан гуфт: Агар омадам ва шуморо надидам, гӯё маргро дар назар дошт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар маро наёфтӣ, назди Абӯбакр (р) бирав» (Ин ҳадис бар ҷонишинии Абӯбакр (р) баъд аз Паёмбари Худо (с) бо сароҳат далолат мекунад).

**1521.** Аз Аммор (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дар вақте дидам, ки ҷуз аз панҷ нафар аз ғуломон ва ду зан ва Абӯбакр (р) каси дигаре бо эшон набуданд.

**1522.** Аз Абӯдардо (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) нишаста будам, ки Абӯбакр (р) дар ҳоле, ки гӯшаи пироҳанашро то баландии зонуҳояш боло карда буд, омад. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин шахс ҷанг ва мухосама намудааст». Абӯбакр (р) салом дод ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Байни ман ва байни Ибни Хаттоб чизе воқеъ шуда буд, ба суръат наздаш рафтам ва изҳори пушаймонӣ намудам ва аз ӯ хостам, то маро афв намояд, вале вай ибо варзид ва инак назди шумо омадам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Абӯбакр! Худованд туро биомурзад». Ва ин суханро се бор такрор намуданд.

Аз тарафи дигар Умар (р) пушаймон шуд, ба хонаи Абӯбакр (р) рафт ва пурсид: Абӯбакр мавҷуд аст? Гуфтанд: На! Ва ӯ ҳам назди Паёмбари Худо (с) омаду салом дод. Ва ранги Паёмбари Худо (с) тағйир ёфта буд, то ҷое, ки Абӯбакр (р) ҳам тарсид. Баъд аз он Умар (р) ба ду зону нишаст ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ба Худованд савганд, ки гуноҳ бештар аз ман буд. Ва ин суханро ду бор такрор намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд маро ба сӯи шумо фиристод ва шумо гуфтед, ки дурӯғ мегӯяд ва Абӯбакр гуфт, ки рост мегӯяд. Илова бар он бо ҷон ва моли худ бо ман ҳамкорӣ намуд ва оё мешавад, ки дӯстамро бароям вогузоред» (ва ӯро азият накунед). Ва ин суханро ду бор такрор намуданд ва аз он рӯз ба баъд Абӯбакр (р) мавриди азияти касе қарор нагирифт.

**1523.**- Амр ибни Ос (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) маро саркардаи лашкари ғазваи Зотусалосил (номи ҷоест ва ин ғазва дар соли ҳафтуми ҳиҷрӣ воқеъ гардида буд), таъин намуданд. Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва гуфтам: Маҳбубтарин мардум назди шумо кист? Фармуданд: «Оиша». Гуфтам: Аз мардҳо кадом касе аст? Фармуданд: «Падари Оиша». Гуфтам: Баъд аз он кадом шахсест? Фармуданд: «Умар ибни Хаттоб». Ва аз ашхоси дигаре ҳам ном бурданд (Гӯянд, аз ҷумлаи касоне, ки Паёмбари Худо (с) аз онҳо ном бурданд, Абӯубайда ибни Ҷароҳ буд).

**1524.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ҷомаашро аз рӯи кибр дароз намояд, Худованди мутаъол дар рӯзи қиёмат ба тарафаш назар намекунад». Абӯбакр (р) гуфт: Як тарафи пироҳанам дароз мешавад (гӯянд, сабаби дароз шудани як тарафи пироҳани Абӯбакр (р) он буд, ки вай ҳангоми роҳ рафтан худро ба як тараф мутамоил месохт), магар он ки онро бигирам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ту ин корро аз рӯи кибр намекунӣ».

**1525.** Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) мегӯяд: Дар хонаам вузӯ сохтам, баъд аз он берун шудам ва бо худ гуфтам: Назди Паёмбари Худо (с) меравам ва имрӯз дар хидмати эшон мебошам. Ҳамон буд, ки ба масҷид омадам ва пурсидам: Паёмбари Худо (с) куҷо ҳастанд? Гуфтанд: Берун шуданд ва ба фалон тараф рафтанд.

Абӯмӯсо (р) мегӯяд: Ба ҳамон тараф рафтам ва аз эшон пурсиш менамудам, то дидам, ки ба бӯстони чоҳи Арис рафтаанд. Арис номи бӯстоне аст дар Мадинаи мунаввара, наздики Қубо ва чоҳи Арис дар ҳамин бӯстон воқеъ аст ва ангуштарии Паёмбари Худо (с) аз дасти Усмон (р) дар ҳамин чоҳ афтод), ман дар назди дари бӯстон нишастам ва дарвозаи он бӯстон аз чӯби дарахти хурмо сохта шуда буд. Ҳамин тавр интизор кашидам, то ки Паёмбари Худо (с) қазои ҳоҷат намуда ва вузӯ сохтанд, наздашон рафтам. Дидам, ки дар рӯи девори чоҳ нишастаанд, соқи пойҳои худро бараҳна намуда ва поҳои худро дар чоҳ овезон кардаанд, салом кардам ва баъд аз салом кардан баргаштам ва боз дар назди дар нишастам ва бо худ гуфтам, ки имрӯз дарвозабони Паёмбари Худо (с) хоҳам шуд.

Абӯбакр (р) омад ва дарро кӯбид, гуфтам: Кистӣ? Гуфт: Абӯбакрам. Гуфтам: Мунтазир бош! Рафтам ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Абӯбакр (р) аст, иҷоза мехоҳад. Фармуданд: «Барояш иҷоза бидеҳ ва барояш башорат бидеҳ, ки аз аҳли ҷаннат аст». Омадам ва барояш гуфтам: Дохил шав ва Паёмбари Худо (с) туро башорат ба ҷаннат доданд. Абӯбакр (р) омад ва ба тарафи рости Паёмбари Худо (с) рӯи девори чоҳ нишаст ва монанди Паёмбари Худо (с) соқҳояшро бараҳна сохт ва поҳояшро дар чоҳ овезон намуд. Боз омада ва дар назди дар нишастам.

Ва чун дар вақти хориҷ шудан аз хона қарор буд, ки бародарам вузӯ бисозад ва назди ман биёяд, бо худ гуфтам: Агар Худованд хайрро насибаш карда бошад, ӯро ба ин ҷо раҳнамун хоҳад сохт. Дар ин фикр будам, ки дидам касе дарро ҳаракат медиҳад, гуфтам: Кистӣ? Гуфт: Умар ибни Хаттобам. Гуфтам: Мунтазир бош. Назди Паёмбари Худо (с) рафтам ва салом карда ва гуфтам: Умар ибни Хаттоб аст, иҷоза мехоҳад. Фармуданд: «Барояш иҷоза бидеҳ ва ӯро башорат бидеҳ, ки аз аҳли ҷаннат аст». Омадам ва гуфтам: Дохил шав! Ва Паёмбари Худо (с) туро башорат ба ҷаннат доданд. Ӯ ҳам омад ва бар рӯи девори чоҳ ба тарафи чапи Паёмбари Худо (с) нишаст ва поҳои худро дар чоҳ овезон намуд. Боз баргаштам ва нишастам ва бо худ гуфтам: Агар Худованд барои фалонӣ иродаи хайр дошта бошад, ӯро ба ин ҷо роҳнамун хоҳад сохт.

Дар ин фикр будам, ки шахсе омад ва дарвозаро ҳаракат дод, гуфтам: Кистӣ? Гуфт: Усмон ибни Аффонам. Гуфтам: Мунтазир бош. Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва эшонро хабар додам, фармуданд: «Барояш иҷоза бидеҳ ва ӯро ба сабаби мусибате, ки ба он гирифтор мешавад, ба ҷаннат башорат бидеҳ» (ин ишора ба мусибате аст, ки дар он ба шаҳодат расид). Омадам ва барояш гуфтам: Дохил шав ва Паёмбари Худо (с) туро ба сабаби мусибате, ки ба он гирифтор хоҳӣ шуд, ба ҷаннат башорат додаанд. (Дар ривояте омадааст, ки чун Усмон (р) ин суханро шунид, гуфт: Аллоҳу мустаъон). Усмон (р) дохил шуд ва дид, ки девори сари чоҳ пур шудааст, дар тарафи муқобил пеши рӯи Паёмбари Худо (с) нишаст.

**1526.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Саҳобаҳоямро дашном надиҳед, агар касе аз шумоён ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло хайрот бидиҳад, ба андозаи як муште, ки онҳо садақа додаанд ва ҳатто ба андозаи ним муште, ки онҳо садақа додаанд, баробар намешавад».

**1527.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бо Абӯбакр ва Умар ва Усмон (р) болои кӯҳи Уҳуд баромаданд, кӯҳи Уҳуд ларзид, фармуданд: «Эй Уҳуд! Ором бош, зеро бар болои ту як Паёмбар ва як Сиддиқ ва ду Шаҳид аст».

**1528.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман бо иддаи дигаре истода будам ва дар ҳоле, ки Умар ибни Хаттоб (р) (баъд аз шаҳодаташ) барои ғусл кардан рӯи тахтааш қарор дода шуда буд, дар ҳаққи ӯ дуо мекардем. Шахсе омад ва дасташро рӯи шонаам гузошт ва гуфт: Худо бар ту раҳмат кунад (тарафи хитобаш Умар ибни Хаттоб (р) буд). Ман ҳамеша умедвор будам, ки Худованди мутаъол туро бо ду ҳамнишини дигари ту (ки Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакри Сиддиқ (р) бошанд), якҷо созад, зеро бисёр вақтҳо аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: «Ман ва Абӯбакр ва Умар (дар фалон ҷо) будем ва ман ва Абӯбакр ва Умар чунин кардем ва ман ва Абӯбакр ва Умар ба

фалон ҷо рафтем». Аз ин сабаб ҳамеша умедвор будам, ки Худованд туро бо он ду нафар якҷо созад. Чун ба пушти сари худ назар кардам, дидам ки Алӣ ибни Абӯтолиб (р) аст.

## БОБИ 2. Манокиби (фазилатҳои) Умар ибни Хаттоб (р)

**1529.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар хоб дидам, ки ба ҷаннат дохил шудаам, дар ин вақт Румайсо, ҳамсари Абӯталҳаро дидам (номи Румайсо Саҳла бинти Малҳон, холаи разоии Паёмбари Худо (с) аст) ва садои пойеро шунидам. Гуфтам: Ин кист? Гуфт: Билол аст (гӯянда шояд Ҷабраил (ъ) ва шояд худи Билол (р) бошад). Ва қасреро дидам, ки дар канори он духтараке нишастааст. Гуфтам: Ин қаср аз кист? Гуфтанд: Аз Умар аст. Мехостам дохил шавам ва он қасрро бубинам, вале ғайратат (рашкат)-ро ба ёд овардам». Умар (р) гуфт: Падару модарам фидои шумо! Оё дар муқобили шумо ҳам изҳори ғайрат мекунам?

**1530.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) дар бораи қиёмат пурсиш намуд ва гуфт: Кадом вақт қиёмат мешавад? Фармуданд: «Барои қиёмат чӣ омода кардаӣ?» Гуфт: Ҳеҷ чиз, вале Худо ва Расулашро дӯст медорам. Фармуданд: «Ту бо он касе ҳастӣ, ки ӯро дӯст медорӣ».

Анас (р) мегӯяд: Мо ба ҳеҷ чизе ба андозаи ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: «Ту бо он касе ҳастӣ, ки ӯро дӯст медорӣ», хушҳол нашудем.

Анас (р) гуфт: Ман Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр ва Умар (р)-ро дӯст медорам ва умедворам, ки бо онҳо бошам, агарчи амале ба мисли аъмоли онҳо анҷом надодаам (мурод аз бо ҳам будан муҷарради бо ҳам будан аст, на баробарӣ дар мартабаҳо).

**1531.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз гузаштагони қавми бани Исроил касоне буданд, ки бидуни он, ки паёмбар бошанд, барои онҳо илҳом мешуд, агар аз уммати ман касе чунин бошад, Умар аст» (калимаи шартӣ, ки «агар» аст, дар ин ҷо барои тардид нест, балки барои таъкид аст, зеро дар сурате, ки чунин ашхосе дар умматони мафзула вуҷуд дошта бошад, ба тариқи авлалӣ дар уммати фозила вуҷуд доранд).

## БОБИ 3. Манокиби Усмон ибни Аффон (р)

**1532.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки шахсе аз аҳли Миср омад (ин шахс номаш Язид ибни Башар Саксакӣ буд) ва ба вай гуфт: Оё хабар дорӣ, ки Усмон дар рӯзи ҷанги Уҳуд гурехта буд? Гуфт: Бале. Гуфт: Оё хабар дорӣ, ки ӯ дар ҷанги Бадр ғоиб гардида ва ҳозир нашуда буд? Гуфт: Бале. Гуфт: Оё хабар дорӣ, ки ӯ аз Байъати ризвон ғоиб гардида ва ҳозир нашуда буд? Гуфт: Бале. Гуфт: Аллоҳу акбар!

Ибни Умар (р) барояш гуфт: Биё, то бароят бигӯям, ҳар чӣ, ки масъалаи фирораш аз ҷанги Уҳуд аст, ман шаҳодат медиҳам, ки Худованд ӯро афв намуда, мавриди омурзиш қарор додааст ва ҳар чӣ ки ғоиб шуданаш аз ҷанги Бадр аст, сабабаш он аст, ки ҳамсараш, - духтари Паёмбари Худо (с) мариз буд ва Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: «Барои ту савоб ва насиби касе аст, ки дар ҷанг иштирок менамояд» (ин духтари Паёмбари Худо (с) номаш Руқия буд) ва аммо сабаби ғоиб буданаш аз Байъати ризвон он буд, ки агар дар тамоми Макка шахси дигаре аз Усмон (р) мӯҳтарамтар мебуд, Паёмбари Худо (с) ивази вай ӯро ба Макка мефиристоданд ва сабаби ҳамин эҳтиромаш буд, ки Паёмбари Худо (с) ӯро фиристоданд. Ва Байъати ризвон баъд аз рафтани ӯ ба тарафи Макка воқеъ гардид ва Паёмбари Худо (с) дасти рости худро гузошта ва фармуданд: «Ин дасти Усмон аст» ва ба дасти дигари худ болои он заданд ва гуфтанд: «Ин барои Усмон». Баъд аз он Ибни Умар (р) барои он шахс гуфт: Он чиро, ки бароят гуфтам, бо худ бигир ва бирав (то баъд аз ин дар дилат нисбат ба Усмон (р) шубҳа боқӣ намонад).

## БОБИ 4. Маноқиби Алӣ ибни Абитолиб (р)

**1533.** Аз Алӣ ибни Абитолиб (р) ривоят аст, ки Фотима (р) аз мушкилоти осиёб ба машаққат афтода буд. Барои Паёмбари Худо (с) асиронеро оварданд. Фотима (р) назди Паёмбари Худо (с) рафт (то шояд аз он асирон якеро дар хидмати вай қарор диҳанд) ва эшонро наёфт ва Оиша (р)-ро ёфт ва мушкилоти худро бо ӯ дар миён гузошт. Чун Паёмбари Худо (с) омаданд, Оиша (р) мавзӯи омадани Фотима (р)-ро барои эшон гуфт.

Фотима (р) мегӯяд (ва эҳтимол дорад, ки гӯянда Алӣ (р) бошад): Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки мо истироҳат карда будем, назди мо омаданд, мехостам бархезам, фармуданд: «Ҳамон таври истироҳат бошед». Ва тавре дар байни мо (наздик) нишастанд, ки сардии пояшонро ба рӯи синаи худ эҳсос намудам ва фармуданд: «Оё намехоҳед шуморо ба чизе беҳтар аз он чӣ, ки хостаед, раҳнамоӣ намоям? Ҳангоме, ки бар болои бистари худ рафтед, сию чаҳор мартаба «Аллоҳу Акбар» ва сию се мартаба «субҳоналлоҳ» ва сию се мартаба «алҳамдулиллоҳ» бигӯед. Ин аз ходиме барои шумо беҳтар аст».

## БОБИ 5. Маноқиби ақорибн Паёмбари Худо (с)

**1534.** Аз Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҷанги Аҳзоб ман ва Умар ибни Салама дар байни занҳо будем, нигоҳ кардем, ки Зубайр (р) дар ҳоле, ки бар болои аспаш савор буд, ба тарафи бани Қурайза ду-се бор рафтуомад намуд. Чун баргаштем, гуфтам: Падари

меҳрубонам! Дидам, ки ба тарафи бани Қурайза рафтуомад доред. Гуфт: Магар маро дидӣ? Гуфтам: Бале! Гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) фармуда буданд: «Кист, ки хабари бани Қурайзаро барояш биоварад?» Ман рафтам ва ин корро кардам ва чун баргаштам, Паёмбари Худо (с) падар ва модарашонро дар мавриди ман бо ҳам зикр намуда фармуданд: «Падару модарам фидои ту бод!»

## БОБИ 6. Сифати Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р)

**1535.** Ва аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар баъзе аз рӯзҳое, ки Паёмбари Худо (с) дар онҳо ба ҷиҳод рафта буданд (мурод аз он рӯзҳо рӯзҳои ғазваи Уҳуд аст), ба ҷуз аз Талҳа ва Саъд (р) каси дигаре дар майдон боқӣ намонда буд.

**1536.** Ривоят аст, ки Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) бо дасти худ Паёмбари Худо (с)-ро ҳимоя менамуд ва аз зарбаҳои зиёде, ки (куффор) бар вай ворид карданд, дасташ шал гардид.

## БОБИ 7. Манокиби Саъд ибни Абӯваққоси Зӯҳрӣ (р)

**1537.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи ҷанги Уҳуд Паёмбари Худо (с) байни падар ва модари худ ҳар ду ҷамъ карданд (яъне фармуданд: Падару модарам фидои ту).

## БОБИ 8. Сифати домодҳои Паёмбари Худо (с)

**1538.** Аз Мисвар ибни Махрама (р) ривоят аст, ки гуфт: Алӣ (р) духтари Абӯҷаҳлро хостгорӣ намуд. Фотима (р) ин хабарро шунид, назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Қавми шумо ин тавр фикр мекунанд, ки шумо ба духтарони худ эътиное надоред ва ин, ки Алӣ (р) рафта ва духтари Абӯҷаҳлро хостгорӣ менамояд. Паёмбари Худо (с) бархостанд ва худам хутба додани эшонро шунидам, ки мегуфтанд: «...аммо баъд! (Духтарамро) ба Абулъос ибни Рабеъ ба никоҳ додам, бароям гуфта буд, ки зани дигаре бо ӯ ба никоҳ нахоҳам гирифт ва ба ин ваъдаи худ вафо намуд. Фотима ҷигаргӯшаи ман аст ва аз чизе, ки бадаш биёяд, маро мукаддар ва озурдахотир месозад. Ба Худованд савганд, ки байни духтари Паёмбари Худо (с) ва духтари душмани Худо дар никоҳи як шахс ҷамъ нахоҳад шуд». Ва ҳамон буд, ки Алӣ (р) хостгории духтари Абӯҷаҳлро гузошт.

**1539.** Ва аз Мисвар ибни Махрама (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки яке аз домодҳои худ аз бани Шамсро ёд карданд (ин домоди Паёмбари Худо (с) Абулъос ибни Рабеъ буд) ва аз хешовандии худ бо ӯ таъриф ва таҳсин намуда ва фармуданд: «Он чӣ, бароям гуфт, рост гуфт ва ба он чӣ бо ман ваъда карда буд, вафо намуд».

## БОБИ 9. Маноқиби Зайд ибни Ҳориса, ғуломи озодшудаи Паёмбари Худо (с)

**1540.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) гурӯҳеро (ба ҷиҳод) фиристоданд ва Усома ибни Зайдро бар онҳо амир таъин намуданд, баъзе аз мардум аз аморати ӯ интиқод намуданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар имрӯз аз аморати ӯ интиқод мекунед, қаблан аз аморати падараш низ интиқод мекардед ва ба Худованд савганд, ки падараш сазовори аморат буд ва аз ҷумлаи маҳбубтарини мардумон дар наздам буд ва фарзандаш (Усома) дар наздам аз маҳбубтарини мардумон аст».

**1541.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси қофияшиносе наздам омад ва дар ин вақт Паёмбари Худо (с) ҳузур доштанд ва Усома ибни Зайд ва Зайд ибни Ҳориса дар он ҷо истироҳат мекарданд ва гуфт: Пойҳои ин ду нафар аз якдигар аст. Паёмбари Худо (с) аз ин сухан хушашон омад ва хушҳол гардиданд ва аз ин мавзӯъ ба Оиша (р) низ хабар доданд.

## БОБИ 10. Сифати Усома ибни Зайд (р)

**1542.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки зане аз бани Махзум дуздӣ кард. Гуфтанд: Кадом касеро бифиристем, ки бо Паёмбари Худо (с) (дар ин мавзӯъ) ҳарф бизанад? Касе ҷуръат накард, вале Усома ибни Зайд (р) (дар мавзӯъ) бо эшон сухан гуфт, фармуданд: «Одати Бани Исроил он буд, ки агар шахси шарифе дар онҳо дуздӣ мекард, аз вай чашмпӯшӣ мекарданд ва агар шахси заиф ва бечорае дуздӣ мекард, дасташро қатъ менамуданд ва агар Фотима (р) (духтари Муҳаммад (с) дуздӣ менамуд, дасташро қатъ мекардам».

**1543.** Аз Усома ибни Зайд (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ӯ ва Ҳасан (р)-ро (дар оғӯш) мегирифтанд ва мегуфтанд: «Худоё! Инҳоро дӯст дошта бош, чун ман инҳоро дӯст дорам».

## БОБИ 11. Маноқиби Абдуллоҳ ибни Умар (р)

**1544.** Аз Ҳафса (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бароям гуфтанд, ки «Абдуллоҳ шахси неке аст».

## БОБИ 12. Маноқиби Аммор ва Ҳузайфа (р)

**1545.** Аз Абӯдардо (р) ривоят аст, ки: ҷавоне дар масҷид дар шом ба паҳлӯяш нишаст (номи ин ҷавон Алқама буд ва ҳангоми дохил шудан ба масҷид) дуо карда буд, ки Худоё! Бароям ҳамнишини солеҳеро муяссар намо. Абӯдардо (р) аз он ҷавон пурсид: Аз кадом мардумӣ? Гуфт: Аз аҳли Куфа. Пурсид: Оё он шахсе, ки асрори Паёмбари Худо

(с)-ро медонист ва ғайр аз ӯ шахси дигаре он асрорро намедонист, дар байни шумо нест? Мақсадаш Абӯҳузайфа буд. (Алқама) мегӯяд: Гуфтам: Мавҷуд аст. Абӯдардо пурсид: Оё касе, ки Худованди мутаъол ӯро бар забони Паёмбари Худо (с) аз шайтон паноҳ додааст, дар байни шумо мавҷуд нест?

Мақсадаш Аммор буд. (Алқама мегӯяд) гуфтам: Мавҷуд аст. Абӯдардо пурсид: Оё касе, ки мисвоки Паёмбари Худо (с)-ро бо худ бармедошт, ё касе ки соҳиби сирри Паёмбари Худо (с) буд, дар байни шумо мавҷуд нест? (Мақсадаш Абдуллоҳ ибни Масъуд буд). (Алқама) гуфт: Мавҷуд аст. Абӯдардо (р) пурсид: Абдуллоҳ (ибни Масъуд (р) ин সураро чӣ гуна тиловат менамуд «валлайли изо яғшо ван наҳори изо таҷалло?» Гуфт: «аз-закара валунсо» тиловат мекард (яъне «ва мо халақа»-ро ҳазф мекард). Абӯдардо мегӯяд: Аҳли Шом он қадар дар ин маврид аз ман суол ва истифсор намуданд, ки наздик буд маро аз қироате, ки аз Паёмбари Худо (с) шунида будам, дур созанд.

## БОБИ 13. Манокиби Абӯубайда ибни Ҷарроҳ (р)

**1546.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Барои ҳар уммате амине аст ва уммати ман, бидонад, ки амини мо Абӯубайда ибни Ҷарроҳ аст».

## БОБИ 14. Манокиби Ҳасан ва Ҳусайн (р)

**1547.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки Ҳасан ибни Алӣ (р) бар рӯи гардани Паёмбари Худо (с) буд, фармуданд: «Худоё! Ман ӯро дӯст медорам, пас ту ҳам ӯро дӯст дошта бош».

**1548.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ кас ба андозаи Ҳасан ибни Алӣ (р) ба Паёмбари Худо (с) шабоҳат надошт.

**1549.** Ривоят аст, ки шахсе (аз аҳли Куфа) омад ва аз Ибни Умар (р) пурсид: Агар касе магасеро дар ҳоли эҳром бикушад, ҳукмаш чист? Ибни Умар (р) гуфт: Мардуми Куфа омада ва аз ҳукми куштани магас дар ҳоли эҳром савол мекунанд, дар ҳоле, ки фарзанди духтари Паёмбари Худо (с)-ро куштаанд ва Паёмбари Худо (с) фармуда буданд, ки «Ҳасан ва Ҳусайн (р) ду дастаи гули ман дар дунё ҳастанд».

## БОБИ 15. Фазилати Ибни Аббос (р)

**1550.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро ба синаи худ часпонда ва фармуданд: «Худоё, ҳикматро барояш биомӯз!

**1551.** Ва аз Ибни Аббос (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки фармуданд: «...Китобро барояш биомӯз!»

## БОБИ 16. Манокиби Холид ибни Валид (р)

**1552.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз марги Зайд ва Ҷаъфар ва Ибни Равоҳа (р) хабар доданд ва фармуданд: «Баъд аз онҳо байракро шамшере аз шамшерҳои Худо ба даст гирифт ва фатҳ насиби мусалмонон гардид».

## БОБИ 17. Манокиби Солим, ғуломи озодшудаи бани Ҳузайфа (р)

**1553.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: «Аз чаҳор нафар бихоҳед, ки барои шумо Қуръон бихонанд: аз Абдуллоҳ ибни Масъуд, Солим, мавлои Абӯҳузайфа, Убай ибни Каъб ва Муъоз ибни Ҷабал».

## БОБИ 18. Фазилати Оиша (р)

**1554.** Ривоят аст, ки Оиша (р) гулӯбандеро аз (хоҳараш) Асмоа (р) ба орият гирифт ва аз наздаш гум шуд, Паёмбари Худо (с) иддае аз саҳобаи худро фиристоданд, то онро ҷустуҷӯ намоянд. Вақти намоз дохил гардид (ва он се нафар чун обе наёфтанд), бидуни вузӯ намоз хонданд ва ҳангоме, ки назди Паёмбари Худо (с) баргаштанд, аз ин воқеа шикоят намуданд ва ояи таяммум нозил гардид. Ва бақияи ҳадис қаблан гузашт.

## БОБИ 19. Манокиби Ансор

**1555.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҷанги Буъос ҷанге буд, ки Худованд онро монанди бахшиш барои Паёмбари Худо (с) тақдим намуда буд, зеро пеш аз он ки Паёмбари Худо (с) (ба Мадинаи мунаввара) ҳиҷрат намоянд, ҳамбастагии онҳо дар ҳам пошид ва бузургони онҳо кушта ва захмӣ шуданд ва ин ҳодисаро Худованди мутаъол пеш аз омадани Расули худ ба Мадина барояш тақдим намуд, то ин кор сабаби дохил шудани онҳо ба Ислом гардад.

## БОБИ 20. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: *«Агар фазилати ҳиҷрат намебуд, ман шахсе аз Ансор будам»*

**1556.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар фазилати ҳиҷрат намебуд, ман шахсе аз Ансор будам».

## БОБИ 21. Дӯстдории Ансор аз имон аст

**1557.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ансорро дӯст намедорад, магар мусалмон ва аз Ансор

бадаш намеояд, магар мунофиқ, кассе, ки Ансорро дӯст дошта бошад, Худованд ӯро дӯст медорад ва касе, ки аз Ансор бадаш биёяд, Худованд аз вай бадаш меояд».

## БОБИ 22. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ансор гуфтанд: *«Шумо дар назди ман аз маҳбубтарин мардумон ҳастед»*

**1558.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) занҳо ва тифлҳоеро диданд, ки аз арӯсӣ меоянд, барои онҳо истода гуфтанд: «Худо шоҳид аст, ки шумоён дар назди ман аз маҳбубтарини мардумон ҳастед». Ва ин иборатро се бор такрор намуданд.

**1559.** Ва аз Анас (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Зане аз Ансор бо тифлаш назди Паёмбари Худо (с) омад. Паёмбари Худо (с) бо ӯ сухан гуфтанд ва фармуданд: «Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти билокайфи Ӯст, шумоён дар назди ман аз маҳбубтарини мардумон ҳастед».

**1560.** Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят аст, ки гуфт: Ансор гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Барои ҳар Паёмбаре пайравоне аст ва мо аз шумо пайравӣ намудем, дар ҳаққи мо дуо кунед, ки бастагони мо низ аз ҷумлаи мо маҳсуб шаванд. Паёмбари Худо (с) барои онҳо ҳамин гуна дуо карданд (яъне дуо карданд, ки бастагон ва ҳампаймонони онҳо низ дар мартабат ва фазилат, монанди онҳо бошанд).

## БОБИ 23. Фазилати хонаҳои Ансор

**1561.** Аз Абӯҳумайд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Беҳтарин хонаводаҳои мардуми Ансор...» Ва бақияи ҳадисро, ки қаблан гузашт, зикр намуд. Абӯҳумайд (р) мегӯяд: Саъд ибни Убода (р) ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Фазилати хонаводаҳои Ансор зикр шудааст (вале) мо дар охир зикр шудаем. Фармудаанд: «Оё барои шумо ҳамин қадар кофӣ нест, ки аз баргузидагон бошед?» (Яъне: баъд аз ин, ки дар сафи баргузидагон қарор гирифтаед, фарқе намекунед, ки дар ахир зикр гардидаед ё дар аввал).

## БОБИ 24. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ансор гуфтаанд: *«Сабр кунед, то бар сари ҳавзи Кавсар бо ман мулоқот намоед»*

**1562.** Аз Усайд ибни Ҳузайр (р) ривоят аст, ки шахсе аз Ансор гуфт: Ё Расулаллоҳ! Тавре, ки фалониро мувazzаф сохтед, маро мувazzаф намесозед? Фармуданд: «Ба зудӣ хушхуриҳоеро хоҳед дид ва бояд сабр кунед, то он, ки бар сари ҳавзи Кавсар бо ман мулоқот намоед».

**1563.** Ва аз Анас (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки фармуданд: «Ва ваъдаи шумо бар сари ҳавзи Кавсар бошад».

## БОБИ 25. Ин қавли Худованд, ки: «Бо он, ки худашонмӯҳточ ҳастанд, дигаронро бар худ тарҷеҳ медиҳанд» *(Ҳашр: 9)*

**1564.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки шахсе назди Паёмбари Худо (с) омад (ва чизе хост). Эшон назди ҳамсарони худ фиристоданд (то агар чизе дошта бошанд, бифиристанд), онҳо гуфтанд: Ғайр аз об чизи дигаре надорем. Фармуданд: «Касе ҳаст, ки ин шахсро бо худ бибарад ва меҳмонӣ намояд?» Шахсе аз Ансор гуфт: Ман (бо худ мебарам). Ӯро бо худ назди ҳамсари худ бурд ва гуфт: Меҳмони Паёмбари Худо (с)-ро эҳтиром намо!

Ҳамсараш гуфт: Ба ғайр аз қути атфол чизи дигаре надорем. Он шахс гуфт: Таомро омода кун ва чароғро равшан кун ва атфолатро агар ғизо хостанд, хоб кун. Он зан таомро омода намуд, чароғро равшан ва атфолро хоб кард, баъд аз он бархост ва ба баҳонаи он, ки чароғро ислоҳ мекунад, онро хомӯш намуд ва зан ва шавҳар тавре вонамуд мекарданд, ки гӯё чизе мехӯранд ва ҳамон тавр то субҳ гурусна хобиданд. Чун субҳ шуд, (шахси Ансорӣ) назди Паёмбари Худо (с) рафт, эшон фармуданд: Худованди мутаъол шаби гузашта аз кори шумо хандид ва изҳори тааҷҷуб намуд (билокайф), (гӯё аз ин воқеа Малаки ваҳй барои Паёмбари Худо (с) хабар дода буд) ва Худованди мутаъол ин ояи каримаро нозил фармуд: «Бо он, ки худи онҳо мӯҳточ ҳастанд, дигаронро бар худ тарҷеҳ медиҳанд, касоне, ки аз бухли нафси худ дар амон монда бошанд, растагоранд».

## БОБИ 26. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки мефармоянд: *«Аз некӯкорони онҳо қабул намоед ва аз бадкорони эшон чашмпӯшӣ кунед»*

**1565.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯбакр ва Аббос (р) ба маҷлисе аз маҷолиси Ансор рафтанд ва диданд, ки онҳо гиря мекунанд. Пурсиданд: Сабаби гиряи шумо чист? Гуфтанд: Яке аз маҷолисеро, ки бо Паёмбари Худо (с) доштем, ба ёди мо омад. (Абӯбакр ва Аббос) назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва ин воқеаро барояшон гуфтанд. Ровӣ мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки дастмолеро бар сари худ баста буданд, аз хона хориҷ гардиданд ва барои охирин бор болои минбар баромада фармуданд: «Шуморо нисбат ба Ансор тавсия (ба некӯкорӣ) менамоям, зеро инҳо муқаррабон ва соҳибасрори ман ҳастанд, он чӣ, ки бар эшон воҷиб буд, адо карданд ва акнун ҳаққи онҳо боқӣ аст (ҳаққи онҳо дар охират духули ҷаннат ва дар дунё некӣ кардан барои онҳо аст), аз ин ҷиҳат бояд кори некӯкори онҳоро қабул кунед ва аз лағзишкорашон чашмпӯшӣ намоед».

**1566.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки милҳафаро бар шонаҳои худ андохта ва сари худро бо

дастмоли сиёҳе баста буданд, омаданд ва бар болои минбар нишастанд. Баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол фармуданд: «Аммо баъд, эй мардумон! Бидонед, ки дигар мардумон афзун мегарданд ва Ансор кам мешаванд, то чое, ки монанди намаке дар таом боқӣ мемонанд. Агар касе аз шумо масъулияте ба ӯҳда гирифт, ки метавонист ба касе нафъ ва зараре бирасонад, аз некӯкори Ансор қабул кунад ва аз лағзишкори онҳо чашмпӯшӣ намояд». (Чашмпӯшӣ аз лағжиши Ансор ду мавридро шомил намегардад, яке ҳудуд ва дигаре ҳуқуқи инсон).

## БОБИ 27. Маноқиби Саъд ибни Муъоз (р)

**1567.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Ба сабаби марги Саъд ибни Муъоз Арш ба ларза даромад».

## БОБИ 28. Манокиби Убай ибни Каъб (р)

**1568.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои Убай (р) гуфтанд: Худованди мутаъол амр кардааст, ки сураи **«Лам якунилазина кафару мин аҳлил китоб»**-ро барои ту бихонам. Гуфт: (Худованди мутаъол) номи моро гуфт? Фармуданд: Бале! Ва (Убай (р) ба гиря афтод.

## БОБИ 29. Манокиби Зайд ибни Собит (р)

**1569.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Қуръонро дар замони Паёмбари Худо (с) чаҳор нафар, ки ҳамагӣ аз Ансор буданд, ҷамъ намуда буданд: Убай, Муъоз ибни Ҷабал, Абӯзайд ва Зайд ибни Собит (р). Касе аз Анас (р) пурсид, ки Абӯзайд кӣ буд? Гуфт: Яке аз амакҳоям буд.

## БОБИ 30. Манокиби Абӯталҳа (р)

**1570.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи ҷанги Уҳуд, ҳангоме, ки мардум аз атрофи Паёмбари Худо (с) фирор карданд, Абӯталҳа (р) дар назди Паёмбари Худо (с) боқӣ монда буд ва бо сипаре, ки дар даст дошт, аз эшон ҳимоя мекард ва Абӯталҳа (р) тирандози моҳире буд ва камони сахткаше дошт. Дар он рӯз ду ва ё се камонро шикаст ва шахсе ба вай тиркашашро ҳамл мекард ва Паёмбари Худо (с) мефармуданд: «Тирҳоро ба Абӯталҳа (р) бирасон».

Паёмбари Худо (с) барои иттилоъ аз мавқеияти ҷанг сари худро боло мекарданд ва Абӯталҳа (р) барояшон мегуфт: Ё Расулаллоҳ! Падару модарам фидои шумо, сари худро боло накунед, шояд тире аз

ҷониби душман омада ва ба шумо исобат намояд, ҷонам фидои ҷони шумо.

Ва Оиша духтари Абӯбакри Сиддиқ ва Умми Сулайм (Умми Сулайм модари Анас (р), ровии ҳадис аст)-ро дидам, ки домани ҷомаҳоро барчида буданд, то ҷое, ки позебҳои пойҳои онҳоро медидам (гӯянд, ин воқеа пеш аз нузули ҳиҷоб буд) ва машкҳои обро бар пушт карда ва барои мардум об медоданд (ва чун машкҳо холӣ мешуд), дубора мерафтанд ва онҳоро пури об карда ва барои мардум об медоданд ва дар ин рӯз шамшер аз дасти Абӯталҳа (р) ду ва ё се бор афтод.

## БОБИ 31. Маноқиби Абдуллоҳ ибни Салом (р)

**1571.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Нашунидам, ки Паёмбари Худо (с) барои касе, ки бар рӯи замин роҳ меравад, гуфта бошанд, ки аз аҳли ҷаннат аст, магар барои Абдуллоҳ ибни Салом (р) ва ин ояи карима дар шаъни ӯ нозил гардид: «Ва шоҳиде аз бани Исроил бар сидқи Қуръон шаҳодат дод...»

**1572.** Аз Абдуллоҳ ибни Салом (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) хобе дидам ва онро барои Паёмбари Худо (с) қисса намудам. Хоб дидам, ки дар чаманзоре мебошам. Баъд аз баёни фароҳӣ ва сарсабзии он гуфт, ки дар васати он пояи оҳанине буд, ки поёнаш бар замин ва сараш бар осмон буд, бар сари он пояи оҳанин дастгирае буд. Касе бароям гуфт: Он ҷо баро. Гуфтам: Наметавонам. Ходиме омад ва ҷомаҳоямро аз пушти сар баланд намуд ва ман бар он амуд боло шудам, то он, ки бар сари он расидам, дастгираро гирифтам, касе бароям гуфт, ки маҳкам бигир ва ман дар ҳоле, ки дастгира ба дастам буд, аз хоб бедор шудам.

Хобро барои Паёмбари Худо (с) қисса намудам, эшон фармуданд: «Он чаманзор чаманзори Ислом аст ва он поя худи Ислом аст ва он дастгира Урватулвусқо аст ва ту то зинда бошӣ, бар Ислом хоҳӣ монд».

## БОБИ 32. Издивоҷи Паёмбари Худо (с) бо Хадиҷа (р) ва фазилати вай

**1573.**- Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Он қадар, ки бо Хадиҷа (р) рашкам омад, ба ҳеҷ кадоме аз ҳамсарони Паёмбари Худо (с) наомада буд. Зеро гарчӣ ӯро надида будам, вале Паёмбари Худо (с) аз вай ба тавре доим ёд мекарданд ва бисёр вақтҳо гӯсфандеро забҳ намуда, қитъа-қитъа мекарданд, барои дӯстони Хадиҷа (р) мефиристоданд. Гоҳе барояшон мегуфтам: Магар дар дунё зани дигаре ғайр аз Хадиҷа вуҷуд надорад? Мегуфтанд: «Ӯ шахсияти дигаре буд, ӯ шахсияти дигаре буд ва ман аз вай фарзандоне доштам».

**1574.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҷабраил (ъ) назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ин ки Хадиҷа меояд ва бо худ зарфе аз нонхӯриш ва ё таом ва ё нӯшиданиро меоварад, чун наздат омад аз тарафи Парвардигораш ва аз тарафи ман барои ӯ салом бигӯ ва ба ӯ башорат бидеҳ, ки барояш дар ҷаннат хонаест аз марворид, ки дар он на ҷангҷолест ва на заҳмате.

**1575.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳоло духтари Хувайлид, хоҳари Хадиҷа (р) омад ва аз Паёмбари Худо (с) иҷоза хост, ёдашон аз иҷоза хостани Хадиҷа (р) омад, мутаассир гашта ва фармуданд: «Худоё, Ҳола омад». (Оиша (р) мегӯяд): Ман рашкам омад ва гуфтам: Ин чист, ки пиразане аз пиразанони Қурайшро, ки ду тарафи даҳонаш сурх буд (сурх будани ду тарафи даҳон киноя аз ин аст, ки дандонҳояш афтода буд ва чизе, ки дар даҳонаш боқӣ монда буд, гӯшти бехи дандонҳо буд, ки сурхӣ мезад) ва солҳо пеш вафот намудааст, ёд мекунед? Ва Худованд бар ивази вай занҳои беҳтареро барои шумо додааст.

## БОБИ 33. Манокиби Ҳинд духтари Утба (р)

**1576.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Ҳинд духтари Утба (р) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Дар рӯи замин ҳеҷ хонаводае набуд, ки зиллатро барояш аз зиллати барои хонаводаи шумо бештар дӯст дошта бошам, вале акнун ҳеҷ хонаводае нест, ки иззатро барояш аз иззат барои хонаводаи шумо бештар дӯст бидорам. Ва давоми ҳадис қаблан гузашт.

## БОБИ 34. Ҳадиси Зайд ибни Амр ибни Нуфайл (р)

**1577.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) пеш аз он, ки барояшон ваҳй нозил гардад, Зайд ибни Амр ибни Нуфайлро дар минтақаи Балдаҳ (ҷоест дар наздикии Макка, дар роҳи Танъим) мулоқот намуданд. Барои Паёмбари Худо (с) суфраеро (ки дар он таом буд), тақдим намуданд (суфра аз тарафи Қурайш барои Паёмбари Худо (с) тақдим гардида буд).

Вале Зайд ибни Амр аз хӯрдан имтиноъ варзид. Зайд (барои он касе, ки суфраро оварда буд) гуфт: Ман аз чизҳое, ки шумоён барои бутҳо забҳ мекунед, намехӯрам ва танҳо аз чизе мехӯрам, ки ба номи Худо забҳ шуда бошад.

Ва Зайд ибни Амр ҳамеша аз тарзи ҳайвон куштани Қурайш интиқод намуда мегуфт: Гӯсфандро Худованд халқ намудааст ва аз осмон барояш об мефиристад ва аз замин барояш гиёҳ мерӯёнад ва бо ин ҳам шумо онро ба номи ғайри Худо забҳ мекунед? Ва ин суханро аз ҷиҳати интиқоди онҳо ва иштибоҳи онҳо мегуфт.

## БОБИ 35. Замони ҷоҳилият

**1578.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар касе савганд мехӯрад, ба ғайр аз Худо ба чизи дигар савганд нахӯрад». Ва одати Қурайш ин буд, ки ба падарони худ савганд мехӯрданд ва Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки «Ба падарони худ савганд нахӯред».

**1579.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Росттарин суханеро, ки шоир гуфтааст, ин гуфтаи Лабид аст. «Ҳар чӣ ғайри Худост, ботил аст» ва чизе намонда буд, ки Умайя ибни Абисалт мусалмон шавад».

## БОБИ 36. Биъсати Паёмбари Худо (с) Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Феҳр ибни Молик ибни Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъад ибни Аднон (с)

**1580.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме бар Паёмбари Худо (с) ваҳй нозил гардид, ки чилсола буданд, баъд аз сездаҳ сол дар Макка маъмур ба ҳиҷрат гардиданд ва ҳамон буд, ки ба Мадина ҳиҷрат намуданд ва даҳ сол дар он ҷо зистанд ва сипас вафот намуданд.

## БОБИ 37. Машаққатҳоеро, ки Паёмбари Худо (с) ва асҳобашон аз мушрикин дар Макка таҳаммул карданд

**1581.** Касе аз Ибни Амр ибни Ос (р) пурсид: Шадидтарин машаққатеро, ки Паёмбари Худо (с) аз дасти мушрикин диданд, чӣ буд? Гуфт: Ҳангоме буд, ки Паёмбари Худо (с) дар канори Каъба намоз мехонданд. Уқба ибни Абӯмуайт омад, ҷомаи Паёмбари Худо (с) дар гарданашон андохт ва печид, то ҷое, ки наздик буд, эшонро хафа намояд. Абӯбакр (р) омад, шонаи Уқбаро гирифт ва ӯро аз Паёмбари Худо (с) дур намуд ва гуфт: Оё касеро ки мегӯяд: Парвардигорам Аллоҳ аст, мекушед?

## БОБИ 38. Зикри ҷин

**1582.** Ривоят аст, ки касе аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) пурсид: Шабе, ки ҷинниҳо барои шунидани Қуръон омада буданд, аз омадани онҳо барои Паёмбари Худо (с) кӣ хабар дод? Гуфт: Дарахте аз омадани ҷинниён хабар дод.

**1583.** Ривоят аст, ки Абӯҳурайра (р) зарфи оберо барои вузӯ ва дигар эҳтиёҷоти Паёмбари Худо (с) бо худ ҳамл мекард (ва бақияи ҳадис қаблан гузашт).

**1584.** Ва дар ривояти мазкур ин чиз ҳам омадааст, ки (Паёмбари Худо (с) фармуданд): «...намояндагони ҷинниёне, ки аз Насибин буданд, наздам омаданд (Насибин минтақаест байни Шом ва Ироқ) ва ба ростӣ, ҷинниёни хубе буданд ва аз ман барои худ талаби тӯша намуданд ва аз Худованд хостам, ки ба ҳеҷ устухон ва ё саргине нагузаранд, магар ин, ки аз он чиз барои худ хӯрокае биёбанд».

## БОБИ 39. Ҳиҷрат ба Ҳабаша

**1585.** Аз Умми Холид бинти Холид (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки аз сарзамини Ҳабаша омадам, духтараки хурдсоле будам. Паёмбари Худо (с) бар ман ҷомаи ямонии гулдоре пӯшониданд ва бар он даст мекашиданд ва мегуфтанд: «Сано, сано». Яъне: Зебо аст, зебо аст. (Ин ҳадис ба шумораи 1311) қаблан гузашт).

## БОБИ 40. Қиссаи Абӯтолиб

**1586.** Ривоят аст, ки Аббос ибни Абдулмуталлиб (р) барои Паёмбари Худо (с) гуфт, ки барои амаки худ чӣ фоида расонидед? (Яъне: дар наҷоти Абӯтолиб аз оташи дӯзах чӣ кардед?) Ва ӯ аз шумо дифоъ менамуд ва барои шумо бар дигарон қаҳр мекард. Фармуданд: «Ӯ то буҷулаки по дар оташ аст ва агар ман намебудам (яъне: агар шафоати ман намебуд), дар табақи зерини дӯзах мебуд».

**1587.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки аз амакашон (яъне Абӯтолиб) ёд шуд, шунидем, ки фармуданд: «Шояд дар қиёмат шафоати ман барояш манфиат бирасонад ва ӯ дар ҷое қарор дода шавад, ки оташ то буҷулаки poяш бирасад ва аз асари он оташ мағзи сараш меҷӯшад».

## БОБИ 41. Ҳадиси Исро

**1588.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Чун Қурайш маро такзиб намуданд, дар Ҳиҷри хонаи Каъба рафтам (Ҳиҷри хонаи Каъба, ҳамон холигоҳест, ки ба номи Ҳиҷри Исмоил ҳам ёд мешавад). Худованди мутаъол Байтулмуқаддасро бароям нишон дод, дар ҳоле, ки ба тарафи он назар мекардам, нишонаҳояшро якояк барои Қурайш мегуфтам».

## БОБИ 42. Меъроҷ

**1589.** Аз Молик ибни Саъсаъа (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз шаби Исрои худ барои онҳо чунин қисса намуданд: «Дар ҳоле, ки дар Ҳатими Каъба (Ва ё гуфтанд: дар Ҳиҷр ба паҳлӯ хобида будам, шахсе омад ва аз ин ҷо то ин ҷоро шикоф намуд (ровӣ мегӯяд: аз зери

гулӯ то зери ноф) ва қалби маро берун кард, баъд аз он ташти тиллое, ки пур аз имон буд, бароям овардинд, қалбамро шустушӯй доданд ва баъд аз он, ки (аз имон ва ҳикмат) пур гардид, дубора ба ҷояш қарор доданд.

Баъд аз он чорпои сафедеро, ки аз хачир кӯчактар, аз хар бузургтар буд, оварданд (ровӣ мегӯяд, ки ин ҳамон Бурок аст) ва ин чорпо қадамашро ба мунтаҳои диди чашмаш мегузошт ва маро бар он савор карданд ва маро Ҷабраил (ъ) бурд, то ба осмони дунё расидем.

Ҷабраил (ъ) аз онҳо хост, то дари осмонро боз кунанд, гуфта шуд: Кистӣ? Гуфт: Ҷабраил аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? (Ин суолро аз он ҷиҳат карданд, ки барои малоика дар ин шаб нуронияти дигаре зоҳир гашта буд ва аз ин чиз дарк карда буданд, ки Ҷабраил (ъ) танҳо нест). Гуфт: Муҳаммад (с) аст. Гуфта шуд: Магар касе ба талабаш фиристода шудааст? (Раванди гуфтушунид чунин иҷоб мекард, ки бипурсанд: Муҳаммад (с) кист? Вале чун барои онҳо гуфта шуда буд, ки дар вақте аз авқот Муҳаммад (с) дар ин ҷо меояд, аз ин ҷиҳат аз омадани Паёмбари Худо (с) тааҷҷуб накарданд, балки тааҷҷубашон аз вақти омаданашон буд, ки оё он вақти мавъуд фаро расидааст ё на?) Гуфт: Бале.

Гуфта шуд: Хуш омадед ва сафо овардед. Дарвоза боз шуд, чун дохил шудем, Одам (ъ)-ро дидам, Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин падари ту, Одам аст, бар ӯ салом кун. Бар ӯ салом кардам, ҷавоби саломро дод ва гуфт: Марҳабо, эй фарзанди солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ!

Баъд аз он маро ба осмони дуввум бурд. Ҷабраил (ъ) он ҷо ҳам хост, то дарро бикушоянд, гуфта шуд: Кист? Гуфт: Ҷабраил аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳи ту кист? Гуфт: Муҳаммад (с) аст. Пурсиданд: Магар ба талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале. Гуфта шуд: Хуш омадед ва сафо овардед. Ва (дарвоза) гушуда шуд, чун рафтам, Исо ва Яҳё (ъ), ки боҳам писархола мебошанд, онҷо буданд. Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин ду шахс Яҳё ва Исо (ъ) ҳастанд, бар онҳо салом бидеҳ. Бар онҳо салом додам ва онҳо саломи маро ҷавоб дода гуфтанд: Эй бародари солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ, хуш омадед.

Баъд аз он (Ҷабраил (ъ) маро бо худ бурд, то ба осмони саввум расидем. Он ҷо ҳам хост, то дарро бикшоянд. Гуфта шуд: Кист? Гуфт: Ҷабраил (ъ) аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад аст. Гуфта шуд: Магар ба талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале. Гуфта шуд: Хуш омадед ва сафо овардед. Ва (дарвоза) кушода шуд. Чун рафтам, Юсуф (ъ) он ҷо буд, (Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин Юсуф (ъ) аст, бар ӯ салом бидеҳ. Бар ӯ салом додам, ҷавоби саломамро дод ва гуфт: Эй бародари солеҳ ва эй паёмбари солеҳ, хуш омадед.

Баъд аз он маро бо худ бурд, то ба осмони чаҳорум расидем. Он ҷо ҳам хост, то дарро бикшоянд, гуфта шуд: Кистӣ? Гуфт: Ҷабраил аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад аст. Гуфта шуд: Магар ба

талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале. Гуфта шуд: Хуш омадед ва сафо овардед. Ва (дарвоза) боз шуд, чун дохил шудам, Идрис (ъ) он ҷо буд, (Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин Идрис (ъ) аст, бар ӯ салом бидеҳ. Бар ӯ салом додам, ҷавоби саломамро дод ва гуфт: Эй бародари солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ, хуш омадед. Баъд аз он маро бо худ бурд, то ба осмони панҷум расидем, он ҷо ҳам хост, то дарро бикшоянд. Гуфта шуд: Кист? Гуфт: Ҷабраил (ъ) аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад аст. Гуфта шуд: Магар ба талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале. Гуфта шуд: Хуш омадааст ва сафо овардааст. Ва (дарвоза) кушода шуд. Чун дохил шудам, Ҳорун (ъ) он ҷо буд (Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин Ҳорун (ъ) аст, бар ӯ салом бидеҳ. Бар ӯ салом додам ва ҷавоби саломамро дод ва гуфт: Эй бародари солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ, хуш омадед.

Баъд аз он маро бо худ бурд, то ба осмони шашум расидем, он ҷо ҳам хост, то дарро бикшоянд. Гуфта шуд: Кист? Гуфт: Ҷабраил аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад аст. Гуфта шуд: Магар ба талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале. Гуфта шуд: Хуш омадааст ва сафо овардааст. Ва (дарвоза) кушода шуд, чун дохил шудам, Мӯсо (ъ) он ҷо буд, (Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин Мӯсо (ъ) аст, бар ӯ салом бидеҳ. Бар ӯ салом додам, ҷавоби саломамро дод ва гуфт: Эй бародари солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ, хуш омадед.

Чун аз наздаш гузаштам, ба гиря афтод. Касе пурсид: Сабаби гирят чист? Гуфт: Сабаби гиряам он аст, ки баъд аз ман касе мабъус шудааст, ки аз уммати ӯ беш аз уммати ман ба ҷаннат дохил мешаванд.

Баъд аз он маро бо худ бурд, то ба осмони ҳафтум расидем, он ҷо ҳам хост, то дарро бикушоянд, гуфта шуд: Кист? Гуфт: Ҷабраил аст. Гуфта шуд: Ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад аст. Гуфта шуд: Магар ба талабаш фиристода шудааст? Гуфт: Бале! Гуфта шуд: Хуш омадааст ва сафо овардааст. Ва (дарвоза) кушода шуд. Чун дохил шудам, Иброҳим (ъ) он ҷо буд, (Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин Иброҳим (ъ) аст, бар ӯ салом бидеҳ. Бар ӯ салом додам ва ҷавоби саломамро дод ва гуфт: Эй фарзанди солеҳ ва эй Паёмбари солеҳ, хуш омадед.

Баъд аз он Сидратулмунтаҳо бароям ошкор гардид (яъне: аз ҳамаи чизҳое, ки он ҷо буд, ба таври комил бохабар гардидам. Ва гӯянд: Малоика аз он иттилоъе надоранд). Дидам, ки меваҳояш ба андозаи хумҳои минтақаи Ҳиҷр (Ҳиҷр минтақае аст байни Макка ва Мадина, ки дорои хумҳои машҳур аст) ва баргҳояш монанди гӯши фил аст ва дар он чаҳор наҳр равон аст, ду наҳри таҳтонӣ ва ду наҳри фавқонӣ. Аз Ҷабраил (ъ) пурсидам: Ин наҳрҳо чист? Гуфт: Ду наҳри таҳтонӣ ду наҳре аст, ки ба ҷаннат меравад (ки яке ба номи Кавсар ва дигаре бо номи Салсабил ёд мешавад) ва ду наҳри фавқонӣ ду наҳри Нил ва Фурот аст.

Баъд аз он Байтулмаъмур бароям ошкоро гардид. Дар Байтулмаъмур ҳамарӯз ҳафтод ҳазор малак дохил мегардад (чунончӣ дар ҳадиси дигаре омадааст, баъд аз ин, ки малоика аз он ҷо хориҷ

гардиданд, навбати дохил шудан дубора барои онҳо намерасад), баъд аз он зарфе аз шароб, зарфе аз шир ва зарфе аз асал бароям оварданд, ман ширро интихоб намудам. Ҷабраил (ъ) гуфт: Ин ҳамон дини Ислом аст, ки дини ту ва дини уммати туст.

Баъд аз он бар ман дар ҳар рӯзе панҷоҳ намоз фарз гардид. Чун баргаштам ва ба Мӯсо (ъ) расидам, гуфт: Уммати ту тавони панҷоҳ намозро дар ҳар рӯзе надорад ва ба Худованд савганд, ки ман пеш аз ту мардумро таҷриба кардаам ва бо бани Исроил даргириҳои бисёр зиёде доштам, вопас ба сӯи Парвардигорат баргард ва бихоҳ, то бар уммати ту тахфифу сабукӣ диҳад. Баргаштам ва Худованд даҳ намозро аз ман соқит сохт.

Боз назди Мӯсо (ъ) омадам ва ӯ ҳамон сухани аввалиашро такрор намуд. Боз назди Худованд баргаштам ва даҳ намози дигарро аз ман соқит намуд.

Барои бори саввум назди Мӯсо (ъ) омадам ва ӯ ҳамон сухани аввалии худро такрор намуд. Бори дигар (ба сӯи Парвардигорам) баргаштам ва боз даҳ намози дигарро аз ман соқит сохт.

Боз назди Мӯсо (ъ) омадам ва ӯ ҳамон сухани аввалиашро такрор намуд. Боз баргаштам ва боз Худованд даҳ намози дигарро аз ман соқит намуд ва дар ҳар рӯз маъмур ба адои даҳ намоз гардидам.

Боз назди Мӯсо (ъ) омадам ва ӯ ҳамон гуфтаи аввалиашро такрор намуд. Боз баргаштам ва маъмур ба адои панҷ вақт намоз гардидам.

Боз назди Мӯсо (ъ) омадам, пурсид: Маъмур ба адои (чанд вақт намоз) шудӣ? Гуфтам: Ба адои панҷ вақт намоз. Гуфт: Уммати ту тавони адои панҷ вақт намозро дар ҳар рӯзе надоранд ва ман пеш аз ту мардумро таҷриба кардаам ва бо бани Исроил даргириҳои шадид доштам, боз баргард ва аз Парвардигор барои уммати худ талаби тахфиф намо!

Паёмбари Худо (с) фармуданд: Он қадар аз Парвардигорам талаби тахфиф намудам, ки (аз талаби тахфифи бештар) ҳаё мекунам ва ба он чӣ, ки фарз аст, розӣ ҳастам ва таслими ҳукми Ӯ мебошам.

Ва чун аз он ҷо гузаштам, нидое омад, ки фаризаамро муаккад сохтам ва бар бандагонам тахфиф намудам. Ва албатта ҳадиси меъроҷ дар аввали китоби намоз ба ривояти Анас (р) гузашт, вале дар ин ривоят чизҳое ҳаст, ки дар он ҳадис мавҷуд нест (шумораи он ҳадис дар ин мухтасар 228 аст).

**1590.** Аз Ибни Аббос (р) дар ин қавли Худованд, ки мефармояд: **«Рӯъёро, ки бароят нишон додем, ҷуз фитнае барои мардумон чизи дигаре қарор надодем».** *(Исро*: 60) Ривоят аст, ки гуфт: Мақсуд аз ин рӯъё чизе аст, ки барои Паёмбари Худо (с) дар шаби Исро ба чашми сар нишон дода шудааст. Ва низ гуфт, ки мурод аз ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: **«Ва дарахти малъунро дар Қуръон...»** *(Исро:* 60) Ҳамон дарахти заққум аст.

## БОБИ 43. Издивоҷи Паёмбари Худо (с) бо Оиша ва омадан ба Мадина ва арӯсӣ кардан бо вай

**1591.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) бо ман издивоҷ намуданд, ман шашсола будам. Баъд аз он ба Мадина омаданд ва дар минтақаи бани Ҳорис ибни Хазраҷ иқомат гузидем. Дере нагузашт, ки мариз шудам ва мӯйҳои сарам рехт ва боз кам-кам мӯйҳои пешониам рӯидан гирифт.

Рӯзе бо духтарони ҳамсиннусолам дар гаҳворае, ки доштам, бозӣ мекардам (мурод аз ин гаҳвора ресмоне аст, ки ду сари онро ба ду поя мебанданд ва дар васати он нишаста ва ба пеш ва пас ҳаракат мекунанд). Модарам Умми Румон маро бошитоб садо зад, наздаш рафтам, вале намедонистам, ки аз ман чӣ мехоҳад. Дастамро гирифт ва дар назди дарвозаи хона рост монд ва дар ҳоле, ки нафас мекашидам, қадре роҳат шудам.

Модарам қадре об гирифт ва рӯй ва сарамро бо он даст кашид ва маро ба хона дохил намуд. Дидам, ки занҳое аз Ансор нишастаанд, гуфтам: Хайр бошад ва муборак бошад ва хушбахт бошӣ ва маро барои онҳо таслим намуд. Онҳо маро ороиш намуданд ва ҳеҷ чизе маро ба ваҳшат наандохт, магар ҳангоми чошт, ки Паёмбари Худо (с) омаданд. Ва маро ба вай таслим намуданд ва ман дар ин вақт нӯҳсола будам.

**1592.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: «Туро ду бор дар хоб дидам, як бор туро дар порчаи абрешимине дидам, касе бароям гуфт, ки ин ҳамсари туст ва чун бастаи абрешиминро кушодам, дидам, ки ту ҳастӣ ва бо худ мегуфтам, ки агар ин (хоб) аз тарафи Худо бошад, ҳатман амалӣ хоҳад шуд».

## БОБИ 44. Ҳиҷрати Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) ба Мадинаи мунаввара

**1593.** Аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Ҳаргиз ба ёдам нест, ки падар ва модарамро ҷуз дар ҳолати Ислом дида бошам (яъне: то ҷое, ки ба ёд дорам, падар ва модарам мусалмон буданд) ва рӯзе намегузашт, ки Паёмбари Худо (с) субҳ ва шом ба хонаи мо наоянд. Чун мусалмонон (аз ҷаври куффори Қурайш) ба танг омаданд, Абӯбакр (р) ба тарафи Ҳабаша ҳиҷрат намуд. Чун ба минтақаи Баркал Ғимод расид (Баркал Ғимод мавзеъе аст, ки аз Макка ба тарафи Яман панҷ шаб фосила дорад), Ибни Дағина, ки раиси қабилаи Қора буд, пурсид: Эй Абӯбакр! Куҷо меравӣ? Абӯбакр (р) гуфт: Қавми ман маро берун кардаанд ва мехоҳам ба сарзамине биравам ва Парвардигорамро ибодат намоям. Ибни Дағина барояш гуфт: Эй Абӯбакр (р), шахсе мисли ту набояд на худаш (аз ватанаш) хориҷ гардад ва на ҳам дигарон ӯро хориҷ намоянд, ту касе ҳастӣ, ки

бо бенавоён ҳамкорӣ менамоӣ, силаи раҳмро ба ҷо меоварӣ, аз бечорагон дастгирӣ мекунӣ ва аз меҳмонон пазирой менамоӣ ва аз масоили ҳақ пуштибонӣ мекунӣ, ман аз ту дифоъ хоҳам кард, баргард ва Парвардигоратро дар хонаат ибодат кун.

Абӯбакр (р) баргашт ва Ибни Дағина ҳам бо ӯ ҳамкорӣ намуд. Шаб Ибни Дағина назди ашрофи Қурайш рафт ва гуфт: Абӯбакр набояд на худаш хориҷ гардад ва на ҳам касе ӯро хориҷ созад. Оё шумо мехоҳед касеро берун кунед, ки бо бенавоён ҳамкорӣ менамояд ва силаи раҳмро ба ҷо меоварад, аз бечорагон дастгирӣ мекунад ва аз меҳмон пазирой менамояд ва аз масоили ҳақ пуштибонӣ мекунад?

Қурайш паноҳ додани Ибни Дағина барои Абӯбакр (р)-ро рад накарданд, вале барояш гуфтанд: Ба Абӯбакр (р) бигӯ, ки Парвардигорашро дар хонааш ибодат кунад ва дар хонааш ҳар чӣ, ки мехоҳад, намоз ва ё Қуръон бихонад, вале садояшро баланд накунад ва ба намоз ва ё Қуръон хонданаш сабаби азияти мо нагардад, зеро мо метарсем, ки занон ва атфоли моро гумроҳ созад.

Ибни Дағина ин суханонро ба Абӯбакр (р) гуфт. Абӯбакр (р) муддате дар хонааш ибодат намуд ва дар намоз хондан ва Қуръон хондан садояшро баланд намекард. Баъд аз он чизе ба хотираш гузашт ва дар канори хонааш масҷиде бино намуд ва дар он масҷид намоз мехонд. Занон ва атфоли мушрикин наздаш ҳуҷум оварданд, аз Қуръон хонданаш хушашон меомад ва ба тарафаш назар мекарданд. Абӯбакр (р) шахси нармдиле буд, ки ҳангоми Қуръон хондан чашмашро нигоҳ дошта наметавонист ва ашкаш ҷорӣ мешуд.

Ашрофи мушрикини Қурайш аз ин кор тарсиданд ва Ибни Дағинаро хостанд. Чун наздашон омад, гуфтанд: Мо паноҳ додани туро барои Абӯбакр ба шарте қабул карда будем, ки ӯ Парвардигорашро дар хонааш ибодат намояд, вале вай аз ин ҳад таҷовуз намуда, дар канори хонааш масҷиде сохтааст ва дар он ҷо ба таври ошкоро намоз ва Қуръон мехонад ва мо метарсем, ки занҳо ва атфоли моро гумроҳ созад ва бояд ӯро аз ин кор мамониат намоӣ.

Агар мехост, ки Парвардигорашро дар хонааш ибодат кунад, озод аст ва агар қабул намекард ва мехост, ки ин корро ба таври ошкоро анҷом диҳад, аз вай бихоҳ аҳдеро, ки бо вай намудаӣ, фасх (бекор) намояд, зеро мо намехоҳем, ки бо ту хиёнат кунем ва на ҳозирем барои Абӯбакр (р) иҷоза бидиҳем, ки ин корҳояшро ошкоро анҷом диҳад.

Оиша (р) мегӯяд: Ибни Дағина назди Абӯбакр (р) омад ва гуфт: Аз ваъдае, ки байни ману ту буд, хабар дорӣ, ё бояд ба он ваъда ба таври комил пойбандӣ намоӣ (яъне: намозатро дар хонаат бихонӣ ва Парвардигоратро ба таври пинҳонӣ ибодат намоӣ) ва ё ваъдаамро ба ман пас бидиҳӣ, зеро намехоҳам арабҳо бишунаванд, ки ман бо шахсе, ки аҳду паймон бастаам, хиёнат намудаам.

Абӯбакр (р) гуфт: Паноҳ додани туро мегузорам ва ба паноҳи

Худованди азза ва ҷалла ризоят медиҳам. Паёмбари Худо (с) дар ин вақт дар Макка буданд, барои мусалмонон гуфтанд: «Ҷойи ҳиҷрати шумо бароям нишон дода шудааст, наҳлистоне аст байни ду сангзор».

Ва аз ин вақт ба баъд иддае ба тарафи Мадина ҳиҷрат намуданд ва аксар касоне, ки ба Ҳабаша рафта буданд, баргаштанд ва ба Мадина ҳиҷрат намуданд. Ва Абӯбакр (р) ҳам омодагии ҳиҷрат ба Мадинаро гирифт. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: «Интизорӣ бикаш, зеро умедворам барои ман низ иҷоза дода шавад». Абӯбакр (р) гуфт: Падар ва модарам фидои шумо, магар шумо ҳам чунин умеде доред? Гуфтанд: «Бале». Абӯбакр (р) ҷиҳати ҳамроҳӣ бо Паёмбари Худо (с) мунтазир монд ва ду шутуреро, ки дошт, муддати чаҳор моҳ аз барги дарахти самар алаф медод.

Оиша (р) мегӯяд: Рӯзе ҳангоми чошт дар ҳоле, ки дар хонаи Абӯбакр (р) нишаста будем, касе ба Абӯбакр (р) гуфт: Ин, ки Паёмбари Худо (с) ниқоб пӯшида омаданд ва чун дар чунин вақте Паёмбари Худо (с) намеомаданд. Абӯбакр (р) гуфт: Падару модарам фидояшон бод, ба Худованд савганд, ки омаданашон дар чунин вақт ба сабаби амри муҳиме аст. Ва ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с) омаданд ва иҷозаи дохил шудан хостанд, барояшон иҷоза дода шуд ва дохил гардиданд.

Паёмбари Худо (с) ба Абӯбакр (р) гуфтанд: «Касонеро, ки ин ҷо ҳастанд, берун кун». Абӯбакр (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Падарам фидои шумо, инҳо аҳли хонаводаи худи шумо ҳастанд. Фармуданд: «Бароям иҷозаи берун рафтан дода шудааст. Абӯбакр (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Падарам фидои шумо! Оё ман ҳам ҳамроҳи шумо ҳастам? Фармуданд: «Бале».

Абӯбакр (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Падару модарам фидои шумо, яке аз ин ду шутурамро шумо интихоб намоед. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Вале дар муқобили қимат».

Оиша (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р)-ро ба таври шитобон муҷаҳҳаз намудем ва таъоме барояшон дар халта ниҳодем. Асмоа (р) қисмате аз ҷомаашро пора кард ва сари халтаро бо он баст ва аз ин ҷиҳат ба номи Зотунитоқайн шӯҳрат ёфт (ҳамон ҷомаро, ки Асмоа (р) пора кард ва сари халтаро бо он баст, дар арабӣ нитоқ мегӯянд).

Оиша (р) мегӯяд: Баъд аз он онҳо ба ғоре дар кӯҳи Савр рафтанд, ду-се шаб дар онҷо пинҳон буданд ва Абдуллоҳ ибни Абӯбакр (р), ки ҷавони зирак, фаҳмида ва ҳушёр буд, шаб бо онҳо мебуд. Ҳангоми саҳар аз наздашон меомад ва субҳ бо Қурайш тавре вонамуд мекард, ки гӯё шаб дар Макка будааст. Ва ҳеҷ сухане бар алайҳи Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р) зада намешуд, магар он, ки суханро ба хотир мегирифт ва ҳангоме, ки шаб торик мешуд, наздашон мерафт ва он хабарро ба онҳо мерасонид.

Ва Омир ибни Фуҳайра, ғуломи Абӯбакр (р) гӯсфандони ширдеҳро он ҷо (яъне назди Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р) ба чаро мебурд ва чун посе аз шаб мегузашт, аз шири тозае, ки аз гӯсфандони худ ба даст меоварданд, истифода мекарданд ва ҳанӯз, ки шаб торик буд, Омир ибни Фуҳайра бар гӯсфандон садо мезад ва онҳоро аз он ҷо дур мекард ва ҳамин корро дар ҳар се шабе, ки он ҷо буданд, анҷом дод.

Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р) шахсеро аз бани Дайл аз қабилаи бани Абд ибни Адий, ки роҳнамои моҳире буд, муздур карда буданд ва ӯ бо Оли Ос ибни Воили Саҳмӣ ҳампаймон буд. Ва агарчи ӯ дар дини куффори Қурайш буд, бо он ҳам бар вай итминон карданд ва шутурҳои худро ба дасти ӯ доданд ва бо ӯ ваъда гузошта буданд, ки баъд аз се рӯз ба ғори Савр биёяд. Ва ӯ субҳи рӯзи саввум шутуронро ба ғори Савр ҳозир сохт ва онҳо бо Омир ибни Фуҳайра ва раҳнамои худ (ки Абдуллоҳ ибни Урикат бошад) ба роҳ афтоданд.

Суроқа ибни Молик ибни Ҷуъшуми Мудлиҷӣ (р) ки дар ин вақт мушрик буд) мегӯяд: Фиристодаи куффори Қурайш назди мо омад ва гуфт: Барои ҳар касе, ки Паёмбари Худо (с) ва ҳамроҳонашро бикушад ва ё асир намояд, ба андозаи дияти онҳо (ки сад шутур аст) ҷоиза медиҳам. Ҳанӯз дар маҷлисе аз маҷолиси қавми худ бани Мудлиҷ нишаста будам, ки шахсе аз куффори Қурайш омад ва гуфт: Эй Суроқа! Ҳамин акнун сиёҳиеро (яъне ашхосеро) дар соҳил дидам, фикр мекунам, ки Муҳаммад ва ҳамроҳонаш бошад. Гарчи ман яқин кардам, ки ҳамонҳо ҳастанд, вале барои он шахс гуфтам, ки на, онҳо нестанд, балки фалонӣ ва фалонӣ ва фалонӣ ҳастанд, ки аз назди худи мо рафтанд.

Баъд аз он, ки чанд лаҳзаи дигаре дар он маҷлис нишаста будам, бархостам ва ба хонаам рафтам, аз канизам хостам, ки аспамро берун намояд ва дар пушти теппае, ки барояш нишонӣ додам, бароям нигаҳ дорад. Найзаамро бардоштам ва аз роҳи пушти хона дар ҳоле, ки найзаамро бар замин мекашидам ва поён нигоҳ медоштам, худро ба аспам расонидам. Аспро савор шудам ва ба суръат ҳаракат намудам. Ба шитоби ҳарчи бештар роҳ паймудам, то ин, ки ба онҳо наздик шудам. Дар ин вақт аспам бар замин хӯрд ва аз болои он афтодам, бархостам ва дастамро ба сӯи азлом бурдам ва бо онҳо фол гирифтам, ки оё ба ин ашхос зараре бирасонам, ё на? Фол ба хилофи хостаам баромад (яъне: фол тавре баромад, ки бар онҳо зарар марасон) ба азлом эътиное накардам ва ба тарафи онҳо шитофтам, то ҳадде ба онҳо наздик шудам, ки қироат кардани Паёмбари Худо (с)-ро мешунидам. Худи Паёмбари Худо (с) мутаваҷҷеҳи ман нагардид, вале Абӯбакр (р) хеле ин тарафу он тараф нигоҳ мекард. Дар ин вақт дастҳои аспам то зону бар замин фурӯ рафт. Аз асп бар замин афтодам, бархостам ва бар асп ҳайбат задам, ба шиддат ҳаракат намуд ва ба сахтӣ дастҳои худро аз он сӯрох хориҷ сохт. Чун истода шуд, аз ҷое, ки

дастҳояш фурӯ рафта буд, дуде бар осмон баланд гардид, дубора азломро берун кардам ва ба онҳо фол гирифтам, боз ҳам натиҷаи фол бар хилофи хостаам баромад.

Онҳоро садо задам ва барояшон амон додам, онҳо истоданд. Аспамро савор шудам ва наздашон рафтам ва аз ин, ки аз расидан ба онҳо ба мавонеъ бархӯрд намуда будам, ба дилам гузашт, ки Паёмбари Худо (с) фирӯз хоҳад шуд. Ба Паёмбари Худо (с) гуфтам: Қавми ту ба андозаи як дият ҷоиза таъин намудаанд. Ва барои онҳо аз тасмиме, ки Қурайш нисбат ба онҳо гирифтаанд, хабар додам ва таом ва ғизоеро, ки бо худ доштам, барояшон тақдим намудам, онҳо қабул накарданд, вале гуфтанд, ки «Рози моро пӯшида нигоҳ дор». Аз эшон хостам, то бароям амоннома навишта кунанд. Ба Омир ибни Фуҳайра (р) амр карданд ва ӯ дар руқъае аз пӯст бароям амоннома навишт ва сипас ҳаракат намуданд ва ба роҳи худ идома доданд. Оиша (р) мегӯяд онҳо дар роҳ бо Зубайр (р), ки бо қофилае аз мусалмонон, ки ба тиҷорат рафта буданд ва аз тарафи Шом бармегаштанд, рӯбарӯ шуданд.

Зубайр (р) ба Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р) ҷомаҳои сафеде бахшиш дод. Мусалмонон дар Мадина аз баромадани Паёмбари Худо (с) аз Макка бохабар шуданд ва ҳар субҳ ба беруни шаҳри Мадина мебаромаданд ва то чошт, ки ҳаво гарм мешуд, интизори омадани онҳоро мекашиданд. Дар яке аз рӯзҳо, ки баъд аз интизории зиёд ба хонаҳои худ баргашта буданд, шахсе аз яҳуд ба ҷиҳати коре, ки дошт, бар пушти боми қалъааш баромада буд ва ба ин тарафу он тараф назар мекард, дар ин вақт назараш бар Паёмбари Худо (с) ва ҳамроҳонаш афтод, ки бо ҷомаҳои сафед намоён мешаванд. Он яҳуд ихтиёрашро аз даст дода ва бо садои баланд фарёд зад: Эй мардуми Араб! Инак, нури чашме, ки интизорашро мекашидед, расид. Мусалмонон аслиҳаҳояшонро бардоштанд ва дар минтақаи Ҳарра бо Паёмбари Худо (с) мулоқот намуданд. Паёмбари Худо (с) бо онҳо тарафи рости роҳро гирифтанд, то он, ки ба маҳаллаи бани Амр ибни Авф расиданд. Ва ин воқеа дар рӯзи душанбе ва дар моҳи Рабеъулаввал буд (ва ин, ки дар рӯзи аввал ва ё дуввум ва ё дувоздаҳ ва ё сездаҳуми Рабеъулаввал будааст, ихтилоф аст).

Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) нишаста буданд, Абӯбакр (р) бархоста буд ва аз мардум пазирой мекард. Касоне, ки аз Ансор омада ва Паёмбари Худо (с)-ро надида буданд, бо Абӯбакр (р) хуш омадед мегуфтанд, то он, ки офтоб бар Паёмбари Худо (с) тобид, Абӯбакр (р) омад ва бо ридои худ бар болои сари Паёмбари Худо (с) соя мекард ва дар ин вақт буд, ки мардум Паёмбари Худо (с)-ро шинохтанд (Чун Паёмбари Худо (с) нисбат ба Абӯбакр (р) ҷавонтар буданд ва Абӯбакр (р) пир ва мӯйсафед буд, фикр мекарданд, ки Паёмбари Худо (с) ӯст). Ва Паёмбари Худо (с) даҳ шаб дар маҳаллаи бани Амр ибни Авф (р) боқӣ монданд ва масҷидеро, ки ба асоси тақво таъсис шуда буд, дар

ҳамин ҷо бино намуданд ва дар он намоз хонданд (мурод аз ин масҷид масҷиди Қубо аст, ки ҳам акнун ба ҳамин ном ва дар ҳамон ҷойи аввал худ қарор дорад).

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) шутури худро савор шуданд ва дар ҳоле, ки мардум бо онҳо ҳамроҳӣ мекарданд, рафтанд, то ин, ки дар ҷойи масҷиди набавии имрӯзӣ шутур хобид. Дар он вақт иддае аз мусалмонон дар он ҷо намоз мехонданд. Дар он замин хурмоҳоро хушк мекарданд ва мутааллиқ ба ду тифли ятиме ба номҳои Суҳайл ва Саҳл буд, ки зери сарпарастии Асъад ибни Зурора зиндагӣ мекарданд. Ҳангоме, ки шутури Паёмбари Худо (с) дар он ҷо хобид, фармуданд: «Иншоаллоҳ манзил ҳамин ҷост».

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) он ду ятимро талаб намуданд ва ба онҳо пешниҳод карданд, ки он заминро бифрӯшанд, то дар он ҷо масҷиде бино намоянд. Онҳо гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, онро барои шумо мебахшем. Паёмбари Худо (с) бахшиши онҳоро қабул накарданд, балки он заминро аз онҳо хариданд ва масҷидро дар он замин бино намуданд.

Дар сохтани масҷид Паёмбари Худо (с) бо дигар мардум хишт меоварданд ва мегуфтанд: «Ин маҳмула (ки мурод аз он хишт ва хоки бинои масҷид бошад) аз маҳмулае ки аз Хайбар меояд (монанди ангур ва хурмо ва амсоли инҳо, дар назди Худованд) беҳтар ва пояндатар аст». Ва мефармуданд: «Худоё! Музди ҳақиқӣ музди охират аст ва бар Ансор ва муҳоҷирин раҳмат ва меҳрубонӣ кун».

**1594.** Аз Асмоа (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоми ҳамли Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) дар ҳоле, ки муддати ҳамли ман комил шуда буд, аз Макка ба тарафи Мадина муҳоҷират намудам. Чун ба Мадина расидам Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) дар минтақаи Қубо таваллуд гардид, баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) омадам ва ӯро дар оғӯшашон гузоштам. Паёмбари Худо (с) хурмоеро хойда ва дар даҳони ӯ гузоштанд ва ба ин тариқ аввалин чизе, ки ба шиками ӯ (яъне ба шиками Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) дохил гардид, оби даҳони Паёмбари Худо (с) буд. Баъд аз он хурмои дигареро ба комаш молиданд ва барои ӯ дуо карданд ва ӯ аввалин мавлуде аз муҳоҷирин буд, ки (дар Мадинаи мунаввара) дар Ислом ба дунё омад.

**1595.** Аз Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки бо Паёмбари Худо (с) дар дохили ғор будам, сарамро боло кардам ва пойҳои мушрикинро дидам. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, агар касе аз инҳо ба поён нигоҳ кунад, моро мебинад, фармуданд: «Эй Абӯбакр! Сокит бош, мо ду нафаре мебошем, ки саввуми мо Худост». (Яъне: Ёвару мададгори мо Худост).

## БОБИ 45. Қудуми Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон ба Мадина

**1596.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аввалин касоне, ки аз муҳоҷирин ба Мадина омаданд, Мусъаб ибни Умайр ва Ибни Умми Мактум буданд. Ин ду нафар барои мардум Қуръон мехонданд. Баъд аз ин ду нафар Билол ва Саъд ва Аммор ибни Ёсир ва баъд аз онҳо Умар ибни Хаттоб бо бист нафари дигар аз саҳобаҳои Паёмбари Худо (с) омаданд.

Баъд аз инҳо Паёмбари Худо (с) ташриф оварданд ва ҳеҷ вақт надидам, ки мардуми Мадина ба чизе ба андозаи омадани Паёмбари Худо (с) хушҳол шуда бошанд, то ҷое, ки канизон ҳам аз омадани эшон хушҳол гардида ва мегуфтанд: Инак, Паёмбари Худо (с) расиданд. Ва ҳангоме ба Мадина омаданд, ки сураи «Саббиҳисма раббикал аъло»-ро бо чанд сураи дигар аз сураҳои муфассал ҳифз намуда будам (бино ба қавли имом Нававӣ ибтидои сураҳои муфассал аз сураи «Ҳуҷурот» шурӯъ мешавад).

## БОБИ 46. Иқомати муҳоҷир дар Макка баъд аз адои маносик

**1597.** Аз Алоъ ибни Ҳазрамӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Барои муҳоҷир баъд аз тавофи видоъ (ки баъд аз омадан аз Мино мебошад), иҷоза аст, то се рӯз дар Макка боқӣ бимонад».

## БОБИ 47. Омадани яҳуд назди Паёмбари Худо (с) ҳангоми омаданашон ба Мадина

**1598.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Агар даҳ нафар аз (сардорони) яҳуд ба ман имон меоварданд, ҳамаи яҳуд ба ман имон меоварданд».

# - 57 –
# КИТОБИ ҒАЗАВОТИ ПАЁМБАРИ ХУДО (С)

## БОБИ 1. Ғазваи Ушайра

**1599.** Ривоят аст, ки касе аз Зайд ибни Арқам (р) пурсид: Паёмбари Худо (с) дар чанд ғазва иштирок намудаанд? Гуфт: Дар нуздаҳ ғазва. Боз пурсид: Ту дар чанд ғазва бо эшон будӣ? Гуфт: Дар ҳафдаҳ ғазва. Пурсид: Аввалин ғазва кадом ғазва буд? Гуфт: Ғазваи Ушайра ё Усайра.

## БОБИ 2. Ин қавли Худованд, ки: «Он вақтеро ба ёд овар, ки аз Парвардигори худ талаби мадад мекардед...» *(Анфол: 9-13)*

**1600.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Мавқеъеро аз Миқдод ибни Асвад (р) дидам, ки агар дар ин мавқеъ бо ӯ мебудам, наздам ҳеҷ чизе дар дунё бо он баробарӣ карда наметавонист. Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) бар мушрикин нафрин мекарданд, наздашон омад ва гуфт: Мо ҳеҷ гоҳ мисли қавми Мӯсо барои шумо нахоҳем гуфт, ки «Ту ва Парвардигорат бираведва ҷанг кунед». Балки дар рост ва чап ва дар пеши рӯ ва пушти сари шумо хоҳем ҷангид. Дар ин вақт дидам, ки чеҳраи Паёмбари Худо (с) шукуфта шуд ва хушҳол шуданд.

## БОБИ 3. Адади касоне, ки дар ҷанги Бадр иштирок карда буданд

**1601.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Касоне, ки аз асҳоби Муҳаммад (с) дар ҷанги Бадр иштирок карда буданд, бароям гуфтанд: Адади касоне, ки дар ҷанги Бадр иштирок намуда буданд, ба адади касоне буд, ки бо Толут аз наҳр убур намуда буданд, яъне байни сесаду сӣ то сесаду навад нафар буданд. Ва Бароъ (р) гуфт: Савганд ба Худованд, ки чунин нест, бо Толут ба ҷуз аз мӯъмин каси дигаре аз наҳр убур накарда буд.

## БОБИ 4. Кушта шудани Абӯҷаҳл

**1602.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе ҳаст, ки бубинад бар сари Абӯҷаҳл чӣ омадааст?» Ибни Масъуд (р) рафт ва дид, ки писарони Афроа ӯро аз пой

даровардаанд. (Ибни Масъуд) ба вай гуфт: Абӯҷаҳл туӣ? Ва риши Абӯҷаҳлро гирифт, Абӯҷаҳл гуфт: Оё беш аз ин аст, ки як шахсро куштаед? Ва ё гуфт: Беш аз ин аст, ки шахсеро аз қавми худ куштаед?

**1603.** Аз Абӯталҳа (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи ҷанги Бадр Паёмбари Худо (с) амр карданд, то бисту чаҳор нафар аз бузургони Қурайшро дар гудоле аз гудолҳои Бадр, ки бадбӯ буд, бияндозанд ва ҳамон буд, ки дар он гудол андохта шуданд. Ва равиши Паёмбари Худо (с) он буд, ки чун бар мардуме ғолиб мешуданд, се рӯз дар майдони ҷанг боқӣ мемонданд.

Чун рӯзи саввум шуд, амр карданд, ки шутури эшон омода гардад, шутур омода шуд, баъд аз он бо саҳоба ба тарафи роҳ афтоданд. Мо фикр кардем, ки шояд ҷиҳати анҷоми коре ба он тараф мераванд, вале рафтанд, то ин, ки ба канори ҳамон гудоле, ки ашрофи Қурайшро дар он андохта шуданд, истоданд. Ҳар кадом аз онҳоро ба номаш ва номи падараш садо зада ва мегуфтанд: «Эй фалон ибни фалон, эй фалон ибни фалон! Оё беҳтар набуд, ки аз Худо ва Расулаш пайравӣ мекардӣ? Он чиро, ки Худованд барои мо ваъда дода буд, барои мо расид ва оё он чиро, ки барои шумо ваъда дода буд, барои шумо расид!»

Ровӣ мегӯяд: Умар (р) (ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Ҳарф задан бо ҷасади берӯҳ чӣ фоида дорад? Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қасам ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад (с) дар дасти било кайфи ӯст, чизеро ки мегӯем, шумо аз онҳо беҳтар намешунавед».

## БОБИ 5. Иштироки малоика дар ҷанги Бадр

**1604.** Аз Рифоъ ибни Рофеъи Зурақӣ (р), ки худаш дар ҷанги Бадр иштирок намуда буд, ривоят аст, ки гуфт: Ҷабраил (ъ) назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Аҳли Бадрро шумо дар байни худ чӣ гуна мебинед? Фармуданд: «Аз беҳтарин мусалмонон (ё иборати дигар мисли он). Ҷабраил (ъ) гуфт: Касоне, ки аз малоика дар ҷанги Бадр иштирок намудаанд (дар байни малоика) низ ҳамин гунаанд. (Яъне мо низ онҳоро дар байни худ аз беҳтарин малоика медонем).

**1605.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Бадр фармуданд: «Ин, ки Ҷабраил (ъ) мусаллаҳ истода ва афсори аспашро ба даст гирифтааст».

## БОБИ 6

**1606.** Аз Зубайр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи ҷанги Бадр Убайда ибни Саид ибни Осро дидам, ончунон мусаллаҳ аст, ки ба ҷуз ду чашмаш чизе дигаре аз ҷисмаш дида намешавад ва куняти ӯ Абӯзотил Кариш буд (Кариш ба маънои шикамба аст ва шояд сабаби калонии шиками ин шахс ва ё калонии шиками яке аз авлодаш ӯро Абӯзотил кариш мегуфтанд). Ӯ гуфт: Абӯзотил Кариш (ки шунидаед)

ман ҳастам. Ба ӯ ҳамла кардам ва найзаамро ба чашмаш фурӯ бурдам ва ӯ мурд, поямро бар болояш гузоштам ва ба қуввват найзаамро аз чашмаш берун овардам, дидам, ки ду гӯшаи найзаам кач шудааст.

Паёмбари Худо (с) аз вай хостанд, то он найзаро ба таври орият барои эшон бидиҳад. Ва ӯ он найзаро барои эшон дод ва чун Паёмбари Худо (с) вафот намуданд, дубора онро пас гирифт. Баъд аз он Абӯбакр (р) онро аз вай талабид ва ӯ он найзаро ба (Абӯбакр (р) дод ва чун Абӯбакр (р) вафот намуд, Умар (р) он найзаро аз вай талабид ва онро барои вай дод. Чун Умар (р) вафот намуд, онро пас гирифт ва боз Усмон (р) онро аз вай талабид ва онро барои вай дод. Ва чун Усмон вафот намуд, он найза дар дасти авлоди Алӣ (р) боқӣ монд. Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) (дар ҳангоми хилофати худ) онро талабид ва то вақте, ки кушта шуд, дар назди ӯ боқӣ монд (аз ин дониста мешавад, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) ба осоре, ки баёнгари мафохири Ислом буд, эътинои хосе мекарданд).

**1607.** Аз Рубайиъ бинти Муъавваз (р) ривоят аст, ки ба Холид ибни Заквон гуфт: Субҳи рӯзи арӯсиам Паёмбари Худо (с) наздам омаданд ва дар назди ман ҳамин тавре, ки ту нишастай, нишастанд. Канизҳо дойра мезаданд ва авсофи падаронамро, ки рӯзи Бадр кушта шуда буданд, ёд мекарданд. Яке аз онҳо гуфт: «Ва дар байни мо Паёмбари Худо (с), ки воқеаҳои фардоро медонад». Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд: «Чунин магӯ, балки ба ҳамон чизҳои дигаре, ки мегуфтӣ, идома бидеҳ».

**1608.** Аз Абӯталҳа (р), ки бо Паёмбари Худо (с) дар чанги Бадр иштирок намуда буд, ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Малоика дар хонае, ки саг ва сурат бошад, дохил намешаванд».

**1609.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Хунайс ибни Ҳузофаи Саҳмӣ (р), ки яке аз саҳобаи Паёмбари Худо (с) ва дар чанги Бадр иштирок намуда буд, дар Мадина вафот намуд, ҳамсараш Ҳафса (р) ки духтари Умар (р) буд, аз вай бева монд.

Умар (р) мегӯяд: Назди Усмон (р) рафтам ва барояш гуфтам: Агар хоста бошӣ, духтарам Ҳафсаро барои ту ба никоҳ медиҳам. Гуфт: Дар мавзӯъ фикр мекунам. Баъд аз чанд шабе, ки интизор кашидам, омад ва гуфт: Тарчеҳ додам, ки дар ин вақтҳо издивоч нанамоям. Умар (р) мегӯяд: Назди Абӯбакр (р) рафтам ва гуфтам: Агар хоста бошӣ, духтарам Ҳафсаро барои ту ба никоҳ медиҳам. Ӯ ҳам сукут кард ва дар чавобам чизе нагуфт ва бар ӯ нисбат ба Усмон (р) бештар қаҳрам омад.

Чанд шабе гузашт, ки Паёмбари Худо (с) ӯро аз ман хостгорӣ намуданд ва ӯро ба Паёмбари Худо (с) ба никоҳ додам. Абӯбакр (р) маро дид ва гуфт: Шояд ҳангоме, ки Ҳафса (р)-ро ба ман пешниҳод кардӣ ва ман бароят чизе нагуфтам, аз ман озурда шуда будӣ? Гуфтам: Бале. Гуфт: Монеъи чавоб доданам барои ту он буд, ки аз майли Паёмбари Худо (с) нисбат ба Ҳафса (р) хабар доштам, аз ин чиҳат

нахостам, ки рози Паёмбари Худо (с)-ро фош созам ва агар эшон ӯро тарк мекарданд, ман ӯро қабул мекардам.

**1610.** Аз Абӯмасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар касе ду ояти охири сураи «Бақара»-ро дар шаб тиловат намояд, барояш кофӣ аст».

**1611.** Аз Миқдод ибни Амри Киндӣ (р), ки ҳампаймони бани Зӯҳра ва аз аҳли Бадр аст, ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам: Агар кофаре дар ҳолати ҷанг бо шамшер яке аз дастҳоямро қатъ намояд ва баъд аз он аз наздам гурехта ва ба дарахте паноҳ бибарад, агар баъд аз мусаллат шуданам бар вай бигӯяд, ки барои Худо мусалмон шудаам, оё раво аст, ки баъд аз ин гуфтааш ӯро ба қатл бирасонам?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро ба қатл марасон». Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ӯ яке аз ду дастамро қатъ кардааст ва ин калимаро баъд аз қатъ кардани дастам гуфтааст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ӯро ба қатл марасон, агар ӯро ба қатл бирасонӣ, ӯ ба монанди ту аст, пеш аз он, ки ӯро ба қатл бирасонӣ ва ту ба монанди ӯ ҳастӣ, пеш аз он, ки ӯ он калимаро гуфта бошад».

**1612.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар мавриди асирони Бадр фармуданд: «Агар Мутъим ибни Адий зинда мебуд ва дар бораи ин хабисҳо дар наздам шафоат мекард, шафоати ӯро қабул мекардам ва инҳоро озод месохтам».

## БОБИ 7. Қиссаи бани Назир ва хиёнати онҳо ба Паёмбари Худо (с)

**1613.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Қабилаи бани Назир ва бани Қурайза (бо мусалмонон) ба ҷанг бархостанд, Паёмбари Худо (с) бани Назирро аз минтақа хориҷ карданд ва бар бани Қурайза миннат ниҳода ва онҳоро ба ҳоли худашон вогузоштанд, то ин, ки бани Қурайза ҳам ба ҷанг пардохтанд ва ҳамон буд, ки мардони онҳоро куштанд ва занҳо ва атфол ва амволи онҳоро байни мусалмонон тақсим намуданд, магар иддае, ки назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва онҳоро амон доданд. Онҳо мусалмон шуданд ва бақияи яҳуди Мадинаро, ки иборат аз бани Қайнуқо, ки аз вобастагони Абдуллоҳ ибни Салом буданд ва яҳуди бани Ҳориса ва дигар яҳудонро аз Мадина хориҷ сохтанд.

**1614.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) нахлистонҳои бани Назирро оташ заданд ва қатъ намуданд. Ва ин ҳамон нахлистонҳои минтақаи Бувайра буд ва дар ҳамин мавриди ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид: **«Он чиро, ки аз дарахтон қатъ кардед ва ё ба ҳоли худ собит нигоҳ доштед, ба иродаи Худо буд».** *(Ҳашр: 5)*

**1615.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамсарони Паёмбари Худо (с) Усмон (р)-ро назди Абӯбакр (р) фиристоданд ва ҳаштум ҳиссаи мероси худро аз амволи ғанимат талаб намуданд ва ман эшонро аз ин талаб мамониат кардам ва гуфтам: Аз Худо битарсед, магар хабар надоред, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мо (Паёмбарон) мерос бурда намешавем, ончиро, ки аз худ ба ҷой мегузорем, садақа аст». (Ва мақсуди Паёмбари Худо (с) аз ин сухан худашон буданд). Оли Муҳаммад (с) фақат аз ин мол хӯрда метавонанд». Чун аз ин чиз ба онҳо хабар додам, ҳамсарони Паёмбари Худо (с) аз талаби хеш худдорӣ намуданд (ва баъд аз ин сухан ҳеҷ касро ба талаби он мол нафиристоданд).

## БОБИ 8. Қатли Каъб ибни Ашраф

**1616.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Кист, ки мавзӯъи Каъби Ашрафро ба ӯҳда бигирад, зеро ӯ Худо ва Расулашро азият намудааст? (Каъб ибни Ашраф шахсе аз яҳуди бани Қурайза буд, ки шеър месуруд ва дар шеъри худ Паёмбари Худо (с)-ро ҳаҷв мекард ва мушрикинро бар алайҳи мусалмонон таҳрик менамуд).

Муҳаммад ибни Маслама (р) бархост ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё мехоҳед, ки ӯро ба қатл бирасонам? Фармуданд: «Бале». Гуфт: Пас бароям иҷоза бидиҳед, ки ҳиллае ба кор бубарам ва чизе бигӯям. Фармуданд: «Бигӯ». Ҳамон буд, ки Муҳаммад ибни Маслама (р) назди Каъб ибни Ашраф рафт ва гуфт: Ин шахс (яъне Паёмбари Худо (с) аз мо садақа металабад ва моро ба мушкилот мубтало сохтааст, омадам, то аз ту қарз бигирам. Каъб гуфт: Илова бар он аз вай хаста ва малул ҳам хоҳед шуд.

Муҳаммад ибни Маслама (р) гуфт: Ҳоло аз вай мутобаат намудаем, намехоҳем ба ҳамин зудӣ ӯро тарк намоем, балки чизе интизор мекашем, то бубинем, ки кораш ба куҷо мекашад? Ва чизе, ки мехоҳем, он аст, ки як ё ду васақ хурмо барои мо қарз бидиҳӣ (ҳар васақе мусовии 60 соъ ва ҳар соъ ба вазни феълӣ мусовии 6/640 килограмм аст, бинобарин ҳар васақ мусовии 4,398 килограмм мешавад). Гуфт: Хуб аст, вале бояд бароям гараве бидиҳед. Гуфт: Чӣ гараве мехоҳед? Гуфт: Занҳои худро наздам гарав бигузоред. Гуфт: Дар ҳоле, ки ту зеботарини ҷавонони Араб ҳастӣ, чӣ гуна метавонам занҳои худро наздат гарав бигзорем? Гуфт: Пас бачаҳои худро наздам гарав бигузоред. Гуфт: Агар бачаҳои худро наздат гарав бигузорам, фардо касе ба онҳо таъна зада мегӯяд: ту будӣ, ки дар муқобили як ё ду васақи хурмо ба гарав дода шуда будӣ? Ва ин барои мо нанг ва ор аст, вале агар мувофиқат дошта бошӣ, аслиҳаҳои худро бароят ба гарав медиҳем. Ва бо ӯ ваъда гузошт, ки биравад ва аслиҳаҳоро биоварад.

Шаб ҳамроҳи Абӯноила (р), ки бародари разоии Каъб ибни Ашраф буд, омад, Каъб онҳоро ба дохили қалъааш талабид ва наздашон омад, занаш барояш гуфт: Дар ин вақти шаб куҷо меравӣ? Гуфт: Назди Муҳаммад ибни Маслама ва бародарам Абӯноила меравам. Занаш гуфт: Ман садоеро мешунавам, ки гӯё аз он бӯи хун меояд. Гуфт: Касе нест, бародарам Муҳаммад ибни Маслама ва бародари разоиям Абӯноила аст, одами бошахсият агар дар шаб аз вай хоста шавад, ки ба дами теғ биравад, бояд қабул кунад. Ва Каъб ибни Ашраф гуфт: Муҳаммад ибни Маслама ду нафарро бо худ ба дохили қаср меоварад.

Ва дар ривояте омадааст, ки (ҳамроҳони Муҳаммад ибни Маслама (р) се нафар буданд, ки иборатанд аз: Абс ибни Ҷабр ва Аббод ибни Бишр ва Ҳорис ибни Авс. Пас Муҳаммад ибни Маслама ба онҳо гуфт: Вақте, ки Каъб ибни Ашраф биёяд, ман мӯйҳояшро мегирам ва мебӯям ва чун дидед, ки сарашро маҳкам гирифтам, ба ӯ ҳамла кунед ва корашро яксара намоед. Ва дар ривояти дигаре омадааст, ки Муҳаммад ибни Маслама ба ҳамроҳонаш гуфт: Баъд аз ин, ки ман мӯйҳояшро бӯидам, навбати бӯйиданро ба шумо медиҳам. Каъб бо либосҳои фохир дар ҳоле, ки бӯи атр аз вай ба ҳаво пароканда мешуд, аз қасраш поён шуд ва назди онҳо омад. Муҳаммад ибни Маслама (р) гуфт: То ҳоло чунин бӯи хушро надида будам, Каъб гуфт: Занам комилтарин ва хушбӯйтарин занони Араб аст. Муҳаммад ибни Маслама (р) барояш гуфт: Иҷоза медиҳӣ саратро бибӯям? Гуфт: Бале. Ҳамон буд, ки Муҳаммад ибни Маслама (р) сарашро бӯид ва рафиқонаш ҳам бӯиданд. Боз барояш гуфт: Оё иҷоза медиҳӣ, ки як бори дигар саратро бибӯям? Гуфт: Бале. Чун сарашро маҳкам гирифт, ба рафиқонаш гуфт: Фурсататон аст! Ва онҳо ӯро куштанд. Баъд аз он назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва барояшон (аз воқеаи кушта шудани Каъб ибни Ашраф) хабар доданд (ин воқеа дар рабеъулаввали соли саввуми ҳиҷрӣ сурат гирифт).

## БОБИ 9. Кушта шудани Абурофеъ Абдуллоҳ ибни Абулҳуқайк ва ё Салом ибни Абулҳуқайк

**1617.** Аз Бароа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) касонеро аз Ансор ба тарафи Абӯрофеъи яҳудӣ фиристоданд ва Абдуллоҳ ибни Атик (р)-ро бар онҳо амир муқаррар намуданд. Абӯрофеъ Паёмбари Худо (с)-ро азият мекард ва мардумеро бар алайҳи эшон таҳрик ва кӯмак менамуд (ва ҳамин Абӯ Рофеъ буд, ки аҳзобро дар ғазваи Хандақ бар алайҳи мусалмонон таҳрик намуда буд). Вай дар қалъа дар сарзамини Ҳиҷоз зиндагӣ мекард. (Гурӯҳе, ки ба ин кор маъмурият ёфта буданд) ҳангоми ғуруби офтоб ба наздикии қалъааш расиданд, мардум чорпоёни худро аз чарогоҳ меоварданд, Абдуллоҳ ба ҳамроҳони худ гуфт: Шумо ҳамин ҷо бишинед ва ман меравам ва бо

дарбон бо лутф ва мулоимати сухан мезанам, шояд бароям иҷоза бидиҳад, ки дохили қалъа шавам.

Ва ҳамон буд, ки омад ва наздики дарвоза расид, ҷомаашро ба сараш печид ва тавре вонамуд кард, ки гӯё мехоҳад қазои ҳоҷат намояд, мардумон дохил гардиданд ва дарвозабон садо зад ва ба ӯ гуфт: Эй бандаи Худо! Агар мехоҳӣ дохил шавӣ, зудтар дохил шав, ки дарвозаро мебандам. Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Ман дохил гардидам ва дар ҷое камин намудам, чун ҳамон мардум дохил шуданд, дарвозабон дарвозаро баст ва калидҳоро бар мех овезон намуд, ман калидҳоро бардоштам ва дарвозаро боз кардам. Абӯрофеъ бо мардумон шабнишинӣ дошт ва утоқаш дар ғурфаи баланде буд. Ҳангоме, ки ҳамнишинонаш рафтанд, ба тарафи утоқаш боло шудам ва ҳар дарвозаеро, ки боз мекардам, чун дохил мешудам, онро аз дохил мебастам, зеро бо худ мегуфтам: Агар мардум аз омаданам хабар шаванд, то вақте, ки ӯро бикушам, ба ман расида натавонанд.

Омадам, то дар наздаш расидам, дидам, дар хонаи торике байни аҳли хонаводааш хобидааст. Чун ӯро мушаххас карда наметавонистам, садо зада ва гуфтам: Ё Абӯрофеъ! Гуфт: Кист? Ба тарафи садо давидам ва зарбаи шамшерамро фуруд овардам. Чун саросема будам, коре карда натавонистам ва ӯ фарёд кашид ва ман аз хона берун шудам ва дар ҷои на бисёр дуре мунтазир мондам.

Дубора ба хона дохил шудам (ва тавре вонамуд мекардам, ки гӯё ба кӯмакаш омадаам). Аз вай пурсидам: Ё Абӯрофеъ! Ин чӣ овозе буд? Гуфт: Вой бар модарат! Пештар аз ту шахсе дар дохили хона бо шамшер ба ман ҳамла намуд! Дар ин вақт бо шамшер бар вай ҳамла намудам ва ӯро аз пой даровардам ва чун ба ин ҳамла кораш яксара нашуд, дубора сари шамшерро дар шикамаш гузоштам ва ончунон фурӯ бурдам, ки аз пушташ берун шуд ва дар ин вақт яқин кардам, ки ӯро куштаам.

Аз он ҷо баргаштам ва дарвозаҳоро яке баъд аз дигаре мекушодам, то ба зина расидам, поямро гузоштам ва дидам, ки бар рӯи замин расидаам. Дар ин вақт мутаваҷҷеҳ шудам, ки дар шаби равшани моҳтобгир омадаам ва соқи поям шикастааст, поямро ба дасторе бастам, баъд аз он рафтам ва наздики дарвоза нишастам ва бо худ гуфтам: То дилпур нашавам, ки ӯро куштаам, берун нахоҳам шуд.

Ҳангоме, ки хурӯс бонг баровард, хабардиҳандае бар болои девор баромад ва гуфт: Хабари марги Абӯрофеъ, тоҷири Ҳиҷозро ба иттилои шумо мерасонам. Дар ин вақт назди рафиқонам рафтам ва гуфтам: Бишитобед, Худованд Абӯрофеъро ба ҳалокат расонид.

Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва моҷароро барояшон қисса намудам. Фармуданд: «Поятро дароз кун!» Поямро дароз кардам ва онро масҳ намуданд, дарҳол essentially ончунон хуб шуд, ки гӯё асло таклифе надоштам.

## БОБИ 10. Ғазваи Уҳуд

**1618.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе дар рӯзи ҷанги Уҳуд ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Бароям бигӯед, ки агар ман кушта шавам, дар куҷо хоҳам буд? Фармуданд: «Дар биҳишт». Он шахс хурмоҳоеро, ки дар даст дошт, андохт ва ба ҷанг пардохт ва ба ҷанг идома дод, то кушта шуд.

## БОБИ 11. Ин қавли Худованд, ки: «Он замонеро ба ёд биовар, ки ду гурӯҳ аз шумо қасд доштанд, ки аз ҷиҳод даст бикашанд...»

**1619.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи ҷанги Уҳуд ду нафарро дидам, ки бо либосҳои сафед ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) буданд ва бошиддат аз эшон дифоъ мекарданд ва ин ду нафарро на пеш аз он рӯз дида будам ва на баъд аз он.

**1620.** Ва аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Уҳуд тирдони худро бароям кушода ва фармуданд: «Тир биандоз! Падару модарам фидои ту бод».

## БОБИ 12. Ин қавли Худованд, ки: «Кор ба дасти ту нест, Худованд ё тавбаи онҳоро мепазирад ва ё...»

**1621.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Уҳуд захмӣ гардида ва фармуданд: «Мардуме, ки Паёмбари худро маҷрӯҳ намоянд, чӣ гуна растагор хоҳанд шуд?» Ва ин қавли Худованд нозил гардид, ки кор ба дасти ту нест, Худованд ё тавбаи онҳоро мепазирад ва ё азобашон мекунад, зеро онҳо ситамкоронанд».

**1622.** Ибни Умар (р) мегӯяд: Аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки ҳангоми боло кардани сари худ аз рукӯъ ва баъд аз «самиъаллоҳу ли ман ҳамида» мегуфтанд: «Худоё! Фалон ва фалон ва фалонро лаънат кун!» Ва Худованди мутаъол ин ояи муборакро нозил намуд: «Кор ба дасти ту нест, Худованд ё тавбаи онҳоро мепазирад ва ё азобашон мекунад, зеро онҳо ситамкоронанд».

## БОБИ 13. Ба шаҳодат расидани Ҳамза ибни Абдулмутталиб (р)

**1623.** Ривоят аст, ки Убайдуллоҳ ибни Адий ибни Хиёр (р) барои Ваҳшӣ гуфт: Оё мешавад, ки кайфияти кушта шудани Ҳамзаро барои мо қисса намоӣ? Гуфт: Бале, Ҳамза дар ҷанги Бадр Туъайма ибни Адий ибни Хиёрро ба қатл расонида буд. Мавлоям Ҷубайр ибни Мутъим ба ман гуфт: Агар Ҳамзаро ба интиқоми қатли амакам ба қатл бирасонӣ, озод ҳастӣ.

Вахшӣ мегӯяд: Чун мардум ба минтақаи Айнайн рафтанд (Айнайн кӯҳе аст дар наздики Уҳуд, байни кӯҳи Айнайн ва кӯҳи Уҳуд водие қарор дорад), ман ҳам бо онҳо барои ҷанг берун шудам ва ҳангоме, ки дар муқобили якдигар сафорой намуданд Сибоъ аз саф баромад ва гуфт: Касе ҳаст, ки бо ман дасту панҷа нарм кунад? Ҳамза ибни Абдулмуталлиб дар муқобилаш қарор гирифт ва гуфт: Ё Сибоъ! Ё Ибни Уми Анмор! Ва эй касе, ки модарат бузури занҳоро қатъ мекунад (бузур қитъаи гӯштест монанди тоҷи хурӯс дар фарҷи зан ва касоне, ки одат ба хатна кардани занҳо доранд, онро мебуранд ва модари Сибоъ вазифааш хатна кардани занҳо буд ва Ҳамза хост, то аз ин амали модари Сибоъ бар вай таъна занад), ту ҳам омадаӣ ва бо Худо ва Расулаш душманӣ ва муқобила менамоӣ? Вахшӣ мегӯяд: Баъд аз ин сухан Ҳамза бар вай ҳамла намуд ва ӯро ба қатл расонид.

Вахшӣ мегӯяд: Ва ман барои Ҳамза камин гирифта будам ва ҳангоме, ки ба наздикам расид, бар ӯ ҳамла кардам ва найзаамро чунон дар зери нофаш фурӯ бурдам, ки аз байни ронҳояш хориҷ гардид ва ҳамон буд, ки кушта шуд.

Ва чун мардум бозгаштанд, ман ҳам бо онҳо бозгаштам ва то замоне, ки Ислом мунташир гашт, дар Макка боқӣ мондам. Баъд аз он ба тарафи Тоиф рафтам ва ҳангоме, ки (аҳли Тоиф) вафдеро назди Паёмбари Худо (с) фиристоданд ва касе бароям гуфта буд, ки Паёмбари Худо (с) ба қосид ва паёмрасон зараре намерасонад, ман бо ҳамон вафд назди Паёмбари Худо (с) рафтам. Чун чашми Паёмбари Худо (с) бар ман афтод, фармуданд: «Ту Вахшӣ ҳастӣ?» Гуфтам: Бале. Пурсиданд: «Ҳамзаро ту куштӣ?» Гуфтам: Он чӣ, ки тақдир буд, шуд ва хабараш ҳам ба шумо расид. Фармуданд: «Оё метавонӣ рӯи худро аз ман пинҳон намоӣ?» (яъне: «Аз ин ҷо бирав, ки туро субҳу шом набинам».

Вахшӣ мегӯяд: Аз он ҷо хориҷ гардидам ва баъд аз ин, ки Паёмбари Худо (с) вафот намуданд ва Мусайлимаи Каззоб зуҳур намуд, бо худ гуфтам: Ба ҷанги Мусайлима меравам, шояд битавонам ӯро бикушам ва ҷуброни қатли Ҳамзаро намоям ва ҳамон буд, ки бо касоне, ки ба ҷанги ӯ мерафтанд, ҳамроҳ шудам.

Ва қиссаи ӯ ҳарчӣ, ки буд, буд (яъне мардумони зиёдеро бо худ ҳамдаст сохта ва хатари ҷиддӣ барои мусалмонон шуда буд). Дар ин вақт шахсеро дидам, ки ба монанди шутури хокистарранг бо мӯйҳои парешон дар рахнаи деворе истодааст (ва ин ҳамон Мусайлимаи Каззоб буд). Бар ӯ ҳамла намудам ва бо ҳамон ҳарбае (ки Ҳамзаро кушта будам) онҷунон дар байни синаҳояш фурӯ бурдам, ки аз пушти сараш хориҷ гардид. Дар ин вақт шахсе аз Ансор омад ва шамшери худро бар фарқи ӯ фуруд овард.

## БОБИ 14. Маҷрӯҳ шудани Паёмбари Худо (с) дар ҷанги Уҳуд

**1624.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд бар мардуме сахт ғазаб мекунад, ки бо Паёмбари ӯ чунин карданд». Ва ишора карданд ба сӯи дандони худ, гуфтанд: («Ва Худованд бар шахсе сахт ғазаб мекунад, ки Паёмбари Худо (с) ӯро дар ҷиҳод ба қатл бирасонад».

## БОБИ 15. Касоне, ки даъвати Худо ва Расулашро пазируфтанд

**1625.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Уҳуд маҷрӯҳ гардиданд ва мушрикин баргаштанд, аз он тарсиданд, ки мабодо мушрикин дубора баргарданд. Аз ин ҷиҳат фармуданд: «Кист, ки онҳоро таъқиб намояд?» Ҳафтод нафар, аз он ҷумла Абӯбакр ва Зубайр (р) ҳозир шуданд, ки ба таъқиби онҳо бираванд.

## БОБИ 16. Ғазваи Хандақ, ки ҳамон ғазваи Аҳзоб аст

**1626.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки машғули кандани хандақ будем, харсанги бисёр сахте падидор шуд. Мардум назди Паёмбари Худо (с) рафта ва гуфтанд: Сахраи бисёр шадиде дар Хандақ пайдо шудааст. Фармуданд: «Инак худам поён мешавам». Ва дар ҳоле, ки (аз гуруснагӣ) сангеро бар шиками худ баста буданд ва се рӯз шуда буд, ки чизеро начашида будем, Паёмбари Худо (с) зоғнӯлро гирифтанд ва бар сахра заданд, харсанг ба реги равон мубаддал гардид.

**1627.** Аз Сулаймон ибни Сурад (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ғазваи Аҳзоб (баъд аз гурехтани мушрикин) фармуданд: («Баъд аз ин) мо бо онҳо ҷанг мекунем ва онҳо бо мо ҷанг намекунанд». (Яъне: баъд аз ин мо ҳолати ҳуҷумӣ ба худ мегирем ва онҳо ҳолати дифоъӣ ва ҳамин тавр ҳам шуд. Ин суханро дар рӯзи бисту саввуми Зулқаъдаи соли панҷуми ҳиҷрӣ гуфтанд).

**1628.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) чунин мегуфтанд: «Ба ҷуз Худои ягона Худои дигаре нест, лашкариёнашро иззат додааст, бандаашро нусрат ато фармудааст ва танҳо худаш бар аҳзоб ғалаба намудааст ва баъд аз Худо ҳеҷ чизи дигаре нест».

## БОБИ 17. Бозгаштани Паёмбари Худо (с) аз ғазваи Аҳзоб ва рафтан ба сӯи бани Қурайза

**1629.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми бани Қурайза ба ҳукми Саъд ибни Муъоз (р) мувофиқа намуданд. Паёмбари

Худо (с) ӯро талабиданд ва ӯ дар ҳоле, ки бар болои харе савор буд, омад, чун ба масҷид наздик шуд (мурод аз ин масҷид масҷиде аст, ки Паёмбари Худо (с) дар вақти муҳосираи бани Қурайза барои намоз хондан дар наздики хонаҳои онҳо омода намуда буданд),

Паёмбари Худо (с) ба мардуми Ансор фармуданд: «Бираведа ба сӯи сардори худ ва ё ба сӯи беҳтарини худ». Ва ба Саъд ибни Муъоз (р) гуфтанд: «Инҳо ба ҳукми ту мувофиқат кардаанд». Саъд гуфт: Мардони онҳоро бикушед ва кӯдакони онҳоро ба асорат бигиред. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мувофиқи ҳукми Худо қазоват намудӣ». Ва ё фармуданд: «Мувофиқи ҳукми Худо ва ё ҳукми малак, ки Ҷабраил (ъ) аст, ҳукм намудӣ» (ва шак дар байни ин ду иборат аз ровӣ аст).

## БОБИ 18. Ғазваи Зотурриқоъ

**1630.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) бо асҳоби худ дар ғазваи ҳафтум, ки ғазваи Зотурриқоъ аст намози хавф хонданд.

**1631.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз ғазавоте, ки бо Паёмбари Худо (с) иштирок намуда будем, моён (аз қабилаи Ашъарийин) шаш нафар будем ва як шутур доштем, шутурро ба навбат савор мешудем, пойҳои мо обила кард, пойҳои худам обила карда, нохунҳоям афтод ва ба пойҳои худ хирқапораҳоро мепечондам. Ва аз ҳамин сабаб ин ғазваро ба номи ғазваи Зотурриқоъ номиданд, зеро бар пойҳои худ хирқапораҳоро мебастем.

**1632.** Саҳл ибни Абӯҳасама (р), ки бо Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Зотурриқоъ иштирок намуда буд, мегӯяд: Намози хавфро ба ин гуна адо намуданд, ки як қисмате аз мардум бо Паёмбари Худо (с) саф бастанд ва қисмати дигар муқобили душман истоданд. Паёмбари Худо (с) бо касоне, ки бо эшон буданд, як ракаат намоз адо намуданд.

Баъд аз он худи Паёмбари Худо (с) ба ҷойи худ ҳамон тавр истоданд. Касоне, ки бо онҳо (як ракаат намоз хонда буданд) бақияи намозро бо худ комил карданд, баъд аз он рафтанд ва муқобили дашман қарор гирифтанд. Гурӯҳи дигаре омаданд (ва Паёмбари Худо (с) як ракаати боқимондаро бо онҳо адо намуданд, сипас ҳамон тавр нишаста, интизор кашиданд, то онҳо ракаати дигарро бихонанд, баъд аз он бо ҳам салом доданд (ва ба ин тариқ ҳамагон фазилати намози ҷамоат ва аз он муҳимтар, фазилати намоз хондан бо Паёмбари Худо (с)-ро дарёфтанд).

**1633.** Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Бо Паёмбари Худо (с) ба тарафи Наҷд ба ҷиҳод рафтем. Ҳангоми бозгаштан дар даште, ки

дарахтҳои хордори бисёре дошт, ҳаво бисёр гарм шуд, Паёмбари Худо (с) фуруд омаданд, мардум мутафаррик гардиданд ва ҳар касе зери сояи дарахте нишаст.

Паёмбари Худо (с) низ зери сояи дарахти самура нишастанд (Самура дарахте аст, ки шоху барги фаровон дорад ва одати саҳоба (р) он буд, ки агар дар даште манзил мегузиданд, дарахтеро, ки сояи бештаре дошт, барои Паёмбари Худо (с) ихтисос медоданд) ва шамшери худро бар он овезон намуданд.

Ҷобир (р) мегӯяд: Каме хоб шудем, ки Паёмбари Худо (с) моро садо заданд, наздашон рафтем, дидем, ки шахси бодиянишине (номи ин шахси бодиянишин Ғурас ибни Ҳориса буд), паҳлӯяшон нишастааст. Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «Ин шахс дар ҳоле, ки ман хоб будам, шамшерамро гирифт. Чун бедор шудам, дидам ки бо шамшери бараҳна болои сарам истодааст, бароям гуфт: Дар муқобили ман аз ту кӣ дифоъ хоҳад кард? Гуфтам: Худо ва ин ки паҳлӯям нишастааст». Ва Паёмбари Худо (с) ӯро ҷазо надоданд.

## БОБИ 19. Ғазваи бани Мусталиқ аз қавми Хузоа, ки ҳамон ғазваи Мурайсиъ мебошад

**1634.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ба ғазваи бани Мусталиқ рафтем ва иддае аз арабҳоро ба асорат гирифтем, ба занҳо тамоил намудем ва аз безанӣ сахт ба таклиф будем ва хостем, ки азме намоем, бо худ гуфтем: Дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) вуҷуд доранд, чӣ гуна аҷала намоем ва аз эшон суол накунем? Аз эшон дар ин маврид суол намудем, фармуданд: «Бар шумо чизе нест, ҳар махлуқе, ки хилқаташ то рӯзи қиёмат муқаддар бошад, ба дунё хоҳад омад».

## БОБИ 20. Ғазваи Анмор

**1635.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки дар ғазваи Анмор бар болои шутури худ намози нафлро ба тарафи машриқ мехонданд (Ин ҳадис ба шумораи 216 дар китоби салот, боби таваҷҷӯҳи қибла қаблан гузашт).

## БОБИ 21. Ғазваи Ҳудайбия ва ин қавли Худованд, ки: «Худованд аз мӯъминоне, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, розӣ шуд» *(Фатҳ: 18)*

**1636.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шумо фатҳи Маккаро фатҳ медонед ва агарчи фатҳи Макка фатҳ буд (Худованди мутаъол мефармояд: («Инно фатаҳно лака фатҳан мубино»), вале мо фатҳро Байъати ризвон медонем, ки дар рӯзи Ҳудайбия воқеъ гардид (зеро

байъати ризвон муқаддима ва асоси фатҳи Макка буд).

Ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) як ҳазору чаҳорсад нафар будем. Ҳудайбия иборат аз чоҳе аст, мо оби он чоҳро кашидем ва қатрае боқӣ нагузоштем, ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид. Омаданд ва бар канори он чоҳ нишастанд, зарфи оберо хостанд ва вузӯ намуданд, баъд аз он мазмаза намуданд ва дуо карданд, он обро дар он чоҳ рехтанд, андак вақте чоҳро (ба ҳоли худаш) гузоштем ва баъд аз он оби он чоҳ мо ва шутурони моро сероб намуд.

**1637.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи Ҳудайбия Паёмбари Худо (с) ба мо гуфтанд: «Шумо беҳтарин мардумони рӯи замин ҳастед». Ва мо як ҳазору чаҳорсад нафар будем ва агар (биноиямро аз даст надода будам ва) чашм медоштам, ҳамин имрӯз ҷои он дарахтро барои шумо нишон медодам.

**1638.** Аз Сувайд ибни Нӯъмон (р), ки аз аҳли Шаҷара мебошад, ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) ва саҳобаашон миқдоре гандуми кӯбида оварданд, эшон онҳоро ҳамин тавр хушк хойданд.

**1639.** Ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) шаб бо Паёмбари Худо (с) ба ҷое мерафт, аз Паёмбари Худо (с) чизе пурсид, вале эшон ҷавоби ӯро нагуфтанд. Боз дубора пурсиш намуд, боз ҳам ҷавоби ӯро нагуфтанд. Бори саввум низ пурсид, вале Расули акрам ҷавобашро нагуфтанд (сабаби ҷавоб надодани Паёмбари Худо (с) ба Умар ибни Хаттоб он буд, ки эшон дар ин вақт машғули нузули ваҳй буданд, вале Умар ибни Хаттоб (р) мутаваҷҷеҳи ин амр нашуда буд). Умар ибни Хаттоб (р) бо худ гуфт: Эй Умар! Модарат дар маргат гиря кунад, се бор аз Паёмбари Худо (с) алъон чизе пурсидӣ ва эшон ҷавоби туро нагуфтанд. Умар (р) мегӯяд: Аз тарси он, ки мабодо дар бораи ман қуръоне нозил гардад, шутурамро тез рондам ва аз дигар мусалмонон пештар рафтам. Дере нагузашт, ки шунидам, касе маро садо мезанад, бо худ гуфтам: Шояд дар мавриди ман қуръон нозил шуда бошад. Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва салом додам, фармуданд: «Имшаб бар ман сурае нозил гардид, ки дар назди ман аз тамоми он чӣ, ки хуршед бар он тулӯъ кардааст, беҳтар аст». Ва ин оятро қироат намуданд: **(«Мо пирӯзии ошкорро насибат сохтем»).** *(Фатҳ:1)*.

**1640.** Аз Мисвар ибни Махрама (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар соли Ҳудайбия бо як ҳазору чандсад нафар аз саҳобаҳои худ берун шуданд, чун ба Зулҳулайфа расиданд, ҳадяеро қаллода намуда, нишонӣ карданд. Ва аз ҳамон ҷо барои адои умра эҳром бастанд ва ҷосусеро аз мардуми Хузоъа (барои иттилоъ овардан аз Қурайш) фиристоданд. Паёмбари Худо (с) ба роҳ афтоданд ва ҳангоме, ки ба Ғадири аштот расиданд, ҷосусеро, ки фиристода буданд, омад ва гуфт: Қурайш мардумро барои ҷанг кардан бо шумо ҷамъоварӣ кардаанд ва аз он ҷумла қабоилеро, ки бо онҳо ҳампаймон ҳастанд, аз ин ҷиҳат ба таври қатъӣ бо шумо ҷанг мекунанд ва монеъи рафтани

шумо ба хонаи Каъба мешаванд.

Паёмбари Худо (с) ба мардум гуфтанд: «Бароям маслиҳат бидиҳед: Оё мехоҳед, ки ба тарафи аҳлу аёли ин мардуме, ки мехоҳанд монеъи рафтани мо ба сӯи хонаи Каъба гарданд, ҳаракат намоем? Агар бо мо ба муқобила бархостанд, ин тавр мешавад, ки гӯё ҷосусе нафиристода будем ва бо онҳо ба ҷанг мепардозем ва агар ба муқобили мо наомаданд, мол ва аёли онҳоро ба даст меоварем». Абӯбакр (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Мо ба қасди хонаи Каъба берун шудаем ва иродаи куштани касе ва ҷанг кардан бо касеро надорем, ба ҳамин ҳадаф ба сафари худ идома диҳед, агар касе монеъи рафтани мо гардид, бо ӯ ҷанг хоҳем намуд. Фармуданд: «Ба номи Худо ба пеш биравед».

**1641.** Аз Нофеъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум мегӯянд, ки Ибни Умар (р) пеш аз падараш Умар (р) мусалмон шудааст ва ин чиз воқеият надорад. Балки воқеият он аст, ки дар рӯзи сулҳи Ҳудайбия Умар (р) писараш Абдуллоҳ (р)-ро фиристод, то асперо, ки аз вай дар назди шахсе аз Ансор буд, биоварад. (Абдуллоҳ (р) дар масири роҳи худ) Паёмбари Худо (с)-ро дид, ки дар зери ҳамон дарахти маъруф нишастаанд ва бо мардум байъат мекунанд ва Умар (р) аз ин кор иттилоъ надошт, Абдуллоҳ ибни Умар (р) бо Паёмбари Худо (с) байъат кард ва баъд аз он рафт ва аспро барои Умар (р) овард. Ва Умар (р) дар ин вақт либоси ҷангиро мепӯшид ва худро омодаи ҷанг мекард. Абдуллоҳ (р) бароят гуфт: Паёмбари Худо (с) дар зери ҳамон дарахт бо мардум байъат мекунанд. Нофеъ (р) мегӯяд: Ҳамон буд, ки ӯ ҳам бо писараш рафт ва бо Паёмбари Худо (с) байъат намуд ва ин ҳамон чизе аст, ки мардум мегӯянд: Ибни Умар (р) пеш аз падараш мусалмон шудааст.

**1642.** Аз Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) умра намуданд, бо эшон будем. Чун тавоф намуданд, бо эшон тавоф кардем ва чун намоз хонданд, бо эшон намоз хондем. Вале вақте ки байни Сафо ва Марва саъй менамуданд, мо аз эшон ҳифозат мекардем, то мабодо аҳли Макка ба эшон зарар бирасонанд.

## БОБИ 22. Ғазваи Зотиқарад

**1643.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Пеш аз азони аввал берун шудам ва шутурони ширдеҳи Паёмбари Худо (с) дар минтақаи (Зиқарад) мечариданд, ғуломи Абдурраҳмон ибни Авф (р) омад ва гуфт: Шутурони ширдеҳи Паёмбари Худо (с)-ро бурданд (ва тамоми ҳадис қаблан зикр гардид ва дар охир ин ривоят омадааст, ки: баъд аз он баргаштем ва Паёмбари Худо (с) маро пушти сари худ бар болои шутури худ савор карданд ва рафтем, то ба Мадина дохил гардидем (Ин ҳадис ба шумораи 1300 дар китоби ҷиҳод қаблан гузашт).

## БОБИ 23. Ғазваи Хайбар

**1644.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ба тарафи Хайбар берун шудем ва дар шаб сафар мекардем. Касе ба Омир (р) гуфт: Ё Омир! Аз ҳамон чизҳоят барои мо намешунавонӣ? (Мақсудаш аз он чизҳо ашъоре буд, ки Омир (р) барои мардум месуруд). Омир (р) шахси шоир ва хонандае буд, аз шутураш поён шуд ва барои мардум ин ашъорро мехонд:

*Худоё! Агар ту набудӣ, мо ҳидоят намешудем,*
*На садақа медодем ва на намоз мехондем.*
*Ва бар мо биомурз ва туро, то зинда бошем, бо азамат ёд мекунем,*
*Ва дар вақти мулоқот бо душман, моро собитқадам нигоҳ дор.*
*Ва бар мо оромиш бубахш ва вақте, ки моро ба кори бад бихоҳанд,*
*Ибо меварзем ва бо овози баланд дигаронро бар алайҳи мо*
*ба кӯмак хостанд.*

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ин қофиласолор кист?» Гуфтанд: Омир ибни Акваъ аст. Фармуданд: «Худованд бар ӯ раҳмат кунад». Касе гуфт: Ё Набияллоҳ! Ҷаннат борояш воҷиб шуд, вале ҷаро мӯҳлат нододед, то аз вай истифода мебурдем? (Яъне: Ин шахс ба асари дуои шумо ба дараҷаи шаҳодат ноил хоҳад омад ва аз байни мо хоҳад рафт ва эй кош мегузоштед, то аз шуҷоати вай истифода мекардем). Ба Хайбар расидем ва аҳли Хайбарро муҳосира намудем, то ин, ки ба гуруснагии сахте дучор шудем, баъд аз он Худованди мутаъол фатҳро насиби мо сохт.

Шоми рӯзе, ки Хайбар фатҳ шуд, (мусалмонон) оташи зиёде барафрӯхтанд, Паёмбари Худо (с) пурсиданд: «Ин оташҳо барои чист? Ва барои чӣ ин қадар оташ афрӯхтаед?» Гуфтанд: Гӯшт мепазем. Пурсиданд: «Гӯшти чӣ ҳайвонеро?» Гуфтанд: Гӯшти харҳои аҳлиро. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Гӯштҳоро берун бирезед ва дегҳоро бишканед». Касе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Агар гӯштҳоро берун бирезем ва дегҳоро бишӯем, чӣ мешавад? Фармуданд: «Ҳамон тавр кунед».

Ҳангоме мардум сафоройӣ намуданд, шамшери Омир (р) кӯтоҳ буд, рафт ки ба пои яҳуде бизанад, шамшераш давр хӯрд ва нӯки он бар зонуи худаш исобат намуд ва мурд. Салама (р) мегӯяд: Ҳангоми бозгашт маро Паёмбари Худо (с) диданд ва дасти маро гирифта ва гуфтанд: «Туро чӣ шудааст?» Гуфтам: Падару модарам фидои шумо! Мардум мегӯянд, ки Омир аъмолашро ҳабата кардааст (зеро худашро кушт).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки чунин мегӯяд, дурӯғ мегӯяд, балки барои ӯ ду музд аст». Ва ду ангушти худро бо ҳам ҷамъ намуда ва гуфтанд: «Омир ҳам машаққат дид ва ҳам ҷиҳод кард ва дар рӯи замин бисёр кам арабе аст, ки мисли ӯ бошад». Ва ё фармуданд: «Кам арабе аст, ки монанди ӯ нашъат карда бошад» (маънои каломи Паёмбари Худо (с) ин аст, ки дар байни арабҳо кам касе пайдо мешавад, ки ҳам ҷиҳод карда бошад ва ҳам машаққат дида бошад).

**1645.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шабҳангом ба Хайбар дохил гардиданд. Ва ин ҳадис қаблан гузашт (ба шумораи 243 муроҷиа шавад) ва дар ин ривоят омадааст, ки ҷангҷӯён онҳоро куштанд ва аҳлу авлоди онҳоро ба асорат гирифтанд.

**1646.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба ҷанги Ҳайбар рафтанд, мардум ба даште расиданд ва бо садои баланд гуфтанд: «Аллоҳу акбар! Аллоҳу акбар! Ло илоҳа иллаллоҳ!»

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бар худ мадоро кунед (яъне: ин суханро оҳистатар бигӯед), шумо на бо шахси ношунавое сухан мегӯед, на бо шахси ғоибе, балки касеро, ки мехонед, шунавост ва наздики шумо аст».

Абӯмӯсо (р) мегӯяд: Ман ба ақиби чорпои Паёмбари Худо (с) мерафтам ва «ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ» мегуфтам. Инро шунида, фармуданд: «Ё Абдуллоҳ ибни Қайс!» Гуфтам: Лаббайка, ё Расулаллоҳ! Фармуданд: «Оё туро ба калимае, ки ганҷе аз ганҷҳои ҷаннат аст, раҳнамоӣ накунам?» Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Падару модарам фидои шумо, раҳнамоӣ кунед. Фармуданд: «Он калима ин аст: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ».

**1647.** Аз Саҳл ибни Саъди Соидӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз газавот. Паёмбари Худо (с) бо мушрикин ба ҷанг пардохтанд (тавре, ки дар баъзе ривоят омадааст, ин ҷанг дар Хайбар воқеъ гардида буд), баъд аз ҷанг Паёмбари Худо (с) ба тарафи аскари худ ва мушрикин ба тарафи аскари худ рафтанд.

Дар миёни саҳобаҳои Паёмбари Худо (с) шахсе буд, ки ба яҳуд фурсат намедод ва ба муҷарради дидани шахси танҳое аз онҳо баровarda ва корашро месохт. Касе барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Имрӯз ҳеҷ кадоме аз мо ба андозаи фалонӣ савоб набурдем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Он шахс аз аҳли дӯзах аст» (ва ин ба сабаби мунофиқии вай буд). Ровӣ мегӯяд: Ин шахс ба таъқиби он марди размҷӯ афтод, ҳар ҷо, ки мерафт, бо вай ҳамроҳ буд, агар меистод, бо ӯ меистод ва агар мерафт, бо ӯ мерафт.

Ровӣ мегӯяд: Он шахси размҷӯ захми калоне бардошт ва тасмим ба худкушӣ кард ва дастаи шамшерашро бар замин гузошт ва сари шамшерро байни ду синааш қарор дод, худашро бар рӯи шамшер фишор дод ва кушт. Шахсе, ки ӯро таъқиб мекард, назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки шумо Паёмбари Худо (с) ҳастед. Фармуданд: «Чӣ хабар аст?» Гуфт: Чун шумо дар мавриди он шахс фармудед, ки аз аҳли дӯзах аст, ин сухан бар мардум гарон тамом шуд, барои онҳо гуфтам, ман хабари ин шахсро ба шумо хоҳам овард ва ба таъқибаш берун шудам, баъд аз муддати кӯтоҳе захми бузурге бардошт ва ба қасди худкушӣ баромад, дастаи шамшерашро бар замин гузошт ва нӯкашро байни ду синааш қарор дод, баъд аз он худро бар

он фишор дод ва ба ҳаёти худ хотима дод. Паёмбари Худо (с) баъд аз шунидани ин сухан фармуданд: «Шахсе аз нигоҳи мардум амали аҳли ҷаннатро анҷом медиҳад, дар ҳоле, ки ӯ аз аҳли дӯзах аст ва шахси дигаре дар чашми мардум амали аҳли дӯзахро анҷом медиҳад, дар ҳоле, ки ӯ аз аҳли ҷаннат аст».

**1648.** Ва дар ривояти дигаре мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) (баъд аз воқеаи худкушии он шахси мунофиқ) фармуданд: Эй фалонӣ, бархез ва эълон кун, ки ба ҷуз мӯъмин каси дигаре ба ҷаннат намедарояд ва Худованди мутаъол ин динро ба воситаи шахси фоҷире таъйид хоҳад кард».

**1649.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Хайбар зарбае ба поям исобат намуд, назди Паёмбари Худо (с) омадам, эшон бар он захм се бор дамиданд, то ҳамин соат дигар аз он поям эҳсоси шикоят накардаам.

**1650.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Байни Хайбар ва Мадина Паёмбари Худо (с) ҷиҳати арӯсӣ бо Сафия (р) се шаб манзил гузиданд. Ман мусалмононро ба арӯсӣ даъват намудам ва дар ин арӯсӣ на гӯште буд ва на ноне ва чизе, ки буд, он буд, ки Билол (р)-ро амр карданд, то суфраҳоро бигустуранд. Барои мо хурмо ва қурут ва равған оварданд. Мусалмонон байни худ гуфтанд: Сафия аз уммаҳоти мӯъминин аст ва ё мулки ямин (яъне каниз)-и Паёмбари Худо (с) хоҳад буд? Гуфтанд: Агар ӯро ҳиҷоб карданд, аз уммаҳоти мӯъминин аст ва агар ҳиҷоб накарданд, аз мулки яминашон хоҳад буд. Ҳангоми рафтан ӯро пушти сари худ савор карданд ва ҳиҷоб намуданд.

**1651.** Аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи Хайбар аз мутъаи занҳо ва аз хӯрдани гӯшти харҳои аҳлӣ наҳй фармуданд.

**1652.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯзи Хайбар барои асп ду саҳм ва барои пиёда як саҳм муқаррар фармуданд.

**1653.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки дар Яман будем, хабари беъсат ва ё ҳиҷрати Паёмбари Худо (с) барои мо расид. Ман ва ду бародари дигарам Абӯбурда ва Абӯруҳм, ки аз ман калонтар буданд, бо панҷоҳу се нафар аз қавми худ ба тарафи Паёмбари Худо (с) ҳаракат намудем, ба киштӣ савор шудем ва ин киштӣ моро ба сӯи Наҷҷошӣ ба Ҳабаша бурд.

Дар он ҷо бо Ҷаъфар (р) мулоқот намудем ва ҳамон ҷо мунтазир мондем, то ҳама бо ҳам сафар намудем ва ҳангоме назди Паёмбари Худо (с) расидем, ки Хайбар фатҳ шуда буд ва баъзе аз мардум барои мо, яъне барои мо касоне, ки ба киштӣ омада будем, мегуфтанд, ки мо аз шумо дар ҳиҷрат сабқат намудаем. Асмоа бинти Умайс (ҳамсари Ҷаъфар ибни Абӯтолиб), ки бо мо омада буд, ба дидани Ҳафса ҳамсари Паёмбари Худо (с) рафт ва Асмоа аз касоне буд, ки бо

дигарон ба сӯи Наҷҷошӣ ҳиҷрат намуда буд. Дар ҳоле, ки Асмоа назди Ҳафса (р) буд, Умар (р) дохил шуд, чун Асмоаро дид, пурсид: Ин зани кист? (Ҳафса) гуфт: Асмоа духтари Умайс аст. Умар (р) гуфт: Ҳамон ҳабашие, ки ба киштӣ омадааст? Асмоа гуфт: Бале (ман ҳамон ҳастам). Умар (р) гуфт: Мо аз шумо пештар ҳиҷрат кардаем, аз ин ҷиҳат, ба Паёмбари Худо (с) нисбат ба шумо мустаҳиқтарем.

Асмоа қаҳр кард ва гуфт: Ҳаргиз чунин нест, шумо бо Паёмбари Худо (с) будед, эшон гуруснаи шуморо таъом медоданд ва ҷоҳили шуморо ваъз ва насиҳат мекарданд, вале мо дар дасор ва ё дар сарзамини дурафтодае, хос барои Худо ва Расулаш ба сар мебурдем ва мавриди тарс ва иҳонат қарор мегирифтем ва ба Худованд савганд, то он чиро, ки гуфтӣ, барои Паёмбари Худо (с) нагӯям, на таоме мехӯрам ва на ошомидание меошомам ва ин чизҳоро бидуни каму зиёд барои Паёмбари Худо (с) хоҳам гуфт:

Чун Паёмбари Худо (с) омаданд, Асмоа (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Умар чунин ва чунон мегӯяд. (Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ту дар ҷавобаш чӣ гуфтӣ? «Гуфт: Ман ҳам барояш чунин ва чунон гуфтам. Фармуданд: «Ӯ аз шумо ба ман мустаҳиқтар нест, барои ӯ ва ҳамроҳонаш (савоб ва фазилати) як ҳиҷрат аст ва барои шумо мардуме, ки ба киштӣ омадаед, савоб ва фазилати ду ҳиҷрат аст» (як ҳиҷрат ба сӯи Наҷҷошӣ ба Ҳабаш ва як ҳиҷрат ба сӯи Паёмбари Худо (с) дар Хайбар).

**1654.** Ва аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман овози мардуми Ашъариро ҳангоме, ки дар хонаҳои худ Қуръон мехонданд, аз Қуръон хондани онҳо мешиносам ва аз ҳамин сабаб аст, ки дар (вақти) шаб хонаҳои эшонро аз садои Қуръон хонданашон ташхис дода метавонам, агарчанде дар рӯз хонаҳои онҳоро надида бошам ва аз он ҷумла (Ҳаким) аст, ки агар хайл ва ё душманро бубинанд, барои онҳо мегӯяд: Дӯстонам аз шумо мехоҳанд, ки то омаданашон интизор бикашед».

**1655.** Ва аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Баъд аз фатҳи Хайбар назди Паёмбари Худо (с) рафтем, саҳми моро ҳам доданд ва ба ғайр аз мо барои ҳеҷ каси дигаре, ки ба фатҳи Хайбар ҳозир нашуда буданд, саҳме надоданд.

## БОБИ 24. Умраи қазоӣ

**1656.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки эҳром доштанд, бо Маймуна (р) издивоҷ намуданд, вале ҳангоми арӯсӣ аз эҳром баромада буданд ва Маймуна (р) дар минтақаи Сариф вафот намуд.

## БОБИ 25. Ғазваи Мӯъта дар сарзамини Шом

**1657.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ғазваи Мӯъта Зайд ибни Ҳориса (р)-ро амир таъин намуда ва фармуданд: «Агар Зайд кушта шуд, Ҷаъфар ва агар Ҷаъфар кушта шуд, Абдуллоҳ ибни Равоҳа (амири шумо бошад)». Ибни Умар (р) мегӯяд: Дар он ғазва ман бо эшон будам, Ҷаъфар ибни Абӯтолиб (р)-ро ҷустуҷӯ намудем ва ӯро дар байни куштагон ёфтем ва дар ҷасадаш навад ва чанд захми шамшер ва найза буд.

## БОБИ 26. Фиристодани Паёмбари Худо (с) Усома ибни Зайдро ба сӯи Ҳуроқот

**1658.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) моро ба тарафи Ҳуроқот фиристоданд, ҳангоми субҳ бар онҳо ҳамла намудем ва онҳоро шикаст додем. Ман ва шахси дигаре аз Ансор яке аз афроди душманро таъқиб намудем (ин шахс номаш Мирдос ибни Амр буд). Ҳангоме, ки ӯро мағлуб сохтем, гуфт: «Ло илоҳа иллаллоҳ» Ансорӣ аз вай даст бардошт ва ман бо найзаам ӯро куштам. Ҳангоме, ки ба Мадина омадем, хабар ба Паёмбари Худо (с) расид. Фармуданд: «Ё Усома! Оё баъд аз ин, ки он шахс «Ло илоҳа иллаллоҳ) гуфт, ӯро куштӣ?» Гуфтам: Ӯ барои наҷоташ ин чизро гуфт. Эшон боз фармуданд: «Ё Усома! Оё баъд аз ин, ки он шахс «Ло илоҳа иллаллоҳ» гуфт, ӯро куштӣ?» Ва ин суханро он қадар такрор карданд, ки орзу намудам, эй кош пеш аз имрӯз мусалмон намешудам (ин орзу ба маънии ҳақиқиаш нест, балки мурод аз он муболиға дар мутаассир гаштан аз мавқеъи Паёмбари Худо (с) нисбат ба кушта шудани он шахс аст, гӯё Усома (р) мегӯяд: эй кош дар ҳолати ислом муртакиби чунин гуноҳи зиште намегардидам).

**1659.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳафт ғазва иштирок намудам ва дар гурӯҳҳое, ки мефиристоданд, дар нӯҳ гурӯҳ саҳм гирифтам, амири мо гоҳе Абӯбакри Сиддиқ (р) ва гоҳе Усома (р) буд.

## БОБИ 27. Ғазваи фатҳи (Макка) дар моҳи Рамазон

**1660.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки: Паёмбари Худо (с) баъд аз ин ки ҳашт солу ним аз ҳиҷраташон ба Мадина гузашт, дар моҳи Рамазон бо даҳ ҳазор нафар аз мусалмонон ба сӯи Макка азимат намуданд. Худашон рӯза доштанд ва дигарон ҳам рӯза мегирифтанд, то он, ки ба минтақаи Кадид расиданд ва Кадид обе аст мобайни Усфон ва Қудайд, дар ин ҷо рӯзаро хӯрданд ва дигарон ҳам хӯрданд.

**1661.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон ба тарафи Ҳунайн рафтанд ва мардумони мухталиф

буданд, баъзе рӯза доштанд ва баъзе рӯзаро мехӯрданд. Чун Паёмбари Худо (с) бар шутури худ савор шуданд, қадаҳи ширеро ва ё қадаҳи оберо бар кафи дасти худ ва ё бар болои шутури худ гузоштанд ва ба тарафи мардум нигоҳ карданд. Дар ин вақт рӯзахӯрон ба рӯзадорон гуфтанд: Ин, ки шумо ҳам рӯзаи худро бихӯред.

## БОБИ 28. Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка байрақро дар куҷо насб карда буданд?

**1662.** Аз Урва ибни Зубайр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар соли фатҳи Макка ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ҳаракат намуданд ва хабар барои Қурайш расид, Абӯсуфён ибни Ҳарб ва Ҳаким ибни Ҳизом ва Будайл ибни Варқоъ берун шуданд, ахбори Паёмбари Худо (с)-ро ҷустуҷӯ мекарданд. Онҳо омаданд, то ба минтақаи Марри Заҳрон расиданд. Дар ин ҷо оташҳоеро диданд, оташҳои рӯзи арафа (яъне: оташҳои бисёр зиёдеро диданд). Абӯсуфён гуфт: Оё монанди оташҳои рӯзи арафа нест? Будайл ибни Варқоъ гуфт: Шояд оташҳои (қабилаи) бани Амр аст. Абӯсуфён гуфт: Афроди он қабила камтар аз ин ҳастанд. Иддае аз нигаҳбонони Паёмбари Худо (с) онҳоро дастгир намуданд ва назди Паёмбари Худо (с) оварданд, Абӯсуфён дар ин ҷо мусалмон шуд. Ҳангоми ҳаракат кардан Паёмбари Худо (с) ба Аббос (р) гуфтанд, ки «Абӯсуфёнро дар тангии гарданаи кӯҳ нигаҳ дор, то хайли мусалмононро мушоҳида намояд». Аббос (р) ӯро ҳамон ҷо нигоҳ дошт. Қабоил бо Паёмбари Худо (с) аз пеши рӯи Абӯсуфён фавҷ-фавҷ мегузаштанд, ҳангоми мурури яке аз он гурӯҳҳо Абӯсуфён ба Аббос (р) гуфт: Ин кадом қабила аст? Гуфт: Қабилаи Ғифор аст. Гуфт: Маро бо Ғифор коре нест (яъне: ман бо онҳо ҷанг ва даргирӣ надоштам).

Баъд аз он қабилаи Ҷуҳайна гузашт. Абӯсуфён ҳамон суоли худро такрор намуд. Сипас қабилаи Саъд ибни Ҳузайм омад боз Абӯсуфён ҳамон суолашро такрор намуд. Баъд аз он қабилаи Сулайм расид ва ӯ ҳамон суоли худро такрор намуд, то он, ки гурӯҳе омад, ки мисли онро надида буд, пурсид: Инҳо киёнанд? Гуфт: Инҳо мардуми Ансоранд. Ва байрақи онҳо дар дасти Саъд ибни Убода (р) буд. Саъд ибни Убода (р) гуфт: Эй Абӯсуфён! Имрӯз рӯзи хунрезӣ ва маъракаи файсалакун аст, имрӯз рӯзест, ки Каъба мубоҳ мегардад. Абӯсуфён ба Аббос (р) гуфт: Эй кош рӯзи зимор буд (яъне: эй кош рӯзе мебуд, ки ман метавонистам аз қавми худ дифоъ намоям ва ё рӯзе аст, ки бояд аз ман дифоъ намоӣ).

Баъд аз он гурӯҳи дигаре омад, ки хурдтарини гурӯҳҳо буд ва Паёмбари Худо (с) бо саҳобаҳои худ дар байни он гурӯҳ буданд, байрақи ин гурӯҳ даро дасти Зубайр ибни Аввом (р) буд. Ва чун Паёмбари Худо (с) расиданд, Абӯсуфён ба (Паёмбари Худо (с) гуфт: Магар хабар надорӣ, ки Саъд ибни Убода чӣ гуфтааст? Пурсиданд: «Чӣ гуфт?» Гуфт: Чунин ва чунон гуфт. Фармуданд: «Саъд дурӯғ

гуфтааст, имрӯз рӯзе аст, ки Худованд Каъбаро муаззам месозад ва рӯзе аст, ки Каъба пӯшонида хоҳад шуд». Ва Паёмбари Худо (с) амр намуданд, ки байрақашон дар Ҳаҷун насб гардад (Ҳаҷун ҷое аст дар дохили Макка наздики мақбараи Муъалло ва то имрӯз ба ҳамин ном ёд мешавад).

Ва Аббос (р) ба Зубайр (р) гуфт: Эй Абӯабдуллоҳ! Паёмбари Худо (с) ба ту амр кардаанд, ки байрақашонро дар ин ҷо насб намоӣ. Ровӣ мегӯяд: Дар ин рӯз Паёмбари Худо (с) Холид ибни Валид (р)-ро амр карданд, ки аз тарафи болои Макка аз роҳи Кадо дохил гардад ва худи Паёмбари Худо (с) аз поёни Макка аз роҳи Кудай дохил шуданд. Аз лашкариёни Холид ибни Валид (р) дар ин рӯз ду нафар ба шаҳодат расиданд, яке Ҳубайш ибни Ашъар ва дигаре Курз ибни Ҷобири Фиҳрӣ (р) (сабаби кушта шудани ин ду нафар он буд, ки аз лашкар ҷудо афтода буданд ва мушрикин аз фурсат истифода намуда, онҳоро ба шаҳодат расониданд).

**1663.** Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи фатҳи Макка Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бар шутури худ савор буданд ва сураи «Фатҳ»-ро тиловат мекарданд ва агар тарси ин намебуд, ки мардум дар атрофам ҷамъ гарданд, сураи «Фатҳ»-ро) ба монанди Паёмбари Худо (с) тиловат мекардам.

**1664.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи фатҳи Макка ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Макка дохил шуданд, дар атрофи хона сесаду шаст бут гузошта шуда буд, Паёмбари Худо (с) бо чӯбе, ки дар даст доштанд, ба паҳлӯи он бутҳо мезаданд ва мегуфтанд: **«Ҳақ омад ва ботил аз миён рафт».** *(Исро: 81)* **«Ҳақ омад ва ботил на чизеро аз нав меофаринад ва на дубора зинда мекунад».** *(Сабаъ: 49)*

## БОБИ 29

**1665.** Аз Амр ибни Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: (Сукунат ва будубоши мо) бар сари обе буд, ки рафтуомади мардум аз он ҷо сурат мегирифт. Аз қофилаҳое, ки аз назди мо мегузаштанд мепурсидем: Мардумро чӣ шудааст? Мардумро чӣ шудааст? Ин шахс чӣ гуна аст?

(Мақсуд аз ин шахс Паёмбари Худо (с) аст, яъне мепурсиданд, ки кораш ба куҷо расидааст ва бархӯрдаш бо мардум чӣ гунааст). Мегуфтанд: Шахсе аст, даъво мекунад, ки аз тарафи Худованд мабъус гардидааст ва Худованд барои ӯ ваҳй мефиристад ва ё Худованд ин чизро бароящ ваҳй фиристодааст (яъне чизеро аз Қуръон зикр мекарданд, мегуфтанд, ин чизҳоро Худованд бар вай ваҳй фиристодааст). Ва ман ҳамаи ин суханонро тавре ҳифз мекардам, ки гӯё ба синаам нақш мебандад ва мардуми Араб дар мусалмон шудани худ мунтазири фатҳи Макка буданд ва мегуфтанд: Ӯро бо қавмаш вомегузорем, агар бар онҳо ғолиб шуд, маълум аст, ки ба ростӣ ӯ Паёмбари Худо (с) аст.

Ҳангоме, ки Макка фатҳ гардид, ҳар қавме дар мусалмон шудан аз дигаре сабқат меҷуст ва падари ман дар мусалмон шудан аз дигар афроди қавми худ мубодарат ҷуст. Баъд аз бозгаштан падарам гуфт: Ба Худованд савганд, ки аз назди Паёмбари Худо (с) омадаам ва ба мо амр намуданд, ки фалон намозро дар фалон вақт ва фалон намозро дар фалон вақт адо намоед ва ҳангоме, ки вақти намоз дохил шуд, яке аз шумоён азон бидиҳад ва ҳар кадом аз шумо, ки аз Қуръон бештар ҳифз дорад, барои шумо имоматӣ кунад.

Чун ҷустуҷӯ намуданд, касеро наёфтанд, ки аз ман бештар Қуръонро ҳифз дошта бошад. Зеро ман аз қофилаҳое, ки (аз қабилаи мо) мегузаштанд, Қуръонро меомӯхтам ва ҳамон буд, ки маро ба ҳайси имоми худ интихоб намуданд ва ман дар ин вақт шаш ва ё ҳафтсола будам ва пироҳани хатдоре доштам, ки (ба сабаби кӯтоҳӣ) ҳангоми саҷда кардан боло мерафт (ва авратам маълум мешуд). Зане аз занҳои он қаряи (ба мардуме, ки пушти сарам намоз мехонданд) гуфт: Чаро имоми худро намепӯшонед? Онҳо рафтанд ва бароям пироҳане хариданд ва (дар умри худ) ба ҳеҷ чизе ба андозаи он пироҳан хушҳол нашуда будам.

## БОБИ 30. Ин қавли Худованд, ки: «Ва рӯзи Ҳунайн ҳангоме, ки бисёр будани шумо шуморо ба ғурур водошт...»

**1666.** Ривоят аст, ки дар дасти Абдуллоҳ ибни Абӯавфо (р) асари зарбае буд ва мегуфт: Ин зарба дар рӯзи Ҳунайн ҳангоме, ки бо Паёмбари Худо (с) будам, бар ман расид.

## БОБИ 31. Ғазваи Автос

**1667.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Баъд аз он, ки Паёмбари Худо (с) аз ғазваи Ҳунайн фориғ шуданд, Абӯомир (р)-ро ба саркардагии лашкаре ба Автос фиристоданд. Ин лашкар бо Дурайд ибни Самма рӯбарӯ гардид ва ба ҷанг пардохтанд, дар натиҷа Дурайд кушта шуд ва атрофиёнашро Худованд ба шикаст дучор сохт. Абӯмӯсо (р) мегӯяд: Ва маро Паёмбари Худо (с) бо Абӯомир фиристода буданд. Зонӯи Абӯомир (р) маҷрӯҳ гардид ва касе, ки ӯро маҷрӯҳ сохт, шахсе аз бани Ҷушамӣ буд, ки тире ҳаволааш кард ва ба зонуяш расид. Наздаш рафтам ва гуфтам: Амаки мӯҳтарам! Кӣ шуморо маҷрӯҳ сохт? Гуфт: Қотилам ҳамон касе аст, ки маро ба тир задааст. Ба тарафаш давидам ва бар ӯ наздик шудам, чун маро дид, гурехт, ба дунболаш давида ва мегуфтам: Оё шарм намекунӣ? Оё муқовимат карда наметавонӣ?

Ҳамон буд, ки истод ва даргир шудем, баъд аз радду бадал кардани шамшер ӯро куштам ва назди Абӯомир омада, гуфтам: Он шахсро Худованд ба қатл расонид. Гуфт: Биё ва ин тирро аз поям берун кун. Тирро аз пояш кашидам, аз ҷояш об баромад. Абӯомир гуфт:

Бародарзодаам! Саломи маро ба Паёмбари Худо (с) бирасон ва бигӯ, ки бароям талаби омурзиш намоянд. Ва маро ба ҷои худ амири лашкар сохт ва каме нагузашт, ки вафот намуд.

Ба Мадина баргаштам ва назди Паёмбари Худо (с) ба хонаашон рафтам. Болои тахте, ки аз ресмон бофта шуда буд ва фарше бар рӯи он андохта шуда буд, нишаста буданд, асари ресмонҳо ба пушт ва паҳлӯи эшон ба хубӣ маълум мешуд. Саргузашти худ ва Абӯомирро барояшон гуфтам ва афзудам, ки аз ман хост, то барои шумо бигӯям, ки барояш талаби омурзиш намоед. (Паёмбари Худо (с) оберо талабиданд ва вузӯ сохтанд. Баъд аз он дастҳои худро боло карда ва дуо карданд, ки «Илоҳо! бандаат Абӯомирро биомурз». Ва дастҳои худро ончунон баланд карданд, ки сафедии зери бағалашонро дидам ва дар дуои худ гуфтанд: «Илоҳо! Мартабаи ӯро дар рӯзи қиёмат аз мартабаи бисёре аз халқи худ баландтар бигардон». Гуфтам: Барои ман ҳам талаби омурзиш намоед. Гуфтанд: «Илоҳо! Гуноҳони Абдуллоҳ ибни Қайсро барояш биомурз ва дар рӯзи қиёмат ҷойи хуберо насибаш бигардон».

## БОБИ 32. Ғазваи Тоиф дар шавволи соли ҳаштум

**1668.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар ҳоле, ки шахси муханнасе наздам буд (муханнас касе аст, ки алоими мард ва зан дар вай вуҷуд дорад, вале майле ба занҳо надорад, аз ин ҷиҳат дар радифи ғайри улулирба дохил гардида ва омадани он дар назди занҳо боке надорад), Паёмбари Худо (с) ворид шуданд ва шуниданд, ки ин муханнас ба Абдуллоҳ ибни Умайя (Абдуллоҳ ибни Умайя бародари Умми Салама, ровии ҳадис аст) мегӯяд: Эй Абдуллоҳ! Агар Худованд фардо фатҳи Тоифро насиби шумо кард, духтари Ғайлонро интихоб кун (номи ин духтар Бодия буд ва баъд аз фатҳи Тоиф бо падараш мусалмон шуд ва Абдурраҳмон ибни Авф бо вай издивоҷ намуд), зеро ӯ аз фарти зебоӣ чаҳоргона меояд ва ҳаштгона меравад (мақсудаш он буд, ки он духтар аз фарбеҳии зиёд бар рӯи шикамаш чаҳор парда андохтааст, ки ҳангоми омаданаш он чаҳор парда намоён мегардид ва чун бармегардад, дунболаи он пардаҳон чоқ аз ҳарду тарафи паҳлӯҳояш зоҳир мешавад, ки дар маҷмӯъ ҳашт парда ба чашм мехӯрад). Паёмбари Худо (с) (хитоб ба Умми Салама (р) фармуданд: «Чунин ашхос набояд назди шумо дохил шаванд».

**1669.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) Тоифро муҳосира намуданд ва ба онҳо коре карда натавонистанд, фармуданд: «Иншоаллоҳ бармегардем. «Ин сухан бар мусалмонон гарон омад ва гуфтанд: Фатҳ нокарда, чӣ гуна бармегардем? (Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Фардо субҳ ҷангро шурӯъ кунед».

Чун фардо ҷангро шурӯъ намуданд, иддае захмӣ шуданд. (Дар ин вақт Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Иншоаллоҳ фардо бармегардем». Ин бор аз шунидани ин сухан хуши мусалмонон омад ва мувофиқат намуданд ва Паёмбари Худо (с) хандиданд.

**1670.** Аз Саъд ва Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Аз Паёмбари Худо (с) шунидем, ки фармуданд: «Касе, ки дониста худро ба ғайри падари худ нисбат медиҳад, биҳишт бар вай ҳаром аст».

**1671.** Ва дар ривояти дигар омадааст, ки яке аз онҳо, ки Саъд бошад, аввалин касе аст, ки дар роҳи Худо тир андохт ва дигарӣ, ки Абӯбакр бошад, касе аст, ки бо иддае бар девори қалъаи Тоиф боло шуд ва назди Паёмбари Худо (с) омад ва ё яке аз бисту се касе аст, ки бар девори қалъаи Тоиф баромада буданд (ва барои мусалмон шудан) назди Паёмбари Худо (с) омада буданд.

**1672.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) бо Билол (р) дар Ҷеърона байни Макка ва Мадина манзил гузида буданд, ман ҳам бо эшон будам. Шахси бодиянишине назди эшон омад ва гуфт: Оё ба ваъдае, ки ба ман додаед, вафо намекунед? (Ваъдаеро, ки Паёмбари Худо (с) барояш дода буданд, ин буд, ки аз ғаноими Ҳунайн чизе барояш бидиҳанд), барояш гуфтанд: «Хотирҷамъ бош». Гуфт: «Хотирҷамъ бош»-ро бароям бисёр гуфтед. Паёмбари Худо (с) рӯи худро ба тарафи Абӯмӯсо ва Билол карданд ва дар ҳолати ғазаб фармуданд: «Хотирҷамъро, ки барояш додам, рад кард, шумо онро қабул кунед». Он ду нафар гуфтанд: Қабул дорем. Баъд аз он қадаҳи оберо талаб намуданд ва дасту рӯи худро дар он қадаҳ шустанд ва обе, ки даҳони худро бо он шуста буданд, дар он қадаҳ андохтанд ва гуфтанд: «Аз ин қадаҳ биошомед ва бар рӯй ва гардани худ бимолед ва хотирҷамъ бошед». Абӯмӯсо ва Билол қадаҳро гирифтанд ва ҳамчунон карданд, Умми Салама (р) аз пушти парда ба он ду нафар гуфт: Барои модари худ ҳам чизе нигоҳ доред. (Умми Салама (р) азвоҷи мутаҳҳарот аст ва аз ин сабаб худро модар номид, зеро ки азвоҷи Паёмбари Худо (с) уммаҳотулмӯъминин мебошанд) ва онҳо чизе аз оби он қадаҳро барои Умми Салама (р) нигоҳ доштанд.

**1673.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) иддае аз Ансорро ҷамъ карданд ва фармуданд: «Одати ҷоҳилият ва мусибате (ки аз кушта шудани падарҳо ва авлоди Қурайш барои онҳо расидааст) ҳанӯз аз хотири Қурайш нарафтааст ва ман хостам, то хотири онҳоро хуш созам ва дилашонро ба даст биоварам, магар шумо ризоят намедиҳед, ки дигарон бо мол ва сарвати дунявӣ ва шумоён бо Паёмбари Худо (с) ба хонаҳоятон баргардед?» Гуфтанд: Чаро ризоят намедиҳем? Фармуданд: «Агар мардум ба як тараф ва Ансор ба тарафи дигар биравацд, ман ба тарафи Ансор ва ё ба пайёри Ансор меравам».

## БОБИ 33. Фиристодани Паёмбари Худо (с) Холид ибни Валидро ба сӯи бани Ҷазима

**1674.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) Холид ибни Валидро ба сӯи бани Ҷазима фиристоданд. Ӯ эшонро даъват ба Ислом намуд, вале онҳо ба таври шоиста нагуфтанд, ки мусалмон шудаем, балки дар иваз гуфтанд, ки аз дине ба дини дигаре дохил гардидем. Холид иддае аз онҳоро кушт ва иддаеро асир намуд ва барои ҳар кадоми мо асире супурд.

Рӯзе Холид амр кард, ки ҳар касе бояд асирашро ба қатл бирасонад. Ман гуфтам: Ба Худованд савганд, на худам асирамро мекушам ва на ҳам касе аз ҳамроҳонам асирашро хоҳад кушт. То ин, ки назди Паёмбари Худо (с) омадем ва аз воқеа барояшон хабар додем. Паёмбари Худо (с) дастҳои худро баланд карда фармуданд: «Илоҳо! Аз кори Холид ба ту безорӣ меҷӯям». Ва ин суханро ду бор такрор намуданд.

## БОБИ 34. Гурӯҳи Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ ва Алқама ибни Муҷаззази Мудлиҷӣ, ки барояш гурӯҳи Ансор низ мегӯянд

**1675.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) лашкареро фиристоданд ва шахсеро аз Ансор бар он лашкар амир таъин намуданд (ин шахс Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ буд). Ва ба лашкариён амр карданд, ки аз он шахс итоат намоянд. Рӯзе он шахс бар лашкариён ғазаб намуда ва гуфт: Оё магар Паёмбари Худо (с) барои шумо нагуфтанд, ки аз ман итоат кунед? Гуфтанд: Бале, чунин гуфтанд. Гуфт: Бароям ҳезум ҷамъ кунед. Онҳо ҳезум ҷамъ карданд ва оварданд. Гуфт: Ҳезумҳоро оташ занед. (Тибқи амраш ҳезумҳоро) оташ заданд. Гуфт: Худро дар ин оташ биандозед. Чун қасди дохил шудан дар оташро намуданд, якдигарро аз ин кор мамониат намуда гуфтанд: Мо аз оташ гурехтем ва дини Паёмбари Худо (с)-ро пазируфтем. Ва ба ҳамин кашмакашӣ буданд, ки оташ хомӯш гардид ва ғазаби он шахс низ фурӯ нишаст. Чун ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид, фармуданд: «Агар дар он оташ дохил мешуданд, то ба рӯзи қиёмат аз он берун намешуданд, тоат аз амир дар корҳое аст, ки мувофиқи шариат бошад».

## БОБИ 35. Фиристодани Абӯмӯсо ва Муъоз ба сӯямон пеш аз ҳаҷатулвидоъ

**1676.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ман ва Муъоз (р)-ро ба Яман фиристоданд ва ҳар кадоми моро ба як иқлим фиристоданд. Яман дорои ду иқлим буд (ва ҳангоми фиристодан) ба

мо гуфтанд: «Бо мардум осонгирӣ намоед ва сахтгирӣ накунед, мардумро ба дин хушбин намоед ва бадбин масозед».

(Ровӣ мегӯяд) Ҳар кадоми аз ин ду нафар бар сари кори худ рафтанд ва ҳар кадом вақте, ки дар қаламрави худ ба гаштугузор мерафт ва ба қаламрави дигар наздик мешуд, наздаш меомад ва бар ӯ салом медод. Боре Муъоз (р) аз қаламрави худ ба қаламрави Абӯмӯсо (р) наздик шуд ва бо хари худ наздаш омад, дид ки Абӯмӯсо (р) нишастааст ва мардум ба атрофаш ҷамъ шудаанд ва дар гӯшаи дигаре шахсе аст, ки дастҳояшро ба гарданаш бастаанд. Муъоз (р) гуфт: Эй Абдуллоҳ ибни Қайс! Ин шахс чикора аст? Абӯмӯсо гуфт: Шахсе аст, ки баъд аз мусалмон шудан дубора кофир шудааст. Гуфт: То ӯ кушта нашавад, аз қотирам пиёда нахоҳам шуд. Гуфт: Ту пиёда шав! Ин шахс барои ҳамин кор ин ҷо оварда шудааст. Гуфт: То кушта нашавад, пиёда нахоҳам шуд. Абӯмӯсо (р) амр кард ва ӯро куштанд.

Баъд аз он Муъоз (р) пиёда шуд ва гуфт: Ё Абдуллоҳ! Қуръонро чӣ гуна мехонӣ? Гуфт: Шабу рӯз ба таври доимӣ мехонам, вале эй Муъоз, ту чӣ гуна мехонӣ? Гуфт: Аввали шаб мехобам ва баъд аз он, ки ҷузъе аз шаб гузашт, бармехезам ва ҳар он чӣ, ки Худованд насиб карда буд, мехонам. Аз хоб шудани худ ҳамон андоза умеди савоб дорам, ки аз шабхезии худ (зеро касе, ки қасдаш аз хобидан ва роҳат кардан омодагӣ барои ибодат ва хидмат ба бандагони Худо бошад, ҳамон хоб ва роҳаташ низ дар ҳасаноташ ҳисоб мегардад).

**1677.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро ба тарафи Яман фиристоданд ва ман дар бораи баъзе аз нӯшиданиҳое, ки дар он ҷо сохта мешуд, аз эшон пурсиш намудам. Аз ман пурсиданд: «Он нӯшиданиҳо аз чӣ чиз ва чӣ гуна сохта мешаванд?» Гуфтам: Аз асал ва ҷав. Фармуданд: «Ҳар чизе, ки мастӣ биёварад, ҳаром аст».

## БОБИ 36. Фиристодани Алӣ ибни Абӯтолиб ва Холид ибни Валид (р) ба сӯи Яман

**1678.** Аз Бароъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро бо Холид ибни Валид (р) ба Яман фиристоданд, вале баъд аз он Паёмбари Худо (с) Алӣ (р)-ро ба ҷойи Холид таъин намуда ва фармуданд: «Барои ҳамроҳони Холид бигӯ: Касе, ки мехоҳад бо ту ба Яман биравад, бо ту биравад ва касе, ки мехоҳад пештар биравад, пештар биравад». Ва ман аз касоне будам, ки бо Алӣ (р) ба Яман рафтам ва чандин авқия ғанимат ба даст овардам.

**1679.** Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) Алӣ (р)-ро назди Холид (р) фиристонд, то хумсро аз вай бигирад ва ман аз Алӣ (р) бадам омад, чун дидам, ки ӯ ғусл кардааст. (Зеро Алӣ (р) аз амволи хумс канизакеро барои худ баргузид ва бо вай ҷимоъ кард ва

Бурайда (р) ба хаёли он, ки ин амали Алӣ (р) хиёнат дар амволи байтулмол аст, аз вай бадаш омад). Ба Холид (р) гуфтам: Оё инро мебинӣ (ки чӣ кардааст)? Чун назди Паёмбари Худо (с) омадем, қиссаро барояшон гуфтам, фармуданд: «Эй Бурайда! Оё аз Алӣ бадат меояд? Гуфтам: Бале. Фармуданд: «Набояд аз вай бадат биёяд, зеро насибаш аз хумс бештар аз ин мешавад».

**1680.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Алӣ ибни Абӯтолиб (р) аз Яман миқдори тиллоеро, ки ҳанӯз аз хокаш тасфия нашуда буд, дар дохили пӯсти ошдодае барои Паёмбари Худо (с) фиристод (ин мол аз хумс ғанимат буд ва ин ҳамон насибе аст, ки Паёмбари Худо (с) метавонанд ҳар тавре, ки хоста бошанд, дар он тасарруф намоянд). Эшон он тиллоҳоро байни чаҳор нафар тақсим намуданд. (Ва онҳо Уяйна ибни Бадр ва Ақраъ ибни Ҳобис ва Зайди Хайл ва чаҳоруми онҳо Алқама ва ё Омир ибни Туфайл буданд).

Яке аз саҳоба гуфт: Ба ин мол моён аз инҳо мустаҳиқтар будем. Ин сухан ба Паёмбари Худо (с) расид, фармуданд: «Магар ба амонатдории ман итминон надоред ва ман амини он Зоте ҳастам, ки дар осмон аст, субҳ ва шом хабари осмон бароям мерасад». Шахсе (ин шахс номаш Нофеъ ва машҳур ба Зулҳувайсараи Тамимӣ буд), ки дорои чашмони фурӯрафта, рӯи устухонӣ, пешонии баромада, риши пурпушт, сари тарошида ва изор барзада буд, бархост ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз Худо битарс!

Фармуданд: «Эй вой бар ту! Магар ман сазовортарин афроди рӯи замин дар тарсидан аз Худо нестам?» Он шахс бархост ва рафт. Холид ибни Валид (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё гарданашро назанам? Фармуданд: «На, шояд як вақте намоз бихонад». Холид (р) гуфт: Чӣ басо касоне, ки намоз мехонанд ва ба забони худ чизе мегӯянд, ки дар дилашон нест. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ман ба ин амр нашудаам, ки дили мардумро сӯрох кунам ва ё шиками онҳоро шикоф намоям».

Ровӣ мегӯяд: Дар ҳоле, ки он шахс мерафт, (Паёмбари Худо (с) ба сӯи ӯ назар карда гуфтанд: «Аз насли ин шахс мардуме ба вуҷуд меоянд, ки китоби Худоро бисёр ширин ва хуб тиловат менамоянд, вале ин Қуръон хондани онҳо аз ҳанҷараҳои онҳо таҷовуз намекунад ва аз дин онҷунон ба суръат хориҷ мешаванд, ки тир аз камон хориҷ мегардад». Ва гумон мекунам, ки гуфтанд: «Агар эшонро дарёбам, ба монанди қавми Самуд хоҳам кушт» (яъне ҳамаи онҳоро бидуни истисно хоҳам кушт).

## БОБИ 37. Ғазваи Зулхаласа

**1681.** Ҳадиси Ҷарир (р) дар мавриди Зулхаласа ва ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) ки фармудаанд: «Маро аз Зулхаласа бароҳат намесозӣ,» қаблан гузашт ва дар ин ривоят Ҷарир (р) мегӯяд:

Зулхаласа хонае буд дар Яман, ки мардуми Хасъам ва Бачила бутҳоро дар он қарор дода буданд ва ибодат мекарданд.

Ровӣ мегӯяд: Ҳангоме, ки Ҷарир (р) ба Яман расид, шахсе дар он ҷо вуҷуд дошт, ки бо азлом фол медид, касе барои ӯ гуфт, ки фиристодаи Паёмбари Худо (с) дар ҳамин ҷо аст, агар ба дасташ биафтӣ, гарданатро мезанад ва дар ҳоле, ки ӯ бо он (азлом) фол медид, Ҷарир (р) бар болои сараш истод ва гуфт: Ё инҳоро мешиканӣ ва шаҳодат медиҳӣ, ки «ло илоҳа иллаллоҳ» ва ё ин, ки гарданатро хоҳам зад, ӯ он (азлом)-ро шикаст ва мусалмон шуд.

## БОБИ 38. Рафтани Ҷарир ба сӯи Яман

**1682.** Ва аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки дар Яман будам, бо ду нафар аз аҳли Яман, яке Зукалоъ ва дигаре Зуамр мулоқот намудам. Бо онҳо дар бораи Паёмбари Худо (с) шурӯъ ба сӯҳбат намудам, Зуамр бароям гуфт: Агар он чиро, ки аз ин шахс мегӯӣ, ҳақиқат дошта бошад, имрӯз се рӯз аст, ки аз вафоташ мегузарад (ин шахс аз тариқи фолбинӣ аз вафоти Паёмбари Худо (с) иттилоъ ёфта буд). Он ду нафар бо ман роҳ афтоданд, то ин, ки дар роҳ қофилаеро дидем, ки аз тарафи Мадина меомад, аз эшон пурсиш намудем. Гуфтанд: Паёмбари Худо (с) вафот намудааст ва Абӯбакр (р) ҷонишини эшон шудааст ва мардум ороманд. Он ду нафар барои ман гуфтанд: Ба рафиқат (яъне Абӯбакр (р) бигӯ, ки мо нияти омаданро доштем ва шояд, ки иншоаллоҳ бори дигар баргардем. Инро гуфтанд ва ба тарафи Яман баргаштанд.

## БОБИ 39. Ғазваи Сифилбаҳр

**1683.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) гурӯҳеро ба теъдоди сесад нафар ба тарафи соҳил фиристоданд ва Абӯубайда ибни Ҷароҳ (р)-ро бар онҳо амир таъин намуданд, онҳо ба он тараф ба роҳ афтоданд, дар миёнаи роҳ ғизо тамом шуд. Абуубайда (р) амр кард, то қути боқимондаи лашкар ҷамъоварӣ гардад, онҳоро ҷамъ карданд, ду кисса хурмо шуд. Рӯзона кам-кам барои мо медод, то ин, ки он хурмоҳо кам шуд ва рӯзона барои мо фақат як хурмо мерасид. Гуфтам: Он як хурмо барои шумо чӣ метавонист бикунад? Гуфт: Таъсири набудани онро вақте дарк кардем, ки хурмоҳо тамом шуд ва чизе боқӣ намонд. Баъд аз он ба канори дарё расидем, дидем моҳие ба монанди кӯҳе он ҷо афтодааст. Лашкариён даҳ рӯз аз он моҳӣ хӯрданд, баъд аз он Абӯубайда (р) амр кард, то ду устухони паҳлӯи ӯро рост кунанд ва амр кард, то шутуре бо бораш аз зери он бигзарад, шутур аз зери он гузашт ва ба он нарасид.

**1684.** Ва аз Ҷобир (р) дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт: Дарё барои мо ҳайвонеро берун андохт, ки барояш анбар мегӯянд. Ним моҳ

аз он ҳайвон хӯрдем ва аз равғанаш он қадар ба ҷони худ молидем, ки ҷисмҳои мо ба ҳоли аввалии худ баргашт. Ва дар ривояти дигаре аз Ҷобир (р) омадааст, ки Абӯубайда (р) (ба лашкариён) гуфт, ки бихӯред. Ва чун ба Мадина омадем, ин воқеаро барои Паёмбари Худо (с) қисса намудем, фармуданд: «Ризқеро, ки Худованд ба шумо омода кардааст, бихӯред ва агар аз он чизе ҳамроҳи шумо бошад, барои мо ҳам бидиҳед». Касе аз лашкариён чизе аз он моҳиро овард ва эшон хӯрданд.

## БОБИ 40. Ғазваи Айина ибни Ҳасан

**1685.** Аз Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) ривоят аст, ки гурӯҳе аз мардуми бани Тамим назди Паёмбари Худо (с) омаданд. Абӯбакр (р) пешниҳод кард ва гуфт: Қаъқоъ ибни Маъбад ибни Зурораро бар онҳо амир муқаррар намоед. Умар (р) Ақраъ ибни Ҳобисро пешниҳод намуд. Абӯбакр (р) гуфт: Қасди ту фақат мухолифат бо ман буд. Умар (р) гуфт: Қасди мухолифат бо туро надоштам. Муҷодилаи онҳо ба ҷое расид, ки садояшон баланд шуд ва дар ин маврид ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид: «Эй мӯъминон! Бар Худо ва Расулаш пеш магиред...» то он, ки оят тамом шуд (яъне то ин қавли Худованди мутаъол, ки «ва антум ло ташъурун» ва маънои ояи карима ин аст, ки пеш аз тасмимгирии Паёмбари Худо (с) шумо тасмим нагиред, балки бояд мавқифи шумо мутобиат аз Худо ва Расул ва пайравӣ аз ваҳй бошад.

## БОБИ 41. Вафди бани Ҳанифа ва ҳадиси Сумома ибни Усол

**1686.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мардумеро ба тарафи Наҷд фиристоданд, (онҳо рафтанд) ва шахсеро аз қабилаи бани Ҳанифа ба номи Сумома ибни Усол асир оварданд ва ба яке аз сутунҳои масҷид бастанд. Паёмбари Худо (с) наздаш омаданд ва гуфтанд: Эй Сумома, фикр мекунӣ, ки ман бо ту чӣ хоҳам кард? Гуфт: Эй Муҳаммад, назарам ба хайр аст, агар маро бикушӣ, касеро куштам, ки қобили куштан аст ва агар миннат бигзорӣ, бар шукргузоре миннат гузоштаӣ ва агар мол мехоҳӣ, ҳар андоза, ки мехоҳӣ, талаб кун.

Он шахс ҳамон тавр то фардо ба ҳоли худаш гузошта шуд, бори дигар Паёмбари Худо (с) омаданд ва барояш гуфтанд: «Эй Сумома, фикр мекунӣ, ки ба ту чӣ хоҳам кард?» Гуфт: Ҳамон чизеро, ки гуфтам: Агар миннат гузорӣ, бар шукргузоре миннат гузоштаӣ. Боз ӯро то фардо ба ҳоли худаш гузоштанд ва фардо аз вай пурсиданд: «Эй Сумома, фикр мекунӣ, ки бо ту чӣ хоҳам кард? Гуфт: Чизеро фикр мекунам, ки барои шумо гуфтам. Фармуданд: «Сумомаро аз банд озод кунед». Сумома баъд аз ин, ки озод шуд, рафт ва аз обе, ки наздики масҷид буд, ғусл намуд, баъд аз он ба масҷид омада ва гуфт: «Ашҳаду

ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ». Эй Муҳаммад! Ба Худованд савганд, дар рӯи замин касе бадтар аз ту дар назарам набуд. Акнун дар рӯи замин шахсе маҳбубтар аз ту дар назди ман нест ва ба Худованд савганд, ҳеҷ дине аз дини ту дар наздам бадтар набуд, вале акнун дини ту маҳбубтарин адён дар наздам мебошад. Ба Худованд савганд, ҳеҷ шаҳре аз шаҳри ту дар назарам бадтар набуд, вале акнун шаҳри ту дар наздам аз беҳтарин шаҳрҳо мебошад ва савoрони ту маро вақте дастгир намуданд, ки қасди умра доштам ва акнун чӣ бояд кунам? Паёмбари Худо (с) ӯро башорат доданд ва амр намуданд, ки умраи худро анҷом диҳад. Чун ба Макка омад, касе барояш гуфт: Аз дине ба дини дигар рафтӣ. Гуфт: Ба Худованд савганд, ки чунин нест, балки бо Муҳаммад Расулаллоҳ (с) мусалмон шудам ва ба Худованд савганд, аз минтақаи Ямома бидуни иҷозаи Паёмбари Худо (с) барои шумо як дона гандум нахоҳад омад.

**1687.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Мусайлимаи Каззоб дар замони Паёмбари Худо (с) бо иддаи зиёде аз пайравони худ омад ва гуфт: Агар Муҳаммад хилофатро баъд аз худ барои ман бидиҳад, аз вай мутобиат хоҳам кард. Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки порчае аз шохаи дарахти хурмо дар дасташон буд ва Собит ибни Қайс ибни Шаммос бо онҳо ҳамроҳӣ мекард, назди Мусайлима ва пайравонаш рафта ва фармуданд: «Агар аз ман бихоҳӣ, ки ҳамин барги дарахти хурморо барои ту бидиҳам, нахоҳам дод ва ту аз ҳукми Худо таҷовуз карда наметавонӣ. Агар аз ҳукми Худо баргардӣ, Худованд туро ҳалок хоҳад сохт ва фикр мекунам, ту ҳамон касе ҳастӣ, ки дар борааш чизҳоеро ба хоб дидаам. Инак Собит ибни Қайс аз тарафи ман ҷавоби туро мегӯяд».

Инро гуфтанд ва баргаштанд. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Аз маънои ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: «Фикр мекунам, ту ҳамон касе ҳастӣ, ки дар борааш чизҳоеро ба хоб дидаам» пурсидам. Абӯҳурайра (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба хоб дидам, ки дар ду дастам ду ҳалқаи тиллост ва ин ҳалқаҳои тилло маро ба ғам ва тафаккур водошт (зеро дар даст кардани ҳалқаи тилло хос барои занҳост). Дар ҳолати хоб бар ман ваҳй нозил шуд, ки бар онҳо пуф кунам, бар онҳо пуф кардам ва он ҳалқаҳо ба ҳаво рафтанд ва таъвили ин хобро чунин кардам, ки баъд аз ман ду каззоб зуҳур хоҳанд кард», ки яке аз онҳо Ансӣ ва дигаре Мусайлима аст.

**1688.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар хоб дидам, ки ганҷҳои тамоми рӯи замин наздам оварда шудааст ва ду ҳалқаи тиллоеро ба дастам доданд, ин ду ҳалқаи тилло дар чашмам бузург ҷилва намуд. Бар ман ваҳй шуд, ки бар онҳо пуф кунам, бар онҳо пуф кардам ва онҳо маҳв шуданд ва таъвили онро ду каззобе намудам, ки дар байни онҳо ҳастам, яке аз онҳо аз Санъо (ки Ансӣ бошад) ва дигаре аз Ямома аст (ки Мусайлима бошад)».

## БОБИ 42. Қиссаи аҳли Наҷрон

**1689.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Наҷрон Оқиб ва Сайид назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва хостанд, то бо эшон мулоъана (лаънатгӯӣ) намоянд. Яке аз онҳо ба дигаре гуфт: Набояд мулоъана намоем, зеро агар ӯ воқеан паёмбар бошад ва бо мо мулоъана намояд, на танҳо мо, балки авлоди мо низ баъд аз мо рӯи растагориро нахоҳанд дид.

Ҳамон буд, ки ба Паёмбари Худо (с) гуфтанд: Чизеро, ки аз мо хостӣ (яъне ҷизяро), бароят хоҳем дод ва шахси аминеро бо мо бифирист ва набояд ҷуз амин шахси дигаре бошад, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Бо шумо касеро хоҳам фиристод, ки воқеан амин бошад». Саҳоба (р) мунтазир монданд, ки ин шахс кӣ хоҳад буд? Ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ё Абӯубайда ибни Ҷарроҳ (р), бархез!» Чун бархост, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Амини ин уммат ҳамин шахс аст».

**1690.** Ва дар ривояти дигаре аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Барои ҳар уммате амине аст ва амини ин уммат Абӯубайда ибни Ҷарроҳ (р) аст».

## БОБИ 43. Омадани Ашъариийин ва аҳли Яман назди Паёмбари Худо (с)

**1691.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо иддае аз мардуми қабилаи Ашъариҳо назди Паёмбари Худо (с) омадем ва аз эшон хостем, то барои мо боркаше бидиҳанд (то дар роҳ рафтан ба ғазваи Табук ашёи худро бар он бор кунем), вале эшон ибо варзида надоданд. Бори дигар боз боркаш хостем ва эшон савганд хӯрданд, ки барои мо боркаше нахоҳанд дод. Дере нагузашт, ки барои Паёмбари Худо (с) шутуронеро аз моли ғанимат оварданд, амр фармуданд, то панҷ шутур аз онҳоро барои мо бидиҳанд.

Чун шутуронро гирифтем, бо худ гуфтем: Мо будем, ки сабаби ғафлати Паёмбари Худо (с) аз савганди эшон шудем, аз ин рӯ ҳаргиз рӯи растагориро нахоҳем дид. Ва ҳамон буд, ки ман омадам ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Шумо савганд ёд карда будед, ки барои мо боркаше надиҳед, вале акнун барои мо боркаше додед. Фармуданд: «Бале, чунин аст, вале агар бар чизе савганд бихӯрам ва боз бубинам, ки хилофи он беҳтар аст, ҳамон кори некро анҷом медиҳам ва аз савганди худ кафора медиҳам».

**1694.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Аҳли Яман назди шумо меоянд ва хотири инҳо аз ҳама нозуктар ва дилашон нармтар аст, имон аз Макка ва Мадина ва ҳикмат аз Яман ва худбинӣ ва такаббур дар мардуми шутурдор ва оромӣ ва виқор дар мардуми гӯсфанддор аст».

## БОБИ 44. Ҳаҷҷатулвадоъ

**1693.** Ҳадиси Ибни Умар (р) дар бораи намоз хондани Паёмбари Худо (с) дар хонаи Каъба қаблан гузашт (ба ҳадиси 296 муроҷиат шавад) ва дар ин ривоят омадааст, ки гуфт: Дар ҷое, ки Паёмбари Худо (с) намоз хонданд, санги мармари сурхранге буд.

**1694.** Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар нуздаҳ ғазва ҷиҳод намуданд ва баъд аз ҳиҷрат фақат як бор ҳаҷ карданд, ки ҳамон ҳаҷҷатулвадоъ бошад ва баъд аз ҳаҷҷатулвадоъ ҳаҷҷи дигареро анҷом надодаанд.

**1695.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки (дар хутбаи ҳаҷҷатулвадоъ) фармуданд: «Замон ба даври худ гардидааст ва ба он шакле даромадааст, ки Худованд онро аввал халқ карда буд. Сол дувоздаҳ моҳ аст, чаҳор моҳи он моҳҳои ҳаром аст, ки аз он ҷумла се моҳи паёпай: Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам ва як моҳи танҳо яъне раҷаб музара аст, ки байни моҳҳои ҷимодӣ ва шаъбон воқеъ шудааст ва моҳи феълӣ кадом моҳ аст? Гуфтем: Худо ва Расулаш донотаранд. Сукут карданд, то ҷое, ки гуфтем, шояд мехоҳанд ин моҳро ба номи дигаре ёд кунанд, то ин, ки фармуданд: «Магар моҳи Зулҳиҷҷа нест?» Гуфтем: «Бале, моҳи Зулҳиҷҷа аст».

Баъд аз он гуфтанд: «Ин шаҳр кадом шаҳр аст?» Гуфтем: Худо ва Расулаш донотаранд. Сукут карданд, то ҷое, ки гумон кардем, шояд мехоҳанд ин шаҳрро ба номи дигаре номгузорӣ намоянд, фармуданд «Магар ҳамин шаҳр Макка нест?» Гуфтем: Бале, шаҳри Макка аст. Гуфтанд: «Имрӯз кадом рӯз аст?» Гуфтем: Худо ва Расулаш донотаранд. Сукут карданд, то ҷое ки гумон кардем, мехоҳанд имрӯзро ба номи дигаре ғайр аз номи аслиаш ёд кунанд, баъд аз он гуфтанд: «Магар рӯзи иди Қурбон нест?» Гуфтем: Бале, рӯзи иди Қурбон аст, фармуданд: «Бидонед, ки хунҳои шумо ва амволи шумо. Ровӣ мегӯяд: фикр мекунам, ки гуфтанд: ва обрӯи шумо бар ҳар яке аз шумо бар ҳар яке аз шумо монанди ҳурмати имрӯзи шумо дар ҳамин шаҳри шумо дар ҳамин моҳи шумо ҳаром аст ва яқин дошта бошед, ки ба зудӣ бо Парвардигори худ рӯ ба рӯ мешавед ва ба яқин шуморо дар бораи аъмоли шумо муҳосаба менамояд, хеле мутаваҷҷеҳ бошед, ки баъд аз ман гумроҳ нагардед, ба тавре, ки яке гардани дигареро бизанад. Огоҳ бошед, ки бояд шахси ҳозир (он чиро, ки аз ман шунидааст) ба шахси ғоиб бирасонад, зеро чӣ басо касе аст, ки чун хабар барояш мерасад, аз касе, ки хабарро аз ман шунидааст, онро беҳтар ҳифз намуда ва беҳтар бифаҳмад ва оё таблиғ кардам (оё амонатро расондам) ва оё таблиғ кардам?»

**1696.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба баъзе аз саҳобаҳояшон дар ҳаҷҷатулвадоъ сари худро тарошиданд ва иддаи дигаре мӯйҳои сари худро кӯтоҳ намуданд.

## БОБИ 45. Ғазваи Табук, яъне ғазваи пурмашаққат

**1697.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дӯстони маро назди Паёмбари Худо (с) фиристоданд, то ба эшон ҷиҳати рафтан ба ҷиҳод боркашҳоеро талаб намоем, зеро онҳо низ бо Паёмбари Худо (с) дар он ғазваи пурмашаққат, ки ғазваи Табук аст, иштирок мекарданд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Дӯстонам маро назди шумо фиристоданд, то барои онҳо боркаше бидиҳед (ки дар роҳ рафтан ба ҷиҳод), бар он савор шаванд. Фармуданд: «Ба Худованд савганд, ки барои шумо боркаше намедиҳам». Ва ман надониста, вақте назди эшон омада будам, ки дар ҳоли ғазаб буданд.

Аз наздашон баргаштам, вале аз ин, ки Паёмбари Худо (с) барои мо чизе надоданд ва аз ин, ки шояд аз ман озурда шуда бошанд, дар тарс ва ҳарос будам. Назди рафиқонам омадам ва аз он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) гуфта буданд, ба онҳо хабар додам. Вақти зиёде нагузашт, ки садои Билол (р)-ро шунидам, ки мегӯяд: Ё Абдуллоҳ ибни Қайс! Гуфтам: Бале. Гуфт: Паёмбари Худо (с) туро талабидаанд, наздашон бирав! Чун наздашон омадам, фармуданд: «Ин ду шутур ва ин ду шутур ва ин ду шутурро, ки дар ин вақт аз Саъд харида буданд, назди рафиқонат бубар ва бигӯ, ки Худо ва ё гуфтанд: Паёмбари Худо (с) - инҳоро барои шумо фиристодаанд, то бар онҳо савор шавед».

Он шутурҳоро назди рафиқонам бурдам ва гуфтам: Ин шутурҳоро Паёмбари Худо (с) барои шумо фиристодаанд, то савор шавед, вале ба Худованд савганд, шуморо нахоҳам гузошт, магар он, ки баъзе аз шумоёнро назди касоне, ки гуфтаи Паёмбари Худо (с)-ро шунидаанд, бубарам, то гумон накунед, ки ман чизҳоеро барои шумо гуфтаам, ки Паёмбари Худо (с) нагуфтаанд. Гуфтанд: Ба Худованд савганд, ки мо сухани туро бовар кардаем ва бо он ҳам агар хоста бошӣ, бо ту хоҳем рафт. Ва ҳамон буд, ки бо иддае аз онҳо назди касоне, ки мамониати Паёмбари Худо (с)-ро аз додани шутурҳо дар мартабаи аввал ва додани шутурҳоро дар мартабаи дуввум дида буданд, рафтем ва онҳо ҳамон чизеро гуфтанд, ки ман гуфта будам.

**1698.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба сӯи Табук рафтанд ва Алӣ (р)-ро ба ҷойи худ халифа таъин намуданд. Алӣ (р) гуфт: Маро халифаи занон ва тифлон месозед? Фармуданд: «Оё намехоҳӣ нисбат ба ман ба монанди Ҳорун нисбат ба Мӯсо бошӣ, вале баъд аз ман паёмбаре нест». (Яъне хилофати ту аз ман ба таври комил монанди хилофати Ҳорун аз Мӯсо нест, зеро Ҳорун Паёмбаре буд, ки хилофати паёмбариро ба ӯҳда дошт, вале баъд аз ман Паёмбари дигаре фиристода намешавад. Ва қобили тазаккур аст, ки хилофати Ҳорун аз Мӯсо дар замони ҳаёти Мӯсо буд, на баъд аз вафоти вай, зеро Ҳорун чиҳил сол пеш аз Мӯсо вафот ёфта буд?)

## БОБИ 46. Ҳидояти Каъб ибни Молик (р) ва ин қавли Худованд, ки «... ва бар он се нафаре, ки тахаллуф намуданд»

**1699.** Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз ҳеҷ ғазвае аз ғазавоте, ки Паёмбари Худо (с) ба ҷиҳод рафтаанд, тахаллуф накардам ба ҷуз аз ғазваи Табук ва ғазва Бадр. Паёмбари Худо (с) касонеро, ки аз ғазваи Бадр тахаллуф намуда буданд, мавриди итобу сарзаниш қарор надоданд ва сабабаш ҳамон буд, ки мақсади аслӣ дар Бадр қофилаи Қурайш буд, (на ҷиҳоду ҷанг бо душман, пас дар тахаллуф аз ғазваи Бадр гуноҳ ва ҷазо нест). Вале бидуни омодагии қаблӣ ҷанг байни ду тараф даргирифт. Чун дар шаби Ақаба ҳангоми таъаҳҳуду паймон бар Ислом бо Паёмбари Худо (с) ҳозир будам, ҳузур дар ин шабро бо ғазваи Бадр баробар намекунам (зеро асоси зуҳури Ислом ҳамин таъаҳҳуде буд, ки дар Ақаба сурат гирифт), агарчанде мардум ғазваи Бадрро боаҳамияттар мегӯянд.

Қиссаи тахаллуфам аз ғазваи Табук ба ин тариқ буд, ки ман ҳеҷ гоҳе дар умри худ қавитар ва доротар аз ҳангоми рафтан ба ғазваи Табук набудам. Ва ба Худованд савганд, ки ҳеҷ вақт набуд, ки ман дар як замон ду шутур дошта бошам, вале ҳангоми рафтан ба ин ғазва ду шутур доштам. Ва Паёмбари Худо (с) ҳеҷ вақт нияти ҷиҳод ба кадом ҷабҳаро надоштанд, магар онро пӯшида нигоҳ медоштанд. Магар дар ғазваи Табук, ки худи Паёмбари Худо (с) дар ҳавои ниҳоят гарм ва сӯзон ва роҳдуре ва душмани бисёр дар ҷиҳод иштирок намуданд ва мавзӯро ба таври ошкоро бо мусалмонон дар миён гузоштанд, то ҳар касе барои худ омодагӣ бигирад.

Ин аввалин ғазвае буд, ки Паёмбари Худо (с) онро ба таври ошкоро баён карданд ва аз касе пинҳон надоштанд. Мусалмононе, ки бо Паёмбари Худо (с) омодаи рафтан шуданд, теъдоди бисёр зиёде буданд, ки шумораашон ба як китоб намеғунҷад (теъдоди мусалмонон дар ин ғазва байни сӣ то чиҳил ҳазор нафар буд). Каъб (р) мегӯяд: Ҳар касе, ки худро пинҳон мекард, яқин дошт, ки агар ваҳйи Худо дар бораш нозил нагардад, ҳеҷ касе аз нарафтани ӯ хабар нахоҳад ёфт. Аз тарафи дигар Паёмбари Худо (с) вақте омодагӣ барои рафтан ба ин ғазваро гирифтанд, ки меваҳо расида буд ва сояҳо сахт гуворо шуда буд. Паёмбари Худо (с) ва мусалмонон омодагии рафтан ба ҷиҳодро гирифтанд ва ман ҳам аз хона баромадам, то бо дигар мусалмонон омодагии ҷиҳодро бигирам. Вале бидуни омодагӣ гирифтан ва ба анҷом додани коре вопас ба хона баргаштам, агарчӣ медонистам, ки қудрати рафтанро дорам, вале корро ба таътил андохтам ва имрӯз ва фардо кардам, то он, ки мардум ба таври комил омода шуданд.

Рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) ва мусалмонон омодаи рафтан шуданд, дидам, ки ман ҳеҷ омодагӣ надорам, бо худ гуфтам, то як ду-рӯзи дигар омода мешавам ва худамро бо онҳо мерасонам. Фардое, ки онҳо рафта

буданд, баромадам, ки омодагӣ бигирам, вале бидуни он, ки коре карда бошам, вопас ба хона баргаштам. Ҳамин тавр имрӯз ва фардо мекардам, то ин, ки онҳо комилан дур шуданд ва ҷиҳод аз дастам рафт, бо вуҷуди он ҳам тасмим гирифтам, ки биравам ва худро ба онҳо бирасонам ва эй кош, ки чунин мекардам, вале афсӯс, ки тақдирам чунин набуд. Баъд аз рафтани Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки байни мардум мебаромадам ва ин тараф ва он тараф мегаштам, хеле афсӯс мехӯрдам, ки ҷуз ашхоси муттаҳам ба нифоқ ва ё ашхоси маъзур ва поафтода каси дигареро намедидам. Паёмбари Худо (с) то вақти расидан ба Табук маро ёд накарда буданд ва чун ба Табук расиданд, дар ҳоле, ки дар байни мардум нишаста буданд, пурсиданд: «Каъб чӣ кор кард? «Шахсе аз бани Салама гуфта буд: Ё Расулаллоҳ! Либосҳои нарм ва зебояш монеъи омаданаш шудааст. Муоз ибни Ҷабал (р) гуфт: Сухани бад гуфтӣ. Ва ё Расулаллоҳ! Ба Худованд савганд, ки моён дар вай ҷуз хубӣ ва некӯӣ, чизи дигареро суроғ надорем. Ва Паёмбари Худо (с) сукут намуданд.

Каъб ибни Молик (р) мегӯяд: Чун хабари бозгашти Паёмбари Худо (с) бароям расид, ғаму андӯҳам фаровон гардид ва фикр мекардам, чӣ дурӯғе бигӯям, ки фардо аз қаҳр ва ғазаби Паёмбари Худо (с) худро наҷот диҳам? Ва дар ин маврид бо тамоми соҳибназарони хонаводаи худ машварат намудам. Ва чун хабари қудуми Паёмбари Худо (с) шунидам, афкори манфӣ ва ботил аз сарам берун шуд ва яқинам шуд, ки аз роҳи дурӯғ нахоҳам тавонист аз эътирози Паёмбари Худо (с) халос шавам. Аз ин ҷиҳат тасмим гирифтам, ки ҷуз ростӣ роҳи дигареро напаймоям. Чун субҳ шуд, Паёмбари Худо (с) расиданд ва одаташон ин буд, ки ҳангоми омадан аз сафар аввал ба масҷид меомаданд ва баъд аз адои ду ракаат намоз бо мардум менишастанд. Чун чунин карданд, касоне ки аз ҷиҳод тахаллуф карда буданд, омаданд ва шурӯъ ба маъзаратхоҳӣ ва савганд хӯрдан намуданд.

Инҳо ҳудуди ҳаштоду чанд нафар буданд. Паёмбари Худо (с) суханони зоҳири онҳоро қабул карданд ва аз сари нав бо онҳо байъат карданд ва барояшон талаби мағфират намуданд ва умури ботинии онҳоро ба Худованд ҳавола намуданд. Вақте ман назди Паёмбари Худо (с) омадам ва салом кардам, табассуми хушк ва олуда ба ғазаб намуда ва фармуданд: «Наздик биё». Омадам ва пеши рӯяшон нишастам, фармуданд: «Чаро аз рафтан ба ҷиҳод худдорӣ намудӣ? Магар шутуреро, ки бар он савор шавӣ ва ба ҷиҳод биравӣ, нахарида будӣ?» Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Харида будам, ба Худованд савганд, агар ғайр аз шумо дар назди ҳар каси дигаре аз ҷаҳониён менишастам, бо фасоҳат ва истидлоле, ки доштам, бо узру ҳилла худро аз ғазабаш халос мекардам, вале ба Худованд савганд аст, яқин дорам, ки агар феълан бо дурӯғ шуморо аз худ розӣ созам, дур нест, ки Худованди мутаъол боз шуморо бар ман дар қаҳру ғазаб созад, вале агар бо шумо

аз дари ростӣ даромада ва ҳақиқатро бигӯям, умедворам, ки сидқ ва ростиам сабаби афви Худованди мутаъол гардад. Бале, ба Худованд савганд аст, ки ҳеҷ узре надоштам ва боз ба Худованд савганд аст, ки дар ҳеҷ вақте қавитар ва тавонотар аз рӯзе, ки аз рафтан бо шумо худдорӣ намудам, набудам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Он чиро ки ин шахс гуфт, рост ва ҳақиқат аст. Феълан бархез ва бирав, то Худованд дар мавриди ту он чиро, ки бихоҳад, ҳукм намояд». Аз назди Паёмбари Худо (с) бархостам ва иддае аз мардуми бани Салама аз он маҷлис бархостанд ва дар пайи ман омаданд ва гуфтанд: Ба Худованд савганд, пеш аз ин намедонистем, ки ту гуноҳеро муртакиб шуда бошӣ, вале чаро аз узрхоҳӣ дар назди Паёмбари Худо (с) оҷиз монда ва монанди дигарон маъзаратхоҳӣ накардӣ? Ва ҳар гуноҳе, ки медоштӣ, талаби мағфирати Паёмбари Худо (с) бароят кифоят мекард. Ба Худованд савганд, он қадар сарзаниш ва тавбих ҳам намуданд, ки наздик буд дубора баргардам ва гуфтаҳои собиқамро такзиб намоям, вале аз эшон пурсидам: Оё каси дигаре низ монанди ман чунин мавқеъе доштааст?

Гуфтанд: Бале, ду шахси дигар омаданд ва монанди ту маъзарати худро гуфтанд ва барои онҳо ҳамон чизе гуфта шуд, ки барои ту гуфта шуд. Гуфтам: ин ду шахс киҳо ҳастанд? Гуфтанд: Яке Мурора ибни Рабеъи Амрӣ ва дигаре Ҳилол ибни Умайяи Воқифӣ. Ин ду нафареро, ки ном бурданд, ашхоси солеҳе буданд, ки дар ғазваи Бадр иштирок намуда буданд ва қобили мутобаат ва пешвоӣ буданд. Паёмбари Худо (с) мардумро аз сухан задан бо мо, се нафар аз байни ҳамаи касоне, ки аз рафтан ба ҷиҳод худдорӣ карда буданд, наҳй намуданд ва мардум онҷунон аз мо дурӣ ҷуста ва мавқеъи дигаре гирифта буданд, ки замин бар ман танг гардид ва ба шакли дигаре ба назарам меомад, ба ҳамин тариқа панҷоҳ шаб бар сари мо гузашт. Ду нафар рафиқи дигари ман аз пой монданд ва ба хонаҳои худ нишаста ва гиря мекарданд. Вале ман ҷавонтарин ва чолоктарини онҳо будам, аз хонаам берун мешудам ва бо мусалмонон ба намоз ҳозир мегардидам ва дар кӯча ва бозор гаштугузор мекардам, вале касе бо ман сухан намегуфт. Назди Паёмбари Худо (с) омадам ва дар ҳоле, ки баъд аз адои намоз дар маҷлис худ нишаста буданд, бар эшон салом додам ва бо худ мегуфтам: оё лабҳои эшон ба додани ҷавоби салом ҳаракат хоҳад кард ё на?

Баъд аз он ба наздики эшон намоз хондам ва зери чашм ба эшон нигоҳ мекардам, вақте, ки ба намоз машғул мебудам, ба тарафам нигоҳ мекарданд ва вақте ки ба тарафашон менигаристанд, рӯи худро аз ман ба тарафи дигар мегардонданд. Чун мавқеъи мардум ва ҷафои онҳо дар муқобили ман тӯл кашид, назди писарамуям Абӯқутода (р), ки маҳбубтарин мардумон наздам буд, рафтам ва бар ӯ салом кардам, вале ба Худованд савганд, ки ӯ низ ҷавоби саломи маро надод. Барояш гуфтам: Эй Абӯқатода! Туро ба Худо савганд медиҳам, магар хабар

надорӣ, ки ман Худо ва Расулашро дӯст медорам? Ӯ дар ҷавоби ман сукут намуд ва чизе нагуфт, боз дубора ӯро савганд додам ва ҳамин чизро пурсидам ва ӯ сукут намуд, мавзӯъро бори саввум такрор намудам, гуфт: Худо ва Расулаш донотар аст. Ашк аз чашмонам ҷорӣ гашт ва аз девораш боло шуда ва рафтам.

Каъб ибни Молик (р) мегӯяд: Дар ҳоле, ки дар бозори Мадина мегаштам, шахси насроние аз аҳли Шом, ки таомеро оварда буд ва дар Мадина мефурӯхт, аз мардум суроғи маро гирифта ва мегуфт: «Каъб ибни Моликро бароям нишон бидиҳед». Мардум маро барои ӯ нишон доданд, ӯ наздам омад ва номаеро аз подшоҳи Ғассон Ҷабла ибни Айҳам ба дастам дод. Ва дар он нома омада буд, ки: «Аммо баъд! Шунидем, ки дӯстат ба ту ҷафо карда ва Худованд туро хор намегузорад ва зоеъ намекунад, назди мо биё, аз ту қадрдонӣ хоҳем намуд». Чун номаро хондам, бо худ гуфтам: Ин як мусибати дигаре! Номаро дар танӯр андохтам ва сӯзондам.

Чиҳил шаб аз панҷоҳ шаб ба ҳамин гуна гузашт, ки фиристодае аз назди Расули Худо (с) омад ва гуфт: Паёмбари Худо (с) туро амр карданд, ки аз ҳамсарат ҳам бояд канорагирӣ намоӣ. Гуфтам: Яъне ӯро талоқ бидиҳам? Ё чизи дигар? Гуфт: На. Ӯро талоқ мадеҳ, балки аз вай гӯшагирӣ кун. Ва барои он ду нафари дигар низ чунин пайғоме фиристода буданд. Рафтам ва барои ҳамсари худ гуфтам: Назди хонаводаат бирав ва ҳамон ҷо бош, то Худованд дар бораи мо чӣ ҳукм хоҳад кард.

Каъб (р) мегӯяд: Ҳамсари Ҳилол ибни Умайя назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ҳилол ибни Умайя шахси пир ва нотавоне аст ва ходиме надорад, оё агар хидматашро бикунам, озурдахотир хоҳед шуд? Фармуданд: «На, вале набояд бо ту ҳамбистарӣ намояд». Он зан гуфт: Ба Худованд савганд, ки ба ҷони ӯ ҳаракате нест ва ба чизе майл надорад ва ба Худованд савганд, ки аз рӯзи пешомади ин воқеа то ҳоло яксара гиря мекунад.

Каъб (р) мегӯяд: Баъзе аз афроди хонаводаам бароям гуфтанд: Агар ту ҳам биравӣ ва дар мавриди ҳамсарат аз Паёмбари Худо (с) иҷоза бихоҳӣ, шояд мисле, ки барои ҳамсари Ҳилол ибни Умайя иҷоза доданд, барои ҳамсари ту ҳам иҷоза бидиҳанд, ки омада ва хидмати туро бикунад. Гуфтам: Ба Худованд савганд аст, ки дар ин бора аз Паёмбари Худо (с) иҷоза нахоҳам хост, зеро намедонам, ки дар сурати иҷоза хостан бароям чӣ хоҳанд гуфт, зеро ман (ба хилофи Ҳилол ибни Умайя) шахси ҷавоне ҳастам.

Баъд аз ин воқеа даҳ шаби дигар ҳам ба ҳамин тариқ гузашт, то ин, ки панҷоҳ шаб аз вақте, ки Паёмбари Худо (с) мардумро аз сухан задан бо мо манъ карда буданд, гузашт. Чун рӯзи панҷоҳум намози субҳро адо намудам ва дар пушти боми хонаам дар ҳолате қарор доштам, ки Худованд васфи онро баён кардааст, яъне аз худ безор гардида будам

ва рӯи замин бар ман танг шуда буд. садои касеро шунидам, ки бар кӯҳи Салъ боло шуда ва бо садои баланд фарёд мезанад: Эй Каъб ибни Молик! Туро башорат бод!

Ба саҷда афтодам ва фаҳмидам, ки дар корам кушоиш пайдо шудаст ва Паёмбари Худо (с) аз қабули тавбаи мо баъд аз намози субҳ хабар додаанд. Мардум омаданд ва ба мо башорат ва хушхабарӣ медоданд. Ашхосе барои расонидани ин хабар назди он ду нафари дигар рафтанд ва шахсе ҳам аспашро савор ба тарафи ман омада буд. Вале шахсе аз қабилаи Аслам болои кӯҳ баромад ва ин хабарро бо садои баланд эълон намуд ва албатта садои ӯ аз асп зудтар барои ман расид. Чун шахсе, ки ин хабарро ба гӯшам расонида буд, наздам омад, ду ҷомаеро, ки бар тан доштам, кашидам ва ба сабаби хабари хуш, ки бароям дода буд, ба ӯ додам. Ва ба Худованд савганд, ки ҷомаи дигаре ғайр аз он ду ҷомаро надоштам ва худам ду ҷомаи дигар ба орият гирифтам ва пӯшидам ва давида назди Паёмбари Худо (с) рафтам.

Мардум гурӯҳ-гурӯҳ наздам омада ва аз ин, ки тавбаам қабул шуда буд, бароям табрик ва таҳният кор дода ва мегуфтанд: Ин, ки тавбаат аз тарафи Худованд қабул шудааст, бароят муборак бошад. Каъб (р) мегӯяд: Ба масҷид рафтам ва дидам, ки мардум ба атрофи Паёмбари Худо (с) нишастаанд. Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) дар тарафи ман давид, бо ман мусофаҳа намуд ва табрик гуфт. Ба Худованд савганд аст, ки аз мардуми муҳоҷир ғайр аз вай дигаре аз ҷояш барнахост ва албатта ин мавқеъи Талҳа (р)-ро фаромӯш нахоҳам кард. Каъб (р) мегӯяд: Чун ба Паёмбари Худо (с) салом додам, дар ҳоле, ки аз хушҳолӣ рӯяшон медурахшид, фармуданд: «Ин хабари хуше, ки монандашро дар тамоми умр надидаӣ, бароят муборак бошад».

Каъб (р) мегӯяд: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ин хабари хуш аз тарафи шумо аст ва ё аз тарафи Худованди мутаъол? Фармуданд: «На (аз тарафи ман нест), балки аз тарафи Худованди мутаъол аст. Ва Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки хушҳол мебуданд, рӯяшон монанди моҳтоб медурахшид ва мо ин чизро аз эшон медонистем. Ва чун назди Паёмбари Худо (с) нишастам ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Аз ҷумлаи тавбаам ин аст, ки дороиямро дар роҳи Худо ва Расулаш садақа бидиҳам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қисмате аз молатро барои худат нигоҳ дор, ин бароят беҳтар аст». Саҳми ғаниматам аз амволи Хайбарро барои худ нигоҳ хоҳам дошт. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ин, ки Худованд маро наҷот дод, фақат ба сабаби ростиам буд ва аз тавбаам яке ин аст, ки то зинда бошам, дар муқобили ҳеҷ кас бидуни сидқ ва ростӣ чизи дигаре нагӯям.

Ба Худованд савганд аст, ҳеҷ касеро аз мусалмонон суроғ надорам, ки Худованди мутаъол дар ростгӯӣ барои ӯ ин қадар неъмат дода бошад, ки барои ман додаст. Аз рӯзе, ки ин суханро ба Паёмбари Худо (с) гуфтам, то ҳол аз рӯи қасд ба ҳеҷ кас дурӯғ нагуфтам ва умедам аз

Худованд он аст, ки дар бақияи умрам низ маро аз дурӯғ гуфтан ҳифз намояд. Ва Худованди мутаъол ин ояи каримаро бар Паёмбари Худо (с) нозил фармуд: **«Ҳароина Худованд тавбаи Паёмбар ва муҳоҷирин ва Ансорро қабул намудааст,** то ин қавли Худованд **ва бо ростгӯён бошед...»** *(Тавба: 117-119)* Ва ба Худованд савганд, ки Худованди мутаъол баъд аз Ислом неъмате болотар ба ман аз тавфиқ доданам ба рост гуфтан барои Паёмбари Худо (с) арзонӣ надоштааст. Ва (мазҳари ин неъмат он аст) ки ба Паёмбари Худо (с) дурӯғ нагуфтам. Зеро (агар дурӯғ мегуфтам) ман ҳам монанди касоне, ки ба эшон дурӯғ гуфта буданд, ҳалок гардида, аз байн мерафтам, зеро Худованд ҳангоми фиристодани ваҳӣ дар мавриди онҳо фармуд: **«Вақте, ки назди онҳо биравед, ҳатман барои шумо дурӯғ хоҳанд гуфт: ...пас Худованд аз мардуми фосиқ розӣ нахоҳад шуд...»** *(Тавба: 96-97)*

Каъб (р) мегӯяд: Мо се нафар аз касоне, ки барои Паёмбари Худо (с) савганд хӯрда буданд ва эшон барои онҳо талаби мағфират намуда буданд, тахаллуф намуда будем ва ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с) мавзӯи моро то қазои ҳукми Худовандӣ дар бораи мо ба таъхир андохтанд. Ва дар ин маврид Худованди мутаъол фармуд: **«...ва бар он се касе, ки тахаллуф намуданд...»** *(Тавба: 118)* Ва мурод аз ин тахаллуф тахаллуфи мо аз ҷиҳод нест, балки мурод он аст, ки Паёмбари Худо (с) қазияи моро нисбат ба касоне, ки барои эшон савганд хӯрда ва узрхоҳӣ намуда буданд ва ин чизро аз онҳо қабул намуда буданд, ба таъхир андохтанд (Ин фаҳми Каъб ибни Молик (р) аст ва албатта ин эҳтимол дар фаҳми оят вуҷуд дорад, вале маънан қариб дар зеҳн он аст, ки мурод аз ин тахаллуф аз рафтани ба ҷиҳод дар ғазваи Табук аст, валлоҳу таъоло аълам).

## БОБИ 48. Номаи Паёмбари Худо (с) ба Кисро ва Қайсар

**1700.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар воқеаи Ҷамал ҳамон як калимаро, ки аз Паёмбари Худо (с) шунида будам, бароям манфиат расонд ва ин дар ҳоле буд, ки мехостам ба сафи аҳли Ҷамал бипайвандам ва дар сафи онҳо биҷангам (ва он калима ин буд). Чун ба Паёмбари Худо (с) хабар расид, ки аҳли Форс духтари Кисроро барои худ ба ҳайси подшоҳ ихтиёр кардаанд, фармуданд: «Мардуме, ки сарнавишти худро ба дасти зане супурдаанд, ҳаргиз растагор нахоҳанд шуд».

## БОБИ 48. Беморӣ ва вафоти Паёмбари Худо (с)

**1701.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар беморие, ки аз он вафот намуданд, Фотима (р)-ро талаб намуданд ва чизе ба гӯшаш гуфтанд. Ва ӯ ба гиря афтод ва боз дубора ӯро талаб намуданд ва чизе ба гӯшаш гуфтанд ва ӯ хандид. Аз Фотима (р)

сабабро пурсидем, гуфт: Паёмбари Худо (с) дар мартабаи аввал ба гӯшам гуфтанд, ки эшон аз ҳамин бемории худ вафот хоҳанд ёфт ва ба ҳамин сабаб ба гиря афтодам. Ва дар мартабаи дуввум гуфтанд: Аввалин касе, ки аз аҳли байташон ба эшон хоҳад пайваст, ман хоҳам буд ва аз ин сабаб хандидам (зеро барояш гуфта буданд, ки ту сардори занҳои биҳишт ҳастӣ ва аввалин касе ҳастӣ, ки аз аҳли байти ман ба ман хоҳӣ пайваст ва ҳамон тавр ҳам шуд).

**1702.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мешунидам, ки ҳеҷ паёмбаре вафот нахоҳад накард, магар он, ки (пеш аз марги худ) байни дунё ва охират мухайяр мегардад. Ва аз Паёмбари Худо (с) дар беморие, ки аз он вафот ёфтанд, дар ҳоле, ки садояшон гирифта буд, шунидам, ки мегуфтанд: **«Мехоҳам бо касоне (бошам), ки Худованд барои онҳо неъмат арзонӣ доштааст». Ва фаҳмидам, ки эшон мухайяр гардидаанд (ва рафиқи аълоро ихтиёр кардаанд...»** *(Нисо: 69)*

**1703.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳоли сиҳатии худ мегуфтанд: «Рӯҳи Паёмбар қабз намегардад, магар он ки ҷойи худашро дар биҳишт мебинад ва баъд аз он ё зиндагиро ихтиёр менамояд ва ё маргро».

Ва ҳангоме, ки мариз гардиданд ва дар ҳолати кабзи рӯх буданд ва сарашон бар болои зонуям буд, беҳуш гардиданд. Чун баҳуш омаданд, чашми худро ба сақфи хона дӯхта ва гуфтанд: «Илоҳо, ба сӯи рафиқи аъло». Ва аз ин ҷо фаҳмидам, ки будани бо моро интихоб накардаанд, ҷунончи донистам, ки ин ҳамон сухане буд, ки дар ҳоли сиҳҳати худ барои мо мегуфтанд.

**1704.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки бемор мешуданд, муаввизотро бар болои худ мехонданд (мурод аз муаввизот сураи «Қул ҳуваллоҳу аҳад,» сураи «Қулъаузу бираббил фалақ» ва сураи «Қул ъаузу бираббин-нос» аст) ва дасти рости худро бар ҷисми худ мекашиданд. Ва дар охирин беморие, ки аз он вафот намуданд, ман ҳамон муаввизотро бар болои эшон хондам ва дасти худи Паёмбари Худо (с)-ро бар ҷисми эшон мекашидам.

**1705.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Пеш аз вафот ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба пушт такя карда буданд, ба эшон гӯш додам ва шунидам, ки мегуфтанд: «Аллоҳуммағфирлӣ варҳамнӣ ва алҳиқни биррафиқил аъло» (яъне: Худоё, маро биёмурз ва ба ман раҳм кун ва маро ба рафиқи аъло пайваст бигардон).

**1706.** Ва аз Оиша (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар рӯи синаам вафот намуданд ва баъд аз Паёмбари Худо (с) шиддати ҷон канданро бар ҳеҷ кас муҳим нахоҳам шумурд.

**1707.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба беморие, ки аз он вафот ёфтанд, гирифтор буданд, Алӣ ибни Абӯтолиб (р) аз наздашон хориҷ гардид ва мардум аз вай

пурсиданд. Ё Абулҳасан! Паёмбари Худо (с) чӣ гуна ҳастанд? Гуфт: Алҳамдулиллоҳ, хуб шудаанд.

Дар ин вақт Аббос ибни Абдулмуталлиб дасти ӯро гирифт ва гуфт: Ту баъд аз се рӯз тобеъи шахси дигаре хоҳӣ буд ва ба Худованд савганд, ман медонам, ки Паёмбари Худо (с) аз ин дарди худ вафот хоҳанд ёфт ва ман алоими маргро дар авлоди Абдулмутталиб мешиносам. Биё, то назди Паёмбари Худо (с) биравем ва аз вай бипурсем, ки баъд аз эшон хилофат аз кист? Агар аз мо бошад ҳам, бидонем ва агар аз дигарон бошад ҳам, бидонем, ки дар ин сурат барои мо васият намоянд. Алӣ (р) гуфт: Агар ин мавзӯъро аз Паёмбари Худо (с) бипурсем ва моро аз он манъ намоянд, баъд аз эшон мардумон хилофатро ҳаргиз барои мо нахоҳанд дод ва ба Худованд савганд, ки ин мавзӯъро аз Паёмбари Худо (с) пурсиш нахоҳам кард.

**1708.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки мегуфт: Аз неъматҳои Худо бар ман он аст, ки Паёмбари Худо (с) дар хонаам ва дар рӯзи навбатам ва рӯи синаам вафот намуданд ва дар вақти вафоти эшон оби даҳанам бо оби даҳони эшон махлут гардид. Зеро дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) ба синаам такя карда буданд, Абдурраҳмон ибни Абӯбакр (р) дохил гардид ва мисвоке ба дасташ буд, дидам ки Паёмбари Худо (с) ба тарафи он мисвок нигоҳ мекунанд, фаҳмидам ки майлашон ба он мисвок аст, пурсидам: Мисвокро барои шумо бигирам? Бо сари худ ишора карданд, ки «Бале».

Мисвокро гирифтам. Дар ин вақт дард ба Паёмбари Худо (с) ғалаба карда буд, пурсидам: Онро барои шумо нарм ва омода созам? Бо сари худ ишора карданд, ки «Бале». Мисвокро нарм ва омода сохтам. Мисвокро аз ман гирифтанд) ва дандонҳои худро бо он мисвок заданд. Ва пеши рӯяшон зарфи обе буд, дасти худро дар он об дохил карда ва бар рӯи худ мекашиданд ва мегуфтанд: «Ло илоҳа иллаллоҳ, марг сакароте дорад» (сакарот ҷамъи сакра аст ва сакра ба маънои шиддат аст, яъне: марг шиддатҳое дорад), баъд аз он дасти худро баланд карда ва фармуданд: «Ба сӯи рафиқи аъло» (мурод аз рафиқи аъло ё Зоти рабубият, ё ҷаннати фирдавс ва ё малоикаи муқаррабийн аст). Ва ҳамон буд, ки рӯҳашон қабз гардид ва дасташон поён омад. Имом Аҳмад аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки гуфт: Баъд аз ин, ки рӯҳи Паёмбари Худо (с) қабз гардид, чунон бӯи хуше пайдо шуд, ки дар тамоми умри худ чунон бӯи хушеро надида будам.

**1709.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар бемории Паёмбари Худо (с) бидуни иҷоза мехостем дар даҳани эшон даво бирезем ва эшон ишора мекарданд, ки бароям даво надиҳед. Мо гуфтем: Шояд ин суханашон аз ҷиҳати бад дидани бемор даворо бошад. Чун ба ҳуш омаданд, фармуданд: «Магар барои шумо нагуфтам, ки даво ба даҳанам нарезед». Гуфтем: Мо фикр карда будем, ки шояд ин сухани шумо ба асоси бад дидани бемор даворо бошад. Фармуданд: «Ман

нигоҳ мекардам, ҳамаи касоне, ки дар ин хона буданд, дар даворо додан барои ман кӯшиш мекарданд, магар Ибни Аббос, ки бо шумо иштирок наварзид».

**1710.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) мариз гардиданд, дард бар эшон ғалаба намуд, Фотима (р) гуфт: Падарам чӣ қадар дар заҳмат ва дард аст! Барояш гуфтанд: «Баъд аз имрӯз бар падарат ранҷ ва дарде нест».

## БОБИ 49. Вафоти Паёмбари Худо (с)

**1711.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки (гуфт) Паёмбари Худо (с) ҳангоми вафоти худ шастусесола буданд.

# - 58 -
# КИТОБИ ТАФСИР

## БОБИ 1. Ончӣ, ки дар мавриди Фотиҳату-л-китоб омадааст

**1712.** Аз Абӯсаъид ибни ал-Муъалла (с) ривоят аст, ки гуфт: дар масҷид намоз мехондам, ки Паёмбари Худо (с) маро садо заданд, ҷавоб надодам. (Баъд аз он рафтам) ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! (Вақте, ки маро садо задед) дар намоз будам. Фармуданд: Магар Худованд нагуфтааст, ки **«Даъвати Худо ва Расулашро қабул кунед, ҳангоме, ки шуморо ҷиҳати зинда сохтани дилҳои шумо мехонад?»** *(Анфол: 24)*

Баъд аз он бароям гуфтанд: «Пеш аз он, ки аз масҷид хориҷ шавӣ, бароят сурае хоҳам омӯхт, ки боазаматтарин сураҳои Қуръон аст». Баъд аз он дасти маро гирифтанд ва чун мехостанд аз масҷид хориҷ шаванд, гуфтам: Магар нагуфта будед, ки бароят сурае хоҳам омӯхт, ки боазаматтарин сураҳои Қуръон аст? Фармуданд: (Ин сура) «Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин» аст ва ин ҳамон сурае аст, ки дорои ҳафт оят аст. Ва дар ҳар ракаати намоз такрор мегардад. Ва ин ҳамон Қуръони азиме аст, ки бар ман нозил гардидааст (яъне азимтарин сураҳоест, ки бар ман нозил гардидааст».

## БОБИ 2. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Дар ҳоле, ки медонед, барои Худованд ҳамтоёне қарор мадиҳед» *(Бақара: 22)*

**1713.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам: Кадом гуноҳ аз ҳамаи гуноҳон бузургтар аст? Фармуданд: «Ин, ки барои Худованд ҳамтое қарор бидиҳӣ, дар ҳоле, ки Ӯ туро халқ кардааст». Гуфтам: Ба ростӣ, ин гуноҳи бузурге аст. Ва гуфтам: Баъд аз он кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд: «Ин, ки фарзандатро аз тарси ин, ки мабодо бо ту нон бихӯрад, ба қатл бирасонӣ. Гуфтам: Баъд аз он кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд: «Ин, ки бо зани ҳамсояат зино кунӣ».

## БОБИ 3. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Абрро бар шумо соя қарор додем ва манн ва салворо барои шумо нозил сохтем» *(Бақара: 57)*

**1714.** Аз Саъид ибни Зайд (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Занбӯруғ аз асари манн аст (ва ё навъе аз манн аст) ва

оби он барои чашм шифо аст. (Манн ғизои ширине буд, ки Худованд дар дашти Тиҳ барои бани Исроил фиристод ва онро таранҷабин низ мегӯянд).

## БОБИ 4. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ҳангоме, ки гуфтем ба ин қария дохил шавед» *(Бақара: 54)*

**1715.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармудаанд: (Чун барои бани Исроил гуфта шуд, ки «Саҷдакунон ба дар дохил шавед ва бигӯед, ки гуноҳи моро авф кун,» онҳо хазида бар сари ронҳои худ дохил гардиданд ва он чиро, ки барои онҳо амр шуда буд, табдил намуданд ва ба ивази калимаи «ҳиттатун», ки ба маънии талаби афви гуноҳ аст, «ҳаббатун» гуфтанд. Яъне: донае аст дар ҷав).

## БОБИ 5. Қавли Худованди мутаъол «Мо ҳеҷ ояеро насх ва ё аз ёд намебарорем, магар он, ки чизи беҳтаре аз онро меоварем»

**1716.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Умар (р) гуфт, ки қоритарини мо Убай (р) ва фаҳмидатарини мо дар қазоват Алӣ (р) аст. Мо чизҳоеро аз қавли Убай (р) тарк мекунем, ҳол он, ки ӯ мегӯяд: Ман ҳеҷ чизеро, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, тарк намекунам ва Худованди мутаъол мефармояд: **«Мо ҳеҷ оятеро насх ва ё аз ёд намебарорем...»** *(Бақара: 106)*

## БОБИ 6. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ва гуфтанд: Худованд барои худ фарзанд интихоб намудааст...» *(Бақара: 116)*

**1717.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованд мегӯяд: Бани одам маро такзиб намуд ва ин чиз барояш шоиста ва муносиб набуд. Такзиби ӯ нисбат ба Ман ин аст, ки гумон мекунад, ӯро дубора ба тавре, ки ҳаст, зинда карда наметавонам ва дашномаш ин буд, ки гуфт: Худованд фарзанд дорад ва Ман аз ин, ки фарзанд ва ҳамсар дошта бошам, сахт бениёзам».

## БОБИ 7. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Мақоми Иброҳимро ҷойгоҳи намоз қарор диҳед» *(Бақара: 125)*

**1718.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Умар (р) гуфт: Дар се чиз бо Парвардигорам тавофуқ намудам (яъне: Қавли Худованди мутаъол мувофиқи назарам нозил гардид). Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Агар мақоми Иброҳимро ҷойгоҳи намоз қарор диҳед. Ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Мардуми нек ва бад назди шумо меоянд. Агар уммаҳоти мӯъмининро амр ба ҳиҷоб намоед. Ва Худованди мутаъол ояи ҳиҷобро нозил

фармуд. Ва чун хабари ин, ки Паёмбари Худо (с) баъзе аз ҳамсарони худро сарзаниш намуданд, бароям расид, назди ҳамсарони Паёмбари Худо (с) рафтам ва гуфтам: Ё ба ин корҳои худ хотима диҳед ва ё ин, ки Худованди азза ва ҷалла ба ивази шумоён барои расулаш занҳои беҳтареро хоҳад дод. Чун назди яке аз ҳамсарони эшон рафтам (ин ҳамсари Паёмбари Худо (с) Умми Салама (р) буд), бароям гуфт: Ё Умар! Магар худи Паёмбари Худо (с) ҳамсаронашро насиҳат карда наметавонад, ки ту омадаӣ ва онҳоро насиҳат мекунӣ? Худованд ин ояи каримаро нозил фармуд: **«Чи басо, ки агар шуморо талоқ диҳад, Парвардигораш занҳои беҳтаре аз шумоёнро барояш арзонӣ хоҳад дошт, ки мусулмони мӯъмин, Худоҷӯй, тавбакор ва обиду рӯзадор бошанд...»** *(Таҳрим:5)*

## БОБИ 8. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Бигӯед, ки ба Худо ва он чӣ, ки ба мо нозил фармудааст, имон дорем» *(Бақара: 136)*

**1719.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аҳли китоб Тавротро ба забони ибронӣ мехонданд ва онро ба забони арабӣ барои мусулмонон тафсир менамуданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аҳли китобро на тасдиқ кунед ва на такзиб намоед, балки бигӯед: Ба Худо ва ба он чӣ, ки барои мо фиристодааст, имон дорем».

## БОБИ 9. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ва ба ин гуна шуморо уммати миёна қарор додем, то бар мардумон шоҳид бошед» *(Бақара: 143)*

**1720.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар рӯзи қиёмат барои Нӯҳ (ъ) нидо мешавад ва ӯ мегӯяд: Парвардигоро! Лаббайка ва саъдайка. Бароят мегӯяд: Оё рисолати худро таблиғ намудӣ? Мегӯяд: Бале. Аз уммати ӯ пурсида мешавад: Оё (Нӯҳ) барои шумо таблиғ карда буд? Мегӯянд: На, барои мо бимдиҳанда наомада буд. (Хитоб ба Нӯҳ (а) мегӯяд: Шоҳид барои ту кист? Мегӯяд Муҳаммад (с) ва уммати ӯ ҳастанд (Паёмбари Худо (с) ва уммати ӯ) шаҳодат медиҳанд, ки (Нӯҳ (а) рисолаташро таблиғ намудааст (Ва Паёмбар) бар шумо шаҳодат медиҳад). Ва ин маънии қавли Худованд аст, ки мефармояд: «Ва бад-ин сон шуморо уммати миёнарав қарор додем» (миёнаравии ин уммат аз ин ҷиҳат аст, ки на мисли насоро дар дини худ ифрот карданд ва на мисли яҳуд тақсир намуданд), то бар мардум гувоҳ бошед ва паёмбар бар шумо гувоҳ бошад).

## БОБИ 10. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Он гоҳ, ки мардум бозгаштанд, шумо низ бозгардед» *(Бақара: 199)*

**1721.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Қурайш ва мардумони дигаре, ки дар дини эшон буданд, ба Муздалифа вуқуф мекарданд ва инҳо ба номи Ҳумса (яъне сахтгирандагони дар дин) ёд мешуданд ва дигар арабҳо ба Арафот вуқуф менамуданд. Ҳангоме, ки Ислом омад, Худованд барои Паёмбари худ амр кард, ки ба Арафот биёяд ва дар он ҷо вуқуф намояд ва аз он ҷо баргардад.

## БОБИ 11. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Баъзе аз мардум мегӯянд: Парвардигоро, барои мо дар дунё некӣ ато фармо...» *(Бақара: 201)*

**1722.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мегуфтанд: «Аллоҳумма раббано отино фид-дунё ҳасанатан ва филохирати ҳасанатан ва қино азобан-нор». Яъне: «Худоё, Парвардигори мо! Барои мо дар дунё некӣ ато фармо ва дар охират бар мо марҳамат кун ва моро аз азоби оташ барканор бидор».

## БОБИ 12. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Аз мардум ба исрор чизе намехоҳанд»

**1723.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мискин касе нест, як хурмо ё ду хурмо ва як луқма ва ду луқма ӯро аз савол кардан бозмедорад, балки мискин касе аст, ки аз суол кардани мардум худдорӣ менамояд. Ва агар мехоҳед, бихонед (Яъне ин қавли Худованди мутаъол, ки «Аз мардум ба исрор чизе намехоҳанд». *(Бақара: 273)*

## БОБИ 13. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Бархе аз Қуръон ояҳоест равшан, ки асоси китобанд ва бархе аз он мубҳам аст» *(Оли Имрон: 7)*

**1724.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ин оятро тиловат намуданд: «Ӯст, ки ин китобро бар ту нозил кард, бархе аз он оятест рӯшан, ки асоси китобанд ва бархе аз он мубҳам аст. Касоне, ки аз ҳақ мунҳариф шудаанд, ҷиҳати фитнаангезӣ ва таъвилот ба ҷустуҷӯи мубҳамот ҳастанд. Ва ҳол он, ки ҷуз Худо касе таъвили онҳоро намедонад ва росихони дар илм мегӯянд: Мо ба Қуръон имон овардем, ҳамаи он аз ҷониби Парвардигори мо аст ва ҷуз мардуми фаҳмида, дигарон ин чизро дарк карда наметавонанд». Оиша (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Агар касонеро дидӣ, ки ба ҷустуҷӯи муташобиҳот ҳастанд, бидон, ки онҳо ҳамон касонеанд, ки Худованд аз онҳо ёд кардааст ва ту аз онҳо бипарҳез».

## БОБИ 14. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ба таҳқиқ, касоне, ки аҳду паймони бо Худо ва қасамҳои худро ба баҳои андаке мефурӯшанд...» *(Оли Имрон: 77)*

**1725.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки ду зан дар як хона, ё дар ғурфае, пинадӯзӣ мекарданд. Рӯзе яке аз онҳо дар ҳоле, ки дарафш дасташро сӯрох карда буд, аз хона баромад ва даъво мекард, ки он зани дигар дасташро маҷрӯҳ сохтааст. Мавзӯъашон ба Ибни Аббос (р) расид. Ибни Аббос (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар барои ҳар кас тавре, ки даъво мекунад, бидиҳанд, хунҳои мардум ва амволи мардум ҳадар мешавад ва аз байн меравад, савганд хӯрдан ба Худоро ба ёдаш диҳед ва ин оятро бароях бихонед: «Касоне, ки паймони Илоҳӣ ва савгандҳои худро ба баҳои андаке бифурӯшанд». Онҳо Худоро ба ёдаш оварданд ва ӯ эътироф кард. Ибни Аббос (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қасам бар касе аст, ки даъво бар алайҳи ӯ барпо гардидааст».

## БОБИ 15. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Мардумон бар зидди шумо ҷамъ шудаанд...»

**1726.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки ин ояи муборакро тиловат намуд. «Худованд барои мо басанда ва беҳтарин ҳомӣ аст». Ва гуфт, ки ин (ояи муборак)-ро Иброҳим (а) ҳангоме, ки дар оташ андохта шуд, тиловат менамуд ва Паёмбари Худо (с) низ ин оятро ҳангоме тиловат намуданд, ки барояшон хабар расид, ки **«Мардум барои набарди шумо гирд омадаанд, аз онҳо битарсед, вале имони (мусалмонон) қавитар гардид ва гуфтанд: Худованд барои мо басанда ва беҳтарин ҳомӣ аст».** *(Оли Имрон: 173)*

## БОБИ 16. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ва аз забони аҳли китоб ва мушрикон озори фаровон хоҳед шунид» *(Оли Имрон: 186)*

**1727.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) пеш аз ҷанги Бадр бар харе, ки бар он полони дурушт андохта буданд, савор шуданд ва Усома ибни Зайдро пушти сари худ савор карданд ва ба аёдати Саъд ибни Убода (р) дар қабилаи Ҳорис ибни Ҳазраҷ рафтанд ва дар сари роҳи худ бо мардуме бархӯрданд, ки Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул (раиси мунофиқон) дар миёни онҳо буд. Ин воқеа пеш аз мусулмон шудани Абдуллоҳ ибни Убай буд (Яъне ин воқеа пеш аз изҳори Исломи ин мунофиқ буд, варна ӯ ҳеҷ вақт мусулмон нашуда буд). Ва дар ин маҷлис мардуме аз мусулмонон ва мушрикони бутпараст ва яҳуд иштирок доштанд ва дар он маҷлис Абдуллоҳ ибни Равоҳа (р) низ ҳузур дошт. Чун гарду ғубори чорпо ба

маҷлиси онҳо расид, Абдуллоҳ ибни Убай биниашро бо чодараш гирифт ва гуфт: Моро ғуборолуд накунед. Ва Паёмбари Худо (с) бар онҳо салом доданд ва таваққуф намуда, пиёда шуданд ва онҳоро ба сӯи Худо даъват карданд ва барои онҳо Қуръон тиловат намуданд.

Абдулло ибни Убай ибни Салул гуфт: Эй мард, агар чизеро, ки мегӯй, ҳақ бошад, магар беҳтар нест, ки моро дар маҷолиси мо азият накунӣ ва ба хонаат биншинӣ ва агар касе наздат омад, ин чизҳоро барояш қисса намоӣ? Абдуллоҳ ибни Равоҳа (р) гуфт: На, балки ё Расулаллоҳ! Ин чизҳоро дар маҷолиси мо матраҳ намоед, зеро мо ин чизҳоро дӯст медорем. Мусалмонон ва мушрикон ва яҳуд якдигарро дашном доданд ва то ҷое, ки наздик буд, ба ҷони ҳам биафтанд. Паёмбари Худо (с) онҳоро ба оромӣ даъват намуданд ва онҳо ором шуданд. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) чорпои худро савор шуданду рафтанд, то ин, ки назди Саъд ибни Убода (р) расиданд. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: «Эй Саъд! Магар хабар надорӣ, ки Абӯхубоб (яъне Абдуллоҳ ибни Убай) чӣ гуфтааст? Ӯ чунину чунон гуфт! Саъд ибни Убода (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз вай афв кунед ва гузашт намоед. Савганд ба Зоте, ки Қуръонро бар шумо нозил кардааст, он чиро, ки Худованд бар шумо нозил намудааст, ҳақ ва яқин аст ва мардуми ин минтақа (яъне мардуми Мадинаи мунаввара) итифоқ карда буданд, ки тоҷро бар сараш ниҳанд ва дастори ростро бар сараш бибанданд (яъне: Ин шахсро бар худ раис қарор диҳанд ва аз вай пайравӣ намоянд).

Вале чун Худованд нахост, ки ин ҳақро ҷуз бар шумо нозил гардонад, ин шахс ба он бахилӣ намуд ва коре кард, ки мушоҳида намудед. Паёмбари Худо (с) аз вай афв намуданд ва одати Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон он буд, ки ба қарору амри Худованди азза ва ҷалла аз мушрикон ва куффор афв мекарданд ва дар муқобили озор ва азияти онҳо сабр менамуданд, то ин, ки Худованд барояшон иҷоза дод, ки бо онҳо ҷиҳод намоянд. Ва ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба ғазои Бадр рафтанд ва саркардагони куффори Қурайш ба дасти эшон кушта шуданд, Ибни Убай ибни Салул ва ҳамроҳонаш, ки аз мушрикон ва бутпарастон буданд, бо худ гуфтанд: Ин кор дигар интишор ёфтааст. Ва омаданд ва бо Паёмбари Худо (с) бар Ислом байъат намуда, мусулмон шуданд.

## БОБИ 17. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Гумон мабар, онон, ки аз кирдорашон шод мешаванд...» *(Оли Имрон: 188)*

**1728.** Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба ҷиҳод мерафтанд, мардуме аз мунофиқон аз рафтан ба ҷиҳод худдорӣ менамуданд ва аз ин кори худ хушу хушҳол ҳам буданд. Ва чун Паёмбари Худо (с) аз ҷиҳод бармегаштанд, инҳо узрхоҳӣ карда, савганд мехӯрданд ва дар айни ҳол таваққуъ доштанд,

ки аз нарафтан ба ҷиҳод мавриди ситоиш низ қарор бигиранд. Ва ҳамон буд, ки ин ояи карима дар мавридашон нозил гардид: «Гумон мабар, онон ки аз кирдорашон шодмон мешаванд ва дӯст доранд, барои корҳое, ки накардаанд, ситоиш шаванд, аз азоб раҳоӣ доранд. Барои онҳо азоби дарднок аст».

**1729.** Касе аз Ибни Аббос (р) пурсид: Агар бинобар зоҳири ояи гузашта) қарор бошад, касе, ки ба сабаби онҷӣ, ки анҷом додааст, хушҳол гардад ва таваққуъ дошта бошад, ки дар муқобили чизе, ки анҷом надодааст, ситоиш гардад, мавриди таъзиб қарор гирад, яқинан ҳамаи мо гирифтори азоб хоҳем шуд? Ибни Аббос (р) дар ҷавоб гуфт: Шумо куҷо ва маънии ин оят куҷо? Паёмбари Худо (с) яҳудро талабиданд ва дар бораи чизе аз онҳо пурсиш намуданд (Кирмомӣ (р) мегӯяд: Чизеро, ки Паёмбари Худо (с) аз онҳо пурсида буданд, сифоташон дар Таврот буд). Онҳо ҳақиқатро пинҳон намуд ва чизи дигаре барои Паёмбари Худо (с) гуфтанд ва дар айни ҳол тавре барои Паёмбари Худо (с) вонамуд карданд, ки гӯё аз ин ҷавоби ғалати худ, мавриди ситоиш қарор гирифтаанд ва аз ин, ки маънии ҳақиқиро пинҳон карда буданд, хушҳол буданд.

## БОБИ 18. Қавли Худованди азза ва ҷалла:«Ва агар метарсидед, ки дар бораи ятимон адолат карда наметавонед»

**1730.** Ривоят аст, ки Урва аз Оиша (р) аз маънии ин қавли Худованди мутаъол пурсид: **«Ва агар метарсидед, ки дар бораи ятимон адолат карда наметавонед, бо заноне издивоҷ намоед, ки дилхоҳатон бошанд, ду, се, чор ва агар хавфи беадолатӣ доред, танҳо ба як ҳамсар иктифо кунед».** *(Нисо: 4)* Оиша (р) дар ҷавоб гуфт: Хоҳарзодаам! Мурод аз ин оят духтари ятиме аст, ки дар оғӯши касе, ки сарпарастиашро ба ӯҳда дорад, бузург мегардад, дар моли сарпарасти худ шарик аст ва аз нигоҳи молу ҷамоли хеш мавриди майли сарпарасти худ қарор мегирад ва сарпарасташ бидуни он, ки барояш маҳри комиле, ки барои дигар занҳо пардохт мегардад, бидиҳад, мехоҳад ӯро ба никоҳ бигирад.

Аз никоҳ кардани чунин ятимоне то вақте, ки маҳри онҳоро ба таври комил ва ҳатто бештар аз он намедиҳанд, манъ гардидаанд ва барояшон амр шудааст, ки аз дигар занҳо он чиро, ки мехоҳанд, (то чаҳор зан) ба никоҳ бигиранд. Оиша (р) мегӯяд: Баъд аз нузули ин оят мардум аз Паёмбари Худо (с) истифто (талаби фатво) намуданд ва ин оят нозил гардид: **«Ва мардум аз ту дар бораи занҳо фатво мехоҳанд....»** *(Нисо: 127)* Оиша (р) мегӯяд: Ва мурод аз қавли Худованди мутаъол дар ояти дигар, ки мефармояд: «Ва аз никоҳ гирифтани онҳо рӯй мегардонед...» Рӯй гардонидан аз никоҳ гирифтани ятимоне аст, ки молу ҷамоле надоранд. Оиша (р) мегӯяд: Аз никоҳ кардани ятимони

дорои молу ҷамол бидуни дар назар гирифтани адолат дар бораи онҳо аз ин ҷиҳат манъ шуданд, ки аз никоҳ кардани ятимони бидуни молу ҷамол худдорӣ накунанд ва рӯй нагардонанд.

## БОБИ 19. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Худованд шуморо дар бораи авлоди шумо тавсия менамояд, ки...»

**1731.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакр (р) дар қабилаи бани Салама пиёда ба дидани ман омаданд. Паёмбари Худо (с) маро диданд, ки аз ҳуш рафтаам, оберо талабиданд, аз он об вузӯ сохтанд ва бар ман пошиданд. Ман ба ҳуш омадам ва гуфтам: Дар мавриди амволам маро ба чӣ чиз амр мефармоед? Ва ин оят нозил гардид **«Худованд шуморо дар бораи фарзандонатон тавсия менамояд, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст».** *(Нисо: 11)*

## БОБИ 20. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Худованд ба андозаи як зарра ҳам зулм намекунад» *(Нисо: 40)*

**1732.** Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Ашхосе назди Паёмбари Худо (с) омада гуфтанд: Оё Парвардигори худро дар рӯзи қиёмат хоҳем дид? Ҳадиси рӯъятро, ки қаблан гузашт, зикр намуда, фармуданд: «Дар рӯзи қиёмат муноди нидо мекунад, ки ҳар уммате пайравии касонеро бинмоянд, ки онҳоро ибодат мекарданд. Ҳама касоне, ки ғайр аз Худо, худоёни дигареро монанди бутҳо ва ансоб (нисоб ҷамъи насб аст ва насббуте аст, ки аз санг тарошида шуда ва мушрикин дар зери он ҳайвонотро мекуштанд ва хуни ҳайвонро ба он бут мемолиданд), ибодат мекарданд, дар оташ сукут мекунанд.

Чун мардуми дигаре ҷуз Худопарастони бадкор ва накӯкор, иддае аз аҳли китоб боқӣ намемонад, яҳуд хоста мешаванд ва аз онҳо пурсида мешавад: Шумо чӣ касеро ибодат мекардед? Мегӯянд: Узайр, фарзанди Худоро. Ба онҳо гуфта мешавад: Шумо дурӯғ мегӯед, Худованд зан ва фарзанде надорад. Бигӯед, ки чӣ мехоҳед? Мегӯянд: Парвардигоро, ташнаем барои мо обе бирасон! Ба эшон ишора мешавад, ки магар худи шумо ба сари об намеравед? Вале ба сӯи оташи саробмонанд, ки ҳар мавҷаш мавҷи дигарашро аз байн мебарад, тела дода мешаванд, то он, ки дар оташ меафтанд. Баъд аз он масеҳиён хоста мешаванд ва аз онҳо пурсида мешавад: Шумо чӣ касеро ибодат мекардед? Мегӯянд: Масеҳ, фарзанди Худоро. Ба онҳо гуфта мешавад: Дурӯғ мегӯед, Худованд зану фарзанде надорад. Ва аз эшон пурсида мешавад, ки чӣ мехоҳед. Ва бо инҳо ҳам монанди яҳуд муомила сурат мегирад.

Чун каси дигаре ҷуз Худопарастони некӯкору бадкор боқӣ намемонад, Парвардигори оламиён ба наздиктарин сурате, ки Ӯро ба он шинохтаанд, мутаҷаллӣ мегардад (яъне ба сурате Худованди

мутаъол мутаҷаллӣ мегардад, ки имкони шинохти он барои бандагон вуҷуд дошта бошад). Ва гуфта мешавад, ки шумоён мунтазири чӣ ҳастед? Ҳар касе ба дунболи чизе биравад, ки онро (дар дунё) ибодат мекард. Мегӯянд: Мо дар дунё мардумонеро, ки (аз тоати Худо сарпечӣ карда буданд), дар ҳоле тарк кардаем, ки хеле ба онҳо мӯҳтоҷ будем ва ба вуҷуди он ҳам ба онҳо ҳамроҳӣ накардем ва мо мунтазири Парвардигори худ ҳастем, ки Ӯро ибодат мекардем. (Худованди мутаъол) мегӯяд: Ман Парвардигори шумо ҳастам. Ва онҳо мегӯянд: Мо ҳеҷ касеро ба Худо шарик намеоварем. Ва ин суханро ду ё се бор такрор мекунанд».

## БОБИ 21. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Пас чӣ гуна аст ҳангоме, ки аз ҳар уммате шоҳидеро ҳозир гардонем» *(Нисо: 41)*

**1733.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба ман гуфтанд, ки бароям Қуръон бихон. Гуфтам: ман барои шумо Қуръон бихонам, дар ҳоле, ки Қуръон бар худи шумо нозил шудааст? Фармуданд: «Ман дӯст дорам, ки Қуръонро аз дигаре бишнавам». Сураи «Нисо»-ро бароящон хондам, чун ба ин оят расидам, ки «пас чӣ гуна аст рӯзе, ки аз ҳар уммате шоҳидеро биёварем ва туро бар онҳо шоҳид бигирем,» (мурод аз шоҳиди ҳар уммат набии он уммат аст, ки бар фоида ва ё зиёни уммати худ шаҳодат медиҳад), фармуданд: «Бас аст». Ва дидам, ки ашк аз чашмонашон ҷорӣ аст.

## БОБИ 22. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ба таҳқиқ, касонеро, ки бар худ зулм кардаанд, фариштагон ба ҳангоми қабзи рӯҳи онон...» *(Нисо: 97)*

**1734.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) мардуме аз мусалмонон (дар вақти ҷанг) дар канори мушрикон буданд ва шумораи онҳоро зиёда месохтанд. Гоҳе тире меомад ва ба мусалмон мерасид ва ё (бо шамшер) мавриди исобат қарор мегирифт ва кушта мешуд. Дар ин маврид Худованд ин оятро нозил фармуд: «Ба таҳқиқ, касоне, ки бар худ зулм кардаанд (ва сабаби зулмашон бар худ он буд, ки бо куффор ба сафи ҷанг ҳозир гардида ва сабаби зиёда шудани теъдоди онҳо шуданд), фариштагон дар вақти қабзи рӯҳ аз онҳо мепурсанд, ки шумоён дар куҷо будед? Мегӯянд: Мо мустазъаф будем (ва қудрати муҳоҷиратро надоштем. Малоика дар ҷавоби онҳо) мегӯянд: Магар сарзамини Худо паҳновар набуд, ки муҳоҷират намоед? Ҷойгоҳи онон дӯзах ва саранҷомашон бад аст).

## БОБИ 23. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Мо бар ту ваҳй фиристодем, мисле, ки бар Нӯҳ ваҳй фиристодем...» *(Нисо: 163)*

**1735.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки бигӯяд ман (яъне Муҳаммад (с) аз Юнус ибни Матто беҳтар аст, дурӯғ гуфтааст». (Паёмбари Худо (с) ин суханро аз рӯи тавозуъ гуфтаанд, варна собит аст, ки эшон хайрулбашар ҳастанд).

## БОБИ 24. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Эй Паёмбар! Он чиро, ки аз тарафи Парвардигорат бар ту нозил шуд, иблоғ кун...» *(Моида: 67)*

**1736.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар касе барoят гуфт, ки Муҳаммад (с) кадом чизеро аз он чӣ, ки Худованд бар вай нозил намудааст, (аз мардум) пинҳон доштааст, яқин бидон, ки дурӯғ гуфтааст. Худованди мутаъол мефармояд: «Эй Паёмбар! **Он чиро, ки аз тарафи Парвардигорат бар ту нозил шуд, иблоғ кун.**

## БОБИ 25. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Эй мусалмонон! Чизҳои покизаеро, ки Худованд барои шумо ҳалол сохтааст, ҳаром қарор мадиҳед...» *(Моида: 87)*

**1737.** Аз Абдуллоҳ (ибни Масъуд) (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ба ҷиҳод рафтем ва занҳои мо ҳамроҳамон набуданд. Гуфтем: Оё худро хасӣ (ахта) накунем? Паёмбари Худо (с) моро аз хасӣ кардан манъ намуданд ва иҷоза доданд, ки бо занҳо дар муқобили ҷомае издивоҷ намоем. Баъд аз он ин оятро тиловат намуданд: «Эй мусалмонон! Чизҳои покизаеро, ки Худованд барои шумо ҳалол сохтааст, ҳаром қарор мадиҳед!»

## БОБИ 26. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ба таҳқиқ, ки шароб ва қимор ва бутҳо ва Азломи палидӣ аст аз амали шайтон» *(Моида: 90)*

**1738.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони мо шароби дигаре ғайр аз ҳамин шаробе, ки онро фазих меномем, вуҷуд надошт (фазих шаробе буд, ки аз хурмои норасида месохтанд). Рӯзе барои Абӯталҳа ва фалону фалон шароб медодам, ки шахсе омаду гуфт: Оё хабар барои шумо расидааст? Гуфт: Чӣ хабар? Гуфтам: Хабари таҳрими шароб. Онҳо бароям гуфтанд: Эй Анас! Ин хумҳоро берун бирез. Ровӣ мегӯяд: Баъд аз он хабари овардани он шахс (дар бораи таҳрими шароб) на аз каси дигаре суол карданд ва на ҳам дубора ба шароб руҷӯъ намуданд.

## БОБИ 27. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Аз ҳар чизе пурсиш накунед, агар барои шумо ошкор шавад, ғамгинатон мекунанд» *(Моида: 101)*

**1739.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) хутбае доданд, ки мисли онро қатъан нашунида будем ва фармуданд: «Он чиро, ки ман медонам, агар шумо медонистед, камтар механдидед ва бисёр гиря мекардед».

Саҳобаи Паёмбари Худо (с) рӯйҳои худро пӯшонданд ва овози гиряи онҳо шунида мешуд. Шахсе пурсид (Ин шахс Абдуллоҳ ибни Ҳузофа буд): Ё Расулаллоҳ! Падари ман кист? (Ва сабаби пурсиши вай ин буд, ки дар бораи насабаш бар ӯ таъна мезаданд). Фармуданд: «Фалон шахсе аст». (Яъне Ҳузофа аст). Ва ин оят нозил гардид: **«Аз ҳар чизе пурсиш накунед, агар барои шумо ошкоро шавад, ғамгинатон мекунад».**

**1740.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуме аз рӯи истеҳзо аз Паёмбари Худо (с) чизҳоеро мепурсиданд. Яке мепурсид: Падари ман кист? Дигаре, ки шутураш гум шуда буд, мепурсид: Шутурам дар куҷост? Худованди азза ва ҷалла ин оятро нозил фармуд: **«Эй мӯъминон! Аз ҳар чизе пурсиш накунед, агар барои шумо ошкоро шавад, ғамгинатон мекунад».**

## БОБИ 28. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Бигӯ! Худо қодир аст, ки аз болои сари шумо бар шумо азобе бифиристад» *(Анъом: 65)*

**1741.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун ин ояи карима нозил гардид, ки **«Бигӯ! Худо қодир аст, ки аз болои сари шумо бар шумо азобе бифиристад,»** Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худоё! Аз ту паноҳ меҷӯем (ва чун ин оят нозил гардид). (Ё аз зери пои шумо (бар шумо азобе бифиристад), (Паёмбари Худо (с) гуфтанд: (Худоё) аз ту паноҳ меҷӯем (ва чун ин оят нозил гардид).

(Ва ё шуморо гурӯҳ-гурӯҳ бисозад ва азоби гурӯҳеро ба гурӯҳи дигаре бичашонад), яъне гурӯҳе ба ҷони гурӯҳи дигаре афтода ва хуни якдигарро бирезанд). Фармуданд: «Ин камаҳамияттар аст» ва ё гуфтанд, ки осонтар аст (ба ҷони якдигар афтодан азоби бисёр дардноке аст, вале чун азоби дунявист, нисбат ба азоби ухравӣ осонтар аст).

## БОБИ 29. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Онҳо (яъне анбиёи ъалайҳимуссалом), касоне ҳастанд, ки Худованд ҳидояташон кардааст, пас аз ҳидояти онҳо пайравӣ кун». *(Анъом: 40)*

**1742.** Ривоят аст, ки касе аз Ибни Аббос (р) пурсид: Оё дар сураи «Сод» саҷда ҳаст? Гуфт: Бале. Ва баъд аз он ин оятро тиловат намуд:

«Ва барояш Исҳоқ ва Яъқубро бахшидем ва ҳамаи онҳоро ҳидоят намудем, пас ту низ аз ҳидояти онҳо пайравӣ кун». Сипас Ибни Аббос (р) гуфт: Ва Паёмбари шумо (с) аз касоне аст, ки ба пайравӣ кардан аз равиши паёмбарони дигар амр шудааст.

## БОБИ 30. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ба корҳои фаҳшо чи ошкоро ва чи пӯшида наздик машавед» *(Анъом: 151)*

**1743.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ касе аз Худованди мутаъол бағайраттар нест (мурод аз ғайрат нисбат ба Худованд ғазаби вай аз анҷом додани муҳаррамот аст ва аз ҳамин ҷиҳат аст, ки фавоҳишро, чи ошкоро бошаду чи пӯшида, ҳаром гардонидааст ва ҳеҷ кас ситоишро ба андозаи Худованди мутаъол дӯст надорад ва аз ҳамин сабаб аст, ки худро мадҳу сифат намудааст (монанди) «Иналлоҳа ъало кулли шайъин қадир» ва «Иннаҳу ғафуру-р-раҳим» ва амсоли инҳо).

## БОБИ 31. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Гузаштро пеша кун ва ба некӣ фармон бидеҳ» *(Аъроф: 199)*

**1744.** Аз Ибни Зубайр (р) ривоят аст, ки гуфт: Худованди мутаъол Паёмбари Худо (с)-ро амр намуд, ки аз ахлоқи мардум гузаштро пешаи худ созад.

## БОБИ 32. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Ба онҳо пайкор кунед, то фитнаи ширк поён пазирад ва тамоми дин аз они Худо бошад» *(Анфол: 39)*

**1745.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки касе аз вай пурсид: Қитоли ин фитнаро чӣ гуна мебинӣ? (Яъне: дар ин қитол ва куштore, ки байни мусалмонон аст, чӣ гуна назар дорӣ? Оё дар он иштирок варзем, ё на? Ин суолро вақте аз Ибни Умар (р) карданд, ки вай аз иштирок намудан дар ҷанги Ҷамал ва Сифин худдорӣ намуда буд). Гуфт: Оё медонӣ, ки фитна чист? Паёмбари Худо (с) бо мушрикин ҷиҳод мекарданд ва касе, ки (аз мусалмонон) ба назди мушрикин мерафт, фитна маҳсуб мегардид ва ҷиҳоди онҳо монанди ҷанги шумо бар сари мулк ва дорой набуд.

## БОБИ 33. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «(... ва гурӯҳи дигаре, ки ба гуноҳони худ эътироф намуданд» *(Тавба: 96)*

**1746.** Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Шаби гузашта ду нафар наздам омаданд ва маро бо худ ба шаҳре бурданд, ки аз хиштҳои тилло ва нуқра сохта шуда

буд. Дар он ҷо мардуме аз мо истиқбол намуданд, ки як тарафи ҷисми онҳо ба беҳтарин шакле буд, ки дар умри худ дида бошӣ ва тарафи дигари ҷисмашон ба бадтарин сурате буд, ки дар умри худ дида бошӣ. Он ду нафар ба мардуми он шаҳр гуфтанд: Биравед ва худро дар фалон ҷӯй биандозед. Онҳо рафтанд ва худро дар он ҷӯй андохтанд ва омаданд, дидем, ки он шакли қабеҳ ва зишт аз онҳо дур гардида ва ба беҳтарин шакле даромаданд. Он ду нафар бароям гуфтанд: Ин ҷӯи «Ҷаннати адн» аст ва ин манзил барои ту аст ва он мардуме, ки қисмате аз ҷисми онҳо зебо ва қисмати дигаре зишт буд, касонеанд, ки корҳои некӣ ва бадӣ бо ҳам анҷом додаанд ва Худованд аз гуноҳонашон даргузаштааст».

## БОБИ 34. Қавли Худованди мутаъол, ки: «... ва арши Ӯ бар об буд» *(Ҳуд: 7)*

**1747.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованди азза ва ҷалла мефармояд: «Инфоқ кун, ман бар ту инфоқ мекунам» (ҳар қадар барои мӯҳтоҷон ва дар роҳи хайр инфоқ кунӣ, ман бароят инфоқ мекунам). Ва мефармояд: Дасти Худованд пур аст, инфоқ кардан онро холӣ намекунад ва шабу рӯз дар ҳолати караму бахшиш аст. Ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: Оё он чиро, ки (Худованди мутаъол) аз рӯзи хилқати осмонҳо то имрӯз ато намудааст, тасвир кардаед? Ин ҳама чиз аз хазинаи Худованд чизеро кам накардааст, Арши Худованд бар об аст ва тақдиру рӯзиҳо дар ихтиёри Ӯ аст ва Ӯст, ки (ризқу рӯзиро) каму зиёда мекунад».

## БОБИ 35. Қавли Худованд, ки: «Парвардигорат чунин сахт мегирад, он гоҳ, ки диёри ситамгаронро ба азоб гирифтор намояд» *(Ҳуд: 102)*

**1748.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд золимро мӯҳлат медиҳад, вале вақте, ки ӯро мавриди азоб қарор дод, (он золим) аз азобаш наҷот ёфта наметавонад». Ровӣ мегӯяд: Баъд аз он ин оятро тиловат намуданд: «Парвардигорат чунин сахт мегирад, он гоҳ, ки диёри ситамгоронро ба азоб гирифтор намояд, зеро Ӯ бисёр дарднок аст».

## БОБИ 36. Қавли Худованди мутаъол, ки: «... магар онҳое, ки истироқи самъ менамоянд» *(Ҳиҷр: 18)*

**1749.** Аз Абӯҳурайра (р) ба нақл аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Чун Худованд дар осмон амреро содир намояд, малоика болҳои худро ба нишонаи фармонбардорӣ ба ҳам мезананд (ва садои болҳо онҳо) монанди занҷире аст, ки ба санг кӯбида

мешаванд. Чун изтироби дили фариштагон ором гирад, (малоика) аз (фариштагони муқарраб монанди Ҷабраил ва Микоил) мепурсанд: Парвардигори шумо чӣ гуфтааст?

Дар ҷавоби онҳо мегӯянд: Ҳақро гуфта ва Ӯ аз ҳама баландмартабатар ва бузургтар аст, онҳое, ки истироқи самъ менамоянд, (ки иборат аз ҷинниён бошанд), яке болои дигаре қарор доранд (яъне яке болои дигаре мебароянд, то ба ҷое бирасад, ки битавонад сухани фариштагонро бишунавад).

Ва ин суханро мешунавад ва бисёр вақтҳо шаҳоб пеш аз он, ки он мустариқи самъ суханеро, ки шунидааст, ба рафиқи худ (ки коҳинон ва ҷодугарон бошанд) бирасонад, ба ӯ мерасонад ва ӯро месӯзонад ва гоҳе ҳам мешавад, ки шаҳоб бар вай исобат намекунад. Ва он касе, ки истироқи самъ намудааст, суханеро, ки шунидааст, ба дигаре, ки дар поёнтари аз вай қарор дорад, интиқол медиҳад ва боз ӯ ба дигарон, ки баъд аз вай қарор дорад, интиқол медиҳад ва боз ӯ ба шахси дигаре, ки баъд аз вай қарор дорад, интиқол медиҳад, то ин, ки ба ҳамин шакл суханеро, ки шунидаанд, ба замин интиқол медиҳанд, то ин, ки ба соҳиру ҷодугар мерасонанд, (соҳирон ва коҳинон) ба он сухане, ки шунидаанд, сад дурӯғро якҷо мекунанд (ва ба мардум хабар медиҳанд). Агар сухани онҳо рост баромад, касоне, ки он суханро шунидаанд, мегӯянд: Магар (он ҷодугар) фалон рӯз барои мо нагуфт, ки дар фалон вақт чунин ва чунон мешавад? Ва он чӣ гуфта буд, рост баромад, вале дар воқеъ ин ҳамон калимае аст, ки дар асл аз осмон шунида шудааст.

## БОБИ 37. Қавли Худованди азза ва ҷалла, ки: «...ва баъзе аз шумоён ба бадтарин айёми зиндагӣ мерасед» *(Наҳл: 70)*

**1750.** Аз Анас ибни Молик (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) чунин дуо мекарданд: «Аъузу бика минал бухли вал касали ва арзалилъумури ва ъазобилқабри ва фитнати-д-Даҷҷоли ва фитнатил маҳё вал мамоти» (Худоё! Аз бухл ва касолат ва аз расидан ба бадтарин айёми умр ва аз азоби қабр ва аз ибтилои Даҷҷол ва аз ибтилои зиндагонӣ ва марг ба ту паноҳ меҷӯем.

## БОБИ 38. Қавли Худованди азза ва ҷалла, ки: «Зуррияи касонеро, ки бо Нӯҳ бар киштӣ ҳамл намудем ва ӯ бандаи шукргузоре буд» *(Исро: 3)*

**1751.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) миқдоре гӯшт оварданд (ва аз байни он гӯштҳо) дастро, ки хуш доштанд, барои эшон тақдим намуданд ва эшон миқдоре аз он дастро бо дандон ҷудо намуда ва фармуданд: «Ман дар рӯзи қиёмат сардори ҳамаи мардумон ҳастам. Ва оё медонед, ки ин аз чӣ сабаб аст?

(Сабабаш ин аст, ки) Худованд ҳамаи махлуқот ва аввалин ва охиринро тавре дар якҷо ҷамъ мекунад, ки садо ба ҳамаи онҳо мерасад ва чашм ҳамаи онҳоро мебинад, офтоб ба онҳо наздик мешавад ва мардум ба чунон заҳмат ва машаққат меафтанд, ки аз таҳаммул ва тоқаташон берун аст.

Мардум бо худ мегӯянд: Магар намебинед, ки дар чӣ заҳмат ва машаққате гирифтор ҳастед? Магар ин тарафу он тараф касеро пайдо намекунед, ки ба назди Худованд аз шумо шафоат намояд? Ба якдигар мегӯянд: Бояд назди Одам (а) биравем.

Онҳо назди Одам (а) мераванд ва барояш мегӯянд: Ту Абулбашар будӣ ва касе ҳастӣ, ки Худованд туро ба дасти худ халқ намуд, аз рӯҳи худ бар ту дамид ва малоикаро амр кард, то барои ту саҷда кунанд, барои мо назди Худованд шафоат намо, магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолате қарор дорем ва чӣ бар сари мо омадаст?

Одам (а) мегӯяд: Парвардигорам имрӯз дар чунон ғазабе аст, ки на пеш аз ин чунин дар ғазаб шуда буд ва на баъд аз он чунин дар ғазаб мешавад. Ӯ маро аз хӯрдани мева дар биҳишт манъ карда буд ва ман нофармониашро намудам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, маро бигзоред, назди дигаре биравед, назди Нӯҳ (ъ) биравед.

Мардум назди Нӯҳ (ъ) мераванд ва мегӯянд: Ту аввалин паёмбари мардумони рӯи замин ҳастӣ (гарчӣ пеш аз Нӯҳ (ъ) паёмбарони дигар, монанди Одам, Шис ва Идрис (ъ) низ вуҷуд доштанд, вале онҳо барои қавми худ мабъус шуда буданд ва Нӯҳ барои ҳамаи мардум (ва туро Худованд бандаи шукргузор номидааст, барои мо назди Парвардигори худ шафоат кун, магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолате гирифторем? (Нӯҳ (ъ) мегӯяд: Парвардигорам имрӯз дар чунон ғазабест, ки на пеш инчунин дар ғазаб будааст ва на баъд аз инчунин дар ғазаб хоҳад шуд ва барояш як дуои қобили иҷобат буд ва бо он дуо бар қавми худ нафрин кардам (ва сабаби ҳамин нафрин буд, ки қавм ғарқ гардида ва ба ҳалокат расиданд). Ва имрӯз ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, назди дигаре биравед, назди Иброҳим (ъ) биравед.

Мардум назди Иброҳим мераванд ва мегӯянд: Ё Иброҳим! Ту Паёмбари Худо (с) ва ягона халили ӯ дар рӯи замин ҳастӣ. Барои мо дар назди Парвардигорат шафоат кун, магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолате гирифторем?

Иброҳим (ъ) ба онҳо мегӯяд: Парвардигорам имрӯз дар чунон ғазабе аст, ки на пеш аз ин дар чунин ғазабе будааст ва на баъд аз ин чунин дар ғазаб хоҳад шуд ва ман се дурӯғ гуфтаам (яке он, ки гуфт: «иннӣ сақим» ва дигаре «Бал фаъалаҳу кабируҳим» ва саввумин он, ки гуфт: «Соро хоҳари ман аст» ва тафсили ин мавзӯъ қаблан гузашт) ва имрӯз ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ

гирифторам, назди дигаре биравед, назди Мӯсо (а) биравед.

Мардум назди Мӯсо (а) мераванд ва мегӯянд: Ё Мӯсо! Ту Расули Худо ҳастӣ ва касе ҳастӣ, ки Худованди мутаъол туро ба рисолат ва бо роз гуфтан бо ту бар ҳамаи ҷаҳониён баргузида буд, барои мо назди Парвардигорат шафоат кун! Магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолат гирифторем?

Мӯсо (а) мегӯяд: Парвардигорам имрӯз дар чунон ғазабе аст, ки на пеш аз ин чунин дар ғазаб будааст ва на баъд аз ин чунин ғазаб хоҳад кард, ман шахсеро, ки маъмур ба қатли он набудам, ба қатл расондам (Мурод аз ин шахс ҳамон қибтие аст, ки дар Миср бо шаллоқе ба рӯяш зад ва аз асари он шаллоқ мурд). Ва имрӯз ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам. Назди дигаре биравад, назди Исо (ъ) биравед.

Мардум назди Исо (ъ) мераванд ва мегӯянд: Ё Исо! Ту расули Худой ва Калимаи Худо ҳастӣ, ки бар Марям илқо намуда буд ва аз Рӯҳи Худо ҳастӣ! Ва он касе ҳастӣ, ки дар гаҳвора бо мардум сухан гуфтӣ, шафоати моро бикун! Магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолате гирифторем?

Исо (ъ) мегӯяд: Парвардигорам имрӯз дар чунон ғазабест, ки на пеш аз ин чунин дар ғазаб будааст ва на баъд аз ин чунин ғазабе нахоҳад кард. Вале кадом гуноҳеро, ки муртакиб шуда бошад, зикр намекунад.

(Дар Сунани Насой омадааст, ки Исо (ъ) салом мегӯяд: «Маро ба ҷои Худо парастиш мекарданд». Ва мегӯяд: (Имрӯз ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, ман ба худ гирифторам, назди дигаре биравед, назди Муҳаммад (с) биравед.

Мардум назди Муҳаммад (с) мераванд ва мегӯянд: Ё Муҳаммад (с), ту Расули Худо ва хотами паёмбарон ҳастӣ ва Худованди мутаъол гуноҳони гузашта ва ояндаатро бахшидааст, барои мо назди Парвардигорат шафоат кун! Магар намебинӣ, ки дар чӣ ҳолате қарор дорем?

Паёмбари Худо (с) мегӯянд: Ман меравам ва зери Арш барои Парвардигорам ба саҷда меафтам ва Худованди мутаъол аз ҳамду санои худ чизҳоеро бароям меомӯзад, ки то он вақт ҳеҷ касро аз онҳо бохабар насохтааст, баъд аз он бароям гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Саратро баланд кун, ҳарчӣ бихоҳӣ, бароят дода мешавад ва ҳарчӣ шафоат кунӣ, мавриди қабул воқеъ мегардад. Ва ман сарамро баланд мекунам ва мегӯям: Ё Раб, уммати ман! Ё Раб, уммати ман! Ё Раб, уммати ман! Бароям гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Он гурӯҳ аз уммати худро, ки бар онҳо ҳисобу китобе нест, аз дарвозаи тарафи рост ба ҷаннат дохил кун ва инҳо бо мардуми дигар дар дарвозаҳои дигар низ шарик ҳастанд (ва тавре, ки дар аҳодиси дигар омадааст, теъдоди инҳо ҳафтод ҳазор нафар аст ва инҳо аввалин гурӯҳе ҳастанд,

ки ба биҳишт дохил мешаванд ва бақияи уммат дар марҳалаҳои баъдӣ ба биҳишт дохил мегарданд).

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуданд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст (билокайф), ки фосилаи байни ду канори дарвозаи ҷаннат ба андозаи фосилаи байни Макка ва Ҳимяр аст (мурод аз Ҳимяр шаҳри Санъо аст, ки дар Яман аст ва ё фосилаи байни Макка ва Басра аст (шак аз ровӣ аст).

## БОБИ 39. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Чӣ басо, ки Худованд туро ба мақоми маҳмуд баргузинад» *(Исро: 79)*

**1752.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардум ҳамагӣ дар рӯзи қиёмат ба зону даромад ва ҳар уммате ба дунболи Паёмбараш меафтад ва мегӯянд: Ё фалон, маро шафоат кун! То он, ки шафоат ба Паёмбари Худо (с) мерасад.

Ин ҳамон рӯзе аст, ки Худованди мутаъол мақоми маҳмудро барои Муҳаммад (с) арзонӣ медорад (мурод аз мақоми маҳмуд дар назди аксар уламо мақоми шафоати кубро аст, ки сабаби наҷоти мардум аз масоиби рӯзи маҳшар мегардад. Аллоҳумма арзуқно шафоат набийино Муҳаммад (с).

## БОБИ 40. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Намози худро на баланд бихон ва на оҳиста...» *(Исро: 110)*

**1753.** Аз Ибни Аббос (р) дар ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: **«Намози худро на баланд бихон, на оҳиста»** ривоят аст, ки гуфт: Ин оят вақте нозил гардид, ки Паёмбари Худо (с) дар Макка пинҳон буданд ва ҳангоми намоз хондан садои худро баланд мекарданд ва чун мушрикон садояшонро мешуниданд, Қуръон ва касе, ки Қуръонро фиристодааст ва касе, ки бар он нозил гардидааст, ҳамагиро дашном медоданд ва ҳамон буд, ки Худованди мутаъол ба Паёмбараш амр фармуд, ки **«Намозатро ба садои баланд махон»**. (яъне қироатро дар намоз ба садои баланд махон, зеро мушрикон онро мешунаванд, Қуръонро дашном медиҳанд) **«ва онро оҳиста ҳам махон,»** (яъне: тавре, ки саҳобаҳоят онро нашнаванд, балки ба таври миёна байни баланд ва оҳиста бихон).

## БОБИ 41. Қавли Худованд, ки: «Инҳо касонеанд, ки ба оёт ва дидори Парвардигорашон кофир шудаанд» *(Каҳф: 105)*

**1754.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Дар рӯзи қиёмат бисёр ашхоси бузургҷусса ва фарбеҳро ҳозир месозанд, ки дар назди Худованди мутаъол ба андозаи боли пашшае арзиш надоранд». Ва фармуданд: «Агар мехоҳед, ин қавли

Худованди мутаъолро тиловат намоед: «Пас дар рӯзи қиёмат барои онҳо ҳеҷ вазне (яъне арзише) қоил нестем».

## БОБИ 42. Қавли Худованди мутаъол: «Онҳоро аз рӯзи қиёмат барҳазар дор» *(Марям: 39)*

**1755.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Марг (дар рӯзи қиёмат) ба шакли қӯчқори аблақе оварда мешавад ва нидо мешавад, ки: Эй аҳли ҷаннат! Оё инро мешиносед? Онҳо пеш меоянд ва нигоҳ мекунанд ва мегӯянд: Бале! Ин марг аст ва ҳамагӣ онро дидаанд. Баъд аз он нидо мешаванд, ки: Эй аҳли дӯзах! Оё инро мешиносад? Мегӯянд: Бале, Ҳамагон онро дидаанд.

(Аз ин ҷиҳат мегӯянд, ки ҳамагон онро дидаанд, ки ҳар касе дар ҳангоми марги худ маргро мебинад ва имом Айнӣ (р) мегӯяд: мурод аз дидани марг дидани малакулмавт дар вақти марг аст). Ва он қӯчқор забҳ мегардад ва барои аҳли ҷаннат гуфта мешавад, ки зиндагии шумо ҷовидон аст ва дигар марге нест ва барои аҳли дӯзах гуфта мешавад, ки зиндагии шумо низ ҷовидон аст ва дигар марге нест ва ин ояи каримаро тиловат намуданд: «Пеш аз он ки кор аз кор бигзарад, онҳоро аз рӯзи қиёмат барҳазар дор, онҳо ғофиланд ва имон намеоваранд».

## БОБИ 43. Қавли Худованд, ки: «Касоне, ки ҳамсарони худро муттаҳам ба зино мекунанд ва ҷуз худ шоҳиди дигаре надоранд...» *(Нур: 6)*

**1756.** Аз Саҳл ибни Саъдӣ (р) ривоят аст, ки Уваймир назди Осим ибни Адиӣ, ки раиси қабилаи ибни Аҷлон буд, омаду гуфт: Шумо дар бораи касе, ки бо зани худ шахси дигареро бинад, чӣ мегӯед? Оё ӯро бикушад, ки дар ин сурат шумо ӯро хоҳед кушт ё ин, ки кори дигаре бикунад? Ҳукми онро аз Паёмбари Худо (с) бароям бипурс. Осим (р) назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулаллоҳ! Шумо дар бораи касе, ки бо зани худ шахси дигареро бубинад, чӣ мегӯед? Оё ӯро бикушад? Паёмбари Худо (с) аз суол кардан бадашон омад ва онро айб шумурданд. Уваймир (р) аз Осим (р) пурсид, ки Паёмбари Худо (с) чӣ гуфтанд? Осим (р) гуфт: Расули Худо аз суол кардан бадашон омаду онро айб шумурданд. Уваймир (р) гуфт: Ба Худованд савганд, то худам аз Паёмбари Худо (с) напурсам, мавзӯъро фурӯ нахоҳам гузошт. Ва худаш назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулаллоҳ! Касе бо зани худ шахси дигареро мебинад, агар он шахсро бикушад, шумо ӯро ба ҷоям хоҳед кушт. Оё бояд чӣ коре бикунад?

Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки Худованди мутаъол дар мавриди

ту ва ҳамсари ту Қуръонро нозил намуд ва Паёмбари Худо (с) тавре, ки дар Қуръон омадааст, амр ба мулоъана намуданд ва лиъонро байни (он зан ва шавҳар) ҷорӣ сохтанд. Баъд аз он Увайрмир (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Агар ҳамсарамро дар чунин ҳолате нигоҳ дорам, зулм кардаам. Ва ҳамон буд, ки ӯро талоқ дода ва ин равишаш суннате гардид барои ҳар касе, ки бо занаш мулоъана менамояд. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуданд: Нигоҳ кунед, агар ин зан тифли сиёҳчеҳрае ба дунё овард, ки дорои чашмони сиёҳ ва сирини чоқ ва соқҳои калон ва дурушт буд, фикр намекунам, ки Увайрмир дар мавридаш ҷуз рост чизи дигаре гуфта бошад. Ва ҳангоме, ки тифле овард, ки монанди ваҳра (хазандаест, ки сурхранг буд) фикр намекунам, ки Увайрмир дар мавридаш ҷуз дурӯғ чизи дигар гуфта бошад. Ва ҳангоме, ки он зан тифлашро ба дунё овард, ба ҳамон сифате буд, ки Паёмбари Худо (с) дар бораи тасдиқи Увайрмир тавсиф намуда буданд ва он тифл баъд аз он ба модараш нисбат дода мешуд.

## БОБИ 44. Қавли Худованд, ки: «Зан метавонад азобро аз худ боздорад, ки чаҳор мартаба Худоро шоҳид бигирад...» *(Нур: 8)*

**1757.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Ҳилол ибни Умайя назди Паёмбари Худо (с) ҳамсараш Хавла бинти Осимро муттаҳам намуд, ки бо Шарик ибни Самҳо зино намудааст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ё шоҳид биовар ва ё пуштатро омодаи шаллоқ хӯрдан бикун». Гуфт: Ё Расулаллоҳ! Агар касе аз мо шахсеро бар болои ҳамсараш мебинад, бояд онро ба ҳамон ҳолат гузошта ва худаш ба ҷустуҷӯи шоҳид бароянд? Паёмбари Худо (с) боз ҳамон суханро такрор намуданд, ки «ё шоҳид биёвар ва ё пуштатро омодаи шалоқ хӯрдан бикун».

Ҳилол гуфт: Савганд ба Зоте, ки шуморо бар ҳақ фиристодааст, ки ман рост мегӯям ва аз Худо мехоҳам, ки ваҳйро бифиристад ва пуштамро аз шаллоқ хӯрдан халос намояд. Ҳамон буд, ки Ҷабраил (ъ) омад ва ин ояро нозил намуд: **«Ва касоне, ки ҳамсаронашонро муттаҳам ба зино мекунанд,»** то ин ҷо ки **«агар аз ростгӯён бошад»**. Паёмбари Худо (с) баргаштанд ва ба талаби он зан фиристоданд, (баъд аз ин, ки зан омад) Ҳилол омад ва шаҳодат дод ва Паёмбари Худо (с) мегуфтанд «Худо медонад, ки яке аз шумо ду нафар яқинан дурӯғгӯ ҳастед, оё кадом касе аз шумо тавба намекунед? «Баъд аз он ҳамсари Ҳилол бархост ва шаҳодат дод, чун ба мартабаи панҷум расид, Паёмбари Худо (с) ӯро мутаваққиф сохта ва гуфтанд: «Ин мартабаи панҷум мӯҷиби лаънат аст».

Ибни Аббос (р) мегӯяд, ки он зан мутараддид гардид ва сарашро ба зер андохт, то ҷое, ки фикр кардем, шояд аз қавли худ руҷӯъ менамояд. Вале ӯ гуфт, ки қавми худро дар боқимондаи рӯз шарманда нахоҳам кард. Ва ба шаҳодат доданаш идома дод. Паёмбари Худо (с)

фармуданд: Нигоҳ кунед, тифлеро, ки ин зан ба дунё меовард, агар чашмонаш сиёҳ, сиринаш чоқ ва поҳояш дурушт буд, он тифл аз Шарик ибни Самоҳа мебошад. Ва баччаи ӯ ба ҳамон сифат буд ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар Қуръони карим раҷмро аз зане, ки бо шавҳараш лиъон мекунад, соқит намекард, ӯро раҷм (сангсор) мекардам).

## БОБИ 45. Қавли Худованд, ки: «Касоне, ки бар рӯи худ ба сӯи дӯзах кашида мешаванд» *(Фурқон: 34)*

**1758.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Кофир дар рӯзи қиёмат чӣ гуна бар рӯяш ҳашр мешавад? Фармуданд: «Магар он Зоте, ки қодир будааст, ки ӯро дар дунё бар ду пояш равон созад, қодир нест, ки дар рӯзи қиёмат ӯро бар рӯяш равон созад?»

## БОБИ 46. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Алиф, лом, мим, Рум мағлуб гардид» *(Рум: 2)*

**1759.** Ривоят аст, ки барои Ибни Масъуд (р) хабар расид, ки шахсе дар Кинда (Кинда ҷое аст наздики Кӯфа) мегӯяд: Дар рӯзи қиёмат дуде меояд ва шунавоӣ ва биноии мунофиқонро аз байн мебарад ва таъсираш бар мӯъминон монанди ҳамин зуком аст. (Чун Ибни Масъуд) (р) ин суханро шунид) дар ҳоле, ки такя карда буд, ғазабнок шуд, дар ҷояш нишаст ва гуфт: Касе агар чизеро медонад, бигӯяд ва агар намедонад, «Аллоҳу аълам,» бигӯяд яъне Худованд донотар аст, зеро нишонаи дониш он аст, ки агар шахсе чизеро намедонад бигӯяд: намедонам.

Худованди мутаъол ба Паёмбари Худо (с) фармуд: **«Бигӯ, ман дар муқобили ин амал (яъне таблиғи рисолат) аз шумо музде намехоҳам ва аз таклифкунандагон нестам».** *(Сод: 86)* Ва баъд аз он Ибни Масъуд (р) қиссаи дудро баён намуд). Ва Ибни Масъуд (р) мегӯяд: Чун қавми Қурайш дар дохил шудан ба Ислом сустӣ ва таъхир намуданд, Паёмбари Худо (с) бар онҳо нафрин намуда, дуо карданд, ки «Худоё! Маро бар ин мардум аз тариқи ҳафт сол қаҳтӣ, ки қавми Юсуфро ба он дучор сохтӣ, мадад намо». Ва ҳамон буд, ки ба қаҳтии (қавми Юсуф) дучор гаштанд, то ҷое, ки ҳалок гардиданд ва мурдаҳо ва устухонҳоро мехӯрданд ва мобайни осмон ва замин ба назари шахсе монанди дуде меомад. Ва Абӯсуфён назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Эй Муҳаммад! Худат омада ва моро ба силаи раҳм даъват мекунӣ ва инак қавми худат аз байн рафтанд.

Барои онҳо назди Худованд дуо кун, ки ин азоб аз онҳо рафъ гардад ва агар ин азоб рафъ гардад, имон меоваранд. Ва Паёмбари Худо (с) ин оятро тиловат намуданд. **«Ба интизори рӯзе бош, ки осмон**

**дуди ошкореро хоҳад овард,» то ин ҷо, ки «Шумо бозгашткунандагон ҳастед».** *(Духон: 7-15)* **«Яъне агар ин азоб аз шумо рафъ гардад, дубора ба куфр ва туғёни худ бармегардед».** *(Духон: 705).* Ва оё азоби охират баъд аз он ки муқаррар шавад, аз онҳо баргардонда хоҳад шуд ва боз онҳо ба куфри худ баргарданд. Ин маънии ин қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: **«Рӯзе, ки онҳоро бошиддати ҳарчӣ бештар мавриди сазову кайфар қарор диҳем».** *(Духон: 16).* Мурод аз ин рӯз, рӯзи Бадр аст ва рӯзи Бадр ҳатмӣ аст ва мурод аз лизом ба асорат гирифтани куффор дар рӯзи Бадр аст «Алиф, лом, мим, наздик аст ин сарзамини румиёни мағлуб шуданд ва баъд аз мағлуб шудан, дере нахоҳад гузашт, ки дар зарфи чанд сол ғалаба хоҳанд кард».

## БОБИ 47. Қавли Худованд, ки «Ҳеҷ кас намедонад, ки (дар ҷаннат) барояш чӣ чизҳое омода шудааст» *(Саҷда: 17)*

**1760.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Худованди мутаъол мефармояд: Барои бандагони солеҳи худ чизҳоеро омода кардаем, ки на чашме мисли онҳоро дидааст ва на гӯше шунидааст ва на дар дили ҳеҷ башаре хутур намудааст ва ин чизҳо ҳам акнун захира шудааст, бигзор чизеро, ки аз неъматҳои биҳишт дар Қуръон аз он иттилоъ дода шудаед». (Яъне: ҳеҷ гоҳ наметавон неъматҳои биҳиштро ба чизҳое, ки шумо аз он иттилоъ доред, муқоиса намуд). Ва баъд аз он ин ояи каримаро тиловат намуданд: «Ҳеҷ касе намедонад, ки барояш (дар биҳишт) чӣ подошҳои муҳиме, ки равшанибахши дидагон аст, андӯхта шудааст ва ин музди аъмоле аст (ки дар дунё анҷом медоданд».

## БОБИ 48. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Навбати ҳар яке аз ҳамсаронатро, ки хостӣ, ба таъхир бияндоз...» *(Аҳзоб: 51)*

**1761.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Бар занҳое, ки худро ба Паёмбари Худо (с) бахшида буданд, сарзаниш мекардам ва барои онҳо мегуфтам: Оё мешавад, ки зани худро барои дигаре бибахшад ва чун ин ояи муборак нозил гардид, ки **«Навбати ҳар яке аз ҳамсаронатро, ки хостӣ, ба таъхир бияндоз ва ҳар кадомро хостӣ, назди худ биёвар, агар баъзе аз онҳоро, ки бар канор кардаӣ, бихоҳӣ назди худ оварӣ, боке бар ту нест,»** барои Паёмбари Худо (с) гуфтам: Фикр намекунам, ки Парвардигорат дар ваҳй фиристодан ҷуз дар чизе, ки мувофиқи майли худат мебошад, чунин суръат намояд.

**1762.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) баъд аз нузули ин қавли Худованди мутаъол, ки **«Навбати ҳар яке аз ҳамсаронатро, ки хостӣ, ба таъхир бияндоз ва ҳар кадомро хостӣ, назди худ биёвар ва агар баъзе аз онҳоро, ки бар канор кардаӣ, бихоҳӣ назди худ оварӣ, боке бар ту нест,»** аз ҳамсаре, ки рӯзи навбаташ буд, иҷозат

мегирифтанд, (то назди ҳамсари дигарашон бираванд). Ва ман дар ҷавоб барояшон мегуфтам: Ё Расулаллоҳ! Агар ба ихтиёри ман бошад, ман ҳеҷ касеро бар шумо тарҷеҳ намедиҳам (яъне: намехоҳам ҷуз дар канори ман, дар канори дигар азвоҷи мутаххарот бошед).

## БОБИ 49. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ай мӯъминон! Ба хонаҳои паёмбар дохил машавед!» *(Аҳзоб: 53)*

**1763.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе баъд аз нузули ояти ҳиҷоб Савда (р) барои қазои ҳоҷат аз хона берун шуд ва чун зан чоқ ва тануманд буд, бар ҳеҷ кас ки ӯро мешинохт, пӯшида намемонд.

Умар ибни Хаттоб (р) ӯро дида ва гуфт: Ё Савда! Ба Худованд савганд, аз мо пӯшида ва пинҳон нестӣ! Кӯшиш кун, ки ба шакли муносибе берун шавӣ. Ӯ ҳам ин суханро шунида ва баргашта ва Паёмбари Худо (с) дар хонаам хӯроки шабро тановул мекарданд ва дар дасташон порчае гӯште буд, ки Савда (р) дохил гардид ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман барои қазои ҳоҷатам берун шудам, ки Умар (р) бароям чунину чунон гуфт. Ва ҳамон тавре, ки порчаи гӯшт дар дасташон буд, ҳолати ваҳй барояшон зоҳир гардид ва баъд аз зоил шудани осори ваҳй гуфтанд: «Барои шумо иҷозат аст, ки барои бартараф кардани ҳоҷати худ берун шавед».

## БОБИ 50. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Агар чизеро ошкоро намуда ва ё пинҳон созед...» *(Аҳзоб: 54)*

**1764.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Баъд аз ин, ки ҳиҷоб ботил гардид, Афлаҳ, бародари Абулқуъайс омаду иҷозаи дохил шудан хост, гуфтам: То аз Паёмбари Худо (с) напурсам, бароят иҷоза намедиҳам, зеро Абулқуъайс маро шир надодааст (яъне: Модари Абулқуъайс маро шир надодааст, то Афлаҳ бародари разоиям бошад), балки ҳамсари худи Абулқуъайс маро шир додааст. Паёмбари Худо (с) наздам омаданд, гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Афлаҳ, бародари Абулқуъайс иҷоза мехост, ки наздам биёяд, ман бароящ иҷоза надодам. Фармуданд: «Дастҳоят хушк шавад! Барояш иҷоза бидеҳ, ӯ амакат мешавад».

## БОБИ 51. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Худованд ва фариштагонаш бар паёмбар дуруд мефиристанд...» *(Аҳзоб: 56)*

**1765.** Аз Каъб ибни Уҷра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ё Расулаллоҳ! Салом додан бар шуморо ёд дорем, вале дуруд фиристодан бар шумо чӣ гуна аст? Фармуданд: «Бигӯед: Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин, камо саллайта ъаъло Иброҳима иннака ҳамиду-м-маҷид. Алоҳумма борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин камо боракта ъало Иброҳима, иннака ҳамиду-м-маҷид.

**1766.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтем: Ё Расулаллоҳ! Салом додан бар шумо ҳамин аст, ки салом медиҳем, вале дуруд фиристодан бар шумо чӣ гуна аст? Фармуданд: «Бигӯед: Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ъабдика ва расулика камо саллайта ъало Иброҳимма ва борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин камо боракта ъало Иброҳим».

## БОБИ 52. Қавли Худованд, ки: «Монанди касоне набошед, ки Мӯсоро азият намуданд ва Худованд ӯро аз он чӣ, ки бар вай нисбат дода буданд, мубарро сохт» *(Аҳзоб: 69)*

**1767.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Мӯсо (а) шахсе боҳаё буд. Ва ин ҳамон қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: «Эй мӯъминон! Монанди касоне набошед, ки Мӯсоро азият намуданд ва Худованд ӯро аз он чӣ, ки бар вай нисбат дода буданд, мубарро сохт ва ӯ дар назди Худованд боманзилат буд...»

## БОБИ 53. Қавли Худованд, ки: «Ӯ бимрасоне аст, ки шуморо пеш аз вуқӯъи азобе, ки шадид аст, ҳушдор медиҳад...» *(Сабаъ: 46)*

**1768.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) рӯзе болои кӯҳи Сафо баромада ва садо карданд: «Ай мардум!» Қавми Қурайш дар наздашон ҷамъ шуда ва гуфтанд: Чӣ мехоҳӣ? Фармуданд: «Оё агар барои шумо бигӯям, ки душман фардо субҳ ва ё фардо шумо бар шумо ҳамла хоҳад кард, сухани маро бовар мекунед?» Гуфтанд: Бале, бовар мекунем. Фармуданд: «Ман пеш аз он, ки азоби шадиде (дар ин дунё ё дар қиёмат) нозил шавад, шуморо бим медиҳам». Абӯлаҳаб гуфт: Ҳалок шавӣ! Магар моро барои ҳамин сухан ҷамъ карда будӣ? Худованди мутаъол ин ояи каримаро нозил фармуд: **«Таббат ядо абилаҳаб,» яъне: дастҳои Абӯлаҳаб шал шавад».** *(Масад: 1)*

## БОБИ 54. Қавли Худованд, ки: «Ай бандагони ман, ки бар зиёни худатон исроф кардаед...» *(Зумар: 53)*

**1769.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки мардуми мушрик ашхоси бисёреро ба ноҳақ кушта буданд ва хелеҳо зинокорӣ намуда буданд. Инҳо назди Паёмбари Худо (с) омада ва гуфтанд: Он чӣ, ки шумо мегӯед ва моро ба сӯи он даъват мекунед, нек ва писандида аст. Вале агар барои мо каффораи гуноҳони моро нишон диҳед, хуб мешавад. Ҳамон буд, ки ин ояи муборак нозил гардид, ки онон, ки маъбуди дигареро бо Худо намехонанд ва касеро, ки Худо хунашро ҳаром шумурдааст, ҷуз ба ҳақ намекушанд ва зино намекунанд» ва ин ояи муборака нозил гардид, ки «бигӯ, эй бандагони ман, ки ба зиёни худатон исроф кардаед, аз раҳмати Худо ноумед нашавед».

## БОБИ 55. Қавли Худованд, ки: «Ва Худовандро тавре, ки шоистааш буд, арзиш надоданд» *(Фурқон: 68)*

**1770.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳибре (олиме) аз аҳбори яҳуд назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Муҳаммад! Мо (дар Таврот) дидем, ки Худованди осмонҳоро бар як ангушт ва табақоти заминро бар як ангушт ва дарахтонро бар як ангушт ва обу хокро бар як ангушт ва боқии халоиқро бар як ангушт (билокайф) қарор дода ва мегӯяд: подшоҳи (ҳақиқӣ) ман ҳастам. Ва Паёмбари Худо (с) ба тасдиқи сухани он ҳибр ончунон хандиданд, ки дандонҳояшон намоён гардид ва ин ояи муборакро тиловат намуданд: «Ва Худовандро тавре, ки шоистааш буд, арзиш надоданд».

## БОБИ 56. Қавли Худованд, ки: «Тамоми рӯи замин дар рӯзи қиёмат дар қабзаи Ӯ аст» *(Зумар: 67)*

**1771.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Худованд (дар рӯзи қиёмат) заминро қабза мекунад ва осмонҳоро дар ҳам мепечад ва бо яминаш (яъне ба дасти росташ било кайф гирифта ва мегӯяд: Подшоҳи (ҳақиқӣ) ман ҳастам, подшоҳони рӯи замин куҷо ҳастанд?

## БОБИ 57. Қавли Худованди мутаъол: «Ва ҳангоме, ки дар Сур дамида мешавад, ҳамаи касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд, беҳуш мегарданд...» *(Зумар: 68)*

**1772.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Байни ду нафхаи Сур чиҳилто аст? Гуфтанд: Ё Абӯҳурайра! Яъне чиҳил рӯз аст? Гуфт: На. Каси дигаре гуфт: Магар чиҳил сол аст? Гуфт: Намедонам. Боз гуфт: Магар чиҳил моҳ аст? Гуфт: Намедонам ва тамоми аъзои бадани инсон фарсуда мегардад, магар поёнтарин мӯҳраи камар (яъне: аҷабу-з-занби), ки ба ҳоли худ боқӣ мемонад ва халоиқ аз ҳамон мӯҳраи охир таркиб мегарданд».

## БОБИ 58. Қавли Худованди мутаъол, ки: «...ҷуз муҳаббати хешовандӣ чизи дигаре аз шумо талаб намекунам» *(Шӯро: 23)*

**1773.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ қабилае дар Қурайш набуд, магар он, ки Паёмбари Худо (с) бо он қабила қаробате доштанд ва барои Қурайш гуфтанд: «Ман аз шумо дар адои рисолати худ чизе намехоҳам, магар ин, ки силаи қаробатеро, ки байни ман ва шумо аст, ба ҷо оваред (ва ё аҳли қаробати маро дӯст дошта бошед».

## БОБИ 59. Қавли Худованд, ки: «Парвардигоро! Ин азобро аз мо дур кун, имон меоварем» *(Духон: 12)*

**1774.** Ин ҷо ҳадисе аст, ки аз Ибни Масъуд (р) қаблан дар сураи Рум ривоят гардид (мурод аз он ин ҳадиси Ибни Масъуд аст, ки гуфт: Чун қавми Қурайш дар дохил шудан ба Ислом сустӣ ва таъхир намуданд, Паёмбари Худо (с) бар онҳо нафрин намудаву дуо карданд, ки: Худоё! Маро бар ин мардум аз тариқи ҳафтсола қаҳтӣ, ки қавми Юсуфро ба он дучор сохтӣ, мадад намо. Ва ҳамон буд, ки ба қаҳтӣ дучор гаштанд... Ва ин ҳадис ба шумораи 1759 қаблан гузашт).

**1775.** Ва дар ин ривоят ин низ омадааст, ки куффор гуфтанд: Парвардигоро! Ин азобро (ки қаҳтӣ бошад), аз мо дур кун, мо имон меорем). Барои Паёмбари Худо (с) гуфта шуд, ки агар азобро аз эшон дур созем, боз ба куфри худ бармегарданд ва Паёмбари Худо (с) ба даргоҳи Парвардигори худ дуо карданд ва (Худованди мутаъол) азобро аз онҳо дур сохт. (Вале) онҳо дубора ба куфри худ баргаштанд ва ҳамон буд, ки Худованди мутаъол аз онҳо дар рӯзи ҷанги Бадр интиқом гирифт.

## БОБИ 60. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ва моро ҷуз табиъат чизи дигаре ҳалок намесозад...» *(Ҷосия: 24)*

**1776.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд мефармояд: Бани одам маро азият менамояд (ва азияташ) ин аст, ки даҳрро дашном медиҳад ва ман (холиқи) даҳр ҳастам, ҳама чиз ба дасти ман аст, шаб ва рӯзро яке пас аз дигаре меоварам (яъне вақте, ки бани одам ба сабаби мушкилоте, ки ба он дучор мегардад ва даҳрро дашном медиҳад, дарвоқеъ маро дашном медиҳад, зеро Холиқи даҳр ва фоъили ҳақиқӣ ман ҳастам».

## БОБИ 61. Қавли Худованд, ки: «Чун мушоҳида намуданд, ки абр ба тарафи сарзамини онҳо дар ҳоли омадан аст...» *(Аҳқоф: 26)*

**1777.** Аз Оиша (р), ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ гоҳ Паёмбари Худо (с)-ро надидам, ки дар вақти хандидан дохили даҳонашон намоён гардад. Балки хандаашон ҳамеша табассум буд. Ва бақияи ҳадисро, ки қаблан дар китоби «Ибтидои хилқат» гузашт, зикр намуд (ва он ҳадис ба шумораи 1355 қаблан гузашт).

## БОБИ 62. Қавли Худованд, ки: «Ва силаи раҳми худро қатъ манамоед...» *(Муҳаммад: 22)*

**1778.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Худованди мутаъол халоиқро халқ намуд ва чун аз халқ

кардани онҳо фориғ шуд, раҳм бархост ва назди Худованди мутаъол ориз гардид (дар лафзи ҳадис омадааст, ки «Фа ахазат биҳақви-р-раҳмони,» яъне: раҳм аз камарбанди Раҳмон ва ё аз камари Раҳмон гирифт ва албатта ин амр нисбат ба Худованди мутаъол маҳол аст ва уламо гуфтаанд, ки ин чиз киноя аз шиддати илтиҷову зории (раҳм) дар назди Худованди мутаъол аст).

Худованд барояш гуфт: Чӣ мегӯӣ? (Раҳм) гуфт: Ин ҷо ҷойи додхоҳӣ дар назди ту аз қатъи силаи раҳм аст. Худованди мутаъол фармуд: Оё розӣ нестӣ, касе ки ҳаққи туро адо намояд, бар ӯ раҳмат намоям ва касе, ки туро қатъ кунад (ва ҳаққи туро адо накунад), ӯро ба ҳоли худаш вогузорем? (Раҳм) гуфт: Чаро розӣ нестам? Балки розӣ ҳастам. Худованди мутаъол фармуд: Ва чунин хоҳад буд. Абӯҳурайра (р) гуфт: Агар мехоҳед, ин ояи муборакро тиловат намоед: «Оё умедворед, ки бо ба даст гирифтани ҳукумат дар замин ба фасод бархезед ва қатъи раҳм кунед, инон касоне ҳастанд, ки Худо лаънаташон карда ва гӯшҳояшонро кар ва чашмҳояшонро кӯр сохтааст».

**1779.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Агар мехоҳед, ин ояи муборакро тиловат намоед: «Оё умедворед, ки бо ба даст гирифтани ҳукумат дар замин ба фасод бархезед ва қатъи раҳм кунед, инон касоне ҳастанд, ки Худо лаънаташон карда ва гӯшҳояшонро кар ва чашмҳояшонро кӯр сохтааст».

## БОБИ 63. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ва мегӯяд: Оё зиёдтар аз ин ҳам ҳаст?..» *(Қоф: 30)*

**1780.** Аз Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳамаи аҳли дӯзах дар дӯзах андохта мешаванд ва дӯзах мегӯяд: Оё зиёдтар аз ин ҳам ҳаст? То ин, ки (Худованди мутаъол) қадамашро (билокайф) дар дӯзах мегузорад ва дар ин вақт аст, ки дӯзах мегӯяд: бас аст, бас аст».

**1781.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҷаннату дӯзах бо якдигар муҷодала намуданд. Дӯзах гуфт: Ман ҷои мутакаббирин ва саркашонам. Ва ҷаннат гуфт: Чӣ сабаб аст, ки дар ман ҷуз заъифон ва бечорагон каси дигар дохил намешавад?

Худованди мутаъол барои ҷаннат гуфт: Ту раҳмати ман ҳастӣ ва ба василаи ту ҳар касеро аз бандагонам, ки хоста бошам, мавриди раҳмат қарор медиҳам. Ва барои дӯзах гуфт: Ту азоби ман ҳастӣ ва ба воситаи ту ҳар касе аз бандагонамро, ки хоста бошам, мавриди таъзиб қарор медиҳам.

Ҳар яке аз ҷаннат ва дӯзах пур хоҳанд шуд ва дӯзах то он вақт пур намешавад, ки (Худованди мутаъол) пояшро дар он бигзорад ва дар ин вақт дӯзах мегӯяд: бас аст, бас аст, бас аст. Ва дар ин вақт аст, ки дӯзах пур мегардад ва гӯшаву канораш бо ҳам ҷамъ мешавад ва Худованди

мутаъол бар ҳеҷ кас аз халқаш зулм намекунад ва ҳарчӣ, ки ҷаннат аст, Худованди мутаъол барояш мардумонеро халқ менамояд».

## БОБИ 64. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Қасам ба Тур ва ба китоби навишташуда...» *(Тур: 1-2)*

**1782.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки сураи Турро дар намози шом мехонданд ва чун ба ин оят расиданд, ки **«Оё бидуни сабаб офарида шудаанд ё худ холиқи хешанд ё осмону заминро офариданд».**

**«Балки ба яқин нарасидаанд ё ганҷҳои Парвардигорат назди онҳост ё бар ҳамаи чиз тасаллут доранд,»** *(Тур: 35-37)* наздик буд, ки қалбам аз синаам хориҷ шавад (зеро дар ин оят бо қавитарин ваҷҳ бар куффор итмоми ҳуҷҷат шудааст, ки ҳеҷ ҷое барои инкори онҳо боқӣ намемонад.

## БОБИ 65. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Оё Лот ва Узоро дидед?» *(Наҷм: 19)*

**1783.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки савганд мехӯрад ва дар савганди худ Лот ва Узоро ёд мекунад, бояд бигӯяд «Ло илоҳа иллаллоҳ» ва касе, ки ба дигаре мегӯяд: Биё, ки қиморбозӣ кунем, бояд садақа бидиҳад (то кафорае барои ин сухани ношоистааш гардад».

## БОБИ 66. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Балки мавъиди онҳо рӯзи қиёмат аст ва рӯзи қиёмат мусибатбортар ва талхтар аст...» *(Қамар: 46)*

**1784.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки ман духтараки хурдсоле будам ва бозӣ мекардам, дар Макка ин оят ба Муҳаммад (с) нозил гардид: «Балки мавъиди онҳо рӯзи қиёмат аст ва рӯзи қиёмат мусибатбортару талхтар аст».

## БОБИ 67. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ғайр аз ин ду бӯстон ду бӯстони дигар аст...» *(Ар-раҳмон: 62)*

**1785.** Аз Абдуллоҳи Қайс (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ду ҷаннат аст, ки зарфҳои он ва ҳар чӣ, ки дар он мавҷуд аст, аз нуқра аст ва ду ҷаннат аст, ки зарфҳои он ва ҳар чӣ, ки дар он мавҷуд аст, аз тилло аст. Дар ҷаннати адн байни мардум ва байни ин, ки ба Парвардигорашон нигоҳ кунанд, ба ҷуз Ридои Кибриёӣ, ки бар ваҷҳи (Худованди мутаъол аст) чизи дигаре қарор дорад (ридои

Кибриёй) аз умуре аст, ки фаҳми ҳақиқат ва кайфияти он барои башар имконпазир нест ва бояд ба он имон овард ва аз ҷустуҷӯи ҳақиқат ва кайфияти он худдорӣ намуд».

## БОБИ 68. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ҳурҳое, ки дар саропардаҳо мастуранд...» *(Ар-раҳмон: 72)*

**1786.** Аз Абдуллоҳ ибни Қайс (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дар ҷаннат хаймае аст аз марвориди миёнхолӣ, ки арзи он шаст мил аст, дар ҳар гӯшаи он мардуме аст, ки мардумони он гӯшаи дигарро намебинанд. Мӯъминин ба тамошои касоне, ки дар ин хайма қарор доранд, меоянд». Ва бақияи ҳадис ҳамакнун гузашт (ба ҳадиси 1785 муроҷиъа кунед).

## БОБИ 69. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Душмани ман ва душмани худро барои худ дӯст интихоб накунед» *(Мумтаҳина: 1)*

**1787.** Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ман ва Зубайр ва Миқдод (р)-ро фиристоданд. Ва ҳадиси Хотиб ибни Балтаъаро зикр намуда, дар охири он гуфт, ки ва ин оят нозил гардид: «Эй мусалмонон! Душмани ман ва душмани худро барои худ дӯст интихоб накунед».

## БОБИ 70. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ҳангоме, ки занҳои мусалмон назди ту омаданд ва бо ту байъат карданд, ки...» *(Мумтаҳина: 12)*

**1788.** Аз Умми Атия (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) байъат намудем ва эшон ин оятро бар мо тиловат намуданд: **«...ҳаргиз ба Худо шарик наварзанд...»** ва моро аз навҳа кардан манъ фармуданд ва зане дасти худро аз байъат кашид (ин зан худи Атия буд) ва гуфт: Фалон зан бо ман навҳа кардааст ва ман мехоҳам, ки (муқобили навҳааш) муздашро бидиҳам (Яъне: барояш навҳа кунам). Паёмбари Худо (с) барояш чизе нагуфтанд, он зан рафт (ва баъд аз навҳа кардани барои он зан) баргашт ва байъат намуд.

## БОБИ 71. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Ва Паёмбарро) дар мардуми дигаре, ки ба онҳо напайвастанд, низ мабъус сохтем...» *(Ҷумъа: 3)*

**1789.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) нишаста будем, ки сураи «Ҷумъа» нозил гардид Ва аз он ҷумла ин

ояи карима, ки **«(ва паёмбарро) барои мардуми дигаре, ки ба онҳо напайвастанд, низ мабъус сохтем».** Гуфт: Ё Расулаллоҳ! Инҳо кистанд? Ва Паёмбари Худо (с) мутаваҷҷеҳ нашуданд, то он, ки се бор аз эшон суол намудам ва Салмони Форсӣ (р) низ дар он маҷлис вуҷуд дошт, Паёмбари Худо (с) дасти худро бар сари Салмон ниҳода ва фармуданд: «Агар имон дар сураё бошад, ашхосе ва ё шахсе аз ин мардум онро дархоҳанд ёфт».

## БОБИ 72. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Он гоҳ, ки мунофиқон назди ту омада ва гуфтанд: Шаҳодат медиҳем, ки ту фиристодаи Худо ҳастӣ...» *(Мунофиқун: 1)*

**1790.** Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар яке аз ғазавот будам, ки аз Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул (р) (саркардаи мунофиқон) шунидам, ки мегуфт: Барои касоне, ки назди Расулуллоҳ мебошанд, чизе надиҳед, то аз наздаш пароканда шаванд. (Яъне аз фақр ва бечорагӣ Паёмбари Худо (с)-ро бигзоранд ва ба талаби маъишату зиндагӣ бароянд). Ва ҳангоме, ки ба Мадина баргардем, ашхоси боиззат ва обрӯманд, мардуми паст ва залилро аз ин шаҳр берун хоҳанд кард.

Ин хабарро ба амакам (ки Саъд ибни Убода (р)), расондам ва ӯ ин суханро барои Паёмбари Худо (с) расонд. Эшон маро хостанд ва ман он чиро, ки шунида будам, бароям гуфтам. Паёмбари Худо (с) Абдуллоҳ ибни Убай (р) ва ёрони вайро талабиданд ва онҳо савганд ёд карданд, ки чунин сухане нагуфтаем. Паёмбари Худо (с) сухани ӯро қабул карданд ва маро такзиб намуданд. Ончунон андӯҳе ба ман рух дод, ки дар умри худ ба чунин андӯҳе гирифтор нашуда будам ва дар хонаи худ нишастам. Амакам омад ва бароям гуфт: Магар дигар коре надоштӣ, ки худро дар назди Паёмбари Худо (с) дурӯғгӯй муаррифӣ карда ва сабаби қаҳру ғазаби эшон нисбат ба худ гардидӣ? Ва ҳамон буд, ки Худованди мутаъол ин оятро нозил гардонд, ки **«Он гоҳ мунофиқон назди ту омада...»** Ва Паёмбари Худо (с) маро назди худ хостанд ва ин ояи муборакро тиловат намуда фармуданд: «Эй Зайд, Худованд сухани туро тасдиқ намуд».

**1791.** Ва аз Зайд ибни Арқам (р) дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мунофиқонро талабиданд, то барои онҳо талаби мағфират намоянд, вале онҳо аз ин кор худдорӣ намуданд.

**1792.** Ва аз Зайд ибни Арқам (р) дар ривояти дигар омадааст аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Илоҳо! Ансор ва авлоди Ансорро биёмурз». Ва ровӣ дар ин, ки авлод, авлоди Ансорро низ гуфта бошанд, дар шак аст.

## БОБИ 73. Қавли Худованд: «Эй Паёмбар, чаро чизҳоеро, ки Худованд бароят ҳалол кардааст, ҷиҳати хушнудии ҳамсаронат бар худ ҳаром мегардонӣ?» *(Таҳрим: 1)*

**1793.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар назди Зайнаб бинти Ҷаҳаш (р) асал мехӯрданд ва наздаш будубош мекарданд. Ман ва Ҳафса бо ҳам иттифоқ кардем, ки чун Паёмбари Худо (с) назди ҳар кадоми мо омаданд, бигӯем: Магар (мағофир) хӯрдаед? (Мағофир гиёҳе аст саҳроӣ ва бадбӯй). Аз даҳани шумо бӯи мағофир меояд. Чун ин суханро ба эшон гуфтем), фармуданд: «На! Чизе асал дар назди Зайнаб бинти Ҷаҳаш тановул намудам, вале дигар бор аз он асал нахоҳам хӯрд ва ба ин чиз савганд хӯрдаам ва набояд аз ин мавзӯъ ба касе чизе бигӯӣ...»

## БОБИ 74. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Кинтӯз ва расвои маъруф аст». *(Қалам: 13)*

**1794.** Аз Ҳорис ибни Ваҳаби Хузоъӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Оё намехоҳӣ, ки туро аз аҳли биҳишт хабар диҳам? (Аҳли биҳишт мардумони заъифу нотавон ҳастанд, ки агар дар бораи чизе ба Худо савганд бихӯранд, Худованд сухани онҳоро рост месозад). Ва оё намехоҳӣ, ки туро аз аҳли дӯзах хабар диҳам?» Аҳли дӯзах мардумони саркаш, фарбеҳ, худхоҳу мустакбире ҳастанд).

## БОБИ 75. Қавли Худованди мутаъол, ки: «Рӯзе, ки кор боло гирад ва ба саҷда кардан даъват гарданд» *(Қалам: 43)*

**1795.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Парвардигори мо (дар рӯзи қиёмат) соқашро бараҳна менамояд (било кайф) ва ҳар марду зани мӯъмине бароящ саҷда мекунанд, вале касоне, ки дар дунё ба ҷиҳати риёӣ ва сумъа саҷда мекарданд, мехоҳанд, ки саҷда намоянд, вале пушти онҳо монанди табақе рост қарор мегирад (ва қудрат ба саҷда кардан пайдо намекунанд).

**1796.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки бо ду ангушти худ, ки ангушти миёна ва ангушти шаҳодат бошад, ишора намуда ва гуфтанд: «Ман ва қиёмат монанди ин ду бо якдигар мабъус гардидем». (Яъне беъсати ман бо омадани қиёмат ончунон наздик аст, ки ин ду ангушт бо ҳам наздик мебошанд ва мурод аз наздикӣ назар ба муддати хилқати кавн аст, на назар ба муддати умри инсон).

**1797.** Аз Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «Касе, ки Қуръонро ҳифз карда ва тиловат менамояд, монанди

малоикаи киром аст ва касе, ки Қуръонро тиловат намуда ва ёд мегирад ва ин кор барояш машаққатовар аст, барои ӯ ду музд аст (музди тиловат ва музди машаққат дар тиловат».

## БОБИ 76. Қавли Худованд, ки: «Рӯзе, ки мардум дар ҳузури Парвардигори ҷаҳониён меистанд» *(Мутаффифин: 6)*

**1798.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Рӯзе, ки мардум дар ҳузури Парвардигори ҷаҳониён меистад, (рӯзе аст, ки) мардум дар араќи худ то ду нармаи гӯш фурӯ мераванд...»

## БОБИ 77. Қавли Худованд, ки: «Ба осонӣ ҳисобро мегузаронд...» *(Иншиқоқ: 8)*

**1799.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳар касе, ки (дар рӯзи қиёмат) мавриди муҳосаба қарор гирад, ҳалок мешавад». Ва бақияи ҳадис дар боби илм гузашт (ва бақияи он ин аст, ки Оиша (р) гуфт: пурсидам: Оё Худованд нагуфтааст, ки ба зудӣ муҳосабаи осоне хоҳад шуд, фармуданд: Ин марҳилаи пеш шудан ба ҳисоб аст, вале касе, ки ба таври дақиқ муҳосиба шавад, ҳалок мегардад. Ва ин ҳадис ба шумораи 88 қаблан гузашт».

## БОБИ 78. Қавли Худованди мутаъол: «Ба ҳолоти гуногуне мувоҷеҳ хоҳед шуд...» *(Иншиқоқ: 19)*

**1800.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Маънии ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: **«ба ҳолоти гуногуне мувоҷеҳ хоҳед шуд»**, ин аст, ки ҳолате баъд аз ҳолати дигар бар шумо хоҳад омад, ин маъниро Паёмбари шумо (с) гуфтаанд.

## БОБИ 79

**1801.** Аз Абдуллоҳ ибни Замъа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) ҳангоми хутба додан шунидем, ки аз шутури Солеҳ (ъ) ва касе, ки шикамашро дарида буд, ёд карда ва фармуданд: «Вақте, ки бадтарини он қавм (барои куштани шутур) бархост, ин шахси қавӣ ва боҷуръат ва шахси бошарорате буд ва дар айни ҳол шахсе буд, ки монанди Абӯзамъа ақвом ва хешовандони зиёде дошт».

Баъд аз он ба мавзӯъи занҳо ишора намуда ва фармуданд: «Баъзе аз шумо занашро ба монанди он, ки ғуломашро бизанад, лату кӯб менамояд ва чи басо, ки дар охири ҳамон рӯз ба ҳамон ҳамсараш ҳамбистар гардад».

Баъд аз он дар мавриди ханда кардан ба касе, ки аз вай боде хориҷ мешавад, ваъз карданд (яъне онҳоро аз ин кор наҳй карданд) ва гуфтанд: «Чаро агар аз касе боде хориҷ мешавад, ханда мекунед?»

(Маънояш ин нест, ки берун кардани бод аз дубур амри одӣ аст ва набояд ба он хандид, балки маънояш ин аст, ки набояд чунин коре кард ва сабаби хандаи дигарон шуд). Ва аз Абдуллоҳ ибни Замъа (р) дар ривояти дигар омадааст, ки Паёмбари Худо (с) ба ҷои Абӯзамъа гуфтанд: «Монанди Абӯзамъа амаки Зубайр ибни Аввом».

## БОБИ 80. Қавли Худованд, ки: «Агар аз ин кораш даст барнадорад...» *(Алақ: 15)*

**1802.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯҷаҳл гуфт, ки агар Муҳаммадро бубинам, ки дар наздики хонаи Каъба намоз мехонад, бар гарданаш савор мешавам. Чун ин хабар барои Паёмбари Худо (с) расид, фармуданд: «Агар хоста бошад, чунин бикунад, малоикаи (азоб) ӯро хоҳанд гирифт».

## БОБИ 81

**1803.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар қазияи баромади худ ба осмон фармуданд: «Дар он ҷо ба наҳре расидем, ки ду канори он аз марвориди миёнхолӣ сохта шуда буд, аз Ҷабраил (ъ) пурсидам: Ин чист? Гуфт: Ин Кавсар аст».

**1804.** Чун аз Оиша (р) аз маънии ин ояти карима, ки **«Мо бароят Кавсарро додаем,»** *(Кавсар: 1)* суол шуд, гуфт: Кавсар иборат аз наҳре аст, ки ду канори он аз дурри миёнхолӣ сохта шудааст ва зарфҳое (ки ба онҳо менӯшанд), ба шумораи ситораҳост.

**1805.** Аз Убай ибни Каъб (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Паёмбари Худо (с) дар мавриди Муъаввазатайн (яъне сураи «Нос» ва «Фалақ») пурсиш намудем, фармуданд: «Чизе бароям гуфта шуд ва ман гуфтам» (яъне ин ду сура бароям ваҳй шуд ва ман гуфтам, ки аз ваҳй аст). Ва мо ҳам ҳамон чизеро мегӯем, ки Паёмбари Худо (с) гуфтанд.

# – 59 –
# КИТОБИ ФАЗОИЛИ ҚУРЪОН

## БОБИ 1. Ваҳй чӣ гуна нозил гардид? Ва аввалин чизе, ки нозил шуд, чӣ буд?

**1806.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳеҷ паёмбаре нест, магар он, ки барояш мӯъҷизаи муносибе, ки башар ба он имон биоварад, дода шудааст ва мӯъҷизаи ман ваҳй аст, ки Худованд бар ман фиристодааст ва умедворам, ки дар рӯзи қиёмат пайравони ман аз пайравони ҳамаи паёмбарон бештар бошанд."

**1807.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Худованди мутаъол пеш аз вафоти Расули акрам (с) нузули ваҳйро бар вай зиёд намуд, то ҷое, ки ваҳй дар ин вақт аз ҳар вақти дигар бештар буд ва сипас Паёмбари Худо (с) вафот ёфтанд.

## БОБИ 2. Нузули Қуръон бар ҳафт ваҷҳ

**1808.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Ҳишом ибни Ҳаким шунидам, ки сураи "Фурқон"-ро дар замони ҳаёти Паёмбари Худо (с) тиловат мекард. Ба қироаташ гӯш додам, дидам, тавре мехонад, ки ман аз Паёмбари Худо (с) нашнида будам, чизе намонда буд, ки дар ҳолати намоз бо вай даровезам, вале сабр кардам, то намоз тамом шуд, аз гиребонаш гирифта, гуфтам: Ин сурарo барои ту кӣ ба ин шакл хондааст? Гуфт: Паёмбари Худо (с) бароям чунин хондаанд: Гуфтам: Дурӯғ мегӯӣ, зеро Паёмбари Худо (с) бароям ба шакли дигаре хондаанд.

Ӯро гирифтам ва назди Паёмбари Худо (с) бурда, гуфтам: Ин шахс сураи "Фурқон"-ро ба шакле мехонад, ки шумо барои ман нахондаед. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ӯро бигзор (ва гуфтанд), эй Ҳишом, бихон!" Ва ӯ ба ҳамон шакле, ки ман аз ӯ шунида будам, он сурарo қироат кард. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба ҳамин шакл нозил шудааст." Баъд аз он фармуданд: "Эй Умар, ту бихон." Ман ба ҳамон қироате, ки Паёмбари Худо (с) бароям хонда буданд, қироат намудам, фармуданд: "Ба ҳамин шакл нозил шудааст. Ин Қуръон ба ҳафт қироат нозил шудааст, ба ҳар қироате, ки барои шумо осонтар бошад, ба ҳамон қироат бихонед."

## БОБИ 3. Ҷабраил (а) Қуръонро барои Паёмбари Худо (с) такрор мекард

**1809.** Аз Фотима (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба гӯшам гуфтанд, ки: "Ҷабраил ҳар сол Қуръонро бароям як бор такрор мекард, вале имсол ду бор такрор кард ва фикр намекунам, ҷуз ин, ки аҷалам расидааст, сабаби дигаре дошта бошад."

**1810.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба Худо савганд, ки ҳафтоду чанд сураи Қуръонро аз даҳони худи Паёмбари Худо (с) шунидам (ва дар ҳадис калимаи бизъ омадааст. Ва ин лафз киноят аз ададе аст, ки байни се то нӯҳ бошад, пас Ибни Масъуд (р) байни ҳафтоду се то ҳафтоду нӯҳ сураро шифоҳан аз худи Паёмбари Худо (с) ва бақияи Қуръонро аз саҳоба (а) шунидааст).

**1811.** Ва аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки дар Ҳимс (Ҳимс шаҳре аст аз шаҳрҳои Шом) "сураи Юсуф"-ро тиловат менамуд, шахсе бароящ гуфт: ба ин шакл нозил нашудааст. Ибни Масъуд (р) гуфт: Ба ҳамин шакл назди Паёмбари Худо (с) тиловат намудам ва эшон бароям гуфтанд: "Аҳсанта." Ва чун аз он шахс бӯи шароб меомад, Ибни Масъуд (р) бароят гуфт: Ҳам шароб мехӯрӣ ва ҳам Қуръони Худоро такзиб менамоӣ? Ва ҳадди шаробхӯриро бар вай ҷорӣ сохт.

## БОБИ 4. Фазилати "Қул ҳуваллоҳу аҳад"

**1812.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки шахсе аз дигаре шунид, ки "Қул ҳуваллоҳу аҳад"-ро ба таври мукаррар тиловат менамояд. Чун субҳ шуд, назди Паёмбари Худо (с) омад ва дар ҳоле, ки ин сура дар назараш камаҳамият менамуд, мавзӯъро барояшон гуфт. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯ аст, ки ин сура баробари аз се як ҳиссаи Қуръон аст)."

**1813.** Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои саҳоба фармуданд: "Оё аз хондани аз се як ҳиссаи Қуръон дар як шаб оҷиз ҳастед? (Яъне набояд оҷиз бошед). Ин чиз бар онҳо мушкил тамом шуд ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз куҷо чунин тоқате дорем? Фармуданд: "Аллоҳул воҳиду-с-самад" аз се як ҳиссаи Қуръон аст."

## БОБИ 5. Фазилати Муъаввизот

**1814.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳар шабе, ки дар бистари хоби худ мерафтанд, кафи дастҳои худро ба ҳам ҷамъ карда ва дар онҳо сураи "Қул ҳуваллоҳу аҳад," "Қул аъузу бираббил фалақ" ва "Қул аъзубираббин-нос"-ро медамиданд ва дастҳои худро бар сар ва бар қисмати пеш рӯи бадани худ ва баъд аз он ба тамоми бадан худ мекашиданд ва ин амалро се бор такрор менамуданд.

## БОБИ 6. Тиловати Қуръон сабаби нузули малоика ва оромиши хотир мегардад

**1815.** Ривоят аст, ки Усайд ибни Ҳузайр (р) дар яке аз шабҳо, ҳангоме, ки сураи "Бақара"-ро тиловат мекард ва аспаш дар наздаш баста буд, дид, ки аспаш ба ҳаяҷон омаду шурӯъ ба саркашӣ намуд. Чун сокит шуд, аспаш ҳам ором гирифт ва чун дубора шурӯъ ба тиловат намуд, боз ҳам аспаш ба ҳаяҷон омад ва шурӯъ ба саркашӣ намуд ва боз чун сокит шуд, асп ҳам ором гирифт. Боз ба тиловат шурӯъ кард, асп дубора ба ҳаяҷон омад ва ҳамон буд, ки аз тиловати Қуръон даст кашид ва чун писараш Яҳё дар он наздикӣ буд, тарсид, ки мабодо асп ӯро лагадмол намояд. Аз ин ҷиҳат, рафт ва писарашро бардошт ва барои он, ки чашмаш ба асп наафтад, рӯяшро ба тарафи осмон баланд намуд.

Чун субҳ шуд, моҷароро барои Паёмбари Худо (с) ҳикоят намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Эй Ибни Ҳузайр! Бояд ба тиловатат идома медодӣ, эй Ибни Ҳузайр, бояд ба тиловатат идома медодӣ." Ибни Ҳузайр гуфт: Ё Расулаллоҳ! Тарсидам, ки мабодо асп фарзандам Яҳёро, ки дар он наздикӣ буд, лагадмол намояд ва ҳангоме, ки назди фарзандам рафтам, сарамро ба тарафи осмон баланд намуда будам, дар ин вақт дидам, ки монанди абре, ки дар он чароғҳое бошад, дар осмон дида мешавад ва аз тарс аз он ҷо дур гардидам. Фармуданд: "Оё нафаҳмидӣ, ки онҳо чӣ буданд?" Гуфтам: На. Фармуданд: "Онҳо малоика буданд, ки ҷиҳати шунидани овози ту наздик шуда буданд ва агар ба тиловати худ идома медодӣ, мардум меомаданд ва онҳоро мушоҳида мекарданд ва онҳо пинҳон намешуданд."

## БОБИ 7. Ғибта (рашку ҳасад) хӯрдан ба қории Қуръон

**1816.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳасад ҷуз дар ду маврид дар ҷои дигар раво нест, яке ба касе, ки Худованд Қуръонро барои вай омӯхтааст ва ӯ шабу рӯз ба хондани он машғул аст ва ҳамсояаш овози ӯро шунида мегӯяд: Эй кош ман ҳам Қуръон хонданро ёд медоштам, то мисли ӯ ҳамеша тиловат менамудам. Дуввум касе аст, ки Худованд барояш молу дороӣ дода ва ӯ он молро дар роҳи ҳақ сарф менамояд. Шахсе (ӯро дида) мегӯяд: Эй кош ман ҳам мисли ӯ молу дороӣ медоштам, то монанди ӯ дар роҳи ҳақ харҷ менамудам." (Мурод аз ҳасад дар ин ҳадис ғибта аст ва ғибта ҳалол ва ҳасад ҳаром аст ва фарқ байни ҳасад ва ғибта он аст, ки ҳасад орзуи заволи неъмат аз дигарон ва ғибта ҳусули неъмат барои худаш мебошад.

## БОБИ 8. Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро омӯхта ва барои дигарон меомӯзад

**1817.** Аз Усмон (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро омӯхта ва ба дигарон меомӯзад."

**1818.** Ва аз Усмон (р) дар ривояти дигар омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Яқинан, ки фозилтарини шумо касе аст, ки Қуръонро омӯхта ва барои дигарон меомӯзад."

## БОБИ 9. Ҳифз кардани Қуръон ва такрор намудани он

**1819.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Қории Қуръон монанди соҳиби шутуре аст, ки ӯро бастааст. Агар ҳамон тавр ӯро нигаҳ дорад, наздаш хоҳад монд. Ва агар ӯро раҳо кунад, аз наздаш хоҳад рафт." (Яъне агар Қуръонро бихонад ва такрор намояд, ба ёдаш мемонад ва агар таркаш карда ва нахонад, аз ёдаш меравад).

**1820.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чӣ қадар бад аст касе, ки мегӯяд фалон ва фалон оятро фаромӯш кардаам. Балки дар воқеъ онро фаромӯш сохтааст (яъне: Қуръон худ ба худ фаромӯш нашудааст, балки ин шахсе аст, ки ба сабаби нахондан ва такрор накардан Қуръонро фаромӯш кардааст). Қуръонро ба хотир биспоред, зеро Қуръон дар фаромӯш шудан аз синаи инсон нисбат ба гурехтани ҳайвон аз назди (соҳибаш) сареътар аст."

**1821.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Қуръонро такрор намоед, савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ки Қуръон аз шутуре, ки зонуяш баста аст, гурезонтар аст."

## БОБИ 10. Мад кашидан ҳангоми қироат

**1822.** Ривоят аст, ки касе аз Анас ибни Молик (р) пурсид: Қироати Паёмбари Худо (с) чӣ гуна буд? Гуфт: Қироати (Паёмбари Худо (с) ҳамроҳ бо мад кашидан буд ва "Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим"-ро тавре қироат менамуданд, ки дар "Бисмиллоҳ" ва дар "раҳмони" ва дар "раҳим" мад мекашиданд.

## БОБИ 11. Хушовозӣ дар қироат

**1823.** Ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барои Абӯмӯсо (р) гуфтанд: "Эй Абӯмӯсо! Бароят мизморе аз мазомири Довуд (ъ) дода шудааст."

## БОБИ 12. Қуръон бояд дар чанд вақт як бор хонда шавад?

**1824.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Падарам зани бонасаберо бароям ба никоҳ дод. Гоҳе меомаду аз он зан чигунагии зиндагии шавҳарашро мепурсид, он зан мегуфт: Беҳтарин шахс аст. Аз вақте, ки ба хонааш омадаам, дар бистарам наёмада ва бо ман ҳамбистар нашудааст. Чун ин суханон чандин бор такрор гардид, Амр беш аз ин таҳаммул накарда ва мавзӯъро ба иттилоъи Паёмбари Худо (с) расонид, эшон фармуданд: "Абдуллоҳ, фарзандатро (назди ман биёвар)." (Чун маро наздашон овард,) пурсиданд: "Чӣ гуна рӯза мегирӣ?" Гуфтам: Ҳама рӯз. Пурсиданд: "Қуръонро чӣ гуна хатм мекунӣ?" Гуфтам: Дар ҳар шаб. Фармуданд: "Дар ҳар моҳ се рӯз рӯза бигир ва Қуръонро дар ҳар моҳ як бор хатм кун."

Гуфтам: Аз ин бештар қудрат дорам. Фармуданд: "Дар ҳар ҳафта се рӯз рӯза бигир." Гуфтам: Аз ин бештар қудрат дорам. Фармуданд: "Ду рӯз бихӯр ва як рӯз рӯза бигир." Гуфтам: Аз ин бештар тоқат дорам. Фармуданд: "Ба беҳтарин рӯза, ки рӯзаи Довуд (а) аст, рӯза бигир, як рӯз бихӯр ва як рӯз рӯза бигир ва дар ҳар ҳафт рӯзе як бор Қуръонро хатм кун." Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Эй кош рухсати Паёмбари Худо (с)-ро қабул мекардам, зеро акнун пир ва заиф шудаам. Ва Абдуллоҳ (р) дар ҳар рӯз аз ҳафт як ҳиссаи Қуръонро дар назди баъзе аз афроди хонаводааш мехонд ва ин хонданаш ба сабаби он буд, ки Қуръон хондани шаб барояш осонтар шавад ва барои он, ки тақвия гардад. Чанд рӯз рӯза намегирифт, вале ҳисоби онро мегирифт, то ба теъдоди ҳамон рӯзҳо рӯза бигирад, зеро намехост ибодатеро, ки дар замони Паёмбари Худо (с) анҷом медод, дар охири умраш анҷом надиҳад.

## БОБИ 13. Гуноҳи касе, ки Қуръонро риёӣ мехонад ва ё аз хондани он молеро дарёфт медорад

**1825.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Мардуме дар шумо пайдо хоҳанд шуд, ки шумоён намоз ва рӯза ва дигар аъмоли неки худро нисбат ба намоз ва рӯза ва дигар аъмоли неки онҳо ночиз мешуморед ва инҳо гарчӣ Қуръон мехонанд, вале Қуръон хондани онҳо аз ханҷараҳояшон таҷовуз намекунад (яъне ба қалби онҳо таъсире надорад) ва аз дин бо чунон суръате хориҷ мегарданд, ки тир аз камон хориҷ мегардад. Агар инсон ба сари найза нигоҳ кунад, чизеро намебинад ва агар ба чӯби тир нигоҳ кунад, чизеро намебинад. Ва агар ба парҳои тир нигоҳ кунад, чизеро намебинад ва чизе, ки дар боқӣ будани он ба иштибоҳ меафтад (ки шояд бошад ва ё набошад), қисмати поёни тир аст."

**1826.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Шахси мӯъмине, ки Қуръон мехонад ва ба он амал

мекунад, монанди себе аст, ки маззааш гуворо ва бӯяш хушоянд аст ва мӯъмине, ки Қуръон намехонад, вале ба он амал мекунад, монанди хурмо аст, ки маззааш гуворост, вале бӯй надорад ва мунофиқе, ки Қуръон мехонад (ва табъан ба он амал намекунад), монанди райҳон аст, ки бӯяш гуворо ва маззааш талх аст ва мунофиқе, ки Қуръон намехонад (ва ҳатман ба он амал намекунад), монанди ҳанзала аст (ҳанзала ҳиндувонаи Абуҷаҳл аст), ки маззааш талх ва бӯяш нохушоянд аст."

**1827.** Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Қуръонро то вақте бихонед, ки дили шумо ба он тамоюл дорад ва чун хаста шудед, аз хонданаш сарфи назар намоед."

# - 60 -
# КИТОБИ НИКОҲ

## БОБИ 1. Тарғиби никоҳ

**1828.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Се нафар назди хонаҳои ҳамсарони Паёмбари Худо (с) омаданд ва аз кайфияти ибодати Паёмбари Худо (с) пурсиш намуданд. Чун аз кайфияти ибодати Паёмбари Худо (с) барои онҳо хабар доданд, гӯё онро андак шумурда ва бо худ гуфтанд: Мо куҷову Паёмбари Худо (с) куҷо? Ӯ бахшида шуда аст. Аз ин ҷиҳат, яке аз онҳо гуфт: Ман шабро то субҳ намоз хоҳам хонд. Дигаре гуфт: Ман абадуддаҳр рӯза хоҳам гирифт ва ҳаргиз рӯзаро нахоҳам хӯрд. Ва саввум гуфт: Ман аз зан гирифтан худдорӣ намуда ва ҳеҷ гоҳ издивоҷ нахоҳам кард. Паёмбари Худо (с) омада ва фармуданд: "Шумо будед, ки чунин ва чунон гуфтед? Ба Худованд савганд, ки ман нисбат ба шумо аз Худованд бештар метарсам ва ботақвотарам ва бо вуҷуди ин гоҳе рӯза мегирам ва гоҳе ифтор мекунам. Қисмате аз шабро намоз мехонам ва қисмате аз онро мехобам ва бо занҳо издивоҷ менамоям (Ва ин равиши ман аст) ва касе, ки аз равиши ман рӯй бигардонад, аз ман нест."

## БОБИ 2. Кароҳати зан нагирифтан ва хасӣ (ахта) намудан

**1829.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) (пешниҳод)-и Усмон ибни Мазъунро дар тарки издивоҷ рад карданд. Ва агар барояш иҷоза медоданд, худро хасӣ мекардем.

**1830.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ман шахси ҷавоне ҳастам ва метарсам, ки дар ҳаром воқеъ шавам ва чизе ҳам надорам, ки ба он издивоҷ намоям. Дар ҷавобам сукут намуданд. Боз дубора ин суханро гуфтам ва боз дар ҷавобам сукут намуданд. Бори саввум суханамро такрор намудам, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Эй Абӯҳурайра! Қалами тақдир ба ҳамин сарнавишт хушк шудааст, ё худро хасӣ кун ва ё маро бигзор" (Ин, ки аз Паёмбари Худо (с) барои Абӯҳурайра (р) гуфтанд: "Ё худро хасӣ кун ва ё маро бигзор," барои таҳдид буд, на аз рӯи раво донистани ин кор).

## БОБИ 3. Ба никоҳ гирифтани духтари бикр

**1831.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Агар дар даште биравед ва дар он ҷо дарахтеро бубинед, ки аз он чизе хӯрда шудааст ва дарахти дигареро бубинед, ки даст нахӯрда боқӣ мондааст, шутури худро аз кадоми он ду дарахт мечаронед? Фармуданд: Аз он дарахте, ки даст нахӯрда боқӣ мондааст. Ва мақсади (Оиша (р) ин буд, ки Паёмбари Худо (с) ғайр аз ӯ бо духтари бикре издивоҷ накарда буданд.

## БОБИ 4. Ба никоҳ додани хурдсолон аз тарафи калонсолон

**1832.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ӯро аз Абӯбакр (р) хостгорӣ намуданд. Абӯбакр (р) барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Ман бародари шумо ҳастам. Фармуданд: "Ту бародарам дар дин ва китоби Худо ҳастӣ ва духтарат бароям ҳалол аст."

## БОБИ 5. Кафоат (баробарӣ) дар дин

**1833.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки Абӯҳузайфа ибни Утбата ибни Рабеъа ибни Абдушамс (р), ки дар ғазваи Бадр бо Паёмбари Худо (с) иштирок намуда буд, Солимро, ки ғуломи озодшудаи зане аз Ансор буд, ба фарзандӣ қабул кард ва духтари бародари худ Ҳинд духтари Валид ибни Утбата ибни Рабиъаро бароях ба никоҳ дод. Чунончи ки Паёмбари Худо (с) (Зайд)-ро ба фарзандӣ пазируфта буданд ва одат дар замони ҷоҳилият он буд, ки чун касеро ба фарзандӣ қабул мекарданд, он тифлро ба он шахс нисбат медоданд ва аз вай мерос мебурданд, то ин, ки ин қавли Худованди мутаъол нозил гардид, ки **"Онҳоро ба падарҳояшон нисбат бидиҳед, ин кор дар назди Худованд ба адолат наздиктар аст ва агар падарҳояшонро нашиносед, пас онҳо бародарон ва озодшудагони шумо ҳастанд)."** (*Аҳзоб: 5*)

Ва ҳамон буд, ки чунин ашхосе ба падарҳояшон нисбат дода шуданд ва касе, ки падараш маълум набуд, ғуломи озодшуда ва бародари динии касе мебуд, ки ӯро ба фарзандӣ қабул намуда буд. Саҳла духтари Суҳайл ибни Амри Қиршии Омирӣ, ки ҳамсари Абӯҳузайфа ибни Утба буд, назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Мо фикр мекардем, ки Солим фарзанди мо аст ва Худованд он чиро, ки худат медонӣ, нозил фармудааст (яъне, акнун фарзанди мо маҳсуб намегардад). Ва бақияи ҳадисро зикр намуд.

**1834.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) назди Зубоъа духтари Зубайр (р) рафта ва фармуданд: "Шояд қасди ҳаҷ рафтанро дорӣ?" Гуфт: Ба Худованд савганд, монеъи дигаре ҷуз беморияи нест. Фармуданд: "Ба ҳаҷ бирав ва шарт кун ва бигӯй, ки

Худоё, ба ҳаҷ рафтанам то ҷоест, ки бароям тавони рафтанро бидиҳӣ." Ва Зубоъа ҳамсари Микдод ибни Асвад буд.

**1835.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Зан ба сабаби чаҳор чиз ба никоҳ гирифта мешавад. Ба сабаби моли он, ба сабаби насаби он, ба сабаби ҷамоли он, ба сабаби дини он. Ва ту бояд зани диндорро ихтиёр намоӣ ва агар чунин накунӣ, дастҳоят ба хок шавад."

**1836.** Аз Саҳл ривоят аст, ки гуфт: Шахси сарватманде аз пеши рӯи Паёмбари Худо (с) гузашт (маълум нест, ки ин шахс кӣ буд). Пурсиданд: Дар мавриди ин шахс чӣ назар доред? Гуфтанд: "Лаёқати онро дорад, ки агар аз касе хостгорӣ кунад, ба никоҳаш бидиҳанд ва агар шафоати касеро, ки бикунад, шафоаташ қабул шавад ва агар чизе бигӯяд, ба суханаш гӯш дода шавад. Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) сукут намуданд ва дере нагузашта, ки шахсе аз фақирҳои мусалмонон аз он ҷо гузашт, фармуданд: Дар мавриди ин шахс чӣ мегӯед? Гуфтанд: Шахсе аст, ки агар хостгорӣ кунад, набояд ба ӯ зан дод ва агар шафоати касеро бикунад, набояд шафоаташро қабул намуд ва агар чизе бигӯяд, набояд ба суханаш гӯш дод." Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ин шахс аз он шахси аввал агарчанде амсолаш рӯи заминро пур кунанд, беҳтар аст."

## БОБИ 6. Парҳез намуданд аз шуми зан ва маънии ин қавли Худованди мутаъол, ки: "Баъзе аз ҳамсарон ва фарзандони шумо душманони шумо ҳастанд" *(Тагобун: 14)*

**1837.** Аз Усома ибни Зайд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Баъд аз худ фитнаеро зарарноктар аз зан барои мардҳо ба ҷо нагузоштаам."

## БОБИ 7. "Ва ҳаром аст бар шумо никоҳи модарҳое, ки шуморо шир додаанд ва..." *(Нисо: 23)*

**1838.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки касе барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Чаро бо духтари Ҳамза (р) издивоҷ намекунед? Фармуданд: "Ӯ бародарзодаи разоъии ман аст."

**1839.** Ривоят аст, ки Оиша (р) овози шахсеро шунид, ки иҷозати дохил шудан ба хонаи Ҳафса (р)-ро мехоҳад. Оиша (р) мегӯяд: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ин шахс кист, ки иҷозаи дохил шудан ба хонаи шуморо мехоҳад? Фармуданд: "Фикр мекунам, фалонӣ бошад." Ва он шахс амаки разоъии Ҳафса (р) буд. Оиша (р) пурсид: Фалонӣ, ки амаки разоъиям мебошад, агар зинда мебуд, раво буд, ки наздам биёяд? Фармуданд: "Бале, ширхорагӣ ҳамон касеро ҳаром мекунад, ки валодат ҳаром мекунад."

**1840.** Аз Умми Ҳабиба, духтари Абӯсуфён (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Хоҳарам духтари Абӯсуфёнро ба никоҳ бигиред (ин духтар номаш Аза бинти Абӯсуфён буд), фармуданд: "Оё чунин чизеро мехоҳӣ?" Гуфтам: Бале, ман ягона ҳамсари шумо нестам ва мехоҳам касе, ки дар ин ифтихор бо ман шарик шавад, хоҳарам бошад. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ин бароям раво нест." (зеро ба никоҳ гирифтани хоҳари Умми Ҳабиба аз тарафи Паёмбари Худо (с) сабаби ҷамъи байни хоҳарон мегардид ва ин кор ба насси Қуръони карим ҳаром аст). Гуфтам: Мо фикр мекунем, ки шумо мехоҳед духтари Абусаламаро ба никоҳ бигиред. Фармуданд: "Духтари Умми Саламаро?" Гуфтам: Бале. Фармуданд: "Агарчанде, ки ӯ парвардаам набошад ва зери сарпарастии ман бузург нашуда бошад ҳам, бароям раво нест. Ӯ хоҳарзодаи разоии ман мебошад. Сувайба ман ва Абӯсаламаро боҳам шир додааст, шумо (никоҳи) духтарон ва хоҳарони худро бароям пешниҳод накунед."

## БОБИ 8. Касе, ки мегӯяд: "Баъд аз ду соли ширхорагӣ собит намешавад..."

**1841.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) наздаш омаданд ва диданд шахсе онҷо нишастааст (гӯянд, ин шахс Ибни Абулқуъайс буд), ранги Паёмбари Худо (с) тағйир ёфт ва гӯё аз ин кор бадашон омад. Оиша (р) гуфт: Ин бародари ман аст. Фармуданд: "Хуб нигоҳ кунед, ки бародари шумо кист, ширхорагӣ вақте собит мешавад, ки дар замони туфулият бошад."

**1842.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз никоҳ кардани зан бо амма ва ё холаи ҳамон зан наҳй фармуданд."

## БОБИ 9. Никоҳи шиғор

**1843.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз никоҳи шиғор наҳй карданд (навъе аз никоҳи дар замони ҷоҳилият, ки марде духтар ё хоҳари худро ба марди дигар ба занӣ ба шарте медод, ки ӯ низ духтар ё хоҳари худро бидуни пардохти маҳр ба вай бидиҳад.

## БОБИ 10. Наҳй фармудани Паёмбари Худо (с) дар охири амр аз никоҳи мутъа

**1844.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ва Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Дар яке аз лашкарҳо будем, (яъне дар яке аз ғазавот будем ва мурод аз он ғазваи Ҳунайн аст), ки Паёмбари Худо (с) назди мо омада ва фармуданд: "Барои шумо иҷоза дода шудааст, ки мутъа кунед, пас мутъа кунед."

## БОБИ 11. Зан метавонад барои шахси солеҳе пешниҳоди издивоҷ бидиҳад

**1845.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки зане худро (барои издивоҷ) ба Паёмбари Худо (с) пешниҳод намуд (Паёмбари Худо (с) рағбат нишон надоданд). Шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ӯро барои ман ба никоҳ бидиҳед, фармуданд: "Чӣ дорӣ?" Гуфт: Ҳеҷ чизе надорам. Фармуданд: "Бирав, ҷустуҷӯ кун, агарчанде ангуштаре аз оҳан бошад." Он шахс рафт ва боз омаду гуфт: Ба Худованд савганд, ҳеҷ чизеро наёфтам, ҳатто ангуштари оҳаниро, вале ҳамин изорро дорам ва ними онро барои ҳамин зан медиҳам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Бо ин изор чӣ метавонад бикунад? Агар ту онро бипӯшӣ, ба ӯ чизе намерасад ва агар ӯ онро бипӯшад, ба ту чизе намерасад." Он шахс нишаст ва баъд аз интизории бисёр бархост, ки биравад. Паёмбари Худо (с) ӯро садо кард ва ё касе ӯро хост, ки назди Паёмбари Худо (с) биравад ва фармуданд: "Аз Қуръон чӣ ёд дорӣ?" Гуфт: Фалон ва фалон сураро. Ва чандин сураро ном бурд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар муқобили он чӣ, ки аз Қуръон ёд дорӣ, ӯро бароят ба никоҳ додем."

## БОБИ 12. Никоҳ кардан ба сӯи зан пеш аз ба никоҳ гирифтани вай

**1846.** Ва дар ривояти дигаре аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Зане назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Ё Расулаллоҳ! Омадаам, то худро барои шумо бибахшам.

Паёмбари Худо (с) хуб ба тарафаш назар карданд ва сари худро поён андохтанд. Ва бақияи ҳадисро зикр намуда ва дар охираш гуфт, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Он чиро, ки аз Қуръон гуфтӣ, азёд хонда метавонӣ?" Гуфт: Бале. Фармуданд: "Бирав! Дар муқобили он чӣ, ки аз Қуръон ёд дорӣ, ӯро бароят ба никоҳ додем."

## БОБИ 13. Касе, ки мегӯяд бидуни будани валӣ никоҳ раво нест

**1847.** Аз Маъқил ибни Ясор (р) ривоят аст, ки гуфт: Хоҳарамро (номи хоҳараш Ҷамила бинти Ясор Мазанӣ буд) барои шахсе ба никоҳ додам (номи ин шахс Абӯбадоҳ ибни Осими Қазоъӣ буд). Ва он шахс ӯро талоқ дод. Чун иддааш ба охир расид, дубора омад ва аз вай хостгорӣ намуд.

Барояш гуфтам: Ба ту эҳтиром намудам ва хоҳарамро бароят ба никоҳ додам ва ӯро ҳамсарат сохтам, вале ту ӯро талоқ додӣ ва акнун дубора омадаӣ ва аз вай хостгорӣ менамоӣ, ба Худованд савганд, ки дигар наздат нахоҳад омад. Ва ӯ шахси баде набуд ва хоҳарам мехост, ки дубора бо ӯ издивоҷ намояд ва ин ояи муборак нозил гардид, ки

"Занҳоро аз издивоҷ кардан бо шавҳарони онҳо манъ накунед." *(Бақара: 232)* Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Акнун (хоҳарамро) барояш ба никоҳ медиҳам. Ровӣ мегӯяд: Ва ҳамон буд, ки хоҳари худро барояш ба никоҳ дод.

## БОБИ 14. Набояд падар ва ё шахси дигаре духтари бикр ва ё зани беваро бидуни ризоияти вай ба никоҳ бидиҳад

**1848.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Зани бева то амр накунад, набояд ба никоҳ дода шавад ва духтари бикр то аз вай иҷоза хоста нашавад, набояд ба никоҳ дода шавад." Пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Иҷоза доданаш чӣ гуна аст? Фармуданд: "Ин, ки сукут намояд."

**1849.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Духтари бикр ҳаё мекунад (Яъне, аз изҳори мувофиқати ошкоро шарм мекунад. Пас чӣ гуна аз вай иҷоза бигирем?) Фармуданд: "Ризоияти ӯ сукут кардани ӯст."

## БОБИ 15. Агар шахсе духтарашро ба никоҳ дод ва духтараш ризоият надошт, никоҳаш мардуд аст

**1850.** Ривоят аст, ки падари Хансоа бинти Хизоми Ансорӣ (р) духтараш Хансоаро, ки зани бева буд, бидуни ризоияти ӯ ба никоҳ дод (Шавҳари аввали Хансоа Унайс ибни Қатода буд ва дар ҷанги Бадр ва ё Уҳуд ба қатл расида буд). Хансоа (р) назди Паёмбари Худо (с) рафта (шикоят намуд). Паёмбари Худо (с) никоҳашро рад намуданд.

## БОБИ 16. Бар болои хостгории бародараш, то он, ки издивоҷ кунад ва ё хостгориро тарк кунад, набояд хостгорӣ кард

**1851.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз харидани чизе бар болои хариди шахси дигар (манъ намуданд). Ва аз хостгорӣ кардан бар болои хостгории шахси дигар низ манъ намуданд, магар он, ки шахси хостгор хостгориро тарк кунад ва ё он, ки барояш (Яъне, барои хостгори дуввум) иҷоза бидиҳад.

## БОБИ 17. Шартҳое, ки дар никоҳ раво нест

**1852.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Барои зан раво нест, ки талоқи хоҳарашро мутолаба намояд, то ин, ки зарфашро (ба нафъи худ) холӣ намояд, зеро барои зан ҳамон чизе мерасад, ки барояш муқаддар шудааст."

## БОБИ 18. Занҳое, ки ҳамсари шахсеро ба ӯ месупоранд ва дуо мекунанд, ки Худованд барояш баракат бидиҳад

**1853.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки вай ба арӯсии зан ва марде аз ансор иштирок намуда буд. Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Эй Оиша (р), оё васоили шодиву хурсандӣ надоштед? Зеро Ансор аз шодиву базм хушашон меояд."

## БОБИ 19. Он чӣ, ки шахсе ҳангоми ҳамбистар шудан бо ҳамсараш бояд бигӯяд

**1854.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе ҳангоми ҳамбистар шудан бо ҳамсараш ин дуоро бихонад ва Худованд барояш фарзанде бидиҳад, шайтон ба он фарзанд зараре расонда наметавонад: "Бисмиллоҳи ҷаннибни-ш-шайтона ва ҷанниби-ш-шайтона мо разақтано." (Яъне, ба номи Худо, Илоҳо, шайтонро аз ман ва аз он чӣ, ки барои мо медиҳӣ, дур бигардон.)

## БОБИ 20. Тӯй кардан агарчи ба як гӯсфанд бошад

**1855.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) тӯйеро, ки барои Зайнаб (р) ташкил карданд, барои дигар занҳои худ накарда буданд, дар тӯйи Зайнаб (р) як гӯсфанд забҳ намуданд. (Сабаби ин амр он буд, ки никоҳи Паёмбари Худо (с) бо Зайнаб (р) аз тариқи ваҳй сурат гирифта буд).

## БОБИ 21. Касе, ки ба камтар аз гӯсфанде тӯй кардааст

**1856.** Аз Сафия бинти Шайба (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бо баъзе аз ҳамсарони худ ба ду мушт ҷав тӯй намуданд.

## БОБИ 22. Даъват ба тӯйи арӯсӣ ва меҳмониро бояд пазируфт...

**1857.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар касе аз шумо ба тӯйи арӯсӣ даъват шуд, бояд даъватро бипазирад."

## БОБИ 23. Тавсияи барои занҳо

**1858.** Аз Абӯҳурайра аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, ҳамсарашро азият нанамояд ва васияти некӯӣ кардан ба занҳоро қабул намоед (Яъне, ман шуморо дар бораи некӯӣ кардан ба занҳо тавсия менамоям ва шумо ин тавсияро қабул намоед). Зеро онҳо аз қабурға халқ

шудаанд ва қисмати болои қабурға каҷтарини қисмати он аст. Агар бихоҳӣ, ки онро рост намоӣ, мешиканад ва агар ба ҳолаш бигзорӣ, ҳамон тавр каҷ боқӣ мемонад. Пас васияти некӯӣ кардан ба занҳоро қабул намоед."

## БОБИ 24. Хушрафторӣ бо ҳамсар

**1859.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ёздаҳ зан бо ҳам нишастанд ва аҳду паймон бастанд, ки аз аҳволи шавҳарони худ чизеро пинҳон накунанд.

Аввалӣ гуфт: Шавҳарам монанди гӯшти шутури лоғаре аст бар сари кӯҳи пурпечу хам расидан ба вай душвор аст ва баъд аз расидан қобили бардоштан нест.

Дуввӯмӣ гуфт: Хабарҳои шавҳарро ифшо намекунам, зеро ман метарсам, агар ба гуфтан шурӯъ кунам, дигар сокит нашавам ва айбҳои зоҳирӣ ва ботиниашро бармало созам.

Саввӯмӣ гуфт: Шавҳарам баландқад ва баландболо аст, агар роҷеъ ба вай ягон ҳарфе бизанам, талоқам медиҳад. Ва агар сокит бимонам, ба ман сару коре надорад.

Чорӯмӣ гуфт: Шавҳарам монанди шаби Тиҳома аст, ки на бисёр ғарм аст ва на бисёр сард, на ғазабе дорад, ки аз вай битарсам ва на рафтори баде, ки аз вай малул гардам.

Панҷӯмӣ гуфт: Шавҳарам ҳангоми ҳамбистар шудан бо ман монанди паланге аст муҳоҷим ва дар беруни хона ҳамчун шере аст ғуррон ва аз чизе, ки ба хона меоварад, аз кайфияти масрафаш суолу бозхосте надорад.

Шашӯмӣ гуфт: Шавҳарам ҳамаи таомҳоро бо ҳам даромехта ва мебалъад ва ошомиданиҳоро то охирин қатраҳо мекашад ва чизе боқӣ намегузорад. Ҳангоми хоб дар гӯшае меафтад ва болопӯшро ба худ мепечад ва ҳатто аз ин, ки дасташро ба чоки пираҳанам кунаду аз ғаму андӯҳам огоҳ шавад, худдорӣ менамояд.

Ҳафтӯмин гуфт: Шавҳарам дар ҷимоъ кардан нотавон, дар корҳо бетафовут, аз сухан задан оҷиз ва маҷмаъуламроз аст. Агар ба забони хуш ба вай сухан бигӯям, сарамро ба девор мекӯбад. Ва агар сахту дурушт бигӯям, даст ва ё поямро мешиканад. Ва гоҳе сару даст барояш фарқе намекунад ва ҳамаро бо ҳам мешиканад.

Ҳаштӯмӣ гуфт: Шавҳарам дар мулоимӣ ба нармии пушти харгӯш ва ба хушбӯӣ назири мушку анбар аст.

Нӯҳӯмӣ гуфт: Шавҳарам дар насаб шариф, дар қомат баланд, дар караму саховат машҳури ҳамагон аст ва хонааш хонаи хоссу ом аст.

Даҳӯмин гуфт: Номи шавҳарам Молик аст ва намедонед, ки Молик чӣ касе аст. Шутурҳояш ончунон бисёр аст, ки хобгоҳи зиёдеро ишғол менамоянд. Ва чарогоҳҳо барои онҳо тангӣ мекунанд ва чун овози

табл баланд мешавад ва оташ афрӯхта мегардад, ин шутурон яқин мекунанд, ки замони ҳалокати онҳо фаро расидааст.

Ёздаҳӯм, ки Умми Заръ буд, гуфт: Шавҳарам Абӯзаръ аст ва Абӯзаръ чунон шахсияте аст, ки гӯшҳоямро аз гӯшвораҳои сангин соид ва бозуямро чоқ ва фарбеҳ намуда ва маро он қадар эҳтиром мекунад, ки маҷбур мешавам, худам низ барои худ онро эҳтиром намоям. Маро аз хонаводае овардааст, ки фақат чанд сар гӯсфанде доштанд ва ба машаққат зиндагӣ мекарданд, вале акнун дар хонае зиндагӣ мекунам, ки дорои аспҳои фаровон, шутурҳои бисёр, говҳои бешумор ва кишту ҳосили беададу беҳисоб аст.

Ҳарчи бигӯям, озодам, то субҳ ором мехобам ва ҳар ошомиданиеро, ки хоста бошам, меошомам. Аммо модари Абӯзаръ касе аст, ки зарфу косааш калон ва фаровон, хонааш бузург ва фарох аст. Ва аммо бачаи Абӯзаръ даст ва паҳлӯяш нарму мулоим ва ба ҳадде камхӯрок аст, ки дасти бузғолаи кӯчаке ӯро сер мекунад. Аммо духтари Абӯзаръ духтаре аст, ки гӯш ба фармони падару модараш буда. Аз фарбеҳӣ либосҳояшро пур карда ва хори чашми ҳамсоягони худ аст. Ва аммо ходими Абӯзаръ хидматгоре аст, ки ахбори дохили хонаро ба хориҷ интиқол намедиҳад, таъом ва асбоби хонаро ба ҷои дигаре намебарад ва хонаро аз чизҳои ғайризарурӣ ошғолдон намесозад.

Умми Заръ гуфт: Рӯзе Абӯзаръ дар ҳангоми фаровонии шир ва мост аз хона баромад ва чашмаш ба зане афтод, ки ду бачча дораду ба мисли ду бачаи паланг, ки ба синаҳои анормонанди он зан бозӣ мекарданд, чун Абӯзаръ он занро дид, маро талоқ дод ва ӯро ба никоҳ гирифт. Ман ҳам рафтам ва шахси шариф ва наҷиби дигареро ба никоҳ гирифтам, ин шахс аспаш саркаш ва сариъуссайр, найзааш аз найзаҳои минтақаи Хат буд (Хат минтақаест дар дохили Умон, ки дар сохтани найза шӯҳрати фаровоне дошт). Ӯ неъматҳои фаровонеро бароям таҳия намуд ва аз ҳар навъ ҳайвоне, ки дошт, як-як ҷуфтро бароям бахшиш доду гуфт: Эй Умми Заръ! Ҳарчӣ мехоҳӣ, бихӯр ва ҳарче мехоҳӣ, ба ақвом ва хешовандони худ бахшиш бидеҳ. Бо ин ҳам тамоми чизҳоеро, ки бароям дода буд, ҷамъ мекардам ва дар кӯчактарин зарфхонаи Абӯзаръ меандохтам, онро пур намекард. Оиша (р) мегӯяд: Дар ин вақт Паёмбари Худо (с) бароям гуфтанд: “Ман ҳам нисбат ба ту монанди Абӯзаръ нисбат ба Умми Заръ ҳастам.” Ва Оиша (р) дар ҷавоби Паёмбари Худо (с) гуфт: Падару модарам фидои шумо! Шумо бароям аз Абӯзаръ нисбат ба Умми Заръ беҳтар ва хушрафтортар ҳастед (ва ин аз камоли одоб ва ниҳояти вафову муҳаббати Оиша (р) нисбат ба Паёмбари Худо (с) мебошад).

## БОБИ 25. Рӯза гирифтани зан бояд ба иҷозаи шавҳар бошад

**1860.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Раво нест, ки зан дар вакти будани шавҳараш бидуни иҷозаи вай рӯза бигирад ва раво нест, ки бидуни иҷозати вай ба касе иҷозати дохил шудан ба хонаашро бидиҳад ва он чӣ, ки аз моли шавҳараш бидуни иҷозааш нафақа мекунад, ними савоби он барои шавҳараш мебошад."

## БОБИ 26

**1861.** Аз Усома (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ба дарвозаи биҳишт истодам, дидам, аксари касоне, ки дар он дохил мешаванд, фуқаро ҳастанд ва аз сармоядорон мамониъат ба амал меояд ва дар интизоранд ва дӯзахиён ҳамагӣ ба сӯи дӯзах бурда шуданд ва бар дари дӯзах истодам ва дидам, аксари касоне, ки ба дӯзах дохил шудаанд, занҳо ҳастанд."

## БОБИ 27. Қуръа кашидан байни занҳо ҳангоми сафар кардан

**1862.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки азми сафар мекарданд, байни ҳамсарони худ қуръакашӣ менамуданд. Дар яке аз сафарҳо қуръаи Оиша ва Ҳафса (р) бо ҳам баромад. (Дар масири роҳ) чун шаб мешуд, Паёмбари Худо (с) бо Оиша (р) сӯҳбат мекарданд. Ҳафса барои Оиша (р) гуфт: Чӣ мешавад, ки имшаб ту шутури маро савор шавӣ, ман шутури туро, то бубинам, ки чӣ мешавад, Оиша (р) қабул намуд ва гуфт: Бисёр хуб аст.

Ҳафса (р) омаду бар шутури Оиша (р) савор шуд. Паёмбари Худо (с) ба тарафи шутуре, ки ҳамеша Оиша (р) бар он савор мешуд, рафтанд ва салом карданд ва ба роҳ идома доданд, то ин, ки дар ҷое манзил намуданд. Дар ин вақт буд, ки Оиша (р) дарди ҷудоӣ аз Паёмбари Худо (с)-ро эҳсос намуд, то ҷое, ки пойҳояшро дохили хору хошок менамуд ва мегуфт: Парвардигоро! Ақраб ва ё мореро бар ман мусаллат кун, то маро бигазад (зеро худам ба дасти худ кардам) ва барои ӯ (яъне Паёмбари Худо (с) чизе гуфта наметавонам.

## БОБИ 28. Агар касе ҳамсар дошта бошад ва духтари бикреро ба никоҳ бигирад

**1863.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Агар бихоҳам, метавонам бигӯям, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд, вале мегӯям: Суннат ин аст, ки агар касе духтари бикреро ба никоҳ гирифт, ҳафт шаб наздаш бимонад ва агар зани беваеро ба никоҳ гирифт, се шаб (ва баъд аз он навбатро байни ҳамсаронаш муроъот намояд).

## БОБИ 29. Набояд зан худнамоӣ кунад ва ё бар полончи (боғчун)-и худ фахрфурӯшӣ намояд

**1864.** Аз Асмоа (р) ривоят аст, ки зане гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман полонче дорам (полончро дар урфи оммаи мардуми тоҷик боғчун мегӯянд ва дар истилоҳи эрониён ҳавов номида мешавад). Оё агар дар наздаш ба чизе, ки шавҳарам бароям надодааст, тазоҳур намоям, бароям гуноҳ хоҳад дошт? Фармуданд: “Касе, ки ба он чӣ, ки надорад, тазоҳур мекунад, монанди касе аст, ки муртакиби ду гуноҳ мегардад” (як гуноҳ ба сабаби тафохур ва як гуноҳ ба сабаби дурӯғе, ки муртакиби он шудааст).

## БОБИ 30. Ғайрат (рашк) намудан

**1865.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Худованд боғайрат аст ва вақте ғайраташ мешавад, ки мусалмон муртакиби маҳорими Худованди мутаъол гардад (ва дар ин вақт аст, ки Худованд аз вай дар дунё ва ё дар дунё ва дар охират интиқом мегирад ва ӯро ба азоби Худо гирифтор месозад).”

**1866.** Аз Асмоа бинти Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки Зубайр (р) бо ман издивоҷ намуд, дар рӯи замин ба ҷуз аз як шутур ва як асп молу мулки дигаре надошт, ман аспашро алаф медодам ва ба хона об меовардам.

Поргиҳои далвашро медӯхтам ва барояш хамир мекардам ва чун нон пухта наметавонистам, ҳамсояҳои ансорам, ки занҳои нек буданд, меомаданд ва бароям нон мепухтанд ва решаҳои хурморо аз замине, ки Паёмбари Худо (с) барои Зубайр дода буданд, бар сарам ба хона интиқол медодам ва ин замин ду сулси фарсах аз хонаи мо дур буд.

Дар яке аз рӯзҳо дар ҳоле, ки решаҳои хурмо бар рӯи сарам буд, дар байни роҳ ба Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки иддае аз мардуми Ансор бо эшон буданд, мулоқот намудам. Паёмбари Худо (с) маро талабиданд ва шутури худро хобонданд, то маро пушти сари худ савор намоянд. Вале ман аз ин, ки бо мардҳо якҷо биравам, шармидам ва илова бар он, аз ғайрати Зубайр (р), ки боғайраттарини мардумон буд, ёдам омад, Паёмбари Худо (с) ин чизро дарк карда ва рафтанд.

Чун ба хонаам омадам, ба Зубайр (р) гуфтам, ки дар роҳ дар ҳоле, ки ташти решаҳои хурмо ба сарам буд, Паёмбари Худо (с)-ро, ки бо иддае аз Ансор ба роҳ мерафтанд, мулоқот намудам. Эшон шутури худро хобонданд, то маро бо худ савор кунанд, вале ман аз як тараф хиҷолат кашидам ва аз тарафи дигар ғайрати туро медонистам.

Зубайр (р) гуфт: Ба Худованд савганд, ин, ки хастаҳои хурморо бардошта будӣ, бар ман сахттар аз савор шудани ту бо Паёмбари Худо (с) буд. Асмоа (р) мегӯяд: (Ба ҳамин ҳол идома медодам) то ин, ки Абӯбакр (р) бароям ходиме фиристод ва он ходим сарпарастии

аспамро ба ӯҳда гирифт ва ба ин кори худ гӯё маро аз ғуломӣ озод кард.

## БОБИ 31. Ғайрат ва ғазаби занҳо

**1867.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бароям гуфтанд: "Ман медонам, ки кадом вақт аз ман розӣ ҳастӣ ва кадом вақт норозӣ." Оиша (р) мегӯяд: Пурсидам: Инро аз куҷо медонед? Фармуданд: "Инро медонам, ки ҳангоме аз ман розӣ бошӣ, мегӯӣ: На ва ба Худои Муҳаммад. Ва ҳангоме, ки норозӣ бошӣ, мегӯӣ: На ва ба Худои Иброҳим. Оиша (р) мегӯяд: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Ба Худованд савганд, ки ҳамчунин аст ва танҳо исми шуморо тарк мекунам (яъне, ин норозияти зоҳирӣ ва дар забон аст ва муҳаббати шумо дар қалби ман кам намешавад).

## БОБИ 32. Марде, ки маҳрам нест, набояд бо зан хилват намояд ва ё назди зане, ки шавҳараш вуҷуд надорад, дохил гардад

**1868.** Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: "Аз дохил шудан ба назди занҳо бипарҳезед." Шахсе аз Ансор гуфт: Ё Расулаллоҳ! Бародари шавҳар чӣ тавр? (Яъне: Оё барои бародари шавҳар низ раво нест, ки ба назди зани бародараш бидароянд?) Фармуданд: "Бародари шавҳар сабаби марг аст."

## БОБИ 33. Набояд зан зани дигареро назди шавҳари худ тавсиф намояд

**1869.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Набояд зан бо зани дигаре якҷо шавад ва сипас он занро тавре барои шавҳари худ тавсиф намояд, ки гӯё шавҳараш ба тарафи он зан нигоҳ мекунад."

## БОБИ 34. Касе, ки ба сафари дуре меравад, набояд шабҳангом ба хонааш баргардад

**1870.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки ба сафари дароз меравад, шабҳангом назди хонаводааш барнагардад."

**1871.** Ва аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чун дар шаб аз сафар баргаштӣ, ба назди ҳамсарат дохил машав (ва интизорӣ бикаш), то тарошиданиҳоро битарошад ва сарашро шона кунад."

# – 61 –
# КИТОБИ ТАЛОҚ

**1871.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) зани худро (ки номаш Омина бинти Ғифор (р) буд), дар замони Паёмбари Худо (с) дар ҳолати ҳайз талоқ кард. Умар ибни Хаттоб (р) ҳукми ин масъаларо аз Паёмбари Худо (с) пурсид. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ӯро амр кун, ки ба занаш руҷӯъ намояд.

Баъд аз он занашро нигаҳ дорад, то он, ки аз ҳайз пок шавад ва боз дубора ҳайз гардад ва боз пок шавад, дар ин вақт агар мехост, занашро нигоҳ дорад ва агар мехост, пеш аз он, ки бо вай ҷимоъ намояд, ӯро талоқ диҳад ва ин ҳамон идаест, ки Худованди мутаъол амр намудааст, ки занҳо дар он талоқ карда шаванд."

## БОБИ 1. Талоқ додан ҳангоми ҳайз талоқ ҳисоб мегардад

**1873.** Ва Аз Ибни Умар (р) дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт: (Ҳамон талоқеро, ки дар ҳолати ҳайз дода будам), бар ман як талоқ маҳсуб гардид.

## БОБИ 2. Касе, ки занашро талоқ медиҳад, оё бояд дар пеши рӯяш талоқ бидиҳад?

**1874.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки чун духтари бани Ҷавн назди Паёмбари Худо (с) дохил гардид ва Паёмбари Худо (с) ба ӯ наздик шуданд, гуфт: Ман аз ту ба Худо паноҳ меҷӯям. Фармуданд: "Ба Зоти азиме паноҳ ҷустӣ, назди хонаводаат бирав."

**1875.** Ва дар ривояти Абӯусайд (р) омадааст, ки чун (духтари ибни Ҷавн) назди Паёмбари Худо (с) дохил шуд, Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: "Худро бароям бибахш." (Гуфт: Оё имкон дорад, ки малика худро барои шахси бозорӣ бибахшад? Ва чун дасти худро наздик карданд, ки ӯро таскин ва оромиш диҳанд, гуфт: Аз ту ба Худо паноҳ меҷӯям. Фармуданд: "Ба Зоти бузурге паноҳ ҷустӣ. Баъд аз он (Паёмбари Худо (с) назди мо омада ва фармуданд: "Эй Абиусайд! Барояш ду ҷомаи нозук бипӯшон ва ӯро назди хонаводааш бирасон."

## БОБИ 3. Касе, ки се талоқро ҷоиз медонад

**1876.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки ҳамсари Рифоаи Қуразӣ назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Ё Расулаллоҳ! Рифоа маро се талоқ дода буд ва баъд аз вай бо Абдураҳмон ибни Зубайри Қуразӣ издивоҷ намудам. Вале чизе, ки ӯ дорад, монанди решаҳои сари чодар аст (яъне, суст аст ва қудрати ҷимоъ карданро надорад).

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шояд меҳоҳӣ дубора назди Рифоа баргардӣ? На, то он, ки Абдурраҳмон маззаи ту ва ту маззаи ӯро начашида бошӣ, наметавонӣ ба шавҳари аввалаат баргардӣ."

## БОБИ 4. Чаро он чиро, ки Худованд барои ту ҳалол сохтааст, бар худ ҳаром мекунӣ?..

**1877.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) асал ва шириниро хуш доштанд ва чун аз намози аср бармегаштанд, назди яке аз ҳамсарони худ рафта ва бо ӯ менишастанд. Рӯзе назди Ҳафса духтари Умар (р) рафтанд ва аз ҳадди маъмул наздаш бештар нишастанд. Рашкам омад, сабабро ҷустуҷӯ намудам. Гуфтанд: Зане аз ақвоми Ҳафса барояш машки асал овардааст. Ва ӯ миқдоре аз он асалро барои Паёмбари Худо (с) тақдим намудааст, бо худ савганд хӯрдам, ки ҳиларо ба кор хоҳам бурд.

Ҳамон буд, ки ба Савда бинти Замъа (р) гуфтам: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) наздат омаданд, аз эшон бипурс, ки оё мағофир хӯрдаед? (Мағофир гиёҳест саҳрой ва бисёр бадбӯй). Эшон хоҳанд гуфт, ки не. Бори дигар бипурс, ки ин бӯйи мағофир аз куҷо аст? Эшон хоҳанд гуфт, ки Ҳафса (р) бароям асал додааст. Ту бигӯ, ки занбӯри он асал аз урфут, (ки гули мағофир аст ва бӯи баде дорад), истифода намудааст ва ман ҳам ҳамин суханро мегӯям. Ва аз Сафия (р) хост, то ӯ низ ҳамин чизро бигӯяд.

Оиша (р) мегӯяд: Савда (р) бароям гуфт: Ба Худованд савганд, ба муҷарраде, ки Паёмбари Худо (с) ба дарвозаи хонаам наздик шуданд, аз тарси ту мехостам он чиро, ки барои ман гуфта будӣ, барояшон бигӯям.

Оиша (р) мегӯяд: Вале то вақте, ки Паёмбари Худо (с) назди Савда (р) нишастанд, чизе нагуфт ва чун наздаш нишастанд, пурсид: Ё Расулаллоҳ! Мағофир хӯрдаед? Гуфтанд: На. Гуфт: пас ин бӯе, ки аз шумо меояд, аз куҷост? Фармуданд: Ҳафса бароям миқдори асал дода буд. Гуфт: Занбӯри он аз урфут истифода намудааст.

Оиша (р) мегӯяд: Чун Паёмбари Худо (с) назди ман омаданд, ман ҳам ҳамин суханро гуфтам ва чун назди Сафия рафтаанд, ӯ низ ҳамин суханро такрор намуд ва чун дубора назди Ҳафса (р) рафтанд, гуфт: Ё Расулаллоҳ! Барои шумо миқдоре аз он асалро биёварам? Фармуданд: "Ба он асал зарурате надорам."

Оиша (р) мегӯяд: Савда (р) бароям гуфт, ки мо Паёмбари Худо (с)-ро аз он асал маҳрум сохтем. Бароят гуфтам: Сокит бош ва чизе магӯ (Он чиро, ки Оиша (р) дар муқобили Паёмбари Худо (с) анҷом дод, ба асоси рашки байни занҳо буд, на ба мақсади бадӣ расондан ба Паёмбари Худо (с).

## БОБИ 5. Талоқ додан дар хулъ чӣ гуна аст?..

**1887.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки ҳамсари Собит ибни Қайс назди Паёмбари Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ман Собит ибни Қайсро аз нигоҳи дин ва ахлоқ муттаҳам намекунам, вале аз ин, ки баъд аз мусалмон будан кофар шавам, метарсам (гӯянд, мурод аз куфр дар ин ҷо куфрони неъмат ва адами муроъоти ҳуқуқи шавҳар аст).

Иллати бадибнии ин зан аз шавараш ин буд, ки шавҳараш кӯтоҳқаду бисёр бадшакл буд, дар ҳоле худи он зан ҷавон буд ва сурати зебое дошт (Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Оё ҳозир ҳастӣ, ки боғчаашро бароят пас гардонӣ?" (Ин тавр маълум мешавад, ки Собит ибни Қайс ин боғчаро ба он зан маҳр дода буд). Гуфт: Бале. Паёмбари Худо (с) ба Собит ибни Қайс (р) гуфтанд: "Боғчаро қабул кун ва дар муқобил ӯро як талоқ бидеҳ."

## БОБИ 6. Шафоат кардани Паёмбари Худо (с) барои шавҳари Барира

**1879.** Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки шавҳари Барира ғуломе буд, ба номи Муғис ва гӯё ҳамин ҳоло ба тарафаш нигоҳ мекунам, ки ба ақиби Барира роҳ меравад ва гиря мекунад ва ашкҳояш болои ришаш равон аст.

Паёмбари Худо (с) ба Аббос (р) гуфтанд: "Оё аз муҳаббати Муғис барои Барира ва аз бад омадани Барира аз Муғис тааҷҷуб намекунӣ? "Ва Паёмбари Худо (с) ба Барира гуфтанд: "Агар назди Муғис баргардӣ (беҳтар аст)." Барира (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ! Маро ба ин кор амр мефармоед? Фармуданд: "На! Фақат шафоат мекунам." Гуфт: Ман ба ӯ зарурате надорам.

## БОБИ 7. Лиъон

**1880.** Аз Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ман ва сарпарасти ятим дар ҷаннат инчунин (паҳлӯи якдигар) қарор дорем)." Ва ба ангушти шаҳодат ва ангушти миёнаи худ ишора намуданд ва ин ду ангушти худро қадре аз якдигар кушоданд.

## БОБИ 8. Агар ба таври киноя гуфт, ки ин бачча аз ман нест

**1881.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулаллоҳ! Баччаам сиёҳчеҳра ба дунё омадааст (чун худи ин шахс сафед буд, аз ин ки фарзандаш сиёҳ ба дунё омада буд, хост барои Паёмбари Худо (с) бигӯяд, ки ин бачча аз ман нест). Фармуданд: "(Оё шутур дорӣ?)"

Гуфт: Бале. Фармуданд: "Чӣ ранг ҳастанд?" Гуфт: Сурхранг. Фармуданд: "Дар байни онҳо кадом шутури хокранг нест?" Гуфт: Ҳаст. Фармуданд: "Ин аз куҷо шудааст? Гуфт: Шояд наслҳои гузашта бар вай таъсир карда бошанд. Фармуданд: "Шояд бар фарзанди ту низ наслҳои гузашта таъсир бахшида бошанд."

## БОБИ 9. Тавба додани муталоинайн

**1882.** Аз Ибни Умар (р) дар ҳадиси муталоинайн омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои муталоинайн гуфтанд: "Ҳисоби шумо бар Худо аст ва яқинан яке аз шумо дурӯғ мегӯяд. (Ва барои шавҳари зан гуфтанд) Дигар ба он зан дастрасӣ нахоҳӣ дошт."

Он шахс гуфт: Моле, ки сарф кардаам, чӣ мешавад? Фармуданд: "Бароят чизе намерасад, агар он чиро гуфтӣ, рост бошад, молеро ки масраф кардаӣ, дар муқобили чизе аст, ки аз он зан истифода бурдаӣ ва агар он чиро, ки гуфтӣ, дурӯғ бошад, ба тариқи авло, ки бароят чизе намерасад."

## БОБИ 10. Истеъмоли сурма барои зане, ки шавҳараш вафот ёфтааст

**1883.** Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки зане шавҳараш вафот ёфт. (Вобастагонаш) аз чашмдардиаш тарсиданд, назди Паёмбари Худо (с) омаданд ва аз эшон иҷоза хостанд, то ба чашмҳояш сурма намояд. Фармуданд: "(Зан дар ҳолати азо) набояд ба чашмҳояш сурма намояд.

Дар гузашта (занҳо дар ҳангоми идда) бадтарин либосҳоро мепӯшиданд ва ё дар бадтарин хонаҳо сукунат мекарданд ва чун як сол аз идааш мегузашт, агар саге аз наздаш мегузашт, ба тарафаш саргине партоб мекард, пас набояд акнун то чаҳор моҳ ва даҳ рӯз намегузарад (ба чашмаш сурма намояд)."

# – 62 –
# КИТОБИ НАФАҚА ВА ФАЗИЛАТИ НАФАҚА БАР АҲЛУ АВЛОД

**1884.** Аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Агар мусалмон бар хонаводааш нафақа кунад ва нияташ талаби савоб бошад, он нафақа барояш садақа маҳсуб мегардад."

**1885.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар хидмати ятимон ва бевазанон бошад, монанди муҷоҳид фисабилиллоҳ аст ва ё монанди касе аст, ки шабро то субҳ намоз мехонад ва рӯзро рӯза мегирад."

## БОБИ 1. Захира кардани қути яксолаи аҳлу авлод ва кайфияти нафақа бар авлод

**1886.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) хурмои бани Назирро мефурӯхтанд ва қути (хӯрокаи) яксолаи хонаводаи худро захира мекарданд.

# - 63 -
# КИТОБИ АНВОЪИ ТАЪОМҲО (ВА Ё ОДОБИ ТАЪОМ ХӮРДАН)

**1887.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуруснагӣ бар ман ғалаба кард ва бо Умар ибни Хаттоб (р) мулоқот намудам. Аз вай хостам, то як ояте аз Қуръонро бароям тиловат намояд. Ӯ он оятро бароям тиловат намуд ва дарвозаи хонаашро кушоду рафт. Каме роҳ рафтам, аз хастагӣ ва гуруснагӣ афтода ва беҳуш гардидам.

(Чун ба ҳуш омадам) дидам, ки Паёмбари Худо (с) бар болои сарам истодаанд, маро садо заданд ва фармуданд: Эй Абӯҳурайра (р). Гуфтам: Бале, ё Расулаллоҳ! Дастамро гирифтанд ва маро аз ҷой бардоштанд ва мушкили маро дарк намуданд, маро ба хонаи худ бурданд ва фармуданд, то бароям қадаҳи шире биёваранд, аз он шир миқдоре нӯшидам. Фармуданд: Эй Абӯҳурайра! Дигар ҳам бинӯш. Бори дигар нӯшидам, фармуданд: Боз ҳам бинӯш. Боз ҳам нӯшидам, то ин, ки шикамам монанди тире рост истод.

Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Баъд аз он Умар (р)-ро дидам ва моҷароро барояш қисса намудам ва барояш гуфтам: Он чӣ, ки орзуям буд, касе ки аз ту онро беҳтар анҷом медод, мутакафил гардид ва ба Худованд савганд аст, ҳангоме ки аз ту хостам, то бароям фалон оятро тиловат намоӣ, ман худам он оятро аз ту беҳтар медонистам. Умар (р) гуфт: Ба Худованд савганд, агар туро ба хонаам мебурдам, бароям хуштар аз он буд, ки галаи шутуре дошта бошам.

## БОБИ 1. Бисмиллоҳ гуфтан ва таом хӯрдан бо дасти рост

**1888.** Ривоят аст, ки Умар ибни Абӯсалама (р) гуфт: Ҳангоми туфулият дар тарбияи Паёмбари Худо (с) будам ва сабабаш он буд, ки Паёмбари Худо (с) бо модари вай, ки Умми Салама аст, издивоҷ намуда буданд.

Ҳангоми таъом хӯрдан ба ҳар гӯшаву канори коса даст меандохтам. Паёмбари Худо (с) бароям гуфтанд: "Эй писар! "Бисмиллоҳ" бигӯ, ба дасти рости худ бихӯр ва аз наздики худ бихӯр. Аз он вақт ба баъд то акнун таъом хӯрданам ба ҳамон тариқа шуд, ки Паёмбари Худо (с) ҳидоят намуданд.

## БОБИ 2. Хӯрдан то сер шудан

**1889.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме вафот намуданд, ки аз об ва хурмо сер шуда метавонистем (яъне, пеш ин вақт ҳатто аз обу хурмо низ сер намешудем).

## БОБИ 3. Нони нарм ва хӯрдан бар болои дастархон

**1890.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: То ҳангоме Паёмбари Худо (с) вафот намуданд, на нони нарму мулоим хӯрданд ва на гӯсфанди бирёнӣ.

**1891.** Аз Анас (р) ривояти дигараш омадааст, ки гуфт: Ман нашунидам, ки Паёмбари Худо (с) дар коса таъом хӯрда бошанд ва ё нони нарму мулоимеро тановул намуда бошанд ва он, ки беруни дастурхон таъоме тановул карда бошанд.

## БОБИ 4. Таоми як нафар барои ду нафар кофист

**1892.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Таъоми ду нафар барои се нафар ва таъоми се нафар барои чаҳор нафар кофӣ аст."

## БОБИ 5. Мӯъмин дар як рӯда таом мехӯрад

**1893.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) то мискинеро намеёфт, ки ҳамроҳаш нон бихӯрад, таъом намехӯрд. Рӯзе шахсеро оварданд, ки бо вай нон бихӯрад. Ин шахс бисёр нон хӯрд, Ибни Умар (р) барои ходимаш гуфт: Ин шахсро дубора наздам маёвар, зеро Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки: "Мусалмон дар як рӯда таом мехӯрад ва кофир дар ҳафт рӯда."

## БОБИ 6. Таъом хӯрдан дар ҳоли такя задан

**1894.** Аз Абӯҷуҳайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) будам, эшон барои шахсе, ки дар наздашон буд, гуфтанд: "Ман дар ҳоле, ки такя зада бошам, нон намехӯрам."

## БОБИ 7. Паёмбари Худо (с) ҳеҷ таомеро бад намегуфтанд:

**1895.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳеҷ таъомеро бад намегуфтанд, агар иштиҳо доштанд, мехӯрданд ва агар бадашон меомад, он таъомро тарк мекарданд.

## БОБИ 8. Пуф кардан дар ҷав

**1896.** Аз Саҳл (р) ривоят аст, ки касе аз вай пурсид: Оё шумо дар замони Паёмбари Худо (с) нони нармро дида будед? Гуфт: На. Пурсид: Орди ҷавро ғирбол мекардед? Гуфт: На, балки (ҷиҳати пок кардани он) дар он нафх мекардем (яъне, бо даҳани худ пуф мекардем, то сабӯс ва хошоки он қадре кам шавад).

## БОБИ 9. Хӯроки Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон

**1897.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) хурмоҳоро байни саҳобаҳои худ тақсим намуданд ва барои ҳар кадоме ҳафт дона хурмо доданд ва аз ҳафт дона хурмое, ки барои ман доданд, як донаи онҳо хароб буд ва он як донаи хароб аз ҳамаи онҳо бароям беҳтар мазза дод, зеро маҳкам ба дандонҳоям часпид (зеро ҳамон хурмое, ки ба дандонҳояш часпида буд, лаҳзаҳое дар даҳонаш монда буд ва ҳамон чиз сабаби лаззат бурдан ва таскинаш гардида буд).

**1898.** Ривоят аст, ки Абӯҳурайра (р) гузараш ба мардуме афтод, ки гӯсфанди бирёншудае пеши рӯяшон қарор дошт, онҳо Абӯҳурайраро даъват ба хӯрдан намуданд. Вале ӯ аз хӯрдан ибо варзид ва гуфт: Паёмбари Худо (с) аз дунё рафтанд ва аз нони ҷав сер нашуданд.

**1899.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Хонаводаи Паёмбари Худо (с) аз рӯзе, ки ба Мадина омаданд, то ҳангоми вафоти (Паёмбари Худо (с) се рӯзи пай дар пай аз нони гандум сер нашуданд.

## БОБИ 10. Ҳалво

Унвон ин боб талбина аст ва талбина ғизое аст, ки аз орди сабӯс ва равған ва асал сохта мешавад ва бештар шабоҳат ба чизе дорад, ки мо онро фарн мегӯем. Вале он аз фарн рақиқтар аст, зеро фарн бо қошуқ хӯрда мешавад ва талбина нӯшида мешавад.

**1900.** Ривоят аст, ки Оиша (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) одат дошт, ки агар касе аз хонаводааш вафот мекард ва занҳо ҷамъ мешуданд, (баъд аз он, ки меҳмонон ба хонаҳои худ мерафтанд, касонеро, ки аз ақвом ва хонаводаи соҳиби мурда боқӣ монда буд, амр мекард, то деги талбина таҳия намоянд. Баъд аз он нонро реза мекард, талбинаро ба болои онҳо мерехт ва мегуфт: "Аз ин таъом бихӯред, зеро аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: "Талбина сабаби оромиши қалби мариз мегардад ва ғамашро то андозае аз байн мебарад."

## БОБИ 11. Таъом хӯрдан дар зарфе, ки ба нуқра пӯшонда шудааст

**1901.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: "Абрешим ва дебоҷро напӯшед ва дар зарфи тилло ва нуқра чизе наёшомед ва дар зарфҳои тилло ва нуқра чизе нахӯред, зеро ин чизҳо дар дунё барои ғайри мусалмонон ва дар охират барои мо (мусалмонон) аст."

## БОБИ 12. Шахсе, ки барои бародарони худ таъоме таҳия менамояд

**1902.** Аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз ансор ба номи Абӯшуъайб ғуломи қассобе дошт. Барои ғуломи худ гуфт, ки бароям таъоме таҳия кун, зеро мехоҳам Паёмбари Худо (с)-ро бо чаҳор нафари дигар даъват намоям. Ҳамон буд, ки Паёмбари Худо (с)-ро бо чаҳор нафари дигар даъват намуд, шахси шашуме ҳам ба думболи онҳо ба роҳ афтод. Паёмбари Худо (с) (ба мизбон) гуфтанд: "Ту панҷ нафари моро даъват карда будӣ ва ин шахс худаш бо мо омадааст. Агар мехоҳӣ, барояш иҷоза бидеҳ ва агар мехоҳӣ, ҷавобаш бидеҳ." Он шахс гуфт: Балки барояш иҷоза медиҳам.

## БОБИ 13. Хӯрдани хурмо бо хиёр

**1903.** Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абутолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки рутабро бо хиёр мехӯрданд (рутаб иборат аз хурмои тоза аст).

## БОБИ 14. Хурмои тоза ва хурмои хушк

**1904.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Мадина шахси яҳудие буд, ки бароям то вақти ба даст омадани хурмо қарз медод. Ровӣ мегӯяд: Ва замини Ҷобир ҳамон буд, ки дар роҳи Рума воқеъ гардида буд. (Ва Рума номи чоҳе аст дар наздикии Мадина, ки Усмон (р) онро аз шахси яҳудие харид ва фисабилиллоҳ вақф намуд).

Ҷобир мегӯяд: Ин замин дар яке аз солҳо аз ҳосил нишаст ва мева надод ва ба он ҳам он шахси яҳудӣ ҳангоми чидани хурмо омад (ва қарзи худро талаб намуд) ва чун хурморо начида будам, ки барояш бидиҳам, аз вай хостам, то бароям як соли дигар мӯҳлат бидиҳад, вале ӯ қабул накард ва ибо варзид.

Аз мавзӯъ ба Паёмбари Худо (с) хабар додам, эшон барои саҳобаҳои худ фармуданд: "Биёед бо ҳам биравем ва аз яҳудӣ барои Ҷобир мӯҳлат бихоҳем." Ҳамон буд, ки ба нахлистонам омаданд ва Паёмбари Худо (с) дар ин маврид бо он яҳудӣ гуфтугӯ намуданд.

Яҳудӣ дар ҷавобашон мегуфт: Ё Абалқосим! Барояш мӯҳлат намедиҳам.

Чун Паёмбари Худо (с) ин ҳолатро мушоҳида намуданд, бархостанд ва дохили нахлистон гардиш намуданд, баъд аз он бозгаштанд ва дубора дар мавриди мӯҳлат ба он яҳудӣ гуфтугӯ намуданд. Вале ӯ қабул намекард ва ибо меварзид. Ман бархостам ва андаке хурмои тоза овардам ва назди Расули Худо (с) гузоштам, аз он хурмоҳо хӯрданд ва пурсиданд: "Соябонат куҷо аст?" Барояшон нишон додам, фармуданд: "Онро бароям фарш кун." Онро фарш кардам.

Ва эшон рафтанд ва дар он соябон хобиданд. Баъд аз он, ки бедор шуданд, миқдори дигаре хурмои тоза барояшон овардам. Аз онҳо миқдоре хӯрданд ва назди яҳудӣ омаданд ва бори дигар дар мавриди қарз бо ӯ гуфтугӯ намуданд ва ӯ ибо меварзид. Баъд аз он бори дуввум дар байни хурмоҳои тоза гардиш намуда ва фармуданд: "Эй Ҷобир! Хурмоҳоро бичин ва қарзи худро адо кун."

Ҷобир (р) мегӯяд: Хурмоҳоро чидам ва Паёмбари Худо (с) назди хурмоҳои чидашуда истоданд ва ман аз он хурмоҳо қарзи худро додам ва баъд аз адои қарз ҳамон андозаи дигар бароям боқӣ монд, омадам ва ин хабари хушро ба Паёмбари Худо (с) расондам.

Фармуданд: "Худам шаҳодат медиҳам, ки ман Паёмбари Худо (с) ҳастам." (Ва одати Паёмбари Худо (с) ин буд, ки ҳар гоҳ Худованди мутаъол мӯъҷизаеро дар дасти инсон зоҳир месохт, ба ваҳдонияти Худовандӣ ва рисолати худ шаҳодат медоданд).

## БОБИ 15. Хурмои аҷва

**1905.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки субҳ ҳафт донаи хурмои аҷва бихӯрад, дар ҳамон рӯз заҳр ва ҷоду бар ӯ зараре намерасонад." (Аҷва хурмое аст сиёҳранг ва қариб гирдшакл, бисёр хушмазза, вале камёб аст. Дар Мадинаи мунаввара ёфта мешавад, вале беш аз даҳ чанд хурмоҳои дигар қиммат дорад).

## БОБИ 16. Лесидани ангуштон

**1906.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақте, ки касе аз шумо чизе мехӯрад, то вақте, ки дасти худро намелесад, онро пок накунад."

## БОБИ 17. Баъд аз таъом хӯрдан чӣ бояд гуфт?

**1907.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) дастмоли дигаре ба ҷуз аз кафҳои дасту бозуҳо ва

қадамҳои худ надоштем (яъне, баъд аз таъом хӯрдан кафҳои дасти худро бо якдигар ва ё ба бозуҳо ва қадамҳои худ мемолидем. Ва бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки таъомҳо дар он вақт бештар нони хушк ва хурмо ва шир буд ва чирк надошт).

**1908.** Аз Абӯумома ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) вақте, ки дастархон бардошта мешуд, мегуфтанд: "Алҳамдулиллоҳи ҳамдан касиран, тайибан, муборакан фиҳи ғайра макфийина вало муваддиъин", яъне, ситоиши хос барои Худост, чунон ситоиш, ки бисёр пок аст ва дар он баракат аст, зиёдии таъом талаф нашавад. Ин таъом охирин таъом набошад ва бениёзии охир набошад.

**1909.** Ва аз Абӯумоама (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки аз таъом хӯрдан фориғ мешуданд, мегуфтанд "Алҳамду лиллоҳи лазӣ кафоно ва арвоно ғайра макфийин ва ло макфурин," яъне, ситоиш барои Худое аст, ки таъоми бокифоятеро барои мо дод ва моро сероб сохт, зиёдии таъом талаф нашавад ва ин таъом бидуни шукргузорӣ набошад.

## БОБИ 18. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: "Ва чун таъом хӯрдед, пароканда шавед" *(Аҳзоб: 53)*

**1910.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз қиссаи ҳиҷоб аз ҳамаи мардум ман бохабартар ҳастам ва Убай ибни Каъб дар бораи он аз ман суол мекард. Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) бо Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) дар Мадина издивоҷ намуданд, мардумро дар вақти чошт барои таъом даъват намуданд. Баъд аз ин ки мардум бархостанд, Паёмбари Худо (с) нишастанд ва иддае аз мардум бо эшон нишастанд, то ин, ки Паёмбари Худо (с) низ бархостанд ва ба тарафи ҳуҷраи Оиша (р) рафтанд ва ман низ ҳамроҳашон рафтам ва фикр карданд, ки мардум баромада рафтанд, аз ин рӯ баргаштанд ва ман ҳам бо эшон баргаштам.

Вале дидем, ки мардум ҳанӯз дар ҷои худ нишастаанд, боз бори дуввум баргаштанд ва ман низ бо эшон баргаштам, то ин, ки ба дарвозаи ҳуҷраи Оиша (р) расидем ва дигар гумон кардем, ки онҳо бархостанд ва ҳамон буд, ки баргаштанд ва ман ҳам бо эшон баргаштам. Дидем, ки мардум бархостанд ва Паёмбари Худо (с) байни ману байни худ пардае овезон карданд ва ояти ҳиҷоб нозил гардид (ва он ин ояи карима аст: "Ё айюҳаллазина омону ло тадхулӯ буютаннабий илло анюъзана лакум."

# - 64 -
# КИТОБИ АҚИҚА (НОМГУЗОРӢ)

## БОБИ 1. Номгузории мавлуд

**1911.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Худованд бароям фарзанде ато намуд, ӯро назди Паёмбари Худо (с) бурдам. Ӯро Иброҳим ном ниҳоданд. Хурмоеро хоиданд ва бар даҳанаш гузоштанд ва бароям дуо карданд ва ӯро ба дастам доданд.

**1912.** Аз ҳадиси Асмоа (р) дар мавриди ин, ки Абдуллоҳ ибни Зубайрро (р) таваллуд намудааст, дар ҳадиси ҳиҷрат қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки мусалмонон аз таваллуди ӯ ниҳоят хушҳол шуданд, зеро касе барои онҳо гуфта буд, ки мардуми яҳудӣ шуморо сеҳр кардаанд ва фарзанддор нахоҳед шуд.

## БОБИ 2. Дур кардани ифлосиҳо аз бадани тифл дар вақти ақиқа

**1913.** Аз Салмон ибни Омир ибни Забй (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Аз писар бояд ақиқа дод, пас бароиш ҳайвонеро забҳ кунед ва ифлосиҳоро аз вай дур намоед (мафҳуми ҳадис мухолифи мӯътабар нест. Яъне ин тавр набояд фаҳмид, ки аз писар ақиқа бидиҳед ва аз духтар надиҳед, балки суннат аст, ки барои писар ду гӯсфанд ва барои духтар як гӯсфанд ақиқа дода шавад).

## БОБИ 3. Фаръ

**1914.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Фаръ ва ъатира (дар Ислом) нест. (Фаръ иборат аз нитоҷи аввали ҳайвон аст, ки аҳли ҷоҳилият онро барои бутҳои худ забҳ мекарданд ва ъатира шутуре аст, ки онро дар (даҳ рӯзи аввали) моҳи раҷаб (барои бутҳои худ) забҳ мекарданд (ва аз ин ҷиҳат ба номи раҷабия низ ёд мешуд ва Паёмбари Худо (с) аз ин ду амал наҳӣ фармуданд).

# - 65 -
# КИТОБИ ЗАБҲ ВА ШИКОР

## БОБИ 1. Бисмиллоҳ гуфтан дар вақти шикор кардан

**1915.** Аз Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) роҷеъ ба шикор кардан бо тир бидуни пайкон, ки сараш тез нест, пурсидам, фармуданд: "Чизеро, ки ба олати тез шикор шуда бошад, бихӯр ва агар бо чизи паҳн шикор шуда бошад, монанди ҳайвоне аст, ки ба василаи асо кушта шуда бошад."

Ва аз эшон дар мавриди шикор бо саг пурсидам, фармуданд: "Шикореро, ки барои ту гирифта бошад, бихӯр, зеро гирифтани саг ба манзалаи забҳ аст ва агар ҳамроҳи саги худ ё ҳамроҳи сагҳои худ саги бегонаеро дидӣ ва фикр кунӣ, ки шояд дар гирифтани шикор бо саги ту якҷо буда бошад ва шикорро кушта буд, аз он махӯр, зеро ту танҳо бар саги худ бисмиллоҳ гуфта будӣ, на бар саги бегона."

## БОБИ 2. Шикор кардан бо тиру камон

**1916.** Аз Абӯсаълабаи Хушанӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Моён дар сарзамини аҳли китоб зиндагӣ мекунем, оё (равост), ки дар зарфи косаи онҳо таъом бихӯрем? Ва дар сарзамине ҳастем, ки шикори фаровон аст (оё равост), бо камон ва ё бо саги таълимёфта ва ё бо саги ғайритаълимёфта шикор намоем? Ва аз ин навъ шикорҳо кадом навъ бароям беҳтар аст?

Фармуданд: "Он чӣ, ки роҷеъ ба аҳли китоб гуфтӣ, агар зарфу косаи дигаре ёфтед, ба зарфу косаи онҳо таъом нахӯред ва агар наёфтед, онҳоро бишӯед ва дар онҳо таъом бихӯред ва чизеро, ки ба тиру камони худ шикор намуда ва бисмиллоҳ гуфта будӣ, бихӯр ва чизҳоро, ки бо саги таълимёфта шикор намуда ва бисмиллоҳ гуфта будӣ, бихӯр ва чизеро, ки бо саги ғайритаълимёфта шикор намуда ва онро зинда ёфтӣ ва худат забҳ намудӣ, бихӯр (ва мафҳуми мухолифаш он аст, ки агар касе ба саги ғайритаълимёфта шикор кард ва шикор мурда буд, набояд онро бихӯрад).

## БОБИ 3. Шикор кардан ба санг ва фалохун

**1917.** Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) шахсеро дид, ки сангпаронӣ мекунад. Ба ӯ гуфт: Сангпарронӣ макун, зеро Паёмбари

Худо (с) аз сангпаронӣ манъ кардаанд ва ё аз сангпарронӣ бадашон меомад ва фармуданд: "Ба сангпарронӣ на шикор мешавад ва на ҳам аз он ба душман азияте мерасад, балки ё дандонро мешиканад ва ё чашмро кӯр мекунад." Баъд аз муддате боз ҳамон шахсро дид, ки сангпарронӣ мекунад, ба ӯ гуфт: Ба ту мегӯям, ки Паёмбари Худо (с) аз сангпарронӣ манъ кардаанд ва ё аз сангпаронӣ бадашон меомад ва боз ту сангпарронӣ мекунӣ, бо ту чандин муддате сухан нахоҳам гуфт.

## БОБИ 4. Касе ки сагеро ба ҷуз аз саги шикорӣ ва ё саги рама нигаҳдорӣ менамояд

**1918.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки сагро нигаҳ медорад ва қасдаш аз нигоҳдории он саг шикор кардан ва ҳифозати ҳайвонот набошад, ҳар рӯз аз савоби амалаш ду қирот кам мешавад" (Қирот ними донак аст ва мурод аз он дар ин ҳадис ҷузъе аз савоби аъмол аст ва миқдори муайяни онро дар ин маврид ҷуз Худованд каси дигаре намедонад).

## БОБИ 5. Агар шикор ба муддати ду ва ё се рӯз гум шавад

**1919.** Ҳадиси Адӣ ибни Ҳотим қабл гузашт ва дар ин ривоят омадааст: "Ва агар шикор кардӣ ва онро баъд аз як рӯз ё ду рӯз пайдо намудӣ ва ба ҷуз аз асари тири худ асари чизеро надидӣ, онро бихӯр ва агар дар об афтода буд, махӯр ва албатта ин дар сурате ҳаст, ки шикор дар ҷое бошад, ки мутаъаффин нашуда бошад, варна хӯрдани он ҳаром ва ё макрӯҳ аст)."

## БОБИ 6. Хӯрдани малах

**1920.** Аз Ибни Абӯавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) дар ҳафт ва ё шаш ғазва иштирок намудам ва бо эшон малах мехӯрдем (хӯрдани малах ба иҷмоъи уламо раво аст, вале чун малах анвоъи фаровоне дорад ва баъзе аз анвоъи он заҳролуд аст, аз ин ҷиҳат хӯрдани чунин навъи он раво нест).

## БОБИ 7. Наҳр ва забҳ

**1921.** Аз Асмоъа духтари Абӯбакр (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) дар Мадина асперо наҳр намуда ва хӯрдем.

## БОБИ 8. Он чӣ, ки дар мавриди мусла кардан ва нишона қарор додани ҳайвон ва шикор кардани ҳайвони хобида омадааст

**1922.** Ривоят аст, ки Ибни Умар (р) мардумеро дид, ки мурғеро бастаанд ва онро нишона қарор доданд ва чун Ибни Умар (р)-ро диданд, пароканда шуданд. Ибни Умар (р) гуфт, ин корро кӣ кардааст? Паёмбари Худо (с) касеро, ки чунин коре мекунад, лаънат кардаанд.

**1923.** Ва аз Ибни Умар (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) касеро, ки ҳайвонеро мусла мекунад, лаънат кардаанд (мурод аз мусла он аст, ки узверо аз он ҳайвон пеш аз забҳ карданаш қатъ намоянд ва ё баъд аз забҳ кардан то вақте, ки ҳанӯз комилан ором нагирифтааст, ба чунин коре иқдом намоянд).

## БОБИ 9. Гӯшти мурғ

**1924.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки гӯшти мурғро мехӯрданд.

## БОБИ 10. Хӯрдани ҳайвоноти дарранда

**1925.** Аз Абӯсаъла ба (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз хӯрдани ҳайвоноти дарранда манъ карданд.

## БОБИ 11. Мушк

**1926.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Ҳамнишини хуб ва ҳамнишини бад монанди атрфурӯш ва кӯрагар (оҳангар) аст. Атрфурӯш ё барои ту аз он атр чизе медиҳад ва ё аз вай харидорӣ мекунӣ ва ё бӯи хушаш ба машомат мерасад, вале кӯрагар ё либосатро месӯзонад, ё бӯи баде аз он ба машомат мерасад.”

## БОБИ 12. Холкӯбӣ ва аломат гузоштан бар рӯй

**1927.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз задани аломат бар рӯй манъ намудаанд.

# – 66 –
# КИТОБИ ҚУРБОНӢ

## БОБИ 1. Он чиро, ки аз гӯшти қурбонӣ метавон хӯрд ва он чиро, ки метавон захира кард

**1928.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки қурбонӣ мекунад, набояд дар рӯзи саввум аз қурбонии худ чизе дошта бошад." Чун соли оянда шуд гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Имсол ҳам монанди соли гузашта чизеро захира накунем? Фармуданд: "Бихӯред ва ба мардум бидиҳед ва захира кунед, соли гузашта мардуми гурусна буданд, хостам, то ба эшон кӯмак кунед!"

**1929.** Ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) намози идро дар рӯзи иди қурбон пеш аз хутба додан адо намуд ва баъд аз намоз барои мардум хутба дод ва гуфт: Эй мардум! Шуморо Паёмбари Худо (с) аз рӯза гирифтани ин ду рӯз наҳй фармуданд: яке рӯзи иди Фитри шумо ва яке рӯзи иде, ки дар он аз қурбонии худ чизеро мехӯред.

**1930.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе ки дар ин дунё шароб хӯрда бошад ва аз он тавба накарда бошад, дар охират аз шароб хӯрдан маҳрум мегардад."

**1931.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шахси зинокор ҳангоми зино кардан мусалмон нест ва шахси шаробхӯр ҳангоми шароб хӯрдан мусалмон нест ва шахси дузд ҳангоми дуздӣ кардан мусалмон нест."

**1932.** Ва ҳамчунин аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигаре омадааст, ки (Паёмбари Худо (с) фармуданд: "... ва касе, ки чизи боаҳамиятеро дар ҳоле, ки мардум ба тарафаш нигаранд, мерабояд, мусалмон нест" (Ин шомили ҳамаи касоне аст, ки моли мардумро ба зӯр ва зулм ва ё ришва ва ё аз роҳи хиёнат ба байтулмол ва дигар роҳҳои ҳаром ба даст меоваранд).

# - 67 -
# КИТОБИ МАШРУБОТ (НӮШИДАНИҲО)

## БОБИ 1. Шаробе, ки аз асал сохта мешавад

**1933.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе аз Паёмбари Худо (с) аз ҳукми битъ, ки мардуми Яман онро аз набизи асал таҳия намуда ва меошомиданд, пурсиш намуд, фармуданд: "Ҳар шаробе, ки сабаби мастӣ шавад, ҳаром аст" (яъне асоси таҳрима мастӣ аст ва тағйири шакл ва ном ва кайфияти сохтан таъсире ба ҳаром будани он надорад).

**1934.** Аз Абӯомири Ашъарӣ ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Аз уммати ман мардуме хоҳанд омад, ки зино ва пӯшидани абрешим ва шаробу мусиқиро ҳалол медонанд ва мардуме бар болои кӯҳе будубош менамоянд ва шубон ҳангоми шаб гӯсфандонашонро наздашон мебарад (ва шахси фақире) рӯи ҳоҷате, ки дорад, назди онҳо меравад (ва аз онҳо чизе металабад), онҳо барояш мегӯянд: фардо биё. Ва Худованди мутаъол шабҳангом онҳоро ҳалок мекунад ва кӯҳро бар онҳо сарнагун месозад ва касонеро, ки наҷот ёфтанд, то ба рӯзи қиёмат ба бузина ва хук масх менамояд."

## БОБИ 2. Нам кардани хурмо дар зарфҳои оддӣ ва зарфҳои сангӣ

**1935.** Ривоят аст, ки Абӯсаъиди Соъидӣ Паёмбари Худо (с)-ро ба арӯсии худ даъват намуд ва зане, ки бо вай арӯсӣ карда буд, худаш меҳмононро хидмат мекард, он зан гуфт: Оё медонед, ки барои Паёмбари Худо (с) чӣ нӯшобаеро тақдим намудам? Чанд донае хурморо аз шаб дар зарфи зангӣ дар об нам карда будам.

## БОБИ 3. Иҷоза додани Паёмбари Худо (с) ошомиданро дар баъзе зарфҳое, ки қаблан ошомиданро дар онҳо наҳй карда буданд

**1936.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) аз сохтани набиз дар ҳар зарфе ҷуз дар машк наҳй намуданд, касе барояшон гуфт: Ҳама кас машк надорад. Ва ҳамон буд, ки барои онҳо таҳияи набизро дар ҳар зарфе ба истиснои хуми қирандуд иҷоза доданд (Набиз иборат аз хурмо ва ё мавиз аст, ки дар об андохта мешавад, то маззаашро дода ва об ширин шавад).

## БОБИ 4. Касе, ки мегӯяд “Набояд хурмои хом ва расидаро, ки сабаби искор (масткунӣ) мешавад, бо ҳам ва ду хӯришро дар як хӯриш махлут намуд”

**1937.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз кам кардани хурмои расида ва хурмои наврас бо ҳам ва аз нам кардани хурмо ва мавиз бо ҳам наҳй намуда ва фармуданд: “Ҳар кадомро ҷудогона дар об нам кунед.”

## БОБИ 5. Ошомидани шир ва ин қавли Худованд, ки мефармояд: “Аз байни ифлосӣ ва хун...”

**1938.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Абӯҳамид қадаҳи ширеро аз минтақаи Нақиъ овард Нақиъ водие аст дар беруни шаҳри Мадинаи мунаввара, ки Паёмбари Худо (с) онро барои чарондани шутурҳои байтулмол ихтисос дода буданд). Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: “Чаро рӯи онро напӯшондӣ? Агарчӣ ба рӯи қадаҳ чӯберо мегузоштӣ” (зеро пӯшондани зарф сабаби ҳифозат аз гарду ғубор ва ифлосӣ мешавад ва ин ки гуфтанд: “Агарчӣ чӯберо мегузоштӣ” мақсад ин буд, то ин шахс ба пӯшондани зарф одат бигирад).

**1939.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Беҳтарин садақа шутури навзой аст, ки дорои шири фаровон бошад ва бузи навзой аст, ки дорои шири фаровон бошад, ба тавре, ки як зарфро субҳ ва як зарфро шом пуршир кунад. (Яъне: беҳтарин садақа ва он гоҳ савоби он аст, ки барои шахси мӯҳтоҷ шутур ва ё гӯсфанди ширдеҳеро ба таври орият бидиҳӣ, то аз шири он як коса субҳ ва як коса шаб барои худ бидӯшад).

## БОБИ 6. Ошомидани шир бо об

**1940.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи шахси дигаре (ин шахс Абӯбакр (р) буд) назди шахсе аз Ансор рафтанд. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: “Агар обе, ки аз дишаб ба машк андохта бошӣ, наздат бошад, биёвар, то бинӯшам ва агар мавҷуд набошад, бо даҳони худ об хоҳем нӯшид” (Яъне, агар оби сарди ошомиданӣ дошта бошӣ, барои мо биёвар, варна аз ҳамин ҷӯи об менӯшем). Он шахс заминашро обёрӣ мекард ва барои Паёмбари Худо (с) гуфт: Чунин обе наздам мавҷуд аст, бифармоед, ба дохили соябон биравед. Онҳоро ба дохили соябон бурд ва барояшон дар қадаҳ миқдори об рехт ва бар болои об аз бузе, ки дар онҷо баста буд, миқдоре шир андохт ва тақдим намуд. Аввал Паёмбари Худо (с) аз он шир ошомиданд ва сипас он шахсе, ки ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) омада буд, нӯшид.

## БОБИ 7. Ошомидан дар ҳолати истода

**1941.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки дар (боби Раҳба), дар Кӯфа барояш обе оварданд, ӯ он обро дар ҳолати истода нӯшид ва гуфт: Баъзе аз мардум об нӯшиданро дар ҳолати истода макрӯҳ мешиндоранд ва ман хӯрдам. Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ба ҳамин тарике, ки ман об нӯшидам, об нӯшиданд.

**1942.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар ҳолати истода аз оби зам-зам нӯшиданд (ва аз ҳамин сабаб гуфтанд: Суннат аст, ки оби зам-зам дар ҳолати истода нӯшида шавад)."

## БОБИ 8. Нӯшидани об аз даҳони машк

**1943.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз нӯшидани об аз даҳони машк наҳй фармуданд.

**1944.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз нӯшидан аз даҳани машк ва қирба (қирба навъи дигаре аз машк аст) ва аз ин, ки шахсе ҳамсояашро аз кӯбидани мех ба девори хонааш манъ кунад, наҳй фармуданд (Ин дар сурате аст, ки он ҳамсоя аз кӯбидан ва ё гузоштани чӯб ва мех ба девораш зарар набинад, варна ин кор барояш раво нест).

## БОБИ 9. Наҳй намудан аз нафас кашидан дар зарф ва ин, ки бояд ошомидан ба ду ва ё се нафас бошад

**1945.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоми об нӯшидан се бор нафас мекашиданд.

## БОБИ 10. Зарфҳои нуқра

**1946.** Аз Умми Салама (р) ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар зарфи нуқра об менӯшад, дар воқеъ оташи ҷаҳаннамро дар шиками худ мерезонад."

## БОБИ 11. Ошомидан дар қадаҳ

**1947.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба Сақифаи бани Соъида (Сақифаи бани Соъида ҷое аст дар дохили шаҳри Мадинаи мунаввара ва дар ҳамин ҷо буд, ки барои Абӯбакр (р) байъати хилофат сурат гирифт), омада ва фармуданд: "Эй Саҳл, барои мо об бидеҳ." Ман баромадам ва бо ҳамин қадаҳ барояшон об овардам. Ровӣ мегӯяд, ки Саҳл ҳамон қадаҳро овард ва аз он об нӯшидем ва мегӯяд: Баъд аз он Умар ибни Абдулазиз аз вай хост, то он қадаҳро барояш бибахшад ва ӯ он қадаҳро барояш бахшид.

**1948.** Ривоят аст, ки қадаҳи Паёмбари Худо (с) назди Анас ибни Молик (р) буд ва гуфт: Барои Паёмбари Худо (с) дар ҳамин қадаҳ чандин бор об додам ва дар он қадаҳ ҳалқае аз оҳан буд. Ин қадаҳ дар замони худи Паёмбари Худо (с) тарк ва шикоф бардошта буд ва худи он ҳазрат (с) ҳалқаи оҳаниро ҷиҳати маҳкам кардан ба он баста буданд) ва Анас (р) мехост ба ивази он ҳалқаеро аз тилло ва ё нуқра бар он насб намояд, вале Абуталҳа барояш гуфт: Чизеро, ки худ Паёмбари Худо (с) сохтаанд, тағйир мадеҳ. Ва ӯ аз тасмими худ баргашт.

# – 68 –
# КИТОБИ БЕМОРИҲО

## БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди каффораи беморӣ омадааст

**1949.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ ва Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Худованд ба сабаби машаққат ва дарду мусибат ва андӯҳ, зараду ғам ва ҳатто хоре, ки ба пои мусалмон мехалад, аз гуноҳони ӯ мебахшад."

**1950.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Мусалмон монанди шохаи тару тозаест, аз ҳар тарафе, ки бод ба вай вазад, мутамоил мегардад (вале намешиканад) ва чун қавӣ гардад, омодаи таҳаммули масоибу сахтиҳо мегардад.

Шахси фоҷир монанди шохаи дарахти арзаҳ аст, ки хушк ва рост истодааст ва ҳар он омодаи он аст, ки Худованд онро дарҳам бишканад" (яъне: мусалмон аз ғам ва андӯҳе, ки барояш мерасад, мутаассир мегардад, вале маънавиётн худро аз даст намедиҳад).

**1951.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касеро, ки Худованди мутаъол барояш иродаи хайр дошта бошад, гирифтори машокил месозад."

## БОБИ 2. Шиддати беморӣ

**1952.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ касеро надидам, ки дардаш аз дарди Паёмбари Худо (с) шадидтар бошад (мурод аз ин ҳамон дарде аст, ки Паёмбари Худо (с) аз он вафот намуданд).

**1953.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоми бемории Паёмбари Худо (с) назди эшон омада ва дидам, ки маразашон шадид шудааст, гуфтам: Дарди шумо шадид шудааст, шояд сабабаш ин бошад, ки барои шумо ду музд дода шавад. (Яъне, чун шиддати бемории шумо дучанди шиддати бемории дигарон аст, музди он низ дучанди музди дигарон аст). Фармуданд: "Бале! Мусалмон ба ҳеҷ мусибате дучор намегардад, магар он, ки Худованд ба сабаби он мусибат гуноҳашро ба монанди барги дарахт мерезонад."

## БОБИ 3. Фазилати касе, ки ба сабаби бод беҳуш мегардад

**1954.** Ривоят аст, ки Ибни Аббос (р) ба яке аз дӯстонаш гуфт: Оё занеро аз аҳли ҷаннат барои ту нишон бидиҳам? Гуфт: Бале. Гуфт: Ҳамин зани сиёҳ аст, ки назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ман гоҳе беҳуш мешавам ва баъзе аз аъзоям бараҳна мегардад, дар ҳаққи ман дуо кунед.

Фармуданд: "Агар мехоҳӣ, сабр кун ва биҳишт насибат хоҳад шуд ва агар мехоҳӣ, дуо кунам, ки шифо биёбӣ." Гуфт: Сабр мекунам, вале (дар ҳини беҳушӣ) танам бараҳна мешавад, бароям дуо кунед, ки бараҳна нагардам. Ва (Паёмбари Худо (с) барояш дуо карданд.

## БОБИ 4. Фазилати касе, ки бинояшро аз даст медиҳад

**1955.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Худованди мутаъол мефармояд: "Агар бандаамро ба аз байн бурдани бинояш мубтало созам ва ӯ сабр намояд, дар ивази он ҷаннатро барояш медиҳам."

## БОБИ 5. Ибодати бемор

**1956.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) (ҳангоми беморияш) ба аёдатам омаданд, на ба хар савор буданд ва на ба аспе.

## БОБИ 6. Нола ва шикояте, ки барои бемор раво аст

**1957.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Вой сарам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар ту мурдӣ ва ман зинда будам, бароят талаби омурзиш намуда ва дар ҳаққи ту дуо мекунам." Оиша (р) гуфт: Во мусибато, ба Худованд савганд, тавре маълум мешавад, ки ба марги ман хуш ҳастед. Ва агар чунин бошад, то охирин рӯз шумо бо баъзе аз ҳамсарони худ ҳамбистар мешавед.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Балки ман мегӯям, ки вой сари ман (Яъне во мусибаторо бояд ман бигӯям, на ту, зеро ман мемирам ва ту зинда мемонӣ) ва тасмим гирифтам, ки Абӯбакр ва фарзандашро (ки Абдурраҳмон (р) аст ва дар "Саҳеҳ"-и Муслим ин чиз ба таври сареҳ мазкур аст) биталбам ва пеши аз ин, ки мардум чизе бигӯянд ва ё касоне, ки орзуи хилофатро доранд, хилофатро орзу намояд (амири хилофатро) возеҳ созам, вале баъд аз он бо худ гуфтам, ки Худованд ин корро ҷуз барои Абӯбакр, барои каси дигаре насиб намекунад ва мусалмонон ҳам ҷуз хилофати Абӯбакр хилофати дигареро қабул нахоҳанд кард." Ва ё гуфтанд, ки "адфаъуллоҳ ва яъбал мӯъминун." Ва шак дар тақдим ва таъхири ин иборат аз тарафи ровӣ аст.

## БОБИ 7. Беморе, ки орзуи марги худро дорад

**1958.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳеҷ касе набояд ба сабаби беморӣ марги худро талаб намояд ва агар ночор аст, фақат бигӯяд, ки Худоё! То вақте, ки зиндагӣ бароям беҳтар аст, маро зинда нигаҳ дор ва вақте, ки марг бароям беҳтар бошад, маро бимирон."

**1959.** Аз Хаббоб (р) ривоят аст, ки худро ҳафт бор доғ намуд ва гуфт: Касоне, ки аз мо пештар буданд, мурданд ва дори дунё аз савоби охирати онҳо чизеро кам карда натавонист. (Яъне фирефтагии онҳо ба дунё тавре набуд, ки охиратро аз ёдҳо бурда бошад ва дар натиҷаи ин амр сабаби нуқсони савоби онҳо гардида бошад). Вале дунё ончунон ба мо рӯй овардааст, ки барои масрафи он раҳе ба ҷуз аз хок ва гил (яъне таъмир ва сохтмон) намебинем. Ва агар Паёмбари Худо (с) аз орзу кардани марг манъ намекарданд, ман марги худро талаб мекардам.

**1960.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ҳеҷ касро амалаш ба ҷаннат намебарад." Гуфтанд: Ҳатто шуморо, ё Расулаллоҳ? Фармуданд: "Ва ҳатто маро, магар он, ки Худованди мутаъол мавриди лутф ва инояти худ қарор диҳад, пас дар аъмоли худ миёнаравиро пешаи худ созед ва набояд ҳеҷ касе марги худро талаб намояд, зеро агар некӯкор бошад, шояд корҳои неки бештареро анҷом диҳад ва агар бадкор бошад, эҳтимол дорад, ки аз корҳои бадаш тавба намояд."

## БОБИ 8. Дуои аёдати бемор

**1961.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Паёмбари Худо (с) ба хабаргирии беморе мерафтанд ва ё бемореро наздашон меоварданд, мегуфтанд: "Парвардигоро! Маразро аз байн бибар ва шифояш бидеҳ, ки шафодиҳанда ту ҳастӣ ва шифое ҷуз шифои ту нест. Ва ончунон шифое бидеҳ, ки ҳеҷ дарде ба ӯ боқӣ намонад."

# - 69 -
# КИТОБИ ТИБ

## БОБИ 1. Ҳеҷ дардеро Худованд надодааст, магар он, ки давоеро барояш омода намудааст

**1962.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Худованд ҳеҷ дардеро надодааст, магар он, ки барояш шифоеро омода намудааст."

## БОБИ 2. Шифо дар се чиз аст

**1963.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Шифо дар се чиз аст. Нӯшидани асал, нештари ҳиҷоматгар ва сихи доғгар ва умматамро аз доғ кардан манъ мекунам."

## БОБИ 3. Муолиҷа намудан ба асал ва ин қавли Худованд, ки: "Дар асал шифое аст барои мардумон" *(Наҳл: 69)*

**1964.** Аз Абӯсаъид (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Шиками бародарам дард мекунад. Фармуданд: "Барояш асал бидеҳ." Боз дубора омад (ва ҳамон суханро такрор намуд). Фармуданд: "Барояш асал бидеҳ." Бори саввум омад ва боз гуфтанд: Барояш асал бидеҳ. Бори чаҳорум омаду гуфт: чунин кардам (яъне барояш чанд бор пай дар пай асал додам, вале шифо наёфт. Фармуданд: "Худованд рост мегӯяд, (мурод аз он, ин қавли Худованди мутаъол аст, ки мефармояд: **Фиҳи шифоун линноси**) ва шиками бародарат дурӯғ, барояш асал бидеҳ." Он шахс барои бародараш асал дод ва бародараш шифо ёфт.

## БОБИ 4. Сиёҳдона

**1965.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ин сиёҳдона барои ҳар дарде ғайр аз дарди сом шифо аст." Гуфтам: Сом чист? Фармуданд: Марг.

## БОБИ 5. Қатраи бинӣ аз қусти ҳиндӣ ва қусти дарёӣ

**1966.** Аз Умми Қайс бинти Миҳсан (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз

Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Аз ин уди ҳиндӣ истифода кунед, зеро дар он ҳафт шифо аст: агар дар бинӣ чаконда шавад, дарди гулӯро шифо медиҳад ва агар ба ҳалқ рехта шавад, барои марази зотулҷанб даво аст." Бақияи ҳадис қаблан гузашт.

## БОБИ 6. Ҳиҷомат аз беморӣ

**1967.** Ҳадиси Анас (р) дар мавриди ин, ки Абӯтайиба Паёмбари Худо (с)-ро ҳиҷомат намуд, қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Беҳтарин чизе, ки ба он давоӣ намудаед, ҳиҷомат ва қусти баҳрӣ аст." Ва фармуданд: "Кӯдакони худро ба молидани ҳалқу гулӯ ба сабаби дарди гулӯи онҳо (ки он варам кардани навазатайн (зиндонакҳо) бошад) азоб надиҳед, балки эшонро ба қуст муъолиҷа намоед."

## БОБИ 7. Касе, ки ба таъвизот муолиҷа накардааст

**1968.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳамаи умматҳо бароям нишон дода шудаанд, як ва ду паёмбарро дидам, ки бо гурӯҳе аз уммати худ мераванд ва паёмбареро дидам, ки ҳеҷ касе бо ӯ нест, то ин, ки гурӯҳи бузурге бароям намоён шуданд, пурсидам: Инҳо киёнанд? Оё уммати ман ҳастанд? Гуфтанд, ки Мӯсо (а) ва уммати ӯ мебошанд.

Бароям гуфта шуд, ки ба уфуқ назар кун. Чун нигоҳ кардам, дидам, гурӯҳе аст, ки уфуқро пур кардааст. Ва бароям гуфтанд, ки ин тарафу он тараф ба офоқи осмон нигоҳ кун. (Чун нигоҳ кардам) дидам, он қадар мардум аст, ки уфукро пур кардаанд. Бароям гуфтанд, ки инҳо уммати ту ҳастанд ва аз ин гурӯҳ ҳафтод ҳазор нафар бидуни ҳисоб ба ҷаннат дохил мешаванд."

Баъд аз ин сухан Паёмбари Худо (с) бидуни ин, ки тавзеҳи бештаре бидиҳанд, ба хонаи худ рафтанд, ашк аз чашмони мардум ҷорӣ гашт ва бо худ гуфтанд: Оё ин ҳафтод ҳазор нафар моён хоҳем буд, ки ба Худо имон овардаем ва аз расулаш мутобиъат намудем ва ё фарзандони мо, ки дар Ислом ба дунё омадаанд, зеро мо дар ҷоҳилият ба дунё омада будем. Ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид, назди онҳо омада ва фармуданд: "Онҳое, ки бидуни ҳисоб ба ҷаннат мераванд, касонеанд, ки руқия ва афсун намекунанд ва ба паррандагон (ва амсоли онҳо) фоли бад намезананд (масалан бигӯянд, ки фалон парранда наҳс аст, агар бар девори хонаи шахсе бинишинад, сабаби бадбахтиаш мешавад ва ё бемориаш мемирад ва ё молаш талаф меёбад ва монанди ин чизҳо) ва аз доғ кардан иҷтиноб меварзанд ва бар Парвардигори худ таваккал мекунанд."

Укоша ибни Меҳсан (р) гуфт: "Ё Расулаллоҳ! Оё ман ҳам аз инҳо (яъне аз ҳамин ҳафтод ҳазор нафар) хоҳам буд? Фармуданд: "Бале."

Шахси дигаре бархост ва гуфт (ин шахс Саъд ибни Убода (р) буд): Оё ман ҳам аз эшон хоҳам буд? Фармуданд: "Дар ин амр Укоша аз ту сабқат намуд."

## БОБИ 8. Маразн чузом (песӣ)

**1969.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "На сироят (ба зоти худ) таъсире дорад ва на фоли бад гирифтан, на бум таъсире дорад ва на моҳи сафар ва аз марази чузом тавре бигурезед, ки аз шер мегурезед (ва мутаассифона, то ҳозир мусалмони бисёре бумро аломати наҳс ва сездаҳ рӯзи аввали моҳи Сафарро рӯзҳои мухотара (дар хатар афтодам) ва шарорат медонанд).

## БОБИ 9. Таъсире аз сафар нест

**1970.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигар омадааст, ки шахси бодиянишине гуфт: Ё Расулаллоҳ! Чӣ сабаб аст, ки шутурҳоям дар саҳро монанди оҳу аст ва чун шутури гаргине (гарг бар вазни барг як навъи маразе аст, ки пӯсти ҳайвонро мегирад ва сабаби резиши мӯй ва хориши фаровон мешавад), дар байни онҳо дохил мешавад, ҳамаро гаргин месозад? Фармуданд: "Шутури аввалро кӣ гаргин сохтааст?"

## БОБИ 10. Марази зотулчанб

**1971.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ба хонаводае аз Ансор (ки хонавода Оли Умар ибни Ҳазм мебошанд) ичоза доданд, ки аз газидагии хазандагон ва дарди гӯш дуохонӣ намоянд. Анас (р) мегӯяд: Ман худро аз марази зотулчанб дар замони ҳаёти Паёмбари Худо (с) доғ намудам ва дар ҳоле Абӯталҳа ва Анас ибни Назр ва Зайд ибни Собит ҳузур доштанд, Абӯталҳа маро доғ кард.

## БОБИ 11. Таб аз ҳарорати чаҳаннам аст

**1972.** Ривоят аст, ки чун занеро, ки таб карда буд, назди Асмоа бинти Абӯбакр (р) меоварданд, то барояш дуо кунад, Асмоа (р) рӯи синааш об мерехт ва мегуфт: Паёмбари Худо (с) ба мо амр намудаанд, табро бо об сард бисозем.

## БОБИ 12. Он чӣ, ки дар мавриди тоъун (вабо) омадааст

**1973.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Тоъун барои ҳар мусалмон шаҳодат аст" (яъне касе, ки аз бемории тоъун мемирад, барояш савоби касе аст, ки ба шаҳодат мерасад).

## БОБИ 13. Дуохонӣ аз чашмрасӣ

**1974.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои ман амр карданд, ё Паёмбари Худо (с) амр карданд, ки аз чашмрасӣ дуохонӣ шавад.

**1975.** Ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар хонаи Умми Салама (р) духтаракеро диданд, ки дар рӯяш сиёҳӣ пайдо шудааст. Фармуданд: “Ӯро дуохонӣ кунед, зеро ӯ назар шудааст.”

## БОБИ 14. Дуохонӣ аз газидани мор ва ақраб

**1976.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дуохониро аз газидани ҳар газандаи заҳрдоре иҷоза доданд.

## БОБИ 15. Кайфияти дуохонии Паёмбари Худо (с)

**1977.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барои бемор чунин мегуфтанд: “Хоки сарзамини мо ба оби даҳони мо марази моро ба хости Парвардигори мо шифо мебахшад.”

## БОБИ 16. Фоли нек

**1978.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: “Бадшугунӣ нест ва беҳтар аст, ки инсон фоли нек бигирад.” Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Фоли нек чӣ гуна аст? Фармуданд: “Сухани неке аст, ки касе аз дигаре мешунавад.”

## БОБИ 17. Пешгӯӣ

**1979.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Ду зан ба ҳам ҷанг карданд. Яке бо санг ба шиками дигаре, ки ҳомила буд, зад ва баччаи шикамашро кушт. Онҳо назди Паёмбари Худо (с) даъво намуданд ва эшон ҳукм карданд, ки дияти (хунбаҳои) он тифл як ғулом ё як каниз аст. (Валии амри) зане, ки бояд диятро мепардохт, гуфт: Ё Расулаллоҳ! Аз касе, ки на чизе хӯрда ва на чизе ошомида, на сухане зада ва на ҳатто овозе кашидааст, чӣ гуна дият бидиҳам? Хуни чунин шахсе ҳадар аст. Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ин шахс аз дору дастаи коҳинон аст.”

## БОБИ 18. Баъзе аз баёнот сеҳромез аст

**1980.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки ду нафар аз мардуми машриқзамин омада ва баёния доданд. Мардум аз баёнияи онҳо ба тааҷҷуб афтоданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Баъзе баёнот (ё баъзе аз баёнот) сеҳромез аст.”

## БОБИ 19. Сироятe нест

**1981.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Шахси мариз назди шахси тандуруст оварда нашавад."

## БОБИ 20. Муолиҷа бо заҳр ва он чӣ, ки зарарнок буда ва бояд аз он парҳез шавад

**1982.** Ва аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки худро аз кӯҳ андохта ва худкушӣ менамояд, дар оташи дӯзах ба таври ҷовидона ҳамон тавр суқут мекунад ва меафтад. Ва касе, ки заҳреро нӯшида ва ба он заҳр худкушӣ менамояд, ҳамон заҳр дар оташи дӯзах дар дасташ буда ва аз он ба таври доимӣ менӯшад. Ва касе, ки бо оҳане худкушӣ менамояд, ҳамон оҳан дар оташи дӯзах ба дасташ буда ва ба таври доимӣ ва абадӣ онро ба шиками худ дохил мекунад."

## БОБИ 21. Агар магасе дар зарф меафтад

**1983.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар магасе дар зарфи шумо афтод, онро ба таври комил ғӯта диҳед, зеро дар як болаш шифо ва дар як боли дигараш мараз аст."

# - 70 -
# КИТОБИ ЛИБОС

## БОБИ 1. Андозае, ки аз буҷулак дарозтар бошад, дар оташ аст

**1984.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Изоре; ки аз буҷулак поёнтар бошад, дар оташи дӯзах аст.” (Буҷулак устухони баромадае аст, ки дар банди по қарор дорад ва маънии ҳадис ин аст, ки он чиро, ки изор аз буҷулаки по ва поёнтар аз он мепӯшонад, дар оташи дӯзах месӯзад).

## БОБИ 2. Либоси гулдор, хатдор ва қабо

**1985.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст: Паёмбари Худо (с) аз ҳар либосе ҳибрро бештар дӯст доштанд ҳибр навъе аз бурди ямонӣ аст, ки аз пунба сохта мешавад).

**1986.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки чун Паёмбари Худо (с) вафот ёфтанд, ба бурди ямонии сабзранге (ва ё бурди ямонии хатдоре) пӯшонда шуданд.

## БОБИ 3. Либоси сафед

**1987.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) омадам, дидам, ки хоб ҳастанд ва ҷомаи сафеде болои эшон андохта шудааст. Бори дуввум омадам, дидам, ки бедор шудаанд ва фармуданд: “Ҳеҷ бандае нест, ки “Ло илоҳа иллаллоҳ” бигӯяд ва баъд аз он бимирад, магар он, ки ба ҷаннат меравад.” Гуфтам: Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад? Фармуданд: “Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад.” Гуфтам: Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад? Фармуданд: “Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад.” Гуфтам: Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад? Фармуданд: “Агарчанде зино ва дуздӣ карда бошад, ба рағми анфи Абӯзар.” Ва чун Абӯзар (р) ин ҳадисро ривоят мекард, (дар охир) мегуфт “ба рағми анфи Абӯзар” (маънои рағми анф ба хок молидани бинӣ аст ва ин дар ҷое гуфта мешавад, ки коре бар хилофи иродаи шахсе анҷом пазирад).

## БОБИ 4. Пўшидани абрешим барои мардон ва истеъмоли миқдоре, ки аз абрешим ҷавоз дорад

**1988.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз истеъмоли абрешим манъ карданд, магар ин андозаро, ба ангушти шаҳодат ва ангушти миёнаи худ ишора намуд. (Ва мегуфт:) Ин андоза ҳам бояд барои зиннати либос бошад.

## БОБИ 5. Фарш кардани абрешим

**1989.** Ва аз Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе ки абрешимро дар дунё мепўшад, дар охират намепўшад."

**1990.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) моро аз хўрдан ва ошомидан дар зарфи тилло ва нуқра ва аз пўшидани ҳарир ва дебоҷ ва аз нишастан бар он наҳй фармуданд.

## БОБИ 6. Мамнўъ будани истеъмоли заъфарон барои мардҳо

**1991.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз истеъмоли заъфарон (дар бадан ва либос) барои мардҳо манъ фармуданд.

## БОБИ 7. Кафшҳои чилдӣ ва ғайра

**1992.** Ривоят аст, ки касе аз Анас (р) пурсид, ки оё Паёмбари Худо (с) бо кафш намоз мехонданд? Гуфт: Бале.

**1993.** Аз Абўҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе набояд бо як кафш роҳ биравад, ё ҳар ду кафшро аз пояш барорад ва ё ҳардуро бипўшад."

## БОБИ 8. Кашидани кафши пои чап

**1994.** Аз Абўҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Вақти кафш пўшидан аз пои рост ва ҳангоми баровардан аз пои чап шурўъ намоед, ба тавре, ки пои рост аввалин по дар кафш пўшидан ва охирин по дар кафш баровардан бошад."

## БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки: "Набояд бар бар ангуштари худ навишта кард"

**1995.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ангуштаре аз нуқра барои худ сохтанд ва рўи он навиштанд: "Муҳаммадун Расулуллоҳ" ва фармуданд: "Ман ангуштаре аз нуқра

барои худ сохтам ва рӯи он "Муҳаммад Расулуллоҳ"-ро нақш намудам ва шумоён рӯи ангуштари худ чунин чизеро нақш накунед."

## БОБИ 10. Касоне, ки худро шабеҳи зан месозанд, бояд аз хонаҳо хориҷ сохта шаванд

**1996.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мардҳоеро, ки худро монанди занҳо месозанд ва занҳоеро, ки худро ба шакли мардҳо дармеоваранд, лаънат намуда ва фармуданд: "Инҳоро аз хонаҳои худ берун кунед." Ибни Аббос (р) мегӯяд, ки Паёмбари Худо (с) фалонӣ ва Умар (р) фалониро хориҷ намуданд.

## БОБИ 11. Риш гузоштан

**1997.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Бо мушрикин мухолифат намоед, ришҳои худро нигоҳ доред ва бурутҳои худро бичинед."

## БОБИ 12. Ранг додани (сару риш)

**1998.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Яҳуд ва насоро (сару риши худро) ранг намедиҳанд. Шумо бо онҳо мухолифат намоед." (Яъне сару риши худро ранг диҳед ва ин амр барои истиҳбоб аст, на барои вуҷуб).

## БОБИ 13. Мӯи муҷаъъад

**1999.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Мӯи Паёмбари Худо (с) мӯи шоназада буд, на хеле муҷаъъад буд ва на хеле афтода ва (дарозии он) байни гӯш ва дӯш буд.

**2000.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дасту пои Паёмбари Худо (с) қавӣ ва рӯи эшон зебо буд, на пеш аз он ва на баъд аз он касеро ба он зебоӣ дида будам ва кафҳои дасти эшон кушода буд (ва баъзе мегӯянд, ки мурод аз кушодагии кафи даст киноя аз ҷуд ва саховат аст).

## БОБИ 14. Нигоҳ доштани мӯи пешонӣ ё мӯи назрӣ

**2001.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки аз нигоҳ доштани мӯи пешонӣ ва мӯи назрӣ наҳй фармуданд (яъне раво нест, ки мӯи тамоми сар тарошида шавад ва танҳо мӯи пешонӣ нигоҳ дошта шавад).

## БОБИ 15. Атр задани зан шавҳарашро

**2002.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро аз беҳтарин атре, ки доштанд, то ҷое атр мезадам, ки аломати атрро дар сару рӯи эшон мушоҳида менамудам.

## БОБИ 16. Хушбӯиро набояд рад кард

**2003.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) хушбӯиро рад намекарданд.

## БОБИ 17. Хушбӯии махлут

**2004.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дар ҳаҷҷатулвадоъ бо дасти худ аз хушбӯӣ, ки махлут буд, дар вақти эҳром бастан ва дар вақти берун шудан аз эҳром атр задам.

## БОБИ 18. Азоби суратгирандагон дар рӯзи қиёмат

**2005.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касоне, ки ин тасвирҳоро мекашанд, дар рӯзи қиёмат таъзиб мешаванд ва барои онҳо гуфта мешавад: чизҳоеро халқ кардаед, зинда кунед." (Ин ҳадис ба таври сареҳ далолат бар таҳрими (ҳаром будани) тасвир дорад. Вале дар ин аср чун дар баъзе ҳолатҳо тасвир зарурӣ мебошад, метавон гуфт, ки ба асоси қоидаи (аззаруроту тубиҳул маҳзурот) чунин амале барои зарурат раво аст. Чунончӣ хӯрдани гӯшти хук ҳаром аст, вале дар вақти зарурат ва садди рамақ хӯрдани он мубоҳ мегардад).

## БОБИ 19. Аз байн бурдани тасовир (суратҳо)

**2006.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Худованди мутаъол мегӯяд: Оё аз касе, ки мехоҳад монанди халқи ман халқ намояд, касе золимтар хоҳад буд? Агар метавонанд як донаеро халқ намоянд. Агар метавонанд як зарраеро халқ намоянд. Ва дар ривояти дигар омадааст, ки "пас агар метавонанд, як ҷаверо халқ намоянд."

# - 71 -
# КИТОБИ АДАБ

## БОБИ 1. Сазовортарин ашхос ба эшон

**2007.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулаллоҳ! Сазовортарин шахс, ки барояш эҳсон кунем, кист? Фармуданд: "Модари ту." Гуфт: Баъд аз он кист? Фармуданд: "Баъд аз он ҳам модари ту." Гуфт: Баъд аз он кист? Фармуданд: "Баъд аз он ҳам модари ту." Гуфт: Баъд аз он кист? Фармуданд: "Баъд аз он падари ту."

## БОБИ 2. Набояд касе падару модарашро дашном бидиҳад

**2008.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз бузургтарин гуноҳон ин аст, ки шахсе падару модарашро лаънат кунад." Касе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Чӣ гуна мумкин аст, касе падару модарашро лаънат кунад? Фармуданд: "Инсон падари шахси дигарро дашном медиҳад ва он шахс падарашро дашном медиҳад ва модари дигареро дашном медиҳад ва он шахс модарашро дашном медиҳад."

## БОБИ 3. Гуноҳи қатъкунандаи силаи раҳм (робитаи хешовандӣ)

**2009.** Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки силаи раҳмро қатъ мекунад, ба ҷаннат дохил намешавад."

## БОБИ 4. Касе, ки (силаи раҳм)-ро баҷо биёварад, Худованд ӯро мавриди раҳмати худ қарор медиҳад

**2010.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Силаи раҳм аслаш аз номи Раҳмон аст ва аз ин ҷо аст, ки Худованди мутаъол фармуд: "Касе, ки силаи раҳмро ба ҷо биёварад, ӯро мавриди раҳмати худ қарор медиҳам ва касе, ки силаи раҳмро қатъ кунад, ӯро аз раҳмати худ дур месозам."

## БОБИ 5. Силаи раҳм аз тароваташ тоза мегардад

**2011.** Аз Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: "Аз Паёмбари Худо (с) на ба таври пинҳонӣ, балки ба таври ошкоро шунидам, ки фармуданд: "Ҳамаи хонаводаи Абӯфалон дӯстони ман нестанд, гӯянд мурод аз хонаводаи Абӯфалон оли Абӯлъос ибни Умайя мебошад), балки дӯсти ман Худованди мутаъол ва мусалмонони некӯкоронанд, вале ҳаққи силаи раҳмро дар мавриди хонаводаи Абуфалон ба ҷо меоварам."

## БОБИ 6. Силаи раҳм он нест, ки дар муқобили силаи раҳм бошад

**2012.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Силаи раҳм он нест, ки некӯӣ дар муқобили некӯӣ бошад, балки силаи раҳм он аст, ки агар касе силаи раҳмро бо ӯ қатъ мекунад, ӯ силаи раҳмро баҷо биёварад."

## БОБИ 7. Дӯст доштани фарзанд ва бӯсидан ва дар оғӯш гирифтани он

**2013.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахси бодиянишине назди Паёмбари Худо (с) омад ва пурсид. Оё шумо атфоли худро мебӯсед? Фармуданд: "Бале." Он шахс гуфт: Вале мо атфоли худро намебӯсем. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Дар сурате, ки Худованд раҳмату меҳрубониро аз қалби ту хориҷ намудааст, ман барои ту чӣ коре карда метавонам?"

**2014.** Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки асиронеро назди Паёмбари Худо (с) оварданд, аз ҷумлаи асирон зане буд, ки шир аз синаҳояш мерехт ва ҳар тифлеро, ки дар байни асирон медид, ба синааш меандохт ва ӯро шир медод. Паёмбари Худо (с) аз моён пурсиданд: "Оё мумкин аст, ин зан фарзандашро дар оташ биандозад?" Гуфтем: На, ҳаргиз. Агар ба ихтиёраш бошад, чунин коре намекунад. Фармуданд: "Яқинан, Худованди мутаъол бар бандагони худ аз ин зан нисбат ба фарзандаш мехрубонтар аст."

## БОБИ 8. Худованди мутаъол раҳматро сад қисмат кардааст

**2015.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Худованди мутаъол раҳматро сад қисмат кардааст, наваду нӯҳ қисматро назди худ нигаҳ доштааст ва як қисматро бар рӯи замин нозил намудааст ва аз ҳамин як қисмат аст, ки мардум бо якдигар мехрубонӣ мекунанд. Ҳатто асп пояшро баланд

нигоҳ медорад, то мабодо бар курааш осебе бирасад." (Ва дар ривояти дигар омадааст, ки фармуданд: "Ва Худованд ин сад раҳмати худро дар рӯзи қиёмат бо ҳамин раҳмати дунё комил мекунад").

## БОБИ 9. Ниҳодани тифл бар болои рон

**2016.** Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) маро бардоштанд ва бар болои як рони худ ва Ҳасанро (р)-ро бар болои рони дигари худ шинонданд. Сипас ҳардуи моро бо ҳам фишор дода ва мегуфтанд: "Худоё, барои онҳо меҳрубонӣ кун, чун ман онҳоро дӯст медорам."

## БОБИ 10. Раҳмати инсонҳо ва чорпоён

**2017.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои хондани намозе бархостанд ва мо ҳам бо эшон бархостем, шахси бодиянишине дар дохили намоз гуфт: Худоё! Фақат барои ман ва Муҳаммад раҳмат кун ва барои дигаре бо мо раҳмат макун. Чун Паёмбари Худо (с) салом доданд, ба он шахси бодиянишин гуфтанд: "Чизи бисёрро кам сохтӣ."

**2018.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Мусалмонони комил дар меҳрубонӣ ва дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба ҳам монанди як ҷисм ҳастанд, ки чун узве аз он ҷисм бемор гардад, дигар аъзои ҷасад ба бедорхобӣ ва таб ба кӯмаки он узви бемор мешитобанд."

**2019.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки (р) фармуданд: "Ҳар мусалмоне, ки ниҳолеро шинонад ва инсон ва ё ҳайвоне аз он ниҳол чизе бихӯрад, он чиз барои касе, ки ниҳолро шинондааст, садақа маҳсуб мешавад."

**2020.** Аз Ҷарир ибни Абдуллои Баҷалӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки (барои дигарон) раҳм накунад, мавриди раҳмати (Худованди мутаъол) қарор намегирад."

## БОБИ 11. Ба ҳамсоя бояд некӣ намуд

**2021.** Аз Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Он қадар Ҷабраил (ъ) маро (ба некӣ кардан) барои ҳамсоя васият мекард, ки бо худ гуфтам: шояд ҳамсояро ворисИ ҳамсоя созад."

## БОБИ 12. Гуноҳи касе, ки ҳамсояаш аз озораш дар амон нест

**2022.** Аз Абӯшурайҳ (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба Худованд савганд, ки имон надорад, ба Худованд

савганд, ки имон надорад, ба Худованд савганд, ки имон надорад." Касе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Кист ки (имон надорад?) Фармуданд: "Касе, ки ҳамсояаш аз озораш дар амон нест."

## БОБИ 13. Касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, набояд ҳамсояашро азият намояд

**2023.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, набояд ҳамсояашро азият намояд ва касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд меҳмонашро эҳтиром намояд ва касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, ё бояд сухани хайрхоҳонае бигӯяд ва ё хомӯш бошад."

## БОБИ 14. Ҳар кори неке садақа аст

**2024.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳар кори неке садақа аст."

## БОБИ 15. Дар ҳамаи корҳо бояд миёнаравӣ намуд

**2025.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд мадоро ва миёнаравиро дар ҳамаи корҳо дӯст дорад."

## БОБИ 16. Ҳамкории мусалмонон бо якдигар

**2026.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мусалмон барои мусалмон монанди деворе аст, ки як қисмати он қисмати дигарро нигоҳ медорад." Баъд аз он ангуштони худро дохили якдигар намуданд. Ва дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) нишаста буданд, шахсе ва ё ҳоҷатманде омад ва чизе талаб намуд, эшон дар ин вақт рӯи худро ба тарафи мо намуда ва фармуданд: "Шафоати якдигари худро бикунед, барои шумо музд дода мешавад ва Худованд он чиро, ки хоста, бошад бар забони Набии худ ҷорӣ месозад."

## БОБИ 17. Паёмбари Худо (с) бадзабон ва носазогӯй набуданд

**2027.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дашномдиҳанда ва фаҳшдиҳанда ва лаънаткунанда набуданд. Ҳангоми қаҳр барои моён чунин мегуфтанд: "Чаро фалонӣ чунин кардааст, пешониаш хоколуд шавад."

## БОБИ 18. Фазилати ахлоқи накӯ ва саховат ва бад будани бахилӣ

**2028.** Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ гоҳ Паёмбари Худо (с) дар муқобили талаб ва хостаи касе "на" нагуфтаанд.

**2029.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Даҳ сол барои Паёмбари Худо (с) хидмат намудам, як бор ҳам бароям "уф" ва ё ин ки: "чаро чунин кардӣ ва чунон накардӣ" нагуфтаанд.

## БОБИ 19. Набояд касеро дашном дод ва ё лаънат намуд

**2030.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки (гуфт): Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки дигареро ба фисқ ва куфр муттаҳам месозад, агар он шахс чунин набошад, фисқ ва куфраш бар худаш бармегардад."

**2031.** Аз Собит ибни Заҳҳок (р), ки аз байъаткунандагони Шаҷара буд, ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки ба миллати дигаре ғайр аз миллати Ислом ба дурӯғ савганд бихӯрад, ӯ ҳамчунон аст, ки гуфтааст (масалан, касе бигӯяд, ки: Агар чунин ва ё чунон карда бошам, яҳуд ва ё насоро бошам, агар дар он чӣ, ки савганд хӯрдааст, дурӯғ гуфта бошад, яҳуд ва ё насоро мешавад). Ва бар бани Одам бар он чӣ, ки молики он нест, назре нест (масалан, касе, ки мегӯяд: Агар Худо маризи маро шифо дод ва ё мусофирам аз сафар омад, даҳ гов хайрот мекунам. Агар фақир бошад ва гов надошта бошад, аз ин назр бар вай чизе лозим намегардад. Ва касе, ки дар дунё ба чизе худкушӣ намояд, дар рӯзи қиёмат бо ҳамон чиз таъзиб мешавад (масалан, агар касе худро аз кӯҳе биандозад ва ба ин тариқ худкушӣ намояд, дар қиёмат ба таври доимӣ аз кӯҳ андохта мешавад). Ва касе, ки мусалмонеро лаънат кунад, монанди он аст, ки ӯро куштааст. Ва касе, ки мусалмонеро ба куфр муттаҳам созад, монанди он аст, ки ӯро куштааст."

## БОБИ 20. Бад будани суханчинӣ

**2032.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Суханчин ба ҷаннат дохил намешавад."

## БОБИ 21. Бад будани мадҳу тавсиф

**2033.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки аз шахсе назди Паёмбари Худо (с) ёд шуд, шахси дигаре ӯро мадҳ намуд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Эй вой бар ту, гардани он шахсро буридӣ." Ва ин суханро чанд бор такрор намуда, (гуфтанд): "Агар маҷбур мешавед, ки аз касе мадҳ кунед, бигӯед, ки ман фикр мекунам, ки фалонӣ чунин ва чунон

шахсе бошад, агар воқеан фикр мекардед, ки фалонӣ чунин ва чунон шахсе аст ва ҳисобаш бар Худо аст ва касеро набояд назди Худованд тазкия ва тавсиф намоед."

## БОБИ 22. Наҳй аз ҳасодат ва муқотаъаи якдигар (қаҳрӣ кардан)

**2034.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз якдигар мутанаффир набошед ва бо якдигар ҳасодату рашк наварзед, бо якдигар муқотаъа накунед ва бандагони Худо ва бародари ҳам бошед, барои мусалмон раво нест, ки бо бародараш бештар аз се рӯз муқотаъа (қаҳрӣ) намояд."

**2035.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз бадгумонӣ худдорӣ намоед, зеро бадгумонӣ дурӯғтарин суханҳост, аз айбҳои мардум ҷустуҷӯ нанамоед, ҷосусии якдигарро накунед, бо якдигар ҳасодат наварзед, бо якдигар кина надошта бошед, аз рафту омад бо якдигар муқотаъа нанамоед ва бандагони Худо ва бародари ҳам бошед."

## БОБИ 23. Гумон бурдане, ки ҷавоз дорад

**2036.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Гумон намекунам, ки фалонӣ ва фалонӣ аз дини мо чизе бифаҳманд." Ва дар ривояти дигар омадааст (ки фармуданд): "Аз дине, ки мо пайравӣ мекунем, чизе бидонанд." (Ин ду нафаре, ки Паёмбари Худо (с) роҷеъ ба онҳо сухан карданд, аз мунофиқин буданд).

## БОБИ 24. Мусалмон бояд айби худро бипӯшонад

**2037.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Тамоми умматн ман дар хайру офият ҳастанд, магар касе, ки гуноҳашро бармало (ошкор) месозад. Воқеан, аз девонагӣ аст, ки касе дар шаб коре карда бошад ва Худованд онро бар вай пӯшида нигоҳ доштааст ва боз худаш омада ва мегӯяд: Эй фалонӣ, ман дишаб чунину чунон кардам, Худованд айбашро мепӯшад ва ӯ пардаи Худоро аз худ дур меандозад."

## БОБИ 25. Муқотаъа ва ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Раво нест, ки касе бо бародараш беш аз се рӯз муқотаъа намояд"

**2038.** Аз Абӯаюби Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Раво нест, ки касе бо бародараш беш аз се рӯз муқотаъа намояд, ба тавре, ки агар бо ҳам мулоқот менамоянд, ин аз ин рӯ

бигардонад ва он аз ин ва беҳтарини онҳо ҳамон аст, ки аввал салом мекунад."

## БОБИ 26. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: "Эй мусалмонон! Аз Худо битарсед ва бо ростгӯён бошед ва он чӣ, ки дар мавриди наҳӣ аз дурӯғ омадааст"

**2039.** Аз Абдуллоҳ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ростӣ (инсонро) ба сӯи некӯӣ раҳбарӣ мекунад ва некӯӣ ба сӯи биҳишт ва шахсе то ҷое ба ростгӯӣ идома медиҳад, ки дар назди Худованд аз ҷумлаи сиддиқин маҳсуб мегардад ва дурӯғ (инсонро) ба сӯи бадкорӣ раҳбарӣ мекунад ва бадкорӣ ба сӯи дӯзах ва шахсе то ҷое дурӯғ мегӯяд, ки дар назди Худованд аз ҷумлаи дурӯғгӯён маҳсуб мегардад."

## БОБИ 27. Сабр дар муқобили мушкилот

**2040.** Аз Абӯмӯсо (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳеҷ касе ва ё ҳеҷ чизе дар муқобили пешомадҳои ногувор ба андозаи Худованд собир нест, касонеанд, ки ба Ӯ нисбати фарзандро медиҳанд ва Ӯ билмуқобил барои онҳо сиҳатӣ ва офият арзонӣ медорад ва барои онҳо ризқу рӯзӣ медиҳад."

## БОБИ 28. Дурӣ аз ғазаб

**2041.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Паҳлавонӣ ба хобондани дигарон нест, балки паҳлавон касест, ки ҳангоми ғазаб молики аъсоби худ бошад."

**2042.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки шахсе ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Маро насиҳате намоед. Фармуданд: "Ғазаб макун." Он шахс талабашро чанд бор такрор намуд ва Паёмбари Худо (с) дар ҳар бор мегуфтанд: "Ғазаб макун."

## БОБИ 29. Ҳаё

**2043.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳаё натиҷае ҷуз хайр ва некӯӣ надорад."

## БОБИ 30. Вақте, ки шарм надорӣ, ҳар чӣ, мехоҳӣ, бикун

**2044.** Аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чизеро, ки мардум аз паёмбарони гузашта ба хотир доранд, ин аст, ки (мегуфтанд:) "Вақте, ки шарм надорӣ, ҳар чӣ мехоҳӣ бикун"

## БОБИ 31. Хушхулқӣ бо мардум ва мизоҳу шӯхӣ кардан бо хонавода ва Ибни Масъуд (р) мегӯяд: бо мардумон бояд анис ва улфат намуд, вале дини худро набояд ҷариҳадор сохт

**2045.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бо мо то ҷое унсу улфат менамуданд, ки рӯзе барои бародари кӯчакам гуфтанд: "Ё Абӯумайр! Булбулатро чӣ кардӣ?"

## БОБИ 32. Мусалмон аз як сӯрох ду бор газида намешавад

**2046.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мусалмон аз як сӯрох ду бор газида намешавад."

## БОБИ 33. Он чӣ, ки аз шеър ва саҷъ ва раҷз раво буда ва он чӣ, ки макрӯҳ аст

**2047.** Аз Убай ибни Каъб (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Баъзе аз анвоъи шеър ҳикмат аст" (Ва он шеъре аст, ки рост буда ва баёнгари ҳақ ва дарбаргирандаи мавоъиз, ҳикмат ва насиҳат бошад).

## БОБИ 34. Раво нест, ки аксари вақти инсон ба шеър ва шоирӣ бигзарад ва сабаби тарки зикри Худо ва омӯхтани илм ва хондани Қуръон гардад

**2048.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Агар мағзи инсон аз зардоб пур шавад, беҳтар аз он аст, ки аз шеър пур шавад."

## БОБИ 35. Он чӣ, ки дар мавриди ин гуфтаи шахс омадааст, ки вой бар ту

**2049.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки шахси бодиянишине назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулаллоҳ! Қиёмат чӣ вақт барпо мешавад? (Ин ҳадис қаблан гузашт ва дар ин ривоят баъд аз ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) Худо, ки фармуданд: "Ту дар қиёмат бо касе ҳастӣ, ки онро дӯст медорӣ," ин чизҳо омадааст, ки: Гуфтем: Ва оё моён низ чунин хоҳем буд? Фармуданд: "Бале."

## БОБИ 36. Нисбат додани мардумон ба падарҳояшон

**2050.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Барои шахси фиребкор дар қиёмат байрақе барпо мегардад ва гуфта мешавад, ки ин байрақи фиребкории фалон ибни фалон аст."

## БОБИ 37. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: “Карм (ток) қалби мусалмон аст”

**2051.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ангурро ба номи карм ёд накунед, зеро карм қалби шахси мусалмон аст (карм, дарахти ангур, яъне ток аст. Дар ҷоҳилият мардум токи ангурро карм меномиданд ва мақсадашон он буд, ки ин ток сабаби карам ва шуҷоат мешавад. Зеро аз карм ангур ба даст меояд ва аз ангур шароб сохта мешавад ва шароб сабаби саховат, карам ва шуҷоат мешавад. Паёмбари Худо (с) ин фикри ҷоҳилиятро нописанд дониста ва фармуданд, ин қалби мусалмон аст, ки манбаъи карам ва саховат ва шуҷоат мебошад, на токи ангур, пас асоси наҳӣ зудудаи ин мафкура буд, на асли номгузорӣ, бинобар ин агар касе он фикри ҷоҳилиро дар назар надошта бошад ва дарахти ангурро карм биномад, иншоаллоҳ боке надорад”).

## БОБИ 38. Тағйир додани як исм ба исми дигаре, ки беҳтар аз он бошад

**2052.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки исми Зайнаб (р) дар аввал Барра буд. Касе гуфт, ки ӯ худашро сифат мекунад (зеро “барра” муштақ аз “барр” аст ва “барр” ба маънии хубӣ ва некӯӣ аст). Ва Паёмбари Худо (с) ӯро Зайнаб ном гузоштанд.

## БОБИ 39. Касе, ки дигареро садо зада ва ҳарфе аз исмашро кам гуфтааст

**2053.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Умми Салим (р) (ки модари Анас (р) мебошад) зимни қофила дар шутури боркаш савор буд ва Анҷаш, ғуломи Паёмбари Худо (с) қофиладори шутурҳои занон буд. Паёмбари Худо (с) барояш гуфтанд: “Ё Анҷаш, қофиларо, ки шиша бор дорад, оҳистатар бирон!” (Мақсуд аз бори шиша занҳо ҳастанд ва онҳоро аз он ҷиҳат ба шиша ташбеҳ намуданд, ки монанди шиша нозук ва латиф ва камтаҳаммул ҳастанд).

## БОБИ 40. Бадтарин исмҳо назди Худованди мутаъол

**2054.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Бадтарин исмҳо дар рӯзи қиёмат дар назди Худованди мутаъол номи касе аст, ки худро шоҳаншоҳ ном мегузорад.”

## БОБИ 41. Атсазананда бояд “Алҳамдулиллоҳ” бигӯяд

**2055.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Ду нафар назди Паёмбари Худо (с) атса заданд, барои яке аз он ду нафар дуо карданд ва барои

дигаре дуо накарданд. Касе пурсид: Чаро чунин кардед (яъне барои яке дуо кардед ва барои дигаре дуо накардед?) Фармуданд: "Ин яке ҳамди Худоро гуфт ва он дигар ҳамди Худоро нагуфт."

## БОБИ 42. Атса задан хуб аст ва хамёза кашидани макрӯҳ аст

**2056.** Аз Абӯҳурайра (р) (аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Худованд атсаро дӯст дорад ва хамёзаро макрӯҳ медонад, агар касе атса бизанад ва "Алҳамдулиллоҳ" бигӯяд, бар ҳар мусалмоне, ки мешунавад, лозим аст, ки бигӯяд "Ярҳамукаллоҳ." Вале хамёза аз шайтон аст, касе, ки хамёза мекашад, то ҷое, ки метавонад, онро дафъ намояд, зеро касе, ки хамёза мекашад, шайтон барояш механдад" (ва чун хамёза аз асари такосул ва таъсири шайтон аст, аз ин сабаб паёмбарон ҳеҷ гоҳ хамёза намекашанд).

# - 72 -
# КИТОБИ ИҶОЗА ХОСТАН

## БОБИ 1. Салом додани афроди кам барои афроди бисёр

**2057.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо ривоят аст, ки (с) фармуданд: "Хурдсолон барои бузургсолон, раҳгузар барои нишаста ва афроди кам барои афроди бисёр салом бидиҳанд."

## БОБИ 2. Салом додани раҳгузар бар шахси нишаста

**2058.** Ва аз Абӯҳурайра (р) дар ривояти дигар омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Савора ба пиёда ва пиёда ба нишаста ва ашхоси кам ба ашхоси бисёр салом бидиҳанд."

## БОБИ 3. Салом додан барои шинос ва ё ношинос

**2059.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки шахсе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Кадом навъи Ислом беҳтар аст? Фармуданд: "Ин, ки барои ҳар шинос ва ё ношинос нон ва салом бидиҳӣ."

## БОБИ 4. Иҷоза хостан барои он аст, ки назарат наяфтад

**2060.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе аз сӯрохие, ки дар ҳуҷраҳои Паёмбари Худо (с) буд, ба дохил нигоҳ мекард ва дар ин вақт дар дасти Паёмбари Худо (с) оҳане буд, ки сари худро ба он мехориданд (чизе, ки ба дасти Паёмбари Худо (с) буд, ба номи мидра ёд мешавад ва он иборат аз шонаи оҳанине аст, ки машшотагар мӯи занро ба он росту мураттаб месозад). Ба он шахс гуфтанд: "Агар хабар мешудам, ки ту ба дохили хона нигоҳ мекунӣ, ин оҳанро дар чашмат фурӯ мебурдам, иҷоза хостан барои ҳамин аст, ки шахс нигоҳ накунад."

## БОБИ 5. Ғайр аз фарҷ дигаре аъзои бадан ҳам зино мекунанд

**2061.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд барои ҳар инсоне насибашро аз зино муқаддар кардааст ва ба ин чиз ҳатман хоҳад расид. Зинои чашм назар кардан аст (ва он назаре, ки баъд аз назари аввал аст ва назаре аст, ки аз рӯи лаззат ва

шаҳват бошад). Ва зинои забон гуфтан аст." (Яъне, бо зан ба мақсади зино ва фаҳшо гуфтугӯ намояд ва суханаш тавре бошад, ки ӯро ба ин кор мутамоил созад). Ва нафси шахс хоҳиш мекунад ва орзу менамояд ва фарҷи инсон ин чизро амалӣ менамояд ва ё аз он ибо меварзад." (агар амалӣ сохт, шахс дар ин ҳолат муртакиби гуноҳи кабира мегардад ва дучори азоби Худованд аст ва агар аз анҷом додани он ибо варзид, мавриди афв ва бахшоиши Худованд қарор мегирад).

## БОБИ 6. Салом додан ба атфол

**2062.** Ривоят аст, ки Анас ибни Молик (р) аз назди атфол гузашт, бар онҳо салом дод ва гуфт: Паёмбари Худо (с) чунин мекарданд.

## БОБИ 7. Агар мепурсад: Кистӣ? Мегӯяд: Ман ҳастам

**2063.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар мавзӯъи қарзе, ки бар болои падарам буд, назди Паёмбари Худо (с) омадам ва дарро задам, гуфтанд: "Кистӣ?" Гуфтам: "Ман ҳастам." (Паёмбари Худо (с) гуфтанд: "Ман ҳастам, ман ҳастам." (Чӣ маънӣ дорад), (ва тавре эҳсос кардам, ки) гӯё аз ин ҷавоб додан бадашон омад.

## БОБИ 8. Фарох нишастан дар маҷолис

**2064.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе набояд дигареро аз ҷояш бархезонад ва худаш дар ҷои он шахс бинишинад, вале метавон андаке бо ҳам наздик шуд ва ё андаке аз ҳам дур гардид."

## БОБИ 9. Дар оғӯш гирифтани зонуҳо ҳангоми нишастан

**2065.** Ва аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки дар канори хонаи Каъба нишаста буданду дастҳои худро ба даври зонуҳои худ ҳалқа карда буданд.

## БОБИ 10. Агар (дар маҷлис) беш аз се нафар буданд, монее аз хусусӣ сӯҳбат кардан нест

**2066.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар се нафар будед, набояд ду нафар бо ҳам хусусӣ сӯҳбат намуда ва саввумиро тарк намоед, магар он, ки касони дигаре низ дар маҷлис иштирок намоянд, зеро ин кор сабаби ҳузну андӯҳи шахси саввум мешавад."

## БОБИ 11. Набояд ҳангоми хоб оташро афрӯхта нигоҳ дошт

**2067.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар Мадина хонае бо ҳама касоне, ки дар он зиндагонӣ мекарданд сӯхт. Мардум дар ин маврид бо Паёмбари Худо (с) сӯҳбат намуданд, эшон фармуданд: "Оташ душмани шумо аст, ҳангоми хоб онро хомӯш созед."

## БОБИ 12. Он чӣ, ки дар мавриди иморат омадааст

**2068.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Он ҳолатеро ба ёд меоварам, ки дар замони Паёмбари Худо (с) барои худ хона сохтам, то аз борон бароям паноҳгоҳе ва аз офтоб соябоне бошад ва дар сохтани ин хона ҳеҷ касе аз халқи Худо бо ман ҳамкорӣ накард."

# - 73 -
# КИТОБИ ДУОҲО

## БОБИ 1. Барои ҳар паёмбаре дуои мустаҷобе аст

**2069.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барои ҳар паёмбар дуои мустаҷобе аст (яъне, барои ҳар Паёмбаре як дуо ба таври ҳатмӣ ва яқин иҷобат мегардад) ва ман ин дуоро нигоҳ медорам, то дар рӯзи қиёмат барои шафоати уммати худ дуо намоям."

## БОБИ 2. Беҳтарин истиғфор

**2070.** Аз Шаддод ибни Авс (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Беҳтарин истиғфор ин аст, ки бигӯӣ: "Аллоҳумма анта раббӣ ло илоҳа илло анта, халақтанӣ ва ана ъабдука, ва ана ъало аҳдика ва ваъдика мастатаъту. Аъузу бика мин шарри мо санаъту абуъу лака биниъматика ъалайя ва абуъу бизанби фағфир ли фаиннаҳу лояғфиру-з-зунуба илло анта." (Яъне: Худоё, Парвардигори ман туӣ, Худоё, ҷуз ту вуҷуд надорад, маро ту халқ кардаӣ ва ман бандаи туам ва ман ба аҳди ва ваъдае, ки ба ту бастаам истодам, ба неъмати ту иқрор мекунам ва ба гуноҳони худ эътироф менамоям, пас маро бибахшой, зеро ҷуз ту касе гуноҳонро намебахшад).

Ва фармуданд: "Касе, ки ин истиғфорро дар рӯз аз тахти дил бигӯяд (яъне: ба мазмуни он яқини комил дошта бошад) ва дар ҳамон рӯз пеш аз он, ки шом шавад, бимирад, аз аҳли биҳишт аст ва касе, ки онро дар шаб аз тахти дил бигӯяд, (дар ҳамон шаб) пеш аз он, ки субҳ шавад, бимирад, аз аҳли биҳишт аст."

## БОБИ 3. Истиғфори худи Паёмбари Худо (с) дар рӯз ва дар шаб

**2071.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ба Худованд савганд аст, ки ман дар ҳар рӯзе беш аз ҳафтод бор аз Худованд талаби омурзиш менамоям ва тавба мекунам."

## БОБИ 4. Тавба

**2072.** Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки ӯ ду ҳадисро ривоят мекард, якеро аз Паёмбари Худо (с) ва дигареро аз худ (ҳадиси худаш ин аст, ки мегуфт): Шахси мусалмон гуноҳи худро ҳамчун кӯҳе тасаввур мекунад, ки дар зери он нишастааст ва фикр мекунад, ки шояд дар ҳар лаҳза ин кӯҳ ба рӯи ӯ суқут намояд ва шахси фоҷир ва бадкор гуноҳашро монанди магас тасаввур мекунад, ки бар рӯи биниаш нишастааст ва ба як ишора нопадид мегардад.

(Ҳадиси Паёмбари Худо (с) ин аст, ки фармуданд): "Худованд ба тавбаи бандаи худ розитар ва хуштар аз касе аст, ки дар ҷои хатарноке манзил мегузинад ва шутурero, ки об ва нонаш бар болои он шутур аст, сари худро мегузорад ва лаҳзае мехобад. Чун аз хоб бедор мешавад, мебинад ки шутураш нест, чун ҳаво гарм мешавад ва ташнагӣ бар вай ғалаба мекунад, меояд ва дубора дар ҳамон ҷо сарашро мегузорад ва мехобад ва чун сарашро аз хоб бармедорад, мебинад ки шутураш бар болои сараш истодааст."

## БОБИ 5. Ҳангоми хоб шудан чӣ бояд гуфт?

**2073.** Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳангоме, ки шаб Паёмбари Худо (с) ба бистари худ мерафтанд, дасти худро бар зери рухсори худ гузошта ва мегуфтанд: "Бисмикаллоҳумма амуту ва аҳё." (Яъне Худоё! Ба номи ту мемирам ва ба номи ту зинда мешавам). Ва чун аз хоб бедор мешуданд, мегуфтанд: "Алҳамдулиллоҳил лазӣ аҳёно баъда мо амотано ва илайҳи-н-нушур." (Яъне ситоиш хос барои Худо аст, ки баъд аз мурдан моро зинда сохт ва барангехта шудани баъд аз марг ба сӯи ӯст).

## БОБИ 6. Хоб шудан ба паҳлӯи рост

**2074.** Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) ҳангоме, ки ба бистари хоб мерафтанд, ба паҳлӯи рост мехобиданд ва мегуфтанд: "Аллоҳума асламту нафсӣ илайка ва ваҷҷаҳту ваҷҳӣ илайка ва фаввазту амрӣ илайка ва алҷаъту заҳрӣ илайка рағбатан ва раҳбатан илайка, ло малҷаъа ва ло манҷо минка илло илайка, оманту бикитобикаллазӣ анзалта ва набиййикаллазӣ арсалта." (Яъне Худоё! Худамро ба ту супурдам ва ба сӯи ту рӯй овардам ва ҳамаи кори худро ба ту супурдам ва туро пушту паноҳи худ сохтам. Умедам ба раҳмати ту ва хавфам аз ғазаби ту аст. Паноҳгоҳи дигаре ҷуз паноҳи ту ва наҷоте ҷуз наҷоти ту вуҷуд надорад, ба китобе, ки нозил кардӣ ва ба Паёмбаре, ки фиристодӣ, имон овардам).

## БОБИ 7. Дуои ними шаб

**2075.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Маймуна ҳобидам (ва бақияи ҳадисро тавре, ки қаблан ба шумораи 97 гузашт, зикр намуд ва гуфт) ва аз дуои Паёмбари Худо (с) ин буд, ки дуо мекарданд: ***"Аллоҳуммаҷъал фи қалбӣ нӯран ва фӣ лисонӣ нӯран ва фӣ самъӣ нӯран ва фӣ басарӣ нӯран ва мин фавқӣ нӯран ва мин таҳтӣ нӯран ва ъан яминӣ нӯран ва ъан шимолӣ нӯран ва мин амомӣ нӯран ва мин халфӣ нӯран ваҷъал фӣ нафсӣ нӯран."*** (Яъне "Худоё! Дар қалбам нуре биёфарин ва дар чашмам нуре биёфарин ва дар шунавоиям нуре биёфарин ва дар зери поям нуре биёфарин ва дар пеши рӯям нуре биёфарин ва дар пушти сарам нуре биёфарин ва барои худам нуре биёфарин).

## БОБИ 8

**2076.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки мехоҳад ба бистари хобаш биравад, ҳангоми хобидан бистари хоби худро ба тарафи дохили изораш покиза намояд (тоза кардан ба тарафи дохили изор амри таъабудӣ нест, ки бо чизи дигаре ҷавоз надошта бошад, балки мурод он аст, ки бистарашро бо чизе покиза намояд). Зеро намедонад, ки баъд аз вай чӣ бар сари бистараш омадааст ва баъд аз он бигӯяд: ***"Бисмика раббӣ вазаъту ҷанбӣ ва бика арфаъуҳу ин амсакта нафсӣ фарҳамҳо ва ин арсалтаҳо фаҳфазҳо бимо таҳфазу биҳи ибодакассолиҳин."*** Паҳлӯямро ба номи Ту мегузорам ва ба номи Ту бармедорам. Агар ҷонамро мегирӣ ба ҳолаш раҳм кун ва агар зиндааш нигоҳ медорӣ, ба ҳамон тариқа, ки бандагони некӯкоратро ҳифз мекунӣ, ҳифзаш кун!"

## БОБИ 9. Аз Худованд ба таври қатъӣ бихоҳед, чун касе Худовандро маҷбур сохта наметавонад

**2077.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Набояд касе бигӯяд, ки "Худоё! Агар мехоҳӣ, гуноҳамро биёмурз" ва "Худоё! Агар мехоҳӣ, ба ман раҳмат кун," балки бояд ба таври қатъӣ бихоҳад, зеро касе Худоро ба анҷом додани коре маҷбур карда наметавонад."

## БОБИ 10. Банда агар шитоб накунад, дуояш қабул мешавад

**2078.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Агар шитоб накунед, дуои шумо қабул мешавад, вале шумо мегӯед: дуо кардам ва иҷобат нашуд."

## БОБИ 11. Дуо дар вақти сахтӣ

**2079.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми сахтӣ мегуфтанд: ***"Ло илоҳа иллаллоҳул ъазимул ҳалим, ло илоҳа иллаллоҳу раббул ъаршил ъазим ло илоҳа иллаллоҳу рабуссамовоти ва раббул арзи ва раббул ъаршил карим."*** Худои дигаре ҷуз Худои азим ва ҳалим вуҷуд надорад, Худои дигаре ҷуз Худое, ки Парвардигори Арш аст, вуҷуд надорад, Худои дигаре ҷуз Худо, ки Парвардигори осмонҳо ва заминҳо ва Парвардигори Арши карим аст, вуҷуд надорад."

## БОБИ 12. Аз ҳуҷуми балоҳо бояд ба Худо паноҳ ҷуст

**2080.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ҳуҷуми бало ва аз гирифтор шудан ба бадбахтиҳо ва аз қазои бад ва аз дилшодии душман (ба Худо) паноҳ меҷустанд. Суфён, ровии ҳадис мегӯянд, он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) аз он паноҳ меҷустанд, се чиз буд, чаҳорумиро ман зиёд кардам, вале ба ёдам нест, он чизро, ки ман зиёд кардам, кадом яке аз онҳо буд.

## БОБИ 13. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Илоҳо касеро, ки бароящ азияте расондам, он азиятро бароящ сабаби покӣ ва раҳмат бигардон"

**2081.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки чунин дуо мекарданд: "Илоҳо, ҳар мусалмонеро, ки дашном додам, ин дашномамро дар рӯзи қиёмат сабаби тақарруби он шахс ба даргоҳи худ бигардон."

## БОБИ 14. Паноҳ ҷустани ба Худо аз бахилӣ

**2082.** Аз Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба гуфтани ин калимот амр мекарданд. ***"Аллоҳумма innӣ аъузу бика миналбухли ва аъузу бика миналҷубни ва аъузу бика ан урадда ило арзалил ъумури ва аъузу бика мин фитнатиддунё - яъне фитнатаддаҷҷоли - ва аъузу бика мин азобил қабри."*** (Яъне Худоё! Аз бахилӣ ба Ту паноҳ меҷӯям ва аз тарсидан ба Ту паноҳ меҷӯям ва аз ин, ки ба бадтарин айёми зиндагӣ бирасам, ба Ту паноҳ меҷӯям. (Мурод аз бадтарин айёми зиндагӣ айёме аст, ки инсон қувваҳои ҷисмонӣ ва ақлонии худро аз даст дода ва зиндагиаш сабаби заҳмат ва азият ва талхии зиндагӣ барои дигарон мешавад. Ва аз фитнаи дунё, яъне фитнаи Масеҳи Даҷҷол ба ту паноҳ меҷӯем."

## БОБИ 15. Паноҳ ҷустан ба Худованди мутаъол аз гуноҳ ва аз қарз

**2083.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) мегуфтанд. "Худоё! Аз танбалӣ ва пирӣ ва содир кардани гуноҳ ва аз қарздорӣ ва аз суоли Накиру Мункар ва аз азоби қабр ва аз суоли нигоҳбонони дӯзах ва аз азоби дӯзах ва аз шарри дороӣ ва аз шарри фақр ва бечорагӣ ва аз фитна Масеҳи Даҷҷол ба ту паноҳ меҷӯям. Худоё! Гуноҳони моро ба оби барф ва жола бишӯӣ ва қалби маро аз гуноҳони ман тавре пок бигардон, ки ҷомаи сафедро аз касофатӣ пок гардондӣ ва маро аз гуноҳони ман ончунон дур бигардон, ки машриқро аз мағриб дур гардондӣ."

## БОБИ 16. Ин дуои Паёмбари Худо (с), ки: "Раббано отино фид-д-дунё ҳасанатан"

**2084.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Дуои Паёмбари Худо (с) дар аксари вақт ин буд, ки... "Парвардигоро, дар дунё барои мо некӣ ато фармо ва дар охират барои мо некӣ марҳамат кун ва моро аз азоби оташ барканор бидор!"

## БОБИ 17. Ин дуои Паёмбари Худо (с), ки: "Аллоҳуммағфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту"

**2085.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) чунин дуо мекарданд: "Худоё! Иштибоҳот ва ҷаҳл ва исрофи моро ва гуноҳонеро, ки ту аз ман онҳоро беҳтар медонӣ, биёмурз ва Худоё, он чӣ, ки аз ман аз рӯи шӯхӣ ва ҷиддият ва ё аз рӯи иштибоҳ ва қасд сар задааст, биёмурз ва албатта ҳамаи инҳо аз ман сар задааст." Эътироф ба ин чизҳо аз ҷониби Паёмбари Худо (с) аз як тараф барои тавозӯъ ва илтиҷо ба боргоҳи Худованди мутаъол ва аз тарафи дигар таълими уммати хеш бар ин навъ дуо ва истиғфор аст).

## БОБИ 18. Фазилати "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтан

**2086.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар як рӯз сад бор бигӯяд "Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳулмулку ва лаҳулҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир," барояш ба андозаи озод кардани даҳ ғулом савоб дода мешавад ва барояш сад ҳасана навишта мешавад ва сад гуноҳ аз вай маҳв мегардад ва дар ҳамон рӯз аз шайтон маҳфуз мемонад ва ҳеҷ кас амалеро беҳтар аз ин анҷом дода наметавонад, магар он, ки ҳамин калимаро бештар бигӯяд."

**2087.** Аз Абӯаюби Ансорӣ ва Ибни Масъуд (р) дар ҳамин ҳадис ривоят аст, ки гуфтанд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки даҳ

бор ин калимотро бихонад, монанди касе аст, ки як ғуломеро аз авлоди Исмоил (а) озод карда бошад."

## БОБИ 19. Фазилати "Субҳоналлоҳ" гуфтан

**2088.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар як рӯз сад бор "субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи" бигӯяд, ҳамаи гуноҳонаш ва агарчанде ба андозаи кафи дарё бошад, барояш бахшида мешавад."

## БОБИ 20. Фазилати зикри Худованди азза ва ҷалла

**2089.** Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки Худоро зикр мекунад ва касе ки зикр намекунад, монанди шахси зинда ва шахси мурда аст."

**2090.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Фариштаҳо дар ҳама ҷо мардумеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки Худованди азза ва ҷалларо зикр менамоянд, вақте чунин мардумеро пайдо намуданд, ба якдигар мегӯянд, биёед, ки гумшудаи мо ин ҷо аст.

Сипас бо болҳои худ дар атрофи ин мардум он қадар ҷамъ мешаванд, ки то осмони дунё мерасанд. Ва Худованди мутаъол дар ҳоле, ки аз ҳамагон донотар аст, аз ин фариштаҳо мепурсад: Бандагонам чӣ мегӯянд? Фариштаҳо мегӯянд, ки ҳамду сано ва тасбеҳ ва таҳлили туро мегӯянд. Мепурсад: Оё инҳо маро дидаанд? Фариштаҳо мегӯянд: На, ба Худованд савганд, ки Туро надидаанд. Мепурсад: Агар маро медиданд, чӣ гуна мебуданд? Мегӯянд: Агар туро медиданд, аз ин бештар туро ибодат ва тамҷид ва таҳлил ва тасбеҳи туро мегуфтанд. Худованди мутаъол мепурсад: Инҳо чӣ орзу доранд? Мегӯянд: Орзуи биҳиштро доранд. Мепурсад:

Оё биҳиштро дидаанд? Мегӯянд: Парвардигоро! Ба Худованд савганд, ки биҳиштро надидаанд. Мепурсад: Агар биҳиштро медиданд, чӣ гуна мебуданд? Мегӯянд: Агар биҳиштро медиданд, аз ин ҳам бештар орзуяшро намуда ва бештар талабаш мекарданд. Мепурсад: Аз чӣ чиз паноҳ меҷӯянд? Мегӯянд: Аз оташи дӯзах. Мегӯяд: Оё оташи дӯзахро дидаанд? Мегӯянд: Парвардигоро! Ба Худованд савганд, надиданд. Мепурсад: Агар оташи дӯзахро медиданд, чӣ гуна мебуданд? Мегӯянд: Агар медиданд, аз ин ҳам бештар тарсида, аз он гурезонтар мебуданд. Худованди мутаъол мефармояд: Пас ман шуморо шоҳид мегирам, ки эшонро омурзидаам. Фариштае аз фариштагон мегӯяд, ки дар байни инҳо фариштае аст, ки бо эшон зикр накарда, балки барои анҷоми коре дар маҷлиси онҳо иштирок намудааст. (Худованди мутаъол) мефармояд: Инҳо касонеанд, ки ҳамнишинони онҳо ҳам набояд бадбахт бошанд."

# - 74 -
# КИТОБИ ОРОМИШИ ХОТИР ВА НАРМИИ ДИЛ

## БОБИ 1. Тандурустӣ ва фароғат ва ин, ки роҳате ҷуз роҳати охират нест

**2091.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ду неъмат аст, ки аксари мардум дар он фиреб мехӯранд, яке тандурустӣ ва дигаре бекорӣ."

## БОБИ 2. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) мефармоянд: "Дар ин дунё ончунон бош, ки гӯё мусофир ҳастӣ"

**2092.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) шонаҳоямро гирифтанд ва фармуданд, ки: "Дар дунё ончунон бош, ки гӯё мусофир ва роҳгузар астӣ." Ва Ибни Умар (р) мегӯяд: Чун шом зинда будӣ, интизори субҳро надошта бош ва чун субҳ зинда будӣ, интизори шомро надошта бош! Ва аз айёми тандурустиат барои айёми маризиат ва аз зиндагият барои маргат захира намо!

## БОБИ 3. Орзуи дароз

**2093.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) мураббаъе расм намуданд ва дар хориҷи мураббаъ дар қисми васати он хате кашиданд ва хатҳои кӯчаки дигареро ба сӯи ин хати миёна расм намуда ва фармуданд: "Ин инсон аст ва ин аҷали ӯст, ки аз ҳар тараф ба ӯ иҳота намудааст. Ва ин хати берунӣ орзуҳои ӯ аст ва ин хатҳои кӯчак ҳаводис ва офатҳои дунявӣ аст. Агар аз яке аз онҳо наҷот ёбад, дигаре ба сари вақташ мерасад ва агар аз ин ҳам наҷот ёбад, он дигаре ӯро фурӯгузор нахоҳад кард."

**2094.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) хатҳоеро расм намуда ва фармуданд: "Ин орзу ва ин аҷали инсон аст ва дар ҳоле, ки ӯ ба орзуҳояш ғарқ аст, он хати наздиктар (яъне аҷала) ба ӯ мерасад."

## БОБИ 4. Касе, ки ба синни шастсолагӣ мерасад, Худованд барояш итмоми ҳуҷҷат кардааст

**2095.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касеро, ки Худованд шаст сол умр додааст, барояш итмоми ҳуҷҷат кардааст."

**2096.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Шахси пир, дилаш дар ду чиз ҷавон аст, яке ҳубби дунё ва дигаре орзуи дароз."

## БОБИ 5. Коре, ки хос барои Худо бошад

**2097.** Аз Итбон ибни Молики Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе нест, ки рӯзи қиёмат ҳозир гардад ва хос барои ризои Худо "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфта бошад, магар он, ки Худованд оташи дӯзахро бар вай ҳаром мегардонад."

**2098.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованди мутаъол мефармояд: "Агар дӯсти бандаи мусалмонро дар дунё аз вай бигирам (масалан, фарзанди ӯро ва ё ҳамсари ӯро ва падару модари ӯро ва ё ҳар дӯсти дигари ӯро) ва ӯ сабр намояд ва савоби худро аз ман бихоҳад, дар муқобили ин сабраш биҳиштро барояш медиҳам."

## БОБИ 6. Аз байн рафтани ашхоси накӯкор

**2099.** Аз Мирдоси Асламӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ашхоси некӯкор яке пас аз дигаре аз байн меравconfigured ва ашхосе боқӣ мемонанд, ки монанди нармарезаҳои хурмо ва ҷав ҳастанд ва Худованд ба онҳо эътиное надорад."

## БОБИ 7. Парҳез аз фитнаи мол

**2100.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Агар барои фарзанди Одам ду дашт пур аз моли дунё бошад, ба талаби дашти сеюм бармеояд ва шиками фарзанди Одамро ҷуз хок чизи дигаре пур намекунад (ва ин киноя аз марг аст, яъне то вақте, ки дар гӯр наравад, ҳирсаш кам нашуда, дар талаби дунё аз пой наменишинад) ва Худованд тавбаи тавбакунандаро қабул менамояд."

## БОБИ 8. Аз моли инсон ҳамон чизе барояш мемонад, ки пеш аз худ мефиристад

**2101.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз шумоён касе ҳаст, ки моли ворисi худро аз моли худ

бештар дӯст дошта бошад?" Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ! Ҳеҷ касе нест, ки моли ворисӣ худро аз моли худаш бештар дӯст дошта бошад. Фармуданд: "Моли худаш он аст, ки пеш аз худ фиристодааст ва он чӣ, ки аз вай мемонад, моли ворисӣ ӯ аст."

## БОБИ 9. Чигунагии зиндагии Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон ва рӯй гардондани онҳо аз дунё

**2102.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки мегуфт: Савганд ба Худое, ки ҷуз ӯ Худои дигаре нест, (рӯзгоре буд, ки) аз гуруснагӣ шиками худро бар замин мечаспондам ва сангро ба шиками худ мебастам. Рӯзе бар сари роҳе, ки мардум аз он роҳ мегузаштанд, нишастам. Абӯбакр (р) омад, аз вай роҷеъ ба яке аз оёти Қуръони карим пурсиш намудам ва мақсади дигаре ҷуз он, ки маро сер намояд, надоштам, вале аз наздам рафт ва бароям коре накард. Баъд аз он Умар (р) омад, аз вай ҳам роҷеъ ба яке аз оёти Қуръон пурсиш намудам, то ба ин сабаб шояд маро сер намояд, вале ӯ ҳам аз наздам рафт ва бароям коре накард. Баъд аз он Абулқосим (р) омаданд, чун чашмашон ба ман афтод, табассум намуданд ва аз рангам мақсадамро дониста ва фармуданд: "Ё Абоҳир!" (Мақсади Паёмбари Худо (с) Абӯҳурайра (р) аст, вале аз рӯи муҳаббат ва хушзабонӣ номашро ихтисор намуда ва ӯро Абоҳир номиданд). Гуфтам: Бале, ё Расулаллоҳ! Фармуданд: "Бо ман биё."

Паёмбари Худо (с) рафтанд ва ман аз ақибашон рафтам, (ба хонаи худ) дохил гардиданд ва аз омадани ман иҷоза хостанд, бароям дода шуд ва дохил гардидам. (Паёмбари Худо (с) миқдори ширеро, ки дар қадаҳе буд, диданд ва гуфтанд: "Ин шир аз куҷо аст?" Гуфтанд: Фалон шахс ва ё фалон зан барои шумо ҳадя овардааст. Фармуданд: "Ё Абоҳир! (Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аҳли Суффаро наздам биёвар." Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Аҳли Суффа меҳмонони Ислом буданд, на аҳл доштанд ва на моле. Агар касе барои Паёмбари Худо (с) садақае медод, худашон аз он чизе намехӯрданд ва барои инҳо медоданд ва агар касе ҳадя ва бахшише меовард, онҳоро металабиданд ва бо онҳо муштаркан мехӯрданд ва аз ин, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Аҳли Суффаро биёвар, бадам омад, зеро бо худ гуфтам: Ин миқдор шир чист, ки биравам ва асҳоби Суффаро даъват намоям, беҳтар он буд, ки ин ширҳоро барои ман медоданд, то онро меошомидам ва қадре қувват мегирифтам. Чун онҳо биёянд, маро амр хоҳанд кард, то ин ширро барои онҳо бидиҳам ва дар ин ҳолат аз ин шир бароям чизе нахоҳад расид. Вале аз амри Худо ва Расулаш чорае нест, ҳамон буд, ки омадам ва онҳоро даъват намудам. Онҳо омаданд ва иҷоза хостанд, барои онҳо иҷоза доданд, омаданд ва ҳар кадом ба ҷои худ нишастанд.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ё Абоҳир!” гуфтам: Бале, ё Расулаллоҳ. Фармуданд: “Ширро бигир ва ба эшон бидеҳ.” Қадаҳро бардоштам ва ба яке аз онҳо медодам, он шахс қадаҳро мегирифт, он қадар менӯшид, ки сер мешуд. Баъд аз он қадаҳро бароям пас медод ва ман қадаҳро барои шахси дигаре медодам, ӯ ҳам он қадар менӯшид, ки сер мешуд ва қадаҳро бароям пас медод, то ин, ки ба ҳамин тариқ ҳамагӣ нӯшиданд ва сер шуданд. Ва навбат ба Паёмбари Худо (с) расид, қадаҳро аз ман гирифтанд ва дар дасти худ ниҳоданд, ба тарафам табассум намуда ва фармуданд: “Ё Абоҳир!” Гуфтам: Бале, ё Расулаллоҳ! Фармуданд: “Ману ту мондаем.” Гуфтам: Бале, ё Расулаллоҳ, чунин аст. Фармуданд: “Биншин ва бинӯш.” Нишастам ва нӯшидам.” Фармуданд: “Биншин ва бинӯш.” Нишастам ва нӯшидам. Фармуданд: “Бинӯш.” Ва ман менӯшидам, то ин, ки гуфтам: Савганд ба Зоте, ки шуморо ба ҳақ фиристодааст, дигар ҷое барои ошомидан надорам. Фармуданд: (“Қадаҳро бароям нишон бидеҳ. Қадаҳро ба дасти эшон додам, ҳамду сано Худовандро гуфтанд ва боқимондаи ширро худашон нӯшиданд (ва ин воқеа мӯъҷизаи боҳире аз мӯъҷизоти фаровони Расули акрам (с) аст).

**2103.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с) дуо карданд ва гуфтанд: “Худоё! Барои оли Муҳаммад қуте бирасон.”

## БОБИ 10. Пойбандӣ ва мудовамат ба кор

**2104.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Ҳеҷ касро амалаш наҷот намедиҳад.” Пурсиданд: Ё Расулуллоҳ, Ҳатто шуморо? Фармуданд: “Ҳатто маро магар он, ки раҳмати Худованд шомили ҳолам гардад, вале кӯшиш намоед ва миёнаравӣ кунед, дар субҳгоҳу нимрӯзӣ ва чизе аз шаб ибодат намоед ва миёнаравиро ихтиёр намоед, албатта ба мақсад хоҳед расид.

**2105.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Кадом амал дар назди Худованди мутаъол маҳбубтар аст? Фармуданд: “Амале, ки истимрор дошта бошад, агарчи он андаке бошад.”

## БОБИ 11. Умед ҳамроҳ бо тарс

**2106.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: “Агар кофир аз тамоми раҳмати Худованд бохабар гардад, аз ҷаннат ноумед намешавад. (Яъне барояш ин умед пайдо мешавад, ки бо вуҷуди куфраш Худованд ӯро машмули раҳмати худ гардонида, ба биҳишт бибарад) ва агар мусалмон аз тамоми азоби Худованд бохабар гардад, аз дӯзах мутмаин намегардад.”

## БОБИ 12. Ҳифзи забон ва касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, ё сухани хайрандешонае бигӯяд ва ё сокит бошад

**2107.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки аз маъсият намудан ба забон ва фарҷаш бароям тазмин (кафолат) бидиҳад, ман биҳиштро барояш тазмин менамоям."

**2108.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Бисёр вақтҳо шахсе сухане мегӯяд ва агарчӣ худаш ба ин аҳамияте намедиҳад, вале боиси ризои Худованд гардида ва сабаби рафъи дараҷоташ (дар ҷаннат) мегардад ва бисёр вақтҳо шахсе сухане мегӯяд ва агарчӣ худаш ба он аҳамияте намедиҳад, вале он сухан боиси ғазаби Худованд мегардад ва он шахсро ба дӯзах мебарад."

## БОБИ 13. Парҳез аз гуноҳон

**2109.** Аз Абӯмӯсо ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Мабъус шуданам аз тарафи Худованди мутаъол монанди касе аст, ки назди мардуме меояд ва мегӯяд: худам лашкари душманро ба чашми худ дидам ва ман ҳамон бимдиҳандаи урён ҳастам (қиссаи бимдиҳандаи урён аз ин қарор аст, ки шахсе лашкари душманро дид ва пеш аз он, ки хабари он лашкарро барои қавми худ бирасонад, он лашкариён ӯро гирифтанд ва бараҳна намуданд ва чун аз наздашон омад, ба қавми худ гуфт: лашкари душманро дидам ва онҳо либосҳоямро гирифтанд ва маро урён карданд ва акнун омадаам ва ба шумо аз вуҷуди он душман хабар медиҳам) ва шуморо аз он лашкар бим медиҳам. Пас ба фикри наҷот ва халосии худ бошед. Гурӯҳе суханашро қабул намуда ва аз аввали шаб омодагӣ мегиранд ва худро наҷот медиҳанд. Гурӯҳи дигаре ӯро такзиб намуда ва суханашро бовар намекунанд, то ин, ки он лашкар ба сари вақти онҳо мерасад ва онҳоро ҳалок намуда ва аз байн мебаранд.

## БОБИ 14. Оташи дӯзах ба шаҳавот печида шудааст

**2110.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Оташ (дӯзах) ба хушгузарониҳо ва (роҳи) биҳишт ба сахтиҳо ва мушкилот печида шудааст."

## БОБИ 15. Ҷаннат ва дӯзах аз банди кафши шумо ба шумо наздиктар аст

**2111.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Биҳишт аз банди кафши шумо ба шумо наздиктар аст ва дӯзах ҳам ҳамин тавр аст."

## БОБИ 16. Бояд ба поёнтар аз худ нигоҳ кард, на ба болотар аз худ

**2112.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Агар ба касе, ки аз ту дар мол ва хилқат болотар аст, назар мекунӣ, ба касе ки аз ту поёнтар аст, ҳам назар кун."

## БОБИ 17. Касе, ки тасмим ба гуноҳ ва ё савоб мегирад

**2113.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ба ҳикоят аз Парвардигори худ гуфтанд: "Худованд хубиҳо ва бадиҳоро навишта ва онҳоро баён намудааст. Касе, ки қасди анҷом додани кори некеро менамояд, агарчанде онро амалӣ насозад, Худованд он қасдашро дар назди худ бароят ҳасанаи комиле ҳисоб мекунад. Ва агар онро амалӣ созад, Худованд даҳчанд то ҳафтсадчанд ва ҳатто бештар аз он барояш савоб медиҳад ва касе, ки қасди анҷом додан кори бадеро менамоянд, агар онро амалӣ насозад, Худованд онро барояш дар назди худ ҳасанаи комиле ҳисоб мекунад ва агар онро амалӣ созад, бар ӯ як гуноҳ ҳисоб менамояд."

## БОБИ 18. Аз байн рафтани амонат

**2114.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои мо ду ҳадисро гуфтанд, якеро дидам ва мунтазири дигаре мебошам, фармуданд: "Амонат дар дили мардум нозил гардид ва баъд аз он аз Қуръони карим ва сипас аз суннат донистанд (ки бояд амонатро муроот менамоянд). Ва боз дар мавриди аз байн рафтани амонат сӯҳбат намуда ва фармуданд: (Вақте меояд), ки шахсе мехобад ва чун аз хоб бедор мешавад, амонат аз дилаш гирифта шуда ва ҷуз асари андак аз он боқӣ намемонад ва бори дигар мехобад ва чун аз хоб бедор мешавад, боз ҳам амонат аз дилаш гирифта мешавад ва чизе, ки аз он боқӣ мемонад, монанди асаре аст, ки аз обила ба асари сӯхтагии даст боқӣ мемонад ва камтар касе аз мардумро хоҳӣ дид, ки дар муъомала ва хариду фурӯш амонатро муроот менамояд, то он ҷо, ки мардум ба якдигар мегӯянд, дар фалон қавм як нафар амонатдор пайдо мешавад ва чӣ басо гуфта мешавад, ки фалон шахс чӣ қадар ҳушёр аст, чӣ қадар фаҳмидааст ва чӣ қадар чолок аст, вале афсӯс, дар дилаш заррае аз имон вуҷуд надорад. Ҳузайфа (р) мегӯяд: Рӯзгоре буд, ки дар хариду фурӯш фарқ байни ину он набуд ва бо ҳар кас муъомала мекардам. Агар мусалмон буд, бо ман ба асоси Ислом муъомала мекард ва агар насронӣ буд, аз вай замонат мегирифтам. Вале имрӯз ҷуз ба фалонӣ ва фалонӣ муомала ва хариду фурӯш карда наметавонам."

**2115.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Мардумон монанди қофилаҳои шутур бисёр

ҳастанд ва ба садҳо вуҷуд доранд, вале шутури қобили савор шуданро кам метавон пайдо кард" (Яъне мардумон бисёр ҳастанд, вале касе аз нигоҳи диндорӣ ва Худотарсӣ мешавад бар вай итминон кард, бисёр кам аст).

## БОБИ 19. Риё ва сумъа

**2116.** Аз Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки амалашро ба қасди шӯҳрат анҷом додааст, Худованд (дар рӯзи қиёмат) расвояш месозад ва касе, ки кореро аз рӯи риё анҷом дода бошад, Худованд фазиҳаташ мекунад ва аъмоли ботинашро барои мардум бармало месозад."

## БОБИ 20. Тавозӯъ

**2117.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд фармудааст: Касе, ки бо яке аз дӯстони ман адоват ва душманӣ намояд, бо ӯ эълони ҷанг мекунам ва бандаам ба ҳеҷ амале беҳтар аз анҷом додани фароиз ба ман тақарруб наҷустааст. Ва бандаам дар анҷоми навофил (монанди намози нафлӣ, рӯзаи нафлӣ, садақаи нафлӣ ва амсоли инҳо) то ҷое ба ман тақарруб меҷӯяд, ӯро мавриди муҳаббати худ қарор медиҳам ва чун ӯро мавриди муҳаббати худ қарор додам, барояш гӯше мешавам, ки бо он мешунавад ва чашме мешавам, ки ба он мебинад ва дасте мешавам, ки бо он кореро анҷом медиҳад ва пойе мешавам, ки бо он роҳ меравад.

Агар аз ман чизе бихоҳад, барояш медиҳам. Агар ба ман паноҳ биҷӯяд, ӯро дар паноҳи худ қарор медиҳам ва дар ҳеҷ коре, ки кардаам, ба андозае, ки дар қабзи рӯҳи мӯъмин тардид менамоям, тардид наменамоям, ӯ аз мурдан бадаш меояд ва ман ҳам бадӣ ва ранҷиши ӯро намехоҳам." (Мӯҳтавои умумии ин ҳадис бар ин далолат мекунад, ки давом додан дар адои фароиз ва навофил сабаби тақарруби илоҳӣ мешавад ва кайфияти ин, ки Худованд гӯш ва ё чашм ва ё дасти банда мешавад, ба таври ҳақиқӣ маълум нест ва имон овардан ба он воҷиб аст).

## БОБИ 21. Касе, ки дидори Аллоҳ таъоро бихоҳад, Худованд ҳам дидорашро мехоҳад

**2118.** Аз Убода ибни Сомит (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки дидори Аллоҳро дӯст дошта бошад, Худованди мутаъол ҳам дидорашро дӯст медорад ва касе, ки аз дидори Аллоҳ бадаш биёяд, Худованд ҳам аз дидори он шахс бадаш меояд." Оиша ё каси дигаре аз ҳамсарони Паёмбари Худо (с) гуфт: Мо маргро намехоҳем ва аз марг бадамон меояд, Паёмбари Худо (с) фармуданд:

"Мақсад ин чиз нест, балки мақсуд ин аст, ки мӯъмин ҳангоми марг ризо ва раҳмати Худованд барояш нишон дода мешавад ва дар ин вақт ҳеҷ чизе аз роҳе, ки дар пеши рӯй дорад, барояш маҳбубтар ҷилва намекунад ва аз ин ҷост, ки дидори Аллоҳро дӯст медорад ва шахси кофар ҳангоми марг азобу уқубати Худо барояш нишон дода мешавад ва дар ин вақт ҳеҷ чизе дар наздаш аз роҳе, ки дар пеши рӯй дорад, бадтар ва нописандидатар ҷилва намекунад. Ва аз ин ҷо аст, ки аз дидори Аллоҳ бадаш меояд ва Худованди мутаъол ҳам дидори чунин шахсеро намехоҳад."

## БОБИ 22. Сакароти мавт

**2119.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Мардуми нодоне аз бодиянишинон меомаданд ва аз Паёмбари Худо (с) мепурсиданд, ки қиёмат чӣ вақт аст? (Паёмбари Худо (с) ба тарафи хурдсолтарини онҳо нигоҳ карда мефармуданд: "Агар ин шахс зинда бимонад, пеш аз он, ки пир шавад, қиёмат бар сари шумо барпо мегардад."

## БОБИ 23. Худованд дар рӯзи қиёмат заминро қабза менамояд

**2120.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Замин дар рӯзи қиёмат монанди қурси ноне мешавад, ки Худованд онро бо дасти худ мегардонад, монанди мусофире, ки нонашро ҷиҳати пухтан мегардонад (яъне тагу рӯ мекунад) ва ин барои меҳмонии аҳли ҷаннат аст. Дар ин вақт шахсе аз яҳуд омаду гуфт: Ё Абалқосим! Худованд шуморо мавриди раҳмати худ қарор диҳад. Оё намехоҳед, ки шуморо аз таъоми аҳли биҳишт бохабар созам? Фармуданд: "Бохабар бисоз." Гуфт: Замин ба монанди қурси ноне хоҳад шуд, ҳамон тавре, ки Паёмбари Худо (с) хабар дода буданд. Паёмбари Худо (с) ба тарафи моён нигоҳ карданд ва ончунон хандиданд, ки дандонҳои охири даҳонашон намоён гардид. Боз (он шахси яҳудӣ) гуфт: Оё аз нонхӯриши аҳли биҳишт ҳам шуморо бохабар созам? Нонхӯриши аҳли ҷаннат (болом ва нун аст. (Саҳоба) пурсиданд: Болом ва нун чист? Гуфт: Иборат аст аз гов ва моҳӣ, ки ҷигаргӯшаи онҳо хӯроки ҳафтод ҳазор нафар аст (ва шояд мурод аз ин ҳафтод ҳазор нафар ҳамон ҳафтод ҳазор нафаре бошанд, ки пеш аз ҳисоб ба биҳишт дохил мешаванд ва лафзи боло ва нун ибрӣ аст. Болом ба маънои гов ва нун ба маънои моҳӣ аст).

**2121.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Мардум дар рӯзи қиёмат бар болои замини сафедранге, ки монанди нон пок ва дурахшандае аст, ҳашр мегарданд." Саҳл (р) ва ё яке дигар аз ровиҳо мегӯянд, ки ва дар он замин барои ҳеҷ касе ҳеҷ аломат ва нишонае вуҷуд надорад.

## БОБИ 24. Рӯзи маҳшар

**2122.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мардум ба се тариқ ҳашр мешаванд (мурод аз ин ҳашр якҷо шудани мардум пеш аз рӯзи қиёмат аст). Як қисмат касонеанд, ки дар умеду орзуи (биҳишт ва дигар неъматҳо) ҳастанд ва яке қисмати дигар дар тарси аз (дӯзах ва азоби он) мебошанд. Ва ин ду гурӯҳ ба тарафи ҳашргоҳ тавре меоянд, ки ду нафар бар як шутур, се нафар бар як шутур, чаҳор нафар бар як шутур ва даҳ нафар бар як шутур савор ҳастанд ва қисмати саввумро оташ ба тарафи маҳшар ҷамъ мекунад ва ин оташ онҳоро тарк намекунад (яъне дар ҳар ҷо, ки бираванд, ба онҳо ҳастанд ва бақияи ҳадис баёнгари ин мавзӯъ аст). Агар чошт дар ҷое бихобанд, ба онҳо мехобад. Агар шаб дар ҷое ором бигиранд, дар ҳамон ҷо бо онҳо ором мегирад. Агар субҳ ба ҷое бираванд, бо онҳо меравад. Агар шом ба ҷое бошанд, бо онҳо ҳамон ҷо мебошад."

**2123.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бо пои бараҳна, тани бараҳна ва бидуни хатна ҳашр мешавед." Оиша (р) пурсид: Ё Расулаллоҳ! Мардҳо ва занҳо ба тарафи якдигар нигоҳ мекунанд? Фармуданд: "Кор аз ин мушкилтар аст, ки ба фикри назар кардан ба тарафи якдигар биафтанд."

## БОБИ 25. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: "Оё онҳо гумон намекунанд, ки барангехта хоҳанд шуд?.." *(Мутаффифин: 4-6)*

**2124.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз мардум дар рӯзи қиёмат он қадар арақ мерезад, ки араќи онҳо дар рӯи замин то ҳафтод заръ пеш меравад ва он қадар боло меояд, ки то ба гӯшҳои онҳо мерасад."

## БОБИ 26. Қасос дар рӯзи қиёмат

**2125.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аввалин чизе, ки (дар рӯзи қиёмат) байни мардум файсала мегардад, масъалаи қатл аст."

## БОБИ 27. Сифати аҳли ҷаннат ва аҳли дӯзах

**2126.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳангоме, ки биҳиштиҳо ба биҳишт ва дӯзахиҳо ба дӯзах рафтанд, маргро оварда ва дар байни биҳишту дӯзах забҳ мекунанд ва мунодӣ нидо мекунад, ки эй аҳли биҳишт, баъд аз ин марг нест ва эй аҳли дӯзах, баъд аз ин марг нест ва ин ҷо аст, ки хуш бар хушиҳои аҳли ҷаннат ва ғам ба ғамҳои аҳли дӯзах афзуда мегардад."

**2127.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд барои аҳли ҷаннат мегӯяд: Эй аҳли ҷаннат! Мегӯянд: Парвардигори мо! Лаббайка ва саъдайка. Мепурсад: Оё (аз ин ки шуморо ба биҳишт овардем), розӣ ҳастед? Мегӯянд: Чаро розӣ набошем, барои мо чизҳоеро ато кардӣ, ки барои ҳеҷ яке аз халқи худ ато накардӣ. Худованд мефармояд: Аз ин ҳам (неъмати) болотареро барои шумо медиҳам. Мегӯянд: Неъмате, ки аз ин неъматҳо беҳтару болотар бошад, чист? Худованд мефармояд: Он неъмат хушнудии ман аст, ки баъд аз ин бар шумо ғазаб намекунам."

**2128.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки: ("Дар қиёмат) байни шонаҳои кофир ба андозаи масофаи серӯза роҳе, ки савораи зудрав мепаймояд, паҳн мегардад" (ва ин чиз ҷиҳати эҳсоси бештари азоб барои куффор аст ва дар ҳадиси дигаре омадааст, ки дандони кофир дар рӯзи қиёмат ба андозаи кӯҳи Уҳуд бузург мешавад).

**2129.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мардуме аз дӯзахиён баъд аз ин, ки осори сӯхтагӣ дар онҳо намудор аст, аз дӯзах хориҷ мегарданд ва ба биҳишт дохил мешаванд ва биҳиштиён онҳоро ба номи ҷаҳанамиҳо ёд мекунанд" (яъне инҳо касоне ҳастанд, ки нисбат ба аъмоли бади худ мустаҳиқи дӯзах буданд. Вале Худованди мутаъол бо раҳмати худ аз онҳо афв карда ва онҳоро ба биҳишт овардааст).

**2130.** Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Осонтарин азоби аҳли дӯзах азоби касе аст, ки дар кафи пояш ду порчаи оташ гузошта мешавад, ки аз асари он оташ мағзи сараш монанди қум-қум меҷӯшад." Қум-қум зарфе аст, ки дар он обро ба ҷӯш меоваранд).

**2131.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар касе, ки ба ҷаннат дохил мегардад, ҷояш дар дӯзах, дар сурате, ки бадкор барояш нишон дода мешавад, то ин, ки хушӣ ва шукргузориаш бештар гардад ва ҳар касе ба дӯзах дохил мегардад, ҷояш дар биҳишт, дар сурате, ки некӯкор мебуд, барояш нишон дода мешавад, то ин, ки ҳасрат ва афсӯсаш афзунтар гардад."

## БОБИ 28. Ҳавзи Кавсар

**2132.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳавзи ман (яъне ҳавзи Кавсар) ба андозаи масофаи якмоҳа роҳ аст. Оби он аз шир сафедтар ва аз мушк хушбӯтар аст. Кӯзаҳои он монанди ситораҳои осмон аст (мурод аз ташбеҳ ба ситораҳои осмон дар камият аст, на дар кайфият, яъне кӯзаҳои он ба андозаи ситораҳои осмон, ки ба чашм мехӯрад, зиёд аст ва ё мурод аст, ки монанди ситораҳои осмон дурахшиш ва зебоӣ доранд) ва касе, ки аз он якбора об бинӯшад, дигар ҳеҷ вақт ташна намешавад."

**2133.** Аз Ибни Умар (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Пеши рӯи шумо ҳавзе аст, ки масоҳати он ба андозаи фосилаи байни ду шаҳр Ҷарбо ва Азруҳ аст." (Ҷарбо ва Азруҳ ду қария аст дар Шом, ки масофаи байни онҳо се шабонарӯза роҳ аст).

**2134.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Андозаи ҳавзи ман ба андозаи масофаи байни Айла (шаҳре аст дар атрофи Байтулмуқаддас) ва Санъо (шаҳре дар Яман) аст ва теъдоди кӯзаҳои он ба теъдоди ситораҳои осмон аст.

**2135.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар ҳоле, ки дар канори ҳавз истода мебошам, гурӯҳеро мебинам ва ҳангоме, ки онҳоро мешиносам, шахсе аз байни ман ва онҳо берун мешавад (мурод аз ин шахс малаке аст, ки муаккали сарнавишти онҳо мебошад) ва барои (онҳо) мегӯяд: Бо ман биёед. Мепурсам: (Онҳоро) ба куҷо мебарӣ? Мегӯяд: Ба Худо савганд, ки ба дӯзах. Мепурсам: Чӣ (гуноҳе) кардаанд? Мегӯяд: Баъд аз ту ба ақиб баргаштанд.

Баъд аз он гурӯҳи дигареро мебинам ва ҳангоме, ки онҳоро мешиносам, шахсе аз байни ману онҳо берун мешавад ва (барои онҳо) мегӯяд: Бо ман биёед. Мепурсам: (Онҳоро) ба куҷо мебарӣ? Мегӯяд: Ба Худо савганд, ки ба дӯзах. Мепурсам: Чӣ (гуноҳ) кардаанд? Мегӯяд: Баъд аз ту ба ақиб баргаштаанд. Ва аз байни онҳо ҷуз афроди андаке монанди шутурони гумшуда наҷот намеёбанд."

**2136.** Аз Ҳориса ибни Ваҳб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки дар мавриди Ҳавз сӯҳбат мекарданд, шунидам, ки фармуданд: ("Масоҳати он) монанди масофаи байни Мадина ва Санъо аст." (мурод аз (Мадина Мадинаи мунаввара аст ва Санъо шаҳри машҳуре аст дар Яман ва акнун пойтахти он давлат мебошад).

# - 75 -
# КИТОБИ ҚАЗО ВА ҚАДАР

## БОБИ 1. Қалам бар илми Худо хушк гардид

**2137.** Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе пурсид: Ё Расулаллоҳ! Оё аҳли ҷаннат ва дӯзах (дар илми Худо) шинохта шудаанд? Фармуданд: "Бале." Гуфт: Пас чаро касе коре бикунад? Фармуданд: "Ҳар касе ҳамон кореро мекунад, ки барои он халқ шудааст ва ё ҳар кас ҳамон кореро мекунад, ки барояш муяссар аст."

## БОБИ 2. "Амри Худованди мутаъол таъин ва муқаддар аст" *(Аҳзоб: 38)*

**2138.** Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои мо хутбае доданд, ки дар он аз байни ҳеҷ чизеро, ки то рӯзи қиёмат воқеъ мешавад, фурӯгузор накарданд. Касе, ки он чизҳоро фаҳмид, фаҳмид, касе, ки нафаҳмид, нафаҳмид. Баъзе аз он мавзӯъотро фаромӯш кардаам, вале чун баъзе чизҳоро мебинам, он мавзӯъот мисли касе, ки чизеро гум карда бошад, ба ёдам меояд."

## БОБИ 3. Назр, бандаро ба сӯи қазо ва қадар раҳнамун месозад

**2139.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Назр барои бани Одам чизеро, ки барояш муқаддар кардаам, тағйир намедиҳад (дар ин ҷо сиғаи такаллум ба кор рафтааст (муқаддар кардаам), пас ин ҳадиси қудсӣ аст ва замири такаллум (кардаам) роҷеъ ба Худованди мутаъол аст). Балки он чиро, ки барояш муқаддар кардаам, барои вай мерасонад ва кореро, ки назр мекунанд, ин аст, ки шахсеро аз бахолат хориҷ месозад."

## БОБИ 4. Маъсум касе аст, ки Худованди мутаъол ӯро дар исмати худ қарор дода бошад

**2140.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳар халифае, ки ба хилофат мерасад, барояш ду навъ ҳамнишин вуҷуд дорад. Ҳамнишине, ки ӯро ба корҳои нек амру ташҷеъ

менамояд ва ҳамнишине, ки ӯро ба корҳои бад амр ва ташвиқ менамояд ва маъсум касе аст, ки Худованди мутаъол ӯро аз гуноҳ кардан ҳифз намудааст."

## БОБИ 5. Дар байни шахс ва қалбаш монеъа қарор медиҳад

**2141.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Бисёре вақтҳо савганди Паёмбари Худо (с) ин буд, ки "Ло ва муқаллибил қулуб." Яъне "на ва савганд ба зоте, ки дилҳоро аз ҳоле ба ҳоли дигаре мегардонад."

# - 76 -
# КИТОБИ САВГАНДҲО ВА НАЗРҲО

## БОБИ 1. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: "Худованд шуморо аз савгандҳои лағви шумо муохаза намекунад"

**2142.** Аз Абдурраҳмон ибни Самура (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) бароям гуфтанд: "Ё Абдурраҳмон ибни Самура! Талаби иморатро макун, зеро агар аз роҳи талаб кардан ба аморат расидӣ, ту медонӣ ва корат. (Яъне Худованд бароят кӯмак ва нусрат намекунад). Ва агар талаби амoратро накардӣ ва ба аморат расидӣ, Худованд ба ту кӯмак мекунад. Агар дар коре савганд хӯрдӣ ва дидӣ, ки кори дигаре беҳтар аз он аст, аз савганди худ кафора бидеҳ ва он кори беҳтарро анҷом бидеҳ."

**2143.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Мо (мусалмонон) дар рӯзи қиёмат касоне ҳастем, ки охир омадаем ва аз ҳама пештар мо бошем" (яъне агарчи мусалмонон аз дигар умматҳо охиртар омадаанд, вале аз онҳо дар дохил шудан ба биҳишт пештар мебошанд). Ва Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба Худованд савганд, касе, ки дар мавриди хонаводааш савганд мехӯрад ва савганд сабаби зарар ба хонаводааш мегардад, гуноҳи лаҷоҷат ва пофишорӣ бар он савганд дар назди Худованди мутаъол бештар аз гуноҳи ҳонис шудан ва додани кафорае аст, ки Худованд бар вай фарз гардондааст."

## БОБИ 2. Савганди Паёмбари Худо (с) чӣ гуна буд?

**2144.** Аз Абдуллоҳ ибни Ҳишом (р) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) будем дар ҳоле, ки эшон дасти Умар (р)-ро гирифта буданд, Умар (р) бароишон гуфт, ки шуморо аз ҳама чиз ғайр аз худам бештар дӯст дорам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: На, савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасту Ӯ аст, то вақте, ки маро аз ҷони худ бештар дӯст надошта бошӣ, (ба мартабаи камол нахоҳӣ расид). Умар (р) гуфт: Акнун ба Худованд савганд аст, ки шуморо аз ҷони худ ҳам бештар дӯст дорам. Паёмбари Худо (с) фармуданд: Эй Умар! Акнун (яъне акнун он чиро, ки муносиб буд), гуфтӣ."

**2145.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбари Худо (с) омадам, дидам, ки дар сояи Каъба нишастаанд ва мегӯянд: "Ба рабби

Каъба савганд аст, ки инҳо зиёнкоронанд. Бо худ гуфтам: Ман чӣ кардам? Оё бар ман кадом чизи (написанде) мебинанд? Ҳамон ҷо нишастам ва дидам, ки эшон ҳамон суханро такрор менамоянд, натавонистам хомӯш бимонам ва ҳолати хосе ба ман рух дод ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Падару модарам фидои шумо! Инҳоеро, ки мегӯед, чӣ касонеанд? Фармуданд: "Касонеанд, ки молу сарвати зиёде доранд. Магар касе, ки молашро дар умури хайр монанди хок ин тарафу он тараф бирезад."

## БОБИ 3. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: "Савгандҳои муаккадае ба Худо ёд карданд..." *(Наҳл: 38)*

**2146.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳар мусалмоне, ки се фарзандаш мурда бошад, оташи дӯзах ба ҷисмаш тамос намекунад, магар ба андозае, ки савганди Худованд рост шавад." (Зеро Худованди мутаъол савганд ёд кардааст, ки ҳар касе ба дӯзах дохил мешавад, Худованди мутаъол мефармояд: ("ва ин минкум илло воридуҳо кона ъало раббика ҳатман мақзиё").

## БОБИ 4. Агар касе ба таври фаромӯшӣ дар савганди худ ҳонис мешавад

**2147.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованд аз уммати ман васваса ва он чиро, ки дар нафси вай хутур мекунад (то вақте, ки ба он амал нанамояд), мавриди афв ва бахшоиш қарор додааст."

## БОБИ 5. Назр кардан дар тоати Худо

**2148.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар тоати Худо назр кардааст, ҳамон тоати Худоро анҷом диҳад ва касе, ки дар маъсияти Худо назр кардааст, ба маъсияти Худо иқдом нанамояд."

## БОБИ 6. Касе, ки фавт мегардад ва назр бар зимааш мебошад

**2149.** Ривоят аст, ки Саъд ибни Убода (р) аз Паёмбари Худо (с) пурсид: Модарам чизеро назр карда буд, вале пеш аз он, ки ба он назр вафо намояд, вафот кард (ҳоло чӣ бояд кард)? Фармуданд, ки: "Ту аз ивази модари худ ба он назр вафо кун."

## БОБИ 7. Назр кардани чизе, ки қодир ба адои он нест ва ё назре, ки дар маъсият аст

**2150.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе ҳангоми хутба хондан Паёмбари Худо (с) шахсеро диданд, ки истодааст, аз сабаби истоданаш пурсиданд, гуфтанд: Ин шахс Абӯисроил аст, назр кардааст, ки биистад ва наншинад ва ба сояе наравад ва бо касе ҳарф назанад ва ҳамеша рӯза бигирад.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барояш бигӯ, ки бо мардум ҳарф бизанад, дар соя биншинад ва рӯзаи худро комил намояд." (Зеро рӯза гирифтан қурбат ва тоат аст, вале сухан назадан бо дигарон ва нанишастан дар соя тақарруб ва ибодат нест).

# - 77 -
# КИТОБИ КАФФОРАИ САВГАНД

## БОБИ 1. Соъи Мадина ва паймонаи Паёмбари Худо (с)

**2151.** Аз Соиби ибни Язид ривоят аст, ки гуфт: Соъ дар замони Паёмбари Худо (с) аз паймонаи имрӯзи шумо се паймона ва саввум ҳиссаи як паймона буд.

**2152.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) (барои аҳли Мадина) дуо карданд, ки "Худовандо! Дар кайл, соъ ва паймонаашон баракат бидеҳ!"

# - 78 -
# КИТОБИ МЕРОС

## БОБИ 1. Мероси фарзанд аз падару модараш

**2153.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Меросро (аввал) барои касоне, ки насиби муайяне доранд, бидиҳед ва боқимонда барои наздиктарин шахси музаккар (мард) аст."

## БОБИ 2. Мероси духтари фарзанд ба ҳамроҳи фарзанд

**2154.** Шахсе аз Абӯмӯсо пурсид: Агар касе фавт гардад ва аз вай як духтар ва як духтари фарзанд (яъне набосаи писаре, ки духтар бошад) ва хоҳаре боқимонда бошад, мероси онҳо чӣ гуна аст? Гуфт: Ними мол барои духтар ва ними мол барои хоҳар аст. (Яъне дар ин сурат барои духтари фарзанд чизе намерасад). Ва барои шахси пурсида гуфт: Назди Ибни Масъуд (р) бирав ва ӯ низ аз ман пайравӣ хоҳад намуд. Ва чун аз ин масъала аз Ибни Масъуд (р) пурсиш намуданд ва фатвои Абӯмӯсо (р)-ро гуфтанд, гуфт: Агар ман ба мисли чизе, ки ӯ гуфтааст, бигӯям, гумроҳ гардидаам ва ҳидоят нашудаам, балки ба чизе қазоват менамоям, ки Паёмбари Худо (с) қазоват намудаанд. Ними мол барои духтар аз шаш ҳисса як ҳиссаи мол ҷиҳати икмоли сулсайн барои духтари фарзанд ва боқимонда барои хоҳар аст. (Масалан агар дар ин сурат аз шахсе сӣ ҳазор дирҳам боқӣ монда бошад, понздаҳ ҳазор дирҳам барои духтар, панҷ ҳазор дирҳам барои духтари фарзанд ва даҳ ҳазор дирҳам барои хоҳар мерасад). Чун ба Абӯмӯсо аз фатвои Ибни Масъуд (р) хабар доданд, гуфт: То вақте, ки ин аллома дар байни шумо вуҷуд дорад, аз ман чизе напурсед.

## БОБИ 3. Озодшудаи мардум аз худи онҳо ва хоҳарзода аз худи онҳост

**2155.** Аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Озодшудаи ҳар мардуме аз худи он мардум аст."

**2156.** Ва аз Анас ибни Молик (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Хоҳарзодаи ҳар мардуме аз худи он мардум аст."

## БОБИ 4. Касе, ки худро ба ғайри падараш нисбат медиҳад

**2157.** Аз Саъд ривоят аст, ки гуфт: Шунидам, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: “Касе, ки худро ба ғайри падараш нисбат бидиҳад ва бидонад, ки он шахс падараш нест, биҳишт барояш ҳаром аст.”

**2158.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: “Аз падарони худ рӯйгардон нашавед, касе, ки аз падараш рӯйгардон мешавад, кофир мегардад.” (Мурод аз куфр дар ин ҳадис куфрони неъмат аст. Яъне касе, ки ба чунин коре иқдом меварзад, ҳаққи падарашро поймол намуда ва мепӯшонад).

# - 79 -
# КИТОБИ ҲУДУД

## БОБИ 1. Задан бо чӯб ва кафш

**2159.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсеро, ки шароб хӯрда буд, назди Паёмбари Худо (с) оварданд. Фармуданд: "Ӯро бизанед." Абӯҳурайра (р) мегӯяд: Баъзе аз мо бо даст ва иддае бо кафш ва гурӯҳе бо либоси худ ӯро задем. Чун он шахс баргашт ва рафт, баъзеҳо гуфтанд: Худо туро хор кунад (ки шароб хӯрдӣ ва худро муставҷиби ҳадд намудӣ). Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чунин нагӯед ва бо шайтон бар алайҳи ӯ ҳамкорӣ нанамоед."

**2160.** Аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: "Агар ҳаддро бар касе ҷорӣ созам ва он шахс ба сабаби иҷрои он ҳадд вафот намояд, ба дилам чизе намерасад, магар шаробхӯр, ки агар ба сабаби ҳадд бимирад, дияташро мепардозам, зеро Паёмбари Худо (с) дар мавриди шаробхор ҳаддеро таъйин накардаанд."

**2161.** Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд: Шахсе дар замони Паёмбари Худо (с) номаш Абдуллоҳ (р), лақабаш Ҳимор буд. Ин шахс Паёмбари Худо (с)-ро механдонид ва Паёмбари Худо (с) нисбат ба шаробхориаш ӯро шаллоқ мезаданд. Рӯзе ӯро оварда, шаллоқ заданд, касе аз мардумоне, ки он ҷо нишаста буд, гуфт: Худо ӯро лаънат кунад, ин чанд бор аст, ки ӯро меоваранд (ва шаллоқ мезананд). Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ӯро лаънат накунед, ба Худо савганд, то ҷое ман медонам, Худо ва Расулашро дӯст дорад (ва касе, ки Худо ва Расулашро дӯст дошта бошад, муставҷиби лаънат нест."

## БОБИ 2. Лаънат кардани дузд

**2162.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Худованд дуздро лаънат кунад, тухми мурғро медуздад ва сабаби буридани дасташ мегардад ва ресмонеро медуздад ва сабаби буридани дасташ мегардад."

## БОБИ 3. Дасти дузд ба дуздидани чӣ қадар моле қатъ мегардад?

**2163.** Аз Оиша (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Даст ба дуздидани чаҳор ҳиссаи динор ва ба дуздидани бештар аз он қатъ мегардад."

**2164.** Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар замони Паёмбари Худо (с) дасти дузд ҷуз дар муқобили чизе, ки ба андозаи як сипар қиммат медошт, қатъ намегардид.

**2165.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дасти дуздро аз дуздидани сипаре, ки қимматаш се дирҳам буд, қатъ намуданд.

# - 80 -
# КИТОБИ МУҲОРИБИНЕ, КИ АЗ АҲЛИ КУФР ВА РИДДАТ БОШАНД

## БОБИ 1. Таъзир ва таъдиб чӣ андоза аст?

**2167.** Аз Абубурдаи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ба ҷуз дар ҳадде аз ҳудуди Аллоҳ набояд касеро аз даҳ шаллоқ бештар зад."

**2168.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Шахси мусалмон то вақте дар дини худ дар амон аст, ки муртакиби хуни ҳаром нашуда бошад."

**2169.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: Барои Миқдод гуфтанд: "Агар шахси мусалмоне дар байни куффор имони худро пинҳон намуда бошад ва баъд аз он назди ту имони худро зоҳир созад ва ту ӯро ба қатл бирасонӣ? (Ва албатта ин кор бароят раво нест, гунаҳкор мегардӣ ва ивази вай ба қасос мерасӣ) ва ҳамин шакл худат ҳам пеш аз ин дар Макка имони худро пинҳон медоштӣ." (Ва пинҳон доштани имон ҷиҳати дар амон мондан аз куффор ва золимон, на гуноҳе аст ва на айб).

## БОБИ 2. Муттаҳам намудани ғулом ба зино

**2166.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Агар касе ғуломашро, ки бегуноҳ бошад, муттаҳам ба зино намояд, дар рӯзи қиёмат шаллоқ зада мешавад, магар он, ки суханаш рост бошад."

# - 81 -
# КИТОБИ ДИЁТ (ХУНБАҲО)

## БОБИ 1. "Ҳар касе инсонеро аз марг наҷот диҳад, гӯё тамоми мардумонро ҳаёт бахшидааст" *(Моида: 32)*

**2170.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки бар зидди мо силоҳ бардорад, аз мо нест."

## БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол: "Шахс муқобили шахс ва чашм муқобили чашм" *(Моида: 45)*

**2171.** Аз Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Рехтани хуни мусалмоне, ки шаҳодат диҳад, ки худое ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад ва ман фиристодаи Худоям, ҷуз ба яке аз се чиз раво нест: ин, ки шахси дигареро ба қатл расонда бошад, дар ҳолати эҳсон зино карда бошад (мурод аз эҳсон он аст, ки бо никоҳи шаръӣ ҷимоъ карда бошад ва агарчи ҳангоми зино мард зан надошта бошад ва ё зан шавҳар). Ва ё он, ки дини худро гузошта ва ҷамоъати мусалмононро тарк намуда бошад" (мурод аз касе, ки динашро гузошта ва ҷамоъати мусалмононро тарк кардааст, муртад аст).

## БОБИ 3. Касе, ки худ шахсеро ба ғайри ҳақ мутолаба намояд

**2172.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Се кас аз бадтарин мардумон дар назди Худованди мутаъол ҳастанд, касе ки дар Ҳарам муртакиби гуноҳ гардад, касе, ки дар Ислом равиши ҷоҳилиятро биходад ва касе, ки ба ноҳақ мутолабаи хуни шахсеро бинмояд, то хунашро бирезанд."

## БОБИ 4. Касе, ки худаш бидуни иттилоъи султон ҳаққашро бигирад ва ё қасос намояд

**2173.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Агар касе бидуни иҷоза ба хонаат нигоҳ кард ва ту бо санг зада, чашмашро кӯр намудӣ, гуноҳ бар ту нест."

## БОБИ 5. Хунбаҳои ангуштон

**2174.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ин ва ин (дар дият) бо ҳам баробар аст. Яъне Ангушти хурдӣ бо нарангушт баробар мебошад."

## - 82 -
## КИТОБИ ТАВБА ДОДАНИ МУРТАДҲО ВА БОҒИҲО ВА ҶАНГ БО ЭШОН

### БОБИ 1. Гуноҳи касе, ки ба Худо шарик меоварад

**2175.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шахсе гуфт: Ё Расулаллоҳ! Оё аз он чи, ки дар ҷоҳилият анҷом додаем, мавриди муъохаза қарор хоҳем гирифт? Фармуданд: "Касе, ки дар Ислом корҳои нек анҷом диҳад, аз он чӣ дар ҷоҳилият анҷом додааст, муъохаза намегардад ва касе, ки дар Ислом корҳои бад анҷом диҳад, аз он чӣ, ки дар аввал ва охир анҷом додааст, муъохаза мегардад."

# - 83 -
# КИТОБИ ТАЪБИРИ ХОБ

## БОБИ 1. Хоб дидани ашхоси нек ва солеҳ

**2176.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Хоб диданҳои нек аз ашхоси солеҳ як ҷузъе аз чиҳилу шаш ҷузъ аз нубувват аст."

## БОБИ 2. Хоб дидан аз тарафи Худованд аст

**2177.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Агар касе хобе дид, ки онро дӯст медошт, он хоб аз тарафи Худованд аст. Аз ин рӯ, бояд шукри Худоро намуд ва он хобро барои дигарон бигӯяд ва агар хобе дид, ки аз он бадаш меояд, он хоб аз тарафи шайтон аст, бояд аз шарри он (ба Худо) паноҳ биҷӯяд ва онро барои касе нагӯяд, ки дар ин сурат барояш зараре намерасонад."

## БОБИ 3. Хобҳои нек

**2178.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Аз нубувват чизи дигаре ҷуз мубашширот боқӣ намемонад." Гуфтанд: Мубашширот чист? Фармуданд: "Хобҳои нек."

## БОБИ 4. Касе, ки Паёмбари Худо (с)-ро ба хоб мебинад

**2179.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки маро дар хоб мебинад, дар бедорӣ ҳам хоҳад дид ва шайтон худро ба монанди ман карда наметавонад."

**2180.** Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки маро ба хоб дидааст, яқинан худамро дидааст, зеро шайтон худро ба сурати ман даровarda наметавонад."

## БОБИ 5. Хоб дидан дар рӯз

**2181.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) гоҳ-гоҳе назди Умми Ҳаром духтари Милҳон, ҳамсари Убода ибни Сомит (р) мерафтанд (Умми Милҳон холаи разоъии Паёмбари Худо (с) буд). Рӯзе назди он зан рафтанд, он зан таъомеро барои эшон овард ва баъд аз он ба хоридани сари Паёмбари Худо (с) шурӯъ намуд. Паёмбари Худо (с)-ро хоб бурд. Ҳангоме, ки аз хоб бедор шуданд, механдиданд. Умми Ҳаром (р) мегӯяд: пурсидам: Ё Расулаллоҳ! Сабаби хандаи шумо чист? Фармуданд: "Мардуме аз умматам ба ман нишон дода шуданд, ки дар миёни дарё ба ҷиҳоди фи сабилиллоҳ баромаданд ва монанди подшоҳон бар тахт нишастаанд, ё мисли подшоҳон бар тахт нишастаанд" (шак аз ровӣ аст).

Умми Ҳаром (р) мегӯяд: гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Дуо кунед, ки Худованд маро аз ҷумлаи ин мардум бигардонад. Паёмбари Худо (с) бароям дуо карданд. (Умми Ҳаром (р) мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дубора сари худро гузошта (ва хобиданд), чун аз хоб бедор шуданд, боз ҳам механдиданд. Пурсидам: Ё Расулаллоҳ! Сабаби хандаи шумо чист? Фармуданд: "Мардуме аз умматам ба ман нишон дода шуданд, ки ба ҷиҳоди фи сабилиллоҳ баромаданд..." Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Дуо кунед, ки Худованд маро ҳам аз ҷумлаи онҳо бигардонад, фармуданд: "Ту аз ҷумлаи гурӯҳи аввал ҳастӣ." Ва ҳамин зан буд, ки дар замони Муъовия ибни Абӯсуфён ба дарё сафар намуд ва чун аз дарё берун шуд, аз маркабаш афтода, вафот намуд.

## БОБИ 6. Хоб дидани ин ки шахс дар қайд аст

**2182.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Чун қиёмат наздик шуд, хоб дидани мусалмон ба нудрат дурӯғ мебошад ва хоб дидани мусалмон як қисмат аз чиҳилу шаш қисмати нубувват аст" ва он чӣ, ки аз нубувват аст, дурӯғ намебошад.

## БОБИ 7. Агар дар хоб дид, ки чизеро аз ҷое ба ҷои дигар мунтақил сохтааст

**2183.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба хоб дидам, ки гӯё зани сарбараҳнае аз Мадина хориҷ гардида ва ба Маҳяъа, (яъне Ҷӯҳфа) иқомат намудааст, таъбирашро ин кардам, ки вабо аз Мадина хориҷ гардида ва ба он сарзамин интиқол ёфтааст." (Маҳяъае, ки ба номи Ҷӯҳфа низ ёд мешавад, миқоти аҳли Миср аст, мардуми он яҳудӣ буданд ва Паёмбари Худо (с) ва мусалмононро азият мекарданд).

## БОБИ 8. Касе, ки ба дурӯғ бигӯяд: "Ман хоб дидам"

**2184.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Агар касе ба дурӯғ бигӯяд, ки "хобе дидаам," (дар рӯзи қиёмат) аз вай хоста мешавад, ки ду мӯйро бо ҳам гиреҳ бизанад ва ҳаргиз ин корро карда наметавонад ва касе, ки ба сухани мардуме, ки ӯро намехоҳанд гӯш фаро диҳанд, дар рӯзи қиёмат дар гӯшҳояш сурб рехта мешавад ва касе, ки сурат бикашад, азоб карда мешавад ва мукаллаф мегардад, ки ба он тасвир ҷон диҳад, вале ҳаргиз барои он ҷон дода наметавонад."

**2185.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Аз бадтарин тӯҳматҳо он аст, ки касе бигӯяд: Чунин чизеро ба хоб дидаам ва дар воқеъ он чизро ба хоб надида бошад."

## БОБИ 9. Агар муъаббири аввал таъбири хобро надонад, таъбираш саҳеҳ нест

**2186.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки мегуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Шаби гузашта соябонеро ба хоб дидам, ки аз он равғану асал мечакад ва мардумонеро дидам, ки ба кафи дасти худ аз он (равғану асал) мегиранд, баъзеҳо бисёру баъзеҳо андак. Дар ин вақт буд, ки дидам ресмоне аз тарафи замин ба сӯи осмон насб гардидааст ва шумо ба он боло рафтед, баъд аз шумо шахси дигаре онро гирифта, боло рафт, баъдан аз вай шахси саввум онро гирифт ва боло рафт.

Баъд аз он шахси дигаре онро гирифт, вале он ресмон қатъ гардид ва дубора бо ҳам пайваст. Абӯбакр гуфт: Ё Расулаллоҳ! Падарам фидои шумо, шуморо ба Худованд савганд, иҷоза бидиҳед, ки ин хобро ман таъбир кунам, Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Таъбир кун." Абӯбакр (р) гуфт: Соябон Ислом аст ва он равғану асале, ки аз он мечакад, Қуръон аст, ки аз он ширинӣ метаровад, баъзе аз мардумон аз Қуръон бисёр истифода менамоянд ва баъзе андак ва он ресмон байни осмон ва замин ҳамон ҳақиқате аст, ки шумо ба роҳи он равон ҳастед ва ба он чанг задаед ва Худованди мутаъол мартабаи шуморо ба он баланд месозад.

Баъд аз шумо шахси дигаре ба он тамассук меҷӯяд ва сабаби рифъати мақомаш мегардад. Баъд аз он шахси дигаре онро мегирад ва сабаби рифъати мартабааш мегардад. Баъд аз он шахси дигаре меояд ва онро мегирад, вале он васила қатъ мегардад ва боз дубора пайваст мешавад ва ба сабаби он баландмартаба мегардад ва ҳоло, ё Расулаллоҳ, падару модарам фидои шумо, бигӯед, ки таъбирам саҳеҳ аст, ё ғалат? Паёмбари Худо (с) фармуданд: (Таъбири ту) дар баъзе чизҳо саҳеҳ ва дар баъзе чизҳо ғалат буд. Гуфт: Шуморо ба Худованд савганд, бигӯед, ки чӣ чизҳо хато буд, фармуданд: "Савганд мадеҳ."

# - 84 -
# КИТОБИ ФИТНАҲО

## БОБИ 1. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Баъд аз ман корҳоеро хоҳед дид, ки аз онҳо тааҷҷуб хоҳед кард..."

**2187.** Аз Ибни Аббос (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Касе, ки аз амираш кори ношоистаро бубинад, бояд ба он сабр кунад, зеро касе, ки аз таҳти султа ва қудрат як ваҷаб хориҷ гардад, ба марги ҷоҳилият мемирад." Ва аз Ибни Аббос (р) дар ривояти дигар омадааст, ки фармуданд: "Касе, ки аз амираш чизи ношоистаро бинад, бар он сабр кунад, зеро касе аз ҷамоъати мусалмонон як ваҷаб ҷудо гардад ва бимирад, маргаш ҷуз марги ҷоҳилият чизи дигаре нест."

**2188.** Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят аст, ки гуфт: Моро Паёмбари Худо (с) (ба Ислом) даъват намуданд ва мо ба эшон байъат намудем ва аз чизҳое, ки аз мо байъату паймон гирифтанд, ин буд, ки гуфтанд: Дар ҳолати хушбахтӣ ва бадбахтӣ, дар ҳолати тангдастӣ ва дороӣ ва дар ҳолати худхоҳӣ ва бартариҷӯии (амир) набояд аз самъу тоати вай худдорӣ намояд. (Ва байъат гирифтанд), ки набояд бо амири худ дар амри хилофат низоъу кашмакаш намоед, магар он, ки аз вай куфри ошкореро мушоҳида намоед, ба тавре, ки дар назди шумо аз тарафи Худо бар куфраш далел ва бурҳони қотеъ вуҷуд дошта бошад."

## БОБИ 2. Зуҳури фитнаҳо

**2189.** Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Бадтарини мардум касонеанд, ки зинда бошанд ва қиёмат барпо гардад."

## БОБИ 3. Замони оянда ҳамеша аз замони гузашта бадтар аст

**2190.** Ривоят аст, ки мардуме назди Анас ибни Молик (р) аз Ҳаҷҷоҷ шикоят намуданд. Анас (р) гуфт: "Сабр кунед, зеро то вақте, ки бимиред, он чӣ, ки баъд аз ин бар сари шумо меояд, аз ин ҳам бадтар хоҳад буд." Ин суханро аз Паёмбари Худо (с) шунидаам.

## БОБИ 4. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Касе, ки бар зидди мо силоҳ бардорад, аз мо нест..."

**2191.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Бо силоҳ ҳеҷ вақт ба тарафи бародари худ ишора накунед, зеро касе намедонад, шояд шайтон дасташро каш кунад ва дар гудоле аз оташ воқеъ гардад."

## БОБИ 5. Фитнаҳо хоҳад шуд, ки шахси нишаста аз шахси бархоста беҳтар аст

**2192.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба зудӣ фитнаҳое ба вуқӯъ хоҳад пайваст ва дар ин фитнаҳо шахси нишаста беҳтар аз шахси истода аст ва шахси истода беҳтар аз шахси раванда ва шахси раванда беҳтар аз иштироккунанда аст. Касе, ки ба онҳо тамоюл намояд, ӯро ба сӯи худ ҷалб менамоянд. Пас касе, ки паноҳгоҳ ва гӯшае пайдо карда метавонад, ба он ҷо паноҳ бибарад ва гӯшагирӣ намояд."

## БОБИ 6. Сукунат бо бодиянишинон

**2193.** Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки вай назди Ҳаҷҷоҷ рафт. Ҳаҷҷоҷ ба рояш гуфт: Эй Ибни Акваъ! Магар муртад гардидӣ ва дубора бодиянишин шудӣ? Гуфт: На, вале Паёмбари Худо (с) бароям дар бодиянишинӣ иҷоза додаанд.

## БОБИ 7. Вақте, ки Худованд бар мардуме азобе нозил намояд

**2194.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳангоме, ки Худованд (дар дунё) бар мардуме азоберо нозил намояд, ин азоб домангири ҳамагон мегардад, вале дар қиёмат ҳар касе масъули аъмоли худаш мебошад."

## БОБИ 8. Касе, ки дар назди мардуме чизе бигӯяд ва дар назди дигарон чизи дигаре

**2195.** Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят аст, ки гуфт: Мунофиқат чизе буд, ки дар замони Паёмбари Худо (с) вуҷуд дошт, вале мунофиқати имрӯз кофир шудан баъд аз мусалмон шудан аст."

## БОБИ 9. Берун шудан аз оташ

**2196.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "То он ҳангоме қиёмат намешавад, ки оташ аз Ҳиҷоз баланд гардад ва гардани шутуронро дар Бусро равшан намояд (Бусро

шаҳре аст дар Шом, ки аз Димишқ ҳудуди яксаду бист километр фосила дорад).

**2197.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Қариб аст, ки наҳри Фурот ганҷеро аз тилло намоён созад, касе ки он ҷо ҳозир бошад, набояд аз он ганҷ чизе бигирад..."

**2198.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "То он вақт қиёмат намешавад, ки ду гурӯҳи калон дар ҳоле, ки даъвати ҳардуи онҳо яке аст, ба ҷони якдигар афтода ва ҷанги азиме байнашон рух диҳад.

Ва то он вақт қиёмат намешавад, мардумони дағалкор ва каззобе, ки дар ҳудуди сӣ нафар мебошанд, пайдо шаванд ва ҳар кадоме фикр кунад, ки ӯ фиристодаи Худост ва то он вақт қиёмат намешавад, илм аз байн биравад, зилзила зиёд гардад, вақтҳо бо ҳам наздик шавад, фитна барпо гардад, қатл ва хунрезӣ зиёд шавад, молу доройӣ дар байни шумо ончунон зиёд шавад, ки соҳиби мол дар ҷустуҷӯи касе барояд, ки садақаашро қабул намояд ва чун садақаашро бар вай тақдим намояд, аз вай рӯй гардонида бигӯяд, ҳоҷате ба садақаат надорам.

Ва то он вақт (қиёмат намешавад), ки мардум дар сохтани биноҳо аз ҳадд бигзаранд. Ва то он вақт (қиёмат намешавад), ки шахсе аз назди қабри шахсе убур намояд ва бигӯяд: Эй кош ман дар ҷои ӯ мебудам.

Ва то он вақт (қиёмат намешавад), ки офтоб аз тарафи мағриб тулӯъ намояд ва мардум онро мушоҳида намоянд. Ҳамагӣ имон меоваранд, вале ин вақте аст, ки агар касе қаблан имон наёварда бошад ва дар имони худ кори некеро анҷом надода бошад, ин имон барояш фоидае надорад. Ва ҳангоме, ки қиёмат барпо гардад, ду нафар ҷомаеро ҷиҳати фурӯхтан арз менамоянд, вале наметавонанд онро бифурӯшанд ва наметавонанд онро ҷамъ кунанд ва ҳангоме, ки қиёмат барпо мегардад, шахсе шири шутурашро меоварад (ки бинӯшад), вале онро нӯшида наметавонад.

Ва ҳангоме, ки қиёмат барпо гардад, шахсе ҳавзашро омода менамояд, вале оберо аз он нӯшида наметавонад.

Ва ҳангоме, ки қиёмат барпо гардад, шахсе луқмаашро ба тарафи даҳонаш мебарад, вале онро хӯрда наметавонад" (ва аз маҷмӯъи ин аломатҳо чунин фаҳмида мешавад, ки қиёмат ба таври ногаҳонӣ барпо мегардад).

# - 85 -
# КИТОБИ АҲКОМ

## БОБИ 1. Фармонбардорӣ аз имом то вакте, ки амраш дар маъсият набошад

**2199.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Бишнавед ва итоат кунед ва агарчи ғуломи ҳабашӣ, ки сараш монанди мавиз бошад, бар шумо ҳукумат намояд" (ин амр аз ҷиҳати муболиға дар тоати имом ва фармонбардорӣ аз (валии амр) аст).

## БОБИ 2. Набояд дар расидан ба аморат ҳарис буд

**2200.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Зуд аст, ки шумо дар расидан ба аморат ҳирс менамоед, вале ин аморат дар қиёмат барои шумо сабаби надомат ва пушаймонӣ мешавад, ширхорагӣ бисёр болаззат аст, вале ҷудо шудан аз шир талх ва ранҷовар аст."

## БОБИ 3. Касе, ки масъулияти мардумро ба ӯҳда гирифта ва таваҷҷӯҳе ба онҳо надошта бошад

**2201.** Аз Маъқил ибни Ясор (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Ҳар касе, ки сарпарастии раъиятеро ба ӯҳда бигирад ва таваҷҷӯҳе ба онҳо нанамояд, бӯи ҷаннатро намеёбад."

**2202.** Ва аз Маъқил ибни Ясор (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳар касе, ки сарпарастии мусалмононро ба ӯҳда бигирад ва ба онҳо хиёнат намояд, Худованди мутаъол ҷаннатро барояш ҳаром месозад."

## БОБИ 4. Касе, ки сахтгирӣ намояд, Худованд бар вай сахтгирӣ менамояд

**2203.** Аз Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Касе, ки қасдаш аз иҷрои коре риё ва сумъа бошад, Худованд дар рӯзи қиёмат ӯро фазиҳату расво мекунад ва касе, ки бо мардум сахтгирӣ намояд, Худованд дар рӯзи қиёмат бо ӯ

сахтгирӣ менамояд." Мардум гуфтанд: Моро насиҳат кунед! Фармуданд: "Аввалин чизе, ки аз инсон мутаъаффин мегардад, шиками ӯ аст. Агар касе метавонад, ки ҷуз ҳалол чизе нахӯрад, чунин кунад ва агар касе метавонад, ки монеъе байни худ ва биҳишт ба сабаби рехтани хуни мусалмонон, агарчанде он ба андозаи як кафи даст бошад, ба вуҷуд наёварад, чунин кунад."

## БОБИ 5. Оё метавонад қозӣ ва ё муфтӣ дар ҳолати ғазаб қазоват намуда ва ё фатво бидиҳад

**2204.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Набояд ҳокиме дар ҳолати ғазаб байни ду нафар қазоват намояд."

## БОБИ 6. Он чӣ, ки барои котиб мустаҳаб аст

**2205.** Ҳадиси Ҳувайса ва Муҳайиса қаблан дар боби ҷиҳод гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки "ё дияти рафиқи шуморо бипардозанд ва ё эълони ҷанг намоянд."

## БОБИ 6. Имом бо мардум чӣ гуна байъат намояд

**2206.** Ҳадиси Убода ибни Сомит (р) дар мавриди самъ ва тоат қаблан гузашт ва дар ин ривоят омадааст, ки: "Ва ин, ки дар ҳама ҳол ҳақро бигӯем ва дар (баёни аҳкоми шариат ва амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар) аз маломате натарсем."

**2207.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте, ки бо Паёмбари Худо (с) дар самъу тоат байъат мекардем, барои мо мегуфтанд, ки: "дар чизҳое, ки метавонед (яъне: дар чизҳое байъат кунед, ки қудрати анҷом додани онҳоро дошта бошед").

## БОБИ 8. Вилояти аҳд

**2208.** Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Касе ба Умар (р) гуфт: Оё халифаи баъдиатро таъин наменамоӣ? Гуфт: Агар таъин намоям, Абӯбакр (р), ки аз ман беҳтар буд, низ таъин намуда буд ва агар таъин нанамоям, Расулуллоҳ (с), ки аз ман беҳтар буданд, таъин накарда буданд."

## БОБИ 9

**2209.** Аз Ҷобир ибни Самра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Дувоздаҳ амир хоҳанд буд." Баъд аз он калимаи дигареро гуфтанд, ки онро нашнидам, вале падарам гуфт: Он калима ин буд, ки "Ҳамаи онҳо аз Қурайш ҳастанд."

# - 86 -
# КИТОБИ ТАМАННО ВА ОРЗУҲО

## БОБИ 1. Орзуе, ки макрӯҳ аст

**2210.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: "Агар аз Паёмбари Худо (с) намешунидам, ки мефармуданд: "Орзуи маргро накунед," маргро орзу мекардам.

**2211.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳеҷ касе маргро орзу накунад, (зеро) агар некӯкор бошад, шояд ба накӯкориаш идома диҳад ва агар бадкор бошад, шояд аз кори бадаш тавба намояд."

# - 87 -
# КИТОБИ АМАЛ КАРДАН БА КИТОБ (ҚУРЪОН) ВА СУННАТ

## БОБИ 1. Иқтидо ба суннати Паёмбари Худо (с)

**2212.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳамаи умматам ба ҷаннат дохил мешавад, магар касе нахоста бошад." Гуфтам: Ё Расулаллоҳ! Кист ки нахоста бошад? Фармуданд: "Касе, ки аз ман итоат намояд, ба ҷаннат дохил мешавад ва касе, ки аз ман нофармонӣ намояд, касе аст, ки ҷаннат рафтанро намехоҳад..."

**2213.** Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: Фариштагоне назди Паёмбари Худо (с) омада ва диданд, ки хобанд, баъзе аз онҳо гуфтанд, ки хоб аст, иддаи дигаре аз онҳо гуфтанд, ки чашмаш хоб, вале дилаш бедор аст. Сипас бо худ гуфтанд, ки барои ӯ масале аст, он масалро барояш баён мекунем, боз иддае гуфтанд, ки ӯ хоб аст, баъзе дигар гуфтанд, ки чашмаш хоб ва қалбаш бедор аст. Ва он масалро баён карда гуфтанд: Масали вай монанди касе аст, ки хонаеро бино ниҳода ва суфраеро дар он густурда ва мардумро даъват намудааст, касе, ки даъватро пазируфта бошад, ба хона дохил мегардад ва аз он дастархон таъом мехӯрад ва касе, ки даъватро напазируфта бошад, на ба хона дохил мегардад ва на аз он дастархон чизе мехӯрад.

Бо худ гуфтанд: Бояд таъвили ин масалро барои ӯ бигӯем, то мақсудро бифаҳмад. Боз ҳам баъзе аз онҳо гуфтанд, ки ӯ хоб ва дигарон гуфтанд, ки чашмаш хобу дилаш бедор аст. Гуфтанд, хона иборат аз ҷаннат аст ва меҳмондор Муҳаммад (с) аст, касе, ки аз Муҳаммад итоат намояд, дар воқеъ аз Худованд итоат намудааст. Ва касе, ки аз Муҳаммад (с) нофармонӣ кунад, дар воқеъ нофармонии Худоро кардааст ва Муҳаммад (с) аст, ки байни мардум фарқ намудааст (яъне байни мусалмон ва кофир, барояшваъдаи биҳиштро додааст ва бадро бад гуфта ва байни некӯкор ва бадкор ва байни хубу бад фарқ гузоштааст, ба тавре, ки хубро хуб гуфта ва барояш ваъдаи биҳиштро додааст ва бадро бад гуфта ва барояш ваъдаи дӯзахро додааст).

## БОБИ 2. Набояд аз ҳар чиз суол намуд ва худро ба заҳмат андохт

**2214.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Мардум то ҷое ба суол кардан идома медиҳанд, ки мегӯянд: Хайр, ҳар чизеро Худованд пайдо кардааст, пас Худовандро кӣ пайдо кардааст?"

## БОБИ 3. Мазаммати раъй ва такаллуф дар қиёс

**2215.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Худованд баъд аз ин, ки илмро барои мардуме ато фармояд, он илмро ба якборагӣ аз байн намебарад, балки аз байн бурданаш ба сабаби мавти уламо сурат мегирад. Ва баъд аз мурдани уламо мардуми ҷоҳиле боқӣ мемонанд, ки аз онҳо фатво хоста мешавад ва онҳо ба (раъйи) худ фатво медиҳанд ва сабаби гумроҳии худ ва дигарон мешаванд."

## БОБИ 4. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Ҳатман аз равиши гузаштагон пайравӣ мекунед..."

**2216.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: "То он вақте қиёмат намешавад, ки уммати ман аз (мардуми) асрҳои гузашта, ваҷаб ба ваҷаб ва газ ба газ мутобиат намоянд." Касе пурсид, ки (мақсади шумо аз гузаштагон) Форс ва Рум ҳастанд? Фармуданд: "Магар ғайр аз инҳо мардуми дигаре аст?"

## БОБИ 5. Сангсор кардани мӯҳсин (оиладор)

**2217.** Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Худованди мутаъол Муҳаммад (с)-ро ба дини ҳаққи худ мабъус намуд ва Қуръонро бар ӯ нозил сохт ва аз чизҳое, ки нозил намуд, ояи раҷм буд (мурод аз ояи раҷм ин аст, ки ("А-ш-шайху ва-ш-шайхату изо занаё фарҷумӯҳо"), яъне агар марду зани мӯҳсин зино карданд, онҳоро раҷм (сангсор) намоед." (Ва гӯянд: ин оя лафзаш мансух гардида ва ҳукмаш боқӣ аст).

## БОБИ 6. Савоби ҳокиме, ки иҷтиҳод намуда ва ба савоб мерасад ва ё хато мекунад

**2218.** Аз Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд: "Вақте, ки ҳоким ҳангоми ҳукм кардан иҷтиҳод намояд ва ба савоб бирасад, барояш ду музд аст (яке музди ҷиҳати заҳмати иҷтиҳод ва музди дигар ҷиҳати расидан ба ҳақ) ва агар иҷтиҳод кунад ва хато намояд, барояш як музд аст (ки ҳамон музди иҷтиҳод бошад).

**БОБИ 7. Касе ки мегӯяд: "Тарки ин кор танҳо аз Паёмбар ҳуҷҷат аст, на аз дигарон" (яъне агар Паёмбари Худо (с) бубинанд, ки касе кореро анҷом медиҳад ва эшон ӯро аз он кор мамониат нанамоянд, ин тарки мамониат далел бар ин аст, ки он кор машруъ аст)**

**2219.** Ривоят аст, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) савганд хӯрд, ки Даҷҷол ҳамон (Ибни Сайёд) аст, барояш гуфтам: Оё ба ин чиз савганд мехӯрӣ? Гуфт: Шунидам, ки Умар (р) ба ин чиз дар назди Паёмбари Худо (с) савганд хӯрд ва Паёмбари Худо (с) барояш бад нагуфтанд (пас бад нагуфтани ин кор аз тарафи Паёмбари Худо (с) далолат бар ҷавози он дорад).

# - 88 -
# КИТОБИ ТАВҲИД (ВА РАД БАР ҶАҲМИЯ ВА ҒАЙРИ ОНҲО)

## БОБИ 1. Даъвати Паёмбари Худо (с) уммати худро ба сӯи тавҳид (яктопарастӣ)

**2220.** Аз Оиша (р), ҳамсари Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) шахсеро дар яке аз сароё (сароё ҷамъи сария аст ва сария иборат аз гурӯҳест, ки ба ҷиҳод меравандд) ба ҳайси амир муқаррар намуданд. Ин шахс дар намоз қироатро ба "Қул ҳуваллоҳу аҳад" хатм мекард (яъне дар ҳар ракаат баъд аз ин ки сураи Фотиҳа сураи дигареро қироат мекард, дар охир "Қул ҳуваллоҳ"-ро мехонд). Ҳангоме, ки баргаштанд, аз ин мавзӯъ ба Паёмбари Худо (с) хабар доданд, фармуданд: "Аз вай бипурсед, ки сабаби ин кораш чӣ будааст?" Сабабро аз вай пурсиданд, гуфт: Чун дар ин сура сифати Раҳмон аст, аз ин сабаб хушам меояд, ки онро қироат намоям. Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Барояш хабар диҳед, ки Худованд ҳам ӯро дӯст медорад." (Ва мурод аз муҳаббати Худо нисбат ба бандагон раҳмат кардан бар онҳо ва савоб додан барои эшон аст).

## БОБИ 2. Ин қавли Худованд, ки "Худованд ҳамон ризқдиҳандаи боқувват ва матин аст" *(Зориёт: 58)*

**2221.** Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ҳеҷ касе собиртар дар муқобили азияте, ки мебинад, аз Худованди мутаъол нест. (Куффор) ба вай нисбати фарзанд доштанро медиҳанд. Ва ӯ барои онҳо тандурустӣ мебахшад ва ризқ медиҳад."

## БОБИ 3. Ин қавли Худованд, ки: "Ва Ӯ азизу ҳаким аст ва..." *(Иброҳим: 4)*

**2222.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Паноҳ меҷӯем ба иззати ту ва ту он Зоте ҳастӣ, ки худое ҷуз ту нест ва он Зоте ҳастӣ, ки нахоҳӣ мурд ва ҷинну инс ҳамагӣ мемиранд."

## БОБИ 4. Ин қавли Худованд, ки: "Ва шуморо аз хеш барҳазар медорад ва..." *(Оли Имрон: 28)*

**2223.** Аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: Чун Худованд ҷаҳониёнро халқ намуд, дар китобе, ки барои худ навишт ва бар Арш дар назди худ ниҳод, чунин навишт, ки "раҳмати ман бар ғазаби ман ғолиб аст)."

**2224.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованди мутаъол мефармояд: Ман бо бандаам тавре ҳастам, ки ба ман гумон мебарад. Агар маро ёд кунад, бо ӯ ҳастам (яъне ӯро мавриди раҳмати худ қарор медиҳам). Агар маро дар назди худ ёд кунад, ӯро дар назди худ ёд мекунам, агар маро дар назди мардум ёд кунад, ӯро дар назди мардуми беҳтар ёд мекунам (мурод аз мардум беҳтар малоика мебошад). Агар як ваҷаб ба ман наздик шавад, як заръ ба ӯ наздик мешавам (мурод аз заръ фосилаи байни ангушти миёна то нӯки оринҷ аст). Агар як заръ ба ман наздик шавад, як боъ ба ӯ наздик мешавам (мурод аз боъ фосилаи сари ангуштҳои васати ду даст аст, дар вақте, ки комил ва ба таври уфуқӣ аз ҳам боз шаванд). Агар ӯ ба тарафам қадам бардорад, ман ба тарафаш давида меравам (мурод аз давидан суръат дар савоб додан ва раҳмат кардан аст)."

## БОБИ 5. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: "Мехоҳанд каломи Худоро табдил намоянд..." *(Фатҳ: 15)*

**2225.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Худованди мутаъол (барои малоика) мегӯяд: Агар бандаам иродаи кори бадеро намуда, онро то вақте, ки амалӣ намесозад, бар ӯ нанависед. Агар онро амалӣ сохт, гуноҳи ҳамон кори бадро барояш бинависед ва агар онро барои ман тарк карда буд, онро барояш як ҳасана бинависед ва агар иродаи кори некеро намуд, агарчи онро амалӣ накард, онро барояш як ҳасана бинвисед ва агар ба он кори нек амал кард, онро даҳчанд то ҳафтсаду чанд барояш бинависед."

**2226.** Ва аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: Бандае муртакиби гуноҳе гардид ва гуфт: Парвардигоро! Муртакиби гуноҳе шудаам, онро бароям бибахш. Парвардигораш гуфт: Оё бандаам медонист, ки Парвардигоре дорад, ки гуноҳи вайро барояш мебахшад ва ё ӯро мавриди ҷазо қарор медиҳад? (Гуноҳи бандаамро) барояш бахшидам. Муддате аз гуноҳ худдорӣ намуд, вале дубора муртакиби гуноҳ гардид ва боз гуфт: Парвардигоро! Муртакиби гуноҳи дигаре гардидаам, гуноҳамро бароям биёмурз. Худованд мегӯяд: Оё бандаам медонист, ки Парвардигоре дорад, ки гуноҳашро барояш мебахшад ва ё ӯро мавриди муохаза қарор медиҳад? (Гуноҳи бандаамро) барояш

бахшидам. Муддате (аз гуноҳ) худдорӣ намуд ва боз муртакиби гуноҳ гардид ва гуфт: Парвардигоро! Муртакиби гуноҳи дигаре гардидаам. Онро бароям биёмурз. (Худованди мутаъол) мегӯяд: Оё бандаам медонист, ки барояш Парвардигоре аст, ки гуноҳашро меомурзад ва ё ӯро мавриди муохаза қарор медиҳад, бори саввум гуноҳи бандаамро бахшидам, пас ҳар чӣ, ки мехоҳад, бикунад?"

## БОБИ 6. Сухан гуфтани Раббулъоламин дар рӯзи қиёмат бо паёмбарон ва ғайра...

**2227.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: "Рӯзи қиёмат шафоат ба ман супурда мешавад ва ман мегӯям: Парвардигоро! Касе, ки дар дилаш як заррае аз имон вуҷуд дошта бошад, ӯро ба биҳишт бибар. Ва чунин ашхосе ба биҳишт бурда мешаванд. Боз мегӯям: Худоё! Касе, ки дар қалбаш камтарин чизе аз имон вуҷуд дорад, ӯро ҳам ба биҳишт бибар." Анас (р) мегӯяд: Гӯё ҳамин ҳозир ба тарафи ангуштони Паёмбари Худо (с) нигоҳ мекунам (шояд Паёмбари Худо (с) ҳамон камтарини чизеро ба ангуштони худ тамсил мекарданд).

**2228.** Ва аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: (Ҳадиси шафоат ба ривояти Абӯҳурайра (р) қаблан гузашт ва дар ин ривоят дар охири он ҳадис омадааст, ки). Назди Исо (ъ) меоянд ва ӯ мегӯяд: Ман аҳли шафоат нестам, назди Муҳаммад (с) биравед. Онҳо назди ман меоянд, ман мегӯям, ки ман аҳли он ҳастам ва аз Парвардигорам иҷоза мегирам. Ва бароям иҷоза дода мешавад ва (Худованди мутаъол) барои ман ҳамду саноеро илҳом мекунад, ки бо он ҳамду санояшро бигӯям ва акнун ба хотирам нест. Ва ба он ҳамду сано ҳамдашро мегӯям ва барояш ба саҷда меафтам, гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Саратро боло кун! Бигӯ, суханат шунида мешавад. Бихоҳ, бароят дода мешавад, шафоат кун, шафоатат қабул мегардад. Ва ман мегӯям: Парвардигоро! Уммати ман, уммати ман. Гуфта мешавад: Бирав ва касеро, ки дар қалбаш заррае аз имон вуҷуд доштааст, аз (дӯзах) берун ор. Ман меравам ва чунин мекунам.

Боз бармегардам ва ба ҳамон ҳамду сано ҳамди Худованди мутаъолро мегӯям ва барояш ба саҷда меафтам, боз гуфта мешавад: Эй Муҳаммад, саратро боло кун! Бигӯ, суханат шунида мешавад, бихоҳ, бароят дода мешавад, шафоат кун, шафоатат қабул мегардад. Ва ман мегӯям: Парвардигоро, уммати ман, уммати ман. Гуфта мешавад: Бирав ва касеро, ки дар қалбаш заррае аз имон вуҷуд доштааст, аз дӯзах берун ор. Ман меравам ва чунин мекунам.

Боз бармегардам ва ба ҳамон ҳамду сано ҳамди Худованди мутаъолро мегӯям ва барояш ба саҷда меафтам, боз гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Саратро боло кун, бигӯ, суханат шунида мешавад, бихоҳ,

барояг дода мешавад, шафоат кун, шафоатат қабул мегардад. Ва ман мегӯям: Парвардигоро! Уммати ман, уммати ман. Гуфта мешавад: Бирав ва касеро, ки дар қалбаш камтарин андозае аз имон вуҷуд дорад, аз дӯзах берун ор. Ман меравам ва чунин мекунам."

**2229.** Ва дар ривояти дигар аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Боз бори чаҳорум меоям ва бо ҳамон ҳамду сано ҳамди Худованди мутаъолро мегӯям ва барояш ба саҷда меафтам. Боз гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Саратро боло кун! Бигӯ, суханат шунида мешавад. Бихоҳ, барояг дода мешавад. Шафоат кун, шафоатат қабул мегардад. Ва ман мегӯям: Парвардигоро! Бароям иҷоза бидеҳ, то ҳар касеро, ки "ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтааст, (аз дӯзах хориҷ намоям). Мегӯяд: Ба иззату ҷалол ва кибирёу азаматам савганд, ҳар касе, ки (ло илоҳа иллаллоҳ) гуфта бошад, ӯро аз дӯзах наҷот медиҳам."

## БОБИ 7. Мизони аъмол ва ақвол дар рӯзи қиёмат

**2230.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ду калимае аст, ки маҳбуб дар назди Раҳмон, сабук бар забон ва сангин дар мизон аст: "Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, субҳоналлоҳи-л-ъазим)."

Аллоҳумма раббанно тақаббал мино иннака анта-с-самеиъул ъалим вағфир лано варҳамно иннака антал ғафуру-р-раҳим ва охиру даъвоно анилҳамду лиллоҳи раббил ъоламин.

**ОМИН!**



# МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА БА НАШРИ ДУВУМ** ........ 3
**ПЕШГУФТОР** ........ 5
ТАВАҶҶӮҲИ ҶИДДӢ ........ 7
МУҚАДДИМАИ МУТАРҶИМ ........ 7
ВАЛЕ ЧАРО ИН МУХТАСАР? ........ 8
МУШАХХАСОТИ ТАРҶУМА ........ 9
ИМОМ БУХОРӢ РАҲИМАҲУЛЛОҲ ........ 11
ШАХСИЯТИ ИМОМ БУХОРӢ ДАР НАЗДИ УЛАМО ........ 12
КИТОБИ “САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ” ........ 13
САБАБҲОИ ТАЪЛИФИ “САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ” ........ 14
МУАЛЛИФИ “МУХТАСАРИ “САҲЕҲУ-Л-БУХОРӢ” ........ 14
ТАРИҚАИ ИХТИСОР ........ 15

**1. КИТОБИ ИБТИДОИ НУЗУЛИ ВАҲӢ БАР ПАЁМБАРИ ХУДО (С)** ........ 18
БОБИ 1. Чигунагии ибтидои нузули ваҳӣ бар Пайғамбари Худо (с) ........ 18

**2. КИТОБИ ИМОН** ........ 25
БОБИ 1. Қавли Паёмбари Худо (с), ки Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст ........ 25
БОБИ 2. Умури имон ........ 25
БОБИ 3. Мусалмон касест, ки мусалмонон аз забон ва дасташ дар амон бошанд ........ 25
БОБИ 4. Кадом Ислом беҳтар аст? ........ 25
БОБИ 5. Таъом додан аз Ислом аст ........ 25
БОБИ 6. Аз аломати имон он аст, ки он чиро ба худ мехоҳӣ, ба бародари худ ҳам бихоҳӣ ........ 26
БОБИ 7. Дӯст доштани Паёмбари худо (с) аз имон аст ........ 26
БОБИ 8. Лаззати имон ........ 26
БОБИ 9. Дӯст доштани ансор аз имон аст ........ 26
БОБИ 10. Гурехтан аз фитна аз дин аст ........ 27
БОБИ 11. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки: “Ман аз ҳамаи шумо ба Худованд донотарам” ........ 27
БОБИ 12. Бартарӣ байни аҳли имон дар аъмол аст ........ 27
БОБИ 13. Ҳаё аз имон аст ........ 27
БОБИ 14. Агар тавба карданд, намоз хонданд ва закот доданд, ба онҳо ғараздор мабош ........ 28
БОБИ 15. Касе, ки мегӯяд: Имон иборат аз амал аст ........ 28
БОБИ 16. Замоне, ки ислом ба ҳақиқат набошад ........ 28
БОБИ 17. Ношукрӣ аз шавҳар ва ин, ки ношукриҳо мутафовит аст ........ 28
БОБИ 18. Гуноҳон аз ахлоқи ҷоҳилият аст ва муртакиби гуноҳ кофир намешавад, магар ба ширк ........ 29
БОБИ 19. Агар ду гурӯҳ аз мусалмонон бо ҳам ҷангиданд, байнашон сулҳ кунед ........ 29
БОБИ 20. Зулм маротиб ва дараҷаҳо дорад ........ 29
БОБИ 21. Аломати нифоқ ........ 29
БОБИ 22. Қиёми шаби қадр аз имон аст ........ 30
БОБИ 23. Ҷиҳод аз имон аст ........ 30
БОБИ 24. Татаввуъи қиёми Рамазон ........ 30
БОБИ 25. Рӯза гирифтани моҳи Рамазон барои Худо аз имон аст ........ 30

БОБИ 26. Асоси дин осонӣ аст ... 31
БОБИ 27. Намоз аз имон аст ... 31
БОБИ 28. Исломи ҳақиқии шахс ... 31
БОБИ 29. Беҳтарин ибодат он аст, ки давомдор бошад ... 31
БОБИ 30. Зиёдат ва нуқсони имон ... 32
БОБИ 31. Закот додан аз ислом аст ... 32
БОБИ 32. Ҳамроҳӣ кардан бо ҷаноза аз имон аст ... 33
БОБИ 33. Тарси мусалмон аз ин, ки амалаш ҳабата (ботил) гардида ва ӯ мутаваҷҷеҳ набошад ... 33
БОБИ 34. Суоли Ҷабраил аз Паёмбари Худо (с) аз имон, Ислом ва эҳсон ... 33
БОБИ 35. Фазилати эҳтиёт дар мавриди дин ... 34
БОБИ 36. Адои хумс (ғанимат) аз имон аст ... 34
БОБИ 37. Эътибори аъмол вобаста ба ният аст ... 35
БОБИ 38. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки дин насиҳат аст ... 35

**3. КИТОБИ ИЛМ ... 36**
БОБИ 1. Фазилати илм ... 36
БОБИ 2. Касе, ки ҷиҳати омӯзиши илм овози худро баланд намуд ... 36
БОБИ 3. Имтиҳон намудани устод шогирдонашро ... 36
БОБИ 4. Хондани ҳадис бар муҳаддис ... 37
БОБИ 5. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с): Бисёр аст касе, ки хабар ба ӯ мерасад, аз касе, ки хабарро аз ман шунидааст, фаҳмидатар бошад ... 38
БОБИ 6. Паёмбари Худо (с) вақтҳои муносиберо барои таълим ва мавъиза ихтиёр мекарданд ... 38
БОБИ 7. Касеро, ки Худованд бароям иродаи хайр дошта бошад, ба вай дар умури дин дониш медиҳад ... 38
БОБИ 8. Заковат дар илм ... 39
БОБИ 9. Ҷавози рашк бурдан дар илм ва ҳикмат ... 39
БОБИ 10. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) ки: Худоё, Қуръонро бароям биёмӯз ... 39
БОБИ 11. Шунидани ҳадис барои тифл чӣ вақт саҳеҳ аст? ... 39
БОБИ 12. Фазилати касе, ки илм омӯхта ва ба дигарон меомӯзад ... 39
БОБИ 13. Аз байн рафтани илм ва ба миён омадани ҷаҳл ... 40
БОБИ 14. Фазилати илм ... 40
БОБИ 15. Фатво додан дар ҳангоми савор будан бар чорпо ва ғайри он ... 40
БОБИ 16. Кассе, ки аз фатво хостан ба ишораи сар ва даст ҷавоб додааст ... 41
БОБИ 17. Сафар кардан ҷиҳати ҳалли мушкил ... 41
БОБИ 18. Навбат дар таҳсили илм ... 42
БОБИ 19. Ғазаб кардан дар вақти таълим ба сабаби пешомади ногувор ... 42
БОБИ 20. Касе, ки ҳадисро барои он, ки хуб бифаҳманд, се бор такрор намуд ... 43
БОБИ 21. Касе каниз ва хонаводаи худро таълим медиҳад ... 43
БОБИ 22. Мавъиза намудани имом барои занҳо ... 43
БОБИ 23. Ҳирс дар омӯхтани ҳадис ... 43
БОБИ 24. Илм чӣ гуна аз байн меравад ... 44
БОБИ 25. Оё барои таълими занҳо рӯзи муайяне ихтисос дода мешавад? ... 44
БОБИ 26. Касе, ки чизеро шунида ва барои он, ки бифаҳмад, дубора мепурсад ... 44
БОБИ 27. Шахси ҳозир бояд (хабарро ба шахси ғоиб бирасонад) ... 44
БОБИ 28. Гуноҳи касе, ки аз забони Паёмбари Худо (с) дурӯғ мегӯяд ... 45
БОБИ 29. Навиштани илм ... 45

БОБИ 30. Таълим додан ва мавъиза намудан дар шаб ....46
БОБИ 31. Бедорхобӣ барои таҳсили илм ....46
БОБИ 32. Ҳифзи илм ....46
БОБИ 33. Гӯш фаро додан ба уламо ....47
БОБИ 34. Агар аз олиме пурсида шавад, ки аз ҳама олимтар кист, бигӯяд, ки Худо ....47
БОБИ 35. Касе, ки дар ҳолати истода аз олиме, ки нишаста буд, чизе пурсидааст ....49
БОБИ 36. Худованди мутаъол мефармояд: "Аз илм чуз миқдори андаке дода нашудаед" ....49
БОБИ 37. Касе, ки ашхоси муайянеро ба таҳсили илм ихтисос додааст, на ҳамагонро ....49
БОБИ 38. Ҳаё дар илм ....50
БОБИ 39. Касе, ки худаш ҳаё карда ва дигареро амр мекунад, ки бипурсед ....50
БОБИ 40. Таълим ва фатво дар масчид ....50
БОБИ 41. Касе, ки суолкунандаро ба бештар аз он чӣ, ки суол кардааст, чавоб додааст ....50

**4. КИТОБИ ВУЗӮ** ....**51**
БОБИ 1. Ҳеч намозе бидуни вузӯ қабул намешавад ....51
БОБИ 2. Фазилати вузӯ ....51
БОБИ 3. Аз машкук шудан вузӯ лозим намегардад, магар он, ки яқин кунад ....51
БОБИ 4. Тахфиф дар вузӯ ....51
БОБИ 5. Комил намудани вузӯ ....51
БОБИ 6. Шустани рӯй ба ҳар ду даст ....52
БОБИ 7. Дар вақти дохил шудан ба байтулхалоъ (ҳочатхона) чӣ бояд гуфт:? ....52
БОБИ 8. Ниҳодани об дар байтулхалоъ ....52
БОБИ 9. Дар вақти бавл ва ғоит набояд рӯи худро тарафи қибла намуд ....52
БОБИ 10. Касе, ки дар боли ду хишт қазои ҳочат намуд ....52
БОБИ 11. Берун шудани занҳо чиҳати қазои ҳочат ....53
БОБИ 12. Истинчо кардан ба об ....53
БОБИ 13. Бардоштани найза ва об дар вақти истинчо ....53
БОБИ 14. Ба дасти рост набояд истинчо кард ....53
БОБИ 15. Истинчо кардан ба санг ....53
БОБИ 16. Ба фузалоти ҳайвонот набояд истинчо кард ....54
БОБИ 17. Як бор шустани аъзо дар вузӯ ....54
БОБИ 18. Ду бор шустани аъзо дар вузӯ ....54
БОБИ 19. Се бор шустани аъзо дар вузӯ ....54
БОБИ 20. Истиншоқ дар вузӯ ....55
БОБИ 21. Истинчо кардан ба санг, ба адади тоқ ....55
БОБИ 22. Бар болои кафш набояд масҳ кард ....55
БОБИ 23. Дар вузӯ ва ғусл бояд аз тарафи рост шурӯъ намуд ....55
БОБИ 24. Ҳангоми фаро расидани вақти намоз бояд оберо барои вузӯ чустучӯ намуд ....56
БОБИ 25. Ҳукми обе, ки мӯйи инсон ба он шуста шавад ....56
БОБИ 26. Ҳукми пасхӯрдаи саг ....56
БОБИ 27. Касе, ки вузӯро ба чуз аз хорич шудани чизе аз сабилайн лозим намедонад ....56
БОБИ 28. Шахсе, ки дигареро вузӯ медиҳад ....57

БОБИ 29. Хондани Қуръон баъд аз бевузӯӣ ва ғайри он ..... 57
БОБИ 30. Масҳ кардани тамоми сар ..... 57
БОБИ 31. Ҳукми обе, ки аз вузӯ зиёд меояд ..... 58
БОБИ 32. Вузӯ сохтани мард бо ҳамроҳии зан ..... 58
БОБИ 33. Паёмбари Худо (с) оби вузӯи худро бар болои шахсе, ки беҳуш шуда буд, рехтанд ..... 58
БОБИ 34. Ғусл ва вузӯ аз ташт ..... 58
БОБИ 35. Вузӯ сохтан аз як ратл об ..... 59
БОБИ 36. Масҳ кардан бар мӯза ..... 59
БОБИ 37. Пӯшидани мӯза бояд дар ҳоли таҳорат бошад ..... 59
БОБИ 38. Касе, ки аз хӯрдани гӯшти гӯсфанд ва талқон вузӯ насохтааст ..... 60
БОБИ 39. Касе, ки аз хӯрдани талқон даҳани худро шуста ва вузӯ насохтааст ..... 60
БОБИ 40. Оё аз нӯшидани шир бояд мазмаза кард? ..... 60
БОБИ 41. Вузӯ ба сабаби хоб шудан ..... 60
БОБИ 42. Вузӯ сохтан бидуни бевузӯ будан ..... 61
БОБИ 43. Парҳез накардан аз бавл аз гуноҳони кабира аст ..... 61
БОБИ 44. Он чӣ, ки дар шустани бавл омадааст ..... 61
БОБИ 45. Иҷоза додани Паёмбари Худо (с) ва мардум ба бавл намудани шахси бодиянишин дар масҷид ..... 61
БОБИ 46. Бавли атфол ..... 61
БОБИ 47. Бавл намудан дар ҳолати истода ва нишаста ..... 62
БОБИ 48. Бавл намудан дар назди рафиқи худ ва паноҳ гирифтан ба девор ..... 62
БОБИ 49. Шустани хун ..... 62
БОБИ 50. Шустани (манӣ) ва харошидани он ..... 62
БОБИ 51. Ҳукми бавли шутур, гӯсфанд ва чорпоёни дигар ..... 62
БОБИ 52. Афтодани наҷосат дар равған ва ё об ..... 63
БОБИ 53. Бавл кардан дар оби истода ..... 63
БОБИ 54. Агар ба болои шахси намозгузор наҷосате андохта шавад, намозаш фосид намегардад ..... 63
БОБИ 55. Ҳукми оби даҳан ва оби бинӣ бар рӯи либос ..... 64
БОБИ 56. Зане, ки хунро аз рӯи падараш шуст ..... 64
БОБИ 57. Мисвок ..... 64
БОБИ 58. Додани мисвок ба шахси бузургтар ..... 54
БОБИ 59. Фазилати хоб шудан бо вузӯ ..... 56

**5. КИТОБИ ҒУСЛ ..... 66**
БОБИ 1. Вузӯ пеш аз ғусл ..... 66
БОБИ 2. Ғусл намудани зан бо ҳамроҳии мард ..... 66
БОБИ 3. Ғусл намудан бо соъ ва амсоли он ..... 66
БОБИ 4. Касе, ки се бор ба сараш об рехт ..... 67
БОБИ 5. Касе, ки пеш аз ғусл намудан зарфи об ва хушбӯиро омода мекард ..... 67
БОБИ 6. Такрори ҳамбистарӣ ..... 67
БОБИ 7. Касе, ки баъди истеъмоли хушбӯӣ ғусл намуд ..... 67
БОБИ 8. Хилол кардани мӯйи сар ҳангоми ғусл кардан ..... 67
БОБИ 9. Агар дар масҷид ба ёдаш омад, ки ҷунуб аст, бояд ҳамон тавр хориҷ гардида ва таяммум накунад ..... 67
БОБИ 10. Касе, ки дар ҳолати танҳоӣ бараҳна ғусл намуд ..... 68
БОБИ 11. Ҳангоми ғусл намудан бояд худро аз мардум ҳиҷоб намуд ..... 68
БОБИ 12. Ҳукми араки шахси ҷунуб ва ин, ки мӯъмин наҷис намешавад ..... 68

БОБИ 13. Шаб хобидан дар ҳолати ҷанобат баъд аз вузӯ сохтан ....69
БОБИ 14. Илтиқои хатонайн ....69

6. КИТОБИ ҲАЙЗ ....70
БОБИ 1. Аҳкоми мутааллиқ ба занҳо дар ҳолати нифос ва одати моҳонагӣ ....70
БОБИ 2. Шустан ва мураттаб намудани зани ҳоиз сари шавҳарашро ....70
БОБИ 3. Хондани Қуръон дар паҳлӯи ҳамсари ҳоизи худ ....70
БОБИ 4. Касе, ки ҳайзро нифос номид ....70
БОБИ 5. Ҳамоғӯшӣ бо ҳоиз ....71
БОБИ 6. Ҳоиз набояд рӯза бигирад ....71
БОБИ 7. Эътикоф нишастани зан дар ҳолати ҳайз ....71
БОБИ 8. Истеъмоли хушбӯӣ барои зан баъд аз ғусли ҳайз ....72
БОБИ 9. Молидани зан сар ва ҷасади худро баъд аз пок шудан аз ҳайз ....72
БОБИ 10. Шона задани сар ҳангоми ғусл намудан аз ҷанобат ....72
БОБИ 11. Ҳангоми ғусл намудан аз ҳайз зан бояд мӯйҳояшро бикшояд ....72
БОБИ 12. Қазои намоз бар ҳоиз лозим нест ....73
БОБИ 13. Хоб шудан бо ҳоиз дар бистараш ....73
БОБИ 14. Ҳозир шудани занҳои ҳоиз ба намози ид ....73
БОБИ 15. Дидани зан зардоб ва тирагиро дар ғайри рӯзҳои ҳайз ....73
БОБИ 17. Намози (ҷаноза) бар зане, ки дар ҳолати нифос вафот ёфтааст ....74
БОБИ 18. ....74

7. КИТОБИ ТАЯММУМ ....75
БОБИ 1. Пас агар обе наёфтед ....75
БОБИ 2. Таяммум дар ҳоли муқим будан дар сурати набудани об ва хавфи фавти намоз ....76
БОБИ 3. Оё ҷавоз дорад, ки шахси таяммумкунанда дар дастҳои худ пуф намояд ....76
БОБИ 4. Хоки пок барои мусалмон вузӯ буда ва ҷойи обро мегирад ....76

8. КИТОБИ НАМОЗ ....78
БОБИ 1. Кайфияти фарз гардидани намоз дар шаби Исро ....78
БОБИ 2. Намоз бояд бо либос хонда шавад ....79
БОБИ 3. Намоз хондан дар ҷомае, ки ба ҷасад печида шудааст ....79
БОБИ 4. Агар касе дар як ҷома намоз мехонад, онро ба шонаҳояш биандозад ....80
БОБИ 5. Вақте, ки ҷома танг бошад ....80
БОБИ 6. Намоз хондан дар қабои шомӣ ....80
БОБИ 7. Худро бараҳна намудан дар намоз макрӯҳ аст ....81
БОБИ 8. Он чӣ, ки аз аврат бояд пӯшида шавад ....81
БОБИ 9. Он чӣ, ки дар мавриди аврат будани рон омадааст ....81
БОБИ 10. Зан дар чанд ҷома бояд намоз бихонад ....82
БОБИ 11. Намоз хондан дар ҷомае, ки дорои нақш аст ....82
БОБИ 12. Оё агар касе дар ҷомаи салибдор ва ё аксдор намоз бихонад, намозаш фосид мешавад? ....83
БОБИ 13. Касе, ки дар қабои абрешимин намоз хонда ва сипас онро аз бадани худ дур кардааст ....83
БОБИ 14. Намоз хондан дар ҷомаи сурх ....83
БОБИ 15. Намоз хондан бар болои баландӣ ва минбар ва лавҳаи чӯбин ....83
БОБИ 16. Намоз хондан дар болои бӯрё ....84
БОБИ 17. Намоз хондан бар болои фарш ....84

БОБИ 18. Саҷда кардан бар ҷома аз шиддати гармӣ ....... 84
БОБИ 19 Намоз хондан бо кафш ....... 84
БОБИ 20. Намоз хондан бо мӯза ....... 85
БОБИ 21. Дур нигоҳ доштани бозуҳо дар ҳолати саҷда кардан ....... 85
БОБИ 22. Фазилати рӯй овардан ба қибла ....... 85
БОБИ 23. Ин қавли Худованди мутаъол, ки (ва мақоми Иброҳимро намозгоҳ қарор диҳед) ....... 85
БОБИ 24. Дар ҳар ҷое бояд рӯй ба қибла бувад ....... 85
БОБИ 25. Он чӣ, ки дар бораи қибла омадааст ....... 86
БОБИ 26. Харошидани оби бинӣ аз масҷид бо даст ....... 86
БОБИ 27. Касе набояд оби биниашро дар вақти намоз хондан ба тарафи ростаиш биандозад ....... 87
БОБИ 28. Кафораи андохтани оби бинӣ дар масҷид ....... 87
БОБИ 29. Панд додани имом барои мардумон дар итмоми намоз ва баёни қибла ....... 87
БОБИ 30. Оё равост, ки масҷиди фалонӣ гуфта шавад? ....... 87
БОБИ 31. Тақсим кардани мол ва овезон кардани хӯшаи хурмо дар масҷид. 87
БОБИ 32. Дар хона бояд ҷойеро барои намоз хондан таъйин намуд ....... 88
БОБИ 33. Оё равост, ки ҷойи қабрҳои мушрикин масҷид сохта шавад? ....... 89
БОБИ 34. Намоз хондан дар хобгоҳи шутурон ....... 90
БОБИ 35. Касе, ки ҳангоми намоз хондан дар пеши рӯяш танӯр ё оташ қарор дошта, вале қасди ӯ ибодати Худо бошад ....... 90
БОБИ 36. Кароҳияти намоз хондан дар қабристон ....... 90
БОБИ 37 ....... 90
БОБИ 38. Хоб шудани зан дар масҷид ....... 90
БОБИ 39. Хоб шудани мардҳо дар масҷид ....... 91
БОБИ 40. Касе, ки ба масҷид дохил мешавад, ду ракаат намоз бихонад ....... 91
БОБИ 41. Сохтани масҷид ....... 91
БОБИ 42. Ҳамкорӣ кардан дар сохтани масҷид ....... 92
БОБИ 43. Касе, ки масҷиде бино кард ....... 92
БОБИ 44. Берун кардани сари найзаҳо ҳангоми дохил шудан ба масҷид ....... 92
БОБИ 45. Убур кардан аз дохили масҷид ....... 92
БОБИ 46. Ҳукми сурудани шеър дар масҷид ....... 92
БОБИ 47. Дохил шудан бо найза дар масҷид ....... 92
БОБИ 48. Талаби қарз ва таъқиби қарздор дар масҷид ....... 93
БОБИ 49. Ҷорӯб кардан ва чидани тикапораҳо ва хору хошок аз масҷид ....... 93
БОБИ 50. Ҳаром гардидани тиҷорати шароб дар масҷид ....... 93
БОБИ 51. Бастани асир ва ё қарздор дар масҷид ....... 93
БОБИ 52. Насб кардани хайма барои маризон дар масҷид ....... 94
БОБИ 53. Дохил кардани шутурон дар масҷид барои зарурат ....... 94
БОБИ 54. ....... 94
БОБИ 55. Рахна ва роҳрав дар масҷид ....... 94
БОБИ 56 Сохтани дарвоза ва қуфл дар Каъба ва масоҷиди дигар ....... 95
БОБИ 57. Ҳалқаҳои дарс ва нишастан дар масҷид ....... 95
БОБИ 58. Ба пушт хобидан дар масҷид ....... 95
БОБИ 59. Намоз хондан дар масҷиди бозор ....... 95
БОБИ 60. Дохил кардани ангуштон дар якдигар дар дохили масҷид ва ғайри масҷид ....... 96
БОБИ 61. Масоҷиде, ки дар роҳи Мадина қарор дорад ва ҷойҳое, ки Паёмбари Худо (с) дар онҳо намоз хондаанд ....... 96

**КИТОБИ АБВОБ (СУТРА) БАРОИ НАМОЗГУЗОР ........ 99**
БОБИ 1. Сутраи имом сутраи касоне аст, ки ба ӯ иқтидо кардаанд........ 99
БОБИ 2. Фосила байни намозгузор ва сутрааш чӣ андоза бояд бошад? ..... 99
БОБИ 3. Намоз хондан ба тарафи сарнайза ........ 99
БОБИ 4. Намоз хондан ба тарафи сутун ........ 99
БОБИ 5. Намоз хондан дар байни сутунҳо дар ғайри намози ҷамоат ........ 100
БОБИ 6. Намоз хондан ба тарафи шутур ва амсоли он........ 100
БОБИ 7. Намоз хондан ба сӯи тахти хоб........ 100
БОБИ 8. Намозгузор бояд монеъи убури дигарон аз пеши рӯяш шавад ........ 100
БОБИ 9. Гуноҳи убур кардан аз пеши рӯйи намозгузор........ 101
БОБИ 10. Намоз хондан ба тарафи шахси хобида ........ 101
БОБИ 11. Касе, ки ҳангоми намоз хондан духтари хурдсолеро бо худ ҳамл кард........ 101
БОБИ 12. Зане, ки касофатро аз намозгузор бармедорад ........ 101

**9. КИТОБИ ВАҚТҲОИ НАМОЗ ........ 102**
БОБИ 1. Вақтҳои намоз ва фазилати онҳо........ 102
БОБИ 2. Намоз сабаби омурзиши гуноҳон аст........ 102
БОБИ 3. Фазилати адои намоз дар вақти он ........ 103
БОБИ 4. Намозҳои панҷгона кафора аст ........ 103
БОБИ 5. Намозгузор бо парвардигораш муноҷот мекунад........ 103
БОБИ 6. Намози пешин дар вақти шиддати гармӣ андаке ба таъхир меафтад........ 103
БОБИ 7. Вақти намози пешин ҳангоми завол аст ........ 104
БОБИ 8. Таъхир кардани намози пешин то вақти намози аср........ 104
БОБИ 9. Вақти намози аср........ 105
БОБИ 10. Касе, ки намози асраш фавт мегардад........ 105
БОБИ 11. Ҳукми касе, ки намози асрро тарк мекунад........ 105
БОБИ 12. Фазилати намози аср........ 105
БОБИ 13. Ҳукми касе, ки як ракаат аз намози асрро пеш аз ғуруб дарёбад . 106
БОБИ 14. Вақти намози шом ........ 106
БОБИ 15. Касе, ки намехост шомро намози хуфтан гуфта шавад........ 107
БОБИ 16. Фазилати намози хуфтан ........ 107
БОБИ 17. Хоб шудан пеш аз намози хуфтан барои касе, ки хобаш бигирад 107
БОБИ 18. Вақти намози хуфтан то нимаи шаб аст........ 108
БОБИ 19. Фазилати намози субҳ........ 108
БОБИ 20. Вақти намози субҳ ........ 108
БОБИ 21. Ҳукми намоз хондан баъд аз намози субҳ то тулӯъи офтоб ........ 108
БОБИ 22. Набояд пеш аз ғуруби офтоб қасди намоз хонданро намуд ........ 109
БОБИ 23. Намозҳои қазоиеро, ки метавон баъд аз аср адо намуд........ 109
БОБИ 24. Азон додан баъд аз хориҷ шудани вақт ........ 109
БОБИ 25. Касе, ки барои мардум баъд аз хориҷ шудани вақт ба ҷамоат намоз хондааст ........ 110
БОБИ 26. Касе, ки намозеро фаромӯш кард, ҳар вақт, ки ба ёдаш омад, бояд онро адо намояд ........ 110
БОБИ 27. ........ 110
БОБИ 28. ........ 110

**10. КИТОБИ АЗОН ........ 112**
БОБИ 1. Ибтидои машруъияти азон........ 112
Боби 2. Алфози азон ду бор-ду бор гуфта мешавад........ 112

БОБИ 3. Фазилати азон додан ........ 112
БОБИ 4. Муаззин бояд овозашро баланд намояд ........ 112
БОБИ 5. Азон монеъи хунрезӣ мегардад ........ 113
БОБИ 7. Дуо кардан дар вақти азон ........ 113
БОБИ 8. Қуръакашӣ ҷиҳати азон додан ........ 113
БОБИ 9. Агар шахси нобино касеро дошта бошад, ки ӯро аз вақти азон бохабар созад, азон доданаш ҷавоз дорад ........ 113
БОБИ 10. Азон додан баъд аз дохил шудани вақти намози субҳ ........ 114
БОБИ 11. Азон додан пеш аз дохил шудани вақти намози субҳ ........ 114
БОБИ 12. Касе, ки бихоҳад, метавонад байни азон ва иқомат намоз бихонад ........ 114
БОБИ 13. Касе, ки гуфт: Дар ҳолати сафар бояд танҳо як муаззин азон бидиҳад ........ 115
БОБИ 14. Агар мусофирин ҷамоате буданд, бояд азон дода ва иқомат бигӯянд ........ 115
БОБИ 15. Ин гуфтаи шахс, ки намози мо фавт шудааст ........ 115
БОБИ 16. Мардум агар имомро диданд, дар вақти иқомат гуфтан чӣ вақт бархезанд? ........ 115
БОБИ 17. Агар барои имом баъд аз иқомат гуфтан коре пеш ояд ........ 115
БОБИ 18. Воҷиб будани намози ҷамоат ........ 115
БОБИ 19. Фазилати намози ҷамоат ........ 116
БОБИ 20. Фазилати адои намози субҳ бо ҷамоат ........ 116
БОБИ 21. Фазилати ҳозир шудан ба намози пешин дар шиддати гармӣ ........ 116
БОБИ 22. Рафтан ба масҷид ба талаби ризои Худованд ........ 116
БОБИ 23. Фазилати адои намози хуфтан бо ҷамоат ........ 117
БОБИ 24. Савоби касе, ки дар масҷид нишаста ва интизори намозро дорад ва фазилати масоҷид ........ 117
БОБИ 25. Фазилати рафтуомад ба масҷид ........ 117
БОБИ 26. Вақте, ки намоз барпо гардид, намози дигаре ғайр аз намози фарзро набояд хонд ........ 117
БОБИ 27. Шахси бемор то чӣ вақт бояд ба ҷамоат ҳозир шавад ........ 118
БОБИ 28. Оё бояд имом ба касоне, ки ҳозир шудаанд, намозро адо намояд ва оё бояд дар рӯзи ҷумъа агар борон ҳам меборад, хутба хонда шавад? ........ 118
БОБИ 29. Агар таъом ҳозир гардид ва иқомат гуфта шуд (чӣ бояд кард?) ... 119
БОБИ 30. Касе, ки машғули кори хона буд ва дар вақти иқомат ба намоз рафтааст ........ 119
БОБИ 31. Касе, ки барои мардум намоз хонда ва ирода доштааст, ........ 119
ки барояшон намоз ва суннати Паёмбари Худоро биомӯзад ........ 119
БОБИ 32. Аҳли илм ва фазл аз дигарон ба имомат додан мустаҳиқтаранд .. 119
БОБИ 33. Касе, ки мехост имоматӣ кунад, вале имоми аслӣ омад ........ 120
БОБИ 34. Имом барои ин аст, ки ба вай иқтидо шавад ........ 120
БОБИ 35. Муқтадӣ чӣ вақт бояд саҷда намояд? ........ 121
БОБИ 36. Гуноҳи касе, ки сари худро пеш аз имом боло мекунад ........ 121
БОБИ 37. Имоматӣ кардани ғулом ва тифли ноболиғ ........ 122
БОБИ 38. Агар имом намозро комил адо накард, вале муқтадиён ба таври комил адо намуданд ........ 122
БОБИ 39. Агар ду нафар буданд, муқтадӣ бояд ба паҳлӯи имом биистад .... 122
БОБИ 40. Агар имом намозро тӯлонӣ намуд ва шахсе, ки зарурат дошт, аз намоз баромад ........ 122

БОБИ 41. Имом қироатро кӯтоҳ, вале рукӯъ ва сучудро ба таври комил адо намояд ....... 122
БОБИ 42. Кӯтоҳ хондан ва комил кардани намоз ....... 123
БОБИ 43. Касе, ки намозро дар вакти шунидани гиряи кӯдак кӯтоҳ сохт ....... 123
БОБИ 44. Баробар кардани сафҳо дар вакти иқомат гуфтан ....... 123
БОБИ 45. Рӯй овардани имом ба муқтадиён дар вакти баробар кардани сафҳо ....... 123
БОБИ 46. Вақте ки байни имом ва байни мардум девор ва ё пардае қарор дошта бошад ....... 123
БОБИ 47. Намози шаб (намози таҳаҷҷуд) ....... 124

## КИТОБИ АБВОБИ СИФАТИ НАМОЗ ....... 125

БОБИ 1. Боло кардани дастҳо дар такбири аввал дар вақти шурӯъи намоз. 125
БОБИ 2. Ниҳодани дасти рост бар болои дасти чап ....... 125
БОБИ 3. Баъд аз такбири таҳрима чӣ бояд хонд? ....... 125
БОБИ 5. Нигоҳ кардан ба тарафи имом дар намоз ....... 126
БОБИ 6. Нигоҳ кардан ба сӯи осмон дар вакти намоз ....... 126
БОБИ 7. Илтифот намудан дар вакти намоз ....... 126
БОБИ 8. Вуҷуби қироат кардан бар имом ва муқтадиён дар ҳамаи намозҳо ....... 126
БОБИ 9. Қироат кардан дар намози пешин ....... 127
БОБИ 10. Қироат кардан дар намози шом ....... 128
БОБИ 11. Баланд хондан дар намози шом ....... 128
БОБИ 12. Қироат намудани сураи саҷдадор дар намози хуфтан ....... 128
БОБИ 13. Қироат намудан дар намози хуфтан ....... 128
БОБИ 14. Қироат кардан дар намози субҳ ....... 128
БОБИ 15. Баланд хондани қироат намудан дар намози субҳ ....... 129
БОБИ 16. Кайфияти қироат кардан дар намоз ....... 129
БОБИ 17. Дар ду ракаати охир танҳо «Алҳамду лиллоҳ» хонда мешавад ....... 130
БОБИ 18. Баланд гуфтани имом (омин)-ро ....... 130
БОБИ 19. Фазилати омин гуфтан ....... 130
БОБИ 20. Агар касе пеш аз расидан ба саф рукӯъ намуд ....... 130
БОБИ 21. Тамом кардани такбир дар рукӯъ ....... 130
БОБИ 22. Такбир гуфтан ҳангоми баланд шудан аз саҷда ....... 130
БОБИ 23. Ниҳодани кафи даст бар зону дар вакти рукӯъ кардан ....... 131
БОБИ 24. Дар рукӯъ бояд пушти худро ҳамвор намуда ва ором гирифт ....... 131
БОБИ 25. Дуо кардан дар рукӯъ ....... 131
БОБИ 26. Фазилати алоҳумма раббано лакалҳамд ....... 131
БОБИ 28. Ором гирифтан баъд аз баланд кардани сар аз рукӯъ ....... 132
БОБИ 29. Ба муҷарради такбир гуфтан бояд саҷда намуд ....... 132
БОБИ 30. Фазилати саҷда ....... 132
БОБИ 31. Саҷда кардан бар ҳафт устухон ....... 134
БОБИ 32. Ором гирифтани байни ду саҷда ....... 134
БОБИ 33. Намозгузор бозуҳояшро набояд дар саҷда фарш намояд ....... 135
БОБИ 34. Касе, ки дар ракаати аввал нишаст ва баъд аз он бархостааст ....... 135
БОБИ 35. Ҳангоми боло шудан аз саҷда бояд такбир гуфт ....... 135
БОБИ 36. Суннати нишастан барои ташаҳҳуд ....... 135
БОБИ 37. Касе, ки ташаҳҳуди аввалро воҷиб намедонад ....... 136
БОБИ 38. Ташаҳҳуд дар ҷалсаи охир ....... 136
БОБИ 39. Дуо кардан пеш аз салом додан ....... 136
БОБИ 40. Дуое, ки хонданаш баъд аз ташаҳҳуд ихтиёрӣ аст ....... 137

БОБИ 41. Салом додан дар вақти берун шудан аз намоз ... 137
БОБИ 42. (Муқтадӣ) вақте салом медиҳад, ки имом салом бидиҳад ... 137
БОБИ 43. Зикр кардан баъд аз намоз хондан ... 137
БОБИ 44. Имом баъд аз салом додан бояд рӯи худро ба тарафи мардумон бигардонад ... 138
БОБИ 45. Касе, ки дар вақти имоматӣ кардани мардум чизе ба ёдаш омадааст ... 138
БОБИ 46. Баргаштан аз тарафи рост ва ё чап ... 138
БОБИ 47. Он чӣ, ки дар мавриди сири хом, пиёз ва гандана омадааст ... 139
БОБИ 48. Вузӯи атфол ... 139
БОБИ 49. Берун шудани занҳо ҳангоми шаб ва торикӣ ба сӯи масҷид ... 139

**11. КИТОБИ НАМОЗИ ҶУМЪА ... 140**
БОБИ 1. Фарзияти намози ҷумъа ... 140
БОБИ 2. Истеъмоли хушбӯӣ барои рӯзи ҷумъа ... 140
БОБИ 3. Фазилати рӯзи ҷумъа ... 140
БОБИ 4. Истеъмоли равғани хушбӯй дар рӯзи ҷумъа ... 141
БОБИ 5. Беҳтарин либоси худро бипӯшед ... 141
БОБИ 6. Мисвок задан дар рӯзи ҷумъа ... 141
БОБИ 7. Сураҳое, ки дар намози субҳи рӯзи ҷумъа хонда мешаванд ... 142
БОБИ 8. Намози ҷумъа дар деҳот ва шаҳрҳо ... 142
БОБИ 9. Оё бар касе, ки намози ҷумъа воҷиб нест, ғусли рӯзи ҷумъа воҷиб аст? ... 142
БОБИ 10. Намоз аз куҷо собит шуда ва бар кадом шахс воҷиб аст ... 142
БОБИ 11. Агар гармӣ дар рӯзи ҷумъа зиёд шуд ... 143
БОБИ 12. Рафтан ба сӯи намози ҷумъа ... 143
БОБИ 13. Набояд касе бародари мусалмонашро аз ҷояш дур карда ва худаш ба ҷои ӯ биншинад ... 143
БОБИ 14. Азон дар рӯзи ҷумъа ... 143
БОБИ 15. Азон додани як муаззин дар рӯзи ҷумъа ... 143
БОБИ 16. Воҷиб аст, ки имом бар рӯи минбар ҷавоби муаззинро бигӯяд ... 143
БОБИ 17. Хутба додан бар болои минбар ... 144
БОБИ 18. Хутба додан дар ҳолати истода ... 144
БОБИ 19. Гуфтани «аммо баъд» дар хутба баъд аз ҳамд ва санои Худованди мутаъол ... 144
БОБИ 20. Имом дар ҳоли хутба хондан шахсеро мебинад, ки ба масҷид дохил мегардад ва ӯро амр менамояд, то ду ракаат намоз бихонад ... 145
БОБИ 21. Талаби борон дар хутбаи рӯзи ҷумъа ... 145
БОБИ 22. Гӯш додан ба хутбаи имом дар рӯзи ҷумъа ... 146
БОБИ 23. Соати иҷобати дуо дар рӯзи ҷумъа ... 146
БОБИ 24. Агар мардум дар рӯзи ҷумъа аз назди имом рафтанд ... 146
БОБИ 25. Намоз хондан баъд аз намози ҷумъа ва пеш аз он ... 146

**12. КИТОБИ АҲКОМИ НАМОЗИ ХАВФ ... 147**
БОБИ 1 ... 147
БОБИ 2. Адои намози хавф дар ҳолати савора ва пиёда ... 147
БОБИ 3. Дар ҳолати ҳуҷум ва дифоъ метавон намозро савора ва ё бо ишора адо намуд ... 147

13. КИТОБИ АҲКОМИ НАМОЗИ ИДДАЙН ....148
БОБИ 1. (Бозӣ кардан) ба найза ва сипар дар рӯзи ид ....148
БОБИ 2. Хӯрдани чизе дар рӯзи иди фитр пеш аз рафтан ба сӯи намоз ....148
БОБИ 3. Хӯрдан дар рӯзи иди қурбон ....148
БОБИ 4. Рафтан ба идгоҳе, ки минбар надошт ....149
БОБИ 5. Пиёда ва савора ба тарафи идгоҳ рафтан ва намоз хондан пеш аз хутба ....149
БОБИ 6. Хутба хондан баъд аз намози ид ....149
БОБИ 7. Фазилати кори нек дар айёми ташриқ ....150
БОБИ 8. Такбир гуфтан дар рӯзҳои Мино ва ҳангоми рафтан ба сӯи Арафот ....150
БОБИ 9. Куштани шутур ва гӯсфанд дар идгоҳ ....150
БОБИ 10. Тағйир додани роҳи рафтуомад дар намози ид ....150

14. КИТОБИ НАМОЗИ ВИТР ....151
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар бораи витр омадааст ....151
БОБИ 2. Вақтҳои намози витр ....151
БОБИ 3. Намози витр бояд охирин намоз бошад ....151
БОБИ 4. Витр хондан бар болои чорпо ....151
БОБИ 5. Қунут хондан пеш аз рукӯъ ва баъд аз он ....151

15. КИТОБИ НАМОЗИ ИСТИСҚО ....153
БОБИ 1. Талаби борон ....153
БОБИ 2. Ин дуои Паёмбари Худо (с) ки “онҳоро ба қаҳтии замони Юсуф дучор бигардон” ....153
БОБИ 3. Истисқо дар масчиди чомеъ ....154
БОБИ 4. Истисқо дар хутбаи чумъа бидуни рӯй овардан ба тарафи қибла ..154
БОБИ 5. Паёмбари худо (с) чӣ гуна пушти худро ба тарафи мардум карданд ....154
БОБИ 6. Боло кардани имом дастҳои худро дар истисқо ....155
БОБИ 7. Ҳангоми боридани борон чӣ бояд гуфт? ....155
БОБИ 8. Ҳангоми вазиши бод ....155
БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки «ба василаи бод нусрат дода шудам» ....155
БОБИ 10. Он чӣ, ки ҳангоми зилзила ва дигар аломати қудрати Худовандӣ гуфта мешавад ....155
БОБИ 11. Чуз Худованди мутаъол ҳеч кас вақти омадани боронро намедонад ....155

16. КИТОБИ (АҲКОМИ) КУСУФ (ХУРШЕДГИРИФТАГӢ) ....156
БОБИ 1. Намоз хондан дар вақти хуршедгирифтагӣ ....156
БОБИ 2. Садақа додан ҳангоми офтобгирифтагӣ ....156
БОБИ 3. Нидо додан ба мардум чиҳати иқомаи намози чамоат ба сабаби гирифтагии офтоб ....157
БОБИ 4. Паноҳ чустан аз азоби қабр дар намози кусуф ....157
БОБИ 5. Хондани намози кусуф ба чамоат ....157
БОБИ 6. Касе, ки озод кардани ғуломонро дар вақти гирифтани офтоб дӯст медошт ....158
БОБИ 7. Зикр кардан дар вақти кусуф ....158
БОБИ 8. Баланд хондани қироат дар намози кусуф ....158

**17. КИТОБИ САҶДАҲОИ ҚУРЪОН** ........ 159
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди саҷдаҳои Қуръон ва суннат будани онҳо омадааст ........ 159
БОБИ 2. Саҷдаи сураи «Сод» ........ 159
БОБИ 3. Саҷда кардани муслимин бо мушрикин ва ин, ки мушрик наҷас аст ва бар вай вузӯ нест ........ 159
БОБИ 4. Касе, ки ояти саҷдаро хонда ва саҷдаи тиловат накардааст ........ 159
БОБИ 5. Саҷдаи «Иза-с-самоун шаққат» ........ 159
БОБИ 6. Касе, ки аз издиҳоми зиёд ҷойеро барои саҷда кардан наёфтааст . 160

**18. КИТОБИ КӮТОҲ ХОНДАНИ НАМОЗ** ........ 161
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди кӯтоҳ хондани намоз ва муддати иқомат омадааст ........ 161
БОБИ 2. Намоз хондан дар Мино ........ 161
БОБИ 3. Дар чӣ масофате намоз кӯтоҳ хонда мешавад ........ 161
БОБИ 4. Намози шом дар сафар ҳам бояд се ракаат хонда шавад ........ 162
БОБИ 5. Хондани намози нафл бар болои хар ........ 162
БОБИ 6. Касе, ки дар сафар баъд аз намози фарз нафл нахондааст ........ 162
БОБИ 7. Касе, ки дар сафар пеш аз намози фарз ва баъд аз он нафл хондааст ........ 162
БОБИ 8. Ҷамъ кардан байни намози шом ва хуфтан дар сафар ........ 162
БОБИ 9. Агар шахсе наметавонист нишаста намоз бихонад, бояд ғалтида ва ба паҳлӯ намоз бихонад ........ 163
БОБИ 10. Агар касе нишаста намоз хонад ва баъд аз он сиҳат ёфт, бояд намозро тамом намояд ........ 163

**19. КИТОБИ НАМОЗИ ТАҲАҶҶУД** ........ 164
БОБИ 1. Таҳаҷҷуд дар шаб ........ 164
БОБИ 2. Фазилати қиёми шаб ........ 164
БОБИ 3. Тарки қиёми шаб барои бемор ........ 164
БОБИ 4. Ташвиқи Паёмбари Худо (с) ба хондани намози шаб ва навофил бидуни он, ки воҷиб бошад ........ 165
БОБИ 5. Паёмбари Худо (с) дар шаб он қадар намоз мехонданд, ки пойҳояшон варам мекард ........ 165
БОБИ 6. Касе, ки дар вақти саҳар хобид ........ 165
БОБИ 7. Тӯли қиём дар намози шаб ........ 166
БОБИ 8. Намози Паёмбари Худо (с) дар шаб чӣ гуна буд ва чӣ қадар намоз мехонданд? ........ 166
БОБИ 9. Қиём ва хоби Паёмбари Худо (с) дар шаб ва он чӣ, ки аз қиёми шаб насх шудааст ........ 166
БОБИ 10. Тасаллут ёфтани шайтон бар касе, ки дар шаб намоз намехонад 166
БОБИ 11. Касе, ки бихобид ва намоз нахонад, шайтон дар гӯшаш бавл мекунад ........ 166
БОБИ 12. Вақти дуо ва намоз хондан охири шаб аст ........ 167
БОБИ 13. Касе, ки аввали шабро хобида ва охири шаб бедор гаштааст ........ 167
БОБИ 14. Шабхезии Паёмбари Худо (с) дар моҳи Рамазон ва ғайри Рамазон ........ 167
БОБИ 15. Он чӣ, ки аз ташаддуд дар ибодат макрӯҳ аст ........ 167
БОБИ 16. Касе, ки қиёми шаб дошта бошад, тарк кардан барояш макрӯҳ аст ........ 168
БОБИ 17. Фазилати касе, ки шаб аз хоб бедор мешавад ва намоз мехонад. 168

БОБИ 18. Намози нафл ду ракаат-ду ракаат аст ....168
БОБИ 19. Пойбандӣ ба ду ракаат (суннати) намози фаҷр ва касе, ки ин ду ракаатро нафл номидааст....169
БОБИ 20. Он чӣ, ки дар ду ракаат намози субҳ хонда мешавад....169
БОБИ 21. Намози чошт дар ғайри сафар ....169
БОБИ 22. (Ҳукми хондани) ду ракаат намози пеш аз фарзи намози пешин..169
БОБИ 23. (Ҳукми) намоз хондан пеш аз намози шом....169

**20. КИТОБИ НАМОЗ ХОНДАН ДАР МАСҶИДИ МАККА ВА МАСҶИДИ МАДИНА....170**
БОБИ 1. Фазилати намоз хондан дар масҷиди Макка ва масҷиди Мадина..170
БОБИ 2. Масҷиди Қубо....170
БОБИ 3. Фазилатимобайни қабр ва минбари Паёмбари Худо (с) ....170

**21. КИТОБИ АНҶОМ ДОДАНИ КОРЕ ДАР ДОХИЛИ НАМОЗ....171**
БОБИ 1. Набояд дар дохили намоз сухан зад....171
БОБИ 2. Дур кардани регҳо дар вақти намоз хондан....171
БОБИ 3. Агар доба дар вақти намоз хондан гурехт....171
БОБИ 4. Дар намоз набояд саломи касеро алайк дод....172
БОБИ 5. (Ҳукми) даст ба камар ниҳодан дар вақти намоз хондан....172

**22. КИТОБИ САҶДАИ САҲВ....173**
БОБИ 1. Агар касе панҷ ракаат бихонад....173
БОБИ 2. Касе, ки дар вақти намоз хондан бо вай сӯҳбат шуда ва ӯ ба дасти худ ишора намуда ва гӯш кардааст....173

**23. КИТОБИ (АҲКОМИ) ҶАНОЗА....174**
БОБИ 1. Касе, ки охирин каломаш ло илоҳа иллаллоҳ бошад....174
БОБИ 2. Лузуми ҳамроҳӣ намудан бо ҷаноза....174
БОБИ 3. Дидани мурда баъд аз такфин....174
БОБИ 4. Касе, ки барои аҳли майит шахсан таъзия гуфтааст....175
БОБИ 5. Касе, ки фарзандаш фавт гардида ва сабрашро ба Худо карда аст 175
БОБИ 6. Мустаҳаб аст, ки мурда ба адади тоқ шуста шавад....175
БОБИ 7. Дар ғусл бояд аз тарафи рости майит шурӯъ шавад....176
БОБИ 8. Кафан дар ҷомаҳои сафед....176
БОБИ 9. Кафан кардан дар ду ҷома....176
БОБИ 10. Кафан барои мурда ....176
БОБИ 11. Агар кафани комиле ёфт намешуд, бояд аввал сари майитро пӯшонид ....177
БОБИ 12. Касе, ки дар замони Паёмбари Худо (с) кафанашро омода карда буд ва барояш бад нагуфтанд ....177
БОБИ 13. Ҳамроҳӣ намудани занҳо бо ҷаноза....178
БОБИ 14. Ба мотам нишастан барои ғайри шавҳар....178
БОБИ 15. Зиёрати қубур....178
БОБИ 16. Ин қавли Паёмбари Худо (с) ки "Мурда ба гиря кардани баъзе аз аҳли хонаводааш таъзиб мегардад." агар ин гиря кардан ба амри худи шахси мурда бошад....178
БОБИ 17. Нола кардан бар майит маакрӯҳ аст....179
БОБИ 18. Касе, ки бар рӯяш бизанад, аз мо нест ....179
БОБИ 19. Марсияи Паёмбари Худо (с) барои Саъд ибни Хавла....179
БОБИ 20. Дар вақти мусибат набояд сари худро тарошид ....180

БОБИ 21. Касе, ки дар мусибат нишаста ва ғам аз чеҳрааш намоён гардидааст ........ 180
БОБИ 22. Шахсе, ки ғамашро дар вақти мусибат изҳор накард ........ 181
БОБИ 23. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки "мо ба сабаби даргузашти ту андӯҳгин ҳастем" ........ 181
БОБИ 24. Гиря кардан дар назди мариз ........ 181
БОБИ 25. Он чӣ, ки дар мавриди наҳӣ аз навҳа ва гиря омадааст ........ 182
БОБИ 26. Бархостан барои ҷаноза ........ 182
БОБИ 27. Касе, ки барои ҷаноза бархостааст, чӣ вақт биншинад? ........ 182
БОБИ 28. Касе, ки барои ҷанозаи яҳудӣ ба по хостааст ........ 182
БОБИ 29. Бардоштани ҷаноза масъулияти мардон аст, на занон ........ 182
БОБИ 30. Шитоб кардан дар бурдани ҷаноза ........ 183
БОБИ 31. Фазилати ҳамроҳӣ кардан бо ҷаноза ........ 183
БОБИ 32. Кароҳати масҷид сохтан бар болои қабр ........ 183
БОБИ 33. Намоз хондан бар зане, ки дар ҳоли нифос мурдааст ........ 183
БОБИ 34. Хондани сураи «Алҳамду лиллоҳ» бар ҷаноза ........ 183
БОБИ 35. Мурда садои кафш ва поро мешунавад ........ 183
БОБИ 36. Касе, ки дафн шудан дар сарзамини муқаддасро дӯст медорад ... 184
БОБИ 37. Намоз бар шаҳид ........ 184
БОБИ 38. Агар кӯдак мусалмон гардад ва бимирад, оё бар ӯ бояд намоз хонда шавад? Ва оё кӯдак ба ислом даъват мешавад? ........ 185
БОБИ 39. Вақте, ки мушрик дар ҳоли марг ло илоҳа иллаллоҳ бигӯяд ........ 186
БОБИ 40. Касе, ки бар сари қабр мавъиза намуд ва дигарон ба атрофаш нишастаанд ........ 187
БОБИ 41. Он чӣ, ки дар бораи қотил омадааст ........ 187
БОБИ 42. Ба хубӣ ёд намудан аз мурда ........ 187
БОБИ 43. Он чӣ, ки дар мавриди азоби қабр омадааст ........ 188
БОБИ 44. Паноҳ ҷустан ба Худо аз азоби қабр ........ 188
БОБИ 45. Барои мурда дар субҳу шом маъво ва масканаш нишон дода мешавад ........ 189
БОБИ 46. Он чӣ дар мавриди авлоди мусалмонон омадааст ........ 189
БОБИ 47. Он чӣ, ки дар мавриди авлоди мушрикин омадааст ........ 189
БОБ ........ 189
БОБИ 48. Марги ногаҳонӣ ........ 191
БОБИ 49. Он чӣ, ки дар бораи қабри Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакри Сиддиқ ва Умар (р) омадааст ........ 191
БОБИ 50. Он чӣ, ки нисбат ба мурдагон мамнӯъ аст ........ 191

**24. КИТОБИ ЗАКОТ ........ 192**
БОБИ 1. Воҷиб будани закот ........ 192
БОБИ 2. Гуноҳи касе, ки закоти молашро намедиҳад ........ 193
БОБИ 3. Моле, ки закоташ дода шавад, ганҷ шумурда намешавад ........ 194
БОБИ 4. Закот аз моли ҳалол аст ........ 194
БОБИ 5. Закот бидиҳед пеш аз он, ки фуқаро закотро барои шумо пас бидиҳанд ........ 194
БОБИ 6. Худро аз оташи дӯзах агарчи ба садақа додани нисфи хурмо ва ё чизи андаки дигаре бошад, нигаҳ доред ........ 195
БОБИ 7. Кадом навъи садақа беҳтар аст? ........ 195
БОБИ 8. ........ 196
БОБИ 9. Касе, ки надониста закотро ба шахси сарватманде медиҳад ........ 196
БОБИ 10. Касе, ки садақаашро надониста ба фарзандаш додааст ........ 196

БОБИ 11. Касе, ки ходимашро ба садақа додан амр карда ва худаш онро ба даст нагирифтааст.......197
БОБИ 12. Садақа он аст, ки баъд аз бениёзӣ бошад.......197
БОБИ 13. Ташвиқ кардан дар додани садақа ва шафоат кардан чиҳати садақа додан ба шахси фақир.......197
БОБИ 14. Садақа додан ба андозаи тавон ва қудрат.......198
БОБИ 15. Касе, ки дар ҳоли ширк садақа дода ва баъд аз он мусалмон мешавад.......198
БОБИ 16. Барои ходиме, ки ба иҷозаи мавлояш садақа дода ва хиёнат нанамояд, савоб аст.......198
БОБИ 17. Ин гуфтаи Худованди мутаъол ки: Касе, ки садақа дода ва аз Худованд метарсад ва ин сухан гуфта, ки: Худоё ба касе, ки хайрот медиҳад ивазашро бидеҳ.......198
БОБИ 18. Сифати шахси бахил ва шахси садақадиҳанда.......198
БОБИ 19. Бар ҳар мусалмон садақа додан лозим аст ва касе, ки чизе надорад, бояд кори неке анҷом диҳад.......199
БОБИ 20. То чӣ андоза бояд инсон закот ва хайрот бидиҳад.......199
БОБИ 21. Гирифтани мол дар закот.......199
БОБИ 22. Мутафарриқ набояд бо ҳам ҷамъ гардад ва он чӣ, ки бо ҳам ҷамъ аст, набояд мутафарриқ гардад.......199
БОБИ 23. Агар амволи закоти ду нафар бо ҳам омехта буд, (закотро) байни якдигар ба таври баробар тақсим намоянд.......200
БОБИ 24. Закоти шутур.......200
БОБИ 25. Касе, ки аз закоти молаш бар вай (бинти махоз) фарз гардад ва дар наздаш набошад.......200
БОБИ 26. Закоти гӯсфанд.......200
БОБИ 27. Закот бояд беайб бошад.......201
БОБИ 28. Дар закот набояд амволи сара ва баргузида интихоб гардад.......201
БОБИ 29. Додани закот ба хешовандон.......202
БОБИ 30. Бар аспи шахси мусалмон закоте нест.......202
БОБИ 31. Додани закот ба ятимон.......203
БОБИ 32. Додани закот ба шавҳар ва ба ятимоне, ки дар оғӯши шахс мебошанд.......203
БОБИ 33. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: Закот барои "озод кардани ғуломон, қарздорон ва дар роҳи Худо аст".......204
БОБИ 34. Худдорӣ аз суол кардани мардум.......204
БОБИ 35. Касе, ки Худованд ба ӯ бидуни суол кардан ва ҳирс намудан чизе бидиҳад.......205
БОБИ 36. Касе, ки аз мардум чиҳати пасандоз намудан чизе суол мекунад 205
БОБИ 37. Инсон чӣ вақт сарватманд шумурда мешавад?.......205
БОБИ 38. Машруъияти тахмин кардани хурмо.......206
БОБИ 39. Дар ҳосиле, ки аз оби осмон ва ё аз оби ҷорӣ обёрӣ мешавад, ушр лозим мегардад.......206
БОБИ 40. Закоти хурмо дар вақти чидан он аст ва оё барои тифл иҷоза аст, ки аз хурмои закот бихӯрад.......207
БОБИ 41. Оё равост, ки шахс закотеро, ки додааст, дубора бихарад? Вале агар шахси дигаре закотро харид, боке нест.......207
БОБИ 42. Закот додан ба ғуломони озодшудаи ҳамсарони Паёмбари Худо (с).207
БОБИ 43. Вақте, ки закот аз ҳолаташ тағйир ёбад.......207
БОБИ 44. Закот аз сарватмандон гирифта шуда ва барои фуқаро дар ҳар ҷое, ки бошанд, дода мешавад.......207

БОБИ 45. Ташаккури имому дуои он ба ҳақи касе, ки закоти молашро медиҳад ........ 208
БОБИ 46. Закоти чизе, ки аз дарё гирифта мешавад ........ 208
БОБИ 47. Аз ёфтани ганҷ хумс лозим аст ........ 208
БОБИ 48. Ин қавли Худованд, ки: «Ва аз ҷумлаи аҳли закот касоне анд, ки закотро ҷамъоварӣ менамоянд) ва имом бояд касонеро, ки закотро ҷамъ мекунанд, муҳосиба намояд» ........ 208
БОБИ 49. Имом шутурони садақаро ба дасти худаш нишонадор месозад ... 209

**25. КИТОБИ САДАҚАИ ФИТР ........ 210**
БОБИ 1. Фарзияти садақаи фитр ........ 210
БОБИ 2. Садақаи фитр пеш аз намози ид ........ 210
БОБИ 3. Садақаи фитр бар ҳар касс, чи озод ва чи ғулом бошад, лозим аст ........ 210

**26. КИТОБИ ҲАҶ ........ 211**
БОБИ 1. Вуҷуби ҳаҷ ва фазилати он ........ 211
БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «Ба мардум эълон кун, то ба ҳаҷ биёянд...» (Ҳаҷ: 27) ........ 211
БОБИ 3. Ҳаҷ кардан бар шутури боркаш ........ 211
БОБИ 4. Фазилати ҳаҷҷи мабрур ........ 211
БОБИ 5. Миқоти аҳли Яман ........ 212
БОБИ 6 ........ 212
БОБИ 7. Рафтани Паёмбари Худо (с) аз роҳи Шаҷара ........ 212
БОБИ 8. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) ки "Ақиқ дашти муборакe аст" ...... 212
БОБИ 9. Се бор шустани хушбӯӣ аз ҷома ........ 212
БОБИ 10. Истеъмоли хушбӯӣ ҳангоми эҳром бастан ва баёни либосе, ки ба он эҳром баста мешавад ........ 213
БОБИ 11. Касе, ки дар ҳоли мулаббад будани сараш эҳром бастааст ........ 213
БОБИ 12. Эҳром бастан аз масҷиди Зулҳулайфа ........ 213
БОБИ 13. Савор шудани ду нафар бар як маркаб дар ҳаҷ ........ 213
БОБИ 14. Он чи, ки пӯшидани он аз қабили сиёб ва изор ва ридо барои муҳрим равост ........ 213
БОБИ 15. Талбия гуфтан ........ 214
БОБИ 16. Ҳамд ва тасбеҳ ва такбир пеш аз талбия гуфтан ва савор шудан бар шутур ........ 214
БОБИ 17. Талбия гуфтан рӯй ба қибла ........ 215
БОБИ 18. Талбия гуфтан ҳангоми сарозер шудан ба сӯи водӣ ........ 215
БОБИ 19. Касе, ки дар замони Паёмбари Худо (с) монанди нияти эшон ба ҳаҷ ният намудааст ........ 215
БОБИ 20. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд «Ҳаҷ дар моҳҳои муайянест...» (Бақара: 197) ........ 215
БОБИ 21. Ҳаҷҷи таматтӯъ, ҳаҷҷи қирон ва ҳаҷҷи ифрод ва фасхи ҳаҷ барои касе, ки ҳадя ҳамроҳаш нест ........ 216
БОБИ 22. Ҳаҷҷи таматтӯъ ........ 217
БОБИ 23. Аз куҷо бояд ба Макка дохил гардид ........ 218
БОБИ 24. Фазилати Макка ва бинои он ........ 218
БОБИ 25. Мерос бурдани хонаҳои Макка ва хариду фурӯши онҳо ва ин, ки мардумон дар Масҷиди ҳаром бо ҳам баробаранд ........ 218
БОБИ 26. Қудуми Паёмбари Худо (с) ба Макка ........ 218
БОБИ 27. Инҳидоми Каъба ........ 219

БОБИ 28. Ин қавли Худованд, ки «Худованд Каъбаи Байтулҳаромро аломати қиёми дин қарор додааст...» (Моида: 97)....219
БОБИ 29. Инҳидоми Каъба....219
БОБИ 30. Он чӣ, ки дар мавриди ҳаҷаруласвад омадааст....219
БОБИ 31. Касе, ки ба Каъба дохил нагардид....219
БОБИ 32. Касе, ки дар атрофи хонаи Каъба такбир гуфтааст....220
БОБИ 33. Ибтидои машруъияти рамал чӣ гуна буд?....220
БОБИ 34. Истиломи ҳаҷаруласвад дар вақти қудуми Макка ва шурӯъ кардан ба тавоф ва (рамал) намудан дар се шавти аввал....220
БОБИ 35. Рамал намудан дар ҳаҷ ва умра....220
БОБИ 36. Истиломи рукни ҳаҷаруласвад ба асо....221
БОБИ 37. Бӯсидани ҳаҷаруласвад....221
БОБИ 38. Касе, ки ҳангоми қудум ба Макка пеш аз рафтан ба хонааш ба хонаи Каъба тавоф намудааст....221
БОБИ 39. Сухан задан дар ҳангоми тавоф....221
БОБИ 40. Набояд касе хонаи Каъбаро урён тавоф кунад ва набояд мушрике ҳаҷ намояд....222
БОБИ 41. Касе, ки пеш аз рафтан ба Арафот хонаи Каъбаро тавоф нанамуда ва баъд аз тавофи аввал бозгаштааст....222
БОБИ 42. Об додан ба ҳоҷиҳо....222
БОБИ 43. Вуҷуби саъй байни Сафо ва Марва....222
БОБИ 44. Он чӣ, ки дар мавриди саъй байни Сафо ва Марва омадааст....223
БОБИ 45. Зани ҳоиз тамоми маносики ҳаҷ ба истисноӣ тавоф ба хонаро анҷом медиҳад....223
БОБИ 46. Ҳоҷӣ дар рӯзи тарвия намози пешинро дар куҷо бихонад?....223
БОБИ 47. Рӯза гирифтан рӯзи Арафа....224
БОБИ 48. Рафтан дар вақти гармии рӯз ба тарафи Арафа....224
БОБИ 49. Шитоб намудан ба сӯи мавқиф....224
БОБИ 50. Истодан дар Арафа....225
БОБИ 51. Чӣ гуна рафтан аз Арафот ба сӯи Муздалифа....225
БОБИ 52. Ҳангоми рафтан ба Арафот Паёмбари Худо (с) мардумро ба оромӣ даъват намуданд....225
БОБИ 53. Касе, ки заъифони оилаашро дар шаби Муздалифа пеш аз худ фиристод ва худаш вуқуф ва дуо намуд ва баъд аз ғиёби маҳтоб ҳаракат кард....225
БОБИ 54. Касе, ки намози субҳро дар Муздалифа адо намуд....226
БОБИ 55. Аз Муздалифа чӣ вақт бояд ҳаракат намуд?....226
БОБИ 56. Савор шудан бар шутур....226
БОБИ 57. Касе, ки шутури ҳадяро бо худ бурдааст....227
БОБИ 58. Касе, ки шутури ҳадяро дар Зулҳулайфа қалода карда ва баъд аз он эҳром бастааст....227
БОБИ 59. Касе, ки ба дасти худаш қалодаро ба гирди шутурон баста аст...227
БОБИ 60. Қалода кардани гӯсфандон....227
БОБИ 61. Қалодаи пашмин....228
БОБИ 62. Ҷули шутур ва хайрот додани он....228
БОБИ 63. Забҳ кардани гов аз тарафи ҳамсарони худ бидуни иҷозаашон....228
БОБИ 64. Забҳ кардан дар Мино, дар ҷое, ки Паёмбари Худо (с) забҳ намудаанд....228
БОБИ 65. Забҳ кардани шутур дар ҳолати бастани дасташ....228
БОБИ 66. Барои пӯсткунанда набояд аз ҳадя чизе дод....228
БОБИ 67. Миқдоре, ки аз шутур ҳадя хӯрда мешавад ва миқдоре,

ки садақа дода мешавад ........ 229
БОБИ 68. Тарошидан ва кӯтоҳ кардани мӯйи сар дар вақти хориҷ шудан аз эҳром ........ 229
БОБИ 69. Задани ҷамраҳо ........ 229
БОБИ 70. Ҷамра задан аз поёни водӣ ........ 229
БОБИ 71. Ҷамра задан бо ҳафт сангча ........ 230
БОБИ 72. Дар вақти ҷамра задан баъд аз рамйи ду ҷамра бояд ба ҳамворӣ рафта, рӯйи худро ба тарафи қибла намуд ........ 230
БОБИ 73. Тавофи видоъ ........ 230
БОБИ 75. Ҳукми манзил кардан дар Муҳассаб ........ 231
БОБИ 76. Манзил намудан ба Зитуво пеш аз дохил шудан ба Макка ва манзил намудан дар дашти Зулҳулайфа дар вақти баргаштан аз Макка ........ 231

**27. КИТОБИ УМРА ........ 232**
БОБИ 1. Вуҷуби умра ва фазилати он ........ 232
БОБИ 2. Касе, ки пеш аз ҳаҷ умра намуд ........ 232
БОБИ 3... ........ 232
БОБИ 4. Умраи танъим ........ 233
БОБИ 5. Умра намудан баъд аз ҳаҷ бидуни тақдими ҳадя ........ 233
БОБИ 6. Савоби умра ба андозаи машаққат аст ........ 233
БОБИ 7. Умракунанда чӣ вақт худро ҳалол месозад? ........ 233
БОБИ 8. Дар ҳангоми бозгаштан аз ҳаҷ ё умра ва ё ҷиҳод чӣ бояд гуфт ........ 234
БОБИ 9. Истиқбол аз касоне, ки ба ҳаҷ меоянд ва савор кардани ду ва се нафарро ба маркаб ........ 234
БОБИ 10. Омадан аз сафар баъд аз намози пешин ........ 234
БОБИ 11. Касе, ки ҳангоми расидан ба Мадинаи мунаввара шутурашро тез рондааст ........ 234
БОБИ 12. Сафар як навъи азоб аст ........ 234

**28. КИТОБИ ЭҲСОР ВА ҶАЗОИ ШИКОР КАРДАН ........ 235**
БОБИ 1. Агар умракунанда ба монеъ дучор шуд ........ 235
БОБИ 2. Ба монеъ бархӯрд намудан дар ҳаҷ ........ 235
БОБИ 3. Дар вақти эҳсор бояд ҳадя пеш аз тарошидани сар забҳ гардад ........ 235
БОБИ 4. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд "Ё додани садақа..." ва садақа иборат аз таъом додани шаш мискин аст ........ 235
БОБИ 5. Мурод аз таъом додан дар фия нисфи соъ аст ........ 236

**29. КИТОБИ ҶАЗОИ ШИКОР КАРДАН ВА АМСОЛИ ОН ........ 237**
БОБИ 1. Муҳрим метавонад аз шикори шахси ҳалол истифода намояд ........ 237
БОБИ 2. Муҳрим набояд бо шахси ҳалол дар куштани шикор ҳамкорӣ намояд ........ 237
БОБИ 3. Муҳрим набояд дар шикор кардан бо шахси ҳалол ҳамкорӣ намояд ........ 238
БОБИ 4. Агар барои муҳрим гӯрхареро бахшиданд, набояд қабул кунад ... 238
БОБИ 5. Он чиро, ки муҳрим дар ҳарам кушта метавонад ........ 238
БОБИ 6. Ҷанг ва қитол дар Макка раво нест ........ 238
БОБИ 7. Ҳукми ҳиҷомат кардан барои муҳрим ........ 239
БОБИ 8. Ҳукми никоҳ кардани муҳрим ........ 239
БОБИ 9. Шустушӯй барои муҳрим ........ 239
БОБИ 10. Дохил шудан ба ҳарам ва Макка бидуни эҳром ........ 239

БОБИ 11. Ҳаҷ кардан ва назр додан аз мурда ва марде, ки аз тарафи зане ҳаҷ мекунад ....239
БОБИ 12. Ҳаҷҷи атфол ....240
БОБИ 13. Ҳаҷҷи занҳо ....240
БОБИ 14. Касе, ки назр намояд, то пиёда ба Каъба биравад ....240

**30. КИТОБИ ФАЗОИЛИ МАДИНАИ МУНАВВАРА ....241**
БОБИ 1. Ҳарами Мадина ....241
БОБИ 2. Фазилати Мадинаи мунаввара ва ин, ки Мадина мардумони бадро аз худ меронад ....241
БОБИ 3. Мадина ҷойи гувороест ....242
БОБИ 4. Касе, ки аз Мадина рӯй мегардонад ....242
БОБИ 5. Имон дар Мадина ҷамъ мегардад ....242
БОБИ 6. Гуноҳи касе, ки аҳли Мадинаро фиреб медиҳад ....243
БОБИ 8. Даҷҷол ба Мадинаи мунаввара дохил шуда наметавонад ....243
БОБИ 9. ....244
БОБИ 10. ....244
БОБИ 11. ....244

**31. КИТОБИ (АҲКОМИ) РӮЗА ....245**
БОБИ 1. Фазилати рӯза ....245
БОБИ 2. Дарвозаи Райён дар ҷаннат хос барои рӯзадорон аст ....245
БОБИ 3. Бояд Рамазон гуфт ё моҳи Рамазон ва касе, ки ҳардуро ҷоиз медонад ....246
БОБИ 4. Касе, ки дурӯғ гуфтан ва амал кардан ба дурӯғро дар Рамазон тарк накунад ....246
БОБИ 5. Агар рӯзадор дашном дода шавад, оё бояд бигӯяд, ки ман рӯзадорам ....246
БОБИ 6. Рӯза гирифтан барои касе, ки аз воқеъ шудан дар ҳаром метарсад ....246
БОБИ 7. Қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Ҳангоме, ки моҳро дидед, рӯза бигиред ва ҳангоме, ки моҳро дидед, ид кунед" ....247
БОБИ 8. Ду моҳи ид кам намешавад ....247
БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с) ки: "Моён наменависем ва на ҳисоб мекунем" ....247
БОБИ 10. Набояд як ва ё ду рӯз пеш аз Рамазон рӯза гирифт ....247
БОБИ 11. Ин қавли Худованд ҷалла зикруҳу, ки: «Шаби рӯза ҳамбистар гаштан бо ҳамсаронатон барои шумо ҳалол гардонида шудааст, онҳо либос барои шумо ва шумо либос барои онҳо ҳастед» ....247
БОБИ 12. Ин қавли Худованди мутаъол: «Ва бихӯред ва биошомед, то он, ки рӯшании субҳ аз торикии шаб барои шумо намоён гардад» ....248
БОБИ 13. Байни саҳарӣ то намози субҳ чӣ қадар вақт аст? ....248
БОБИ 14. Саҳарӣ кардан баракат дорад, вале воҷиб нест ....248
БОБИ 15. Агар касе дар рӯз нияти рӯза кард ....248
БОБИ 16. Рӯзадоре, ки дар ҳолати ҷанобат аст ва субҳ бар вай тулӯъ мекунад ....249
БОБИ 17. Ҳамоғӯшӣ барои рӯзадор ....249
БОБИ 18. Агар рӯзадор дар ҳолати фаромушӣ чизеро бихӯрад ва ё биёшомад ....249
БОБИ 19. Агар касе дар моҳи Рамазон ҷимоъ кард ва худаш чизе надошт ва барояш садақа дода шуд, бояд он садақаро каффора бидиҳад ....249

БОБИ 20. Ҳукми ҳиҷомат ва қай барои шахси рӯзадор ... 250
БОБИ 21. Рӯза гирифтан ва рӯза хӯрдан барои шахси мусофир ... 250
БОБИ 22. Агар касе чанд рӯзе аз Рамазонро рӯза гирифта ва баъд аз он мусофир шуд ... 250
БОБИ 23 ... 250
БОБИ 24. Ин гуфтаи Пайғамбари Худо, ки: «Рӯза гирифтан дар сафар кори писандидае нест» ... 251
БОБИ 26. Касе, ки фавт гардид ва қарздори рӯза бошад ... 251
БОБИ 27. Ифтор барои шахси рӯзадор чӣ вақт раво мегардад? ... 251
БОБИ 28. Шитоб кардан дар ифтор ... 251
БОБИ 29. Агар шахсе дар Рамазон ифтор кард ва баъд аз он офтоб маълум гардид ... 251
БОБИ 30. Рӯза гирифтани атфол ... 252
БОБИ 31. Идома додани рӯза то ба вақти саҳар ... 252
БОБИ 32. Сарзаниш кардани касе, ки дар бисёрии аз авқот рӯзаи висол доштааст ... 252
БОБИ 33. Касе, ки бародарашро савганд дод, то рӯзаи нафлашро бихӯрад ... 252
БОБИ 34. Рӯза гирифтани моҳи Шаъбон ... 253
БОБИ 35. Рӯза гирифтан ва ифтори Паёмбари Худо (с) ... 253
БОБИ 36. Ҳаққи ҷисм дар рӯза ... 254
БОБИ 37. Ҳаққи хонавода дар рӯза ... 254
БОБИ 38. Касе, ки ба дидани мардумоне рафта, вале наздашон ифтор накардааст ... 254
БОБИ 39. Рӯза гирифтани рӯзҳои охири моҳ ... 255
БОБИ 40. Рӯза гирифтан рӯзи ҷумъа ... 255
БОБИ 41. Оё Паёмбари Худо (с) рӯзҳои муайянеро рӯза мегирифтанд? ... 255
БОБИ 42. Рӯза гирифтани айёми ташриқ ... 255
БОБИ 43. Рӯза гирифтани рӯзи Ошуро ... 255

**32. КИТОБИ НАМОЗИ ТАРОВЕҲ ... 257**
БОБИ 1. Фазилати қиёми (шабҳои) моҳи Рамазон ... 257
БОБИ 2. Ҷустуҷӯ ва талаби лайлатулқадр дар ҳафт шаби ахири моҳи Рамазон ... 257
БОБИ 3. Ҷустуҷӯи лайлатулқадр дар даҳаи ахир дар ҳоли ибодат ... 258
БОБИ 4. Ибодат кардан дар даҳаи ахири Рамазон ... 258

**33. КИТОБИ ЭЪТИКОФ ... 259**
БОБИ 1. Иътикоф дар даҳаи ахир ва эътикоф дар тамоми масоҷид ... 259
БОБИ 2. Мӯътакиф набояд бидуни зарурат ба хона биравад ... 259
БОБИ 3. Эътикоф дар шаб ... 259
БОБИ 4. Насб намудани қубба дар масҷид ... 259
БОБИ 5. Оё ҷоиз аст, ки мӯътакиф ҷиҳати ҳоҷати худ то дарвозаи масҷид биравад ... 260
БОБИ 6. Эътикоф дар даҳ рӯзи миёнаи Рамазон ... 260

**34. КИТОБИ БУЮЪ (ХАРИДУ ФУРӮШ ) ... 261**
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди ин гуфтаи Худованд омадааст, ки «пас ҳангоме, ки намоз адо гардид, дар рӯи замин мунташир шавед...» ... 261
БОБИ 2. Ҳалол ошкор аст ва ҳаром ошкор аст, байни ҳалол ва ҳаром чизҳои шубҳанок вуҷуд дорад ... 261

БОБИ 3. Тавзеҳи чизҳои иштибоҳӣ ....... 262
БОБИ 4. Касе, ки васвасаро аз умури шубҳанок намедонад ....... 262
БОБИ 5. Касе, ки аҳамият надиҳад, ки аз чӣ роҳе мол касб мекунад ....... 263
БОБИ 6. Тиҷорат дар мансуҷот ....... 263
БОБИ 7. Берун шудан барои тиҷорат ....... 263
БОБИ 8. Касе, ки афзунӣ дар ризқу рӯзиро дӯст медошт ....... 263
БОБИ 9. Ба насия харидани Паёмбари Худо (с) ....... 263
БОБИ 10. Касб ва кори шахс аз меҳнати худаш ....... 264
БОБИ 11. Осонгирӣ ва гузашт дар хариду фурӯш ....... 264
БОБИ 12. Касе, ки барои шахси доро мӯҳлат дод ....... 264
БОБИ 13. Вақте ки харидор ва фурӯшанда айби молро напӯшонанд ва ҳақиқатро бигӯянд ....... 264
БОБИ 14. Хариду фурӯши хурмои махлут ....... 264
БОБИ 15. Судхӯр ....... 265
БОБИ 16. Худованд баракати судро аз байн мебарад ва ба садақа ва хайрот баракат медиҳад ....... 265
БОБИ 17. Қиссаи санъатгар ва оҳангар ....... 265
БОБИ 18. Қиссаи хайёт ....... 265
БОБИ 19. Харидани чорпоён ва харҳо ....... 266
БОБИ 20. Харидани шутурони бемор ....... 267
БОБИ 21. Қиссаи ҳиҷоматгар ....... 267
БОБИ 22. Тиҷорат дар чизе, ки касбаш макрӯҳ аст ....... 267
БОБИ 23. Касе, ки чизе харида ва пеш аз мутафарриқ шудан онро бахшиш намудааст ....... 267

БОБИ 24. Он чӣ, ки аз фиребкорӣ дар муомила макрӯҳ аст ....... 268
БОБИ 25. Он чӣ, ки дар мавриди бозорҳо омадааст ....... 268
БОБИ 26. Кароҳияти ҷору ҷанҷол дар бозор ....... 269
БОБИ 27. Вазни бор бар зиммаи фурӯшанда аст ....... 269
БОБИ 28. Он чӣ, ки паймона карданаш мустаҳаб аст ....... 270
БОБИ 29. Баракати соъ ва мудди Паёмбари Худо (с) ....... 270
БОБИ 30. Он чӣ, ки дар мавриди фурӯхтан ва эҳтикори таъом омадааст ....... 270
БОБИ 31. Набояд дар хариди бародари худ иқдом ба харидан намуд, магар он, ки шахси аввал аз харидан мунсариф гардад ё ба ӯ иҷоза бидиҳад ....... 270
БОБИ 32. Фурӯхтан ба тариқи музояда ....... 271
БОБИ 33. Муомилаи фиребкорона ва фурӯхтани ҳайвон дар шиками модараш ....... 271
БОБИ 34. Фурӯшанда набояд шири шутур, гов ва гӯсфандро дар пистони онҳо захира намояд ....... 271
БОБИ 35. Фурӯхтани ғуломи зинокор ....... 271
БОБИ 36. Оё шаҳрнишин барои бодиянишин (молашро) бидуни музд бифурӯшад ва ӯро кӯмак кунад ва насиҳат намояд? ....... 271
БОБИ 37. Наҳй аз рафтан ба пеши касоне, ки таъомро ба дохили шаҳр меоваранд ....... 272
БОБИ 38. Фурӯхтани мавиз ба мавиз ва таъом ба таъом ....... 272
БОБИ 39. Фурӯхтани ҷав ба ҷав ....... 272
БОБИ 40. Фурӯхтани тилло ба тилло ....... 272
БОБИ 41. Фурӯхтани нуқра ба нуқра ....... 272
БОБИ 42. Фурӯхтани динор ба динор ба таври насия ....... 273
БОБИ 43. Фурӯхтани нуқра ба тилло ба таври насия ....... 273

БОБИ 44. Байъи музобана ........ 273
БОБИ 45. Фурӯхтани мева бар сари дарахт ба тилло ва нуқра ........ 273
БОБИ 46. Фурӯхтани мева пеш аз пухта шудани он ........ 274
БОБИ 47. Агар меваро пеш аз расиданаш фурӯхта ва пас онро офат зад ........ 274
БОБИ 48. Агар касе мехост хурмояшро ба хурмои беҳтаре бифурӯшад ........ 274
БОБИ 49. Фурӯхтани меваи норас ........ 274
БОБИ 50. Урфу одати мардум дар хариду фурӯш ва дигар муомилоташон 275
БОБИ 51. Фурӯхтани як шарик аз тарафи шарики дигар ........ 275
БОБИ 52. Харидани ғуломро аз аҳли ҳарб ва бахшиш намудан ва озод кардани он ........ 275
БОБИ 53. Куштани хук ........ 276
БОБИ 54. Фурӯхтани суратҳое, ки дорои рӯҳ набошанд ва суратҳое, ки фурӯхтани он макрӯҳ аст ........ 276
БОБИ 55. Гуноҳи касе, ки шахси озодеро мефурӯшад ........ 277
БОБИ 56. Фурӯхтани худмурда ва фурӯхтани бутҳо ........ 277
БОБИ 57. Пуле, ки аз фурӯши саг ба даст меояд ........ 277

**35. КИТОБИ САЛАМ (ПАРДОХТИ ПЕШАКӢ) ........ 278**
БОБИ 1. Салам дар паймонаи маълум ........ 278
БОБИ 2. Салам дар чизе, ки аслаш дар назди шахс мавҷуд нест ........ 278

**36. КИТОБИ ШУФЪА ........ 279**
БОБИ 1. Тақдими шуфъа барои ҳақдори он ........ 279
БОБИ 2. Кадом ҳамсоя наздиктар шумурда мешавад ........ 279
**37. КИТОБИ ИҶОРА ........ 280**
БОБИ 1. Дар иҷора ........ 280
БОБИ 2. Чупонӣ кардан дар муқобили чанд қирот ........ 280
БОБИ 3. Муздурӣ аз аср то шаб ........ 280
БОБИ 4. Муздуре, ки музди худро нагирифтааст ва мустаъҷир дар он кор карда ва онро зиёд сохтааст ........ 281
БОБИ 5. Он чӣ, ки дар муқобили дуохонӣ бояд дод ........ 282
БОБИ 6. Музде, ки аз бордор сохтани ҳайвон ба даст меояд ........ 282

**38. КИТОБИ АҲКОМИ ҲАВОЛАҲО ........ 283**
БОБИ 1. Агар касеро ба шахси сарватманде ҳавола доданд, набояд рад намояд ........ 283
БОБИ 2. Ҳавола додани қарзи шахси мурда ҷоиз аст ........ 283
БОБИ 3. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: “Насиби касонеро, ки бо онҳо ақди таворус бастаед, адо намоед” ........ 283
БОБИ 4. Агар касе қарзи шахси мурдаро кафил гардид, набояд аз кафолати худ баргардад ........ 284

**39. КИТОБИ АҲКОМИ ВАКОЛАТ ........ 285**
БОБИ 1. Дар вакОлати шарик ........ 285
БОБИ 2. Агар чӯпон ва ё вакил дид, ки гӯсфанде мурда ва ё чизе талаф мегардад, бояд гӯсфандро забҳ ва он чизро ислоҳ намояд ........ 285
БОБИ 3. Вакил гирифтан дар адои қарз ........ 285
БОБИ 4. Агар касе барои вакил ва ё шафеъ чизеро бибахшад, равост ........ 286
БОБИ 5. Агар вакил чизеро, ки бахшид, дар сурате, ки муваккил иҷоза бидиҳад, равост ........ 286
БОБИ 6. Агар вакил чизеро ба байъи фосид фурӯхт, байъаш мардуд аст ... 287
БОБИ 7. Вакил гирифтан дар иқомаи ҳудуд ........ 288

**40. КИТОБИ ОН ЧӢ, КИ ДАР МАВРИДИ КИШТ ВА ЗИРОАТ ОМАДААСТ....289**
БОБИ 1. Фазилати кишт ва ниҳолшинонӣ....289
БОБИ 2. Укубати машғул шудан ба васоили зироатӣ ва таҷовуз аз ҳадде, ки ба он амр гардидааст....289
БОБИ 3. Доштани саг барои нигаҳбонӣ аз кишт ва зироат....289
БОБИ 4. Истифода аз гов барои зироаткорӣ....289
БОБИ 5. Агар гуфт, ки заҳмати дарахтони хурморо шумо мутаҳаммил шавед....290
БОБИ 6. Зироаткорӣ ба қисмате аз ҳосил....290
БОБИ 7. Авқофи Паёмбари Худо (с) ва замини хироҷ ва зироат ва муомилаи аҳли хироҷ....291
БОБИ 8. Касе, ки замини бекорхобидаро корам созад....291
БОБИ 9. Ҳамкории саҳобаи Паёмбари Худо (с) бо якдигар дар зироат ва мева....291
БОБИ 10....292

**41. КИТОБИ ЗИРОАТ ВА ОБЁРӢ....293**
БОБИ 1. Обёрӣ....293
БОБИ 2. Соҳиби об то вақте, ки сероб шавад, ба он об мустаҳиқтар аст....293
БОБИ 3. Даъво бар сари чоҳ ва қазоват дар он....294
БОБИ 4. Гуноҳи касе, ки обро аз раҳгузар манъ мекунад....294
БОБИ 5. Фазилати об додан....295
БОБИ 6. Касе, ки соҳиби ҳавз ва соҳиби машки обро мустаҳиқтар медонад....295
БОБИ 7. Ихтисос намудани чизе ҷуз барои Худо ва Расулаш нест....295
БОБИ 8. Нӯшидани об аз ҷӯйҳо барои мардум ва чорпоён....296
БОБИ 9. Ҳезум ва гиёҳ....296
БОБИ 10. Қатоеъ (яъне ихтисос додани замине барои баъзе ашхос)....297
БОБИ 11. Касе, ки роҳрав ва ҷӯйи обаш аз нахлистони шахси дигаре мегузарад....297

**42. КИТОБИ ҚАРЗ ГИРИФТАН ВА АДОИ ҚАРЗ ВА МУФЛИС ШУДАН....298**
БОБИ 1. Гирифтани моли мардум ҷиҳати адо намудан ва ё ба қасди талаф кардан....298
БОБИ 2. Адои қарз....298
БОБИ 3. Адои шоистаи қарз....298
БОБИ 4. Намози ҷаноза бар шахси қарздор....299
БОБИ 5. Он чӣ, ки дар мавриди зоеъ кардани мол омадааст....299

**43. КИТОБИ ХУСУМОТ....300**
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди ашхос ва хусумат байни мусалмон ва яҳуд омадааст....300
БОБИ 2. Суханони хусум бар алайҳи якдигар....301

**44. КИТОБИ ЁФТАҲО....302**
БОБИ 1. Агар соҳиби моли гумшуда нишони моляшро гуфт, мол ба вай дода мешавад....302
БОБИ 2. Агар хурмоеро дар роҳ ёфт....302

**45. КИТОБИ ДОДХОҲӢ АЗ ЗУЛМИ МАРДУМ БАР ЯКДИГАР ..... 303**
БОБИ 1. Ҷазои зулму ситам ..... 303
БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Бидонед, ки лаънати Худо бар золимин аст» ..... 303
БОБИ 3. Мусалмон бар мусалмон зулм намекунад ва ӯро ба ҳалокат мувоҷеҳ намесозад. ..... 303
БОБИ 4. Бародаратро, чи золим бошад ва чи мазлум, кӯмак кун ..... 304
БОБИ 5. Зулм сабаби торикиҳо дар рӯзи қиёмат хоҳад шуд ..... 304
БОБИ 6. Агар касе ба дигаре зулм намуд ва он шахс вайро бахшид, оё бояд золим он зулмро баён намояд? ..... 304
БОБИ 7. Касе, ки бар дигаре дар мавриди заминаш зулм карда бошад ..... 304
БОБИ 8. Агар касе ба дигаре чизеро иҷоза диҳад, равост ..... 305
БОБИ 9. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: "Ва ӯ сарсахттарини душманон аст" ..... 305
БОБИ 10. Гуноҳи касе, ки ба дурӯғ даъво карда, медонад, ки даъвояш дурӯғ аст ..... 305
БОБИ 11. *Интиқом гирифтани мазлум аз моли золим* ..... 305
БОБИ 12. Ҳамсоя набояд ҳамсояашро аз кӯбидани мехе ба девораш манъ намояд ..... 305

БОБИ 13. Нишастан дар пеши рӯйи хонаҳо ва дар канори роҳҳо ..... 306
БОБИ 14. Ихтилоф дар таҷдиди роҳҳои умумӣ ..... 306
БОБИ 15. Наҳй аз ғоратгарӣ ва мусла намудан ..... 306
БОБИ 16. Касе, ки барои дифоъ аз моли худ кушта мешавад ..... 306
БОБИ 17. Касе, ки коса ва ё чизеро аз шахси дигаре шикаст ..... 306

**46. КИТОБИ ШИРОКАТ ..... 307**
БОБИ 1. Широкат дар таъом ва хӯрок ва коло ..... 307
БОБИ 2. Тақсим кардани гӯсфанд ..... 307
БОБИ 3. Ашё дар байни шарикон бояд ба қиммати одилона қиматгузорӣ шавад ..... 308
БОБИ 4. Оё дар тақсим намудан қуръакашӣ ҷавоз дорад? ..... 308
БОБИ 5. Широкат дар таъом ва ғайра ..... 309

**47. КИТОБИ ГАРАВ ДАР ҒАЙРИ САФАР ..... 310**
БОБИ 1. Метавон аз савор шудан ва ё шири ҳайвони гаравӣ истифода намуд ..... 310
БОБИ 2. Агар роҳин ва муртаҳин бо ҳам ихтилоф карданд ..... 310

**48. КИТОБИ ОЗОД КАРДАНИ ҒУЛОМОН ВА ФАЗИЛАТИ ОН ..... 311**
БОБИ 1. Озод кардани кадом навъ аз ғуломон беҳтар аст ..... 311
БОБИ 2. Озод сохтани ғулом ё канизаке, ки байни иддае муштарак аст ..... 311
БОБИ 3. Хато ва нисён дар озод кардан ва талоқ додан ва амсоли инҳо ..... 312
БОБИ 4. Агар касе, ки ба ғуломи худ гуфт, ки ӯ барои Худо аст ва нияти озод карданро дошт ва шоҳид гирифтан дар озод кардани ғулом 312
БОБИ 5. Озод кардани мушрик ..... 312
БОБИ 6. Касе, ки ғуломи араберо молик гардид ..... 312
БОБИ 8. Касе, ки ғуломаш таъоми ӯро наздаш меовард ..... 313
БОБИ 9. Агар ғуломро занад, аз задан ба рӯяш худдорӣ намояд ..... 313
БОБИ 10. Шартҳое, ки дар бораи мукотаб ҷоиз аст ..... 313

49. КИТОБИ БАХШИШ ВА ФАЗИЛАТИ ОН ВА ТАШВИҚ БА БАХШИШ ДОДАН ....314
БОБИ 1. Фазилати бахшиш ....314
БОБИ 2. Қабул кардани ҳадяи шикор ....314
БОБИ 3. Бахшишро бояд қабул намуд ....314
БОБИ 4. Касе, ки ба ӯ рафиқаш бахшиш дод ва ӯ онро барои баъзе ҳамсаронаш додааст ....315
БОБИ 5. Ҳадяе, ки набояд гардонда шавад ....316
БОБИ 6. Бахшиш дар муқобили бахшиш ....316
БОБИ 7. Шоҳид гирифтан дар бахшиш ....316
БОБИ 8. Бахшиши шавҳар барои зан ва бахшиши зан барои шавҳар ....317
БОБИ 9. Зане барои ғайри шавҳараш бахшиш намуда ва бидуни иҷозаи шавҳар ғуломашро озод менамояд ....317
БОБИ 10. Ғулом ва матоъи бахшиш чӣ гуна қабз мегардад? ....317
БОБИ 11. Бахшиши додани чизе, ки пӯшидани он макрӯҳ аст ....318
БОБИ 12. Қабул намудани бахшиш аз мушрикин ....318
БОБИ 13. Бахшиш додан барои мушрик ....319
БОБИ 14 ....319
БОБИ 15. Он чӣ, ки дар мавриди бахшиши умрӣ омадааст ....319
БОБИ 16. Орият гирифтан барои арӯс дар вақти арӯсӣ ....319
БОБИ 17. Фазилати бахшиш ....319

50. КИТОБИ ШАҲОДАТ ....321
БОБИ 1. Дар корҳои золимона набояд шаҳодат дод ....321
БОБИ 2. Он чӣ, ки дар бораи шаҳодати ноҳақ омадааст ....321
БОБИ 3. Шаҳодат додани шахси нобино ва бақияи тасарруфоти он ....321
БОБИ 4. Тазкияи занҳо барои якдигар ....322
БОБИ 5. Тазкияи як нафар аз нафари дигар кофӣ аст ....326
БОБИ 6. Болиғ шудани атфол ва шаҳодат додани онҳо ....326
БОБИ 7. Вақте, ки мардуме дар қасам хӯрдан аз якдигар сабқат меҷӯянд ....326
БОБИ 8. Чигунагии савганд хӯрдан ....327
БОБИ 9. Касе, ки байни мардум сулҳ барқарор месозад, дурӯғгӯй шумурда намешавад ....327
БОБИ 10. Гуфтаи имом барои ҳамнишинони худ, ки бо ҳам биравем, то сулҳ барқарор созем ....327
БОБИ 11. Чӣ гуна навишта мешавад, ки ин санади мусолиҳаи фалон ибни фалон ва фалон ибни фалон аст, агарчӣ қабила ва ё насаби худро зикр нанамояд ....327
БОБИ 12. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ҳасан ибни Алӣ (р) гуфтанд: "Ин фарзанди сардор аст" ....328
БОБИ 13. Оё имом мардумро ба сулҳ даъват мекунад? ....328

51. КИТОБИ ШУРУТ ....329
БОБИ 1. Шурут дар маҳр ва дар ақди никоҳ ....329
БОБИ 2. Шуруте, ки дар ҳудуд ҷавоз надорад ....329
БОБИ 3. Шартгузорӣ дар кишоварзӣ ....329
БОБИ 4. Шутур дар ҷиҳод ва мусолиҳа бо аҳли ҳарб ва навиштани шурут ....330
БОБИ 5. Шарт ва истисное, ки дар иқрор ҷавоз дорад ....336

52. КИТОБИ ВАСИЯТҲО .......... 337
БОБИ 1. Васиятҳо .......... 337
БОБИ 2. Садақа додан дар вақти марг .......... 337
БОБИ 3. Оё зан ва фарзанд дар ақориб дохил мешаванд .......... 337
БОБИ 4. қавли Худованди мутаъол, ки: "Ятимонро то вақти расидан ба синни булуғ биозмоед. Агар дар онҳо рашодате ёфтед, амволи онҳоро дар ихтиёрашон бигзоред. (Нисо:2) .......... 338
БОБИ 5. қавли Худованди мутаъол: "Касоне, ки моли ятимонро ба ғайри ҳақ мехӯранд, дар воқеъ оташеро дар шикамҳои худ дохил карда ва ба зудӣ бо оташи сӯзон бирён хоҳанд гардид" (Нисо: 10) .......... 338
БОБИ 6. Нафақаи сарпарасти вақф .......... 338
БОБИ 7. Касе, ки замин ё чоҳеро вақф намуда ва гуфтааст, ки насибаш ба андозаи мусалмонони дигар аст .......... 339
БОБИ 8. қавли Худованди мутаъол ки мефармояд: "Эй мӯъминон, он гоҳ, ки марг ба яке аз шумо фаро расад..." .......... 339

53. КИТОБИ ҶИҲОД .......... 340
БОБИ 1. Фазилати ҷиҳод ва пайравӣ аз равиши Паёмбари Худо (с) .......... 310
БОБИ 2. Беҳтарин мардум шахси мӯъмине аст, ки ба ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод намояд .......... 340
БОБИ 3. Дараҷоти муҷоҳидини фисабилиллоҳ .......... 340
БОБИ 4. Фазилати ҷиҳоди дар роҳи Худо дар субҳу шом баромадан ва андак ҷое яке аз шумоён аз биҳишт аст .......... 341
БОБИ 5. Сифати ҳурҳои биҳишт .......... 341
БОБИ 6. Савоби касе, ки дар роҳи Худо мусибат мебинад ва ё маҷрӯҳ мешавад .......... 341
БОБИ 7. Фазилати касе, ки дар роҳи Худо захмӣ мешавад .......... 342
БОБИ 8. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «Аз мӯъминон мардумонеанд, ки бо аҳде, ки бо Худо бастаанд, вафо намудаанд...» .......... 342
БОБИ 9. Анҷом додани кори нек пеш аз иқдом намудан ба ҷиҳод .......... 343
БОБИ 10. Касе, ки ба асари тири ғайбӣ ба қатл мерасад .......... 343
БОБИ 11. Касе, ки барои эълои калиматуллоҳ ҷиҳод менамояд .......... 343
БОБИ 12. Шустушӯи баъд аз ҷанг ва қитол .......... 344
БОБИ 13. Кофире, ки мусалмонеро мекушад ва баъд аз он мусалмон мешавад ва ба роҳи рост ҳидоят гардида ва кушта мешавад .......... 344
БОБИ 14. Касе, ки ҷиҳодро аз рӯзаи нафлӣ беҳтар медонад .......... 344
БОБИ 15. Шаҳодат ба ғайр аз кушта шудан ҳафт қисм аст .......... 345
БОБИ 16. қавли Худованди мутаъол: «Касоне, ки аз мусалмонон ба ҷиҳод намераванд, ба истиснои ашхоси маъзур, бо касоне, ки бо ҷон ва моли худ дар роҳи Худо ҷиҳод менамоянд, баробар нестанд...» .......... 345
БОБИ 17. Ҳавасманд кардан ба ҷиҳод .......... 345
БОБИ 18. Кандани хандақ .......... 345
БОБИ 19. Касе, ки ба сабаби узре ба ҷиҳод нарафтааст .......... 346
БОБИ 20. Фазилати рӯза гирифтан дар ҷиҳод .......... 346
БОБИ 21. Муҷаҳҳаз намудани муҷоҳид ва ё сарпарастӣ намудан ба таври шоиста аз бозмондагонаш .......... 346
БОБИ 22. Омодагӣ ба марг дар вақти рафтан ба ҷиҳод .......... 346
БОБИ 23. Фазилати иттилоъ овардан аз душман .......... 347
БОБИ 24. Бояд зери байрақи некӯкорӣ ва бадкорӣ ҷиҳод намуд .......... 347
БОБИ 25. Касе, ки бинобар ин амри Худованд, ки фармудааст: «Ва аз омода кардани аспҳо...» аспеpo омода кардааст .......... 347

БОБИ 26. Номгузории асп ва улоғ ....347
БОБИ 27. Он чӣ, ки дар шум будани асп омадааст ....347
БОБИ 28. Ҳиссаи асп аз моли ғанимат ....348
БОБИ 30. Бардоштани занҳо машкҳои обро барои мардум дар вақти ҷиҳод ....348
БОБИ 31. Муоличаи кардани занҳо захмиҳоро дар ҷанг ....348
БОБИ 32. Фазилати нигаҳбонӣ дар ҷиҳоди роҳи Худо ....349
БОБИ 33. Хидмат кардан дар вақти ҷиҳод ....349
БОБИ 34. Фазилати як рӯз дар сафи ҷиҳод будан ....349
БОБИ 35. Кӯмак хостан дар ҷиҳод аз заъифон ва ашхоси солеҳ ....350
БОБИ 36. Ташвиқ ба тирандозӣ ....350
БОБИ 37. Касе, ки ба зери сипари шахси дигаре худро паноҳ намудааст ....350
БОБИ 38. Он чӣ, ки дар бораи зинати шамшер омадааст ....350
БОБИ 39. Зиреҳ ва либоси ҷангии Паёмбари Худо (с) ....351
БОБИ 40. Пӯшидани либоси абрешимӣ дар вақти ҷиҳод ....351
БОБИ 41. Он чӣ, ки дар мавриди қитоли аҳли Рум гуфта шудааст ....351
БОБИ 42. Ҷанг кардан бо яҳуд ....351
БОБИ 43. Ҷанг кардан бо турк ....352
БОБИ 44. Дуо барои ҳазимат ва шикасти мушрикин ....352
БОБИ 45. Дуо кардан барои ҳидояти мушрикин бо умеди улфат гирифтанашон ....352
БОБИ 46. Даъват кардани Паёмбари Худо (с) ба сӯи Ислом ва ин, ки набояд касе ҷуз Худованди мутаъол дигареро мавриди парастиш қарор бидиҳад ....352
БОБИ 47. Касе, ки рафтан ба ҷангро аз дигарон пинҳон намуд ва касе, ки берун шудан ба сафарро дар рӯзи панҷшанбе дӯст медошт ....353
БОБИ 48. Видоъ кардан ....353
БОБИ 49. Тоат ва фармонбардорӣ аз имом ....353
БОБИ 50. Ҷанг кардан ба пайравӣ аз имом ва паноҳ гирифтан ба он ....353
БОБИ 51. Байъат кардан бар ин, ки аз ҷанг нагурезанд ....354
БОБИ 52. Имом бояд мардумонро ба чизе амр намояд, ки тоқати иҷрои онро дошта бошанд ....354
БОБИ 53. Паёмбари Худо (с) агар дар аввали рӯз ба ҷанг берун намешуданд, ҷангро то заволи офтоб ба таъхир меандохтанд ....355
БОБИ 54. Муздур ....355
БОБИ 55. Он чӣ, ки дар мавриди байрақи Паёмбари Худо (с) омадааст ....355
БОБИ 56. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки "Аз тарси масофати якмоҳа роҳ, ки ба дили душманон меафтад, нусрат дода шудем" ....355
БОБИ 57. Бардоштани зод ва тӯша дар ҷиҳод ва ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Ва тӯша бардоред, ки беҳтарин тӯша тақво аст». (Бақара: 197) ....356
БОБИ 58. Бо ҳам савор шудан бар болои улоғ ....356
БОБИ 59. Бо Қуръон набояд ба сарзамини душман сафар намуд ....356
БОБИ 60. Такбир гуфтан бо садои баланд макрӯҳ аст ....356
БОБИ 61. Тасбеҳ гуфтан ҳангоми рафтан ба тарафи дашт ....357
БОБИ 62. Барои мусофир савоби амалеро, ки дар иқомат анҷом медод, навишта мешавад ....357
БОБИ 63. Танҳо сафар кардан ....357
БОБИ 64. Ҷиҳод кардан ба иҷозаи падар ва модар ....357
БОБИ 65. Овезон кардани ҷарас ва амсоли он ба гардани шутур ....357
БОБИ 66. Баргаштан аз ҷиҳод ба сабаби узр ....357

БОБИ 67. Асирони дар банд ... 358
БОБИ 68. Маҷрӯҳ сохтани кӯдакони куффор ҳангоми шабохун задан бар онҳо ... 358
БОБИ 69. Куштани атфол дар ҷанг ... 358
БОБИ 70. Ба монанди азоби Худо набояд азоб кард ... 358
БОБИ 71 ... 358
БОБИ 72. Сӯзондани хона ва нахлистонҳо ... 359
БОБИ 73. Ҷанг фиребкорист ... 359
БОБИ 74. Кароҳати ихтилоф ва кашмакашӣ дар ҷанг ва оқибати касе, ки аз имоми худ нофармонӣ мекунад ... 359
БОБИ 75. Касе, ки душманро дида ва бо овози баланд фарёд задааст, ки... 360
БОБИ 76. Озод сохтани асир ... 361
БОБИ 77. Фидя додани мушрикин ... 361
БОБИ 78. Агар шахси ҳарбӣ бидуни амон хостан ба дори Ислом дохил шуд ... 361
БОБИ 79. Ҷоиза додан ба сафир ва намоянда ... 362
БОБИ 80. Оё метавон барои аҳли зимма шафоат намуд ... 362
БОБИ 81. Тифл чӣ гуна ба Ислом даъват мешавад ... 362
БОБИ 82. Ҳисобгирии имом аз мардумон ... 362
БОБИ 83. Касе, ки бар душман ғолиб гардида ва дар минтақааш се рӯз боқӣ мондааст ... 363
БОБИ 84. Агар мушрикин моли мусалмонеро ба ғанимат гирифтанд ва сипас мусалмон моли худро ёфт ... 363
БОБИ 85. Касе, ки ба форсӣ ва аҷамӣ сухан задааст ва ин қавли Худованд, ки «ва ихтилофи забонҳои шумо ва рангҳои шумо...» Ва ин қавли Худованд, ки «ва мо ҳеҷ расулеро ҷуз ба забони қавми ӯ нафиристодаем». ... 363
БОБИ 86. Хиёнат дар амволи ғанимат ва ин қавли Худованд, ки «ва касе, ки дар амволи ғанимат хиёнат намояд» ... 364
БОБИ 87. Хиёнати андак дар моли ғанимат ... 364
БОБИ 88. Истиқбол намудан аз муҷоҳидин ... 364
БОБИ 89. Намоз хондан дар вақти бозгаштан аз сафар ... 365
БОБИ 90. Фарзи хумс ... 365
БОБИ 91. Ончӣ, ки дар мавриди осори боқимонда аз Паёмбари Худо (с) ва табаррук ҷустан ба онҳо омадааст ... 365
БОБИ 92. қавли Худованди мутаъол: «Ба дурустӣ, ки барои Худо ва Расули Ӯ панҷум ҳиссаи амволи ғанимат аст» ... 366
БОБИ 93. қавли Паёмбари Худо (с), ки фармудаанд: "Ғаноим барои шумо ҳалол гардонида шудааст" ... 366
БОБИ 94 ... 367
БОБИ 95. Касе, ки васоили ҷангиро дар хумс дохил насохтааст ... 368
БОБИ 96. Он чӣ, ки Паёмбари Худо (с) аз хумс барои муаллафатулкулуб ва дигарон медоданд ... 368
БОБИ 97. Ба ғанимат гирифтани таом дар сарзамини душман ... 369
БОБИ 98. Ҷизя ва сулҳ бо аҳли зимма ва аҳли ҳарб ... 370
БОБИ 99. Оё сулҳ намудани имом бо раиси қария сулҳ намудан бо ҳамаи афроди қария аст? ... 371
БОБИ 100. Гуноҳи касе, ки (кофири аҳддорро) бидуни гуноҳ ба қатл мерасонад ... 371
БОБИ 101. Агар аз мушрикин ба мусалмонон хиёнат карданд, оё аз онҳо афв хоҳад шуд? ... 372

БОБИ 102. Тарки ҷанг ва мусолиҳа бо мушрикин дар муқобили мол ва ғайра ва гуноҳи касе, ки ба аҳди худ вафо намекунад ........ 372
БОБИ 103. Агар шахсе сеҳр кард, оё метавон ӯро афв намуд? ........ 373
БОБИ 104. Тарс аз фиребкорӣ ........ 373
БОБИ 105. Гуноҳи касе, ки баъд аз аҳду паймон хиёнат мекунад ........ 373
БОБИ 106. Фиребкорӣ аз некӯкор ва бадкор гуноҳ аст ........ 373

**54. КИТОБИ ИБТИДОИ ХИЛҚАТ ........ 374**
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар бораи ин қавли Худованд омадааст, ки: «Он зотест, ки халқро ба вуҷуд овард ва боз онро дубора зинда мекунад» (Рум: 27) ........ 374
БОБИ 2. Он чӣ, ки дар мавриди ҳафт замин омадааст ........ 375
БОБИ 3. Гардиши офтоб ва моҳтоб рӯи ҳисоб аст ........ 375
БОБИ 4. Он чӣ, ки дар мавриди ин қавли Худованд омадааст, ки: "Ва он Зотест, ки бодҳоро башоратдиҳандаи раҳмати худ мефиристад" (Аъроф: 57) ........ 376
БОБИ 5. Сифати малоика салавотуллоҳи ъалайҳим ........ 376
БОБИ 6. Сифати биҳишт ва ин, ки феълан биҳишт мавҷуд аст ........ 378
БОБИ 7. Сифати дӯзах ва ин, ки дӯзах феълан мавҷуд аст ........ 380
БОБИ 8. Сифати иблис ва лашкариёнаш ........ 380
БОБИ 9. Ин қавли Худованди мутаъол, ки «...ва дар рӯи замин ҳар хазандаеро пароканда сохтааст» (Луқмон: 10) ........ 382
БОБИ 10. Беҳтарин моли мусалмон гӯсфандоне аст, ки онҳоро бар сари кӯҳҳо мечаронад ........ 383
БОБИ 11. Агар магас дар нӯшидании шумо афтод, ӯро гӯта диҳед, зеро дар як болаш мараз ва дар боли дигараш шифо аст ........ 383

**55. КИТОБИ АХБОРИ АНБИЁ (Ъ) ........ 384**
БОБИ 1. Хилқати одам ва зуррияи он ........ 384
БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: «Дар мавриди Зулкарнайн аз ту суол мекунанд, бигӯ ки...» ........ 385
БОБИ 3 ........ 386
БОБИ 4. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: «Ва аз меҳмони Иброҳим барои онҳо хабар бидеҳ» (Ҳиҷр: 51) ........ 392
БОБИ 5. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: «аз Исмоил дар китоб ёд кун, зеро ӯ дар аҳди худ содиқ буд» (Марям: 54) ........ 392
БОБИ 6. Ин қавли Худованд, ки: «барои қавми Самуд бародари эшон Солеҳро фиристодем» (Аъроф: 73) ........ 392
БОБИ 7. Ин қавли Худованд, ки «оё ҳангоме, ки марги Яъқуб фаро расид ва ба авлоди худ гуфт, ки...» (Бақара: 133) ........ 393
БОБИ 8. Қиссаи Хизр бо Мӯсо (ъ) ........ 393
БОБИ 9 ........ 393
БОБИ 10. Ин қавли Худованд, ки: «Барои касоне, ки имон овардаанд, Худованд зани Фиръавнро мисол задааст...» ........ 393
БОБИ 11. Ин қавли Худованд, ки: «Ба таҳқиқ, ки Юнус аз ҷумлаи мурсалин буд» (Соффот: 139) ........ 393
БОБИ 12. Ин қавли Худованд, ки: «Ва барои Довуд Забурро додем» (Нисо: 163) ........ 394
БОБИ 13. Ин қавли Худованд, ки: «Сулаймонро барои Довуд бахшидем...» (Сод: 30) ........ 394

БОБИ 14. Ин қавли Худованд, ки: «Замонеро ба ёд биёвар, ки малоика гуфтанд: Эй Марям! Худованд туро баргузидааст...» ..... 394
БОБИ 15. Ин қавли Худованд аст, ки: «Эй аҳли китоб! Дар дини худ ғулув накунед...» ..... 395
БОБИ 16. Ин қавли Худованд, ки: «Марямро ҳангоме, ки аз аҳли худ гӯшагирӣ намуд, дар китоб зикр кун...» (Марям: 16) ..... 395
БОБИ 17. Нузули Исо ибни Марям (ъ) ..... 397
БОБИ 18. Он чӣ, ки дар мавриди Бани Исроил омадааст ..... 397
БОБИ 19. Манокиб ва фазоил ..... 401
БОБИ 20. Бартариҳои Қурайш ..... 401
БОБИ 21 ..... 402
БОБИ 22. Қиссаи Аслам, Ғифор, Музайна, Ҷуҳайна ва Ашҷаъа ..... 402
БОБИ 23. Зикри Қаҳтон ..... 403
БОБИ 24. Наҳй намудан аз мафкураи ҷоҳилият ..... 403
БОБИ 25. Қиссаи Хузоъа ..... 403
БОБИ 26. Қиссаи исломи Абӯзар (р) ..... 404

БОБИ 27. Касе, ки дар Ислом ва ҷоҳилият ба падаронаш нисбат дода шудааст ..... 405
БОБИ 28. Касе, ки хост насабаш дашном дода нашавад ..... 405
БОБИ 29. Он чӣ, ки дар бораи номҳои Паёмбари Худо (с) омадааст ..... 405
БОБИ 30. Хотамун-набиййин (с) ..... 406
БОБИ 31. Вафоти Паёмбари Худо (с) ..... 406
БОБИ 32 ..... 406
БОБИ 33. Сифати Паёмбари Худо (с) ..... 406
БОБИ 34. Чашми Паёмбари Худо (с) мехобид, вале дилашон намехобид ..... 409
БОБИ 35. Аломати нубувват дар Ислом ..... 409
БОБИ 36. Ин қавли Худованд, ки: «Паёмбари Худо (с)-ро монанди фарзандони худ мешиносанд...» (Бақара: 146) ..... 413
БОБИ 37. Дархости мушрикин, ки Паёмбари Худо (с) барои онҳо мӯъҷиза нишон бидиҳад ва эшон барои онҳо шаққи қамарро нишон доданд ..... 413

**56. КИТОБИ ФАЗОИЛИ САҲОБА (Р) ..... 414**
БОБИ 1 ..... 414
БОБИ 2. Манокиби (фазилатҳои) Умар ибни Хаттоб (р) ..... 417
БОБИ 3. Манокиби Усмон ибни Аффон (р) ..... 417
БОБИ 4. Манокиби Алӣ ибни Абитолиб (р) ..... 418
БОБИ 5. Манокиби ақорибн Паёмбари Худо (с) ..... 418
БОБИ 6. Сифати Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ..... 419
БОБИ 7. Манокиби Саъд ибни Абӯваққоси Зӯҳрӣ (р) ..... 419
БОБИ 8. Сифати домодҳои Паёмбари Худо (с) ..... 419
БОБИ 9. Манокиби Зайд ибни Ҳориса, ғуломи озодшудаи Паёмбари Худо (с) ..... 420
БОБИ 10. Сифати Усома ибни Зайд (р) ..... 420
БОБИ 11. Манокиби Абдуллоҳ ибни Умар (р) ..... 420
БОБИ 12. Манокиби Аммор ва Ҳузайфа (р) ..... 420
БОБИ 13. Манокиби Абӯубайда ибни Ҷарроҳ (р) ..... 421
БОБИ 14. Манокиби Ҳасан ва Ҳусайн (р) ..... 421
БОБИ 15. Фазилати Ибни Аббос (р) ..... 421
БОБИ 16. Манокиби Холид ибни Валид (р) ..... 422

БОБИ 17. Манокиби Солим, ғуломи озодшудаи бани Ҳузайфа (р) ........ 422
БОБИ 18. Фазилати Оиша (р) ........ 422
БОБИ 19. Манокиби Ансор ........ 422
БОБИ 20. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд:
"Агар фазилати ҳиҷрат намебуд, ман шахсе аз Ансор будам" ........ 422
БОБИ 21. Дӯстдории Ансор аз имон аст ........ 422
БОБИ 22. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ансор гуфтанд:
"Шумо дар назди ман аз маҳбубтарин мардумон ҳастед" ........ 429
БОБИ 23. Фазилати хонаҳои Ансор ........ 423
БОБИ 24. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки барои Ансор гуфтаанд:
"Сабр кунед, то бар сари ҳавзи Кавсар бо ман мулоқот намоед" .. 423
БОБИ 25. Ин қавли Худованд, ки: «Бо он, ки худашонмӯҳтоҷ ҳастанд, дигаронро бар худ тарҷеҳ медиҳанд» (Ҳашр: 9) ........ 424
БОБИ 26. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки мефармоянд:
"Аз некӯкорони онҳо қабул намоед ва аз бадкорони эшон чашмпӯшӣ кунед" ........ 424
БОБИ 27. Манокиби Саъд ибни Муъоз (р) ........ 425
БОБИ 28. Манокиби Убай ибни Каъб (р) ........ 425
БОБИ 29. Манокиби Зайд ибни Собит (р) ........ 425
БОБИ 30. Манокиби Абӯталҳа (р) ........ 425
БОБИ 31. Манокиби Абдуллоҳ ибни Салом (р) ........ 426
БОБИ 32. Издивоҷи Паёмбари Худо (с) бо Хадича (р) ва фазилати вай ........ 426
БОБИ 33. Манокиби Ҳинд духтари Утба (р) ........ 427
БОБИ 34. Ҳадиси Зайд ибни Амр ибни Нуфайл (р) ........ 427
БОБИ 35. Замони ҷоҳилият ........ 428
БОБИ 36. Баъсати Паёмбари Худо (с) Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Феҳр ибни Молик ибни Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъад ибни Аднон ........ 428
БОБИ 37. Машаққатҳоеро, ки Паёмбари Худо (с) ва асҳобашон аз мушрикин дар Макка таҳаммул карданд ........ 428
БОБИ 38. Зикри ҷин ........ 428
БОБИ 39. Ҳиҷрат ба Ҳабаша ........ 429
БОБИ 40. Қиссаи Абӯтолиб ........ 429
БОБИ 41. Ҳадиси Исро ........ 429
БОБИ 42. Меъроҷ ........ 429
БОБИ 43. Издивоҷи Паёмбари Худо (с) бо Оиша ва омадан ба Мадина ва арӯсӣ кардан бо вай ........ 433
БОБИ 44. Ҳиҷрати Паёмбари Худо (с) ва саҳоба (р) ба Мадинаи мунаввара ........ 433
БОБИ 45. Қудуми Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон ба Мадина ........ 439
БОБИ 46. Иқомати муҳоҷир дар Макка баъд аз адои маносик ........ 439
БОБИ 47. Омадани яҳуд назди Паёмбари Худо (с) ҳангоми омаданашон ба Мадина ........ 439

**57. КИТОБИ ҒАЗАВОТИ ПАЁМБАРИ ХУДО (С)** ........ 440
БОБИ 1. Ғазваи Ушайра ........ 440
БОБИ 2. Ин қавли Худованд, ки: «Он вақтеро ба ёд овар, ки аз Парвардигори худ талаби мадад мекардед...» (Анфол: 9-13) ........ 440
БОБИ 3. Адади касоне, ки дар ҷанги Бадр иштирок карда буданд ........ 440

БОБИ 4. Кушта шудани Абӯҷаҳл ........ 440
БОБИ 5. Иштироки малоика дар ҷанги Бадр ........ 441
БОБИ 6 ........ 441
БОБИ 7. Қиссаи бани Назир ва хиёнати онҳо ба Паёмбари Худо (с) ........ 443
БОБИ 8. Қатли Каъб ибни Ашраф ........ 444
БОБИ 9. Кушта шудани Абурофеъ Абдуллоҳ ибни Абулҳуқайқ ва ё Салом ибни Абулҳуқайқ ........ 445
БОБИ 10. Ғазваи Уҳуд ........ 447
БОБИ 11. Ин қавли Худованд, ки: «Он замонеро ба ёд биовар, ки ду гурӯҳ аз шумо қасд доштанд, ки аз ҷиҳод даст бикашанд...» ........ 447
БОБИ 12. Ин қавли Худованд, ки: «Кор ба дасти ту нест, Худованд ё тавбаи онҳоро мепазирад ва ё...» ........ 447
БОБИ 13. Ба шаҳодат расидани Ҳамза ибни Абдулмутталиб (р) ........ 447
БОБИ 14. Маҷрӯҳ шудани Паёмбари Худо (с) дар ҷанги Уҳуд ........ 449
БОБИ 15. Касоне, ки даъвати Худо ва Расулашро пазируфтанд ........ 449
БОБИ 16. Ғазваи Хандақ, ки ҳамон газваи Аҳзоб аст ........ 449
БОБИ 17. Бозгаштани Паёмбари Худо (с) аз ғазваи Аҳзоб ва рафтан ба сӯи бани Қурайза ........ 449
БОБИ 18. Ғазваи Зотурриқоъ ........ 450
БОБИ 19. Ғазваи бани Мусталиқ аз қавми Хузоа, ки ҳамон газваи Мурайсиъ мебошад ........ 451
БОБИ 20. Ғазваи Анмор ........ 451
БОБИ 21. Ғазваи Ҳудайбия ва ин қавли Худованд, ки: «Худованд аз мӯъминоне, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, розӣ шуд» ........ 451
БОБИ 22. Ғазваи Зотиқарад ........ 453
БОБИ 23. Ғазваи Хайбар ........ 454
БОБИ 24. Умраи қазоӣ ........ 457
БОБИ 25. Ғазваи Мӯъта дар сарзамини Шом ........ 458
БОБИ 26. Фиристодани Паёмбари Худо (с) Усома ибни Зайдро ба сӯи Ҳуроқот ........ 458
БОБИ 27. Ғазваи фатҳи (Макка) дар моҳи Рамазон ........ 458
БОБИ 28. Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка байрақро дар куҷо насб карда буданд? ........ 459
БОБИ 29 ........ 460
БОБИ 30. Ин қавли Худованд, ки: «Ва рӯзи Ҳунайн ҳангоме, ки бисёр будани шумо шуморо ба ғурур водошт...» ........ 461
БОБИ 31. Ғазваи Автос ........ 461
БОБИ 32. Ғазваи Тоиф дар шавволи соли ҳаштум ........ 462
БОБИ 33. Фиристодани Паёмбари Худо (с) Холид ибни Валидро ба сӯи бани Ҷазима ........ 464
БОБИ 34. Гурӯҳи Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ ва Алқама ибни Муҷаззази Мудлиҷӣ, ки барояш гурӯҳи Ансор низ мегӯянд ........ 464
БОБИ 35. Фиристодани Абӯмӯсо ва Муъоз ба сӯямон пеш аз ҳаҷатулвидоъ ........ 464
БОБИ 36. Фиристодани Алӣ ибни Абӯтолиб ва Холид ибни Валид (р) ба сӯи Яман ........ 465
БОБИ 37. Ғазваи Зулхаласа ........ 466
БОБИ 38. Рафтани Ҷарир ба сӯи Яман ........ 467
БОБИ 39. Ғазваи Сифилбаҳр ........ 467
БОБИ 40. Ғазваи Айина ибни Ҳасан ........ 468

БОБИ 41. Вафди бани Ҳанифа ва ҳадиси Сумома ибни Усол ......468
БОБИ 42. Қиссаи аҳли Начрон ......470
БОБИ 43. Омадани Ашъарийин ва аҳли Яман назди Паёмбари Худо (с) ......470
БОБИ 44. Ҳаччатулвадоъ ......471
БОБИ 45. Ғазваи Табук, яъне ғазваи пурмашаққат ......472
БОБИ 46. Ҳидояти Каъб ибни Молик (р) ва ин қавли Худованд, ки «... ва бар он се нафаре, ки тахаллуф намуданд» ......473
БОБИ 48. Номаи Паёмбари Худо (с) ба Кисро ва Қайсар ......478
БОБИ 48. Беморӣ ва вафоти Паёмбари Худо (с) ......478
БОБИ 49. Вафоти Паёмбари Худо (с) ......481

**58. КИТОБИ ТАФСИР ......482**

БОБИ 1. Ончӣ, ки дар мавриди Фотиҳату-л-китоб омадааст ......482
БОБИ 2. Қавли Худованди азза ва чалла: «Дар ҳоле, ки медонед, барои Худованд ҳамтоёне қарор мадиҳед» (Бақара: 22) ......482
БОБИ 3. Қавли Худованди азза ва чалла: «Абрро бар шумо соя қарор додем ва манн ва салворо барои шумо нозил сохтем» (Бақара: 57) ......482
БОБИ 4. Қавли Худованди азза ва чалла: «Ҳангоме, ки гуфтем ба ин қария дохил шавед» (Бақара: 54) ......483
БОБИ 5. Қавли Худованди мутаъол «Мо ҳеч ояеро насх ва ё аз ёд намебарорем, магар он, ки чизи беҳтаре аз онро меоварем» ......483
БОБИ 6. Қавли Худованди азза ва чалла: «Ва гуфтанд: Худованд барои худ фарзанд интихоб намудааст...» (Бақара: 116) ......483
БОБИ 7. Қавли Худованди азза ва чалла: «Мақоми Иброҳимро чойгоҳи намоз қарор диҳед» (Бақара: 125) ......483
БОБИ 8. Қавли Худованди азза ва чалла: «Бигӯед, ки ба Худо ва он чӣ, ки ба мо нозил фармудааст, имон дорем» (Бақара: 136) ......484
БОБИ 9. Қавли Худованди азза ва чалла: «Ва ба ин гуна шуморо уммати миёна қарор додем, то бар мардумон шоҳид бошед» ......484
БОБИ 10. Қавли Худованди азза ва чалла: «Он гоҳ, ки мардум бозгаштанд, шумо низ бозгардед» (Бақара: 199) ......485
БОБИ 11. Қавли Худованди азза ва чалла: «Баъзе аз мардум мегӯянд: Парвардигоро, барои мо дар дунё некӣ ато фармо...» (Бақара: 201) ......485
БОБИ 12. Қавли Худованди азза ва чалла: «Аз мардум ба исрор чизе намехоҳанд» ......485
БОБИ 13. Қавли Худованди азза ва чалла: «Бархе аз Қуръон ояҳоест равшан, ки асоси китобанд ва бархе аз он мубҳам аст» ......485
БОБИ 14. Қавли Худованди азза ва чалла: «Ба таҳқиқ, касоне, ки аҳду паймони бо Худо ва қасамҳои худро ба баҳои андаке мефурӯшанд...» (Оли Имрон: 77) ......486
БОБИ 15. Қавли Худованди азза ва чалла: «Мардумон бар зидди шумо чамъ шудаанд...» ......486
БОБИ 16. Қавли Худованди азза ва чалла: «Ва аз забони аҳли китоб ва мушрикон озори фаровон хоҳед шунид» (Оли Имрон: 186) ......486
БОБИ 17. Қавли Худованди азза ва чалла: «Гумон мабар, онон, ки аз кирдорашон шод мешаванд...» ......487
БОБИ 18. Қавли Худованди азза ва чалла:«Ва агар метарсидед, ки дар бораи ятимон адолат карда наметавонед» ......488
БОБИ 19. Қавли Худованди азза ва чалла: «Худованд шуморо дар бораи авлоди шумо тавсия менамояд, ки...» ......489

БОБИ 20. Қавли Худованди азза ва ҷалла: «Худованд ба андозаи як зарра ҳам зулм намекунад» (Нисо: 40)....489
БОБИ 21. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Пас чӣ гуна аст ҳангоме, ки аз ҳар уммате шоҳидеро ҳозир гардонем" (Нисо: 41)....490
БОБИ 22. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Ба таҳқиқ, касонеро, ки бар худ зулм кардаанд, фариштагон ба ҳангоми қабзи рӯҳи онон..." (Нисо: 97)....490
БОБИ 23. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Мо бар ту ваҳй фиристодем, мисле, ки бар Нӯҳ ваҳй фиристодем..." (Нисо: 163)....491
БОБИ 24. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Эй Паёмбар! Он чиро, ки аз тарафи Парвардигорат бар ту нозил шуд, иблоғ кун..." (Моида: 67)....491
БОБИ 25. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Эй мусалмонон! Чизҳои покизаеро, ки Худованд барои шумо ҳалол сохтааст, ҳаром қарор мадиҳед..." (Моида: 87)....491
БОБИ 26. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Ба таҳқиқ, ки шароб ва қимор ва бутҳо ва Азломи палидӣ аст аз амали шайтон" (Моида: 90)....491
БОБИ 27. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Аз ҳар чизе пурсиш накунед, агар барои шумо ошкор шавад, ғамгинатон мекунанд"....492
БОБИ 28. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Бигӯ! Худо қодир аст, ки аз болои сари шумо бар шумо азобе бифиристад"....492
БОБИ 29. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Онҳо (яъне анбиёи ъалайҳимуссалом, касоне ҳастанд, ки Худованд ҳидояташон кардааст, пас аз ҳидояти онҳо пайравӣ кун". (Анъом: 40)....492
БОБИ 30. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Ба корҳои фаҳшо чи ошкоро ва чи пӯшида наздик машавед" (Анъом: 151)....493
БОБИ 31. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Гузаштро пеша кун ва ба некӣ фармон бидеҳ" (Аъроф: 199)....493
БОБИ 32. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "Ба онҳо пайкор кунед, то фитнаи ширк поён пазирад ва тамоми дин аз они Худо бошад" (Анфол: 39)....493
БОБИ 33. Қавли Худованди азза ва ҷалла: "(... ва гурӯҳи дигаре, ки ба гуноҳони худ эътироф намуданд" (Тавба: 96)....493
БОБИ 34. Қавли Худованди мутаъол, ки: "... ва арши Ӯ бар об буд" (Ҳуд: 7)....494
БОБИ 35. Қавли Худованд, ки «Парвардигорат чунин сахт мегирад, он гоҳ, ки диёри ситамгаронро ба азоб гирифтор намояд (Ҳуд: 102)....494
БОБИ 36. Қавли Худованди мутаъол, ки: "... магар онҳое, ки истироқи самъ менамоянд" (Ҳиҷр: 18)....494
БОБИ 37. Қавли Худованди азза ва ҷалла, ки «... ва баъзе аз шумо ба бадтарин айёми зиндагӣ мерасед» (Наҳл: 70)....495
БОБИ 38. Қавли Худованди азза ва ҷалла, ки: "Зурриёи касонеро, ки бо Нӯҳ бар киштӣ ҳамл намудем ва ӯ бандаи шукргузоре буд" (Исро: 3)....495
БОБИ 39. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Чӣ басо, ки Худованд туро ба мақоми маҳмуд баргузинад" (Исро: 79)....498
БОБИ 40. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Намози худро на баланд бихон ва на оҳиста..." (Исро: 110)....498
БОБИ 41. Қавли Худованд, ки: "Инҳо касонеанд, ки ба оёт ва дидори Парвардигорашон кофир шудаанд" (Каҳф: 105)....498

БОБИ 42. Қавли Худованди мутаъол: “Онҳоро аз рӯзи қиёмат барҳазар дор”(Марям: 39) ....499
БОБИ 43. Қавли Худованд, ки: “Касоне, ки ҳамсарони худро муттаҳам ба зино мекунанд ва ҷуз худ шоҳиди дигаре надоранд...” (Нур: 6) ....499
БОБИ 44. Қавли Худованд, ки: “Зан метавонад азобро аз худ боздорад, ки чаҳор мартаба Худоро шоҳид бигирад...” (Нур: 8) ....500
БОБИ 45. Қавли Худованд, ки: “Касоне, ки бар рӯи худ ба сӯи дӯзах кашида мешаванд” (Фурқон: 34) ....501
БОБИ 46. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Алиф, лом, мим, Рум мағлуб гардид” (Рум: 2) ....501
БОБИ 47. Қавли Худованд, ки “Ҳеҷ кас намедонад, ки (дар ҷаннат) барояш чӣ чизҳое омода шудааст” (Саҷда: 17) ....502
БОБИ 48. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Навбати ҳар яке аз ҳамсаронатро, ки хостӣ, ба таъхир бияндоз...” (Аҳзоб: 51) ....502
БОБИ 49. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Ай мӯъминон! Ба хонаҳои паёмбар дохил машавед!” (Аҳзоб: 53) ....503
БОБИ 50. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Агар чизеро ошкоро намуда ва ё пинҳон созед...” (Аҳзоб: 54) ....503
БОБИ 51. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Худованд ва фариштагонаш бар паёмбар дуруд мефиристанд...” (Аҳзоб: 56) ....503
БОБИ 52. Қавли Худованд, ки: “Монанди касоне набошед, ки Мӯсоро азият намуданд ва Худованд ӯро аз он чӣ, ки бар вай нисбат дода буданд, мубарро сохт” (Аҳзоб: 69) ....504
БОБИ 53. Қавли Худованд, ки: “Ӯ бимрасоне аст, ки шуморо пеш аз вуқӯъи азобе, ки шадид аст, хушдор медиҳад...” (Сабаъ: 46) ....504
БОБИ 54. Қавли Худованд, ки: “Ай бандагони ман, ки бар зиёни худатон исроф кардаед...” (Зумар: 53) ....504
БОБИ 55. Қавли Худованд, ки: “Ва Худовандро тавре, ки шоистааш буд, арзиш надоданд” (Фурқон: 68) ....505
БОБИ 56. Қавли Худованд, ки: “Тамоми рӯи замин дар рӯзи қиёмат дар қабзаи Ӯ аст” ....505
БОБИ 57. Қавли Худованди мутаъол: “Ва ҳангоме, ки дар Сур дамида мешавад, ҳамаи касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд, беҳуш мегарданд...” (Зумар: 68) ....505
БОБИ 58. Қавли Худованди мутаъол, ки: “...ҷуз муҳаббати хешовандӣ чизи дигаре аз шумо талаб намекунам” (Шӯро: 23) ....505
БОБИ 59. Қавли Худованд, ки: “Парвардигоро! Ин азобро аз мо дур кун, имон меоварем” (Духон: 12) ....506
БОБИ 60. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Ва моро ҷуз табиъат чизи дигаре ҳалок намесозад...” (Ҷосия: 24) ....506
БОБИ 61. Қавли Худованд, ки: “Чун мушоҳида намуданд, ки абр ба тарафи сарзамини онҳо дар ҳоли омадан аст...” (Аҳқоф: 26) ....506
БОБИ 62. Қавли Худованд, ки: “Ва силаи раҳми худро қатъ манамоед...” (Муҳаммад: 22) ....506
БОБИ 63. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Ва мегӯяд: Оё зиёдтар аз ин ҳам ҳаст?..” (Қоф: 30) ....507
БОБИ 64. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Қасам ба Тур ва ба китоби навишташуда...” (Тур: 1-2) ....508
БОБИ 65. Қавли Худованди мутаъол, ки: “Оё Лот ва Узоро дидед?” (Наҷм: 19) ....508

БОБИ 66. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Балки мавъиди онҳо рӯзи қиёмат аст ва рӯзи қиёмат мусибатбортар ва талхтар аст..." (Қамар: 46) ... 508
БОБИ 67. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Ғайр аз ин ду бӯстон ду бӯстони дигар аст..." (Ар-раҳмон: 62) ... 508
БОБИ 68. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Ҳурҳое, ки дар саропардаҳо мастуранд..." (Ар-раҳмон: 72) ... 509
БОБИ 69. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Душмани ман ва душмани худро барои худ дӯст интихоб накунед" (Мумтаҳина: 1) ... 509
БОБИ 70. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Ҳангоме, ки занҳои мусалмон назди ту омаданд ва бо ту байъат карданд, ки..." (Мумтаҳина: 12) ... 509
БОБИ 71. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Ва (Паёмбарро) дар мардуми дигаре, ки ба онҳо напайвастанд, низ мабъус сохтем..." (Ҷумъа: 3) ... 509
БОБИ 72. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Он гоҳ, ки мунофиқон назди ту омада ва гуфтанд: Шаҳодат медиҳем, ки ту фиристодаи Худо ҳастӣ..." (Мунофиқун: 1) ... 510
БОБИ 73. Қавли Худованд: "Эй Паёмбар, чаро чизҳоеро, ки Худованд бароят ҳалол кардааст, ҷиҳати хушнудии ҳамсаронат бар худ ҳаром мегардонӣ?" (Таҳрим: 1) ... 511
БОБИ 74. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Кинтӯз ва расвои маъруф аст." (Қалам: 13) ... 511
БОБИ 75. Қавли Худованди мутаъол, ки: "Рӯзе, ки кор боло гирад ва ба саҷда кардан даъват гарданд" (Қалам: 43) ... 511
БОБИ 76. Қавли Худованд, ки: "Рӯзе, ки мардум дар ҳузури Парвардигори ҷаҳониён меистанд" (Мутаффифин: 6) ... 512
БОБИ 77. Қавли Худованд, ки: "Ба осонӣ ҳисобро мегузаронд..." (Иншиқоқ: 8) ... 512
БОБИ 78. Қавли Худованди мутаъол: "Ба холоти гуногуне мувоҷеҳ хоҳед шуд..." (Иншиқоқ: 19) ... 512
БОБИ 79 ... 512
БОБИ 80. Қавли Худованд, ки: "Агар аз ин кораш даст барнадорад..." (Алақ: 15) ... 513
БОБИ 81 ... 513

**59. КИТОБИ ФАЗОИЛИ ҚУРЪОН ... 514**
БОБИ 1. Ваҳй чӣ гуна нозил гардид? Ва аввалин чизе, ки нозил шуд, чӣ буд? ... 514
БОБИ 2. Нузули Қуръон бар ҳафт ваҷҳ ... 514
БОБИ 3. Ҷабраил (а) Қуръонро барои Паёмбари Худо (с) такрор мекард... 515
БОБИ 4. Фазилати "Қул ҳуваллоҳу аҳад" ... 515
БОБИ 5. Фазилати Муъаввизот ... 515
БОБИ 6. Тиловати Қуръон сабаби нузули малоика ва оромиши хотир мегардад ... 516
БОБИ 7. Ғибта (рашку ҳасад) хӯрданд ба қории Қуръон ... 516
БОБИ 8. Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро омӯхта ва барои дигарон меомӯзад ... 517
БОБИ 9. Ҳифз кардани Қуръон ва такрор намудани он ... 517
БОБИ 10. Мад кашидан ҳангоми қироат ... 517

БОБИ 11. Хушовозӣ дар қироат....517
БОБИ 12. Қуръон бояд дар чанд вақт як бор хонда шавад?....518
БОБИ 13. Гуноҳи касе, ки Қуръонро риёӣ мехонад ва ё аз хондани он молеро дарёфт медорад....518

**60. КИТОБИ НИКОҲ....520**
БОБИ 1. Тарғиби никоҳ....520
БОБИ 2. Кароҳати зан нагирифтан ва хасӣ (ахта) намудан....520
БОБИ 3. Ба никоҳ гирифтани духтари бикр....521
БОБИ 4. Ба никоҳ додани хурдсолон аз тарафи калонсолон....521
БОБИ 5. Кафоат (баробарӣ) дар дин....521
БОБИ 6. Парҳез намуданд аз шуми зан ва маънии ин қавли Худованди мутаъол, ки: "Баъзе аз ҳамсарон ва фарзандони шумо душманони шумо ҳастанд" (Тағобун: 14)....522
БОБИ 7. "Ва ҳаром аст бар шумо никоҳи модарҳое, ки шуморо шир додаанд ва..." (Нисо: 23)....522
БОБИ 8. Касе, ки мегӯяд: "Баъд аз ду соли ширхорагӣ собит намешавад..."523
БОБИ 9. Никоҳи шиғор....523
БОБИ 10. Наҳй фармудани Паёмбари Худо (с) дар охири амр аз никоҳи мутъа....523
БОБИ 11. Зан метавонад барои шахси солеҳе пешниҳоди издивоҷ бидиҳад....524
БОБИ 12. Никоҳ кардан ба сӯи зан пеш аз ба никоҳ гирифтани вай....524
БОБИ 13. Касе, ки мегӯяд бидуни будани валӣ никоҳ раво нест....524
БОБИ 14. Набояд падар ва ё шахси дигаре духтари бикр ва ё зани беваро бидуни ризоияти вай ба никоҳ бидиҳад....525
БОБИ 15. Агар шахсе духтарашро ба никоҳ дод ва духтараш ризоият надошт, никоҳаш мардуд аст....525
БОБИ 16. Бар болои хостгории бародараш, то он, ки издивоҷ кунад ва ё хостгориро тарк кунад, набояд хостгорӣ кард....525
БОБИ 17. Шартҳое, ки дар никоҳ раво нест....525
БОБИ 18. Занҳое, ки ҳамсари шахсеро ба ӯ месупоранд ва дуо мекунанд, ки Худованд барояш баракат бидиҳад....526
БОБИ 19. Он чӣ, ки шахсе ҳангоми ҳамбистар шудан бо ҳамсараш бояд бигӯяд....526
БОБИ 20. Тӯй кардан агарчи ба як гӯсфанд бошад....526
БОБИ 21. Касе, ки ба камтар аз гӯсфанде тӯй кардааст....526
БОБИ 22. Даъват ба тӯйи арӯсӣ ва меҳмониро бояд пазируфт....526
БОБИ 23. Тавсияи барои занҳо....526
БОБИ 24. Хушрафторӣ бо ҳамсар....527
БОБИ 25. Рӯза гирифтани зан бояд ба иҷозаи шавҳар бошад....529
БОБИ 26. ....529
БОБИ 27. Қуръа кашидан байни занҳо ҳангоми сафар кардан....529
БОБИ 28. Агар касе ҳамсар дошта бошад ва духтари бикреро ба никоҳ бигирад....529
БОБИ 29. Набояд зан худнамоӣ кунад ва ё бар полонҷи (боғҷун)-и худ фахрфурӯшӣ намояд....530
БОБИ 30. Ғайрат (рашк) намудан....530
БОБИ 31. Ғайрат ва ғазаби занҳо....531
БОБИ 32. Марде, ки маҳрам нест, набояд бо зан хилват намояд ва ё назди зане, ки шавҳараш вуҷуд надорад, дохил гардад....531

БОБИ 33. Набояд зан зани дигареро назди шавҳари худ тавсиф намояд ..... 531
БОБИ 34. Касе, ки ба сафари дуре меравад, набояд шабҳангом ба хонааш баргардад ..... 531

**61. КИТОБИ ТАЛОҚ ..... 532**
БОБИ 1. Талоқ додан ҳангоми ҳайз талоқ ҳисоб мегардад ..... 532
БОБИ 2. Касе, ки занашро талоқ медиҳад, оё бояд дар пеши рӯяш талоқ бидиҳад? ..... 532
БОБИ 3. Касе, ки се талоқро ҷоиз медонад ..... 533
БОБИ 4. Чаро он чиро, ки Худованд барои ту ҳалол сохтааст, бар худ ҳаром мекунӣ? ..... 533
БОБИ 5. Талоқ додан дар хулъ чӣ гуна аст? ..... 534
БОБИ 6. Шафоат кардани Паёмбари Худо (с) барои шавҳари Барира ..... 534
БОБИ 7. Лиъон ..... 534
БОБИ 8. Агар ба таври киноя гуфт, ки ин бачча аз ман нест ..... 535
БОБИ 9. Тавба додани муталоинайн ..... 535
БОБИ 10. Истеъмоли сурма барои зане, ки шавҳараш вафот ёфтааст ..... 535

**62. КИТОБИ НАФАҚА ВА ФАЗИЛАТИ НАФАҚА БАР АҲЛУ АВЛОД ..... 536**
БОБИ 1. Захира кардани қути яксолаи аҳлу авлод ва кайфияти нафақа бар авлод ..... 536

**63. КИТОБИ АНВОЪИ ТАЪОМҲО (ВА Ё ОДОБИ ТАЪОМ ХӮРДАН) ..... 537**
БОБИ 1. Бисмиллоҳ гуфтан ва таом хӯрдан бо дасти рост ..... 537
БОБИ 2. Хӯрдан то сер шудан ..... 538
БОБИ 3. Нони нарм ва хӯрдан бар болои дастархон ..... 538
БОБИ 4. Таоми як нафар барои ду нафар кофист ..... 538
БОБИ 5. Мӯъмин дар як рӯда таом мехӯрад ..... 538
БОБИ 6. Таъом хӯрдан дар ҳоли такя задан ..... 538
БОБИ 7. Паёмбари Худо (с) ҳеҷ таомеро бад намегуфтанд: ..... 538
БОБИ 8. Пуф кардан дар ҷав ..... 539
БОБИ 9. Хӯроки Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон ..... 539
БОБИ 10. Ҳалво ..... 539
БОБИ 11. Таъом хӯрдан дар зарфе, ки ба нуқра пӯшонда шудааст ..... 540
БОБИ 12. Шахсе, ки барои бародарони худ таъоме таҳия менамояд ..... 540
БОБИ 13. Хӯрдани хурмо бо хиёр ..... 540
БОБИ 14. Хурмои тоза ва хурмои хушк ..... 540
БОБИ 15. Хурмои аҷва ..... 541
БОБИ 16. Лесидани ангуштон ..... 541
БОБИ 17. Баъд аз таъом хӯрдан чӣ бояд гуфт? ..... 541
БОБИ 18. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: “Ва чун таъом хӯрдед, пароканда шавед” (Аҳзоб: 53) ..... 542

**64. КИТОБИ АҚИҚА (НОМГУЗОРӢ) ..... 543**
БОБИ 1. Номгузории мавлуд ..... 543
БОБИ 2. Дур кардани ифлосиҳо аз бадани тифл дар вақти ақиқа ..... 543
БОБИ 3. Фаръ ..... 543

**65. КИТОБИ ЗАБҲ ВА ШИКОР ..... 544**
БОБИ 1. Бисмиллоҳ гуфтан дар вақти шикор кардан ..... 544
БОБИ 2. Шикор кардан бо тиру камон ..... 544

БОБИ 3. Шикор кардан ба санг ва фалохун ....... 544
БОБИ 4. Касе ки сагеро ба ҷуз аз саги шикорӣ ва ё саги рама нигаҳдорӣ менамояд ....... 545
БОБИ 5. Агар шикор ба муддати ду ва ё се рӯз гум шавад ....... 545
БОБИ 6. Хӯрдани малах ....... 545
БОБИ 7. Наҳр ва забҳ ....... 545

БОБИ 8. Он чӣ, ки дар мавриди мусла кардан ва нишона қарор додани ҳайвон ва шикор кардани ҳайвони хобида омадааст ....... 546
БОБИ 9. Гӯшти мурғ ....... 546
БОБИ 10. Хӯрдани ҳайвоноти дарранда ....... 546
БОБИ 11. Мушк ....... 546
БОБИ 12. Холкӯбӣ ва аломат гузоштан бар рӯй ....... 546

**66. КИТОБИ ҚУРБОНӢ ....... 547**
БОБИ 1. Он чиро, ки аз гӯшти қурбонӣ метавон хӯрд ва он чиро, ки метавон захира кард ....... 547

**67. КИТОБИ МАШРУБОТ (НӮШИДАНИҲО) ....... 548**
БОБИ 1. Шаробе, ки аз асал сохта мешавад ....... 548
БОБИ 2. Нам кардани хурмо дар зарфҳои оддӣ ва зарфҳои сангӣ ....... 548
БОБИ 3. Иҷоза додани Паёмбари Худо (с) ошомиданро дар баъзе зарфҳое, ки қаблан ошомиданро дар онҳо наҳй карда буданд ....... 548
БОБИ 4. Касе, ки мегӯяд "Набояд хурмои хом ва расидаро, ки сабаби искор (масткунӣ) мешавад, бо ҳам ва ду хӯришро дар як хӯриш махлут намуд" ....... 549
БОБИ 5. Ошомидани шир ва ин қавли Худованд, ки мефармояд: "Аз байни ифлосӣ ва хун..." ....... 549
БОБИ 6. Ошомидани шир бо об ....... 549
БОБИ 7. Ошомидан дар ҳолати истода ....... 550
БОБИ 8. Нӯшидани об аз даҳони машк ....... 550
БОБИ 9. Наҳй намудан аз нафас кашидан дар зарф ва ин, ки бояд ошомидан ба ду ва ё се нафас бошад ....... 550
БОБИ 10. Зарфҳои нуқра ....... 550
БОБИ 11. Ошомидан дар қадаҳ ....... 550

**68. КИТОБИ БЕМОРИҲО ....... 552**
БОБИ 1. Он чӣ, ки дар мавриди каффораи беморӣ омадааст ....... 552
БОБИ 2. Шиддати беморӣ ....... 552
БОБИ 3. Фазилати касе, ки ба сабаби бод беҳуш мегардад ....... 553
БОБИ 4. Фазилати касе, ки биноияшро аз даст медиҳад ....... 553
БОБИ 5. Ибодати бемор ....... 553
БОБИ 6. Нола ва шикояте, ки барои бемор раво аст ....... 553
БОБИ 7. Беморе, ки орзуи марги худро дорад ....... 554
БОБИ 8. Дуои аёдати бемор ....... 554

**69. КИТОБИ ТИБ ....... 555**
БОБИ 1. Ҳеҷ дардеро Худованд нододааст, магар он, ки давоеро барояш омода намудааст ....... 555
БОБИ 2. Шифо дар се чиз аст ....... 555

БОБИ 3. Муолиҷа намудан ба асал ва ин қавли Худованд, ки: "Дар асал шифое аст барои мардумон" (Наҳл: 69) ..... 555
БОБИ 4. Сиёҳдона ..... 555
БОБИ 5. Қатраи бинӣ аз қусти ҳиндӣ ва қусти дарёӣ ..... 555
БОБИ 6. Ҳиҷомат аз беморӣ ..... 556
БОБИ 7. Касе, ки ба таъвизот муолиҷа накардааст ..... 556
БОБИ 8. Марази ҷузом (песӣ) ..... 557
БОБИ 9. Таъсире аз сафар нест ..... 557
БОБИ 10. Марази зотулҷанб ..... 557
БОБИ 11. Таб аз ҳарорати ҷаҳаннам аст ..... 557
БОБИ 12. Он чӣ, ки дар мавриди тоъун (вабо) омадааст ..... 557
БОБИ 13. Дуохонӣ аз чашмрасӣ ..... 558
БОБИ 14. Дуохонӣ аз газидани мор ва ақраб ..... 558
БОБИ 15. Кайфияти дуохонии Паёмбари Худо (с) ..... 558
БОБИ 16. Фоли нек ..... 558
БОБИ 17. Пешгӯӣ ..... 558
БОБИ 18. Баъзе аз баёнот сеҳромез аст ..... 558
БОБИ 19. Сирояте нест ..... 559
БОБИ 20. Муолиҷа бо заҳр ва он чӣ, ки зарарнок буда ва бояд аз он парҳез шавад ..... 559
БОБИ 21. Агар магасе дар зарф меафтад ..... 559

**70. КИТОБИ ЛИБОС ..... 560**
БОБИ 1. Андозае, ки аз буҷулак дарозтар бошад, дар оташ аст ..... 560
БОБИ 2. Либоси гулдор, хатдор ва қабо ..... 560
БОБИ 3. Либоси сафед ..... 560
БОБИ 4. Пӯшидани абрешим барои мардон ва истеъмоли миқдоре, ки аз абрешим ҷавоз дорад ..... 561
БОБИ 5. Фарш кардани абрешим ..... 561
БОБИ 6. Мамнӯъ будани истеъмоли заъфарон барои мардҳо ..... 561
БОБИ 7. Кафшҳои чилдӣ ва ғайра ..... 561
БОБИ 8. Кашидани кафши пои чап ..... 561
БОБИ 9. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки: "Набояд бар бар ангуштари худ навишта кард" ..... 561
БОБИ 10. Касоне, ки худро шабеҳи зан месозанд, бояд аз хонаҳо хориҷ сохта шаванд ..... 562
БОБИ 11. Риш гузоштан ..... 562
БОБИ 12. Ранг додани (сару риш) ..... 562
БОБИ 13. Мӯи муҷаъад ..... 562
БОБИ 14. Нигоҳ доштани мӯи пешонӣ ё мӯи назрӣ ..... 562
БОБИ 15. Атр задани зан шавҳарашро ..... 563
БОБИ 16. Хушбӯиро набояд рад кард ..... 563
БОБИ 17. Хушбӯии махлут ..... 563
БОБИ 18. Азоби суратгирандагон дар рӯзи қиёмат ..... 563
БОБИ 19. Аз байн бурдани тасовир (суратҳо) ..... 563

**71. КИТОБИ АДАБ ..... 564**
БОБИ 1. Сазовортарин ашхос ба эшон ..... 564
БОБИ 2. Набояд касе падару модарашро дашном бидиҳад ..... 564
БОБИ 3. Гуноҳи қатъкунандаи силаи раҳм (робитаи хешовандӣ) ..... 564

БОБИ 4. Касе, ки (силаи раҳм)-ро баҷо биёварад, Худованд ӯро мавриди раҳмати худ қарор медиҳад ........ 564
БОБИ 5. Силаи раҳм аз тароваташ тоза мегардад ........ 565
БОБИ 6. Силаи раҳм он нест, ки дар муқобили силаи раҳм бошад ........ 565
БОБИ 7. Дӯст доштани фарзанд ва бӯсидан ва дар оғӯш гирифтани он ........ 565
БОБИ 8. Худованди мутаъол раҳматро сад қисмат кардааст ........ 565
БОБИ 9. Ниҳодани тифл бар болои рон ........ 566
БОБИ 10. Раҳмати инсонҳо ва чорпоён ........ 566
БОБИ 11. Ба ҳамсоя бояд некӣ намуд ........ 566
БОБИ 12. Гуноҳи касе, ки ҳамсояаш аз озораш дар амон нест ........ 566
БОБИ 13. Касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, набояд ҳамсояашро азият намояд ........ 567
БОБИ 14. Ҳар кори неке садақа аст ........ 567
БОБИ 15. Дар ҳамаи корҳо бояд миёнаравӣ намуд ........ 567
БОБИ 16. Ҳамкории мусалмонон бо якдигар ........ 567
БОБИ 17. Паёмбари Худо (с) бадзабон ва носазогӯй набуданд ........ 567
БОБИ 18. Фазилати ахлоқи накӯ ва саховат ва бад будани бахилӣ ........ 568
БОБИ 19. Набояд касеро дашном дод ва ё лаънат намуд ........ 568
БОБИ 20. Бад будани суханчинӣ ........ 568
БОБИ 21. Бад будани мадҳу тавсиф ........ 568
БОБИ 22. Наҳй аз ҳасодат ва муқотаъаи якдигар (қаҳрӣ кардан) ........ 569
БОБИ 23. Гумон бурдане, ки ҷавоз дорад ........ 569
БОБИ 24. Мусалмон бояд айби худро бипӯшонад ........ 569
БОБИ 25. Муқотаъа ва ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Раво нест, ки касе бо бародараш беш аз се рӯз муқотаъа намояд" ........ 569
БОБИ 26. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: "Эй мусалмонон! Аз Худо битарсед ва бо ростгӯён бошед ва он чӣ, ки дар мавриди наҳй аз дурӯғ омадааст" ........ 570
БОБИ 27. Сабр дар муқобили мушкилот ........ 570
БОБИ 28. Дурӣ аз ғазаб ........ 570
БОБИ 29. Ҳаё ........ 570
БОБИ 30. Вақте, ки шарм надорӣ, ҳар чӣ, мехоҳӣ, бикун ........ 570
БОБИ 31. Хушхулқӣ бо мардум ва мизоҳу шӯхӣ кардан бо хонавода ва Ибни Масъуд (р) мегӯяд: бо мардумон бояд анис ва улфат намуд, вале дини худро набояд ҷариҳадор сохт ........ 571
БОБИ 32. Мусалмон аз як сӯрох ду бор газида намешавад ........ 571
БОБИ 33. Он чӣ, ки аз шеър ва саҷъ ва раҷз раво буда ва он чӣ, ки макрӯҳ аст ........ 571
БОБИ 34. Раво нест, ки аксари вақти инсон ба шеър ва шоирӣ бигзарад ва сабаби тарки зикри Худо ва омӯхтани илм ва хондани Қуръон гардад ........ 571
БОБИ 35. Он чӣ, ки дар мавриди ин гуфтаи шахс омадааст, ки вой бар ту ........ 571
БОБИ 36. Нисбат додани мардумон ба падарҳояшон ........ 571
БОБИ 37. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Карм (ток) қалби мусалмон аст" ........ 572
БОБИ 38. Тағйир додани як исм ба исми дигаре, ки беҳтар аз он бошад ........ 572
БОБИ 39. Касе, ки дигареро садо зада ва ҳарфе аз исмашро кам гуфтааст ........ 572
БОБИ 40. Бадтарин исмҳо назди Худованди мутаъол ........ 572
БОБИ 41. Атсазананда бояд "Алҳамдулиллоҳ" бигӯяд ........ 572
БОБИ 42. Атса задан хуб аст ва хамёза кашидани макрӯҳ аст ........ 573

**72. КИТОБИ ИҶОЗА ХОСТАН ........ 574**
БОБИ 1. Салом додани афроди кам барои афроди бисёр ........ 574
БОБИ 2. Салом додани раҳгузар бар шахси нишаста ........ 574
БОБИ 3. Салом додан барои шинос ва ё ношинос ........ 574
БОБИ 4. Иҷоза хостан барои он аст, ки назарат наяфтад ........ 574
БОБИ 5. Ғайр аз фарҷ дигаре аъзои бадан ҳам зино мекунанд ........ 574
БОБИ 6. Салом додан ба атфол ........ 575
БОБИ 7. Агар мепурсад: Кистӣ? Мегӯяд: Ман ҳастам ........ 575
БОБИ 8. Фарох нишастан дар маҷолис ........ 575
БОБИ 9. Дар оғӯш гирифтани зонуҳо ҳангоми нишастан ........ 575
БОБИ 10. Агар (дар маҷлис) беш аз се нафар буданд, монее аз хусусӣ сӯҳбат кардан нест ........ 575
БОБИ 11. Набояд ҳангоми хоб оташро афрӯхта нигоҳ дошт ........ 576
БОБИ 12. Он чӣ, ки дар мавриди иморат омадааст ........ 576

**73. КИТОБИ ДУОҲО ........ 577**
БОБИ 1. Барои ҳар паёмбаре дуои мустаҷобе аст ........ 577
БОБИ 2. Беҳтарин истиғфор ........ 577
БОБИ 3. Истиғфори худи Паёмбари Худо (с) дар рӯз ва дар шаб ........ 577
БОБИ 4. Тавба ........ 578
БОБИ 5. Ҳангоми хоб шудан чӣ бояд гуфт? ........ 578
БОБИ 6. Хоб шудан ба паҳлӯи рост ........ 578
БОБИ 7. Дуои ними шаб ........ 579
БОБИ 9. Аз Худованд ба таври қатъӣ бихоҳед, чун касе Худовандро маҷбур сохта наметавонад ........ 579
БОБИ 10. Банда агар шитоб накунад, дуояш қабул мешавад ........ 579
БОБИ 11. Дуо дар вақти сахтӣ ........ 580
БОБИ 12. Аз ҳуҷуми балоҳо бояд ба Худо паноҳ ҷуст ........ 580
БОБИ 13. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Илоҳо касеро, ки барояш азияте расондам, он азиятро барояш сабаби покӣ ва раҳмат бигардон" ........ 580
БОБИ 14. Паноҳ ҷустани ба Худо аз бахилӣ ........ 580
БОБИ 15. Паноҳ ҷустан ба Худованди мутаъол аз гуноҳ ва аз қарз ........ 581
БОБИ 16. Ин дуои Паёмбари Худо (с), ки: "Раббано отино фид-д-дунё ҳасанатан" ........ 581
БОБИ 17. Ин дуои Паёмбари Худо (с), ки: "Аллоҳуммағфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту" ........ 581
БОБИ 18. Фазилати "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтан ........ 581
БОБИ 19. Фазилати "Субҳоналлоҳ" гуфтан ........ 582
БОБИ 20. Фазилати зикри Худованди азза ва ҷалла ........ 582

**74. КИТОБИ ОРОМИШИ ХОТИР ВА НАРМИИ ДИЛ ........ 583**
БОБИ 1. Тандурустӣ ва фароғат ва ин, ки роҳате ҷуз роҳати охират нест ... 583
БОБИ 2. Ин гуфтаи Паёмбари Худо (с) мефармоянд: " Дар ин дунёончунон бош, ки гӯё мусофир ҳастӣ" ........ 583
БОБИ 3. Орзуи дароз ........ 583
БОБИ 4. Касе, ки ба синни шастсолагӣ мерасад, Худованд барояш итмоми ҳуҷҷат кардааст ........ 584
БОБИ 5. Коре, ки хос барои Худо бошад ........ 584
БОБИ 6. Аз байн рафтани ашхоси накӯкор ........ 584
БОБИ 7. Парҳез аз фитнаи мол ........ 584

БОБИ 8. Аз моли инсон ҳамон чизе барояш мемонад, ки пеш аз худ мефиристад ....585
БОБИ 9. Ҷигунагии зиндагии Паёмбари Худо (с) ва саҳобаҳояшон ва рӯй гардондани онҳо аз дунё....585
БОБИ 10. Пойбандӣ ва мудовамат ба кор ....586
БОБИ 11. Умед ҳамроҳ бо тарс....586
БОБИ 12. Ҳифзи забон ва касе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, ё сухани хайрандешонае бигӯяд ва ё сокит бошад....587
БОБИ 13. Парҳез аз гуноҳон....587
БОБИ 14. Оташи дӯзах ба шаҳавот печида шудааст....587
БОБИ 15. Ҷаннат ва дӯзах аз банди кафши шумо ба шумо наздиктар аст....587
БОБИ 16. Бояд ба поёнтар аз худ нигоҳ кард, на ба болотар аз худ....588
БОБИ 17. Касе, ки тасмим ба гуноҳ ва ё савоб мегирад....588
БОБИ 18. Аз байн рафтани амонат....588
БОБИ 19. Риё ва сумъа....589
БОБИ 20. Тавозӯъ ....589
БОБИ 21. Касе, ки дидори Аллоҳ таъоро бихоҳад, Худованд ҳам дидорашро мехоҳад....589
БОБИ 22. Сакароти мавт....590
БОБИ 23. Худованд дар рӯзи қиёмат заминро қабза менамояд....590
БОБИ 24. Рӯзи маҳшар....591
БОБИ 25. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: “Оё онҳо гумон намекунанд, ки барангехта хоҳанд шуд?..” (Мутаффифин: 4-6)....591
БОБИ 26. Қасос дар рӯзи қиёмат....591
БОБИ 27. Сифати аҳли ҷаннат ва аҳли дӯзах....591
БОБИ 28. Ҳавзи Кавсар....592

**75. КИТОБИ ҚАЗО ВА ҚАДАР ....594**
БОБИ 1. Қалам бар илми Худо хушк гардид....594
БОБИ 2. “Амри Худованди мутаъол таъин ва муқаддар аст” (Аҳзоб: 38) ....594
БОБИ 3. Назр, бандаро ба сӯи қазо ва қадар раҳнамун месозад....594
БОБИ 4. Маъсум касе аст, ки Худованди мутаъол ӯро дар исмати худ қарор дода бошад....594
БОБИ 5. Дар байни шахс ва қалбаш монеъа қарор медиҳад ....595

**76. КИТОБИ САВГАНДҲО ВА НАЗРҲО ....596**
БОБИ 1. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд: “Худованд шуморо аз савгандҳои лағви шумо муохаза намекунад”....596
БОБИ 2. Савганди Паёмбари Худо (с) чӣ гуна буд?....596
БОБИ 3. Ин қавли Худованд, ки мефармояд: “Савгандҳои муаккадае ба Худо ёд карданд...” (Наҳл: 38) ....597
БОБИ 4. Агар касе ба таври фаромӯшӣ дар савганди худ ҳонис мешавад....597
БОБИ 5. Назр кардан дар тоати Худо ....597
БОБИ 6. Касе, ки фавт мегардад ва назр бар зимааш мебошад....597
БОБИ 7. Назр кардани чизе, ки қодир ба адои он нест ва ё назре, ки дар маъсият аст....598

**77. КИТОБИ КАФФОРАИ САВГАНД....599**
БОБИ 1. Соъи Мадина ва паймонаи Паёмбари Худо (с) ....599

**78. КИТОБИ МЕРОС....600**
БОБИ 1. Мероси фарзанд аз падару модараш....600

БОБИ 2. Мероси духтари фарзанд ба ҳамроҳи фарзанд ........ 600
БОБИ 3. Озодшудаи мардум аз худи онҳо ва хоҳарзода аз худи онҳост ........ 600
БОБИ 4. Касе, ки худро ба ғайри падараш нисбат медиҳад ........ 601

**79. КИТОБИ ҲУДУД ........ 602**
БОБИ 1. Задан бо чӯб ва кафш ........ 602
БОБИ 2. Лаънат кардани дузд ........ 602
БОБИ 3. Дасти дузд ба дуздидани чӣ қадар моле қатъ мегардад? ........ 602

**80. КИТОБИ МУҲОРИБИНЕ, КИ АЗ АҲЛИ КУФР ВА РИДДАТ БОШАНД ........ 604**
БОБИ 1. Таъзир ва таъдиб чӣ андоза аст? ........ 604
БОБИ 2. Муттаҳам намудани ғулом ба зино ........ 604

**81. КИТОБИ ДИЁТ (ХУНБАҲО) ........ 605**
БОБИ 1. "Ҳар касе инсонеро аз марг наҷот диҳад, гӯё тамоми мардумонро ҳаёт бахшидааст" (Моида: 32) ........ 605
БОБИ 2. Ин қавли Худованди мутаъол: "Шахс муқобили шахс ва чашм муқобили чашм" (Моида: 45) ........ 605
БОБИ 3. Касе, ки худ шахсеро ба ғайри ҳақ мутолаба намояд ........ 605
БОБИ 4. Касе, ки худаш бидуни иттилоъи султон ҳаққашро бигирад ва ё қасос намояд ........ 605
БОБИ 5. Хунбаҳои ангуштон ........ 605

**82. КИТОБИ ТАВБА ДОДАНИ МУРТАДҲО ВА БОҒИҲО ВА ҶАНГ БО ЭШОН ........ 606**
БОБИ 1. Гуноҳи касе, ки ба Худо шарик меоварад ........ 606

**83. КИТОБИ ТАЪБИРИ ХОБ ........ 607**
БОБИ 1. Хоб дидани ашхоси нек ва солеҳ ........ 607
БОБИ 2. Хоб дидан аз тарафи Худованд аст ........ 607
БОБИ 3. Хобҳои нек ........ 607
БОБИ 4. Касе, ки Паёмбари Худо (с)-ро ба хоб мебинад ........ 607
БОБИ 5. Хоб дидан дар рӯз ........ 608
БОБИ 6. Хоб дидани ин ки шахс дар қайд аст ........ 608
БОБИ 7. Агар дар хоб дид, ки чизеро аз ҷое ба ҷои дигар мунтақил сохтааст ........ 608
БОБИ 8. Касе, ки ба дурӯғ бигӯяд: "Ман хоб дидам" ........ 609
БОБИ 9. Агар муъаббири аввал таъбири хобро надонад, таъбираш саҳеҳ нест ........ 609

**84. КИТОБИ ФИТНАҲО ........ 610**
БОБИ 1. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Баъд аз ман корҳоеро хоҳед дид, ки аз онҳо тааҷҷуб хоҳед кард..." ........ 610
БОБИ 2. Зуҳури фитнаҳо ........ 610
БОБИ 3. Замони оянда ҳамеша аз замони гузашта бадтар аст ........ 610
БОБИ 4. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: "Касе, ки бар зидди мо силоҳ бардорад, аз мо нест..." ........ 611
БОБИ 5. Фитнаҳо хоҳад шуд, ки шахси нишаста аз шахси бархоста беҳтар аст ........ 611
БОБИ 6. Сукунат бо бодиянишинон ........ 611
БОБИ 7. Вақте, ки Худованд бар мардуме азобе нозил намояд ........ 611

БОБИ 8. Касе, ки дар назди мардуме чизе бигӯяд ва дар назди дигарон чизи дигаре....611
БОБИ 9. Берун шудан аз оташ....611

**85. КИТОБИ АҲКОМ....613**
БОБИ 1. Фармонбардорӣ аз имом то вақте, ки амраш дар маъсият набошад....613
БОБИ 2. Набояд дар расидан ба аморат ҳарис буд....613
БОБИ 3. Касе, ки масъулияти мардумро ба ӯҳда гирифта ва таваҷҷӯҳе ба онҳо надошта бошад....613
БОБИ 4. Касе, ки сахтгирӣ намояд, Худованд бар вай сахтгирӣ менамояд....613
БОБИ 5. Оё метавонад қозӣ ва ё муфтӣ дар ҳолати ғазаб қазоват намуда ва ё фатво бидиҳад....614
БОБИ 6. Он чӣ, ки барои котиб мустаҳаб аст....614
БОБИ 6. Имом бо мардум чӣ гуна байъат намояд....614
БОБИ 8. Вилояти аҳд....614
БОБИ 9 ....614

**86. КИТОБИ ТАМАННО ВА ОРЗУҲО....615**
БОБИ 1. Орзуе, ки макрӯҳ аст....615

**87. КИТОБИ АМАЛ КАРДАН БА КИТОБ (ҚУРЪОН) ВА СУННАТ....616**
БОБИ 1. Иқтидо ба суннати Паёмбари Худо (с)....616
БОБИ 2. Набояд аз ҳар чиз суол намуд ва худро ба заҳмат андохт....617
БОБИ 3. Мазаммати раъй ва такаллуф дар қиёс....617
БОБИ 4. Ин қавли Паёмбари Худо (с), ки фармуданд: “Ҳатман аз равиши гузаштагон пайравӣ мекунед...”....617
БОБИ 5. Сангсор кардани мӯҳсин (оиладор)....617
БОБИ 6. Савоби ҳокиме, ки иҷтиҳод намуда ва ба савоб мерасад ва ё хато мекунад....617
БОБИ 7. Касе ки мегӯяд: “Тарки ин кор танҳо аз Паёмбар ҳуҷҷат аст, на аз дигарон” (яъне агар Паёмбари Худо (с) бубинанд, ки касе кореро анҷом медиҳад ва эшон ӯро аз он кор мамониат нанамоянд, ин тарки мамониат далел бар ин аст, ки он кор машруъ аст)....618

**88. КИТОБИ ТАВҲИД (ВА РАД БАР ҶАҲМИЯ ВА ҒАЙРИ ОНҲО)....619**
БОБИ 1. Даъвати Паёмбари Худо (с) уммати худро ба сӯи тавҳид (яктопарастӣ)....619
БОБИ 2. Ин қавли Худованд, ки “Худованд ҳамон ризқдиҳандаи боқувват ва матин аст” (Зориёт: 58)....619
БОБИ 3. Ин қавли Худованд, ки: “Ва Ӯ азизу ҳаким аст ва...” (Иброҳим: 4)....619
БОБИ 4. Ин қавли Худованд, ки: “Ва шуморо аз хеш барҳазар медорад ва...” (Оли Имрон: 28)....620
БОБИ 5. Ин қавли Худованди мутаъол, ки: “Мехоҳанд каломи Худоро табдил намоянд...” (Фатҳ: 15)....620
БОБИ 6. Сухан гуфтани Раббулъоламин дар рӯзи қиёмат бо паёмбарон ва ғайра....621
БОБИ 7. Мизони аъмол ва ақвол дар рӯзи қиёмат....622

**МУНДАРИЧА....623**

**ИМОМ ЗАЙНУДДИН**
**АҲМАД ЗУБАЙДӢ**

# МУХТАСАРИ
# САҲЕҲИ БУХОРӢ

***Матни комили "Саҳеҳи Бухорӣ"***
***ба таври фишурда***

***Нашри дуюм***

Ба чопаш 19.12.2011 имзо шуд. Андозаи 70х100[1]/16. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 41,75. Теъдоди нашр 1000 нусха. Супориши №238.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: +992 (37) 881-15-16. E-mail: r-graph@mail.ru.